САДРИДДИН АЙНӢ

# ЁДДОШТҲО



**ББК 92 Я2+83.3 (2 тоҷикӣ)**
**Э–67**

Тахти назорати **К. Айнӣ**
Масъули нашр **А. Қурбонов**
Муҳаррири масъул **Б. Раҳматов**

**Энсиклопедияи насри муосири тоҷик**
**С. Айнӣ. Ёддоштҳо** (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб.
Душанбе. Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии
Тоҷик, с. 2009. 680 саҳ.

АЗ НАШРИЁТ

«Ёддоштҳо» беҳтарин намунаи насри муосири тоҷик буда осонфаҳм, равон, дилрас ва ҷаззоб аст.

«Ёддоштҳо»-ро як навъ феҳристи тафсирии дигар асарҳои устод Айнӣ номидан шояд иштибоҳ набошад, зеро агар амиқ андешед, пай хоҳед бурд, ки устод воқеаеро ба таври муҷаз дар «Ёддоштҳо» оварда бо як ҷумлаи ҳаволаӣ иброз медоранд, ки «ин матлабро дар фалон асарам пурра овардаам» (мазмунан) ва ё дар бораи қаҳрамони ҳодисае маълумот дода иттилои комилро ба яке аз романҳояш ҳавола мекунанд.

«Ёддоштҳо»-е, ки дар дасти Шумост, асосан аз рӯи «Куллиёт»-и (ҷилдҳои 6 ва 7) Айнӣ, ки соли 1962 чоп шудааст, рӯнавис шуда, дар дигар сохту андоза муқовабандиву саҳҳофӣ гардида, ҳангоми тарроҳиву ороиш дар оғози ҳар қисм аз ашъори устод Айнӣ намунаҳое оварда шудаанд, ки бидуни чор мисраи аввали оғози китоб дигар аз таркиби «Ёддоштҳо» берунанд ва мароми ноширанд. Ҳамчунин аз баъзе аксҳои дар «Куллиёт» овардашуда, ки ба мавзӯъ иртиботи кам доштанд ва матнро такмил намедоданд, сарфи назар шуда, ба ивази онҳо аксҳои дигар, ки аз диди ношир ҷолибтару нодиртар ва аз ҷиҳате такмилдиҳандаи матни асосӣ маҳсуб мешаванд, ҷой дода шуданд.

Ҳамчунин дар тадвину таҳияи матн қонуни забони тоҷикӣ ва қоидаи имлои нав риоя карда шуд.

Иловатан баъзе иштибоҳҳои ноширони пешин ба тавассути муқоисаву муқобала бо дигар нашрҳо, минҷумла нашри форсии ин китоб (муҳаррири масъул Раҳим Ҳошим) ислоҳ карда шуданд.

Китоб хосатан барои мактабиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия мешавад.

ISBN 978-99947-33-15-6

© САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК

Ин хона зи хишти кӯҳна андохтаам,
Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.
То аҳли замони мо бидонанд, ки ман
Як умр ҷавонӣ ба чӣ раҳ бохтаам.
*Муаллиф*

# ҚИСМИ ЯКУМ



## ЯК-ДУ СУХАН БА ҶОИ САРСУХАН

Аз бозе, ки ман ба даст қалам гирифта ба қатори нависандагони советӣ даромадаам, ният доштам, ки хотирот ва ёддоштҳои худро таҳрир намуда, ба хонандагон, хусусан ба бачагон ва ҷавонон, пешкаш намоям. Азбаски ёддоштҳоям ба бештарини роман, повест, очерк ва ҳикояҳои таърихиам ба сифати материалҳои асосӣ хизмат кардаанд, мумкин аст дар инҳо ҷоҳои фоидабарӣ барои ҷавонон бисёр ёфт шаванд. Чун ба фикри ман ёддоштнависӣ аз роман ва ҳикоянависӣ душвортар менамуд, ман ин корро ба бисёртар таҷриба пайдо кардани худ мавқуф гузошта будам. Зеро, чунон ки кас то зиндагонии гузаштаро покиза ба тарзи воқеӣ-реалӣ надонад, қимати зиндагонии имрӯза – зиндагонии советии сотсиалистиро ба хубӣ тасаввур карда наметавонад, инчунин то касе дар сохтмони советӣ-сотсиалистӣ, хусусан дар адабиёти вай дуруст таҷриба пайдо накунад ва ин сохти зиндагиро комилан аз худ нанамояд, зиндагонии гузашта – зиндагонии феодалиро пурра ва ба тарзи воқеӣ-реалӣ тасвир карда наметавонад.

Ин маълум аст, ки таҷрибаи ҳар кас дар ҳар кор дар охирҳои умраш ба камол мерасад ва ин ҳам маълум аст, ки ҳеҷ кас охири умри худро ба тарзи қатъӣ намедонад. Аммо аз он ҷо, ки умрам аз ҳафтод гузашта, рӯз то рӯз сустии аъзо зиёдтар гардида, қувваи кориам камтар шудан гирифт, ман тахмин кардам, ки вақти ба анҷом расонидани ин кор, ки назар ба дарёфти худам хеле муҳим буд, расидааст ва бинобар ин фурсати танги ин зиндагии боқимондаро ғанимат шумурда ба ин вазифа шурӯъ намудам.

Тартиби таҳрири ёддоштҳоям тахминан ба тарзи зерин мешавад: дар саҳро; дар шаҳр, ки вай ҳаёти мадрасаи кӯҳна, программаи дарсҳои вай, табақаҳои гуногуни аҳолии шаҳри Бухоро ва машғулоти онҳоро дар бар мегирад; рӯзҳои ҳаракат ба муқобили сохтмони амирӣ ва саргузаштҳои худ; муҳоҷират ба Самарқанд ва воқеаҳое, ки дар байни револютсияҳои феврал ва октябри соли 1917 ва дар рӯзҳои Октябр дар ин ҷо – дар Самарқанд рӯй додаанд, – инҳоянд программаи иҷмолии ёддоштҳои ман.



## ДАР САҲРО

### ДАРОМАДИ СУХАН

Азбаски зиндагонии кӯдакӣ ва хурдсолии ман дар саҳро, асосан дар ду деҳа гузаштааст ва ин деҳаҳо аз ҳам дур буда, аз ҷиҳати ободонӣ, маданият ва урфу одат аз ҳам фарқ доштанд, ман мехоҳам пеш аз сар кардани ёддоштҳои худ дар бораи ин ду деҳа як қадар маълумоти географӣ, этнографӣ ва тарҷимаиҳолӣ дода гузарам, то ки фаҳмидани ҷои ин ёддоштҳо барои хонандагон осонтар шавад.

1. *Деҳаи Соктаре*. Ин деҳа аз тобеоти райони Ғиждувон буда, як фарсах – 8 километр дуртар аз маркази район ва дар тарафи шарқии он, дар канори дарёи Зарафшон воқеъ аст.

Азбаски ин деҳа дар наздикии дарёи Зарафшон воқеъ шудааст ва аз байни деҳа ҳам ба номи Мазрангон як ҷӯи калон мегузарад, сероб ва обод буда, бештарини ҳавлиҳояш рӯидаричадор, чорбоғнок ва пурмева аст. Заминҳои ин деҳа ҳосилхез буда, дар онҳо киштҳои гуногун мерасиданд ва аз шолӣ гирифта то сабзавот, ки киштҳои серобталаб мебошанд, дар деҳа кишта мешуданд.

Бошандагони ин деҳа аз ҷиҳати ирқ ба номи тоҷикон, арабон, урганҷиён ва хоҷагон – асосан ба чор ҷамоа тақсим ёфта, хоҷагон ба номи миракониҳо, сайидатоиҳо, ғиждувониҳо ва соктарегиҳо – чор қабиларо ташкил медоданд.

Аҳолии аслӣ-қадимии ин деҳа тоҷикон ва хоҷагони соктарегӣ буда, урганҷиён аз Урганҷ, миракониён аз Машҳад, ғиждувониён аз қалъаи Ғиждувон, сайидатоиҳо аз Сайидато ном деҳаи райони Шофирком муҳоҷир шуда омадагӣ буда, арабҳо аз боқимондагони муҳоҷирони араб ба шумор мерафтанд.

Забони аҳолии ин деҳа асосан тоҷикӣ буда, аз хоҷагон сайидатоиҳо ӯзбекӣ гап мезаданд ва бар хилофи одати арабони дигар, арабони ин ҷо ҳам бо забони ӯзбекӣ гуфтугузор менамуданд.

Касби асосии аҳолии ин деҳа деҳқонӣ буда, бештаринашон камзамин ва безамин буданд. Бештарини заминҳои милки[2] ин деҳа аз миракониҳо дар дасти ду хонавода буд, ки онҳоро қозибачаҳо ва мутаваллиҳо мегуфтанд. Камзаминҳо ва безаминҳо чоряккорӣ, ятимӣ ва ё ба ягон касби дигар машғулӣ менамуданд. Бештарини тоҷикон заминҳои амлок[3], яъне заминҳои подшоҳиро киштукор мекарданд ва бештарини урганҷиён майдабаққолӣ доштанд.

Хоҷагон, хусусан хоҷагони мираконӣ ва ғиждувонӣ, ба дуохонӣ ҳам машғулӣ мекарданд: мардум беморон ва девонагонро аз атроф ба хонаҳои онҳо меоварданд ва онҳоро ба сари бемарони барҷомондаи худ бурда мехононданд ва бо ҳамин восита ба он беморон «шифо» меҷустанд.

Хоҷагони солхӯрда ҳар пагоҳ дар масҷид баъд аз намози бомдод бо овози баланд «авроди фатҳия» ном дуоеро бо як овоз ва ба оҳанги махсусе мехонданд. Ба умеди ин дуоро шунида «шифо ёфтан» беморон ва нимбеморон аз деҳоти атроф ҳар пагоҳ ба ин ҷо гирд меомаданд.

Ин деҳа дар пеши масҷид мактабе дошт, ки тобистону зимистон давом мекард ва инчунин мадрасачае ҳам дошт, ки дар ин ҷо дарсҳои ибтидоии мадрасагӣ хонда мешуд. Бинобар ин дар он давру пеш аз он деҳа маданиятноктар ва серхату саводноктар ҷое набуд.

Идораи рӯҳонии ин деҳа ба дасти мутаваллиҳо буд, ки онҳо аз ҷумлаи серзаминони хоҷагони мираконӣ буданд ва идораи мулкӣ-маъмурӣ дар дасти тоҷикон буд, ки арбоб ва оқсақол[5] барин маъмурони маҳаллӣ аз серзаминтарини онҳо «интихоб» (таъин) меёфт.

Падару бобоҳои ман аз ҷумлаи хоҷагони соктарегии ин деҳа буданд;

2. *Деҳаи Маҳаллаи Боло*. Ин деҳа дар як фарсахии (8 километри) шимолу ғарбии қалъаи Ғиждувон дар доираи хоки тумани (районі) Шофирком, аз ҷумлаи деҳоти Деҳнави Абдуллоҷон, дар доманаи реги равоне, ки ба дашти Қизил мепайвандад, воқеъ шудааст.

Ин деҳа бинобар поёноб буданаш камоб буд, хусусан баъд аз он ки рӯди кӯҳнаи Шофиркомро, ки аз шимоли ин деҳа мегузашт, рег пахш карда ботил кард ва рӯди нав аз тарафи ҷанубаш, ки нисбат ба ин деҳа чуқуртар буд, кашида шуд, гӯё тамоман беоб монд. Бинобар ин дар ин деҳа меваи сардарахтӣ гӯё ҳеҷ набуд ва ҳоҷихонӣ ном як навъ себи турш дар ин ҷо расад ҳам, дар рошҳои заминҳои кишт ҷо-ҷо буда, боғчаи алоҳидае надошт. Аз меваҳо дар ин ҷо танҳо ангур бисёр буд ва ба хубӣ дар байни регзорҳо мерасид.

Бештарини заминҳои ин деҳа замини подшоҳӣ – амлок буда, қисман ба замми амлок будан вақфи[6] мадрасаи Мири Араб буданд, ки даҳяки ҳосил ба вақф ҳам дода мешуд.

Аз ҷиҳати камобӣ бештарини кишти ин ҷо гандум, ҷав, арзан, кӯноқ ва мош буда, сабзавот ҳеҷ кишта намешуд, барои эҳтиёҷи маҳаллӣ ғӯза (пахтаи ҷойдорӣ) кишта шавад ҳам, аксар тамоман беоб монда, намарза мерасид ва дар ҳар бутта як ё ду дона кӯрак мебаст.

Бинобар ин ин деҳа аз ҳад зиёд қашшоқ буда, аксари хонаҳояш похсагӣ буд. Дар ин деҳа як-ду нафар бойи калон ва ду-се нафар деҳқонони миёнаҳол буда, боқимондагони аҳолӣ имрӯзро ёбанд, фардоро намеёфтанд. Касби асосии аҳолии ин ҷо деҳқонӣ бошад ҳам, зиндагонии ҳеҷ як аз оммаи аҳолӣ аз деҳқонӣ намегузашт, ҳатто аз деҳқонӣ зарар кашида, ҷои ин зарарро бо касбҳои дигар пур мекарданд.

Бойҳои калон, ки ба замми савдогарӣ замини бисёреро ҳам соҳиб шуда буданд, аз ҳосили замини худ ба подшоҳӣ андоз намедоданд, ё ин ки бисёр кам медоданд, чунки онҳо ба ҳокимон – амлокдорон наздик буданд ва ба ин восита борҳои андози худро ҳам ба гардани деҳқонони камбағал бор мекарданд, ки ин ҳол ба харобтар шудани аҳволи омма боз як сабаби дигар мешуд (ман ин аҳволро дар романи «Ғуломон» тасвир кардаам)[7].

Дар ин деҳа саноати ҳунармандӣ гӯё ҳеҷ набуд, аз косибон танҳо кӯҳнадӯзон буданд, ки онҳо ҳам ба монанди худ побараҳнагон хизмат мекарданд. Дар маркази деҳа – дар Деҳнави Абдуллоҷон тагламадӯзон – касоне, ки ба соқи мӯзаи кӯҳна таг ва рӯй мебанданд, бошанд ҳам, дар инҳисор – монополияи тагламаҷаллобон буданд ва самараи меҳнати онҳоро он ҷаллобон мехӯрданд (ин ҳол ҳам дар романи «Ғуломон» тасвир ёфтааст)[8].

Як қисми аҳолии деҳаи Маҳаллаи Боло чӯпонӣ, ҳезумкашӣ мекарданд, ё ин ки ба бойҳо ятимӣ – батракӣ менамуданд. Касби асосии зимистонии оммаи аҳолии ин деҳа пахтакашӣ буд. Пахтакашон аз пахтаҷаллобон ғӯзаи ҷойдориро гирифта бо даст кашида, аз ҳаллоҷӣ гузаронида пахтаи тоза карда, бо пунбадонааш ба хӯҷаин месупурданд ва дар ин кор ҳақи ночизе мегирифтанд. Музди муайяне, ки дар ин кор ба пахтакашон мемонд, кокул – пӯчоқи ғӯза буд, ки вайро дар оташдон ва дар гулханашон месӯхтанд (ман ин аҳволро дар «Ғуломон» шарҳ додаам)[9].

Бобои модариам ва тағоиҳоям аз ҳамин деҳа буданд.

Дар байни Соктаре ва Маҳаллаи Боло 16 километр роҳ бошад ҳам, нисбати ҳар дуи инҳо ба шаҳри Бухоро баробар ва 40 километр дуртар аз он буданд, фарқ дар ин ҷо буд, ки Соктаре дар шимоли шарқтари шаҳр ва Маҳаллаи Боло дар шимоли шаҳр воқеъ шуда буд.

* * *

Назар ба нақли падарам – Сайид Муродхоҷа, падари ӯ – Сайид Умархоҷа одами хату саводнок буда, аз ҳунарҳои дастӣ дуконбофӣ ва дурудгариро хуб медонистааст. Хусусан дар дурудгарӣ шӯҳраташ дуруст будааст.

Боре масҷиди деҳаи Маҳаллаи Боло ғалтидааст, аҳолии он ҷо ба талаби устои дурудгар баромадаанд ва бо дарак додани касе бобои падариам – Сайид Умархоҷаро барои таъмири масҷид ба деҳаи Маҳаллаи Боло бурдаанд.

Бобоям масҷидро бо зебоӣ таъмир намуда, дар сутуни он бо хати худ калимаҳои «амали Сайид Умархоҷаи соктарегӣ»-ро кандакорӣ кардааст.

Аҳолии деҳа, ки дар он ҷо ягон нафар ҳам одами саводнок набудааст, ҳатто мактаби пешимасҷидӣ ҳам надоштаанд, хату саводнок будани як устои дурудгарро дида дар ҳайрат афтодаанд ва ба ӯ рӯ оварда аз номи ҷамоат аз вай талаб кардаанд, ки имоматии масҷидеро, ки худ таъмир кардааст, қабул намояд, шояд ба «шарофати ӯ» дар деҳаи онҳо ҳам одамони саводнок пайдо шаванд, чунки имоми собиқашон худ бесавод буда, танҳо баъзе сураҳои Қуръон ва дуоҳои намозро аз ёд медонистааст. Ба замми ин дурудгариашро ҳам кардан гирад, ки дар ин давру пеш ба ин касб талаб бисёр аст.

Ба бобоям ин таклиф маъқул афтодааст. Чунки ӯ бо вуҷуди ҳунарманд будан, дар Соктаре аз касби дурудгарии худ дуруст фоида бурда наметавонистааст, зеро дар он ҷо ҳатто аз хешовандони худаш ҳам якчанд нафар дурудгарони ҳунарманд будаанд. Дар ин ҷо бошад, ғайр аз харротони чархи ресандагӣ ва ҳаллоҷисоз дигар дурудгаре нест. Ба болои ин дар наздикии ин деҳа – дар деҳаи Болои Рӯд, дар Сарваре ва Табариён ном деҳаҳо чандин санги осиё будааст, аммо устои чархиосиётарош ҳеҷ набудааст. Бобоям дар ин кор ҳам ҳунарманд буда, назар ба фикри ӯ, аз ин роҳ ҳам дар ин деҳа барои вай даромади иловагӣ пайдо мешуд. Даромади имоматӣ бошад, бозёфти барзиёд.

Бобоям ба ҳамин мулоҳизаҳо ин таклифро хуш қабул кардааст, барои ӯ дар аввали кор меҳмонхонаи Ҳамрохон номеро, ки ҳавлиаш дар ҳамсоягии масҷид будааст, бошишгоҳ қарор додаанд.

Бобоям чандин сол дар ин деҳа ва дар ҳамин меҳмонхона зиндагонӣ намуда, шабона, ки аз кори дурудгариаш фориғ мешудааст, Деҳқон ном писари калони соҳиби ҳавлиро хононда ӯро ҳарфшинос кардааст.

Дар он вақтҳо писари калони бобоям, ки падари ман бошад, дар Бухоро мехондааст, писари хурдаш, ҳамширагони аз шавҳар мондааш, ҳамширазодагонаш ва занаш дар Соктаре зиндагонӣ мекардаанд.

Оқибат танҳоӣ ва мусофирати дуру дароз ба дили бобоям зада, аз охири тарафи ғарбии деҳаи Маҳаллаи Боло заминеро ба даст даровардa, барои худ ҳавлии рӯидаричаноке бино кардааст ва дар рӯидарича ниҳолҳои дарахти зардолу шинондааст, ки обро кам талаб мекунанд ва баъд аз тамом шудани бинокорӣ аҳли хонаводаи худро тамоман аз Соктаре кӯчонда ба ин ҷо овардааст.

Аммо баъд аз ду-се сол бобоям дидааст, ки ҳавлӣ ва рӯидаричае, ки дар Соктаре дошт, хароб шуда рафта истодаанд ва замини дар он ҷо доштааш ҳам аз кишт монда аз кор баромада меравад ва худаш ҳам пир шудааст, ки монанди пештара бисёр кор карда наметавонад, маҷбур шудааст, ки падарамро хонадор карда аз хондан бозмононад.

Бобоям чун ин фикрашро ба аҳли деҳаи Маҳаллаи Боло маълум мекунад, онҳо дарҳол арӯс меёбанд ва яке аз духтарони Ҳамрохонро, ки фарзанди сеюми ӯ буда, Зеварой ном доштааст, барои падарам муносиб дидаанд. Азбаски Ҳамрохон аз деҳқонони миёнаҳол ва одами одӣ будааст, тӯй ҳам камхарҷ шудааст ва барои махр рӯидаричае, ки бобоям дар Соктаре доштааст, муқаррар гардидааст.

Вақте ки падарам ин қисми саргузашти худро ҳикоя мекард, мегуфт:

– Ман барои хондан ишқу ҳаваси бисёр доштам, бинобар ин намехостам, ки хонадор шуда аз хондан бозмонам. Аммо дидам, ки падар ва модарам пир шудаанд ва баъд аз ин бе ёрии ман зиндагониашон душвор аст, ночор корро қабул кардам. Тобистон бо модарат дар Соктаре истода деҳқонӣ карда сардарахтиҳоро мегундоштем ва дар зимистон дар деҳаи Маҳаллаи Боло бо падар зиндагонӣ карда чархиосиётарошӣ ва бофандагӣ менамудам. Лекин бо ҳамаи ин шавқи хонданро ҳеҷ аз ёд набаровардам: «Мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ» – гӯён тағоият Мулло Деҳқонро, ки ҳарфшинос буд, дарсҳои ибтидоӣ хонондам ва якчанд нафар бачагони деҳаро саводхон карда, ҳамаашонро ба Бухоро бурда дар мадраса ҷойгир кунонидам. Тағоият хонданро давом кунонд, аммо дигаронашон баъд аз ду-се сол дар мадраса истодан ба саҳро баромада, ҳар кадом дар деҳе имом шуда мардумфиребиро ривоҷ доданд. Меҳнатҳои ман сӯхт.

Рӯзе аз шогирдони падарам Мулло Бобоҷон, Мулло Ҳамро, Мулло Абдулвоҳид ва Мулло Собит номон ба хонаи мо – ба пеши падарам омада буданд. Аз ин ҷумла Мулло Бобоҷон дар деҳаи Рӯбаҳо, ки дар ҷануби Маҳаллаи Боло буд, имом шуда буд. Падарам ба ӯ хитоб карда ва ба дигарон ишорат намуда:

– Инҳо фарзандони одамони дорам буданд, инҳо ба сахтии истиқомати мадраса тоб оварда натавонистанд. Аммо ту фарзанди одами бечора будӣ, бачагиат дар сахтӣ гузашта буд, қобилиятат ҳам дуруст буд. Ман умедвор будам, ки ту



дар душвориҳои зиндагонии мадраса тоб оварда шер мешавӣ. Афсӯс, ки калони рӯбаҳо шудӣ.

Мулло Бобоҷон, баъд аз хандидан, ба шариконаш ишора карда:

– Пас, инҳо чӣ шуданд? – гуфта пурсид.

Падарам ба онҳо баъд аз он ки як назари нимғазаболуд ва нимистеҳзокорона андохт, гуфт:

– Инҳо гургзода буданд, гург шуданд, чунки «оқибат гургзода гург шавад» – гуфтаанд.

Мақсади падарам маълум буд: мақсади ӯ танқид кардани Мулло Бобоҷон набуд, чунки ӯ ба сабаби қашшоқӣ имконияти дар мадраса истиқомат кардан надошт, асли мақсадаш сахт задани дигарон буд, ки онҳо, бо вуҷуди имконият, хонданро партофта, дар деҳот баромада имом шуда буданд (Мулло Собит писари Абдураҳмонбой буд, ки як қисми романи «Ғуломон»-ро ишғол кардааст).

Дере нагузаштааст, ки аввал модари падарам ва баъд аз ду сол падараш вафот кардаанд. Аммо падарам баъд аз сари онҳо ҳам истиқомати дуҷоягиро тарк накардааст – тобистон дар Соктаре ба деҳқонӣ ва бофандагӣ машғулӣ намудааст ва дар зимистон дар Маҳаллаи Боло ба чархиосиётарошӣ ва бофандагӣ. Бофандагии падарам фақат барои пӯшок ва кӯрпа-болиши хонавода буда, чархиосиётарошиаш барои фурӯш буд.

Ба ҳамин тариқа таваллуди ман дар деҳаи Соктареи райони Ғиждувон воқеъ шуда, айёми бачагии томактабиам тобистон дар Соктаре ва зимистон дар Маҳаллаи Боло гузаштааст.

## ТӮЙ

Як ҳавлии як дараҷа васеъ, се тарафи ин ҳавлӣ бо чор похса девор иҳота ёфта, тарафи ҷанубаш бе девор буда, ба боғча – рӯидарича мепайваст, ки вай бо девори дупохсагӣ аз заминҳои кишт ҷудо мешуд. Тарафи шарқии ин ҳавлӣ ба ҳавлии ҳамсоя, тарафи ғарбиаш ба ёбони киштзор ва тарафи шимолиаш ба кӯчаи калони деҳа мерасид, ки дарвозааш ҳам аз ҳамин тараф буд.

Дар пеши дарвоза ва пайваста ба дарвозахона як оғили похсагӣ ва дар қатори оғил як соботи чорпобандии похсагӣ буда, дар рӯ ба рӯи оғил ва собот як меҳмонхонаи хиштихомӣ бо суффааш бино ёфта буд. Дар пойгаҳи меҳмонхона як дукони бофандагӣ шинондагӣ буда, дар тарафи ҷануби меҳмонхона ва пайваста ба вай як айвонча ва дар зери айвонча як дукончаи чархиосиётарошӣ буд. Пеши айвонча ва тарафи ҷануби меҳмонхонаро дарахтони зардолуи боғча дар тобистон сояандозӣ мекарданд. Дар тарафи шимоли меҳмонхона як суффаи тобистоннишинӣ буд, ки як дарахти тути калони балхӣ дар вай ҳам хизмати мевадорӣ ва ҳам вазифаи соядориро ба ҷо меовард.

Дар поёни суффаи меҳмонхона то собот як чуқурӣ буд, ки вайро таафдон меномиданд, пору ва хокрӯбаҳои ҳавлӣ дар он ҷо ғун карда мешуданд.

Ин доира ҳавлии берун номида шуда, аз паҳлуи собот бо як роҳрав ба тарафи ҳавлии дарун гузашта мешуд. Дар ин ҷо – дар пушти оғил ва собот ду хонаи чӯбкории ба ҳам рӯ ба рӯ бино ёфта буданд, ки ҳар кадоми ин хонаҳо чор дар – ду аз тарафи шимол ва дуи дигар аз тарафи ҷануб доштанд. Дарҳои ҷанубии

хонаи ҷанубӣ ба тарафи рӯидарича – боғча ва дарҳои шимолии хонаи шимолӣ ба тарафи девори баланди кӯча кушода мешуданд. Байни ин ду хона рӯи ҳавлӣ ба шумор рафта, боқии дарҳошон ба ҳамин тараф кушода мешуданд ва рӯи ҳавлиро ду дарахти зардолуи калон соядорӣ мекард.

Дар тарафи шарқии рӯи ҳавлӣ ду айвонча буд, ки яке барои хонаи ҷанубӣ ва дигаре барои хонаи шимолӣ вазифаи ошхонагӣ ва танӯрхонагиро адо менамуданд.

Айвончае, ки ба хонаи шимолӣ оид буд, дар қатори оташдон як дукони чархиосиётарошӣ ҳам дошт.

Хонаи ҷанубӣ бе даҳлез буда, кафшканаш дар пойгаҳи худаш буд, хонаи шимолӣ даҳлез дошта бошад ҳам, вай танҳо барои даромад ва кафшканӣ набуда, дар он ҷо як дукони бофандагӣ ҳам бино ёфта буд.

Дар тарафи ғарби рӯи ҳавлӣ – дар пушти оғил ва собот ва пайваста ба онҳо як суффаи дароз буд, ки бошандагони ин ду хона дар айёми тобистон – шабона дар он ҷо менишастанд.

* * *

Дар рӯзе, ки ман аввалин бор ин ҳавлиро ба ёди худ гирифтам, хонаи ҷанубӣ ва рӯи суффа пур аз меҳмонони мардина буда, хонаи шимолӣ пур аз меҳмонони занон буд. Дар рӯи ҳавлӣ – дар байни ду ошхона як деги калони мис шинондагӣ буда, ошпаз аз он дег ба табақҳои сафоли бесир оши палав кашида медод ва ҷавонон он табақҳоро бурда ба пеши меҳмонони мардина мегузоштанд ва табақҳои холишударо оварда ба ошпаз медоданд. Ба хонаи занон бошад, як зани куҳансол, ки ӯро баъзеҳо ходимона ва баъзе дигар бибикайвонӣ мегуфтанд, бо якчанд кампири дигар, ки ба сарашон ҷомача буд, ошкашонӣ мекарданд.

Меҳмонони мардинаро падарам, амакам, бобои модариам, тағоиҳоям ва дигар хешовандон «хуш омадед, хуш рафтед» мегуфтанд, меҳмонзанонро модарам, модаркалонам, занони тағоиҳоям ва зани амакам меҳмондорӣ мекарданд.

Дар як гӯшаи суффа як нақорачӣ, як сурнайчӣ ва ду дойрадаст нишаста менавохтанд ва дойрадастҳо гоҳо бо ҳам ва гоҳо ҳар кадом ба танҳоӣ ғазалхонӣ мекарданд. Дар рӯ ба рӯи созандагон – дар поёни суффа ҷавони баландқомате, ки миёнаш аз рӯй бастагӣ буд, дар ду дасти худ ду ҷуфт қайроқча гирифта онҳоро бо ҳам зада, аз онҳо мувофиқи оҳанги дойра ва нақора садо мебаровард ва рақс мекард.

Ман ва бачагони дигар дар пеши созандагон ғун шуда онҳоро тамошо мекардем ва нағмаву усулҳошонро гӯш медодем. Ман худро аз бачагони дигар ҳам хурсандтар ҳис мекардам, чунки дар он рӯз дар тани ман чунон либосҳое буд, ки ман пеш аз он монанди онҳоро напӯшида будам, ё ин ки пӯшида бошам ҳам, дар ёд надоштам: дар барам курта-лозимии сафеди суфта буд ва аз рӯи вай ҷомае пӯшида будам, ки гулҳои порча-порча дошт ва дар сарам каллапӯши нав буд, ки модарам гулдӯзӣ карда буд.

Ин гуна либосҳои тоза, хусусан курта-лозимии сафеди шаффоф на танҳо маро хурсанд карда буд, ҳатто диққати бачагони дигарро ҳам ба худаш ҷалб менамуд: яке аз бачагон, ки аз ман калонсолтар буд, домани куртаи маро дар



миёни ду ангушташ молиш дода дида, як бачаи дигарро, ки аз худаш калонсолтар буд, чеғ зада куртаи маро ба ӯ нишон дода:

– Ин аз чист? – гуфта пурсид.

Он бача, баъд аз он ки ба тарафи куртаи ман як назари нофораме андохт:

– Суф! Ин куртаи суф аст! Падари ман дар тӯйи ман ба ман куртаи шоҳӣ карда дода буданд, – гуфт ва илова намуд: – Эргаш*, ки падараш ғуломи падари ман будааст, имрӯз вай ҳам курта-лозимии суф пӯшида гаштааст.

– Ба Эргаш ҳам он курта-лозимиро падари ин пӯшонд, – гӯён он бачае, ки ҷӯёи чигунагии куртаи ман буд, ба он бачаи мағрур** ҷавоб дода ба тарафи ман ишора кард.

Аммо ман он вақтҳо фарқи суф то шоҳиро намедонистам ва ҳамин қадарро медонистам, ки  куртаи худам нисбат ба газворҳое, ки падарам мебофт, хеле сафед ва суфта буд. Бинобар ин бо сангзаниҳои он бачаи мағрур хурсандие, ки маро аз он курта-лозимӣ пайдо шуда буд, кам нагардид, фақат нафратам ба он бача, ки маро чанд бор дар кӯча – дар вақти бозӣ зада буд, зиёда гардид.

Вақте ки созандагон асбоби созу навози худро ғундошта ба рафтан тайёрӣ медиданд, ман хабардор шудам, ки меҳмонон ҳамагӣ пароканда шуда рафтаанд ва дар ҳавлӣ танҳо хешовандон мондаанд.

Падарам музди хизмати созандагонро дода, онҳоро гусел мекард, ман аз ӯ хоҳиш кардам, ки созандагонро ба рафтан намонад, чунки онҳо ба ман бисёр хуш омада буданд.

Яке аз созандагон ба ман гуфт:

– Мо ҳозир ба як тӯйхонаи дигар меравем, дар бозгашт ба хонаи шумоён боз меоем.

Онҳо ба харҳошон савор шуда равон шуданд.

– Ин тавр бошад, ман ҳамроҳи шумоён ба ҳамон тӯйхона меравам, – гӯён аз дунболи созандагон давидам. Аммо падарам бо як хез аз ду бозуям нигоҳ дошт ва ман бошам, пояк зада гирякунон ва фарёдзанон «меравам-меравам» гӯён нола мекардам. Бачагони дигар бошанд, пеш-пеши нақорачиҳо давида ба умеди тӯйхонаи дигар мерафтанд ва маро ҳар замон ба тарафи худ имо мекарданд.

Бобоям ба пеши мо расида омада:

– Рафтан даркор нест, – гуфт, – мо дар ин ҷо нақора ва сурнай месозем; ту нақора менавозӣ, ман сурнай.

Ин таклиф ба ман маъқул шуд, гирям сустар ва дилам кушодатар гардид: ба назари ман аз шунидани нағмаи нақора худ нақоранавоз шудан беҳтар ва хуштар менамуд. Аммо бовар намекардам, ки бобоям ба ман нақора ёфта диҳад ва ба ҳамин мулоҳиза ба ӯ гуфтам: – Дурӯғ мегӯед, маро фиреб медиҳед, шумо аз куҷо нақора меёбед?

Ӯ риши калони сафедашро, ки рӯи синаашро пур карда паҳн шуда фуромада буд, бо дастони худ гирифта ба вай нигоҳе андохта:

---

* Ин Эргаш бо бародари калони ман ширхора буд, бинобар ин падарам ба ӯ ҳам дар қатори мо либос карда, ҳамрохи мо тӯй карда будааст. Ин ҳамон Эргаш аст, ки дар романи «Ғуломон» роли мусбатро бозӣ мекунад.

** Ин бачаи мағрур писари ҳамон Абдураҳимбойи ғуломдори пахтаҷаллоб аст, ки дар романи «Ғуломон» роли манфии манфурро бозӣ мекунад.

– На ин ки ман бо ҳамин риши сафед ту барин як кӯдакро фиреб диҳам! – гуфт ва ба тарафи хонаи занон рафта аз он ҷо як лаъличаи биринҷӣ гирифт, ба ошхона рафта аз он ҷо найи оташпуфкунии модарамро гирифт ва аз шохи дарахти зардолу ду химчаро шикаста гирифта, ҳамаи ин чизҳоро ба рӯи суффа овард. Лаъличаро чаппа гузошта, маро ба пеши вай шинонда химчаҳоро ба дастонам дод ва худаш ба паҳлуям нишаста найро ба лабонаш дошт. Ман химчаҳоро ба лаълича зада садои дангар-дангар мебаровардам, ӯ ҳам, гӯё ки сурнай менавохта бошад, хуштак мекашид…

Дар ин вақт бародари калонам ва Эргашро кофта ба ҳар тараф саросемавор давидани падарам ва дигарон ба нақоранавозии ман халал расонид. Аз набудани онҳо дар дили ман як ҳисси рашк пайдо шуд: ман гумон кардам, ки «онҳо маро партофта худҳошон бо созандагон рафтаанд».

Аммо касе хабар овард, ки онҳо дар рӯидарича бар болои дарахти зардолу баромада, «пинҳон шудаанд». Ин хабар маро аз он гумони бад баровард ва ман ҳам барои дидани «пинҳоншудагон» ба қатори дигарон ба тарафи рӯидарича давидам.

Падарам акаамро таъна карда гуфт:

– Муҳиддин, ту писари калони дарсхон мебошӣ, ба ту айб аст, ки тарсида гурезӣ. Додарат, ки аз ту 8 сол хурд аст, дидӣ чӣ навъ хандону шукуфон нақоранавозӣ карда гаштааст, биё фуро!

– Ҳанӯз ақли ӯ намегирад, – гуфт бародарам ва гиря карда сар дода илова намуд: – намефуроям!

Қурбонниёз ном тағоиям, ки як ҷавони тануманд буд, дарҳол ба дарахт печида боло баромад, аввал акаамро ва баъд аз он Эргашро аз шохҳо ҷудо карда ба поён овезон кард, дигарон онҳоро ба рӯи даст гирифта бар замин ниҳоданд, аммо нагузоштанд, ки онҳо гурезанд ва рост бурда ба хонаи ҷанубӣ даровоарданд.

Аммо ман бо ғуруре, ки аз таърифи падарам дар дилам пайдо шуда буд, ба тарафи суффа – ба пеши нақораи худ давидам, чунки ҳамин нақора сабаби ифтихори ман шуда буд. Бобоям ҳанӯз дар он ҷо менишаст:

– Биё, сурнай бе нақора ҳеҷ садо набаровард, – гуфт ва ман чӯбакҳоро ба даст гирифта нақоранавозиро сар кардам. Падарам ба қатори дигарон ба хона надаромада ба пеши мо омада ба лаби суффа нишаста, гӯё ӯ ҳам ба нақораи ман гӯш медод. Ин ҳол боз як сабаби ифтихори ман гардид, ки чӯбакҳоро боз ҳам сахттар мезадам…

Баъд аз фурсате тағоиям – Қурбонниёз аз хона баромада ба пеши мо омада ба ман таклиф кард, ки ба хона даромада дар он ҷо нақоранавозӣ кунам.

– Дар хона суффа нест, – гуфтам ман дар ҷавоби ӯ.

– Дар хона аз кӯрпачаҳо як суффаи бисёр хуб сохтем, – гуфт тағоиям.

Ман бо нигоҳи машварат ба «шарики худ» – ба бобоям нигаристам.

– Майлаш, меравем, – гуфт бобоям ва илова кард, – акаҳоят ҳунари туро дида қоил мешаванд.

Ин далели иловагӣ ба ман бисёр маъқул шуд. Ман чӯбак ва нақораамро бардошта ба нияти зудтар қоил кардани акаҳоям ба тарафи хона давидам, бобо ва тағоиям – аз дунболи ман. Аммо падарам дар ҳамон лаби суффа монд.



Дар рӯи хона се ҷогаҳ буд, ки дар дуи онҳо акаам ва Эргаш рӯ боло мехобиданд ва маълум буд, ки ҷойгаҳи сеюм «суффаи нақоранавозии ман» буд. Вақте ки ман ба тарафи ҷойгаҳи худ мегузаштам, чашмам ба чашми акаам афтод: ҳоло ӯ гиря намекард, балки ба тарафи ман бо нимхандаи дандоннамое нигоҳи шармгинонае мекард. Ман лаби болои худро дар зери лаби зерини худ даровварда ба он ҳаракати ӯ бо як ҳаракати тааҷҷубкоронае ҷавоб додам. Чунки ман аз ҳамаи он корҳо чизеро намефаҳмидам ва ҳамаи ҳавасам ва хавосам ба нақоранавозии худ банд буд, ки вай сабаби ифтихори ман шуда буд, боз бояд бо ин кор акаҳои худро ҳам дар ҳайрат меандохтам.

Ман рост ба ҷойгаҳи худ, ки суффачаи нақоранавозии ман ба шумор мерафт, баромадам. Бобоям ҳам баромад ва ӯ ба ман гуфт:

– Ба рӯи кӯрпачаи нарм нақора дуруст садо намебарорад, ту пушт ба замин дароз хобида чӯбакҳоро ба даст гир, ман лаъличаро бар рӯ ба рӯи ту медорам, ту навохтан мегирӣ. Дар он вақт он гуна овози ҷарангосӣ мебарорад, ки зангӯлаи уштурони Абдураҳимбой ҳам он гуна садо бароварда наметавонад.

Ман қабул кардам ва навохтан гирифтам, дар ҳақиқат лаълича садои зангӯладор мебаровард.

Дар ин вақт намедонам, кӣ буд, поҳои маро аз ҳам дур карда бо дастони пурзӯраш зер кард. Ман хостам аз ҷой хезам, аммо бобоям бо лаъличае, ки дар дасташ буд, аз сари синаам зер карда маро ба ҷунбидан роҳ надод ва баногоҳ як озори ҷонгудозе дар баданам пайдо шуд, ки нафасам дар дарун афтод ва баъд аз нафасамро рост гирифтан бо панҷаҳои борики нотавонам, ки аз ғазаб монанди панҷаи хурӯс нештар барин шуда буд, рӯи боборо ханҷол кашидам ва аз риши дарозаш печонида гирифта бо қуввати ғазаболуде, ки доштам, ба тарафи худ кашидам ва бо фарёди ҷонхароши гиряолуд:

– Бо ҳамин риши сафед, охир шумо маро фиреб додед, – гуфтам.

Хона пур аз ғулғулаи хандаи бошандагон шуд. Ростӣ, бо вуҷуди ин ки аз шиддати дард худро аз гиря боздошта наметавонистам, худам ҳам дарун-дарун механдидам. Чунки бобоям бо ҳамаи он калонсолӣ ва мӯйсафедӣ аз озори рӯю мӯй монанди бачагон воҳ-воҳ гӯён фарёд кашида буд ва дар чашмонаш об чарх мезад.

Ин воқеаи тӯйи хатнаи мо буд. Ин аввалин ёддошти ман аст, ки дар ёдам мондааст. Ман дар он вақт бисёр хурдсол будам. Бо вуҷуди ин дар ёдам монанди он воқеаҳо шояд барои аз ҳад зиёд аламовар будани он ҳодиса, бисёр завқбахшо будани нағмасароӣ ва гуворо будани интиқомгирӣ бошад, ки ҳамаи инҳо дар як ҷо аввалин бор ба сари ман ҷамъ шуда буданд.

Он ҳавлие, ки дар боло тасвир ёфт, ҳавлие буд дар деҳаи Маҳаллаи Боло, ки бобои падариам барои истиқомати муваққатии худ ва авлоди худ сохта будааст. Дукони бофандагӣ ва дукони чархиосиётарошӣ, ки дар доираи берунии он ҳавлӣ буд, корхонаи падари ман буд.

Хонаи ҷанубии ҳавлии дарун аз они мо ва хонаи шимолӣ аз они амакам буд. Дукони бофандагӣ, ки дар даҳлези хонаи шимолӣ бино ёфта буд ва дукони чархиосиётарошӣ, ки дар зери айвони ошхонаи он хона буд, корхонаи амакам буд.

## БАЪД АЗ ТӮЙ

Ман гумон мекунам, ки баъд аз тӯй аҳволи зиндагонии хонадони мо хеле танг шуда буд. Ман ин ҳолро бевосита ҳис накунам ҳам, аз сӯҳбатҳои ғамолудонаи падару модарам, ки қариб ҳар шаб то вақти хоб дар байни онҳо воқеъ мешуд, дар натиҷаи он тӯй рӯй додани ягон чизи ногуворро пай мебурдам.

Шабе падарам ба сабаби тӯй хеле қарздор шудани худро ба модарам ҳикоя карда гуфт, ки:

– Хайрият, ки ман ин қарзро аз ягон фоидахӯр нагирифтам, ё ин ки таклифи қозизодаҳоро қабул намуда, аз замини Соктаре ба онҳо гарав намондам, вагарна аз замин ва ҳавлии Соктаре ҷудо шуда, дар ин деҳаи хароб абадулобод мусофир шуда мемондем.

– Пас, қарзро бефоида бардоштед? – гӯён модарам тааҷҷубкунон пурсид.

– Албатта, бефоида! – гуфт падарам ва шарҳ дод: – ман қарзҳоямро аз ҳар кас кам-кам кардам, аз ҳар кас аз 20 танга (3 сӯм) то 30 танга қарз гирифтам. Қарзи калонам 50 танга аст, вай ҳам аз падари туст, ки барои пули гӯру кафанаш ғундошта монда будааст. «То вақти мурданам диҳед, мешавад, лекин Алихон* нафаҳмад», – гуфт. Ту ҳам ба касе нафаҳмон.

– Ҳамаашон бефоида доданд? – гуфта пурсид модарам боз тааҷҷубкунон.

– Албатта, ман аз ягон каси бегона ва ё аз ягон касе, ки фоидахӯриро ба худ касб карда бошад, қарз напурсидам, ҳамаи қарзҳоямро аз хешовандони соктарегӣ ва аз ошноҳои наздикам гирифтам. Ҳатто онҳо дар вақти қарз пурсиданам пулро дода истода: «ин маблағи ночизро қарз ҳисоб накунед, балки тӯёна шуморед» ҳам гуфтанд. Ман дар ҷавоб: «дар ҳамин вақт ба ман қарзи ҳасана (бефоида) доданатон тӯёна аст, маро миннатдор кардед ва ҳол он ки шумо ҳам аз ман доротар нестед» – гӯён изҳори хурсандӣ намудам.

– Агар тӯйро дар Соктаре мекардем, ба фаҳми ман, ин қадар харҷ намешуд, ин деҳаи мо – деҳаи гушнагон аст, дар ин ҷо сад дег ош пазед ҳам, боз сер намешаванд, – гуфт модарам ҳасраткунон.

– Аввал ин, ки – гуфт падарам, – барои зиёд шудан ё кам шудани харҷи тӯй гушнагӣ, ё ин ки серии тӯйхӯрҳо дахл надорад, балки калонгир, ё ки бечора будани тӯйхӯрҳо дахл дорад: бечораро агар як чиз диҳанд хурсанд шуда меҳӯрад ва агар надиҳанд, ҳарчанд гушна бошад ҳам, талаб намекунад. Аммо калонгир, ҳарчанд сер бошад ҳам, ба пеши ӯ ба ҷои як табақ таом се табақ мондан лозим аст, вагарна «маро ҳурмат накарданд» гуфта қаҳр мекунад. Ба фаҳми ман, агар мо ин тӯйро дар Соктаре мекардем, харҷи мо сечанд мешуд, боз калонони он ҷо, хусусан миракониён, аз мо розӣ намешуданд. Зеро онҳо ба тӯйҳои одамҳо рафта бисёр ҳурмат дидаанд ва ҳурмати онҳо ҳам иборат аз ин аст, ки ба пешашон бисёртар таом мекашиданд ва дар охир ҷома мепӯшониданд, ҳеҷ набошад, каллақанд медоданд. Албатта, мо ҳеҷ кадоми инҳоро карда наметавонистем.

Падарам баъд аз қадре ором гирифтан сухани худро давом кунонида гуфт:

– Дуюм ин, ки ман баъд аз хонадор шуда ба маъракаву мавриди мардум

* Алихон фарзанди панҷуми бобои модариам буд.



ҳамроҳ шуданам, дар Соктаре ғайр аз хешовандони худамон қариб тӯйи касеро нахӯрдаам, чунки ман зимистонҳо дар он ҷо набудам, тӯйҳо бошанд, одатан дар зимистон мешаванд. Аммо дар ин ҷо аз ҳар кадом хонаи ҳамин бечорагон, ки ту «гушнагон» гуфтӣ, ман як бор-ду бор тӯй хӯрдаам. Бинобар ин ба ман лозим буд, ки ба ҳаминҳо тӯй карда диҳам, хешовандон ва ошноҳои соктарегиам бошанд, ба ҳамин ҷо меоянд ва омаданд.

– Дар ҳамин муддати як сол, ки аз тӯй гузашт, аз қарзатон чӣ қадарашро кандед? – гуфта пурсид модарам.

– Бисёр не, аввал қарзи падаратро додам ва боз як-ду майда қарзро, ки соҳибонашон бисёр мӯҳтоҷ буданд, адо намудам.

– Қарзи падарамро ҳозир намедодед ҳам, мешуд, он кас, ки «то вақти мурданам диҳед, мешавад» гуфта бошанд, аз ҳама пештар додан чӣ даркор буд?

– Аввал ин, ки – гуфт падарам дар ҷавоб – кӣ медонад, ки аввал ман мемурам ё он кас, дуюм ин, ки дар назари одами пир аз ҷавонон дида пул ширинтар аст. Аз бозе, ки ин қарзро ман аз ӯ гирифтам, аҷаб нест, ки ҳар шаб ба болои ҳамин пул фикр кунад, бинобар ин аз ҳама пештар хотирҷамъ кардани пиракиро лозим донистам.

Падарам баъд аз қадре фикр карда истодан сухани худро давом кунонда гуфт:

– Мақсади ман аз ин гапҳо аз қарзҳо ҳисоб додан, ё ин ки дили туро сиёҳ кардан набуд, балки мақсади ман ин аст, ки агарчи гоҳе дар кори рӯзгор тангӣ кашӣ, аз бозор гӯшт нахарем, ё ин ки кам харем, хафа нашав. Бояд чанд вақт – то сабук кардани қарзҳо ба обу явгони хона ва ба ширу ҷурғоти гов қаноат кунем. Аз бозор гоҳо биринҷ харем мешавад, ки шабҳои бозор, ё ягон меҳмон омада монад, ширбиринҷ мекунем.

– Биринҷ харидан ҳам даркор нест, –гуфт модарам.

– Чаро? – гуфта пурсид падарам, – охир шир бе биринҷ хӯрок намешавад.

– Биринҷ ҳаст!

– Дар куҷо? – падарам тааҷҷубкунон аз ҷои хобаш нимхез шуд.

– Вақте ки – гуфт модарам – биринҷи тӯйро оварда будед, ман як халтаро аз вай биринҷ пур карда гирифта дар сандуқ пинҳон карда монда будам, ки ягон вақт танг шавем, кор мефармоем. Акнун, ки аввал қарзҳоро кандан лозим аст, ҳамон биринҷро кор фармудан мегирем.

– Боракалло! – гуфт падарам, – бе сабаб «сарфаи сари оташдон – савдогари Ҳиндустон» нагуфта будаанд.

Акаам бо ман дар як ҷо хобида буд, ман ба гуфтугузори падару модар бо диққат гӯш медодам ва гумон доштам, ки ӯро хоби сахт рабудааст. Як вақт дидам, ки сараш дар таги кӯрпа, аммо пиқ-пиқ гиря мекунад. Падару модарам овози гиряи ӯро шунида якбора аз ҷо хеста ҳар дуяшон баробар аз ӯ:

– Ба ту чӣ шуд? Чаро гиря мекунӣ? – гуфта пурсиданд.

– Акнун ман чӣ навъ ба Бухоро барои хондан меравам? Тӯй намекардед, намешуд-мӣ? – гуфт гирякунон.

– Чӣ навъ меравӣ? Вақташ шавад, худам бурда мемонам. Барои ин гиря чӣ лозим аст? – гуфт падарам.

– Пул-ку надоред, бе пул дар шаҳр чӣ гуна истода хонда мешавад? – гуфт боз бо ҳамон овози гиряолуд.

– Хафа нашав, писарам, – гуфт падарам, – то Бухоророавии ту ду соли дигар ҳаст, то он ҷо ман қарзҳоро меканам ва барои харҷи таҳсили ту пул ҳам меёбам

* * *

Дар пагоҳии он шабе, ки дар хонаи мо сӯҳбати дар боло нақл кардашуда гузашт, модарам ҳалвои қоқтӣ пухт, ман ба ӯ дар оташмонӣ ёрӣ додам: аввал як миқдор ордро дар дег бо равған бирён карда гирифт. Баъд аз он аз шиннии тут, ки аз Соктаре пухта оварда буд, як коса барин дар дег андохта қиём гирифт. Вақте ки ғафсии шиннӣ атола барин шуд, орди бирёнро дар вай ҳамроҳ карда лат зад. Баъд аз лат задан орду шиннӣ хамир барин шуд. Пас аз он бар рӯи лаълӣ орд пошида, он хамирро бар рӯи вай гардонида паҳн кард ва баъд аз сард ва сахт шудан аз вай як порча бурида ба дасти ман дод, дигарашро порча-порча бурида бар рӯяш орд пошида дар як қуттӣ чида монд.

Ман он як порча ҳалвои қоқтиро, ки модарам ба ман дода буд, қатар-қатар-кунон хӯрда ба кӯча баромадам, ки акаам аз тарафи даруни деҳа меояд. Ӯ маро дида гуфт:

– Ин ҳалво нест, ин нони қоқ, ҳалво – ҳалвои равғанӣ аст.

– Шумо дар куҷо ҳалвои равғанӣ хӯрдед?

– Дар хонаи бобом. Қурбонниёз тағоиям оварда будааст. Ба ман ҳам доданд. Як бамаза ки, – гуфт акаам ва суханашро давом кунонида аз ман пурсид:

–Ту ҳам мехӯрӣ?

– Бошад мехӯрдам, набошад, ҳамин ҳалвои қоқтӣ ҳам шудан мегирад.

– Ман ёфта диҳам, мехӯрӣ?

– Албатта!

– Ин тавр бошад, ба падарам «ҳалвои равғанӣ гирифта диҳед» гуфта зорӣ кун!

– Магар шумо намехӯред?

– Ман ҳам мехӯрам.

– Ин тавр бошад, худатон чаро аз падар намепурсед?

– Ман метарсам, ки «ин харҷ барои ту шуд» гуфта Бухоро рафтани маро дер намононанд.

– Ман ҳам Бухоро рафта мехонам.

– Ту ҳоло хурд, то вақти бухороӣ шудани ту падарам пули бисёр мeёбанд ва ин харҷҳо аз ёдашон баромада меравад.

– Хуб, ман мегӯям, – гуфтам. Ману ӯ ҳар ду ба сари дукони бофандагии падарам рафтем. Ман, дар ҳолате ки аз ҳалвои қоқтии дар дастам будагӣ газида гирифта қатар-қатар мехоидам, ба падарам гуфтам:

– Ба ман ҳалвои равғанӣ гирифта диҳед!

Падарам, бе он ки чашмашро аз теғ (шона) ва моку барканда аз кор бозистад, ба ман гуфт:

– Ҳамон ҳалвое, ки дар даст дорӣ, равған ҳам дорад, боз чӣ гуна ҳалвои равғанӣ мехоҳӣ?



– Ман як ҳалвои равғание, ки бисёр бамаза аст ва аз ин пеш нахӯрдаам, аз ҳамон мехоҳам.

– Хӯрда надида бошӣ, бамаза будани вайро аз куҷо фаҳмидӣ?

– Акаам гуфтанд.

Акаам патаррос зада аз сари дукони падарам гурехт. Чунки аз ин ҷавоби беэҳтиётонаи ман бо иғвои акаам будани ин талаби ман ба пеши падар ошкоро шуда буд. Падарам хандида ба ман гуфт:

– Рав, бибиатро гӯй, акаатро ба пеши ман гирифта биёрад.

Ман ба пеши модарам рафта ин фармоиши падарро расонидам. Акаам дар он ҷо буд. Ӯ маро коҳиш кард:

– Бамаза будани ҳалвои равғаниро ба падар чаро аз забони ман нақл кардӣ? – гуфт.

Ман дар ин коҳиш акаамро ҳақнок медонистам, лекин гарданам ёрӣ намедод, ки худро дар пеши ӯ гунаҳгор шуморам. Бинобар ин ба ӯ гуфтам:

– Хуб, дар ҳамон вақт дар ҷои ман шумо мешудед, ба он пурсиши падар чӣ ҷавоб медодед?

Акаам ба ин савол ҷавоб ёфта натавониста суп-сурх шуд. Чунки дар он вақт дигар гуна ҷавоб додан мумкин набуд. Хатои ман дар ин буд, ки бо вуҷуди хӯрда надиданам, ҳалвои равғаниро ба пеши падар бамаза шумурда будам. Аммо ин хатои ман ба хотири акаам нарасид.

Ҳарчанд акаам розӣ нашуда бошад ҳам, модарам ӯро кашола карда ба пеши падарам бурд. Мо ҳамагӣ гумон доштем, ки падар ӯро ба сабаби иғвогариаш коҳиш хоҳад кард. Аммо ӯ ин тавр накард ва хандакунон айнакашро аз чашмаш бардошта ва вайро пок карда истода ба акаам гуфт:

– Муҳиддин, ту деҳаи Болои Рӯдро медонӣ?

– Медонам.

– Дар он ҷо дар лаби рӯд ҷӯи осиё ҳаст. Дар вақти тамошо додани осиё ман ба ту нишон дода будам-а?

– Ҳа-ҳа!

– Медонӣ?

– Медонам!

Баъд аз он падарам ба модарам нигоҳ карда гуфт:

– Ҳар дуи инҳо маслиҳат кардаанд, ки ман имрӯз ба инҳо ҳалвои равғанӣ гирифта диҳам. Майлаш, имрӯз рӯзи бозор аст, шаби бозорашон ҳам ҳамин мешавад. Дигар чиз пухтан даркор не. Ту аз ҳамин вақт сар карда ноча (найча) – андозӣ кун. Ночаҳо қариб тамом шудаанд. Ба ҷои ошпазӣ ҳам ночаандозӣ мекунӣ. Ман тарсида будам, ки агар Муҳиддин Болои Рӯдро надонад, бояд барои ҳалвохарӣ худам мерафтам. Ҳарчи ин он ҷоҳоро медонистааст, худаш рафта меорад, ман аз корам намемонам.

Падарам аз кисааш як танга (15 тин) бароварда ба акаам дода гуфт:

– Аз ҷӯи осиё, ки гузаштӣ, пули рӯд сар мешавад, ҳавлии калон рӯ ба рӯи пули рӯд аст, ин ҳавлии Усто Бароти ҳалвогар аст. Дар даруни ҳавлӣ як хонаи калон ҳаст, ки вай ҳалвогархона аст, ба ҳамон хона даромада, ҳар касе, ки дар он ҷо бошад, салом дода, маро ном гирифта ҳамин як тангаро деҳ ва «маро

фиристоданд, ки як қабза ҳалво барам» – гӯй. Як қабза ҳалворо дар коғаз печонда медиҳад, гирифта меорӣ.

– Як қабза ҳалво чӣ қадар мешавад? – аз падар ман пурсидам.

– Як лӯнда!

–Як лӯнда ҳалворо ман мехӯрам ё акаам? – гуфта тааҷҷубкунон боз пурсидам.

Падарам дастгаҳи бофандагӣ ва мокуро ба ҳолашон гузошта ду кафи дастонашро бо ангуштонаш чанголмонанд ҳам карда ва ҳар дуи онҳоро ба ҳам часпонда ба ман нишон дода:

– Ана ҳамин қадар як лӯндаи калон мешавад, – гуфт ва илова намуд: – ин қадар лӯндаи калон ба ҳамаамон мерасад.

Акаам ба рафтан тайёр шуд, бо рухсати падару модар ман ба ӯ ҳамроҳ шудам. Мо барои ҳалвохарӣ ба деҳаи Болои Рӯд равон шудем.

Деҳаи Болои Рӯд ба тарафи шимоли Маҳаллаи Боло буда, дар байни ин ду деҳа тахминан ҳазор қадам роҳ буд. Аз назди ҳавлии мо, ки дар охири деҳа буда, пешаш ёбони кушода буд, дарахт ва иморатҳои Болои Рӯд намуда меистод. Мо аз болои заминҳои кишт, ки пурбарфи яхбаста буд, яхмолаккунон рафта ба болои рӯд расидани худро нафаҳмида мондем.

Деҳаи Болои Рӯд дар шимолии рӯди кӯҳнаи Шофирком ва дар канори он воқеъ шудааст. Бинобар ин он деҳаро Болои Рӯд номидаанд. Дар канори ҷанубии он рӯд як ҷӯйчаи осиё буд, ки дар вақти пуроб шуданаш аз вай як санг осиё мегардидааст.

Дар вақте ки мо ба он ҷо расидем, дар ҷӯи осиё ҳеҷ об набуд ва дар даруни рӯд ҷо-ҷо обҳои кӯлмаки яхбаста менамуд. Ман аз акаам хоҳиш кардам, ки ба ман осиёро нишон диҳад. Бинои осиё 20 қадам поинтар аз гузаргоҳи рӯд намуда меистод.

Аккам ин хоҳиши маро қабул карда осиёро ба ман тамошо дод.

## ҲАЛВОГАРХОНА

Мо осиёро тамошо карда шуда баромадем; азбаски дар рӯд об набуд, барои аз вай гузаштан ба сари пул нарафтем, балки бар рӯи кӯлмакҳои яхбастаи рӯд яхмолакбозикунон ба пеши пул омада, аз он ҷо ба канори шимолии рӯд баромадем ва ба ҳавлие, ки дарвозааш рӯ ба рӯи пул кушода мешуд, даромадем.

Дар рӯи ҳавлӣ як хонаи бисёр калон ва баланди похсагин буд, ки калониаш аз хонаҳои нишасти нӯҳболори муқаррарӣ қариб чор баробар меомад. Ин аз тарафи ҷануб як дари дутабақа ва як дари яктабақа дошт, ки ҳар дуи онҳо ҳам пӯшидагӣ буд.

Мо дари яктабақаро, ки ба даромадгоҳи дарвоза наздик буд, кушода ба даруни хона даромадем. Дар тарафи поини хона як қатор оташдонҳо буд, ки дар онҳо дегҳоро кач, яъне лабҳои пушти онҳоро баланд ва лабҳои пешашонро ба тарафи пеш паст ва хам карда шинонда буданд. Дар баъзеи ин дегҳо шиннӣ ҷӯшонда қиём мегирифтанд, дар баъзе дег оби бехро бо як даста химчаи ба ҳам басташуда, ки вайро чилчӯб меномиданд, зада кафк мекунониданд. Дар охири қатори оташдонҳо як дегро бар рӯи оташдон ба тарзи одӣ монда буданд, ки дар вай равған доғ мекарданд. Дар як деги калони кач шинондашуда касе орди бир-



ёнро кам-кам ба қиём мерехт ва ду каси дигар бо ду бели чӯбин он қиёмро лат медоданд ва қиёми бо орд омехтаро ба рӯи бел ба ҳаво бардошта бо шиддати тамом баргардонда ба даруни дег мезаданд. Як одами миёнсоли гандумгуни ришкалон, ки қади баланде дошт, ба дигарон корфармоӣ мекард ва роҳи корро нишон медод.

Дар тарафи дигари ин хона як суффаи васеи баланд буд ва бар рӯи вай як лаълии тахтагини бисёр васеъ, ки қутраш – кӯндалангиаш тахминан ду метр меомад, ниҳода шуда буд. Бар гирдогирди ин лаълӣ пӯстакчаҳое ба замин паҳн карда шуда буданд. Дар канори суффа ва наздик ба лаълии чӯбин дар як қуттӣ орд буд.

Як вақт корфармо омада бо бели оҳанини новашакл аз он қуттӣ орд гирифта бар рӯи лаълии чӯбин пошид ва баъд аз он боз ба сари деге, ки дар вай ордро бо қиём меомехтанд, рафта ба рафти кор нигоҳ карда истод. Вақте ки орди бо қиём омехташуда монанди хамири нон ғафс шуд, корфармо ба белзанон:

– Бас кунед, кашонед! – гуфт.

Белзанон бар рӯи белҳои худ хамири қиёминро бардошта бурда, бар рӯи лаълии чӯбин рехтан гирифтанд.

Дар ин вақт корфармо, ки магар аз корҳои зарурияш фориғ шуда буд, ба мо нигоҳ карда:

– Ба кӣ кор доретон? – гуфта пурсид.

Акаам салом дода як тангаро ба ӯ дароз карда аз номи падарам:

– Як қабза ҳалво диҳед будааст! – гуфт.

– Бисёр хуб, – гуфт корфармо, – лекин ҳалвое, ки пагоҳонӣ пухта будем, ба бозор рафт, камтар тамошо карда истетон, ҳалвои тоза тайёр мешавад, медиҳам.

Хамири қиёмиро бар рӯи лаълии тахтагӣ кашонда шуданд. Ҳамаи он касоне, ки дар сари дегҳо буданд, дастҳошонро то оринҷ шуста пок карда, омада дар гирдогирди лаълии тахтагӣ бар рӯи пӯстакчаҳо дузону нишастанд. Дар пешгоҳи ин давра худи корфармо ҳам нишаст. Фақат як кас, ки ҷавони хурдсоле менамуд, бели оҳанини новашаклро гирифта ба пеши қуттии орд рост меистод.

Ҳалвогарон хамири қиёмиро бо дастони худ як лӯлаи дарозе сохта, ду нӯги он лӯларо ба ҳам пайванд дода як ҳалқа карданд ва ҳамаашон бар рӯи лаълӣ хам шуда, он ҳалқаро молиш дода-молиш дода як ҳалқаи васее карданд, ки канорҳои ҳалқа ба канорҳои лаълӣ расид. Баъд аз он ҷавони белдор бар рӯи он ҳалқаи хамирин қадаре орд пошид ва ҳалвогарон он ҳалқаро чапу рост дуқат карда бар рӯи ҳам партофта як ҳалқаи дуқабатаи хурд ба вуҷуд оварданд ва баъд аз он боз он ҳалқаро молиш дода-молиш дода як ҳалқаи васеи мисли аввала ба вуҷуд оварданд; боз ҷавони белдор бар рӯи он ҳалқа орд пошид, боз ҳалвогарон он ҳалқаро ду қабат карда як ҳалқаи хурд сохтанд, ки дар вай чор қабат хамир буд.

Ҳалвогарон кори худро ҳамин тарз давом доданд: дар дафъаи сеюм як ҳалқаи 8-қабата, дар дафъаи 4-ум як ҳалқаи 16-қабата, дар дафъаи 5-ум як ҳалқаи 32-қабата, дар дафъаи 6-ум як ҳалқаи 64-қабата, дар дафъаи 7-ум як ҳалқаи 128-қабата, дар дафъаи 8-ум як ҳалқаи 256-қабата, дар дафъаи 9-ум як ҳалқаи 512-қабата, дар дафъаи 10-ум як ҳалқаи 1024-қабата пайдо шуд ва ба ҳамин тариқа

кор давом намуда, дар 25 дафъа як ҳалқае пайдо шуд, ки қабатҳои вай монанди торҳои калова борик менамуд.

Устои ҳалвогар ба коргарони худ:

– Акнун бас, – гуфт ва худ корди калонеро ба даст гирифта он ҳалқаро ба дарозии як ваҷаб-як ваҷаб бурид ва яке аз он лӯндаҳоро дар тарозуе, ки дар як гӯшаи он суффа истода буд, ниҳода баркашид, ҳалво қадаре сабук баромад. Аз як лӯндаи дигар қадаре ҷудо карда ба болои он монда баркашашро баробар кард. Баъд аз он лӯндаи аввалиро дар коғаз печонда ба дасти акаам дода:

– Инро ба падарат бар! – гуфт ва ҳалвои бӯлакеро, ки дуюмбора ба тарозу ниҳода буд, ду тақсим карда ба дасти дуямон дод ва:

– Инро хӯрда-хӯрда раветон! – гуфт.

Мо давон-давон ба тарафи хона равон шудем, ки рӯз хеле бевақт шуда буд.

## РЕГКӮЧӢ

Баҳорон буд, зардолуҳои рӯидаричаи мо гул карда бо шукуфаҳои худ дар боғча зинати хубе дода буданд. Деҳқонони деҳаи Маҳаллаи Боло ба заминронӣ, ҷӯйковӣ ва токкушоӣ машғулӣ мекарданд. Деҳқонбачагон говон, гӯсфандони худ, ё аз они хӯҷаинонашонро дар лаби ҷӯйҳои навсабзида ва дар заминҳои ҳанӯз ронданашуда мечаронданд.

Дар яке аз чунин рӯзҳо ман ба тамошои шукуфаҳо ва сабзаҳои рӯидаричаи худ қаноат накарда хостам ба ёбон – ба киштзорҳо баромада сайругашт намоям. Ин фикри худро ман ба акаам гуфта аз ӯ хоҳиш кардам, ки дар ин сайругашт ба ман ҳамроҳӣ намояд, ӯ ин таклифи маро қабул намуд, аммо аз падару модар рухсат гирифтанро ба гардани ман бор кард.

Ман аввал ба пеши модарам рафта фикри худро гуфта аз вай рухсат пурсидам.

– Аз падарат ҷавоб гир, агар он кас шумоёнро ба тамошои ёбон ҷавоб диҳанд, ман монеъ намешавам, – гуфт модарам.

Ман ба пеши падар рафтам. Ӯ дар зери айвончаи меҳмонхона ба чархи-осиётарошӣ машғул буд, ба чашмаш айнак гузошта сӯроххҳои паррагузаронии чархро бо як диққат ва ғайрат бо искана мекофт. Баъд аз қадаре кофтан бо як чӯбча, ки дар вай бо сиёҳӣ хати бисёре кашида шуда буд, чуқурии ҷои кофтаи худро андоза карда дид. Баъд аз он бо як қалами фӯлодин, ки дамаш аз дами искана тунуктар буд, он сӯрохро суфта кард ва пас аз он ба ман нигоҳ карда:

– Ҳа, чӣ мегӯӣ? – гуфта пурсид.

– Ба ёбон ба тамошо мебароем, ба ҷавоб гирифтан омадем.

– Бо кӣ?

– Бо акамуллом.

– Акаат ҳеҷ ҷой намеравад, ӯ дарсҳои якҳафтагиашро такрор карда аз ёд накардааст. То ҳамон дарсҳояшро ёд карда аз пеши ман нагузаронад, ман ӯро на ба тамошо ва на ба бозӣ – ба ҳеҷ ҷо рухсат намедиҳам. Худат равӣ, майлат, – гуфт.

– Ин тавр бошад, худатон маро бурда тамошо диҳед!

– Худат рафтан гир! Туро гург намехӯрад, ёбон пур аз бача, дар лаби рӯд Эргаш акаат ҳам будагист, ӯ подаи худро бештар дар ҳамон ҷоҳо мечаронад.



Ман ба ёбон баромадам. Ёбон аз рӯидаричаи мо васеъ ва хушҳавотар буд, боди сабуке мевазид ва ба димоғи кас як бӯи хуши нозукеро меовард. Майсаҳои ҷаву гандуми тирамоҳ кишташуда замини сиёҳро пӯшонида сабзу хуррам карда буданд. Сабза ва себаргаҳои лаби ҷӯй ва дигар алафҳои худрӯ ба назари кас ҳим-ҳим тофта чашми одамро мебурданд. Ҳаво на сард буду на гарм ва бағоят форам буд. Деҳқонбачагон дар кашшукҳо ба харҳошон нурӣ бор карда овар-да, вайҳоро дар заминҳои кишта шуданӣ мерехтанд ва дар бозгашт харҳои аз бор халос шудаашонро савор шуда бо ҳам пойга мемонданд ва хартозӣ мекарданд.

Ман рост ба лаби рӯд рафтам, ки дарахтҳои канори вай аз пеши ҳавлии мо намуда меистод. Дар ин тараф – дар тарафи ҷануби рӯд касе набуд, фақат бар шохҳои дарахтони бед, ки нав сабзимадон[10] баста буданд, фароштурукон ва гунҷишкон нишаста хониш мекарданд ва хониши онҳо ҳам монанди ҳавои он ҷо ба кас мефорид.

Дар он тараф – дар тарафи шимоли рӯд, бар болои хомаи пастаки рег чӯпонбачагон бо ҳам гӯштигирӣ мекарданд. Дар миёни онҳо Эргашака ҳам буд. Ман бар лаби рӯд гӯштигирии онҳоро тамошо карда нишастам. Азбаски дар рӯд андак об буд, аз гузаштан тарсидам.

Як вақт чашми Эргаш ба ман афтода «биё-биё!» гӯён худ ба лаби рӯд фуромад ва сухани худро давом дода:

– Биё, гузар, оби рӯд аз буҷулаки поят намеояд, натарс! – гуфт.

Ман эзорпочаҳоямро боло карда ба об даромадам, дар ҳақиқат ҳам оби рӯд ба буҷулаки поям нарасид. Аз рӯд гузаштам ва бо Эргаш ба пеши бачаҳо баромадем.

Баъд аз баромадани мо бачагон гӯштигириро монда ба гиргиракбозӣ даромаданд: яке мегурехт ва дигаре ӯро пеш карда ба вай расида медошт ва агар дошта натавонад, бой додагӣ ба шумор мерафт. Аммо реги сурхи шаффоф, ки монанди орди бехташуда маҳин ва нарм буд, дар зери пои бачагон намеистод, яке аз паси дигаре поҳошон ба рег ғӯтида ё лағжида меафтоданд.

Ин гуна бозӣ ба зудӣ бачагонро монда кард, баъзеҳо бар рӯи реги нарм дароз кашида ва баданашонро дар зери офтоби баҳорӣ тофта ёзиданд, баъзе дигарашон аз паси пода ва рамаашон рафтанд.

Ба ман аз бачагон дида баррагон ва бузғолагони навзод ҳунармандтар намуданд: инҳо дар рӯи рег оромтар ва осонтар медавиданд. Бузғолагон ҳам монанди бачагон ба ҳам шох ба шох монда ҷангбозӣ мекарданд, яке мегурехт, дигаре пеш мекард ва баррагони дар вақти ҷаро аз модар дурмонда аз қафои рама баъосзанон медавиданд, аммо ҳеҷ кадоми инҳо намеғалтиданд.

Эргашакаам ба ман гуфт:

– Ту ба падару модарат савғоӣ намебарӣ?

– Аз ёбони регзор чӣ гуна савғоӣ бурда мешавад? – ман тааҷҷубкунон аз ӯ пурсидам.

Эргаш боз пурсид:

– Ту занбӯруғ хӯрдаӣ?

– Не нахӯрдаам, агар хӯрда бошам ҳам, дар ёдам намондааст!

– Бо таъсири борони дирӯза дар регзор чунон бисёр занбӯруғ рӯидааст, ки ҷувол-ҷувол чидан мумкин аст. Ман барои хонаи худҳомо як халта чидам.

– Майлаш, – гуфтам ман дар ҷавоби ин таклифи ӯ.

Эргаш чӯбдасти подабонии худро ба даст гирифт ва ҳар ду аз хомаи паста-ки рег гузаштем, дар хомаи сеюм, ҳар гоҳ ӯ ҷои дамидаи регро медид, бо нӯги чӯбдасташ он ҷоро мекофт ва аз таги пардаи тунуки рег занбӯруғҳо намудор мешуданд. Ман ба чидан сар кардам ва қариб доманамро пур карда будам, ки Эргаш ба ман гуфт:

– Доманатро кушо, бинам, ки ту чиҳо чидаӣ?

Ман кушодам, ӯ ба занбӯруғҳо як нигоҳ карда:

– Ба замин рез! – гуфт. Ман рехтам, ӯ занбӯруғҳои бар замин рехташударо ба ду қисм ҷудо кард, як қисми онҳо калон-калон ва кӯтоҳгардан буданд ва қисми дигарашон дароз ва борикгардан буда, сарҳошон монанди пулакча паҳн ва ту-нук буданд. Эргаш қисми калон-калони онҳоро, ки хеле кам буданд, ба ман ни-шон дода:

– Ана инҳо хӯрдашуданӣ ва бамазаанд, – гуфт ва гарданборикҳоро нишон дода, сухани худро давом кунонид:

– Инҳо талх ва захрдоранд, инҳоро хӯрдан мумкин нест.

Мо як-ду хомаро гашт карда як каллапӯш занбӯруғи хӯрдашуданӣ чидем. Дар ҳамин вақт шамол хеста ҳаво вайрон шудан гирифт, то ба лаби рӯд омада-ни мо вазиши бод шиддат карда ҳаворо гарду ғубор фурӯ гирифт. Молҳо беса-ришта шуданд. Бачагон «ҳаю бош» гуфта ба пароканда шудани онҳо монеъ ме-шуданд. Эргаш ҳам подаи худро тӯб карда ба канори рӯд, ки як қадар аз регзор чуқуртар буд, фуровард.

– Рег кӯчида истодааст, – як бача аз болои хомаи рег бо оҳанги ҳаяҷономез гуфт.

Эргаш давида ба болои хомаи рег баромад ва ман ҳам аз дунболи ӯ дави-дам. Шамол аз тарафи шимоли шарқӣ меомад. Ман пуштамро ба тарафи омади шамол карда, якрӯя роҳ рафта базӯр ба рӯи хомаи рег баромадам. Рег монанди оби истодае, ки дар шамол лаппиш хӯрад, лаппида-лаппида, оҳиста-оҳиста пеш меомад ва қабатҳои рӯи рег лаппиш хӯрда ба канори рӯд мешориданд ва қаба-тҳои зерин лаппида аз дунболи онҳо ба ҳаракат медаромаданд. Шамол торафт шиддат мекард ва рӯи ҳаво аз ғубор тиратар мешуд.

Бачагон пода ва рамаҳои худро ба тарафи деҳа ронданд, молҳо, гӯё ки онҳо-ро гург пеш карда бошад, бо як ҳароси ваҳшиёна ба тарафи деҳа медавиданд. Ман ҳам як каллапӯш занбӯруғро ба сари синаам маҳкам часпонда роҳи хонаро пеш гирифтам. Замини киштзор монанди регзор ғежонак набуд ва шамол ҳам аз дунбол – аз тарафи пушт мевазид. Бинобар ин ба тарафи хона рафтан он қадар душворӣ намекард. Лекин дар замин ва ҳаво аз он тароватe, ки ман дар вақти ба сайру гашт баромаданам дида будам, асар намонда буд, майса ва сабзаҳо дар зери гарду ғубори рег монда пажмурда шуда буданд.

Ман ба хона расидам, падарам ҳанӯз ба кофтани сӯрохҳои чархи осиё маш-ғул буд, ӯ чунон машғул буд, ки ҳатто аз ман «чиҳоро тамошо кардӣ, то куҷоҳо рафтӣ» гуфта напурсид. Ман баъд аз қадаре ба кори падарам нигоҳ карда исто-



дан ба пеши модарам рафтам ва занбӯруғҳоро ба ӯ дода хоҳиш кардам, ки зуд-тар пухта диҳад, чунки бисёр гурусна монда будам.

Модарам занбӯруғҳоро дид:

– Эҳе! Ин бисёр, ба ҳамаамон мерасад, – гуфт.

Акаам, ки дар пешгаҳи хона нишаста дарс тайёр мекард:

– Хабардор шавед, мабодо ӯ занбӯруғҳои заҳрдорро чида наомада бошад, – гуфт ба модарам.

– Ман занбӯруғи хӯрдашуданиро аз занбӯруғи захрдор фарқ карда метаво-нам, – гӯён ба акаам мағрурона ҷавоб додам.

– Ҳамааш занбӯруғҳои хуби хӯрданбоб! – гӯён модарам сухани маро тасдиқ кард ва барои тоза карда дар равған бирён кардан ба сари оташдон бурд.

Падар то вақте, ки чашмаш кор мекард, ба болои чархи осиё кор кард, аммо он рӯз аз ҳаррӯза барвақттар рӯз торик шуд, бод шиддат карда, аз ҳавои гарду ғуборолуд регборон сар шуд, рег монанди борон борида, дар андак фурсат рӯи заминро регфарш кард, ҳарчанд дарҳои хонаро пӯшонда чароғ гиронда будем, аз тарқишҳои дар рег ба хона ҳам медаромад.

Баъд аз хӯрдани занбӯруғбирён, ки нахустин бор меҳнати ман ҳам дар вай ҳамроҳ шуда буд, ман ба зудӣ хобидам. Мондагии онрӯза маро чунон ба хоб ғарқ кард, ки ман баъд аз сафед шудани рӯз, дар вақте, ки падарам ба модарам бо ҳаяҷон ва бо оҳанги андӯҳу надомат гап мезад, бедор шудам. Назар ба нақли падарам, бисёр ҷоҳо ва деҳаҳоро рег зер кардааст, бисёр киштзорҳоро нобуд намудаст ва аз ин ҷумла боғи ангури бобоямро ҳам рег пахш кардааст.

– Чоятро зудтар тайёр кун, барои халос кардани як қисми токҳои падарат ва барои дар оянда пешгирӣ кардан аз ин гуна ҳодисаҳо ба онҳо ёрмандӣ карда-нам даркор аст, – гуфт падарам.

Ман аз ҷой хеста берун баромадам, ҳаво соф ва ором буд, боди сабуке мева-зид, аммо рӯи ҳавлӣ ва замини рӯидарича ба регзоре монанд гашта буд; дар реги рӯи ҳавлӣ ва замини боғча кафш то пошнааш меғӯтид, шукуфаҳои дарах-тони зардолу монанди мурдаҳои занбӯрҳои асал ба назар менамуданд, сабза ва майсаҳо бошанд, дар зери рег тамоман нопадид гардида буданд, боғчае, ки дирӯз бо шукуфа ва сабзаҳои навхези худ шодӣ бар шодии кас меафзуд, имрӯз монан-ди хонаи мотамзадагон андӯҳовар ва ғамангез гардида буд.

Ман дасту рӯи худро шуста ба хона даромада дар паҳлуи падарам нишас-там, ҷои қаймоқиро бо ҳам хӯрдем. Акаам дар гӯшаи худ ба сари дарстайёркорку-ниаш рафт. Падарам ба модарам фармуд, ки табар, дасттеша, дастарра ва даст-кола (токбур)-ро тайёр кунад ва худаш ҷомаҳои кориашро пӯшида, миёнашро аз рӯй баста барои рафтан ба ёрии бобом тайёр шуд.

– Ман ҳам меравам, – гуфтам ман ба падарам.

– Майлат, дирӯз заминҳои сабзу хуррамро тамошо карда омадӣ, имрӯз биё-бони регзори бенамро мебинӣ. Дар зиндагӣ ҳар кадоми инҳоро дидан даркор аст, – гуфт падарам.

Мо – падар ва писар аз хона баромада ба ҳавлии бобоям рафтем. Дар он ҷо Қурбонниёз, Равшанниёз ва Ниёзхон, ки инҳо писарони бобоям-тағоиҳои ман буданд, ба кор тайёр шуда буданд. Аммо Алихон, ки фарзанди панҷуми бобоям

буд, ба аспаш хӯрҷини пурчояшро бор карда рафтагори бозор буд, чунки ӯ чойфурӯши чорбозоргард[11] буд.

– Ту чаро ба дафъи ин фалокати умумӣ ҳамроҳӣ накарда дар ҳамин рӯз ҳам бозор рафта истодаӣ? – гуфт падарам ба ӯ.

– Ба ман на боғ даркор, на замин. Барои ман бозор бошад бас. Оламро обу азоб гирад, парво надорам, – гуфт Алихон дар ҷавоб.

– Сиёҳдили бадботин, – гуфт падарам худ ба худ ғур-ғуркунон.

Аз хона овози бобоям шунида шуд:

– Ба ӯ гап назанед, ӯ аз мо нест, ӯ хук аст, – мегуфт ӯ. Маълум мешуд, ки бар болои ҳамин кор – яъне кори ба ёбон рафта як қисми токҳо ва киштҳоро аз рег халос кардан падару писар ҳам ҷанг карда будаанд.

Тағоиҳо каланд, табар, дасткола ва дигар асбобҳоро дар ғалтакҳо ниҳода пеш ронданд. Бобоям нон, чойҷӯш ва дигар чизҳоро ба хӯрҷин андохта ба хар савор шуд ва маро ҳам ба пушти ӯ ба хар савор карданд ва падарам пиёда, – ҳамагӣ роҳи ёбонро пеш гирифтем. Модаркалонам баланд-баланд дуо хонда дафъи фалокатро аз Худо мепурсид ва барои ба кор рафтаистодагон ривоҷи кор металабид.

## МУБОРИЗА БО РЕГИ РАВОН

Боғ ва киштзори бобоям дар охиртарини ёбони Қо-қо буд. Ёбони Қо-қо дар тарафи шарқии Маҳаллаи Боло буда, ба киштзори деҳаи Қарахонӣ, ки боз ҳам шарқтар буд, мепайваст. Ёбони Қо-қо дар ҷануби рӯди кӯҳнаи Шофирком буда, то он рӯз аз серобтарини заминони он давру пеш ба шумор мерафт. Вақте ки мо ба он ёбон расидем, ғайр аз биёбони регзор дигар чизеро надидем, дар тарафи шимоли шарқии ин ёбон хомаҳои калон-калони реги равон пайдо шуда буданд ва дар тарафи ҷануби ғарбиаш дараҷа ба дараҷа рег камтар шуда омада, дар охирҳои ин майдон то ба қади зонуи одам рег паҳн шуда мехобид.

Дар ёбон одамон монанди мӯру малах дар ҳаракат буданд: дар тарафҳои шимоли шарқии боғҳои ангур ва заминҳои кишти худ шох мебастанд, токҳоеро, ки баъд аз кушодан дубора дар зери рег монда буданд, дубора мекушоданд, дар ҷойҳое, ки рег бисёр ғун шуда кишт ё токро дар чуқурии зери худ гузошта буд, бо ғалтак ва ҷуволча регкашонӣ мекарданд ва он регҳоро бурда ба ҷоҳои безарартар ё камзарартар мепартофтанд…

Мо ба боғи бобом расидем. Бобом ду боғ дошт, яке аз онҳо ду таноб (ним гектар) буда, бедевор ва дигаре як таноб буда, се похса девор дошт. Боғи бедевор тамоман дар зери рег монда, дар ҷои боғи ангур хомаи калони рег пайдо шуда буд, боғи девордор, ки дар канори рӯд буд, рег кӯчида омада аввал рӯдро тамоман гӯронида баландии худро ба девори сепохса расонида ва аз он ҷо шорида даромада сеяки вайро пахш кардааст. Ҷои тарс дар ин ҷо буд, ки бо вуҷуди ором гирифтани ҳаво ва суст шудани бод ҳанӯз рег аз шимоли шарқӣ ба ҷануби ғарбӣ оҳиста-оҳиста ҳаракат мекард ва ба боғи девордор ҳанӯз рег монанди обе, ки аз роши ҷӯи пуроби саршор шорида фурояд, кам-кам мефуромад ва лангон-лангон бошад ҳам, оҳиста-оҳиста пеш мерафт ва навдаҳои пунбакбастаи токро дар оғӯши нарми худ мекашид.



Бобом дар зери дарахти чинигуҷум, ки дар сарҳавзи боғи бедевор буд ва дар он ҷо ӯ то ду рӯз пеш нишаста боғ ва рӯдро тамошо мекард, хӯрҷин ва кӯрпачаи худро паҳн карда нишаст. Фақат ҳозир дар он ҷо на ҳавз буд ва на рӯд, дар ҷои онҳо як хома рег буд, ки баландиаш қариб ба шохҳои он дарахт мерасид.

Падарам ба тағоиҳоям фармуд, ки шохҳои дарахтони бед, сафедор, тут ва гуҷумро бурида як қисми он шохҳоро ба пеши девори боғи девордор кашонанд ва дигарашро ба тарафи шимол ва шарқи боғи бедевор бурда ҳар ҷо-ҳар ҷо мондан гиранд.

Тағоиҳо шохҳоро ба пеши боғи девордор бурдан гирифтанд, падарам бо дасткола аз он шохҳо ходаҳои дароз-дароз ҷудо кард ва он ходаҳоро дар байни рег ва девор аз тарафи беруни боғ мехмонанд зада қатор кард ва баъд аз он шохҳои майда ва химчаҳоро дар байни ходаҳои қатор сабадвор бофт ва дар охири ин кор ба тағоиҳоям гуфт:

– Агар шумоён як рӯз ғайрат карда регҳои даруни ин боғро ба берун кашонида резетон, ин боғ тамоман аз ҳалокат халос мешавад.

Баъд аз он падарам ба сари боғи бедевор рафт, дар тарафи шимол ва шарқи он боғ ҳам як қатор хода зада баромад ва дар байни онҳо шох бофтанро ба тағоиҳоям фармуд.

Падарам то тамом кардани ин кор на нон хӯрд ва на чой нӯшид, тағоиҳо ҳам, албатта, ба вай пайравӣ карданд ва баъд аз тамом шудани ходазанӣ ҳамаашон ба пеши бобом ғун шуда хӯрок хӯрданд. Баъд аз таом падарам ба бобом гуфт:

– Ман акнун меравам, бачаҳо шохбофиро хуб омӯхтанд, худашон бофтан мегиранд, регкашонӣ ва токҳоро аз рег пок кардан бошад, меҳнати дуру дарозеро талаб мекунад, шумо сар шуда истед, писарҳо ин корро ҳам ба анҷом мерасонанд.

Бобои пир ва қариб барҷомондашуда падарамро дуо ва миннатдорӣ карда гусел намуд ва дар вақти ба роҳ баромадани мо Қурбонниёз тағоиям ба падарам гуфт:

– Язнамулло! Ман шумо барин бағайрат шуданро мехоҳам.

– Агар хоҳӣ, ман баринак не, аз ман зиёдтар бағайрат, коркун ва кордон шуда метавонӣ, ҳама гап дар хостан ва хоҳиши худро ба кор даровардан аст. Агар танбалон ва танпарварон медонистанд, ки кор чӣ гуна бадани касро сахт мекунад ва дили касро ҳузур медиҳад, ҳеҷ гоҳ дар сояи бекорӣ намехобиданд.

* * *

Мо ба роҳ даромадем. Аммо падарам бо роҳи омадагиамон ба тарафи деҳа нарафта, аз болои рӯде, ки сар то сар пур аз рег шуда буд, роҳро пеш гирифт.

Мо ба деҳаи Болои Рӯд расида дидем, ки дар он ҷо ба ҷои он деҳаи ободе, ки то дирӯз буд, як харобазори ваҳшатоваре пайдо шудааст. Ҳама ҳавлиҳои ин деҳа аз рег пур буд ва гӯшаи боми баъзе хонаҳо ҷо-ҷо намоён мегардид. Занон, духтарон ва бачагон тӯб-тӯб шуда бар рӯи хомаҳои рег ва дар ҳавои кушода менишастанд, дар пеши ин тӯдаҳои одамони бехонумонгардида парчапалосҳо, кӯрпа-болишҳо ва дегу табақҳо ҳам менамуданд.

– Мардон барои сарпаноҳковӣ ба деҳаҳои дигар рафтагӣ барин менамоянд, – гуфт падарам худ ба худ ва ба ман шунавонда.

Мо ба ҳавлии Усто Бароти ҳалвогар расидем. Дар ин ҷо аз иморат танҳо боми ҳалвогархона ба назар менамуд, ки вай аз тамоми биноҳои он ҳавлӣ ва он деҳа баландтар буд. Се тарафи ин бино ҳам то лаби бом пур аз рег буда, танҳо тарафи ҷанубаш қадаре кушодагӣ дошт, дарвоза ва дарвозахона аз рег пур буда, аз ҳар ҷо – аз болои тӯдаҳои рег ба пеши он хона даромадан мумкин буд.

Падарам аз болои рег ба пеши хона фуромада:

– Усто Барот! Шумо дар куҷо? – гӯён овоз дод.

– Ман дар ин ҷо бо бачагон зинда дар гӯр шуда нишастаам, гуфта ҷавоб дод касе аз даруни хона ва аз даре, ки мо аз вай ба он хона барои ҳалвохарӣ даромада будем, баромада бо падарам салом-алек ва вохӯрдӣ кард.

Дар ҷавоби аҳволпурсии падарам ӯ эзоҳ дод:

– Вақте ки рег ҳуҷум карда омад ва хонаи нишастамон дар зери хавф монд, ман зан ва бачагонро бо асбобу анҷомашон ба ин хона кӯчондам ва худам бо писарҳо болои бом баромада монанди он ки барф мерӯфта бошем, регҳои ба боми хона ғуншударо бо бел рӯфта истодем. Ҳамин тарз шуда аз тамоман бесарпаноҳ мондан халос шудем, – гуфт ӯ ва ба чашмонаш об чарх зад.

– Шукр кунед, дигарон тамоман бесарпаноҳ мондаанд, – гӯён падарам ӯро тасаллӣ дод ва мо ба роҳи худ давом кардем.

Дар пеши ҳавлии Усто Барот на рӯд буду на пули он, на ҷӯи осиё буд ва на осиёхона ба назар менамуд. Бо вуҷуди ин падарам то ҷои бинои осиёхона рафт. Бинои фарсудаи осиёхона бо вазнинии рег дар даруни гум фурӯ рафта, ҳамаи асбоби осиё ҳам дар зер мондааст ва дар берун танҳо хомаи рег ба назар намоён буд.

Мо ба ҳавлӣ омадем. Дар пеши дарвоза амакам моро пешвоз гирифт. Ӯ чанд рӯз пеш ба деҳаи Тезгузар барои бинокории касе рафта буд ва имрӯз аз он ҷо омадааст ва ба падарам хабар дод:

– Киштзорҳои Боғи Афзал, Тезгузар, деҳаи Қараяғоч бо киштзорҳояшон, тарафи шимолии Деҳнави Абдуллоҷон, Муҳаммад Боқӣ ва як қисми Кочихӯрон тамоман дар зери рег мондаанд. Мегӯянд, ки ҳуҷуми рег то деҳаи Сайидато ва қӯрғони Вардонзе расидааст.

– Акнун рӯд нест ва рӯдро тамоман рег гирифт. Аз ҷоҳое, ки аз ҳуҷуми рег берун мондаанд, ҳам умеди беҳбудӣ нест, ҳозир гуфтан мумкин аст, ки тумани Шофирком як биёбони беобу алаф гардид, – гуфт падарам ва мо ба хона даромадем.

Модарам, баъд аз рафти кори бобомро пурсида аз падарам ҷавоби даркориро гирифтан, ба ӯ гуфт:

– Шумо имрӯз ба кори падарам рафта аз кори худатон мондед ва ҳол он ки чархи дар даст доштаатонро зудтар тамом кардан даркор, – мегуфтед.

Падарам ба ин сухани модарам сарашро пасу пеш ҷунбонда нимхандае кард ва баъд аз он дар ҳолате, ки бар рӯй ва чашмонаш асари андӯҳ зиёдтар гардид, гуфт:

– Ба ман ин чархро осиёбони осиёи лаби рӯд супориш карда буд ва 20 танга пешакӣ ба ман дода, хоҳиш карда буд, ки дар як ҳафта тайёр карда диҳам. Рӯзи ваъда фардост. Аммо ҳозир ба чарх ҳеҷ эҳтиёҷ намонд, чунки осиё бо ҷӯяш нест шуд. Ҳозир ман дар ғами онам, ки аз куҷо пул ёфта пули осиёбонро мегардонда бошам, – гуфт ва ба модарам чой фармуда, худ ба шунидани дарси акаам машғул гардид.

## ДАР СОКТАРЕ

Ман дар ин ҷо, пеш аз он ки дар Соктаре чӣ навъ рӯз гузаронидани худро нақл намоям, бояд ҳавлии дар деҳаи Соктаре доштаи худамонро тасвир кунам.

Ҳавлии мо дар Соктаре дар тарафи шимоли масҷиди ин деҳа воқеъ шуда буд. Аз тарафи ғарби масҷид бо тангкӯчае, ки аз кӯчаи калони деҳа ҷудо мегардид, ба он рафта мешуд. Тарафи шарқи ин тангкӯчаро мактаб, масҷид ва чорбоғи вай ва тарафи ғарбиашро як ҳавлии калон, ки даромадаш аз кӯчаи калон буд, иҳота мекард.

Дар охири ин тангкӯча ба тарафи ғарб дар як гардишгоҳ якчанд ҳавлӣ бошад ҳам, дарвозаи ҳавлии мо рост ба тангкӯча нигоҳ карда меистод. Аммо он ҳавлӣ махсуси хонадони мо набуда, дар як доираи васеъ ҳамаи хешутаборон ҷойгир шуда буданд ва ҳар кадом қисме аз ин доираро соҳибӣ менамуданд.

Бари ин ҳавлӣ аз ғарб ба шарқ тахминан 150 метр буда, дарозиаш аз ҷануб ба шарқ тахминан дусад метр меомад. Ин масоҳа ба чор қисм тақсим ёфта, қисми якум, ки ба даромади дарвоза рост меомад, аз они мо буда, се қисми дигараш, ки дар тарафи шарқи мо буд, ба амак ва амакбачаҳои падарам тааллуқ дошт.

Ин ҳавлӣ, ё ин ки ҳавлиҳо аз тарафи ҷануб бо як деворчаи якунимпосхагӣ аз чорбоғи масҷид ҷудо шуда, аз тарафи шарқ ва ғарб бо деворҳои ҳамсоя иҳота ёфта буд, тарафи шимолаш бо деворҳои дупохсагӣ аз ёбон ҷудо мешуд ва дар пеши ҳар қисми ин ҳавлиҳо ба тарафи ёбон роҳи баромад ҳам буд.

Дар вақтҳое, ки ман аввалин бор ба ёд гирифтаам, дар ҳавлии даруни мо як хонаи чӯбкории кӯҳна барои нишаст ва як хоначаи хишти хом барои дукони бофандагӣ буд.

Аз тарафи шарқ ҳамсояи бевоситаи мо амаки падарам буда, дар вақтҳое, ки ман дар ёд дорам, ӯро «90 сол умр дорад» мегуфтанд. Ӯ дар ҳавлии дарун як хонаи фарсуда дошт, ки дар вай зани писараш менишаст ва дар ҳавлии берун як меҳмонхонаи чоркунҷаи миёнсутундори масҷидшакл дошт, ки дар вай худаш истиқомат мекард.

Ин куҳансол, ки Абдуллоҳоҷа ном дошт, дар вақтҳои аввал дурудгар буда, камтар замин ҳам доштааст. Аммо писараш ноқобил ва сарсаригард шуда, на дар замин ва на дар дурудгарӣ кор накардааст. Вақте ки худи ӯ пир шуда аз кор баромадааст, падар ва писар заминро фурӯхта хӯрдаанд. Дар вақтҳое, ки ман ёд дорам, ин бечора ҳеҷ даромад надошт ва таоми ӯро хешони дигар медоданд. Ӯ дар меҳмонхона менишаст ва ба касе чизе намегуфт, бар рӯи суффа фақат барои қазои ҳоҷат ва таҳорат мебаромад.

Аммо писараш деҳ ба деҳ мегашт. Ӯ хату савод дошт. Мегуфтанд, ки ӯ дуохонӣ карда мегардад. Маълум буд, ки ӯ дар ин кори бемеҳнат ҳам сиёдуқ буда, кораш пеш намерафт. Дар ҳар 15 – 20 рӯз як бор ба хонааш меомад, аммо хӯрок-

ворие, ки дар ҳар омадан меовард, ба занаш ва хоҳарзодаи худаш, ки бо занаш меистод, намерасид ва ба падараш чизе намедод, падарам ӯро «фосиқи маҳрум» номида буд.

Номи ин одам Иброҳимхоҷа буд. Боре падарам ӯро барои ба падараш нигоҳубин накарданаш бисёр таъна ва туфу лаънат кард ва дар охири суханаш ба ӯ гуфт:

– Агар Иброҳим пайғамбар барои ризои Худо писарашро қурбон карда бошад, ту барои танбалиат падаратро қурбон кардӣ. Ҳайф ба ту ва лаънати олам ба ту!

Аммо ӯ дар ҷавоби ин ҳама суханҳои талх заҳрхандае кард ва харашро савор шуда ба сарсаригардиаш баромада рафт.

Дар тарафи шарқи амаки падарам як кампир буд, ки ӯро «Тӯтапошшо» мегуфтанд. Номи аслии ӯро ман намедонам ва ҳар кас, ки ин унвони пуртантанаро мешунид, гумон мекард, ки он зан бояд як зани соҳибҳашамат буда, куртаҳои шоҳиро болои ҳам пӯшида, бар болои чандин қабат кӯрпача нишаста, хизматгоронро кор мефармуда бошад. Аммо дар ҳақиқат ин тавр набуд. Дар тани ӯ як курта-лозимии ҳазорямоқ буда, аз асбоби хона танҳо як пӯстаки кӯҳнаи пашмаш рехта, як намадчаи дарида, як кӯрпа ва чанд лӯла-болиши чағбуташ намоёншуда дошт.

Умри ӯро аз ҳаштод боло мегуфтанд, қадаш чунон хам шуда буд, ки агар менишаст, сари синааш бар рӯи зонуяш қариб мерасид, роҳ рафтан ва нишастан барои ӯ душвор буд. Бинобар ин ӯ ҳамеша рӯйнокӣ мехобид, чунонки дар зери сараш болишҳоро баланд мегузошт, инчунин дар зери ронҳояш ҳам болишҳои баланд мениҳод ва ба ин тарз мувозанаи қомати хамгаштаи худро дар вақти хобидан нигоҳ медошт.

Ин зани Абдулқуддусхоҷа ном амаки падарам буд, ки ӯ кайҳо мурда рафта будааст. Ин зан Шарофхоҷа ном писар дошт, ки вай ҳам коргурез буд. Баъд аз мурдани падараш замини ба мерос мондаро фурӯхта хӯрдааст, пас аз он ба тарафҳои Қаршӣ рафтааст, ки дар он ҷо ҳам хешовандони мо будаанд. Маълум мешуд, ки Шарофхоҷа дар Қаршӣ ҳам ғайр аз сарсаригардӣ кори дигаре надоштааст, дар ҳар сол як бор барои дидани модараш меомад ва чизе, ки меовард, дар рӯзҳои худаш дар ин ҷо будан, ки аз 15-20 рӯз зиёд набуд, тамом мешуд. Баъд аз баромада рафтани ӯ нафақаи Тӯтапошшоро хешон ва ҳамсоягон медоданд.

Дар қисми охирини ин ҳавлӣ дар тарафи шарқ писари амаки падарам зиндагонӣ мекард. Дар вақтҳое, ки ман ёд дорам, ӯ тахминан 50-сола буда, устои дурудгари бисёр ҳунарманд буд. Мегуфтанд, ки дар ҳунари чӯбтарошӣ ва кандакорӣ дар Бухоро ҳам монандаш кам ёфт мешуд. Номи ӯ Ҳидоятхоҷа бошад ҳам, ба сабаби устои ҳунарманд буданаш, мардум ӯро Устохоҷа мегуфтанд. Ӯ соҳиби хату савод буд ва ба мардум забони хуш ва муомилаи нек дошт.

Ӯ ду писар дошт, ки аз зани собиқаш таваллуд ёфта буданд, писари калонаш Сайидакбар ном дошта, бо акаи ман ҳамсол ва дар пеши хатиби деҳа дарс мехонд, писари дуюмаш Икромхоҷа ном дошта, кӯрсавод буд ва ба кор хои падараш ёрӣ медод.



Устохоҷа баъд аз мурдани зани аввалинаш зани дуюм гирифта буд, ки аз ин ду духтар дошт. Духтарҳояш хурдсол буданд, занаш ҷавон ва аз *хоҷагони хатчагӣ*[12] буда, хеле калонгир буд, ғайр аз пухтупаз ба дигар кор даст намезад. Зардолуҳо рехта нобуд шуда мерафтанд, аммо ӯ ғундошта намехушконид.

Устохоҷа ҳарчанд ҳунарманд бошад ва аз кори касон кам фориғ шавад ҳам, рӯзгораш аз рӯзгори мо беҳтар набуд, бо вуҷуди ин ба Абдуллохоҷа ва Тӯтапошшо ёриро дареғ намедошт.

* * *

Дар соле, ки рӯди Шофиркомро рег пахш карда деҳаи Маҳаллаи Болоро беоб мононд, падарам моро аз ҳарсола пештар ба Соктаре кӯчонид, дар солҳои пеш мо дар вақти тутпазӣ аз Маҳаллаи Боло мекӯчида бошем, он сол тутҳо ҳанӯз ғӯра набаста кӯчидем.

Дар Соктаре акаам бо Сайидакбархоҷа ба пеши хатиби деҳа дарс сар кард, ман бо бачагони ҳамсоли худ дар ин деҳаи сероб ба чӯйчабозӣ даромадам. Падарам дар ин фикр афтод, ки зимистони он сол ҳам моро ба Маҳаллаи Боло набарад, чунки дар он ҷо оби нӯшокиро ҳам ёфтан душвор ва аз чоҳи деҳа кашидан ва ба хона кашондан даркор буд.

Бинобар ин падарам хонаи нишасти фарсурдаро вайрон карда, аз сари нав як хонаи мадондор, як айвонча барои ошпазӣ, як оғил ва як коххонаи похсагӣ сохт. Дар ин бинокориҳо ба падарам Устохоҷа ёрӣ дод. Дар лойкориҳои иморат Икромхоҷа ва акаам ҳам ба қадри қувваташон ёрмандӣ карданд, аммо Сайидакбар бо вуҷуди таклифи падараш ёрӣ надод, «ман хушхат шудан мехоҳам, агар ба лой ва хишт даст расонам, дастам аз қалам дур мешавад» – гуфт.

Он сол бештарин машғулоти ман, Ҳомидхоҷа – хоҳарзодаи Иброҳимхоҷа ва духтарони Устохоҷа бо Тӯтапошшо шуд, ӯ ба мо ҳикояҳои ғалатӣ ва шугҳо – афсонаҳои аҷиб нақл мекард. Ӯ қиссаҳои Рустам, Исфандиёр, Сиёвуш ва Абӯмуслимро аз ёд медонист ва такрор ба такрор ба мо аз он афсонаҳо нақл мекард. Ҳар кадоми мо ба ӯ нон, ғӯлунг ва ягон чизи дигари хӯрданӣ бурда ӯро ба гап медаровардем. Ӯ, дар ҳолате ки рӯйнокӣ сару поҳояшро бар рӯи болишҳо баланд карда мехобид, ба мо ҳикоя мегуфт.

Ӯ боре ба мо дар бораи як ятими доно ва бойи фиребгари нодон ҳикояте кард, ки ҳанӯз аз ёдам набаромадааст.

## ЯТИМИ ДОНО ВА БОЙИ ФИРЕБГАРИ НОДОН

Назар ба қавли Тӯтапошшо, будааст-набудааст як бойи фиребгар будааст. Ӯ ҳамеша ятимон ва хизматгорони худро муфт кор мефармудааст, ҳар вақт ки онҳо ҳақ талаб кунанд, ягон тӯҳмат ёфта онҳоро қарздор мекардааст ва то адо кардани он қарзи тӯҳматӣ онҳо аз дасти вай халос шуда наметавонистаанд. Агар хизматгоре он қарзи нокардаашро адо кунад, боз ягон тӯҳмати дигар ёфта дубора ӯро қарздор мекардааст. Ҳамин тариқа шуда хизматгорони ӯ аз дасти ӯ то мурданашон халос шуда наметавонистаанд.

Охир кори он бой ба дараҷае расидааст, ки касе хизматгорӣ ва ятимии ӯро қабул намекардагӣ шудааст, ҳар касеро, ки ба хизмати худ таклиф кунад, «ту

фиребгар, ту тӯҳматчӣ» – гуфта таклифи ӯро рад мекардааст. Ҳарчанд ваъдаҳои хуб диҳад ҳам, касе гапҳои ӯро бовар намекардааст.

Охир хизматгорони кӯҳнааш ҳамагӣ мурда рафтаанд ва ӯ тамоман бехизматгор ва бедастёр мондааст. Як рӯз камбағалони деҳаро дар пеши масҷид ғун карда, дар пеши имом аз занталоқӣ қасам хӯрдааст, ки агар касе хизмати ӯро қабул кунад, ҳақ медиҳад ва тӯҳмат намекунад.

Аммо камбағалон ин гапи ӯро ҳам бовар накардаанд, «худат чӣ, ки қасамат бошад» – гуфтаанд.

Баъд аз он бой фикр карда-фикр карда як роҳи фиреби дигарро ёфтааст: дар он деҳа як писарбачаи бепадару модари хурдсол будааст. Ӯро «писарам, ба хонаи ман биё, ман ба ту гапи зарур дорам» – гуфта ба хонааш овардааст ва дар он ҷо ба ӯ гуфтааст:

– Писарам, ту падар надорӣ ва ман писар надорам. Агар ту ба хонаи ман омада дастёрӣ кунӣ, ман туро ба фарзандӣ қабул мекунам ва духтарамро, ки ягона фарзанди ман буда, ҳозир 5-сола аст, баъд аз қадрас шуданаш ба ту медиҳам, туро хонадомод мекунам. Баъд аз сари ман ҳамаи молу мулки ман ҳам аз они ту мешавад.

Бой баъд аз гуфтани ин гапҳо духтарашро оварда ба он ятим нишон додааст.

– Ана ҳамин духтараки азизи дӯструяки ман оқибат зани ту мешавад, – гуфтааст.

Писарчаи бепадару модар ин таклифи бойро қабул кардааст ва ҳамон рӯз ба дастёрии бой даромадааст.

Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо ва солҳо гузаштан гирифтаанд, ятим ба бой аз тахти дил фарзандвор хизмат кардан гирифтааст, нафъи бойро нафъи худ, зарари бойро зарари худ донистааст, «ман ки домоди ӯ мешавам, ҳамаи чизҳои ӯ аз они ман мешавад» – гуфтааст.

Ба духтари хурдсоли бой ҳам ҳар гуна бозичаҳо сохта дода, гапҳои ширини ғалатӣ ёфта гуфта, ӯро дӯстдорӣ карда ҳамеша вақти ӯро хуш мекардааст.

Духтарак ҳам ба ин ҷавони хушзабони меҳрубони хушмуомила муҳаббати покдилона монда аз вай ҷудо шудан ва як нафас бе ӯ монданро намехостааст.

Вақте ки духтар қадрас шудааст, ваъдаи падарашро дар бораи хонадомод кардани ятимча ба хотир оварда, он вақт ба ӯ монанди шавҳари оянда ва рафиқи умри худ нигоҳ карда муҳаббаташ нисбат ба ӯ боз ҳам зиёдтар шудааст: ба корҳои дастёрии ӯ ёрӣ дода, кӯшиш мекардааст, ки бори хизматгории ӯ сабуктар шавад ва аз он пеш ба ӯ «ака» гуфта хитоб мекарда бошад, кам-кам «акаҷон-акаҷон» мегуфтагӣ шудааст.

Ятим ҳам ӯро аз аввала зиёдтар дӯст дошта, соате бошад ҳам, аз ӯ дур шудан ба худаш бисёр душворӣ мекардагӣ шудааст, ҳар вақт, ки аз хона ба кори ёбон мебаромадааст, гӯё ки ягон чизи бисёр азизи қиматбаҳояш дар хона монда бошад, лаҳза ба лаҳза рӯи худро ба қафо гардонда ба тарафи ҳавлии бой бо дилкашолӣ нигоҳ мекардааст. Хизмати бойро бошад, аз пештара ҳам хубтар, бисёртар мекардааст, ки ӯ дилаш гарм шуда, зудтар тӯй карда ду дилдодаро ба муродашон расонад.



Бой ҳам ба ӯ муомилаҳои хуб мекардааст. Масалан, дар вақти кор фармудан ба ӯ намегуфтааст, ки «ғӯзаро хишова кун», ё ин ки «гандумро дарав», балки мегуфтааст, ки «ғӯзаатро хишова кун, гандуматро дарав».

Аммо духтар бетоқат шудан гирифтааст ва охир ба ятим гуфтааст, ки ба воситаи ягон кас зудтар тӯй карданро аз падарам талаб кунад.

Ятим ин таклифи духтарро қабул накардааст:

– Аз ғайри талаби ман худаш тӯй кунад, беҳтар, – гуфтааст.

Вақте ки духтар 17-сола шудааст, аз ҳар тараф ба ӯ духтарбинҳо ва хостгорҳо омадан гирифтаанд. Духтар аз паси дар ба онҳо чӣ навъ муомила кардани модарашро шунида ва фаҳмида меистодааст: модари духтар талаби ҳеҷ кадоми он хостгорҳоро рад намекардааст ва ба онҳо «духтарам номзад дорад ва сараш бастагист» намегуфтааст, балки зимнан дар болои хароҷоти тӯй гап зада ба духтараш баҳои баланд мемондааст ва чунончи:

– Агар насибаву тақдир рафта бошад, мо аз шумо беҳтар қудо ёфта наметавонем, лекин дадеш мегӯянд, ки «ман дар ин вилоят аз чорта якта шуда омадаам, тӯйи мардумро бисёр хӯрдаам, барои тӯйи духтари ман даҳ ман биринҷ бо асбобаш лозим мешавад. Албатта, либос ва нақдинаи тӯй ҳам мувофиқи духтарашон шуданашро талаб мекунанд, агар насиба рафта бошаду қудошаванда ҳамин чизҳоро тайёр карда тавонад, мо як духтар не, сад духтар дошта бошем ҳам, медиҳем».

Духтар аз ин гапҳо пай бурдааст, ки ҳеҷ гоҳ падару модараш ӯро ба ятим нахоҳанд дод, онҳо дар ҷустуҷӯи ягон домоди хушпул мебошанд, ки ӯро бо баҳои тамом ба вай фурӯшанд. Бинобар ин ятимро дида воқеаи хостгорон ва ҷавоби модарашро ҳикоя карда:

– Ту зудтар ба воситаи ягон кас маро аз падарам талаб кун, агар ту талаб накунӣ ё падарам маро ба ягон каси дигар диҳад, дониста мон, ки ман худамро мекушам, – гуфтааст.

– Худо накарда агар падарат туро ба ман надиҳад ё ба ягон каси дигар доданро хоҳад, аввал ман худамро мекушам, гӯён ятим рост ба пеши имоми деҳа рафта муддаои худ ва ваъдаи бойро ба вай фаҳмонда, аз ӯ хоҳиш кардааст, ки дар байни ӯ ва бой миёнаравӣ кунад.

Имом хоҳиши ятимро қабул карда, талаби ӯро ба бой расондааст. Бой дар ҷавоби ин талаб баъд аз хандидан ба имом гуфтааст:

– Ҷавоби ятимро ба худи ман ҳавола кунед, агар ӯ аз шумо: «бой ба талаби ман чӣ гуфтанд?» – гуфта пурсад, «худашон ба ту гап мезананд» – гӯед.

Ҳамон дам бой ба пеши ятим омада ба ӯ хандакунон гуфтааст:

– Писарам, ту дилтангӣ накун ва ҳар касро дар миёна наандоз, ман пасу пеши худро дида асбоби тӯйро тайёр кунам, амри хайри шумоёнро пеш мегирам. Ту аз омада рафтани хостгорҳо бадгумон нашав. Ба хушбахтии ту бахшидаат (духтар) баднамо нест, бинобар ин ба ӯ толиб бисёр аст. Мо ягон касро ранҷондан намехоҳем, бинобар ин ба хостгорҳо «равед, мо ба шумо духтар намедиҳем» намегӯем, лекин чунонки «маҳри духтари надоданӣ вазнин аст» гуфтаанд, ба ӯ баҳои баланд мемонем. Ба ҳамин восита ҳар гуна хостгорро, бе он ки ӯро ранҷонем, аз дари худ меронем.

Ятим, чунонки худ ба ин гапҳои бой бовар кардааст, духтарро ҳам бовар кунонда, ӯро оромонидааст ва худ аз пештара ҳам бештар ва беҳтар хизмат карда гаштан гирифтааст.

Як рӯз дар пеши дарвозаи бой як қатор шутур пайдо шудааст, ҷулу ҷагозҳои он шутурҳо ҳама аз қолинҳои нав буда, ба гардан, ба дум ва ба зонуҳои онҳо зангӯлаҳои нуқракӯб овехта будаанд. Бар болои чанд шутур ҷуволҳои биринҷ, бар чанд шутур ҷуволҳои орд, бар чанд шутур қанду наботу шакару ҳалво, бар чанд шутур пӯшоквориҳои атласу адрасу шоҳиву бахмалу кимхобу зарбафт бор карда шуда будаанд. Шутурҳоро ба пеши дарвозаи бой ҷӯконда борҳоро фуроварда ба хонаи ӯ даровардан гирифтаанд.

Ҳама фаҳмидааст, ки бой духтарашро ба як бой номзад карда будааст ва ин чизҳо сартӯй будааст, ки дар ҳамон наздикиҳо тӯйи фотиҳа медодаанд. Ятим, ки ин ҳолро дида чашмонаш сиёҳ рафта сараш гаштан гирифтааст, гӯё осмон ба сари ӯ фурӯ омада, монанди санги осиё гардида танашро гандумвор орд мекарда бошад, тамоми баданаш ба ларзиш даромадааст.

Ятим аввал худро куштан хостааст, аммо боз дар дили худ фикр кардааст, ки «худкушӣ ҳар вақт мумкин аст, бояд то ҷон дар рамақ дорам, барои халосии худ ва духтар кӯшиш кунам. Агар ба ин кор комёб нашавам, дар он вақт худро хоҳам кушт».

Ятим ба ҳамин мулоҳиза дар вақте, ки ҳама ба тӯйфурорӣ ва дидани либосвориҳои арӯсу домод машғул будаанд, ӯ ба ҳавлии дарун даромада духтарро дида ӯро имо карда ба як гӯшае бурдааст.

Духтар ба ятим рӯ ба рӯ шудан замон гиря карда сар додааст ва аз таги куртааш як ханҷарро бароварда нишон дода:

– Ман фурсат меҷӯям, ки синаи худро чок карда худро кушам, – гуфтааст.

– Ман ҳам дар ҳамин фикр будам, – гуфтааст ятим, – лекин тадбире ба хотирам омад, ки бо вай худро ва туро халос мекунам…

Духтар бо шунидани ин гап дастони худро ба гардани ятим партофта нахустин бор ӯро бӯсида, гуфтааст:

– Зудтар тадбиратро гӯй, ки метарсам аз хурсандӣ шодимарг шуда роҳи халосиро нашунида монам.

– Ҳозир сабр кун, ба падару модар ва ба дигарон худро чунон нишон деҳ, ки ту ба ин тӯй, гӯё, розӣ ва хурсанд мебошӣ. Аммо ҳамеша ба гурехтан тайёр бош. Ҳар вақт ки фурсат ёфт шуд, ман пинҳонӣ омада туро гирифта мегурезам, – гуфтааст ятим ва илова намудааст: – Аммо ман дар ин тӯй, ки дар ҳақиқат мотами ману туст, дар ин ҷо истода наметавонам ва ба ҷое рафта пинҳон шуда ба пайи кор меафтам. Лекин баъд аз тӯй як бор ба падарат вохӯрда аз вай ҳақи хизмати 12-солаамро талаб мекунам. Азбаски ӯ аз занталоқӣ қасам хӯрдааст, бояд ҳақи маро диҳад. Инро ҳам аз барои ҳамин талаб мекунам, ки баъд аз гурехта рафтанамон то ягон кор ёфтан ба мо пул даркор мешавад.

Аз ҳамон дам сар карда ятим аз он деҳа ғоиб шудааст ва баъд аз ягон ҳафта гузаштан аз тӯй ятим ба деҳа омадааст, ки бой дар пеши масҷид бо имом ва калоншавандагони деҳа нишаста будааст.

Ятим ба бой нигоҳ карда:



– Амаки бой, нону намакатонро бисёр хӯрдам, хизмататонро кам кардам, акнун аз ман розӣ шавед. Агар ҳақи маро медодед, инро дар бораи худ охирин некии шумо дониста, аз шумо бисёр миннатдор мешудам, – гуфтааст.

– Чӣ ҳақ? – бой оташинона пурсидааст.

– Ҳақи хизмати 12-солаам, он ҳаққе, ки шумо дар пеши домулло бобом аз занталоқӣ қасам хӯрда будед, ки хоҳед дод.

Чашмони бой калон кушода шуда аз шасташ фуромадааст.

– Ҳақ талаб кунӣ, ҳақ медиҳам, – гуфтааст мулоимона, – Пагоҳонӣ ба нияти ба осиё бурдан аз анбор ним ҷувол гандум бароварда монда будам, ба дари анбор истодааст. Ана ҳамон гандумро гирифта бар.

– Магар ҳақи 12-сола хизмати ман ним ҷувол гандум мешавад? Шумо бо ин кор мехоҳед, ки зани ҳалоли худро ба худ ҳаром гардонед?

Бой бо шунидани ин суханони ятим дар пеши мардум аз беномусии «занталоқӣ» тарсида, саросема шуда бо назари мададталабӣ ба имом нигоҳ кардааст, ки ӯ шоҳиди қасами худаш буд.

Имом ҳам ба зудӣ ба ёрии бой расида аз ятим пурсидааст:

– Вақте ки бой туро ба дастёрии худ гирифта буданд, ба ту ҳар сол чӣ қадар ваъда карда буданд?

– Ҳеҷ ваъда накарда буданд, фақат туро домод мекунам гуфта буданд.

– Домодкунӣ ҳақ намешавад. Ҳар сол музди хизмат аз мол ё пул чӣ ваъда карда буданд?

– Ҳеҷ чиз ваъда накардаанд.

– Бисёр хуб, – гуфтааст имом, – ин тавр бошад, ҳар чизе, ки бой муносиб бинанд, ҳамон ҳақи хизмати ту мешавад. Ҳоло, ки ним ҷувол гандум додан мехоҳанд, хурсанд шуда гирифтан гир. Агар як коса гандум медоданд ҳам, ту ба зиёда талаб кардан ҳақ надоштӣ ва қасами ин кас бо ҳамон ба ҷояш меомад. Аз рӯи шариат, модом ки ба ту ҳақ доданд ва бемузд кор нафармуданд, занашон талоқ намешавад.

Ятим бо шунидани ин ҳилаҳои шаръии имом аввал оташин шуда бошад ҳам, фикре ба хотираш расида худашро ором додааст ва ба бой нигоҳ карда:

– Хуб, ҳар чизе, ки шумо муносиб бинед, ман розӣ, лекин агар ман гандумро бурдан хоҳам, бибибой надиҳанд, чӣ кор кунам?

– Агар ба гапи ту бовар накунад, ба вай гӯй аз дарвоза баромада ба ман нигоҳ кунад, ман «дода фиристон» гуфта ишорат мекунам.

Ятим давон-давон ба ҳавлии бой омада аспро зин пахш кардан гирифта, ба бибибой гуфтааст.

– Амаки бой «гандумро осиё бар, хоҳаратро ҳам ҳамроҳ бар, ки пеш аз тӯй шуда рафтанаш осиёро тамошо карда монад» – гуфтанд, ба хоҳарам гӯед, ки тайёр шуда барояд.

– Дурӯғ мегӯӣ, – гуфтааст бибибой, – духтари қадраси нав фотиҳа шудагиро ҳеҷ гоҳ ба ту ҳамроҳ карда намефиристонанд.

– Агар бовар накунед, бароед, дар таги дарвоза аз худашон пурсед, – гуфтааст ятим.

Бибибой ҷомачаро ба сараш гирифта ҳамроҳи ятим аз дарвоза баромада-

аст. Аз пеши дарвозаи бой одамони дар пеши масҷид гап зада нишастагӣ менамудаанд. Ятим бо дасташ ишорат карда бо овози баланд ба бой гуфтааст.

– Ин кас гапи маро бовар накарданд. Ба ман намедиҳанд.

Бой ҳам дасташро баланд карда ишорат намуда, бо овози баланд ба занаш:

– Майлаш, мон, гирифта барад, – гуфтааст.

Ятим тозон-тозон ба ҳавлӣ даромада, ҷуволи гандумро ба асп бор карда худ савор шудааст ва духтар, ки ҳамеша тайёр шуда нишаста мунтазири фурсат будааст, ба пушти ӯ ба асп савор шудааст.

Ятим аз дарвоза баромада аспро ба тарафи дигари деҳа, ки дар муқобили тарафи масҷид будааст, давонда рафтааст ва то хабардор шуда аз дунбол асп давондани бой, ятим бо духтар аз назарҳо ғоиб шуда рафтаанд ва ба як вилояти дурдаст рафта ҳар ду бо хурсандӣ зиндагонӣ карда ба муроду мақсадашон расидаанд.

* * *

Тӯтапошшо ин ҳикояро бо образҳои бисёр равшан ва бо тасвирҳои содаи халқӣ бағоят дилчасп нақл карда буд, бо вуҷуди хурдсолӣ ман ва дигар шунавандагон бо шунидани ин воқеа ба ҳаяҷон омада будем. Ҳайфо, ки ман таъбир ва тасвирҳои он кампирро аз ёд баровардаам ва дар ин вақт, ки аз замони шунидани ин ҳикояро шасту чанд сол гузаштааст, маҷбур шудам, ки бо забони худ нависам, лекин ба қадри имкон кӯшиш намудам, ки умуман сода шавад. Дар ҳар ҳол ман он кампири 80-солаи бесаводро дар ҳикоябандии воқеаҳо устоди аввалини худ медонам ва ӯро ҳар вақт ба некӣ ёд мекунам.

Тӯтапошшо дар ҳикоянақлкунӣ умуман бисёр ҳунарманд буд. Як бегоҳӣ, ки ҳанӯз шаб торик нашуда буд, модарам ба ман як коса ширбиринҷ дод, ки ба кампир бурда диҳам. Ошро бурда додам, кампир ба ман гуфт:

– Андак нишин, ман ошро хӯрда косаро медиҳам, гирифта мебарӣ ва модарат дар қатори дегу табақ инро ҳам шуста мемонад.

Ман нишастам. Дар ҳамон вақт писари Устохоҷа – Икромхоҷа омад ва дар паҳлуи ман нишаста аз кампир талаб кард, ки ягон ҳикоя гӯяд. Кампир гуфт:

– Ман ин шаб ба ҳикоягӯӣ ҳавсала надорам, худамро бисёр суст мебинам, аз гушнагӣ хобам набурда истода буд, ошро ки хӯрдам, мехобам.

Икромхоҷа бачаи як дараҷа дағал буд, хусусан ба кампир хеле ҳазлҳои азобдиҳанда мекард:

– Агар ҳикоя намегуфта бошед, ман шуморо ба ош хӯрдан намемонам, – гуфт ва косаи ошро аз пеши кампир гирифта гурехта дуртар рафта истод.

Кампир маҷбур шуд, ки ягон ҳикоя гӯяд ва ваъда дода ошро аз дасти Икромхоҷа гирифта хӯрд ва ба ҳикоягӯӣ сар кард.

## ҲАР КОР ЯК ВАҚТ ДОРАД

Назар ба қавли Тӯтапошшо, будааст, набудааст як муллои қашшоқ будааст. Ӯ дар як ҳуҷраи яке аз мадрасаҳо истиқомат доштааст. Ӯ як ошно доштааст, ки ҳамеша ӯро зиёфат мекардааст. Ин муллои қашшоқ ҳамеша орзу мекардааст, ки ягон чиз ёфта ҳеҷ набошад, ягон бор он ошнояшро зиёфат кунад.

Рӯзе як кабӯтари (кафтари) ёбоӣ нохост парвоз карда омада ба ҳуҷрааш даромада мондааст. Мулло бо чобукӣ аз ҷояш хеста давида рафта дари ҳуҷраро бастааст ва кабӯтари дар даруни ҳуҷра мондаро дошта, вайро кушта ва пар канда дарунашро тоза кардааст. Баъд аз он ба ҳамсояҳуҷрааш рафта, воқеаро ба ӯ ҳикоя кардааст ва аз вай як чумча равған талабидааст, ки он кабӯтарро бирён карда ошнояшро зиёфат кунад.

Ҳамсояаш равған додааст. Мулло кабӯтарро дар он равған бирён карда, дегро пӯшонда монда, ба овардани ошнояш рафтааст.

Вақте ки мулло аз ҳуҷра баромада рафтааст, ҳамсояаш як кабӯтари зиндаро дошта оварда кабоби тайёрро аз деги мулло кашида гирифта ва кабӯтари зиндаро ба ҷои вай андохта, боз монанди аввала пӯшонда мондааст.

Мулло баъд аз фурсате меҳмони худро оварда ба пешгоҳи ҳуҷрааш шинондааст, дастонашро шуста, остинҳояшро то оринҷ барзадааст, табақро шуста дар пеши оташдон бар рӯи сандалича ниҳодааст ва кафгирро ба дасти росташ гирифта бо дасти чапаш ҳамин ки сарпӯши дегро бардоштааст, кабӯтар аз даруни дег парида баромада парвозкунон ва муаллақзанон аз даруни ҳуҷра берун шуда ба ҳаво рафтааст. Мулло бо дидани ин ҳодисаи ногаҳонӣ, ки ҳамаи орзуҳои ӯро барбод дода буд, қариб аз ҳуш рафтааст: кафгир аз дасташ ба замин афтодаасту ду дасташ ба ҳаво баланд шудааст ва ӯ ба осмон нигоҳ карда гуфтааст:

– «Худоё, худовандо, зинда гардонидани баъд аз миронидан ҳақ аст ва рост аст, лекин ҷой дорад-дия. На ин ки ту бо зинда кардани кабӯтари кушта ва бирён кардашуда маро дар пеши меҳмон шарманда ва аз таоми болаззат маҳрум кунӣ».

Кампир баъд аз тамом кардани ҳикояи худ ба Икромхоҷа гуфт:

– Писарам, мисли гуфтаи ҳамон мулло ҳикоягӯӣ ҳам вақт дорад-дия, на ин ки ту дар вақти бемориам маро ҳикоя гӯёнда азоб диҳӣ.

---

Ҳикояҳои аз Тӯтапошшо шунидаам бисёранд; мумкин аст, ки баъзе аз онҳоро дар рафти таҳрири ёддоштҳои худ, дар мавридҳои муносиб нақл намоям. Дар ин ҷо ҳаминро қайд карданам даркор аст, ки кампири 80-солаи умрашро дар сахтӣ гузаронида бо гуфтани як-ду ҳикоя ё шуг – афсона монда мешуд, лекин бачагон ӯро танг мекарданд, ки боз гӯяд. Хусусан Икромхоҷа барои бисёртар ҳикоя гӯёндан ӯро азоб медод. Баъзан болишҳои зери сар ва зери пои ӯро гирифта мегурехт, ки дар он вақт кампир ба дарди миёни сахт гирифтор мешуд.

Дар ин гуна мавридҳо кампир барои халос кардани худ аз дасти он бачагони шум ҳикояҳои деву аҷинаро сар мекард, ки бо шунидани он гуна ҳикояҳо бачагон тарсида аз пеши ӯ мегурехтанд ва ӯ ҳам бо осудагӣ ба осмон нигоҳ карда дуқат чаппа, яъне сар ва поҳояшро бар рӯи болишҳо баланд карда мехобид.

Хусусан ҳикояи «Деви ҳафтсар»-и ӯ бисёр воҳимаангез буд, ҳарчанд он деви баттоли бадкирдори бачадуздак дар охир дар «Кӯҳи Қоф» дар дасти Рустами Достон кушта мешуд, аммо аввалҳои ҳикоя бисёр тарсовар буд. Аз бачагон танҳо ман будам, ки ҳикояи «Деви ҳафтсар»-ро то охираш шунидаам (ман дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ Гитлер ва фашистони немисро ба ҳамин деви ҳафтсар монанд намуда, онҳоро дар дасти Рустами Достони замонӣ – Армияи Сурх ку-

шонда будам, ки он дар вақташ дар газетаҳои «Тоҷикистони Сурх», дар «Коммунисти Тоҷикистон», ҳам дар газетаи «Ленин Йўлӣ» нашр шуда буд).

Аз калонҳо зани Иброҳимхоҷа, ки Султонпошшо ном дошт, ба шунидани ҳикояҳои деву парӣ бисёр шавқманд буд, хонаи ӯ бо хонаи Тӯтапошшо девор ба девор ва суффааш ба суффаи вай пайваста буд. Дар шабҳои тобистон ҳар дуи инҳо дар суффаҳои худ мехобиданд. Султонпошшо ба шунидани ҳикояҳои одӣ майл надошт, ҳар вақт дид, ки Тӯтапошшо ҳикояи деву аҷинаро сар мекунад, ӯ аз ҷояш хеста омада ба пеши кампир менишаст ва ӯро ба гуфтани ҳикояҳои дев ташвиқ мекард.

Султонпошшо ҳикояҳои ба деву аҷина оидро, ки аз Тӯтапошшо мешунид, ба онҳо аз худ чанд чизи дигар баста ба бачагон ва ба занон нақл мекард.

Назар ба қавли Султонпошшо, вай ҳар гуна деву париҳоро ва аз ин ҷумла деви ҳафтсарро дидааст. Ӯ мегуфт, ки дар пушти меҳмонхонаи амакбобо (ӯ падаршӯяшро, яъне Абдуллохоҷаи 90-соларо амакбобо мегуфт) деви ҳафтсар ҳаст, аввал вай ба сурати гурба менамояд, баъд аз он ба сурати саг, гург, хар ва монанди инҳо медарояд, дар охир ба шакли одами сиёҳи баднамо бадал гардида, дар худ ҳафт сар пайдо мекунад ва ба осмон нигоҳ карда дароз шуда рафтан мегирад, ба ҳаде ки рафта-рафта сараш ба осмон мерасад. Агар ҳамон вақт ба назараш ягон одам – хусусан бача намояд, ба дасташ гирифта ба осмон расонда молиш дода-молиш дода, ба офтоб бирён намуда майда-майда карда мехӯрад. Ман аз вай пурсидам:

– Шумо, ки вайро дидед, магар ӯ шуморо надидааст, ки гирифта нахӯрдааст?

Ӯ гуфт:

– Амакмуллот (шавҳарашро мегӯяд, ки Иброҳимхоҷа ном дошта, чунонки дар боло қайд шуд, дуохони нобарор буд) ба ман «исми аъзам»-ро ёд додаанд. Ҳар вақт ман деви ҳафтсарро дидам, «исми аъзам»-ро мехонам ва ӯ ба ман зарар расонида наметавонад.

Боз илова мекард:

– Ҳикояҳои дев ва аҷинаро дар ягон ҷой нақл накунӣ, ки даррав ба ту зарар мерасад. Ман ва Тӯтапошшо, ки аз деву аҷина наметарсем, мо «исми аъзам»-ро медонем, вай ба мо зарар намерасонад.

Ман аз ҳамон вақт сар карда бисёр тарсончак шудам, шаб ки торик шуд, ҳар чизе, ки ба назарам намояд, «дев» ё «аҷина» гумон карда дар ларза меафтодам, азбаски Султонпошшо маро аз нақл кардани ҳикояҳои деву аҷина тарсонда буд, ба пеши падару модари худ ҳам аз он воқеаҳо лаб намекушодам[13].

## «ДЕВ» ВА «АЖДАҲО»

Умуман дар Соктаре, ки деҳаи «девбандон» ва дуохонон буд, афсонаҳои дев, ҷин ва аждаҳо бисёр буд. Дар шимоли ғарбии ҳавлии мо мазоре буд, ки аз ҳавлии мо то он ҷо тахминан чорсад метр роҳ буд. Мазор иборат аз як тал буд, ки боло ва атрофаш аз қабр пур буд. Дар гӯшаи шимоли ғарбии ин тал як ғор буд. Афсонапарастон мегуфтанд, ки дар ҳамон ғор аждаҳо ҳаст ва ҳар шаб баъд аз хобидани тамоми мардум вай аз ғор мебарояд, ба лаби Зарафшон меравад,



ба дарё даромада лаби зеринашро дар зери об ва лаби болояшро бар рӯи об медорад, бо ҳамин оби Зарафшон баста шуда, ҳамааш дар даруни вай меравад. Ҳар вақт, ки вай аз об сер шуд, ба хонааш бармегардад. Агар дар рафтуомади аждаҳо касе ба вай воҳӯрад, он касро зинда ба зинда фурӯ мебарад. Аждаҳо танҳо аз шамол метарсад ва ҳар вақт, ки шамол хест, ӯ ба нолиш медарояд.

Ман ин гапҳоро бовар мекардам ва ҳар вақт, ки шамол хест, ба тарафи мазор гӯш медодам. Дар ҳақиқат дар вақтҳои шамоли баланд аз он ғор овози ғурриш мебаромад.

Дар ҷониби ғарбии ин мазор як пуштачаи паст буд, ки вайро Ғарибмазор мегуфтанд. Дар вай мурдаи касони мусофиреро, ки онҷоӣ- соктарегӣ набошанд, мегӯрониданд. Ғарибмазор пур аз ҷангали хордор буд, ки дар миёни он ҷангал касе даромада наметавонист. Шабҳо аз он ҷо ҳам овози нола ва ғурриш мебаромад. Афсонапарастон он нӯлаҳоро овози аҷина медонистанд. Ман аз вай ҷангал ҳам метарсидам.

***

Як вақт модарам барои дида омадани падару модараш аз Соктаре ба Маҳаллаи Боло рафт ва акаам ӯро гирифта бурд. Ман бо падарам дар ҳавлии Соктаре танҳо монда будем. Дар рӯидарича дар зери ниҳолҳои зардолу падарам гандум кишта буд, ки вайро дарав карда гирифта буд. Дар он вақтҳо деҳқонони бодиққат ҷои гандум ва ҷавро дар як рӯзи шамол об медоданд, ки хасҳояш ба як тараф ғун шуда замин тоза шавад.

Дар яке аз ҳамон шабҳои танҳоӣ, ки шамол аз сари шом сар шуда буд, падарам ба замини гандумпоя об сар дод. Аммо пеш аз пур шудани замин аз об шамол хобид. Падарам маро дар рӯи суффа танҳо монда бар рӯи дарича баромад, ки бо шох оби гандумпояро лат дода, хасҳоро ба як тараф ғун кунад.

Вақте ки падарам дур шуд ва шаб ҳам торик шудан гирифт, ба ёди ман «деви ҳафтсар»-и Султонпошшо омада, дар поёни суффа як гурба ба назарам намуд, фурсате нагузашта сагу харҳои бисёре пайдо шуданд. Дар миёни харҳо якчанд курраҳои хушрӯ ҳам буданд, ки ман борҳо ба он гуна курра соҳиб шуда савор шуданро орзу мекардам. Дар вақте, ки ман ба тамошои курра ғарқ шуда будам, он ҳайвонҳо дар як ҷо ғун шуда ба шакли одами сиёҳи ҳафтсардор даромаданд ва он одам ба тарафи осмон баланд шуда рафтан гирифт. Ман якбора «вой мурдам» гӯён фарёди сахте кашидам.

– Чӣ шуд, чӣ шуд? – гӯён овози падарам баромад ва бо шунидани овози вай он одами сиёҳи ҳафтсардор якбора аз назар ғоиб гардид.

Падарам расида омада аҳвол пурсид, ба ӯ ҳикоя кардам ва деви ҳафтсар будани он одами сиёҳро бо сухани Султонпошшо таъкид намудам.

Падарам хандид ва гуфт:

– Шайх Саъдӣ ном як одами калони донишманд гузаштаанд ва он кас гуфтаанд, ки «Дев бо одам наёмезад, матарс, – Бал битарс аз одамони девсор». Бинобар ин дев ба одам зарар расонда наметавонад ва аз ҳама чиз одам зӯр аст. Агар ҳар вақт ба назарат чизе намояд, натарс ва ҳамин сухани Шайх Саъдиро ба ёдат ор, ки он кас ҳеҷ гоҳ дурӯғ намегуфтанд.

Ман пурсидам:

– «Одамони девсор» киҳоянд, ки аз онҳо тарсидан даркор будааст?

– Одамони девсор дар ҳама ҷо ҳастанд, аммо дар деҳаи мо бисёранд, онҳое, ки духониро ба худ касб карда гирифтаанд ва худро «девбанд» гуфта мардумро фиреб медиҳанд, одамони девсор мебошанд. Инҳо аввал одамонро аз дев метарсонанд ва баъд аз он «девро мебандем» гуфта аз онҳо пул мегиранд.

Падарам ба андеша фурӯ рафта қадаре хомӯш монд ва баъд аз он илова кард:

– Ин амакбачаи ман – Иброҳимхоҷа ҳам одами девсор шудааст. Лекин ин девсори аҳмақ аст, агар дигар девсорон аз дунболи девбандӣ ва духонӣ бой шаванд, ин аҳмақ лоақал шиками худашро ҳам сер карда наметавонад. Бо вуҷуди ин аз пайи ин касб намемонад. Худаш бас набуд, ки занаш ҳам барои ёрӣ додан ба касби шавҳараш девсор шудааст. Ту минбаъд ба пеши Султонпошшо нарав ва ба ҳикояҳои ӯ гӯш наандоз ва агар дар хусуси деву парӣ гап занад, гапи ӯро бовар накун.

Ман бо ин суханони падарам хеле шердил шудам, бо вуҷуди ин воқеаи ғор, аждаҳо ва аҷинахона будани ҷангали Ғарибмазор дар дилам шубҳа меандохт, чунки ғурриши ғор ва нӯлаи аз ҷангал барояндаро худам бо гӯши худ шунида будам. Бинобар ин чӣ будани он ҳодисаро аз падар пурсидам.

Падарам гуфт:

– Он овозе, ки аз ҷангали Ғарибмазор шунидӣ, нӯлаи шағолон аст. Ҷангали Ғарибмазор шағолхона аст, имсол шағоле, ки ду мурғи моро бурд, аз шағолҳои ҳамон ҷо буд. Аммо чӣ будани садоеро, ки аз ғор шунидӣ, ман фардо ба ту нишон медиҳам.

Фардои он шаб падарам маро ба нишон додани ғори «аждаҳохона» бурдан хост. Лекин пеш аз рафтанамон ба пеши ман як кӯзаи холиро овард ва гуфт:

– Даҳонатро ба даҳони кӯза наздик карда як пуфи дароз кун!

Ман пуф кардам, аз даруни кӯза як овози ғуввоси баланд баромад.

– Ана, ҳамин садоро аз ёдат набарор, ки дар вақти дидани ғор ба ту кор меояд, – гуфт ва маро ҳамроҳ гирифта ба мазор – ба пеши ғор бурд.

Ман то он вақт аз тарси «аждаҳо» ба наздикии он ғор нарафта будам. Он рӯз дидам, ки дар гӯшаи шимоли ғарбии тал тахминан 5 метр болотар аз замин ба шакли айвон як камари айвонмонанд кофта будаанд ва барои фурӯ нарафтани он айвон хокӣ аз хишти пухта як сутун сохта сари вайро ба сақфи он айвон расонда мондаанд. Дар зери он айвон, дар пеши девораш,ки шиками тал ҳисоб меёфт, як ғор будааст, ё кофта будаанд, ки он ғор дар шакли тал нишебона чуқур шуда мерафт.

Падарам баъд аз нишон додани онҳо ба ман гуфт:

– Ҳар вақт ки боди сахт мехезад, омада ба ин айвон мезанад, азбаски роҳи дигар надорад, бо зӯрии худ ба даруни ғор медарояд, азбаски ғор ҳам пешбастааст, бод дар он ҷо ҳам роҳ наёфта бо ҳамон зӯри бозгашта мебарояд ва он ғуррише, ки дар рӯзи шамол аз ин ғор мебарояд, садои даромад-баромади бод аст ба ҳамин ғор.

Падарам баъд аз ба хотири ман овардани ба даҳони кӯза пуф карданам, илова кард:



– Дидӣ, ки ба як пуфи ту кӯза чӣ қадар ғуввос зад. Қувваи шамол чандин ҳазор бор зиёдтар аз пуфи туст, калонӣ ва чуқурии ғор ҳам аз кӯзаи мо аз ҳад афзун зиёда аст. Бинобар ин бо вазидани бод аз ин ғор садои тарсоваре мебарояд. Вагарна дар ин ҷо на аждаҳо ҳаст ва на овози вай.

Падарам ба будани дев ва аҷина боварӣ дошт ва фарқи ӯ аз дигарон дар ҳамин буд, ки вай «деву аҷина ба одам зарар расонда наметавонад» мегуфт ва дар ин ақидаи худ далели ӯ байти мазкури Саъдии Шерозӣ буд.

Дар ҳамон вақт аз тарси деву ҷин маро бароварда тавонистанаш ба ман бисёр фоидаи калон дод. Баъд аз он воқеа ман на аз танҳоӣ метарсидам ва на аз шаби торик. Ҳатто баъд аз калонсолтар шуданам, бо бачагоне, ки аз ҷангали Ғарибмазор «аҷинахона» гуфта метарсиданд, гарав баста шабона ба пеши он ҷангал рафта корд зада омадам (ман ин ёддошти худро бо чанд ёддошти дигарам, ки ба ҳамин мавзӯъ оид буд, дар «Аҳмади девбанд» ном очерки худ тасвир кардаам).

Дар тирамоҳи он сол падарам бо Устохоҷа маслиҳат карда, дар байни худ қарор доданд, ки писарони калони худро барои хондан ба Бухоро фиристонанд. Бурда ба Бухоро мондан ва ҷои истиқомат ёфта доданро падарам ба гардан гирифт.

Дар аввалҳои моҳи сентябр, ки пеш аз сар шудани соли таҳсили мадрасаҳои Бухоро мешавад, падарам писари калони Устохоҷа – Сайид Акбархоҷаро бо акаам, ки Муҳиддин ном дошт, ба Бухоро бурда монда омад. Назар ба қавли падарам, ба инҳо роҳбарӣ карданро тағоиям, ки Мулло Деҳқон ном дошт, ба гардан гирифтааст.

Баъд аз ин воқеа ман дар оила яккаписар ва дастёри ягона шуда мондам. (Ҳарчанд Сироҷиддин ном як додарам бошад ҳам, ҳанӯз вай дар қатори фарзандон надаромада буд.) Ман ҳамеша кӯшиш менамудам, ки ба қадри қуввам худ ба падар ва модар ёрмандӣ намуда, набудани акаамро ба онҳо ҳис накунонам.

Баъд аз хазонрезӣ ҳуҷуми шағолҳои Ғарибмазор ба мурғони деҳа қувват гирифт. Қурбони аввалини ҳуҷуми шағолон мурғони мо ва мурғони ҳамсоягони дигарамон мешуданд, ки ҳавлиҳоямон ба тарафи шимоли деҳа буда, ба шағолхона бо киштзорҳо мепайвастанд. Бинобар ин он сол падарам аз деҳаи Маҳаллаи Боло аз тағоии чӯпонам як саги зотии чӯпонии шашмоҳа овард, ки Хайбар ном дошт.

## ХАЙБАР

Хайбар саги бисёр ҳушёр буда, дар андак вақт ҳамаи гуфтаҳои моро фаҳманда ва вазифаи асосии худро донанда шуда монд. Ӯ фаҳмида гирифт, ки хавфи асосӣ дар ин хонадон барои мурғон ва он ҳам аз тарафи шағолон аст. Бинобар ин вай ҳамеша дарахтонеро, ки дар онҳо мурғон мехобиданд, дидбонӣ мекард ва гоҳ-гоҳ ба тарафи рӯидарича рафта, то роҳи омади шағолон гашт карда, тафтиш намуда меомад.

Айёми баҳорон буд, зардолуҳо ба шукуфтан сар карда буданд. Саг ҳам қариб яксола шуда буд. Як саҳар баъд аз рӯз сафед шудан падарам барои намози бом-

дод ба масҷид рафт. Ман бедор будам. Ногаҳон овози «қоқ» гуфтани мурғонро шунидам, дар паси ин овоз садои аз болои бом ба замин афтодани як чизи вазнин ҳам шунида шуд.

Ман дарҳол аз ҷо хеста, ҷомаамро пӯшида аз хона баромадам ва Хайбарро садо кардам. Ҷавоб надод ва ӯ дар он ҷо набуд. Ба зери дарахтон рафта мурғонро аз назар гузаронидам. Як мурғ набуд. Маълум шуд, ки як мурғро шағол бурдааст.

Ман ба рӯидарича рафта, аз он ҷо ба тарафи ёбон баромадам. Акнун рӯз тамоман сафед шуда буд ва ҳар чиз ба назари кас аз дур ҳам бошад, равшан менамуд. Ман тахминан дусад метр дуртар аз худ Хайбарро дидам, ки рӯ ба тарафи ҳавлӣ истодааст ва ӯ ҳам маро дида овози махсусе бароварда гӯё маро ба пеши худ ҷеғ мезад. Дар ҷавоб ман ҳам ӯро ном гирифта ба пеши худ ҷеғ задам.

Вай як чизро аз замин ба даҳони худ бардошта пештар омадан гирифт. Баъд аз тай кардани нимаи роҳ он чизро ба замин гузошт ва пас гашта дунболи худро бодиққат аз назар гузаронид, баъд аз он ба тарафи ман тирвор давон омад ва ба ман расида аз доманам газида маро пеш кашид ва бо овози махсусе садо бароварда, маро сар дода, худ боз ба ҳамон чобукӣ ба пеши он чизе, ки дар замин гузошта буд, рафта истод.

Ман пай бурдам, ки саг мурғро аз чанголи шағол раҳонидааст, аммо худ бардошта оварданро барои ҳаёти вай хавфнок мепиндорад ва бинобар ин маро таклиф мекунад, ки худ рафта мурғро гирифта оварам.

Ман ба пеши саг рафтам, дар ҳақиқат мурғ дар замин мехобид ва зинда буд. Вайро бардоштам, дар тахтапушташ, дар шикамаш ва дар бозуяш андак-андак захми дандон ва чанголи шағол менамуд.

Ман мурғро ба хона гирифта овардам, пеш-пеши ман Хайбар бозикунон ва шодикунон медавид. Вақте ки ба пеши модарам расидем, Хайбар ба замин ғел зада, гӯё ҳам ба гуноҳи худ, ки ба сабаби мусоҳилакории вай мурғро шағол бурда буд, узр мегуфт, ҳам барои мурғро халос карда тавонистанаш изҳори шодмонӣ мекард.

Хайбар одатан ҳар шаб то аз хона баромадани падарам намехобид, вақте ки рӯз сафед шуд ва падарам ба таҳорат баромад, вай хотирҷамъ шуда ба боми дуконхонаи падарам мебаромад, ки дар он ҷо хасбеда зер карда буданд ва ӯ дар он ҷо дар байни он хасҳо даромада мехобид.

Шағол, ки ҳамеша дар пайи мурғ буда, фақат аз тарси Хайбар пеш омада наметавонист, ин одати сагро омӯхта гирифтааст ва баъд аз хобидани саг рӯз сафед шуда бошад ҳам, ба омада гирифтани мурғ ҷуръат кардааст. Баъд аз он ки Хайбар ин гуна хиёнатгарона ҳуҷум овардани шағолро даниста гирифт, дигар бо сафед шудани рӯз баромада нахобид ва то бедор шуда баромадани ҳамаи аҳли хона ва фуромадани мурғон аз дарахт вазифаи посбонии худро давом дод.

Хайбар бағоят бо ору номус буд: рӯзе ба айвони ошхона омада табақеро, ки дар он ҷо будааст, бӯидааст. Модарам инро дида бо тароша ӯро задааст. Баъд аз ин ҳодиса вай хӯрокашро нахӯрдааст. Рӯзона тамоман дар даруни хасбеда мехобид ва шабона аз бом фуромада мурғонро посбонӣ мекард.

Модарам ба падарам хабар дод, ки:

– Хайбар бемор шудааст, ду рӯз аст, ки хӯрок намехӯрад.



Ин хабар маро бисёр парешон кард, чунки ман ба вай зиёда омӯхта шуда будам, хусусан баъд аз воқеаи мурғу шағол боз ҳам зиёдтар ӯро дӯст дошта будам, бинобар ин бо шунидани ин хабар як порча нон гиифта ба пешаш рафтам, то ки аз вай ҳолпурсӣ кунам. Ӯ дар бом буд, ҷеғ задам, фуромад. Нонро пешаш партофтам, хӯрд. Нон хӯрданашро ба падару модарам хабар додам. Падар ба модарам фармуд, ки ӯ ҳам ба Хайбар нон диҳад. Оварда дод. Аммо саг ба нони вай нигоҳе ҳам накард. Ман дубора нон додам, дубора ҳам хӯрд.

Падарам ин ҳолро дида ба модарам гуфт, ки:

– Хайбар аз ту ранҷидааст, сабабаш чӣ бошад?

Модарам воқеаи заданашро ҳикоя кард. Падарам гуфт:

– Дар ин сурат саг ҳақ дорад, ки аз ту ранҷад, чунки ин саги чӯпонист, чӯпонон ба сари дегу табақ омадани сагро манъ намекунанд. Бинобар ин вай беибо ба сари дег омада табақро бӯидааст. Дар он вақт туро лозим буд, ки ба ӯ нодуруст будани ин корашро бо забони хуш ва ишорати нарм мефаҳмондӣ. Модом ки нодуруст будани ин ҳаракаташро нафаҳмонда задӣ, албатта меранҷад.

Саг дар ҳақиқат сахт ранҷида буд, то чанд рӯзи дигар аз дасти модарам чиз нахӯрд. (Ман характери ин сагро бо номаш дар романи «Ғуломон» акс кунонидаам.)[14]

* * *

Дар вақте, ки мо ба Соктаре омадем, падарам ба модарам таъин карда буд, ки ҳар чизе, ки пазад, ба амакаш – Абдуллохоҷа аз вай як коса диҳад ва ба ман таъин кард, ки ҳар вақт таоми ӯро ман бароварда диҳам ва ҳамеша аз офтобааш хабардор бошам, агар холӣ бошад, – об пур карда бурда монам.

Ба ин сабаб ман ҳар рӯз чандин бор ба пеши вай, ки ӯро амакбобо мегуфтем, мерафтам. Ӯ қади баланд, бадани лоғар, чеҳраи гандумгун, риши миёнаи на он қадар сафед (бо вуҷуди ин ки худ 90-сола буд) ва абрӯҳои баланди дарозмӯ дошт. Мӯҳои абрӯвонаш чунон дароз буданд, ки чашмонашро пӯшонда меистоданд. Агар ӯ ба ҷое ё ба касе нигаристан хоҳад, маҷбур буд, ки бо пушти сарангушташ мӯҳои абрӯвонашро аз болои чашмаш бардорад.

Аммо ӯ ба касе нигоҳ намекард ва ҳарфе намезад, ҳамеша дар гӯшаи меҳмонхона хомӯшона менишаст. Аммо ӯ нисбат ба синнаш боқувват буд, рӯзе якду бор ба рӯи ҳавлӣ мебаромад, таҳорат мекард, ҳаво мехӯрд ва боз ба гӯшаи хомӯшиаш медаромад.

Мегуфтанд, ки ӯ дар умри худ бемор нашудааст ва дар вақти вафоташ ҳам бемор нашуд. Як бегоҳӣ ман ош бароварда ба пешаш гузоштам. Пагоҳонии ҳамон шаб ширу нон баровардам. Ӯ ёзида хобида буд; косаи оши холишуда ҳам дар пешаш буд. Ман ширу нонро дар пеши ӯ нагузошта гардонда бурдам, ки гурба нахӯрад ва ба падарам хобида буданашро хабар додам.

– Ӯ дар ин вақт намехобид, ҳар саҳар ду соат пеш аз баромадани офтоб мехест. Хабар гирифтанам даркор аст, – гуфт падарам ва хеста пеши ӯ рафт, ман ҳам ҳамроҳ рафтам.

Падарам пеш аз ба меҳмонхона даромадан офтобаи обро дид, ки дар дами дар истода буд.

– Офтоба холӣ аст! Маълум мешавад, ки саҳар хестааст, – гуфт падарам ва ба пеши ӯ рафта нишаста аввал дасташро, баъд аз он дилашро дид.

– Мурдааст, ҳозир мурдааст ва баданаш гарм аст, – гуфт.

Падарам маро фармуд, ки Усто амакро ҷеғ зада биёрам. Рафта ӯро гирифта овардам. Ҳар дуяшон мурдаро тахт карда монданд. Асбоби кафанашро ҳам ҳар ду ба тариқи шарикӣ тайёр карданд. Писараш дар ин ҷо набуд ва дар куҷо буданаш ҳам маълум набуд, ки ӯро хабар диҳанд.

Мардуми деҳаро хабар доданд ва ҳамон рӯз баъд аз пешин мурдаро бардоштанд ва ба ҳавлии масҷид бурда ҷаноза хонданд. Баъд аз ҷаноза хондан мардум газвори гирди тобути ӯро талош карда порча-порча дарронда гирифтанд.

Ман аз падарам пурсидам:

– Чаро гирди тобутро мардум дарронда гирифтанд?

Падарам гуфт:

– Гирди тобути ӯро табаррук гуфта мегиранд, аҳмақҳо! Ва ҳол он ки ҳамин одамҳо дар зиндагии ӯ ягон бор аҳволи ӯро напурсиданд. Баъд аз мурданаш гирди тобуташ, ки ман аз хонаи худ баровардаам, барои инҳо табаррук шуд.

## УСТО АМАК

Зимистон бинокориҳои мардум хобида буд, Усто амак, яъне Устохоҷа дар ҳавлии беруни худ, дар зери айвончае дарсозӣ мекард; дарҳое, ки вай месохт, аз чӯби гуҷум буд. Ӯ тахтаи чӯби гуҷумро чунон сайқал мезад, ки акси ҳар чиз ба тарзи хира бошад ҳам, аз вай намуда меистод. Дар он тахтаҳои сахт, ки онҳоро «тахтаҳои оҳанин» номидан мумкин аст, бо қаламҳои пӯлодини гуногуни худ кандакорӣ мекард. Нақшҳои кандакории вай чунон нозук ва хушнамо буданд, ки гӯё наққошони забардаст бо қалами мӯин дар коғаз он нақшҳоро кашида бошанд.

Ӯ одами пешонакушода, хушзабон, хушмуомила ва як дараҷа ширинкор ҳам буд. Асло калонгириро намедонист, аз калону хурд забони хуши худро дареғ намедошт. Худро бо ҳама баробар мегирифт. Ба ман ҳам, ки як бачаи хурдсол будам, бо назари ҷиддӣ нигоҳ мекард ва ҳар чизе, ки дар бораи кораш мепурсидам, бо тафсил ҷавоб медод ва кӯшиш мекард, ки нозукиҳои санъати худро ба ман фаҳмонад. Кораш, ки ба назари ман хеле дилгиркунанда менамуд, ӯро ҳеҷ дилгир намекард, аз сафед шудани рӯз то торикии бегоҳӣ аз болои кори худ намеҷунбид.

Рӯзе ман аз вай пурсидам:

– Амак! Шумо ин қадар ҳунарро ба кӣ шогирд шуда омӯхтед?

Ӯ ҷавоб дод:

– Хешовандони мо ҳама дурудгариро медонанд. Намебинӣ, ки падарат усто, амакат усто, амакбобоят ҳам усто буданд. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо ба касе шогирд нашудаанд ва аз якдигар дида омӯхтаанд, баъд аз он мувофиқи қобилият ва ғайрати худ баъзеҳошон бисёр ҳунарманд ва баъзеашон камҳунартар шуда мондаанд. Ман ҳам тешазаниро ба кори падару бобо нигоҳ карда омӯхтам. Баъд аз он ақли худро кор фармуда ҳунари худро пеш бурдам. Дар кандакорӣ ман



аввалин намунаҳоро аз сангҳои мазори худамон гирифтам ва баъд аз он бо ақли худ нақшҳои шинами хушнамо ёфтам.

Усто амак як нақшро, ки дар коғазе кашида шуда буд, ба ман нишон дода гуфт:

– Ин нақшро дувоздаҳгиреҳ меноманд ва коғази дигареро ба ман нишон дода давом намуд: – ин ҳам ҳамон дувоздаҳгиреҳ аст, фарқ дар ин ҷост, ки дар ин коғаз дар байни гиреҳҳои дувоздаҳгона ситораҳо ва бодомчаҳо нақш ёфтаанд. Мебинӣ, ки ин дувоздаҳгиреҳ назар ба он дувоздаҳгиреҳи қадимӣ чӣ қадар хушнамо ва назаррабо шудааст. Ана ҳамин майдакориро ба дувоздаҳгиреҳи қадимӣ ман аз ақли худ бароварда ҳамроҳ кардам.

Усто амак коғазҳоро, ки онҳоро худ андоза меномид, ба ҷузъгири чармини худ гузошт ва боз сухани худро давом дод:

– Агар шогирд танҳо ба омӯхтани ҳунари устои худ қаноат мекард, дар дунё ҳеҷ ҳунар пеш намерафт, ривоҷдиҳандаи ҳунарҳо он шогирдон мебошанд, ки аз ақли худ чизҳо ёфта ба ҳунари устои худ зам мекунанд, – гуфт ва баъд аз он: – исто-исто, ман ба ту як чизи ғалатӣ сохта диҳам гӯён аз ҷояш хеста ба ҳавлии дарунаш даромад ва аз он ҷо як най гирифта баровард, ки ним метр дарозӣ дошт ва сӯрохии дарунаш ҳам тахминан ним сантиметр меомад.

Усто амак чӯбсари лӯлашакли худро гирифта даруни он найро соида суфта кард, баъд аз он дар як нӯги най аз шикамаш як чоки дарозрӯя зад, ки баробари ними рӯи нохуни ангушти дасти одамӣ меомад. Баъд аз он як порча меширо тунук тарошид, аз вай ба андозае бурида гирифт, ки чоки найро пӯшонда метавонист, дар як нӯги он чарм як ришта ресмонро бо сӯзан дӯхта банд кард. Аз тарафи болои чоки най бо бигиз як сӯрохча кушод. Баъд аз он риштаи ба чарм банд кардашударо аз даруни най ба сӯрохча рост карда ва аз берун бо як симчаи нӯгкаҷ он риштаро берун кашида гирифт. Бо сахт кашидани ришта чарм омада аз дарун ба болои чок банд шуд, ба тарзе, ки нӯги чарми овезон шудаистода аз тарафи дарун даҳони чокро тамоман банд мекард. Баъд аз он як чӯбчаро пробкавор тарошида ба он тарафи сӯрохи най, ки аз он ҷо шиками най чок карда шуда буд, зада банд кард. Пас аз он як химчаи хушки дарахти тутро ёфта оварда дар як сари вай як парраи чорчилликшакл баровард, аз пеши парра то нӯги химча тарошида бориктар кард, аз мешии тунуккардашуда як порчаи пулакчамонандро ба андозае, ки сӯрохи даруни найро тамом гирифта тавонад, бурида гирифт, аз миёнаҷои он пулакча сӯрох карда аз вай тарафи борики химчаро гузаронида пулакчаро бурда ба парра расонда банд кард.

Аз тарафи дигари най, наздик ба даҳонаш, аз шикамаш як сӯрох кушода дар вай як нойчаи бофандагиро банд кард.

Баъди вай дар сатил қадаре об рехт, химчаро, ки даста меномид, аз тарафи паррадораш дар даруни най даровард, тарафи чокдори найро дар даруни оби сатил фурӯ дода, тарафи дигарашро рост нигоҳ дошт.

Вақте ки дастаро боло-поин ҳаракат дод, об аз сатил ба даруни най даромада ва аз он ҷо боло рафта аз нойча берун рехтан гирифт.

Ман аз дидани ин ҳол дар ҳайрат афтода, чӣ навъ ба даруни най даромада ба чӣ сабаб боло рафтани обро аз Усто амак пурсидам.

Ӯ эзоҳ дод:

– Дастаро ки боло мекашем, пулакчаи бар рӯи парраи даста банд кардашуда ҳавои даруни найро боло мебардорад. Вақте ки поини най аз ҳаво холӣ шуд, об аз чок зӯр карда даромада чарми рӯи чокро бо зӯрии худ бардошта, ҷои аз ҳаво холишудаи найро аз худ пур мекунад. Вақте ки мо дастаро поин фурӯ медиҳем, бо зӯрии оби пасгашта чарми болои чок рӯи чокро баста роҳ намедиҳад, ки об боз гашта ба сатил бароядб дар вақти фурӯ додани даста бо зӯрии об пулакчаи рӯи парра бардошта шуда, об аз он ҷо гузашта ба тарафи болои най мебарояд ва ҳамин тариқа шуда бо 2–3 бор боло-поин ҳаракат додан даруни най аз об пур шуда аз нойча берун рехтан мегирад.

Усто амак дар охири эзоҳи худ он асбобро ба ман дода:

– Ин барои ту бозичаи хуб, инро «обкашаки навбаромад» ном монӣ, мешавад, – гуфт.

Ман аз ин ҳунари ӯ ба ҳаяҷон омада аз вай пурсидам:

– Ин бозичаро шумо аз ақли худ баровардед?

– Не, – гуфт ӯ, – калонтари ин обкашакро бобои ман, ки Сайид Аҳмадхоҷа ном дошта, бобокалони ту, яъне бобои падарат мебошанд, сохта буданд. Он кас як чӯби ғафси дарози сафедори самарқандиро (сафедореро, ки дар Самарқанд шамшод меноманд) рост арра карда, ҳар кадоми онҳоро ба шакли нова кофта боз дуяшро бо ҳам бо елим ҷафс карда, ба тарзе, ки дар ин най дидӣ, сохта буданд ва дар рӯи он ду-се ҳалқаи оҳанин ҳам гузаронида буданд, ки бо зӯрии об накафад. Бобокалонат баъд аз сохтани он асбоб, дар як рӯзи ҷумъа, ки мардуми атроф барои намози ҷумъа дар пеши ҳавзи масҷиди мо ғун шуда буданд, ба воситаи он асбоб аз ҳавзи масҷид ба боми масҷид об бароварда, ҳамаро дар тааҷҷуб андохта буданд. Лекин обкашаки он кас чунон зӯр буд, ки як кас дастаи вайро ҷунбонда наметавонист, дар сари даста як чӯби кундаланг банд карда буданд ва ду ҷавони зӯрманд аз ду тарафи он чӯб гирифта боло-поин мекарданд, оби вай, ҳамчунон ки аз даҳони кӯза резад, шаррос зада мерехт.

Усто амак ба сари кори худ нишаста ва қаламҳои пӯлодинашро бо қайроқ тез карда истода илова кард:

– Ҳамон сол дар Зарафшон аввал об кам шуда, дар вақти тобистон тамоман хушкид, киштҳои канори дарё, ки одатан беоб ва бо нами дарё мерасиданд, бе нам монда, онҳо ҳам ба хушкидан рӯ оварданд. Дар он вақт деҳқонон ҳамон обкашаки бобокалонатро ба канори Зарафшон бурда, ба воситаи вай киштҳои худро аз кӯлмакҳои дарё об доданд.

Усто амак кори худро сар карда гуфт:

– Аз ақли худ барорандаи он асбоб ана ҳамон кас буданд, ман дар он вақт ҳафтсола будам. Чӣ гуна сохта шудани вай дар ёдам буд. Ту бачаи ҳунардӯст менамоӣ, барои ҳамин аз рӯи он асбоб ба ту ин бозичаро сохта додам. Рав, бозӣ кун. (Баъд аз даҳ соли ин воқеа ман навъи мукаммал кардашуда ва аз металл сохташудаи ин асбобро дидам, ки аз Россия оварда шуда буд, бо вай аз бочкаҳо карасин ва равғани сафед мекашиданд ва номашро «насос» мегуфтанд.)

* * *



Усто амак мехост писари хурди худ – Икромхоҷаро устои ҳунарманд кунад. Аммо ӯ ба таълимоти падараш гардан намефуровард ва корҳои падараш фармударо, ки ба кандакорӣ оид буданд, қасдан вайрон мекард.

Рӯзе Усто амак аз писараш шикоят карда ба падарам гуфт:

– Сайид Акбар мувофиқи номи худаш* аз қадаш зиёдтар калон шуда рафтааст. Ӯ ба ҳунаромӯзӣ майл накард ва ин корро ба худ ор донист. Ман ҳам ӯро «майлаш, акнун, ки ӯ ҳунарманд шудан ва одам шуданро намехоҳад, кӯр шавад, мулло-пулло шуда равад» гуфта ба хондан мондам. Аммо ин хурдиаш боз як тамғаи дигар шуда баромад. Худам ду сол зӯр задам, се сол дар мактаб мондам, ғайр аз кӯрсаводӣ дигар чизеро ҳосил накард, ҳунарро бошад, ҳеҷ ба гардан намегирад. Акнун ин на одам мешавад ва на мулло, рафта-рафта хар мешавад.

– Аз муллои муқаррарӣ шуданаш, хар шуданаш беҳтар аст, – гуфт падарам дар ҷавоб.

Дар ҳақиқат ҳам Икромхоҷа хеле гарданшах буд. Рӯзе падараш дар як тахта нақши ислимиро[15] кашида дод, ки барои машқ кор кунад. Аммо ӯ ҷоҳоеро, ки мондан даркор буд, канд ва ҷоҳои кандашуданиро ба ҳоли худ гузошт. Ҳарчанд ман нишондодҳои падарашро ба ёдаш овардам, қабул накард ва «ту намедонӣ» гуфт.

Вақте ки ин кори худро ба падараш нишон дод, ӯ дар ғазаб шуд ва дастаи пойтешаро, ки тарошида истода буд, калтаквор ба дасташ гирифта ба писараш хитоб карда гуфт:

– Гурез, ки мезанам!

Икромхоҷа як-ду қадам пасттар рафта истод. Усто амак бо ҳамон вазъияти ҳамлакунандагӣ аз ҷояш хест ва такрор кард:

– Гурез, ки мезанам!

Икромхоҷа давида ба тарафи ҳавлии дарун гурехт ва Усто амак ҳам ӯро пеш карда рафт: ман дар тарс афтодам, ки агар ӯ бо ҳамон чӯб писарашро занад, ягон ҷояшро маиб накарда намемонад. Ман ҳам «амакҷон, назанед» гӯён аз дунболи онҳо давидам. Икромхоҷа аз ҳавлии дарун ба рӯидарича гузашта ба баромадгоҳи ёбон рафта истод. Усто амак ҳам миёнаҷои рӯидарича рафта нишаст ва баъд аз фурсате нишаста нафаси худро рост гирифтан боз аз ҷояш хест ва боз фармон дод:

– Гурез, ки мезанам!

Икромхоҷа гурехт, ӯ пеш кард ва ман «назанед» гӯён фарёд мекардам. Ба ҳамин тариқа падару писар ёбонро ду давр заданд. Усто амак ба писараш фарёдкунон гуфт:

– Биё, акнун намезанам, хашмам фурӯ нишаст. Баъд аз ин коратро дониста кун.– Худ ба тарафи ҳавлӣ бозгашт, ман ҳам аз дунболи ӯ ва дар роҳ ба ман гуфт:

– Ту тарсидӣ, ки ман Икром акаатро мезада бошам, ё не, ман намезанам. Хар бачаашро намезанад; гов бачаашро намезанад, одам чаро фарзанди худро занад, ман ӯро ҳунар ёд гирад гуфта, пӯписа кардам. Ин кори маро ба падарат нагӯй, ки ханда мекунад.

* Акбар (арабӣ) – яъне калонтар.

Усто амак ғайр аз хешӣ бо падарам дӯсти бисёр наздик ҳам буд, ҳар як ба они дигар «ҷӯра» гуфта хитоб мекарданд. Дар фикр ва дар ақидаашон дар ҳаққи одамон ҳам ҳар ду як буданд. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки Усто амак ширинзабон, хушмуомила ва ширинкорнамо буд ва кори бади одамонро бо ширинсуханӣ ба рӯяшон мезад. Чунончи, мо Азизхоҷа ном ҳамсоя доштем. Ӯ Эъломхоҷа ном писарашро ба дарахт баста сахт задан гирифт. Усто амак фарёди Эъломхоҷаро шунида ба ҳавлии онҳо гузашт ва дасти Азизхоҷаро дошта:

– Бас кунед, эшон амак, тавба кардааст, минбаъд аз фармони шумо намебарояд, – гуфт.

– Ин девона шудааст, инро зада ҳушёр кардан даркор аст, ин тавбаро намедонад, – гӯён Азизхоҷа ҷандала мекард, ки аз дасти Усто амак раҳоӣ ёфта писарашро занад.

Усто амак гуфт:

– Эшон амак, шумо ғалатӣ одам будаед, магар ду девонаро дар як ҳавлӣ намемонанд ва ҳол он ки дар деҳаи худамон ман даҳ ҳавлиро медонам, ки дар ҳар кадомаш ду-се девона ҳаст.

Усто амак бо ин сухани худ худи Азизхоҷаро девона гуфта буд ва инчунин дигар эшонҳои девонахони он деҳаро низ санг зада буд. Лекин ҳамаи ин гапҳо низ бо ширинзабонӣ гуфта шуда буданд, шунаванда ба худаш дахлдор будани ин суханҳоро фаҳмад ҳам, ба ҷавоб гардондан сухани муносиб намеёфт.

Аммо падари ман як дараҷа дағал ва сахтгап буд, ӯ корҳои ба худаш номақбулро бо суханҳои сахт ва талх фош мекард ва аз ранҷидани тарафи муқобил ҳеҷ парво надошт.

## ЛУТФУЛЛО - ГӮППОН

Дар Соктаре каси дигаре, ки бо вуҷуди хурдсолиам диққати маро ба худ кашид, Лутфулло-Гӯппон ном касе буд. Ӯ писари аз дунболи занаш омадаи Авезхоҷа ном ҳамсояи бевоситаи мо буд. Авезхоҷа деҳқони безамин буд. Ӯ дар замини заминдороне, ки худ кор намекарданд, ё кор карда наметавонистанд, чорякгорӣ ва бо истилоҳи он вақт корандагӣ мекард. Авезхоҷа ду писари хурд дошт, калонаш Нозимхоҷа ном дошт, ки ӯро ба хондан монда буд ва дигараш ҳамсоли ман буда, ҳанӯз аз дасташ кор намеомад. Худи Авезхоҷа бошад, одами сергапи камкор буд, 20 таноб (5 гектар) заминро, ки ӯ ба корандагӣ гирифта буд, танҳо ҳамин Лутфулло-Гӯппон кор мекард.

Дар Соктаре деҳқонон умуман каланди устодӯстбойи (аз Ғиждувон) кор мефармуданд, ки ҳар кадомаш 4 килограмм вазн дошт. Мегуфтанд 10 кас ҳаст, ки ҳар кадоми онҳо ба Устодӯстбойи каландгар каландҳои 5-килограммӣ фармуда гирифтаанд. Яке аз он 10 нафар ҳамин Лутфулло-Гӯппон буд.

Аммо мардуми он ҷо Лутфулло-Гӯппонро аз дигар 9 нафар калонкаланд фарқ мекарданд ва «ин девкор аст» мегуфтанд. Назар ба қавли онҳо, Лутфулло Гӯппон аз пагоҳонӣ то вақти хӯроки пешин ва аз пешин то шом дам нагирифта каланд мезадааст ва дар таомхӯрӣ ҳам чор баробари дигар коргарон хӯрок мехӯрдааст.

Рӯзе ман дар лаби ҷӯи Мазрангон, ки аз даруни деҳа мегузашт, бо обкашакам бозӣ мекардам. Абдушукурхоҷа ном аз сайидатоиҳо бо ду-се ҷавон омад, ки ҷӯйро баста ба чорбоғи худ об барад. Аммо одамони ӯ ҷӯйро баста натавонистанд, ҳар лой ва хоке, ки дар ҷӯй мерехтанд, об шуста мебурд.

Дар ин вақт Лутфулло-Гӯппон пайдо шуд ва баъд аз қадаре кори ҷӯйбандии онҳоро тамошо карда истодан, ба Абдушукурхоҷа гуфт:

– Амаки эшон! Ман танҳо худам ҳамин ҷӯйро баста диҳам, чӣ медиҳед?

– Якта нон ва як қабза ҳалвои равғанӣ, – гуфт Абдушукурхоҷа.

Лутфулло-Гӯппон қабул кард ва ғайр аз эзор ҳамаи либосҳояшро кашида ба кор даромад. Аввал дар ду канори ҷӯй ду тӯда хок ғундошт. Душвории кор дар ин ҷо буд, ки дар он ҷо чим ва лойи шитта набуд. Даруни ҷӯй тамоман рег ва атрофаш хоки регомез буд. Бо вуҷуди ин, Лутфулло-Гӯппон аз он кор натарсид ва ба об даромада хоки дар як тараф тӯда кардаашро ба даруни ҷӯй кашида сеяки вайро баст, баъд аз он ба тарафи дигари ҷӯй рафта аз он ҷо ҳам сеякашро банд кард. Зӯрии кор акнун сар мешуд, оби ҷӯ танг шуда омада аз сеяки миёнаҷои ҷӯй бо шиддат мегузашт ва хокҳои нарми нав рехташударо шуста бурдан мегирифт.

Лутфулло фурсат нагузаронида дар ҷои гузаргоҳи об кундаланг хобид, хокҳои дар як тараф рехтаашро бо сару марданаш ва тарафи дигарро ба пойҳояш нагоҳдорӣ кард. Танаи ӯ дар гузаргоҳи об гӯё кундае буд, ки об аз болои он шорида мегузашт.

Лутфулло дар ҳамин вазъият каланди дӯстбойиашро бо суръат зада аз даруни ҷӯй аз тарафи омади об лой кашида ба танаи худ банд мекард. Дар он вақт бозувони ӯ чунон бо суръат ҳаракат мекарданд, ки ман ба чизе монанд карда натавонистам. Фақат баъд аз он ки аз хоки Бухоро роҳи оҳан гузашт ва ман ҳаракати бозувони оташхонаи поездро дидам, ба хотирам суръати ҳаракати бозувони Лутфулло-Гӯппон расид. Ман дар он вақт дар байни ин ду ҳаракат як монандии пурраро дидам.

Баъд аз он ки банди миёнаи ҷӯй аз танаи Лутфулло баландтар шуд, ӯ аз ҷояш хеста ба паси банд дузону нишаста ва банди худро бо шиками худ нигоҳдорӣ карда, боз ба ҳамон суръат ва чобукии аввалиаш каланд зада аз тарафи омади об лой кашида банди худро баланд ва мустаҳкам кард ва пас аз он аз об баромада ба болои банд хоки хушк партофта, бандро аз хавфи оббарӣ эмин намуд.

Усто амак, ки вай ҳам дар ин тамошо ҳозир шуда буд, ба Лутфулло хитоб карда гуф: Додар, илоҳӣ ҳазорсола шавӣ, намурӣ!

Абдушукурхоҷа хандид ва ба Усто амак гуфт:

– Устохоҷа, шумо Лутфуллоро дуое кардед, ки қабул шуданаш мумкин нест ва ба ӯ якпула фоида надорад, кист, ки дар дунё ҳазорсола шавад, кист, ки дар дунё намирад? Ба ҷои ин агар мегуфтед, ки «илоҳӣ бой шавӣ ва шикамат аз нон сер шавад», беҳтар буд.

Усто амак бо ҳамон шукуфтарӯии одатиаш ба Абдушукурхоҷа гуфт:

– Рухсат диҳед, ака эшон, ки маънии дуои худро ба шумо фаҳмонам.

– Марҳамат кунед – гуфт Абдушукурхоҷа.

– Маънии ҳазорсола шудани як одам он нест, ки, – гуфт Усто амак, – ӯ дар зиндагии худ ҳазор солро аз сар гузаронад, балки маънии ин сухан ҳамин аст,

ки ӯ дар зиндагии муқаррариаш корҳое кунад, ки одами дигар дар ҳазорсола умри худ, ба шарти зинда мондан, он корҳоро мекарда бошад. Инчунин маънии намурдани як одам ҳам ин нест, ки вай монанди одами афсонагии «оби ҳаёт» хӯрда зиндаи бадтар аз мурда шуда то қиёмат монад, балки маънии ин сухан ин аст, ки ӯ чунон корҳое кунад, ки номаш дар дунё зинда монад.

Абдушукурхоҷа истеҳзокорона ва хандаомезона пурсид:

– Хӯш, Лутфулло чӣ кор карда метавонад, ки кори ӯро дигар кас дар ҳазор сол кунад ва номи ӯ бо кадом кораш дар дунё зинда мемонад?

Усто амак ҷавоб дод:

– Лутфулло 30 сол умр дидааст, дар ҳамин умри худ аз бозе, ки ба дасти худ каланд гирифтааст, як хонаводаро бо меҳнати худ сер карда омадааст. Аммо шумо дар шастсола умратон бо меҳнати худ аҳли хонавода он сӯ истад, шиками худатонро сер накардаед.

– Чаро? – гуфта савол дод Абдушукурхоҷа бо оҳанги истеҳзокорона ва илова кард: – ман ҳама вақт дар муридавкунӣ мегардам. Аз ин кор ҳар моҳ 100–200 танга меёбам. Бо ҳамин кор рӯзам ва рӯзи хонаводаам ба подшоҳӣ мегузарад. Боз чӣ кор карданам даркор буд?

– Боракалло, – гуфт Усто амак бо ханда, – ҳар чӣ худатон иқрор кардед! Охир, «муридавкунӣ» кор нест. Дуруст аст, ки шикори ҳайвонот ва парандагон касб аст, аммо муридавкунӣ, ки шикори одамон аст, чӣ маънӣ дорад?

– Фиребгарӣ, фиреб дода ба доми худ кашидани одамон, – гуфт касе аз гӯшае.

Ҳама хандиданд ва Абдушукурхоҷа аз хиҷолат суп - сурх шуд ва худаш ҳам дар қатори одамон хандида:

– Биёед, монед ин гапҳоро. Акнун аз меҳнати худ чӣ гуна ҳалво хӯрдани Лутфуллоро тамошо мекунам, – гуфт ва ба дастёри худ фармуд, ки аз хона якта нон ва аз баққолии урганҷиён як қабза ҳалво биёрад.

Гӯппон як нонро чор пора карда, ҳалворо ҳам ба чор қисм тақсим намуда дар онҳо печонда, чор даҳон карда хӯрд ва ду кафашро дар як ҷо чумча сохта аз ҷӯй об нӯшид ва гуфт:

– Лаб гуфт: «омад», даҳон гуфт: «даромад», шикам гуфт: «дар боло чӣ буд, ки поин нафуромад».

Ҳама хандиданд ва ҷавоне ба ӯ гуфт:

– Лутфулло ака, агар ҳамин вақт бошад, чанд қабзаи дигар ҳалво хӯрда метавонед?

– Агар ҳамин вақт бошад, се қабзаи дигар, агар бегоҳонӣ бошад, чор қабза, – гуфт Лутфулло.

– Гапи бекор, як қабзаи дигар ҳам хӯрда наметавонед, – гуфт ҷавони дигар.

– Ҳалворо тайёр кунед, бинед, ки ман чӣ навъ мехӯрам, – гуфт Гӯппон.

– Гарав мебандем, – гуфт ҷавони дигар, – ҳалвои бекор дар куҷост?

– Ҳар шарте, ки кунетон, ман розӣ, ҳалворо тайёр кунед, – гуфт Лутфулло.

– Се қабза ҳалво, се танга пул, гуфт ҷавоне, ки ба гарав ҷеғ зада буд, – агар хӯрда тавонистед, ҳалво нӯши ҷонатон шавад, ба болояш се танга пул ҳам мегиред. Агар натавонистед, се танга пули ҳалво ва се танга гаравӣ – 6 танга медиҳед. Чӣ гуфтед?



– Чӣ мегуфтам? Аз ҳазм шуда рафтани ҳалвои ҳозир хӯрдагиам пештар биёред, ки сер шуда монам, мегӯям-дия! – гуфт Лутфулло.

Ҳалворо оварданд. Лутфулло ба хӯрдан даромад, аз болои ҳар як даҳан ҳалво як қулт об менӯшид ва баъд аз хӯрда тамом кардан аз гаравбастагон се танга ҳам гирифт.

– Дар ҳақиқат шумо 6 танга не, 7 танга бурдед, – гуфт ба Лутфулло касе, ки ҳалворо оварда буд ва эзоҳ дод: – се қабза ҳалвои муқаррарӣ се нимча (якуним килограмм) меомад. Ман барои фиреб додани шумо чор нимча (ду килограмм)-ро се қабза бурронда оварда будам, ки чор танга меистад.

– Бисёр нағз карда будед, – гуфт Лутфулло ва ба Абдушукурхоҷа ишорат карда давом намуд: – амаки эшонам одамонро фиреб дода пулашонро хӯранд, шумоён маро фиреб дода пул хӯрондетон. Ин бисёр нағз.

Ҳама хандида аз ҷо хеста пароканда шуда рафтанд. (Ман дар «Аҳмади девбанд» ном асари худ Лутфулло-Гӯппонро ёд кардаам.) [16]

* * *

Падарам дар Соктаре баъд аз фориғ шуданаш аз кори деҳқонӣ ҳамеша бо бофандагӣ машғул шуд. Аз ҳама бештар карбос бофт, ӯ як қисми вайро ба шуштагар[18] ба худ курта-лозимӣ дӯзонид, дигарашро абра ва остари кӯрпаву кӯрпача, болиш, дастархон ва дигар чизҳои даркории хона дӯзонда, ба читгар дода ранг кунонида гирифт. (Читгарҳо одатан ҳар чизро мувофиқи худаш нақш ва ранг мекарданд. Бинобар ин аввал дӯхта, баъд аз он ба ранг додан даркор буд.)

Қаламӣ монда ба мо курта-лозимӣ ва ба худаш, ҳам ба мо яктаҳ дӯзонид. Алоча монда худаш ва ҳамаамонро бо ҷомаҳои таҳпӯшӣ ва рӯпӯшӣ таъмин кард. Танҳо ба акаам, ки ӯ Бухоро мерафт, як ҷуфт курта-лозимии суф ва як яктаҳи чит аз моли фабрика харида дӯзонда дод. Дигар ҳамаамон аз матои хона мепӯшидем. Падарам бештарин ранги чизҳои бофтаниашро ҳам худ тайёр мекард: аз испарак[19] ранги нахӯдии зард, аз норпӯст ранги сиёҳча, аз омехтани испарак намедонам бо кадом чизи сиёҳ ранги пистагӣ, аз рӯяш ранги сурх ва дигарҳоро месохт. Танҳо ранги зайтунӣ[20] ва нилобиро ба рангрез ранг мекунонид, ки онҳо ин рангҳоро аз нили Ҳиндустон тайёр мекарданд.

Ба ҳамаи ин корҳо модарам ёрмандии калон медод: баъд аз ғундоштани сардарахтиҳо бештарини умри ӯ ба чархресӣ – ресмонресӣ, калова, зағӯта ва ночатайёркунӣ мегузашт. Корҳои каловарангкуниро ҳам бо нишондоди падарам ӯ мекард.

Дар охирҳои зимистон падарам ба Маҳаллаи Боло рафтан хост, ки дар он ҷо чӯбҳои дар даст доштаашро чархи осиё тарошад, чархи тайёр ва чархҳои тайёршуданиро ба осиёҳои атроф фурӯшад.

Модарам дар як ҳавлии вайрон бо ду бачаи майда аз танҳо мондан тарсида ба рафтани ӯ норозигӣ баён карда бошад ҳам, нашунид:

– Шумоёнро гург намехӯрад, агар фарз кардем, ки гург биёяд ҳам, Хайбар ҳаст, – гуфт ва баромада рафт.

## РӮДИ НАВИ ШОФИРКОМ

Баҳор омад, давчаҳо аз гул баромаданд, навдаҳои тутҳои балхӣ ғӯра бастанд, дарахтони хастут барои хӯроки кирмакҳои пилла каллак шудан гирифтанд; ҷӯи Мазрангон бо лойоби селҳои баҳорӣ пур аз сурхоб шуда мешорид; деҳқонон ҷуфт мебастанд, замин меронданд, дандонамола мекарданд ва мекиштанд; фароштурукҳо лойҳои шиттаро ба шакли пунбадона лӯнда карда оварда дар шифтҳои хонаҳо – дар паҳлуи болорҳо бо камоли маҳорат ба тарзи нимкиштӣ барои худ хона месохтанд. Лаклакҳо бар пештоқи дарвозаи мазор барои худ ошёна мебастанд ва аз дарёбод, аз миёни сусзорҳо морҳои обиро шикор карда оварда мехӯрданд. Мурғони титави товусранг, ки болу парҳояшон бо рангорангтобӣ назаррабо буданд, аз лаклакҳо хӯсида аз таги буттае ба таги буттаи дигаре меҷаҳиданд ва бо қаққоси ҳаяҷономези худ ҳамҷинсҳошонро аз хавф огоҳ мекарданд. Хулоса, аз одамон гирифта то парандагон ва растаниҳо – ҳама чиз дар ҳаракат буд.

Дар яке аз он рӯзҳо, ки абри баҳорӣ аз партави офтоби шаъшаадор одамони кориро соядорӣ мекард, падарам аз деҳаи Маҳаллаи Боло омад. Ба ман, ки дар он вақт дар паскӯчаи пушти масҷид Хайбарро савор шуда «хартозӣ» мекардам ва шодикунон ӯро пешвоз гирифтам, ҳеҷ илтифоте накард, Хайбарро ҳам, ки бо думҷӯлонӣ ва бо садои махсуси сагона гӯё ӯро «хуш омадед» мегуфт, ҳеҷ дӯстдорӣ нанамуд ва харро дар зери дарахти тут баста ва хӯрҷинро ба даст гирифта ба ҳавлии дарун даромад. Ман ва Хайбар аз вай пештар ба хона даромада модарро аз омадани падар хабар дода будем, ӯ ҳам аз хона давида баромада хӯрҷинро аз дасти падарам гирифт ва саломатиашро пурсид.

Ба ӯ ҳам ғайр аз пурсуҷӯи одӣ ва расонидани саломи падару модараш чизе нагуфта ба хона даромад.

Модар хӯрҷинро дар айвончаи ошхона гузошта, зуд ба хона даромада салла ва ҷомаи падарро гирифта ба мехи девор овехт ва дар ҷои нишасти ӯ кӯрпача паҳн намуда лӯлаболишҳоро дар паҳлуяш гузошт.

Падар бо ҳамон вазъияти андӯҳгинона ба модарам:

– Зудтар самовор монда чой дам кун ва аз даруни хӯрҷин гӯштро гирифта саришта кун,ки гурба набарад, – гуфт ва худ лӯлаболишҳоро дар саргаҳи кӯрпача гузошта дароз кашид ва ман дар ҷое, ки рӯи ғамолуди ӯ намуда меистод, хомӯшона нишастам.

Модарам баъд аз чой дам карда овардан ба пеши падар дастархон кушод, нон ва ғӯлунгоб ниҳод. Падар аз ҷояш хеста нишаста ба чойнӯшӣ ва нонхӯрӣ даромад ва ҳоло ҳам пешонааш кушода намешуд. Модарам бояд барои фаҳмидани ин вазъияти падар бошад, ки аз вай пурсид:

– Магар чархҳо фурӯш нашуданд?

– Фурӯш шуданд, ду дарахти гуҷум ҳам харида ғалтонда ба андозаи чарх бурида мондам, ки дар айёми тобистон рафта метарошам, – гуфт дар ҷавоб ва боз хомӯш монд.

– Худо накарда, магар дар мизоҷатон гаронӣ доред, ки ин қадар пажмурда ва ғамгин менамоед? – гуфт модарам.



– Ин гаронӣ дар ман аз мизоҷам не, балки аз аҳволи тумани Шофирком омад, – гуфт падарам ва боз хомӯш монд.

Модарам нӯги каловаи чигилшудаи аҳволи падарамро ёфта буд. Аммо тафсилот мехост. Бинобар ин гапковӣ карда пурсид:

– Мегуфтанд, ки дар Шофирком рӯди нав баровардаанд, магар ин рост аст?

– Рост аст, – гуфт падар ва илова намуд: – кошкӣ рӯди нав намебаровардаанд. Кори ин рӯди нав ба болои он харобие, ки ба сари мардуми он ҷо аз регпахшкунӣ омада буд, «болои мурда сад чӯб» шуд.

Падар як қадар кушода шуда ба ҳикоя даромад. Назар ба нақли вай, мардуми тумани Шофирком тирамоҳи гузашта ба сари худ кӯшиш кардаанд, ки рӯди кӯҳнаро аз сари нав кофта об ҷорӣ кунанд, аммо натавонистаанд, чандин бор регкашонӣ карда то ёбони Қо-қо як ҷилдироба ҷорӣ намудаанд, аммо аз миёна ду рӯз нагузашта аз лабҳои рӯд ба дарунаш боз рег шорида фуромада дубора гӯронидааст.

Баъд аз он калоншавандагон ва арбобу аминҳои туман ба амир арз кардаанд, ки рӯди нав бароварда диҳад, харҷ ва корашро аҳолии туман ба гардан мегиранд.

Амир ба чор ҳокими туман – ба қозиву раису амлокдору миршаби Шофирком фармон фиристодааст, ки сар шуда кори рӯдинавбарориро ба анҷом расонанд. Онҳо баъд аз муайян кардани ҷои кашида шудани рӯди нав ҳашар эълон карда ба кор даромадаанд. Аммо аз сари зимистон то ҳол, ки аз миён шаш моҳ гузаштааст, базӯр ним санг (чор километр) ҷойро ковондаанд ва лекин дар ин муддат бақияи дороии мардуми он ҷо, ки аз харобии регзеркунӣ монда будааст, ба харҷи чор ҳоким рафтааст.

Падарам рафти кори рӯдковиро ба тарзи зерин ҳикоя кард:

– Рӯзе ман барои дидани рафти кори ҳашар ба сари кор рафтам, чор ҳоким бо одамони худ ва арбобу аминони туман қариб дусад кас шуда дар ёбони васеe чодир зада нишастаанд. Садҳо нафар мардуми ҳашарчӣ ҳам ҳар ҷо-ҳар ҷо хобидаанд. Қассоб гӯсфанд мекушт, ошпазҳо оши палаву кабоб ва нонвойҳо фатири равғанӣ мепухтанд. Аспони он гурӯҳи дусаднафарӣ дар пеши чодири соҳибонашон бедаи кабуд мехӯрданд ва ҷуволҳои пурҷав барои еми шабонаи он чорпоҳо омода буданд. Оқсақолони деҳаҳо ба харҳо бор карда биринҷ, ҷав ва орд меоварданд. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷои пеши чодирҳо самоворҳои калон дар ҷӯш буданд. Он гурӯҳи дусаднафарӣ палав ва кабобро хӯрданд, чой ҳам нӯшиданд. Вақт ҳам хеле гузашта ба офтобфурӯравӣ тахминан ду соат монда буд. Дар он вақт аминҳо аз чодирҳошон баромада ҳар кадом пойкорҳои[21] деҳаи худро ҷеғ зада фармуданд, ки ҳашарчиҳоро ғундошта ба кор дароранд. То ғун шуда кор сар кардани ҳашарчиён ҳам қариб як соати дигар гузашт. Вақте ки кор сар шуда ҳар даҳа аз саҳми худ тахминан як-ду газ замин кофта буд, ки рӯз ҳам торик шуда омад ва бо фармоиши аминон пойкорон ба ҳашарчиён нидо дардоданд, ки «имрӯз кор тамом, фардо барвақттар ба кор оянд, вагарна «боқипулӣ» хоҳанд дод». Ана рафти кор ҳамин тарз аст, – гуфт падар дар охири сухани худ.

– Аз ин тавр кашола кардани кор ба чор ҳоким чӣ фоида? – гуфта модарам пурсид.

– Агар кори ҳашар тамом шавад, он гурӯҳи дусаднафарӣ он палав, кабоб ва фатирро аз кучо мехӯранд ва аспҳошон беда ва ҷавро аз кучо меёбанд? – гуфт падарам дар ҷавоб. – Ва ҳол он ки фоидаи онҳо бо ин хӯрок намемонад: агар ҳар рӯз даҳ ҳазор танга барои харҷи ҳашар аз мардум ҷамъ карда гиранд, нимаи онро накд медузданд ва нимаашро пухта мехӯранд.

Падарам як пиёла чой нӯшида қадре хомӯш монд, дар вақти хомӯшӣ дар чашмонаш як нури ҷасорати ифтихоромезе дурахшид ва ба модарам нигоҳ карда:

– Ман як кор карда омадам, намедонам, фоида медиҳад ё не. Ба фикри худам, фоида медиҳад, – гуфт. Аммо чӣ будани он кори кардаашро нагуфт ва боз хомӯш монд.

Модарам қадре мунтазир шуда истод, дид, ки ӯ дар бораи он кор чизе намегӯяд, аз вай пурсид:

– Чӣ кор кардед?

– Ҳоло аз ваҷҳи он кори ман ба касе чизе гуфтан дуруст нест. Ту ҳам аз он ваҷҳ ба касе чизе нагӯй, – гуфт ва ба шарҳи кори кардаи худ даромад:

– Ман дидам, ки мардуми туман тамоман бехонумон мешаванд ва рӯди нав ҳам намебарояд. Як тахта коғази калонро пур карда ба амир ариза навиштам. Дар ариза рафти корро ба тарзе, ки ҳозир гуфта гузаштам, шарҳ додам. Ва талаб кардам, ки барои пеш бурдани кори ҳашар ягон каси худотарсро фармояд, ки ин кор зудтар тамом шавад. Дер мондани ин кор ҳам ба халқ зарар дорад, ҳам ба давлат. Зеро вақте ки рӯд кофта нашавад ва об ҷорӣ нагардад, албатта, заминҳо аз кишт мемонанд, дар он сурат подшоҳ хироҷ ва молиётро аз кучо мегирад?

– Аризаро аз номи кӣ навиштед? – гуфта модарам пурсид.

– Аз номи худ навиштам, – гуфт падарам ва тафсил дод:–лекин номи худро маълум накардам. Дар охири ариза навиштам, ки «нависандаи ин ариза дар ин туман на замин дорад ва на барои ӯ об даркор аст. Ин аҳвол холисона, ба умеди манфиат расондан ҳам ба халқ ва ҳам ба давлат ба ҷаноби олӣ арз карда шуд».

– Аризаро ба амир расонидед? – гӯён пурсид модарам ба оҳанги шодиёна.

– Бояд расад, – гуфт падар ва илова кард:– аризаро навишта ба бародари ту Қурбонниёз, ки ҷавони боҷасорати оқил аст, супурдам, ки ӯ Бухоро рафта дар рӯзи ҷумъа, дар вақте ки амир аз арк баромада ба масҷид меравад, дар миёнаи гурӯҳи мардум истода дар вақти аз пешаш гузаштани амир медиҳад. Амир баъд аз хондани ин ариза бояд ягон чора бинад. Чунки фоидаи худаш аст.

Баъд аз он ки падар ҳикояи кори худро кард, гӯё ки аризааш натиҷаи амалӣ дода бошад, рӯҳаш баланд ва рӯяш кушода шуд ва аз он андӯҳе, ки дар вақти омадан дошт, дар башарааш асаре намонд ва ба корҳои ҳаррӯзааш мисли пештара машғул гардид.

* * *

Баъд аз 15 рӯзи аз Маҳаллаи Боло омадани падарам акаам бо Саид Акбархоҷа таҳсилро тамом карда аз шаҳр омаданд ва баъд аз ду ҳафта дам гирифтан ҳар дуяшон ба пеши хатиби деҳа боз дарс сар карданд.

Баъд аз як моҳи дигар тағоиям Мулло Деҳқон барои дидани хоҳараш – модарам ба хонаи мо омад. Аз рӯи қавли ӯ, вай дар Бухоро бо писари қозии Ғиждувон – қозӣ Абдулвоҳид шарикдарс будааст. Баъд аз тамомияти таҳсил ҳар ду ба Ғиждувон омадаанд, ки дар он ҷо, дар пеши қозӣ дарсхониро давом кунонанд. Аммо аз амир ба номи қозии мазкур муборакнома (фармон) омадааст, ки вай дар тумани Шофирком рафта ба кори рӯдинавбарорӣ роҳбарӣ намояд ва корро ба тарзе ташкил кунад, ки то охири тобистон дар рӯди нав об ҷорӣ шуда, деҳқонон барои киштҳои тирамоҳӣ аз он об истифода бурда тавонанд.

Падарам бо шунидани ин сухани тағоиям аз шодӣ гӯё қад-қад мепарид ва ба назарам чунон менамуд, ки дар ҷои нишастагиаш, гӯё қадаш ба тарафи осмон баланд шуда рафта истодааст ва гарданашро рост карда сари синаашро ба тарафи пеш мебаровард. Маълум мешуд, ки хурсандии аз ин хабар пайдошуда ба дилаш намеғунҷид ва сандуқи синааш васеъ шуданро мехост. Бо ҳамаи ин, ғайр аз як нигоҳи маънидори бо табассуми шодиёна омехтае, ки ба модарам кард, дигар чизе нагуфт ва аз хусуси аризаи худаш лаб накушод ва аз тағоиям пурсид:

– Хуб, баъд аз таъин шудани саркори нав кори ҳашар чӣ тавр рафта истодааст?

– Вақте ки ман дар Ғиждувон будам, – гуфт тағоиям дар ҷавоб, – ин фармон ба қозидомуллои мо расид, ӯ дарсгӯиро хобонда ба сари ҳашар рафт. Ман якчанд рӯзи дигар бо шарикам қозизода дар он ҷо мондам ва аз он ҷо ба ин ҷо омадам, ки ҳамшираро бинам, баъд аз он ба пеши падару модар равам. Бинобар ин аз рафти кори ҳашар хабар надорам. Ҳамин қадар шунидам, ки амир чор ҳокими Шофиркомро, ки то ҳол дар ҳашар роҳбарӣ мекардаанд, аз мансабашон бекор карда, молу мулкашонро ярғу (мусодира) намудааст.

* * *

Тағоиям баъд аз даҳ рӯз дар хонаи мо истодан ба пеши падару модараш рафтан хост, падарам ҳам хост, ки ҳамроҳи ӯ рафта кори ҳашарро дар зери раҳбарияти қозии Ғиждувон тамошо кунад. Ман ҳам талаб кардам, ки ҳамроҳи худ барад. Падарам розӣ шуд, мо ҳар се ба Маҳаллаи Боло рафта рост ба ҳавлии бобоям фуромадем. Мӯйсафедони деҳа барои дидани падар ва тағоиям омадан гирифтанд ва ҳар кадомашон аз дуруст роҳбарӣ кардани роҳбари нав дар кори ҳашар гап мezаданд ва изҳори хурсандӣ менамуданд. Назар ба қавли онҳо, қозии Ғиждувон ҳашарчиҳоро фармудааст, ки ҳамагӣ дар аввали рӯз ба ҳашар ҳозир шуда ба кор дароянд, то торикии рӯз корро давом диҳанд. Вақти пешин барои хӯрокхӯрӣ як соат дам гиранд.

Ҳар ҳашарчӣ нони худро аз хонаи худ оварда хӯрад, арбобу аминҳо ҳам хӯрокаи худашонро аз худ биёранд ва аз деҳқонон барои харҷи ҳашар чизе наситонанд. Худи қозӣ ҳам ба сари кор бо ду одамаш меомадааст, яке барои ба ҳар ҷо хату хабар бурда овардан, дигаре барои хизмати худаш ва худаш ҳам хӯрокашро аз хонааш меовардааст. Дар муддати 10 рӯзе, ки қозӣ Абдулвоҳид кор сар кардааст, андозаи кор ба миқдори кори шашмоҳаи гузашта баробар шудааст.

Падарам баъд аз шунидани ин хабарҳо аз аввалӣ ҳам зиёдтар хурсанд шуд ва ба тағоиям гуфт:

– Биёед, мо ҳам рафта кори ҳашарро тамошо кунем ва ба ҳашарчиён «монда нашавед» – гӯем.

Тағоиям розӣ шуд. Падарам маро ҳам ҳамроҳи худ гирифт. Ҷои ҳашар ба деҳаи Рӯбаҳо, ки дар ҷануби Маҳаллаи Боло буда, дар байни ин ду деҳа ҳазор қадам барин роҳ буд, расида будааст. Мо ба он ҷо рафтем. Қозӣ, дар ҳолате ки миёнаш аз рӯи бастагӣ ва ба дасташ як асои ҷавбеди дароз буд, дар лаби рӯди нав рост меистод. Ӯ як одами лоғарбадани миёнақад, сабзиначеҳра, ришаш миёна ва сафед ва абрӯҳояш монанди абрӯҳои амакбобои ман ғафс ва дарозмӯ буд.

Тағоиям бо таъзими шогирдона хам шуда бо ӯ вохӯрдӣ кард ва падарамро ҳам «язнаам» ва «барои зиёрати шумо омаданд» гуфта шиносо кунонид.

Қозӣ бо падарам вохӯрдӣ карда истода ба тағоиям гуфт:

– Он касе, ки саводи шуморо бароварда ба мадраса бурда мондааст, ҳамин шахс бояд бошанд?

– Ҳамин кас, – гуфт тағоиям дар ҷавоб. Қозӣ ба падарам нигоҳ карда:

– Ман аз писари худ, ки шарики додарарӯси шумост, ба хондани ин ҷавон сабаб шудани шуморо шунидаам, – гуфт ва дуюмбора бо падарам вохӯрдӣ кард.

Вақте ки чашми қозӣ ба ман афтод:

– Ин писари кист? – гӯён аз падарам пурсид.

– Писарчаи ман, – гуфт падарам дар ҷавоб.

Қозӣ маро баробари сараш бардошта, баъд аз он ба замин гузошт ва: – илоҳӣ калон шавӣ, мулло шавӣ, доно шавӣ! – гӯён аз кисабағалаш як дона конфети ҷойдорӣ, ки ба коғази сурх печондагӣ буд, бароварда дод ва аз падарам пурсид: – писарча мехонад?

– Ҳамин тирамоҳ ба мактаб медиҳам, – гуфт падарам дар ҷавоб.

Тағоиҳоям – Қурбонниёз, Равшанниёз ва Ниёзхонҳо ҳам дар байни ҳашарчиҳо буданд, омада бо падар ва тағоиям вохӯрдӣ карданд.

– Инҳо кӣ? – пурсид қозӣ.

– Додарҳои ман, – гуфт тағоимуллом.

– Бисёр нағз, инҳо хуб кор мекунанд, – гуфт қозӣ ва ба тағоиҳоям нигоҳ карда: – хуб, шумоҳо ба сари кор равед, шабона бо инҳо сӯҳбат мекунед, – гӯён падар ва тағоямро нишон дод ва ба Қурбонниёз тағоиям фармуд, ки ӯ як дақиқа ин ҷо бошад. Қозӣ баъд аз ба кор рафтани ду тағоиям ба тағоимуллом нигоҳ карда давом намуд:

– Ин додарат (Қурбонниёзро нишон дода ва суханашро аз «шумо-шумо» ба «ту-ту» гардонда) коркуни бисёр гузарост. Монанди ин коркун дар байни ҳашарчиён 10 нафари дигар ҳаст. Лекин дар ақл ва ҷасорат ин аз онҳо пеш аст…

Магар рост истода гап задан ба қозии пир зӯр омад, ки ба асои ҷавбедаш такя карда нишаст ва ҳамсӯҳбатонашро ба нишастан фармуд ва сухани худро давом дод:

– Ман рӯзи аввали ба сари кори ҳашар омаданам ба аминҳо фармудам, ки даҳ нафар устои дурудгар ёбанд, то ки баробари рӯдковӣ, пул (кӯпрук), дарғот ва тахтаварғҳоро[22] ҳам сохта равем. Яке аз аминҳо гуфт: «ҳар устои дурудгар ҳар рӯз бе 5 танга кор намекунад, 10 усто ҳар рӯз 50 танга меистад. Шумо, ки аз мардум хароҷот ҷамъ карданро манъ кардед, музди кори дурудгарҳоро кӣ медиҳад ва аз куҷо медиҳад?» Бо шунидани суханони он амин ин ҷавон (Қурбонниёзро нишон дода) ба ман нигоҳ карда– Тақсир, арз дорам, – гуфт.



– Гӯй гапатро, – ман фармудам. Ӯ гуфт: «Дар байни ҳашарчиён 50 нафар дурудгар ва харротон ҳастанд, ки дар қатори дигарон рӯдковӣ мекунанд. Агар онҳо аз кори заминковӣ озод карда шуда, ба кори дурудгарӣ фармуда шаванд, хурсанд шуда бепул кор мекунанд». Ман дарров устоҳои дурудгарро ғун карда аз байни онҳо 10 нафар ҳунармандтаринашонро ба кори пул, дарғот ва тахтаварғсозӣ мондам, ки он корҳо ҳам баробари рӯдковӣ пеш рафтанд. Ақл ва ҷасорати ин ҷавон маро қоил кард. Агар ҷасорат намедошт, ақли ӯ дар ин ҷо ба вай фоида намерасонд ва дар пеши аминҳои худписанд омада ба ман маслиҳат дода наметавонист. Бинобар ин барои ҳар кас ақли боҷасорат лозим аст. Инчунин ҷасорати беақлона ҳам фоида надорад.

Қозӣ боз сухани худро давом дода ба тағоимуллом:

– Ин додаратро дар хизмати ман мон. Ман аз ин хурсанд мешавам, – гуфт ва илова карда пурсид: – Савод дорад?

– Не, – гуфт тағоимуллом.

– Майлаш, ақл ва ҷасорат ки дорад, маро хурсанд карда метавонад ва худаш ҳам бисёр чизҳоро меомӯзад.

Қозӣ ба Қурбонниёз фармуд, ки ба кораш равад ва одами худашро фармуд, ки чой биёрад. Хизматгор аз шохи дарахт як халтаи чарминро,ки дар он ҷо овехтагӣ буд, гирифта кушода, аз даруни вай як пиёла ва як чойҷӯши биринҷиро бароварда, аз чойҷӯш ба пиёла чой рехта ба қозӣ дод. Қозӣ бо ду хурт он чойро нӯшида ба пешхизмат фармуд, ки ба ҳамсӯҳбатонаш ҳам чой диҳад ва ба падарам нигоҳ карда гуфт:

– Ин чойро аз Ғиждувон дам карда оварда будем, сард шудааст. Айб накунед, ҳар чӣ бошад, аз оби сарди хом беҳтар аст.

Баъд аз он ки падар ва тағоиям якпиёлагӣ чои сард нӯшиданд, қозӣ аз ҷояш хест, дигарон ҳам ба по рост шуданд. Қозӣ ба онҳо гуфт:

– Биёетон, ҳашарчиҳоро «монда нашавед!» гӯем.

Қозӣ пеш даромад, падар ва тағоиям дар паҳлуи ӯ, аммо аз вай қадаре пастар ба роҳ даромаданд. Ман ҳам аз дунболи онҳо. Қозӣ дар пеши ҳар гурӯҳ аз ҳашарчиён «монда нашавед!» гӯён қадаре меистод. Коркунони дурусттарро ба тарзи ҷудогона «Ҳай боракалло!», ё ин ки «офарин!» мегуфт ва боз пеш мерафт.

Амин ва арбобҳо, ки миёнашонро аз рӯи баста дар сояи дарахтон менишастанд, аз дур намоён шудани қозиро дида аз ҷо хеста ба болои ҳашарчиён медавиданд ва овозашонро баланд карда «инча бизан!» мегуфтанд. Як вақт як амини бисёр фарбеҳ аз зери дарахте хеста ба сари ҳашар омад. Ва ӯ ҳам ба қозӣ шунавонда ба ҳашарчиён чӣ навъ кор карданро нишон додан гирифт. Вақте ки қозӣ ба ӯ наздик расид, ӯ салом дода таъзимкунон истод ва қозӣ ба вай:

– Амин, шумо аз ҳад зиёд фарбеҳ шудаед. Ин ҳолат ба шумо бори зиёдатӣ аст ва шуморо ноором мекунад. Бо ин коре, ки шумо дар пеши ман монанди арбоб ва аминҳои дигар мекунед, боратон сабук намешавад. Муносиб он аст, ки шумо гоҳе аз дасти ҳашарчиён каландро гирифта қадаре кор кунед, то ки ҳам бори худатон ва ҳам бори ҳашарчиён сабук шавад.

Амин «хуш, тақсир» гӯён давида ба рӯд даромад ва аз дасти ҳашарчие каландро гирифта ба замин зада хок кандан гирифт. Аммо баъд аз 10 –12 бор ка-

ланд задан чунон дар арақ ғӯтид, ки гӯё ба сари ӯ аз сатил об рехта бошанд ва суст шуда бар замин нишаста монд, ҳашарчиён қаҳ-қаҳзанон хандиданд. Қозӣ ба амин гуфт:

- Дидед, ки коркунӣ аз корфармоӣ чӣ қадар душвор будааст. Шумоҳо ҳамон корфармоии осонро ҳам накарда дар сояи дарахт шикам хорида мехобед.

Мо пеш рафтем. Баъд аз қадаре роҳ рафтан қозӣ ба пас нигоҳ кард. Ҳамаи арбоб ва аминҳо дар сари ҳашар ҳаракат мекарданд.

Мо аз деҳаи Рӯбаҳо баромада ба ҷое расидем, ки аз он ҷо, аз тарафи шимоли рӯд сари ҷӯи Маҳаллаи Боло ва аз тарафи ҷанубаш ҷӯи Истамзе сар мешуд. Дар пеши сари ин ду ҷӯй устоҳои дурудгар тахтаварғро сохта тамом карда буданд ва барои хубтар бо ҳам ҷафс шудани тахтаҳо паҳлуи онҳоро ранда мекарданд. Тахминан то 50 қадам поёнтар аз он ҷо кор давом мекард.

Қозӣ ба ҳашарчиён фармуд, ки дар охири ҷои тайёршудаи рӯд банди баланде банданд ва мироброро, ки ба тахтаварғсозӣ назорат мекард, фармуд, ки рафта банди Қо-қоро кушода обро поин сар диҳад.

Мироб «хӯш, тақсир» гӯён аспашро аз дарахт кушода, савор шуда ба тарафи ёбони Қо-қо давонд. Қозӣ ба падарам нигоҳ карда гуфт:

– Ман корро ба ҳамин тартиб ниҳодам, ки аз паси ҳашарчиён об ҳам меояд. Ҳашарчӣ, ки дар вақти кори душвори худ самараи вайро дар пеши назараш мебинад, қувват ва ғайраташ дучанд мешавад. Ҳашарчиён ҳар қитъаро, ки канда тайёр мекунанд, фардои он рӯз дар он қитъа об меояд. Мо фардо обро то Рӯбаҳо ва пасфардо то Деҳнав мебарем.

Қозӣ ба дарахте такя карда саридупо нишаст ва ҳамсӯҳбатонаш ҳам дар рӯ ба рӯяш нишастанд. Қозӣ гоҳо суханоне мегуфт, ки ман аз онҳо чизе намефаҳмидам ва онҳоро ба забони тоҷикӣ шарҳ медод, лекин аз он шарҳҳо ҳам ман чизе намефаҳмидам. Падарам монанди шогирдони мактаб бо эҳтиром суханони ӯро гӯш медод ва гоҳо аз шунидани суханони ӯ завқ карда бо тамоми баданаш пасу пеш меҷунбид.

Дар миён мироб омада омадани обро хабар дод. Қозӣ ва ҳамсӯҳбатонаш хеста ба сари варғ рафтанд. Об кафкҳои чиркини зардчарангро дар дами худ пеш андохта меомад ва ба тахтаварғ расида аз рафтор бозмонда ба боло дамидан гирифт. Аз байни тахтаҳо ба поин об мешорида бошад ҳам, ин ҳол ба боло дамида баромадани вай монеъ намешуд.

Як вақт дами об ба сари тахтаварғ расида ҳам ба ҷӯи Истамзе ва ҳам ба ҷӯи Маҳаллаи Боло ҷорӣ шуд ва аз болои тахтабанд бо шарроси башиддат шорида фуромада ба банди хокӣ дакка хӯрда истод.

Падар ва тағоиям аз қозӣ рухсат гирифтанд, ки ба хона баргарданд. Мо лаб-лаби ҷӯй ҳамроҳи об оҳиста-оҳиста мерафтем, падарам ба тағоям гуфт:

– Ба болои ин ки ин одам олимтарин, донишмандтарин, оқилтарин ва боинсофтарини уламои замони мо будааст, баданаш ҳам аз оҳан сохта шуда будааст. Дар ин пирӣ на аз саридупо нишастан монда мешавад ва на аз рост истодану роҳ рафтан. Умраш бояд аз ҳафтод гузашта бошад.

– Назар ба қавли писараш, ҳамин сол 76 солро пур карда ба 77 қадам мондааст, – гуфт тағоиям.



Мо баробари об ба деҳа даромадем. Бачагони кӯча шодикунон ва чапакзанон «об омаду об омад – аз рӯи китоб омад» гӯён фарёд мекашиданд ва лаблаби ҷӯ боло-поин медавиданд.

Мо ба пеши бобоям даромадем. Дар он ҷо қаймоқи гап кордонӣ ва кордориҳои саркори нави рӯдковӣ буд. Дар он миён дар бораи ба хизмати ӯ супурдани Қурбонниёз тағоям сухан рафт. Падарам ин корро маъқул донист ва хизмати сипоҳигарӣ, хусусан мулозимии қозиҳоро дӯст надорам ҳам, ин корро дуруст мешуморам, – гуфт. Хизмати ин қозӣ барои Қурбонниёз як мактаби тарбия хоҳад шуд (ин қозӣ Абдулвоҳид, ҳамон қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сариртахаллус аст, ки ман дар саҳифаҳои 385–391-уми «Намунаи адабиёти тоҷик» намунаи шеърҳои ӯро нақл карда, худашро ба некӣ ёд кардаам).

## АҲВОЛИ ТУМАНИ ШОФИРКОМ БАЪД АЗ ҶОРӢ ШУДАНИ РӮДИ НАВ

Дар ҳамон тирамоҳе, ки рӯди нав бароварда шуд, деҳқонони тумани Шофирком аз ин комёбии худ рӯҳи нав ёфта кор сар карданд. Гандуми тирамоҳиро кишта гирифтанд, шохҷӯйҳоро кофта тоза карда барои кишти баҳорӣ тайёрӣ диданд.

Азбаски сари рӯди нави Шофирком соз шуда, аз дарёи Зарафшон нисбат ба пештарааш зиёдтар об мегирифтагӣ шуда буд, деҳқонон бо меҳнати худ ва аз ғайри роҳбарии ҳукумати амир рӯди кӯҳнаи Шофиркомро ҳам аз рег тоза карда, дар вай ҳам аз рӯди нав об гирифтанд ва қисми калони заминҳои регпахшкардаро кушода ва обёрӣ намуда, аз сари нав ба қатори заминҳои корам дароварданд ва ба ин восита деҳқононе ҳам, ки пас аз регпахшкунӣ ба тараф- ҳои ҷануб кӯчида рафта буданд, баргашта ба ҷоҳои аслии худҳошон омада ба киштукор даромаданд.

Илова бар ин, деҳқонони безамин рӯди Ҷилвонро, ки дар домани ҷӯл буда, солҳои бисёр боз ботил ва «хушкрӯд» шуда монда буд, бо ташаббуси худ кофта, дар вай ҳам аз оби фаровони рӯди нави Шофирком об ҷорӣ карданд ва заминҳои канори Ҷилвонро, ки «чарогоҳи бегиёҳ» шуда рафта буданд, обёрӣ карда ба кор даровարданд.

Ҳамин тариқа шуда дар соли дуюми ба кор даромадани рӯди нав тумани Шофирком монанди як бӯстон обод гардид. Аммо ба ин бӯстон аз ҳама пештар чашми чуғзмонанди амир Музаффар дӯхта шуд: ӯ дар он туман Муродбек ном касеро, ки дар золимӣ ном бароварда буд, амлокдор ва Сафӣ ном муллоеро, ки бо «кордонии» худ дили амирро бурда буд, қозӣ таъин кард.

Ин ду тороҷгар бо гурӯҳи малахон – мулозимон ва шогирдпешагони худ он бӯстони навободро ба ҷӯлистон гардониданд: онҳо ба баҳонаи ин, ки «аҳли тумани Шофирком якчанд сол боз андози замин надодаанд» (бинобар регпахшкунӣ ва беобӣ) баъди бо номи андоз гирифтани тамоми ҳосилоти онсола, деҳқононро қарздор ҳам карда монданд, ки бояд онҳо дар солҳои оянда аз ҳосилоти замин аз ҳама пештар он «қарз»-ро адо менамуданд.

Қозӣ Сафӣ, ки вазифаи асосиаш қозигӣ буда, бо сифати «шариатпаноҳӣ»

мардумро тороҷ мекард, барои боз ҳам мақбултар гардидан дар пеши амири худ ёридиҳандаи амлокдор ҳам шуда ба майдон баромад: дар тартиби андоз - ғундории амир одат ин буд, ки амлокдор дар мавсими ҳосилпазӣ ба сари замин рафта, андози маҳсулоти деҳқониро ба номи деҳқонон ҷинсан менавишт. Дар охири тирамоҳ – баъд аз тамом шудани мавсими ҳосилғундорӣ – қозӣ нархи ҳар маҳсулро аз рӯи бозор ба амир арз мекард ва амир дар бораи бо ҳамон нархи қозӣ арз карда, аз деҳқонон рӯёнда гирифтани пули андозҳои ҷинсӣ ба амлокдор фармон мефиристод.

Қозӣ Сафӣ ана дар ҳамин мавриди ёрии худро ба амлокдор ва ба он восита ба хазинаи амир нишон дод: ӯ дар вақти нархарзкунии худ ба тарзи сунъӣ нархи бозорро гарон кард, масалан, нархи як ман гандум 20 танга бошад, ба 25 танга баровард ва ҳамон нархи сохта баровардаи худро ба амир арз кард. Амир ҳам мувофиқи аризаи қозӣ дар бораи рӯёнда гирифтани пулҳои андоз фармон дод (ин кор бо намуна гирифтани аз қозӣ Сафӣ ба ҳамаи қозиҳои музофотҳои Бухоро одати умумӣ шуда рафт). Аҷобат дар ин ҷо буд, ки амир сохта будани он гуна нархҳоро равшан медонист. Бинобар ин дар ин гуна мавридҳо бешармона ба надимон ва ҳамсӯҳбатони худ мегуфтааст: «Ман дар ин гуна корҳо дар пеши худо худро гунаҳкор намедонам, ба ин корҳо рӯзи қиёмат қозиҳо ҷавоб хоҳанд дод».

Дар натиҷаи ин гуна андозғундорӣ деҳқононе, ки дар асл дар вақти андозандозӣ як бор тороҷ дида буданд, дар вақти пардохтани пули андоз тамоман хонавайрон шуданд ва маҷбур гардиданд, ки баъзеҳошон заминҳошонро бо нархи арзон ба бойҳо фурӯхта, баъзеҳошон ҳайвоноти корӣ ва асбоби хонаашонро фурӯхта пули андозро диҳанд. Ҳатто баъзе деҳқонон маҷбур шуданд, ки писару духтарҳояшонро ба бойҳо фурӯхта «қарзи ҳукумат»-ро адо намоянд, ё ин ки духтарҳояшонро бо номи «духтархона» ва писарҳояшонро бо номи «ғуломбача» ба ҳукумат ба ҷои андоз баҳо карда диҳанд (амир Музаффар дар охирҳои умри худ аз ҳамон деҳқонбачагони ба андоз баҳо карда додашуда бо номи «ғуломбача» як дастаи сарбози махсус ташкил карда буд) ва касоне, ки бо ҳеҷ кадоми ин роҳҳо аз андози ҳукуматӣ халос шуда наметавонистанд, ба зиндон мерафтанд, ё ин ки рӯй пинҳон карда ба дуздӣ кардан маҷбур мешуданд ва ё ин ки гурехта ба Туркистони русӣ рафта дар он ҷо сарсарӣ мегаштанд.

Муродбек ва қозӣ Сафӣ канори рӯди Ҷилвони навободро ҳам ором нагузоштанд: деҳқонони дар он ҷо киштукоркунанда тамоман бе ҳайвоноти корӣ буда ва фақат бо каланду бел заминҳои маита (мурда)-ро кор карда гашта буданд. Амлокдор ба онҳо ҳам баробари заминҳои кӯҳнаобод андоз андохт. Онҳо он андозро дода натавониста аз ҳукумат қарздор шуда монданд ва маҷбур шуданд бо ҳезумкашӣ, ки касби асосии онҳо буд, «қарзи ҳукумат»-ро пеш-пеш адо кунанд. (Ман ин аҳволро дар қисми дуюми романи «Ғуломон» тасвир кардаам.)[23]

Қозиҳо мувофиқи қонуни нонавиштаи амири Бухоро молҳои бесоҳибмондаро бо номи «луқата» (дар роҳ афтода монда) ба даст даровардa подшоҳӣ мекарданд. Қозӣ Сафӣ ана аз ҳамин «қонун» фоида бурда, сагони шикории худ–мулозимонашро ба канори рӯди Ҷилвон баровард, ки онҳо аз он ҷо молҳои луқата ёфта ба даст дароранд. Мулозимон бузу гӯсфанди ҳезумкашони канори Ҷилвонро, ки худ ба ҳезумкашӣ рафтанд, бо номи «моли бесоҳиб» ба қозихона



ронда бурдан гирифтанд ва қозӣ он ҳайвонотро луқата мекард. Агар соҳиби он ҳайвон дар вақти ронда истодани мулозим расида меомад ҳам, моли худро аз дасти вай гирифта наметавонист, мулозим: «ман ба қозихона мебарам, ту аз дунбол гувоҳ бурда, ба шариат ороста карда, аз дасти ман мегирӣ» гӯён талаби соҳиби молро рад мекард.

Албатта, соҳиби ҳайвон ба қозихона гувоҳ бурда, ба мулозим даъвогар шуда аз вай моли худро гирифта наметавонист, чунки гувоҳҳои ӯ дар пеши қозӣ, бинобар надонистанашон фарзи айн (зарурияти динӣ)-ро, ё ин ки бо тӯҳмати «шарик буданашон бо соҳиби мол» дар сурати ҳамдеҳа ва ҳамсояи ӯ буданашон, ё худ бинобар сохта ва харида буданашон дар сурате аз деҳаи бегона буданашон аз тарафи қозии ислом рад карда мешуданд, аммо агар соҳиби мол баъд аз ба қозихона супурда шудани ҳайвонаш хабардор шавад, ба талаб кардан ва лаб кушодан ҳам ҳақ надошт, чунки дар ин сурат бояд ӯ ба қозӣ даъвогар мешуд, ки ин қатъиян мамнӯъ буд.

Дар натиҷаи ин корҳо рӯди кӯҳнаи Шофиком ва рӯди Ҷилвон дубора «хушкрӯд» шуда монданд; аз киштзорҳои рӯди нав ҳам он заминҳое, ки дар дасти деҳқонони камзамин ва миёнаҳол буданд, аз кишт монда нокорам гардиданд, ё ин ки ба дасти бойҳои серзамин гузаштанд ва оби барзиёди рӯди нави Шофирком бошад, ба кӯлҳо ва нишебиҳо рехта, он ҷоҳоро вараҷахона кард. (Рӯди кӯҳнаи Шофирком ва рӯди Ҷилвон то замонҳои охир ботил буданд, аммо баъд аз Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр – дар давраи ислоҳоти замин ин ду рӯд дубора кофта шуда, заминҳои атрофи худро обёрӣ карданд.)[24]

* * *

Қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир, ки худро сабаби аз сари нав обод шудани тумани Шофирком медонист ва он ободиро аз ёдгориҳои айёми пирии худ мешумурд, ба ин ҳол тоқат карда натавонист – ӯ ба боғбоне монанд шуда монд, ки дар пеши назараш ниҳолҳои навсабзашро бурида баранд, гулбунҳояшро шикаста партоянд ва бӯстонашро подахона кунанд.

Ӯ дар натиҷаи ин корҳо на танҳо аз қозӣ Сафӣ ва Муродбек нафрат кард, балки аз амир ва мансабдории ӯ ҳам нафрат карда, бе он ки ба амир аризаи истеъфо диҳад, намоишкорона қозигии Ғиждувонро партофта ба Бухоро – ба хонаи худ рафт ва дар он ҷо якчанд рӯз хобида ғуссамарг шуда вафот намуд (Қозӣ Абдулвоҳиди Сарир аз ҳамфикрони Аҳмад Махдуми Дониш буд, аммо ӯ ғайрифаъол буда, ғазаби иҷтимоии худро изҳор карда натавонист ва монанди каҳдуд дарун-дарун сӯхта мурд).

## ДАР РӮЗҲОИ МАКТАБХОНӢ

Ман воқеаи мактабхонии худро дар «Мактаби кӯҳна» ном асари худ батафсил зикр кардаам. Дар ин ҷо танҳо он воқеаҳоро ёд мекунам, ки дар он асар баён наёфтаанд, ё ин ки ба тарзи кӯтоҳ қайд шудаанд.

Чунон ки дар «Мактаби кӯҳна» гуфтаам, падарам маро дар шашсолагӣ дар мактаби пеши масҷид гузошт. Чун дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба

мактаби духтаракона дод. Ин мактаб дар ҳавлии даруни хатиби[25] деҳа буда, вайро зани ӯ идора мекард. Дар он ҷо аз писарбачагон ман ва боз Абдулло ном як бачаи ғиждувонӣ буд. Азбаски Абдулло калонсолтар ва ҳам як дараҷа дағалтар буд, духтарон вайро намефоронданд ва аз муомилаҳои ӯ мекебиданд. Аммо ба ман бисёр нармона муомила мекарданд ва монанди бародари худ дӯстдорӣ менамуданд.

Дар соли дуюм, ки ман дар он ҷо мехондам, аз Работи Қазоқ ном деҳа Ҳабиба ном духтаре ба он мактаб омад. Работи Қазоқ дар ҷануби ғарбии деҳаи мо буда, дар байни ин ду деҳа тахминан як километр роҳ буд. Бинобар ин он духтарак ба хонаи худ нарафта шабу рӯз дар хонаи хатиб меистод ва бо духтари хатиб дар як хона зиндагонӣ мекард.

Ҳабиба бо духтари хатиб, ки Қутбия ном дошт, ҳамқад буда, ҳар дуи онҳо калонсолтарини духтарони он мактаб буданд. Аммо Ҳабиба аз духтари хатиб донотар, гапзантар, дар китобхонӣ устотар буд. Ӯ хат ҳам навишта метавонист. Падарам мегуфт, ки «падари Ҳабиба имоми деҳаи худ буда, аз хушсаводтарин имомҳои он давру пеш аст ва духтарашро худ савод хононда, соҳиби хату савод кардааст», аммо ӯ ҳайрон буд, ки чаро падараш вайро дар он ҷо барои хондан фиристодааст ва дар пеши зани хатиб ӯ чӣ чизи барзиёд меомӯзад? Ва инчунин падар тааҷҷуб мекард, ки бо вуҷуди ба бист даромадани ин духтар чаро падараш ӯро то ҳол ба шавҳар намедиҳад.

Ҳабиба аз ҳамаи духтарони дигар ба ман меҳрубонтар буд, ӯ сабақҳои маро ба ман ёд медод ва ба ман зочаҳо (бозичаҳо)-и хушрӯй сохта медод. Ҳарчанд ман он вақтҳо маънии шеърҳои ишқиро намефаҳмида бошам ҳам, ҳар гоҳ, ки ба ман ғазалҳои Ҳофизро меомӯхт, маъниҳои ишқии онҳоро шарҳ мекард. Сухан ба болои «ёр», «дилдор», «маъшуқа» ё «шоҳид» равад, мисол карда духтари хатибро нишон медод, агар дар байт калимаи «ошиқ», «ошуфта», «дилдода» ё «дилшуда» дида шавад, худашро мисоли он калимаҳо мешуморид.

Духтари хатиб аз ин кори ӯ зоҳиран дар хашм мешуд, пешонаи худро турш, абрӯвонашро чин ва чашмонашро хашмгиннамо мекард, лекин дар ҳамон вазъият дар зери лаб механдид ва «ту ҳоло нигоҳ карда ист, ин коратро ба модарам мегӯям, туро чунон зананд, ки падарат ҳаргиз туроончунон назада бошад. Аҷаб нест, ки туро ба ин корат аз мактаб ҳам пеш кунанд» – мегуфт.

Ҳабиба дар ҷавоби ин суханони ӯ «кошкӣ пеш кунанд» гӯён оҳе мекашид ва ин сухани ӯ ба назари кас на шухӣ, балки ҷиддӣ барин менамуд.

Духтарони дигар дар байни худ аз хушрӯии Ҳабиба ва Қутбия гап мезаданд, баъзеи онҳо Ҳабибаро хушрӯйтар медонистанд ва баъзеашон Қутбияро. Бо вуҷуди ин ҳеҷ кадомашон ҳеҷ кадоми инҳоро дӯст намедоштанд. Ва дар ғайби онҳо аз онҳо шикоят мекарданд: дар ҳаққи Қутбия «бадмуомила, бадгап, калонгир ва аз болои падару модараш калонӣ мекунад» – мегуфтанд. Дар ҳаққи Ҳабиба бошад, «сабук, сергап, созандаҳо барин ғазал мехонад, ба хушрӯии худ ғарқа» – мегуфтанд.

Аммо ин гапҳои онҳо ба ман маъқул намешуд, ман ба ягон духтар бадмуомилагӣ, бадгапӣ кардани Қутбияро надида будам ва калонгариашро ҳам ҳис намекардам. Монанди созандагон ғазалхонӣ кардани Ҳабиба, ки бештар сабаби шикояти духтарони дигар мешуд, ба ман бисёр хуш меомад.



Дар вақте ки ман дар мактаб як ғазали Ҳофизро, ки бо байти зерин сар мешавад:

> Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
> Ё ҷон расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд.

мехондам, бибихалифа ба ман такрор кунонидани он ғазалро ба Ҳабиба фармуд ва худаш ба хонааш барои корҳои хонагиаш рафт.

Ҳабиба баъд аз ба ман ду-се бор хондани он ғазал, китобро ба дасташ бардошта он ғазалро чунон дилсӯзона хонд, ки дар чашмони худаш об чарх зад ва ба ман ҳам оҳанги ҳазинонаи ӯ чунон таъсир кард, ки пуштам ваҷаррос задан гирифт. Хусусан вақте ки байти зеринро мехонд:

> Ҳар дам чу бевафоён натвон гирифт ёре,
> Моему остонаш, то ҷон зи тан барояд.

аҳволи ӯ чунон дигаргун шуд, ки ман гумон кардам ҳамин замон беҳуш гардида бар замин хоҳад афтод. Чашмонашро пӯшид, қадаре хомӯш монд. Обе, ки дар даруни чашмаш дар вақти суруд чарх мезад, чакра-чакра шорида ба рӯяш фуромад. Баъд чашмонашро кушода ба тарафи ман як нигоҳи табассумомези шармгинонае кард. Ҳарчанд ман он вақтҳо аз ишқу муҳаббат тамоман бехабар бошам ҳам, ин ҳолати ӯ ба ман бисёр хуш омад. Инчунин инро ҳам ҳис кардам, ки ӯ дар дили худ дарде дорад ва орзу мекардам, ки «чӣ мешуд, ягон кор карда он дардро аз дили ӯ мебаровардам, ё ин ки сабуктар менамудам». Албатта, ҳеҷ кор кардан наметавонистам ва чӣ будани дарди ӯро ҳам намедонистам.

Ҳоло дар ёдам намондааст, ки ҳамон рӯз буд ё рӯзи дигар, Ҳабиба баъд аз тамомияти мактаб аз ман пурсид:

– Дар хонаҳотон гул ҳаст?

– Ҳаст! – гуфтам дар ҷавоб.

– Ба ман пагоҳонӣ як дона гули навшукуфтаи хушбӯй биёр!

– Бисёр хуб, – гуфтам ман ва ба хона равон шудам. Бо ин супориши он духтар дар дили ман хурсандие пайдо шуда буд ва худ ба худ фикр мекардам: «Шояд бо он гуле, ки ман хоҳам овард, дарди дили ӯ бартараф шавад, ё сабук гардад ва он орзуе, ки дар вақти ғазалхонии ӯ дар дили ман гузашта буд, ба вуҷуд ояд».

Дар рӯидаричаи мо ду гулбутта буд, ки яке гули сафед мекушод, дигаре гули гулобӣ. Ман рӯзи дигар пеш аз баромади офтоб ба пеши он гулбуттаҳо рафтам, ки барои Ҳабиба гул чинам. Ҳар дуи онҳо ҳам пур аз гулҳои навшукуфта буданд ва гули ҳар дуи онҳо ҳам хушбӯй буд. Ман дар андеша афтодам, ки аз кадоми инҳо чида барам, то ки ба ӯ хуш ояд ва барои интихоб кардани яке аз он гулҳо гулҳои ҳар дуяшро бо диққат тамошо кардам: ранги гули гулобӣ ба ранги рӯи Ҳабиба сахт монандӣ дошт, хусусан дар он вақт, ки донаҳои шабнам ҳанӯз аз рӯи баргҳои вай напарида буданд, ба назарам бисёр хуш ва дилкаш намуд, вай дар он вақт чунон зебо менамуд, ки рӯи ашколуди Ҳабиба дар вақти суруди мазкур бад-он зебоӣ намуда буд.

Ман гули гулобиро барои он духтар муносиб дида, се дона аз вай чида гирифтам. Бо ҳамин «аҷаб нест, ки ба ӯ гули сафед хуш ояд» гӯён се дона аз вай ҳам гирифтам ва ба тарафи мактаб давидам. Вақте ки ба дарвозаи хатиб расидам, аз тарси он ки мабодо гулҳоро аз дастам духтарон чанг зада нагиранд,

онҳоро дар зери бағалам пинҳон намудам. Чун аз дарвоза даромадам, Қутбия дар роҳрав ба ман рӯ ба рӯ омада:– Дар бағалат чист? – гуфта пурсид.

Барои сирри гулҳоро ба ӯ фош накардан:

– Китоб! – гӯён ҷавоб додам.

Лекин аз ин ҷавоби бардурӯғи худ худ тарсидам, чунки китобам дар ҷилд ва дар дастам овезон буд, ин дурӯғи тамоман рӯйрост буд. Агар ӯ ба ин дурӯғи ман пай мебурд, бағаламро кофта дида, гулҳоро гирифтанаш муқаррар буд. Ман ба фикри он ки «ӯ фаҳмид ё не» бори якум ба рӯи вай бо диққат нигоҳ кардам. Рӯи ӯ аз рӯи Ҳабиба бисёр фарқ дошт: агар рӯи Ҳабиба ба гули гулобӣ монанд бошад, рӯи ӯ монанди гули сафед намуд. Падарам маро бисёрҳо манъ карда буд, ки аз гули гулобӣ наканам, то ки ӯ вайро ғундошта ба аттор бурда дар бадалаш гулоб гирад. Аммо ман ҳар гоҳ, ки чашми падару модарро хато мекардам, аз гулбуттаи гулобӣ гул мечидам.

Ҳар чӣ ӯ пай набурда будааст, бе он ки ба бағали ман диққат кунад, ба як даре, ки дар он тарафи вай гов мебастанд, гузашта рафт. Ман рафта ба мактабхона даромадам. Ҳанӯз ягон бача ҳам наёмада будааст ва Ҳабиба он хонаро мерӯфт.

Ман дар ду дастам ду хел гулро гирифта ба ӯ тақдим кардам. Ӯ «боракалло» гӯён гулҳои гулобиро зуд аз дастам гирифта аввал бӯид, баъд аз он ду донаи онҳоро аз пеши гӯшаш якдонагӣ аз ду тараф дар зери каллапӯшаш гузаронида монда ба оина нигоҳ кард ва як дона гули дигарро ба сари синааш бо сӯзан банд кард. Пас аз он гулҳои сафедро аз дастам гирифта бӯид ва чашмашро қадаре хашмолуд карда ва дасти росташро, ки дар вай гулҳои сафед буд, ба тарафи ман ҷунбиш дода бо як оҳанги норозиёна:

– Инро барои чӣ овардӣ? – гуфт.

– Шояд ба шумо ҳамин хуш ояд гуфта фикр кардам, – гуфтам дар ҷавоб.

– Ба худат кадомаш нағз менамояд – гулобиаш ё сафедаш?

– Гулобиаш!

– Чаро?

– Сабабашро намедонам, ба назарам нағз менамояд.

Ҳабиба гули сафедро ба рухсорааш ниҳода аз ман пурсид:

– Ба ман кадомаш мезебад – гулобиаш ё сафедаш?

–Гулобиаш, – гуфтам ман.

– Чаро?

– Чунки гулобиаш ба рӯятон ҳамранг аст.

Ӯ бо шунидани ин ҷавоби ман «о, балоча!» гӯён хандид ва маро дар бағал сахт кашида аз рӯҳоям бӯсид. Баъд аз он гули сафедро ба ман нишон дода:

– Ин ба рӯи кӣ ҳамранг аст? – гуфта пурсид.

Ман бе ҳеҷ мулоҳиза ва бо содагии кӯдакона бо илҳоми он фикре, ки ду дақиқа пеш аз он сӯҳбат дар вақти рӯ ба рӯ омаданам бо Қутбия дар дилам гузашта буд:

– Сафедаш ба рӯи Қутбия ойтӯтем ҳамранг аст, – гуфтам дар ҷавоб.

Ин ҷавоби ман ба ӯ магар аз ҷавоби аввалиам ҳам хуштар омад, ки қаҳқосзанон хандид ва маро дубора ба оғӯш кашида сару рӯямро аз бӯсаи сероб тар кард. Баъд аз он маро сар дода:



– Ба ман нигоҳ кун, ба ягон кас ин гапҳоро нагӯй, гули гулобӣ ба рӯи Ҳабиба ойтӯтем, гули сафед ба рӯи Қутбия ойтӯтем ҳамранг аст, нагӯй. Агар гӯӣ, ман аз ту бисёр хафа мешавам, – гуфт ва илова кард: – рав, дар ҷоят нишаста сабақатро хондан гир. (Ман образи Қутбияро бо номаш дар охири романи «Ғуломон» тасвир кардаам.)[26]

* * *

Айёми баҳорон, вақти тутпазӣ буд, акаам бо Сайид Акбархоҷа аз Бухоро омаданд. Онҳо баъд аз якчанд рӯзи дамгирӣ монанди ҳарсола ба пеши хатиб дарс сар карданд. Сайид Акбархоҷа, ки аз калонгирӣ ба одамҳои калон базӯр гап мезад, бо ман ёри «бозӣ» шуда монд. Ӯ дар меҳмонхонаи падараш, ки ду дари вай ба тарафи чорбоғи масҷид кушода мешуд, менишаст. Ҳар вақт, ки ман аз мактаби духтарон баромада ба тарафи ҳавлӣ меомадам, ҷеғ мезад, ба ман бозичаҳо сохта медод ва аз аҳволи мактаб ва аз чӣ гуна хондани баъзе духтарони ҳамсоя гап мепурсид. Дар ин миён аз аҳволи Ҳабиба ҳам мепурсид. Ман бо софдилии кӯдакона ба ҳамаи саволҳои ӯ ба қадри дониши худ ҷавоб медодам.

Як пагоҳонӣ, ки ман аз ҳавлӣ баромада аз пеши меҳмонхонаи Усто амак гузашта ба мактаб рафта истода будам, Сайид Акбар маро ҷеғ зад. Ӯ одатан маро дар бозгашти мактаб ҷеғ мезад, имрӯз бар хилофи одати худ дар вақти рафт ҷеғ зад. Ман ба ӯ як нигоҳ карда:

– Ба мактаб дер мешавад, – гӯён дар роҳи худ давом кардам.

Аммо ӯ такрор ҷеғ зад:

– Дер намемонӣ, як даҳан гап мешунавӣ, меравӣ, – гуфт.

Ман ба бозгаштан маҷбур шуда пеши ӯ омадам. Ӯ ба дастам як мактуби сарбаста дода гуфт:

– Ин хатро ба Ҳабиба деҳ ва ҷавобашро гирифта биёр. Эҳтиёт кун, ки ба ӯ хат доданатро ҳеҷ кас набинад.

Ман хатро гирифта бурдам. Албатта, ман он вақт маънӣ ва мақсади он хатро намедонистам. Ҳамон рӯз фурсате ёфта мактубро ба Ҳабиба супурдам. Ӯ мактубро аз дастам гирифта ба тарафе рафт ва баъд аз фурсате баргашта омад. Чашмонаш аз оташи ғазаб медурахшиданд, лабонаш монанди варақагирифтагон меларзиданд, пӯстҳои рӯй ва атрофи чашмонаш мепариданд. Ба ман нигоҳ намекард. Лекин ман ҳанӯз чӣ будани масъаларо нафаҳмида будам ва бо нияти ӯро ба ягон кори дигар машғул карда аз фикре, ки ӯро ба ин аҳвол андохтааст, баровардан:

– Ҷавоби хатро кай навишта медиҳед? – гуфта пурсидам.

Ӯ дар ҳолате, ки оташи хашми чашмонаш аз аввалӣ ҳам зиёдтар гардида буд, ба ман нигоҳ карда аз ҷояш хест ва:

– Ин ҷо биё! – гӯён маро аз дунболи худ гирифта бурд. Ӯ рост ба роҳрави ҳавлӣ рафта, аз он ҷо ба тарафи ҳавлии говбандӣ гузашт, ман ҳам аз дунболи ӯ ба он тараф гузаштам. Ӯ дар он ҷо кафшашро аз по кашида, ба саргини гов олонда ба пеши ман бо ғазаб партофт ва:

– Ана ҳамин кафшро бурда ба даҳони нависандаи ин хат зан ва «ҷавоби хататон ҳамин будааст» гӯй! – гуфт.

Албатта, ман он кафшро гирифта набурдам. Лекин дар бозгашти мактаб, дар вақте ки Сайид Акбар маро чеғ зада чӣ шудани хаташ ва ҷавобашро пурсид, ҳикояти «кафш»-ро гуфта додам.

Сайид Акбар оташин шуд, вақте ки ӯ барои гап задан даҳон кушод, аз даҳонаш пеш аз сухан кафк мепарид. Ӯ аз шиддати ғазаб забонаш гирифта-гирифта:

– Ҳабиба-ку як духтари аҳмақи сабукпо будааст.

Ту бо қитти ҷонат ҳар… ки ӯ хӯрдааст, шарм накарда начакконда оварда ба рӯи ман мезанӣ, – гӯён кашидаву кушода як торсакӣ ба рӯи ман зад.

Ман аввал тааҷҷуб кардам, баъд оташин шудам ва баъд аз он хандаам гирифт: тааҷҷуб кардам барои ин ки ман ба бадали хизмати хатбардории худ ин гуна «музд» мегирам гуфта ҳеҷ наандешида будам; оташин шудам – чунки он ҷазо тамоман ноҳақона буд: хандаам омад – чунки ӯ дар сухани худ «….ҳар фалоне, ки ӯ хӯрдааст, ту шарм накарда–начаконда оварда ба рӯи ман мезанӣ» – гӯён худаш худашро ҳақорат карда буд.

Албатта, ман аз ӯ кинаи сахте дар дили худ гирифтам. Лекин ман аз вай ниқор гирифта наметавонистам, чунки ман як бачаи хурдсол, ӯ як ҷавони пурқуввати калонсол буд. Ночор сабр кардам, то фурсати интиқомгирӣ расад. Ин фурсат ҳам ба зудӣ расид.

* * *

Писари амаки падарам – Иброҳимхоҷа пас аз вафоти падараш дуохонӣ ва «девбандӣ»-ро дар меҳмонхонаи худ – дар хонае, ки падараш менишаст, сар карда буд. Рӯзе ба пеши ӯ аз деҳае девонаеро оварданд. Ин девона як одами қадбаланди тануманди ришкалон буд. Умраш дар миёнаҳои 30 – 40 менамуд.

Иброҳимхоҷа ба пои он девона ишкел андохта қуфл кард ва нӯги занҷири ишкелро аз таги синҷи меҳмонхона гузаронда ба сутуне, ки дар миёнаи он хона буд, баст. Девона дар рӯи суффаи меҳмонхона менишаст, ё рост меистод, ба ҷои дигаре ҳаракат карда наметавонист.

Усули дуохонии Иброҳимхоҷа барои девонаҳо, монанди усули эшонони дигар, бисёр сода буд: ӯ ба девона дар як шабу рӯз ғайр аз як порча нони қоқ, ки баробари кафи дасти одам меомад, дигар чизе барои хӯрок намедод, ғайр аз ин, ҳар рӯз ду бор – пагоҳонӣ ва бегоҳонӣ пушти девонаро бараҳна карда қамчинкорӣ мекард. Қамчинзании Иброҳимхоҷа ҳам монанди эшонони дигар ношумур ва то монда шудани дасти худаш буд.

Девона ба ҳар касе, ки ба назараш аз дур менамуд, ё аз пешаш мегузашт, зорикунон: «чӣ мешавад, ки барои худо ба ман як даҳан нон диҳетон, охир, ман ҳам бандаи худо, як ҷонзодро аз гушнагӣ куштан дуруст нест, ба ҳоли ман раҳм кунетон…» – мегуфт ва гиря мекард. Дили ман ба ҳоли ӯ бисёр месӯхт, ҳар вақт нон хӯрам, як парчаашро ба ӯ медодам, ҳар рӯз як каф ғӯлунг ё тутмавизро аз вай дареғ намедоштам.

Кам-кам девона ба ман унс гирифт. Ман аз ӯ натарсида дар пешаш менишастагӣ шудам. Ман аз ӯ ҳаракатҳои девонаворона намедидам. Фақат ӯ баъзе гапҳои ғалатӣ мезад, ки он суханони вайро аз девонагӣ зиёдтар ба шӯтқаригӣ ҳамл кардан беҳтар буд. Масалан, ӯ бисёртар рост истода ба офтоб гап мезад, халос кардани худро аз вай мепурсид ва аз ӯ зорӣ карда мепурсид, ки вайро халос



карда ба пеши худ барад, то ки ин ҳам мисли ӯ дар осмон озод парида ҳамаи рӯи заминро тамошо карда гардад.

Девона як рӯз ба ман гуфт:

– Чӣ мешавад, ки ба амаки эшонат гӯӣ, ҳеҷ набошад, рӯзе як бор маро сар диҳад. Ман чорбоғи масҷидро як гардиш карда оям. Ман қавл медиҳам, ки намегурезам ва худам омада ишкелро бо дасти худ ба поям андохта мехобам. Агар ту ҳамин некиро дар ҳақи ман кунӣ, ман офтобро гирифта ба ту медиҳам, ки гирифта савор шуда ҳама ҷоро тамошо карда мегардӣ.

Дар ҳамин вақт назарам афтид, ки Сайид Акбархоча аз мадрасача баромада ба тарафи ҳавлиаш меояд. Ман дар дили худ гуфтам: «фурсати интиқом расид» ва ба девона ӯро нишон дода гуфтам:

– Эшон туро сар додан хост, аммо ҳамин одам намонд, агар ман ишкели туро кушода сар диҳам, ту рафта ҳамин одамро занӣ, чашмаш ба ҷояш меафтад, минбаъд ба баста мондани ту далолат намекунад.

– Сар деҳ, – гуфт девона дар ҳолате, ки чашмонаш монанди чашмони гурги гӯсфанддида аз оташи ғазаб шӯълавар гардида буд.

Ман ба меҳмонхона даромада нӯги занҷири ишкелро аз сутун кушода сар додам. Девона занҷирро аз таги синҷи хона кашида лӯнда карда ба даст гирифта аз ҷо хест. Ба тарафи чорбоғи масҷид нигоҳ карда қадам монд. Бо ишкел қадам мондан душвор буд ва ишкел ба тарзе зада шуда буд, ки дар ҳар қадам мондан як пой аз пои дигар аз як ваҷаб зиёда пеш намеравад. Агар суст монад, аз назар ғоиб шуда рафтани «душман» мумкин аст. Шояд ба ҳамин мулоҳиза бошад, девона ба ҷои қадаммонии одӣ ҷуфтак рост кард ва дар ҳар ҷаҳидан ҳар ду پояш аз замин баробар ҷудо шуда, ду-се қадам масофаро тай кардан гирифт ва Сайид Акбар ҳанӯз ба хонаи худ нарасида ба ӯ бархӯрда ӯро бо ду дасташ аз замин баланд бардошта бар замин зад ва худаш бар синаи ӯ нишаста ӯро бо кундазону задан гирифт.

Сайид Акбархоҷа дар аввали бархӯрда аз замин бардоштани девона фарёди ҷонкоҳе баровarda:

– Девона маро кушт, халос кунетон, – гуфт ва магар беҳуш шуд, ё нафасаш ба дарун афтид, ки дигар садое набаровард. Аммо бо фарёди аввалини ӯ падараш аз ҳавлӣ ва одамони дигар аз мадрасача ва масҷид давон омада ӯро аз дасти девона халос карданд ва девонаро бурда дар ҷояш бастанд.

Ман дар он вақт хатои худро фаҳмидам, чунки агар халоскорон якчанд дақиқаи дигар дер мемонданд, Сайид Акбарро куштани девона муайян буд. Дар он вақт ниқоргирии ман ниқоргирии золимонае мешуд ,ҳоло ҳам интиқом аз ҳад зиёд гирифта шуда буд.

Чунонки ман аз тарси падар зарбаи аз Сайид Акбар хӯрдаамро ба касе нагуфта будам (зеро агар падарам мефаҳмид, ки дар натиҷаи хатбарӣ он зарба ба ман расидааст, аввал маро танбеҳ мекард, ки чаро мактуби як ҷавонро ба як духтари қадрас бурдаам), инчунин ҳам аз тарси падар ва ҳам аз тарси Сайид Акбар воқеаи ниқоргирии худро ҳам ба касе нагуфтам…

* * *

Усто амак ғайр аз кандакории худ, ба устохонаҳои дигар ҳам нақшҳои шинам кашида медод, аз ин ҷумла косагарон, читгарон ва гилкорон барои кори худ ба ӯ нақшаҳо фармуда мегирифтанд. Ӯ барои косагар ё читгар дар коғаз нақшаҳо мекашид ва атрофи ҳар гул ва нақшаро сӯзан мезад. Онҳо он нақшаро бурда ба рӯи кори худ монда, аз рӯи коғаз хокаи ангишт мезаданд ва баъд аз он коғазро аз рӯи кор бардошта гирифта, ҷои хокаи ангишт нишонкардаро ба тарзе, ки дар коғази нақша ишора шудааст, бо рангҳои гуногун нақш мекарданд.

Аз ҷумлаи косагарон дар деҳаи Қазоқработ устое буд, ки коса ва табақҳои нақшини хеле хуб мебаровард. Ӯ барои ҳар хумдон ба Усто амак супориш дода нақшаҳои тоза ба тоза мегирифт. Он устои косагар писаре дошт, ки тахминан 24 – 25-сола буд. Ӯ дар вақти хурдсолиаш аз дарахт ғалтида як пояш шикаста будааст ва дар натиҷаи нодуруст бастани шикастабанд пои чапаш аз пои росташ ду ангушт кӯтоҳ шуда монда буд. Ӯ ҳар ҳафта як бор ба пеши Усто амак омада нақшаҳо супориш карда, рӯзи дигар омада нақшаҳои тайёршударо гирифта мебурд. Аммо дар рӯзҳои охир нақшасупоришкунии ӯ зиёд шуд, ҳар рӯз омада супориши нав медод ва баъзан шабона ин ҷо монда нақшаро тайёр кунонда саҳарӣ мебурд ва бозгашт омада боз нақшаи дигар супориш мекард.

Ҳама аз бисёр нақшасупоришкунии ӯ дар ҳайрат буданд. Усто амак мегуфт:

– Косагарони муқаррарӣ дар ҳар сол як бор барои коса як нақша ва барои табақ як нақша – ҳамагӣ ду нақшаи нав мегиранд. Косагарони номдор дар ҳар хумдон барои коса ё табақ як нақша мегиранд. Аммо ин косагари қазоқработӣ дар рӯзҳои охир чунон нақшаи нави бисёре аз ман бурд, ки қариб дар ҳар дона табақ ва ҳар дона коса як нақшаи нав мерасад. Дар ин сурат коса ва табақи сафолини ӯ аз косаву табақи чинӣ даҳ чанд қимат меафтад. Намедонам, ин усто барои чӣ ин корро мекарда бошад?

Лекин дар он рӯзҳо воқеа рӯй дод, ки аз ҳама пештар сабаби бисёр нақша супориш кардани писари косагари қазоқработиро фаҳмидам. Он воқеа ба ин тариқа рӯй дода буд: баъд аз ҳашари рӯди нави Шофиркому Қурбонниёз тағоиям ба қозии Ғиждувон – қозӣ Абдулвоҳид ба кори мулозимӣ даромада буд. Дар он миён тағоии чорбозоргардам – Алихон аз Ғиждувон духтари як косагарро ба худ номзад кард. Модаркалонам ба муносибати писараш мулозими қозӣ будан хост, ки оилаи вайро ба тӯй хабар кунад. Ман ҳам, ки аз қозии мазкур илтифот дида будам, хоҳиш кардам, ки бо модаркалонам равам. Падарам розӣ шуд. Мо ба Ғиждувон рафта, дар хонаи косагар хобидем. Нимишабӣ «дузд омад» гӯён ғалоғула шуда зуд хомӯш гардид. Хурду калон ҳама аз хоб хестанд. Ҳамаи занон тарсону ларзон паст-паст бо ҳам гап мезаданд. Мардон дар ҳавлии берун буданд. Писари косагар хабар овард, ки «омадагон дузд набуда меҳмон будаанд» ва бо ин хабари худ занонро осуда кард.

Пагоҳонӣ барвақт модаркалонам дастархонашро бардоронда ба қозихона рафт. Ман ҳам ба умеди дубора дидани он мӯйсафеди хушзабон аз дунболи ӯ овезон шудам. Вақте ки ба қозихона даромадем, маҳрамон дастархони модаркалонамро бардошта, ба худаш роҳбарӣ карда ӯро ба ҳавлии даруни қозӣ даровარданд. Аммо маро, бинобар писарбача буданам (ҳарчанд хурдсол бошам ҳам), «номаҳрам» гӯён ба ҳавлии дарун роҳ надоданд. Ман дар ҳавлии берун дар пеши саисхона ба девори вай пушт дода сари дупо нишаста мондам. Аз ҷое, ки ман нишаста будам, қозии пиракӣ менамуд. Ӯ дар пеши дари меҳмонхонааш нишаста муфофиа мепурсид. Аммо ӯ маро надид, ё дида бошад ҳам, нашинохт, агар шинохта бошад, он илтифоте, ки ман аз вай чашм доштам, ба ман накард.

Дар ин миён ба қозихона писари косагари қазоқработӣ лангон-лангон даромада омад. Дар паҳлуи ӯ як духтарак буд, ки ба сараш ҷомача дошт, ӯ домани ҷомаи косагарзодаи лангро бо дасташ маҳкам дошта мерафт. Мулозимони қозӣ ва тамошобинони кӯчагӣ ҳама ҷамъ шуда даруни қозихонаро пур карданд. Ҳама «духтари гуреза, никоҳи қозихонагӣ» гӯён бо якдигар завққунон гап мезаданд. Ман аз ҷои нишастагиам хеста аз қафои гурӯҳи мардум ба рӯи суффаи пеши меҳмонхонаи қозӣ баромада бошам ҳам, чизеро дида наметавонистам. Як вақт овози қозӣ баромад:

– Духтарам, туро кӣ аз роҳ баровард?

– Маро ҳеҷ кас аз роҳ набаровардааст, ман ба ихтиёри худ ҳамин ҷавонро ба шавҳарӣ хостам, – ин овози духтар буд, ки бо ҳаяҷони гиряолуд мебаромад.

– Агар падару модарат ин коратро шунаванд, чӣ мегӯянд? Магар онҳо ба ин кори ту розӣ мешаванд? – Ин саволи дуюми қозӣ буд?

– Ҳозир падарам ҳам ҳамин ҷавон аст, модарам ҳам. Ман ба розӣ ва норозӣ шудани падару модарам кор надорам, – ин овози духтар буд, ки бо оҳанги аз аввал ҳам ҷиддитар мебаромад.

Қозӣ хутба ва никоҳ сар кард. Баъд аз хондани қисми арабии хутба ва иловаи тоҷикии он, бо забони тоҷикӣ ба писари косагар хитоб карда гуфт:

– Шумо, ки дар ҳолати оқил ва болиғ будан дар ин маҷлиси хайр ҳозир мебошед, ин духтари ҳозир истодаро бо никоҳи мусулмонӣ қабул кардед ба занӣ?

– Қабул кардам. – Ин овози писари косагари қазоқработӣ буд.

Баъд аз он қозӣ ба духтар хитоб карда пурсид:

– Шумо, ки дар ҳолати оқила ва болиға будан дар ин маҷлиси хайр ҳозир мебошед, ба ин ҷавони ҳозир истода бо никоҳи мусулмонӣ тани худро ба занӣ бахшидед?

– Ҳазор бор бахшидам! – Ин овози духтар буд, ки акнун ором мебаромад ва ба гӯши ман шинос мерасид. Аммо намедонистам ин овозро аз кӣ ва дар куҷо шунидаам.

Гурӯҳи мардум ба болои косаи обе, ки одатан дар маҷлиси никоҳ мегузоранд, дар талош афтоданд. Писари косагар бо духтар аз суффаи қозӣ фуромада ба тарафи дарвоза рафтанд. Духтар ба тарзе, ки дар вақти қозихона даромадан буд, ҳоло ҳам домани писари косагарро дошта дар паҳлуи ӯ мерафт. Ман бо ду хез аз онҳо пештар аз дарвозаи қозихона ба кӯча баромадам, то бинам ,ки ин овози шинос овози кӣ буд.

Аз кӯча дубора ба тарафи дарвозаи қозихона рӯ овардам. Аммо ба чашмони худ бовар намекардам: духтаре, ки дар паҳлуи писари косагар аз қозихона мебаромад, Ҳабиба буд. Ман бо дидани ин ҳол дар ҳайрат афтода рост истода мондам, ҳатто ба Ҳабиба, ки рост аз рӯ ба рӯи ман баромада буд, роҳ ҳам надода будам.

Ҳабиба ҳам маро дид, аммо ӯ монанди ман дар ҳайрат наафтод – табассумкунон ба ман наздик шуда, бо сарангуштонаш ба сари ман дӯстдорона зада ба роҳ додан ишора кард, ва:

– Ҳа, балоча! Ту дар ин ҷоҳо чӣ кор мекунӣ? Аз ҳама пештар ту фаҳмидӣдия, ба ҳама салом гӯй, – гуфт ва арӯсу домод хушбахтона аз пеши ман гузашта ба аспе, ки дар пеши қозихона дар кӯча бастагӣ буд, савор шуда рафтанд.

Акнун ба ман маълум шуда буд, ки Ҳабиба чаро он ғазали Ҳофизро, ки бо байти зерин сар мешавад:

Даст аз талаб надорам, то коми ман барояд,
Ё ҷон расад ба ҷонон, ё ҷон зи тан барояд…

бо овози ҳазин суруда гиря мекардааст. Он духтари қаҳрамон дар шароити истибдоди феодалии асримиёнагӣ махз бо сахтиродагии худ ба ҳамаи монеаҳо пуштипо зада ба ҷонони худ расида буд. Аммо, ростӣ, «ҷонони» Ҳабиба ба ман мақбул нашуда буд, чунки ӯ ба замми сахт ланг будан баднамо ҳам буд, лекин ин ҳоли домод дараҷаи муҳаббат, ғайрат, вафодорӣ ва сахтиродагии духтарро боз ҳам баландтар карда нишон медод (Ман баъд аз калонсолтар шуданам никоҳи духтарони гурезаро дар қозихонаҳои Вобканд, Зандане, Ҷондор ва Қарокӯл чандин бор дидам. Бинобар ин Ҳабиба дар ин ёддошт, чунонки як номи реалӣ шуда даромад, дар айни замон ин духтар типи он духтаронест, ки ба муқобили истибдод ва шиканҷаҳои аз ҳад зиёди замони амирӣ исён ва қаҳрамонӣ нишон дода, бо дилдодагони худ мегурехтанд ва ба қозихонаҳо рафта бо овози баланд никоҳи худро талаб мекарданд).

Акнун ба ман маълум шуда буд, ки чаро писари косагар дар ҳафтаҳои охирин он қадар бисёр нақша супориш карда будааст ва албатта, барои бо духтар алоқаи пинҳонӣ бастан ба баҳонаи «нақшасупоришкунӣ» ба он ҷо бисёртар рафтуой мекардааст.

Акнун ба ман маълум шуда буд, ки дар ҳавлии падарарӯси тағоиям касоне, ки дар нимишабӣ омада аввал «дузд» гумон карда шуда, баъд аз он «меҳмон» шумурда шуданд, ҳамин домоду арӯс будаанд, ки аз Соктаре гурехта омада ба алоқаи ҳамкасабагӣ шаб ба он ҷо фуромада, баъд аз рӯз шудан ба қозихона рафта будаанд.

Инчунин акнун ба ман маълум шуда буд, ки бо вуҷуди хату саводи хуб доштани Ҳабиба чаро падараш ӯро ба мактаби бибихалифаи мо фиристода будааст. Албатта, ин кор барои бастани роҳи ишқбозии Ҳабиба бо писари косагар будааст (Ман образи Ҳабибаро дар «Дохунда» бо номи Гулнор тасвир кардаам).

## БАЪД АЗ МАКТАБХОНӢ

Ман мактабро тамом кардам. Лекин ҳанӯз савод надоштам, чизҳоеро, ки дар мактаб хонда будам ва аз ҳамон китобе, ки аз вай хонда будам, хонда метавонистам, аммо китоби нахондаамро ва чизҳои хондаамро аз китоби дигар хонда наметавонистам. Бо вуҷуди ин падарам маро дар пеши имоми деҳа ба дарсхонӣ монд. Ман дар пеши хатиби деҳа «Аввали илм» [27] ном як китобчаи тоҷикӣ, ки дар вай чизҳои динӣ ба тарзи саволу ҷавоб баён ёфтааст, сар кардам ва баъд аз тамом кардани он ки тахминан дар як моҳ ба анҷом расида буд, «Бидон» ном китобчаро сар кардам. «Бидон» дар забони тоҷикӣ буда, дар вай сарфи арабӣ баён меёфт. Лекин ман аз ёд менамудам. Барои аз дарсе ба дарсе гузаштан шарт ҳамин буд, ки ман бояд бе ҳеҷ сактахонӣ ва забонгирӣ дарси гузаштаро дар пеши домулло хонда диҳам. Аммо аз он ибораҳои тоҷикӣ, ки бо мисолҳои арабӣ омехта буданд, чӣ фаҳмидани маро на домулло мепурсид ва на худ фаҳмидани маънии онҳоро лозим медонистам ва ҳол он ки аввали китобчаи «Бидон» бо калимаи «бидон!» сар мешавад. Дар рӯзи аввали сар кардани ин китоб домулло якчанд суолу ҷавоброро, ки ба аввали ин дарс оид аст, ёд кунонда буд. Суоли аввал ин буд: «мусанниф чаро «бидон» гуфтаасту «бихон» нагуфтааст?» ҷавоб: «Зеро хондан лозим надорад донистанро, аммо донистан лозим дорад хонданро. Бинобар ин мусанниф «бидон» гуфтаасту «бихон» нагуфтааст».

Албатта, ман дар он вақт маънии ин суолу ҷавоброро намефаҳмидам, аҷобат дар ин аст, ки он домуллои ман ҳам мақсади амалии ин суолу ҷавоброро намефаҳмид, ё фаҳмад ҳам, он мақсадро ба дарсҳои ман татбиқ намуда аз «донистан» ва «надонистан»-и ман чизе намепурсид. Аз ин ҳам аҷибтар ин буд, ки падарам бо ҳамаи он диққаткориаш аз «донистан» ва «надонистан»-и он дарсҳо намепурсид. Фақат ҳар шаб маро таъкид мекард, ки дарсҳоямро шарросӣ аз ёд кунам, то ки фардо ба пеши домулло шарманда нашавам. Баъзан падар дарсҳоямро аз ёд хононда гӯш мекард. Агар бурро ва бе ғалат хонам «боракалло, дарсҳоятро ҳамеша ана ҳамин тарз аз ёд кун!», мегуфт.

Дар ҳамаи он дарсхониҳо ва мактабхониҳо танҳо ду чиз ба ман хуб таъсир карда буд: яке аз инҳо «ҳисоби абҷад» [28] буд, ки чунончи дар «Мактаби кӯҳна» [29] тафсил додаам, он ҳисобро падарам ба ман дар вақти абҷадхониам ёд дода буд. Ман ба асоси он қоида ҳарфҳои арабиро такрор ба такрор ҳисоб мекардам ва бо рақамҳои нӯҳгонаи ҳиндӣ (арабӣ) ва сифр (нол) навишта ҷамъ менамудам ва аз ин кор завқ мегирифтам.

Дуюм, аз хондани шеърҳои тоҷикӣ завқ мегирифтам, ҳарчанд дар он вақтҳо маънии он шеърҳоро пурра нафаҳмам ҳам, оҳанги онҳо ба ман бисёр маъкул шуда буд ва ғазалҳоеро, ки аз ёд карда будам, дар танҳоӣ замзама мекардам ва завқам боло мерафт. Хусусан он шеърҳое, ки Ҳабиба маънии ишқии онҳоро ба ман фаҳмонда ва махсусан он ғазалҳое, ки он духтар дар мактаб бо овози ҳазин «монанди созандагон» хонда буд, ба ман бисёр таъсир мекарданд. Дар вақте ки ман он ғазалҳоро дубора мехондам, ҳамон ҳолати Ҳабиба ба пеши чашмам омада маро ба як кайфияти маҳзунонаи гуворо меандохт ва дар паси он воқеаи ба «ҷонон расидани ҷони Ҳабиба» ба ёдам меомад, ҳайкали он духтари парипайкари нозукандом ба назарам ба шакли як қаҳрамони афсонавӣ муҷассам мегардид ва ин ҳолат ба дилам чунон таъсир мекард, ки дар сарам савдои он гуна қаҳрамон шудан, «даст аз талаб надоштан» меафтод.

Ман мехостам, ки маънии пурраи ҳамаи байтҳоеро, ки медонистам ё мешунидам, фаҳмида гирам. Дар ин бора ягона ёрирасони ман падарам буд, падарам дар ин хусус ба суолҳои ман пурра ва фаҳмонда ҷавоб медод. Аммо, вақте ки суол дар бораи маъниҳои ишқии шеърҳо мерафт, пешонаашро турш карда, ба абрувонаш чин оварда: «ҳоло ба ту барои фаҳмидани ин гуна чизҳо вақт нарасидааст, калонтар шавӣ, мефаҳмӣ, меравӣ» мегуфт.

Ман он вақтҳо намедонистам, ки дар диёри мо шоирҳо ҳастанд,ақидаи ман ин буд, ки «барои шеър гуфтан «валӣ» будан лозим аст, дар замони мо, ки «охирзамон» аст, «валӣ» шудан мумкин нест, бинобар ин шеър гуфтан ҳам мумкин нест».

Ин ақида ба ман аз бибихалифа – муаллимаи мактаби духтарон талқин шуда буд. Аммо дар он вақтҳо ҳодисае рӯй дод, ки ин ақидаи ман зеру забар шуд ва ман дар замони мо ҳам мумкин будани шеъргӯиро фаҳмидам.

Он ҳодиса ба ин тариқа рӯй дода буд: рӯзе падарам барои намози пешин ба масҷид рафт ва зуд баргашта омада дар роҳрави ҳавлӣ истода маро ҷеғ зад ва «зуд биё» гӯён шитобкорона баргашта рафт. Ман ҳам аз дунболи ӯ давидам.

Ӯ дар ҳавлии берун маро бардошта ба болои девори похсаи пастак, ки ҳавлии моро аз чорбоғи масҷид ҷудо мекард, гузошта ва худ ба паси девор истода ба ман гуфт:

– Ҳозир аз мадрасача домуллои акаат мебароянд, нигоҳ карда исто, ман ӯро ба ту нишон медиҳам.

Дере нагузашта аз мадрасача ду кас баромад, яке аз онҳо хатиби деҳа буд, ки ман дар пеши ӯ дарс мехондам ва дар паҳлуи ӯ як одами миёнақади хушкбадани сабзиначеҳрае меомад, ки риши миёнаи сафедшуда дошт, ба сараш як саллачаи сафеди хурд ва ба танаш як яктаҳи сафед буд.

Падар ана ҳамин одамро ба ман нишон дода:

– Ҳамин кас аст домуллои акаат, – гуфт ва илова намуд, ки одами бисёр калон, олими гузаро, донишманди бузург ва шоири забардаст аст.

Ман ба ин тавсифи падарам шубҳа карда пурсидам:

– Шумо ин касро «одами бисёр калон ва олими гузаро» гуфтед ва ҳол он ки қади ин кас он қадар баланд не ва саллаашон ҳам аз саллаи имоми мо хурд аст-ку?

– Калонии одам бо қаду қоматаш ва олимии ӯ бо саллааш муайян намешавад, – гуфт падарам дар ҷавоб ва илова намуд:– бисёртарини муллоҳои камилм саллаҳошонро калон мебанданд, ки авом онҳоро дида фиреб хӯрад ва муллои калон донад. Аммо одами доно ва муллои дуруст саллаашро хурд мебандад ва калонии ин гуна олимро илму донишаш нишон медиҳад.

Ман то он вақт «шеър» ва маънии вайро донам ҳам, калимаи «шоир»-ро нахустин бор мешунидам. Бинобар ин аз падар пурсидам:

– Шумо ин касро «шоир» гуфтед, ин чӣ маънӣ дорад?

– Шоир касеро мегӯянд, ки, – гуфт падарам, – аз дили худ шеър бароварда гӯяд.

Ман мехостам чӣ гуна шеър гуфтани он касро пурсам, лекин ин муяссар нашуд – магар вақти намози пешин расида будааст, ки падарам маро аз девор фуроварда монд ва шояд ӯ суоли дар дили ман омадаро ҳис карда бошад, ки:

– Ҳоло хона рав. Ман баъди аз намоз омаданам шеърҳои он касро ба ту хонда медиҳам, – гуфт ва худ ба тарафи масҷид нигоҳ карда давон рафт.

Падарам аз масҷид омада маро ба хона даровард ва аз тоқчаи хона як китобро гирифт, ки дар вай бо хати худаш чизҳои гуногун навиштагӣ буд. Дар пушти он китоб дар пасу пеши якчанд варақ ба шакли уреб ду-се ғазал навишта шуда будааст. Онҳоро ба ман нишон дода:



– Ана ҳаминҳо ғазалҳои домуллои акаат, – гуфт ва ба хондани онҳо даромад. Он ғазалҳоро ягон-ягон хонда маънии баъзе байтҳои онҳоро (ки назар ба ақидаи худаш шояд фаҳмидани онҳо барои ман фоиданок ё безарар бошад) шарҳ дод. Дар охири ҳар кадоми он ғазалҳо калимаи «Исо» буд. Падарам он калимаро ба ман нишон дода:

– Исо номи ҳамин кас аст ва номи худро тахаллус қарор додааст, – гуфт ва дар радифи яке аз он ғазалҳо калимаи «қашшоқӣ» буд, аз он ғазал байти зеринро:

> Зи умрам сӣ гузашту ман ҳамон дар қайди ифлосам,
> Ба панҷоҳу чиҳил шояд раҳам аз шасти қашшоқӣ

такрор хонда:

– Исо ин ғазали худро дар вақти сисолагиаш гуфтааст ва умед кардааст, ки «дар чиҳилу панҷоҳсолагӣ шояд аз шасти қашшоқӣ раҳоӣ ёбад». Лекин афсӯс, ки дар чиҳилу панҷоҳсолагӣ он тараф истад, ҳоло, ки умраш аз шаст гузаштааст, ҳанӯз ҳам «аз шасти қашшоқӣ раҳоӣ наёфт», бо дарсгӯии бемадраса, бо китобати китобҳо умр мегузаронад, – гуфт ва сухани худро ранги умумӣ дода илова намуд:

– Зотан, одамони донишманд аз байни қашшоқон мебароянд, афсӯс, ки қашшоқзодагон барои хондан имконият надоранд, бойбачагон, хусусан махдумон (писарони муллоҳои калон), бештарин аҳмақ, ё ин ки нобакор мешаванд, инҳо хонанд ҳам, бисёртаринашон ягон чиз намешаванд, агар шаванд ҳам, аксарашон одамони бад мешаванд. Бесабаб нест, ки дар китобҳо гуфтаанд: «илм дар дасти одами бад шамшери буррандаест дар дасти одами маст…».

Падарам хомӯш монда дар хаёл фурӯ рафт ва дар ҳолате, ки дар пешонааш осори андӯҳ пайдо гардида буд, оҳе кашида гуфт:

– Ман ҳам мадрасаро агар тамом мекардам, аҷаб набуд, ки ягон чиз мешудам. Афсӯс, ки ҳамин қашшоқии сабилмонда ба ман имкон надод. Ту хон, бо ҳар гуна душворӣ бошад ҳам, хон. Умедворам, ки ягон чиз шавӣ, «Мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ».

Падарам аз як ғазали дигари Исо ин байтро:

> То ба кай зи бекорӣ бо фасурдагӣ мурдан?
> Нусхае ба каф дорӣ, ҷамъ созу аҷзо кун

хонда шарҳ дода ва илова намуд:

– Дидӣ, ки ин одам чӣ қадар доност: бекориро баробари мурдан мешуморад, ҳар чӣ бошад, ягон кор кун мегӯяд. Баъд аз он падарам аз тоқчаи хона ду-се варақ коғази парешонро кашида гирифта, онҳоро такурӯй карда байти зеринро ёфта хонд:

> Ба дӯши таваккул манеҳ бори худро!
> Валинеъмати хеш дон кори худро!

– Мебинӣ, ки одамони калон чӣ гуна ба якдигар ҳамфикранд. Бобо Соиб (падарам Соиби Исфаҳониро бисёр дӯст медошт, шеърҳои ӯро, чунонки бачагон наботро макида мазакунон мехӯрда бошанд, лаззат гирифта мехонд ва аз рӯи эҳтиром ӯро «Бобо Соиб» мегуфт), ки 250 сол пеш аз замони мо гузаштааст ва Исо, ки одами замони мост, ба як мазмун гап мезананд ва мардумро аз тавак-

кул ва аз бекорӣ ба тарафи кор мекашанд. (Ин сӯҳбат барои ҳаёт ва фикри ман таъсири бузург кард, чунонки саллаҳои калони олимтарошонро бад медидагӣ шудам, инчунин аз бекорӣ ҳам нафрат мекардагӣ гардидам.)

Ман дар натиҷаи ин сӯҳбат донистам, ки дар замони мо ҳам шоир шудан мумкин будааст. Акнун як шубҳаи дигар монда буд: «оё барои шоир шудан валӣ – соҳибкаромот будан шарт набудааст, ё ин ки Исо валӣ будааст».

Барои ҳалли ин шубҳа аз падар пурсидам:

– Магар барои шоир шудан валӣ будан шарт нест?

– Албатта шарт нест, – гуфт ӯ ва илова кард: – Ман ҳам дар таърихи айвони масҷидамон, ки ҳамин сол Усто амакат (Ҳидоятхоҷа) сохт, як таърихи шеърӣ гуфтаам, – гуфта порчаи зеринро хонд:

Ҳидоятхоҷа – он устои моҳир,
Ки бошад дар ҳунармандӣ ягона.
Ба соли «мурғ» ин айвон бино кард,
Бидеҳ бар мурғи ӯ ту обу дона.

ва эзоҳ дод: – «мурғ» дар ҳисоби абҷад 1240 мебарояд, агар ба вай «обу дона», ки 63 мебошад, дода шавад, 1303 мебарояд, ки таърихи ҳиҷрии ҳамин сол аст.

Ман, ки ҳисоби абҷадро медонистам, ҳисоб карда дидам, ҳақиқатан 1303 баромад.

Ман дар натиҷаи ин сӯҳбат на танҳо аз ин хурсанд шудам, ки падарам шеър гуфта метавонистааст, инчунин ман аз ин ҷиҳат ҳам хурсанд шудам, ки дар бораи имконияти шоир шудан бе «валӣ» будан дар дили ман ҳеҷ шубҳае намонда буд, чунки «валӣ» набудани падари худро медонистам.

Ман хостам, ки шеърҳои дигари падарамро ҳам шунавам ва илтимос кардам, ки байтҳои дигарашро ҳам барои ман хонад.

Ӯ гуфт:

– Ман шоир нестам. Одам бо як байт-ду байт гуфтан шоир намешавад, ҳар касе, ки андаке шуур дорад, метавонад як байт-ду байт гӯяд. Дар асл решаи калимаи «шеър» ва «шуур» як аст. Аммо барои шоир шудан инҳо кифоя намекунад. Шоир бояд Исо барин, Бобо Соиб барин, Ҳофиз барин дар ҳар маврид шеърҳои хуб гуфта тавонад.

Азбаски падарам аз шоирони замон ғайр аз Исо каси дигарро ном нагирифт, ман гумон кардам, ки ӯ бояд ягона шоири замони мо бошад. Барои фаҳмидани дуруст ё нодуруст будани ин гумони худ пурсидам:

– Дар замони мо ғайр аз Исо шоир ҳаст?

– Албатта, ҳаст, – гуфт падарам, – ва бисёр аст. Яке аз шоирони хуби замони мо қозии Ғиждувон аст.

Ман бо шунидани ин сухан афсӯс хӯрдам, ки чанд сол пеш ба сӯҳбати ӯ расида аз ӯ илтифот дида бошам ҳам, дар он вақт шоир будани ӯро намедонистам, дар ин вақт дар дилам гузашт, ки ман ҳам шоир шуда метавониста бошам ё не? Албатта, ба ин суоли дарунии худ худам ҷавоб дода наметавонистам, бинобар ин ин суолро ба падар додам.

Ӯ гуфт:

– Шоир шуданат мумкин аст, лекин барои ин шеърҳои шоирони калонро



бисёртар хонданат, ёд карданат ва навишта гирифтанат ва бо шоирҳои калон ҳамсӯҳбат шуда, аз онҳо омӯхтанат лозим аст. Ҳоло ки ту хурдсол ҳастӣ, вазифаи ту дарс хондан, шеър хондан, шеър ёд кардан ва шеър навишта гирифтан аст. Ҳоло ба фикри шеъргӯӣ худро овора накун.

Аз ғайри тавсияи падарам ҳам ман шеър хонданро дӯст медоштам, аммо китобҳоро дуруст хонда наметавонистам. Аммо навиштан барои ман ҳеҷ мумкин набуд, чунки ман ғайр аз рақами нӯҳгонаи ҳисоб, ки дар абҷадхонӣ аз падар омӯхта будам, ягон ҳарфро навишта наметавонистам ва ночор роҳи омӯзиши хатнависиро аз падар пурсидам ва ӯ ҳам мутасаддӣ шуд, ки маро хатнавис кунад ва илова кард:

– Ҳар гоҳ хатнависиро ёд гирӣ, саводат ҳам пухта мешавад ва ҳар чизро хонда метавонистагӣ мешавӣ.

Ман дар худи ҳамон маҷлис аз шеърҳои Исо якчанд байтро, ки ба худам хуш омада буданд, ёд карда гирифтам. Ду байт аз онҳо ин буд:

…Дил ба як адо шокир, ҷон ба сад ҷафо собир,
Эй ғурури ноз охир, андаке мадоро кун!
Он баҳори ноз омад, дидаи тараб бикшо!
Барг-барги ин гулшан назри он кафи по кун!

(Ман дар саҳифаҳои 418 – 428 «Намунаи адабиёти тоҷик» намунаҳои шеъри Исоро бо мухтасари тарҷимаи ҳолаш нақл кардаам).

## ХАТМАШҚКУНӢ

Вақте ки ман аз падар илтимос намудам, ки хатнависиро ба ман омӯзад, ӯ гуфт:

– Хати ман бад аст, агар дар пеши ман хат машқ кунӣ, бадхат мешавӣ. Сабр кун, Сайид Акбар аз шаҳр ояд (ин кас дар Бухоро бо акаи ман мехонд), ӯ хушхат аст, дар пеши ӯ машқ хоҳӣ кард…

Асари зарбаи торсакии Сайид Акбар аз гӯшу рӯям кайҳо рафта бошад ҳам, таъсири он зарба ҳанӯз аз дилам нарафта буд. Дар пеши чунин одам хат машқкуниро дилам намехост. Лекин ман фикр кардам: «аввал он ки барои омӯхтани ягон ҳунар баъзе ногувориҳоро бардоштан лозим аст; дуюм он ки ҳарчанд ба воситаи девона ҳам бошад, ман аз вай интиқоми худро барзиёд гирифтаам. Боз барои чӣ кинаи ӯро дар дил нигоҳ дорам?»

Ман бо ҳамин мулоҳиза таклифи падарро бо хурсандӣ қабул кардам. Падарам дар бораи тайёр намудани асбоби хатнависии ман гуфт:

«Қалам – чӯбу сиёҳӣ – обу коғаз – хоку мистар – хас,
Ба ин асбоби нолоиқ чӣ гуна хат нависад кас?»

гуфтаанд. Бинобар ин пеш аз сар кардани хатмашқкунӣ асбоби хатнависии туро тайёр кардан зарур аст.

Падарам ба ҳамин мақсад як рӯзи бозори Ғиждувон, ки худ ба Маҳаллаи Боло рафтагор буд, маро ҳамроҳи худ то бозор гирифта бурд ва дар он ҷо ба ман як қаламдон, ду найқалам, як қаламтарош, як қаламқат[30], як ҷузгири мешигӣ, як бандча лос[31] ва чор тахта коғази машқии хӯқандӣ харида дод ва маро ба тарафи Соктаре гусел карда, худ ба тарафи Маҳаллаи Боло рафт.

Ман ба хари бехӯрҷин савор шуда, қаламдонро, ки ҳамаи асбобҳояш дар дарунаш буд, ба ҷузгир ва коғаз ба тарзи лӯла печонда, ба пеши худ гирифта аз бозор баромадам ва дар ҳолате, ки хурсандии маро поёне набуд, ба роҳ даромадам. Аммо ин хурсандии ман дароз накашид.

Вақте ки ман аз даҳанаи бозори Ғиждувон баромадам, тӯқуми хар пеш рафт. Дар он ҷо барои дуруст кардани тӯқум аз хар фуромадан даркор шуд. Дар он ҷо ба тарафи дасти чапи роҳ як деворчаи пастак буд, дар пеши вай аз хар фуромада, бастаи асбоби хатнависиро бар болои он деворча монда барои кушодани аил даст дароз карда будам, ки қаламдон аз даруни баста шорида баромада шилти карда ба он тарафи деворча, ба даруни ҷӯй афтод.

Ман бедиққатона бастаро каҷ монда будаам, ки қаламдони шаффоф аз байни коғази лӯлапеч кардашудаи шаффоф ғежида баромада ба тарафи ҷӯй шорида рафтааст.

Ман тӯқуми харро ба ҳоли худаш гузошта аз болои деворча сар хам карда нигоҳ кардам. Дар ҷӯй об набуд ва қаламдон ҳам дар он ҷо наменамуд. Лекин дар он ҷо дар даруни ҷӯй як чоҳи хандақмонанди дарозшакл канда будаанд, ки қаламдонам – қаламдони ҷоноҷонам дар даруни он чоҳ ғалтидааст.

Ман ҳеҷ имконе надоштам, ки даруни чоҳ даромада қаламдони худро гирифта барорам, ночор монанди модарони фарзандмурда, ки дар сари қабри ӯ нишаста зор-зор мегирянд, бар лаби чоҳ нишаста бо «ҳой-ҳой» ба гиря даромадам.

Як роҳгузар пешам омада сабаби гиряамро пурсид. Ман ҳиққосзанон воқеаи қаламдонро гуфта додам. Ӯ либосашро кашидан гирифта:

– Гиря накун! Бо гиряи ту қаламдон аз чоҳ намебарояд, ман баровардa медиҳам, – гуфт.

Ман қадаре ором гирифтам. Ӯ ҷома, салла ва кафшашро кашида бар болои деворча монда тани бакурта ба сари чоҳ рафт ва ба пиллапояҳое, ки дар вақти кандани чоҳ дар ду тарафи девораш шикофта монда будаанд, по ниҳода ба даруни чоҳ фуромад ва дар як дақиқа қаламдонро ба нифаи эзораш банд карда баровардa дод.

Акнун хурсандии маро поёне набуд. Дар як рӯз, балки дар як соат як қаламдон маро ду бор аз ҳад зиёд хурсанд карда буд. Ман аз падарам ба сабаби ба як танга (15 тин) харида додани ин қаламдон чӣ қадар хурсанд шуда бошам, аз ин одами ношинос аз вай зиёдтар хурсанд ва миннатдор шуда будам. Зеро касе, ки ба ман ин қаламдонро харида дода буд, падари ман буд. Ман ҳақ доштам, ки ҳар чизро ва аз ин ҷумла қаламдонро аз вай талаб кунам. Аммо ин одам ба ман ҳеҷ алоқа надошт, ҳатто як шиноси кӯчагӣ ҳам набуд. Бо вуҷуди ин, ин ҳама некиро кард.

Ман бо вуҷуди хурдсолӣ инҳоро мефаҳмидам ва бо ҳиссиёти миннатдорӣ ба ҳаяҷон омада будам. Ҳайфо, аз хурдсолӣ намедонистам, ки ба ӯ чӣ гуна изҳори миннатдорӣ кардан даркор аст ва намедонистам, ки ин ҳиссиёти худро баён намоям. Танҳо чашмони навакак бо андӯҳи бепоён гиристаистодаи худро бо остин пок карда, ба он одам табассумкунон менигаристам ва ҳис мекардам, ки на танҳо лабонам, ҳатто чашмонам ҳам бо ҳиссиёти миннатдорӣ табассумкунон медурахшанд.



Қаламдон дар даруни об зарари ҷиддие надида буд, танҳо аз як тарафаш рӯи нохун барин ҷояш пӯстмол рафта буд, ҳатто ба дарунаш ҳам об надаромада буд.

Вақте ки ба падари худ ин воқеаро нақл карда ба зарар надидани қаламдон тааҷҷуби худро изҳор намудам, ӯ гуфт:

– Ин қаламдон кори Миродили саҳҳоф аст (Миродил падари Қорӣ Ибод буд, ки қории мазкур дар шӯъбаи дастнависҳои шарқии Китобхонаи Давлатии Ӯзбекистон дар Тошканд кор мекард ва дар соли 1944 вафот намуд). Миродил аз ҳунармандтарини саҳҳофон аст. Ӯ ҳарчанд коғазпорчаҳоро бо шireш бо ҳам часпонда қаламдон месозад, чунон ҳунар ба кор мебарад, ки монанди чӯб сахт ва обногузар мешавад. Коғази рӯяшро аз коғази равғании Самарқанд мекунад, ки ин коғаз обу намро ба худ намегирад. Он пӯстмоле ҳам, ки бар рӯи вай рафтааст, аз об нест, маълум мешавад, ки дар даруни чоҳ дар лаби оби вай чӯб ё санги нӯгтезе будааст, ки қаламдон дар вақти дар чоҳ афтодан аввал ба вай бархӯрда зада шудааст.

* * *

Сайид Акбар аз Бухоро омад. Ман дар пеши ӯ хатмашққуниро сар кардам. Ӯ мувофиқи одати муаллимони хат якчанд ҳарфи арабиро бо қалами ҷалӣ[32] дар як коғаз калон-калон навишта дод. Дар вақти навиштани ин ҳарф- ҳо маълум шуд, ки ӯ дар майданависӣ хати хоное дошта бошад ҳам, дар ҷалинависӣ бадхат будааст. Ва ҳол он ки барои навмашқон сармашқҳои хушхати ҷалӣ–калон лозим аст ва низ муаллим бояд тарзи навиштани он ҳарфро ба шогирд амалан нишон диҳад.

Муаллими ман кашиш ва доманаҳои ҳарфҳои калонро каҷу килеб карда навишт ва баъд аз он ҷоҳои аз қоида берун баромадани онҳоро ба нӯги қаламтарош аз дандонҳояш оҳор тарошида гирифта молид, пас аз он бо нӯги қаламтарош онҳоро аз рӯи коғаз тарошида гирифт, ки бо он оҳор ҷоҳои барзиёди ҳарфҳо ҳам тарошида шуданд. Баъд аз он бо нӯги қалам аз рӯи қоида ҷоҳои холимондаи ҳарфҳоро сиёҳӣ пур кард. Ба ҳамин тариқа як сархате ба вуҷуд омад, ки вайро ҳар кас бинад, муаллимро айб карда наметавонист.

Сайид Акбар он сархатро ба ман супурда фармуд:

– Ба хона рафта ин ҳарфҳоро чунон машқ кун, ки хатат монанди хати ман шавад. Баъд аз он дар коғази ҷудогона мисли ҳамин сархат навишта фардо пеши ман биёр, ман мебинам, агар дуруст навишта бошӣ, боз машқ мефармоям.

Ман сархатро гирифта ба хона омадам. Бе ҳеҷ гуна машқ ба даст қалам гирифта бо дастҳои ларзон он ҳарфҳоро дар коғазе сархатвор навиштам. Аммо он ҳарфҳо чунон каҷу килеб ва баднамо буданд, ки аз «ҳарф» зиёдтар ба сиёҳии ба рӯи коғаз пошхӯрда монандӣ доштанд. Лекин ман барои ин ҳеҷ ғам нахӯрдам ва монанди муаллими худ бо нӯги қаламтарош аз дандонам оҳор тарошида гирифтам ва пас аз он ҷоҳои холимондаи ҳарфҳоро монанди муаллими худ сиёҳӣ пур кардам. Дар натиҷа ҳарфҳои шинохташуданӣ ба вуҷуд омаданд.

Вақте ки ман ин машқи аввалини худро ба падар нишон додам, ӯ таҳсин кард, чунки ӯ аз сохтакории ман бехабар буд. Тааҷҷуб дар он ҷост, ки чун фардо хати худро бурда ба муаллим нишон додам, ӯ ҳам таҳсин кард; ҳеҷ гумон накард, ки ман аз вай пеш аз омӯхтани хатнависӣ сохтакориро омӯхтаам ва ӯ маро

дар рӯзи дуюм ба сархати дуюм гузаронид. Ба ҳамин тариқа ман дар андак вақт муфрадот (танҳо-танҳо) навиштани ҳарфҳоро тамом карда, ба мураккабот (пайваста)-нависӣ гузаштам.

Дар вақти сар кардани мураккаботнависӣ муаллим байти зеринро ба тарзи сармашқ навишта дод:

Чун фароғат зи муфрадот омад,
Вақти машқи мураккабот омад.

Азбаски муаллим мураккаботро бо қалами майда навишт, ба чирки дандон корфармоӣ эҳтиёҷ пайдо накард. Аммо ман, ки дастам ҳеҷ машқ надида буд, маҷбур шудам, ки дар мураккаботнависӣ ҳам ҳамон сохтакориро кор фармоям.

Ман машқи хатро тамом кардам, мақсади асосӣ ва аввалинам аз хатнависӣ, ки навишта гирифта тавонистани баъзе шеърҳо буд, ба даст даромад. Лекин ман чунон бад менавиштам, ки хати маро ба ғайр аз худам ҳеҷ кас хонда наметавонист, ҳатто баъзе калимаҳои худ навиштаамро баъд аз чанд рӯз худам ҳам хонда наметавонистам.

Ҳарчанд бо гузаштани вақтҳои бисёр дар натиҷаи бисёр навиштан хатам як андоза дуруст шуда бошад ҳам, то ҳол ман бадхати гузаро ҳастам. Ин натиҷаи сохтакории муаллим аст, ки бо кирдори худ ба ман омӯхта буд.

## РӮЗАДОРӢ ВА РӮЗАФУРӮШӢ

Моҳи рамазон дар вақти зардолупазӣ, ки ба моҳи июн рост меояд, омада буд. Рӯзҳо ба ниҳояти дарозӣ расида буданд. Дар ҳамон рӯзҳои дароз ва гарм модарам маро ба рӯза гирифтан далолат кард. Ман қабул намудам, аммо рӯз соат 10 нашуда ҳам ташнагӣ ва ҳам гушагӣ ба ман зӯр оварданд. Аз модарам пурсидам, ки рухсат диҳад, то ки ман обе нӯшида ва ноне хӯрда осуда шавам. Қабул накард:

– Ҳар кас рӯзаро хӯрад, гунаҳгор мешавад ва дар дӯзах месӯзад, – гуфт.

– Чанд рӯзи рамазон гузашт, ки ман рӯза нагирифтаам. Пас маълум мешавад, ки ман дар оташи дӯзах хоҳам сӯхт. Модом ки месӯхта бошам, сӯхтан гирам. Як рӯз аз дӯзах халос шуда чӣ кор мекунам, – гӯён ман дубора талаб кардам, ки барои рӯзахӯрӣ рухсат диҳад.

– Вақте ки ту дар саҳар нияти рӯзадорӣ накарда бошӣ, азбаски хурдсол ҳастӣ, рӯза хӯрда гардӣ, зарар намекунад. Ин саҳар, ки нияти рӯза доштан кардӣ, агар рӯзаро хӯрда ниятатро шиканӣ, гунаҳкор мешавӣ, – гуфт модарам дар ҷавоби баҳсрасонии ман.

Ман боз як соати дигар сабр кардам, аммо ҳеҷ тоқатам намонд. Кому забонам то лабонам карахш бастанд, дар меъдаам як нооромии ногуворе пайдо шуд, гӯё дар он ҷо як кирми оташини гуруснае бошад, ки обу нон мехоҳад ва агар талаби ӯро бар ҷо наёрам, гӯё маро сӯхта маҳв мекарда бошад.

Дар ҳамин ҳолати тангии ман буд, ки падарам аз сари дукони бофандагии худ хеста пеши модарам омада аз вай нойча талаб кард ва рангу рӯи бемoронаи маро дида аз ман ҳолпурсӣ намуд.

Ман ба ӯ қиссаи рӯзадории худро ҳикоя карда, суханҳои модарамро нақл намудам. Ӯ хандид ва ба модарам нигоҳ карда гуфт:



– Ҳоло ки ин ба балоғат нарасидааст, ягон таклифи шаръӣ ба гарданаш бор намешавад. Шариатро ки намедонӣ, чаро бачаро аз номи шариат азоб медиҳӣ, зуд ба ӯ ягон чиз деҳ, ки хӯрад!

Ман ҳамон рӯз аз ҳаррӯза зиёдтар чиз хӯрдам, чунки баробари шикам чашмам ҳам гушна монда буд. Дар натиҷаи бисёр чиз хӯрдан ва хусусан ба сабаби зардолуро аз ҳад зиёд хӯрдан ҳамон шаб бемор шудам. Аммо модарам ин бемориро аз «касофати рӯзахӯрӣ» медонист, лекин ин ақидаи худро аз тарс ба падарам изҳор намекард.

Бо ин қадар модарам аз ман даст накашид ва кӯшиш мекард, ки ҳеҷ набошад, се рӯз маро рӯза доронад, то ки одат кунам ва дар калонсолӣ рӯзахӯр нашавам. Аммо ман дигар ба гапи ӯ гӯш надодам.

Охир модарам ҳилае ёфт, ки ман ба рӯзадорӣ гардан додам, ин ҳила сайри Дарвешобод буд: он вақтҳо ҳар сол дар моҳи мизон (аз 23-юми сентябр то 23-юми октябр) дар Дарвешобод ном маҳаллаи Ғиждувон ҳафтае якрӯзӣ чор шабу рӯз сайр мешуд. Ҳикояти ин сайр ба касоне, ки вайро надидаанд, монанди ҳикояҳои ҳазору як шаб дилкаш ва аҷиб менамуд. Ҳикоятҳое, ки дар борaи тарфбозӣ, мушакбозӣ, хартозӣ ва тагал ҷангандозии он ҷо мекарданд, монанди ҳикоятҳои деву парӣ ҳам даҳшатовар ва ҳам ҳавасангез буданд. Дар райони Ғиждувон кам кас ёфт мешуд, ки ҳеҷ набошад соле як бор рафта он сайрро тамошо накунад. Деҳқонбачагони камбағал ҳам, ки падарҳошон барои сайр харҷӣ дода наметавонистанд, кӯшиш мекарданд, ки коре карда ду-се танга пул ёбанд, то ки ба он сайр рафта тамошо карда тавонанд: вақти сайр ки наздик шудан гирифт, пахта ва ғӯзачинӣ мекарданд, ба харбузакашонии деҳқонони бой ба мардикорӣ медаромаданд ва агар ҳеҷ кор наёбанд, аз киштзорҳо туздӣ мекарданд ва монанди инҳо.

Ман ҳам ҳар сол ба дидани ин сайр ҳавас карда аз падар мепурсидам. Аввал ӯ он сайрро бад карда нишон медод, албатта, ӯ медонист, ки ин сухани ӯро ман бовар намекардам, баъд аз он хурдсолии маро баҳона мекард ва мегуфт:

– Ту ба танҳоӣ рафта наметавонӣ, ман бошам, намеравам, агар туро ба касе ҳамроҳ карда фиристонам, харҷ зиёд мешавад. Сабр кун, калонтар шавӣ, меравӣ, мебинӣ, орзуят мешиканад.

Модарам ана аз ҳамин ҳаваси аз ҳад зиёди ман барои рӯза дорондани ман фоида бурдан хоста ба ман гуфт:

– Агар ту се рӯз рӯза дорӣ, ба ҳар рӯз яктангагӣ ба ту медиҳам, ки се танга мешавад, бо ин пул ба Дарвешобод рафта тамошо карда омада метавонӣ.

Ман ин таклифро қабул кардам ва барои рӯзадорӣ азми ҷазме намудам. Модарам ҳамон рӯз маро ба хобидан маҷбур кард, ки шаб бедор нишаста тавонам, то ки саҳар хӯрокро дуруст хӯрам ва рӯзи ояндаро дар хоб гузаронам, ки гузаштани рӯз номаълум шавад. Азбаски худам розӣ шудам, падарам ҳам монеъ нашуд:

– Рӯза дошта тавонӣ, доштан гир, ман чӣ кор дорам, – гуфт.

Шаб нахобида саҳарӣ бо падару модар хуб чиз хӯрдам. Рӯзона ҳам то гарм шудани ҳаво бо бачагони кӯча бозӣ карда гашта бедор мондам. Чун хоб ғалаба кард, ба хона омадам, ки бихобам. Модарам дар зери зардолузор ба худаш, ҳам

ба ман ҷой андохта монда будааст. Аммо ман хонаи холиро маъқул дониста ҷоямро ба хона бардошта овардам. Падарам бошад, дар рӯзҳои рамазон дар дуконхонааш мехобид.

Ман дарҳои хонаро баста хобидам, зуд хобам бурд. Як вақт бедор шудам, ки шикамам гурусна мондааст. Боз чашмамро пӯшонда хобидан хостам, то ки гузаштани рӯзро нафаҳмам. Аммо шиками гуруснаи сабилмонда ба хобидан роҳ намедод.

Хӯроки шабонаро, ки дар вақти ифтор хоҳем хӯрд, ба ёд овардам: фатири гарми равғанизардӣ, ки модарам пухтани онро ваъда карда буд ва шинниии тутӣ, ки инро модарам дар вақти тутпазӣ махсусан барои рамазон пухта монда буд, ба назарам хеле дилкаш менамуданд. Ман ин хӯрданиҳои балаззатро ба ёд меовардам, ки шиками гуруснаам шояд тасаллӣ ёбад. Лекин натиҷа баръакс шуд ва иштиҳо талаб мекард, ки ҳозир аз он чизҳо хӯрам. Аз бетоқатӣ чашмам кушода шуд ва ба девори хона назар андохтам, ки оё хурмаи шиннӣ дар ҷояш ҳаст ё не. Хурма дар ҷояш буд. Бо дидани вай иштиҳоям боз ҳам зиёдтар шуд. Модарам одатан хурмаи шинниии рамазонро ба девори хона ба мехи қадрас овехта мемонд, ки мӯрча зер накунад ва ҳар шаб аз вай ба қадри даркорӣ гирифта боз ба ҷояш меовехт.

Ман аз ҷо хеста ба зери хурма рафтам, аммо қадам нарасид. Ҷои хоби худро ба он ҷо бурда, кӯрпачаҳо ва болиштро ба девор такя дода болои ҳам гузоштам ва ба болои онҳо баромада дидам, ки қадам мерасад. Баъд нондонро кушода як порча нонро бурда-бурда карда гирифтам. Миёнамро аз рӯйи баста нонпораҳоро дар бағал ҷо кардам, пас аз он ба болои кӯрпачаҳо баромада даҳанбанди хурмаро кушода бо як дастам аз мех нигоҳ дошта бо дасти дигарам аз бағал нон бароварда ба шиннӣ ғӯтонда хӯрдан гирифтам. Баробари холӣ шудани бағал аз нон шикам пур шуд. Даҳони хурмаро монанди аввалааш латтабанд карда, ба лаби пойгаҳ рафта бо офтоба дасту даҳонамро шустам ва ба қадри даркорӣ об ҳам нӯшидам. Пас аз он дубора ба худ ҷо паҳн карда хобидам. Маро модарам вақте бедор кард, ки қариб шом шуда буд ва ӯ дастархони ифториашро бо фатир ва шиннӣ меорост.

Ба ҳамин тариқа ман се рӯз «рӯза дошта», соҳиби се танга шудам, ки вай хароҷоти сайри Дарвешободи оянда буд.

## САЙРИ ДАРВЕШОБОД

Тирамоҳ шуд, вақти сайри Дарвешобод расид. Дар ҳафтаи якум ба сайр рафтан падарам розӣ нашуд:

– Ҳафтаи нахустинро одатан бачадавак мегӯянд, дар вай тамошои дуруст ҳеҷ намешавад. Ҳафтаи дуюм мефиристонам, – гуфт.

Дар ҳафтаи дуюм писари амаки падарам Иброҳимхоҷа ба Дарвешобод рафтагор шуд. Падарам ба дасти ӯ се танга дода ба ӯ фармуд, ки маро ҳамроҳ барад ва ҷияни худаш – Ҳомидхоҷаро ҳам гирад, ки ҳар дуи мо бо ҳам бозикунон тамошо кунем ва инчунин ба ӯ таъин кард, ки дар Ғиждувон дар ҳавлии падарарӯси тағоиям – устои косагар манзил кунем.

Сайри Дарвешобод одатан ҳар ҳафта рӯзи сешанбе пагоҳӣ сар шуда, рӯзи чоршанбе то чоштгоҳӣ давом мекард. Мо пагоҳонии сешанбе аз хона баромада Ғиждувон рафта ба хонаи устои косагар фуромадем. Ҳавлӣ аз одам пур буд. Он одамон меҳмонон набуда, коргарони устохонаҳои косагарӣ буданд. Ҳамаи онҳо бо ҷӯшу хурӯш тарф тайёр мекарданд, баъзеи онҳо кулӯх метарошиданд, баъзеашон дору мекӯфтанд, баъзеи дигарашон доруро бо чӯянпораҳои бехта меомехтанд ва баъзеашон тарф ҷой мекарданд.

Тарф зарфе буд монанди офтобаи чӯянӣ, лекин даста ва нӯл надошт, инчунин тарафи зеринаш ҳам сӯрох дошт. Тарфҷойкунандагон сӯрохи зерини вайро аз дарун бо кулӯх банд карда, аз болои кулӯх дору рехта бо чӯбе ӯғурчадастамонанд зада зер мекарданд, дору иборат аз борут – доруи милтиқ буд, ки барои гулрез кардани оташи он дар вай резаҳои ҳар гуна фулузот – металл ва аз ин ҷумла чӯянрезаҳо омехта буданд.

Раҳбари саёҳати мо Иброҳимхоҷа баъд аз қадре тамошо карда истодани ҳунари тарфҷойкунӣ ва дорусозӣ аз онҳо пурсид:

– Дар ин кор чӣ қадар маблағ сарф мешавад?

– Дар ҳар тарф тахминан даҳ танга! – яке аз онҳо ҷавоб дод.

– Ин харҷро кӣ медиҳад? – Иброҳимхоҷа боз пурсид.

– Мо коркунони косагар ва мо барин коркунони косагархонаҳои чӯянрезӣ ва дигар корхонаҳо.

– Аз ин кор ба шумоён чӣ фоида?

– Агар мо ба ҳарифони худ, ки вобкандиҳо мебошанд, дар тарфбозӣ ғолиб бароем, барои мо давлати бузург хоҳад буд. Аз ин беҳтар дар дунё боз чӣ фоида ҳаст?

Дар рӯи суффа бар болои кӯрпача мизбони мо – соҳиби ҳавлӣ, устои косагар чорзону зада менишаст. Ӯ ба тарафи Иброҳимхоҷа чашмак зада, бо табассуми истеҳзокорона ба гап ҳамроҳ шуд:

– Инҳо ва умуман коркунони корхонаҳоро «девонабача» меноманд. Инҳо на парвои зану фарзанд доранд, на ғами хӯроку пӯшок. Дилхушии ягонаи инҳо соле ду бор дар сайри Дарвешобод ва дар бозори шаби моҳи рамазон тарфбозӣ кардан аст. Инҳо ҷавонони хушбахти хушвақт мебошанд. Ман ҳам орзу доштам, ки дар қатори инҳо буда, зиндагонии худро бо хушӣ ва хуррамӣ гузаронам. Ҳайфо, ки ашғоли дунё, вобастагии зану фарзанд ва ташвиши зиндагӣ маро аз ин кори беғамона маҳрум кардаанд.

Иброҳимхоҷа мехост ба ӯ гап зада ба ин фикри вай муқобил барояд. Аммо усто ба ин кор роҳ надод ва ба ӯ маънидорона чашмак зада, сухани худро давом дод:

– Ҳарчанд худам аз ин бозӣ маҳрум бошам ҳам, бо роҳи ба инҳо ёрӣ додан орзуи дили худро мешиканам.

– А? – гуфт Иброҳимхоҷа тааҷҷубкунон, – шумо ба ин кор аз ҷайби худ пул ҳам медиҳед?

Усто як бори дигар ба ӯ чашмак зада ҷавоб дод:

– Аз ҷайби худ додагӣ барин як кор мекунам-дия – музди кори яксолаи бештарини инҳо ба тарфбозиашон, ки соле ду бор мешавад, намерасад. Бинобар ин ман, вақте ки инҳо барои бозӣ ба пул мӯҳтоҷ шаванд, аз болои кори ояндаашон

пешакӣ ба тариқи бунак[32] пул медиҳам. Ана ҳамин барои касе, ки дар дасташ пул нест ва мӯҳтоҷ аст, ёрмандии калон мешавад.

Усто баъд аз қадаре хомӯш монда коркунонро аз назар гузаронидан боз сухани худро давом дода илова кард:

– Шумо гумон накунед, ки фоидаи бунак барои коркунон танҳо ҳамин аст, ки онҳо бо ин тарфбозии худро давом медиҳанд. Ин тавр нест. Ин як фоидаи дилхушкунии бунак аст. Фоидаи асосии бунак дар ин аст, ки коркунон ба ин восита ба як корхона баста мешаванд, «дарахт дар як ҷо сабз мешавад» гуфтаанд ва рӯз ба рӯз ҳунар ва малакаашон зиёд мешавад. Агар худо бахташонро кушояд, худашон ҳам бо ҳунари худ соҳибкор шуданашон мумкин аст. Чунончи, ман ҳам дар ҷавонии худ шогирдӣ ва халфагӣ мекардам. Агар ҳамин бунак дар миён набошад, инҳо бо тақозои «девонабачагии худ» ба як танга музди барзиёд фирефта шуда, ҳар рӯз аз корхонае ба корхонае мегузаранд. Дар натиҷаи дарбадарӣ аз баланд кардани дараҷаи ҳунармандии худ бозмемонанд ва ба болои ин, дили соҳибкорон аз инҳо сард шуда, ба корхонае роҳ намеёбанд. Оқибат сарсаригард, қиморбоз, ё ин ки дузд шуда мераванд.

Дили ман аз пургӯии мизбонамон танг шуд ва аз Иброҳимхоҷа хоҳиш кардам, ки моро зудтар ба сайргоҳ барад.

* * *

Мо ба сайргоҳ рафтем. Сайргоҳ дар тарафи ғарбии роҳи калоне буд, ки аз бозори гови Ғиждувон баромада ба тарафи Бухоро мерафт. Ин роҳ аз даҳанаи бозор то мадрасаи Чӯбини Ғиждувон, монанди як хиёбон, васеъ ва рост мерафт. Фақат ду тарафи роҳ бедарахт буд. Дар тарафи ғарбии ин роҳ 10 гектар барин замини чоркунҷа буд, ки сайргоҳ дар он ҷо барпо шуда буд. Ин қитъа ба палҳои яктанобӣ, нимтанобии киштзор ҷудо шуда бошад ҳам, соҳибони он замин дар аввалҳои моҳи сентябр киштҳои худро ғундошта гирифта барои сайргоҳ муҳайё карда будаанд ва бо пули иҷорае, ки аз дукондорони сайр мегирифтанд, зарари кишти барвақт ғундоштаи худро дучанд карда мебаровардаанд.

Ин қитъа сар то сар аз шимол ба ҷануб ба растаҳо ҷудо карда шуда буд. Дар ду тарафи он растаҳо бо бӯрё ва ходачаҳо каппамонанд дукончаҳо сохта буданд, ки баъзеи он дуконҳо чойхона, баъзеашон ошхона, моҳипазӣ ва монанди инҳо буданд. Мо сар то сари ин растаҳоро сайр карда баромадем. Аммо ба фикри ман чунон расид, ки ин ҷо ғайр аз бозори одии деҳотӣ дигар чизе нест ва ман ҳайрон будам, ки мардум дар ин ҷо чӣ чизро тамошо мекарда бошанд. Агар ҷои тамошо ҳамон чойхонаҳо ва ошхонаҳо бошанд, беҳтарини инҳо ва озодтаринашон дар растаҳои худи Ғиждувон ёфт мешаванд, ки ҳар рӯз кушода буданд, ҳатто чойхонаи бозорчаи Сари Пули Эшон, ки ба ҳавлии мо наздик буд, аз ин чойхонаҳо хубтар, хушнамотар ва ба сабаби пешаш сарҳавздор ва дарахтзор будан аз инҳо хушҳавотар буд.

Ман аз ин ҳол дилтанг шуда, ба Иброҳимхоҷа гуфтам:

– Охир, моро ба ягон ҷои тамошо карданӣ баред!

– Бисёр хуб, – гӯён ӯ моро дар охири ҳамин қитъа, берун аз растаҳои бӯрёпеч, ба зери деворе бурд, ки он девор ин қитъаро аз роҳи калони мадрасаи Чӯбин



ва пули баланди ҷӯи Хоҷа Ҳомонӣ ҷудо мекард. Дар зери ин девор ҳар ҷо-ҳар ҷо мардум давра гирифта рост истода буданд. Роҳбари мо моро ба ҳар кадоми он давраҳо бурда ягон – ягон нишон дод. Дар баъзеи он давраҳо ғирғиракбозӣ, дар баъзешон тасмабозӣ, дар дигарашон қартабозӣ ва монанди инҳо буд, ки ҳамаи онҳо қиморбозӣ буда, камшууртарини одамон атрофи онҳоро фаро гирифта бахтозмоӣ мекарданд ва маблағи ночизеро, ки бояд бо сад душворӣ барои харҷи сайр захира карда бошанд, дар он ҷо бой медоданд.

– Ин ҷо ҳеҷ ҷои тамошо нест, – гуфтам ба роҳбари худ бо оҳанги қадаре норозиёна ва хашмгинона.

– Ту монанди падарат як бачаи ҳам дилтанг ва ҳам душворписанд будаӣ, – гуфт Иброҳимхоҷа оташин шуда ва баъд аз дақиқае қадаре нарм гардида суханы худро давом кунонид:

– Хуб, биёетон, шуморо ба беҳтарин ҷои ин сайргоҳ барам.

Ӯ моро боз як бори дигар аз он растаҳои бӯрёӣ гузаронида, ба гӯшаи ғарби шимолии он сайргоҳ бурд. Дар он ҷо як сарҳавз буд, ки дар тарафи шимолии вай дуконҳои нонфурӯшӣ, ҳалвогарӣ ва мевафурӯшӣ ҷой гирифта буданд. Нонвоҳо нардбонҳои калони тахтагиро ба дарахтони сарҳавз такя кунонда монда, бар рӯи пояҳои онҳо кулчаҳои калони ширмоли дубезаи Ғиждувонро назаррабо карда чида буданд. Ҳалвогарҳо ҳам қуттиҳои пурҳалворо аз нишеб ба фароз пасу пеш чида, рӯи ҳалвоҳошонро бо коғазҳои зарҳал зеб дода буданд, ки хеле иштиҳоовар менамуданд. Ба тарафи шимолии роҳи пеши сарҳавз талчае буд, ки ба болои вай мазори Хоҷа Дарвеш, ки ин сайр ҳар сол ба шарафи вай барпо мегардид, бино ёфта буд ва дар суффаи тарафи шарқии сарҳавз як чойхонаи болокушода барпо шуда буд.

Ман дар ин ҷо ҳам як чизи қобили тамошое надидам. Дуруст аст, ки кулчаҳои ширмол ва ҳалвоҳои зарҳалпеч хеле дилкаш менамуданд. Аммо агар пул бошад, ба қадри даркорӣ аз инҳо харида бурда дар хона хӯрдан ҳам мумкин буд, барои ин ба сайргоҳ омадан, ҳатто сайр ташкил кардан ҳам лозим набуд. Лекин ман ин фикри худро ба роҳбар, ки навакак маро ба «дилтангӣ ва душворписандӣ» айбдор карда сарзаниш намуда буд, нагуфтам.

Аммо шояд ӯ ба ин фикри ман аз ваҷоҳатам пай бурда бошад:
– Асли сайр шабона барпо мешавад, ҳоло мардум фақат гардиш карда хӯрок мехӯранд ва чой менӯшанд, – гуфт ва илова намуд: – мо ҳам чизе харида хӯрда ба манзил равем, шабона боз меоем.

Раҳбар ба 8 пул ду кулчаи ширмоли хурд, ба ним танга ҳалвои равғании зарҳалпеч харида, моро ба чойхонаи сарҳавз бурд. Мо дар он ҷо чой фармуда, ба хӯрокхӯрӣ даромадем. Дар поёни суффа ба майдончае маддоҳе маърака гирифта ба мардум аз фазоили Хоҷа Дарвеш гап мезад. Назар ба қавли маддоҳ, Хоҷа Дарвеш одами қашшоқ будааст, бо ҳамаи ин худ гурусна гардад ҳам, ҳар чизе, ки дар дасташ афтад, ба маддоҳон ва гадоён садақа мекардааст. Ҳатто дар зимистон дар як рӯзи пурбарфу борон бо як қат ҷома ба кӯча баромадааст. Дар кӯча ба маъракаи маддоҳе рост омадааст, ки ӯ ҷома талаб мекардааст. Хоҷа Дарвеш ҷомаи худро ба он маддоҳ дода, худ дар он сармои сахт бо тани ба курта ба хонақоҳи худ рафтааст.

Маддоҳ дар паси ин «ҳикоя» - и худ аз мардум аввал ҷома, баъд аз он танга ва аз ҳама охир пули сиёҳ талаб кард. Ҳама як чиз-як чиз доданд. Дар қатори мардум Иброҳимхоҷа ҳам ба маддоҳ як танга дод. Ман аз ин кори ӯ дар ҳайрат афтодам, зеро падарам мегуфт, ки «Иброҳимхоҷа бо садақаи мардум зиндагонӣ мекунад», бинобар ин аз ӯ пурсидам:

– Шумо чаро ба маддоҳ пул додед?

Ӯ ба ман нигоҳи табассумомези маънидоре карда гуфт:

– Магар дар дили ту гузашт, ки ин пулро ба маддоҳ аз се тангае, ки падарат ба ман барои харҷи сайри ту дода буд, додам? Ин тавр нест. Ман ин пулро аз кисаи худ додам.

Бо ин эзоҳи Иброҳимхоҷа шубҳа ва ҳайрати ман дар бораи «ҷавонмардӣ» ва «сахигии» ӯ ҳанӯз бартараф нашуда буд ва ҳоло ҳам ба ӯ бо назари суол ва тааҷҷуб нигоҳ карда меистодам. Магар ӯ аз ин кайфияти ман пай бурд, ки ба эзоҳи аввалиаш илова карда гуфт:

– Мардумро ба кори хайр ва садақадиҳӣ ёд додан даркор аст, ба маддоҳ пул додани ман, ки ба сарам саллаи сафед ҳаст, ба мардум ибрат ва намуна мешавад ва «агар ба маддоҳ садақа додан лозим намебуд, ин кас, ки мулло, эшон ва садақахӯр ҳастанд, ба ӯ пул намедоданд» мегӯянд ва ба қадри тавонистанашон ба ин кори хайр ҳамроҳӣ мекунанд.

Дар ҷанубии маркази Ғиждувон ва наздик ба он деҳае буд, ки вайро Пахмӯза (Пахнмӯза) меномиданд. Бештарини калонсолони он деҳа маддоҳ ва хурдсолҳошон «маддоҳбача» буданд. Маддоҳон, чунонки мисолаш дар боло нишон дода шуд, дар бозорҳо ва сайргоҳҳо маърака гирифта, ҳикояти оид ба хурофоти динӣ карда садақа металабиданд, маддоҳбачагон дар чойхонаҳо ба давраи чойнӯшон нишаста сурудхонӣ карда пул мағундоштанд.

Баъд аз тамом шудани маъракаи маддоҳӣ ду маддоҳбача бо як пешхон дар он чойхона пайдо шуданд. Маддоҳбачагон тахминан 16–17-сола буда, пешхонашон 25–26-сола менамуд. Инҳо ба ҳар давраи чойнӯшон, ки меомаданд, бачагон дар давра менишастанд, пешхон рост истода ягон суруде сар мекард, бачагон ба ӯ ҳамовоз мешуданд. Аммо на бачагон ва на пешхон он сурудро пурра намехонданд ва ба охир намерасонданд: ҳамин ки пешхон сар кард ва бачагон сурудро аз даҳони ӯ гирифта суруданд, пешхон ба талаб медаромад. Талаби ӯ ҳам як дараҷа дағалона буд, масалан, мегуфт: «Канӣ кисая ковед! Сурфа кунед! Инъоматон бояд мувофиқи бурутатон бошад. Ӯй ҷавони тӯтибурут! Чаро натақатон намебарояд?... Ва монанди инҳо.

Баъд аз он ки чойнӯшон аз шарм, ё бо далолати якдигар, ё ин ки аз «шалҳагии» пешхон ба ҷон омада як чиз-ним чиз доданд, пешхон мегуфт: «Эй дастпарвардагони хоҷаи ҷаҳон Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ! Ман аз Бухоро бо нияти хайре ба шумо меҳмон шуда омадам. Ман меҳоҳам имсол ба ҳаҷ равам. Маро «Ҷӯраҷулак» меноманд, ки дар гузари Маддоҳони Бухоро зиндагонӣ мекунам. То ҳол шумо ба ман ҳар чизе, ки додед, барои хотири ин ҷавони хушовоз буд ва он чизҳо ҳаққи инҳост. Акнун ман барои худо, барои харҷи роҳи Маккаи муборак – барои худ металабам. Баъд аз мавсими ҳаҷ кадоме аз шумоён, ки барои кори худ ба Бухоро равад, як сари қадам ба гузари Маддоҳон рафта пурсад, ки ман ба ҳаҷ рафтаам ё не, агар касе гӯяд, ки «Ҷӯраҷулак ҳаҷ нарафтааст», ҳар кадом аз шумо, ки дар ин ҷо ба ман як танга додааст, аз ман даҳ танга карда гирад».

Албатта, мардум ба пешхон боз як чиз-як чиз доданд.

Ба ман сурудхонии маддоҳбачагон хеле хуш омада буд. Ҳақиқатан ҳам онҳо хушовоз ва хушхон буданд. Ҳайфо, ки пешхони ноинсоф ба дурусттар хондани онҳо роҳ намедод, бо талаби пай дар пай ва пулғундорӣ ҳамаро ба ҷон мерасонд.

* * *

Мо бегоҳӣ ба манзил рафтем, дар он ҷо тарфҳои дору ҷойкардаро монанди офтобаҳои кулолгарӣ болои ҳам чида монда буданд. Баъд аз як-ду соат дар он ҷо ёзидан, боз ба сайргоҳ омадем. Дар чойхонаҳо ва дуконҳо шамъҳои калон месӯхт, дар майдонҳо ӯғурҳоро пури равған карда дар вай латтакӯхна гузошта даргиронда буданд, ки машъалвор атрофро равшан мекард. Мо чароғони сайргоҳро гардиш карда баромадем. Иброҳимхоҷа ба мо як шадда мушаки коғазӣ харида дод. Дар ин вақт дар миёни мардум «тарфбозӣ сар мешавад» гӯён ҳаяҷон ва ғулғула пайдо шуд. Иброҳимхоҷа моро ба болои талча баровард. Ба болои тал ғайр аз мазори Хоҷа Дарвеш боз як хоначаи дигар буд, ки дар қатори иморати мазор бино ёфта буд. Дар байни мазор ва хонача як дарахти тут буд. Аз тарқиши дари хонача партави заифи чароғи хирасӯзе берун меафтод.

Иброҳимхоҷа моро дар пеши он хонача – дар ҷое, ки аз он ҷо сарҳавз ва дуконҳои нонворӣ, ҳалвогарӣ ва мевафурӯшӣ менамуданд, шинонда:

– Тарфбозӣ дар атрофи ҳамин сарҳавз сар мешавад. Дар он ҷо будани шумоён хавфнок ва дар вақти тарфбозӣ тарсиданатон, ё ин ки дар зери пои мардум монда пахш шуданатон мумкин аст. Дар ин ҷо беозор ва бетарсу бим тарфбозиро ба хубӣ тамошо мекунед, – гуфт ва аз кисааш як қуттӣ гӯгирд бароварда ба ҷияни худ Ҳомидхоҷа дода илова намуд:

– Агар то сар шудани тарфбозӣ дилатон тангӣ кунад, гоҳо аз мушак як донаашро даргиронда бозӣ карда шинетон.

Иброҳимхоҷа рафт. Ҳомидхоҷа гӯгирд зада яке аз мушакҳоро даргиронд. Ҳамин ки овози қарсоси мушак баромад, аз хона ҳам овози ҷонкоҳи: «вой мурдам!» гуфтани чанд кас якбора баланд шуд ва дари хона кушода шуда аз он ҷо чанд кас берун омад. Мо тарсида гурехтем. Ман худро ба даруни бинои мазор гирифта пинҳон шудам. Ҳомидхоҷа, ки ба тарафи дигар гурехта буд, ба даст афтод. Аз хона баромадагон ӯро гӯшкашак карда, ду-се торсакӣ ба рӯяш заданд ва баъд аз тавба додани Ҳомидхоҷа аз мушакпарронӣ, худашон боз ба хона даромада дарро бастанд.

Ман оҳиста аз мазор баромада пеши Ҳомидхоҷа омадам. Ӯ ҳанӯз гиря мекард ва маро дида аз шарм бояд бошад, хомӯш гардид ва ба ман:

– Биё, бинем, ки дар ин хонача киҳоянд ва чӣ кор мекунанд. – гуфт.

Мо пеши хонача рафта аз тарқиши дар поидем. Дар он ҷо 3–4 каси рангканда нишаста буданд, дар пеши ҳар кадоми онҳо бар рӯи рӯймолчаи чиркине қандалот, мавиз ва ҳалво барин чизҳои ширин буд. Дар як тараф яке аз онҳо чизеро

дар косае фишор медод. Ҳамаи инҳо сари худро хам карда ва чашмонашонро пӯшонда менишастанд, касе ҳам, ки дар коса чизеро фишор медод, сархам ва чашмпӯшида буд. Баъзе аз инҳо, бе он ки сарашро бардорад, ё чашмашро кушояд, магасвор садои ғинг-ғинги заифе мебаровард. Дигаре аз онҳо дар ҳамон вазъият ва бо ҳамон садои «ғинг-ғинг» ӯро ҷавоб медод.

Маълум буд, ки инҳо бо ҳам хомӯшона сӯҳбат доранд. Аммо чӣ гуфтанашон он тараф истад, садоҳошон ҳам равшан шунида намешуд.

Ҳомидхоҷа, бе он ки овоз барорад, аз дасти ман гирифта ишорат кард, ки ба ҷои худ биравем. Чун ба ҷои худ рафта нишастем, ӯ ба ман:

– Инҳо кӯкнорӣ будаанд, он чизе, ки дар коса салоя мекунанд (молиш медиҳанд), ғӯзаи кӯкнор аст, ки вайро пахш карда обашро нӯшида кайф мекунанд, – гуфт.

– Ту аз куҷо медонӣ, ки инҳо кӯкнорӣ ва он чиз кӯкнор аст? – Ман аз ӯ пурсидам.

– Ман медонам, ман дар Ғиштӣ ҳамроҳи тағоиям кӯкнорхонаро дидаам. Тағоиям яке аз онҳоро, ки бемор шуда будааст, барои хондан рафта буд, – гуфт ва илова кард: – инҳо аз овози баланд метарсанд. Ту тамошо кун, ки ман аз инҳо чӣ навъ ниқори худро мегирам.

Ҳомидхоҷа шаддаи мушакро дар бағал карда рафта ба дарахти тут баромад ва ба нӯги як шохи баланди вай шаддаро овехт. Баъд аз он аз кисааш гӯгирд бароварда нӯги ресмони шаддаи мушакро оташ дод ва худ зуд фуромад ва маро ишора кард, ки ҳар ду аз кӯкнорхона дуртар рафта пинҳон шуда нишастем.

Баъд аз дақиқае оташи ресмон ба мушак расид ва садои қарсоси вай баромад. Боз кӯкнориҳо монанди аввала фарёдкунон берун давиданд ва ҳарчанд ҳар тарафро кофтанд, аз мушакпаррон асаре наёфта ҳақораткунон ба хона даромада дарро бастанд. Баъд аз рафтани кӯкнориён Ҳомидхоҷа:

– Гӯри модари инҳоро нишон додам, – гӯён аз шодӣ қийғос мезад.

Мушакҳои коғазӣ ба ришта чунон гузаронида шуда буданд, ки дар байни ҳар ду мушак ба қадри як банди ангушт ресмон холӣ меистод. Баъд аз таркидани мушаки якум, ришта кам-кам сӯхта ба мушаки дуюм расид. Боз ҳамон қарсос, боз ҳамон фарёди ҷонкоҳ ва давида баромадани кӯкнориён ва боз ҳамон қийғоси шодиёнаи Ҳомидхоҷа такрор ёфт. Дар таркидани мушаки сеюм боз ҳамон ҳолат рӯй дод . Ман ба Ҳомидхоҷа гуфтам:

– Агар ҳамин воқеа рӯй намедод, ман аз сайри Дарвешобод чизеро тамошо накарда мерафтам. Акнун метавонам гӯям, ки «дар сайр тамошое кардам…»

Дар ҳамин вақт мушаки чорум таркид ва мо ба тамошои фарёд ва давида баромадани кӯкнориҳо машғул будем, ки аз қафои мо садои ҷонкоҳи дигаре баромада фашшосзанон давом намуд ва тамоми давру пеш равшан шуда рафт. Мо ба паси худ ба тарафи сарҳавз нигоҳ кардем. Дар он тараф тарфбозӣ сар шуда буд; дар роҳи танги пеши сарҳавз гурӯҳи одамон чунон зич истода буданд, ки бо таъбири мардуми ҳамон вақт «агар сӯзан партоед, ба замин намеғалтид», даруни дуконҳо, болои бомҳои тарафи ғарбии сарҳавз низ аз одам пур буд. Дар ду тарафи гурӯҳи мардум ду ҷавони барҷастақомате буд, ки дастонашон то оринҷ кушода, дар дасти рости ҳар кадоми инҳо як тарф буд. Тарф



монанди аждаҳое, ки дар афсонаҳо нақл мекунанд, беист фашшоси даҳшатангез мезад ва монанди ҳамон аждаҳои афсонавӣ аз даҳони худ оташ мебаровард. Забонаи оташи тарф монанди оби фонтан – фавворaҳои пурзӯр ба тарафи ҳаво рост мерафт ва бар қуллаи худ хиргоҳе ба вуҷуд оварда, дар гирдогирди худ шарорапошӣ мекард.

Вақте ки ин ду ҷавон рӯ ба рӯи ҳам ба якдигар наздик шуданд, оташи тарфи инҳо суст шудан гирифт ва аз ду каноре, ки ҳар дуи ин ду ҷавон омада буданд, дунафарӣ – чор нафари дигар дутарфӣ – чор тарфро оташ дода рӯ ба рӯи ҳам омадан гирифтанд. Яке аз ин ҷавонҳо хеле хурдсол буд ва монанди раққосони давраи базм, тарф дар даст, паррик барин чарх мезад. Аз ҳар тараф овоз баромад: «Намур, Абдулло, шо бош! Ҳақиқатан ту сафдар ҳастӣ!...»

Ман дар рӯшноии оташи тарф рӯи ин ҷавони хурдсолро дида ба чашмонам бовар накардам: ин Абдулло ҳамон бачае буд, ки дар мактаби духтарона ҳамроҳи ман мехонд ва падари ӯ Ботурбойи рангрез ӯро аз Ғиждувон ба Соктаре бурда монда буд, ки бадахлоқ нашавад. Аммо, ӯ баъд аз он ки аз Соктаре ба Ғиждувон омадааст, бо вуҷуди хурдсолӣ ба қатори бӯзбалаҳои он ҷо даромадааст ва барои хунарҳое, ки дар ҷангҳои байни олуфтагон нишон додааст, дар хурдсолӣ лақаби «сафдариро» ҳам гирифтааст.

Баъд аз ба поён расидани оташи тарфи ин ҷавонон аз ҳар ду тараф сенафарӣ – шаш нафар шаш тарфро оташ дода ба майдон даромаданд ва аз байни мардум «гулрез - гулрез» гӯён садоҳо баромад. Оташи ин тарфҳо бо рангҳои гуногун – сурху зарду бунафшу сабзу нилобӣ шуда мебаромаданд ва хиргоҳи инҳо ба гулбуттаи бисёр калоне монанд буд, ки гулҳои гуногун шукуфта бошанд.

Як вақт аз тарафи поини яке аз тарфҳо оташ баромад ва тарфбоз бо тарфи худ ба замин афтод. Ғулғулаи мардум баланд шуд: «пошна зад, тарфи ғиждувониҳо пошна зад… Вобкандиҳо бурданд… инҳоро ба ҳавз партоед… ӯй позарезони Мӯлиён, зудтар бароед, ки обрӯи ғиждувониҳо рафт…»

Аз ҷое, ки тарф пошна зада буд, чанд касро аз замин бардошта бурда ба ҳавз партофтанд, ки аз либоси онҳо дуд ва шарораи оташ мебаромад.

«Позарезон! Позарезон!» Ин садо аз тарафи як гурӯҳи мардум бо шодиёна баланд шуд. Тарафи муқобили онҳо ҳам садо дод: «Ба муқобили позарезони Ғиждувон позарезони Вобканд ҳам тайёранд. Мардии ҳар туманро майдон нишон медиҳад. Пешакӣ шодӣ накунед!»

Аз ду тараф 8-тарфӣ – 16 тарф намоён шуд. Аммо фурсате нагузашта яке аз тарфҳои вобкандиҳо пошна зада баробари ҳамин як тарфи дигари онҳо кафид, ки садои вай тоқатгудоз буд, баробари кафидани тарф нардбони нонвое, ки дар вай кулчаҳои ширмоли дуҷорякӣ (чоркилограммӣ) чидагӣ буд, аз ҷояш парида ба ҳавз афтод.

Ман бо Ҳомидхоҷа бо шунидани он садо ва дидани он ҳол рӯ ба замин хобидем. Фарёд, нола, гиря ва зории ёриталабии одамони бисёр бо фашшоси 14 тарф, ки оташпошӣ мекарданд, омехта як ҳолати пурдаҳшате ба вуҷуд оварда буданд. Мо ҳанӯз аз тарс сар аз замин намебардоштем. Як вақт фашшоси тарфҳо паст шуд ва садои якчанд одамон баланд гардид: «Бас кунед! Вобкандиҳо шикаст хӯрданд! Ҳафтаи оянда адаби ғиждувониҳоро медиҳем, ҳоло пешакӣ шодӣ накунед!..»

Баъд аз он ки садоҳо тамоман паст шуда дар сарҳавз оромии андӯҳгинонае ба вуҷуд омад, мо аз замин сар бардоштем. Ҳомидхоҷа:

– Кӯкнориҳо чӣ шуда бошанд? – гӯён ба тарафи хонача давид. Ман ҳам аз дунболи ӯ давидам. Дари хона кушодагӣ, чароғ хира месӯхт, косаи кӯкнор дар рӯи хона чаппа шуда монда буд, рӯмолчаҳои кӯкнориҳо ҳам бо ҳалқасоҳошон ҷо ба ҷо истода буданд. Аммо аз кӯкнориҳо асаре набуд. Маълум мешуд, ки онҳо бо сар шудани тарфбозӣ ба тарафе гурехта рафтаанд.

Баъд аз фурсате Иброҳимхоҷа омад, ба сари ӯ саллааш набуд ва ҷомаи рӯяш дар даст ва тар буд. Мо аз вай аҳвол пурсидем, ӯ гуфт:

– Вақте ки аз тарафи вобкандиён ва ғиждувониён дутарфӣ чор тарф ба майдон даромад, ман ба ду тарфбози ғиждувонӣ наздик рафта онҳоро дуо кардам: «Худо шумоёнро аз офати тарф нигоҳ дорад ва илоҳӣ аз ин майдони мардон ғолиб бароетон» гуфтам. Яке аз онҳо гуфт: «Агар мо бешикаст бароем, ман ба шумо назри дуруст медиҳам». Ман он ҷавонро дубора дуо кардам. Аммо фурсате аз миён нарафта тарфи ӯ пошна зад, аз ду пояш маҷрӯҳ шуда ба замин афтод ва либосҳояш ҳам даргирифт. Мардум ӯро ва чанд каси дигарро, ки дар вақти пошна задани тарф либосашон даргирифта буд, бардошта бурда ба ҳавз андохтанд. Як вақт дидам, ки ҷомаи ман сӯхта истодааст. Ман ҳам зуд ҷомаро аз тан кашида бурда ба оби ҳавз андохтам…

– Саллаатон чӣ шуд? – гуфта Ҳомидхоҷа аз тағоиаш пурсид.

– Ҳоло ҳикояти худро тамом накардаам, – гӯён ба нақли фалокати тарфбозӣ давом намуд.– Ман баъд аз куштани оташи ҷомаам барои хубтар ва осудатар тамошо кардани тарфбозӣ дар дукони писари Назруллобои ҳалвогар – Файзибой ҷойгир шудам. Он ҷо ҳақиқатан ҳам осуда буд, ба сабаби берун будан аз гурӯҳи мардум ва дур будан аз оташпошии тарф ба назар ҳеҷ гуна хавфе наменамуд. Аммо, вақте ки тарфи шуми вобкандиён кафид, аввалин хавфи пуртаҳлука дар он ҷо рӯй дод: дукони нонво бо нардбонҳояш ба ҳавз парида рафт, чандин касоне, ки дар он ҷо ҷойгир шуда буданд, маҷрӯҳ шуданд: дукони ҳалвогар сӯхт, дар он ҷо ҳам чандин касон маҷрӯҳ шуданд ва ман, ки аз пошна задани тарфи ғиждувониён зарар дида будам, бо пошна задани тарфи вобкандиён худро ба канор кашидам. Аммо баъд аз кафидани тарфи вобкандиён касе ба ман гуфт, ки «акамулло, саллаатон сӯхта истодааст». Ман дарҳол салларо аз сар гирифтам, ки бурда ба оби ҳавз партоям, аммо нашуд, чунки саллаи докаи нозук тамоман даргирифта буд ва бо гирифтан аз сарам дастонам сӯхтанд ва ба таги по партофтам ва саллаам дар пеши назарам сӯхта хокистар гардид.

Назар ба қавли Иброҳимхоҷа, дастони ҷавони вобкандӣ, ки тарф дар дасти ӯ кафида буд, аз бандҳояш ҷудо шудааст ва бақияи дастонаш то бозувонаш сӯхтааст, худаш беҳуш афтодааст. Ӯро бардошта бурдаанд. Ҳоло аз зинда будан ё мурдани ӯ хабаре набудааст. (Ман як ҳикояти тарфбозии Ғиждувонро, ки дар вақти калонсолии ман дар бозори шаби рамазон дар растаи Ғиждувон барпо шуда ба ҳалокати одамони бисёре сабаб шуда буд, дар «Аҳмади девбанд» ном асари худ нақл кардаам.)[32]

* * *



Мо ба манзил рафта хобида пагоҳонӣ боз ба сайргоҳ омадем. Дар сарҳавз он зинати дирӯзаи дукондорон намонда бошад ҳам, ба ҳар ҳол асарҳои сӯхторро барҳам дода, як дараҷа ба тартиб даровардаанд. Мо дар чойхонаи сарҳавз ба чойнӯшӣ нишастем, намад ва гилемҳои чойхона ҳам порча-порча шуда, шакли сояи дарахти сафедорро гирифта буданд.

Мо ҳанӯз чойнӯширо тамом накарда будем, ки маддоҳи дирӯза омад ва бо Иброҳимхоҷа бо эҳтироми муридворона вохӯрдӣ намуда ба пеши мо нишаст ва ба ӯ хитоб карда гап сар кард:

– Ман шунидам, ки дар фалокати дишаба ҷомаи шумо сӯхтааст, бинобар ин яке аз беҳтарини ҷомаҳоеро, ки дар маъракаи дирӯза бо баракати нафаси шумо ба ин дуогӯй омада буд, ҳадя гӯён ба шумо овардам ва қабулашро илтимос менамоям, – гуфт ва бастаеро, ки дар даст дошт, ба пеши Иброҳимхоҷа гузошт.

Иброҳимхоҷа:

– «Дар кори хайр ҳоҷати ҳеҷ истихора нест»[32], – гӯён ҷомаро гирифт ва маддоҳ рафт ва баъди аз пеши мо дур шудани маддоҳ Иброҳимхоҷа ба ман нигоҳ карда гуфт:

– Дидӣ, натиҷаи тангаи ба маддоҳ додаи дирӯзаамро? Пули ман ҳам монанди пули судхӯрон зиёд шуда ба худам бармегардад.

Мо баъд аз чойнӯшӣ ба тамошои хартозӣ рафтем.

* * *

Дар роҳи калони тарафи шарқии сайргоҳ, ки аз даҳанаи бозори гов то мадрасаи Чӯбин васеъ ва рост мерафт, хартозӣ – пойгаҳи харҳо барпо шуда буд. Дар пойгаҳ тахминан 50 хар иштирок доштанд. Ин харҳо ҳама сафед, калон, ҷорӯбдум, шамшерёл ва сихгӯш буданд. Дар пойгаҳ ду хар, ё зиёда аз онро якбора сар медоданд. Ҳамроҳи ҳар хар як асп ҳам сар дода мешуд. Дар асп як ҷавони асптози ҳунарманд савор шуда, ба хар ягон бачаи 12–14-соларо савор мекарданд. Ҷои ба давиш сардиҳӣ даҳанаи бозори гов – сари бозори асп буда, пиллаҷои охириаш пеши мадрасаи Чӯбин буд ва ҳакамҳо ҳам дар он ҷо меистоданд.

Аввал ду-се курраи бачагон ва харҳои харкорони ҳаваскорро ба пойгаҳ монданд ва баъд аз он навбати харкорони мутахассис ва харбозони номдор расид. Вақте ки ду нафар аз инҳо ба болои тездав будани хари худ аз даҳ танга, ё ин ки аз 20 танга гарав мебастанд, «бологаравӣ» сар мешуд. «Бологаравчиён» ҳар кадом тездав будани яке аз ин харҳоро даъво карда байни худ аз 20 танга, 50 танга, ҳатто аз сад танга гарав мебастанд. Ба ҳамин тариқа ба болои тездавии харони одамони дигар, берунаҳо дар байни худҳошон чандин сад танга бурду бой мекарданд – ё мебурданд ё бой медоданд.

Дар охири кор Истам Хархӯр ном як харбози пурлофубод ба майдон даромад. Хари ӯ хеле калон ва фарбеҳ буд, ҳамчунон маст буд, ки фурсате аз ҳанг задан хомӯш намемонд. Бо вуҷуди ин ки худи Истам аз таги нӯхтаи вай дудаста маҳкам дошта меистод, вай ҳар замон рост мешуд ва ба харони дигар ҳамла кардан мехост.

Истам баъд аз бисёр таъриф кардани хари худ ҳарифе талаб кард, ки бо дусад танга гарав бандад. Лекин ҳеҷ кас ба ӯ талабгор набаромад ва ҳама метарсиданд, ки харашон аз хари ӯ пас мемонад ва гаравро бой медиҳанд.

Дар охир Рустами Ашкӣ ном як ҷавони наврас муқобили Истам Хархӯр баромад. Ин ҷавон тахминан 16–17-сола буда, се дандони пеши болоиаш аз лабонаш баромада меистод ва хараш ҳам нисбат ба хари Истам Хархӯр хурд, лоғар ва газгӯшт буд. Ҳама ба ҳаракати ин ҷавон механдиданд ва «беҳуда дусад тангаро аз даст медиҳад» мегуфтанд. Истам Хархӯр бошад, дар ғазаб омада «ба ман ор аст, ки бо ҳамин бачаи ашкӣ гарав бандам ва «бузи биничоки» худро бо хари маслухи ӯ давонам» – мегуфт.

Тамошобинон гуфтанд:

– Агар ту харатро бо хари ӯ надавонӣ, мо хари туро мағлубшуда мешуморем.

Истам оташин шуда:

– Хуб, пулро бароред, баъд ман гарав мебандам, – гуфт ва илова кард: – вақте ки ман гаравро мебарам, аз куҷои ин ятимак пул мерӯёнам.

Бача танҳо сад танга доштааст. Ночор ӯ харашро бо шарт фурӯхтан хост. Шарт ҳамин, ки агар гаравро барад, сад тангаи харидорро саду панҷоҳ танга карда медиҳад ва хар ба ҳисоби худаш мемонад. Ва агар бой диҳад, хар аз они харидор мешавад.

Оқибат як мӯйсафед, ки дар ҷавониаш харбоз буда, бинобар пириаш ҳоло ин бозиро тарк карда будааст, розӣ шуд, ки бе харидани хар ба Рустам сад танга қарз диҳад ва ӯро тасаллӣ дода:

– Натарс, бачем, хари ту аз хари Истам мегузарад ва баъд аз бурдан ба пули ман панҷ танга ҳамроҳ карда диҳӣ, мешавад, харат ба худат насиб кунад, – гуфт ва аз ҳамёнаш сад танга шумурда ба Рустам дод.

Истам Хархӯр бо шунидани сухани пиракӣ, ки мегуфт: «…хари ту аз хари Истам мегузарад, монанди ҳезуми саланг даргирифт ва ғазаболудона ба мӯйсафед гуфт:

– Ман ҳамин харро соли гузашта дусад танга харида будам, як сол боз аз барои ҳамин рӯз парвоу парвариш карда меоям. Агар хари ман аз ҳамин хари маслух монад, номамро мегардонам ва лақаби «Хархӯрӣ» ба ман ҳаром шавад ва бо ҳамин корд (яккакорди худро нишон дода) шиками харро кафонда мепартоям.

Мӯйсафед табассумкунон ба Истам гуфт:

– Оташи нашав, додар! «Мардро майдон нишон медиҳад, харро ҷавлон» гуфтаанд. Ҳоло ки харат натохтааст, пешакӣ лофу бод назан ва баъд аз он ки харат гузашт, ҳар чӣ қадар лоф занӣ, майлат!

Пойгаҳи ду хар сар шуд. Хари Истам ҳаллосзанон пеш гузашт. Рустам хари худро ба ягон бачаи беруна надода худ савор шуда буд, ӯ ҷилави харашро кашида аз паси хари ҳариф мерафт. Истам саллаи худро ба осмон ҳаво дода фарёди шодиёна мекашид. Ҳамин ки ҳар ду хар нимаи майдонро тай карданд, Рустам ҷилави хари худро сар дода овоз дод: «Ҳай, ҷонвар, мондаатро гир!» Хари Рустам чорпокунон ба хари Истам расида гирифт. Ҳар ду хар аз назари тамошобинон ғоиб шуданд. Баъд аз фурсате ҳакамҳо омада гузаштани хари Рустамро хабар доданд. Рустам ҳам бо хари худ омад, аммо дар чеҳраи ӯ аломати ғалаба набуд. Истам бошад, ба ин мағлубият тоқат карда натавонист ва яккакорди худро аз ғилоф бароварда то гулубандаш ба шиками хари худ фурӯ зад. Хар ба замин афтод ва мӯйсафед ба Истам гуфт:

– Харат ҳеҷ гуноҳ надошт, айб ба худат буд, ки ту ин ҷонварро хомфарбеҳ карда будӣ. Бояд ба шиками худ корд мезадӣ.

Тамошобинон ба ин аҳволи ваҳшиёна нафрат карда пароканда шуданд.

* * *

Мо аз бозори асп ба майдони бозори гӯсфанд рафтем, ки дар он ҷо тагалҷангдозӣ мешудааст. Дар он ҷо ҳам монанди хартозӣ дар тагалҷангандозӣ ҳарифон бо якдигар гарав мебастанд ва тамошобинон бологарав мемонданд, ки дар натиҷа маблағи бисёре бурду бой шуд. Дар охир як тагалеро, ки тамошобинон дунбаи вайро якуним пуд тахмин мекарданд, ба ҷанг даровarданд. Дар вақти ҷанг бо зарбаҳои сахт, ки тагали фарбеҳ ба муқобили худ мезад, дунбааш аз ҳад зиёд ҷунбиш хӯрда кафид ва соҳибаш маҷбур шуд, ки он ҷонварро сар бурида гӯшту равғанашро бо нархи одӣ фурӯшад.

Бо ҳамин сайри як шабурӯзии Дарвешобод тамом шуд ва ман аҳд кардам, ки дигар ба сайри Дарвешобод наравам, чунки дар он ҷо ягон тамошои дилхушкунанда набуд.

## «ПАРВАРДИГОРХӮҶА»

Дар деҳаи Соктаре аз миракониён Қорӣ Маҳмуд ном касе буд. Ӯ як шахси ширинкор, хушгап ва ҳозирҷавоб буд. Падараш ӯро дар хурдсолиаш барои ҳифз кардани Қуръон ба қорихона монда будааст, ки сифати «қоригӣ» ба ӯ ба ҳамон муносибат дода шудааст. Ӯ баъд аз калонсол шуданаш ба хизмати сипоҳигарӣ даромада, дар пеши ҳокимони вилоятҳои амирӣ шогирдпешагӣ кардааст, Баъд аз чандин сол дар ин кор будан ба деҳа баргашта эшонӣ ва дуохониро пеша карда буд.

Рӯзе ман аз вай пурсидам:

– Сабаб чист, ки шумо сипоҳигариро тарк карда эшониро сар кардед? Ва ҳол он ки сипоҳигарӣ ҳарчанд хурд ва ба дараҷаи шогирдпешагӣ бошад ҳам, дар вай як навъ ҳокимият ҳаст, аммо эшон ва дуохон ҳарчанд калон бошад ҳам, кори ӯ маънан як навъ гадоӣ аст.

Ӯ ҷавоб дод:

– «Ғараз аз тушбера гӯшт хӯрдан» гуфтаанд. Одам хоҳ сипоҳигарӣ кунад, хоҳ эшонӣ ва дуохонӣ – мақсад як лаб нони беминнат ёфта шикам сер кардан аст. Аммо сипоҳ ҳарчанд ҳокимият мекунад ва мардум маҷбуран ба фармони вай итоат менамояд, ӯро ҳама золим медонанд ва аз шумшакли ӯ безоранд, хусусан шогирдпеша, олати рӯйрости зулми амиру вазиру ҳоким аст, мардум аз вай бисёр нафрат доранд. Ҳарчанд аз бозхости ҳукумат тарсида ба ӯ итоат мекунанд, агар даст ёбанд, ӯро накушта намемонанд. Ман дар натиҷаи 10-сола шогирдпешагии худ ин маъниро дуруст фаҳмидам. Аммо эшонӣ ва дуохонӣ як

пешаи бисёр осуда аст, эшон ва дуохон ҳарчанд дар пӯст кандани мардум аз сипоҳ фарқ надорад, лекин ӯ ҷони касро бо пахта мегирад ва дар дасти ӯ гирифторшудагон ҷон додани худро нафаҳмида мемонанд, ба болои ин на танҳо аз ӯ нафрат намекунанд, балки ӯро халоскори худ дониста, ҳамеша ба вай ихлос ва муҳаббат арз мекунанд. Бинобар ин ман аз он пеша ба ин пеша баргаштам.

Дар деҳаи мо Убайдхоҷа ном як мираконии дигар буд. Ӯ як одами бечораи номуроде буд. Ӯ дар дунё ҳеҷ орзуву ҳавасе надошт. Аз моли дунё 4 таноб – як гектар замин ва як зардолузор дошт, ки бо даромади ҳаминҳо бечоравор зиндагонӣ мекард. На сипоҳигарӣ мекард ва на эшониву дуохонӣ. Аммо ӯ сипоҳиён ва эшонону дуохонро бисёр дӯст медошт. Ӯ дар бораи «адолат»-и золимтарини ҳокимон ва «каромоти» бесаводтарин ва фиребгартарини эшонон ҳикоятҳо сохта ва бофта мегуфт. Агар касе ба гуфтаҳои вай гӯш андозад, як рӯзи тамом ҳам дар ин бора ҳикоят карда метавонист.

Қорӣ Маҳмуд ҳикоятҳои Убайдхоҷаро гӯш мекард, ӯро масхара менамуд ва бо фактҳои ба ҳама маълум дурӯғ будани гуфтаҳои вайро ба пеши мардум фош мекард ва дар охир:

– Бародар, ту фосиқи маҳрум мебошӣ. Агар ту сипоҳ мебудӣ ,ё ин ки дуохонӣ мекардӣ, ман туро бо ин ҳикоятҳои дурӯғат айб намекардам. Чунки ғайр аз ман «ҳеҷ араб намегӯяд, ки дӯғи ман турш аст». Аммо ту маддоҳи бемузду миннати сипоҳиён ва эшонон ва даллоли маъсияти[36] онон мебошӣ, ки ин аҳмақист.

Рӯзе ман дар лаби ҷӯи Мазрангон, ки аз даруни деҳаи мо мегузашт, нишаста будам. Қорӣ Маҳмуд савора омада ба он сӯи ҷӯ фуромад ва аспашро ба ҳавлиаш сар дода худ ба лаби ҷӯй дар рӯ ба рӯи ман нишаста дасташро шустан гирифт. Ман аз куҷо омаданашро пурсидам.

– Аз деҳаи Обкена, аз ҷанозаи касе, – гуфта ҷавоб дод.

– Дар вақти бемории он мурда ба сари болинаш бояд барои хондан ҳам рафта бошед? – гӯён пурсидам.

– Албатта, рафтам, хондам, назрашро ҳам гирифтам ва имрӯз гӯронда омадам, – гуфт.

– Вақте ки диданд дуои шумо ба бемор таъсир накард ва ӯ мурд, бо ҳамаи ин аз шумо ихлосашон нагашта ба ҷаноза хабар кардаанд-дия – гуфтам ман.

– Мардумони авом аҷаб хислате доранд, – гӯён ӯ давом намуд, – мурдашӯйро, ки ғайр аз шуста додани мурдаашон ҳеҷ айбе надорад, «шумпоиқадам» гӯён ба ҷаноза роҳ намедиҳанд. Аммо ба эшону дуохонон чунон ихлосманданд, ки ӯро бурда ба умеди шифо бемори худро мехонанд ва ба ӯ назру ниёз медиҳанд, агар беморашон сиҳат ёбад, инро аз некии поиқадами дуохон ва аз шарофати дуои ӯ медонанд ва ба ӯ гашта-баргашта арзи ихлос мекунанд ва такрор ба такрор ҳадя медиҳанд. Аммо агар бемор мурад, инро аз худо медонанд ва аз расидани аҷали ӯ мешуморанд, ки дар ин сурат на танҳо аз эшон ихлосашон намегардад, балки ӯро аз дигар имомон ва муллоён мӯҳтарамтар шумурда, дар йиртиш, агар ба онҳо як оршин суф ё чит диҳанд, ба эшон як тӯб дока медиҳанд.

Қорӣ Маҳмуд дар охири суханаш гуфт:



– Дар ҳар ҳол эшонон ва дуохонон аз мурдашӯён хушбахттар ва баландтолеътаранд. (Ман ин сӯҳбати Қорӣ Маҳмудро дар «Дохунда» дар боби «Ҷаноза» дар мусоҳибаи Ҳоҷӣ Яқуббой бо эшони Султонхон мазмунан додаам.)

* * *

Дар деҳа дар байни ҷавонони калонсол гаштак мерафт. Дар яке аз он гаштакҳо як шаб Қорӣ Маҳмудро бинобар хушгапиаш ва Сайид Акбарро ба сабаби талабаи мадрасаи Бухоро буданаш (ҳарчанд инҳо дар он гаштак аъзо набошанд ҳам) ба меҳмонӣ хабар кардаанд. Ҳамаи меҳмонони беруна ва аъзоёни гаштак дар сари шом (шояд барои исбот кардани калонии худ бошад, ки одатан калонҳо дар маҷлисҳо дер меоянд), то ду соат аз шаб гузаштан наёмадааст.

Меҳмонон, ки ҳама ёру ҷӯраи якдигар мебошанд, ба соҳибхона гуфтаанд:

– Агар чизе хӯрок тайёр карда бошӣ, биёр, ки аз гуруснагӣ ба ҷон омадем, агар чизе надорӣ, рӯйрост гӯй, ки мо ба хонаи худамо рафта чизе хӯрем.

Соҳибхона дар ҷавоб гуфтааст:

– Ҳама чиз тайёр аст, аммо ман ба омадани Сайид Акбархоҷа нигаронам, ки он касро даъват кардаам. Бояд боз андак мунтазир шавем.

Аммо баъд аз интизории бисёр боз Сайид Акбар наёмадааст.

Фардои он шаб дар сари кӯча дар қатори мардум Сайид Акбархоҷа ҳам нишаста буд, ки Қорӣ Маҳмуд омад ва аз Сайид Акбар сабаби дишаб ба гаштак нарафтанашро пурсида гуфт:

– Як меҳмонхона одам аз ду соат зиёд ба шумо нигарон шуданд, аммо шумо нарафтед. Ин хуб нашуд.

– Ман рафта будам, – гуфт Сайид Акбар, – аммо надаромада баргаштам.

– Чаро? – Қорӣ Маҳмуд тааҷҷубкунон пурсид.

– Зеро соҳибхона, ки савод надорад, маро номбар карда «фалонӣ то ҳол наёмад» гуфтанашро бо гӯши худам шунидам. Номи маро, ки толибилми мадрасаҳои Бухоро мебошам, ба забон гирифтани як одами бесавод магар дар ҳақи ман беодобӣ нест? Бинобар ин «зиёфаташ сараша хӯрад» гӯён аз паси дари меҳмонхонааш баргашта омадам.

Қорӣ Маҳмуд қаҳқосзанон хандида гуфт:

– Барои ҳар кас ва ҳар чиз як ном лозим аст, ки ҳеҷ набошад, дар ғайби он кас ва он чиз номро ба забон гирифта аз вай гап зананд. Акнун ки шумо аз номи падаратон ба шумо дода ор мекарда бошед, ба шумо як номи бисёр калон медиҳем, ки аз вай ор накунед ва бо гирифтани он ном шуморо фаҳмем. Ин ном, ба фаҳми ман «Парвардигорхӯҷа» аст, ки номи худост ва дар дунё аз ин ном калонтар номе нест. Азбаски ба «Парвардигор», ки номи худост, барои шумо як калимаи «хӯҷа» ҳам ҳамроҳ мешавад, аз номи худо ҳам калонтар мешавад, ки ба шумо бисёр муносиб аст.

Ҳама дар ханда шуданд, Сайид Акбар шӯрид. Аммо ба ҷамоат чизе гуфта наметавонист. Ночор дар ғазаб шуда аз ҷояш ҷаста хеста ба хонаи худ рафт ва чандин рӯз ба кӯча – ба миёни мардум набаромад, лекин унвони «Парвардигорхӯҷа» ба ӯ махсус шуда монд.

## ПАДАРАМ

Ман дар бораи аҳвол ва характери падарам, ки бо вуҷуди дар хурдсолӣ аз ӯ ҷудо шуданам дар ҳаёти ман таъсири бузург гузоштааст, боз қадаре истодан мехоҳам: падарам муллоҳои расмиро – имомҳо, қозиҳо ва раисҳоро бисёр бад медид ва онҳоро ҳар вақт ба нодонӣ ва ноинсофӣ нисбат дода айб мекард. Аз қозиҳо танҳо қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарирро ва аз имомҳо баъзе касонеро, ки ман онҳоро надида будам, дӯст медошт.

Дар деҳот ҳар вақт дар миёни падарам ва имомҳо ҷанҷол мехест, лекин ӯ аз ин ҷанҷолҳо ғолиб шуда мебаромад. Чунки ӯ «масъалаҳои нӯгирӯймолиро» – масъалаҳоеро, ки баъзе касон барои ғолиб омадан дар мунозира ёд гирифта мемонданд, чистонҳо, муаммоҳо ва ҳисоби абҷад барин чизҳоро, ё маънии баъзе шеърҳоро, ки фаҳмидани он ба донистани ягон воқеа мавқуф аст, медонист, муллоҳои расмии деҳот бошанд, ин гуна чизҳоро намедонистанд, баъзеи онҳо ҳатто саводи алифбоӣ ҳам надоштанд. Ана бо ин гуна масъалаҳо ӯ муллоҳои деҳотро мағлуб мекард ва «нодон» гуфта дар пеши рӯяшон таҳқир менамуд.

Мардуми деҳот, хусусан занон, қозиҳоро бисёр бад медиданд. Аз деҳаи мо ҳам як қозӣ баромада будааст, ки ман ӯро надидаам, аммо фарзандони ӯро ман дидаам, ки онҳоро «қозибачаҳо» мегуфтанд. Мардуми деҳаи мо ана ҳамон қозиро зиёдтар бад медиданд. Бештарини заминони хуби Соктаре ва Сайидкент дар дасти авлоди ҳамон қозӣ буд. Дар тарафи шимолии деҳаи Соктаре як қитъа замини зардолузор буд, ки вайро «чорбоғи қозӣ» меномиданд. Дар вақтҳое, ки ман ёд дорам, зардолуҳои он чорбоғ пир шуда аз ҳосил монда буданд. Қозибачаҳо он дарахтҳоро ба ангиштгарон фурӯхта буданд. Ангиштгарон дар он чорбоғ чандин кӯра сохта он дарахтҳоро ғалтонда сӯхта ангишт карда истода буданд.

Дар ҳамон рӯзҳо зани Усто амак занони деҳаро ба муносибате ба меҳмонӣ хабар карда буд. Ман ҳам ба сабаби хурдсол буданам ҳамроҳи модарам ба он ҷо рафта будам. Лекин ман бинобар гапдӯст ва кунҷков буданам ҳамроҳи бачагони дигар дар рӯи суффа бозӣ карда нагашта, дар хона – дар паҳлуи модарам ҷо гирифта дар қатори занон менишастам.

Дар байни занон гап ба болои қозиҳо рафт, яке аз занон қозиҳоро «кундаи дӯзах» номид ва «қозиҳо чунон месӯзанд, ки оташи дӯзахро аз будаш зиётар гарм мекунанд» – гуфт. Дигаре гуфт: «агар Худо дар дӯзах барои ҳар гунаҳгор як кӯрпачавор ҷой муайян карда бошад, ба ҳар як қозӣ дар он ҷо як ҳавлӣ сохта медиҳад, ки дару девору хонаву асбобаш ҳама аз оташанд». Зани дигар сухани ӯро тасдиқ кард: «Лекин, – гуфт ӯ, – ин ба оммаи қозиҳост. Аммо ба қозии ҳамдеҳаи мо ғайр аз ҳавлии оташӣ як чорбоғи оташӣ ҳам сохта доданро хостааст. Сабабаш ҳамин ҳаст, ки Худо фарзандони ӯро водор кардааст, ки чорбоғи ӯро ба ангиштгарон фурӯшанд. Ана ҳамин оташҳое, ки аз кӯраҳо баромада рафта истодаанд, ба он дунё рафта ба он чорбоғи оташӣ сарф мешаванд».

Модарам, ки бо шуниданӣ аз падарам қозӣ Абдулвоҳидро дӯст медошт, ба гап ҳамроҳ шуда гуфт: «ба фаҳми ман қозӣ Абдулвоҳид ба ҷаннат меравад, чунки ӯро одил мегӯянд. Хусусан аз нав канондани ӯ рӯди Шофиркомро, ки сабаби ободии як туман шуд, бояд боиси бахшоиши Худо гардад».



Занони дигар ба ин фикри модарам ҳамроҳ нашуданд ва зане, ки ба қозии ҳамдеҳаи мо аз дӯзах як чорбоғи оташин тахсис карда буд, гуфт: «Баъд аз қозӣ шудан, одил шудан мумкин нест. Агар қозӣ Абдулвоҳид дар вақти қозигии худ корҳои хуб бисёр карда бошад, ниҳоят аз чорбоғ ва аз ҳавлии оташини дӯзах халос мешавад. Лекин дар ҳар ҳол, ҳеҷ набошад, дар қатори гунаҳгорони дигар як кӯрпача барин ҷойро аз дӯзах мегирад». Як зани дигар Ҳабибаро бе ризои падараш никоҳ кардани қозии мазкурро яке аз корҳои бади ӯ шумурд.

Ҳукми ин занон дар бораи қозӣ Абдулвоҳид ба ман ҳам маъқул нашуд, чунки ман ӯро дӯсттар доштам ва баъд аз он ки шоир будани ӯро фаҳмидам, муҳаббати ман нисбат ба ӯ аз ҳад зиёд афзуда буд.

Дилам намехост, ки ӯ дар оташи дӯзах сӯзад. Бинобар ин ман ин масъаларо аз падар пурсидам.

Ӯ монанди занон барои қозиён аз дӯзах ҳавлӣ ва боғ сохта надиҳад ҳам, «онҳо ҳаромхӯранд, онҳо золиманд ва онҳо дар миёни амир ва мардум даллоли маъсият (гуноҳ) мебошанд, бинобар ин онҳо аз рӯи қавли худову расул бояд ба дӯзах раванд гуфт (падарам диндор буд, ӯ ба худову расул, ба қиёмат ва ба дӯзаху биҳишт иқрор буд).

Вақте ки ман дар бораи қозӣ Абдулвоҳид фикри ӯро пурсидам, «худо раҳмат кунад, ӯ одами хуб буд (қозӣ Абдулвоҳид ҳамон рӯзҳо вафот ёфта буд), бояд ӯ ҷаннатӣ бошад ва ман ҳам дар паси ҳар намоз дар ҳақи ӯ дуои хайр мекунам» гуфт ва некиҳои ба мардум кардаи ӯро ягон-ягон шумурд. Аммо дар қатори некиҳои ӯ шоир будани ӯро ёд накард.

– Яке аз некиҳои ӯ бояд шоир буданаш бошад, – гӯён ман ин сифати ӯро ба ёди падар овардам.

Падарам ба ин сухани ман хандид ва баъд аз он вазъияти ҷиддӣ гирифта гуфт: – Шеъргӯӣ ҳамеша ва дар ҳама кас сифати нек шудан намегирад. Шеър ҳам монанди илм як шамшер аст, агар бо шамшер одами бадро – душманро кушӣ, хуб аст, аммо агар бо шамшер ягон одами одӣ кушта шавад, хуни ноҳақ мешавад, кушандаро куштан лозим меояд. Шеър ҳам агар ба некӣ кор фармуда шавад, хуб аст, аммо агар ба бадӣ кор фармуда шавад, аз вай бадтар чизе нест.

Ман аз ин тафсилоти қаноатбахши падар ҷасорат пайдо карда, ба писари косагар бе ризои падару модар никоҳ карданаш Ҳабибаро ба ёди ӯ расонда:

– Ин кори ӯ хуб буд ё бад?

– Никоҳи духтару писари калонсол бо ризои худи онҳо мувофиқи шариат аст. Ин корро ҳар қозӣ ҳам мекунад. Аммо фарқ дар ин ҷост, ки қозиҳои дигар баъд аз никоҳ кардани духтари гуреза ҷанҷолҳоеро, ки дар пайи ин кор мебароянд, пурсида, сабаби харобии он хонадони навобод мешаванд. Чунки аз ин кор дар онҳо даромади бисёр мешавад. Некии қозӣ Абдулвоҳид дар ин кораш дар ин ҷост, ки баъд аз никоҳ кардани Ҳабиба даъвоеро, ки арбобҳо тайёр карда буданд, напурсид ва даъвогарҳои сохтаро пеш кард. Ин кораш, албатта, хуб буд.

* * *

Он вақтҳо дар Бухоро одат ин буд, ки баъзе муллобачаҳои қашшоқ дар моҳи рамазон ба пеши ягон қозии шинос мерафтанд. Қозиҳо ин гуна талабаҳоро ба ягон деҳае, ки имом ва мактабдор надошта бошад, ба унвони «муаллим» мефи-

ристоданд. (Он вақтҳо муаллими мактабҳоро «мактабдор» мегуфтанд. «Муаллим» гуфта танҳо ҳамин гуна касонеро меномиданд, ки дар моҳи рамазон муваққатан ба деҳае барои таълим раванд.) Мардуми он деҳа дар охири рамазон ба он талаба як маблағ пул ғундошта медоданд.

Як рамазон акаи ман ҳам, ки бо писари як қозӣ шарикдарс будааст, ҳамроҳи ӯ пеши падараш рафтааст ва қозӣ ӯро ба деҳае бо унвони «муаллим» фиристодааст.

Падарам ин воқеаро аз куҷо буд шунида оташин шуда ба хона омад ва чунон дар хашм фурӯ рафта буд, ки тамоми аъзои банаш меларзид (ӯ бисёр асабӣ буд) ва ба Қурбонниёз тағоиям, ки он рӯзҳо дар хонаи мо буд, гуфт:

– Шаҳр рафта Муҳиддинро гирифта биёр. Худам мерафтам, аммо метарсам, ки дар пеши муллоҳо ӯро зада ҳам худамро ва ҳам ӯро беобрӯй кунам.

Тағоиям баъд аз се рӯз акаамро овард. Вақте ки акаам ба хона салом дода даромад, падар аз таги намад чӯберо, ки пештар ёфта тайёр карда монда будааст, ба даст гирифта ба тарафи ӯ давид. Аммо тағоӣ ва модарам ӯро нигоҳ дошта гуфтанд, ки ин карат ӯро насиҳат кунад.

Падарам маҷбур шуд, ки масъаларо бо насиҳат ҳал кунад. Аммо ин насиҳат аз чӯбзанӣ ҳам сахттар буд:

– Қозиҳо хук мебошанд, – гуфт ӯ, – онҳо аз ҳар куҷо мурдориҳо ёфта мехӯранд ва мехӯронанд ва ҳар муллобачае, ки ба хонаи онҳо равад, хукбача мешавад. Агар одам шудан хоҳӣ, ба як порча нони қоқе, ки ман ёфта мефиристонам ва ба як коса об, ки аз ҳар куҷо ёфтани вай мумкин аст, қаноат кун, агар хук шуданро хоҳӣ, дар миёнаи ману ту алоқаи падариву фарзандӣ намемонад.

Акаам қавл дод, ки минбаъд ба хонаи қозиҳо наравад.

* * *

Имоми деҳаи мо як муллои диндортароши дарвозӣ буд. Ӯ дар бозорҳо мардумро насиҳат карда, аз корҳои ғайришаръӣ манъ карда ва ба корҳои шаръӣ далолат намуда мегашт. Дар он вақтҳо дар бозорҳо монанди обфурӯшон касоне буданд, ки чилим бардошта мегаштанд ва ба касони чилимкаши бозор чилими худро кашонда аз онҳо чизе меситонданд. Ин гуна одамонро «поякӣ» меномиданд. Поякиҳо одатан чилимҳои саракпоинаш нуқра мебардоштанд, ки чилимкашон ба чилими онҳо бештар рағбат кунанд.

Имоми деҳаи мо дар як рӯзи бозори Ғиждувон аз ҳамин гуна чилимҳо сетаашро шикастааст, ки мардумро аз чилимкашӣ боздорад ва ӯ ин кори худро дар лаби ҷӯи деҳа ба мардум бо як мағрурии диндорона ҳикоят кард.

Падарам, ки дар он ҷо буд гуфт:

– Нодуруст кардед!

– Чаро? – имом оташин шуда пурсид.

– Аввал ин ки, – гуфт падарам, – ҳаром будани дуди тамоку аз рӯи шариат маълум нест. Чунки дар вақти пайдо шудани дини ислом чилимкашӣ набуд, ниҳояташ ин аст, ки як чизи зарарнок аст ва зарараш ҳам ба касоне оид аст, ки чилим мекашанд; дуюм ин ки, бо шикастани се чилим чилимкашон аз кори худ



тавба намекунанд. Лекин бо шикастани онҳо ба соҳибонашон, ки дар ҳақиқат як гадои бовасилаанд, як маблағи калон зарар мешавад. Агар чилимкашӣ дар бозор аз тарафи шумо ё ҳукумат тамоман манъ карда шавад, поякӣ метавонад, ки чилими қиматбаҳои худро фурӯхта чанд гоҳ худашро ва зану бачаашро сер кунад.

Ба ин суханҳо имом бо оташинӣ ҷавоб дод:

– Шумо савод дорам гуфта ҳамеша ба муллоҳо пешхезӣ мекунед ва корро ба ҷое расондед, ки ба «амри маъруф» (амр кардан ба кори нек) ва «наҳйи мункар» (манъ кардан аз корҳои бад) ҳам роҳ намедиҳед.

Одамон гумон доштанд, ки ҳамин замон инҳо даст ба гиребон мешаванд. Аммо бар хилофи чашмдошти онҳо падарам ба имом чизе нагуфт ва аз ҷояш хеста ба тарафи хона рафт. Ман ҳам аз думболи ӯ давидам.

Падарам, вақте ки ба ҳавлӣ даромад, харро тӯқум зад ва ба хона даромада саллаашро баста, ҷомаашро пӯшид. Хӯрҷинро гирифта нондонро кушод ва ҳар чӣ қадар ноне, ки дар вай буд, ба хӯрҷин андохта ба модарам:

– Ман шаҳр рафтам! – гӯён аз хона баромад.

– Барои чӣ ба як нигоҳ шаҳр меравед? Имрӯз монед, ки барои бача (акам) кулчаи гарм пазам, – гӯён модарам зорӣ мекард. Аммо ӯ ҷавобе надода харро савор шуда баромада рафт.

Модарам дар кӯча чӣ воқеа рӯй доданро аз ман пурсид, ман ҷанҷоли бо имом шударо нақл кардам. Аммо ӯ дар ин ҷанҷол ягон сабаби ба шаҳравӣ маҷбуркунандае намедид.

Падарам баъди се рӯз аз шаҳр омад, харро ба ҷояш баста хӯрҷинро ба лаби суффа гузошт ва аз аҳволи акаам ба модарам чизе нагуфта баромада рафт.

Баъд аз соате омад, ки аз бошарааш асари андӯҳе, ки дар рӯзи ҷанҷоли имом пайдо шуда то ҳол давом мекард, тамоман барҳам хӯрдааст ва дар абрӯ ва чашмонаш нишонаи хашм ва оташинӣ намондааст ва бо табассуми шодиёна ба модарам ҷанҷоли бо имом кардаашро ҳикоя карда дар охир гуфт:

– Ман барои дуруст будани сухани худ аз шаҳр ривоят карда овардам, – ва аз бағалаш коғазеро бароварда хонда ба мо шарҳ дод. Мазмунаш ин буд: «талаф кардани мол, хоҳ моли худи талафкунанда бошад ва хоҳ аз они каси дигар, дуруст нест ва агар талафгор моли каси дигарро талаф карда бошад, ба замми ин ки ӯ бо ин кораш гунаҳгор ба шумор меравад, маҷбур аст, ки мисли моли талафкардаашро, ё арзишашро ба соҳиби он мол гардонад».

Дар поини он коғаз як мӯҳри калони даҳони пиёлача барин пахш карда шуда буд.

Падар баъд аз он сухани худро давом кунонда гуфт:

– Бо ин ривоят гуфтаи худро дуруст баровардам ва имомро дар пеши мардум шарманда кардам. Муллоҳои мо ҷоҳиланд. Ба суханони монанди худашон дасторкалонон гӯш андозанд ҳам, гуфтаҳои мо барин касонро, маъқул бошад ҳам, писанд намекунанд ва сухани пурҳикмати «мангар, ки кӣ мегӯяд, бингар, ки чӣ мегӯяд»-ро намедонанд, агар донанд ҳам, худро ба нодонӣ мезананд. Даҳони инҳоро бо мӯҳри муфтӣ мӯҳр кардан (бастан) даркор аст, «гӯшти хар, дандони саг» гуфтаанд.

* * *

Падарам ҳарчанд асабии гузаро бошад ҳам, маро сахт назадааст ва сахт ҷанг накардааст. Дар вақтҳое, ки ман ёд дорам, ӯ маро танҳо ду бор танбеҳ дода буд. Яке аз он танбеҳҳо ба ин тариқа рӯй дода буд:

– Ӯ боре як хар харид, ки он бадамал баромад, агар касе ба ёлаш даст расонад, динг-дингкунон ҳаллос мезад. Дар яке аз рӯзҳои тобистон ӯ он харро ба ёбон бурда барои чаро дар почпоя – дар замини гандумаш дарав кардашуда баста буд. Вақте ки рӯз пешин шуда гармӣ шиддат кард, ба ман гуфт:

– Ёбон рафта харро гирифта биёр. Лекин савор нашав, ки дастат нохост ба ёлаш расад, динг-динг карда туро меафтонад! Ман ёбон рафта харро кушода гирифтам ва дар дили худ фикр кардам, ки «агар аз ягон ҷои баланд савор шавам ва дастамро ба ёлаш нарасонам, динг-динг нахоҳад кард. Чӣ лозим аст, ки хари тайёрро салт бурда худ пиёда равам».

Ман барои ба амал овардани ин фикр харро ба ҷӯйчае даровардам ва аз лаби ҷӯ ба ҳеҷ ҷои вай даст нарасонда оҳиста ва оромона савор шуда гирифтам, хар ҳам ором истод ва ягон бадҳаракатӣ накард. Лекин вақте ки харро аз ҷӯча мебаровардам, пешаш баланд ва тарафи думаш паст шуд. Ман бар болои хари бетӯқум пастнокӣ ғеҷида қариб буд, ки аз сағриаш шорида афтам ва барои нигоҳдории худ аз ғалтиш беихтиёрона бо ду дастам ба ёли хар часпидам. Хар ба динг-дингкунӣ ва ҳаллосзанӣ даромад. Ман аз тарси ғалтидан хар қадар, ки ба ёли вай сахттар мечаспидам, динг-динги вай ҳам ҳамон қадар зиёдтар мешуд. Оқибат муаллақзанон ба замин ғалтидам. Дасти ростам, гӯё ки вайро аз оринҷ шикаста ё бурида гирифта бошанд, ҷонгудозона дард кардан гирифт ва хар дар ҳолате, ки дар хар ҳаллос задан ду пои пасашро ба ҳаво баланд карда ба росту чап алвонҷ медод, ба тарафи ҳавлӣ рафт.

Маро аз дарди даст зиёдтар тарси падар дар ташвиш медошт. Ман аз гуфти ӯ баромада ҳам барои ӯ ва ҳам барои худ кулфати сахте пеш оварда будам ва худро сазовори ҷазои сахт медонистам.

Баъд аз дақиқае худро рост гирифтам, аммо дарди дастам боз ҳам шиддат кард ва гӯё, ки чангчаи оҳанине ба баданам даромада дил, шуш, даст ва бозуямро дар як ҷо ба тарафи замин мекашида бошад, маро ба нишастан маҷбур кард. Дар ҳамин вақт падарам аз тарафи ҳавлӣ намудор шуд ва ман ҳам муҳайёи шаттаву шаллоқ шуда ба худдорӣ кардан азм намудам.

Падарам расида омад. Аммо маро назад ва ҷанг ҳам накард. Баъд аз дидани дасти зарбхӯрдаи ман ҳамин қадар гуфт, ки: – Аз гапи ман баромада аз даст ҷудо шудӣ. Азбаски ин дасти рост аст, барои ту боз ҳам сахт аст, чунки акнун хат навишта наметавонӣ.

Ин сухани охирини падарам маро чунон азоб дод, ки агар сад химча мезад, ин қадар азоб намекашидам.

Падарам бо рӯймолаш дасти маро ба китфам овезон кард ва аз деҳа аспе ёфта оварда маро ба пушти худ ба асп савор карда ба Ғиждувон ба пеши шикастабанд бурд.

Назар ба дарёфти шикастабанд, дасти ман аз ду ҷо – ҳам аз оринҷ ва ҳам аз бандаш баромада будааст, ки ҷо ба ҷо кард. Дар вақти ҷобаҷокунӣ, шикастабанд чунон сахт фишурд, ки садои шиқиррӣ карда ба ҷояш даромадани устухони оринҷ шунида шуд. Дарди ҷобаҷокунӣ нисбат ба дарди азҷобарой чанд дараҷа зиёдтар буд, лекин аз тарси падар ва аз шарми шикастабанд ман худдорӣ кардам ва дод нагуфтам. Падарам ин гуна пуртоқатии маро дида:

– Офарин писарам! – гуфт.

Баъд аз тамоман дуруст шудани дастам ва аз ёдам баромадани он фалокат рӯзе падарам маро ба пеши худ ҷеғ зад. Рафтам, аз банди дасти чапам нигоҳ дошт ва бо дасти дигараш химчаеро аз таги намад гирифта ба соқи поям як бор заду гуфт:

– Ҳушёр бошу ба гӯши худ нигоҳ дор, ки баъд аз ин агар аз гапи ман барой, сахт мезанам. Фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам.

Танбеҳи дуюме, ки аз падар дидам, ба ин тариқа рӯй дода буд:

Дар наздикии деҳаи мо Сари Пули Эшон ном бозорчае буд, ки аз хонаи мо ду километр дурӣ дошт. Рӯзе маро падар ба он ҷо фиристод, ки намак харида орам. Дар бозгаштам аз бозор аз шиносҳои падарам касе ба ман вохӯрда чанд гап таъин кард, ки ба ӯ гӯям. Ман то ба хона омадан на танҳо суханони ӯро, ҳатто худи ӯро ҳам аз ёд баровардаам.

Вақте ки падарам аз шиносҳо дар бозор киҳоро диданамро пурсид, он одам ба ёдам омад ва ба ӯ хабар додам, ки фалониро дидам.

– Чӣ гуфт? – гуфта пурсид падарам.

Чун ҳамаи гапҳои вай аз ёдам баромада буданд, дар ҷавоби ин пурсиш чанд даҳан гап аз худ сохтаву бофта гуфтам.

Магар он суханони ман бемантиқ ва дурӯғ буданашон зоҳир будааст, ки падар боз пурсид:

– Шояд гапҳои дигар гуфта бошад?

– Не, ҳамин тавр гуфт, – гӯён дурӯғи худро таъкид кардам.

Баъд аз чанд рӯзи дигар он одам ба хонаи мо омад. Падарам баъд аз ба меҳмонхона дароварда шинонидани ӯ маро ҷеғ зада ба пеши ӯ шинонд ва аз вай пурсид:

– Шумо ба воситаи ин ба ман чиҳо гуфта фиристода будед?

Ӯ гапҳои таъинкардаашро нақл кард, ки аз гапҳои ман гуфтагӣ тамоман дигар буданд. Ман аз хиҷолат дар зери обу арақ мондам. Падарам аз гӯши ман сахт дошта тоб дода истода ба ман гуфт: – Баъд аз ин хар чизро, ки бинӣ, бо диққат зеҳн монда нигоҳ кун, хар гапро, ки шунавӣ, бо диққат гӯш андоз ва агар касе ба ту чизе гӯяд, ё коре фармояд, фаҳмида бошӣ ҳам, дубора пурсида ба ёд гир. Ва эҳтиёт кун, ки гап аз ёдат набароед. Аммо ҳеҷ гоҳ дурӯғ нагӯй, ки ҳам шарманда мешавӣ, ҳам бадном. Ҳоло ту ду гуноҳ дорӣ – якум он, ки гапи таъинкардаро аз ёдат баровардӣ, дуюм он, ки ба ҷои он гапҳо аз худ дурӯғ бофта гуфтӣ. Агар ҳамон вақт ту «гапҳои таъинкардаашро фаромӯш кардаам», мегуфтӣ, ман туро ба пеши ин кас шарманда намекардам. Рав, бозӣ кун!.

Ин танбеҳи падарам барои ман як таълими бисёр фоидаманд шуд, ки дар ҳаётам таъсири калон кард ва маро бо диққаткорӣ тарбия намуд, фаромӯш накардани гапҳо, ҳодисаҳо, чизҳо ва одамҳоро ба ман ёд дод. Ман шеърҳоро харчанд махсусан ёд кунам ҳам, зуд аз ёдам мебарорам, ҳатто шеърҳои худамро

ҳам дар рӯзи дуюми гуфта шудани онҳо фаромӯш мекунам. Аммо гапҳо, ҳодисаҳо ва хотираҳоеро, ки ба ман каму беш таъсир карда бошанд, аз ёд набаровардаам. Ҳарчанд дар 10–12 соли охирӣ қувваи ҳофизаам хеле суст шуда, гапҳо ва чизҳоро зуд фаромӯш мекардагӣ шуда бошам ҳам, аммо хотираҳои пештара қариб ҳамагӣ дар ёдам нақш баста мондаанд. Ин натиҷаи ҳамон танбеҳи падар аст, ки ман дар паси вай ба идмони (тренировкаи) хотира ва ҳофиза машғулӣ намудам.

Баъд аз рафтани он одам, ман ба пеши падар рафтам ва мехостам дар пеши ӯ як дурӯғи худро иқрор кунам. Аммо шарм медоштам. Бинобар ин хомӯш мондам.

Падарам пай бурд, ки ман ба ӯ чизе гуфтан мехоҳам, аммо ба кадом сабаб бошад, ки нагуфта истодаам, бинобар ин пурсид:

– Чӣ мехоҳӣ, гӯй?

– Як дурӯғи худро иқрор кардан мехоҳам.

– Хуб, иқрор кун!

– Рӯза гирифтанам дурӯғ буд.

Падарам хандида гуфт:

– Ман ҳамон вақт фаҳмида будам, ки ту рӯза нагирифтаӣ ва барои харҷи сайр гирифтан худро рӯза нишон додаӣ. Лекин ман он вақт ҳам барои наранҷонидани ту ва ҳам барои наранҷонидани модарат, ки ба рӯзадории ту хеле шавқ дошт, чизе нагуфта будам. Вагарна он корат ҳам дурӯғ буд ҳам фиреб. Лекин он вақт бисёр хурдсол будӣ. Умедворам, ки баъд аз ин он гуна корҳоро накунӣ!

* * *

Падарам як сол пеш аз вафоташ хост, ки маро Бухоро бурда шаҳрро тамошо диҳад ва ман чанд рӯз дар пеши акаам монда ба истиқомати мадраса омӯхта шавам, то ки соли оянда барои хондан аз аввали таҳсил ба шаҳр равам. Бо ин ният ӯ дар яке аз рӯзҳои зимистон ба хар савор шуда, маро ба қафои худ савор карда ба роҳ даромад.

Чун мо аз Ялангӣ ном манзил, ки дар байни Вобканд ва шаҳри Бухорост, гузаштем, хар ба канори роҳ баромада дар зери як дарахти бед истод. Падар харро бо чӯбзании бисёр аз он ҷо ҳаракат дода ба роҳ даровард ва ба ман гуфт:

– Соли гузашта баҳорон, вақте ки ба шаҳр мерафтам, ба сари бозори Ялангӣ нафуромада, ба зери ҳамин дарахти бед фуромада худ нон хӯрда ва харро дам дода будам. Аз миёна қариб як сол гузашта бошад ҳам, ханӯз он воқеаро аз ёд набаровардааст ва мехоҳад, ки боз дар ҳамон ҷо вайро дам диҳам. Бинобар ин аз он ҷо гузаштан нахост.

Падар баъд аз дақиқае хомӯш мондан боз ба гап даромад:

– Хар аз одаме, ки чизҳои дида ва шунидаашро аз ёд мебарорад, беҳтар аст. Диққат кун, ки ҳеҷ чизро аз ёд фаромӯш накунӣ!

Падарам бо ин таълими дар боло нақл кардашудаи худро бо як мисоли бисёр содаи авомона таъкид ва зернишин карда буд.



## АВВАЛИН ЁДДОШТҲОЯМ ДАР БОРАИ БУХОРО ВА МАДРАСА

Мо вақти хуфтан ба шаҳри Бухоро расида, аз дарвозаи Самарқанди он ба даруни шаҳр даромадем. Назар ба қавли падарам, агар 5 дақиқа дер мекардем, дар беруни шаҳр мемондем, чунки дарвозаҳои шаҳр дар вақти хуфтан, яъне баъд аз яку ним соати фурӯ рафтани офтоб баста шуда калидҳояшон ба миршаби шаҳр фиристода мешудаанд.

Даруни шаҳр торик буд. Дар дарвозахонаи шаҳр дар пеши дарвозабон як пилсӯз, ки бо пилта ва равғани зағир месӯхт, рӯшноии хирае медод. Ғайр аз ин, дар ягон ҷои кӯчаи шаҳр шамъе, чароғе, ё фонусе набуд. Азбаски ҳавлиҳои Бухоро дар тарафи кӯча дарича ва равзане надоштанд, аз онҳо ҳам ба кӯча рӯшноие намеафтод. Кӯчаҳои танг, ки дар ду тарафи онҳо хонаҳои дуошёна ва сеошёна бино ёфта буданд, манзараи гӯрмонандеро ба ёди кас меоварданд.

Мо аз кӯчаҳои ин шаҳри «торикистон» андӯҳгинона раҳсипор гардида ба пеши мадрасаи Мири Араб расидем, ки акаам бо Сайид Акбар дар он ҷо истиқомат доштанд.

Аз тарафи ғарбии мадрасаи мазкур як рӯшноии дудолуде ба назар намоён гардид ва садои нақораҳо ва сурнайҳо ҳам аз он ҷо мебаромад. Маълум шуд, ки дар он ҷо – дар байни саҳни мадрасаи Мири Араб ва Масҷиди Калон чавкӣ (базми умумии подшоҳӣ) барпо шуда будааст. Дар он вақтҳо одат ин будааст, ки амир берун аз қасри марказии худ – арк, дар кадом ҳавлие, ки манзил кунад, шабона дар наздикии он ҳавлӣ чавкӣ, яъне базми умумии кӯчагӣ ташкил мекардааст.

Ман дар он шаб нахустин бор чавкиро тамошо кардам, дар як майдони танги чуқур, ки тахминан 10 метр бар ва 20 метр дарозӣ дошт, тамошобини бисёре ғун шуда буд. Дар миёнҷои майдон тӯдаи оташ буда, дойрадастон дар пеши вай қатор нишаста буданд, қариб  20 нафар раққосписарони амради кокулдор дар пеши дойрадастон сурудхонӣ ва раққосӣ мекарданд. Дар пеши онҳо як ӯғури пурравған буда, латтакӯҳнаҳое, ки дарунаш буд, машъалвор месӯхт. Ясавулони чӯбдардаст тамошобинонро зада дур мекарданд, ки ҳуҷум оварда раққосон ва дойрадастонро зер накунанд.

Ин базм ба ман маъқул нашуд, чунки вай аз маҷлиси базм зиёдтар ба маҷлиси тарфбозии ғиждувониён монанд буд.

Падарам хӯрҷинро фуроварда пеши ман монда худ харро бурда ба сарой баста омад. Мо бо ӯ ба мадраса даромадем. Мадрасаи Мири Араб яке аз беҳтарини мадрасаҳои Бухоро буда, пештоқи баланд ва миёнсарои хушҳавое дорад. Мо аз дарвозаи мадраса даромада ба дасти рост баргаштем. Дар он ҷо зинае буд, ки мо бо вай боло баромадан гирифтем. Зина торик ва печ дар печ буд. Падарам овоз дода-овоз дода боло мешуд ва ман аз паси ӯ бо аломати овозаш зинапояҳоро даст-даст карда бо эҳтиёт пой монда боло мешудам.

Баъд аз зина тамом шудан ҳам торикӣ тамом нашуд, чунки сари зина ба ҷое мебаромад, ки атроф ва болояш пӯшида буд. Дар он ҷо падар дареро бо қоидаи мадраса бо пушти нохунаш нарм-нармак тиқ-тиқ кард. Дар кушода шуд ва мо

даромадем. Ҳуҷра иборат аз як гунбази бисёр баланди васеи гирда буд ва ғайр аз дари даромадаш, ки вай ҳам аз раҳрави болопӯшидаи торик кушода мешуд, дигар на дар дошт ва на дарича. Дар миёнаҷои ҳуҷра як сандалӣ буда, ба болои вай як шамъи ҷойдории 16-тагӣ, яъне 16 донааш нимчагӣ (нимкилогӣ) месӯхт. Ин шамъ танҳо рӯи сандалиро базӯр равшан мекард ва дигар ҷои ҳуҷра, хусусан сақфи баланди гунбазшаклаш, дар нимторикӣ бисёр воҳимаангез ба назар менамуд. Дар вақти даромадани мо акаам дар пойгаҳи ҳуҷра машғули ошкашӣ буд ва Сайид Акбар, ки ӯ дар деҳа лақаби «Парвардигорхӯҷа»-гиро ёфта буд, дар пеши сандалӣ менишаст.

Баъд аз вохӯрдӣ ва пурсупоси муқаррарӣ ва гузашта нишастани мо дар атрофи сандалӣ акаам ошашро кашида овард. Ош иборат аз палави гӯштимурғноки серравғани балаззат буд.

Дар вақти ошхӯрӣ падарам пурсид:

– Шумоён гӯшти мурғро аз куҷо ёфтетон:

Ба ин пурсиш акаам ҷавоб надод. Аммо Парвардигорхӯҷа ҷавоби ботафсиле дод. Назар ба тафсилоти ӯ, амир Абдулаҳад, ки он сол соли сеюми подшоҳиаш буд, як одат бароварда будааст, он одат иборат аз ин будааст, ки аз арк берун дар ҳар ҳавлие, ки манзил кунад, аз мадрасаи наздик ба он ҳавлӣ баъд аз шом оши мадрасагӣ мепурсидааст. Яке аз ходимони ошхонаи амир барои иҷрои ин супориши ӯ ба мадраса омада овоз медодааст, ки ҳар кас оши тайёр дошта бошад, биёрад. Муллобачаҳо оши палави тайёр кардаашонро бо дегаш мебаровардаанд ва он ходим дегҳоро ба соҳибонашон бардоронда ба ҳавлии амир мебурдааст. Дар он ҷо сарошпаз дегҳоро кушода мазаи ошҳоро чашида дида, яке аз онҳоро интихоб карда мегирифтааст ва дигар ошҳоро рад мекардааст, ки соҳибонашон боз бардошта мерафтаанд.

Сарошпаз он оши писандидаашро ба табақи амир кашида гирифта деги муллобачаро аз оши ошхона пур карда медодааст ва ҳам ба соҳиби ош бо супориши амир 10 танга (яку ним сӯм) пул медодааст.

Азбаски ин одати амир ба ҳамаи мадрасаҳои Бухоро машҳур шудааст, ӯ дар кадом ҳавлие, ки манзил кунад, аҳолии мадрасаҳои атрофи он ҳавлӣ ба умеди қабули амир оши палав мепухтаанд. Чун имшаб амир ба наздикии мадрасаи Мири Араб манзил кардааст, дар 143 ҳуҷраи ин мадраса ҳам оши палав пухта шудааст ва ҳол он ки дар як қисми ин ҳуҷраҳо касоне истиқомат доштаанд, ки дар як зимистон як бор ҳам бошад, оши палав пухтан ба онҳо муяссар намешудааст. Ин гуна муллобачаҳои қашшоқ ҳам қарз карда ё масолеҳи оши палавро аз қассобу баққол ба насия гирифта, ба умеди қабули амир оши палав мепухтаанд.

Сайид Акбар дар охири суханаш бо як оҳанги мағруронае гуфт:

– Имшаб аз байни 143 дег ош, хушбахтона, оши мо қабул ёфт ва ин оши гӯштимурғнок аз ошхонаи подшоҳист.

Падарам дар аввалҳои тафсилоти Сайид Акбар суханони ӯро гӯш дода ош хӯрда меистод. Чун дар нимаи ҳикояти вай чӣ будани масъаларо фаҳмид, аз ошхӯрӣ бозистод ва дар ваҷоҳаташ аломати хашм ва ғазаб пайдо шуд.

Ман гумон доштам, ки ӯ ҳамин замон халачӯбашро бардошта акаамро хоҳад зад. Аммо ин тавр накард. Баъд аз ғундоштани дастархон ҳам хеле вақт



бедор нишаст. На ба Сайид Акбар ва на ба акаам чизе нагуфт ва ҳатто ба рӯи онҳо нигоҳ ҳам намекард ва монанди шайхони хонақоҳнишин чашмонашро пӯшонда ва сарашро хам карда менишаст ва гоҳ-гоҳе сари худро қадаре боло гирифта, оҳе мекашид ва боз сар хам мекард.

Ӯ имшаб хобида тавонист ё не, ман хабар надоштам, чунки хобам рабуда буд. Чун дар аввали субҳ бо шамъгиронии акаам бедор шудам, дидам, ки падар барои бозгаштан ба саҳро тайёр шуда истодааст. Вақте ки рӯз сафед шуд, ӯ аз ҷояш хеста ба ман хитоб карда гуфт:

– Писарам, биё, туро ҳам ҳамроҳи худ ба саҳро барам, чунки ту дар ин ҷо, дар пеши ин амирбозон на одоби мадраса, балки деглесии ошхонаи амирро меомӯзӣ.

Ман гиряву зорикунон аз ӯ пурсидам, ки маро ба ин зудӣ ба саҳро гардонда набарад, то ки рӯзе чанд дар ин ҷо монда шаҳрро тамошо кунам ва мулло тағоиямро бинам.

Ӯ розӣ шуд, ки ман муваққатан дар шаҳр монам ва ба тарзи ҷиддӣ:

– Лекин ҳушёр бош, ки монанди инҳо нашавӣ, агар ба гуфтаҳои ман амал накунӣ, рӯи туро ҳам намебинам, – гуфт ва хӯрҷинро аз дасти акаам, ки бардошта бурдан мехост, кашида гирифта аз ҳуҷра баромад. Мо то сари хархона гусел кардани ӯ рафтем. Дар он ҷо ҳам чизе нагуфта пули саройбонро дод ва харашро савор шуда ба саҳро рафт.

* * *

Он ҳуҷрае, ки акаҳои ман дар вай зиндагонӣ мекарданд, «девхона» ном доштааст. Воҳимаангезии рӯзонаи вай аз шабонааш ҳам зиёдтар шуд; вақте ки дар рӯзи равшан аз кӯча омада ба он бинои васеи торики дудолуд медароед, гумон мекунед, ки ҳақиқатан ҳам дар ҳар гӯша ва кунҷу канорҳои вай деве хуфта бошад. Ин гунбази пурдаҳшат фақат дар девори ҷанубиаш як панҷараи хурди гаҷин дошт, ки вай ҳам ба гунбази аз ин ҳам баландтари масҷиди мадраса кушода мешуд. Агар аз сӯрохи хурди панҷара ба он сӯ нигоҳ мекардед, воҳимаатон боз ҳам қувват мегирифт, чунки фазои васеи гунбази масҷид ба назаратон монанди як дунёи торики бепоён менамуд. Ин ҳуҷра инчунин дар зери қуббааш як сӯрохи танге дошт. Дар рӯзҳои беабри офтобнок, дар соатҳои 12-и рӯз аз он ҷо ба замини ҳуҷра даҳони пиёла барин рӯшноӣ меафтод. Ин рӯшноии ғайритабиӣ дар замини торики ҳуҷра, монанди рӯшноии чашми дарандагон дар шаби торик даҳшатангез менамуд.

Зиндагонии мо дар он ҳуҷра бисёр сода буд, пагоҳонӣ ва бегоҳонӣ нони қоқи аз саҳро овардашударо бо чой мехӯрдем. Ҳар рӯз дар соати як акаам ягон дами гарме тайёр мекард. Дами гарми мо ҳам сода буд: мошу биринч, баъзан кичирӣ ва гоҳо пиёба, ки бо нони қоқ хеле хушхӯр мешуд.

Корҳои ҳуҷраро – пухтупаз, шустушӯй ва рӯфтурӯбро тамоман акаам мекард ва ман ба қадри қувватам ба ӯ ёрӣ медодам. Аммо Сайид Акбар, яъне «Парвардигорхӯҷа», монанди он ки дар он ҳуҷра меҳмон бошад, ҳамеша дар пешгоҳи сандалӣ поҳояшро дар оташ гарм карда менишаст ва дарсашро медид, ё хат машқ мекард. Гапе ки ӯ мезад, танҳо ҳамин буд, ки аз акаам бо оҳанги ҳокимона мепурсид: «таоматон кай тайёр мешавад?» ё ин ки: «кай чой дам мекунед?»

Акаам ба ин пурсишҳои ӯ бо забони хуш ва чеҳраи кушода ҷавоб медод. Аммо ман дарғазаб мешудам ва дар дили худ хушмуомилагии акаи худро дар ин мавридҳо нодуруст мешумурдам.

Ман имсол ба сохти ҳуҷраҳо ва аҳволи зиндагонии берунии талабагони мадрасаи Мири Араб ва ба карру фари мағруронаи калононі он мадраса як дараҷа воқиф шудам. Мадрасаи Мири Араб асосан дуошёна буда, ҳуҷраҳои чоршёна ва гӯшаҳои даруниаш ҳуҷраҳои сеошёна доштанд. Ҳуҷраҳои ошёнаи дуюми ин гӯшаҳоро муаллақ меномиданд, ки дар ҳақиқат ҳам аз гӯри муаллақ ҳеҷ фарқ надоштанд. Ҳуҷраҳои асосии ошёнаи якум якдара ва аз они ошёнаи дуюм ва чорум дудара буданд, ки дари дуюми онҳо дарича буда, ба кӯча кушода мешуданд.

Ин мадраса аз дарун дар шимол ва ҷануб ду пешатоқи баланд дошт. Дар пушти ин пештоқҳо андак ҷои дутаимонанде холӣ будааст, ки бинокорон ҳамон ҷоро ҳам ҳуҷра сохтаанд. Дар дарозии ин ҳуҷраҳо як одам базӯр мехобид, аммо онҳо бағоят кӯтоҳ буда, ба одам қад намедод. Азбаски дар даруни як тоқи калон дари одӣ бад менамояд, бинокорон дар он ҳуҷраҳои танг дарҳои бисёр сербар ва баланди дарвозамонанд шинондаанд. Аҳолии мадраса ин ҳуҷраҳоро «уштурхона» меномиданд. Ин ном нисбат ба дари онҳо бисёр муносиб буда, нисбат ба даруни онҳо аз қабили номидани ягон чиз бо сифати зидди он чиз буд, ки ин гуна маҷоз дар Бухоро одат буд. Чунончи, дар ҳамон вақтҳо дар Масҷиди Калони Бухоро як одами аз ҳад зиёд фарбеҳ хатиб буд ва фарбеҳиаш ба дараҷае буд, ки дар вақти хутба ду кас аз бағалаш гирифта ӯро ба минбар мебароварданд ва худ вазни худро бардошта баромада наметавонист, мардум ӯро «Зайди Лоғар» мегуфтанд.

Бештарини талабагон зиёда қашшоқ буда, дар зимистон бо ҷомаи тунуки ямоқӣ ва бо кафши бемаҳсӣ мегаштанд. Хурдсолтарини онҳо дар шабҳои барфу борон ҳам бар рӯи саҳни болояш кушода бар рӯи санг нишаста дарс такрор мекарданд ва калонсолтаринашон дар миёнсарои[39] мадраса нишаста дарси худро тайёр менамуданд.

Калонон, яъне касоне, ки ба мартабаи мударрисӣ расида буданд, ё ин ки дар он мадраса ду-се ҳуҷраи зархарид доштанд, бисёр мутакаббирона – калонгирона ҳаракат мекарданд. Одатан, инҳо дар байни асру шом дар миёнсарой менишастанд ва бештарини вақташонро бо шикоят аз ғоибон мегузарониданд. Агар яке аз онҳо барои коре аз он ҷо хеста равад, фавран аз вай шикоят сар мешуд ва ҳол он ки дар вақти будани ӯ ӯро бисёр эҳтиром мекарданд.

Гоҳо инҳо ба мунозира медаромаданд. Ман он вақтҳо ба болои кадом масъала мунозира кардани онҳоро намефаҳмидам, аммо ҳамин қадарро мефаҳмидам, ки дар болои мунозира якдигарро сахт дашном медоданд. Бо нодонӣ ва бесаводӣ нисбат додани якдигарашон муомилаи одӣ ба шумор мерафт. (Ман баъдҳо фаҳмидам, ки ҳамаашон рост мегуфтаанд – ҳамаашон нодон ва бесавод будаанд ва саводнок дар қатори онҳо наменишастааст.) Аммо ҳамин ки мунозира тамом шуд, боз якдигарро мунофиқона ҳурмат мекарданд.

* * *



Истиқомати мо дар ин ҳуҷраи «девхона» бисёр дер накашид. Соҳиби ҳуҷра, ки як муллои судхӯр будааст, аз акаҳоям зиёфат талаб кардааст, инҳо дар аввалҳои таҳсил, дар вақте ки равған ва биринҷи аз саҳро овардаашон будааст, ду бор ӯро зиёфат кардаанд. Аммо дар вақти омадани ман захираашон ҳеҷ намонда буд ва охирин биринҷи худро ба амир палав пухта дода буданд. Бинобар ин соҳиби ҳуҷраро дигар зиёфат карда натавонистанд ва ӯ ҳам дар як рӯзе, ки барф меборид, холӣ кардани ҳуҷраро талаб кард. (Ман як қисми муомилаҳои ҳуҷрадорони Бухороро дар «Марги судхӯр» ном асари худ акс кунонидаам.)

Акаҳоям як рӯз кофтуков карда аз Бозори Хӯҷа ном гузари Бухоро як ҷое ёфтанд. Ин болохонаи як баққол буд, ки ӯ ин ҷои худро барои «савоб» ба муллобачаҳои беҷой медодааст ва аз бадии он болохона он сол касе дар вай истиқомат накарда холӣ монда будааст.

Мо ба кӯчидан сар кардем, ҳарчанд дар байни мадрасаи Мири Араб ва ҷои нави мо аз як километр зиёдтар роҳ бошад ҳам, мо чизҳоямонро ба осонӣ кашондем. Парча-палосҳо, дегу табақ ва китобҳо дар як раҳ бурда шуданд, хумчаи равғандон ва тарошаҳоро акаам ба пушташ бардошта бурд. Акнун ним ҷувол ангишти қазоқӣ монда буд, ки бурдани вай душвор менамуд. Мо ҷувол надоштем, ки ангиштро дар вай андохта кашонем.

Баъд аз фикри бисёре акаам дарёфт, ки ангиштро ба хуми об андохта бурдан мумкин аст. Ин фикр ба ман ҳам писандида афтод. Дарҳол оби хумро рехта вайро бо ангишт пур кардем ва хуми ангиштдоншударо аз зина даст ба даст гирифта фуровардем. Дар поин акаам он хумро бо тори ҷомашӯӣ чорбанд карда ба пушташ баст. Ман самоворро ба даст гирифтам ва Сайид Акбар як китоби худро бо нӯги остинаш олуфтаворона гирифт.

Мо бо ин кӯчи ноилоҷ (ноҳинҷор) аз растаи болопӯшида – аз миёни бозор рафта наметавонистем, бинобар он бо тангкӯчаҳои пасхам равон шудем. Барф меборид ва зери пой лағжонак буд. Вақте ки мо ба гузари Кемухтгарон расидем, акаам дар барф лағжида афтид, хум шикаст ва ангишт пош хӯрд.

Акаам зери деворро бо остинаш рӯфта пок карда барои ангишт ҷой тайёр кард. Ман бо ӯ ангиштҳои пошхӯрдаро дона-дона аз даруни барф чида дар он ҷо ғундоштан гирифтем. Аммо «Парвардигорхӯҷа» бо шикастани хум ва пош хӯрдани ангишт худро ба зери девор гирифта бо пушти нохунаш гарди ангишти ба ҷомааш нишастаро оҳиста-оҳиста тоза кард ва ба ангиштчинии мо тамошобин шуда истод.

Акаам бо ин ҳаракати ӯ бисёр бадқаҳр шуда ба ғазаб омад ва бе ҳеҷ огоҳонидан ба тарафи ӯ давида ӯро аз миёнаш гирифта бардошта ба рӯи барфи кӯча зад ва ба сари синааш нишаста ӯро ду-се зарбаи кундазону дода гуфт:
– Ин аст ҷазои касе, ки кори худро худ намекунад ва бори худро ба гардани дигарон бор карда озодагӣ ва калонгирӣ мефурӯшад!

Ҳамин ки акаам аз болои ӯ хест, ӯ ҳам оҳиста аз болои барф хест ва барфҳои либосашро наафшонда ба як тараф гурехта рафт.

Ман ба хушмуомилагии акаам бо ӯ дар корҳои ҳуҷра чӣ қадар тааҷҷуб карда бошам, ба ин кораш, ки ҳарчанд ҳақдорона бошад ҳам, ногаҳонӣ ва бар хилофи одаташ рӯй дода буд, аз вай зиёдтар тааҷҷуб кардам ва он вақт дуруст ва рост будани мазмуни як мақоли арабиро, ки як вақт падарам ба ман гуфта дода

буд, фаҳмидам. Мазмуни он мақол ин буд: «Худо паноҳ диҳад аз ғазаби одами ҳалим – нарммуомила».

Ман ба ин муносибат ҳикояти ба девона занониданам Сайид Акбарро ба акаам нақл кардам. Чунки тарзи зарбаи ҳар дуи инҳо – акаам ва он девона–як ранг буд.

Бо ин ҳикояти ман хашми акаам тамоман фурӯ нишаст ва табассумкунон гуфт:

– Хуб кардӣ, лекин ин коратро ба падарам нафаҳмон, ки туро коҳиш мекунанд.

– Бори аввал аст, ки ман он ҳикоятро ба шумо нақл кардам. Дигар на ба падар ва на ба касони дигар нагуфтаам ва нахоҳам гуфт, – гуфтам.

Дар бошишгоҳи нав аҳволи зиндагонии мо хеле сахт шуд, болохона як хоначае буд, ки бар болои дукони баққол бино ёфта буд, деворҳояш чӯбкории тунук буд, ки ба ягон хонаи дигар намепайваст. Як дари даромад дошт, ки рӯшноӣ ҳам аз ҳамон ҷо медаромад. Аммо аз он дар аз равшанӣ дида сардӣ зиёдтар медаромад. Зотан, аз тунукии девор он хона ҳеҷ гарм намешуд. Мо дар кодоки сандалӣ нишаста поҳои худро гарм кунем ҳам, дигар аъзои баданамон аз сармо меларзид. Дар он болохона дар ду рӯз ду кӯзаи об ях баста шикаст. Мо маҷбур шудем, ки оби аз ҳавз овардаамонро зуд кор фармуда бақияашро фавран ба кӯча бароварда резем. Ин ҳуҷра ҷои дарстурӯйшӯӣ ҳам надошт. Мо маҷбур будем, ки ба кӯча баромада шустушӯ кунем.

Мошу оқшок дошта бошем ҳам, захираи равған тамом шудагӣ буд. Мо барои дамигармпазӣ аз баққол – соҳиби болохона ба ҳашт пул (ду тин) панҷ мисқол (125 грамм) равғани зағир мехаридем, ки ин ба мо дар ду ё се рӯз мерасид. Баққол равғанро бо як манаки (андозаи) кадучагӣ баркашида медод. Ӯ болохонаашро барои «савоб» ба мо бепул дода бошад ҳам, дар вақти равғанбаркашӣ манакро пур намекард ва агар нохост кадуча пур шуда монад, дасташро як ларзонда як миқдор равғанро ба лагани худ рехта мегирифт.

Як шаб сармо бисёр сахт шуд, мо дар ҳуҷраи тағоиямон хобидем, пагоҳонии он шаб баққол ба мо гуфт:

– Болохонаро шабона бекас мондан дуруст нест. Аҷаб нест, ки дузде ба он ҷо даромада сақфи дуконро сӯрох карда ҳамаи чизҳои маро рӯфта барад.

Аз ин ҷо масъалаи «савобталабии» баққол ба мо тамоман ҳал шуд.

Ман дар ин саёҳати худ гӯё шаҳрро тамошо карда натавонистам, танҳо як бор Регистон ва масҷиди Болои Ҳавзро дидам, чунки худам ба танҳоӣ ҷоеро намедонистам. Акаам бошад, ба дарсҳои худ машғул буд. Дар рӯзҳои таътил бо акаам то бозори китоб рафта меомадем, ки дар роҳ ғайри ҷанҷоли аробакашҳо бо якдигар, дар кӯчаҳои танг барои роҳ надодан ба ҳамдигар чизеро намедидем. Агар дар мадрасаи Мири Араб ғал-мағали муллоҳоро тамошо мекарда бошам, дар ин ҷо он ҳам набуд.

Дар ин ҷо ягона дилхушиам рафтан ба ҳуҷраи тағоиям Мулло Деҳқон буд. Ӯ дар Бухоро хонадор шуда буд, дар ҳавлии занаш менишаст. Азбаски он ҳавлӣ меҳмонхона надошт, ӯ аз мадрасаи Фатҳулло қушбегӣ, ки ба ҷои мо наздик буд, як ҳуҷра ёфта буд ва дар он ҷо дарсгӯӣ мекард.

Тағоиям навдарсгӯй ва шогирдонаш кам буданд. Ҷамоае (синфҳое), ки дар



пеши ӯ мехонданд, ҳар кадом аз чор-панҷ талаба зиёд набуданд. Ӯ бештарин аз қофия (навҳи забони араб), шамсия (оид ба мантиқ) дарс медод. Талабаҳои ӯ баробари худаш дод мезаданд. Ман ҳайрон будам, ки талабаҳо ба пеши ӯ барои дарсхонӣ омада бошанд ё барои мунозира? Ба фаҳми ман, дарсгӯии имоми деҳаи мо аз дарсгӯии ӯ беҳтар буд, чунки дар пеши имом талабаҳо ором менишастанд ва ӯ бо оҳистагӣ дарс медод. Агарчи дар он ҷо ҳам бештарини талабаҳо чизеро намефаҳмиданд, аммо барои фаҳмидан имкон буд. Азбаски шогирдони тағоиям ҳамагӣ бо домулло баробар фарёд мекашиданд, ман гумон мекардам, ки барои ягон чизро фаҳмида гирифтан ҳеҷ имконият нест.

* * *

Сайид Акбар – «Парвардигорхӯҷа» аз мо ҷудо шуда рафта, ба охунди Бухоро – Орифхон кафшбардор шудааст. Ӯ баъд аз кӯҳна кардани ҷанги бо акаам шуда рӯзе ба пеши мо омад ва ба ин хизмат даромадани худро ҳикоя кард. Назар ба қавли ӯ, охунд ҳар ҷо барои тӯй ё зиёфат ва ё барои ҷаноза, ё ин ки ба дарбори амир равад, ӯ ба сифати кафшбардор дар қатори саис ба ҷилави ӯ афтода пиёда мерафтааст. Баъд аз расидан ба ҷои матлуб саис аспи охундро гирифта савор шуда меистодааст ва Сайид Акбар ҳамроҳи ӯ то дари хонаи нишасти он ҷо мерафтааст ва баъд аз охунд кафши худро кашидан ӯ он кафшро гирифта аз чангу хок, ё аз лой пок карда дар бағали худ нигоҳ медоштааст. Вақте ки охунд аз он хона барояд, кафшро пеш монда ба ӯ мепӯшондааст ва пешкашҳои дар он маврид ба охунд додашударо бардошта, боз дар қатори саис ба ҷилави ӯ афтода пиёда ба хонаи ӯ меомадааст.

Назар ба фикри худи ӯ, ин кор як андоза душвор ва серташвиш бошад ҳам, зиндагониаш ба хубӣ мегузаштааст – дар ҳавлии охунд дар яке аз хонаҳои ӯ хобухез мекардааст, ки гарм ва озода будааст. Ҳар пагоҳ чойи қаймоқӣ ва ҳар рӯз оши палав мехӯрдааст.

– Шумо, ки, – гуфт акаам ба ӯ, – худатонро калон мегирифтед, ҳеҷ касро назаратон намегирифт ва аз рӯфта тоза кардани ҷои хоби худатон ор мекардед, чӣ навъ шуд, ки ба ин кори паст гардан додед?

– Ин одаме, ки, – гуфт Сайид Акбар, – ман хизмати ӯро қабул кардам, дар хоҷагӣ бо ман баробар бошад ҳам, илмаш аз ман зиёд аст, бинобар ин ман аз хизмати ӯ ҳеҷ ор накардам. Касоне, ки ман ба онҳо калонӣ мекунам, бештаринашон дар насаб аз ман пастанд, баъзеи онҳо дар хоҷагӣ бо ман баробар бошанд ҳам, илм ва фазлашон аз ман кам аст. Бинобар ин ман ҳақ дорам, ки ба он гуна одамҳо калонӣ кунам.

* * *

Мо дар нобобии ҷои истиқомати навамон тоқат карда натавониста, пеш аз тамомияти соли таҳсил ба саҳро баргаштем. Акаам маро ба хона бурда монда, баъд аз ду-се рӯз дам гирифтан боз Бухоро рафт.

Вақте ки ман ба падарам дар қатори таассуроти шаҳр сабаби калонии Сайид Акбарро ба тарзе, ки аз забони худаш шунида будам, нақл кардам, ӯ баъд аз хандидан вазъияти ҷиддӣ гирифта:

– «Гирди номи падар чӣ мегардӣ? – Падари хеш шав, агар мардӣ!» – гуфтаанд. Аммо ин сухани пурҳикматро бисёр одамҳо ба назар намегиранд. Аз болои насаб фахр кардан кори аҳмақон аст. Ин сабилмондаи «хоҷагӣ» бисёр касонро аҳмақ кардааст. Ман касонеро ёд дорам, ки «хоҷагӣ» онҳоро аз Сайид Акбар ҳам зиёдтар аҳмақ кардааст, – гуфт ва ба тарзи мисол як ёддошти худро нақл намуд.

## ТӮЙРАВИИ ХОҶАГОНИ МИРАКОНӢ

Назар ба қавли падарам, вай дар ҷавонӣ бо яке аз хоҷаҳои миракониии ҳамдеҳаи худ ба сайри Самарқанд рафтааст, инҳо дар Самарқанд ба хонаи яке аз хоҷагони миракониии он ҷо меҳмон шудаанд. Ҳамон рӯзҳо яке аз хоҷагони даҳбедӣ тӯй доштааст, ки хоҷаҳои мираконириро ҳам ба тӯяш даъват карда будааст. Аз хоҷагон онҳое, ки аспу одам доштаанд, зуд тайёр шудаанд, аммо касони бе аспу одам хеле ташвиш кашидаанд – барои худ ду аспи кироӣ ва як одами кироӣ ёфтаанд, ба як асп худ савор шуда, ба аспи дигар он одами кироиро бо унвони хизматгори палтарсавори[40] худ савор кардаанд. Ба падарам ва ҳамроҳи ӯ ҳам ду асп ёфта додаанд. Падарам мегуфт:

– Ҳар чӣ бошад, хайр шуд, ки ба мо ҳам як-як аспу одами палтарӣ ҳамроҳ накарданд.

Хоҷагон бо як ҳашамати амирмонанд аз шаҳри Самарқанд баромада ба деҳаи Даҳбед, ба тӯйхона рафтаанд. Дар пеши хоҷагон таомҳои гуногун ва пешкашҳои муносиб кашида шудааст. Аммо ба таом ягон меҳмон ҳам нигоҳ накарда даст дароз нанамудааст. Соҳиби тӯй дар поёни меҳмонхона рост истода таъзимкунон илтимос мекардааст, ки «ба таом марҳамат намоянд». Аммо хоҷагон бо нозу истиғно ба тарафи таом нигоҳ намекардаанд.

Охир баъд аз «гиред-гиред»-и бисёре, калонтарини хоҷагони меҳмон, ки дар пешгоҳ нишаста будааст, аз кисааш қаламтарошро бароварда аз рӯи табақ як дона биринҷ гирифта, вайро бо кордча ду тақсим намуда, нимаашро ба даҳон андохта, нимаи дигарашро ба рӯи дастархон гузоштааст.

Падарам мегуфт:

– Мо, соктарегиҳо, дидем, ки аҳвол бад аст ва аз пеши ҳамин қадар неъмати фаровон ба шаҳр гурусна хоҳем баргашт, фурсатро аз даст надода, зуд-зуд ба ошхӯрӣ даромадем, ҳар чӣ бошад, хоҷагон ба иқтизои калонӣ ё барои исботи калонӣ дар таомхӯрӣ чӣ қадар «гиред-гиред» карда бошанд, дар фотиҳахонӣ ҳам ҳамон қадар «аз шумо-аз шумо»-ро бисёр карданд. Мо дар ин муддат шикамӣ худро сер карда гирифтем.

Баъд аз ба дастархон фотиҳа хондан, ходимони тӯйхона ошҳои аз пеши меҳмонон баргаштаро мувофиқи одат ба хизматгорони онҳо – ба палтарсаворон додаанд.

Хоҷагон баъд аз якпиёлагӣ чой нӯшидан, боз бо ҳамон ҳашамати амирӣ ба шаҳр баргаштаанд. Вақте ки онҳо ба лаби дарё расидаанд, хоҷагони калон бо якдигар «ин ҷо мувофиқ» ё «он ҷо муносиб» гӯён маслиҳат карда, охир зери як дарахти бедро писандидаанд, ки фавран палтарсаворон дар он ҷо ҷулҳои аспҳоро паҳн карда ҷои нишаст тайёр намудаанд. Хоҷагон аз аспҳошон фуромада



бар рӯи ҷулҳои чиркини аспҳо бо ҷомаҳои шоҳиву зарбафт давра гирифта дузону нишастаанд. Баъд аз он калонтарини хоҷагон ба саисҳо хитоб карда:

– Канӣ, зудтар биёретон, ки аз гуруснагӣ ба ҷон расидем, – гуфтааст.

Саисҳо «хӯш, тақсир, ҳозир» гӯён аз палтархурҷинҳо тӯрбаҳои емхӯрии аспҳоро бароварда оварда ба пеши хоҷагон гузоштаанд ва ҳар кадом аз хоҷагон тӯрбаи аспи худро кушода аз даруни вай оши палавро, ки дар он ҷо будааст, бароварда то сер шудани шикамашон хӯрдаанд.

Дар ҳақиқат ин оши палав ҳамон ош будааст, ки хоҷагон аз вай нимдонагӣ хӯрда будаанд ва бақияашро саисҳо хӯрда саркути худҳоро ба тӯрбаҳо андохта барои хӯҷаинҳошон захира карда монда будаанд. Азбаски ин одати доимии хоҷагон будааст, саисҳо ба ин кор моҳир шуда монда будаанд.

Ман дар он вақт аз ҳад зиёд пурмуболиға будани ин нақли падарро ҳаргиз ҳис накарда будам. Аммо баъд аз калонтар шуданам, дурӯғ будани он тарз ошхӯриро фаҳмида бошам ҳам, ба характери аксари хоҷагони он замон мувофиқ буданашро аз рӯи таҷрибаҳои аз сар гузаронидаи худ бовар кардам.

Дар ҳар ҳол ин ёддошти сохтаи падарам он вақт ба ман чунон таъсир карда буд, ки пештар аз омӯхтани зиндагонӣ ба пуч ва аҳмақона будани насабтарошӣ ақида пайдо карда будам. Таҷрибаҳои шахсии худам бошанд, он ақидаро таъкид ва мустаҳкам карданд.

## ДЕҲҚОНӢ

Ман ба зиндагонии мадраса як дараҷа ошно шуда омадам. Акнун дар пеши падарам масъалаи дар таҳсили оянда ба Бухоро барои хондан фиристодани ман истода буд. Аммо барои ӯ ду касро дар мадрасаи Бухоро тамоман таъмин кардан душворӣ мекард. Бинобар ин ӯ ба ман таклиф кард, ки худам ҳам ҳаракате кунам, то ки барои харҷи таҳсилам ба дастам маблағе дарояд.

Дар поёни суффаи хонаи мо андак замини холӣ буд, ки падарам он ҷойро зардолузор карда буд ва ниҳолҳои зардолуи он ҷо сесабза[41] шуда буданд. Бинобар он дар он ҷо ҷуфт даровардан мумкин набуд, чунки ниҳолҳо зада мешуданд. Падар ба ман фармуд, ки ана ҳамон заминро каландгардон карда чизе корам ва ҳар чизе, ки аз вай рӯяд, посираи ман дар харҷи таҳсил бошад.

Падар барои ин кор ба ман як каландча харида дод ва ман кор сар кардам: бо каландча он заминчаро се бор каландгардон кардам, ки он замин дар чуқурӣ се қади он каландча нармӣ пайдо кард. Акнун дар пеши ман масъалаи дандона ва мола кардани он заминча истода буд. Ман барои ин кор аз як табақа дари кӯҳна фоида бурдан хостам. Аммо дандонаи ман сих надошт, бинобар ин пеш аз мола кардан кулӯххои он палчаро бо неш ва мӯхраи каланд реза кардам. Акнун тахтаи дар барои ман вазифаи молагиро адо мекард. Ҳомидхоҷа ва Икромхоҷа ба ҷои ҷуфти гов он моларо кашидан хостанд. Аммо баъд аз ду-се бор ба қади замин рафта омадан ин кор ба дили онҳо зад.

Ман як «гови дигар» ёфтам, ин Хайбар буд; Хайбарро ба молаи худ аспвор бастам. Саги зираки тавоно бо ду-се бор ба қади замин рафта омадан, ин корро омӯхт ва монанди говони куҳансоли таҷрибакор бо фармони ман пеш мерафт,

бармегашт ва меистод. Ва худам бар рӯи тахта монанди ҷуфтронон рост истода сагро мерондам.

Баъд аз молакашӣ дар он заминча нурӣ ва хокҳои кӯҳна рехтам ва боз як бори дигар каландгардонӣ карда мола кашидам ва бо ин замин барои кишт тайёр шуд ва аз падар пурсидам, ки:

– Чӣ киштан даркор аст?

– Мардум «аз бекорӣ кадукорӣ» мегӯянд. Аммо ман «дар навкорӣ кадукорӣ» мегӯям. Ту, ки акнун ба кори деҳқонӣ даст мезанӣ, бояд каду корӣ. Чунки ин як кишти шӯхи беор ва бисёр нигоҳубинро талаб намекунад. Хусусан палавкаду, ки ба замми беор буданаш серҳосил аст.

Баъд аз ду-се рӯз офтоб хӯрдани замин ва тар шудани тухм падарам кишта дод.

Ман баъд аз сабзидани кишт вайро дугона ва ягона карда, дар муддати 15 рӯз се бор каландгардон кардам, ки ин каландгардониро хишова (ё ин ки хишоба) меноманд ва ба бехи кишт ба қадри қад кашиданаш хок кашидам.

Вақте ки палак таноб партофт, оби аввалинро додам ва баъд аз расидани замин падарам ҷои ҷӯяро нишон карда дод, ки вайро кашида хокашро ба зери палакҳо пошидам (дар Бухоро киштҳои палакиро пеш аз ҷӯя кашидан мекоранд ва баъд аз як об додан ҷӯя мекашанд, ки ин корро «варақонӣ» меноманд).

* * *

Падарам ҳам имсол дар деҳқониаш аз ҳарсола зиёдтар меҳнат кард. Як таноб (чоряк гектар) заминро ғӯза ва як танобро ҷувории сафед корид. Азбаски он сол ғӯзапоя хушк шуд, меҳнати падарам абас рафт, ман танҳо ба болои кори кишти ҷуворӣ меистам:

Падар тирамоҳ заминро об дода каландгардон карда, зимистон қавсоб ва чиллаоб дода монда буд ва баҳор баъд аз як бори дигар каландгардон кардан пору рехт. Дар мо як девори кӯҳнаи афтода ва чандин сол офтобхӯрда буд, ки вайро ҳам ба замини ҷуворӣ кишта шуданӣ калла ба калла рехт. Дар ин кор ман ба падарам ёрӣ додам: ӯ кашшаро[42] ба болои хар гузошта пур карда медод ва ман харро ҳай карда бурда ба замин рехта меомадам.

Баъд аз он бо гови касона (кироя) заминро дураҳа ронда ва дандонаву мола карда тухмро кишт ва баъд аз киштан ҳам як бор дандонаву мола кард, ки тухм дар зери хок ба қадри даркорӣ рафт.

Кишт бисёр холибех сабзид ва дар ҳар як қадам як дона ҷуворӣ менамуд. Деҳқонони ҳамсоя ба падарам маслиҳат доданд, ки киштро вайрон карда дубора сертухмитар корад. Ба ин тартиб замин бисёр холӣ монда нобуд мешавад. Ӯ қабул накард ва:

– «Ғӯза» каландрав, ҷуворӣ уштурдав» гуфтаанд – гуфт, – яъне ғӯза ҳамин тарз кишта шавад, ки дар байни бехҳои вай ба осудагӣ каланд равад ва кор кардан мумкин шавад ва ҷувориро ба тартибе бояд кишт, ки дар байни пояҳои вай шутур давида роҳ рафта тавонад.

Баъди қад рост кардани кишт се бор каланд карда ба бехҳояш хок кашид. Баъд аз он ки кишт аз гармии офтоб пажмурда шудан гирифт, як бор об дод. Бо



ин об аз бехи ҳар поя 10–12 бачкии бехҷаст баромад. Ӯ дар бехи ҳар поя танҳо чор дона бехҷастро монда, бачкиҳои дигарро канда партофт. Ӯ умед мекард, ки дар он сол аз ин як таноб замин 30 ман (240 пуд) ҳосил гирад.

Аммо он сол дар музофоти Бухоро аҳволе рӯй дод, ки на танҳо умеди падарам ва осоиши мо барбод рафт, балки осудагӣ ва ҳаёти ҳама зеру забар шуд. Ин аҳволи пурмалол вабои умумӣ ва муромурӣ буд.

## ВАФОТИ ПАДАРУ МОДАР ДАР ВАБОИ УМУМӢ

Дар аввалҳои тобистони соли 1306 ҳиҷрӣ (дар моҳҳои июни соли 1889) дар шаҳри Бухоро бемории вабо ба деҳа баргашта омад. Тағоии калонам Мулло Деҳқонро дар шаҳр вабо зада вафот кардааст, ки мурдаи ӯро аз он ҷо ба хонаи худҳошон ба деҳаи Маҳаллаи Боло оварданд. Аҳволи сиҳатии падарам хуб набуд ва ӯ дар хона ба ака ва додарҳоям саробонӣ карда монд, ман модарамро ба сари мурдаи тағоиям ба хонаи бобом бурдам.

Намедонам дар он ҷо ба модарам вабо расид ё ба марги бародараш бисёр сӯхт, ки дар ҳамон ҷо бемор шуд. Ман ӯро ба хар савор карда базӯр ба хона овардам ва дидам, ки дар ин ҷо ҳам падар ва ҳам бародарони хурдсол, ки яке 9-сола ва дигаре 4-сола буд, бемор шуда афтодаанд.

Акнун хонаи мо ранги як беморхонаро гирифта буд, ки дар вай ҳам доктор, ҳам фелдшер, ҳам медсестра ва ҳам санитар танҳо ман будам. Дар як хонаи ҳафтболор 5 бемор қатор хобида буданд ва ман бо навбат ба ҳар кадоми онҳо об, оби ҷӯш, ё ин ки шир медодам, магасҳошонро мерондам, берун баромадан хоҳанд, ба қадри қувва ёрӣ мекардам.

Дар байни як ҳафта ҳамаи хонаҳои деҳа монанди хонаи мо гардид, на танҳо дар деҳаи мо, ҳатто дар туман (район) ҳам одами тандуруст кам монд ва муромурӣ сар шуд. Аз деҳаи мо, ки тахминан 300 хонавор одам дошт, ҳар рӯз як ё ду ҷанозаро ба мазор мебурданд.

Ман он вақтҳо намедонистам ва ҳоло ҳам муайян карда наметавонам, ки беморони ман чӣ дард доштанд, он вақтҳо дар деҳаҳо доктор набуд. Дар деҳаи мо бошад, ҳамон табибибӣ кӯҳнаи нодон ҳам набуд, ки бо ҷӯшонда додани хасу хошок беморон ва бемордоронро тасаллӣ диҳад. Дар деҳаи мо танҳо эшонон ва дуохонон буданд, ки бесаводони деҳа ҳам ба онҳо ихлос надоштанд ва онҳо ҳар вақт дуохонии худро дар деҳаҳои дурдаст кор мефармуданд.

Як рӯз ман ба Қорӣ Маҳмуд, ки номи ӯ дар ин дафтар пештар гузашт, гуфтам: – Амаки эшон, шумо ҳар вақт дуохонии худро дар деҳаҳои бегона кор мефармоед ва ҳол он ки дар деҳаи худамон ҳам беморон бисёр шуданд, чаро инҳоро намехонед, ки шояд аз даму нафаси шумо шифо ёбанд?

Ӯ ҷавоб дод:

– Ҳеҷ дузд аҳолии деҳа ва маҳаллаи худро тороҷ намекунад. Магар ман аз дузд ҳам ноинсофтарам, ки ҳамсоягони худро фиреб диҳам?

Қисми ба фиребгарии худ иқрор кардани ин гуфтаҳои Қорӣ Маҳмуд дуруст бошад ҳам, қисми аз боинсофӣ фиреб надодани ҳамсоягони худаш дурӯғ буд.

Дурусташ ин буд, ки ҳамсоягон, азбаски чӣ будани ҳамсояи дуохони худро медонистанд, фиреб намехӯрданд.

Аз миёнаи беморони ман аҳволи падарам бисёр сахт буд ва ӯ қариб ҳамеша беҳуш мехобид ва танҳо об мепурсид ва менӯшид. Ва рӯзе чашмашро кушода аз ман пурсид:

– Ба ҷуворӣ дубора об додӣ?

– Не.

– Аз оби аввал чанд рӯз гузашт?

– 10 рӯз гузашт

– Хуб, ҳоло ба об наомадааст! – Ва боз чашмонашро пӯшида бехуд шуд.

Баъд аз он ӯ рӯзе чанд бор бо ман ҳамин тариқа суолу ҷавоб мекардагӣ шуд. Рӯзе, ки аз оби аввал 20 рӯз гузашта буд, ба суоли охирини ӯ «20 рӯз гузашт» гуфта ҷавоб додам.

– Ин тавр бошад, ба об омадааст. Агар тавонӣ, рафта як об деҳ. Кулӯхи офтобхӯрдаро бисёр андохтаам. Агар об нахӯрад, нобуд мешавад, – гуфт.

Ман каландчаамро гирифта ёбон баромадан хостам. Дар ин вақт ба зиракии саг қоил шудам: ҳар вақт ки ман ба ҷое мерафтам, ӯ аз дунболам мерафт ва аз ман ҳеҷ ҷудо намешуд. Аз вақте ки ман бемордор шуда дар хона мондам, ӯ ҳам аз пеши дари хона намеҷунбид. Имрӯз, ки ман каландчаро гирифта ба ёбон рафта истода будам, вай ба ман нигоҳ карда думашро ҷунбонид ва баъд ба дари хона наздиктар рафта тумшуқашро ба рӯи остона монда ва чашмонашро ба сӯи беморон дӯхта хобид. Гӯё вай дур рафтани маро дониста, хост ки ба ҷои ман бемордорӣ кунад.

Он сол об фаровон буд, ба болои ин, бештарини деҳқонон бемор буданд, ки касе аз пайи об намедавид. Бинобар ин ман ба осонӣ аз ҷӯи калон об кушода оварда замини ҷувориро об додам ва зуд ба пеши беморон баргаштам. Баъд аз ягон соати омадани ман падарам чашмонашро кушода:

– Об додӣ? – гуфта пурсид.

– Об додам!

– Боракалло! – боз чашм пӯшид.

Дар рӯзи 40-уми бемориаш ӯ арақ карда тамоман ҳушёр шуд. Шир талаб кард, додам, хӯрд. Дар рӯзи дуюм дар ҷояш хеста нишаст, дар рӯзи сеюм асозанон ба пои худ берун баромад, мо тамоман хурсанд шудем, ки ӯ халос шуд. Лекин дар рӯзи 10-уми саломатӣ ёфтанаш ӯ дубора бемор шуда ба бистар ғалтид.

Усто амак, ки ӯ ҳам бемор буд ва аҳли хонаводааш ҳам бемор буданд, бо вуҷуди ин дар бемории аввалии падарам рӯзе як бор омада хабар мегирифт ва моро тасаллӣ медод, ки ӯ сиҳат хоҳад ёфт: «Фақат чор дона араки хунук барои ӯ лозим аст».

Дар ҳақиқат ҳам падарам баъд аз арақ кардан сиҳат ёфта буд. Аммо вақте ки ӯ дуюмбора бемор шуд, Усто амак чизе намегуфт ва моро тасаллӣ намедод. Лекин ба гумони ман ин бемории ӯ аз аввала сабуктар буд, ки ин бор оромтар мехобид ва аз ҳуш намерафт.

Дар рӯзи ҳафтуми бемордории дуюм, вақте ки Усто амак омада беморро дид, ба ман таъин кард, ки агар аҳволаш бадтар шавад, зуд ӯро хабар диҳам.



– Ман чӣ медонам, ки аҳволаш бадтар аст ё беҳтар? – гуфтам ман дар ҳолате, ки дар чашмонам об чарх мезад.

– Гиря накун, мард бош, писари падарат шав! Аҳволи падарат хеле сахт аст, лекин барои пеш аз вақт ба мусибат дучор накардани шумоён худро ором нигоҳ медорад. Ту ҳам барои ба ташвиш дучор накардани ӯ худро ором нигоҳ дор! Аломати бад шудани аҳволаш ин аст, ки нафасҳои сахт-сахт мекашад ва гулӯяш хишшос мезанад. Ман равам, ки аҳволи янгаат бад буд.

Шаб шуд. Ман чароғи сиёҳро даргиронда бар болои чароғпоя мондам. Ҳанӯз аввали шаб буд, ки падарам нафасҳои сахт кашидан гирифт ва гулӯяш хир-хир кард. Усто амакро ҷеғ зада овардам. Ӯ бо пахта ба даҳони падарам об чаконидан гирифт. Бемор чашмонашро кушод, аввал ба ман ва баъд ба Усто амак нигоҳ карда гуфт:

– Зиёдтар об диҳед, бо қошуқ резед!

Амак ба гулӯи ӯ ду қошуқ об рехт.

– Бас, – гуфт падарам ва чашмонашро ба тарафи ман гардонида сухани худро давом дод:

– Хон! Дар чӣ гуна душворӣ бошад ҳам, хон! Лекин қозӣ нашав, раис нашав, имом нашав! Агар мударрис шавӣ, майлат!...

Бемор чашмонашро пӯшид. Баъд аз ягон дақиқа бо хар-хар нафас кашидан гирифт. Амак бо пахта обчаконро сар кард. Дар ин миён бемор дар ҷояш қад рост кардан хост ва ба тарафи ман чашм дӯхт, дубора ғалтид ва дастонаш як ҷунбиш хӯрданд ва баъд аз он ором гирифт. Ин оромии абадии ӯ буд!

Дар ин вақт падарам аз рӯи ҳисоби солгардонӣ, ки ҳисоби шамсӣ мебошад, 57 солро пур карда буд.

Усто амак баъд аз бастани манаҳ ва сарангуштони пои мурда ва пӯшониданй чашмони ӯ, ба ман гуфт:

– Агар ман рафта беморони худро хабар гирифта оям, ту наметарсӣ?

– Чаро тарсам? Магар аз падари худ метарсам? – гуфтам дар ҷавоб.

– Бале, шер, – гуфту рафт ва бозгашта омада мурдабонӣ кард. Модарам ва акаам баъд аз дубора омадани амак фаҳмиданд, ки падар мурдааст ва додаронам бошанд, баъд аз рӯз шудан фаҳмиданд.

* * *

Дар деҳаи ҳамсоя Йӯлдошбой ном як савдогари қалъачӣ[43] буд, ӯ мавиз, ғӯлунг, карбос ва ҷомаҳои пахтадори ғиждувонӣ ғундошта ба Қазалӣ, Оқмасҷид, Оренбург ва ба дигар шаҳрҳои қазоқон ва бошқирдон мебурд ва аз он ҷоҳо молҳои русӣ меовард. Баъд аз муромурӣ сар шудан ӯ ба кафанфурӯшӣ даромад.

Назар ба қавли худаш, ӯ ин корро барои ҳоҷатбарории мардум мекард, вагарна ӯ ба «кафанфурӯшӣ барин як кори паст ҳеҷ эҳтиёҷ надошта» аст, ба мурдаи падари ман ҳам ӯ «ҳоҷатбарорӣ» карда, асбоби такфин ва чизҳои дигари ҷанозаро дода моро сад танга қарздор кард. Назар ба қавли Усто амак, агар мо пули нақд медоштем, ҳамон чизҳоро аз бозор 25–30 танга арзонтар гирифтан мумкин будааст.

Барои харҷи нақда ҳам 20 танга даркор шуд, ки ин маблағро ҳам ба шарти 25 танга карда додан, ба мо «ҳоҷатбарорӣ» карда дод. Барои бегоҳи душанбе, ҷумъа ва хатми Қуръон ҳам 25 танга лозим шуд, ки мо ин маблағро аз одамони гуногун ба тарзи қарзи майда гирифта сарф намудем . Ҳамин тариқа шуда ман мурдаи падарро 150 танга (22 с. 50 тин) харҷ карда бардоштам.

* * *

Баъд аз гузаштани рӯзҳои азодории падарам, намедонам, аз бехабарии ман ё бо ягон сабаби дигар гови ҷӯшоиамон дар як шаб бемор шуда ҳаром мурд. Модарам ин хабарро дар бистари бемориаш шунида гуфт:

– Ҳар балое, ки омада бошад, ба ҳамон гов занад. Кошки вай пештар мемурд, ки шояд падарат зинда мемонд. Гӯсолаашро ҳам барои саломатии худат ва бародаронат дафъ кардан даркор аст, – ва фармуд, ки вайро ба Хоҷахон бурда диҳам: ин як одами маиби бедасту по буд, ки дар гӯшаи деҳа хобида бо садақаи мардум зиндагонӣ мекард.

Ман гӯсоларо ба ӯ бурдам. Аммо ӯ қабул накард:

– Шумоҳо ҳозир аз ман мӯҳтоҷтаред, чунки мардум ба ман садақа медиҳанд, ман бо вай як навъ зиндагӣ мекунам. Аммо шумоҳо ба садақагирӣ одат накардаед. Акнун ки падаратон вафот кард, маълум нест, ки баъд аз ин ҳоли шумоҳо чӣ мешавад? – гуфт.

Аммо дубора модарам илтимос карда фиристод, ки барои саломатии бачагон қабул кунад. Ин дафъа гӯсоларо ба ӯ ба хотири ризои модарам базӯр қабул кунондам.

Дар ин вақт ман фаҳмидам, ки Хоҷахони маиби барҷомонда аз имоми деҳаи мо боинсофтар будааст. Имом дар рӯзи ҷанозаи падарам 10 тангаеро, ки ба ӯ доданд, бе ҳеҷ «лозим нест» гуфтан қабул карда буд. Ва ҳол он ки вай дар ҳамон вақтҳо дар анбори худ 50 ман (400 пуд) гандум ва 25 ман (200 пуд) ҷав дошт ва чӣ қадар пули нақд ва асбобу ашё доштанашро, албатта, ман намедонистам. Аммо Хоҷахон ғайр аз ду чашме, ки ба садақаи мардум нигарон буд, чизе надошт.

Ака ва укаҳоям, ба қавли мӯйсафедон, аз хавфи мурдан гузашта буданд, аммо аҳволи модарам рӯз то рӯз вазнинтар мешуд. Дар вақтҳои охир ба пеши дар бароварданаш ҳам мумкин нашуд ва ҳамаи эҳтиёҷҳои табииаш дар ҷои худаш мешуд, ки ман тоза мекардам.

Бародаронам беҳтар шуда бошанд ҳам, озодона ба по хеста гашта наметавонистанд, аломати беҳтарии аҳволи онҳо дар ин буд, ки кам-кам чиз мехӯрданд. Ман бо маслиҳати кампирон ва мӯйсафедон мурғонро ба онҳо хӯрондам. Назар ба қавли таҷрибакорон, ягона чизе, ки дар он вақт ба онҳо қувват бахшад, шӯрбои мурғ буд. Ман мурғонро ягон-ягон кушта намак мезадам ва ҳар мурғро 3 ё 4 бор шӯрбо карда ба онҳо мехӯрондам.

* * *

Ҷувориро дар вақт-вақташ об дода бошам ҳам, вайро аз ҳуҷум ва тороҷи парандагон нигоҳдорӣ карда наметавонистам, дар вақти шира пайдо кардан донаҳояшро гунҷишкон чунон макиданд, ки баъзе сарҳояшон пахол барин та-



моман бедон шуда монд. Аммо сарҳои саломатмонда монанди шиками офтобаи сафолин пурра ва ғафс шуда буданд. Акнун ҳуҷуми гунҷишкон он қадар зарар накунад ҳам (чунки ҳар гунҷишк бо 10–12 дона сер мешуд), ҳуҷуми зоғҳои сиёҳ ва зоғчаҳо, ки дар деҳаи мо бисёр буданд, сар шуда буд. Акнун бими он буд, ки ҷуворӣ тамом талаф шавад ва мо ҳам талаф шавем, зеро адо кардани қарзи мурдаи падарам ва хӯроки зимистонии мо ба саломат мондани ҳамин ҷуворӣ вобаста буд ва ғӯза бошад, пояхушк шуда кайҳо талаф шуда рафта буд. Дар хонаи мо орди гандуме монда буд, ки танҳо барои ягон моҳ кифоя мекард.

Аммо ман намедонистам, ки модарамро ба он ҳол гузошта барои «ҷуворихойгӯӣ» ба ёбон равам (дар он вақт одатан парандагонро аз кишти ҷуворӣ «ҳойҳой, гала-гала ҳой» – гӯён меронданд).

Лекин дар ин миён воқеае рӯй дод, ки ман хотирҷамъона ба «ҷувориҳойгӯӣ» машғул шудам: дар вақти тангии аҳволи модарам яке аз тағоиҳоям – Алихон ҳамроҳи як нафар ҳамдеҳааш барои дидани ҳамширааш–модарам омад. Назар ба қавли ӯ, баъд аз гӯронидани акааш – мулло тағоиям модару падараш ва дигар аҳли хонаводаашон ҳамагӣ бемор шудаанд. Зани худаш ва занҳои бародаронаш мурдаанд. Худаш ҳам бемор шуда будааст. Вақте ки ӯ қадаре беҳтар шудааст, падару модараш барои хабаргирӣ ба мо фиристодаанд.

Тағоиям аҳволи модарамро вазнин дида, ӯро ба хонаи худҳошон бурдан хост:

– Дар он ҷо падару модар зинда ва ман саломатӣ ёфтаам. Аммо дар ин ҷо ба ту, ки хурдсол мебошӣ ва ба бародаронат ҳам нигоҳубин карданат зарур аст, ба модарат парасторӣ кардан душвор аст, – гуфт.

Мо розӣ шудем. Ӯ ду чӯбро ба шакли нардбон дуруст кард ва ба ҷои пояҳои нардбон ба онҳо арғамчин кашид, ки инро «сароча» меномиданд. Ду харро пасу пеш карда ба рӯи вай беморро дароз хобонид ва бар болои ӯ як сӯзаниро пӯшонида ба роҳ даромад.

Аз рафтани модар чӣ гуна мутаассир шудани бародаронамро намедонам, аммо дили худам бисёр вайрон шуд ва кӯшиш мекардам, ки овоз набарорам ва беморро азоб надиҳам. Лекин аз гиряи беовоз худдорӣ карда натавонистам. Чашмам ба чашми модар афтод, аз чашмони ниммурдаи ӯ қатраҳои бисёр хурди сиришк бар рӯи заб-зард шуда борик гардидарафтааш мешориданд.

– Ба ҳазор дароӣ! – гуфт дар вақте, ки харҳо ба ҳаракат даромада буданд.

Онҳо аз назар ғоиб шуда рафтанд, ман дар дили худ «ӯ ҳоло намемирад, наход ки ман аз падару модар якбора ҷудо шавам» гӯён худро тасаллӣ додам ва чашмонамро, ки аз ашки талх сӯзиш мекарданд, бо остин пок кардам.

* * *

Бештарини вақти ман дар ёбон мегузашт. Дар хона танҳо дар вақти об ҷӯшонда ба беморон додан ва ягон чиз пухта хӯрондан мемондам. Шабҳо баъд аз торик шудани рӯз ба хона омада хобида, субҳидам пеш аз сафед шудани рӯз ба сари ҷуворӣ мерафтам. Дар ёбон кори муҳими ман «ҷувориҳойгӯӣ» буд. Аммо он парандагони шилқинро аз як тарафи замин паронам, дарҳол ба тарафи дигараш омада ба сари хӯшаҳои марворидмонанди ҷуворӣ менишастанд. Он паран-

дагон ба кулӯху сангҳое, ки бо фалахбон (фалохун) ҳаво медодам, ҳеҷ аҳамият намедоданд. Ҳарчанд бо ғуррида рафтани санг ё кулӯхи фалахбон аз сари ҷуворӣ хезанд ҳам, пеш аз он ки он санг ё кулӯх ба замин ғалтад, онҳо боз ба сари ҷуворӣ менишастанд.

Дар ин кор Икромхоҷа (писари дуюми Усто амак) тадбире кард, ки ман қадаре осуда шудам: ӯ ба ман фармуд, ки дар ғафсии банди дасти одам, ба дарозии як оршин як чӯби сахт ёфта бо арраву тешаву рандаву парма ба сари замин овардам. Ӯ он чӯбро ба шакли лӯла тарошида бо ранда суфта кард ва аз як тарафи он чӯб ба дарозиаш бо парма сӯрох намуд. Он сӯрохро ба тарафи дигари чӯб набароварда аз болои нуқтаи охирини вай як сӯрохчаи дигар ҳам кард ва ин асбобро «таппончаи чӯбин» ном ниҳод.

Дар он вақтҳо дар деҳаи мо шикорчиён бисёр буданд, ки милтиқи шохдори қадимӣ кор мефармуданд ва доруи милтиқ (борут)-ро худҳошон месохтанд. Икромхоҷа аз як шикорчӣ як халтача дору овард ва сӯрохи чӯбро бо дору пур карда аз рӯяш қадаре пахта тиққонд ва чӯбро ба тарафи парандагон рост карда аз сӯрохи болояш оташ дод.

Бо расидани оташ ба дору он чӯб кафида рафт. Хайрият, ки на ба ман ва на ба ӯ зарар нарасид. Аммо аз бӯи дору парандагон аз сари замин чунон гурехтанд, ки то як соат бозгашта наомаданд.

Хеши ихтироъчии мо бо ин қадар аз кори худ даст накашид ва дафъаи дигар аз чӯби аз аввалӣ ғафстар боз як таппончаи чӯбин сохт. Ин дафъа ба сӯрохи вай доруро камтар андохт ва сахт ҳам ҷой накард. Ин дафъа таппончаи мо накафида матлаб ҳосил шуд ва бо парондани вай парандаҳо парида мерафтанд. Мо сабр мекардем ва ҳар вақт ки парандагон боз омаданд, боз як бор мепарондем. Ба ҳамин тариқа ҷуворӣ ба осонӣ аз зарари зиёд эмин монд.

Рӯзи дигар Икромхоҷа аз шикорчиён қадаре қӯрғошим оварда сочма рехт. Донаҳои сочмаи ӯ аз сочмаи шикорчиён резатар буда, ба қадри донаҳои арзан будаанд. Икромхоҷа бо ин сочма ва таппончаи чӯбин гунҷишкон ва кафтарҳои ёбоиро шикор мекард, ки ба химча гузаронида ва ба оташ дошта бирён карда мехӯрдем. Як рӯз шикори мо барор гирифта 4 дона кабӯтар (кафтар) шикор кардем, ки ду донаашро ба бародарони бемор бирён карда додам.

Сарҳои ҷуворӣ сафед шуда пухта омада истода буданд. Дар он рӯзҳо падари Икромхоҷа – Усто амак, ки баъд аз вафоти падарам бемор шуда буд, ба по хеста асозанон ба ёбон баромад ва ҷуворин маро аз назар гузаронида:

– Сарҳои пухтаи ҷувориатро пеш-пеш шикаста гирифта дар ҷое ғун кардан гир. Агар ба пухтани ҳамаи инҳо ё ба хазонрезӣ нигарон шавӣ, корат зӯр мешавад, дар он вақти танг ба танҳоӣ ин корро карда наметавонӣ, – гуфт ва аз паҳлуи замини ҷуворин мо як замини почпоя – ҷои гандумро нишон дода илова кард:

– Ана дар ҳамин ҷо ғун кун, ки замини хушки сахти ҳамвор аст ва дар ин ҷо кӯфта бардошта гирифтани дон осон мешавад.

Ман аз ҳамон рӯз сар карда ба ҷуворигундорӣ даромадам. Акнун шабҳо ҳам дар ёбон мондан даркор буд. Ман ба ин мақсад ҷуворипояҳои сарҳояшон шикаста гирифташударо ғалтонда бароварда дар сари хирманам як коза (чайла) сохтам. Ҳар қадар ки сарҳои ҷувориро бисёртар шикаста мегирифтам, ҷуворипояҳо ҳам ҳамон қадар бисёр шуда, козаам ҳам ҳамон қадар борону шамолногузар мешуд. Охир ҷуворипояҳо ҳамон қадар бисёр шуданд, ки нимаи вақти ҳаррӯзаамро барои ба хона кашонда бурдани онҳо сарф мекардам.

Дар козаам шабҳо дар пеши ман Икромхоҷа мехобид ва азбаски модараш ӯгай буд, ба хонааш рафтан намехост. Бачагони тандуруст ё аз беморӣ саломатёфтаи деҳа ҳам шабҳо ба пеши мо ғун мешуданд ва то нимаҳои шаб гапзанон нишаста, баъд хона ба хона мерафтанд ва баъзеҳошон, ки модари ӯгай доштанд, дар ҳамин ҷо бар рӯи сарҳои ҷуворӣ ё ҷуворипояҳо мехобиданд.

* * *

Як шаб ҳаво соф буд, сармои тунди тирамоҳӣ ба бадани кас монанди бигизи дар оташ тафсида сӯзиш кунонида мехалид. Дар равшании моҳ қиравҳои бар рӯи растаниҳо пайдошуда монанди барфи навборида ялаққосзанон менамуданд. Ҳар кас медонист, ки имшаб ҳама чизҳоро хунук мезанад ва фардо ғундор-ғундор сар мешавад.

Ман ҳам фикр мекардам, ки «агар имшаб сармо занад, фардо ҳамаи ҷувориҳоро ғундошта гирифтан даркор мешавад ва ҳол он ки ҳанӯз дар замин нимаи ҷуворипоя бар пой ва сарҳошон нашикастагӣ буд. Баъд аз сармо задан оҳистакорӣ ба кор намеравад, чунки ба зудӣ ялагард шуда мардум чорпоҳошонро дар ёбон озодона яла карда сар медиҳанд ва эҳтимоли борон боридан ҳам ҳаст, дар он вақт ҳамаи ҷувориҳоям нобуд мешаванд. Аммо як худам ба танҳоӣ ин қадар чизро чӣ гуна ба зудӣ мегундорам?»

Ман дар ҳамин гуна фикру хаёл будам, ки Икромхоҷа омад. Ӯ аз сармо меларзид ва шикояткунон гуфт:

– Хостам аз кӯрпаҳои аз модарам ба мерос монда якеашро биёрам, модари ӯгай надод. Ба падарам гуфтам, ӯ ҳам тарафи вайро гирифта: Агар як кӯрпачаро гирифта ба ту диҳам, ӯ норозӣ мешавад ва худаш аз беморӣ нав хестааст, аҷаб нест, ки канда шавад[44]. Ин гуна сармо одамро намекушад. Рафтан гир! – гуфт.

Боз се бача омад ва яке аз онҳо ба ман гуфт:

– Ту барои «во, бибем»-гӯӣ ба Маҳаллаи Боло нарафтӣ?

Ин сухан як дег оби ҷӯшон буд, ки ба сари ман рехт ё санги осиё буд, ки бар сари ман гардида тамоми аъзои баданамро ордвор соида партофт. Ман фаҳмидам, ки модарам мурдааст ва ин бача, аз куҷо бошад, шунида омадааст ва ба ман ба ҳамон тарзи ифодае, ки ба ақидаи худаш шоирона ва болояш пӯшидааст, фаҳмондан хостааст. Аммо ба чашмонам об чарх назад, гӯё маро бо он сухан дар оташ андохта гудохта бошад, ҳамаи наму тариҳои баданам хушкида буданд. Ман фикр мекардам: «Акнун чӣ кор мекарда бошам? Дар 12-солагӣ ҳам бепадар ва ҳам бемодар, бародарон бемор, акаам бошад, ҳар вақт саломат ёбад, ба хондан меравад ва додарҳои хурдсолро ҳам бояд ман саровонӣ кунам. Хондан… ва он хондан, ки худ мехостам ва падар дар нафаси вопасинаш васият карда буд, чӣ мешавад?!»

Вақте ки он бача ба ман «ту барои во, бибем-гӯӣ нарафтӣ» гуфт, як рафиқаш ба ӯ: «лозим нест, ба ӯ тасаллӣ додан зарур аст, на ин ки ҳазл кунӣ» гӯён пичиррос зад ва ба ман нигоҳ карда суханашро давом дод:

– Зарар надорад, як кор мешавад, меравад. Икромхоҷа ҳам бемодар аст.

– Ғам нахӯр! Ҳар чӣ бошад мегузарад, «чист,ки нагузарад?» – гуфт Икромхоҷа, – ман 10 сол аст, ки бе модар зиндагонӣ мекунам, маро гург нахӯрд.

– Ту модар надошта бошӣ ҳам, – гуфт ба Икромхоҷа бачаи дигар, ки то ҳол хомӯш истода буд, – падар дорӣ ва модари ӯгай дорӣ. Аммо барои ин (маро ишора карда) зӯр шуд, ки аз падару модар якбора ҷудо гардид. Худо осон кунад.

– Ман, ки аз модар ҷудо мешудаам, кошкӣ аз падар ҳам ҷудо мешудам, – гуфт Икромхоҷа оҳе кашида, –то ки ба дасти модари ӯгай гирифтор намегардидам…

Инсон, вақте ки дар як душвории беилоҷ монда ҳар тараф ба худ тасаллӣ меҷӯяд, ба ҳар муносибат аз ҳар чиз барои худ як тасаллӣ тарошида мебарорад. Ман ҳам аз ин сухани Икромхоҷа барои худ як тасаллӣ тарошида баровардам ва дар дили худ гуфтам: «Агар баъд аз мурдани модарам, падарам зинда мебуд ва зани дигар мегирифт, дар он вақт чӣ мекардам? Албатта, модари ӯгай маро рӯи хуш намедод, дар хона роҳ намедод, аз кӯрпаҳои модарам ба ман намедод ва ба болои ин, падари меҳрубонамро ба ман номеҳрубон мекард. Ҳоло ҳар чанд бепадару модар монда бошам ҳам, худ ба худам соҳиб мебошам, ҷуворӣ азони ман, хар азони ман, додарҳо дар ихтиёри ман. Дуруст аст, ки аҳволам душвор аст, лекин аз зердастии модари ӯгай осонтар аст». Ана бо ҳамин фикр хеле тасаллӣ ёфтам.

* * *

Тасаллиёбии ман то вақте давом намуд, ки рафиқонамро хоб рабуд ва баъд аз он танҳоии худро ва хусусан ҷудоии падару модарро, ки ягона ғамхори меҳрубони ман буданд, ҳис кардам ва дигарбора лашкари андӯҳу алам ба ман ҳуҷум оварда, тамоман хавосамро фаро гирифт. Акнун бо «ҳой-ҳой» гиря кардан мехостам, аммо аз бими нороҳат кардани рафиқон, ки маҳз барои тасаллӣ додан ба ман ба гирди ман ғун шуда дар зери қиравӣ тунд мехобиданд, худдорӣ намудам. Орзу мекардам, ки коре шуда ҳамаи ин ғаму кулфатҳо ҳарчанд якчанд дақиқа ҳам бошад, аз ёдам бароявд ва ман андаке рӯи осоишро бинам ва бо хоҳиши ин орзу байти зерини як ғазали Бедилро, ки падарам дар ин гуна мавридҳо бисёр мехонд, ба ёд овардам ва бо овози пасти ҳазин замзама кардан гирифтам:

Эй фаромӯшӣ, куҷоӣ, то ба фарёдам расӣ!
Боз андӯҳи дили ғампарварам омад ба ёд!

Дар ин вақт суруди ҷуфтронон шунида шуда, маро ба худ машғул кард. Ҷуфтронони райони Ғиждувон одатан дар шабҳои тобистон дар соати 10-и шаб гов баста кор сар мекарданд ва заминро пеш аз баромадани офтоб дандонаву мола карда намашро тамоман дар худаш нигоҳ медоштанд – аз хушкондани партави офтоб эмин мекарданд: дар шабҳои дарози тирамоҳ бошад, баъд аз нимаи шаб кор сар карда, бо ҳамон мақсад пеш аз тулӯи офтоб корашонро тамом менамуданд. Дар ин гуна вақтҳо ягона тасаллибахши он ҷуфтронон, ки бо маҷбурияти зиндагӣ хоби ширинро тарк карда дар шаби тор кор мекарданд, сурудхонӣ буд.

Бештарини деҳқонони районҳои Ғиждувон ва Вобканд сурудхон ва шашмақомдон буданд. Онҳо, бо вуҷуди бесаводӣ, Шашмақомро бо ғазалҳои классикӣ аз падару бобоҳошон даҳан ба даҳан омӯхта буданд (қувваи мусиқии шаҳри



Бухороро ҳамеша аҳолии районҳои Ғиждувон ва Вобканд пур карда меистоданд. Аз боқимондаи онҳо – Ҳофизи Халқии Тоҷикистон, устоди шашмақомдон Бобоқул Файзуллоев аз Ғиждувон ва Ходими Хизматнишондодаи Санъати Ӯзбекистон нотанависи шашмақомшинос Шоҳназар Соҳибов аз Вобканд аст).

Зотан, Шашмақом хеле ҳузнангез буда, ҳақиқатан тарҷимони аҳволи онрӯзаи меҳнаткашон ва аз ин ҷумла деҳқонон буд. Ҳарчанд дар фуроварди ҳар як ҳавои Шашмақом тарона ва уфарҳои хеле шӯхи шӯрангез бошанд ҳам, инҳо махсуси базмҳои хонагии рақсдор буда, ҷуфтронон ба асл ва асоси ҳавоҳои Шашмақом, ки ба ҳоли худашон мувофиқ буд, қаноат мекарданд.

Ҷуфтроне, ки дуртар аз хирмангоҳи ман замин меронд, дар ҳавои савти Ушшоқ, ки вайро савти калон ҳам мегӯянд, як ғазали Бедилро сар кард ва дар авҷи он ҳаво ҷуфтрони дигар, ки дуртар аз вай кор мекард, ба ӯ ёрӣ дод. Ман бо шунидани он ғазал дар он суруд, бе он ки овозе барорам, дарун-дарун гириста дили мусибатманзили худро қадаре холӣ кардам ва дар ин ҷо ба тарзи намуна нақл кардани се байти он ғазалро, ки ба аҳволи оншабаи худам хеле мувофиқ буд, муносиб дидам:

Далели корвони ашкам оҳи сардро монам,
Асарпарварди доғам ҳарфи соҳибдардро монам.
Рафиқи ваҳшати ман ғайри доғи дил намебошад,
Дар ин ғурбатсаро хуршеди танҳогардро монам…
Фалак умрест дур аз дӯстон медорадам, Бедил,
Ба рӯи сафҳаи офоқ байти фардро монам.

Баъд аз ба охир расидани суруди ҷуфтрони аввал, ҷуфтрони дигар як ғазали Ҳофизро, ки аввалаш ин байт аст:

Сабо, ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро,
Ки сар ба кӯҳу биёбон ту додаӣ моро…

дар ҳавои Ироқ сар кард ва дар авҷи ин ҳаво ҷуфтрони дигар ба ӯ ёрӣ дод…

Ба ҳамин тариқа сурудхонии ҷуфтронон дар он ёбони ором то поёни шаб давом намуд ва вақте ки рӯз сафед шуд, онҳо хомӯш монданд ва рафиқонам бедор гардида маро ба тарафи худ машғул карданд.

———

Ин парча як марсияест, ки аҳволи онвақтаи худро баъд аз шаст сол ба қалам оварда ба модари худ бахшидам. Агар ин мусибатнома аз ҳад зиёд андӯҳовар баромада хонандагони мӯҳтарамро нохушнуд кунад, маъзарат мепурсам ва маро, ки маҷбурияти фарзандии худро, қисман бошад ҳам, адо кардан хостам, умедворам, ки бубахшанд.

## ҲОСИЛҒУНДОРӢ ВА САРФИ МАҲСУЛОТ

Ҷувориро бо ёрмандии хару аспи ҳамсоягон ва бачагони деҳа кӯфтем ва ғалбер карда чош кардем. Ҳосил аз ҳосилоте, ки то он вақт аз он гуна киштҳо мегирифтанд, зиёд баромад. Мо аз ҳама аввал аз чош бо ғалбер тахминан баркашида 15 ман (120 пуд) ба Йӯлдошбой барои қарзи гурӯ кафани падар додем. Миёнаравон ҳар як ман (8 пуд) ҷувориро 10 танга (1 сӯму 50 тин) нарх карданд. Дар бозор нархи як ман ҷуворӣ 12 танга бошад ҳам, барои аз сари хирман бо ҷувол ва аспу хари худ бардошта бурданаш 2 танга кам карданд.

Йӯлдошбой 125 тангаи пули ҷувориро ба қарзи худ ҳисоб карда, 25 тангаи боқимондаро ҳам ба қарзхоҳони майда дод.

Баъд аз адо кардани қарзи Йӯлдошбой ва қарзхоҳони дигар барои хӯрокврии худамон ҳам тахминан 5 ман (40 пуд) ҷувории сафед монд, ки ба хона кашондам. Кӯкбош (сарҳои нимрас ва тамом сафеднашудаи ҷуворӣ)-ро бебаркаш ба хона бурдам.

Баъд аз як ҳафтаи ҳосилғундорӣ тағоиям Алихон, ки модарамро дар вақти бемориаш бурда буд, омад. Вай ба мо ҳисоб дод, ки ба бардоштани мурдаи модарам 100 танга харҷ кардаанд ва ин маблағро аз мо талаб кард.

Мо 20 ман (160 пуд) кӯкбошро ҳар ман 5-тангагӣ (75-тинӣ) ҳисоб карда ба қарзи ӯ додем. Дар бозор як ман кӯкбош 7 танга буд, ки ба ӯ ҳам аз ҳар ман 2 танга барои бардошта бурданаш гузашт карда шуд. Аз ғайри ин, хар ҳам он зимистон бо сериву пурӣ кӯкбош хӯрда баромад.

Ин ҳосил аз он ҷумла ҳосиле буд, ки касе монандашро то он замон дар деҳа ёд надошт. Усто амак ҳам ним таноб заминашро ҳамон сол ҷуворӣ кишта буд, се ман ҷувории сафед ва ду ман кӯкбош бардошт ва ҳол он ки ҷувории ӯ ба воситаи писараш – Икромхоҷа аз тороҷи парандагон тамоман нигоҳдорӣ карда шуда буд. Мардум мегуфтанд, ки «агар ҷувории шумо ҳам дуруст нигаҳдорӣ меёфт, 40 ман дони сафед медод».

Мӯйсафедони деҳа ин ҳосили баландро дида мегуфтанд, ки «ҳосили ин қадар баланд хосият надорад. Ана ҳамин ҳосили аз ҳад афзун буд, ки сари Сайидмуродхоҷаро (падарам) хӯрд».

Ман бо вуҷуди хурдсолӣ ба ин ақида розӣ шуда натавонистам. Ман бисёр сода муҳокима мекардам: ман дар дили худ мегуфтам: «падарам меҳнат карда, як таноб заминро ғӯза кишт. Ғӯзапоя хушк шуда меҳнаташ тамоман сӯхт. Аммо ин беҳосилӣ умри ӯро зиёд накард. Чаро ҳосили хуб умри ӯро кам мекарда бошад?»

* * *

Палавкаду ҳам, ки ҳосили аввалини меҳнати деҳқонии ман буд, аз одат берун ҳосили бисёр дод. Ман баъд аз хазонрезӣ палавкадуҳои сурхшударо канда дар дӯконхонаи падарам рах задам, як хонаи 5-болора аз замин то шифт пур аз каду шуд. Кадуҳои нимрас ва хомро барои хӯроквориӣ дар мадони хона ҷой кардам.

Ман он зимистон кадуфурӯшӣ кардам ва ин корро бо як интизоми муайян гирифта бурдам: дар Ғиждувон ҳар ҳафта ду рӯз – шанбе ва чоршанбе – бозор мешуд. Ман ҳар рӯзи бозор 16 дона кадуро дар ҷувол андохта бозор бурда донадона мефурӯхтам. Дар ҳар бозор барои бастани хар дар сарой ду пул (ним тин), барои такҷоии кадуфурӯшӣ чор пул (1 тин) харҷ мекардам. Аз ғайри ин ҳар рӯзи бозор ба чор пул як кулчаи ширмол, ба чор пул ангур харида худ мехӯрдам ва барои бародарони беморам ҳам ду кулчаи ширмол харида ба хона мебурдам. Ба ҳамин тариқа ман дар ҳар рӯзи бозор 22 пул (панҷу ним танга) харҷ мекардам. Ҳар ҳафта нимча (500 грамм) гӯшт ҳам ба хона мебурдам.

Баъд аз он ки пули каду ғун шудан гирифт, ба худам ва додарҳоям аз бозор либос харидам (акаам ба қадри зарурӣ либос дошт). Баъд аз ҳамин қадар хароҷот дар баҳорон аз бақияи пули каду як гӯсфанди очабача харидем.



## САРДОР ВА ДАСТЁРИ ОИЛА

Ман он сол дар оилаамон ҳам ба ҷои падар, ҳам ба ҷои модар ва ҳам ба ҷои дастёр кор мекардам

Азбаски акаам ҳанӯз нимбемор ва додаронам хурдсоли аз беморӣ нав халосшуда буданд, ба ҳеҷ кор ёрӣ дода наметавонистанд.

Модарам бинобар бемориаш он сол шинниии тут пухта натавониста як ҷувола тутмавиз карда монда буд. Як зани ҳамсоя ба ман аз тутмавиз ҳалвоитар пухтанро ёд дод, ки ҳар ҳафта ду бор ҳалвоитар мепухтам ва ин дар тамоми ҳафта ба мо нонхӯриш мешуд. Ба осиё ҷуворӣ бурда орд карда меовардам. Зани Иброҳимхоҷа ҳар ҳафта зағора пухта медод. Бештарини хӯроки мо он зимистон ҳалвоитари ордиҷуворигӣ бо зағора буд. Ҳафтае як бор шӯрбо ва оши кашк ҳам мекардем.

Ман бозоргардӣ, ошпазӣ ва ҷомашӯӣ мекардам, ҳам чоку пораи либосҳоямонро медӯхтам (ман ҷомашӯиро дар мактаби занона омӯхта будам, ки ин дар «Мактаби кӯҳна» ном асарам қайд шудааст).

* * *

Дар миёнаҳои зимистон бародари калонам қувват ёфта хест. Лекин ӯ дар хона бисёр наистода баромада рафт, ки дар ягон деҳа имом шавад ва барои таҳсили соли ояндааш харҷӣ ёбад.

Мо дар хона се бародарон мондем, додари калонам – Сироҷиддин 8-солаи 9-баро буд. Бо вуҷуди бартараф шудани бемориаш қувват наёфт. Ӯ зотан заифҷусса ва рангканда буд ва аз таги беморӣ як ҷӯбчаи хушки беранг шуда баромад ва иштиҳояш ҳам хуб набуд. Аммо додари хурдам, ки Кироммиддин ном дошта 4-сола буд, баъд аз беморӣ зуд қувват гирифт.

Сохти бадани Кироммиддин ҳам аҷиб буд – қадаш нисбат ба солаш баланд, сараш аз одат берун калон ва гарданаш пурра буд. Сари синааш бисёр васеъ буд, ӯ дар роҳ рафтан синаашро ба пеш дамонда бароварда қаҳрамонтарошона қадам мепартофт. Кам механдид ва суханҳои пухтаи ҷиддӣ мегуфт. Ӯ бисёр зирак ва ҳозирҷавоб буд. Як бор ӯ як ҳозирҷавобии шоирона кард, ки ҳанӯз аз ёдам набаромадааст.

Бародари калонам ба Табариён ном деҳа, ки аз мо 16 километр дурӣ дошт, рафта имом шуд ва баъд аз чанд гоҳ дар он ҷо мондан гӯшт, биринҷ ва равған харида овард, ки ба мо оши палав пухта диҳад. Худаш ошро пухт ва дар ош Усто амак ва писари ӯ Икромхоҷаро ҳам ҷег задем.

Мо дар сари сандалӣ ба ошхӯрӣ нишастем, дар кодоки пешгаҳ Усто амак, дар ду кодоки паҳлуӣ акаам ва Икромхоҷа ва дар кодоки поён мо се додарон нишаста будем.

Дар рӯи ош дар қатори гӯштбурдаҳо як иллики линги лавандон[45] буд. Бародари калонам аз рӯи одоб, чунон ки одат буд, он устухонро аз рӯи ош гирифта ба Усто амак тақдим кард.

– Ман дандон надорам, – гуфт Усто амак, – худатон нӯши ҷон кунед, ош шавад.

Азбаски дигарон аз акаам хурдсол буданд, ба ҳеҷ кас тақдим накарда, худ

ба устухонхоӣ даромад. Устухон калон ва пайҳояш сахт буд, бинобар ин акаам бо ду даст устухонро нигоҳ дошта бо зӯри дандон пайҳояшро канда мегирифт.

Акаам хабардор шуд, ки бародари хурдтарамон – Киромиддин хашмгинона ба устухонхоии ӯ чашм дӯхта истодааст.

– Чаро нигоҳ мекунӣ? – гӯён акаам аз вай пурсид.

– Худи Хайбар барин устухон мехоед, – гуфт бо оҳанги оташинона.

Ҳама хандидем. Аз ин ҷавоби ӯ ман бисёр завқ кардам. Дили ӯ ба ҳамон устухон кашол будааст, чун акаам ба ӯ надода худ хоидааст, дар ғазаб шуда бо хоҳиши ҳолати рӯҳияи онвақтаи худ он кирдори бародари калонро ба устухонхоии саг монанд кардааст, ки ин ташбеҳ бо маънои пурраи худ ташбеҳи том буд.

Ман дар вақти шеърхониҳои худ аз ҳама зиёдтар аз ташбеҳҳои шоирон завқ мекардам. Аммо ин ташбеҳи бачаи 4-сола аз ҳамаи он ташбеҳҳое, ки ман то он вақт дар шеърҳо дида будам ва завқ мегирифтам, пурратар буд. Бе ҳеҷ андешаи дуру дароз ҳозирҷавобона бо ин ташбеҳи том интиқомгирии он кӯдак завқи маро боз афзунтар кард.

Худ ҳарчанд он вақтҳо шоир шуданро орзу мекарда бошам ҳам, дар бораи ба вуҷуд омадани он орзуи худ ҳеҷ боварӣ надоштам. Аммо дар дили худ муқаррар кардам, ки «ин бачаи 4-сола охир шоир хоҳад шуд» ва дар паси хандаҳо ба ӯ хитоб карда гуфтам:

– Ту шоир хоҳӣ шуд!

Ба ин сухани ман касе чизе нагуфт. Албатта, на танҳо он кӯдаки 4-сола, балки дигарон ҳам маънии ин сухани маро нафаҳмида буданд. Ҳатто ҳис кардам, ки акаам аз ин сухани ман қадаре ранҷид. Чунки ман, ба ҷои ин ки кӯдаки ба ӯ беодобӣ кардаро коҳиш кунам, он таҳқиркунандаро таҳсин карда будам.

* * *

Ман он вақтҳо хаёли Бухоро рафта хонданро тамоман аз сари худ дур карда будам. Ҳарчанд орзуи хондан, хусусан баъд аз васияти падарам, аз аввала зиёдтар шуда бошад ҳам, ин орзу ба назарам як хаёли маҳол барин менамуд. Чунки акаам худро ба теғу табар табар зада, ба кадом душворие, ки бошад, хондани худро давом медод. Ман бояд ба ҷои падару модар додарони хурдсолро парвариш мекардам. Агар ман ҳам ба фикри бухоророравӣ меафтодам, ин ду додари хурдтаракам талаф мешуданд. Виҷдонам вазифаи тарбияи ин кӯдаконро аз ҳамаи орзуҳои ман болотар карда ба гардани ман бор карда буд.

Бинобар ин ман он сол ба пеши имоми деҳа хонданро ҳам тарк кардам ва ба корҳои хоҷагӣ машғулӣ гузидам.

Ман баҳорон аз пули боқимондаи каду як мешу бара харида ба гӯсфандчаронӣ даромадам ва дар дили худ мегуфтам: «Дар тирамоҳ ҳар дуи инҳо ду гӯсфанди калони фарбеҳ хоҳанд шуд. Якеро фурӯхта дар зимистон харҷ мекунем, дигареро кушта тор кашида мехӯрем».

Ман гӯсфандони худро бештар ба сари мазори худамон, дар хорзор ва ҷангалҳои мазор мечаронидам, ки он ҷо соҳиби махсус надошт ва азбаски дигарон аз «ғазаби авлиё» ва аз ҳуҷуми «аҷина» ва «аждаҳо» тарсида ба он ҷоҳо чорпо намебароварданд, он ҷо як дараҷа сералаф ҳам буд.



Ба болои тал баромада нишаста киштзорҳо ва боғчаҳои ҳавлиҳоро тамошо кардан, гоҳо ба сангҳои мазор ангушт зада хатҳои дар онҳо кандашударо хондан табъи маро хеле чоқ мекард (дар мазор гӯсфандчаронӣ карданам дар очерки колхози «Коммунизм» қисман акс гардидааст.) [46]

Дар як санг бо хати хуби настаълиқ ин шеъри халқӣ навишта шуда буд:

Дарего, ки дунё ҷафо мекунад,
Ки ёре зи ёре ҷудо мекунад.
Ба ёре, ки ду рӯз ҳамдам шудем,
Ба сад ҷавр аз мо ҷудо мекунад.

Дар санги дигар ин чор мисраи Саъдӣ навишта шуда буд:

Шунидам, ки Ҷамшеди фаррухсиришт
Ба сарчашмае бар ба санге навишт:
Бад-ин чашма чун мо басе дам заданд,
Бирафтанд чун чашм барҳам заданд.

* * *

Баъд аз гузаштани айёми баҳорон ва хушкидани алафҳои сари мазор ҷои гӯсфандчаронии ман дарёбод шуд, ба истилоҳи онвақта он ҷоҳоро «одоғ» (обдоғ) меномиданд. Азбаски дар одоғ дар вақти обхез оби Зарафшон мебаромад ва дар дигар вақтҳо заҳи дарё зада истода сернам буд, алафаш хуб мерасид. Ҳамаи бачагони подабон ва чӯпонони он деҳа ҳам молҳои худро дар он ҷо мечаронидани. Мо молҳои худро ба чаро сар дода, худ дар сояи дарахтони бед ҳар гуна бозиҳо ташкил мекардем. Ҳар вақт, ки гурусна монем, аз атрофи заминҳо ва канорҳои заҳкашҳо лӯбиёҳои хомро чида бо намак ҷӯшонда «лӯбиёшӯрак» карда мехӯрдем (ман ҳодисаи «лӯбиёшӯракхӯриро» дар романи «Ғуломон» тасвир кардаам).

Гоҳо шикори мо авҷ мегирифт, ба шастҳоямон, ки дар обҳои кӯлмаки канори дарё баста мемондем, моҳибачагон гирифтор мешуданд. Мо шикорҳои худро дарров дар гулхан бирён карда бо намак мехӯрдем, ки бисёр балаззат буд.

* * *

Дар наздикиҳои тирамоҳ мо аз молчаронии дарёбод маҳрум шудем. Тафсили ин воқеа ин тариқа аст:

Замини дарёбод – одоғ замини подшоҳӣ ба шумор мерафт. Ҳар деҳқоне, ки аз он ҷо замин кушода корам мекард, аз ҳосили кишти худ даҳчор, яъне 40 фоизашро ба подшоҳӣ медод. Дар он солҳо дар тумани Ғиждувон Қарабек ном амлокдор шуд. Ӯ бисёр золим буд. Ӯ ҳосили кишти заминҳои амлокро бо чандин ҳилаву найрангу зулму зӯр, ки ман дар романи «Ғуломон» тасвир кардаам, тамоман мегирифт ва ба болои ин баҳонае ёфта деҳқононро аз подшоҳӣ қарздор карда ҳам мемонд[47].

Бинобар ин он солҳо деҳқонон заминҳои амлокро намекиштагӣ шуданд ва заминҳои корам хорзор шуда монданд, ӯ ба соҳибони он заминҳо хорпулӣ андохта гирифт. Заминҳои корами одоғ ҳам аз кишт монда маита шуда буданд.

Қарабек шахсан худаш омада ба соҳибони он заминҳо ҳам хорпулӣ андохт ва ӯ дид, ки дар дарёбод гову гӯсфанди бисёреро чаронда гаштаанд, хост, ки ба соҳибони он молҳо «чаропулӣ» андозад ва ба ин мақсад подабонон ва чӯпононро ба ҳузури худ ҷеғ зад.

Аммо молчаронон аз имову ишорати деҳқонон фаҳмиданд, ки ӯ дар ин ҷеғ задан нияти бад дорад, молҳои худро ронда ба ҳар тараф пароканда шуда рафтанд.

Ана ҳамин тариқа шуда мо дигар ба дарёбод моли чорпои худро набурдем ва онҳоро дар заминҳое, ки киштҳошон ғундошта шуда буданд ва дар истилоҳи онвақта «ангор» номида мешуданд, чаронида гаштем.

* * *

Он сол мо аз ду таноб замин, ки аз падар монда буд, чизе ҳосил гирифта натавонистем. Албатта, ман бо қуввати худ он заминҳоро кишта наметавонистам. Баъд аз вафоти падар аз тоҷикони деҳаамон Мирзо Мӯъмин ном деҳқон, ки бо падарам дӯст буд, ба ёрии ман расид. Ӯ замини ғӯзааш пояхушкшударо гандуми тирамоҳӣ ва ҷои ҷувориро ҷави баҳорӣ кишта дода ба ман гуфт:

– Худат нигоҳубин кун, ҳосилаш томоман аз худат, барои хӯроки барзаговони ман коҳашро ба ман диҳӣ, мешавад.

Аммо аллофе, ки ман тухми ҷави баҳориро аз вай гирифта будам, ба ҷои ҷави баҳорӣ ҷави тирамоҳӣ дода будааст. Бинобар ин ҷав баъд аз сабзида қад рост кардан монанди аҷириқ ба замин паҳн шуда рафт ва сар накашид.

Гандум бошад, дар вақти гул ба алобулут[48] гирифтор шуда томоман сӯхт ва ҳатто аз он замин тухмаш ҳам нарӯид.

Ман, ки соли гузашта аз палавкаду «мазахӯрак» шуда будам, имсол ҳам заминчаи поёни суффаи хонаамонро аз порсола беҳтар кор карда боз палавкаду киштам. Аммо ман он вақтҳо намедонистам, ки як киштро, хусусан кишти палакиро, дар як замин пай дар ҳам киштан дуруст нест.

Вақте ки палаки каду таноб партофта гул карда ба ноча бастан даромад, дар пеши ҳар як бехи палак як «гул» ҳам, ки дар забони адабӣ «шумгиёҳ» меноманд, баромад ва ночаҳои каду зард шуда рехтан гирифтанд ва ягон дона каду ҳам ба воя расида хӯрданбоб нашуд.

Ҳамин тариқа шуда он сол ман аз деҳқонӣ чизе гирифта натавонистам, азбаски баҳор сард омада зардолу ва тутҳоро сармо зада буд, ҳосили сардарахтӣ ҳам кирой нашуд.

## АҲВОЛИ ДЕҲАИ МО ДАР ОН СОЛҲО

То солҳои 1868 – то ҷанги байни амири Бухоро ва подшоҳи Россия ва сулҳи байни ин ду мамлакат амлокдорони Ғиждувон ва аз он ҷумла амлокдорони деҳаи мо ҳам монанди амлокдорони районҳои дигари Бухоро ба подшоҳӣ аз ҳосили кишт даҳчор, яъне 40 фоиз андоз медоданд. Баъд аз сулҳи байни амир ва подшоҳи Россия расман ин қоида барқарор бошад ҳам, амир Музаффар, бо баҳонаи ба подшоҳи Россия тазминоти ҳарбӣ додан, ба тарзи ғайрирасмӣ он қоидаро вайрон карда, дар бораи ба қадри имкон аз деҳқонон зиёдтар рӯёнда гирифтани андоз ба маъмурони худ таълимоти забонӣ додааст.

Маъмурони ҳукумати Бухоро, ки агар амир ба онҳо «салла биёред!» гӯяд, «калла меоварданд», аз деқонон ҳам салла ва ҳам каллаашонро гирифта онҳоро ба пӯст кандан даромаданд.



Дар замони Абдулаҳад бошад, азбаски ӯ ҳам аз ғайри расман вайрон карданиқоидаи пештара дар ҳар сол аз ҳар район аз соли гузашта бештар молиёт талаб мекард, барои иҷрои ин талаб одамони «кордон ва корчаллон»-ро ёфта амлокдор таъин менамуд.

Қарабек, ки пештар ба амлокдорон ва ҳокимон мирзо – котиб шуда кор мекард, баъд аз ба сари ҳукумат нишастани Абдулаҳад бинобар «кордониаш» дар Ғиждувон, ки ободтарин ва ҳосилхезтарин ҷои вилояти Бухоро буд, амлокдор таъин шуд.

Қарабек дар асл аз ҷумлаи деҳоти Соктаре аз деҳаи Тахти Қӯрғон, аз ҷамоаи «Барқутҳо» буд. Ин золими ғаддор, ки райони Ғиждувон, хусусан деҳоти Соктареро хуб медонист, зулмашро бештар дар ҳамин сарзамин иҷро кард:

Дар Тахти Қӯрғон як кӯли калон буд. Мардумро ба меҳнати бемузд сафарбарӣ карда, он кӯлро бо хоки теппа хушк ва ҳамвор намуда барои худ кушк ва чорбоғ бино намуд. Ин меҳнати маҷбурии бемузди ӯ ҳатто дар соли вабо ҳам давом кард.

Қарабек аввалин касест, ки ба заминҳои амлоки нокиштамонда ба номи «хорпулӣ» андоз андохт. Чун деҳқонон барои нарӯидани хор заминҳошонро ронда шудгор карда, аммо нокишта гузоштанд, ба он гуна заминҳо ба номи «шудгорпулӣ» андози дигаре андохт (ин қоида бо намунаи Қарабек дар ҳамаи районҳои Бухоро ҷорӣ шуд).

Дар деҳаи Тахти Қӯрғон аз ҳамон ҷамоаи Бурқут як саркардаи пири 80-сола буд, ки мардум ӯро «Бекбобо» мегуфтанд (номи аслиаш дар хотирам намондааст). Аз заминҳои амлоки Соктаре дар шимоли Сари Мазор 40 таноб замин ба ӯ танхоҳ[49] буд. Ӯ одами софқалби раҳмдил буд ва деҳқонони худро ба чизе ва ба коре маҷбур намекард ва ба сари ҳосилгундорӣ намерафт ва одами худро ҳам намефиристод. Деҳқонони ӯ Мирзо Йӯлдош ва Мирзо Мӯъмин номон аз тоҷикони Соктаре ду бародар буданд, ки онҳо дӯсти наздики падарам буданд. Онҳо ба падарам мегуфтанд:

– Мо меҳнат карда ҳосили заминро сол то сол зиёд карда истодаем, аммо Бекбобо аз мо зиёда талаб намекунад ва ҳар чизе, ки худамон бурда диҳем, бо хурсандӣ мегирад!

Қарабек, ки дар Ғиждувон амлокдор шуд, чашми худро ба ҳамин 40 таноб замини обод дӯхт. Ӯ шахсан пеши Бекбобо омада аз вай дар ҳар сол аз ҳамон 40 таноб замин чӣ қадар даромад доштанашро пурсид,аз рӯи ҷавоби Бекбобо ҳарсола даромади ӯро 4 ҳазор танга ҳисоб кард ва ба амир арз карда рухсат талабид, ки ҳарсола ба Бекбобо аз молиёти подшоҳӣ 4 ҳазор танга нақда диҳад ва он 40 таноб заминро ба қатори заминҳои амлок даровarda худ андоз андохта рӯёнад.

Албатта, амир ин талаби ӯро қабул кард ва дар бораи иҷрояш ба номи ӯ фармон фиристод. Дар натиҷа он 40 таноб замин дар муддати 3 сол дар қатори заминҳои нокорам даромада Мирзо Йӯлдош ва Мирзо Мӯъмин андози хорпулӣ ва шудгорпулӣ медодагӣ шуданд.

* * *

Қарабек дар аввали соли вабо бинобар «кордониаш» тараққӣ карда, дар райони Зиёуддин, ки райони ғӯзакорӣ ва шоликорӣ буд, амлокдор таъин шуд.

Аммо ҳанӯз мардум дар иморати ӯ бемузд ва маҷбурӣ кор мекарданд ва ин корро мувофиқи таълимоти ӯ амлокдори Ғиждувон, ки ба ҷои ӯ таъин шуда буд, идора менамуд.

Мо, бачагони деҳа, дар вақти бекорӣ рафта иморати ӯро тамошо мекардем. Устоҳои гилкор дар хонаҳо бар рӯи гулгаҷ кандакорӣ мекарданд. Дар охирҳои тобистони соли дуюми вабо хабари марги писари Қарабек омад ва ӯ ба устоҳо фармон фиристод, ки барои мурдаи писари ӯ аз хишти пухта сағона сохта бо гулгаҷ сафед кунанд.

Устоҳо дар вақти сохтани сағонаи гулгаҷӣ бо якдигар мегуфтанд: «Худо мекард, ки хабари марги худи ӯ меомад ва барои ӯ як сағонаи сиёҳ сохта медодем».

Аз миёна як моҳ нагузашта хабари марги худи ӯ омад. Устоҳо дар он вақт ба изораи деворҳои хона, ки мардум изордеворӣ мегӯянд, кор мекарданд ва барои андовидани қисми поёнии деворҳои хона гулгаҷро бо хокаи ангишт омехта ранги сиёҳча тайёр карда буданд.

Ҳарчанд баъд аз марги Қарабек касе аз устоҳоро ба кардани кори ӯ маҷбур намекард, онҳо бо хоҳиши худ барои ба амал овардани орзуи пештараи худ барои ӯ як сағонае сохта рӯяшро бо ҳамон ранги сиёҳ андовиданд. Мардум мегуфтанд: «Худо ғазаби худро ба Қарабек аз рӯзи мурданаш сар карда нишон дод ва сағонаи ӯро монанди хонаҳои дудзада сиёҳ кард: маълум мешавад, ки гӯри ӯ пуроташ аст».

Баъд аз марги Қарабек иморати ҳавлии ӯ хобид, устову мардикорҳо ба ҳар тараф пароканда шуда рафтанд. Дар рӯи ҳавлӣ ва даруни хонаҳо монанди хишт, гаҷ ва ранг масолеҳи иморат ҳамчунон чош-чош монд. Амлокдори Ғиждувон он ҳавлиро қулф карда гирифта, ба ҳисоби моли подшоҳӣ гузаронид (харобаи ин иморат то рӯзҳои револютсияи Бухоро буд. Баъд аз револютсияи мазкур мардум харобаи он биноро тамоман вайрон карда, чӯбу хиштҳояшро кашонда ба эҳтиёҷи худ сарф карданд ва дар байни худ мегуфтанд: «Охир ҳақ ба ҳақдор қарор гирифт»).

## ТАЙЁРӢ БА САФАРИ БУХОРО БАРОИ ТАҲСИЛ

Ҳарчанд ман аз Бухоро рафта таҳсил кардан умеди худро канда бошам ҳам, дар он миён воқеае рӯй дод,ки барои Бухоро рафта хонданам имкон пайдо шуд.

Дар охирҳои тобистони соли 1889 модаркалонам (модари модарам), ки як кампири 70-солаи барҷомонда буд, ба ман хабар фиристод, ки додарҳоямро гирифта ба пеши ӯ барам ва ӯ дар охири умраш моёнро бинад.

Ман гӯсфандонро ба Икромхоҷа супурда, ба дари хона қулф зада харро савор шудам, додари калонамро дар пушти хар савор карда, хурдашро ба пешам гирифта ба деҳаи Маҳаллаи Боло рафтам.

Дар рӯзҳое, ки мо дар он ҷо будем, дар Маҳалла ном деҳа, ки ба он ҷо наздик буд, аз Бухоро меҳмон омада будааст. Меҳмон писари қозикалон – домулло Абдушукури марҳум, Шарифҷон-махдум буда, мизбон – соҳиби хона Мулло Абдусалом ном домуллои кунҷакии акаам будааст. Мулло Абдусалом барои хизмат кардан ба меҳмонон акаамро аз ҷои имоматиаш ҷеғ зада овардааст ва чун аз ӯ шунидааст, ки ман дар хонаи модаркалонам дар деҳаи Маҳаллаи Боло ҳастам, маро ҳам барои хизмат ҷеғ зада бурд.



Шарифҷон-махдум бо наздикон ва хизматгорони худ омада будаанд. Акаам дар даруни меҳмонхона ба дастархонпаҳнкунӣ ва чойкашӣ маъмур буда, ман дар рӯи суффа ба самоворҷӯшонӣ машғул шудам. Ман самоворро ҷӯшонда тайёр нигоҳ медоштам, чойи даркориро дам карда медодам ва дигарон он чойникҳоро ба меҳмонхона бурда медоданд.

Дар вақте, ки ман дар сари самовор нишаста чойникҳоро бо латта тоза мекардам, як бача аз меҳмонхона баромада пеши ман омад, ки ба ман ҳам-қад, аммо аз ман қоқтар ва бориктар менамуд ва ӯ дилгирона ба лаби суффа нишаста худ ба худ гуфт:

– Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ гуфтаанд:

«Деҳ марав, деҳ мардро аҳмақ кунад,
Ақлро бенуру беравнақ кунад!

Ман насиҳати Мавлоноро гӯш накарда ба саҳро омадам, саҳро ба дилам зад. Дар ин ҷо лоақал ягон кас ёфт намешавад, ки, ҳеҷ набошад, одам бо вай байтбарак карда рӯзро гузаронад.

Ман аз ӯ пурсидам:

– Байтбарак чист?

Баъд аз он ки ӯ ба ман бо тааҷҷуб нигоҳ кард:

– Савод дорӣ? – гуфта пурсид.

– Каме хонда метавонам!

– Аз ёд байт медонӣ?

– Якчанд байт медонам!

– Байтбарак ҳамин аст, ки, – гӯён ӯ ба тафсил додан даромад, – ман як байт мехонам, ту дар ҷавоб байте мехонӣ, ки ҳарфи аввали вай бо ҳарфи охири байте, ки ман хондаам як бошад. Баъд аз он ман дар ҷавоби ту байте, мехонам, ки ҳарфи аввали вай бо ҳарфи охири байте, ки ту хондаӣ, як бошад ва ба ҳамин тариқа хондан мегирем. Ҳар кас, ки ҷавоб дода наметавонад, бойдодагӣ ҳисоб меёбад ва байти як бор хондашударо дубора хондан дуруст нест. Агар хоҳӣ, байтбаракбозӣ мекунем.

– Майлаш, – гуфтам ман.

Ӯ як байт хонд ва ман ба ӯ ҷавоб додам ва ӯ ҷавоб дод ва боз ман ҷавоб додам ва ба ҳамин тариқа мо ноист тахминан 15 дақиқа байтбарак кардем. Баъд аз он ман суст шудам. Ҳарчанд байтҳои аз ёд кардаам ҳанӯз тамом нашуда буданд, байте, ки ҳарфи аввалаш ба ҳарфи охири тарафи муқобил як бошад, ба ёдам кам расидан гирифт.

Ҳарифи ман нисбати ман зудтар байтҳои даркориро ёфта мехонд. Ман ҳис мекардам, ки ӯ дар ин кор таҷрибаи кифояткунанда дорад, барои ҳар ҳарф байти бисёреро аз ёд медонад ва инчунин ӯ байтҳои хуби ба одам таъсиркунанда мехонд. Лекин аз оҳанги хонишаш маълум мешуд, ки ӯ маъниҳои бештарини он байтҳоро он қадар дуруст намедонад.

Ман аз ин камбудии ҳарифи худ фоида бурда фиребгариро ба кор бурдан гирифтам: калимаҳои баъзе байтҳоро, ки ҳарфи аввалиашон ба дарди ман мехӯрд, боло-поин карда ба матлаб мувофиқ намуда мехондам, ё ин ки ба ҷои калимаи аввалини баъзе байтҳо калимаҳои берунаро, ки ҳарфи аввалинашон ба

ман даркор буд, меовардам. Албатта, бо ин кори ман маънии байт вайрон мешуд. Аммо ҳариф он вайрониро ҳис намекард.

Як вақт ҳариф як байт хонд, ки охираш ҳарфи «ж» буд. Ман дар умри худ ҳанӯз ба байте рост наёмада будам, ки аввалаш ҳарфи «ж» бошад. Танҳо ман ду калима медонистам, ки аввали онҳо ҳарфи «ж» буд: якум «жола», дуюм «жож – жожхоӣ» [50]. Ман кӯшиш мекардам, ки яке аз ин калимаҳоро ба сари байте ба ҷои калимае монда хонам. Аммо ба зудӣ рост намеомад.

Ҳариф бошад:

–Тез бош, ё ҷавоб гӯй, ё шаҳратро деҳ! (мағлубиро ба гардан гир) – гӯён маро батар саросема мекард. Дар ин вақт ман бо илҳоми тангии аҳволам якбора:

Жожу можу жожу можу жожу мож,
Ин ҳама жож аст, сар то пой жож.

гуфта сар додам (агар ин байтро назм гуфтан мумкин бошад, аввалин назме, ки ман гуфтам, ҳамин аст).

Ҳариф «ҳарфи аввали ин байт» «ж» не, «ҷ» аст, – гӯён ҷанҷол сар кард. Ман бошам, бар болои «ж» будани ин ҳарф сахт истода будам ва яқин медонистам, ки ин ҳарф «ж» аст, на «ҷ». Аммо ман дарун-дарун механдидам. Зеро ин «байте», ки ман хонда будам, ҳеҷ маънӣ надошт ва бофтаи худам буд. Хушбахтона ҳариф ба ин нуктаи сусти ман пай набурда буд…

Ба сари ҷанҷоли мо аз меҳмонхона як одами миёнсоли якчашма баромада омад, ки ӯ ҳам бухороӣ буда, аз хизматгорони Шарифҷон-махдум буд. Ӯ баъд аз қадаре ба ҷанҷоли мо гӯш андохта истодан:

– Аз Махдумҷон (Шарифҷон-махдум) пурсидан даркор аст, ки гапи кадоматон дуруст аст, – гуфт.

Ҳарифи ман байти мазкурро бо қалами қариндош бо хати худ ба коғазе навишта гирифт (хаташ хеле хуб буд) ва монанди касоне, ки дар ростии даъвои худ боварӣ доранд, мағрурона ба тарафи меҳмонхона рафта ба он ҷо даромад ва баъд аз ду дақиқа монанди мурғи дар об ғӯтида шалпар шуда, дар зери арақи хиҷолат монда аз меҳмонхона баромада омад ва ба ман дилгирона гуфт:

– Махдумҷон туро ҷеғ мезананд.

– Хуб, гапатон рост баромад ё не? – гӯён бо оҳанги касе, ки масъаларо ҳанӯз худ намедонад, ман аз ӯ пурсидам.

Ӯ ба ин пурсиши ман ҷавоб надода такрор кард:

– Махдумҷон туро ҷеғ мезананд. Зудтар рав! Аммо ман нарафтам. Ман ба пеши як одами калонзодаи шаҳрӣ, ки ҳама ӯро ҳурмат мекунанд ва хизматгоронаш ҳам либоси озодаи шаҳрӣ доранд, бо либоси даридаи чиркини саҳрои чӣ гуна рафта метавонистам?! Баъд аз ду дақиқа акаам аз меҳмонхона баромада маро ҷеғ зада:

– Шарм накун, биё, «амр муқаддам бар одоб аст», – гуфт.

Ман рафта ба хона даромадам, дар пойгаҳ рост истода салом додам. Хона аз одам пур буд. Бештарини онҳо одамони салласафеди муллонамо буданд ва баъзе мӯйсафедони деҳа ҳам дар он ҷо менамуданд. Дар пешгоҳи меҳмонхона як ҷавони сафедрӯи хурмоимӯи тахминан 25-сола менишаст. Маълум буд, ки он кас Шарифҷон-махдум аст.



Шарифҷон-махдум ба ман бо диққат нигоҳ карда аз ман пурсид:
– Номат чист?

– Садриддин! – ҷавоб додам.

– Бисёр хуб. Бо Мирзо Абдулвоҳид ту байтбарак кардӣ?

Ман бо аломати «оре» сар ҷунбондам, аммо садо набаровардам.

– Гапи ту дуруст аст – «жож» бо «ж» навишта мешавад, на бо «ҷ», – гуфт ва илова намуд: – Ту барои ба Бухоро рафта хондан хоҳиш надорӣ? Ман сар хам кардам, чизе нагуфтам. Аммо барои аз неъмати хондан маҳрум шуданам дилам вайрон шуд ва дар чашмонам об чарх зад.

Акаам ба гап даромад:

– Падару модарамон вафот карданд. Додарҳои хурд дорем. Танҳо ҳамин ба он бачагон саровонӣ мекунад. Барои хондани ин ҳамин аҳвол монеъ шуда истодааст, – гуфт.

– Ҳар чӣ бошад ҳам, – гуфт Шарифҷон-махдум, – инро хонондан даркор аст. Бачаи қобилиятнок менамояд. Маҳмаддонои моро (ишорат ба Мирзо Абдулвоҳид) дар байтбарак банд кардан кори осон набуд.

Домуллои кунҷакии акаам соҳиби хона Мулло Абдусалом ба гап ҳамроҳ шуда:

– Ман ҳам кӯшиш мекунам, ки ин ба хондан равад, – гуфт ва ба ман нигоҳ карда илова намуд: – рав, самоворатро тез-тез ҷӯшонидан гир!

Ман аз меҳмонхона баромадам, дар ҳолате ки аз ин мусоҳиба аз ҳад зиёд хурсанд будам. Хурсандии ман на аз он ҷиҳат буд, ки Шарифҷон-махдум бо «ж» навишта шудани «жож»-ро тасдиқ кард. Зеро агар ӯ тасдиқ накунад ҳам, ман ба хубӣ медонистам, ки ин калима бо «ж» навишта мешавад. Хурсандии ман аввалан аз он ҷиҳат буд, ки сирри сохтакории ман ба пеши ӯ кушода нашуд, ё ин ки агар ӯ фаҳмида бошад ҳам, изҳор карда маро ба пеши мардум шарманда накард, дуюм ва аз ҳад зиёд хурсанд шудани ман аз он ҷиҳат буд, ки ман дар натиҷаи ин мусоҳиба ҳамаи монеаҳоро пуштипо зада, дигарбора ҷазм кардам, ки ба ҳар душворие, ки бошад, Бухоро рафта хонам.

Баъд аз ду рӯз меҳмонон рафтанд ва ман ҳам дар пеши акаам ва домуллои ӯ масъалаи Бухоро рафта хонданамро ба тарзи қатъӣ мондам.

Охир қарор доданд, ки додарҳоро ба модаркалон супорем ва маро акаам ҳамроҳи худ ба Бухоро барад. Ва Мулло Абдусалом гуфт:

– Зиндагии ин дар мадраса ба чӣ навъе, ки бошад, мегузарад, Худо подшоҳ аст. Модом, ки дар пеши як одами калон ваъда додем, инро Бухоро бурдан даркор аст (ин Шарифҷон-махдум ҳамон Садри Зиё[50] аст, ки тазкираи манзума дорад ва ин Мирзо Абдулвоҳид ҳамон Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим[51] аст, ки аз он рӯз сар карда то охири умраш ба ман дӯсти наздик буд ва дар моҳи марти соли 1934 дар Сталинобод бо бемории сармохурӣ вафот кард).

* * *

Аз рӯи урфу одати онрӯза дар пеши мо як вазифаи муҳим истода буд, ки мо бояд пеш аз Бухоро рафтан он вазифаро адо мекардем. Ин вазифа – ба падару модар оши сол додан ва ду додари хурдсоламонро хатна кардан буд. Агар мо

ин корҳоро намекардем, аз миёнаи ҷамъият беруншуда ҳисоб меёфтем. Аммо ин корҳоро кардан пули бисёре талаб мекард. Мо ҳар ду бародарони калонсол ҳарчанд ба ҳам машварат кардем, сари каловаи ин корро намеёфтем.

Баъд аз фикру мулоҳизаи бисёре нохост ба хотирам расид, ки ҳавлии рӯидаричаноки дар деҳаи Маҳаллаи Боло аз падар мондаамонро фурӯшем ва пулашро ба ин кор сарф кунем. Ман ба акаам гуфтам:

– Ин ҳавлӣ ба мо ҳеҷ даркорӣ надорад, мо баъд аз ин ҳеҷ гоҳ ба Маҳаллаи Боло омада нахоҳем нишаст. Ва ҳол он ки агар дар вақти зинда будани модаркалону бобоямон ин ҳавлиро нафурӯшем, аҷаб нест, ки Мулло Наврӯз барин як одами ҳаромхӯри иғвогар рӯзе вайро аз дасти мо муфт гирад (кирдорҳои бади Мулло Наврӯз дар романи «Ғуломон», ҳам дар мақолае, ки ба муносибати интихоботи Совети Олии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон дар соли 1947 навиштаам ва ин мақола дар рӯзномаҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ дар ҳамон вақт чоп шудааст, тасвир ёфтааст) [52].

Ин фикр ба акаам ҳам маъқул шуд. Мо фавран он ҳавлиро фурӯхта ба Соктаре рафта оши сол додем ва рӯзи дигар тӯйчае тартиб дода, додаронро хатна кардем.

* * *

Баъд аз ба пой хестани додарон ман гӯсфандонамро фурӯхта барои худам ва додарҳоям як қатор курта-лозимӣ ва либосҳои зимистонӣ гирифта дӯзондам. Аз пули гӯсфандон 5 танга (75 тин) зиёдатӣ кард, ки вайро барои эҳтиёт дар миёни худ маҳкам бастам. Аз тутмавиз ва ғӯлунг ҳам қисми бисёрашро барои бародарон ҷудо карда, камакакашро барои Бухоро нигоҳ доштам. Аз кӯрпа-болишҳо барои худ ва додарон ба қадри даркорӣ ҷудо карда гирифта, дигарашро бо табақҳои сафол ва деги ҷомашӯӣ дар хона гузошта қуфл кардам. Аз падар як дегчаи мадрасагӣ ва як хумчаи равған монда буд, ки ӯ инҳоро дар вақти дар мадраса буданаш харида кор фармуда будааст, онҳоро ҳам барои худ ба мадраса бурданӣ шудам. Харро бошад, акаам фурӯхта гирифт, ки дар мадраса ба харҷҳои шарикиамон кор фармояд. Хайбарро, ки дар вақти шашмоҳагиаш аз тағоии чӯпонам гирифта будем, боз ба ӯ гардонда додам.

Ман додаронро бо ашёву асбобашон ба деҳаи Маҳаллаи Боло бурда мондам ва барои ба Бухоро рафтан тамоман тайёр шудам.

Эй монда қадам ба роҳи мактаб,
Олист мақому ҷоҳи мактаб.
Мактаб сабаби ҳаёт бошад,
Мактаб сабаби наҷот бошад.
Мактаб ба ту ақлу ҳуш бахшад,
Мактаб ба ту шаҳду нуш бахшад.
Мактаб ба ту дод илму одоб,
Мактаб ба ту дод дурри ноёб.

Бархез, гузор хоби худро,
Баргир ба каф китоби худро!
Рав аз ҳама пештар ба мактаб,
Шавқ аст агар туро ба мактаб.
Саъйе бинамову илму одоб,
Беҳтар зи шарики хеш дарёб!
То дар ду ҷаҳон азиз бошӣ,
Бодонишу ботамиз бошӣ.

# ҚИСМИ ДУЮМ






Муқоваи нашри франсавии «Ёддоштҳо».

## ДАР ШАҲР

### ДАРОМАДИ СУХАН

Азбаски бештарини вақтҳои зиндагонии маро дар шаҳр мадраса ишғол кардааст, лозим донистам, ки пеш аз баён кардани ин қисми ёддоштҳои худ дар бораи мадрасаҳои Бухоро, тартиби зиндагонии аҳли мадраса, программаи дарсҳои он ҷо, тарзи таълими мударрисони он вақт, тариқи омӯзиши талабагонашон ва умуман дар бораи он чизҳое, ки ба мадрасаҳои Бухоро дахл доранд, маълумоти кӯтоҳе дода гузарам.

Ин маълумоти мухтасар барои ҳамин ҳам лозим аст, ки бисёр ҳамзамонони ҷавони мо дар бораи мадрасаҳо, умуман, ва дар бораи мадрасаҳои Бухоро, хусусан, кам медонанд, ё баъзе чизҳои тахминӣ медонанд, ки бештарини он чизҳо ба ҳақиқати таърихӣ мухолиф аст.

Чунончи, баъзе касон аз ман мепурсанд, ки «шумо кадом мадрасаи Бухороро тамом карда баромадед?» Баъзеҳо мепурсанд, ки «шумо дар мадраса ба кадом илм тахассус пайдо кардед?»

Ин гуна пурсишҳо ҳаминро нишон медиҳад, ки пурсандаи аввал мадрасаҳои Бухороро монанди университетҳои замони мо гумон кардаст ва пиндоштааст, ки ҳар талаба ба як мадраса даромада, бояд дар хобгоҳи умумии вай зиндагонӣ намуда, дар дарсхонаи вай дар пеши мударрисони махсусаш, то тамом кардани ҳамаи солҳои таҳсил, дарс хонда бошад; пурсандаи дуюм гумон кардааст, ки бояд мадрасаҳои Бухоро монанди университетҳои замони мо ба факултетҳо тақсим шуда, ҳар талаба ба майл ва хоҳиши худ яке аз он факултетҳоро тамом карда ба фанне мутахассис мешуда бошад.

Аммо ин гуна суолҳо ба касоне, ки дар мадрасаҳои Бухоро хондаанд, ё ин ки аз аҳволи онҳо дуруст ва пурра хабардор шудаанд, хандаовар менамоянд.

Дар ҳар ҳол ин «даромади сухан» хонандаро аз бисёр шубҳаҳо мебарорад ва дар вақти мутолааи ёддоштҳо ӯро ба иштибоҳҳои нав ба нав намеандозад.

## БИНОҲОИ МАДРАСАҲОИ БУХОРО

Биноҳои мадрасаҳои Бухоро монанди мадрасаҳои дигар қисми Осиёи Миёна бештарин дуошёна ва баъзан якошёна буда, мо то имрӯз намунаҳои онҳоро ҳам дар Бухоро, ҳам дар Самарқанд, ҳам дар Тошканд ва дигар шаҳрҳо мебинем.

Мадрасаҳо дар берун ва дарун саҳни васеи сангин, деворҳои бо хишти пухта сохташудаи мустаҳкам, токҳо, равоқҳо ва гулдастаҳои пурҳашамат дошта, бештарини пештоқҳо, гунбазҳо ва деворҳошон кошинкорӣ буданд.

Аммо ҷои бошишгоҳи асосӣ, ки ҳуҷраҳои онҳо буданд, дар ғояти тангӣ ва торикӣ буда, бештарин барои хобухези ду кас базӯр кифоя мекарданд. Бештарини ин ҳуҷраҳо якдара ва пешравоқ буда, ҳам одам, ҳам ҳаво ва ҳам зиё аз ҳамон як дар медаромад, ба эътибори аксарият ҷои ошпазӣ, ҳезум ва ангиштгузорӣ ва дастурӯйшӯӣ ҳам дар пойгаҳи ҳамин ҳуҷраҳои танг ҷойгиронда шуда буданд.

Сохти мадрасаҳои кӯҳна бо ҳашамат ва шукӯҳи берунӣ ва тангӣ ва нобобии даруниаш (агар ин ташбеҳро хонандагон муносиб донанд) ба сохти зиндагонии феодалӣ монандӣ дошт, ки вай ҳам зоҳиран пуртантана ва ботинан тамоман хароб буд. Дар ин биноҳо риё, нифоқ ва зоҳирпарастии феодализм гӯё тамоман акс карда буданд.

Мадрасаҳоро аз гузаштагон баъзе ҳукмдорон ва боён, ки ё илмдӯст буданд ва ё шӯҳратпараст, сохта дар «роҳи худо» вақф кардаанд. Инчунин ба инҳо заминҳои корам, саройҳо, дуконҳо, ҳаммомҳо ва умуман як чизи даромадноки начунбанда (ғайриманқул)-ро ба мадрасаашон вақф карда, даромади он чизро аввал ба таъмиру шикастурехти бино ва бақияашро ба талабаҳо, ба имом ва мударрис ва ба дигар касоне, ки дар хизмати он мадраса дахл доранд, бо саҳмҳои муайян тахсис кардаанд.

Дар замони пеш баъзе мадрасаҳо кутубхонаи махсус ҳам доштааст, ки бониҳо китобҳои даркориро харида дар он ҷо гузошта ба кутубхонадор ҳам аз вақфи мадраса саҳме таъин кардаанд.

Дар вақфномаи мадраса ва ҷоҳои даромаддиҳандаи вай бо забони арабӣ ва бо ҳуҷҷатҳои динӣ иборатҳои зерин навишта шудагӣ буданд: «Фурӯхта намешавад, ба касе бахшида намешавад, ба касе васият карда намешавад ва ба мерос гузошта намешавад ва касе, ки ин гуфтаҳоро тағйир диҳад, лаънати худо, лаънати пайғамбари худо ва лаънати тамоми малоикаҳо бар вай бод».

Аммо бо ҳамаи ин таъкидҳо ва тарсониданҳои динӣ дар Бухорои амирӣ, ки аз ҷиҳати шӯҳрати диндориаш сифати «шарифӣ»-ро ба худ баста буд, ҳуҷраҳои мадраса мулки хусусӣ шуда дар харидуфурӯхт даромада буданд.

## ТАЪРИХИ МУЛКИ ХУСУСӢ ШУДАНИ ҲУҶРАҲОИ МАДРАСАҲОИ БУХОРО

Дар охирҳои давраи ҳукмронии астархониён[53], хусусан дар замони Абулфайзхон (1708 – 1747) мадрасаҳои Бухоро ва Самарқанд тамоман вайрон ва хароб шуда буданд. Мадрасаҳои Самарқанд подахона ва мадрасаҳои Бухоро ғарибхона гардида буданд. Дар мадрасаҳои ин ду шаҳр ҳам дар, коғазгир (дарпарда) ва дигар асбобҳои чӯбин намонда, ҳуҷраҳо шакли сағонаҳои вайронро гирифта буданд. Заминҳои вақфи ин мадрасаҳо нокорам шуда, ё ин ки мулки хусусии ягон бой, ё танхоҳи ягон амалдор гардида монда буд. Азбаски савдо, тиҷорат ва саноати ҳунармандӣ қариб тамоман барҳам хӯрда буд, сарой ва тиҷоратхонаҳои вақф аз даромаддиҳӣ баромада буданд.

Ин харобӣ дар аввалҳои давраи манғитиён низ давом намуд. Вақте ки аз сулолаи манғитиён[54] амир Шоҳмурод (Маъсум-бӣ) [55] бар сари кори ҳукмронӣ омад, ӯ бо таассуби сахти динӣ ҳам бошад, дар мамлакати Бухоро ва Самарқанд баъзеислоҳотро ба амал овард. Аз ин ҷумла заминҳои киштро нисбатан обод ва бозорҳоро ҷорӣ намуда, вақфи ботилшударафтаро ҳам аз сари нав барқарор кард.

Аммо мадрасаҳо аз ҷиҳати вайрониашон қобили истиқомат набуданд, на хазинаи ҳукумат маблағи барзиёде дошт, ки он биноҳои вайронро таъмир намояд ва на даромади вақфи нав ҷорикардашуда ба дуруст кардани шикастурехти онҳо мерасид.

Бинобар ин амир Шоҳмурод дар бораи таъмири ҳуҷраҳои мадраса ба мазмуни зерин як фармон эълон кард:

«Ҳар талабае, ки яке аз ҳуҷраҳои мадрасаро бо харҷ ва меҳнати худ обод карда дар вай нишинад, он ҳуҷра аз они вай бошад ва ҳар вақт ки ӯ хоҳад, бо гирифтани маблағи дар таъмир сарф кардааш метавонад он ҳуҷраро ба талабаи дигар гузаронад».

Ин тадбир натиҷаи хуб дода, дар муддати ду-се сол мадрасаҳои Бухоро ва Самарқанд обод шуданд ва чандин сол аз талабае ба талабаи дигар гузаштани ҳуҷраҳо бо гирифтани бадали аслии таъмир ба амал меомад. Аммо вақте ки заминҳои вақф сердаромад гардиданд, сармояи истисморӣ дар мадраса роҳ ёфт ва харидуфурӯши ҳуҷраҳо на ба бадали маблағи дар таъмир сарфшуда, балки ба андозаи даромади аз вақф доштааш боло рафтан гирифт. Дар ин вақт барои ба ҳуҷраи мадраса соҳиб шудан, шарти талаба будан барҳам хӯрда ҳар пулдор метавонист, ки аз як то даҳ ва зиёдтар аз он ҳуҷраҳои мадрасаҳои сердаромади Бухороро ба даст дарорад.

Аммо дар харидуфурӯши ҳуҷраҳо ҳамон тартиби аввалӣ ба сифати ҳилаи «шаръӣ» барқарор монд. Кор ба дараҷае расид, ки як тағораи парҳезӣ (зарфи обрезӣ) ва як дарпардаи коғазиро як пулдор ба 20 ҳазор ва 30 ҳазор танга мехарид. Ҳатто ҳуҷраҳои мадрасаи Ҷафъархоҷа, ки чӯбин буда, рафта-рафта хароб шуда, қобилияти бошишгоҳии худро тамоман барҳам дода буд, на дарпарда дошт ва на тағораи обрезӣ – бинобар сервақф буданаш то 50 ҳазор танга савдо мешуд. Дар вай ҳар пулдор бо тағора ва дарпардаи набудааш маблағи мазкурро медод ва қозикалон ҳам дар васиқаи ҳамин гуна савдо мӯҳр пахш карда мӯҳрона мегирифт.

Аммо ҳуҷраҳои пеши масҷидҳоро, ки вақф надоштанд ва ҳуҷраҳои сари мазорҳоро, ки вақфҳошон подшоҳӣ шуда буданд, ҳарчанд иморати хуб ва тирезаҳои шишагин дошта бошанд ҳам, касе намехарид.

Баъд аз ишғол шудани Самарқанд аз тарафи аскарони подшоҳии Россия ин ҳол дар он ҷо барҳам дода шуда бошад ҳам, ин аҳволи хандаовари фоҷиаомез дар мадрасаҳои Бухорои амирӣ, ки дар ҳамаи бемазагиҳои худ «мустақил» буд, то инқилоби Бухоро ҷорӣ монд.

Дар Бухорои амирӣ, ки даҳҳо мадрасаҳои калон ва садҳо мадрасаҳои хурд дошт, сабаби дар ба дар ва бесарпаноҳ гаштани талабаҳои қашшоқ акнун бояд ба хонанда маълум шуда бошад.

## РОҲИ ҲУҶРАЁБИИ ТАЛАБА ДАР МАДРАСАҲОИ БУХОРО

Талаба дар мадрасаҳои  Бухоро, агар пул дошта бошад, ҳуҷраеро харида ҷойгир мешуд, агар ба харидани ҳуҷра пулаш нарасад, ҳуҷраеро истиқоматгарав мегирифт. Маънии истиқоматгарав ин аст, ки талаба ба соҳибҳуҷра, масалан, ҳазор ё се ҳазор танга (нисбат ба хубии ҳуҷра ва дар маркази шаҳр будани мадраса зиёдтар ва ё камтар шудани ин маблағ мумкин аст) дода, дар ҳуҷраи вай ҷойгир мешуд. Соҳиби ҳуҷра аз он маблағ ба тариқаи тиҷорат, ё ин ки судхӯрӣ фоида мебурд. Ҳар вақт, ки гаравдеҳ ё гаравгир хоҳад, маблағ ва ҳуҷра ба соҳибонашон гардонда шуда миёнашон кушода мегардид.

Агар талаба ба гарав гирифтан ҳам қодир набошад, ба тарзи зиёфат, ё бо ягон роҳи дигар ба соҳиби ҳуҷра манфиати моддӣ расонда, дар ҳуҷраи вай истиқомат мекард. Баъзан мешуд, ки муллоҳои ҳуҷрадори бесавод ба шарти ба худашон дарс хондан ба талаба ҳуҷра медоданд ва ба воситаи ин гуна шогирдони харида номи муллоӣ бароварда ба мансаби илмие мерасиданд, ҳеҷ набошад, аз «тӯҳмати бесаводӣ» халос мешуданд.

Баъзе талабаҳо ба сабаби дар зери ҳимояти ягон одами калон ё шогирди ягон муллои бонуфуз будан, ба воситаи онҳо ҳуҷраеро ба даст дароварда чанд гоҳе аз дарбадарӣ халос мешуданд.

Хулоса ҳарчанд соҳибони ҳуҷра  ҳуҷраҳошонро ба талабагон рӯйрост иҷора намонанд ҳам, бо тартиби «ҳилаи шаръӣ» маънан ҳамеша иҷора барқарор буд.

Азбаски барои соҳиби ҳуҷра шудан ва дар мадраса истиқомат кардан талаба будан шарт набуд, бисёр одамоне, ки ба дарсхонӣ ҳеҷ алоқа надошта, ба касбҳои дигар машғулӣ мекарданд, ё ин ки ҳеҷ касбе намекарданд, то охири умрашон дар мадраса зиндагонӣ менамуданд ва мадрасаро барои худ як бошишгоҳи озод медонистанд. Чунки мадраса бинобар «ҳурмати муллоён дар пеши ҳукумати амир» аз ҳар гуна таҷовузи амалдорони ҳукумат маҳфуз буд.

Мударриси як мадраса ба бошандагони он мадраса ба ғайр аз шариквакф будан, алоқаи дигаре надошт ва маҷбур карда наметавонист, ки талабаи он мадраса ба пеши худаш дарс хонад. Бинобар ин талабаи як мадраса бо дилхоҳи худ ба пеши мударриси ягон мадрасаи дигар ё ба пеши ягон муллои дигар метавонист, ки озодона рафта дарс хонад ва агар он мулло ба дилаш нанишинад, метавонист, ки ӯро партофта ба пеши муллои дигаре равад.

* * *



## ПРОГРАММАИ ДАРСҲОИ МАДРАСАҲОИ БУХОРО ВА МУДАРРИСОН

Дар мадрасаҳои Бухоро асосан илмҳои зерин мегузашт: сарфу наҳви забони арабӣ,мантиқ,ақоиди исломӣ (илми калом), ҳикмат (ҳикмати табиӣ ва илоҳӣ), фиқҳи исломӣ (таҳорат, намоз, рӯза, ҷаноза, масъалаҳои ҳаҷ, закот, харидуфурӯш, ғуломдорӣ, ғуломозодкунӣ, зангирӣ ва зансардиҳӣ ва монанди инҳо, ки дар амалиёти динӣ, ё ин ки дар муомилоти ҷамъият оид аст).

Ҳисобро ҳар кас хоҳад, ба пеши ягон кас рафта мехонд. Адабиётро ҳар кас хоҳад, ба сари худ машғулӣ мекард ва дарси забони модарӣ мутлақо набуд. Забони модариро ҳар кас ба қадри қувва ва қобилияти худ аз зиндагӣ ва аз мутолааи китобҳо меомӯхт.

Программаи омӯзиши дарсҳои мазкур ва китобҳои дарсӣ ба тарзи зерин буд.

Талаба, вақте ки мактаби ибтидоиро тамом кард, хоҳ савод бароварда бошад, хоҳ кӯрсавод, ё ин ки тамоман бесавод бошад ҳам, агар ҳаваси «мулло шудан» ё номи муллоиро бардоштан дошта бошад, аввал ба пеши ягон муллои одӣ «Бидон» мехонд, ки дар ин китоб сарфу наҳви араб бо мисолҳои арабӣ дар забони тоҷикӣ баён меёфт. Инчунин «Аввали илм» ном як китобчаи тоҷикиро ҳам мехонд, ки дар вай заруриёти динӣ ба тарзи суолу ҷавоб зикр мешуд.

Баъд аз он дар сарфи арабӣ «Муиззӣ» ва «Занҷонӣ» ном китобчаҳои арабиро ва дар наҳви арабӣ «Авомил» ном як китобчаро мехонд ва иборaҳои арабии ин китобчаҳоро бо тарҷимаи тоҷикиашон аз ёд мекард.

Баъд аз ин як қисми «Қофия» ном як китоби арабиро, ки дар вай наҳви забони араб батафсилтар баён меёфт, мехонд.

Ин китобҳои дар ин ҷо номбурдашуда дар пеши муллоҳое хонда мешуданд, ки онҳоро (хоҳ дар ҷое мударрис бошанд, хоҳ не) одатан «домуллои кунҷакӣ» меномиданд. Дар ҳамаи ин дарсҳо тахминан се сол вақт сарф мешуд.

Пас аз ин «Шарҳи Мулло» ном китобе, ки асари Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ буда, дар наҳви арабӣ шарҳи  «Қофия» буд, сар мешуд. Аз ҳамин вақт сар карда талаба ин дарсро ба пеши ягон муллои калонтар мехонд, ки одатан ин дарсро дарси «дарсхонагӣ» меномиданд. Ин дарс 5 сол давом мекард. Талаба ба болои ин боз ба дарси домуллои кунҷакӣ давом мекард – дар пеши ӯ бақиямондаи «Қофия»-ро, ҳам «Шамсия» ном китоберо, ки матнест дар мантиқ, мехонд ва инчунин дарси «Шарҳи Мулло»-ро, пеш аз он ки ба пеши домуллои дарсхонагӣ рафта хонад, аввал ба пеши домуллои кунҷакӣ мегузаронид.

Баъд аз «Шарҳи Мулло» дар дарсхона «Ҳошияи Қутбӣ» ном китобе, ки шарҳи «Шамсия» буда, оид ба мантиқ аст, сар мешуд ва дар як сол талаба аз ин дарс фориғ мегардид ва одатан дар зимни ин дарс матни «Ақоиди Насафӣ»-ро, ки ба илми калом оид аст, мехонд.

Баъд аз ҳошия, дар дарсхона шарҳи «Ақоиди Насафӣ», ки таълифи Алломаи Тафтозонист, сар мешуд ва одатан 4 сол давом мекард. Баъд аз он дар ду сол «Таҳзиб» ном китоб хонда мешуд, ки дар вай ҳам мантиқ ва ҳам илми калом баён меёфт. Аз паси ин дар ду сол «Ҳикмат -ул-айн» ном ном китоб хонда мешуд, ки  дар вай ҳикмати табиӣ ва мофавқуттабиат (илоҳиён) баён меёфт.

Ниҳоят, дар охир «Мулло Ҷалол» ном китобе дар ду сол хонда мешуд, ки вай ҳам ба илми калом оид буд ва дар рӯзи тамом кардани мадраса аз ҳадиси пайғамбар як ҳадис хонда шуда домуло ба шогирдони худ дар бораи дарс гуфтан аз он чизҳое, ки дар пеши ӯ хондааст ва ҳам аз он чизҳое, ки дар пеши ӯ нахондааст (монанди тафсири Қуръон, ҳадиси пайғамбар ва дигар дарсҳои динӣ), иҷозат медод.

Мадрасаҳои Бухоро ба мадрасаи динӣ будан ва муллоҳои Бухоро ба олими мутахассиси улуми динӣ будан шӯҳрат доштанд ва ба ин сабаб Бухоро на танҳо ба Осиёи Миёна, балки ба мусулмонони дохили Россия ҳам – ба тоторҳо ва бошқирдон ҳам нуфузи динӣ дошт. Бо ҳамаи ин, ҷои тааҷҷуб ин аст, ки ғайр аз илми калом, ки схоластикаи асримиёнагӣ буд, дигар чизе аз илмҳои динӣ дар программаи мадрасаҳои Бухоро дохил набуд. Ҳар кас ҳавас дошта бошад, тафсири Қуръон, ҳадиси пайғамбар ва фиқҳи исломиро ба тарзи ғайрирасмӣ дар пеши ягон мутахассиси ин илмҳо рафта мехонд.

Ин дарсҳо ва китобҳое,ки дар боло ном бурда шуданд, ҳеҷ тағйирнаёбанда ва агар чунин таъбир ҷоиз бошад, «стандартный» буда, аз асрҳои XV – XVI бо ҳамин тарз давом намуда омадаанд ва фарқ дар ин ҷост, ки ба гузаштани замон ва асрҳо бар болои китобҳои мазкур шарҳ ва ҳошияҳои нав ба нав пайдо шуда мударрис ва талабагонро асосан ҳамин шарҳ ва ҳошияҳои бефоида ба худ машғул доштаанд ва табиист, ки дар он ҳол аз худ кардани илм ва китобҳои дар программа дохил кардашуда тамоман дар як канор мондааст.

Мутолаакунандагони ин парчаҳо хоҳанд пиндошт, ки талабогони мадрасаҳои Бухоро модом, ки 19 сол бар болои як программаи маҳдуд кор мекардаанд, бояд дар илмҳои дар он программа зикрёфта мутахассиси замони худ шуда мебаромада бошанд.

Афсӯс, ки ин гуна гумон кардан нодуруст ва пиндори хушк аст. Ин маънӣ аз парчаи поин равшан хоҳад шуд.

## АЙЁМИ ТАҲСИЛ ВА ТАРТИБ,И ДАРСХОНӢ ДАР МАДРАСАҲОИ БУХОРО

Соли таҳсил дар мадрасаҳои Бухоро аз сари моҳи мизон (22 сентябр) сар шуда, дар аввали ҳамал (22 март) – дар шаш моҳ тамом мешуд. Ин муддатро танҳо талабагоне дар таҳсил гузаронида метавонистанд, ки дар шашмоҳа зиндагонии мадраса аз ҷиҳати моддӣ тоб оварда тавонанд, ё ин ки ба гуруснагӣ ва сахтиҳои дигар бардошт дошта бошанд.

Аммо бештарин талабаҳои қашшоқи саҳроӣ, дар аввали таҳсил ба мадраса оянд ҳам, баъди «дарёфтани савоби сар шудани дарс» маҷбур буданд, ки ба саҳро баргарданд. Инҳо баъд аз ғундоштани маҳсулоти деҳқонӣ, ё пас аз ба киса андохтани даромади имоматии масҷидҳои деҳот, дар моҳҳои ноябр гашта омада ба дарсҳои хеле пешрафтаи худ иштирок менамуданд. Инчунин ин гуна талабаҳо аз моҳи феврал сар карда ба тарафи саҳро пароканда шудан мегирифтанд.

Бинобар ин аз рӯи ҳисоби миёна, масалан, дар аввали таҳсил, дар як дарс як ҷамоаи («гурӯҳи») 50-нафарӣ ташкил ёбад, дар ҳафтаи дуюм аз ин гурӯҳ 20 нафар мемонд ва дар моҳи ноябр то сари декабр баромадарафтагон баргашта омада, ҷамоа боз пур мешуд.

Инчунин аз моҳи феврал парокандашавӣ сар шуда, дар сари моҳи март аз гурӯҳи мазкур тахминан даҳ кас боқӣ мемонд ва ҳамин даҳ кас «савоби тамом кардани соли таҳсилро дармеёфтанд»).

Ин буд муддати таҳсили солонаи 19 сол. Аммо рӯзҳои таҳсили ҳафтагӣ аз ин ҳам бадтар буд. Дар мадрасаҳои Бухоро дар дарсҳои расмии дарсхонӣ ҳар ҳафта аз шанбе то сешанбе 4 рӯз рӯзи таҳсил – рӯзи кор буда, чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа – се рӯз рӯзи таътил – рӯзҳои дамгирӣ ба шумор мерафт.

Баъзе мударрисони дарсҳои дарсхонагӣ, ки одатан онҳо куҳансолҳо буданд, носозии мизоҷи худро баҳона карда, баъзе рӯзҳои сешанбе ҳам дарсгӯиро тарк намуда, дарсҳои он рӯзро «сешанбегӣ» (таътил) эълон мекарданд. Дар ин сурат 4 рӯзи як ҳафта рӯзи бекорӣ ба шумор мерафт.

Агар мо дар рӯзҳои таҳсил тартиби дарсхонии талабагонро ба назар гирем, соатҳои дарсхонии ҳақиқӣ боз ҳам камтар мешаванд: масалан, як талаба дар пеши домуллои кунҷакӣ ҳар рӯз як дарс аз ягон матн (масалан, «Қофия» ё «Шамсия» ва ё ин ки матни ақоид) мехонд. Боз дар пеши ҳамин домулло ё домуллои кунҷакии дигар як дарс аз дарси дарсхонагиаш мехонд. Баъд ҳамин талаба ҳамин дарси дарсхонагиро ба пеши домуллои калони дарсхонагӣ боз мехонд. Баъзе талабаҳо дарси дарсхонагии худро барои «боз ҳам беҳтар аз худ кардан» ба пеши ду домуллои калон мехонданд, ки дар ин сурат ҳар талаба дар як рӯз як дарси матнро дар як ҷо ва як дарси дарсхонагиро дар ду-се ҷо мехонд.

Азбаски дар ҳар як дарс ба ҳисоби миёна як соати нуҷумӣ вақт сарф мешуд, талаба дарсҳои мазкурро дар чор соат мехонд. Ин муддат фақат дар хондани дарсҳои мазкур сарф мешуд. Аммо агар мо вақтҳои дар миёнаи ин дарсҳо сарфшударо ба назар гирем, талаба дар дарсҳои мазкур як рӯзи зимистони худро сарф мекард.

Чунонки дар парчаи боло қайд карда шуд, ҷои истиқомати талаба дигар ва ҷои дарсхониаш дигар аст ва инчунин ҷои дарсгӯии мударрисон, хоҳ кунҷакӣ бошанд ва хоҳ дарсхонагӣ, дигар-дигар буда, дар бештарини вақт дар байни дарсхонаҳо ду-се километр роҳро тай кардан лозим меомад.

Аз ғайри ин, дар интизори вақти дарсҳо ҳам аз ним соат то як соат вақт сарф мешуд. Барои фаҳмидани сабаби ин интизорӣ тафсилоти зеринро гӯш кардан лозим аст:

Одатан мударрисони Бухоро дар як рӯз аз 8 дарс то 12 дарсро ба гардан мегирифтанд ва вақтҳои дарси ҳар ҷамоа (гурӯх) дар соати муайян таъин карда мешуд. Масалан, вақти дарси ҷамоаи ҳошияхонон дар соати ҳафти пагоҳӣ бошад ва баъд аз онҳо, масалан, ҷамоаи ақоидхонҳо дар соати 8 ба дарс даромаданашон лозим бошад, ҷамоаи дуюм маҷбур буд, ки дар соати 7-у ним ба пеши дарсхона ҳозир шавад, то ки то расидани вақти дарс нафас рост карда, мондагии роҳро барорад.

Баъзан ҳамин гуна мешуд, ки дарси ҷамоаи якум ҳошияхонҳо ба сабаби як мунозираи бемаънӣ аз вақти ба худаш таъинёфта ним соат дарозтар мешуд. Дар ин сурат талабаҳои ҷамоаи дуюм маҷбур мешуданд, ки барои вақти дарси худ як соат интизорӣ кашанд.

## ҲОСИЛИ ТАҲСИЛИ 19-СОЛА

Агар мо гӯем, ки «ҳосили таҳсили 19-солаи талабаи мадрасаҳои Бухоро аз дарсҳои расмӣ ҳеҷ буд» хонандагон бовар нахоҳанд кард ва нависандаро ба дурӯггӯӣ, ҳеҷ набошад, ба муболиғанависии шарқигӣ ҳамл хоҳанд намуд. Аммо вақте ки тафсилоти зеринро мутолаа намуданд, ҳақиқати тааҷҷубангез будани гуфтаҳои нависандаи ин сатрҳоро тасдиқ хоҳанд кард. Барои исботи ин маънӣ мисолҳои зерин кифоя аст:

Аз қайдҳои боло маълум шуд, ки дар мадрасаҳои Бухоро 8-сола умри талаба ба дарсҳои сарфу навҳи арабӣ сарф мешавад. Маълум аст, ки барои аз худ кардани як забони бегона, ба шарти дар дигар дарсҳо машғул нашудан, ду сол басанда аст. Ва ҳол он ки талабаи Бухоро, агар хушзеҳн ва пурқобилият бошад ва роҳи ба сари худ кор карданро ёбад, дар муддати 8 сол ба тариқаи назарӣ «забар» ё «зер» хондани як калимаи арабиро ва таркиби баъзе ҷумлаҳои осонро меомӯхт.

Ин маълумоти ночиз ҳам ба 5 протсенти умуми ҳамдарсон, вай ҳам аз матнхонӣ ва аз пеши домуллои кунҷакӣ ҳосил мешуд.

Аммо аз панҷсола дарси расмии забони араб – дарси дарсхонагии «Шарҳи Мулло»-и Ҷомӣ чизе ҳосил намешуд. Зеро талаба дар ҳар соли ин панҷ сол танҳо панҷ ё даҳ сатри гуфтаҳои Ҷомиро, вай ҳам аз хутба ва муқаддимаҳо, мегузашт ва бештарин вақти панҷсолаи талаба ба хондан ва муҳокима кардани шарҳ ва ҳошияҳои бисёре, ки дар болои асари Ҷомӣ таълиф ёфтаанд, мегузашт. Чунончи, баъд аз Ҷомӣ аз ҳамзамонони Ҷомӣ Мулло Исомиддин «Қофия»-ро шарҳ карда, дар бисёр ҷоҳо бо усули мунозираи схоластикӣ ба Ҷомӣ зид баромадааст.

Пас аз вай, аз шогирдони Абдураҳмони Ҷомӣ – Мулло Абдулғафури Лорӣ ба «Шарҳи Мулло» ҳошия баста, Ҷомиро мудофаа ва гуфтаҳои Мулло Исомиддинро рад кардааст. Баъд аз вай, аз шогирдони Мулло Абдулғафур – Лабиб ном касе як ҳошия баста, гуфтаҳои Ҷомӣ ва Абдулғафурро эзоҳ карда, ба Мулло Исомиддин сангпарронӣ кардааст.

Баъд аз ҳамаи инҳо Мавлоно Шарифи Бухороӣ, ки дар охири асри XVII гузаштааст, ба «Шарҳи Мулло» як ҳошияи ботафсиле баста, ҳамаи мунозираҳои ҳошияҳои дар боло зикршударо нақл карда, дар миёнаи онҳо муҳокима давондааст ва кӯшиш намудааст, ки «ҳаққи» беҳақиқати дар миёнаи мунозирачиён гузаштаро изҳор намояд.

Умри панҷсолаи домуллои сарсахт ва талабаҳои бадбахт дар муҳокима кардани ана ҳамин ҳошияҳо мегузашт, дар бисёр вақт на танҳо масъалаҳои наҳви арабӣ ва гуфтаҳои Ҷомӣ аз миён мерафт, ҳатто гуфтаҳои ҳошиянависони мазкур ҳам ба як тараф монда, вақти дарси яксоата ба мунозираҳои байни устод ва шогирдон ва ба мунозираи байнихудии шогирдон сарф мешуд.

Барои фаҳмидани мунозираи байни худ эзоҳи зеринро мутолиа фармоед:

Дар вақти дарс талабаҳои як ҷамоа (гурӯҳ) ба дарсхона даромада ба рӯ ба рӯи домулло саф кашида дузону менишастад. Агар талаба бисёр ва дарсхона танг бошад, шогирдон пасу дунболи якдигар бо ҳам ҷафс шуда ҷой мегирифтанд. Одатан ҳар ҷамоа як «қорӣ» дошт, ки иборати китоби дар пеши домулло хонда шуданиро ӯ мехонд.



Вақте ки талабаҳо нишаста тайёр шуданд, домулло ба «қорӣ» нигоҳ карда:

– Сар кунед, – мегуфт.

Қорӣ аз китоби дарсӣ як ҷумлаи арабиро мехонд ва домулло он ҷумларо ба забони тоҷикӣ тарҷима мекард. Баъзе вақт пас аз тарҷима ва баъзан баъд аз фикри худро баён кардани домулло мунозира сар мешуд. Баъзе мунозирачиён ба домулло хитоб карда шубҳаҳо баён мекарданд, баъзеҳо дар миёнаи худ мунозира сар мекарданд. Дар ин мунозираҳо на танҳо ҳамон 5 протсент хушзеҳнон, балки ҳамаи шогирдон иштирок мекарданд. Ҳатто нодонтаринашон зиёдатар фарёд мекарданд, ки номашон ба «хушзеҳнӣ» ва ба «дарсфаҳмӣ» барояд. Дар ин мунозираҳо касе ғолиб мебаромад, ки овози баланд ва нутқи бурро дошта бошад.

Вақте ки талабаҳо аз фарёд кардан монда шаванд, домулло ду дасташро боло бардошта, ҳам бо ишорат, ҳам бо забон:

– Хомӯш, хомӯш! – гӯён шогирдонашро сокит мекард ва соаташро медид. Агар вақти дарс тамом шуда бошад, ё гузашта бошад, имрӯза дарсро бо ҳамин ба поён мерасонид ва агар вақт бошад, як ҷумлаи дигар мехонд.

Мисоли дигари аз ин ҳам равшантарро аз «Ҳошия»-хонӣ биёрем. Чунонки дар боло навишта шуд, «Ҳошияи Қутбӣ» шарҳи «Шамсия» аст, ки ба илми мантиқ оид аст. Илми мантиқ илмест, ки дар ҳамаи мамлакатҳои мадании Шарқ ва Ғарб ҳамеша дар программаи дарсҳо даромадааст ва дар замони ҳозира ҳам дар программмаи мактабҳои советӣ дохил аст.

Аммо дар мадрасаҳои Бухоро дар замоне, ки нависандаи ин сатрҳо мехонд, аз илми мантиқ, гӯё танҳо ҳамин калимаи «мантиқ» монда буд ва мунозираҳое, ки дар вақти хондани ин илм ба вуқӯъ меомад, тамоман бемантиқ буд.

Чунонки дар боло гузашт, як соли таҳсили талаба ба хондани «Ҳошияи Қутбӣ» сарф мешуд. Аммо ҳамин яксола вақт танҳо ба мунозирае сарф мешуд, ки дар болои як «калима» мерафт: муаллифи «Шамсия» (мантиқ) дар аввали китоби худ ба забони арабӣ гуфтааст, ки (ман гуфтаҳои он муаллифро ба забони тоҷикӣ тарҷима карда меорам) «ман ин китобро бар як муқаддима, се мақола ва як хотима тартиб додам» ва баъд аз он муаллиф мегӯяд «аммо мақолаҳо сеанд».

Муаллиф дар аввали китоби худ дар ҷумлаҳои дар боло нақл кардашуда калимаи «салос» (се)-ро ду бор зикр кардааст. Маълум аст, ки ин саҳв аст ва яке аз ин калимаҳои «салос (се) барзиёд аст. Аммо яксола мунозира бар болои ҳамин мерафт, ки калимаи «салос» (се) дар ҷумлаи аввал зоид аст, ё дар ҷумлаи дуюм ва дар ин ҷо ҳам роли то як сол дароз кардани дарсро аввал ҳошияҳо ва баъд аз он талабаҳо ва домулло бозӣ мекарданд. Дар охири таҳсил қарор меёфт, ки муаллифи «Шамсия» одами донишманд буд (Наҷмиддин Умари Қазвинӣ, ки дар асри XIII зиндагонӣ кардааст) ва ӯ ин саҳви намоёнро намекард. Муқаррар аст, ки ин саҳвро қалами ӯ кардааст.

Аз ин гуна мунозираҳо чизеро нафаҳмидани талабаҳо аз ҳамин ҳам маълум аст, ки боре дар дарси дарсхонагии мо мунозира бар болои «таърифи инсон» мерафт. Дар он ҷо инсон бо калимаҳои «ҳайвони нотиқ» таъриф ёфта буд. Дар он вақт бар болои калимаҳои «ҳайвон», «нотиқ» ва бар болои маънии «нутқ» ва дигарҳо чунон мунозираи дуру дароз рафт, ки якуним соатро фаро гирифт. Баъд аз тамом шудани дарс яке аз талабаҳо пурсид, ки:

– «Ҳайвони нотиқ» чист?

Домулло дар ҷавоб гуфт:

– Модом, ки ту аз ҳамин қадар мунозираҳо, бо вуҷуди иштирок кардани худат, маънии ин калимаҳоро нафаҳмидӣ, дигар ба ту шарҳ ва эзоҳ додан бефоида аст. Азбаски ҳар чизро бо мисол фаҳмондан осонтар аз он аст, ки бо тавсиф фаҳмонда шавад, акнун ман ба ту бо мисол гап мезанам: яке аз мисолҳои «ҳайвони нотиқ» (ҳайвони гапзананда) худат мебошӣ.

Дар натиҷаи ин суолу ҷавоб лақаби он талаба «ҳайвони нотиқ» шуда монд ва то вақте ки ӯ дар Бухоро буд, ҳамаи шиносҳо ба он бечора бо унвони «ҳайвони нотиқ» хитоб мекарданд.

Дуруст аст, ки аз мадрасаҳои Бухоро баъзе одамони дурусти соҳибмаълумот ҳам расида баромадаанд. Лекин, аввалан ин гуна донишмандон, монанди буттаҳои ҳосилдори дар замини шӯразор расидагӣ, дар ғояти камӣ буданд, дуюм ин ки он гуна одамҳо на ба воситаи аз худ кардани программаи мадраса ва на ба воситаи мунозираҳои схоластикии дарсхонаҳо расидаанд, балки онҳо одамони пурқобилият буда, бо як тасодуфи хушбахтона саводи тоҷикӣ ва арабӣ бароварда, бо меҳнат ва мутолааи шахсии худ соҳиби маълумот шудаанд. Аммо бештарини ин соҳибмаълумотҳо ҳам аз ягон ғояи маънавӣ дур буданд ва мақсади асосии онҳо, монанди устодони худ, дар ягон мадрасаи калонтар мударрис шудан, ба вақфи намоёне соҳиб гардидан ва талабаҳоро ба гирди худ ғун карда (хоҳ чизеро фаҳманд ва хоҳ нафаҳманд) бо онҳо ғавғо бардоштан, ба ин восита аз талабаҳо «ифтитоҳона» (ҳаққи таълим) рӯёндан ва шӯҳрат баровардан буд.

Мо ин порчаро бо гуфтаҳои Аҳмад-махдуми Дониш, ки мақсад ва аҳволи устодони замони худро моҳирона ифода кардааст, ба охир мерасонем:

«...Ҷамъ омадани мӯҳмале чанд нодон, беадабона ва нафаҳмида ғавғо бардоштан ва ҳар сари чанд гоҳ чанд табақ мавизу ҳалво ва ҷомаву танга, ки ба зулму ғасб аз толибилми фақир бистонанд ва ба устоз диҳанд ва ӯ ба шодӣ ва фараҳ дар киса кунад. Устоз аз бисёрии сухан кардан ва ҳарф задан дилмурда бошад, қуввати ҳозима ва дандонҳояш суст шуда ба дандон шикастан натавонад ва ба хӯрдан ҳазм кардан. Шаб ба ҷои хоб китоб бинад ва рӯз аз пагоҳ то бегоҳ ғавғо орад ва ғулғула бишнавад ва сайри беруну дурун натавонад, ба таом хӯрдан ва ҳаракат кардан фурсат наёбад ва дар даруни гунбази фарох дар гармо ва сармо масҷун (зиндонӣ) бошад...» (аз «Наводир-ул-вақоеъ», боби Касбҳо ва пешаҳо).

## МУНОСИБАТИ МОДДИИ ТАЛАБАҲО БО УСТОДОНИ ХУД ДАР МАДРАСА

Мударрисони Бухороро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

1. Касони пурқобилият, ки ҳанӯз хониши худро тамом накардаанд, бо вуҷуди ин ба талабаҳои навдарсхон дарс медиҳанд.

2. Мударрисони хурд, ки ҳанӯз даромади ҷои мударрисиашон ба харҷашон намерасад, ё ин ки ҳеҷ даромад надоранд.

3. Мударрисони калон – инҳо муллоёни калон мебошанд, ки чандин сол дарсгӯӣ карда шӯҳрат баровардаанд ва ба мадрасаҳои сервақф мударрис шудаанд. Баъзе аз инҳо ба замми мударрисӣ ба дараҷаи муфтигӣ ҳам расидаанд, аз ин роҳ низ даромад доранд.



Талабаҳои мадрасаҳои Бухоро ҳарчанд ба унвони «ҳаққи таълим» маблағи муайяне надиҳанд ҳам, ба тарзи ифтитоҳона (сар кардани дарси нав) дар байни худ як маблағ пул ҷамъ карда коллективона ба сар кардани дарси нав сарф мекарданд.

Харҷи дарссаркунӣ дар пеши домуллоҳои кунҷакӣ (ду гурӯҳи аввали дарсгӯён) бисёр кам буд. Аммо дарс сар кардан ба пеши домуллоҳои (дарсхонагии) калон, ки одатан онҳо ҳаққи таълими худро аз вақфи мадраса пурра мегирифтанд, ба маблағи зиёде мерасид.

Дар вақте, ки як пуд гандум 5 танга (75 тин) буд, харҷи талабаҳо барои сар кардани, масалан, «Шарҳи Мулло» аз 5 танга то 15 танга, дар сар кардани «Ақоид» аз 15 танга то 25 танга ва ҳоказо боло мерафт ва ба ҳаде, ки дар сар кардани «МуллоҶалол» аз 50 танга то 150 танга ва дар хатми кутуб (дар охири кор) аз сад танга то дусад танга пул медоданд (зиёду камии пулдиҳӣ ба дороии талаба ва ҳиммати ӯ вобаста буд).

Дарссаркуниҳо одатан дар моҳи декабр, ки вақти тамоман ғун шудани талабаҳост, ба амал меомад ва дар ин моҳ дарсеро, ки соли оянда аз аввали мизон (охиртари сентябр) хоҳанд хонд, сар карда мемонданд.

Як қисми маблағи дар ифтитоҳона ғуншударо (чунонки аз Аҳмад-махдум нақл карда шуд) мавизу ҳалвову қанду наботу нон ва ҷома гирифта ба лаълиҳо андохта, ҳар кадом талаба як лаълиро бардошта, ба дарсхонаи устод бурда, ба ӯ пешкаш мекарданд ва як қисми маблағи мазкурро нақдан ба коғаз печонда ба ӯ медоданд.

Баъзан аз маблағи мазкур миқдоре нигоҳ дошта, талабаҳо барои худ базме ва зиёфате ташкил медоданд, ки ин маросимро «иҷтимоона» меномиданд.

Агар қории ҷамоа (гурӯҳ) аз муллозодагони Бухоро бошад, дар сар кардани дарси «Ақоид» ва «Мулло Ҷалол» ва инчунин ба муносибати хатми кутуб (тамом кардани мадраса) тӯй медоданд.

Дар тӯй қории ҷамоа ба амир пешкаш бурда, барои тӯй аз ӯ рухсат мегирифт. Баъд аз он муфтиҳо, қозикалон ва раиси калон, баъзе амалдоронро, ки бо уламо муносибат дошта бошанд, ҳамаи муллоҳои мансабдор, ҳама талабаҳои он мударрисе, ки тӯй дар пеши ӯ мешавад ва ҳамаи бошандагони мадрасаеро, ки тӯй дар пеши мударриси вай мешавад, ба навбат даъват карда зиёфат менамуданд.

Дар тӯй, албатта, харҷи талабаҳо ба дараҷаи намоён зиёда мегардид ва қории ҷамоа, ки одатан ин гуна тӯй бо тақозои вай ташкил меёфт, боз ҳам зиёдтар харҷ мекашид.

Даромади мударрисони дарсхонагӣ аз ифтитоҳона хеле калон буд. Агар ин гуна мударрис ба дувоздаҳ ҷамоа дарс медода бошад, ба ҳисоби миёна, дар вақти як пуд гандум 5 танга будан, 12 ҳазор танга (1800 сӯм) даромад мекард.

Қозикалон ва раиси Бухоро, ки онҳо расман ба корҳои адлия ва маъмурӣ машғул буда, дарсгӯӣ аз вазифаи онҳо берун буд, ба даромади ифтитоҳона чашм дӯхта, онҳо низ дарсгӯӣ мекарданд. Азбаски ба ҳар гуна мансаби илмӣ расидан

бе воситаи онҳо мумкин набуд, талабаҳо «оқибатандешӣ» карда ба пеши онҳо боз ҳам зиёдтар ғун мешуданд. Дар солҳои охири таҳсил ва наздикии хатм меҳмонхонаи калони қозикалон аз бисёрии талаба тангӣ мекард.

Акнун вақти он расид, ки ман ёддоштҳои худро сар кунам.

## ДАР МАДРАСАИ МИРИ АРАБ

Дар соли 1890 ман ҳамроҳи акаи худ барои хондан ба Бухоро омадам. Дар он ҷо домуллои кунҷакии акаам Мулло Абдусалом аз мадрасаи Мири Араб як ҳуҷра ёфта дод, ки мо ҳар ду дар он ҷо истиқомат кардем.

Ҳуҷраи мо дар ошёнаи чоруми гулдастаи гӯшаи шимолии ғарбии мадрасаи Мири Араб буд. Даромади ин ҳуҷра аз як гардишгоҳи болопӯшидаи торик ҳам бошад, аз тарафи кӯча як дарича дошт, ки зиёву ҳаво аз он ҷо медаромад. Ин ҳуҷра хеле танг бошад ҳам, дар шароити онвақтаи Бухоро ҳар дуи мо дар он ҷо хурсандона хобу хез мекардем.

Бародарам бо пули хар ва даромади аз имоматӣ гирифтаи худаш камтар биринҷ, мош ва равған барои озуқа, шамъи равғанини ҷойдорӣ (дар он вақтҳо лампа ҳанӯз дар Бухоро умумӣ нашуда буд), ангишти қазоқӣ ва ҳезум барои сӯхтан харида тайёр кард.

Азбаски акаам пешқадамтар буд* ва барои ӯ либоси тозатар, китобҳои гуногун ва харҷи ифтитоҳона бештар даркор мешуд, ҳамаи пулашро дар озуқа сарф карда наметавонист ва барои харҷҳои мазкур як маблағ нигоҳ доштан ва сарфа карданаш лозим буд. Аммо озуқаи тайёркардааш то баҳор ба ду кас намерасид. Банобар ин хӯрду хӯроки моро аз ҷое таъмин кардан лозим буд ва ин ҷо ҳам ёфт шуд.

Мулло Абдусалом, ки ӯ ҳам барои дар Бухоро хондани ман далолат карда буд, маслиҳат дод, ки маро дар ҳамошноии худ ошпаз кунад.

Дар мадрасаҳои Бухоро одат ин буд, ки талабаҳои доротар ду кас ё се кас ва ё чор кас шуда бо ҳам ҳамош мешуданд, ки дар забони мадраса ин гуна гурӯҳро «ҳамтабх» (ҳамош) меномиданд. Ҳамошони Мулло Абдусалом Мулло Қосим ном вардонзегӣ ва Қорӣ Бегӣ ном ғиждувонӣ буданд. Ин се нафар фарзандони одамони давлатманд буда, дар дарс ҳам бо ҳам шарик буданд. Аммо дар илм ҳар сеи онҳоро баробар гуфтан мумкин набуд: Қорӣ Бегӣ фазилате, ки дошт Қуръонро тӯтивор аз ёд карда буд, ба замми ёрмандиҳои падараш аз хатмҳои рамазонӣ ҳам хеле даромад мекард. Аммо саводи тоҷикии нимкора дошта бошад ҳам, хат навишта наметавонист ва саводи арабӣ ҳеҷ надошт; Мулло Қосим писари яке аз савдогарони қалъачаи Вардонзе (дар Қазалӣ ва Оқмачит савдокунанда) буда, дар тоҷикӣ кӯрсавод ва дар арабӣ бесавод, аммо хати тоҷикиро базӯр менавишт ва хати ӯро ғайр аз худаш каси дигар хонда наметавонист. Зоҳиран ҳамин қадар хатро барои дафтарнависии падараш маҷбур шуда омӯхтааст; Мулло Абдусалом писари як деҳқони деҳаи Маҳаллаи Шофирком буда,

---

* Дар истилоҳи мадрасаҳои Бухоро «пешқадам» гуфта он касро намегуфтанд, ки дар дарсфаҳмӣ ва дарсро азхудкунӣ пешрав бошад, балки «пешқадам» он кас ҳисоб меёфт, ки соли таҳсилаш пештар бошад. Масалан, «Алқоид»-хон нисбат ба «Шарҳи Мулло»-хон «пешқадам» ба шумор мерафт, агарчанде, ки «Ақоид»-хон нисбат ба «Шарҳи Мулло»-хон нофаҳмтар бошад.



саводи тоҷикӣ ва арабӣ дошта, хатро хуб менавишт ва дарсҳои мадрасагиро ҳам мувофиқи замони худ аз худ карда буд, бинобар ин бо вуҷуди ҳанӯз мадрасаро тамом накарда буданаш дарсгӯӣ ҳам мекард.

Акаам баъд аз он ки ду-се бор ба ман палав пазонда дасти маро ба ошпазӣ ром кард, маро ба хизмати ин се нафар супурд. Ош ҳар рӯз дар ҳуҷраи яке аз ин се нафар бо навбат пухта мешуд. Инҳо одатан ҳар рӯз дар соати як ош мехӯрданд, ки дар он вақт як соат аз дарсхонӣ фориғ буданд.

Ман ҳар рӯз соати ёздаҳ ба ҳуҷраи яке аз ин се нафар, ки навбат аз они вай бошад, мерафтам. Соҳиби ҳуҷра гӯшту сабзиро ба ман фармуда (одатан биринҷу равған дар ҳуҷра тайёр буд) худ ба дарсаш мерафт. Ман барои чор кас, ки чоруми онҳо худам будам, ним нимча (250 грам) гӯшту сабзиву пиёзу дорувор оварда чор пиёла биринҷро палав пухта, дар соати як тайёр мекардам. Вақте ки ҳамошон ғун шуданд, ман ошро мекашидам ва ҳамаи мо дар як ҷо нишаста дар як табақ мехӯрдем. Баъд аз хӯрда шудани ош ман дегу табақро шуста меғундоштам, барои рӯзи дигар ҳезум кафонда тайёр карда мемондам ва ҳуҷраро рӯфта дода, ба ҳуҷраи акаам мерафтам, ки бошишгоҳи ман он ҷо буд.

Дар рӯзҳое, ки фардои он дарси дарсхонагии ҳамошон набошад (сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе), одатан ошро шабона мепухтам. Чунки хӯҷаинон дар он шабҳо шабнишинӣ мекарданд ва ошашонро дар соати 9-10 мехӯрданд. Ман ҳам маҷбур будам, ки аз аввали шаб дар хизмати инҳо бошам, чой дам карда диҳам ва ҳар вақт, ки дили онҳо хоҳад, ошро тайёр кунам.

Лекин шабнишинии онҳо хеле дилгирона буд: онҳо бештарин дар бораи вақфҳо, мансабҳои илмӣ, ба мансабҳои илмӣ ҳақ ё ноҳақ гузоштани он мансабдорон гап мезаданд, ки барои ман ҳеҷ фоида надошт ва ман сӯҳбатҳои Усто амак ва Тӯтапошшоро аз сӯҳбати инҳо ҳазор бор беҳтар медонистам.

Ман дар се рӯзи таътил (чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа) бо навбат ҷомашӯии ин ҳар се нафарро карда медодам ва ба ин муносибат ба муаллимаи мактаби духтарон, ки ба ман ҷомашӯиро ёд дода «ин кор дар мадраса ба ту даркор мешавад» гуфта буд (ба «Мактаби кӯҳна» нигоҳ карда шавад), раҳмат мефиристодам.

* * *

Ман рӯзе се дарс мехондам, дуи ин дарсҳо аз наҳви забони араб «Қофия» буд. Назар ба одати мадрасаҳои Бухоро «Қофия»-ро аз сараш намехонданд, балки аз поёнтараш – аз «ҷои осонтараш» сар мекарданд ва аввалашро, ки назар ба қоидаи онвақта ҷои душвортараш буд, аз ҳама охиртар мехонданд.

Лекин ин «тартиб» бисёр бетартиб ва бемантиқ буд. Зеро дар аввали китоб таърифи «калима» ва таърифи қисмҳои вай баён меёфт ва бар болои қисми аввали калима – исм батафсилтар истода мешуд. Дар чор боби дигар чор қисми исм ва дар ду боби охири ду қисми охирии «калима», ки «феъл» ва «ҳарф» аст, зикр мешуд.

Дар тартиби Бухоро талаба маҷбур буд, ки калима ва тақсимоти вайро надида ва надониста, ба омӯхтани қисмҳои вай машғул шавад. Ҳар чӣ бошад, ман ҳам ба ҳамон «тартиб» тобеъ шудам ва аз поёнтари «Қофия» як боб ба пеши Мулло Абдусалом, ки ман ошпази ӯ будам ва як боби дигарашро ба пеши Мул-

ло Бозор ном ҳамдеҳаи Мулло Абдусалом, ки дар мадрасаи Бадалбек истиқомат дошт, сар кардам.

Мулло Бозор нав хатм кардагӣ буда, ҳанӯз ба ҷое мударрис нашудагӣ буд ва дар ҳуҷраи истиқоматии худ дарс мегуфт. Мулло Абдусалом, чунонки дар боло қайд шуд, ҳанӯз талаба буда, ҳаваскорона дарсгӯӣ мекард ва баъд аз фароғаташ аз дарсҳои худаш ба талабаҳояш дар ҳуҷраи худ дарс медод.

Бештарини шогирдони ин ду домуллои кунҷакӣ ҳамдеҳаҳои худҳошон буда, дар пеши Мулло Абдусалом ғайр аз ман ва акаам боз ду нафар ғиждувонӣ мехонданд. Ман ҳам чор нафар шарикдарс доштам, ки аз деҳаи домуллоҳо буданд.

Ман дар пеши Мулло Авези Хуҷандӣ дарси «Мухтасари виқоя»-ро ҳам сар кардам, ки ба ман ба пеши ин кас хонданро мутаваллии мадраса тавсия карда буд. Дар ҳақиқат ҳам Мулло Авез хеле пурдон буда, дарсро ҳам ба ман аз ду домуллои дигарам беҳтар ва осонтар мефаҳмонд.

Мулло Авез ҳам навхатм буда, ҳанӯз ба мартабаи мударрисӣ нарасида буд. Ӯ як муллои қашшоқ буда, дар мадрасаи Мири Араб ба як ҳуҷраи торики якдара, ки мутаваллии мадраса ёфта дода будааст, зиндагонӣ мекард ва дар ҳамон ҳуҷрача дарс медод. Ҳуҷрачаи ӯ чунон танг буд, ки фақат ду нафар талаба дар он ҷо нишаста дарс хонда метавонист. Бинобар ин ӯ маҷбур буд, ки як дарсро ба гурӯҳҳои «дунафарӣ» чанд бор такрор намояд.

Дар пеши ӯ аввал бо ман як нафар ғиждувонӣ мехонд, баъдҳо домулло хоҳарзодаи худашро, ки бинобар қашшоқиаш ба саххофе шогирдӣ мекард, ба ман шарик ва ғиждувониро ба гурӯҳи дигар ҳамроҳ намуд. Аммо хоҳарзодааш бисёр пастзеҳн ва кӯрсавод буд ва домулло ба ман фармуд, ки ҳар рӯз ним соат нишаста, дарси ҳамон рӯз хондашударо бо вай муколима – гуфтугузор кунам, яъне ба ӯ ёд диҳам. Ин кор ба ман душворӣ кард. Чунки ӯ чизеро намефаҳмид ва фаҳмидан ҳам намехост ва дили ман тангӣ мекард.

Шарики пештараам – ғиждувонӣ ҳам аз вай хушзеҳнтар ва хушсаводтар набуд. Ҳар чӣ бошад, ман маҷбур набудам, ки ба ӯ дарс ёд диҳам.

Домуллоҳо тавсия менамуданд (дар мадрасаҳои Бухоро барои дарсҳоро аз худ кардан таклиф ҳеҷ набуд) ки дарсҳои хондагиамонро бо тарҷимаи тоҷикиаш аз ёд кунем ва чунон такрор намоем, ки ҳеҷ аз ёдамон набарояд. Инчунин домуллоҳо мегуфтанд, ки «дар сари сандалӣ нишаста дарс такрор кардан бефоида аст. Такрор ҳамон вақт фоида медиҳад, ки талаба дар сармо ва дар ҷоҳои болояш кушода нишаста риёзат ба кор барад. Чунки ин роҳи ба даст даровардани илм аст ва дар роҳи илм ҳар қадар ки риёзат ва азоб кашӣ, ҳамон қадар фоида мебарӣ».

Бинобар ин тавсияҳо вазифаи ман дар он вақтҳо тӯтивор дарс такрор кардан буд. Аммо ҳарчанд домуллоҳо барои такрор ҷоҳои болояш кушодаро афзал донанд ҳам, дар шабҳои сармо ҳар талаба кӯшиш мекард, ки дар миёнсарои мадраса, ки болопӯшида буд, ҷой гирад. Лекин он ҷой ба ҳар кас муяссар намешуд ва талабаҳои калонсолтар ва зӯртар он гуна ҷоҳоро соҳибӣ мекарданд ва насибаи ман барин талабаҳои хурдсол ва навхон рӯи саҳни болокушода буд.

Ман дар қатори талабаҳои хурдсол ҳар шаб баъд аз шом дар рӯи саҳн нишаста бо овози баланд дарс такрор мекардам. Мо, талабагон, дар шабҳои барф ҳам такрори рӯисаҳнии худро тарк намекардем ва барфи рӯи сангро бо остин, ё бари ҷома рӯфта, бар рӯи санги яхмонанд ҷорзону ё дузону нишаста такрор кардан мегирифтем. Ин кор ба ман, ки либоси дуруст надоштам, бисёр зӯр буд.



Он вақтҳо дар байни талабаҳо камзӯл ва шалвор пӯшидан одат набуд. Бо ҳамаи ин талабаҳое, ки иқтидори моддӣ доштанд, ҷомаҳои серпахтаро қабат ба қабат пӯшида маҳсиро бо пойтобаи пашмин ба по карда, барои такрор мебаромаданд.

Ман бошам, маҳсӣ надоштам, як кафши сарипоии маҳаллидӯхт доштам, ки аз вай об мегузашт ва намро ба худ мекашид. Хоҳ дар такрор бошад, хоҳ дар кӯча аз рӯи курта як ҷомаи пахтадор пӯшида, бо як қабат лозимӣ мебаромадам. Бо вуҷуди ин маро дар он вақтҳо сармо назад ва ҳатто зуком ҳам нашудам. Аммо бемаҳсигӣ маро бисёр азоб медод ва пойҳоям торс-торс кафида замини сахти дандонакашӣ кардашуда барин мешуд. Дар рӯзҳои барфу борон, вақте ки ба кӯча ё ба рӯи мадраса бароям, даруни кафшам пур аз барфу об мешуд ва аз кафидагиҳои поям, гӯё ки бо корд чок карда бошанд, хун шорида мерафт.

Ягона доруи ман дар кафидагиҳои по равғани шамъи ҷойдорӣ буд: шамъро даргиронда бар рӯи кафидагиҳо хам карда нигоҳ медоштам, равғани доғи шамъ аз канори оташи пилтааш бар рӯи ҷароҳат чакра-чакра мечакид ва фавран озорро таскин медод.

Ин гуна зиндагонӣ, албатта, душвор ва ҳатто тоқатнопазир буд, лекин ман он ҳама душвориҳоро «ба умеди муллои хуб шудан» ба осонӣ ба гардан мегирифтам.

* * *

Дар мадрсаи Мири Араб, ки дар он ҷо аз 300 нафар зиёдтар талаба ва муллоҳои хатмкарда буданд, ман ба касе дуҷор нашудам, ки аз шеър ва адабиёт гап занад, ана ин кор ба ман аз пойбараҳнагӣ ҳам зиёдтар алам мекард. Аз шарикдарсони акаам Мулло Ҳомид ном ғиждувонӣ ва Зайниддинхоҷа ном миркулолӣ буданд, ки онҳо ғазалсароӣ мекарданд. Аммо онҳо ғазалҳоро бе он ки ба маъниҳояшон диққат кунанд, ёд карда гирифта буданд ва дар ҳавоҳои гуногун мехонданд. Бинобар ин онҳоро шеърдӯст гуфтан мумкин набуд. Дар ҳуҷраҳои хуҷаинҳои ман бошад, ғайр аз китобҳои дарсӣ, баъзе китобҳои маноқиби шайхҳо[56] дигар чизе дида намешуд. Аммо дар онҳо аз адабиёт як ғазал ҳам набуд.

Дар он мадраса Мулло Абдулҳаким ном як муллои кӯлобӣ буд, ки дастакӣ китобфурӯшӣ мекард: ӯ рӯзҳои таътил, ки одатан бозори китоби Бухоро гарм мешуд, як бағал китобҳои дарсиро бардошта, ба бозор бурда рост мегашт, ба толибшудагон аз он китобҳояш мефурӯхт ва китобҳои беруна ояд, мехарид (ин гуна китобҷаллобони бедукон дар бозори китоби Бухоро бисёр буданд).

Рӯзе бегоҳонӣ Мулло Абдулҳаким аз бозор омад, ки дар бағал як бӯғча китоб дошт ва дар миёнсарои мадраса бастаи худро кушода китобҳои имрӯз аз бозор ба даст даровардаашро ба муллоҳо ва муллобачагон нишон дод. Ӯ он китобҳоро ягон-ягон ба даст гирифта бо таъбироти савдогарона таъриф мекард ва хати ҳар кадоми онҳоро ба муаллифи он китоб ё ба ягон котиби гузаштаи машҳур нисбат медод ва бо дасти кадом муллои машҳур расида, аз мутолааи ӯ

гузаштанашро ва дар ҳошияҳояш аз тарафи ӯ қайдҳои муҳим карда шуданашро, ба хубии хат ва ростнависии котиб илова менамуд ва дар фуроварди таърифи ҳар китоб, харида гирифтани онро ба бинандагон таклиф мекард.

Ман ҳам ба умеди ба ягон баёз ё девони шеър вохӯрдан, он китобҳоро аз назар мегузаронидам. Аммо ҳамаи онҳо китобҳои дарсии бадхат буданд ва дар ҳошияҳояшон, монанди қаторгардаки мӯрчагон, таҳрироти чаттии хонданошуданӣ ҳам доштанд. Дар он миён ногоҳ аз даруни як китоб як китобчаи шеър баромад. Аз навиштаҳои пушти ин китобча дар Ҳиндустон чоп шуданаш ва «Маҳмуд ва Аёз» ном доштанаш маълум мешуд.

Ман аз он мулло:

– Ин китобчаро чанд пул харидед? – гуфта пурсидам.

– Ин китобча як чизи бекор аст. Ман инро дар қатори як китоби даркорӣ ночор шуда харидам. Чунки соҳибаш «ҳар дуяшро якҷоя мефурӯшам» гуфт, – гӯён ба ман китобчаеро, ки ин китобча ба вай сарборӣ (нагрузка) шуда омада аз даруни вай баромада буд, – нишон дода давом намуд, – ана бо ҳамин китоб ба даҳ танга харидам. Ту дувоздаҳ танга дода ҳамин китобро бихар. Ман ин китобчаро ба ту бепул ба тарзи партав медиҳам.

Он китоб ҳошияи Мулло Абдулғафури Лорӣ буд, ки бар болои «Шарҳи Мулло»-и Ҷомӣ баста шудааст. Ман он китобро барои поси хотираи фурӯшгор як варақ зада баромада ба ӯ гуфтам:

– Ин китоби «хуб аст», аммо ҳоло ба ман даркор нест. Модом ки «як чизи бекор будааст», ҳамин китобчаи чопаро ба ман фурӯшед.

– Ин китоб, – гӯён ҳошияи Мулло Абдулғафурро ба ман нишон дода давом кард, – «як чизи камёб аст» «кас махару кас маёб аст». Вақте ки даркор шавад, аз ҷое намеёбӣ. Ба ту ҳоло даркор набошад ҳам, вақте ки «Шарҳи Мулло»-хон шавӣ, даркор мешавад, ба маслиҳати ман даро, ҳамин китобро бихар ва ин китобчаро муфт гир. Аммо ин китобча, – китобчаи шеърро нишон дода, – як чизи сафсатта аст, ба харидан намеарзад.

– Ман барои харидани ин китоби калон пул надорам. Агар арзон карда диҳед, ҳамин китобчаро мехарам, – гуфтам.

Фурӯшгор аз фурӯхта тавонистани он китоб умедашро канда:

– Хуб, майлат, як танга деҳ гир, – гуфт.

– Ҳозир пул меорам, –гӯён ман ба ҳуҷра давидам, аз хурсандӣ ва шитоб аз ду қатор зинаи печопеч чӣ навъ давида баромада, ба ҳуҷра расиданамро надониста мондам. Дар он ҷо аз панҷ тангаи аз саҳро овардагиам ҳанӯз се тангааш буд ва аз вай як танга (15 тин)-ашро гирифта аз зинаҳо боз тозон-тозон фуромада ба пеши китобфурӯш расида пулро ба ӯ дода, китобчаро моли худ кардам.

Он рӯз дар мадрасаи Мири Араб барои ман наврӯз буд – он рӯз як рӯзи наве буд, ки аз ғайри чашмдошти ман, ба ман бахти нав оварда буд. Китобчаро ба даст гирифта давон-давон дубора ба ҳуҷра баромада, шитобкорона вайро варақ зада сар то пояшро аз назар гузаронидам: дар он вақт он китобча ба назари ман чунон муҳим намуд, ки ба дунёҳо меарзид. Агар фурӯшгор барои ман он қадар муҳим будани он китобчаро мефаҳмид, ба ҳамаи дороии нақдинаи ман, ки се танга (45 тин) буд, низ он китобчаро ба ман намедод: ин китобчае буд, ки яке аз



шоирони бекормондаи хушҳавсалаи Ҳиндустон бо усули «байтбарак» барои ҳар ҳарфи алифбои араб як ғазал гуфта вайро тартиб додааст. Аввали мисраъҳои аввали ҳар ғазал бо кадом ҳарф ки сар шавад, охири мисраъҳои дуюми вай ҳам бо ҳамон ҳарф тамом мешуд. Масалан, ғазали дар ҳарфи «с»-и сенуқтадори арабӣ, сохтаи шоир бо ин байт сар мешуд:

Собит нашуд ба ваъдаи худ ёр, алғиёс!
З-ин ғусса гашт ҷону дилам зор, алғиёс!

Аҳамияти ин китобча барои ман дар ин ҷо буд, ки агар ман ғазалҳои вайро аз ёд карда гирам, касе маро дар байтбарак банд карда наметавонист.

* * *

Кам-кам ман бо аҳолии мадрасаи Мири Араб шинос шудам. Як қисми калонсолони онҳо одамоне буданд, ки кайҳо хатм карда мадрасаро тамом карда, назар ба қавли худҳошон, аз «бетолеӣ ба ягон мансаби дурусти илмӣ нарасидаанд», баъзеи онҳо «заввор» (зиёраткунанда) буданд, ки ҳар рӯз бо навбат ба як сари мазор рафта зиёрат карда меомаданд ва бо ин «хизмати худ» аз ҳукумат ҳар моҳ 30 танга (чору ним сӯм) мегирифтанд. Завворҳои амири Бухоро 30 нафар буданд, ки баъзеи онҳо дар мадрасаи Мири Араб истиқомат доштанд. Баъзеи онҳо салавотхон буданд, ки ҳар рӯз вақти пешин ба арки подшоҳӣ баромада дар меҳмонхонаи «Раҳимхонӣ» (меҳмонхонае, ки таъсискунандаи ҳукумати сулолаи манғитиён Раҳимхон бино кардааст) як соат нишаста ба рӯҳи пайғамбари худо салавот хонда, инҳо ҳам аз подшоҳӣ ҳар моҳ 30 танга мегирифтанд. Аз ғайри ин, ҳар рӯз ба онҳо як дона нон ва як каф мавизи сиёҳ ҳам дода мешуд. Салавотхонҳои амир бисёр буданд, ки баъзе гурӯҳҳо ҳар рӯз, баъзе гурӯҳи дигар ҳафтае як рӯзи панҷшанбе, баъзеашон ҳафтае як рӯзи душанбе ба арки амир мебаромаданд. Дар ин ҷо сухан бар болои салавотхонҳои ҳаррӯза меравад, ки баъзеи онҳо дар мадрасаи Мири Араб буданд.

Инҳо одамони беоилаву беҳавлӣ буданд, ки дар мадраса дар ҳуҷраи зархариди худ зиндагонӣ мекарданд. Асоси маишати инҳоро вақфи ҳуҷра ва моҳонаи подшоҳӣ ташкил мекард. Аммо онҳо ҳамаи он даромадро харҷ намекарданд ва бо сарфакорӣ қисми бисёри даромадашонро пасандоз мекарданд. Чунончи, рӯзе яке аз онҳо вафот кард ва аз ҳуҷрааш даҳ ҳазор танга (1500 сӯм) пули нақд ва чизҳои қиматбаҳои дигар баромад. Ба сабаби беворис буданаш қозикалон ҳамаи нақд ва чизҳояшро подшоҳӣ карда, барои харҷи мурдааш фақат 20 танга (3 сӯм) дод. Он камбахти мумсик дар зиндагиаш ҳам либоси дуруст напӯшида ва таоми серӣ нахӯрда мегашт ва дар вақти мурданаш бо кафани гадоӣ – бо кафане, ки муллоҳо аз байни худ пул ҷамъ карда хариданд, гӯронида шуд.

Баъзе аз он калонсолони «бетолеъ» ба ҳеҷ мансаби илмӣ мансуб набуда, танҳо бо вақфи ҳуҷраи зархариди худ зиндагонӣ мекарданд. Як қисми инҳо ҳам, бо вуҷуди ба харҷи як кас кифоя накардани вақфи як ҳуҷра, ҳамаи он даромадро «барои рӯзи ноомад» сарфакорӣ карда пасандоз менамуданд. Инҳо ба он пасандоз қаноат нанамуда ба муллобачагони ба пул мӯҳтоҷшуда ва ба майда-

баққолони сари кӯча ба фоида пул қарз дода судхӯрӣ ҳам мекарданд. Албатта, чизҳои ғундоштаи инҳо ҳам баъд аз сарашон подшоҳӣ шуда, худашон «кафангадо» гардида ба зери хок мерафтанд.

Баъзе аз он калонсолони беоилаву беҳавлӣ вақфи ҳуҷраро ва агар ба мансабе мансуб бошанд, даромади вайро ҳам тамоман харҷ карда, қаландарона зиндагонӣ менамуданд. Мақсади ин гуна одамҳо ҳам ба ман маълум набуд,ки барои чӣ ба дунё омада ва ба чӣ мақсад зиндагонӣ мекунанд.

Як қисми дигари он гуна калонсолон оиладор ва ҳавлидор буда, ба имоматии маҳаллае ё ба мударрисии мадрасае ҳам мансуб буданд. Аммо инҳо ба сабаби дар мадраса ҳуҷраи зархарид доштанашон алоқаашонро аз он ҷо намекананд. Рӯзҳои таътил вақти пешин ба мадраса омада ба ҳуҷранишинҳошон меҳмон шуда палав мехӯрданд, ба болои иҷораи вақф ва савдои ҳуҷраҳо ҳозир шуда «ширинкома» мегирифтанд ва дар миёнсарои мадраса бо ҳамсолонашон нишаста ғайбатфурӯшӣ карда, дили дар хона тангшудаи худро «мекушоданд».

Аҳолии боқимондаи мадраса талабаҳо буда, қисми калони онҳо муллобачаҳои қашшоқи ориятнишин буданд, ки бо роҳҳои гуногун истиқомати ҳуҷраеро ба даст даровarda, дар он ҷо зиндагонӣ мекарданд. Инҳо бо таъбири равшантар «талабаҳои дарбадар» буда, ин моҳ ё ин сол дар ин ҷо бошанд, моҳи дигар ё соли дигар маҷбур мешуданд, ки ба ҷои дигаре кӯчанд. Инҳо, ба назари калонсолоне, ки дар боло зикр ёфтанд, «пастарини одамҳо» ба шумор мерафтанд.

Баъзеи он талабаҳо ҳуҷраи зархарид доштанд, ки инҳо дар он мадраса бообрӯ ва соҳибҳуқуқ шуда зиндагонӣ мекарданд.

## МАХДУМИ ГАВ ВА ПИРАК

Дар мадрасаи Мири Араб ду бародарон буданд, ки онҳо диққати маро зиёдтар ба худ ҷалб карданд ва бо онҳо аввал шиносо ва баъд аз он ошно шудам. Калонтарини ин бародарон Маъсумхоҷа ном дошта, лақабаш «Махдуми Гав» буд. Қомати ин одам аз миёна баландтар буда, баданаш чунон пуропур буд, ки ба назари кас кӯтоҳқад менамуд. Чеҳрааш сабзинаи сиёҳтоб ва чашмонаш калон ва сиёҳи шӯълапош буд. Рӯяш кулчаи сергӯшт ва қариб тамоман бо риши сиёҳи ғулии дағалмӯй пӯшидагӣ буд. Абрӯвонаш сермӯи пайваста бо ҳам ва мижгонҳои дарози сархам дошт, дастонаш то оринҷ ва пойҳояш то зону, ки бештарин вақт намуда меистоданд, пур аз мӯйҳои ҷингила буданд.

Ин одам, ки аз рӯи ин тасвир хеле бадҳайбат менамояд, бисёр ҳалим, нарммуомила ва кушодапешонӣ буда, ба як дидан муҳаббати ҳар касро ба худ ҷалб мекард. Лабонаш ҳеҷ гоҳ аз табассум ва чашмонаш доимо аз нигоҳи меҳрубонона холӣ набуд.

Ӯ ба ҳамаи талабагон, хусусан ба талабагони ориятнишин (ба ҳуҷраи дигарон нишинанда) бо муҳаббат салом дода, бо меҳрубонӣ пурсупос мекард. Агар ягон талаба бемор шавад, албатта, бемордори ӯ буд, ба бемор ҷою оби ҷӯш тайёр карда медод, ҳуҷраашро мерӯфт ва либоси вайро мешуст.

Ӯ маҳсӣ намепӯшид ва салла намебаст. Дар ҳавоҳои гармтар бо як қабат курта-лозимӣ ва дар зимистон аз болои курта як қабат ҷомаи арба-астари бепахта пӯшида мегашт. Дар тобистон бештарин сарбараҳна ва дар зимистон як каллапӯш мепӯшиду бас.

Ин ҷавон дар ҳақиқат 25-сола бошад ҳам, сару ришу дасту пою қаду басташ як одами аз сӣ болоро ба назар меовард. Аммо аз рӯи дарсаш бошад, ӯро 13–14-сола тахмин мекардед. Чунки, аз рӯи қавли худаш, ӯ «Қофия»-хон буда, бо ман «баробардарс» буд.

Ман ба ин одам «Гав» лақаб додани мардуми Бухороро намеписандидам. Ҳарчанд зоҳири қиёфаташ говмонанд бошад ҳам, ахлоқу одобу кирдору рафтораш як инсони пурраро ба назар ҷилва мекунонид. Додари ин одам Пирак ном дошт (номаш дар асл «Пир» бошад ҳам, ба сабаби нисбат ба бародараш хурдҷусса буданаш ӯро «Пирак» мегуфтанд). Ин 15-сола буда, қиёфааш як бачаи даҳсоларо ба назар меовард. Қадаш паст, баданаш ва рӯяш борик буда, чашмони кӯтоҳмижгони бенур дошт. Рангу рӯи ин сафедчаи зардчатоб буда, бинанда гумон мекард, ки ӯ аз як бемории сахту дуру дароз нав ба по хестааст.

Аз рӯи қавли Пирак, ӯ бо акааш шарикдарс буда, «Қофия» мехондааст. Аммо ман на ӯро ва на бародарашро надидаам, ки монанди мо талабагони «илмдӯст» шабона ба рӯи саҳни мадраса баромада дарс такрор кунанд. Дар мадраса ё ягон ҷои дигар, дар пеши кадом мударрис дарс хондани ин бародарон ҳам ба ман маълум набуд. Аз рӯи қавли Пирак, онҳо дар пеши падарашон мехондаанд.

Падари ин бародарон як муллои 80-сола буда, дар тарафи ҷануби мадрасаи Мири Араб, дар ҳавлии худ бо зану фарзандони хурдаш зиндагонӣ мекард. Модари ин бародарон дар вақти наздик ба ҳафтод расидани падарашон мурдааст. Ӯ зани дигар гирифтааст. Аз зани ҷавонаш ҳам се фарзанд шудааст, ки калонаш даҳсола ва аз ҳама хурдаш яксола будааст (врачҳо баъд аз ҳафтодсолагӣ фарзанд намешавад мегӯянд, аммо фарзанди охирини ин мулло дар 79-солагиаш рӯидааст).

Падарашон дар як мадраса мударрис бошад ҳам, дарсгӯӣ намекардааст. Вақфи мударрисиро монанди пенсия хӯрда мехобидааст. Дар мадрасаи Мири Араб ду ҳуҷра доштааст, ки ба ин ду фарзандаш дода, онҳоро аз оилааш ҷудо кардааст. Ин бародарон дар ҳамон ду ҳуҷра истиқомат карда, бо вақфи ҳамон ҳуҷраҳо зиндагонӣ мекарданд.

Шиносоии ман бо ин бародарон ба ин тариқа рӯй дод: аз рӯи одат бештарини аҳолии мадраса дар байни асру шом ба ҳавогирӣ мебаромаданд. Калонсолон дар миёнсарои мадраса нишаста, хурдсолон бар рӯи саҳни берунӣ мебаромаданд, ки ин корро «дамгирии фаслиасрӣ», ё ин ки кӯтоҳ карда «фасли аср» меномиданд.

Як фасли аср дар рӯи саҳн ҷои нишасти ман дар паҳлуи Пирак рост омад. Ман, ки ҳамеша дар пайи ёфтани касони байтдон будам, бо Пирак гапзанон карда дар омади сухан аз вай:

– Ту ягон байт ғазал медонӣ? – гӯён пурсидам.
– Агар медонистам, чӣ буд? – гуфта пурсид ӯ дар ҷавоби ман.
– Агар байт аз ёд медонистӣ, байтбарак мекардем, – гуфтам ман.
– Не, ман байт-майт намедонам, – гуфт ӯ ва давом намуд, – Мулло Ҳомиди

савтӣ ва Зайниддинхоҷа гоҳо ба ҳуҷраи мо омада ғазалхонӣ кунанд ҳам, ман аз онҳо ягон байт ҳам ёд нагирифтам, – ва илова карда аз ман пурсид:

– Магар ту байт медонӣ?

– Якчанд байт медонам, – гуфтам ман.

Бо ин ҷавоби ман дар чеҳраи ӯ як сурхии шармгинона, ки дар айни ҳол як навъ рашки бачагонаро ифода мекард, пайдо шуд ва монанди бачагони 4–5 сола, ки бозичаҳои худро ба ҳамдигар «ҷиз-ҷизак»-кунон намоиш медиҳанд, бо як оҳанги мағрурона гуфт:

– Ман як чизро медонам, ки ту намедонӣ.

– Чӣ чиз будааст он?–гӯён пурсидам ман бо оҳанги тааҷҷубомез.

Мумкин буд, ки ӯ на як чиз, балки бисёр чизҳоро донад, ки ман надонам. Аммо надонистани маро ӯ аз куҷо медонист. Тааҷҷуби ман ана дар ҳамин ҷо буд.

– Ман забони урусиро медонам, – гуфт бо ҳамон ғурури аввалиаш. Ман дар дили худ сухани ӯро бовар накарда худ ба худ фикр мекардам: «дар мадрасае, ки талабаҳо забони модариашонро намедониста бошанд ва худи ин ягон байт ҳам аз шеъри забони модариаш ёд накарда бошад, забони русиро чӣ тавр ёд мегирад?» Бо ҳамаи ин ба ӯ гуфтам:

– Канӣ, бо забони русӣ гап зан, шунавам,ки он забон чӣ гуна мешудааст?

– Русҳо соатро «час» мегӯянд, – гуфт ӯ.

– Боз чиҳоро медонӣ? – пурсидам ман.

– Боз чанд гап медонам, ки ҳоло дар ёдам нест, – гуфт ӯ – дар коғаз навишта мондаам. Ту ягон вақт ба ҳуҷраи ман даро, хонда медиҳам.

Ман ҳамон рӯз баъд аз шом ба ҳуҷраи ӯ даромадам. Ҳуҷрааш дар гӯшаи ғарби ҷанубии даруни мадраса воқеъ шуда буда, бисёр танг буд – ду кас ба зӯр менишаст. Дар миёнаҷои ҳуҷра як сандалӣ, дар як тарафи пойгаҳаш як охурчаи дастурӯйшӯӣ буд, ки об аз як сӯрохча ба зери он – ба як тағора мерехт ва ҳар гоҳ ки он тағора пур шавад, бароварда бар рӯи ҳавлии мадраса рехта мешавад. Дар тарафи дигари пойгаҳ, дар мағзи девори ҳуҷра мӯрӣ ва оташдони ошпазӣ буд, ки дар зераш як чуқурии ҳезумдон ҳам дошт. Аз тарафи пойгаҳ зери ҷои нишастро камарвор кофта будаанд, ки дар он ҷо ангишт мерехтаанд. Палоси ҳуҷра сода, аммо озода буда, умуман он ҳуҷра дар шароити мадрасаҳои Бухоро барои истиқомати як кас кифоя мекард.

Пирак маро ба рӯи ҳуҷра гузаронида дар рӯ ба рӯи худаш – дар кодоки сандалӣ шинонд ва бе ҳеҷ муқаддима аз тахти кӯрпачае, ки бар рӯи вай нишаста буд, коғазеро баровард. Дар рӯи коғаз бо қалами қариндош ду сатр хат навиштагӣ буд. Аз баъзе ҳарфҳояш маълум мешуд, ки он хат бо ҳарфҳои арабӣ навишта шудааст. Аммо он ҳарфҳоро калима карда хондан мумкин набуд.

Пирак он коғазро ба дасти ман дода:

– Хонда бин, забони русиро ёд мегирӣ.   Ин хатро хондан мумкин нест. Кӣ навишт? – гуфта пурсидам ман баъди аз назар гузаронидани он коғаз.

Ба рӯи бенури Пирак як сурхии нимранге давида:

– Худам навишта гирифтам, – гуфт ва илова кард, – ман хат надорам ва хатнависиро машқ накардаам. Инро аз рӯи хати дигар касе нусханависӣ карда гирифтам.



Ман коғазро ба пеши ӯ гузошта:

– Канӣ, худат хон, – гуфтам.

Ӯ ба сиёҳиҳои дар рӯи коғаз нақшбаста ангушти ишорати дасти чапашро гузошта, оринҷи дасти росташро бар рӯи сандалӣ ниҳода ва гӯши тарафи росташро бо нимаи рӯяш ба панҷаи он дасташ такя дода ва чашмонашро бо диққат бар он коғаз дӯхта ба хондан даромад:

– Ана инаш ледина… Ана инаш ях… Боз ана инаш часы, маъниаш соат, баъд, сонӣ хилеб, ин нон, – хонанда сукут карда монд.

– Ҳамааш ҳамин? – ман пурсидам.

– Ҳа, ҳамааш ҳамин, – ӯ ҷавоб дод.

– Ин тавр бошад, ту ҳамин калимаҳоро «ана инаш»-ҳоятро ҳамроҳ накарда якта-якта гӯй, ман дуруст шунавам ва ёд гирам.

Пирак ду-се бори дигар «ана инаш»-ҳоро ҳамроҳ карда хонд. Дар охир бо танбеҳ ва талқинҳои ман монанди он ки дар мактаби кӯҳна мехонда бошад, сарашро пасу пеш ҷунбонида-ҷунбонида гуфт:

– Ледина – ях… часы – соат… хлеб – нон.

Ман аз забони ӯ ин калимаҳоро омӯхта, аммо монанди он ки шеъри тоҷикӣ мехонда бошам, бурротар карда гуфтам:

– Ледина – ях, часы – соат, хлеб – нон.

Бо шунидани ин суханҳо аз забони ман, дар чеҳраи ҳамсӯҳбатам як шӯълаи шодӣ нурафган шуда, бо ҳаяҷон гуфт:

– Ибӣ, ин «Нисоб-ус-сибиён»* шуд-ку.

– Магар ту «Нисоб-ус-сибиён»-ро медонӣ? – ман пурсидам.

– Падарам дар вақти хурдиҳоям якчанд байташро ба ман ёд дода буданд. Як хаташ ҳанӯз дар ёдам ҳаст, – гуфт ва мисраи зеринро хонд:

«Само – осмон, арзу ғарбро – замин».

Ва баъд аз ин боз сухани худро давом кунонду гуфт:

– Биё, як кор кунем, ман гапҳои русиро ёфта бо тарҷимаи тоҷикиаш ғун мекунам. Ту якта «Нисоб-ус-сибиён»-и русӣ соз.

_ Мешавад, – гуфтам ман дар ҷавоб ва аз вай пурсидам:

– Ту гапҳои русиро аз куҷо меёбӣ?

– Мулло Туроб ҳаст-ку, – гуфт ӯ, – ана ҳамин ба Самарқанд рафтуой дорад. Дар он ҷо русҳо бисёр будаанд. Вай дар як дафтарча чанд гапҳои русиро навишта гирифта будааст, ман ҳамин гапҳоро аз дафтари вай бардошта гирифтам. Ба ӯ мегӯям, ки ин дафъа бисёртар гап ёфта бо маъниҳояш навишта биёрад. Баъд ман аз вай навишта мегирам ва ба ту медиҳам.

– Бисёр хуб, – гуфтам ман.

Пирак як сукути андешамандона карда, боз ба гап даромад:

---

* Дар Бухоро «Нисоб-ус-сибиён» ном як китобча буд, ки дар вай луғатҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ бо шеър тарҷима карда шуда буд. Он китобча дар шакли маснавӣ чанд порча шеърро дар бар мегирифт ва ҳар порчааш бо вазни алоҳида буда, дар аввали ҳар порча номи вазни он бо «афоил»-ҳояш низ бо шеър баён ёфта буд. Он китобча барои талабаи навомӯз хеле фоиданок бошад ҳам, дар мактабҳо ва мадрасаҳо надаровардагӣ буд. Баъзе муллоҳои хушсаводи шеърфаҳм ба фарзандони худ меомӯхтанд.

– Гапҳои русӣ навишта гирифтани маро мабодо ба касе нагӯӣ. Муллоҳо ганда, агар шунаванд, одамро хафа мекунанд.

– Чаро? – ман тааҷҷубкунон пурсидам.

– «Чаро хафа карданашонро» аз онҳо пурсидан даркор аст. Ман ҳамин қадарро медонам, ки порсол Мулло Туробро хафа карданд.

– Муллоҳо, намедонам, аз куҷо шунидаанд, ки Мулло Туроб аз Самарқанд гапҳои русиро навишта овардааст. Бинобар ин «ӯ рус шудааст, вайро аз мадраса баровардан даркор», – гуфтаанд. Аммо, азбаски ӯ дар ҳуҷраи зархариди худаш менишинад, худашон вайро аз мадраса бароварда наметавонистанд. Ба ин сабаб якчанд калонони мадраса падари маро ҳам ҳамроҳ гирифта ба қозикалон рафта арз кардаанд, ки Мулло Туробро аз мадраса барорад. Лекин қозикалон қабул накардааст, «бо гапҳои русиро навишта гирифтан одам кофир намешавад» гуфтааст. Ва низ гуфтааст, ки «русҳо бо ҷаноби олӣ (амир) дӯст мебошанд. Агар ин гапҳои шумоёнро шунаванд, хафа мешаванд. Аз пайи ин навъ корҳои иғвогарӣ нагардетон», ман ин гуна гапҳоро аз падарам шунидам. Акаам бо Мулло Туроб ошно буд, падарам ба ӯ таъин карданд, ки минбаъд бо вай рафтуомад накунад.

Ман пай бурдам, ки Пирак бо ҷуссаи назарногир ва чеҳраи бемормонандаш шавқи чизомӯзӣ дорад. Бинобар ин ба ӯ гуфтам:

– Кам-кам шеърхонӣ ҳам кун, дар одам вай даркор мешавад.

– Мулло Ҳомиди савтӣ ва Зайниддинхоҷа ба ҳуҷраи акаам бисёр меоянд ва ғазалхонӣ мекунанд. Ман аз онҳо мепурсам, ки ба ман ғазалхониро ёд диҳанд.

– Ин кори дигар аст. Лекин бо вай одам шеърдон намешавад. Хубаш ин аст, ки аз ягон баёз ё девон кам-кам шеър хонӣ.

– Мо баёз надорем, – гуфт ӯ, – дар вақти мактаб падарам ба ман як «Хоҷа Ҳофиз» ёфта дода буданд. Ҳоло ҳамон китобро ба додарам, ки дар мактаб мехонад, доданд.

– Ман ба ту як китобчаи шеър меорам. Аз вай мехонӣ.

Ӯ қабул кард, оншаба сӯҳбатамон бо Пирак бо ҳамин тамом шуд. Ман як шаби дигар – баъд аз шом китобчаи «Маҳмуд ва Аёз»-ро ба ҳуҷраи Пирак бурдам. Ӯ он китобчаро ба даст гирифта сар то по варақ зад ва баъд аз он ба ман гардонда дода:

– Ман инро хонда наметавонам ва хаташро намешиносам. Агар «Хоҷа Ҳофиз»-и худам мебуд, эҳтимол хонда метавонистам, – гуфт бо як оҳанги маъюсона.

Ман фаҳмидам, ки ӯ ҳам монанди бештарин мактаббачагони он замон аз мактаб «нусхахон» шуда баромада будааст. Ва аз китоби бегона чизеро хонда наметавонистааст. Аммо ман аз саводнок шудани ӯ умедамро наканда ва ӯро дилбардорӣ карда гуфтам:

– Ман хонданро нишон медиҳам, дар се-чор рӯз худат хонда метавонистагӣ мешавӣ.

Ман ба ӯ эҳтиёткорона муомила карда нагуфтам, ки «ман ёд медиҳам», балки «ман хонданро нишон медиҳам» гуфтам. Зеро агар ба худ ранги омӯзгориро медодам, аҷаб набуд, ки ба нафсаш сахт расида аз омӯзиш саркашӣ кунад.



– Канӣ хонданро нишон деҳ, – гуфт ӯ бо оҳанги шавқмандона.

Ман ҳамон шаб аз ғазали он китобча чор байтро аввал худам бо овози баланд хондам. Баъд аз он ба вай гӯёндам, вақте ки иборaҳои шеърро ёд гирифт, аз китоб чӣ навъ баромадани он ибораҳоро ягон-ягон нишон додам.

Баъди он шаб, ҳар шаби таътил, ки ман аз хизмати хӯҷаинонам барвақттар фориғ мешудам, ба ҳуҷраи Пирак даромада бо ӯ дар болои китобчаи «Маҳмуд ва Аёз» машғулӣ мекардем.

Ӯ дар ду моҳ он китобчаро хонда метавонистагӣ шуд ва хатҳои хонотари дигарро ҳам оҳиста-оҳиста хонда метавонист. Баъд аз он ӯро аз рӯи ҳамон китобча ба хатнависӣ даровардам. Аввалҳо нусхабардорӣ мекард. Вақте ки дасташ ба қалам ром шуд, аз пеши худ ҳам баъзе чизҳоро навиштан гирифт. Ба ҳамин тариқа то баҳор, нимкора бошад ҳам, хату савод баровард.

Дар ин миён Мулло Туроб боз як бори дигар ба Самарқанд рафта омад. Ҳарчанд ӯ аз ҳуҷуми муллоён тарсида дигар калимаҳои русӣ навишта гирифтанро тарк карда бошад ҳам, бо илтимоси Пирак се калимаи дигарро бо тарҷимааш навишта овардааст. Онҳо ин калимаҳо буданд:

«Снег – барф, дожд – борон, душа – ҷон».

Пирак ин калимаҳоро аз дастнависи Мулло Туроб бо хати худаш навишта оварда, аз ман илтимос кард,ки инҳоро ҳам «Нисоб-ус-сибиён» карда ба «Нисоб-ус-сибиён»-и аввалӣ ҳамроҳ кунам. Ин дафъа хати Пиракро ман ҳам хонда тавонистам ва барои ба назм даровардани он калимаҳо фикр кардам, бедушворӣ ин се калима ҳам як мисраъ шеър шуд, ин мисраъ фақат бо ҳамроҳи як «у» ба охири калимаи «барф» ва болопоин намудани калимаҳои «дожд – борон» ва «душа – ҷон» ба вуҷуд омад. Ман он мисраъро ба китобчаи «Нисоб-ус-сибиён»-и Пирак навишта хонда додам:

«Снег – барф, душа – ҷон, дожд – борон».

Пирак аз ман илтимос кард, ки ин «Нисоб-ус-сибиён»-ро бо «Нисоб-ус-сибиён»-и аввалӣ як ҷо навишта бинам, ки ҳар ду бо ҳам мувофиқ шудаанд ё не.

Ман ду мисраъро дар як ҷо навишта хонда додам:

«Ледина – ях, часы – соат, хлеб – нон»,
«Снег – барфу душа – ҷон, дожд – борон».

Бо шунидани ин мисраъҳо Пиракро як ҳолати аҷибу як ҳаяҷони фавқулода рӯй дод, ӯ монанди шарораи оташи чӯби бурс – арча аз ҷояш ҷаст ва чунон ракс кард, ки ман дар ҳайрат мондам. Ӯ аъзои баданашро бо ҳамоҳангии музикавӣ баробар ларзонда ва ду панҷаи дасташро бо ҳам пайванд дода бо ангуштонаш мувофиқи оҳанги ларзиши баданаш шикан-шикан мекард.

Ман ин гуна рақсро дар умри худ як бор дар деҳаи Соктаре дида дар ҳайрат монда будам: дар он ҷо дар тӯйи яке аз ҳамсоягонамон аз Ғиждувон як даста созандагон омада буданд, ки дар байни онҳо Тоҷихон ном раққос буд. Ӯ ҳамин гуна мерақсид ва дар паси ҳар рақси вай тамошобинон «Шо бош! Зинда бош! Офарин!» – гӯён фарёд мебароварданд. Аммо Тоҷихон як раққосе буд ва ӯ ба ҳавои нақароти дойра, ки вайро устокорони ҳунарманд менавохтанд, мерақсид.

Ҳайратангезии рақси Пирак дар ин буд, ки ӯ бе ҳеҷ устокор ва бе ҳеҷ усули нигоҳдории дойрадаст монанди ҳамон Тоҷихон мерақсид.

Баъд аз рақсидан Пирак ба паҳлуи ман омада маро бо он шеъри «Нисоб-ус-сибиён» забонӣ ҳам табрик намуд ва ман ҳам ӯро бо он рақси нодиракорона таҳсин намуда, аз куҷо ва аз кӣ омӯхтанашро пурсидам, ӯ дар ҷавоби ман гуфт:

– Дар мадрасаи мо Мулло Ҳомид ном савтӣ ҳаст, ки ӯ аз тумани ту – аз Ғиждувон аст. Ӯ бо акаам ошно буда, баъзе шабҳои таътил, дар вақте ки ба ҷое меҳмон набошад, ҳамроҳи шарикдарсаш Зайниддинхоҷа меоянд. Мулло Ҳомид ғазалхони бисёр хуб буда, лаълиро ҳам дойравор хуб менавозад. Ӯ дар фуровarди ҳар ғазалхонӣ ба ҳавои уфар лаълӣ менавозад ва дар он вақт барои гарм кардани базм раққос ҳам лозим аст. Бинобар ин ӯ маро рақс омӯхт ва дар уфарҳои худ маро бозӣ дошт. Пирак баъд аз ин сухани худ андак хомӯш монда боз давом намуд:

– Ҳар вақт ки Мулло Ҳомид ба ҳуҷраи акаам ояд, ман ба ту хабар медиҳам, биё ғазалхонии ӯ ва рақси маро тамошо кун.

Ман қабул намуда, ваъда додам, ки дар шаби маълум биёям.

## ПАҲЛАВОНИ ФАВҚУЛОДА

Пирак як рӯзи сешанбе баъди пешин маро дида хабар дод, ки шаб ба ҳӯҷраи акааш ғазалхонӣ мешавад ва маро даъват намуд, ки баъд аз хуфтан ба он ҷо дароям.

Ман ба ӯ гуфтам:

– Имшаб, ки шаби таътил аст, ман бояд дар ҳуҷраи домуллои кунҷакиам Мулло Абдусалом ош пазам. Ҳар вақт ки он хизматро тамом кунам, аз ӯ рухсат гирифта хоҳам омад.

Ман мувофиқи ваъдаи худам соатҳои даҳ ба ҳуҷраи Махдуми Гав даромадам: ҳуҷраи ӯ яккаравоқ буда, нисбат ба ҳуҷраи додараш се баробар фароҳӣ дошт. Ҳарчанд ин ҳуҷра ҳам якдара ва ҷои дастурӯйшӯӣ ва оташдонаш дар пойгаҳаш буд, лекин вусъати рӯи ҳуҷра ва пойгаҳ ба анҷом расондани ошпазӣ ва дастурӯйшӯиро осонтар мекард. Бар болои ин ин ҳуҷра миёнбаст дошт, ки чизҳои озуқаворӣ, ҳезум ва ангишт ва колои барзиёди соҳиби ҳуҷра бар болои вай меистод.

Дар пешгоҳи ҳуҷра сандалӣ буда, дар кодоки пешгаҳи вай Мулло Ҳомиди савтӣ ва дар ду кодоки паҳлуӣ Зайниддинхоҷа ва Пирак менишастанд. Аммо Махдуми Гав дар он ҷо набуд. Вақте ки ман даромадам, Пирак аз ҷояшт хеста маро ба ҷои худаш гузаронид ва худ дар кодоки поин нишаст.

Баъд аз якпиёлагӣ чой нӯшидан ғазалхонӣ сар шуд. Овози Мулло Ҳомид равғанӣ ва ишкамӣ буда, сурнайвор дароз буд. Овози Зайниддинхоҷа ҳам равғанӣ буд, лекин кӯтоҳ буда, ба авҷҳои расои баъзе ҳавоҳо намерасид. Баъд аз хониш ҳар ду созанда лаъличаҳоеро, ки дар даст доштанд, дар ҳавои уфар навохтанд ва Пирак рақсид. Рақси ӯ дар зери усули устодонаи Мулло Ҳомид боз ҳам моҳиронатар, боз ҳам нодиракоронатар баромад.

Баъд аз тамом шудани як пайти базм дар вақти чойнӯшӣ ман аз Пирак сабаби дар ин ҷо набудани акаашро пурсидам, ӯ гуфт:



– Акаам бо Асадҷон-махдум,ки домоди додари қозикалон аст, дӯстӣ дорад. Ӯ имшаб дар гузари Мирдӯстум ба хонаи як хешаш ба меҳмонӣ мерафтааст. Ба сабаби он ки дар бозгашт шабона дар роҳ танҳоӣ накашад ва ба ҳуҷуми дуздон ё шӯрапуштон (хулиганҳо) гирифтор нашавад, акаамро ҳамроҳ бурд. Ӯ ваъда карда буд, ки зуд баргардад, намедонам ба чӣ сабаб то ҳол боз наомад.

Пирак чойи дар даст доштаашро нӯшида шуда ба он пиёла ба Мулло Ҳомид чой кашида дод ва бо табассуми як навъ шармгинона боз суханашро давом дод.

– Акаам «говзӯр» аст, – гуфт ӯ, – ба ҳамин сабаб ба ӯ «Махдуми Гав» лақаб додаанд. Дар ҳар ҷое, ки ягон дузд ё шӯрапушт ба дасташ афтад, то аз кирдори худ тавба накунад, аз дасти ӯ халос шуда наметавонад. Бинобар ин Асадҷон Махдум дар ягон роҳи хавфнок равад, ӯро ҳамроҳи худ мебарад.

Мулло Ҳомид ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

– Мо, ғиждувониён, ҳам базмдӯст мебошем, ҳам размдӯст. Бинобар ин ман Махдуми Гавро, ки марди майдони разм аст, дӯст медорам ва ҳар вақт фурсат ёбам, ба пеши ӯ омада, як шингил хонда вақти ӯро хуш мекунам. Ҳайф, ки ӯ то ҳол наомад.

Хонандагон боз якчанд пайт ғазалхонӣ карданд ва уфар навохтанд. Пирак ҳам хуб рақсид. Вақт аз нимаи шаб як соат гузашт. Аммо ҳанӯз аз Махдуми Гав дарак набуд. Мулло Ҳомид соаташро дида ба Пирак гуфт:

– Шикамҳо ҳам танбӯр навохтанд. Ошатро тайёр кун, зудтар хӯрда рафта хобидан даркор аст.

Пирак палавро тайёр карда кашид. Баъд аз хӯрда шудани ош ва ғундоштани дастархон Махдуми Гав омад. Чашмони ӯ монанди машъали даргирифта истода алангапошӣ мекарданд. Ӯ дар ин вақт ба ҷои табассуми доимиаш ханидаи баланд мекард. Ман гумон кардам, ки ӯ девона шудааст ва дар дили худ ба ҳоли ӯ афсӯс мехӯрдам.

Аммо ӯ бо хандаи девонаворона ҳушёрона ба гап даромада, аз меҳмонон барои дер омаданаш узр талабид ва гуноҳи дер омаданашро ба гардани соҳибхона ва меҳмонони ӯ монда гуфт:

– Ин махдумон чандин бор маро бо шароб имтиҳон карда дида буданд. Имшаб боз ҳамон имтиҳон сар шуд. Аммо ҳарчанд нӯшонданд, ман нағалтидам ва на аз ақл бегона шудам, баъд аз он ба умеди афтодан ба ман банг кашонданд. Ман аз ин пеш банг накашида будам. Бо вуҷуди ин «мардӣ аз даст наравад» гуфта ду сархона бангро пай дар ҳам тамоман худам кашидам. Дигарон, бо вуҷуди ин ки аз ман камтар нӯшида буданд ва бангро ҳам як қуллоб-як қуллоб кашиданд, ҳама масту лояқил (аз ақл бегона) шуда ғалтиданд. Асадҷон Махдум бошад, пеш аз банг кашидан ғалтид. Ман маст нашуда бошам ҳам, сахт дарди сар шудам. Аз хизматгори соҳиби хона ягон даво пурсидам. Вай «давояш қурут» гуфт. Аммо ӯ қурут ёфта дода натавонист. Ман «укаҷонакам қурут ёфта медиҳад» гӯён ба тарафи ҳуҷра давидам.

Махдуми Гав ҳамаи ин суханонро бо хандаи қаҳқаҳаомехта гуфт. Дар вақте, ки сухани охиринашро мегуфт, уллосзанон гиря карда додарашро дар бағал кашида ва гирякунон ба ӯ муроҷиат кард:

– Укаҷонакам, ҳамаи умедам аз туст. Баъд аз модарамон мурдан ману ту дар дунё танҳо мондем. Агар ту қурут ёфта дода дарди сари маро даво накунӣ, модар аз ту розӣ намешавад..

Пирак соатро ба ӯ нишон дода аз нимаи шаб ду соат гузаштани вақтро, дар ин вақт қурут ёфтан мумкин набуданро ҳарчанд бо далел ва бо суханҳои нарм ба ӯ фаҳмондан мехост, ӯ қабул намекард ва талабашро боз ҳам сахттар гузошта гиряашро баландтар мекард.

Охир Пирак гуфт:

– Сабр кун, дар ҳуҷраи худамон қурут будааст ва ман фаромӯш карда будаам. Ҳозир аз миёнбаст фуроварда медиҳам.

– Боракалло, додаракам, гап ин-дия. Қурутатро нахӯрда дарди сарам кам шуда истодааст, – гӯён боз ханда сар кард. Сарашро хам карда шикамашро бо ду дасташ маҳкам гирифта механдид. Мулло Ҳомид ва Зайниддинхоҷа ҳам баробари ӯ ба хандидани ӯ механдиданд. Ҳуҷра пур аз ғалоғулаи ханда шуд.

Пирак нардбончаеро, ки дар пойгаҳи ҳуҷра ба девор ба як мех овехтагӣ буд, гирифта ба миёнбаст монд ва як табақро гирифта ба болои миёнбаст баромад. Баъд аз чанд дақиқа дар он ҷо хашар-хушур карда нишастан табақро ба даст гирифта поин фуромад. Дар табақ даҳ-дувоздаҳ сар пиёзи сафед буд, ки пӯст канда тоза намуда қурутмонанд кардааст. Табақи пурпиёзро ба пеши бародараш ниҳод. Ӯ хандакунон ба пиёзхӯрӣ даромад, дар вақти пиёз хоидан чой ҳам менӯшид. Ӯ хандакунон ба додараш хитоб карда гуфт:

– Ин қурутат обдори хуб будааст. Қурут одатан санг барин сахт мешавад, ки хӯрданаш ҳеҷ мумкин нест. Аммо ин қурут нарм ва хоиданбоб будааст. Андак тундӣ дошта бошад ҳам, ба даҳани кас мефорад. Шояд тундиаш дарди сарро зудтар дафъ кунад.

Дар вақти «қурутхӯрӣ» аз ҳамсӯҳбатони оншабаи худ гап сар карда, хандакунон гуфт:

– Имшаб ҳамсӯҳбатони ман ҳама махдумони номдори Бухоро буданд, махдумҳо бисёр аҳмақ мешаванд. Арабҳо «валадунначиби ло янчаб ва ин наҷаба фааҷаб» (фарзанди одами наҷиб – одами калон, наҷиб – одами покиза намешавад ва агар аз одами калон одами покиза рӯяд – ин як воқеаи тасодуфии аҷиб мешавад) гуфтаанд, ки тамоман дуруст аст. Охир ҳамин ҳазлу вақтхушист, ки худ масту аласт шуда ғалтида бихоб! Як бечораи ба домат афтодаро ҳам дарди сар кун! Ман ҳам аҳмақам, ки бо ҳамин аҳмақони модарзод ошноӣ мекунам.

Махдуми Гав боз гиря сар кард. Баъд аз хӯрда тамом кардани пиёзҳо боз хандида аз зиёд шудани дарди сараш ба шикоят даромад. Мулло Ҳомид ба ӯ маслиҳат дод, ки ба ғуслхонаи мадраса чанд офтоба оби сардро аз сараш резад. Дар он вақт дарди сараш бартараф хоҳад шуд.

Махдуми Гав офтобаҳояшро пуроб карда ба ғуслхона рафт. Мо ҳам парокандa шуда рафтем.

Ман бевақт хобида бошам ҳам, пагоҳ барвақт бо торикии рӯз аз хоб хестам. Чунки аз бозор қаймоқ оварда ба хӯҷаинҳо чойи қаймоқӣ пухта доданам даркор буд. Бо сафед шудани рӯз – вақте ки ман ба бозори шир мерафтам, дар рӯи саҳни мадраса Махдуми Гав аз пешам баромад. Ӯ бо одати муқаррариаш тани



ба курта ва дар дасташ чойник буд, ки аз самоворхона дам карда меовард. Ӯ баъд аз салому пурсуҷӯӣ ба ман гуфт:

– Ҷӯраат – Пираки бадбахт қурут гуфта пиёзро ба ман хӯронд. Ман фаҳмида бошам ҳам, «додари худро худам хафа накунам» гуфта «ҳой-ҳой» гӯён хӯрдам. Сабилмонда пиёз дарди сарамро зиёд кард. Ҳар чӣ давои Мулло Ҳомид як ба як баромад – баъд аз оби сард рехтан дарди сар ором гирифт. Шаб осуда хобида аз Пирак пештар аз хоб хестам.

* * *

Як фасли асрӣ бо Пирак ба рӯи саҳни мадраса баромадем. Борон меборид. Пирак муносиб донист, ки ба поини саҳн фуромада, дар айвончаи ягон дукон нишаста фасли асрро гузаронем.

Аз саҳн фуромадем, ки дар айвончаи дукони Шароф даллоли чойфурӯш Махдуми Гав бо мулло Ҳомид ва Зайниддинхоҷа нишастаанд ва дар паҳлуи Мулло Ҳомид Ҷамолҷон ном як ҷавон, ки ҳавлиаш дар болокӯчаи пеши мадраса буда, ба касби заргарӣ машғулӣ дошт, менишаст. Мулло Ҳомид оҳиста-оҳиста бо замзама ғазалхонӣ мекард. Мо ҳам дар қатори онҳо ҷойгир шудем.

Дар ҳамин вақт аз тарафи Тоқи Заргарон, ки дар тарафи шарқии мадрасаи Мири Араб воқеъ аст, ду нафар намоён шуд, яке аз инҳо одами баландқомати тануманд, сафедчеҳра буд, ки бурутҳои ғафси бадҳайбате дошт. Аз афту андомаш сисола менамуд. Дигаре як ҷавони ғалчаи[57] сиёҳчера буд, ки 25-сола тахмин кардан мумкин аст.

Вақте ки инҳо ба рӯ ба рӯи мо расиданд, одами қадбаланд ба заргарписар хитоб карда гуфт:

–Ҷамолҷон, шумо ҳомиҳои хеле зӯр ёфтед-ку. Лекин шумо дониста монед, ки агар сад нафар ҳомӣ дошта бошед ҳам, аз хироҷдиҳӣ халос намешавед.

Ояндагон гузашта рафтанд. Гапи он одами қоматбаланд ба Мулло Ҳомид сахт расида ӯ хост, ки аз дунболи ӯ рафта дар ягон паскӯча бо вай биҷангад. Аммо Махдуми Гав монеъ шуда гуфт:

– Ин одамро Рӯзӣ Бадбурут мегӯянд, ки шӯрапушти гузарост. Ба зӯриаш бисёр ғарра аст. Бо ӯ даст ба гиребон шудани шумо муносиб нест. Ин корро ба ман вогузоред. Дар ягон вақти муносиб ман ӯро танбеҳ хоҳам дод.

Махдуми Гав баъд аз он аз Ҷамолҷон пурсид:

– Ин одам бо ту чӣ ҷанҷол дорад?

Ҷамолҷон гуфт:

– Ин одам як рӯз дар паскӯчаи гузари Такбандбофон аз пешам баромад ва ҷомаи рӯямро аз танам кашида гирифт ва «бо ин як ҷома шумо аз дасти ман халос шуда наметавонед, агар саломатӣ ва обрӯй даркор бошад, бояд шумо ҳамеша ба ман хироҷ дода гардед» гуфту рафт. Баъд аз як ҳафта бо он ҷавоне, ки дар паҳлуяш меравад, ба сари дуконам омад. Ман дар кирётахта* симкашӣ мекардам. Ӯ ба ман гуфт:

* Кирётахта – тахтаест аз пӯлод, ки сӯрохҳои калону хурд дорад. Дар заргарӣ тилло ва нуқраро аввал гудохта ба шакли сими ғафс мерезанд ва баъд аз он симро аз сӯрохҳои ҳамон тахта гузаронида, кашида ба қадри матлуб борик мекунанд. Дар заргарӣ ана ҳамин асбобро «кирё» мегӯянд, ё ин ки «кирётахта» меноманд ва амалиёти борик гардонидани симҳои ғафси тилло ва нуқраро «симкашӣ» мегӯянд.

– «Коратон бисёр зарур бошад ҳам, як дам аз вай даст кашида аз «нӯги хамир фатир» гӯён ба ҳар дуи мо ду ангуштарин диҳед».

– Ман ду ангуштарини нуқра додам. Қабул накард, «тилло бошад», гуфт. Ночор ба худаш як ангуштарини тилло ва ба ҳамроҳаш як ангуштарини нуқра додам. Ин бори сеюм аст, ки ба ман вохӯрд ва мехоҳад, ки фардо боз аз ман ягон чиз ситонад.

Дар чашмони Ҷамолҷон об чарх зад ва суханашро гиряолудона давом дода гуфт:

– Акнун бояд ман ё ҳама дастмояамро кам-кам ба ӯ диҳам, ё он дуконро ғундошта хонанишин шавам.

– Хотирҷамъ бош, ягон кор мекунем, – гуфт Махдуми Гав ба Ҷамолҷон ва бо ҳамин ин сӯҳбат тамом шуд ва замзамаи Мулло Ҳомид давом кард.

* * *

Баъд аз чанд рӯзи воқеаи сари дукони Шароф Даллол ман дар фасли аср ба рӯи саҳн баромадам, муллобачагон ду-ду, чор-чор дар гӯшаву канорҳои саҳн нишаста сӯҳбат ва чақ-чақ доштанд. Дар миёни онҳо Пирак набуд. Ман рост истода фикр мекардам, ки ба назди кадом гурӯҳ рафта нишинам. Дар ҳамин вақт Пирак аз мадраса баромад, ӯ ба касе ва гурӯҳе нигоҳ накарда ба тарафи зинаи шимоли саҳн шитобкорона мерафт. Ман ӯро ҷеғ зада ба ин суръат куҷо рафтанашро пурсидам. Ӯ маро ба омадан аз дунболи худаш ишорат карда худ ба роҳаш давом намуд.

Ман ба ду хез задан дар сари зина ба ӯ расида ҳар ду паҳлу ба паҳлу аз Зина фуромадем. Ӯ бо кӯчаи калони пеши мадраса ба тарафи ғарб равон шуд ва ман ҳам дар паҳлуи ӯ вайро ҳамроҳӣ кардам.

Чун аз ҷоҳои серодами пеши мадраса гузашта ба тарафи шимолии масҷиди калон – ба ҷои камодами кӯча расидем, ман аз ӯ пурсидам:

– Ба ин тезӣ куҷо меравӣ ва маро куҷо бурдан мехоҳӣ?

Ӯ қадамашро андак сусттар карда ба гап даромад.

– Воқеаи Рӯзӣ Бадбурут ва Ҷамолҷон дар ёдат ҳаст?

– Ҳаст!

– Дирӯз акаам Рӯзӣ Бадбурутро ба ҳуҷрааш оварда зиёфат кард. Ман ош пухтам. Баъд аз хӯрдани он акаам ба ӯ гуфт:

«Рӯзибой, ту одами паҳлавон мебошӣ. Аз ту айб аст, ки шӯрапуштӣ карда гардӣ. Ту чунон зӯрманд мебошӣ, ки ба ҳар касбу кор, ки даст занӣ, рӯзат ба подшоҳӣ мегузарад. Маслиҳати ман он аст, ки ту ин бадкирдориҳоятро парто ва мардонавор зиндагонӣ кун». Рӯзӣ сар хам карда ба зонуи худ чашм дӯхта бо сари ду ангушти дасташ пашмҳои намади ҳуҷраро канда истода, ин суханҳоро гӯш мекард. Вақте ки акаам гапашро тамом кард, ӯ бо ҳамон вазъияти андешамандона гап сар кард: «амир, ки дор дорад, манор дорад, маро аз ин роҳам гардонда натавонист. Ниҳояти кораш ҳамин шуд,ки маро сарбоз карда ба дастам милтиқ дод. Акнун шумо мехоҳед, ки бо насиҳатҳои кампирона маро аз роҳи худам баргардонед. Лекин ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ин хобатонро ба об гӯед», Рӯзӣ Бадбурут ба кисааш даст зада 5 танга (75 тин) баровард ва он



пулро «ин пули ошатон» гӯён бар рӯи намад гузошт. Бе он ки ба тарафи акаам нигоҳ кунад, аз ҷояш хеста ба лаби пойгаҳ омад. Акаам ба ӯ «ҳуҷраи ман ошхона нест, ин пулатро гирифта рав. Ман ба гузарат рафта туро насиҳати мардона мекунам. Дар ҳамон вақт чашмат ба ҷояш меафтад» гуфт. Акаам ин суханҳоро бо оромӣ ва бо табассуми меҳрубонона мегуфт. Рӯзӣ кафшашро пӯшида: «Ин пулро ҳам дар гузарам ба ман медиҳед. Ман ҳар баъди аср ба «қадам ранҷа кардани шумо» мунтазир меистам» – гӯён аз ҳуҷра баромада рафт. Имрӯз вақти аср акаам маро ба баҳонае ба хона фиристод. Ман аз хона зуд баргашта омадам, ки ӯ дар ҳуҷрааш нест. Албатта, бояд ӯ ба гузари Рӯзӣ Бадбурут рафта бошад, маро ба хона фиристоданаш барои ин бошад, ки дар он «майдони ҷанг» ман ба ӯ ҳамроҳӣ накунам, то ки душманаш нагӯяд, ки «Гав барои ёрӣ гӯсолаи худро ҳамроҳ гирифта овардааст». Аммо рафтани ман лозим аст, то ки мабодо рӯзи баде ба сараш афтад, ман аз аҳволи вай хабардор бошам.

Мо аз растаи Қандалотфурӯшӣ ва Мисгарӣ гузашта ба Тоқи Тиргарон расидем ва аз он ҷо ба тарафи шимол баргашта аз растаи Собунфурӯшӣ ва Регистон гузашта ба тарафи ғарб баргаштем, дар он ҷо аз байни дукончаҳои харбуза ва ангурфурӯшӣ гузашта ва аз тарафи шимоли Болои Ҳавз раҳсипор шуда ба гузари Усто Рӯҳӣ расидем, ки ҳавлии Рӯзӣ Бадбурут дар ҳамин гузар будааст. Дар вақте мо ба он ҷо расидем, ки Махдуми Гав дар пеши масҷиди гузар бо мӯйсафедони он ҷо гуфтугузор дошт.

– Ҳанӯз кор сар нашудааст, дар вақташ расида омадем, – гуфт Пирак, – ва аз акааш дуртар истоданро муносиб дид. Мо дар гӯшае рост истодем.

Дар ҳамин вақт Рӯзӣ Бадбурут бо шогирди худаш аз паскӯчаи пушти масҷиди Болои Ҳавз баромад ва шогирдашро дар сари паскӯча монда худ ба пеши масҷид рафта аз мӯйсафедон:

– Чӣ хизмат? – гуфта пурсид.

– Мо ба ту чӣ хизмат мефармудем, – гуфт яке аз мӯйсафедон, – маслиҳати мо ба ту ин аст, ки насиҳатҳои Махдумро гӯш кун ва аз роҳи бадат баргард.

– Боз ҳамон насиҳатҳои кампирона, – гуфт Бадбурут.

– Агар хоста бошӣ, «насиҳатҳои мардона»-ро ҳам мешунавӣ, – гуфт Махдум.

Рӯзӣ Бадбурут ҷомаи рӯяшро кашида ба канори кӯча ҳаво дода ва дар миёнаи роҳ рост истода:

– Мардро майдон нишон медиҳад! – гуфт.

Миёни Рӯзӣ бо фӯтаи кабуд сахт бастагӣ буда, дар тарафи чапаш як яккакорди калон бо ғилофу бандаш овезон менамуд.

Махдуми Гав вазнинона аз ҷояш хеста табассумкунон ба рӯ ба рӯи Рӯзӣ рафт ва ду дасташро аз ду паҳлу ба миёнбанди ӯ зад, дасти рости Махдум корди Рӯзиро бо ғилофаш ва миёнбандаш ҳамроҳ карда, ба қабзаи худ даровარда буд.

Рӯзӣ, ки аз Махдум қоматбаланд буд, ду панҷаи худро бо зарбаи сахт ба ду китфи ӯ зад ва анбӯрвор маҳкам дошта бо қуввати тамом пасу пеш такон дод. Аммо Махдум монанди сутуне, ки то нимааш дар замин гӯронида шуда бошад, ҳеҷ намеҷунбид ва дар ҷояш барқарор меистод.

Чун навбати зӯр кардан ба Махдум расид, Рӯзиро бо ду даст озод ба сараш

бардошт. Танаи дарози ӯ ба болои сари Махдум, бар сари ду дасти ӯ муаллақ ва кӯндаланг меистод.

Шогирди Рӯзӣ ин ҳолро дида ҳуҷумкунон давид, ки ба устоди худ ёрӣ расонад, чун ӯ наздик расид, Махдум бо як пои рост истода бо пои дигараш ба зери нофи вай чунон сахт зад, ки ӯ монанди саги сангхӯрда ғурросзанон якчанд қадам паст рафта афтод.

Махдум дар вазъияте, ки танаи Рӯзиро бар сари дасташ муаллақ медошт, монанди раққосони чобукҳаракат чарх задан гирифт. Рӯзӣ дар ҳаво дастаку пояк мезад. Аммо на дасташ ва на пояш ба ягон ҷои Махдум намерасид. Дар охир Махдум он бадани шалпаршударо чаппа карда ба замин зад ва дарҳол ба сари синааш нишаста ду дасти ӯро аз бандҳояш маҳкам дошта, онҳоро болоиҳам ба гулӯи худи ӯ гузошта зер кард ва якчанд дақиқа ба ҳамин вазъият дошта истод.

Кӯча аз тамошобин пур шуда буд. Зоҳиран, ҳама аз дасти бадкирдориҳои Рӯзӣ ба ҷон омада будаанд, ки касе барои раҳонидани ӯ аз чанголи Махдум ҳаракат намекард. Ҳатто тамошобинон шогирди Рӯзиро, ки нафасашро рост гирифта дубора мехост ба Махдум ҳуҷум кунад, ба пеш омадан нагузоштанд ва «ҷанг кори шайтон аст» – гӯён ӯро боздоштанд.

Вақте ки Махдум гулӯи Рӯзиро андаке суст кард, ӯ овоз баровარда садо дод:

– Саттор, ки шаҳрамро додам, – гуфт ӯ ғурунгосзанон.

Назар ба истилоҳи олуфтаҳои Бухоро, «шаҳрро додан» таслим шудан буд, ва «Саттор» калонтарин қасами онҳо ба шумор мерафт. Ҳар олуфтае, ки баъд аз бо ин калима қасам хӯрдан аз қавлаш гардад, аз рӯи қоидаи онҳо хунаш ҳалол буд.

Махдуми Гав гулӯи Рӯзӣ Бадбурутро сар дода аз сари синаи ӯ хест ва аз бозувонаш гирифта барои рост хестани ӯ ёрӣ дод. Вақте ки Рӯзӣ рост шуда дар рӯ ба рӯи ӯ даст пеш гирифта истод, Махдум аз кисаи худ панҷ тангаро баровარда ба ӯ дароз кард:

– Акнун тавба кардӣ? – гуфта пурсид.

– Тавба кардам, – гӯён ӯ тангаҳоро аз дасти Махдум гирифт.

Мо ғолибона ба мадраса баргаштем.

## САЙРИ ФАЙЗОБОД

Ман ҳаракати ҷисмонии чобукона ва паҳлавонии мардонаи Махдуми Гавро дар сайри Файзобод дидам.

Дар Бухоро дар он вақтҳо Наврӯзро, ки иди баҳории умумии форсизабонон аст, бисёр ҳурмат мекарданд. Ҳатто уламои динӣ ба ин ид, ки пеш аз исломият – пеш аз истилои арабҳо одатан миллӣ буда, баъд аз мусулмон шудан ҳам мардум ин идро тарк накарда буданд, ранги динӣ-исломӣ дода, аз вай фоида мебурданд, – аз оятҳои Қуръон ҳафтсалом навишта ба ғӯлунгоб, ки хӯрдани вай дар Наврӯз аз одатҳои миллии пештара буд, тар карда мехӯронданд ва пул мегирифтанд. Дар рӯзи Наврӯз дар арки амир як маросими динӣ ташкил намуда зиёфат мехӯрданд, пул мегирифтанд ва хилъат мепӯшиданд ва пас аз Наврӯз ба шарафи соли нав чандрӯза сайрҳои расмӣ ташкил мекарданд ва монанди инҳо.



Аммо халқ пеш аз соли нав, ки дар солҳои одӣ 22 март ва дар солҳои кабиса (соле, ки феврал 29 мешавад) 21 март медароянд, сайрҳо ташкил намуда, гӯё барои пешвозгирии Наврӯз ҳозирӣ медиданд.

Калонтарини ин сайрҳои халқӣ дар Файзобод ташкил меёфт. Дар ин сайр, ки дар моҳи ҳут (аз 20 феврал то 22 март) барпо мешуд, мардум ҳар рӯзи ҷумъа ба Файзобод рафта сайр мекарданд.

Файзобод деҳаест дар шимоли шарқии шаҳри Бухоро, дар масофаи як километр, ки боғоти хуб ва киштзори васеи сероб дорад ва ҳоло дар он ҷо колхози ба номи «Маориф» ташкил ёфтааст.

Мо дар ҷумъаи дуюми мавсими сайри Файзобод, ки одатан бисёр гарм ва серодам мешавад, ба тамошо баромадан хостем. Ҳарчанд аз шаҳру аз деҳоти атрофи шаҳр одамон бо гурӯҳҳои калон ба он сайр бароянд ҳам, гурӯҳи мо он қадар калон набуд – дар гурӯҳи мо Махдуми Гав ва додараш Пирак, Мулло Ҳомиди савтӣ ва Зайниддинхоҷа, акаам ва ман – ҳамагӣ шаш нафар будем.

Махдуми Гав аз ҳуҷрааш як чойҷӯши биринҷӣ, ки ба ҷои чойник ба кор мерафт, ду пиёла ва як кампал (одеяло) гирифта баровард, ки кампалро Пирак дар бағал гирифт ва чойҷӯшу пиёлаҳоро ман бардоштам.

Мо соатҳои 9-и рӯз аз шаҳр – аз дарвозаи Мазор баромадем. Аз он дарвоза ба тарафи шарқ як роҳи калон буд, ки рост рафта ба мазори Баҳоуддини Нақшбанд мерасид (ба ин сабаб номи он дарвозаро «Мазор» ниҳодаанд, вагарна номи таърихии вай «Дарвозаи Об» аст, ки Шаҳррӯд аз тарафи он дарвоза ба шаҳр медарояд).

Аз ин дарвоза ба тарафи шимоли шарқӣ як роҳи калон меравад,ки вай аз пеши деҳаи Файзобод ва Дилкушои Берун гузашта,ба Ғурбун мерасад

Дар миёнаи ин ду роҳи калон як роҳи пиёдагард буд, ки аз байни пуштаҳои қабристон гузашта ба киштзор ва сайргоҳи Файзобод мерафт.

Мо ана бо ҳамин роҳи пиёдагард равон шудем. Вақте ки мо аз мазори Хоҷа Исҳоқи Калободӣ гузаштем, аз пеши мо як майдончаи чуқур баромад, ки тарафҳои шарқ, ҷануб ва ғарби вайро пуштаҳои баланди гулзори гулфурӯшон иҳота мекарданд. Дар ин майдонча якчанд бех дарахтони гуҷуми сархушк, якчанд суффачаҳои нишастгоҳи чойнӯшон буда, дар тарафи шимолаш як хонача, як айвонча ва як суффаи дарозрӯя ҷой гирифта буданд.

Дар суффачаҳо ва дар суффачаи дарозрӯя чойнӯшон менишастанд. Мо ҳам бо таклифи Махдуми Гав дар як суффача, ки дар канортари майдон воқеъ шуда буд, нишастем. Самоворчӣ ба пеши мо як чойник чойро бо пиёла оварда ниҳода:

– «Чарс» даркор аст? – гуфта пурсид.

Махдуми Гав, ки дар ин гуна мавридҳо вазифаи раҳбариро ба ҷо меовард, «не, даркор нест!» гуфта ҷавоб дод.

Мо дар вақти чойнӯшӣ бошандагони он манзилро ягон-ягон аз назар гузаронидем. Бар рӯи суффаи дарозрӯя, ки дар пеши хонаву айвон воқеъ шуда буд, якчанд қаландарон менишастанд, ки онҳо рӯзҳои панҷшанбе ва якшанбе бо гурӯҳи калон зикргӯён шаҳрро тамоман раста ба раста гардиш намуда, каҷкулгадоӣ мекарданд.

Инҳо пешрави ҳамин гурӯҳ буданд, ки дар ин ҷо ҳам бо ҳамон либоси қаландарӣ–дарвешӣ менишастанд. Дар миёнашон камарбанди сербари гилемин бо «санги қаноат»[*] бастагӣ буда, аз рӯи жандаҳои навдӯхти самарқандӣ[**] пӯшидагӣ буданд. Фақат «мутбахкаду»[***] ва кулоҳи чортаркашон[****] дар замин ниҳодагӣ буда, мӯйҳошон монанди мӯйҳои занони ба саршӯӣ тайёршуда ба атрофи сару рӯяшон овезон ва парешон буд. Ҳар қаландар як сӯта – як асои ғафси харротии сарнайзадор ҳам дошт, ки он сӯтаҳо дар пеши девори хонача қатор дар замин рост халонда мондагӣ буд.

Дар поини суффа ду саги ҳалқадуми дарозгӯш буд, ки онҳо шиками худро ба замин ниҳода тумшукашонро дар миёнаи ду пои пеши ба пеш дароз кардаашон гузошта чашмҳошонро ба қаландарон дӯхта буданд. Онҳо чунон беҳаракат буданд, ки на ягон аъзои худро меҷунбонданд ва на ба тарафе (ғайр аз он тарафе, ки қаландарон нишаста буданд) нигоҳе мекарданд. Онҳо айнан ба муридоне монанд буданд, ки дар он замонҳо дар пеши пирашон – дар вақти «таваҷҷӯҳ додани ӯ» бо беҳаракатии мурдагона менишастанд.

Дар давраи қаландарон якчанд нафар ҷавонони 16 – 18-сола ҳам менамуданд, ки қаландарон бо онҳо гарми чақ-чақ буданд. Ин ҷавонон хушлибос ва хушсурат буда, пурнурии чашмонашон ба пурқобилиятии табииашон гувоҳӣ медод.

Дар суффачаҳои дигар гурӯҳҳои одамони гуногун менамуданд, ки аз қиёфаашон аз табақаҳои гуногун буданашон маълум мешуд – дар он суффачаҳо талабаҳои одӣ гурӯҳеро, махдумҳо – муллозодагон гурӯҳеро, бойбчагон гурӯҳеро, аҳли касаба ва бозориёни одӣ гурӯҳҳои дигарро ташкил дода менишастанд.

Мо ҳанӯз як чойник чойро нӯшида тамом накарда будем, ки қаландарбачае аз хонача чилимеро бардошта баровард. Он чилим монанди чилимҳои одии тамокукашӣ чӯбкадугӣ ё мисин набуда, аз чӯби чормғз ба шакли чӯбкаду сохта шуда буд. Фақат ин чилим нисбат ба чилимҳои одӣ ғафстар ва шикалонтар буд. Сархонаи ин чилим ҳам нисбат ба сархонаҳои чилимҳои одӣ васеъ ва баланд буд.

Қаландарбача сархонаи чилимро бо чизе, ки дар он вақт ман ҳанӯз чӣ будани онро намедонистам, пур карда бар рӯи вай оташ гузошта аз найи чилим якду қуллоб кашид.

Махдуми Гав ин ҳолро дида:

– «Чарс», яъне бангкашӣ сар шуд, – гуфт ва ман дар он вақт фаҳмидам, ки он чизи дар сархона ниҳодашуда банг будааст.

Қаландарбача, баъд аз пазондани чилим, даргирондани оташи сархона бо бодкашии худ найи чилимро ба пешгоҳнишини қаландарон рост кард. Ин қаландар дар тан жандаи нав дошта қариб панҷсола менамуд ва дар ришаш ҷо-ҷо

[*] Санги қаноат – сангест, ки қаландарон – дарвешони расмӣ дар пеши камарашон мебастанд, гӯё он санг онҳоро дар гуруснагӣ бобардошт мекард.

[**] Пири қаландарони Осиёи Миёна дар қаландархонаи Самарқанд менишаст. Жандаро ҳеҷ қаландар бе бахшидани ӯ пӯшида наметавонист ва ин бахшиш ба муқобили маблағи калоне ба даст медаромад.

[***] Мутбахкаду – кадуе буд, ки қаландарон тасмабандӣ карда дар гардиш ба бозуи худ овезон карда мегаштанд.

[****] Кулоҳи чортарк – кулоҳи чоргӯшаи дарозрӯя буд, ки вайро ба ҳар қаландар пири қаландарон медод.



торҳои сафед пайдо шуда буд ва аз қиёфа ва намуди зоҳириаш маълум мешуд, ки ӯ бобои қаландарон аст.

Вақте ки бобои қаландарон чилими бангро дар даст гирифт, сагҳо бетоқат шудан гирифтанд. Ҳарчанд ҳанӯз ҳам онҳо аз ҷояшон намеҷунбиданд, аммо пашмҳои баданашон аз беқароршавии асабҳояшон мепариданд ва меларзиданд.

Бобо баъд аз он ки чилимро ду-се қуллоб кашида бо наъраи қаландарона «ҳақ, дӯст…иллаллоҳ, пирам нақшбанд девона» гуфт, ба тарафи сагон табассумкунон нигарист. Онҳо ҳанӯз намеҷунбиданд. Аммо дар ҷавоби нигоҳи марҳаматомезонаи бобо думҳошонро ҷунбонда ба хок задан гирифтанд.

Бобо ба сагҳо нигоҳ карда:

– Биёед, ҷонварони ҳақгӯй! – гуфт.

Ҳар ду саг баробар аз ҷо ҷаста пеш омада рост шуда, поҳои пешашонро бар лаби суффа гузошта, даҳонашонро кушода ҳар ду дар паҳлуи якдигар чашмонашонро ба бобо дӯхта истоданд.

Бобо пушти чилими бангро ба даҳони яке аз он сагон рост карда сӯрохи дар пуштдоштаи вайро бо ангушташ баста ду-се қуллоб кашида оташи бангро даргиронид, вақте ки даруни чилим пур аз дуди банг шуд, ангушти худро аз сӯрохи чилим бардошта аз нӯли вай пуф кард. Саге,ки даҳонаш ба сӯрохи пушти чилим наздик буд, дудҳои аз он ҷо баромадаро бо завқи тамом фурӯ кашид. Бобо ба саги дигар ҳам ба ҳамин тариқа банг кашонид. Онҳо рафта ба ҷои аввалиашон дар вазъияти аввалӣ дароз кашиданд.

Қаландарбача сархонаи чилимро тоза карда дар вай банг ва оташи нав гузошта қаландарон ва ҷавонони ҳамсӯҳбати онҳоро низ банг кашонид.

Сӯҳбати қаландарона гарм шуд ва садои «ҳақ дӯст, ё ҳу, ё ман ҳӯ» аз даҳони ҳамаи қаландарон ва ҷавонони ҳамсӯҳбаташон баланд гардид. Ҳатто сагҳо ҳам садои махсуси шодиёна бароварда ба хурсандии соҳибашон ҳамроҳӣ мекарданд. Дар ин вақт қаландарбачаи дигар як чилими чӯбичормағзии дигарро соз кард ва давраи чойнӯшони берунаро гардиш кард. Дар он давраҳо ҳам кам кас буд, ки банг намекашид ва он гуна одам ба сабаби «ноулфатиаш» аз тарафи ҳамгурӯҳони худаш таъна медид ва масхара дошта мешуд. Ҳар гурӯҳ баъд аз кашидани банг ба андозаи калон ё хурд будани гурӯҳашон ба қаландарбачаи чилимдор аз ду танга (30 тин) то панҷ танга медоданд. Қаландарбача гоҳ-гоҳ рафта сархонаи чилимро тоза карда боз меомад.

Гурӯҳи мо дар аввали кор «чарс даркор не» гуфта бошад ҳам, қаландарбача бояд «барои ҳурмат» бошад, чилими тозакардаашро ба пеши мо оварда тақдим намуд. Махдуми Гав ба ишорати сар рад кард. Қаландарбача ба давраи дигар рафт.

Мулло Ҳомид ба Махдуми Гав гуфт:

– Ҳеҷ кадоми мо дар умри худ банг накашидаем. Аммо шумо, ки пештар ду сархона бангро якбора кашида пиёзро қурут гуфта хӯрда будед, чаро накашидед?

Дар рӯи Махдуми Гав як навъ дигаргунӣ пайдо шуд, ман бори аввал буд дидам, ки дар абрӯвони вай чин афтод. Аммо табассуми одатиаш ҳанӯз ҳам аз лабони вай дур намешуд ва ба ҳамин вазъият дар ҷавоби пурсиши Мулло Ҳомид ба ӯ нигоҳ карда гап сар кард:

– Шумо гумон кардед, ки ман қабоҳати бангро намедонам ва агар донам ҳам, дар сӯҳбати махдумон ин шумгиеҳро ба сифати як воситаи вақтхушӣ кашидаам. Агар шумо ҳамин тарз пиндошта бошед, хато кардаед.

Махдуми Гав пиёлаи чойи дар пешаш гузошташударо нӯшида боз сухани худро давом дод:

– Махдумони аҳмақ мехоҳанд, ки маро мағлуб намуда масхара карда тамошо кунанд. Ман, ки ба пеши онҳо мағлуб шуданро ор медонам, ҳар таклифи онҳоро рад накарда ба ҷо меорам. Ин кори ман як олати мубориза аст бо он аҳмақон . Дар натиҷа худи онҳо масхара шуда мемонанд.

Қаландарон боз як бори дигар сархонаҳоро пур карда банг кашиданд ва сагҳоро ҳам кашонданд. Ғулғулаи қаландаронаи онҳо боз ҳам баландтар гардид.Ҷавонони ҳамсӯҳбаташон гоҳо хандида ва гоҳо гириста, пироҳанашонро чок карда худашонро ба ҳар тараф мепартофтанд. Сагҳо бошанд, баъд аз дубора банг кашондан ба ҷои аввалиашон рафта ёзиданд ва хобашон бурда мурда барин шуда монданд.

Махдуми Гав ба сухан давом кард:

– Ин қаландаронро, ки мебинед, – гуфт ӯ, – ҳамон касонеанд, ки ҳафтае ду бор шаҳрро гардиш карда ба номи худо, ба номи пайғамбар, ба номи Баҳоуддин ва азизони дигар аз мусулмонон пул мегундоранд ва дида истодаед, ки он пулҳоро ба чӣ роҳ сарф мекунанд. Инҳо на танҳо худашон мурдору харобанд, балки дигаронро ҳам мурдору хароб мекунанд. Ин ҷавонон, ки дар сӯҳбати онҳо нишастаанд, мурғакони бегуноҳи нодонанд, ки ба доми сайёди бераҳме афтодаанд. Оқибати инҳо дар дасти ин қаландарон ҳалокат аст. Агар ин ҷавонон ба касбу коре чанг мезаданд, дар қатори одамон даромада ягон ҷои холии дунёро пур мекарданд. Ҳоло бошад, агар бахташон тозад, монанди «пирони худ» қаландар мешаванд. Ин қаландарони худобехабари бераҳм на танҳо фарзандони одамонро хароб мекунанд, балки ҳайвонҳоро ҳам аз кор мебароранд. Дида истодаед, ки ду саги тозии ҳушёр бо ду бор банг кашондан ба чӣ ҳол афтоданд.

Махдуми Гав, ки аз бисёр гап задан гулӯяш хушкида буд, аз чойник як пиёла чой кашида нӯшида боз давом намуд:

– Ин аҳволе, ки шумо дидед ва ман барои ибрат шумоҳоро ин ҷо оварда ин ҳолро нишон додам, аҳволи зоҳирии қаландарон аст. Аммо аҳволи шабона ва махфиёнаи инҳо боз ҳам нафратангезтар аст. Он сӯтаҳое, ки дар зери девор қатор карда рост мондаанд, яроқи тороҷгарии инҳост. Бештарин қаландарон ба садақаи рӯзона аз мардум ба ризои онҳо ситондаашон қаноат накарда, шабона дар роҳҳои хилвати атрофи шаҳр одами танҳо вохӯрдаро тороҷ ҳам мекунанд ва агар он одам муқобилат кунад, сарнайзаи сӯтаашонро аз шиками вай дареғ намедоранд. Инҳо дар ин ҷо рӯзона дар пеши мардум «боодобона» мастии бангиёна карда нишастаанд.

Аммо корҳое, ки инҳо дар маҷлиси бангкашӣ шабона мекунанд, одам аз гуфтан ва шунидани он гуна кор шарм медорад, агар одами бономустар он корҳои инҳоро бинад, ин мурдоронро накушта намемонад.

Маҷлиси қаландарон торафт меҷӯшид, аммо сӯҳбати мо дар бораи онҳо пир



шуд, мо рафтан хостем. Ҳамаи рафиқон баробар дастҳояшонро ба кисаҳошон заданд, ки пули чойро диҳанд. Аммо Махдуми Гав қабул накард:

– Пули чойи ин сайр аз ман шавад, – гуфт ва ӯ пули чойро дод. Мо ба тарафи сайргоҳ равона шудем.

* * *

Дар гӯшаҳои пасхами роҳи пиёдаргард, ки шимолашро киштзорҳо ва ҷанубашро мазорҳо иҳота карда буданд, ҳар гуна қиморбозиҳо ташкил ёфта буданд: ғир-ғиракбозӣ, қартабозӣ, тасмабозӣ ва буҷулбозӣ ба назар намоёнтарини он бозиҳои махфӣ буданд. Чун ба роҳи байни Ҷӯгихона ва Файзобод баргаштем, аз пешамон иштибозиҳо, чормағзбозиҳо, кандакбозиҳо (бо донаки зардолу) ва тухмбозиҳо баромаданд, ки инҳо қиморбозиҳои рӯйрост ба шумор мерафтанд ва иштироккунандагони ин бозиҳо барои қиморбози калон шудан тайёрӣ медиданд (репетитсия мекарданд).

Мо пеш рафта ба маркази сайргоҳ, ки хонақоҳи Файзобод аст, расидем. Тарафҳои шарқӣ, ғарбӣ ва ҷанубии хонақоҳро фурӯшандагон ва харидорон фурӯ гирифта буданд, фурӯшандагон ҳама ошфурӯш, нонфурӯш, гӯштфурӯш, каллапочафурӯш, мавизу чормағзу донашӯраку нахӯди бирёнфурӯш ва дигарҳо буда, харидорон ҳама хӯрандагони ин ашё буданд. Баъзеҳо рост истода ва баъзеҳо дар пеши фурӯшанда саридупо нишаста чизҳои харидаашонро ме-хӯрданд. Дар рӯи саҳни хонақоҳ самоворчиён палос паҳн карда дукон ороста буданд, ки дар он ҷо тамошобинон бо гурӯҳҳои худ давра гирифта нишаста, чой менӯшиданд.

Мулло Ҳомид таклиф намуд, ки дар ягон ҷо нишаста чой нӯшем. Аммо Махдуми Гав қабул накард:

– Сайргоҳи ҳақиқӣ ҳоло дар пеш аст, он ҷо меравем ва агар чой нӯшидан хоҳем, дар чойҷӯши худамон дам карда менӯшем, – гуфт.

Мулло Ҳомид чор дона нон, Зайниддинхоҷа камтар донашӯрак, акаам як миқдор нахӯди бирён харид. Пирак аз самворхона дар чойҷӯш чой дам карда гирифта ба дасти ман дод. Мо бо гурӯҳи худ ба тарафи шимоли хонақоҳ бо роши заминҳои кишташуда раҳсипор гардидем.

Баҳори Бухоро 15 рӯз пештар аз баҳори Самарқанд сар мешавад. Бо вуҷуди ин ки ҳанӯз ба соли нав 15 рӯз буд, гандумҳо ва ҷавҳои тирамоҳ кишташуда ва алафҳои юнучқа чор ангушт қад кашида буданд. Сабзаҳои худрӯи лаби ҷӯйчаҳо ва рӯи рошҳо ҳам замини пурнами сиёҳтоби баҳориро тамоман пӯшонда буданд. Саҳро дар ин вақт ҳақиқатан дилрабо ва фараҳафзо буд. Майса ва сабзаҳо гӯё бахмали сабзпате буданд, ки бар рӯи саҳро ба пешвози Наврӯзи дилафрӯз густурда шуда буданд. Ҳавои форами баҳорӣ бо бӯи хуши сабзаҳои навхези атромез ба кас рӯҳи тоза ва шодмонии беандоза медод. Кас мехост, ки даҳонашро калон кушода он насими диловези анбаромезро то метавонад, фурӯ кашад. Парчаҳои абрҳои парокандаи сафеду сурху зарду бунафштоб, ки дар рӯи ҳаво ҳаракат мекарданд, ба осмони кабуд зинати ранг оранг медоданд ва сояҳои худро бар замини сабзи якранг афганда гӯё бартарии ҳаворо аз замин намоишкорона эълон менамуданд. Хулоса замину осмон дар ҷӯши рангангезӣ буд ва табиат саргарм аз навхезӣ.

Дар рӯи киштзорҳои тарабафзо такутози бачагони парандабоз тамошои дигар дошт: баъзе бачагон саъва, баъзеҳо зоғча ва баъзе дигар сочҳоро дар даст дошта, бо бозии худ дар ҷӯшу хурӯш буданд. Ин парандагон дастомӯз шуда буданд, ки бо ишорат ва имоми соҳибони худ фармонбардорона ҳаракат менамуданд.

Зоғчабозон ва сочбозон парандагони худро ришта дар по карда ба ҳаво дар мусобиқа сар медоданд, ки онҳо то дусад метр парвоз менамуданд ва ҳар гоҳ ки он парандагон осори кӯфтагӣ ва сустӣ дар худ ҳис мекарданд, бозгашт фуруд омада ба сар ё ба дасти соҳиби худ менишастанд. Ҳар зоғча ва соче, ки рост ва баланд парвоз кунад ва дар ҳаво дер монад, вай мусобиқаро бурдагӣ ба шумор мерафт.

Саъвабозӣ боз тамошои дигар дошт – тамошобинон тахминан сад қадам дуртар аз саъвабоз дар рӯ ба рӯи ӯ саф кашида меистоданд. Саъва, ки бар сари дасти соҳибаш нишастааст, ба тамошобинон бо диққат чашм медӯхт. Ҳар гоҳ ягон тамошобин дар байни ангуштони худ пул ва ё тангаро бардошта ба ӯ нишон диҳад, парандаи хурдҷуссаи назарногир дар парвоз меомад ва ба сӯи он кас рафта он пул ё тангаро дар нӯли худ гирифта бозгашт омада ба дасти соҳибаш менишаст ва тӯҳфаи овардаашро бар кафи соҳибаш партофта, дасти ӯро нозукона нӯл задан мегирифт ва соҳибаш аз кисаи худ пистарезаеро бароварда ба ӯ медод. Саъва баъд аз фурӯ бурдани ин «навола» боз ба тарафи тамошобинон рост шуда ба онҳо чашм медӯхт ва мунтазири тӯҳфаи нав мешуд.

* * *

Мо боз пештар ба тарафи шимол рафта аз одамон хеле дур шудем. Дар он ҷо дар замини юнучқазоре кампали худро паҳн карда бар рӯи вай нишастем ва ба нонхӯрӣ ва чойнӯшӣ даромадем. Ҳар боре ки чойҷӯш холӣ мешуд, Пирак давон рафта аз самоворхона чойи тоза меовард.

Баъд аз хӯрок ҳар кадомамон бар рӯи алафи навраста дароз кашида ёзидем. Аммо Мулло Ҳомид ва Зайниддинхоҷа наёзида ва пиёлаҳоро ба ҷои дойра дар даст гирифта ба ғазалхонӣ даромаданд. Ҳавои суруд бо ҳавои форами баҳор омехта, ба кас ҷони тоза медод.

Ҳанӯз ғазалхонӣ ба поён нарасида буд, ки як гурӯҳ ҷавонон пайдо шуда дар роши замини юнучқае, ки мо дар вай ҷой гирифта будем, ҷаҳ-ҷаҳакбозӣ сар карданд: ду кас аз онҳо як фӯтаи семетриро арғамчинвор тофта, бар болои рош он фӯтаро аз ду тараф кашида рӯ ба рӯи ҳам истоданд. Дар аввали кор фӯтаро аз замин баробари зонуи худ баланд доштанд. Ҷавонони дигар аз болои он фӯта ҷаҳида гузаштанд. Дар навбати дуюм фӯтаро баробари нофи худҳошон баланд доштанд. Ин даъфа чанд нафар аз ҷаҳандагон, бе он ки пояшон ба фӯта бархӯрад, ҷаҳида гузашта тавонистанд, пои ду нафр ба фӯта печида онҳо рӯйнокӣ бар замин афтоданд.

Дар дафъаи сеюм фӯтадорон баробари синаи худ доштанд. Дар ин даъфа нимаи ҷаҳ-ҷаҳакбозон гузаштанд ва нимаи дигарашон афтоданд, дар навбати чорум, ки фӯта баробари китфи фӯтадорон дошта шуда буд, ҳеҷ кас гузашта натавонист ва ҳамаашон афтоданд.



Дар ин вақт ба дидани ин бозӣ хеле калонсолон ҳам расида омада буданд. Махдуми Гав то ҳол ҷаҳ-ҷаҳакбозиро аз ҷои ёзидааш тамошо мекард, афтодани ҳамаи бозингаронро дида ба пеши фӯтадорон омад ва ба онҳо фармуд, ки фӯтаро баробари китфашон доранд, то ки ӯ ҷаҳида гузарад.

Ҳамаи тамошобинон аз ин таклифи Махдум дар ҳайрат афтоданд ва дар байни худ дар бораи то ин баландӣ ҷаҳида гузашта тавонистан ва натавонистани ин одами тануманди фарбеҳи вазнин баҳсу ҷавоб мекарданд ва бештарини тамошобинон ба гузашта натавонистани ӯ ҳукм менамуданд.

Махдуми Гав тахминан панҷоҳ қадам пас рафт ва аз он ҷо лӯккос зада пеш омад. Вақте ки ба наздикии фӯта расид, монанди ҳаппаки пурбод худро боло ҳаво дод ва аз болои фӯта баробари сари фӯтадорон аз баландӣ гузашта бо ду пои худ дар замин қарор гирифт  ва ғулғулаи таҳсини тамошобинон ба осмон баланд шуд.

Як одами баландқомат аз миёни тамошобинон баромада гуфт:
– Ин бачаҳои фӯтадор чӣ қомат доранд, ки баландии китфашон бошад. Ман мехоҳам, ягон одами ҳамқади ман ба майдон ояд. Мо бо ӯ фӯта дорем. Агар Махдум аз китфи мо ҳам гузаранд, ман дар ҳамон вақт ба ин кас гардан медиҳам (таслим мешавам).

Як одами баландқади дигар пайдо шуд, онҳо аввал баробари китфи худ, сонӣ баробари сари худ ва дар охир дастҳояшонро ба ҳаво баланд карда фӯта доштанд. Махдуми Гав аз ҳамаи ин баландиҳо бе ҳеҷ дудилагӣ ҷаҳида гузашта табассумкунон ба майдон рост меистод.

Баъд аз ҷаҳ-ҷаҳакбозӣ дав-давакбозӣ сар шуд. Махдуми Гав дар охири ин бозӣ бо ғолибон, ки ҳамагӣ панҷ нафар буданд, баҳс-мабаҳс давидан хост. Майдони давишро, ки ҳаштсад қадам буд, ҳазор қадам қарор доданд. Махдуми Гав ин масофаро 150 қадам пештар аз ҳарифони худ тай карда сазовори таҳсини тамошобинон гардид.

Баъд аз дав-давакбозӣ гӯштигирӣ (кураш) сар шуд. Дар гӯштигирӣ эълон карданд, ки аҳолии тобеоти ноибнишинии Галаосиё бо аҳолии тобеоти ноибнишинии Мазор (Баҳоуддин) гӯштӣ хоҳад гирифт. Шаҳриҳо бетараф меистанд ва ҳар тараф, ки мағлуб шавад, ба вай ёрӣ медиҳанд.

Тамошобинон чор тарафи як таноб заминро фаро гирифта нишастанд: галаосиёиҳо дар тарафи ғарб ва нимаи тарафи шимол, мазориҳо дар нимаи дигари тарафи ҷануби замин ҷойгир шуданд.

Аввал дар маъракa аз ду тараф ҷавонони хурдсол баромада зӯрозмоӣ намуданд – ғалтиданд ва ғалтонданд. Баъд аз он паҳлавонони миёнхел баромаданд ва дар охир навбат ба паҳлавонони номдор расид. Дар ин давраи гӯштигирӣ мазориҳо ғолиб омаданд ва шаҳриҳо ба ёрии галаосиёиҳо расиданд.

Дар ин дафъа ҳам ғалаба ба тарафи мазориҳо буд – дар оқибати ғалтондан ва ғалтидани бисёр касон аз ду тараф, дар тарафи мазориҳо 5 нафар буд, ки касе онҳоро ғалтонда натавонист.

Дар ин вақт ба он панҷ нафар талабгор шуда Махдуми Гав ба майдон баромад ва ба навбат ҳар панҷи онҳоро ҳам пушт ба замин хобонда ва табассумкунон маъракаро як давр зада омада, дар ҷои худ нишаст.

Махдуми Гав ҳанӯз нафсашро рост нагирифта буд, ки саркорони ҳар се тараф ба пеши ӯ омада маълум карданд, ки Рустамча ном як ҷавони 20-солаи шӯркӯлӣ ба гӯштӣ гирифтан бо ӯ талабгор шудааст.

Махдуми Гав аввал ин талабро рад кард – бо як ҷавони 20-сола гӯштӣ гирифтанро ба худ ор дошт. Аммо дар охир (шояд аз мағлубияти муфт тарсида бошад «хайр, майлаш, гӯетон барояд ва як зӯрозмоӣ карда бинад», – гуфт:

Он ҷавон ба майдон баромад. Ӯ на танҳо хурдсол буд, балки қадаш паст ва танаш қоқи камгӯшт ҳам буд, ки ин намуд ӯро аз 20-сола ҳам камтар нишон медод.

Махдуми Гав шармгинона ба муқобили ӯ рафта бо ӯ се-чор бор талош кард. Ҳар ду тараф ҳунарҳои гуногуни гӯштигириро ба кор бурданд. Лекин ҳеҷ кадом мағлуб нашуданд. Аммо осори мондагӣ дар аъзои ҷавон намоён шудан гирифт – ӯ сахт-сахт нафас мекашид. Дар охир саркорон ба миёна даромада ҳар дуи онҳоро аз ҳам ҷудо карда ва мехрубонона ба бозуҳои онҳо даст зада ҳар дуяшонро ба ҷои худҳошон гусел карданд ва бо ҳамин гӯштигирӣ тамом шуда, мардум аз ҷояшон хеста ба ҳар тараф пароканда шуданд.

Вақте ки мо бо рафиқони худ чойчӯш ва кампаламонро бардошта ба тарафи шаҳр раҳсипор шудем, Рустамча бо саркори тарафи худ ба мо расида омад ва дасти Махдуми Гавро дошта бо ӯ вохӯрдӣ карда гуфт: – Ака Махдум, шумо ба ман меҳрубонии бародарона кардед. Ман дар аввали кор фаҳмидам, ки марди майдони шумо нестам ва дар талабгории бо шумо як аҳмақии бачагона кардаам. Аммо дигар аз даст рафта буд ва ба ғалтидан дил бастам. Аммо шумо ба ман раҳм карда маро беобрӯй накардед, гӯё маро дубора зинда кардед. Вагарна шумо метавонистед, ки маро иштивор ба ҳаво бардошта ба дур партоед. Ман аз шумо, то зиндаам, миннатдорам.

– Бисёртар машқ кун ва ба қуввати худ ғарра нашав. Паҳлавони номдор хоҳӣ шуд – гуфт Махдум ба ӯ ва мо ба роҳи худ давом кардем (оқибати пурфоҷиаи Махдуми Гав ва Рустамчаро дар қисми сеюми ёддоштҳои худ нақл хоҳам кард) [58].

## МУЛЛО ТУРОБ ВА МУЛЛО ҚАМАР

Мулло Тunion яккаписари як деҳқони занданегӣ буда, дар мактаби деҳаи худ хонда кӯрсавод шуда баромадааст. Дар замони зиндагии падараш ду сол дар мадрасаҳои Бухоро истиқомат карда азоби беҳуҷрагиро кашидааст. Баъд аз вафоти падару модараш ҳавлӣ, замин, ҳайвонот ва асбоби деҳқонии падаршро фурӯхта ва алоқаи худро тамоман аз саҳро бурида ба шаҳр омадааст ва дар ин ҷо аз мадрасаи Мири Араб, ки яке аз беҳтарин мадрасаҳои Бухоро буд, як ҳуҷраи яккаравоқи хуберо харида ба тарзи талабагони осудаҳол зиндагонии озодона сар кардааст.

Бо як шарикдарсаш, ки самарқандӣ будааст, як тобистон ба сайри он шаҳр рафта обу ҳавои он ҷоро писандидааст ва дар он ҷо ошноҳо ҳам пайдо кардааст. Баъд аз он ҳар гоҳ, ки ҳавои бадбӯи Бухоро дар дилаш занад, чанд рӯзе ба Самарқанд рафта ҳаво хӯрда тамошо карда меомадагӣ шудааст.

Дар рафтуомади Самарқанд – дар даруни поезд ва дар он ҷо дар сайругашти шаҳри нав, азбаски ба забони русӣ эҳтиёҷ пайдо кардааст, баъзе калимаҳои русии шунидашударо дар як дафтарча бо тарҷимаи тоҷикиаш навишта гирифта барои худ як луғатча сохтааст ва дар ҳар сафари Самарқанд ин луғатчаашро васеъ кардан гирифтааст.



Пирак ба муносибати ҳаммадрасагӣ аз аҳволи вай хабардор шуда, дар ҳаваси омӯхтани забони русӣ афтода, чунонки дар боло қайд шуд, баъзе калимаҳои ин забонро аз ӯ навишта гирифтааст.

Аммо вақте ки муллоҳо Мулло Туробро ба сабаби калимаҳои русиро навишта гирифтанаш аз мадраса баровардан хостанд, ӯ барои эҳтиёт ба Самарқанд камтар сафар намуд, навишта гирифтани калимаҳои русиро ҳам тарк кард ва навиштаҳои пештараашро ба касе нишон намедодагӣ шуд, ба Пирак ҳам, ҳарчанд, ки ба ӯ дилаш пур буд, дар бораи забони русӣ кам гап мезад.

Лекин бо ин ҳама эҳтиёткориҳо ҳуҷуми муллоҳо ба ӯ кам нашуд. Ба сабаби монеъ омадани қозикалон ҳарчанд ӯро аз мадраса пеш карда натавониста бошанд ҳам, аз таҳқир кардани ӯ, аз гап паррондан ба ӯ боз намеистоданд. Ҳар гоҳ ки ӯ аз миёнсарои мадраса (даромадгоҳаш) мегузашт, «урус-урус»... «афташ ҳам ба урус монанд шудааст» ва монанди ин гапҳои бемантиқона мезаданд. Ва ҳол он ки афти ӯ ба русҳо ҳеҷ монандӣ надошт. Ӯ одами сиёҳчеҳраи дуруштмӯй буда, чашмони сиёҳи калон дошт, ки аз русҳо зиёдтар ба арабҳо монанд буд.

Боре ӯ аз Самарқанд як ҷуфт калӯш оварда будааст, ки дар як рӯзи борон ва лой пӯшида баромад. Вақте ки чашми муллоён ба ин пойафзоли ӯ афтод, ӯро ба «дуздӣ» тӯҳмат карданд. Назар ба ақидаи онҳо, «ин гуна пойафзоли беовозро фақат дуздони шабрав мепӯшидаанд, ки дар вақти ба дуздӣ рафтанашон соҳиби хона пай набарад».

Масъалаи «дузд будани» Мулло Туроб хеле кашол ёфт. Муллоҳо ҳар рӯз дар бораи «дузд будани ӯ» далелҳои нав ёфта мебароварданд. Назар ба дарёфти онҳо, «Самарқанд рафта омадани ӯ ҳам бесабаб набудааст: ӯ молҳои аз Бухоро дуздидаашро ба Самарқанд бурда фурӯхта ва моли бисёреро ҳам аз он ҷо дуздида оварда, дар Бухоро мефурӯхтааст. Вагарна магар мумкин будааст, ки як талаба ду сол дар ба дар ориятнишин шуда гардаду якбора аз мадрасаи Мири Араб як ҳуҷраи яккаравоқро соҳиб шавад. Ин кор бе дуздӣ як кори ношуданӣ будааст».

* * *

Дар ин миён воқеае рӯй дод, ки Мулло Туроб ба кӯчидан аз мадрасаи Мири Араб маҷбур гардид. Он воқеа ин буд: Мулло Туроб аз Самарқанд як кафши дастакчарми қазонидӯхт оварда будааст, ки як бор ҳамон кафшро пӯшида ба рӯи мадраса баромад. Ин кафш ба сабаби спиртӣ будани тагчармаш (подош) дар роҳ рафтан ғарч-ғарчкунон садо мебаровард. Муллоҳое, ки ба сабаби бесадо будани калӯш соҳибашро ба «шабравӣ» (дуздӣ) айбдор карда буданд, акнун дар пайи он афтоданд, ки сабаби ғарч-ғарч карда садо баровардани ин кафшро дарёбанд, то ки ба он восита ба соҳибаш тӯҳмате баста тавонанд. Маҳмаддонотарини онҳо мегуфтанд, ки «албатта дар ин кафш як сирри пинҳонӣ ҳаст, аҷаб нест, ки урусҳо номи худову расули ӯро бар ягон парча мис навишта дар мағзи

зерини ин кафш гузошта бошанд, то ки он ном-ҳои муқаддас дар вақти пӯшидан дар зери пои одамон монда ҳақорат бинанд».

Баъзе муллоҳо маслиҳат доданд, ки ба шогирдҳошон фармуда дар вақти ба намоз даромадани Мулло Туроб кафши ӯро дузданд, то ки зерашро дарронда бинанд, агар дар ҳақиқат дар мағзи вай номи худову пайғамбар бошад, дар он вақт гуноҳи Мулло Туроб ба гарданаш дайн мешавад ва баъд аз он дар бораи кофир шудани вай аз муфтиён ривоят гирифта, ба сахттарин ҷазо дучор кардани вай осон мегардад.

Баъзе дигарҳошон ин тадбирро мувофиқ надонистанд: «Агар аз даруни вай номи худо набарояд ва Мулло Туроб нобуд шудани кафшро фаҳмида ба қозикалон арз кунад ва Қозикалон «чаро кафши урусдӯхтро вайрон кардетон» гуфта муллоёнро коҳиш кунад, ба мо хуб намешавад» – гуфтанд.

Дар охир маслиҳат бо ин қарор ёфт, ки ба ягон талаба фармоянд, то ки вай аз Мулло Туроб номаълум карда сабаби «ғарч-ғарч» кардани кафшро, урусҳо дар вақти дӯхтан дар мағзи вай чӣ гузоштанашонро пурсад. Дар он сурат аҷаб нест, ки Мулло Туроб содагӣ карда росташро гуфта монад, дар он вақт ба ӯ чӣ муомила карданашонро муайян хоҳанд кард.

Вақте ки талаба бо фармоиши муллоён аз Мулло Туроб сабаби «ғарч-ғарч» кардани кафшашро ва урусҳо дар мағзи вай чӣ гузоштанашонро пурсидааст, ӯ дар ҷавоб гуфтааст, ки «ин кафшро русҳо надӯхтаанд, балки тоторҳои Қазон дӯхтаанд ва дар даруни вай чӣ буданашро ва чаро «ғарч-ғарч» карданашро ман намедонам.

Ин ҷавоб барои кушодани «сирри ғарч-ғарч»-и кафш роҳбарӣ кард, чунки дар он мадраса Мулло Қамар ном як муллои тотори қазонӣ буд, ки аз вай пурсида ин сирро фаҳмидан осон намуд.

Мулло Қамар аслан тотори қазонӣ буда, бо домуллои кунҷакии ман – Мулло Абдусалом шарикдарс буд. Назар ба қавли касоне, ки тарҷимаи ҳоли ӯро медонистаанд, Махдумхоҷа ном яке аз савдогарони Бухоро ӯро дар 16-солагиаш ба худаш «мирзо» ё ин ки «марҳам» карда аз қазон ба Бухоро овардааст.

Мулло Қамар то калонсол шуданаш – то соҳиби «ришу фаш» шуданаш дар хонаи Махдумхоҷаи савдогар ба ӯ «мирзоӣ» ва «марҳамӣ» карда зиндагонӣ намудааст. Баъд аз он ба сабаби савдогари мазкур барои худ «мирзо» ва «марҳами» дигар ёфтан, ӯ барои хондан ба мадраса кӯчидааст. Назар ба қавли одамони ҳолдон, ҳанӯз ҳам маишати ӯро хӯҷаини пештарааш таъмин мекардааст. Талаба ва муллоҳои тотори дигар аз тарҷимаи ҳоли шубҳаноки ӯ ор карда, бо вай рафтуой намекарданд[59].

Дар ҳар ҳол, назар ба ақидаи калони мадрасаи Мири Араб, ягона «закундон» ва «донандаи аҳволи русия ва русҳо», инчунин «донандаи аҳволи Қазон ва тоторони он ҷо» ӯ буд. Бинобар ин ҳар масъалаи ба русҳо ва тоторҳо оидро аз вай мепурсиданд ва аз ҳамин ҷумла сабаби «ғарч-ғарч» кардани кафши Мулло Туробро, ки қазонидӯхт будааст ва дар мағзи вай мис ё дигар чиз гузошта шуданашро аз ӯ пурсидаанд.

Мулло Қамар дар ҷавоб гуфтааст, ки «Қазонидӯхт» будани ин гуна кафш рост аст. Аммо ҳамаи кафшҳои қазонидӯхтро мусулмонони Қазон – тоторон



намедӯзанд. Дар он ҷо дӯзандагони рус ҳам бисёранд. Аммо фарқ дар ин ҷост, ки кафшҳое, ки мусулмонон медӯзанд, ғарч-ғарч намекунад, аммо кафшҳое, ки русҳои қазон медӯзанд, бинобар он ки онҳо дар мағзи тагчарми вай мӯйлаби хукро мемонанд, «ғарч-ғарч» мекунад. Мусулмонони Туркистон, ки ин ҳолро намедонанд, ҳамаи ин кафшҳоро «тоторон дӯхтаанд» гуфта харида пӯшидан мегиранд. Кафши Мулло Туроб ҳам дӯхти урусҳост, ки дар мағзаш мӯйлаби хук гузошта шудааст».

Бо шунидани ин ҷавоби Мулло Қамари «донишманд» шӯрест, ки дар мадраса барпо шуд. «Ин худобехабар (Мулло Туроб) мӯйлаби хукро бо кафшаш кашола карда оварда мадрасаро мурдор кард», «охир, ин бесавод намедонад, ки хук «наҷасулъайн» (айни наҷосат) аст», «чаро ӯ наҷасулъайн будани хукро надонад? Медонад. Аммо азбаски ӯ уруспараст шудааст, қасдан мехоҳад, ки ҷои поки мусулмононро мурдор кунад»… Ин гуна фарёдҳо аз даҳонҳои гуногун мебаромад.

Мулло Туроби бечора, ки аз тарси ҳукм шудани худ ба кофирӣ намози ҷаоматро тарк накарда ба масҷид ҳозир мешуд, шогирдони он муллоҳо, ки бо талқини устодашон ба шӯр омада буданд, аввал кафши ӯро, баъд аз он худи ӯро аз масҷид бардошта баровара, ба рӯи ҳавлии мадраса ҳаво доданд.

Баъд аз фароғи намоз муллоҳои калон ин кори шогирдҳошонро таҳсин карданд, «аммо ин кам» гӯён давом намуданд, «ин гуна кафше, ки даруни вай пур аз «наҷасулъайн» аст, бояд дар даруни ҳуҷрае, ки Амир Абдуллоҳи яманӣ – Мири Араб сохтаанд, наистад, ҷои вай даруни наҷосат аст» гуфтанд ва боз илова намуданд: «Шумо, бачагон, нодонӣ ва бетаҷрибагӣ карда як гуноҳи кабира кардетон, ки он кафшро бо дасти худ гирифтетон, хуб зарар надорад, худо гуноҳи нодониста кардашударо меомурзад. Баъд аз ин бояд он гуна кафш бо оташгирак гирифта шавад». Бо шунидани ин таълимот 10 – 12 нафар шогирдон ба ҳуҷраҳояшон рафта оташгиракҳояшонро ба дасташон гирифта ба ҳуҷраи Мулло Туроб ҳуҷум оварданд. Ҳуҷраи ӯро кофтуков карданд, дафтари луғатчаашро ёфта бо оташгирак гирифта, бар рӯи як куртаи аз тан кашидамондаи соҳиби ҳуҷра гузоштанд, бар болои вай ду дона хишти пухта ҳам ниҳоданд ва баъд аз он куртаро буғҷавор баста бардошта бурда, ба даруни халоҷои мадраса бо зарб ҳаво доданд, ки бо вазни худ дар даруни чиркобҳо фурӯ рафт.

Мулло Туроб то шаб аз ҳуҷрааш берун набаромад ва шабона ғоиб шуда рафт, ки баъд аз он ӯро дар он мадраса касе надидааст. Ӯ як харидори судхӯри беруна ёфта, ҳуҷраи ба 15 ҳазор танга меарзидагиашро ба 12 ҳазор танга фурӯхтааст. Эҳтимол буд, ки калонони мадраса он гуна савдои берунаро қабул накарда, худҳошон он ҳуҷраро ба нархи аз ин ҳам арзонтар ба даст медароварданд. Аммо фурӯшгори маҷбур ва харидори фоидаталаб ин эҳтимолро ба назар гирифта ба пеши қозикалон рафта ба савдои ҳуҷра бо васиқа ранги расмият додаанд. Вақте ки харидор ба мадраса омада калононро зиёфат карда ба онҳо ширинкома (як маблағ пул) дода васиқаашро нишон дод, маълум шуд, ки Мулло Туроб ҳуҷраашро фурӯхтааст ва дар он васиқа «як дарпарда (ғазгир) ва як тағораи парҳези (обрезӣ)-и дар як дар ҳуҷраи дар мадрасаи Мири Араб доштаи худро ба 12 ҳазор танга фурӯхтани Мулло Туроб» қайд шуда буд.

Азбаски ин харидуфурӯш дар ҳузури қозикалон шуда, бо мӯҳри ӯ тасдиқ ёфта, ба вай мӯҳрона расида буд, калонон ба вайрон кардани ин савдо ҷасорат накарданд, зиёфати харидор ва пули ширинкомаи ӯро ғанимат шумурданд.

Назар ба қавли муллоёни куҳансол, ин аввалин савдои ҳуҷра буд, ки дар пеши қозикалон васиқа шуда буд. Вагарна то он вақт ҳуҷраҳои мадрасаҳо фақат дар ҳузури калонони мадраса савдо мешуд. Баъд аз он воқеа савдои ҳар ҳуҷрае, ки қадаре душворӣ дошта бошад – ҷанҷолнок бошад, дар қозихона васиқа мешудагӣ шуд. – Калонони мадрасаи Мири Араб гуноҳи ин «бидъат»-ро ҳам ба гардани Мулло Туроби саргурезшуда бор карданд.

Бо ҳамин русиомӯзии Пирак ва «Нисоб-ус-сибён»-созии ман ҳам ба поён расид (оқибати пурфоҷиаи Мулло Туроб дар охиртари ин қисм баён хоҳад ёфт).

* * *

Бо ҳамаи ин қадар ҷанҷол ва фитна ба касе маълум нагардид, ки хук мӯйлаби дурушти шахшӯли «ғарч-ғарч»-кунанда дорад ё не ва дар ҳақиқат дар даруни он кафш он гуна мӯй монда шудааст ё не. Чунки дар он вақт ҳеҷ кадоми мо (инчунин он муллоҳо ҳам) на хукро дида будем ва на мӯйлаби вайро, фақат бо иқрори Мулло Қамар ба пеши Мулло Абдусалом воқеа дигаргуна шуда баромад:

Мулло Абдусалом одами бечораи эҳтиёткор буд, ӯ ва ҳамошони ӯ ба ҷанҷоли кафш иштирок накарда буданд. Рӯзе барои фаҳмидани ҳақиқати ҳол Мулло Абдусалом Мулло Қамарро дар ҳуҷраи худ зиёфат кард. Ҳамошони ӯ ҳам ҳозир буданд ва ман ош мепухтам. Мулло Абдусалом дар миёнаҳои сӯҳбат гапро ба болои кафши Мулло Туроб оварда аз ӯ ҳақиқати корро пурсид.

Ӯ дар ҷавоб гуфт:

– Ман дар 16-солагиам аз Русия ба Бухоро омадаам. Дар он ҷоҳо хукро дида бошам ҳам, ба мӯйлаби дурушт доштан ва надоштани вай диққат накардаам. Дар мағзи кафши «ғарч-ғарч»-кунанда мӯйлаби хук гузоштани русҳоро аз як муллои пирсол, ки дар Бухоро таҳсил карда буд, дар Қазон шунида будам. Дар Бухоро, вақте ки ман ин гапро ба Махдумхоҷаи савдогар гуфтам, ӯ ин маъниро рад кард: агар зерчарми кафш бо спирт (ҷавҳари арақ) парварда карда шуда бошад, «ғарч-ғарч» мекунад, – гуфта Мулло Қамар сухани худро боз давом кунонид, – барои ман дар даруни кафши Мулло Туроб мӯйлаби хук будан, ё ин ки тагчармаш бо спирт парвариш карда шуда будан фарқ надошт. Зеро ҳар кадоми инҳо ки бошад, он гуна кафш мурдор аст. Ман «дурӯғ нагуфтам», вақте ки муллоҳо аз ман ин масъаларо пурсиданд, шунидаи аввалиамро гуфтам. Аз ин кор зарар накашидам, ҷанҷолро тамошо кардам, зиёфати савдои ҳуҷраи Мулло Туробро дар қатори калонони мадраса хӯрдам ва ду танга (30 тин) ширинкома гӯён ҳам гирифтам (пеш аз он воқеа Мулло Қамар дар қатори калонони мадраса ба шумор намерафт).

Мулло Қамар ин суханони худро бо оҳанги шӯхиҳои одӣ ва бо як бепарвоии ҳазломезона, ки он вақтҳо дар мадрасаҳои Бухоро одат буд, мегуфт ва шунавандагон ҳам гапҳои ӯро дар қатори чақ-чақҳои мадрасаҳои замони худ ҳузур карда мешуниданд. Аммо ҳеҷ кас фоҷиаҳоеро, ки аз ин фитна ба сари Мулло Туроби бечора рӯй дода буданд, ба хотир намеоварад.

Диққат ва тааҷҷуби маро ана ҳамин нукта ба худ кашида буд.



## ОДАМИ АҶИБ

Рӯзе дар байни асру шом муллоҳо бо одати муқаррариашон дар миёнсарои мадраса – дар нишастгоҳи даруни дарвозаи калонаш нишаста буданд, аз беруни мадраса як одам намоён шуд, ки ба даруни мадраса нигоҳ карда меомад. Ин одам қомати баланде дошт, баландии қоматаш ба дараҷае, ки ҷомаи банораси подшоҳии дар тан доштааш баробари зонуяш буд ва ҳол он ки ин гуна ҷома дар тани одамони одӣ ба замин мерасид. Тани ин одам ба тарзе пурра буд, ки баландии қоматаш он қадар ҳис карда намешуд ва ба назар миёнақад менамуд. Гӯё дарзии табиат қаду бари ин касро ба як андозаи бисёр муносиб бурида дӯхта буд. Гардани ин кас мувофиқи қадаш дароз ва муносиби баданаш пурра буд.

Аммо сари ин одам аз одат берун калон буд. Шояд бори он каллаи калон ба он гардани дароз, бо вуҷуди пурра будани он, вазнинӣ мекарда бошад, ки дар вақти роҳ рафтан гарданаш гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф хам мехӯрд ва гӯё гардан мехост, ки дар бардоштани он сар аз бозувони соҳибаш мадад гирад.

Рӯи ин шахс сабзина ва пурра буд ва бо вуҷуди ин ки синни ин касро аз шаст боло тахмин кардан мумкин буд, ба рӯяш он қадар чинҳои ҳискардашаванда наменамуд. Риши ӯ миёна ва кулӯта (лӯнда) буда, торҳои сафедаш аз сиёҳиаш бештар менамуд.

Ин кас дар даст асои русӣ (палка) дошт. Азбаски палкаҳо қомати одамҳои одиро ба назар гирифта сохта шудаанд, он палка дар дасти он одами қоматбаланд қадре кӯтоҳӣ мекард ва дар вақти ба он палка такя карда қадам монданаш қадаш ба тарафи палка андак хам мехӯрд.

Вақте ки ин одам вазнинона роҳ рафта аз дарвозаи мадраса даромад, миёнсаройнишинон – калонони мадраса ҳамагӣ аз ҷой хеста дастҳоро пеш гирифта таъзимкунон ба ӯ салом доданд.

Аммо он кас ба тарафи саломдиҳандагон нигоҳе накард ва ба саломашон ҷавобе ҳам надод, фақат сараш андак ҷунбид. Лекин маълум набуд, ки ин ҷунбиши сар ишорат ба ҷавоби салом буд ё ҷунбиши одии вай буд, ки бинобар вазниниаш ҳар вақт аз вай намоён мешуд.

Вақте ки ин одам аз миёнсарой гузашта ба даруни ҳавлии мадраса рафт, калонон дар ҷоҳои худ нишаста аз вай ғайбат сар карданд: яке мегуфт: «Ин кас боз омад, ки имшаб дар ҳуҷра бо ҷинҳояш, бо деву париҳояш ва бо шайтонҳояш сӯҳбат кунад ва фардо баромада гуфтаҳои онҳоро ба шогирдонаш нақл намуда, онҳоро ҳам монанди худ гумроҳ намояд».

Дигаре мегуфт: «Вай мегуфтааст, ки кадом вақт гирифтани офтобро ва кадом соат гирифтани моҳро ман медонам ва метавонам, ки пешакӣ хабар диҳам, ҳаҳ-ҳаҳ, ҳаҳ-ҳаҳ, ҳаҳ-ҳаҳ…» – баробар ҳама қаҳқосзанон механдиданд. Хандаи умумӣ ҳанӯз хомӯш нагашта касе гуфт: «Ғайбдон-ку фақат худо буд, ин бедин аз ғайб хабар доданро даъво карда худашро ба худо шарик сохта баромадааст».

Дигаре ба сухани ӯ илова кард: «Наузу биллоҳ (ба худо паноҳ металабем), ин худобехабар як кофир шуда намондааст, балки монанди Фиръавн[60] ва Намруду[61] Шаддод[62] даъвои худоӣ ҳам мекунад».

«Ман ҳайронам ба ин амиру қозикалон, ки, – гуфт дигаре, – як касро барои

фарзи айн надонистан 39 дарра мезананд ва як касро бинобар надодани хироҷ мекушанд, аммо ба ин одам, ки рӯйрост гапҳои куфр мезанад ва даъвои худоӣ мекунад, гап намезананд, ҳатто дар қатори уламо ба ӯ ҷомаи банорас ҳам пӯшондаанд, ки пӯшида фахр карда мегардад».

Чун гап ба болои амиру қозикалон омад, сӯҳбат ранги дигар гирифт, шунавандагонро як гаронии номаълум зер кардагӣ барин шуд, лабҳо аз ханда боз истод, дар башараи калонон асари он ҳаяҷони пурҷӯшу хурӯш намонд, хомӯшии умумӣ сар шуд.

Ниҳоят, муллои солхӯрдае сукути умумиро вайрон карда, ба гап даромад.

– «Салоҳи мамлакату мулк хусравон донанд» – гуфтаанд, ки ин бисёр дуруст аст, – гуфт ва ба нотиқи охирӣ хитоб карда давом намуд, – шумо мегӯед, ки «фарзи айн надонистагонро 39 дарра мезананд». Куҷои ин кор аҷиб аст? Магар ин кор мухолифи шариат аст? Агар ҷоҳилонро назананд, дар андак вақт дин аз даст меравад. Ҳамин дарраи раисон ва шамшери ҷаноби олист, ки дини исломро пойдор нигоҳ доштааст. Вагарна ҳамаи ин нодонон дар як рӯз гумроҳ шуда аз дин баромада мерафтанд, «хирс мулло мешавад аз зарби ҷӯб» – гуфтаанд, гӯянда нафаси худро рост гирифта боз сухани худро давом дод:

– Агар ҷаноби олӣ саркашӣ карда хироҷ ва молиёти подшоҳӣ надодагонро танбеҳ накунанд, рӯзи амир ҳам, вазир ҳам, қозикалон ҳам ва дар қатори онҳо рӯзи мову шумо ҳам ба гадоӣ меафтад. Акнун омадем ба болои гап назадани онҳо ба ин бедини худобехабар. Охир бояд донед, ки ба ин кофир гап назадани онҳо «салоҳи мамлакат аст». Ҷаноби олӣ бо подшоҳи урус дӯст мебошанд. Такягоҳи ин кофир бошад, урусҳо аст. Ин гумроҳ чандин бор ба мамлакати урусҳо сафар кардааст ва мегӯянд, ки бо подшоҳи урусҳо ҳамсӯҳбат шуда дини насороро қабул намудааст. Агар ҷаноби олӣ ба ин бедин гап зананд, сабаби ранҷиши он подшоҳ мешавад ва дар он вақт мумкин аст, ки мамлакат вайрон шавад. Дар қатори ҳамин қадар урусҳо монед, ки як кофири дигар ҳам то ба пои худ ба ҷаҳанам рафтанаш зинда гардад.

Ман аз ин тафсилоти ин муллои куҳансол, бо вуҷуди дар даст асои русӣ (палка) гирифта гаштани он одам, сабаби ба ин кори ӯ гап назадани муллоҳоро, ки ба сари калӯш ва кафши Мулло Туроб он ҳама ғавғо бардошта буданд, фаҳмида бошам ҳам, сабаби ба ӯ таъзим намуда салом додани онҳоро ҳанӯз нафаҳмида будам. Хусусан, баъд аз он ки дар ғайби вай аз ӯ бо иборатҳои бад шикоят карданд ва дар ҳаққи ӯ он ҳама носазоро гуфтанд, сабаб чӣ буд, ки дар рӯи вай ӯро хурмат мекарданд?

Баъд аз пурсуков ман фаҳмидам, ки ин одами аҷиб Аҳмад-махдуми муҳандиси (ҳандасадони) Дониш будааст ва бинобар аз ҳад зиёд калон будани сараш ӯро «Аҳмади Калла» мегуфтаанд. Аммо сабаби дар рӯи ӯ ҳурмат кардани муллоҳо, бо вуҷуди ақидаи бад доштанашон, дар ҳаққи ӯ ва боиси ба саломи онҳо ҷавоб надода, аз пеши онҳо калонгирона гузашта рафтани ӯ сонитар ба ман маълум шуд.

Аҳмади Калла дар гузари Ҷаъфархоҷа як ҳавлӣ дошт, ки дар он ҷо зиндагонӣ мекард ва дар мадрасаи Мири Араб як ҳуҷра ҳам дошт, ки дар вай домодаш истиқомат менамуд. Аҳмад-махдум ҳар гоҳ ки рафтуои мардум ба дилаш



зада ба болои ягон масъалаи душворе фикр карданро хоҳад, ба мадраса омада, як шабро дар ин ҷо – дар хилват гузаронда боз ба хонаи доимиаш мерафт.

* * *

Боре воқеа рӯй дод, ки ман овози Аҳмад-махдумро шунидам ва ба донишманди бузург будани ӯ ақида пайдо кардам: намедонам, дар ҳамон сол буд, ё соли дигар, ки Дониш бо одати муқаррариаш дар байни асру шом ба мадраса омад. Муллоҳои миёнсаройнишин ҳам бо одати муқаррариашон ба пой хеста таъзимкунон ба ӯ салом доданд. Ӯ ин дафъа ҳам ба саломи онҳо ҷавоб надод, лекин бе он ки ба рӯи касе нигоҳ кунад ва гӯё ки худ ба худ гап мезада бошад, забонаш гирифта-гирифта (забони ӯ андак лакнат дошт, ки ҳарфҳои аввали калимаҳоро такрор карда мегуфт).

– Имшаб дар фалон соат моҳ мегирад, фалон дақиқа давом мекунад ва ҳар кас, ки дар ҳамон вақт ба болои боми мадраса бароял, ин ҳодисаи табиатро тамошо мекунад, – гӯён гузашта рафт.

Баъд аз гузашта рафтани ӯ бо одати муқаррарӣ боз шикояти муллоҳо сар шуд. Ман ҳарчанд пештар бо шикояти умуми муллоён дар ҳаққи Аҳмади Калла дар шубҳа монда бошам ҳам, ин бор ин шикоятҳоро бетарафона гӯш карда натавонистам. Балки дар фикри худ муҳокима мекардам. Зеро даъвое, ки ман он рӯз аз вай шунида будам, ба фикри худам хеле аҷиб буд. То он вақт ман аз одамон «моҳ аз шумии гуноҳ мегирад» гуфта шунида будам. Агар дар ҳақиқат имшаб гуфтаи ӯ рост барояд, маълум мешавад, ки ӯ олими бузург будааст. Мардум ӯро «мунаҷҷим» (яъне фолбин) мегуфтанд. Агар ин гуфтаҳояш дуруст бароянд, маълум мешавад, ки ӯ дар ҳақиқат мунаҷҷим (яъне ситорашинос) будааст, на фолбин. Ман ин дафъа аз шикоят ва ғайбати муллоён нисбат ба ӯ ва дониши ӯ бӯи рашку ҳасад ҳис мекардам.

Шаб шуд, дар соати муайян – дар соате,ки Аҳмад-махдум таъин карда буд, бештарини муллоҳо ва талабаҳо ба боми мадраса баромаданд, ман ҳам баромадам. Аҳмад-махдум аз ҳама пештар баромада будааст. Ӯ бар рӯи як суффаи ҳамвор, ки дар гӯшаи ҷануби шарқии боми мадраса бар болои боми ҳуҷраи худ сохта будааст, қолинча пахн карда нишаста буд. Дар рӯ ба рӯи вай домодаш менишаст. Дар пеши ӯ фонусе буд, ки дар вай як шамъи ҷойдории чортанимча (яъне чор донааш 500-граммӣ) меафрӯхт. Соати бағалие ҳам дар пеши рӯшноии фонус кушода мондагӣ буд. Дар пеши зонуи Аҳмад-махдум якчанд варақ коғаз пахн буданд, ки дар онҳо рақамҳои ҳисоб навиштагӣ менамуданд. Баъзе рақамҳо бо сурхӣ навиштагӣ буда, бар болояшон бо сиёҳӣ хат кашидагӣ буд. Дар қатори сатрҳои рақамҳо ва дар ҳошияи коғаз калимаҳои дуҳарфа ва сеҳарфаи маъноҳояшон ба ман номаълум менамуданд.

Аҳмади Дониш бо диққат он рақамҳоро аз назар мегузаронид. Гоҳо ба соат нигоҳ карда баъд аз он ба осмони соф, ки дар вай моҳи пурра нур мепошид, чашм медӯхт.

Як вақт забонаш гирифта-гирифта:

Ба-ба-осмон нигаред, – гуфт, – ҳама ба осмон нигаристанд. Моҳ ба гирифтан даромада буд, кам-кам гирифтагии моҳ зиёд шуда ба аҳолии шаҳр маълум гардид. Дар кӯчаҳо овози табли шабгардон (одамони политсияи амирӣ) баланд

гардид, аз ҳавлиҳо садои лаълиҳо, лаъличаҳо, дегҳои мис ва сатилҳо баромадан гирифт. Дар муддати якчанд дақиқа шаҳр аз овози дамбар -дамбур, ҷаранг-ҷунгур пур гардида ба дили шунавандагон як навъ даҳшат меандохт.

Ман дар мавридҳои моҳигирӣ дар деҳаамон ҳам садои «мисинакӯбӣ»-ро шунида будам. Лекин ғулғулаи он ҷо ба муносибати камии аҳолии он ҷо паст ва суст буд. Аммо дар шаҳри Бухоро, ки якбора аз ҳазорҳо ҳавлиҳо ва садҳо таблҳо садои нофорами ғайримунтазам мебаромаданд,асабҳои касро ба ҳаяҷон меовард.

Бо шунидани ин садоҳо дар лабҳои Аҳмад-махдум табассуми истеҳзокоронае зоҳир шуд ва ӯ гӯё дар шарҳи сабаби ин табассумаш худ ба худ гуфт:

– Вақташ расад, худи моҳ кушода мешавад, ба ин гуна лаълизаниҳо ва сатилкӯбиҳо эҳтиёҷ надорад, – ва илова кард, – баъд аз фалон дақиқа ба кушода шудан сар карда, баъд аз фалон дақиқа тамоман кушода мешавад.

Дар ҳақиқат дар дақиқае, ки Аҳмади Дониш гуфта буд, моҳ ба кушода шудан сар карда, дар ҳамон дақиқае, ки ӯ муайян карда буд, дар моҳ асари гирифтагӣ намонд.

Аз ҳама пештар аз бом фонусро ба даст гирифта Аҳмади Калла фуромад ва аз пайи ӯ қолинча ва коғазҳоро ғундошта домодаш рафт, дигарон баъд аз қадре шикоят кардан ягон-ягон фуромаданд. Ин дафъа мавзӯи шикояти муллоён «ҷодугарӣ» ва «сеҳрбозӣ»-и Аҳмади Калла буд. Назар ба ақидаи шикоятгарон, он рақам ва ҳарфҳои маъниашон номаълум, ки дар он коғазҳо навиштагӣ буданд, «дуои тасхир» будаанд. Касе, ки ба ин гуна дуоҳо шуғл намуда ба нисобаш расонад, ҷинҳо, девҳо, париҳо ва ҳатто шайтонҳоро тасхир мекардааст – ба ҳукми худ медаровардааст ва он махлуқҳо ба тасхиркунанда аз ғайб хабар медодаанд. Аммо аз рӯи шариат ба сеҳру ҷоду шуғл кардан мамнӯъ будааст. Лекин баъзе Аҳмад-махдум барин гумроҳҳо ба сеҳру ҷоду шуғл карда ба мардум аз ғайб хабар дода дигаронро ҳам гумроҳ мекардаанд.

Ман фардои он шаб, дар вақти дарс, аз домуллои худ – Мулло Абдусалом, ки дар вақти гирифтани моҳ ба бом набаромада буд:

– Аҳмади Калла гирифтани моҳро чӣ гуна пешакӣ фаҳмидааст? – гуфта пурсидам.

Ӯ ҷавоб дод:

– Аз ғайб хабардиҳандагон ду қисманд: якум валӣ, дуюм коҳин (фолбин): валӣ ҳар чиро, ки аз ғайб хабар медиҳад, бо илҳоми илоҳӣ ва бо талқини малоикаҳои ӯ хабар медиҳад. Ба ин дараҷа расидани одам бисёр душвор, бояд инсон дар зери раҳбарияти пири комил чандин солҳо риёзат кашад, ки ба ин дараҷа расад. Аз ғайб хабар додани валиро дар забони шариат «кашфу кароомот» меномананд, лекин валиҳо бинобар нигоҳдории сирру ҳикматҳои илоҳӣ хабарҳои ғайбиро ба касе намегӯянд. Коҳин (фолбин) бошад, ҳар чизе, ки аз ғайб мегӯяд, бо талқин ва бо хабардиҳии ҷинҳо ва париҳо мегӯяд, ки онҳо ба сабаби ҷисми латиф (ба назар нанамоянда) буданашон дар олами арвоҳ ба малоикаҳо наздик рафта аз гуфтугузори онҳо ин хабарҳоро медузданд. Аз ғайб хабардиҳии коҳинро дар забони шариат «истидроҷ» мегӯянд, ки содир шудани ин гуна корҳо аз кофирон ҳам мумкин аст. Коҳинҳо барои аз роҳ баровардани мардум хабарҳои



аз ҷинҳошон шунидаро ба ҳар кас мегӯянд. Аҳмади Калла аз ҷумлаи коҳинон ва дӯсти шайтон аст ва ҳар касе ҳам,ки ба гапи ӯ гӯш диҳад, гумроҳ ва дӯсти шайтон мешавад.

* * *

Ҳарчанд ҷояш ин ҷо нест ва таърихаш хеле дуру дер аст, як воқеаро ҳам, ки ба ҳамин суханони домуллоям дар бораи «ба воситаи ҷинҳо аз ғайб хабардиҳии Аҳмад-махдум» дахлдор аст, бояд дар ин ҷо қайд карда гузарам:

Баъд аз ду ё се соли ин воқеа – вақте ки ман дар пеши домуллои мазкур «Шамсия» (китобчае, ки ба мантиқ оид аст) мехондам, як мисол рост омад. Ин мисол зарурати гирифтани моҳ буд,дар вақти ҳоил шудани замин дар миёнаи вай ва офтоб.

Домуллои ман, чунонки ҳаст, ин масъаларо шарҳ дода ба ман фаҳмонд. Ба ин муносибат воқеаи аз гирифтани моҳ пешакӣ хабар додани Аҳмад-махдум ба ёдам расида ба домулло гуфтам:

– Маълум мешавад, ки Аҳмад-махдум вазъияти моҳ, офтоб ва заминро ба ҳисоб гирифта аз гирифтани моҳ пешакӣ хабардор мешудааст (дар ин вақт ба ёдам он рақамҳо расиданд, ки дар коғаз навиштагӣ буданд ва дар қариби гирифтани моҳ Аҳмади Дониш онҳоро ҳисоб карда меистод).

Бо шунидани ин суханони ман пешонаи домулло турш шуд ва дар абрӯвонаш чин пайдо гардид ва баъд аз қадаре хомӯш истодан ба ман нигоҳ накарда гуфт:

– Соҳиби ин китоб – «Шамсия» аз ҷумлаи ҳукамо аст. Ҳукамо ба шариат кор надоранд ва ҳар чизе, ки ба ақлашон ояд, гуфтан мегиранд, дар ҳақиқат инҳо шогирдони шайтонанд ва Аҳмади Калла шогирди инҳост. Ҳамаи инҳо гумроҳонанд. Дар бораи гуфтаҳои инҳо бисёр пурсуков кардан дуруст нест.

Ман дар ин гуфтаҳои муаллими илми мантиқ як навъ бемантиқӣ ҳис кардам ва дар дили худ фикр мекардам: «Агар муаллифи китоби «Шамсия» аз ҷумлаи ҳукамо буда ва ҳукамо ҳамагӣ гумроҳ бошанд ва дар бораи гуфтаҳои онҳо «пурсуков кардан дуруст набошад», пас чаро ин китоби дарс шуда омадааст ва ҳатто ҳоли ҳозир ҳам худи ҳамин домуллои «растагори ман» аз худи ҳамин китоб ба ман дарс дода истодааст».

Ман то он вақт ин домуллои худро ба сабаби иштирок накарданаш ба ҳуҷумҳое, ки аз тарафи муллоён ба Аҳмад-махдум мешуд, аз ҳамроҳӣ накарданаш ба шикоятҳои миёнсароӣ, ки калонони мадраса аз Аҳмади Калла мекарданд, як одами донишманд ва боақл гумон мекардам. Аммо ҳамон рӯз донистам, ки домуллоям ҳам аз ҳамон муллоҳои ҷоҳили бесавод кам фарқ доштааст.

* * *

Дар баҳорони соли якуми истиқоматам дар мадрасаи Мири Араб маро дидани ҳавлии Аҳмад-махдуми Дониш муяссар шуд. Ин хушбахтӣ дар ман ба ин тариқа рӯй дода буд: дар рӯзҳои тутпазӣ рӯзе хӯҷаинони ман, муллоҳое, ки ман дар онҳо ошпазӣ мекардам, хостанд,ки ҷое рафта тут хӯранд.

Яке аз шарикдарсони онҳо, ки ӯро Мулло Муҳиддини лаввоҳ мегуфтанд, ҳамин рӯз ба ҳуҷраи домуллоям – Мулло Абдусалом омада буд. Ӯ бинобар лав-

воҳ буданаш бо Аҳмади Дониш ҳампеша буда, бо ӯ рафтуой доштааст ва баъзе нозукиҳои санъати худро аз вай меомӯхтааст. Ӯ ба ҳамдарсони худ таклиф кард, ки ба тутхӯрӣ ба ҳавлии Аҳмад-махдум бираванд. Назар ба қавли ӯ, ҳавлии Дониш боғчанок буда, дар он ҷо дарахтони навҷанги тут ҳам будааст ва ӯ ба ин таклифи худ илова карда гуфт:

– Агар ба он ҷо рафтан хоҳетон, ман роҳбарӣ мекунам.

Ин таклифро хӯҷаинони ман хуш қабул карданд, дар ин вақт «бидъаткорӣ, бединӣ ва дӯсти шайтон» будани ӯ ба хотири ҳеҷ кас нарасид ва ин «хислатҳои бади ӯ» ба хӯрдани тути ӯ монеъ шумурда нашуд.

Муллоҳо маро ва боз ду-се талабаи хурдсоли дигарро барои тутафшонӣ ва чодирдорӣ ҳамроҳи худ гирифтанд, Мо аз мадраса баромада бо кӯчаи калони тарафи шимоли мадраса ба тарафи шарқ равон шудем. Аз тоқи Заргарон, аз растаи Заргарӣ, аз байни мадрасаҳои Мирзо Улуғбек ва Заргарӣ, аз гузаргоҳҳои Дегрезӣ, Мехчагарон, Калобод ва дигарҳо гузашта ба гузари Ҷаъфархоҷа расидем, ки ҳавлии Аҳмад-махдум дар ҳамон гузар будааст.

Мо дар охирҳои гузари Ҷаъфархоҷа аз кӯчаи калон ба дасти рост – ба тарафи ҷануб ба як паскӯчаи пешбаста баргаштем, ки тахминан 50 қадам дарозӣ дошт ва дар ҷои басташудаи он паскӯча дарвозачаи зебое кушода мешуд.

Мо аз дарвозача дармадем. Аз пеши дарвозача то пешгоҳи боғча рост ба тарафи ҷануб як толори ангур сохта шуда буда, зери ин толор як роҳи пиёдагарди пуштимоҳигӣ буд, ки дар вақти борон об бар рӯи вай намеистод ва ба ду тараф, ба ду ҷӯйчае, ки дар ду сӯи ин пиёдагард кашида шуда буданд, шорида мерафт. Хавозаи толор ба шакли бомҳое, ки дар ҷоҳои серборон месозанд, буда, бар болои сутунчаҳои қатор, ки аз ду тараф бар лаби ҷӯйчаҳо бар рӯи зерсутунҳои чилликӣ шинонида шуда буданд, меистод.

Дар пеши ҳар сутунча як бех ток шинонда шуда буд, ки танаҳои ин токҳо баробари сутунчаҳо рост то забаррави хавоза мебаромаданд ва аз он ҷо он танаҳо панҷаҳо дода ва панҷаҳо навдаҳо расонда ва навдаҳо бо баргҳои зумуррадини худ сар то сари рӯи хавозаро тамоман пӯшонда буданд.

Дар ду тарафи растаи толор дарахтҳои меваодори гуногун бо ҷадвалҳои ҳандасагӣ дар шакли шоҳмотӣ шинондагӣ буданд, ки растаҳои байни қаторҳои он дарахтон аз ду тараф мувозии якдигар уреб мерафтанд ва растаи толор бо қатори он дарахтон як намуди шакли махрутӣ (конусӣ) пайдо карда буд.

Растаи толор рафта ба як айвончаи зебои гаҷкорӣ мепайваст, ки болои ин айвонча як болохонаи айвончадор буд, ки нишинандаи он ҷо, агар рост нигоҳ кунад, ҳама ҷои боғчаро тамошо мекард.

Дар тарафи шарқи ин айвончаи зерин ва пайваста ба вай як шипанги баланди дароз буд, ки сутунчаҳояш ҳаштрах тарошидагӣ буда, зерсутунчаҳояш шакли зомучагӣ (ҳандалакӣ) доштанд. Зерсутунчаҳо бо ранги зомучагӣ ва танаи сутунчаҳо бо ранги сабзи бодирингӣ ранг ва равған дода шуда буданд. Сақфи шипанг шакли камонӣ дошта, пӯшишаш шервонӣ буд.

Дар тарафи ғарби айвонча ва пайваста ба вай як суффаи баланди дароз мерафт, ки дарозӣ ва бари вай бо шипанг баробар буд. Тарафи шарқ ва ғарби айвонча ба шипанг ва суффа кушодагӣ буда, тарафи ҷанубаш девор дошт ва дар



он девор як дар менамуд, ки ба як хонаи дарозрӯяи раҳравмонанд кушода мешуд ва он раҳрав ба бинои хонаҳои зимистонӣ пайваст, ки як тарафи он мардона (меҳмонхона) ва тарафи дигараш занона (ҳавлии дарун) буд.

Ду тарафи ин хонаи раҳравмонанд – байни бинои хонаҳои зимистонӣ ва шипангу суффа гулзоре буд, ки дар вай гулҳои гуногунавъи гуногунранг шукуфтагӣ буданд.

Назар ба қавли Мулло Муҳиддин, тарҳи ин боғро худи Аҳмад-махдум кашида, бинокориҳо, дарахтшиносиҳо ва гулзорҳо мувофиқи нақшаи ӯ ва бо иштироки ӯ ба вуҷуд омада буданд. Азбаски ӯ муҳандис (ҳандасадон) буд, нозукиҳои ин ҳунари худро ба боғчаи худ сарф карда буд.

Пешхизмати Аҳмади Дониш моро дар охири растаи толор пешвоз гирифта, рост ба айвончаи зерини байни суффа ва шипанг даровард ва аз он ҷо бо зиначае, ки дар пешгоҳи ин айвонча буд, ба болохона баровард.

Болохона ва айвончаи болоӣ бар болои айвончаи зерин ва хонаи раҳравмонанд бино ёфта буданд. Дар деворҳои болохона харитаи замин ва кураҳои мусаттаҳаи дунёи кӯҳна ва нав часпонидагӣ буда, дар болои ду чорпоячаи гардишӣ кураҳои муҷассамаи замину осмон меистоданд. Албатта, ман дар он вақт на харитаро медонистам, на кураро ва на ба чӣ чиз хизмат кардани ин асбобҳоро. Аммо Мулло Муҳиддин дар бораи он чизҳо ба шарикони худ эзоҳи дуру дарозе дод, ки дар қатори онҳо ман ҳам чӣ будани он чизҳоро фаҳмидам.

Муллоҳо ин асбобҳоро воситаи масхара доштани Аҳмади Калла карданд. Яке мегуфт: «Рӯи заминро кӣ ваҷаб ба ваҷаб дида баромадааст, ки сурати вайро бо шаҳрҳо, биёбонҳо ва дарёҳо бо тафсил дар рӯи коғаз кашида нишон дода тавонад. Ин чизест, ки ягон дурӯғгӯй ё якчанд дурӯғгӯй як ҷо нишаста сохтаанд ва барои мардуми нодонро фиреб дода пул ғундоштан чоп карда бароварда-анд».

Дигаре гуфт: «Аҳмади Калла худро аз ҳама донишмандтар мешуморад. Ва ҳол он ки худаш аз ҳамаи аҳолии Бухоро пештар ба ин фиреб бовар карда харида оварда ба девори хонааш зада мондааст. Ҳаҳ-ҳаҳ-ҳаҳ… Магар аз инзиёдтар ягон кори аҳмақонаи дигар ҳаст?»

Вақте ки ҳаракати замин ва ҳоил шудани вайро дар байни офтобу моҳ аз тафсилоти Мулло Муҳиддин аз забони Аҳмад-махдум шуниданд, дигар бе ҳеҷ шакку шубҳа ба бединии ӯ ҳукм карданд.

Дар токчаҳои болохона дойра, танбӯр, дутор ва рубоб барин асбоби мусиқӣ буд. Муллоҳо инҳоро асбоби бозиҳои шайтонӣ шумурданд ва инҳо низ, назар ба ақидаи онҳо, далели бидъаткории Аҳмад-махдум шумурда мешуданд.

Ин суханҳои онҳо, бо вуҷуди хурдсолиам, барои ман хандаовар менамуд. Зеро ҳар вақт, ки дар деҳаи мо базм шавад, падарам маро бардошта мебурд. Ба суруд ва нағмаҳо бо диққат гӯш медод, хонандагон, навозандагон ва раққосони хубро бо овози баланд: «Офарин, баракалло, барака ёб, шод бош, зинда бош, намур!» – гӯён таҳсин мекард. Ман, ки падари худро яке аз дурусткорони он замон медонистам, бо пайравии ӯ ман ҳам ин асбобҳоро чизҳои хуб мешумурдам. Бинобар ин будани ин асбобҳоро дар хонаи Аҳмад-махдум яке аз корҳои бади ӯ шумурдани муллоҳо ба ман писанд наафтод.

Ба болои ин, дар вақте ки бо падарам ба саёҳати шаҳри Бухоро омада будам, дар пеши мадрасаи Мири Араб базми подшоҳӣ мерафт ва ҳамаи аҳолии ин мадраса он базмро тамошо мекарданд. Ин муллоҳо чаро дар он вақт бидъат будани базм ва асбоби мусиқиро дар пеши аҳолии мадрасаи худ исбот намуда, онҳоро аз тамошо манъ накарданд ва имрӯз чаро будани ин чизҳо дар хонаи Аҳмад-махдум далели бадкорӣ ва гунаҳгории ӯ шуд? Бинобар ин мулоҳизаҳо ман суханҳои муллоҳоро ғаразгӯёна, бемантиқ ва хандазор мешумурдам.

Бояд ман дар ин ҷо ҳамин нуқтаро қайд кунам, ки дар он вақт муҳаббат ва тарафдории ман ба Аҳмад-махдум виҷдонӣ буда, ин натиҷаи акси таъсире буд, ки ба сабаби ҳуҷуми бемантиқонаи муллоён ба ӯ дар дили ман пайдо шуда буд. Вагарна ман дар он вақт ва дар он синну сол аз маслак ва мақсади Аҳмад-махдум хабардор набудам ва хабардор шуданам мумкин ҳам набуд. Чунки «хислатҳои ӯро» ман ҳамеша аз душманони ӯ мешунидам. Шикоятҳо, ғайбатҳо ва бадгӯиҳо дар ҳаќи Аҳмад-махдум дар муҳите, ки ман будам, чунон бисёр буданд, ки дили ман ҳам шубҳаи баде нисбат ба ӯ пайдо накарда намемонд. Пешхидмати соҳибхона барои «меҳмонони нохонда» дастархону чой баровард. Ба тутафшонии мо эҳтиёҷ ҳам намонд, чунки ӯ ба рӯи дастархон ду лаълӣ тут ҳам оварда гузошт ва узр гуфт:

– Эшон (Аҳмад-махдум. Дар Бухоро муллоҳои калони куҳансолро барои эҳтиром бо унвони «эшон» ном мебурданд) андак хаста шудаанд. Бинобар ин ба хидмати шумоён баромада натавонистанд ва узр мехоҳанд.

Пешхидмат рафт ва Мулло Муҳиддин, ки ба Аҳмад-махдум ҳолдон буд, гуфт:

– Бояд бемории Аҳмад-махдум сохта бошад. Одати ӯ ин аст, ки дар ҳамин болохона менишинад ва ояндагонро вақти даромаданашон аз дарвоза ҳатто вақти баргаштанашон аз кӯчаи калон ба паскӯча мебинад ва агар сӯҳбати оянда, ё ояндагонро барои худ гарон ва нофорам ҳис кунад, аз ин ҷо фуромада аз он даре, ки дар пешгоҳи айвони зерин ҳаст, даромада ба хонаи дигар гузашта худро бемор сохта мехобад. Шумоҳоро ҳам, ки бад мебинад, аҷаб нест, ки гурехта рафта худро бемор сохта бошад.

– Чаро моро бад мебинад? – гуфт Қорӣ Бегӣ, магар мо монанди ӯ гумроҳем?

– Ман намегӯям, ки шумоён гумроҳед, ё ӯ, – гуфт Мулло Муҳиддин, – аммо ҳамин қадарро мебинам, ки дар байни шумоён зиддият ҳаст. Чунонки оташ обро дӯст намедорад, инчунин об ҳам оташро дӯст намедорад. Модом ки шумоён ӯро бад мебинед, аз ӯ нисбат ба худ дӯстдорӣ ва меҳрубонӣ талаб карданатон нодуруст ва ғайримантиқист.

Домуллои ман – Мулло Абдусалом ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

– Аҳмад-махдум зотан мутакаббир (калонгир) аст. Ва ҳол он ки худо кибру ғурурро аз сифатҳои шайтон шумурдааст…

Мулло Муҳиддин сухани ӯро бурида пурсид:

– Ба чӣ далел шумо Аҳмад-махдумро калонгир мешуморед?

– Далел ин аст, ки – гуфт Мулло Абдусалом , – ман борҳо дидаам: ӯ ба мадраса медарояд ва калонони мадраса ба пой хеста ӯро эҳтиром намуда салом медиҳанд. Аммо ӯ лоақал ҷавоби саломро, ки фарз аст, намегардонад. Ин калонгирӣ набуда чӣ буд?



– Ҳамон калононе, ки, – гуфт Мулло Муҳиддин дар ҷавоб, – дар миёнсарои мадраса рост хеста таъзим намуда ба ӯ салом медиҳанд, дар худи ҳамон вақт дар дилашон ҳақорат медиҳанд ва баъд аз гузаштани ӯ бошад, рӯйрост ӯро бидъаткор, кофир мегӯянд, ки инро шумо ҳам инкор намекунед. Маънии «кофир» гуфтан чист? Назар ба қонуни Бухоро, «куштанбоб» гуфтан аст. Аҳмад-махдум бо фаросате, ки дорад, инро медонад ва медонад, ки он эҳтиром ва саломи онҳо мунофиқӣ аст ва ӯ бошад, нифоқ карданро намехоҳад, бинобар ин ҳар чӣ дар дил дорад, рӯйрост зоҳир мекунад ва ба саломашон ҷавоб намедиҳад…

Дар ин миён пешхидмат як табақ ширбиринҷи гармро, ки бар рӯяш равғани зарди доғ рехтагӣ буд, оварда бар дастархон ниҳод ва худ баромада рафт. Мулло Муҳиддин суханашро, ки бо омадани пешхидмат бурида шуда буд, давом кунонда гуфт:

– Ман борҳо аз Аҳмад-махдум шунидаам, ки мегуфт: «Нифоқ бадтарини сифатҳои одамист, ман худро ба куштан медиҳам, аммо мунофиқӣ намекунам». Аммо мову шумо, – Мулло Муҳиддин барои сабуктар кардани бори ҳамсӯҳбатони худ худашро ҳамроҳ карда гуфт, – аммо мову шумо азбаски ба нифоқ одат кардаем, қабоҳати вай ба назарамон наменамояд. Вагарна дар ҳақиқат дил дигару забон дигар будан бадтарини хислатҳост.

Муллоҳо ширбиринҷро тез-тез мехӯрданд, ба шорида рехтани равғани ош аз байни панҷаашон ба дастархон ҳам аҳамият намедоданд. Мулло Қосим оши дар даҳон доштаашро хоида истода, ба Мулло Муҳиддин хитоб карда гуфт:

– Назар ба фикри шумо, калонгирӣ аз мунофиқӣ беҳтар аст?

– Аҳмад-махдум, – гуфт Мулло Муҳиддин, – калонгир нест. Ӯ ба ҳама бо меҳрубонӣ ва хоксорона муомила мекунад, ӯ бо одамонҳои бесавод ҳам улфат мегирад. Ҳар сол як бор ба саҳроҳо саёҳат карда бо деҳқонони хокпош бародарвор шинухез менамояд. Такаббур ва калонгирӣ аз Аҳмад-махдум фарсаҳҳо дур аст. Ба калонони мадрасаи Мири Араб ҷавоби салом нагардондани ӯ аз калонгирӣ набуда, балки аз нифоқ ва мунофиқро бад диданаш омадааст.

Мулло Абдусалом, ки аз ҳама пештар аз ош даст кашида дасти худро пок мекард, ба Мулло Муҳиддин нигоҳ карда гуфт:

– Хуб гирем, ки Аҳмад-махдум калонгир нест, гирем, ки ӯ нифоқ ва мунофиқро бад мебинад, бинобар ин ба саломи калонони мадраса ҷавоб намегардонад. Охир, инро ҳам магар ӯ намедонад, ки арабҳо гуфтаанд: «Меҳмонатро иззат кун, агарчи вай душмани ту бошад», магар мо аз душмани ӯ ҳам бадтарем, ки моро ҳурмат карда ба пешамо набаромад?

Мулло Муҳиддин ҷавоб дод:

– Бо вуҷуди ин ки ӯ медонад, мо аз вай шикоят карда нишастаем, дастархон, чой, тут, ош фиристодан ва барои набаромаданаш узр гуфтан барои меҳмонони нохонда ҳурматест, ки инро фақат Аҳмад-махдум карда метавонад.

Мо аз хонаи Аҳмад-махдум бо шикамҳои сер баромада оҳиста-оҳиста баргаштем. Мулло Муҳиддин дар гузари Калобод, ки хонааш дар он ҷо будааст, аз мо ҷудо шуда монд. Хӯҷаинони ман то ба мадраса омадан шикояташонро аз Аҳмад-махдум давом кунонданд. Акнун суханонашонро хеле озодона мегуфтанд, чунки акнун дар байнашон монанди Мулло Муҳиддин касе, ки Аҳмад-махдумро тарафдорӣ карда ба кори одатии онҳо халал расонад, набуд.

Ман бошам, дар бораи Мулло Муҳиддин фикр мекардам: ӯ дар байни шарикдарсони худ ба «нофаҳмӣ ва нодонӣ» машҳур буд. Ҳатто баъзе ҳамдарсонаш ба рӯи вай мегуфтанд: «Шарик, шумо хонда чӣ кор мекунед? Аздусар муллои дуруст намешавед. Як лаб нон бошад, аз ҳамин лавҳу ҷадвалу қалами мӯин ҳам меёбед».

Ӯ дар ҷавоб хандида мегуфт: «Гӯсолаеро, ки аз пода берун равад, гург мехӯрад. Бинобар ин ба дараҷаи говӣ расида натавонам ҳам, барои муҳофизати худ дар миёни говон буданро беҳтар медонам».

Ман он рӯз дидам, ки ӯ аз ҳамаи шариконаш, ки дар он ҷо буданд ва яке аз онҳо домуллои худам буд, боақлонатар ва донишмандонатар гап мезад.

* * *

Таҳсили соли 1890–91 ба охир расид. Баробари тамом шудани таҳсил озуқа ва харҷии акаам ҳам тамом шуд. Ӯ барои имоматӣ ё мактабдорӣ кардан ба саҳро баромадан хост. Як шарики туркмани каркигиаш хост, ки ӯро ҳамроҳи худ ба дашти туркман бубарад:

– Дар он ҷо шуморо дар ягон ӯба[63] мактабдор мекунам, – гуфт.

– Ман, забони туркманӣ он сӯ истад, ҳатто забони ӯзбакиро дуруст намедонам. Дар он ҷо туркманбачагонро, ки забони тоҷикиро намедонанд, чӣ гуна сабақ медиҳам? – гуфт акаам дар ҷавоб.

– Барои дар ӯбаи туркман мактабдорӣ кардан на забони туркманиро донистан лозим аст, на чизеро ёд додан, – гуфт муллои туркман ва эзоҳ дод, – туркманҳои бой фақат барои «ном» мактабдор нигоҳ медоранд, то ки мардум гӯянд: «фалон бой дар ӯбаи худ мактаб кушодааст». Барои дар ӯбаи туркман мактабдорӣ кардан танҳо бо эшони туркман мувосо карданро донистан ва тавонистан даркор аст. Соҳиби зиндаву мурдаи туркманҳо эшонони онҳоанд. Эшонони туркман ҳам мурид мегиранд, ҳам имоматӣ мекунанд – яъне маросими никоҳу ҷанозаи туркманонро ба ҷо меоранд. Аммо мактабдорӣ намекунанд, сабаби ин дар ин ҷост, ки бештарини онҳо худ бесаводанд. Лекин ба назари халқ мактабдориро «кори паст ва ба шаъни худашон номуносиб» нишон медиҳанд. Аммо мактабдореро, ки онҳоро ҳурмат кунад ва дар ғайбашон ҳам дар пеши мардум онҳоро таъриф намояд, ёрӣ медиҳанд, вагарна «ин мактабдор нодон аст» гуфта дар ӯба роҳ намедиҳанд.

Акаам бо эшонони туркман мувосо карданӣ шуда бо шарикдарси худ дар аввалҳои моҳи ҳамал (охирҳои март) ба дашти Каркӣ рафт.

Ман бо хӯҷаинони худ то гарм шудани ҳаво, то охирҳои айёми тутпазӣ дар Бухоро мондам,вақте ки онҳо ба саҳро баромадан хостанд, ман ҳам ҳамроҳи онҳо рафтам.

## САЁҲАТИ САҲРО

Ман ҳамроҳи домуллои кунҷакиам – Мулло Абдусалом, ки аз хӯҷаинҳои асосӣ ва ҳомии ман дар пеши ҳамошонаш буд, аз шаҳр баромада ба деҳаи Маҳалла, ки хонаи ӯ дар он ҷо буд, омада фуромадам ва аз он ҷо ба деҳаи Маҳаллаи Боло ба хонаи бобову модаркалони модариам рафтам, ки додаронам он ҷо буданд.



Аммо маро дар он ҷо як мусибати бисёр сахт пешвоз гирифт: додари хурдтаракам – Кироmиддин, ки ман ӯро бисёртар дӯст медоштам ва як одами дуруст шуда баромадани ӯро умедвор будам, дар зимистони ҳамон сол мурда будааст. Аммо тағоиҳоям барои моро дар айёми таҳсил ба ғам наандохтан ва парешонҳол накардан ин хабарро ба мо нарасонда будаанд.

Аҳволи додари калонам – Сироҷиддин ҳам бад буд… Ӯ дар асл заифбадан ва сустбунёд буда, дар хонаи модаркалонам боз ҳам сусттар, заифтар ва лоғартар шуда буд. Маълум буд, ки додари хурдам бо вуҷуди ин ки баданаш нисбат ба солаш қавӣ буд, аз ҷиҳати хурдсолиаш ба камхӯрокӣ ва бадхӯрокӣ тоб овардa натавонистааст. Додари калонам, ки калонсолтар буд, як дараҷа ба зиндагонии сахт тобоварӣ карда, то ҳол зинда монда бошад ҳам, аҳволаш ба мурдан наздик расиданашро нишон медод.

Аҳволи зиндагонии хонаводаи бобоям назар ба пештара чанд дараҷа бад шуда буд: пагоҳонӣ як каф мошро бо як каф орди ҷувории сафед ба як деги калони пуроб андохта ҷӯшонда номи вайро «мошоба» монда, ҳар кас яккосагӣ аз вай оби мошнок дам мекашид, пешин нони зағораи аз орди ҷувории сафед пухташударо бо оби сард мехӯрданд ва бегоҳӣ бо ду сар пиёз пиёба (пиёзоба) пухта бо ҳамон зағора мехӯрданд, ё ин ки оби мошноки пагоҳониро дар шаб ҳам такрор мекарданд.

Модаркалони ҳафтодсолаам бо таъсири доғҳои фарзанд ва бадии зиндагонӣ аз ҷо ҷунбида наметавонист. Бобоям, ки синнаш аз ҳаштод гузаштагӣ буд, аз зани худ пурқувваттар наменамуд. Равшанниёз ном тағоиям ба корҳои деҳқонӣ машғулӣ мекард. Чанд рӯзе, ки ман дар он ҷо будам, аҳволи ӯро бо диққат мулоҳиза кардам ӯ бегоҳонӣ, баъд аз торик шудан аз ёбон меомад, ба хонаи модараш даромада дами гарми барои худаш гузоштаро хӯрда аз ҷояш мехест, ба падару модараш як нигоҳи ҳасратомезе мекард ва ба чашмонаш об чарх мезад. Баъд аз он ба касе чизе нагуфта, ба хонаи худаш рафта мехобид, боз пагоҳонӣ аз ҳамон оби гарми мошдор як косаашро фурӯ бурда як дона зағораро дар бағал гирифта ба кори саҳро мерафт.

Назар ба қавли модаркалонам, «Равшанниёзро Худо фақат аз барои меҳнат офаридааст».

Ӯ мегуфт:

– Дар солҳое ҳам, ки аҳволи зиндагонии мо ин қадар бад набуд, Равшанниёз ба касе гап назада ва барои худ ягон чиз талаб накарда, кор мекард. Аммо он вақтҳо ин қадар ғамгин ва маъюс набуд. Аммо дар солҳои охир аҳволи мо бисёр бад шуд: соли вабо аз деҳқонӣ чизе нарӯид, соли гузашта як миқдор ҳосил рӯида бошад ҳам, дар мо ғайр аз се ман (24 пуд) мош, 5 ман (40 пуд) ҷувории сафед чизе намонд. Тухмии киштро, ки аз Абдураҳмонбой қарз гирифта будем, аз сари хирман дучанд карда ба ӯ додем, молиёти замин (андоз) ва даҳяки вақфро амлокдори хонасӯхта ва иҷорадори худобехабар се чанд карда гирифтанд ва андози ҳосили дар соли вабо ба сабаби беҳосилӣ нарӯидаро ҳам ба ҳосили соли гузашта зам карда ситонданд. Ана, баъд аз ҳамин аҳволи Равшанниёз ба дараҷае расид, ки ман ба бисёр умр дидани ӯ умед надорам.

Тағоии аз ҳама хурдам – Ниёзхон чӯпонӣ мекард, ӯ чанд сар гӯсфандони

касони дигарро дар чӯл мечаронид ва бештарин вақтҳои тобистонӣ ва зимистонии ӯ дар чӯли Қизил мегузашт. Назар ба қавли модаркалонам гӯсфандон дар соли вабо бенигоҳубин ва лоғар монда, дар зимистони соли вабо бештарини онҳо дар чӯл ҳаром мурдаанд. Барраҳои гӯсфандони зиндамондаро барои зиёд кардани наслашон имсол накуштаанд ва бинобар ин аз чорво имсол ҳеҷ даромад нашудааст (даромади гӯсфандони қарокӯлӣ пӯсти барраи онҳост, ки дар вақти зоиданашон мекушанд), ҳақи чӯпонӣ, ки иборат аз пашми гӯсфандони касона аст, ба ҳисоби закоти гӯсфандони соли вабо талафшуда ба закотчӣ рафтааст ва хӯроку пӯшоки тағоии чӯпонам ба гардани деҳқонии ношуд бори барзиёд шуда мондааст.

Қурбонниёз, ки баъд аз мурдани тағоии калонам – Мулло Деҳқон калонтарини тағоиҳоям шуда монда буд, баъд аз қозигиро партофта рафтани қозӣ Абдулвоҳид, ӯ мулозимиро тарк кардааст ва ба пахтакашӣ даромадааст: ӯ аз пахтаҷаллобон ғӯзаи ҷойдориро баркашида мегирифт. Ғӯзаро кашида аз ҳаллоҷӣ гузаронида пахта ва пунбадонаро баркашида ба бой месупурд ва дар ин хизмати худ ҳаққи ночизе ба ӯ мерасид.

Модаркалонам гуфт:

– Ман ва бобоят фақат бо ғайрати ҳамин тағоиат намурда истодаем. Ӯ аз ин кори худ пӯшокии аҳли хонаводаро ба қадри зарур тайёр карда, ба болои ин ба мо гоҳо камтар гӯшт ва набот ҳам оварда медиҳад, ки дар ин пирӣ дар тани фартутшудаи мо мадоре мешавад.

Назар ба қавли модаркалонам, Қурбонниёз аз пахтакашӣ ҳар чӣ ёбад, фақат аз ғайрати худ ва аз бисёр кор кардани худ меёфтааст. Вагарна даромади ночизи ин кор ба касоне, ки аз одат берун бисёр кор карда наметавонанд, ба ҷое намерасидааст.

Дар ҳақиқат бо ғайрат кор кардани ин одами оҳанинбадан маро дар ҳайрат андохт: дар вақте, ки ман ба он ҷо рафтам,мавсими пахтакашӣ тамом шуда буд, бо вуҷуди ин Қурбонниёз дар ба дари пахтаҷаллобон рафта як ман-ду ман ғӯза ёфта меомад. Вақте ки ғӯза ба дасташ даромад, худаш, занаш ва зани Равшанниёз ба ғӯзакашӣ медаромаданд. Баъд аз як миқдор пахта кашида шудан ӯ ба сари ҳаллоҷӣ менишаст ва тири ҳаллоҷии вай монанди чархи осиё тез мегашт. Ғӯзакашон, ки ду нафар зан буданд, ман ҳам ба онҳо ёрӣ медодам, чолу кампир ҳам ба қадри қувваташон ба ғӯзакашӣ ҳамроҳӣ мекарданд – ҳамаи инҳо ба ҳаллоҷии вай пахта расонда наметавонистанд.

Тағоии дигарам, ки Алихон ном дошта аз Қурбонниёз ва Равшанниёз хурд ва аз Ниёзхон калон буд, бо вуҷуди дар ҳавлии падар зиндагонӣ кардан, аз оилаи падар ҷудо буд. Ӯ чойфурӯши чорбозоргард буд. Дастмояи ӯ як асп, як хӯрҷин чой ва як санги тарозуи хурди чойбаркашӣ буд. Ӯ ғайр аз рӯзи ҷумъа, ҳар рӯз ба бозоре мерафт, дар он ҷо дар суффачае ё айвончае нишаста чойи худро мефурӯхт. Ҳар вақт, ки чояш кам монд, ба Ғиждувон ё шаҳри Бухоро рафта чой мехарид.

Дар хона пухтупаз ва хӯрокаш ҳам аз дигар аъзоёни оила ҷудо буд. Маълум буд, ки ӯ бо занаш чизҳои бомазатар мехӯрданд, занаш ҳам ба ягон кори оилавӣ иштирок намекард. Ӯ ғиждувонӣ буда, ҷомаҳои серпахтаи майдалагандаи ғиждувонӣ медӯхт. Назар ба қавли Қурбонниёз, даромади Алихон бад набуд. Ва ӯ аз ҳунари занаш ҳам фоида мебурд. Аммо хасис буд ва ба падару модараш ҳеҷ нигоҳубин намекард.

Модаркалонам гуфт:

– Алихон ҳар рӯз бозор меравад. Аммо ягон бор надидаам, ки барои ман ё падараш ягон кулчаи ширмол оварда бошад ва ҳол он ки меъдаи фартутшудаи мо ин зағораи сабилмондаро ҳазм карда наметавонад. Боре падараш ба забон омада: «Барои мо аз бозор як кулчаи ширмол биёр!» – гуфт. Аммо наёвард ва «дар бозор кулчаи ширмол набудааст» – гуфт. Албатта ин гапи ӯро як бачаи яксола ҳам бовар намекунад.

Вақте ки мо додарамонро дар хонаи бобо монда Бухоро рафтем, аҳволи танги ин хонавода ба мо маълум буд. Аммо умедвор будем ки тағои савдогарамон ба ҳамширазодагони худ ёрӣ дода, онҳоро аз мурдан нигоҳдорӣ хоҳад кард. Аз ҳикояи модаркалонам пай бурдам, ки ӯ ба додаронам ҳеҷ ёрӣ надодааст. Бо вуҷуди ин, барои дурусттар фаҳмидани ин ноодамгарии ӯ ба модаркалонам гуфтам:

– Маълум мешавад, ки Алихон ба додарони ман хуб нигоҳ накардааст. Ва ҳол он ки ҳамаи умеди мо аз вай буд.

– Хуб нигоҳ накардан он сӯ истад, – гуфт модаркалонам, – ҳеҷ нигоҳ накард. Кироми̇ддин аз зағорахӯрӣ ба бемории бадҳазмӣ гирифтор шуд. Ӯ зағора мехӯрд ва даррав қай мекард. Баъд аз соате боз нон талаб мекард. Мо аз рӯи буд боз зағора медодем, боз қай мекард. Он бачаи фарбеҳи шуданӣ дар ин беморӣ дар муддати як моҳ гӯё барф буд, ки об шуд ва чорчӯбчаи қоқ шуда монд. Як бор аз Алихон ва занаш барои вай як парча нони гандум пурсидем, «надорем» гуфта надоданд. Ва ҳол он ки ҳар ҳафта як танӯр нони гандум мепухтанд.

Модаркалонам як оҳи дароз кашида, боз давом намуд:

– Ба додаронат нигоҳ кардан он тараф истад, ҳатто ӯ ба шумоён даъво кардан ҳам мехост, – гуфт модаркалонам.

Ман аз ин сухани модаркалонам дар тааҷҷуб афтодам, ки тағоиам ба мо чӣ даъво дошта бошад? Ва ҳол он ки дар байни мо ва ӯ ва дар байни падару модари мо ва ӯ ҳеҷ муомилаи пулӣ нагузаштааст, ки ба даъво оид шавад. Нохост мулоҳизаи зерин ба хотирам расид: «Шояд Алихон дар бораи аз мо гирифтани хароҷоти мурдаи модарам ба падару модараш чизе нагуфта бошад ва аз он ваҷҳ моро қарздор нишон дода ва «харҷи мурдаи духтаратонро ман кардам» гуфта онҳоро аз худаш миннатдор карда гашта бошад» ва ба ин мулоҳиза ба модаркалонам гуфтам:

– Агар даъвои тағоиам аз ваҷҳи хароҷоти мурдаи модарам бошад, ӯ он хароҷотро аз мо тамоман ва ба ҳисоби мо ҳатто барзиёд рӯёнда гирифта буд. Боз чӣ даъво доштааст?

– Аз он ваҷҳ не! – гуфт модаркалонам.

Бо шунидани ин ҷавоби модаркалонам мулоҳизаи аввалинам хато ва даъвои тағоиам ҷиддӣ баромад. Парешонии сахте дар аҳволам рӯй дод, аз як тараф, барои ин даъвои беасоси номаълум, ки аз тағоии худам – аз додари модарам ба мо шуданӣ будааст, оташин мешудам ва аз тарафи дигар, аз кадом ваҷҳ

будани он даъворо нафаҳмида дар ҳайрат мемондам. Охир бо оҳанги ғазаболуд аз модаркалонам пурсидам:

– Пас, аз кадом ваҷҳ будааст, он «даъвои нони қоқ?*»

Модаркалонам вайрон шудани вазъи ман ва парешон шудани аҳволамро пай бурда аз гапи гуфтагиаш пушаймон шуд ва рӯи он гапро пӯшондан хоста гуфт:

– Алихон аз чорбозоргард шуданаш боз хасис ва тангчашм шудааст. Феълу атвори бойҳои калонро тақлид карда бавачҳу бевачҳ ба ҳар кас даъвогар шудан мегирад. Пир шудаам, майнаам холӣ шудааст, гапамро ҳар замон гум мекунам ва чӣ гуфтанамро нафаҳмида мемонам, набошад, ба шумоҳо даъвогар шуданашро нашунидаам ва надониста гуфтаам.

Албатта, ман бо ин «ислоҳкории» бемантиқонаи модаркалонам қаноат накардам ва парешонҳолиам давом кард. Лекин дар рӯзи дуюми ин сӯҳбат ҳақиқати он даъво ба ман равшан гардид.

* * *

Рӯзи якшанбе рӯзи бозори Деҳнави Абдуллоҷон буд. Бозорҷо ба деҳаи тағоиҳоям пахлу ба пахлу буд. Ман ҳамроҳи тағоии калонам – Қурбонниёз ба бозор рафтам. Мо ба сари дукони тағоии чойфурӯшам, ки дар як суффачаи баланд буд, нишастем. Аз чойхарони шинос ҳам чанде он ҷо ғун шуданд. Сухан бар болои шинохта шудан ё нашудани сифати чойи хушк мерафт. Баъзеҳо мегуфтанд: «Чойро то дам карда нанӯшед, шинохтан мумкин нест», баъзе дигарҳо мегуфтанд: «Фақат бо дам карда дарҳол нӯшидан ҳам сифати чой муайян намешавад, балки баъд аз дам кардан чанд дақиқа дам дода мондан даркор аст. Агар дар муддати дароз ранги оби чой барнагардад ва бӯи бегона пайдо накунад, маълум мешавад, ки чойи аъло будааст».

Баъзеи дигар мегуфтанд, ки: «бо ранги чойи хушк ва бӯяш сифати он ва дараҷаи пастиву баландии он маълум мешавад. Ба дам карда монда нӯшидан ҳеҷ эҳтиёҷ нест».

Қурбонниёз ба гап ҳамроҳ шуда гуфт:

– Хоҳ чой бошад, хоҳ орд, хоҳ биринҷ бошад, хоҳ чизи дигар, дар ҳолати хомиашон шинохтан мумкин аст, фақат як қадар таҷриба даркор аст. Аммо дар дунё як чиз ҳаст, ки шинохтани вай ҳеҷ мумкин нест. Агар солҳо таҷриба кунӣ ва шинохтам гуфта қарор диҳӣ, ногоҳ маълум мешавад, ки як ҷои вайро нашинохта будӣ. Ин чизи касношинос – одам аст. Баъзеҳо мегӯянд, ки «одамро аз зоту зурёташ шинохтан мумкин аст. Агар бобову аҷдод ва падару модари касе нағз бошанд, ӯ ҳам нағз мешавад, агар бад бошанд, бад мешавад». Ин нодуруст аст. Бо зот нағзиву бадии ҳайвонотро муайян кардан мумкин аст. Аммо одам – зот надорад. Бисёр мешавад, ки аз одами нағз бад мерӯяд ва аз одами бад одами нағз. Одам безот аст. Ҳар кадоми одамҳо бо хислати ҷудогона мерӯянд, парвариш мёбанд ва калон мешаванд.

Тағоиам чойи дар даст доштаашро нӯшида пиёларо ба додараш Алихон дода ва ба ӯ як нигоҳи тезу тунд карда давом намуд:

*Дар Бухоро даъвои беасосро даъвои нони қоқ мегуфтанд



– На танҳо одамҳои берунаро шинохтан мумкин нест, ҳатто як одами махсусро, масалан, як хеши наздики худатро, умре таҷриба кунӣ, «акнун шинохтам» гуфта муқаррар намоӣ, рӯзе як нағма мебарорад, ки он «нағма» пештар ба ту маълум нашуда буд. Ба тариқи мисол: ман бародари худам Алихонро нишон медиҳам.

Чашмони аҳли сӯҳбат бо тааҷҷуб ба тарафи Алихон дӯхта шуд ва Алихон бо шубҳа ва ҳайрат ба бародари калонаш диққаткорона менигарист. Ӯ ба як изтироби даруни гирифтор шудагӣ барин менамуд – ӯ бесаброна мунтазири шунидани шарҳи хислатҳои худ аз забони бародараш буд.

Қурбонниёз сухани худро давом дод:

– Ана ҳамин Алихон додари ман мешавад. Мо ҳар ду аз як падару модар рӯидаем. Ман аз ин ҳашт сол калонтар мебошам. Гуфта метавонам, ки ман ӯро бардошта калон кардаам. Бинобар ин мебоист ман ӯро дуруст шинохта гирифта бошам. Лекин ҳамин сол фаҳмидам, ки ман то ҳол ӯро дуруст намешинохта будаам.

– Чӣ навъ?.. Чӣ навъ? – Аз ҳар кадом дар он ҷо ҳозирбудагон суол афтодан гирифт.

– Ана ин тавр, – гӯён Қурбонниёз ба сухани худ давом кард, – ин (маро нишон дода) ҷияни мо – писари ҳамшираамон мешавад, ки вай ҳам бо мо аз як падару модар рӯидааст. Ин як бародари калон ҳам дорад, ки бештарини шумоён вайро мешиносед. Инҳо ду додар ҳам доштанд, ки яке аз онҳо ин зимистон мурд. Ҳозир ин ҷиянҳо се нафаранд. Соли вабо падару модари инҳо мурданд. Ин бачагон дар рӯзи сахт афтоданд. Бо вуҷуди ин ин ва бародари калонаш барои хондан ба Бухоро рафтанд. Ана ҳамин додари савдогарам, ба ҷои ин ки ба инҳо ёрмандӣ кунад, даъвогар шуда баромад.

Чӣ навъ?.. Чӣ навъ?..

Боз суоли тааҷҷубомези аҳли сӯҳбат такрор ёфт. Дили ман бошад, дар печутоб ва синаам ба нафаскашӣ тангӣ кардан гирифт. Чунки дирӯз боз, аз бозе, ки бо модаркалонам сӯҳбат кардам, чӣ будан ва аз кадом ваҷҳ будани он даъвои беасос дар дили ман як ғудда (гиреҳи гӯштӣ) шуда монда буд ва ман дар бораи аз кадом ваҷҳ будани вай ҳарчанд фикр мекардам, ақлам ба ҷое намерасид. Акнун вақти он омада буд, ки ман чӣ будан ва аз кадом ваҷҳ будани он даъворо фаҳмам. Аммо дилам то шарҳ додани Қурбонниёз тоқат карда наметавонист. Ман бесаброна мехостам, ки ӯ чӣ будани он даъворо на бо сухан, балки монанди як парча санг ё кулӯх ба даст гирифта нишон диҳад, то ки ман зудтар фаҳмам ва ғуддаи дилам кушода шавад.

Қурбонниёз давом намуд:

– Дар вақте, ки ҳамшираи моро ба падари инҳо никоҳ мекарданд, аз рӯи одати муқаррарӣ дар маҷлиси никоҳ аз хешовандони домод талаб кардаанд, ки маҳри муаҷҷалро, яъне маҳреро, ки дар вақти барҳам хӯрдани никоҳ – хоҳ бо талоқ бошад, хоҳ бо марги яке аз зану шавҳар, –дода мешавад, муайян кунанд. Онҳо барои ин маҳри мӯҳлатӣ рӯи дарича дар деҳаи Соктаре доштаи язнаамонро таъин кардаанд.

Тааҷҷуби шунавандагон торафт зиёд мешуд ва ҳеҷ кас намефаҳмид, ки ин

ҳикоят ба даъво чӣ дахл дошта бошад ва тааҷҷуби ғазаболуди ман аз дигарон зиёдтар боло мегирифт.

Қурбонниёз давом намуд:

– Ин додари савдогарам, намедонам, ин воқеаро аз кӣ шунида будааст, ки баъд аз мурдани падари инҳо аз рӯи шарти никоҳ ҳамон рӯидарича моли ҳамшираи мо мешудааст ва аз ду таноб замин, ки аз падари инҳо мондааст, ба тариқаи мерос низ ҳаштяк ба ҳамшира мерасидааст, ки чоряки таноб мешавад. Ин бо чоряки таноб рӯидарича – ҳамагӣ ним таноб мешудааст. Азбаски ҳамшираамон дар зиндагии падару модараш мурд, аз рӯи шариат шашяки моли духтарашон, яъне шашяки ҳамон ним таноб замин ба падару модарамон мерасидааст. Ана ҳамин додари боямон хост, ки аз ҷониби падару модарамон ба ҷиянҳои дар роҳ мондаамон даъво карда, шашяки ҳамон ним таноб заминро гирад.

«Ҳай, ҳай»-ҳо ва сарҷунбониҳои афсӯсомез аз тарафи аҳли сӯҳбат сар шуд. Намедонам Алихон шарм дошт ё не. Аммо ман ба сабаби тағоиам буданаш аз кори ӯ шарм дошта на ба одамон нигоҳ мекардам ва на ба ӯ.

– Шумо фикр кунед, ки, – гӯён Қурбонниёз давом кард, – ин чӣ қадар пастӣ ва тангчашмист. Ман хасисӣ ва тангчашмии додарамро медонистам, на ба хешу таборҳо, ҳатто ба падару модараш ҳам раҳм надоштан ва ғамхӯрӣ накардани ӯро кайҳо фаҳмида будам ва медонистам, ки ин худписанд, худбин ва худхӯрам аст, аммо ба ин дараҷаи пастӣ фуромада рафтани ӯро ҳамин сол фаҳмидам.

Қурбонниёз чойи дар даст доштаашро нӯшида боз давом намуд:

– Агар ҳамин даъворо карда, ҳамон шашяки ним таноб заминро мегирифт ҳам, ба ӯ чӣ мерасид? Ҳоли ҳозир чизе ба ӯ намерасид, чунки вай моли падар ва модарамон ҳисоб меёфт. Аммо баъд аз сари онҳо – агар то он вақт ин савдогар зинда монад, дар қатори панҷ нафар меросхӯр як саҳм мегирифт, ки ба пули нимча (500 грамм) чой баробар намешуд. Ин ниҳоят дараҷаи пастӣ ва пастназарист. Ҳар чӣ бошад, падару модарамон ба ин беобрӯӣ ва пастӣ роҳ надоданд ва бе ваколати онҳо ин аз ҷониби онҳо даъво карда наметавонист. Лекин ҳар рӯз падару модари пири худро азоб медиҳад ва гапҳои сахт мезанад, ки «чаро ба ӯ барои ин даъво ваколат намедиҳанд?»

Ман баъд аз тамом шудани ҳикояти Қурбонниёз қадре сабук шуда, сар бардошта ба аҳли маҷлис нигаристам. Нохост чашмам ба тағоии савдогарам афтод: ӯ дар зери обу араќи шармандагӣ монда буд, сар хам карда менишаст, на ба ман, на ба бародараш ва на ба он касоне, ки дар он ҷо буданд, нигоҳ карда наметавонист. Чойнӯшон ва харидорон барои сабук намудани бори шармандагии ӯ ягон-ягон хеста рафтанд.

Баъд аз танҳо монданамон Алихон, бе он ки сар боло кунад, ба бародараш гуфт:

– Дар пеши мардуми бегона маро шарманда карданат лозим набуд.

– Ман мехостам, ки, – гуфт Қурбонниёз, – туро барои ин хислати бадат ҷазои сахт диҳам. Лекин, агар туро зада дасту поятро мешикастам ҳам, ҷазо мувофиқи гуноҳат намешуд ва ҳеҷ нафъе ҳам надошт. Ба болои ин, даст ба гиребон шудани мо бародарон сабаби ранҷиши падару модар мегардид, ки ин ба назари ту чизе набошад ҳам, ба назари ман гуноҳи азим аст. Ман фикр карда-фикр



карда ҳамин ҷазоро ёфтам, ки туро дар пеши мардум шарманда кунам, то ки ту ин одатҳои бади худро партоӣ. Агар ту бо ҳамин дуруст шавӣ ва ба падару модарат бадмуомилагӣ накунӣ, ман ин ҷазоро барои ту басанда ва худро хушбахт мешуморам. Не, агар боз бо роҳи ҳамон одатҳои паст ва бади худ рафтан гирӣ, ба дидани шармандагии аз ин ҳам бадтар ва сахттар ҳозир бош!

Ман аз ин сӯҳбат хеле хурсанд шудам: аввал он ки ман ҳақиқати даъворо ва бе кӯшиши мо, бародарон, бартараф шудани онро дониста аз шубҳа ва парешонӣ баромадам; дуюм ин, ки тағоиҳои худро шинохтам ва инро ҳам фаҳмидам, ки тағоии савдогарам чӣ қадар бадтинат ва пастназар бошад, тағоии пахтакашам ҳамон қадар олиҳиммат ва донишманд будааст. Ва ҳол он ки ҳар дуи онҳо ҳам бесавод, дар як хонадон, дар пеши як падару модари бесавод, дар як деҳа ва дар як муҳит парвариш ёфта калон шуда буданд. Аммо ман дар он вақтҳо намедонистам ва намефаҳмидам, ки ба тағоии савдогарам феълу атвори савдогарон таъсир карда, ӯ хислати тангчашмии савдогарӣ пайдо кардааст ва тағоии калонам ба замми ин, ки бо меҳнати ҳалол зиндагӣ мекард, дар вай таъсири қозӣ Абдулвоҳиди Сарир буд, ки ӯ шоир ва донишманди замони худ буда, аз ҳамфикрони Аҳмад-махдуми Калла буд.

* * *

Қурбонниёз барои хабар гирифтани додараш ба чӯл рафтан хост:

– Агар ба саёҳати чӯл ҳавас дошта бошӣ, туро ҳамроҳи худ мебарам, гуфт ӯ ба ман.

– Ман бо хурсандӣ қабул кардам. Чунки бӯи бади шаҳри Бухороро фақат шамоли чӯл метавонист аз димоғи ман бубарад. Қурбонниёз як танӯр зағора пазонда ба хӯрҷин андохт. Мо ҳар ду ба ду хар савор шуда роҳи чӯлро пеш гирифтем. Баъди аз деҳа баромаданамон қадам ба қадам ҳаво беҳтар мешуд. Чун аз рӯди кӯҳнаи Шофирком гузашта аз ободонии мадании деҳот баромадем, ҳаво боз ҳам форамтар шуд. Бо вуҷуди охири баҳорон ва аввали тобистон будан ба сабаби серборонии он сол алафҳои худрӯи дашт ҳанӯз сабзу хуррам буданд, ҳар ҷо-ҳар ҷо парча-парча лолазорҳои гуногунранг ҳам ба назар менамуданд.

– Тағоиам магар аз хомӯшона рафтан дилтанг шуд, ки аз дидаву шунидаҳояш гап сар кард. Ӯ бештарин аз аҳволи қозӣ Абдулвоҳид ва аз хубиҳои ӯ гап мезад.

– Ман аз ӯ пурсидам:

– Шумо чаро баъди қозигиро партофта рафтани қозӣ Абдулвоҳид ба ягон қозии дигар мулозим нашудед? Магар пахтакашӣ ба шумо душворӣ намекунад?

– Ҳа, – гӯён ӯ дар ҷавоби ман гап сар кард, – вақте ки қозии марҳум қозигии Ғиждувонро партофта Бухоро рафтан хост ва мо чанд нафар мулозимони қадрдонаш кӯчи ӯро то шаҳр бурда ба хонааш фуровардем, ӯ моро дар он ҷо як шаб меҳмон кард. Пагоҳони он шаб бо вуҷуди бемориаш маро ҷеғ зада ба пеши худ даровapда пурсид. «Боз ба ягон қозӣ мулозимӣ кардан мехоҳӣ?» Ман, ки дар он вақт ҳамаи қозиҳоро монанди ӯ гумон мекардам, бе ибо «мехоҳам» гуфтам. Ӯ ба фикр фурӯ рафт. Баъди андак хомӯшӣ гуфт: «Писари Орифхони аълам – Порсо-

хон дар ҳамин рӯзҳо қозӣ шудааст. Аҷаб нест, ки ҳанӯз ба зулму бедод одат накарда бошад. Майлат, агар мулозимӣ кардан хоҳӣ, туро ба пеши ӯ мефиристонам. Чанд мулозими қадрдони дилгарм ҳам ба ҷое барои мулозимӣ фиристоданашонро талаб карда буданд, онҳоро ҳам ҳамон ҷо мефиристонам ва ба ҳамаатон як хат медиҳам». Мо панҷ нафар будем. Ҳамон рӯз бо мактуби қозӣ Абдулвоҳид ба қозихонаи Порсохон рафтем, ки дар тумани Гаждумак буд. Мо мактубро ба ӯ додем. Вай баъд аз ду рӯз ҳамаи моро якҷоя ба пеши худ даровард. Баъд аз пурсидани аҳвол ва чанд сол мулозимӣ кардани ҳар кадоми мо, ӯ гуфт: «Равияи қозӣ Абдулвоҳид, ки шумо дар дари хонаи ӯ тарбия ёфтаед, дигар буд ва кордории мо, ҷавонқозиён, дигар аст, чунонки ҷаноби олӣ ба мо ба андозаи ба давлат чӣ гуна хизмат карданамон ва ба хурсандии зоти олӣ чӣ навъ кӯшиданамон баҳо медиҳанд, мо ҳам ба мулозимони худ ба андозаи коркунии онҳо баҳо медиҳем. Мулозими кордон ва коркун он аст, ки то метавонад аз фуқаро мӯҳронаи қозиро зиёдтар рӯёнад ва аз мурофиачиён ҳақи хизматро бештар ситонда ва нимаи онро ба соҳибдавлати худ (ба қозӣ) супорад. Агар шумоён ҳамин тарз хизмат карда тавонед, аз шумо ҳам ман розӣ мешавам, ҳам ҷаноби олӣ хушнуд. Як сар аспи худатон ҳам ду сар шуда, ба хушӣ рӯзгор мегузаронед. Вагарна дар пайи ягон кори бечорагии дигар меравед». Ман бо шунидани ин «насиҳати» қозии ҷавон, бе он ки аз вай рухсат гирам, ба хонаи худ баргаштам ва аз ҳамон рӯз сар карда дар пайи кори пахтакашӣ афтодам.

– Хуб, аз пахтакашӣ зиндагӣ чӣ навъ мегузарад? – ман боз пурсидам.

– Тағоиам баъд аз қадре хомӯш истодан ҷавоб дод:

– Пахтакашӣ дар асл кори бад нест, касе ки қувват ва сиҳат дошта бошад, барои ӯ ин кор душворӣ ҳам намекунад ва агар соҳибкорон бо ростӣ музд диҳанд, зиндагӣ ҳам аз ин кор бад намегузарад. Аммо афсӯс, ки ҳамаи пахтаҷаллобон, ки хӯҷаинони пахтакашон ҳисоб меёбанд, дузд ва фиребгаранд. Бо дуздии дар баркаш якта нони пахтакашро як бурда карда медиҳанд.

– Дар ин ҷо тағоиам мазмуни он чизҳоеро, ки дар бобҳои IX–X ва XII қисми якуми романи «Ғуломон» дар бораи аз деҳқонон баркашида гирифтани ғӯза ва ба пахтакашон баркашида додани он дар ҳавлии Абдураҳимбой ва дар бораи ҷанҷоли бой бо пахтакашон тасвир ёфтааст, ба тафсил ҳикоя карда, дар он ҷанҷол ба қозихона кашида шудани худашро ҳам нақл намуд (дар бобби XII қисми якуми романи «Ғуломон» ман образи ин тағоиамро бо номи «Тӯтибурути Рустам» нишон додаам).

* * *

Мо дар ин вақт ба сари як ҷӯи ботилшуда расидем, ки аз рӯди хушкшударафтаи Ҷилвон дар вақти серобии он об мегирифтааст. Ман номи он ҷӯйро аз тағоиам пурсидам. Ӯ ҷавоб дод:

– Азбаски ин ҷӯй дар замони серобиаш Тезгузар ном деҳаро об медодааст, ба вай «ҷӯи Тезгузар» ном додаанд.

Ман, ки дар фаҳмидани маънии калимаҳо ва муносибати номҳо ба соҳибонашон ҳавас доштам, аз ӯ пурсидам:

– Он деҳаро чаро Тезгузар номидаанд?



Ӯ дар ин бора як афсонаи халқиро ҳикоя карда дод. Назар ба нақли ӯ, дар замони пеш дар лаби ҷӯи деҳа бойдухтари соҳибҷамоле менишастааст. Ӯ дар даст косае доштааст, ки бо вай аз ҷӯй об гирифта менӯшидааст.

Дар ҳамин вақт чӯпонписаре аз чӯл пиёда бо тарафи дигари ҷӯй меомадааст. Чун чашми чӯпонписар ба рӯи зебои духтарак афтодааст, ба ҳусну ҷамоли ӯ мафтун шуда, ба ӯ нигариста рост истода мондааст.

Духтарак аз вай пурсидааст:

– «Ин чӣ нигоҳи аҷиб!

Рӯяма хӯрдӣ қариб».

Чупонписар ҷавоб додаст:

– «Ошиқаму беқарор!»

Духтарак косаи дар даст доштаашро ба тарафи ӯ дароз карда гуфтааст:

– «Косая бар зар биёр!»

Чӯпонписар ҷавоб додаст:

- «Муфлисаму раҳгузар!»

Бойдухтар ба ӯ мағрурона гуфтааст:

– «... нахӯру тез гузар!»

Ана ба ҳамин муносибат номи он деҳа Тезгузар шуда мондааст.

* * *

Мо аз рӯди Ҷилвон гузашта ба мазори Чилдухтарон расидем. Ин мазор дар домани чӯл буд. Дар он наздикиҳо на деҳа буд, на девор, на дарахте буд, на киштзор. Фақат дар он ҷоҳо буттаҳои алафҳои худрӯ буд, ки саракҳои онҳоро рамаҳои раҳгузар каллак карда хӯрда ба дарунтари чӯл гузашта рафта буданд. .Тағоиам дар бораи номи мазори Чилдухтарон афсонае нақл кард. Назар ба қавли ӯ, дар замони гузашта дар деҳаҳои Тезгузар ва Боғи Афзал ғуломдорӣ бисёр авҷ гирифта будааст. Дар ин ду деҳа аз канизакон чил духтар будаанд, ки мирзоҳошон (соҳибонашон) ба онҳо бисёр зулм мекардаанд.

Чун «кор ба ҷону корд ба устухони» он канизакон расидааст, як шаб ҳамаашон гапро як ҷо монда, баъд аз хобидани соҳибонашон ба тарафи чӯл гурехтаанд.

Баъд аз гурехтани духтарон мирзоҳошон хабардор шуда, ба миёнашон шофу шамшер баста, бар аспҳои бидав савор шуда, аз пайи онҳо баромадаанд ва дар лаби Ҷилвонрӯд сиёҳии онҳоро дида, аз дунболашон асп давондаанд.

Каниздухтарон, ки ба худашон наздик расида омадани хӯҷаинҳошонро дидаанд, ба Худо зурна кардаанд, ки онҳоро дар зери замин ҷо диҳад, то ки онҳо дигарбора ба дасти он золимон афтода гирифтори азобу укубати тоқатфарсо нашаванд.

«Худо дуои онҳоро қабул карда заминро кафондааст». Он чил духтар аз шикофи кафидагӣ ба зери замин даромадаанд ва ҷои кафидагӣ боз ба ҳам омада дар зери вай рафтани он чил духтар номаълум шуда мондааст ва ба ҳамин муносибат номи ин ҷо «Чилдухтарон» шудааст.

Мо аз он ҷо гузашта ба Хариз ном ҷое расидем, ки чорводорони деҳаҳои тобеи Деҳнави Абдуллоҷон дар он ҷо буда, дуртар аз якдигар хонаҳои сиёҳ зада

нишаста буданд. Хизматгорони онҳо гуппӣ мезаданд. Аммо рамаҳоро чӯпононашон барои чаро ба ҳар тарафи чӯл ронда бурда будаанд. Дар қатори онҳо чӯпон тағоиам ҳам гӯсфандони ба худаш супурдашударо ба чаро бурда будааст (тағоиам дар сабаби номи Хариз вобаста ба афсонаи Чилдухтарон як ҳикоя гуфта буд. Аммо нақли он дар ин ҷо муносиб дида нашуд).

Қурбонниёз моро дар пеши хонаи сиёҳи додараш гузошта, худ ба кофтукови ӯ рафт ва баъд аз соате ӯро ёфта омад. Ниёзхон тағоиам моро ҷурғот зиёфат карда, худ бо ҷувории сафед оши кашкпазӣ сар кард. (Ман зиндагонии чӯпонон ва оши кашкпазии онҳоро дар бобҳои V ва VI қисми сеюми романи «Ғуломон» тасвир кардаам.)

Қурбонниёз ба даруни хонаи сиёҳ даромада хобид. Ман оҳиста-оҳиста қадам зада барои гардиш аз он ҷо дур шудам. Дар он ҷоҳои биёбон хомаҳои хурд-хурди реги сурх ва талчаҳои пастак-пастак қатор шуда рафта буданд. Чун аз дусе хомаву тепа гузаштам, аз тарафе овози ҳазини найи чӯпонӣ баромада моро ба тарафи худ кашид.

Ман боз аз якчанд хома ва талча гузашта ба теппачае, ки аз болои вай садои най мебаромад, расидам. Дар камари талчаи пастак гӯсфандон мечариданд. Ман ба болои тепа баромадам. Дар он ҷо пирамарди 80-солае, ки мо ӯро Бобоғулом мегуфтем ва писараш бо акаам ширхӯра буд, рамаи аз тарафи хӯҷаинаш ба дасташ супурдашударо ба чаро сар дода, худ най навохта нишастааст.

Ман ин одамро бинобар ширхӯра будани писараш бо акаам дар хурдсолиам чандин бор дида бошам ҳам, ба аҳволи ӯ диққат накарда будам. Ӯ маро дида шинохт ва найро ба як сӯ гузошта, баъд аз вафоти падару модарам чӣ гуна гузашта истодани зиндагонии моро пурсид:

Ман ба таври кӯтоҳ ба ӯ ҷавоб дода хостам, ки саргузашти ӯро дониста гирам. Чунки ғулом будани ӯро ва дар хурдсолӣ аз тарафи туркманон тохта оварда фурӯш шудани ӯро медонистам ва аз ӯ пурсидам, ки дар он бора ба ман ҳикоя карда диҳад.

Ӯ ба ман бо тафсил саргузашти худаш ва ҳамдеҳаҳояшро нақл кард. Ин ҳамон Раҳимдод буд, ки аз тарафи ғоратгарони туркман тохта шуда бо номи Неқадам (Неккадам) дар ҳафтсолагиаш ба Абдураҳимбой ном маҳаллаи болоӣ фурӯш шуда буд. (Саргузашти ин пирамард сюжети асосии қисми якуми романи «Ғуломон»-ро ташкил кардааст.)

Ман дар шунидани саргузашти Бобоғулом чунон ғарқ шудаам, ки тағоиҳоямро фаромӯш карда бегоҳ шудани рӯзро ҳам нафаҳмида мондаам. Як вақт садое ба гӯшам расид, ки касе маро ном бурда чеғ мезад. Ман ба болои тал рост шуда ба тарафи омади садо чашм дӯхтам: тағоии хурдам – Ниёзхон ба болои теппачае рост истода, кафи дасташро ба паҳлуи даҳонаш гирифта ва ба ҳар тараф рӯяшро гардонда маро чеғ мезад.

Ман дарҳол бо садо ҷавоб дода пеши ӯ расида омада бо вай ба хонаи сиёҳ даромадем. Қурбонниёз аз ғоиб шудани ман хеле парешон шуда «мабодо ба чанголи гург наафтода бошад» гуфта тарсида будааст. Баъди хӯрдани кашк ман бо Қурбонниёз аз чӯл баргаштем ва баъди се соат аз шаб гузаштан ба хонаи бобо расида омадем.



Дар пеши ман ҳал кардани масъалаи додари зиндамондаам – Сироҷиддин истода буд. Агар ӯ боз дар хонадони бобоям мемонд, мурданаш муқаррар менамуд. Бинобар ин дар дили худ қарор додам, ки ӯро ҳамроҳи худ шаҳр барам, «ҳар чӣ шавад, дар пеши назари худамон шавад». Аммо пеш аз он ки ба шаҳр равам, ба Соктаре, ба хонаи худамон рафта омаданам лозим буд. Дар ҳамин муддат дилам нахост, ки додарамро аз худ ҷудо кунам – ӯро ҳам ҳамроҳи худ ба Соктаре бурдан хостам.

Як рӯзи бозор Қурбонниёз тағоиам моро то Ғиждувон бурда монд, мо аз он ҷо бо бозорчиёни Соктаре ба деҳаи худ рафтем. Парешонии аҳволи хешу таборон, харобии ҳавлӣ ва рӯидаричаи худамон маро парешонҳол ва дилгир кард: Тӯтапошшо мурдааст ва баъд аз марги ӯ хонааш аз аввалааш ҳам харобтар шуда мондааст. Дар рӯи ҳавлиаш шӯра ва алафҳои бадбӯй рӯида хушкида монда буданд. Дари хонааш кушодагӣ, аммо ҳамон пӯстакча, ки ягона палоси хонаи вай буд, бо чағбутҳои чиркин дар рӯи хонааш мехобид. Вақте ки ман гӯё «барои ёд кардан ва хурсанд намудани рӯҳи ӯ» ба хонааш даромадам, аз мағзи чағбутҳояш як гурбаи ёбоӣ, ки дар он ҷо хобида будааст, ҷаста хест ва ба тарафи ман ғурроси ваҳшиёна карда аз дар баромада гурехт. Ин буд ягона ҷонишини он кампир.

Аз он ҷо ба тарафи хонаи Султонпошшо, ки зани Иброҳимхоҷа буд, гузаштам. Ӯ бемор мехобид ва дар паҳлуяш як писарчаи 4-солааш буд, ки вай ҳам бемор буд. Ҳомидхоҷа – хоҳарзодаи шавҳараш беморпарастӣ мекард.

Султонпошо маро дида аҳволпурсӣ кард ва ба ман таъкид намуд, ки ба хонаи Тӯтапошшо нигоҳ накунам, чунки «дар он ҷо деви ҳафтсар хона монда будааст». Магар ин бечораи хаёлотӣ ҳамон гурбаи ваҳширо «деви ҳафтсар» гумон кардааст. Шавҳарашро пурсидам:

– Дар сари мазор чила нишастааст ва як моҳ боз ба хона наёмадааст, – гуфт:

Аз он ҷо ба хонаи Усто амак рафтам. Дар ҷои он одами хушвақти чақчақии боғайрат як одами ба мурдан наздикрасида мехобид, ки қувваи гап задан надошт. Ӯ бо садои вингоси магасмонанд аз ман аҳволпурсӣ кард. Баъд, аз сари зимистон боз бемор хобиданашро, кор карда натавонистанашро ва як порча заминашро маҷбур шуда бо нархи арзон ба қозибачаҳо фурӯхта хӯрданашро ҳикоя кард.

Ман аз ӯ аҳволи писараш Икромхоҷаро пурсидам.

– Аз бозе, ман бемор шудаам, ӯро надидаам. Бе ҷавоби ман харро савор шуда баромада рафтааст. Мегӯянд, ки «ӯ дар Вобканд дар хонаҳои хешони модараш будааст», – гуфт дар ҷавоб ва илова кард, – Сайид Акбарро агар дар шаҳр бинӣ, бемории маро ба ӯ фаҳмон ва аз забони ман гӯй, ки аз ман хабардор шуда истад ва мурдаи маро гӯронад.

Дар хона, дар атрофи Усто амаки бемор занаш, ду духтари хурдаш ва як писари навзодаш буданд, ки ранги рӯи онҳо ҳам аз бемори чандинмоҳа беҳтар набуд.

Аҳволи ҳавлӣ ва рӯидаричаи худамон ҳам маро дар андӯҳ андохт. Аммо аҳволи ҷое, ки тамоман бекас монда бошад, аз ин беҳтар нашуданаш табиӣ буд; дарахтҳои мевадори рӯидарича ва поини суффа аз об нахӯрдан сархушк шуда

мондаанд, ҷои кадукории ман шӯразор ва хорзор шуда мондааст. Кӯрпаҳоро муш задааст, дар намад куя пайдо шудааст ва ҳоказо.

Заминро акаам ба як деҳқон супурда буд, аз вай хабар гирифтам, назар ба қавли ӯ, як таноб ғӯза кишта будааст, ки вай ҳам пояхушк шудааст, як таноброгандум кишта будааст, ҳосили вай ба хароҷоти худи замин нарасидааст. Дар охири суханаш он деҳқон ба ман таклиф кард, ки заминҳоро ба худи ӯ, ё ба қозибачаҳо фурӯшам. Аммо ман қабул накардам ва «бе ҷавоби акаам ҳеҷ кор карда наметавонам» – гуфтам.

Дар пеши ман масъалаи дар тобистон таъмин кардани маишати худам ва додарам истода буд. Бинобар ин ман ба фурӯхтани асбоби хона даромадам. Аввал кӯрпа ва кӯрпачаҳои мушзадаро бо намади куязада ва дегу табақ фурӯхтам. Баъд аз он дукони бофандагии падарро бо абзоли чархтарошиаш пул кардам. Ва ба ин восита аҳволи хӯроки мо дар тобистон бад нашуд, рӯи додарам ҳам сурхӣ пайдо кард.

Аз ғайри ин аз он пул мо ҳар ду ду куртаву лозимӣ ҳам карда гирифтем.

Аз ҳамдеҳагони мо – аз он касони солхӯрда ва миёнсол, ки дар соли вабо намурда монда буданд, бештаринашон дар он зимистон мурда ва замини як қисми онҳо дар хароҷоти гӯру кафанашон ба қозибачаҳо, ки заминдори калони он деҳа буданд, гузаштааст ва фарзандони он мурдагон мардикор ва чоряккор шуда мондаанд. Дар қатори он зимистон мурдагон Лутфулло Гӯппон ҳам буд, ки ба вай дилам бисёр сӯхт.

Аз чӣ бошад, деҳаи Соктаре аз деҳаи Маҳаллаи Боло ба назари ман беҳтар намуд. Чунки аз даруни вай ҷӯи калон мегузашт ва Зарафшон ҳам наздик буд. Ҳатто дар он рӯзҳо дар он деҳа як ҳолати навро дидам, ки аз он пеш набуд: аз ошноҳои имом ва хатиби деҳаамон – Мулло Шоҳ ном дарвозӣ он тобистон ба пеши имом омада мондааст. Ӯ муллои ба хатм наздикрасида буда, ба адабиёт ҳам ҳавас доштааст. Он вақтҳо имоми деҳа бештарин бемор буда, камтар берун мебаромад ва муллои меҳмони ӯ – Мулло Шоҳ бо муллобачаҳои мадрасаи он ҷо дар айвони масҷид машғулӣ мекард. Машғулии ӯ аз дарсҳои расмӣ зиёдтар бо адабиёт буд. Талабаҳоро ба гирди худ ғун намуда бедилхонӣ мекард.

Ман аз ин ҳол хабар ёфтам ва ҳар рӯз дар вақти бедилхонии муллои дарвозӣ рафта, дар ҳалқаи ӯ менишастам. Дар дасти ӯ як девони мунтахаботи дастхати Бедил буд, ки аз вай ғазалҳоро байт-байт хонда ба талабаҳо маънидод ва шарҳ мекард.

Як рӯз як ғазали Бедилро, ки бо байти зерин сар мешавад, ба хондан даромад:

> Э, хаёли қоматат оҳи заифонро асо,
> Бар рухат наззораҳоро лағжиш аз ҷӯши сафо.

Вақте ки ба байти зерин расид, ба ин тариқа хонд:

> Нашъаи сад хум шароб аз чашми мастат ғамзае,
> Хунбаҳои сад чу ман аз ҷилваҳоят як адо.

Табиист, ки чӣ навъ хонда буд, ҳамон навъ маънидод кард. Дар ман маънии калимаи «чу ман» ба он байт намечаспидагӣ барин намуд. Оҳиста хам шуда ба китоби дар пеш кушодагӣ нигоҳ кардам, ки дар ҳақиқат дар нусха он калима ба шакли «чу ман» навишта шудааст. Аммо дарҳол ба хотирам расид, ки бояд нусха хато бошад ва он калима ба шакли «чаман» бошад (дар ҳақиқат як вақт нусхаи дигарро дидам, ки «чаман» навишта шудааст). Аммо изҳор кардани ин фикри худро дар пеши калонсолон муносиб надидам.

Бедилхон давом кард ва байти зеринро ба ин тариқа хонд:

> Теғи мижгонат ба оби ноз доман мекашад,
> Чашми махмурат ба хуни нок мебандад ҳино.

Ва ба тарзе, ки хонда буд, шарҳ дод ва назар ба шарҳи ӯ, бояд даруни нок пурхун бошад.

Мулло Баҳром ном як талаба, ки аз ҳамсоядеҳаи мо буд, ба ин маънидод розӣ нашуд ва «дар хонаи мо як дарахти нок ҳаст, ҳар сол ҳосил медиҳад. Аммо ҳеҷ гоҳ надидаам, ки даруни меваи вай пурхун ё сурхи хунмонанд бошад» – гуфт.

Аммо Мулло Шоҳ ба ин розӣ нашуд ва гуфт:

– Дар Дарвози мо чунон нокҳо ҳастанд, ки агар ба думчаи яке аз онҳо корд расонӣ, чунонки гулӯи хурӯсро бурида бошӣ, хун ҷӯшида баромада дастонатро хунолуд мекунад.

Ман дар дили худ гуфтам, «хуб аст, ки монанди гулӯи буридашудаи гӯсфанд аз нокҳои Дарвоз хун фаввора зада намебаромадааст. Вагарна дасту даҳону сару рӯи нокхӯрон бо саллаву ҷомаву кафшу маҳсиҳошон пурхун мешуд».

Аммо ман гумон кардам, ки бояд нусхаи аслӣ «нок» набуда «ток» бошад ва аз мунозираи Мулло Баҳром ҷасорат пайдо карда ин фикри худро ба домуллои «бедилшинос» изҳор намудам. Аммо ӯ ин дафъа магар зӯъмӣ ва якраҳагӣ карда нишастанро муносиб надид, ки гуфт:

– Мумкин аст, ки дар асл «ток» бошад ва котиби бесавод «нок» навишта моро дар хато андохта бошад.

Мулло Баҳром дар ин мутолаа ҳам баҳс расонда даъво кард, ки «ток» ҳам хун надорад. Аммо домулло бо адабиётшиносии анъанавиаш шарҳ дода ӯро қабул кунонид, ва:

– Ба истилоҳи шоирон хуни ток – шароб аст, – гуфт.

Ҳарчанд дар ин гуна бедилхониҳо бо ғалат будани нусха ва хато хондани домулло хеле ғалатфаҳмиҳо ба майдон меомад – бо вуҷуди ин, он кор дар он деҳа як дилхушии нав буд. Ман он ҳолро то он вақт на танҳо дар он деҳа, балки дар мадрасаи Мири Араби Бухоро ҳам надида будам.

* * *

Вақти ангурпазӣ расид, мо бо додарам ба деҳаи Маҳаллаи Боло – ба хонаи бобоям баргаштем. Дар он ҷо – дар боғи бобо чанд рӯз ангурхӯрӣ кардем.

Чун моҳи мизон – аввали таҳсили мадрасаҳои Бухоро наздик расид, ки аввалҳои сентябр буд, барои ба шаҳр баргаштан тайёрӣ дидам ва Қурбонниёз тағоиам маро бо додарам ба шаҳр бурда монданӣ шуд.

## ДАР РОҲИ ШАҲР ВА МАҶИДИ КАҲКАШОНӢ

Қурбонниёз тағоиам мо ду бародарро ба як хар савор кард ва худаш ҳам ба як хар савор шуд. Мо ба тарафи шаҳр равона шудем. Харҳо хеле лоғар ва пир будаанд, бинобар ин мо дар роҳ дар чанд ҷой маркабҳои худро дам дода ва алаф хӯронда баъд аз як соат аз шаб гузаштан – вақти хуфтан ба Галаосиё расидем, ки аз он ҷо то шаҳр як фарсах (8 километр) роҳро тай кардан лозим буд ва ҳол он ки дарвозаҳои шаҳр аз сари хуфтан баста шуда, то азони бомдод баромад-даромад ба шаҳр бозмеистод. Акнун дар беруни шаҳр хобидан лозим буд. Аммо тағоиам, шояд аз харҷаш гурехта бошад, дар самоворхонаҳои сари бозори Галаосиё хобиданро муносиб надид ва:

– Дар роҳ дар ягон ошхона мехобем, – гуфт.

Мо ним фарсах роҳи дигар тай карда ба деҳаи Каҳкашон расидем, ки дар адлмиёнаи шаҳр ва Галаосиё воқеъ шудааст.

Тағоиам дар он деҳа ба пеши дарвозае рафта дарро кӯфт. Баъд аз ду-се бор тақ-тақ кардан касе омада дарро кушода, баъд аз салому алек:

– Ба кӣ кор доред? – гуфта пурсид.

– Ҳавлии Маҷид ҳамин аст? – тағоиам ба пурсиши ӯ бо ин пурсиш ҷавоб дод.

– Ҳа, ҳамин аст! Чӣ мегӯед? – боз пурсид он кас.

– Мо шаҳр рафта истода будем, дер мондем. Агар мумкин бошад, меҳмон мешудем, – гуфт тағоиам дар ҷавоб.

– Марҳамат! – гуфт ва дарвозаро калон кушод.

Мо ба ҳавлӣ даромадем. Боз як кас аз меҳмонхона баромада ҳар дуяшон ду харро гирифта ба таги собот бурда бастанд ва моро ба меҳмонхона даровwarданд.

Меҳмонхона як хоначаи панҷболор буд. Дар пешгаҳаш як сандалӣ буд, дар ду кодокаш ду мӯйсафед нишаста ғӯза мекашиданд. Пешгоҳи кодоки сандалӣ аз пахтаи кашидашуда ва рӯи вай аз кокула (пӯчоқи ғӯза) пур буд. Дар ду тарафи хона – дар зери деворҳо чор ҳаллоҷӣ рӯ ба рӯи ҳам меистод, ки паси онҳо аз пахтаи тозаву пешашон аз пунбадона пур буд ва дар зери тири ҳаллоҷиҳо яктагӣ парда кашида шуда буд, ки он пардаҳо ба омехтани пахтаи тоза бо пунба роҳ намедоданд. Дар поини сандалӣ бар рӯи чароғпояи баланде чароғи сиёҳ месӯхт, шакли ин чароғи сафолин ба шакли чароғҳои одии яклунҷа набуда, балки ба шакли киштича сохта шуда буд, ки аз ду тараф ду лунҷи пилтасӯз ва дар миёнаҷояш дастгири камонӣ дошт. Чароғ бар рӯи чароғпоя дар вазъияте гузошта шуда буд, ки ҳам рӯи сандалӣ – пеши чашми ғӯзакашонро, ҳам поини хона – пеши ҳаллоҷикунонро рӯшноӣ медод.

Дар пеши ҳаллоҷии поёнӣ як ҷавони тахминан 20-сола кор мекард, ки бо даромадани мо ӯ аз ҷояш хеста ба мо салом дод ва боз ба сари кораш нишаста кори худро давом кунондан гирифт. Аммо он ду касе, ки моро пешвоз гирифта ба хона даровarда буданд, дар кодоки поини сандалӣ дар наздикии мо нишастанд.

Аз миён фурсате нагузашта аз дар як ҷавони калонсолтаре ба хона даромад. Бо дидани ин ҷавон тағоиам аз ҷояш ҷаста хест ва як-ду қадам ба тарафи ӯ давид. Оянда ҳам чолокона қадам монда ба тағоиам расид ва ҳар ду якдигарро дар бағал кашида вохӯрдӣ карданд ва аз рӯи ҳамдигар бӯсиданд. Баъд аз он нишаста ҳар ду аз саломатии якдигар пурсупос карданд. Пас аз он, он ҷавон ду марди мӯйсафедро амакҳоям ва он ду каси моро пешвоз гирифтаро амакбачаҳоям ва он ҷавони ҳаллоҷикунандаро додарам гӯён ба тағоиам шиносонд.

Тағоиам гуфт:

– Мо меҳмонони ногуфт (нохонда) шуда омадем, шумо дар хона набудед, бо вуҷуди ин, беномусӣ карда даромадем.

– Аз беномусӣ Худо нигоҳ дорад, – гуфт соҳибхона, – ин хонаи худатон аст, магар ба хонаи худ даромадани як кас беномусии ӯ мешавад. Ин тавр нагӯед, ки ман хафа мешавам! – соҳибхона ба додари худ чою дастархон фармуда давом намуд:

– Вақте ки дарвоза тақ-тақ шуд, ман дар ин ҷо будам. «Аҷаб нест, ки барои дастгир кардани ман одамони ҳоким омада бошанд», – гуфта берун баромадам ва рӯй пинҳон кардам. Баъд аз ба хона даромада нишастани шумо ман ба пушти дари боло омада, аз тарқиши дар нигоҳ кардам ва дар равшании чароғ шуморо шинохта хотирҷамъ шуда ба хона даромадам.

– Бисёр хуб! – гуфт Қурбонниёз, – гӯед канӣ, зиндагонӣ чӣ навъ гузашта истодааст?

– Агар ба ҳоли худам монанд, бад нест, – гуфт соҳибхона, – ба касе кордор намешавам, бечорагӣ карда зиндагӣ мекунам. Мебинед, ки пахтакашӣ карда истодаам. Ин кори осон нест. Дар ин кор нохунҳои кас мепарад ва шонаҳои кас мефуроянд. Лекин меҳнати ҳалол аст. Касе, ки номус ва ғайрат дошта бошад, аз ин гуна меҳнат наметарсад.

– Ман ҳам пахтакашӣ мекунам, – гуфт тағоиам, – кори бад нест. Лекин музди кор ба меҳнаташ баробар намеояд. Агар пахтаҷаллобон дар баркашу дар нағзиву бадии ғӯза фиребгарӣ кунанд-чӣ? Дар он вақт музд нагирифтан он тараф истад, товон ҳам медиҳӣ.

– Аввалҳо ба ман ҳам фиребгарӣ карданд, – гуфт соҳибхона,-аммо ман ба фиреби онҳо бо муштам ҷавоб додам. Ҳоло ба ман бо эҳтиёт муомила мекунанд.

Чою дастархон омад, нонхӯрӣ сар шуд. Соҳибхона чойро гардонда аввал худ нӯшид ва баъд аз он ба тағоиам чой кашида дода суханашро давом кунонид:

– Лекин ҳокимон ба меҳнати ҳалол роҳ намедиҳанд. Ҳамин ки фаҳмиданд, ман дар хонаам ҳастам, танам пӯшида шуда, шикамам ҳам қариб сер шуда истодааст, мулозим аз пайи мулозим, шогирдпеша аз пайи шогирдпеша, шабгард аз пайи шабгард омадан мегиранд, маро меҷӯянд. Дар он вақт ман маҷбур мешавам, ки боз гуреза шавам, ба ҷоҳои дурдаст равам ва бо роҳҳои нодуруст (яъне дуздӣ) шиками худро сер кунам.

Мо баъд аз нӯшидани чой ва хӯрдани таом хобидем. Дар торикии рӯз бо соҳибхона «хушбошӣ» карда ба роҳи шаҳр даромадем.

* * *

Ман дар роҳ кӣ будани соҳибхонаро аз тағоиам пурсидам. Ба ҷои ҷавоб ҳикоят сар кард:

– «Дар вақтҳое ки ман, – гуфт ӯ, – дар пеши қозии Ғиждувон мулозим будам, амлокдори он ҷо ба Бухоро – ба хазинаи амир молиёт (пули аз андозҳои замин ҷамъшуда)-ро фиристод. Аз рӯи одат, азбаски молиёт ва пешкаш ҳар вақт бояд пагоҳонӣ – дар вақти саломгирии амир мерасид, амлокдор қофилаи худро аз Ғиждувон шабона бароварда гусел кардааст.

Аммо дуздон аз ин кор хабар ёфта ба корвони амлокдор дар наздикии деҳаи Розмоз ҳуҷум овардаанд ва ба посбонони амлокдор ғалаба карда як қисми пешкаш ва пули накдро тохта бурдаанд.

Ҳокими Ғиждувон ва Бухоро ва ҳокимони Вобканд, ки ин дуздӣ дар тумани онҳо воқеъ шуда буд, ҳарчанд кофтуков карданд, аз дуздон ва аз моли дуздидашуда асаре наёфтанд.

Баъд аз чанд гоҳ амир ба воситаи воқеанависони худ (ҷосусони худ) фаҳмидааст, ки як гурӯҳ аз дуздон дар наздикии Тализарангарӣ, дар як работи холӣ шабона ҷамъ шуда манзил мекарданд ва аз он ҷо ба ҳар ҷо тохт меовардаанд.

Амир бо гирифтани ин ахборот ба қозиву раису амлокдору миршаби Ғиждувон – ба чор ҳоким фармон фиристод, ки шабона дар вақти ҷамъ шудани дуздон дар он работ, он ҷоро пахш кунанд ва ба қадри имкон дуздонро зинда дастгир карда ба рикоби олӣ фиристонанд. Ҳокимони Ғиждувон бо гирифтани ин фармон одамони худро яроқдор карда муҳайё шуда истоданд ва шабона ғайр аз қозӣ, ки пирии худро сабаб гардонда дар ин сафар иштирок накард, се ҳокими дигар пеш даромада ба он работ ҳуҷум оварданд ва ман ҳам дар қатори мулозимони қозӣ бо онҳо ҳамроҳ будам.

Одамони ҳокимон машъалҳоро даргиронда атрофи он роботро чароғон карданд. Як қисми одамони яроқдор аз ҳар тарафи работ пахш карда даромаданд ва қисми дигарашон дар гирдогирди работ ҳар ҷо-ҳар ҷо қаровул истоданд. Ман ҳам дар қатори қаровулон будам, ки ба даст шамшер гирифта дар пеши рахнае қаровул меистодам. Рахна танг буда, бо як похса девор банд карда шудагӣ буд.

Як вақт аз ҳаёти работ як ҷавони савор асп давонда ба тарафи рахна омад, ки аз он ҷо баромада гурезад. Ман муҳайёи он шудам, ки пои аспи он ҷавонро бо шамшер қалам карда ғалтонам. Ҷавон ба мақсади ман пай бурда гуфт:

– Э ҷавонмард, ба ҷавонии ман раҳм кун! Маро роҳ деҳ, ки аз ин ҷо баромада халос шавам.

Дидам, ки дар ҳақиқат вай як ҷавони зебоест. Раҳмам омад ва шамшери худро хобондам, ӯ аз рахна баромада бадар рафт.

Баъд аз қозигиро партофта рафтани қозӣ Абдулвоҳид ман ҳам мулозимиро тарк кардам. Дар зимистони ҳамон сол рӯзе бисёр барф борид ва сармо сар шуд. Додарам дар чӯл буд. Падарам аз ман хоҳиш кард, ки ба ӯ либоси гарм ва озуқа бурда диҳам.

Ман ҳамон шамшери мулозимро, ки ҳанӯз дар дастам буд, ба миён бастам ва аспи мулозимиро ҳам, ки ҳанӯз нафурӯхта будам, зин кардам, либос ва озуқаро ба хӯрҷин андохта аспро савор шуда роҳи чӯлро пеш гирифтам.

Баъд аз бурда додани либос ва озуқа ба додарам чанд пӯсти қарокӯли тақир (норасида)-ро, ки додарам аз шиками гӯсфандони худмурда гирифта монда будааст, ба хӯрҷин андохта бозгаштам.



Шаб торик шуд. Вақте ки ба Хариз расидам, асп гӯшҳояшро сих карда хост, ки рамида гурезад. Лекин фурсат наёфт – аз ҷилаваш касе маҳкам дошта буд. Ман ба қабзаи шамшер даст бурдам, ӯ ба ман фармон дод:

– Аз асп фуро!

Ман ба ҷои ба ҷо овардани фармони ӯ шамшерро ба тарафи дасти ӯ ҳавола кардам. Ҷилави асп раҳо шуд ва фаххосзанон барои гурез ҳаллос зад. Аммо дар хези аввал асп муаллақзанон ғалтид ва ман аз болои вай парида рафтам. Лекин ба қад рост карда аз ҷо хестан фурсат наёфтам: маро се ҷавони тануманд, ки рӯйҳошон бо рӯймолҳо бастагӣ буд, пахш карда гирифтагӣ буданд ва дастони маро дар пушт бастанд. Асп дар замин тапаррос зада мехобид – пои вайро бо шамшер қалам карда будаанд.

Вақте ки маро дастгир карданд, касе, ки аввал ҷилави аспи маро дошта буд ва панҷааш бо шамшери ман бурида шуда будааст, таклиф кард, ки маро дар ҳамон ҷо бикушанд. Аммо ҳамкоронаш қабул накарданд ва «ин кори мо худсарӣ мешавад. Ба пеши сардор мебарем, ӯ чӣ ки фармояд, ба ҳамон амал мекунем» – гуфтанд ва маро пеш андохта бо шамшеру хӯрҷинам дар як пасхами чӯл ба хонаи сиёҳе бурданд.

Дар хонаи сиёҳ чанд кас менишаст, ки сару рӯйи ҳамаашон бо рӯймолҳо бастагӣ буд, фақат пеши чашмҳошон кушодагӣ барин менамуд. Яке аз он касоне, ки маро дастгир карда буданд, моҷарои байни худашон ва ман воқеъшударо ба нишастагон ҳикоя кард. Дар ин ҷо ҳам касе, ки панҷааш бо шамшери ман бурида шуда буд, талаб кард, ки фурсат надода маро дарҳол бикушанд.

Аммо касе, ки аз оҳанги гап заданаш сардори онҳо буданаш маълум мешуд, таклифи дарҳол куштанро қабул накард ва гуфт:

– Албатта, куштан даркор аст ва мекушем, лекин дарҳол не. Мо бояд пеш аз куштанамон донем, ки киро мекушем? – ва аз ман гап пурсид. Ман ҷавоб надодам. Ман фикр мекардам: «Модом ки маро мекуштаанд, чӣ мешуд, ки фурсат ёфта пеш аз кушта шуданам яке аз инҳоро мекуштам. То ки хуни худро худ пешакӣ мегирифтам». Аммо дастони бастаам барои баҷо овардани ин фикр роҳ намедоданд.

Сардор дид, ки ман кӣ будани худро маълум накардам, фармуд, ки нӯкчаи чӯбчаи латтаи равғанӣ печондашударо даргиронда ба пеши рӯи ман доштанд. Вақте ки рӯи ман ба онҳо намудор шуд, он каси сардормонанд:

– Воҳ, ин дӯсти ман, ин касест, ки маро аз марг халос кардааст, – гуфт ва ба ман часпида аз сару рӯям бӯсид ва дастонамро бо дасти худ кушод.

Охир маълум шуд, ин ҳамон ҷавон будааст, ки ман як сол пеш аз он ҳодиса, ӯро аз дастгир шудан ба чанги ҳокимон раҳоӣ дода будам. То он вақт ман ӯро дигар надида будам ва намешинохтам, аммо ӯ дар рӯзи равшан чанд бор маро дида ва бо пурсуков шинохта монда будааст. Баъд аз он ҳодиса мо бо ӯ дӯст шудем».

Баъд аз он ки тағоиам ҳикояташро ба ин ҷо расонид, гуфт:

– Ана ҳамин соҳибхона ҳамон ҷавон аст, ки ӯро Маҷиди каҳкашонӣ[64] меноманд. (Ман образи Маҷиди каҳкашониро дар «Ҷаллодони Бухоро» ном асари худ нишон додаам.)

## СОЛИ ДУЮМ ДАР МАДРАСАИ МИРИ АРАБ

Мо пагоҳонӣ ба шаҳр даромада ба ҳуҷраи акаам фуромадем, ки аз Каркӣ омада будааст. Ҳуҷраи ӯ ҳамон ҳуҷрае буд дар мадрасаи Мири Араб, ки соли гузашта дар вай зиндагонӣ мекардем. Тағоиам ҳамон рӯз ба саҳро баргашт. Агар ӯ намерафт, хобидани чор нафар дар он ҳуҷра душворӣ мекард. Зоҳиран Қурбонниёз ҳам ҳамин маъниро пай бурд, ки бо вуҷуди сахт илтимос кардани мо шабхобиро қабул накард.

Аввал акаам барои ба шаҳр бурдани додарам ба ман изҳори норизоӣ кард. Баъд аз он ки ман аҳволи хонадони бобо ва мурдани додари худамро ҳикоя кардам, розӣ шуд ва «хуб кардӣ, ки овардӣ» – гуфт.

Домуллои кунҷакиам – Мулло Абдусалом ва ҳамошони ӯ ҳам омада будаанд. Ман монанди порсола боз ба ҳамонҳо ошпаз шудам. Дарс ҳанӯз сар нашуда буд. Аз дилтангӣ дарпардаи (тирезаи коғазии) ба тарафи кӯча кушодашавандаи ҳуҷраро во кардам, ки роҳгузаронро тамошо карда нишинам. Аммо аз кӯча як бӯи бади тоқатнопазир омад, ки димоғи касро қариб буд тарконад. Ин як бадбӯии бегонае буд, ки ҳарчанд фикр мекардам, чӣ будани вайро намеёфтам.

Зуд дарпардаро пӯшонда, аз ҳуҷра поин фуромада ба рӯи саҳни берунии мадраса баромадам ва ба тарафи шимоли саҳн рафта ба болои боми самоворхона ба ҳамон мақсади тамошо кардани кӯчагардон нишастам. Аммо ҳамон бӯи бад дар ин ҷо ҳам меомад. Ночор ба лаби ғарбии саҳн рафта нишастам.

Дар он ҷо он бӯи бад кам буд, аммо ба ҷои вай ғалмағали одамон гӯши касро метарконд, чунки дар он ҷо- дар байни саҳни мадраса ва масҷиди калон (ҷомеъ) як ҷои танги чуқур буд, ки дар он вақтҳо бозори ғӯзаи Бухоро дар ҳамон ҷо буд.

Садҳо нафар деҳқонони атрофи шаҳр садҳо ҷувол ва қанор ғӯза оварда борҳошонро дар гирдогирди тарозуҳо каппонӣ болоиҳам монда мунтазири баркашонда ба ғӯзаҷаллобон додан ва дар фикри бесаҳву хато пулашонро аз дасти одамони он ҷаллобон гирифтан буданд. Паллабардорон бошанд, гӯё барои ягон деҳқонро «дилмонда накардан» аз даҳ-дувоздаҳ ҷувол якбора баркаш сар мекарданд.

Ман ҳайрон будам, ки он паллабардорон дар айни замон якбора аз чанд деҳқон бор баркашида, шумури ҳар кадоми онҳоро ҷудогона чӣ гуна нигоҳ медоранд ва дар шароите, ки бори ҳар тарозуи баркашидашударо ба чоши як ҷаллоби дигар мерезанд, бори киро ба кӣ доданашонро чӣ навъ фаромӯш намекунанд. Ман ҳамин қадарашро мешунидам, ки ҳар паллабардор ба пеши ҳар деҳқон ки ояд, бо овози баланд як шумораро такрор мекард. Масалан, ба пеши як деҳқон «се-се» гуфта равад, ба пеши деҳқони дигар «панҷ-панҷ» гӯён мерафт.

Бисёр мешуд, ки деҳқон он шумораро қабул накарда, масалан «панҷ не, шаш шуд» – гуфта фарёд мекард. Аммо паллабардор ба фарёди вай гӯш надода кори худро давом медод. Агар деҳқон «нинакшаҳӣ карда» ба даъвои худ сахт истад ва барои қабул кунондани шумораи худ ба паллабардор аз лаби зағома нигоҳ дорад, паллабардор зағомаро аз дасти вай кашола карда гирифта, ғӯзаро ба пеши ҷуволи ӯ ба замин рехта, ба пеши як деҳқони дигар, ки ба ӯ нигарон аст, мерафт ва то зорӣ карда илтиҷо намудани «деҳқони ҳисобдон» бори ӯро барнамекашид.

Дар вақти пули бори худро гирифтани ҳар деҳқон низ ҳамин гуна ҷанҷол сар мешуд-деҳқон шумораеро, ки ғӯзаҷаллоб мегуфт, қабул намекард ва ҷаллоб бошад, ба гапи худ сахт меистод. Агар деҳқон паллабардори худро ба шоҳидӣ ҷеғ занад, ӯ сари худро як ҷунбонда ба кори худ рафтан мегирифт ва аз он ишорати вай даъвои деҳқонро тасдиқ ё рад карданашро ҳеҷ кас намефаҳмид. Дар ин ҷо ҳам агар деҳқон «гарданшахӣ карда» ба даъвои худ сахт истад, ҷаллоб ё одами ӯ ҳисоботи ӯро як сӯ монда ба ҳисоб кардани деҳқони дигар мегузашт, ки албатта онҳо аз даҳ кам набуданд.

* * *

Ман ғарқи тамошои ҷанҷоли бозори ғӯза будам, ки касе аз паси сарам оҳистекак дошт. Ман сар бардошта нигоҳ кардам, ки Пирак аст. Ман аз саҳро омаданам боз ӯро надида будам, ӯ ҳам бо акааш чандрӯза ба саҳроҳои атрофи шаҳр рафта будааст, ки ҳамин рӯз омадааст.

Баъд аз пурсуҷӯи аҳволи якдигар ӯ ба ман гуфт:

– Чаро дар ин занбӯрхона (бозори ғӯза) омада нишастӣ! Магар боми самоворхона аз ин ҷо осудатар нест? Ман бӯи бади он ҷоро ба ӯ гуфта чӣ будан ва аз куҷо омадани он бӯйро аз ӯ пурсидам.

– Вай бӯи кушишхона аст, – гуфт ӯ дар ҷавоб ва эзоҳ дод, – пештар кушишхонаи қассобии пеши мадрасаи мо дуртар ва дар наздикии бозори чӯб буд. Қассобон «он ҷо дурӣ мекунад» гуфта аз раиси калон рухсат гирифта ба ин ҷо оварданд, – Пирак илова кард, – чанд сол боз ин бӯи бад насиби бозоричӯбиҳо буд. Аҳолии мадрасаи Мири Араб ва мардуми атрофи ин ҷо ҳам аз ин «неъмат баҳра баранд» – гуфта раис барои ин ҷо овардани кушишхона рухсат додаст.

– Охир, ин «бадбӯйхонаро» аз ҷоҳои одамнишин дуртар ва дар беруни шаҳр сохтан даркор буд, на ин ки дар пеши бинии ҳазорҳо одамон оварда монанд, – гуфтам ман бо оҳанги тааҷҷуб ва афсӯс.

– Оҳо! Дирӯз аз саҳро омада ба калонони Бухоро, ки худро «нозуктабиаттарини мардуми дунё» мепиндоранд, озодагифурӯшӣ мекунӣ. Ва ҳол он ки агар дар пеши мадрасаи мо кушишхона ҳамин сол омада бошад, дар пеши мадрасаи Кӯкалтош, ки калонтарин ва машҳуртарини мадрасаҳои Бухорост, солҳо боз кушишхона ҳаст ва касе гап намезанад. Инро ҳам як тараф монем, кушишхонаи қассобии Регистон дар рӯ ба рӯи арк аст ва бӯяш рост ба димоғи ҷаноби олӣ ва мири қушбегӣ марасад. Аммо шикоят намекунанд.

Пирак ин суханҳоро бо оҳанги пичинг гуфта, калононӣ Бухороро масхара медошт, ки ман мақсади ӯро фаҳмидам. Ӯ сухани худро давом дод:

– Дар шаҳри Бухоро ғайр аз қассобии пеши мадрасаи мо боз се қассобии калон аст. Яке аз онҳо қассобии Таги Шӯр аст, ки аз сад дукон зиёдтар дорад ва кушишхонаи вай дар ғарбии мадрасаи Кӯкалтош дар паҳлуи масҷиди ҷомеи Шайхшост, ки вай ғайри уламои мадрасаи Кӯкалтош, рӯзҳои ҷумъа димоғи ҳазорон нафар ҷумъахононро ҳам «хушбӯй» мекунад. Дуюм, қассобии Регистон аст,

ки дар он ҷо аз дусад зиёдтар дукони қассобӣ ҳаст. Кушишхонаи вай дар паҳлуи масҷиди машҳури Болои Ҳавз ва чунонки гуфтам, дар рӯ ба рӯи арки амир аст, сеюм, қассобии растаи Хиёбон аст, ки кушишхонаи  вай дар паҳлуи мадрасаи Хиёбон ҷой гирифтааст. Ғайр аз инҳо дар бозори Нав, бозори Хӯҷа, сари бозори Ғозиён ва дар дигар бозорчаҳо ва чорбаққолиҳо  қассобон ҳастанд, ки молҳошонро дар даруни дуконашон кушта мефурӯшанд

Пирак хеле шӯрида рафта буд ва дар охир ба тарзи илова гуфт:

– Ҳоло ту барои дар даруни шаҳр будани кушишхонаи гӯсфадон ва говон изҳори норизоӣ мекунӣ ва ҳол он ки дар даруни шаҳр кушишхонаи одамҳо ҳам ҳаст. Ман як қад парида пурсидам:

– Вай дар куҷост ва чӣ гуна аст?

–Ман як рӯз ба ту нишон медиҳам, – гуфт Пирак ва магар коре дошт, ки аз паҳлуи ман хеста рафт.

Ғал-мағали бозори ғӯза аз аввалиаш ҳам зиёдтар боло гирифта буд. Аммо ба гӯши ман дигар  он ғалоғула намедаромад. Чунки хавоси ман ба кушишхонаи одамҳо банд буд.

* * *

Домуллои кунҷакиам-Мулло Абдусалом қассоберо ба ман шиносонда монда буд, ки ман бояд гӯшти ошро аз вай мегирифтам, «туро хурдсол гуфта ҳам дар баркаш фиреб медиҳанд ва ҳам серустухон карда медиҳанд. Худам, ки туро нишон дода ва гӯшти хуб доданашро таъин карда мондам, дигар аз фиреб додан ибо мекунад » гуфта буд.

Ман як рӯз барои гӯшт пеши қассоб рафтам, ки ӯ нест, аммо дуконаш кушодааст. Аз ҳамсоядуконаш пурсидам, «сабр кун, ҳозир меояд» – гуфт. Чанд дақиқа нигарон шудам. Аммо наёмад, «дар куҷо бошад?» – гуфта аз ҳамсояаш пурсидам. «Дар кушишхона, ҳозир меояд», – гуфт дар ҷавоб.

– Кушишхона дар куҷо?

–  Дар ҳамин ҷо наздик аст, дар сари паскӯча, – паскӯчаеро, ки дар наздикии дуконаш буд, қассоб ба ман нишон дод.

Ман дар дили худ фикр кардам: «Агар қассоб дер ояд, ош дер мемонад, ки сабаби ранҷиши хӯрандагон мешавад. Беҳтар он аст, ки ба кушишхона рафта қассобро ҷеғ зада оям ва дар ин миён манбаи бадбӯиро ҳам дида мемонам ва мефаҳмам, ки кушишхона чаро ин қадар бӯи бад медиҳад».

Ман рафтам. Дари кушишхона дутабақаи калони говдаро буд. Вақте ки ба он дар наздик расидам, бӯи бад монанди кӯрдуд ба димоғам задан гирифт. Димоғамро бо ангуштонам дошта дарун рафтам. Он ҷо як хонаи чоркунҷаи калони нимторик буд, ки дар чор ҷои сақфаш чор сутун гузошта будаанд. Дар атрофи хона қанораҳоро дар девор қатор задагӣ буданд, дар қанораҳо нимтаҳои гӯсфанд овезон менамуданд. Дар миёнаҷои хона як хандақи дарозрӯя буд, ки деворaҳои вай бо хишти пухта сохта шуда буд. Дар лаби хандақ аз ду тараф гӯсфандон ва говонро саллохон мекуштанд. Хандақ аз хун пур буд, ба болои вай ишкамбаҳои молҳои кушташударо ҳам он ҷо холӣ мекардаанд, ки намуда меистод. Аз миёнаҷои шифти кушишхона дар рӯ ба рӯи миёнаҷои хандақ як



сӯрохи бодкаш  буд, ки вай аз ҳуҷраи мо намуда меистод. Маълум шуд, ки он бӯи бад аз ҳама пештар ва бештар ба ҳуҷраи мо, ки болоҳуҷра буд, мерафтааст.

Ман аз пеши саллоххо қассоби худро ёфтам, ки вай дар он ҷо дар пеши чашми худ гӯсфандонашро мекушонид. Ман ба ӯ талаби худро гуфтам. Ӯ барои ба ман гӯшт додан ҳамроҳи ман аз кушишхона баромад. Ман дар роҳ ба ӯ гуфтам:

– Хандақ аз хун ва ифлосӣ қариб пур шудааст. Баъд аз пур шудан чӣ кор мекунетон? Дар он вақт хуни ҳайвоноти кушташуда ба куҷо меравад?

– Дар паси он сарои хархонае, ки дар рӯ ба рӯи саҳни мадраса бино ёфтааст, як чуқурии калони обгурез ҳаст. Обҳои барфу борони ин кӯча дар ҳамон чуқурӣ меравад. Вақте ки хандақ пур шуд, саллохон хунҳои бастаро шабона он ҷо бурда мерезанд, ки сагҳои дайду хӯрда мераванд. Дигар чӣ кор мекардем? – гуфт қассоб бо тааҷҷуб.

Аз дидани кушишхонаи ҳайвонот дар сари ман хаёли дидани кушишхонаи одамон нафратангезона  пайдо шуд ва бо вуҷуди нафратангез будани он ҷо, азбаски вай ба тақдири одамон дахлдор буд, нодида монданаш барои ман мумкин набуд, бинобар ин ман аз Пирак сахт илтимос кардам, ки ӯ зудтар он ҷоро ба ман нишон диҳад, ӯ ваъда дод, ки фардо пагоҳонӣ бурда нишон медиҳад.

– Агар толеат тозад, худи одамкуширо ҳам тамошо мекунӣ, – гуфт.

## ТАМОШОИ РЕГИСТОН – «ДАРИХОНА», 75 ЧӮБ. МАШҚИ САРБОЗ ВА КУШИШХОНАИ ОДАМ

Дар торикии рӯз ман ва Пирак ба тарафи Регистон равона шудем. Назар ба қавли Пирак, агар дер монем, дар Регистон барои тамошо ҷои хуб намеёфтаем. Ҳанӯз рӯз сафед нашуда мо ба Регистон, ки майдончае буд дар пеши дарвозаи арки амир, расидем.

Дар он вақтҳо майдони Регистон хеле танг буда, масоҳати тахминан як таноб (чоряки гектар) заминро ба худ мегирифт. Тарафи шимоли ин майдонро мадрасаи Дорушшифо, ки дар замонҳои  пеш мадрасаи тиббӣ будааст ва ҷанубашро девори масҷиди ҷомеи Поянда иҳота мекард, дар тарафи шарқи ин майдон арки амир, ки бар болои теппаи баланде бино ёфтааст, воқеъ шуда буд, дарвозаи арк ба миёнаҷои майдон рост меомад, ки ба вай бо як пул аз нишеб ба фароз баромада мешуд ва ин пулро Тахтапул меномиданд. Дар тарафи шимоли Тахтапул қӯрхонаи (аслиҳахонаи) амир воқеъ шуда буд, ки ин бино аз тарафи ғарб аз мадрасаи Дорушшифо бо як тангкӯча ҷудо мешуд ва аз тарафи шарқ ба теппаи арк мепайваст. Дар тарафи ҷануби Тахтапул як айвони дарозе воқеъ шуда буд, ки пушти вай ба девори шарқии масҷиди Поянда мепайваст ва рӯяш ба тарафи девори арк буда, дар миёнаи айвон ва девори арк як майдончаи дарозрӯяе воқеъ шуда буд. Дар зери ин айвон тӯпҳои амир меистоданд.

Дар зери Тахтапул канахона ном ҳабсхонаи амир буда, берунтар аз вай (берун аз Тахтапул) хоначае пайваста ба вай бино ёфта буд, ки дар он ҷо мирзои аризанавис менишаст. Дар майдони Регистон дар рӯ ба рӯи сари Тахтапул пайваста ба девори масҷиди Поянда дар паҳлуи дари даромади шимолии масҷид якчанд тӯпҳои шохдори қадимӣ гузошта шуда буданд.

Тарафи ғарби майдони Регистон асосан кушодагӣ буда, ба кӯчаи калон мепайваст ва баъд аз кӯча то бинои Болои Ҳавз низ майдоне буд, ки дар вай аз шарқ ба ғарб дукончаҳои муваққатии каппамонанди мевафурӯшӣ ва умуман хӯрокфурӯшӣ воқеъ шуда буданд.

Дар вақте, ки мо ба Регистон расидем, бомҳои мадрасаи Дорушшифо ва ҷомеи Поянда аз тамошобинҳо пур шуда буд. Дар зери девори масҷиди Поянда ҳам одамон дуқатора-сеқатора менишастанд. Мо бо вуҷуди барвақт омаданамон аз ҷоҳои боб монда будем ва ба умеди ҷои хубтар ёфта нишастан аз пеши қатори одамҳо ба тарафи шарқи майдон рафтем. То пеши тӯпҳои калон ягон ҷои холӣ набуд. Бо таклифи Пирак мо ба тарафи тӯпҳо гузашта ба болои яке аз онҳо поҳоморо ба замин дароз карда нишастем. Баъзе тамошобинон оҳиста-оҳиста «он ҷо нанишинетон, ба тӯпҳои ҷанобиоли беодобӣ мешавад» – гуфта бошанд ҳам, сарбози посбон ва пешхизматони амир ва қушбегӣ, ки ба арк даромада-баромада истода буданд, ба ин кори мо чизе нагуфтанд. Зоҳиран, онҳо як чизи бекора будани он тӯпҳоро медонистаанд.

Дар ҷои нишасти мо дарвозаи арк ва болои Тахтапул намуда меистод. Аз беруни дарвозаи арк ба болои Тахтапул як занҷири калоне кашида шудагӣ буд. Пирак он занҷирро дида гуфт:

– Агар имрӯз «дарихона» мешуда бошад, он занҷирро мебардоранд ва хуб тамошо мешавад ва агар «дарихона» намешуда бошад, он занҷир то пешин ба ҳамин ҳол меистад ва аҳли дарихона ҳам умедашонро канда аз Регистон гашта мераванд.

Аз миён фурсате нагузашта ду фаррош аз дарвозаи арк давон баромада занҷирро дукаса бардошта дар тарафе ғундошта монданд. Баробари ин кор аз тарафи ғарби майдони Регистон – аз тарафи шимол ва ҷануби кӯчаи калон, ҳам аз байни дукончаҳои хӯрок ва мевафурӯшӣ саворҳо асп давонда омаданд. Инҳо ҳама сипоҳиёни дарборӣ буда, аз рӯи ҷомаҳои зарбофту шоҳиву атласу адрасашон миёнашон бо камарҳои амрикоӣ ва дар сарашон дасторҳои сафеди шалғамӣ баста шуда буд. Дар миёни баъзеи онҳо шамшерҳои ғилофтиллоӣ ё нукрагин ҳам ҳамоил буд.

Дар ҷилави ҳар кадоми инҳо як ҷавони тануманд ҳам, ки бо либосҳои одӣ, аммо миёнаш аз рӯй бо фӯта бастагӣ буда, ба сар телпак ва ба пой мӯзаи булғорӣ дошт, медавид ва ҳар кадоми он ҷавонон аспҳои ғайри аспи хӯҷаини худҳошонро ба тумшуқаш зада мехостанд, ки аспи хӯҷаини худро пеш гузаронанд ва баъзеи инҳо аз ҷилави аспи хӯҷаинашон гирифта пеш мекашиданд ва агар асп бадраҳӣ ва бадгардӣ карда тӯдаи аспонро дарронда пеш гузаштанро нахоҳад, он ҷавон бо овози баланд «ҳа, фалонӣ, соҳибатро фалон кунам» гӯён як ҳақорати қабеҳи кӯчагии чапанона мекунад. Инро шунида тамошобинон қаҳқосзанон механданд. Аммо ин ҳақорат, ки бевосита ба соҳиби он асп мерасид, ба домони «бузургвории ӯ» ҳеҷ гарде намешинонид. Чунки ҳамаи хавос ва диққати ӯ дар ин банд буд, ки аспаш аз аспи дигар ҳампешагонаш гузашта ба дами Тахтапул пештар расад.

Вақте ки саворон аз асп фуромаданд, як каси ҷомаи зарбафтпӯш, ки миёнаш аз рӯй бо камари тиллопулак бастагӣ буда, дар даст асои зарҳалнақши қуббатилло дошт ва бар болои остонаи дарвозаи арк ба асояш такя карда меистод, чунонки як касро мезада бошад, ба ҳаво бардошт ва бо он асо сипоҳиёни аз асп фуромадаро таҳдид карда бо овози ғафс фарёд кашид:

– Ясав (тартиб ) – атонро нигаҳ доред, вагарна адабчӯб меҳӯред!

Бо шунидани ин овоз сипоҳиёни аз асп фуромада, ки мехостанд дар пиёдагӣ ҳам аз якдигар пеш гузаранд, суст шуданд ва ба тартиб даромаданд: аввал зарбафтпӯшон, аз думболи онҳо шоҳипӯшон ва баъд аз он атласу адраспӯшон қатор шуда оромона ба арк баромада рафтанд. Он одами асонокро удайчӣ меномиданд, ки вазири ташрифот гуфтан аст.

Ҷавонони ҷилавдор баъд аз фуромадани хӯҷаинҳошон ба он аспҳо савор шуда бо тозиёна ба сари аспи якдигар мекӯфтанд, ки пеш гузаранд, инҳо бо ҷангу ҷидоли кӯбкоритозона (бузкашона) ба зери девори мадрасаи Дорушшифо рафтанд, думи аспҳошонро ба девори мадраса ва сарҳои онҳоро ба пеш ба тарафи майдон карда дар паҳлуи ҳамдигар қатор истоданд ва ҳар ҷавоне, ки чолоктар ва аспаш зӯртар буд, дар аввалтари қатор ба Тахтапул наздиктар ҷо гирифт ва ноӯҳдабаротарон поинтар – аз арк дуртар рафтанд. Инҳо саис (аспбон)-ҳо буданд ва барои болотар истодан ба ин сабаб ҷандала мекардаанд, ки дар вақти аз Арк фуромадани хӯҷаинашон ӯро пештар аз дигарон ба асп савор карда, аз дигарон пештар аз Регистон баромада раванд.

* * *

Баъд аз ба арк баромада рафтани сипоҳиён бо музикаи ҳарбӣ аскарони савораи амир аз казармаҳошон ба Регистон омаданд. Номи умумии ин аскарони савора «Кафкоз» буда, дӯхти либосҳошон умуман ба шакли либосҳои мардуми Доғистон ва Кафкази Шимолӣ буд. Аммо назар ба ранги либосҳошон ҳар даста «кубански», «тверски», «турк» барин номҳои чудогона мегирифт. Либоси ҳар даста ранги алоҳида дошта, умуман либосҳошон онҳоро аз ҳарбиҳо зиёдтар ба артист ва артисткаҳои сирк монанд карда буд. Инҳо тамоман казарманишин буда, казармаи инҳо, амир дар куҷо ки бошад, ба наздикии боргоҳи ӯ тайёр карда мешуд ва ба кӯча ба тарзи хусусӣ баромада гаштани инҳо мумкин набуд.

Дар ҳайати аскарони «Кафкоз» бачагоне буданд, ки калонтарини онҳоро аз 18-сола болотар тахмин кардан мумкин набуд ва аз ин аскарон синни кадомашон, ки аз 18 гузарад, аз асп фуроварда ба ҳайати сарбозони пиёда дохил мекарданд. Муддати «хизмати ҳарбии» сарбозони пиёда бошад, то охири умрашон, то мурданашон буд.

Аскарони савора баъд аз он ки бо музика ба арки амир саломи низомӣ доданд, аз майдони Регистон баромада рафтанд. Пас аз рафтани онҳо ба Регистон сарбозони пиёда даромаданд.

Умуман сарбозони пиёдаи амир ду қисм буда, қисми якуми онҳоро «шанбегӣ» ва дуюмашонро «сешанбегӣ» меномиданд. Шанбегиҳо ҳар ҳафта дар рӯзҳои шанбе, якшанбе ва душанбе, «сешанбегӣ»-ҳо дар рӯзҳои сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе – ҳар ҳафта серӯзӣ пагоҳонӣ ба ду соат машқ кардан маҷбур буданд, дигар вақтҳои инҳо ба қаровулӣ, ба бегории (хизмати маҷбурӣ) саркарда ва юзбошиҳо, ё ин ки ба корҳои хусусии худашон сарф мешуд.

Яроқи шанбегиҳо милтиқи дунболапури яктираи русӣ – берданка буда, онҳо

казарманишин буданд, яъне баъд аз машқ яроқҳояшонро дар казарма монда, касе навбати посбонӣ надошта бошад, ба бегорӣ ё ба ҳар ҷо ки хоҳад, мерафт, фақат дар рӯзи машқ ба соати муайян ба расида омадан маҷбур буд.

Яроқи сешанбегиҳо милтиқи болопури яккатир буд, ки тираш аз даҳонаш бо сунба ҷой карда мешуд. Инҳо казарма надоштанд, инҳо ба тарзи пароканда аз сарое ҳуҷраеро иҷора гирифта менишастанд. Милтиқи инҳо дар дасти худҳошон буда, ба саришта карда нигоҳ доштани вай худҳошон маҷбур буданд.

Сешанбегиҳо баъд аз машқ бештарин вақтҳошонро ба бегорӣ– ба хизмати маҷбурии бемузди саркардаҳо ва юзбошиҳояшон сарф менамуданд. Агар аз ин кор фориғ шаванд барои таъмини маишати худ мардикорӣ, кӯҳнадузӣ ё ягон кори дигари саридастӣ мекарданд. Сарбозони пиёда либосҳои низомиашонро дар вақти машқ аз рӯи либосҳои миллиашон (ҷома, курта, лозимӣ) мепӯшиданд, ки ба назари кас хеле тануманд ва фарбеҳ менамуданд. Дар вақти фароғаташон аз машқ дар либоси одӣ гаштан мегирифтанд.

Сарбозҳо умуман ҳар моҳ 20 танга (3 сӯм) моҳона мегирифтанд. Дигар ба онҳо на хӯрок медоданд ва на пӯшок. Либосҳои низомиашон ҳам ба ҳисоби ҳамон моҳона нарх карда дода мешуданд. Фақат шанбегиҳо, вақте ки дар казарма посбон шаванд, рӯзе як бор ҳар даҳ кас як лаган ярма мехӯрданд (фақат дастаи «Кафкоз» аз ин мустасно буда, либос ва хӯрокашон ба ҳисоби подшоҳӣ дода мешуд).

Дар рӯзе, ки ба Регистон рафтем, навбати машқи беҳтарини сарбозони пиёдаи амир – шанбегиҳо буд. Асбоби музикаи инҳо монанди дуҳул, най, сурнай ва санҷ (ду лаъличаи ба ҳам задашаванда) – асбоби миллӣ буд. Инҳо баъд аз он ки бо музикаашон ба рӯ ба рӯи арки амир ҳавои низомӣ навохта саломи низомӣ доданд, дар Регистон саф кашида истоданд.

* * *

Дар ин вақт чор бандиро аз зиндон оварданд, ки дастҳои онҳо ба пушт бастагӣ буданд. Онҳоро шабгардони миршаб, ки либосҳояшон одӣ буда, дар даст себандҳо (калтакҳои дарози себанддор) доштанд, посбонӣ карда меомаданд.

Ман ба ҳаяҷон омада аз Пирак пурсидам:

– Магар инҳоро мекушанд?

– Не, – гуфт ӯ, – инҳоро бо чӯб ҷазо медиҳанд, – ва илова кард, – дастони кушташавандагонро ба пеш мебанданд, на ба пушт.

Бандиҳоро аз байни сафи сарбозон, ки монанди кӯчабоғе кушодагӣ дошт, гузаронда, ба Тахтапул бароварданд ва дар охири Тахтапул дар наздикии остонаи дарвозаи арк нигоҳ доштанд ва ба болои сари онҳо миршаб, ки дар даст табарзин дошт, омада рост истод. Шабгардони себанддор ба тарафи поини бандиҳо дар рӯи Тахтапул қаровул истоданд. Мирғазабҳо (иҷрокунандагони ғазаби амир) омада ба рӯ ба рӯи миршаб аз тарафи дигари бандиҳо саф кашида истоданд. Як мирғазаби дигар як бағал чӯби якунимгазии илғайро оварда ба пеши назари бандиён партофт ва худ дар қатори мирғазабони дигар рафта рост истод

Қушбегӣ (сарвазир), ки дар зери либосҳои расмии худ дар суффачаи даруни дарвозаи арк менишаст, аз ҷояш фуромада омада ба болои остонаи дарвоза рост истод ва коғазеро аз бағали худ бароварда аз назараш гузаронид ва яке аз бандиёнро ба одамони худ ва аҳли дарбор, ки дар дарун ва беруни дарвозаи арк саф кашида рост истода буданд, нишон дода пурсид:

– Ин бандӣ Аҳмад аст ё не?

Ҳамаи он одамҳо бо овози баланд ҷавоб доданд:

– Ин Аҳмад аст ва куштанбоб аст!

Аз тамошобинон як одами миёнсол, ки ба мо наздик нишаста буд, пиққос зада оҳиста хандид ва худ ба худ зери лаб гуфт: «Ин одамҳо ин бандии бечораро дар хоби шабашон ҳам надидаанд».

– Пас сабаб чист, ки кӣ будани он бандиро аз ин одамҳо мепурсанд?

Он одам аз ҷояш ғежида ба ман наздиктар омад ва оҳиста ҷавоб дод:

– Баччем, ту ҳоло хурдсол мебошӣ, маънии ин корҳоро намефаҳмӣ, ин корро «ҳикмати подшоҳӣ» мегӯянд, он одам паҳлунишинони худро зери чашм аз назар гузаронида, зоҳиран, баъд аз он ки ба гапи вай диққат накардани дигаронро фаҳмид, давом кард:

– Пас гуноҳи ин бандиён чӣ бошад? – ман боз пурсидам.

– Гуноҳи инҳо агар ба ҷои гунаҳгори дигар оварда нашуда бошанд, маълум аст, – гуфт он одам ва эзоҳ дод, – бояд инҳо деҳқононе бошанд, ки ба сабаби нобудагӣ молиёти подшоҳиро – андозро дода натавониста бошанд, ё ин ки ба ҳокиму қозиҳои вилоятҳо саркашӣ карда бошанд ва агар гуноҳашон бисёр калон бошад, бояд духтарашонро ба духтарёбони амир насупурда бошанд ё розӣ нашуда бошанд, ки писарашонро одамони амир оварда ба ӯ пешкаш карда, баъд аз он ба чиркобхонаи сарбозони «Кафкози ӯ» даровварда нигоҳ доранд, дигар чӣ гуноҳ медоштанд инҳо?

– Аҷаб нест, ки дузд бошанд? – гуфт Пирак.

Он одам зери лаб хандида оҳиста ҷавоб дод:

– Мумкин аст. Аммо бештаринуздон дар рӯзи дастгир шуданашон, бисёр дер монанд, баъд аз ягон моҳ дар зиндон хобидан ба воситаи ришваву пора халос шуда боз дар пайи кори худ (дуздӣ) рафтан мегиранд.

Қушбегӣ, баъд аз «муайян намудани кӣ будани бандӣ» ба мирғазабон ишорате кард. Онҳо либоси рӯи он бандиро кашиданд. Як мирғазаби қадпасти ғалча ӯро ба пушташ гирифта хам шуда истод. Ду мирғазаб аз тарафи пеши бандибардор дастҳо ва пойҳои он бандиро маҳкам нигоҳ доштанд. Як мирғазаб куртаи бандиро барзада ба гарданаш оварда монд, ки тахтапушташ аз паси гардан то зери миён тамоман кушода шуд. Ду мирғазаб ду чӯби илғайро ба дасташон гирифта, дар ду тарафи бандии пуштбараҳна рост истоданд.

Дар ин вақт музикантҳои сарбозон дар ҳавои яккарез асбобҳои музикаи миллиро ба навохтан даромаданд, ду мирғазаби чӯбдор аз ду тарафи бандӣ ба пушти бараҳнаи ӯ задан гирифтанд. Онҳо бандиро, чунонки оҳангарон дукаса шуда оҳанро бар рӯи сандон бо хоиск мекӯфта бошанд, бо навбат сахт мезаданд ва дар вақти аз пушти бандӣ бардошта шудани чӯби як мирғазаб чӯби як мирғазаби дигар омада ба ҷои вай мерасид.

Бандӣ фарёд мекард. Аммо дар зери садои музикаи сарбозӣ чӣ гуфтани ӯ ба тамошобинон маълум намешуд. Тамошобинон ҳаминро медиданд, ки дар вақ-

ти бардошта шудани ҳар чӯб пӯстпораҳои пушти бандӣ ба он чӯб часпида аз ҷояш мехест ва аз ҷои ҷароҳат чакраҳои хун ба ҳар тараф пош мехӯрданд.

Баъд аз 75 чӯб зада шудан бо ишорати қушбегӣ чӯбҳо дар ҳаво боз истоданд ва бандибардор бандии маҷрӯҳшударо ба замин партофт. Ӯ монанди мурда дар пеши пои миршаб ва мирғазабон мехобид. Ду мирғазаб аз поҳои маҷрӯҳ кашола карда, ӯро ба тарафи даруни дарвозаи арк бурданд.

– Акнун ӯро дар обхона (зиндони даруни роҳрави арк) андохта ҳабс мекунанд, – гуфт он одами миёнсол, ки ба мо наздик нишаста буд.

Навбати ҷазо додани се бандии дигар расид, онҳоро ҳам ягон-ягон монанди бандии аввал зада ба обхона бурданд ва навбати машқи сарбоз расид.

* * *

Саркардаи сарбозон ба воситаи карнайчии худ бо карнай як фармон дод. Командирҳои майда мувофиқи он фармон ба тӯдачаҳои худ забонӣ фармон доданд. Забони командадиҳии онҳоро мо намефаҳмидем. Мегуфтанд, ки ба «забони русӣ фармон медиҳанд». Аммо русидонҳо мегуфтанд, ки «забони командадиҳии он командирон ба забони русӣ ҳеҷ монандӣ надорад».

Забони командадиҳӣ ҳар чизе, ки бошад, сарбозҳо бо вай ҳаракатҳои гуногун мекарданд. Як тӯдаи ҳашткаса бо яккақадам аз пеши мо мегузашт. Командир аз пушт бо овози баланд мад кашида фармон дод:

– «Наме-истӣ!»

Тӯда бо шунидани ин фармон қадами худро тезтар карда рафтан гирифт. Командир оташин шуда давон-давон ба пеши тӯда гузашт ва тӯдаро аз роҳ рафтан боздошта ба рӯи ҳар кадоми онҳо якторсакигӣ зад ва ба онҳо гуфт:

– Падарлаънатҳо, як сол аст, ки ёд медиҳам, ёд намегиред, – ва боз мад кашида, аммо бо овози пасттар гуфт, – вақте ки «наместӣ» гӯям, истетон!

– Яке аз тамошобинон ба дигаре гуфт:

– Маълум мешавад, ки маънии забони русӣ чаппаи забони тоҷикӣ будааст, дар мо агар ба касе гӯянд «намеистӣ», маъниаш «рафтан гир» гуфтан аст. (Баъдҳо ба ман маълум шуд, ки ин команда дар русӣ «на месте» будааст.)

Баъд аз ба поён расидани машқи майдатӯдаҳо карнайчӣ бо фармони саркарда як командаи умумӣ дод. Майдакомандирон мувофиқи он фармон ҳама баробар ва якбора ба тӯдачаҳои худ фарёд кашида фармон доданд:

– Лапле-чу! (ба ҷои «на плечо»).

Ҳамаи тӯдаҳо милтиқҳояшонро ба китфашон гирифтанд ва бо як фармони дигар чортагӣ қатор шуданд. Музика ҳавои «марш» навохт ва сарбозҳо ҳам бо командаи «марш» аз майдон баромада ба тарафи майдони машқи беруни шаҳр рафтанд. (Ман тартиби сарбозмашқдиҳии командирони амирро дар қисми дуюми «Дохунда», дар бобати «Яҳудии кӯзакаш» ба тарзи мисол акс кунондаам.)

* * *

Баъд аз холӣ шудани майдони Регистон аз сарбозон, таомфурӯшоне, ки таомҳои худро дар даст дошта дар он тарафи кӯчаи пеши майдони Регистон дар қатори тамошобинон рост истода буданд, якбора ба тарафи майдони Регистон давиданд, дар дар дасти баъзе аз онҳо лаганҳои пур аз калла-поча, дар дасти



баъзе лаълии пуршаҳлут[65] ва ҳасиб, дар дасти баъзеи дигар дег ва кӯраи тухмбаракпазӣ ва монанди инҳо буд. Инҳо якдигарро паҳлу зада пеш медавиданд, ки дар майдон барои худ ҷои хубтар ва созтарро ба даст дароранд.

Дар ҳамин вақт аз роҳрави арк «дарихоначиён» намудор шуданд, ки онҳо бо рухсати «ҷаноби олӣ» ба хонаи худ links бармегаштанд. Бо намоён шудани онҳо саисҳошон аспҳошонро давонда ва барои пеш гузаштан аз якдигарашон бо ҳам задухӯрд карда ба пеши Тахтапул расиданд. Сипоҳиёни «дарихоначӣ» аз якдигар пеш давида ҳар кадоми онҳо кӯшиш мекард, ки аз ҳампешааш пештар ба аспаш савор шуда, аз Регистон пештар барояд. Чунки ин кор дараҷаи қобилияти ҳарбии онҳоро нишон медодааст.

Дигар дар ин вақт ба фарёд карда «ясав (тартиб)-ро нигоҳ дор» гуфтани удайчӣ касе гӯш намедод – сипоҳиён ба сари аспи ҳамдигар зада мехостанд, ки ҳампешаи худро пас мононда худ пештар асп давонанд ва дар ин задухӯрд аспҳои онҳо ба баъзе таомфурӯшон бармехӯрданд, ки лаганҳои онҳо чаппа шуда таомҳои фурӯшиашон ба замин мерехт. Он гуна таомфурӯшон бо ғур-ғур он сипоҳиро дашном дода, таоми хоколудашудаашонро аз замин гирифта, хокҳои бо нами таом лойшударо бо остинашон пок карда, дигарбора ба лаган андохта барои хӯрандагон тайёр мекарданд.

То баромада рафтани сипоҳиён аз майдон, таомфурӯшон он майдонро то пеши Тахтапул бо лаган, кӯра ва бо дегу табақи худ пур карданд. Дар он вақт Регистон аз майдони пеши қасри подшоҳӣ зиёдтар ба майдони таомфурӯшии сайри Файзобод, ки дар атрофи хонақоҳ ташкил меёфт, монанд шуда монд. (Таомфурӯшии сайри Файзобод дар аввалтари ин қисми «Ёддоштҳо» тасвир ёфтааст.)

Лекин таомфурӯшон ҳанӯз осуда нашуда буданд, онҳо акнун рӯи кори таомфурӯшии худро рост карда буданд, ки аз тарафи Болои Ҳавз машкобони арк пайдо шуданд. Ҳар кадоми онҳо ба болои зини васеи чӯбини ҳар хари маст ду машк обро бор карда пеш меронданд. Харҳои маст монанди «дарихоначиён» дар давидан аз якдигар рашк карда, гӯшу гардани якдигарро газида, ба ҳамдигар лагад паронда арросзанон пеш медавиданд. Харҳо бо ин ҳаракати худ ба сари таомфурӯшон он балоеро, ки аспҳои сипоҳиён оварда буданд, барзиёд карда меоварданд.

Дар он миён кори як калла-почафурӯш диққати моро ба худ бисёртар кашид: як хӯранда омада ба пеши он калла-почафурӯш нишаста буд, ки хари машкобе лагани ӯро лагад зада чаппа кард. Фурӯшанда машкобро нафринкунон бо дасти росташ аз домани харидор маҳкам медошт, ки вай хеста наравад ва бо дасти чапаш почаҳои ба замин пошхӯрдаро ғундошта, лойҳои онро ба лаби лаган молида «пок карда» ба пеши харидор тақдим мекард. Дар қатори машкобро дашном додан «бомаза» будани почаҳои худро ҳам таъриф мекард.

* * *

Мо аз Регистон баромадем. Пирак ба ман гуфт:

– Имрӯз одамкушӣ нашуд. Биё, ки ба ту кушишхонаи одамро нишон диҳам. Агар хоҳӣ, худат ягон вақт омада одамкуширо мебинӣ.

Ман қабул кардам ва мо ҳар ду аз майдоне, ки пайваста ба майдони Регистон буда, дар вай мевафурӯшон дар замин ё дар дукончаҳои каппагӣ менишастанд, гузашта ба гӯшаи ғарби шимолии он майдон расидем. Дар он ҷо як чуқурии лойдон буд, ки дар вақтҳои бориш оби барфу бороні Регистон ва атрофи он дар вай ғун мешудааст. Ҳар вақт, ки он чуқурӣ бо лойҳои тагнишини оби барфу борон пур шавад, мардуми он ҷо лойи сиёҳи бадбӯи вайро канда бароварда ба атрофаш мепартофтаанд. Ҳамон рӯзҳо ба тозагӣ канда будаанд, ки ба лойи сиёҳи пӯсидаи он чуқурӣ ва атрофи он тоқат кардан мумкин набуд ва бадбӯии он ҷо аз бадбӯии кушишхонаи пеши мадрасаи Мири Араб монданӣ надошт.

Аз рӯи эзоҳи Пирак одамонро дар лаби ҳамин чуқурӣ мекуштаанд, ки хунашон ба ҳамин лойдон шорида мерафтааст. Пирак дар ҳамон лаби чуқурӣ истода хонаеро, ки дар баландии арк буда, даричаи шишанокаш ба тарафи майдони Регистон кушода мешуд, нишон дода гуфт:

– Амир пагоҳонӣ дар ҳамон хона, ки «саломхона»-аш меноманд, нишаста, саломи аҳли дарборро қабул мекунад ва аз ҳамон дарича ба Регистон нигоҳ карда машқи сарбоз, ҷазо додан ва кушта шудани одамонро тамошо мекунад.

Дар атрофи он чуқурӣ ва андак дуртар аз он ресмон (арғамчин)-фурӯшон дар замин нишаста молҳояшонро ба пешашон паҳн карда мефурӯхтанд, дар рӯ ба рӯи он чуқурӣ дар девори бинои Болои Ҳавз ҳам чанд дукончаҳо буданд, ки дар онҳо низ ресмон (арғамчин) фурӯхта мешуд. Пирак онҳоро ба ман нишон дода гуфт:

– Як шоири бекормонда мазмуни дар як ҷо воқеъ шудани кушишхонаи одам ва бозори ресмонро ба кор бурда шеъри зеринро гуфтааст:

Дил бурда аз кафам санами ресмонфурӯш,
Ёрон, кунун сари ману бозори ресмон!

(Дар Бухоро «бозори ресмон» киноя аз кушишгоҳи одам буд.)

## ҲОҶӢ ЗОКИРБОЙИ ҒӮЗАҶАЛЛОБ ВА КАМПИРИ ҲАФТОДСОЛА

Як рӯзи душанбе буд, ман дар лаби ғарбии саҳни берунии мадрасаи Мири Араб дар рӯ ба рӯи дарвозаи Масҷиди Калон менишастам. Он рӯз бозори ғӯза ором буд. Шояд ба сабаби фардои рӯзи бозори калон буданаш бошад, он рӯз дар он ҷо на харидор буд, на фурӯшгор. Фақат чанд қанор ғӯза дар бозор мехобиданд, ки гӯё мунтазири кашонда бурдани соҳибашон (ягон ҷаллоб) буданд.

Дар лаби саҳни мадраса, дар наздикии ҷое, ки ман нишаста будам, қанор паҳн карда се кас ба рӯи вай нишаста чой менӯшиданд ва нон мехӯрданд. Яке аз онҳо Ҳоҷӣ Зокирбой ном ғӯзаҷҷалоби машҳури гулобиёнӣ буд, ки умраш аз шаст гузашта ба 70 наздик расидагӣ барин менамуд. Номи аслии ин одам Зокирбой бошад ҳам, соли гузашта ба сабаби ба зиёрати Макка – ба ҳаҷ рафта омаданаш ба номи ӯ як калимаи «ҳоҷӣ» ҳам ҳамроҳ шуда буд, дуюмӣ аз он се нафар, як ҷавони 22-сола буд, ки акнун мӯйлаб сабз карда буд, номи ин ҷавон Ҳошим буда, аз ҳамсояҳои Ҳоҷӣ Зокирбойи мазкур, аз деҳаи Гулобиён буд. Ин



ҷавон дар бозори ғӯза паллабардорӣ мекард ва дар вақти набудани тарозудор тарозудорӣ ҳам аз дасташ меомад. Ҳоҷӣ Зокир Комилҷон ном писар дошт, ки бо ғиждувониҳои мо ошно буда, ба ҳуҷраи Мулло Ҳомиди савтӣ рафтуомад мекард ва ҳаваси дарсхонӣ ҳам дошт, ба ин муносибат ман ба корҳои ӯ як дараҷа ошно шуда будам:

– Ғиждувониён Ҳоҷӣ Зокирро дар ғӯзаҷаллобӣ «бисёр ноинсоф буд» мегуфтанд ва илова мекарданд, ки «аммо баъди ба ҳаҷ рафта омаданаш аз гуноҳҳояш тавба карда» шайхҳо барин «худотарс ва парҳезгор шудааст». Ман ҳам монанди ғиждувониҳоямон аз ҳаҷ одами покиза шуда омадани ӯро бовар мекардам.

Сеюми он одамҳо Муроди пахтакаш ном як одами 70-солаи қоматхамидаи сафедчехраи доғикунҷитакдор буда, чинҳои рӯяш пӯсти себи хомхушкро ба назар намоён мекард. Ин одам дар вақти ҷавониаш пахтакашӣ мекардааст ва баъд аз дасту миёнаш аз кор баромадан ба бозори ғӯза ба қаровулӣ даромадааст.

Ҳоҷӣ Зокир дар вақти чойнӯшӣ аз сафари худ ба ҳаҷ гап мезад, дар Мадина қабри пайғамбарро чӣ гуна зиёрат карданашро, дар Макка ба хонаи Каъба чӣ гуна даромаданашро ба ҳамсӯҳбатони худ ҳикоя мекард, назар ба қавли ӯ, ки аз шайхи арабҳо нақл мекард, «ҳар кас, ки ба хонаи Каъба дарояд, аз ҳамаи гуноҳонаш тамоман пок шуда, аз модар нав зоидагӣ барин мешудааст».

Дар ҳамин вақт ба бозори ғӯза як кампир омад, ки ба сар фаранҷии порапорашуда ва дар даст асое дошт. Ӯ як хари маслухро пеш андохта меомад, ки бар болои вай дар як ҷувол тахминан се пуд барин ғӯза буд. Кампир ба бозор даромада, дар он ҷо касе набуданро дида ба асояш такя карда ҳайрон шуда монд.

Ҳоҷӣ Зокир ба Ҳошим гуфт:

– Хез, ғӯзаи ин кампирро баркашида ба ҷуволи ман андоз. Лекин чунон баркаш, ки харҷи имрӯза чою нон ва пули гӯшт барояд.

– Агар рост баркаш мегуфтед, ба ҷон хизмат карда медодам, Ҳоҷӣ амак, – гуфт Ҳошим, – лекин…

Ҷавон баъд аз «лекин» чизе нагуфт ва ба замин нигоҳ карда монд.

– «Лекин duздӣ намекунам» – гӯй! Ҳамин тавр не? – гуфта Ҳоҷӣ Зокир ба Ҳошим суол дод ва оташинона давом намуд, – кай боз «Шайхи Барсисо»[66] шудӣ? Дирӯз магар камакак дуздӣ кардӣ?

– Дуздӣ кардам ва баъд аз ин ҳам мекунам. Чунки «дили ғӯза сафед ҳам бошад, дили бозориғӯзагиён сиёҳ аст» – гуфтаанд. Дар миёни як тӯда ҷаллобон ва тарозудорони сиёҳдил, албатта, дили ман сафед намемонад. Лекин аз ин кампир дуздӣ намекунам, – гуфт ҷавон бо оҳанги андак тунду тез.

– Ҷаро? – суол дод Ҳоҷӣ Зокир тааҷҷубкунон.

– Агар ин кампир кас медошт, ба ҳамин ҳоли афтодагии худ ба бозор намеомад. Ин кампир чунон бекасе менамояд, ки агар зинда монад, танҳо пули ҳамин ғӯза харҷи зимистонии ӯ мешавад ва агар мурад, ба харҷи гӯру кафанаш меравад. Ман ҷони ҷавон дорам. Ман аз дуздидани харҷи зимистонии як кампири барҷомонда ва аз дуздидани пули гӯру кафани ӯ метарсам, – гуфт ҷавон.

– Бисёр хуб! – Ҳоҷӣ Зокир ҷомаи рӯяшро кашидан гирифта ва ҷавонро масхара дошта давом намуд, – дар воқеъ аз ҷони ҷавонат тарсиданат лозим аст.

Аҷаб нест, ки аз дуои бади ҳамин кампир дар худи ҳамин шаб мурда монӣ. Аммо пирҳо ҷонсахт мешаванд…

– Хусусан баъди ҳаҷ карда «аз гуноҳҳо пок шуда омадан», – гуфт Муродпахтакаш сухани Ҳоҷиро бурида.

Ҳоҷӣ Зокир баъд аз «боракалло» – гуфта сухани Муродпахтакашро таҳсин кардан сухани аввалии худро давом кунонд, – «худам ғӯзаи ин кампирро мувофиқи таъбам баркашида мегирам. Аввалаш ин ки ман аз дуои бади ин кампир наметарсам. Фарз кардем, ки аз дуои бади ҳамин кампир мурам ҳам, имшаб як гӯшти нахарт (гӯшти паҳлуи гӯсфанд) хӯрда мемурам».

Ҳоҷӣ Зокир ҷомаи рӯяшро ба рӯи қанор гузошта аз зинаи саҳн ба бозор фуромад ва оҳиста-оҳиста пеши кампир рафта ба гап сар кард:

– Ҳамшира! Ин ғӯзаатон ала-қарақ (ғӯзаи аз кӯраки дар офтоб шукуфта) аст ё ғӯзаи покиза? – гӯён пурсид.

– Ғӯзаи сунбулагӣ, – гуфт кампир ва илова кард, – ҳоло моҳи мизон надаромадааст ва ғӯзаҳои бевақтӣ акнун шукуфта истодаанд. Дар ин вақт ала-қарақ аз куҷо ёфт мешавад?

– «Аҷаб нест, ки ала-қараки порсола бошад, гуфтам-дия», – гуфт Ҳоҷӣ Зокир ва илова кард: – агар иҷозат диҳед, боратонро аз хар фуроварда бинам.

– Агар фуроред, дуо мекунам, – гуфт кампир, – аз набудани мадорам фуроварда натавониста истода будам.

Ҳоҷӣ Зокир ҷуволро аз хар фуроварда даҳонашро кушода дида гуфт:

– Ғӯзаатон бад нест, фақат аз ду об монда будааст. Кампахтатар шудааст, санг зер намекунад. Ҳар чӣ ҳам бошад, ҷаллобон «ҷон» гуфта мегирифтанд-куя, ҳайф, ки имрӯз дар бозор харидор нест. Чаро рӯзи бебозор овардед? Агар рӯзи бозор мебуд, ба ягон ҷаллоб фурӯхта дода ба шумо хизмат мекардам.

Ҳоҷӣ Зокир даҳони ҷуволро дубора баста ба кампир чашм дӯхта истод. Зоҳиран, ӯ ҳавои даҳани кампирро мепоид.

– Гӯр ба сари беодамӣ шавад, – гуфт кампир дар ҷавоб, – мардам аз шумо ҳам пиртар буд. Бо вуҷуди ин бо ҷуфти касона ҳамин баҳор ин ғӯзаро кишт, баъди аз каланд баровардан, худо раҳмат кунад, бандагии худоро ба ҷо овард (мурд). Ман аз ваҷҳи гӯру кафани вай аз бойи деҳа қарздор шуда мондам, арбоб молиёти замин (андоз)-ро ҳар рӯз талаб мекунад, худам як моҳ боз рӯи дамигармӣ (таоми гарм)-ро надидаам ва аз ҳамсояҳо чанд нон қарздор шуда мондам. Ана ҳамаи инҳо ба болои ҳамин ғӯза бор шуда монд. Лекин 15 рӯз боз ягон кас ёфт нашуд, ки инро ба бозор оварда фурӯхта пул карда ба ман диҳад…

Аз сергапии кампир магар дили Ҳоҷӣ Зокир танг шуд, ки сухани ӯро бурида гуфт:

– Хуб, ғӯзаатонро ҳамин рӯз мефурӯшед ё не?

– Харидор бошад, албатта, мефурӯшам.

– Дида истодаед, ки харидор нест. Чаро дар рӯзи бебозор овардед? – мегӯям.

– Ман ҳам ба ҳамин гап ҷавоб додан мехостам, – гуфт кампир бо овози узрхоҳона ва давом кард, – охир, ман ин сабилмондаро (ғӯзаро нишон дода) ба пуштам бардошта оварда натавонистам. Хар наёфтам. Як ҳамсояи аттори чорбозоргард доштам. Вай фақат дар рӯзи душанбе ба додани хараш розӣ шуд. «Дар дигар рӯзҳо худам бозор меравам» – гуфт. Ночор ана ҳамин рӯз овардам.



– Хуб, имрӯз харидор нест, акнун чӣ кор мекунед? – Ҳоҷӣ Зокирбой аз кампир пурсид.

– Илоҳӣ барака ёбед, арзонтар бошад ҳам, кӯр шавад, ба ягон кас фурӯхта диҳед. Ман ин сабилмондаро ба куҷо гардонда мебарам. Агар гардонда барам, албатта, дубора ба бозор оварда наметавонам, гӯр ба сари бекасӣ ва нобудагӣ шавад.

Акнун вақти «бар рӯи тахта гирифтани кампир расида буд», чунки ӯ худро монанди мурдае, ки ба дасти мурдашӯй афтад, ба дасти Ҳоҷӣ Зокир супурда буд. Ҳоҷӣ ба кампир гуфт:

– Хуб, майлаш, як кори савоб кунам. Одамҳо масҷиду мадраса меандозанд, ман ҳеҷ набошад, аз худам пул харҷ накарда дили шуморо ба даст гирам…

– Илоҳӣ имонатон ҳамроҳ шавад, тӯйи набераву абераҳотонро бинед, – кампир дуокунон сухани Ҳоҷиро бурид. Ҳоҷӣ давом намуд:

– Ман ғӯзаатонро арзон нарх намекунам. Баъд аз баркашашро муайян кардан пулашро нақд аз кисаи худам медиҳам. Фардо рӯзи бозор ба ягон ҷаллоб фурӯхта пули худро мегирам. Майлаш, пули ман то фардо монанди қарзи ҳасана[67] ба ғӯзаи шумо банд шавад. Худо аз ҷои дигар мерасонад.

Кампир Ҳоҷиро аз таги дил дуо мекард ва Ҳоҷӣ Зокир ғӯзаро аз ҷувол ба заҳома гардондан гирифт.

Дар вақте, ки Ҳоҷӣ Зокир бо кампир гуфтугӯй мекард, Муродпахтакаш ба Ҳошим гуфт:

– Дар деҳаи мо Бозорча – Насими Хархӯр ном як кас буд. Ӯ харбоз буд ва харҳои хуби ҳангӣ нигоҳ дошта, дар миёнаи Бухорову Вобканд ва Бухорову мазори Баҳоуддин кирокашӣ мекард. Соли гузашта ӯ ба як фалокат гирифтор шуд – дуздон як роҳгузарро дошта ба замини ӯ, ки ҷуворӣ кишта буд, дароварда ҳама чизашро гирифта худашро кушта партофтаанд. Аз рӯи шариат ҳар ҷиноят маълум нашавад, соҳиби замин гунаҳгор мешудааст. Бинобар ин миршаб ӯро дастгир карда, ба зиндони Бухоро андохт. Дар муддати як сол харҳои ӯро, ҳам замини ҷуворӣ киштаашро бародараш фурӯхта барои халосии додараш ба миршаб хӯронд. Аммо ӯ халос нашуд. Имрӯз шунидам, ки аз амир ҳукми куши ӯ баромадааст. Имрӯз миршаб ба акаи Хархӯр гуфтааст. «Агар ҳамин шаб ду ҳазор танга оварда надиҳӣ, фардо пагоҳонӣ додарат кушта мешавад». Лекин ӯ ду ҳазор танга он сӯ истад, ду ҳазор пули сиёҳ ёфта наметавонад.

Муроди пахтакаш дар охири ҳикояти худ гуфт:

– Агар ман амир мебудам, ба ҷои Насими Хархӯр Ҳоҷӣ Зокирбойро мекуштам. Ин ҷаллоди бекорд ҳар рӯз хуни чандин деҳқонро мерезад. Охир «моли мӯъмин – хуни мӯъмин» гуфтаанд. Ҳоло мехоҳад, ки ин кампирро ҳам кушад…

Дар ин вақт фарёди кампир шунида шуд, – ӯ мегуфт:

– Ман худам ба дастам баркашида оварда будам. Дар тарозуи хурд баркашидам. «Дар бозор кам набарояд, ҳаққи тарозубон ва муштак ҳам барояд» гуфта қасдан вазнин баркашида будам..

– Хуб, гӯй ки чӣ қадар буд? – гӯён «ту-ту» гуфта Ҳоҷӣ Зокир ба кампир дӯғ мезад.

– Якта-якта баркашидам. Дар тарозу санги чорякӣ (дукилогӣ) монда барка-

шидам. Вақте ки ҳар тарозуро ба ҷувол меандохтам, дар як тараф як дона ғӯза мемондам. Баъд аз баркашида шудани ғӯза, он ғӯзаҳои барои гум нашудани шумур мондагиҳоямро шумурда дидам, ки бистаку чор (24)-та баромад. Ин як бистаку чор чоряк гуфтан аст. Охир, шумо 16 чоряк бовардед.

Ҳоҷӣ Зокир кампирро ҳақораткунон ғӯзаро ба ҷуволи кампир андохтан гирифт. Ӯ худ ба худ гуфт: «ба хизмат тӯҳмат» гуфтаанд, ки тамоман рост аст ва ба кампир хитоб карда гуфт:

– Магар ман барои туро фиреб додан соли гузашта чор ҳазор танга харҷ карда ба ҳаҷ рафта омадам? Ғӯзаатро гирифта бар, манҷалақ? Баъд аз мурданат арбоби деҳаат фурӯхта ба ту гӯру кафан мекунад.

Кампир суст шуд:

– Ман гардонда бурда наметавонам. Ҳар чӣ ки кунед – кунед, ман ба Худо месупорам, – гуфт ӯ.

– «Ба Худо месупурдааст», – гуфт Ҳоҷӣ Зокир худ ба худ ва ба кампир нигоҳ карда суханашро давом кунонид, – «Магар Худо кори дигар надорад, ки аз пайи ба амал овардани супориши ту медавад».

Охир Ҳоҷӣ Зокирбой баъд аз зорӣ ва илтиҷои кампир ғӯзаро ба ҷуволи худ андохта, намедонам, чанд пул бошад, ба кампир дод. Кампир он пулро нашумурда ба нӯги рӯймоли сарбандаш баст. Ҷуволи холиро ба болои хар партофта вайро пеш андохта асозанон аз бозор баромадан гирифт. Ман гумон кардам, ки ӯ бе ёрмандии касе ба хар савор шуда наметавонад. Бинобар ин ба пеши ӯ давида рафтам, ки ба хараш савор карда монам.

Аммо ӯ қабул накард:

– Ман пир шудаам, бар болои хар нишаста наметавонам, чашмам сиёҳ меравад ва меғалтам, – гуфт кампир, – илоҳӣ Худо ба ин нияти некат туро ба муродат расонад, – гӯён ӯ маро дуо кард ва дар ҳолате, ки аз чашмони хушкидааш ба рухсораи пажмурдааш об мешорид, аз бозор баромада рафт.

Ман аз бозори ғӯза баромада рост ба ҳуҷраи Пирак рафтам ва ба ӯ гуфтаҳои Муродпахтакашро нақл намуда, ӯро аз эҳтимоли фардо пагоҳонӣ кушта шудани Насими Хархӯри бозорчагӣ хабардор кардам ва аз вай илтимос намудам, ки фардо пагоҳонӣ барои дидани одамкушӣ ҳамроҳи ман ба Регистон равад. Ӯ қабул кард, ман ба ҳуҷраи акаам рафтам. Ҳушам дар сар набуд ва хаёлам ба кампир банд буд. Шаб хобам набурд, ҳар вақт, ки чашмамро мепӯшидам, ҳайкали фартути кампир дар ҳолате, ки гирякунон ва асозанон аз бозор баромада мерафт, ба назарам намуда меистод.

## ОДАМКУШӢ ВА «БОЙБАЧАҲОИ ҶАНОБИ ОЛӢ»

Мо дар торикии рӯз ба Регистон расидем, азбаски ҳанӯз тамошобинон ғун нашуда буданд, ҷои хуберо ба даст дароварда нишастем. Дар Регистон «тамошо» монанди дафъаи пештара сар шуд. Фақат соат 8 шуда бошад ҳам, занҷири болои тахтапулро намебардоштанд. Маълум буд, ки имрӯз «дарихона» намешуд. «Дарихоначиён» ҳам, ки ба давру пеши Регистон ғун шуда нигарони бардошта шудани занҷир буданд, умедашонро барканда ягон-ягон пароканда гардида ба хонаи худҳошон баргаштанд.



Ман аз Пирак пурсидам:

– Модом ки ин қадар сипоҳӣ ба даруни арк роҳ наёфта баргашта рафтанд, имрӯз дар арк хизмати инҳоро кӣ адо мекунад?

Пирак хандида ҷавоб дод:

– Инҳо дар арк ҳеҷ хизмате надоранд.

– Пас чаро инҳо ба арк бо он шитоб, чобукӣ ва задухӯрд мебаромаданд? Ё магар дар ҳар бори ба арк баромадан аз амир инъоме мегиранд, ки барои вай медаванд?

– Ҳеҷ кадоми инҳо не!

– Ман намефаҳмам, – гуфтам тааҷҷубкунон, – охир, инҳо дар арк чӣ кор мекунанд ва амир ба инҳо чӣ кор дорад?

Пирак зери лаб хандакунон гуфт:

– Чунонки он одами миёнсоли ношинос дар он дафъае, ки дар Регистон будем, гуфта буд, «ин корро ҳикмати подшоҳӣ мегӯянд» ва ақли мову ту ба маънии ин гуна «ҳикматҳо» намерасад. Чизе ки ман пурсуков карда фаҳмида гирифтам, ин аст, ки – гӯён Пирак ба эзоҳ даромад, – инҳо ба арк мебароянд. Удайчӣ ва шиғовул (ноиби удайчӣ) инҳоро мувофиқи амалашон пасу пеш карда дар роҳрави дарози саломхона то масҷиди арк нигоҳ медорад. Амир, ки ба саломхона даромада дар пеши остонаи дари болои вай нишаст, ба дарбон як ишорат мекунад. Дарбони «рамузфаҳм» ҳам маънии ишорати амирро фаҳмида «хӯш, тақсир» гӯён ба тарафи раҳрав медавад ва дар он ҷо ба удайчӣ нигоҳ карда бо овози баланд мегӯяд:

– Салом!

Удайчӣ бо шиғовул «дарихоначиён»-ро мувофиқи амалҳошон даста-даста карда бо навбат ба ҳавлии саломхона медароранд. Дар вақти ба ҳавлӣ даровардани ҳар даста удайчӣ ба тарафи дасти рости он даста ва шиғовул ба тарафи чапаш мераванд. Вақте ки даста ба ҳавлӣ даромада ба дари хонае, ки амир нишастааст, рӯ ба рӯ шуд, удайчӣ бо овози баланд ном ва амалҳои иштироккунандагони он дастаро як-як гуфта барои салом ва дуо омадани онҳоро изҳор мекунад ва удайчӣ ва шиғовул бо дастони худ аз паси сари аҳли даста зер карда онҳоро ба таъзим намудан ишорат мекунанд. Аҳли даста аввал хам шуда ва баъд аз он нишаста, чунонки намоз мехонда бошанд, ба амир бо овози баланд «Ваалайкумуссалом!» мегӯянд.

Шиғовул аз ҷониби аҳли даста бо овози баланд амирро дуо мекунад ва ба ӯ муваффақият ва зафар металабад. Баъд аз он удайчӣ ба аҳли даста бо овози баланд хитоб карда: «Акнун баргаштан гиред!» – мегӯяд. Даста аз ҷо хеста пуштнокӣ роҳ рафта аз дарвозаи ҳавлии саломхона мебарояд.

Вақте ки ҳамаи дастаҳо ба ҳамин тариқа салом дода баромаданд, удайчӣ онҳоро ба ҳавлии васее, ки тахти амир дар пешгоҳи вай барпо карда шудааст, мегузаронад ва бар суффаи хиштфарши бепалос мувофиқи амалҳошон болову поин мешинонад ва фаррошҳо бо табақҳои сафоли бесир оши палав овардан мегиранд, «дарихоначиён» ба гирифтани он табақҳои ош аз дасти фаррошон бо якдигар талош мекунанд ва ҳар кас аз ҷояш нимхез шуда, аз як лаби табақ дошта вайро ба тарафи худ мекашад ва басо мешавад, ки дар он миён табақ шикаста ва ё чаппа шуда ош ба замин мерезад…

– Магар онҳо дар умрашон ош надидаанд, ки ин қадар чашмгуруснагӣ мекунанд? – гӯён ман сухани Пиракро буридам.

– Эҳтимол таомҳое, ки ҳар рӯз дар хонаи онҳо пухта мешаванд, аз таомҳои оммавии ошхонаи амир бамазатар бошанд, – гуфт Пирак ва давом кард, – онҳо ин корро барои ин мекунанд, ки назар ба қавли онҳо, «оши амир табаррук» будааст ва ин гуна талош карда гирифтани вай ба амир хуш меомадааст. Лекин баъд аз ба даст овардани ин оши «табаррук» касе аз вай намехӯрад, қисме аз вай дар вақти талош карда гирифтани «дарихоначиён» ба замин мерезад ва қисми дигараш ба ошхонаи подшоҳӣ баргашта рафта дар он ҷо нобуд мешавад.

Пирак дар охири сухани худ гуфт:

– «Дарихоначиён» баъд аз ошхӯрӣ ба раҳрав баромада ба лаби суффачаҳои зердеворӣ менишинанд ва агар барфу борон борад ҳам, дар хестан аз он ҷо ва ба ҷои болопӯшидае рафтан ҳақ надоранд ва ҳар вақт ки «рухсати олӣ шуд», ба хонаи худ бармегарданд ва басо мешавад, ки ин рухсат то қариби вақти шом дер мекашад. Хуб аст, ки бо фурӯ рафтани офтоб дарвозаи арк баста шуда дигар «бе рухсати махсуси олӣ» касе ба арк на даромада метавонад ва на баромада. Вагарна мумкин буд, ки рухсати ба хонаи худҳошон баргаштани аҳли «дарихона» то нимаҳои шаб, балки то саҳар дер мекашид.

* * *

Баъд аз ба Регистон саф кашидани сарбозони пиёда се касро аз раҳрави арк ба дарвоза бароварданд, ки дастони ҳамаашон ба пеш бастагӣ буд. Дар байни тамошобинон як ҳаяҷон, як ҷунбиш ва як шуввосзанӣ сар шуд. Баъзеҳо бо сарҷунбонӣ ва бо ним садои комузабонӣ аломати афсӯс нишон медоданд. Баъзеҳо дар ҷои худ бесаброна ҷунбида, гоҳ ба тарафи арк ва гоҳо ба тарафи бозори ресмон нигоҳ мекарданд, маълум буд, ки инҳо ба як тамошои фавқулодае мунтазиранд ва зудтар ба вуқӯъ омадани вайро хоҳонанд, баъзе дигарон бо ҳампаҳлуи худҳо дар бораи пешбандшудагон хунсардона гап мезаданд ва маълум буд, ки он кори шуданӣ дар назари онҳо як кори одие барин менамуд. Аммо ба ҳама ин маълум буд, ки он се нафар дастҳошон ба пеш басташуда дар ҳамин 5 – 6 дақиқаи наздик кушта хоҳанд шуд.

Қушбегӣ бо одати муқаррарии ҷазодиҳӣ номҳои он се нафарро ягон-ягон ба забон гирифта ва дар ҳақиқат соҳиби ҳамон номаҳо ҳамон одамҳо буданро аз ҳозиристодагон пурсида ва тасдиқ кунонда ҳукми кушро ба дасти миршаб дод. Миршаб он ҳукмномаро гирифта аввал бӯсид, баъд аз он аз сараш болотар бардошт, пас аз он ба чашмонаш молид ва дар охир бӯсида ба бағали худ андохт ва бо ишорат ба одамони худ фармон дод.

Дар паҳлуи ҳар як аз кушташавандагон ду ҷаллод гузошт. Ҷаллодон одамони кӯтоҳқомат, кӯтоҳҷома буда, миёнашон аз рӯй бастагӣ, дар пояшон мӯзаи одӣ ва бар сарашон телпакҳои ҷойдории одӣ буд. Рангу рӯи ин ҷаллодон гуногун бошад ҳам, чашмони ҳамашон монанди чашмони сагони девона даҳшатангез буд ва гӯё ки дар он чашмҳо ба ҷои сафедӣ ва сиёҳӣ хун шӯълаварӣ мекард.

Дар дасти яке аз ҳар ду нафар ҷаллод як калтакчаи сарлӯндаи кӯтоҳдаста буда, дар миёни дигаре корди бо банду ғилофе менамуд.



Атрофи бандиён ва ҷаллодонро шабгардони себанддор иҳота карда гирифтанд ва аз ду тарафи ин даста шогирдпешагони шамшердори қушбегӣ ва миршаб ва ясавулони чӯбдастдори амир саф кашиданд. Миршаб табарзини худро ба даст гирифта ба пеши даста гузашт ва ӯ баъди аз Тахтапул ба майдони Регистон фуромадан, гӯё ки ба пиёдагардӣ оби шикамаш кам мешуда бошад, ба асп савор шуд. Ва ҳол он ки аз Тахтапул то кушишгоҳ аз сесад қадам зиёдтар роҳ набуд.

Даста аз байни сафи сарбозон – аз ҷое, ки махсусан барои гузаштани вай кушода мондагӣ будааст, равон шуд. Мо аз байни тамошобинон як навъ карда пеш рафтем, то ки чӣ гуна шудани чеҳраи кушташавандагонро дар наздикии марг бинем. Чун ба гузаргоҳи даста наздик расида чашмамон ба рӯи кушташавандагон афтод, ман ва Пирак қариб буд аз даҳшат беҳуш гардида ба замин ғалтем. Зеро яке аз он бандиён, ки пешопеш мебурданд, Мулло Туроб буд, дуюм Мулло Бозор ном касе буд, ки Пирак ӯро мешинохт ва ман ӯро шахсан нашиносам ҳам, кӣ будани ӯро аз Пирак шунида будам. Бандии сеюмро, ки аз ҳама қафотар мебурданд, мо шахсан намешинохтем. Лекин аз ҳикояи дирӯз аз Муроди пахтакаш шунидаам тахмин кардан мумкин буд, ки бандии сеюм Насими Хархӯр аст.

Мулло Туроб ва Мулло Бозор ба тарафи кушишхона мардона мерафтанд. Албатта, ранги рӯи онҳо ва феълу атворашон одӣ набуд. Рангашон парида, гунаи хокистарӣ пайдо кардагӣ буд, аммо ҳаракат ва қадаммониашон мастона менамуд. Онҳо гӯё одамони пурзӯри дарёдаркаш буданд, ки бо нӯшидани шароби бисёр аз худ нарафта ва нағалтида буданд, аммо бо зӯрии ҳамон шароб аз сар чӣ гузаронида истоданашонро муайян карда наметавонистанд ва ё монанди касоне буданд, ки воқеаҳои даҳшатангези дар хоб дидаашонро дар бедорӣ ба ёд меоранд, лекин аз вай наметарсанд, инҳо ҳам воқеаи даҳшатангези аз сар гузаронидаистодаашонро аранг-аранг мефаҳмиданд, аммо наметарсиданд, ё ин ки худро нотарс нишон додан мехостанд.

Аммо бандии сеюм, ки мо ӯро Насими Хархӯри бозорчагӣ гуфта муқаррар карда будем, пештар аз хӯрдани корди ҷаллод мурда барин шуда буд, ранги ӯ хокистарии бунафштоб менамуд ва ӯ қуввати ҳаракат ва рафтор надошт, ӯро аз ду паҳлуяш ду ҷаллод гирифта гӯё бардошта мебурда бошанд, базӯр ҳаракат мекунонданд ва қадамҳояш ба замин гоҳ мерасид ва гоҳ намерасид.

Даста ба кушишгоҳ расид. Одамони миршабу қушбегиву амир гирдогирди лойдони бозори ресмони Регистонро ҳалқавор фаро гирифтанд. Миршаб ба даруни ҳалқа даромада савора меистод. Ӯ фармони ба воситаи қушбегӣ аз амир гирифтаашро аз бағал бароварда, як бори дигар ба сараш бардошта, ба чашмонаш молида, ба лабонаш оварда бӯсида боз ба бағалаш андохт. Баъд аз он ба тарафи арк ба он даричае, ки бояд амир дар он ҷо ин манзараро тамошо карда нишаста бошад, нигоҳ карда, як таъзиме кард, ки даҳонаш ба ёли асп расид. Баъд аз он даст бардошта аз бандиён ва аз тамошобинон «дар ҳаққи ҷаноби олӣ дуо» талабид. Сарҷаллод кафи дастонашро кушода ба ҳаво бардошт, дигар ҷаллодон ва посбонон ҳам дастҳошонро ба ҳаво бардоштанд. Сарҷаллод бо овози баланд дуо кард. «Илоҳӣ ҷаноби олӣ ҷаҳонгир шаванд, теғашон бурро ва сафа-

рашон бехатар шавад, ҳар душмане, ки ба зоти олӣ қасд кунад, паст шавад, пирҳо ёр, чорёрон мададгор, ҳазрати шоҳи мардон камарашонро банданд, омин» дастбардоштагон «омин» гӯён дастҳошонро ба рӯяшон молиданд. Баъд аз он миршаб ба тарафи ҷаллодон ишорат кард. Аввал Мулло Бозорро ба лаби чуқурӣ оварданд. Ҷаллоди калтакчадор пеш гузашта бо калтакчаи худ аз пеш ба соққаи пои бандӣ чунон сахт зад, ки шиқиррос зада шикастани устухонҳои по ба ҳозиристодагон шунида шуд. Бандӣ рӯ ба замин ба рӯи лойҳои сиёҳи аз лойдон кан-да баровардашуда афтид. Ҷаллоди калтакчадор ба шонаи бандӣ савор шуда сари вайро ба лой сахт зер карда истод. Шабгардони себанддор бо дастони худ аз миён то пои бандӣ зер карда истоданд.

Ҷаллоди дигар аз ғилофи ба миёнаш овехташуда кордро кашида баровард. Корд он қадар калон набуд, аз гулбанд то нӯгаш як ваҷаб дарозӣ дошт, ҳам камбари дудамаи нӯгтез буд. Ҷаллод кордашро ба гулӯгоҳи бандӣ – ба ҷое, ки ба гӯшхонааш наздик буд, халонид ва баъд аз то гулбанд фурӯ рафтани корд як бор вайро тофт ва кашида баровarда ба ҷомаи бандӣ молида пок карда ба ғилофаш тиққонид. Хун аз гулӯи мақтул фавворазанон баромада ба замин рехта ба даруни чуқурии лойдон мешорид.

Ду бандии дигарро ҳам ба ҳамин тариқа куштанд. Фақат аз гулӯи бандии сеюм, ки мо ӯро «Насими Хархӯр» мегуфтем, хун камтар баромад ва зуд бозистод.

Миршаб дар ҳаққи «ҷаноби олӣ»-аш боз як бори дигар дуо гирифта бо дастаи посбонон ва ҷаллодони худ баргашт. Таомшобинон ба ҷои хобидаи кушташудагон наздик шуданд. Ҷасадҳои Мулло Бозор ва Мулло Тураб ҳанӯз бо шиддат ҷастухез мекарданд ва танаи Насими Хархӯр суст меҷунбид.

Дар ҳамин вақт аз тарафи ҷануби Регистон – аз тарафи Тоқи Тиргарон гурӯҳи калбачагон пайдо шуданд, ки дар дасти онҳо се дона занбар буд. Сарҳои онҳо чунон кал буданд, ки шуххҳои сафедашон аз теппа то гирдогирди сарҳошонро то пеши абрӯ ва паси сар фурӯ гирифта буданд ва бо таъбири шоири он замон – Музтариб «сари онҳо чағбут (пахтакӯҳнаи обшуста) барин менамуд».

Дар тани ин калбачагон куртаву лозимӣ набуд, фақат ба ҷои лозимӣ як латтаи чиғда-чиғда даридаро лӯнгивор ба миёнашон печонда буданд. Дар тани ҳар кадоми онҳо як ҷомаи пора-пора дарида буд, ки аз рӯи вай миёнашонро бо ресмон баста буданд. Ранги рӯи тамоми баданашон номаълум буд. Азбаски ба бадани онҳо аз нӯги пой то пеши чашм хокистар часпида монда буд, чӣ ранг доштани пӯсташон маълум намешуд.

Бо намудор шудани калбачаҳо аз даҳони мардум садо баромадан гирифт.

– Бойбачаҳои ҷаноби олӣ, бойбачаҳои ҷаноби олӣ, – мегуфтанд одамони бисёре.

Онҳо ба лаби лойдони кушишгоҳ расиданд ва то ором гирифтани ҷасади кушташудагон бесаброна нигоҳ карда истоданд ва баъди аз ҷунбиш бозистодани танаи мақтулон «бойбачаҳои ҷаноби олӣ» ҳар кадом мурдаро ба занбаре андохта бардошта бурданд.

Ман сабаби «бойбачаҳои ҷаноби олӣ» номида шудани ин калбачагонро аз Пирак пурсидам.



– Сабаб ин аст, ки, – гуфт ӯ, – амири ҳозира Абдулаҳад шоир аст. Ӯ мазмуни аз тарафи калбачагон бо занбар бардошта бурда шудани ҷасади «душманони кушташудааш»-ро дар як байти худ даровардааст ва дар он байт ба калбачагони мурдакаш изҳори муҳаббат карда аз онҳо ёрӣ хостааст. Ба ҳамин муносибат мардуми Бухоро ба ин калбачагон «бойбачагони ҷаноби олӣ» ном додаанд.

Пирак сухани худро давом дода гуфт:

– Мардумони Бухоро одамони зиракand, ҳар корро мефаҳманд ва ба ҳар чиз номи муносиб медиҳанд. Айбашон фақат дар ин аст, ки ба муқобили ин зулмҳо ҳаракате намекунанд ва ба сабаби бисёр зулм кашидан ситамкашӣ ба онҳо одат шуда мондааст, чунонки ба бангкашон ва тарёккашон кашидани ин чизҳои одамхаробкун одат шуда мемонад.

Пирак дар охири суханаш байти мазкури амир Абдулаҳадро ба тарзи зерин хонд:

> …Ба роҳат гар дучор афтад рақиби шуми бадкирдор,
> Сараш аз тан ҷудо гардон, ҷасад болои занбар бар.

(Ин байт дар тазкираи Афзал[68], ҳам дар тазкираи Садри Зиё[69] ба номи амир навишта шудааст.)

## МАЙДОНИ МАШҚИ САРБОЗ

Мо дар зери бори гарони даҳшатовари манзари одамкушӣ ва ҷасади ҳақоратдидаи инсон монда будем. Бо маслиҳати Пирак барои қадре сабук шудан беруни шаҳр баромаданро салоҳ дидем. Пирак ба майдони берунишаҳрии машқи сарбоз рафтанро муносиб дид.

– Дар он ҷо шояд бо дидани машқҳои хандовар ва аз шунидани «лапле-чу» ба ҷои «на плечо» ва «наме-истӣ» ба ҷои «на месте» шояд дил кушода шавад, – гуфт ва илова кард, – ҳавои беруни шаҳр ҳам аз дарун бояд сабуктар бошад.

То кушта шудани одамон сарбози сешанбеӣ ҳам машқи регистонии худро тамом намуда ба майдони берун рафта буд. Мо аз Регистон бо кӯчае, ки ба дарвозаи Имом мебароядаб, ба тарафи шимол равон шуда, аз гузари Мирзо Ғафур ба тарафи дасти рост – ба шарқ нигоҳ кард баргаштем. Аз чорбаққолии бозори чӯб боз ба тарафи шимол баргашта ба девори қалъа расидем. Аз он ҷо боз ба тарафи шарқ баргаштем.

Дар ин ҷо акнун ба тарафи дасти чапамон девори фарсудаи шаҳр ва дар тарафи ростамон кӯл буд. Азбаски он ҷо ҷои чуқуртари шаҳр буд, обҳои барфу борон ва заҳобҳои шаҳр дар он ҷо ғун шуда, дар муддати чандин сол ин обгурез гандида, ранги сабзи сиёҳтоб пайдо кардааст. Ба болои ин мардум сагҳо, гурбаҳо ва харҳои мурдаро дар ин ҷо оварда партофтаанд, ки лошаҳои ин ҳайвонот ҳам ранг, ҳам бӯй ва ҳам манзараи он кӯлро нафратовартар кардаанд.

Мо ба ҳамаи душвориҳо тоқат карда, ба қадри имкон чобукона роҳ рафта ба дарвозаи Самарқанд расидем. Ин дарвоза ба тарафи шимоли шаҳр нигоҳ карда кушода мешуд. Аз дарвоза баромадем. Аз он ҷо рост ба тарафи шимол як роҳи калон мерафт, ки бо вай ба Вобканду Ғиждувон рафтан мумкин буд. Ба тарафи шарқи дарвоза як роҳи калони дигар буд, ки вай равандаро ба Файзобод, Дилкушо, Ғурбун ва аз он ҷо ба Самарқанд мерасонид. Майдони Машқи

Сарбоз дар байни ҳамин ду роҳ воқеъ шуда буд, ки дар тарафи шарқи ин майдон як роҳи хурдтари деҳотӣ ва дар тарафи шимолаш чорбоғҳои хусусӣ буданд.

Дар се тарафи ин майдон – дар ғарбу ҷанубу шарқаш заҳкашҳои калон кашида шуда буданд, ки бино бар ботил шуда рафтани обгурезашон дар бадбӯӣ ва бадрангии обашон аз кӯли даруни дарвозаи Самарқанд монданӣ надоштанд. Дар тарафи ғарби майдон – баъд аз заҳкаш ва роҳ як ҳавлии амир ва дар тарафи шарқаш баъд аз заҳкаш ва роҳ Дилкушо ном чорбоғи амир воқеъ шуда буд. «Дилкушо» будани номи ин чорбоғ, ки дар чунин ҷои бадбӯй воқеъ шуда буд, аҷиб менамуд.

Дар вақте ки мо ба майдон расидем, сарбозҳо панҷ-панҷ, даҳ-даҳ дар ҳар гӯшаи майдон мехобиданд. Саркарда ва юзбошиҳо дар тарафи шимоли майдон бар рӯи суффае гилем паҳн карда дар он ҷо чой нӯшида, таом хӯрда, чилим кашида ва чақ-чақ карда менишастанд. Аммо аз машқ ҳеҷ дарак набуд. Зоҳиран барои ин ки сарбозҳо дар машқи Регистон ва дар роҳ рафтани дар байни Регистон ва майдон хеле монда шуда буданд, саркарда онҳоро ба дамгирӣ озод кардааст.

Мо аз ин фурсат истифода бурда ҷоҳоеро, ки сарбозон ёзида хобида буданд, гардиш карда баромадем. Дар ин гардиш диққати моро аз ҳар чиз зиёда ҳайати ин дастаи сарбозон ба худ кашид – дар ҳайати сарбозон аз бачагони даҳсола гирифта то пирони ҳафтодсола ёфт мешуданд. Дар байни онҳо пирсолони бемор ҳам буданд, ки милтиқ бардошта наметавонистанд, бинобар ин онҳо сунбаи милтиқпоккуниро ба ҷои милтиқ бардошта ба машқ омада буданд ва дар айни замон он сунба ба он пирони бемор дар роҳ рафтан вазифаи асоиро низ адо менамуд.

Дидем, ки машқ ба зудӣ сар намешавад, мо ҳам ба тарафи шимоли майдон, ки бадбӯиаш камтар буд, ба як девори боғ такя карда саридупо нишаста дам гирифтем.

Баъд аз соате овози карнай баромад ва сарбозон аз ҷо хеста милтиқҳоро ба даст гирифта ба тарафе, ки саркарда ва командирон менишастанд, давиданд, пирон ва беморони сунбабардор ҳам аз дунболи онҳо барои чобуктар роҳ рафтан кӯшиш мекарданд. Мо ҳам ба он ҷо наздиктар рафтем.

Командирҳо сафҳои сарбозонро рост карданд ва он сафҳоро аз чор тараф рӯ ба рӯи ҳам сохта аз одамон «чор девори» ба ҳам пайвастае оростанд, ки дар натиҷа як майдончаи чоркунҷа ба вуҷуд омад. Дастаи музикаи миллӣ-сарбозӣ дар миёнаҷои ин майдон қарор гирифт.

Як одами баландқомати фарбеҳи ғафс, ки синнаш аз панҷоҳ болотар буда, риши ғафси зардчаи шоҳи таппонмонанд дошт, аз рӯи суффа бархост. Дар тани ин одам кулӯчаи (кител) моҳути сурмагии бисёр аъло, бар болои китфҳояш погонҳои тилло, ба сараш телпаки савсори қиматбаҳо ва дар пояш аз рӯи мӯзаи амрикоии локӣ чалвори моҳути сурмагии канораисурхдор буд ва бар тарафи чапи сари синааш «нишони давлатии доруссалтанаи Бухорои шариф» дурахшон менамуд. Ин одам саркардаи ҳамин дастаи шанбегӣ буд.

Саркарда ба тарафи «чор девори аз одам сохташуда» равона гардид. Аз паси ӯ гурӯҳи юзбошиён (офитсерон), ки ҳама хушлибос ва погондор буданд, ба роҳ даромаданд. Аз дунболи онҳо як гурӯҳ сарбозони бе милтиқи чӯбдастдор афтоданд. Як сарбозбача, ки тахминан 16-сола менамуд, лекин либосҳои озодаи юзбошигӣ дошт, як курсиро (табуретка) гирифта давида аз саркарда пеш гузашта ба даруни «чордевор» даромад ва курсиро дар канортари он майдонча монда, худ аз майдон баромада рафт.



Саркарда ба майдонча даромада болои курсӣ нишаст, юзбошиён дар ду паҳлуи ӯ саф кашида рост истоданд, тӯдаи чӯбдастдорон дар паси сари саркарда қатор шуданд.

Дар ин вақт як одами салла-ҷоманоки ришсиёҳи тахминан 40-сола, ки чинҳои рӯяш аз шастсола боло будани ӯро нишон медоданд, аз куҷо буд омада, ба майдонча даромада ба наздикии саркарда рост истод. Ин одам ҳамеша чашмонашро пӯшида, сарашро ба замин хам карда меистод. Ҷомаи рӯи ӯ чунон дароз буд, ки ба замин мерасид ва дар вақти роҳ рафтанаш бари ҷома чунон ба поҳояш мепечид, ки бими дар роҳ ғалтида мондани ин одами мурдамонанд пайдо мешуд.

Аз рӯи ҷомаи зерини сатини пахтадори васеъ ва дарози ин одам миёнаш бо фӯтаи сафед бастагӣ буд. Дар зери миёнбанди ин одам як қаламдон халондагӣ буда, дар дасташ як коғази лӯла печондагӣ менамуд.

Саркарда ба ин одам нигоҳ карда аз ӯ пурсид:

– Мирзо (котиб), чаро дер мондед?

Он одам, бе он ки чашмашро кушояд ва ба тарафи саркарда нигоҳ кунад, баъд аз лабони болову поинашро ду-се бор лесидан гуфт:

– Имрӯз кӯкнорхонаи пеши ҳавлии мо бастагӣ буд, ман маҷбур шудам, ки ба кӯкнорхонаи гузари мурдашӯён равам. Дар он ҷо аз давлататон мувофиқи табъ бо ҳалқосаи (ҳалқосои) бомазза як коса оби ҳаётро нӯшида дар ҳаққи шумо ва ҷаноби олӣ дуо карда омадам. Дар роҳ чунон давидам, ки кайфи он оби ҳаёт аз сар парида рафт. Баъд аз машқ маҷбурам, ки ба кӯкнорхонаи таги дарвоза даромада боз як воя бардорам. Вагарна барои ба хона баргаштан мадор намерасад. Лекин барои ин, – нимнигоҳи соҳибдавлатам даркор аст.

– Хуб, – гуфт табассумкунон саркарда ба ӯ, – зудтар сар кунед!

Мирзо коғази лӯламонанд печондашудаеро, ки дар даст дошт, кушода ба хондан сар кард:

– Нурбойи вағонзегӣ – гуноҳаш ин аст, ки як ҳафта ба машқ наомадааст.

Як юзбошии ҷавон, ки тахминан 25-сола буда, дар тан кулӯчаи моҳути осмониранг ва аз ҳамин моҳут чалвори канораи борикдор пӯшида буд ва дар по мӯзаи локӣ ва бар сар телпаки сарбозии аз пӯсти аълои қарокӯлӣ дӯхташуда дошт ва дар китфҳояш погони калобатундӯзӣ менамуд, ба як командири худ хитоб карда:

– Ҷевачӣ, Нурбойро ҷеғ зан, – гуфт.

Ҷевачӣ «хӯш,тақсир» гӯён рафта аз қисми худ Нурбой ном сарбозро гирифта овард. Нурбой як одами рангкандаи миёнсол буд, ки қариб панҷоҳсола менамуд ва дар дасташ сунбаи милтиқро дошта ба вай такя карда базӯр роҳ мерафт. Ӯ омада дар рӯ ба рӯи саркарда рост истод.

Саркарда чашмонашро калон кушода ва ба Нурбой тез-тез ваҳшиёна нигоҳ карда:

– Падарлаънат! Чаро як ҳафта ба машқ набаромадӣ? – гуфт.

– Тақсир, балои саратонро гирам. Бемор будам. Ҳанӯз беморам… Ҷевачӣ кас фиристода буданд. Аз тарс ба омадан маҷбур шудам ва базӯр омадам.

– Бисёр хуб, – гуфт саркарда бо оҳанги пичинг, – ин баҳонаат мувофиқи закун. Лекин ба бахти ту ин ҷо мамлакати урусҳо не, ки ту аз духтур испрафка гирифта аз машқ озод шудан гирӣ. Ин ҷоро «Бухорои шариф» мегӯянд. Дар ин ҷо ҷаноби олӣ ва шариат ҳукмронанд. Дар ин ҷо испрафкаи духтур ва дурӯғ ба кор намеравад.

– Каромат карданд, тақсир, – гуфт юзбошӣ ба саркарда таъзимкунон ва давом кард, – ин шӯрапушт (хулиган) дурӯғ мегӯяд. Ҳамсароёнаш «мардикорӣ карда гаштааст» – гуфтанд.

Нурбой чашмашро аз саркарда канда ба чашмони юзбошӣ дӯхт. Аммо юзбошӣ ба замин нигоҳ карда монд– Ҷони ҷавон доред, худоро ҳозир бинед, юзбошӣ бек, – гуфт Нурбой ба юзбошӣ. – Шумо ҳатто дар кадом сарой нишастани маро намедонед.

Саркарда ба Нурбой нигоҳ карда ба гап даромад:

– Ба ман нигоҳ карда гап зан. Дар кадом сарой менишинӣ…

– Дар саройи Таги Пушта, дар саройе, ки он ҷо гаҷкӯбӣ мекунанд, – гуфт Нурбой ва илова кард, – дар он ҷо ғайр аз ман сарбозони дигар ҳам ҳастанд. Агар сухани маро бовар накунед, аз онҳо пурсед.

Дар вақти пурсиши Нурбой дар сафи пас як сарбоз ба сарбози дигар оҳиста мегуфт: «Нурбой рост мегӯяд, бемор буд. Аммо гулӯи юзбошӣ хорид (аз вай як чиз хӯрданӣ шуд). Аммо Нурбой, ки чанд вақт боз бекор буд ва дар охир бемор шуд, ба ӯ чизе дода натавонист. Ба ин сабаб ба сари вай ин балоро овард».

Саркарда бо қӯрчии (адъютанти) худ фармуд, ки аз ҳамсароёни Нурбой ду нафарро ёфта орад. Қӯрчӣ он сарбозеро, ки дар наздикии мо суханҳои Нурбойро тасдиқ мекард ва аз қисми дигар боз як сарбози дигарро ёфта пеши саркарда овард. Он ду сарбоз дар ҷавоби пурсиши саркарда гуфтаҳои Нурбойро тасдиқ карданд.

Юзбошӣ гувоҳии он сарбозро рад карда, ба саркарда гуфт:

– Инҳо гуноҳи якдигарро мепӯшонанд. Имрӯз инҳо Нурбойро бемор нишон диҳанд, фардо, ки инҳо аз машқ гурехтанд, вай инҳоро бемор нишон медиҳад, забони инҳо як аст.

Яке аз он ду гувоҳ ғазаболудона ба саркарда гуфт:

– Агар мо забонамонро як карда дурӯғ гуфта бошем, дар саройи Таги Пушта гаҷкӯбҳо ҳам ҳастанд, онҳо сарбоз нестанд ва бо мо забон як накардаанд. Аз онҳо пурсед, тақсир!

Бар рӯи саркарда оташи ғазаб пайдо ошуд, сари худро қадаре хам карда истод ва баъд аз он ба юзбошӣ нигоҳ карда гуфт:

– Дар ин ҷо ғайр аз гуноҳи аз машқ гурехтани Нурбойи падарбезор, боз як гуноҳи дигар пайдо шуд, ки бо вай ҳар сеяшон баробар гунаҳгоранд…

– Каромат карданд, тақсир, – гуфт юзбошии Нурбой, бе он ки гуноҳи нави «гунаҳкорон»-ро фаҳмида бошад. Бо шунидани ин суханҳои юзбошӣ рӯи саркарда кушода шуда, ба ӯ бо табассум нигоҳ кард ва дарҳол ба рӯяш оташи ғазаби аввалӣ давида суханашро давом дод:



– Ин се нафар забон як карда юзбошии дастаро «дурӯғгӯй» гуфтанд ва ба ман беодобона тунду тез шуда гап заданд. Бояд ҳар сеи инҳо баробар ҷазо бинанд. Саркарда, баъд аз он ки «гуноҳи он се нафар сарбозро исбот кард», сари худро пас гардонда ба сарбозони бемилтиқи чӯбдастдор ишорате намуд.

Чӯбдастдорон давида пеш гузаштанд. Ду нафар аз онҳо аввал либосҳои низомӣ – сарбозӣ, дар тани ӯ як ҷомаи чиркини даридаи серпахта ва як куртаи қаламӣ буд, ки онҳоро ҳам кашиданд. Баъд аз он ӯро бо шикамаш бар рӯи як духули (дӯли) бочкамонанд,ки дар ҳар ду тарафаш пӯст даркашида шуда буд, хобонда зер карданд.

Ду сарбози чӯбдастдор дар ду тарафи Нурбой чӯбҳошонро ба задан муҳайё карда рост истоданд. Дирижёри дастаи музика ба навохтан ишора карда, овози наю сурнайу санҷу нақора (духул) ба ҳам ҷӯр шуда баланд шуд. Чӯбдастдорон ҳам ба пушти бараҳнаи Нурбой баробари баромадани садои музика ва ба вай ҳамоҳанг шуда задан гирифтанд. Садои музика гоҳо авҷ гирифта фарёди «вой, дод! Тавба кардам! Ба ҳоли беморам раҳм кунетон!» гуфтанҳои Нурбойро зер мекард ва гоҳо фарёдҳои вай боз ҳам баландтар шуда садои музикаро зер мекард. Дар ҳар ҳол ин ду садои бо ҳам мухолиф монанди ҳавои «мухолиф» ба ҳам ҷӯр шуда давом мекарданд ва усули инҳоро садои «шартошурт»-и зарбаи чӯбдастдорон нигоҳ медошт.

Ғазаби саркарда паст шудан гирифт ва барои боз ҳам чоқтар кардани димоғаш бояд бошад ба қӯрчии худ:

– Гӯй, чилим ва чой биёранд, – гуфт.

Баъд аз ду дақиқа ҳамон сарбозбачаи хушлибоси курсибардор чилим ва як сарбозбачаи дигар, ки бо ӯ ҳамқад буд ва дар хушлибосӣ ҳам бо вай баробар меомад, чойник ва пиёла бардошта ҳар ду баробар омаданд. Саркарда ва юзбошиҳо чилимкашӣ ва чойнӯширо сар карданд.

Садои музика, зарбаҳои пай дар ҳами чӯбҳо ва фарёди Нурбой давом мекард, фарқи ҷазодиҳии майдони Машқи Сарбоз аз ҷазодиҳии дари арк аввал дар ин буд, ки дар он ҷо агар «гунаҳгор»-ро ба болои одам хобонда зананд, дар ин ҷо бар болои духули музикаи сарбозӣ хобонда мезаданд. Дуюм, агар дар он ҷо мирғазабҳо зарбаҳои худро бо овози баланд «як-ду» гӯён шумурда зананд, дар ин ҷо ношумур мезананд.

Пушти Нурбой хуншор шуд. Аммо ин хуншоршавии пӯсташ ба ӯ фоида дод: вақте ки чӯбдастдор барои боз ҳам сахтар кардани зарбаи худ чӯбро бо шиддат баланд мебардошт,аз нӯги чӯб як чакра хун парида бар рӯи зонуи саркарда афтод. Саркарда ин ҳолро дида ба занандагон:

– Бас кунед! Хуни ин касофатӣ либосамро аз кор баровард!– гуфт.

Баъд аз Нурбой ду гувоҳи ӯро ҳам ба ҳамин тартиб заданд. Мувофиқи рӯйхати мирзои кӯкнорӣ боз чанд сарбозро бо тарзи боло ҷазо доданд – баъзеи онҳо ба сабаби нарафтанашон ба бегории саркарда ё юзбошӣ, баъзеҳошон барои гапи сахт заданашон ба саркори саркарда дар вақти иҷрои бегорӣ ва монанди инҳо ҷазо диданд.

Дар охир як касро ҷазо доданд, ки «гуноҳи» ӯ диққати маро ба худ бисёр кашид. Ин Нормурод ном сарбози ҷондорӣ буд, «гуноҳи» ӯ аз рӯи чизе, ки мир-

зои кӯкнорӣ дар коғази лӯлагии худ навишта монда будааст, он буд, ки ӯ се рӯзи ҳафтаи гузашта ба бегорӣ нарафта будааст.

Дар вақти пурсиш Нормурод ҷавоб дод:

– Дуруст аст, ки ман се рӯзи ҳафтаи гузашта ба бегорӣ нарафтам, чунки навбати ман набуд. Он Нормуроди ҷондорие, ки ба сабаби нарафтанаш дар бегорӣ дар дафтари мирзо номаш даромада мондааст, Нормуроди ҷондории дигар аст, на ман, гуноҳи ман ин аст, ки ман бо ӯ ҳамном ва ҳамтуман шудаам.

Саркарда аз мирзои кӯкнорӣ пурсид:

– Ба бегорӣ нарафтагӣ ин Нормуроди ҷондорӣ аст ё он?

Мирзо аввал ду-се бор сабук-сабук сурфа кард ва баъд аз он бо дастонаш гиребони ҷомаашро дуруст карда истода бо ҳамон вазъияти одатиаш чашмонашро пӯшида сарашро ба замин хам карда ҷавоб дод:

– Ман на ин Нормуродро мешиносам ва на онро,саркори чорбоғи шумо гуфт, ки «Нормуроди ҷондорӣ ном сарбоз ба бегорӣ се рӯз наомад», ман ҳам аз забони ӯ навишта мондам.

– Вай Нормуроди ҷондорӣ дар куҷост? – фарёд кард саркарда дар ҳолате, ки ин пурсишро ба кӣ доданаш маълум набуд.

Юзбошии қисм пеш омада ба саркарда ҷавоб дод:

– Ман он Нормуроди ҷондориро ба сабаби як «узри шаръӣ» (қонунӣ)-аш дар ҳафтаи гузашта 15-рӯза барои ба хонааш рафта омадан ҷавоб дода будам.

Дар сафи пас, сарбозе, вақте ки аз забони юзбошӣ «узри шаръӣ»-ро шунид, ба сарбози ҳампаҳлуи худ гуфт: «юзбошӣ агар пора гирифта ҷавоб додам» мегуфт, гапаш рост мешуд.

Саркарда ба Нормурод гуфт:

– Модом, ки ҳамномат бо рухсати юзбошиаш ба хонааш рафта будааст, он Нормуроде, ки «бе узри шаръӣ» ба бегорӣ нарафтааст, худат ҳастӣ – ва ба чӯбдастон ишора кард, ки ҷазо диҳанд.

Чӯбдастон либосҳои Нурмуродро мекашиданд ва ӯ фарёд мекард, ки «Ман нестам, вай Нормурод дигар аст, номи падари ман Нуриддин аст, номи падари ӯ Шермуҳаммад аст. Агар номи тумани мо фарқ накунад ҳам, аз номи падарҳомо каси дигар будани ҳар кадоми мо маълум аст». Аммо касе ба фарёдҳои ҷонгудози ӯ гӯш надод ва ҷазо иҷро шуд. (Дар дафтарҳои подшоҳии Бухоро номи ҳар касро бе номи падараш ва бо қайд кардани туман (район)-и таваллуд ёфтааш менавиштанд.)

«Машқи сарбоз» бо ҳамин ҷазодиҳӣ тамом шуд. Мо ҳам роҳи шаҳрро пеш гирифтем. (Ман манзараи сарбозҷазодиҳии саркардагони амирро дар қисми дуюми «Дохунда», дар боби «Мусиқаи навбаромад» акс кунондаам.) Пирак дар роҳ гуфт:

– «Ман омадам ба дилхушӣ, аз пешам баромад ғӯзакашӣ» – мегӯянд, ки бисёр дуруст аст. Мо барои ин ба майдони Машқи Сарбоз омада будем, ки дар ин ҷо дилхушӣ кунем. Ҳайфо, ки ғаму кулфати ин ҷо ба болои ғаму кулфате, ки аз «бозори ресмон» гирифта будем, «болои мурда сад чӯб» шуд.



## ОДАМИ БАДБАШАРА

Мо дар бозгаштан ба шаҳр бо роҳи дарвозаи Самарқанд, ки аз болои кӯли бадбӯй гузаштанамон даркор мешуд, нарафта бо роҳи дарвозаи Имом рафтагор шудем. Бинобар ин мо аз пешгоҳи тарафи шимолии майдони Машқии Сарбоз – аз пеши чорбоғи Ашӯрихонаи эрониҳои Бухоро гузашта, ба роҳи калони ғарбии майдон даромадем ва аз он ҷо бо он роҳ рӯ ба шимоли ғарбӣ рафтем, ки ба роҳи калони дарвозаи Имом ҳамроҳ мешуд. Чун ба наздики Галаҷӯй расида ба он роҳи калон баромадем, аз он ҷо ба тарафи шаҳр – ба тарафи ҷануб пас гаштем.

Дар ин роҳ тарафи дасти ростамон – тарафи ғарби роҳ, аз роҳ тахминан яку ним метр баландӣ дошта, он ҷоҳо киштзор ва бештаринаш заминҳои сабзавоткорӣ буд, тарафи дасти чапамон аз роҳ ним метр чуқуртар буда, дар он ҷо заҳкаши бадбӯе ва пайваста ба заҳкаш кӯли лойдоне ҷо гирифта буд, ки дар ҳар ҷоҳар ҷои он кӯл найҳои қадпасти сербарге рӯида буданд ва дар байни бешҳои найҳо ғукҳо (қурбоққаҳо) хона монда буданд, ки дар обҳои чалчиқи кӯл «вараққосзанон» шино мекарданд.

Чун чанд дақиқаи дигар роҳ рафтем, он кӯл ба ҳавлие пайваст, ки байни онҳоро асари як девори похсаи нав, ки ба он наздикиҳо фурӯ ғалтида будааст, ҷудо мекард. Аммо дар ҳақиқат ва аз ҷиҳати хусусияти замин он ҳавлӣ давоми он кӯл менамуд. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки ба сабаби бисёртар ҳаракат кардани одам дар ҳавлӣ дар байни чалчиқҳо ва кӯлмакҳо пайраҳаҳо пайдо шуда, нақши қадамҳои одамро нишон медоданд.

Байни заҳкаши канори роҳ ва ҳавлиро ҳам ҳамон гуна асари як девори похсаи нав ба тозагӣ аз по афтода аз ҳам ҷудо мекард, дар ин ҷо ҳам чиркобҳои заҳкаш ба тарафи ҳавлӣ заҳида рафтагӣ буданд ва рӯи он чиркобҳо ва кӯлмакҳои ҳавлиро монанди заҳкаш гиёҳҳои обии сабзранг, ки мардум «ҷули қурбоққа»-аш меномиданд, фурӯ гирифта буданд.

Баъд аз чанд қадами дигар роҳ рафтанамон ба ҷое расидем, ки ҳавлиро аз заҳкаш баъзе биноҳо ва деворҳои чӯбкории ба дарун ё берун хамхӯрдаистода ҷудо мекарданд ва он биноҳо ва деворҳои чӯбкориро тиргакҳои бақувват, ки ба ҷои хамхӯрдаашон гузошта шуда буданд, муваққатан аз ғалтидан нигоҳ медоштанд. Бо вуҷуди ин дар байн баъзе рахнаҳо буданд, ки онҳо аз фурӯ ғалтидани як қисм биноҳо ва деворҳо пайдо шуда буданд ва аз он рахнаҳо рӯи ҳавлӣ ба равандагони роҳ тамоман намуда меистод.

Чун пештар рафтем, ба рахнаи дарозе вохӯрдем, ки вай то дарвозаи даромади он ҳавлӣ давом мекард ва дар он рахна тагкурсии девори похсае ба тозагӣ кашида шуда буд, ки аз лаби заҳкаш як газ баландӣ дошт.

Дар рӯ ба рӯи ин рахнаи дароз аввал як қатор аспҳои гуногунранг намудор шуданд ва онҳо ба яккамехҳои баланди чӯбин, ки дар рӯи ҳавлӣ кӯфта шуда буданд, бастагӣ буданд ва ба он аспҳо ду одами пирсоли побараҳнаи ҷомадарида, ки аз бемадорӣ базӯр роҳ мерафтанд, нигоҳубин мекарданд. Дар ин ҷо дар рӯи ҳавлӣ кӯлмак ва чиркоб наменамуд, аммо ба ҷои онҳо чиркоб ва саргини аспон рӯи ҳавлиро олуда карда буданд. Баъд аз қатори аспон боз як қатор якка-

меҳо намудор шуданд, ки дар онҳо ба ҷои асп одамҳо баста шуда буданд. Дастони ин одамҳо ба пушт бо ресмонҳо бастагӣ буда, гарданҳошон бо занҷир ба мех бастагӣ буданд.

Ду нафар аз ин одамҳо туркман буда, синнашон наздик ба панҷоҳ менамуд. Дар тани инҳо ҷомаи сурхи майдалагандаи кӯҳнаи туркманӣ ва бар сарашон телпакҳои калони дегмонанди сиёҳи пӯстигӯсфандӣ буд.

Дигари онҳо шаш нафар буда, одамони сарупобараҳнаи деҳотӣ– саҳроии бухороӣ буданд, ки синни онҳоро аз 30-сола то 45-сола тахмин кардан мумкин буд.

Дар охири он рахна дарвозаи хавли буда, тарафи ба рахна пайвастаи дарвозахона ба ду тиргаки зӯр, ки аз даруну берун, муқобили ҳамдигар гузошта шуда буданд, банд шуда меистод ва тарафи дигари дарвозахона ба девори похсагии баланде такя мекард ва он девор дар давоми худ қисми даруни (ҳарамсаройи) ин ҳавлиро иҳота менамуд.

Дар рӯ ба рӯи охири рахна ва дарвозахона як суффаи дароз менамуд, ки аз рӯи ҳавлӣ ним метр баландӣ дошта бо се поғунда зина бар рӯи вай баромада мешуд. Дар тарафи ҷануби суффа ва пайваста ба вай як хонаи рӯй ба боло[70] буд, ки дарҳояш ба рӯи суффа кушода мешуданд.

Бар рӯи суффа як қолини дарози сербар, ки ҳама ҷои он суффаро мегирифт, паҳн буда, бар рӯи вай–дар миёнҷои суффа, бар болои се қабат кӯрпачаи шоҳӣ як одами аҷиб рӯ ба дарвозахона менишаст. Дар пеши ин одам дастархон паҳн буда, бар рӯи дастархон як табақи калони пур аз гӯшти яхнӣ ва якчанд дона нони калони тафтон меистод ва он одам бо як дасташ як парча нонро дошта ва бо дасти дигараш як бурда гӯштро гирифта, он гӯштро дар он нон печонда ба даҳонаш мезад ва дар вақти хоидани он бо дастҳояш боз ба шикастани нон ва пора кардани гӯшт машғул мешуд. Дар охири суффа – дар пеши зина ва дар рӯ ба рӯи он одам як ҷавони 16–17-сола менамуд, ки миёнаш аз рӯи яктак бо фӯтаи сафед бастагӣ ва дар сар саллачаи хурде дошт, ки фашаш халондагӣ буд. Дар паҳлуи ин ҷавон, ки дузону менишаст, як чойник чой ва бар рӯи як лаълича як пиёла буд. Ин ҷавон чашмашро аз он одами гӯштхӯр ҳеҷ намеканд ва гӯё мунтазири он буд, ки агар он одам бо ишора чой талаб кунад ё гӯшт дар гулӯяш банд шавад, дар пиёла чой кашида чобукона бурда бо лаълича пеши ӯ хоҳад гузошт.

Аҷобати он одам танҳо дар тарзи хӯроккхӯриаш набуда, афту башара ва либосаш зиёдтар тааҷҷубовар буданд – қомати ин одам аз миёна пасттар, рангаш сиёҳча, биниаш нӯгпаст ва паҳн, чашмонаш танги бемижгон, аммо сиёҳ, сараш он қадар калон не, аммо дарозрӯятар, пешонааш дунг ва ноҳамвор, рӯяш борик, аммо ду устухони ду ҷоғи болоиаш берун дамида баромадагӣ буда, онҳо бо дунгии пешонааш намуди се мехи чӯбини калладори ба шакли секунҷа дар замин то гулӯ кӯфташударо ба назари бинанда намоён мекарданд.

Аз ҳама зиёдтар тарафи даҳон ва зери бинии ӯ аҷиб буд: ҷоғи зерини ӯ гӯё нӯг надошт, ё он қисми ҷоғашро, ки манаҳ ва дар забони адабӣ «занах» меноманд, гӯё аз пеши лаби зеринаш тамоман бурида гирифта ба ҷои буридашуда як порча чарми сиёҳеро дӯхта ё часпонда монда буданд. Он чарми сиёҳ ҳам аз пӯсти буз буда, гӯё дар вақти ош дода чарм пухтан якчанд тора пашм боқӣ монда будааст, ки он торҳо дар ин одам ба ҷои риш хизмат мекард.



Ба сари ин одам як арақчини сафед, дар пояш як эзори васеи суф буд. Аммо курта надошт ва аз рӯи як яктак (ҷомаи беостар), ки аз чити тунук (гардӣ) дӯхта шуда буд, пӯшида менишаст. Ӯ чорзону нишаста буд ва аз таги гулӯяш бо сари сина ва шикамаш то зери нофаш – ҳама ҷои аъзои пешинааш ба назар намоён буданд, хусусан шикамаш, ки ба сабаби калониаш аз барҳои яктак берун баромада ба сари зонуҳояш овезон шуда меистод, ба назар хеле баднамо менамуд.

Азбаски қисми пешинаи ба назар намоёни баданаш монанди бадани ҳайвонот бо пашми ҷингилаи мӯймонанд пӯшида шуда буд, чӣ ранг доштани пӯсти баданаш ба кас маълум намешуд.

Синну соли ин одамро ҳам тахмин кардан мумкин набуд – нону гӯштро бо як ҳирси сагона тез-таз ва мӯл хӯрданаш, ҳам кам будани торҳои сафеди мӯи баданаш далолат мекард, ки он одам миёнсол аст, аммо аз чинҳои рӯяш ва аз бенурии чашмаш ӯро аз ҳафтод боло тахмин кардан ҳам мумкин буд.

Дар ҳар ҳол – хоҳ пир бошад, хоҳ миёнсол, қиёфаи ин одам ба назари кас он қадар дилкаш наменамуд ва аз бепарвоёна нишаста ва хотирҷамъона таом хӯрдани ӯ, дар вазъияте, ки дар пеши назараш одамон монанди ҳайвонот ба яккамех бастагӣ меистоданд, хеле хислатҳои нафратовар доштани ӯро тахмин кардан ҳам мумкин буд.

Ман кӣ будани он одам ва чӣ будани он аҳволро аз Пирак пурсидам. Ӯ ҷавоб дод:

– Ин одамро Ҳайдарқул Чӯчқа мегӯянд, ки аз ҳамқабилагони амир ва як одами бисёр мӯътабари ӯ мебошад ва дар дарбори амир дигар касе нест, ки дар мартаба ва эътибор ба вай баробарояд. Ӯ дар замони амир Музаффар ба сабаби «корнома нишон доданаш» дар ҷангҳои Хӯқанд, аз амир ярлиғи тархонӣ[71] гирифта будааст. Ӯ мувофиқи он ярлиғ аз ҳар гуна бозхостҳо озод аст. Ӯ ҳар коре кунад, ҳатто одамонро кушад ҳам, на амир, на вазир, на қозикалон ба ӯ чизе гуфта наметавонистаанд. Ӯ дар Қаршӣ, дар атрофи Бухоро ва дар туманҳо бисёр деҳаҳоро ба тарзи танхоҳ соҳиб аст, ки молиёти он деҳаҳоро бо дилхоҳи худаш худ ғундошта мегирифтааст.

Пирак баъд аз гуфтани аҳволи таърихӣ ва мансаби Ҳайдарқул Чӯчқа дар бораи одамони дар пеши мех басташуда илова карда гуфт:

– Ман шунида будам, ки «Агар Ҳайдарқул Чӯчқа одамонро дар иморати худ ва ё дар ягон кори дигари худ кор фармояд, музд намедиҳад ва агар онҳо музд талаб карда «нинакшаҳӣ» намоянд, аз хонааш зада пеш мекунад ва агар бо задан ҳам нараванд, дар яккамех баста монда чанд рӯз гурусна даст мегирад, ки дар он вақт худи онҳо «хушу хурсандона» аз даъвои муздгирӣ гузашта халос шуда мерафтаанд», аммо намедонам, ки ин одамҳоро ба чӣ сабаб баста монда бошад.

Ман ҳарчанд он рӯз якум бор Ҳайдарқул Чӯчқа ва ҳавлиии ӯро дида бошам ҳам, хоҳ дар шаҳр бошад, хоҳ дар саҳро дар бораи ӯ бисёр чизҳоро шунида будам. Ман дар ин ҷо он чизҳои худам шунидаамро хулоса карда ба маълумоти аз Пирак гирифтаам илова мекунам, то ки тарҷимаи ҳоли он одам як дараҷа пурратар шавад:

Аз рӯи шунидаам, падари Ҳайдарқул Чӯчқа аз Қаршӣ,аз қабилаи манғит буда, чунонки Пирак гуфт, ба амирони Бухоро ҳамқабила будааст.Ӯ (яъне па-

дари Ҳайдаркул Чучқа) чорводори бисёр калон буда, чорвои ӯ дар айёми тобистон дар байни Қаршӣ ва Шаҳри Сабз, дар канорҳои Қашқадарё, дар заҳкашҳо, кӯлҳо ва умуман дар ҷоҳои серобу алаф мечаридааст. Аъзои оилаи ӯ ҳам бо одати қадимии чорводорӣ аз паси галаву рамаи худ кӯчида гашта, дар канори заҳкашҳо ва кӯҳо манзил мекардаанд.

Ҳайдаркул Чӯчқа ана дар ҳамин оила таваллуд ёфта, дар ҳамон зиндагонии «кӯлнишинӣ» одат карда ба воя расидааст. Аммо аз он ҷо, ки ӯ аз ҳамон вақти ҷавониаш сар карда бадмуомила, вайронкор ва хдробкунандаи зироатҳои мардум бо чорвоҳои худ будааст, ҳамқабилагони худаш лақаби «хуки»-ро ба ӯ муносиб дида, дар забони худ ӯро «Ҳайдарқул Чӯчқа» гуфтаанд, ки «Ҳайдарқули Хук» гуфтан аст.

Ҳайдаркул Чӯчқа баъд аз ба камол расондани бадкирдориҳои худ ба дарбори амир ҷалб гардида, ба сафарҳои ҳарбии Хӯқанд иштирок кунонда шудааст. Дар он сафарҳои ҳарбӣ, назар ба қавли баъзеҳо (чунонки аз Пирак нақл шуд), «корномаҳо нишон дода» ва назар ба ақидаи баъзе ҳақиқатбинон, кирдорҳои хуконаи ӯ ба амир Музаффар хуш омада, ӯро бо ярлиғи тархонӣ сарфароз кардааст.

Чун дар истиқомати Бухоро маҷбур шудааст, одати пештараи кӯлнишинии худро тарк карда натавониста баро бошишгоҳи доимии худ ҳамон кӯли беруни дарвозаи Имомро интихоб намуда, дар он ҷо барои худ «қасре» бино кардааст. Азбаски он ҷо кӯл ва заминаш сусти обчилоқ аст, иморати он ҷо дер намепоидааст. Аммо аз он ҷо, ки Ҳайдарқули Чӯчқа ба устову мардикорон музд надода кор мефармудааст, аз ваҷҳи зуд-зуд хароб шудани иморатҳояш ғам намехӯрдааст.

Мо аз пеши ҳавлии Ҳайдаркул Чучқа гузашта ба бозори аспи Бухоро, ки дар беруни дарвозаи Имом ва дар ҳамон роҳи калон буд, расидем. Азбаски мо пагоҳонӣ дар ҳуҷраамон чизе нахӯрда ба «тамошо» баромада будем, мадори роҳ рафтан дар мо намонда буд. Бинобар ин ман дар он ҷо дуто нон харидам ва пули як чойник чойро Пирак мутасаддӣ шуд – мо ҳар ду дар самоворхонаи бозори асп барои чойнӯшӣ нишастем.

Дар вақти чойнӯшӣ ҳам сухани мо бар болои Ҳайдаркул Чучқа мерафт. Вақте ки ман дар бораи сабаби барои ҳавлӣ бино кардан кӯлзаминро интихоб намудани ӯ ба тарзи дар боло навишташуда фикри худро гуфтам, самоворчӣ ба гап ҳамроҳ шуда:

– Мумкин аст, ки, – гуфт, – сабабаш дар одати ӯ бошад, лекин, ба фаҳми ман, барои кӯли дарвозаи Имомро хоста гирифтан танҳо одати ӯ сабаб шуда наметавонад. Зеро дар беруни ҳар дарвозаи Бухоро кӯлҳои аз ин калонтар ва обхояшон аз заҳкаши ин ҷо фаровонтар ҳастанд. Ҳатто дар даруни шаҳр ҳам кӯл ва лойдон бисёр аст. Махсусан кӯли ин ҷоро хоста гирифтани ӯ сабаби дигар ҳам дорад (ин заҳкашҳо ва кӯлҳои вараҷа ва риштахона баъд аз инқилоби Бухоро кофта ва хушконида шуданд ва дар натиҷа вараҷаву ришта ҳам аз Бухоро барҳам хӯрд).

– Пас он сабаб кадом аст?

– Сабаб ин аст, ки, – гӯён самоворчӣ ба эзоҳ додан, сар кард, – ӯ ба аспчаллобӣ ҳавас дорад ва аз ин кор бисёр фоида ҳам мебарад. Азбаски ӯ «одами калон аст», даллолон ба ӯ аспҳои берунаро арзон харида дода, аспи ӯро ба харидорҳои беруна аз арзишаш зиёдтар мефурӯшанд. Аз ғайри ин, савдои аспҳои duздӣ ва то вақти фурӯш бошишгоҳи он гуна аспҳо ҳам дар хонаи ӯст. Маълум аст, ки фурӯхта пул кардани аспони дуздӣ бисёр душвор аст ва ҳар замон ба даст афтодани фурӯшгори он гуна аспҳо мумкин аст. Аммо аспи дуздие, ки дар ҳавлии Ҳайдаркул Чӯчқа бошад ва дар он ҷо савдо шавад, агар соҳибаш ба болои савдо бошад ҳам, коре карда наметавонад. Ҳатто «ин асп аз они ман буд» гуфта лаб кушода ҳам наметавонад. Кадом соҳиби аслии асп, ки ин гуна «беэҳтиётӣ кунад», ҷазои вай дар яккамех баста то як ҳафта гурусна даст гирифтан, ё ба зиндони амир фиристодан аст. Дар ин гуна савдоҳо, албатта, нимаи пули асп ба Ҳайдаркул Чӯчқа мерасад. Ба ҷаллобу даллоли аспидуздифурӯш ҳам ин кор фоиданок аст, нимаи пули асп аз дасташон равад ҳам, аз дастгир шудан эмин мебошанд.

Ман дидам, ки самоворчӣ аз сирҳои дарунии Ҳайдаркул Чӯчқа хабардор аст, аз вай дар бораи он одамҳое, ки он рӯз дар яккамехҳои вай бастагӣ буданд, маълумот пурсидам:

– Шояд инҳо ҳам устову мардикороне бошанд, ки дар вай кор карда аз вай музд талаб карда бошанд, – гуфта фикр баён намудам.

Самоворчӣ гуфт:

– Дуруст аст, ки инҳо ҳам аз ҷумлаи ҳамон касоне мебошанд, ки дар вай кор кардаанд. Лекин инҳо на барои музд талаб карданашон баста шудаанд, чунки онҳо аз музди кори худ кайҳо гузаштаанд. Балки Ҳайдаркул Чӯчқа аз инҳо товони деворҳои похсаи харобшудаашро металабад ва онҳо дода наметавонанд. Бинобар ин як ҳафта боз дар яккамех баста шуда хобидаанд.

– Магар он деворҳои харобшударо онҳо ғалтонданд? – ман тааҷҷубкунон пурсидам.

– Не, – гуфт самоворчӣ ва эзоҳ дод, – он ду нафар туркман устои деворзан мебошанд, ки устоҳои туркман дар похсазанӣ машҳуранд. Он шаш нафар мардикорони саҳроианд, ки ҳамин тобистони озод бо он устоҳо дар деворзаниҳои деҳқонони атрофи шаҳр кор кардаанд. Онҳо дар мобайни кӯл ва ҳавлии ӯ се похса девор зада додаанд ва дар байни ҳавлӣ ва заҳкаш ҳам як похса девор кашидаанд. Азбаски девори похса ба ҷои заҳ кашида шудааст, таҳкурсиаш нам кашида суст гардида, бори вазнини болои худро бардошта натавониста ғалтидааст. Соҳибкор дар вақти ин кор аз он бадбахтон фаҳмида гирифта будааст, ки ин тобистон ҳар кадоми онҳо аз меҳнати сиёҳи худ сад танга-дусад танга ёфтаанд. Ӯ дар фикри он афтодааст, ки он пулро аз дасти инҳо гирифта сар диҳад. Вақте ки девор ғалтидааст, барои ба даст даровардани пули кори онҳо баҳонаи хубе пайдо шудааст. Ҳайдаркул Чӯчқа барои девори ғалтида онҳоро «айбдор» карда товон талабидааст, чун онҳо надодаанд, ба яккамехашон баста мондааст. Ҳар рӯз ду бор онҳоро қамчинкорӣ мекунад.

Самоворчӣ дар охири суханаш гуфт:

– Бояд он бадбахтон пули кори яксолаашонро аз ҷое, ки барои харҷи зимистониашон захира карда мондаанд, ёфта ба ӯ дода аз дасти ӯ раҳоӣ ёбанд, ё ин ки дар пеши яккамехи ӯ, ё дар зиндони амираш бимиранд. Ғайр аз ин ду кор чораи дигаре надоранд.

## КАФАНГАДОИИ «БОЙБАЧАҲОИ ҶАНОБИ ОЛӢ»

Мо аз бозори асп гузашта аз дарвозаи Имом ба шаҳр даромадем ва рост ба тарафи ҷануб равон шуда аз Регистон ва Тоқи Тиргарон гузашта ба растаи Наддофӣ расидем. Дар он ҷо аз дур гурӯҳи одамонро дидем, ки дар пеши ҳаммоми тӯқумдӯзӣ, дар кӯчаи калон ғун шуда буданд ва бо ҳам низоъ, мунокиша ва ҷанҷол мекарданд.

Мо қадами худро чобуктар гузошта ба он гурӯҳ наздик шудем. Дар он ҷо «бойбачаҳои ҷаноби олӣ» аз ду тараф кӯчаро банд карда буданд ва ҳар яке аз онҳо бо як дасти худ аз домани яке аз роҳгузарон печонда гирифта буд ва дасти дигарашро ба сари кали бараҳнааш зада гирифта, ба ҷомаву дасту гардани он роҳгузар молида истода фарёд мекард:

– Зуд бош, барои се мурда се танга кафанпулӣ бидеҳ! Вагарна ҳамин дастамро ба даҳонат меандозам.

Раванда агар пул дошта бошад, дарҳол талаби он калбачаро ба ҷо меоварd, агар пулаш кам бошад, бо талошу ҷанҷоли бисёр бо ду танга, ё як танга ва ҳеҷ набошад, бо ним танга ӯро розӣ карда аз дасти ӯ раҳоӣ меёфт. Агар раванда дар ҷайби худ ҳеҷ пул надошта бошад, «бойбача» дасти худро боз як бори дигар ба сари худ сахт зада он дастро ба лабу даҳони раванда мемолид ва пас аз он ӯро сар медод ва мунтазири омадани равандаи нав шуда меистод.

Мо ба он гурӯҳ наздик расида аз байни одамон ба майдончае, ки «бойбачаҳои ҷаноби олӣ» ду тарафи кӯчаро бо сафи худ баста дар пеши гӯлах (гулхан)-и ҳаммом ба вуҷуд оварда буданд, чашм андохтем. Дар он ҷо бар рӯи се занбар се мурдаи хунолуд мехобид. Инҳо мурдаҳои Мулло Бозор, Мулло Тураб ва Насими Хархӯр буданд, ки ҳамин пагоҳ дар бозори ресмони Регистон барои «саломатии зоти олӣ» кушта шуда буданд.

Мо дигар дар он ҷо зиёд истоданро ва низ аз он кӯча аз пеши ҳаммом гузаштанро барои худ салоҳ надидем ва ба дасти чап – ба тарафи шарқ ба паскӯчае гашта аз он ҷо ба гузари Кӯчаи Сангин баромада, ба воситаи гузарҳои Хоҷа Зайниддин, Ҳаммоми Кунҷак, Сиддиқиён ва Таги Манор рафта ба мадрасаи Мири Араб даромадем.

Аз рӯи эзоҳе, ки Пирак дар роҳ ба ман дод, «бойбачаҳои ҷаноби олӣ» ба тариқи доимӣ дар гӯлахи ҳаммоми тӯқумдӯзӣ дар байни хокистарҳо зиндагонӣ мекардаанд. Ҳар касе, ки аз тарафи амир дар бозори ресмон кушта шавад, мурдаи ӯро бо занбар бардошта дар пеши бошишгоҳи худ дар кӯча мегузоштаанд. Ва аз мардум ба баҳонаи гӯрондани вай пул мегирифтаанд. Агар он мурда соҳиб ва хешовандон дошта бошад, онҳо омада ба он «бойбачагон» пули бисёре дода мурдаи худро харида гирифта бурда мегӯронидаанд. Аммо агар он кушташуда бесоҳиб бошад, то ду-се рӯз – то аз ҳад зиёд бӯй пайдо кардан, воситаи тороҷгарии «бойбачаҳои ҷаноби олӣ» шуда, дар он ҷо мемондааст ва баъд аз он «бойбачаҳо» он мурдаро бардошта бурда, аз шаҳр баровардa дар ягон кӯли найзор ё чуқурӣ партофта аз назари шаҳриён дур мекардаанд.



## БА ҶОИ ЯК БЕЧОРА БЕЧОРАИ ДИГАР

Маро, бо вуҷуди он ҳама мондагӣ, на рӯзона ва на шабона ҳеҷ хоб набурд ва манзараҳои даҳшатангези онрӯза аз назарам ҳаргиз дур намешуданд. Дар рӯи саҳн – дар ҳавои кушода гузаронидани шабро муносиб дида ба он ҷо баромадам. Дар он ҷо ба лаби ғарбии саҳн рафта дар рӯ ба рӯи дарвозаи Масҷиди Калон нишастам.

Аз болои қанорҳои пургӯза аввал садои сурфаи касе баромад ва баъд аз он овози он кас шунида шуд:

– Кист дар он ҷо? – ин овози қаровул буд.

– Ман! Ошно! Муллобачаи ҳамин мадраса, – гуфтам дар ҷавоб ва илова намудам, – Бобомурод, ин ҷо биёед, чорта гап занем.

Мурод пахтакаши бозорчагӣ чӯбдасти қаровулии худро ба ҷои асо кор фармуда ба замину зинапоя тӯқ-тӯқзанон ба саҳн баромада пеши ман омад. Дар дасташ як пӯстакчаи пӯстибузӣ буд, ки вайро дар паҳлуи ман ба лаби саҳн паҳн карда бар рӯи вай нишаста ва гуфт:

– Пир шудаам, сардии сангу нами замин ба миёнам таъсир мекунад ва дардаш зиёд мешавад. Ба ҳамин сабаб ҳар ҷо нишинам, бар рӯи ҳамин пӯстакчаам менишинам.

Ман баъд аз пурсупоси аҳволи ӯ пурсидам:

– Барои охирин бор дидани ҳамдеҳаатон – Насими Хархӯр ва видоъ кардан бо ӯ чаро ин пагоҳ ба Регистон нарафтед?

– Магар ту рафта будӣ?

– Рафта будам!

– Кушта шудани ӯро дидӣ?

– Дидам!

– Магар ӯро мешинохтӣ? – пиракӣ суолҳои охирини худро ба ман бо ҳаяҷон медод.

– Не, намешинохтам. Аммо дирӯз, вақте ки шумо дар бораи кушташуданӣ будани Насими Хархӯр ном ҳамдеҳаатон ба Ҳошими паллабардор гап мезадед, ман шунида будам. Имрӯз, ки дар Регистон кушта шудани як одами ношиносро дидам, «ин ҳамон Насим бояд бошад» гуфта дар дили худ муқаррар кардам.

Ҳаяҷони мӯйсафед як андоза паст шуд ва нафасашро рост гирифта бо оҳанги оҳистатар гуфт:

– Он каси ношинос, ки ту кушта шудани ӯро дидӣ, Насими Хархӯр набуда, як бечораи дигари ношинос аст, ки ба ҷои Насим кушта шуд…

Пиракиро сурфа гирифта суханаш бурида шуд ва баъд аз ором гирифтани сурфа боз сухани худро давом дод:

– Чунонки дирӯз ба Ҳошим гуфта будам, миршаб барои аз куштан халос кардани Насими Хархӯр аз бародари ӯ ду ҳазор тангаи нақд талаб кардааст. Ӯ зуд ба деҳа рафта ҳавлӣ, замин, ҷуфти гов ва гови ҷӯшоиашро бо ҳамаи асбоби хонааш, ки ҳама якҷоя камаш ба даҳ ҳазор танга меарзанд, ба бойи деҳа ба ду ҳазор тангаи нақд фурӯхта оварда ба миршаб додаст. Миршаб ба ӯ гуфтааст: «ҳукми Насим аз тарафи ҷаноби олӣ мӯҳр шуда ба дасти мири қушбегӣ расид.

Акнун ӯро рӯйрост сар додан мумкин нест. Ман имрӯз мефармоям, ки рӯзона ягон бандии кӯҳнаи бекасро ба ҷои ӯ ва бо номи ӯ аз зиндон ба обхона барои кушта шудан фиристонанд ва ту баъд аз шом пеши зиндон рав. Зиндонбон дар торикӣ додаратро бароварда ба дасти ту медиҳад ва саломат гирифта ба хонаат бар». Миршаб баъд аз он ба бародари Насим таъкид кардааст, ки озод шудани Насим дар миёнаи мардум овоза нашавад, то шаш моҳ ӯ рӯй пинҳон карда гардад. Баъд аз кӯҳна шудани ин воқеа рӯйрост гардад, зарар надорад. Дар он вақт ҳеҷ кас аз паси вай кофтуков карда намегардад.

Мурод пахтакаш дар охири суханаш гуфт:

– Ҳамин тарз шуда Насим аз куштан халос шуд. Аммо афсӯс, ки дар ҷои вай як бечораи бекаси дигар кушта шуд. Ман орзу доштам, ки ба ҷои вай Ҳоҷӣ Зокирбои ғӯзаҷаллоб кушта шавад.

Ман аз мӯйсафед ба Ҳоҷӣ Зокирбой чӣ душманӣ доштанашро пурсидам. Ӯ оҳе кашида замонҳои пахтакашӣ кардани худашро, аз дасти Ҳоҷӣ Зокирбой ва дигар пахтаҷаллобон чӣ азобҳо кашиданашро, охир дар бозори ғӯза қаровул шуда монданашро, дар ин ҷо ҳам дар ҳақи одамҳо бадкирдорӣ карда гаштани Зокирбойро ягон-ягон ҳикоя кард.

Ҳикояҳои Мурод пахтакаш дар бораи пахтакашии худ ва пахтаҷаллобон такрори он воқеаҳое буд, ки ман дар деҳаи Маҳаллаи Боло қисман худ дида будам ва қисми дигарашро аз тағоии пахтакаши худ – аз Қурбонниёз шунида будам. Инҳо тафсили ҳамон ҳикоятҳо буданд, ки мухтасари онҳо аз тарафи нависандаи ин сатрҳо дар бобҳои 9–10 ва 12 қисми якуми романи «Ғуломон» тасвир ёфтаанд.

## САБАБИ КУШТА ШУДАНИ МУЛЛО БОЗОР ВА МУЛЛО ТУРОБ

Дар аввалҳои соли 1891 дар мадрасаи Кӯкалтош Қорӣ Зоҳид ном касе аз тарафи як кас ё касони номаълум кушта шуда буд, ки ин ба ҳама маълум буд.

Аз рӯи қавли мардум Қорӣ Зоҳид аз ҷумлаи ҳуҷраҷаллобон ва судхӯрони машҳури он мадраса буда, бошишгоҳи доимии ӯ ҳам дар он ҷо будааст. Ӯ дар Бухоро ҳавлӣ дошта бошад ҳам, хонадор нашуда умри худро муҷаррадона дар мадраса гузарониданро беҳтар медонистааст.

Инчунин мардум ӯро аз бераҳмтарин ҳуҷраҷаллобон ва судхӯрон медонистанд ва мегуфтанд, ки «ӯ бисёр муллобачагони осудаҳоли ҳуҷрадорро бо ҳилаву найранг қарздор карда, ҳуҷраи онҳоро ба дасти худ дароварда, онҳоро дар ба дар карда мондааст»…

Мардум дар бораи ахлоқи шахсии Қорӣ Зоҳид ҳам ҳикоятҳои нафратовар нақл мекарданд ва мегуфтанд: «Ҳеҷ шабе нест, ки дар ҳуҷраи ӯ ягон ҳодисаи бадахлоқӣ нашавад».

Мардум сабаби кушта шудани Қорӣ Зоҳидро ҳам дар ҳамин ду хислати ӯ медонистанд: «Ё бояд ӯро ягон қарздори хонавайроншудааш кушта бошад ё ягон рақиби бадахлоқаш» – мегуфтанд.

Вақте ки Қорӣ Зоҳид кушта шуд, бинобар ворис надоштанаш, ё ягон вориси дур дошта бошад ҳам, ба сабаби исбот карда натавонистанаш хешии худро ба



ӯ, ҳамаи мулку асбоби ӯ аз тарафи қозикалон подшоҳӣ карда шуд. Барои ёфтани қарздорони ӯ ва рӯёнда гирифтани қарзҳои ӯ аз он қарздорон, ҳамаи дафтар ва коғазпораҳояш аз ҳуҷрааш ба қозихона кашонда шуданд.

Барои хароҷоти гӯру кафани ӯ аз тарафи қозикалон фақат 20 танга дода шуд, ки бақияи харҷро аҳолии мадраса аз байни худ ба тариқи садақа ҷамъ карда ӯро гӯрониданд.

Азбаски ӯ вориси наздик ва муддаие надошт, ҳукумат барои ёфтани кушандаи ӯ кӯшише накард. Гӯё Қорӣ Зоҳид барои пул ҷамъ карда ба қозикалон додан ба дунё омада буд ва ӯ ин вазифаи худро ба хубӣ адо карду рафт. Дигар касеро ба ӯ ва барои ӯ чӣ кор?

* * *

Мулло Бозор аз тумани Зандане ва аз ҳамдеҳаҳои Мулло Тураб буда, чандин сол ба Қорӣ Зоҳид ошпазӣ карда будааст. Мулло Тураб бошад, баъд аз гурехтанаш аз мадрасаи Кӯкалтош, аз мадрасаи Ҷинон як ҳуҷра гирифта дар он ҷо мардумгурезона зиндагӣ мекардааст ва ғайр аз он ки дар ҳар сари чанд гоҳ ба Самарқанд рафта ояд, дигар ба ҷое намерафтааст ва ба кӯча ҳам намебаромадааст.

Мулло Бозор, ки бе ҳуҷра будааст ва дар вақтҳои охир аз хизмати Қорӣ Зоҳид баромада бе бошишгоҳ мондааст, ба муносибати ҳамдеҳагӣ ба ҳуҷраи Мулло Тураб рафта, бо ӯ якҷоя зиндагонӣ сар кардааст.

* * *

Қозикалон барои ёфтани қарздорони Қорӣ Зоҳид дафтар ва рӯйхатҳои ӯро зиёда бо диққат мутолаа мекардааст. Дар ин миён дар байни дафтарҳои номгӯи қарздорон дафтари дигаре ба назари қозикалон вохӯрдааст, ки дар вай корҳои хусусӣ ва харҷҳои хусусии Қорӣ Зоҳид навишта шуда будааст.

Дар миёнаи он рӯйхатҳои харҷҳо ва корҳои хусусии Қорӣ Зоҳид як воқеа диққати қозикалонро бештар ба худ ҷалб карда сабаби ташвиши ӯ шудааст. Ин воқеаи бо Қорӣ Зоҳид махфиёна рафтуой карда гаштани писари калонии ӯ будааст. Дар вақти хурдсолии худ Қорӣ Зоҳид, ки ба навишта мондани корҳои бадахлоқии худ ҳавас доштааст, ҳодисаҳои бо писари қозикалон аз сар гузарондаашро бо тафсил ва таъбирҳои шармовар навишта монда будааст.

Қозикалон, ки он воқеаро дар дафтари Қорӣ Зоҳид хондааст, ҳуш аз сараш паридааст ва ӯ дар дили худ фикр кардааст: «агар ин воқеа дар байни мардум овоза шавад, на танҳо писарам, балки худи ман ҳам беобрӯй мешавам. Ва ҳол он ки ман умедвор будам, ки ин писарам баъд аз сари ман қозикалон хоҳад шуд».

Қозикалон аз ин ваҷҳ хотирҷамъ буд, ки Қорӣ Зоҳид кушта шуд ва дафтарҳои ӯ ҳам ба дасти худаш афтид. Агар ин воқеаро дар дафтари Қори Зоҳид таракачии қозихона, ки ин чизҳоро аз ҳуҷраи вай оварда буд, хонда дида бошад ҳам, барои қозикалон он қадар ҷои хавф набуд. Зеро бастани даҳони одамони худ, ки «обрӯи соҳибдавлати худро мехоҳанд», осон аст. Аммо касони дигар, ки бо Қорӣ Зоҳид ошно бошанд ва аз ин сир хабар дошта бошанд ва ягон вақт он сирро дар байни мардум овоза кунанд – дар он сурат ҳоли ӯ ва ҳоли писари ӯ чӣ мешавад?

Қозикалон ин мулоҳизаро ба хотир оварда ба худ ларзидааст ва дар пайи ёфтани касоне, ки дар вақтҳои рафтуой кардани писараш бо Қорӣ Зоҳид бо вай рафтуомад дошта бошанд – афтодааст. То ки онҳоро нест карда ба ин восита он сирри шармоварро ҳам ба тарзи абадӣ дар зери хок пинҳон кунад.

Баъд аз тафтиши махфиёна ба қозикалон маълум шудааст, ки дар солҳои рафтуой доштани писараш бо Қорӣ Зоҳид, Мулло Бозор ном як муллобачаи занданегӣ дар вай ошпаз буда, бо ӯ сирдон ва хобу хезаш ҳам дар ҳуҷраи ӯ будааст.

Баъд аз пурсукови дар куҷо будани Мулло Бозор, дар мадрасаи хиёбон бо Мулло Туроб ном ҳамдеҳаи худ истиқомат кардани ӯ маълум шудааст.

Қозикалон бо гирифтани ин маълумот фикр кардааст, ки агар Мулло Бозор ин сирҳоро ба ҳамҳуҷраи худ гуфта бошад, бо нест кардани ӯ мақсад ба даст намедарояд. Дурбинӣ ва дурандешӣ ҳаминро талаб мекунад, ки ҳар дуи онҳо якҷоя ва якбора нест карда шаванд, то ки ин «пай абадулобод гум шавад».

Ана, воқеа ин гуна будааст, ки Мулло Бозор ва Мулло Туроб дар як ҷо ва якбора дастгир карда шуда, «ба сифати кушташудагони Қорӣ Зоҳид ва дуздандагони пулҳои нақди ӯ, ки баъд аз сари вай ба сабаби беворисиаш ба хазинаи ҷаноби олӣ оид мешуд», дар се рӯз ҳукми куши онҳо аз амир гирифта шуда, ба тарзе, ки дар боби боло дида шуд, ба куштан дода шудаанд.

## ДАР РӮЗҲОИ ОХИРИНЕ, КИ ДАР МАДРАСАИ МИРИ АРАБ БУДАМ

Таҳсили соли 1891–1892 сар шуд. Дар рӯзҳои аввали сар шудани дарсҳо домуллои кунҷакиам – Мулло Абдусалом қорийи ҷамоаи худ Шарифҷон-махдумро бо баъзе шарикдарсони дигараш, ки бо Махдуми мазкур ошно ва кӯрчбуро буданд, ба меҳмонӣ хабар кард. Ошпаз ва ходими он зиёфат, албатта, ман будам.

Ҳуҷраи Мулло Абдусалом аз ҳуҷраҳои хуби он мадраса буда, қадре васеътар ва яккаравоқ бошад ҳам, монанди аксари хуҷраҳои мадрасаҳои Бухоро ҷои ошпазӣ ва дастурӯйшӯиаш дар пойгаҳаш буд.

Бинобар ин меҳмонон, соҳиби ҳуҷра ва ман, ки ошпаз будам, дар он ҷо ва ба ҳам наздик будем ва ман дар вақти ошпазӣ ҳам, самовормонӣ ҳам яке аз иштироккунандагони он сӯҳбат ва шунавандаи чақ-чаққҳои аҳли маҷлис будам.

Шарифҷон-махдум, вақте ки бо гурӯҳи худ омад, маро дида шинохт ва аз Мулло Абдусалом:

– Ин ҳамон бача нест, ки дар ҳавлии шумо маҳмаддонои маро (Мирзо Абдувоҳидро) дар байтбарак банд карда буд, – гуфта пурсид.

– Ҳамон аст! – гуфт домулло дар ҷавоб.

– Хуб шудааст, ки барои хондан омадааст, – гуфт Махдум.

Ман аз ин зиёфат бисёр хурсанд шудам. Чунки дар он маҷлис бисёртар сухан бар болои шеъру адабиёт мерафт ва бештарин меҳмонон ё шоир буданд, ё шеършинос. Агар баъзеашон аз адабиёт хабардор набошанд ҳам, хушгап, ширинсухан, зариф ва бамавқеъгӯй буданд, ки дар рафти сӯҳбат латифаҳои ширин мегуфтанд ва мувофиқи мақом воқеаҳои намакин нақл менамуданд: шоирон ба тарзи мушоира ва бадеҳа мисраъҳои ногаҳонӣ гуфта мисраъҳои якдигарро тазмин мекарданд, шеършиносон аз шеърҳои гузаштагон ба тарзи мисол байтҳои баланд мехонданд ва тақлиди бемуваффақиятонаи он мазмунҳо будани шеърҳои шоирони замони худашонро исбот карда танқид менамуданд; гоҳо мешуд, ки ин мушоираҳо ва шеърхониҳо ба ҳаҷв ё мадҳи якдигар, ё ба масхара кардани касони ғоиб оид мешуд.

Дар миёнаи аҳли маҷлис Мулло Назруллои саҳҳофи Лутфӣ[72] ном касе буд, ки диққати маро ба худ бештар ҷалб намуд. Назар ба маълумоте, ки ман баъд аз чанд гоҳ гирифтам, ӯ дар замони хурдсолиаш саҳҳоф (муқовасоз) буда, баъд аз он ба дарсхонӣ даромадааст ва аз дарсҳои расмӣ зиёдтар ба адабиёт шуғл кардааст. Дар он вақте, ки ман ӯро дидам, вай тахминан 27–28-сола буда, давраҳои охирини айёми таҳсили мадрасагии худро мегузаронид. Ӯ чунонки пурмаъно менамуд, сару сурати зебое ҳам дошт: ӯ сурхчарӯй, мешчашм, хурмоириш, баландабрӯ ва дарозмижгон буд; қомати аз миёна баландтар, бадани миёнгӯшт, дасту пои озодаи ба он қомату бадан мутаносиб – қиёфаи ӯро ба назари бинанда ба шакли як шеъри мавзун ҷилва мекунонданд.

Лутфӣ хушхат ва хушнавис буда, бесаводон ҳам, чунонки як лавҳаи рассоми санъаткоронаро тамошо мекарда бошанд, аз дидани хати ӯ лаззат мебурданд. Мадори маишати Лутфӣ он вақтҳо аз китобат ва нусхабардории китобҳо буд.

Шеърҳои Лутфӣ одӣ ва мазмунҳои онҳо обшуста буданд. Аммо ӯ маҷлисоро, гапзан (оратор), суханвар, ҳозирҷавоб, ширинсухан ва хандонрӯ буда – ин сифатҳояш ӯро ба шакли як шеъри муҷассами пурмаъно ороста буданд.

Лутфӣ дар гап задан бештар суханҳои думаънидорро кор мефармуд, ки маънии якуми онҳо мақсуди аввалӣ ва зоҳирии гӯянда буда, аз маънии дуюмашон ҳаҷв ё мадҳи касе мебаромад. Ӯ аз суханони ҳамсӯҳбатонаш ҳам он гуна маъниҳоро ёфта мебаровард, ки онҳо мутлақан ба хотири гӯянда нагузашта буданд.

Якк аз иштироккунандагони он маҷлисро Мулло Раҳмати сартарош меномиданд. Ӯ дар хурдсолиаш ба пешаи сартарошӣ машғулӣ кардааст. Дарсҳои ибтидоии мадрасагиро ҳам дар зимни сартарошӣ хондааст ва баъд аз пешқадамтар шудан (баъди соли таҳсилаш болотар рафтан) ӯ аз дукони сартарошӣ ба мадраса кӯчида дарсхонии худро давом кунондааст. Ӯ барои таъмини маишат дар айёми таътил (тобистонҳо) ба баъзе бойҳо мирзоӣ (рӯйхатнависӣ) мекард.

Мулло Раҳмат тахминан 30-сола буда, аз шарикдарсони Лутфӣ ва Шарифҷон-махдум буд. Ӯ дар дарсҳои расмии мадраса миёна ва дар дарсҳои ғайрирасмӣ ва адабиёт шуғл надоштааст. Аммо ӯ одами нармомуомала буда, дағдағаи муллоӣ надошт. Ӯ шайх ва эшонҳоро бисёр бад медид ва «оши палав пири ман аст» мегуфт ва дар гирдогирди табақи палав давра нишаста хӯрдани онро ба ҳалқаи шайхони хонақоҳӣ муқобил мегузошт.

Мулло Раҳмат ба ҳар ҷо, ки дар айёми тобистон барои хизмат ё саёҳат равад, воқеаҳои аҷибу ғариб ёфта, ё аз сари худ гузаронида омада, он воқеаҳоро ба дӯстон ва шарикдарсони худ нақл карда онҳоро механдонд. Шарифҷон-махдум баъзе воқеаҳои ӯ нақл кардаро ба дурӯғӣ ҳамл карда, ба ӯ «шарик, шумо аз сартарошӣ ба воқеатарошӣ гузаштаед» – мегуфт.

Дар он маҷлис Мулло Оқил ном касе буд, ки Мулло Назруллои Лутфӣ ӯро

«дар миёнаи мурдаҳо шаҳид» меномид (Лутфӣ оммаи шарикдарсонашро, аз ин ҷумла домуллои кунҷакии ман ва ҳамошони ӯро «мурдаҳо» мешумурд). Мулло Оқил курсавод буда, аз чизҳои илмӣ ва адабӣ чизеро намефаҳмид ва ҳатто аз суханҳои одии ширин ҳам ҳеҷ лаззат намебурд. Ягона фазилати ӯ ин буд, ки ӯ одами сода, мулоимгап, хандонрӯй ва гапбардор буд ва агар шариконаш ӯро дар рӯяш ҳақорат кунанд ҳам, хандида меистод ва мутлақан қаҳраш намеомад. Гапбардорӣ ва оташиннашавии ӯро шариконаш ба кундфаҳмии ӯ ҳамл мекарданд, «азбаски маънии гапҳои сахт ва ҳақоратомезро намефаҳмад, намеранҷад ва мебардорад» – мегуфтанд. Ба фаҳми ман ӯ асбоби бозии аҳли маҷлис буд, ки ба ӯ ҳар гуна гапҳо зада дилашонро хуш мекарданд.

Яке аз иштироккунандагони он маҷлис Мулло Бурҳон ном кӯлобӣ буд. Синни ӯ тахминан 30-сола буда, қомати баланд, бадани ғафс, рӯи гандумгуни сафедчатоби калони пурра дошт, риши ӯ сиёҳ ва калон буда, тамоми рӯяшро фурӯ гирифтагӣ буд. Чашмонаш шӯълавар буда, нигоҳаш дар вақтҳои одӣ ҳам оташинона менамуд. Ӯ хушгап ва ҳикоябоф буда, дуруштмуомилагии кӯҳистонигиро бо ширинсухании бухорогӣ дар худ ғун карда буд.

Шеърҳои Мулло Бурҳон одӣ буда, пештар Муштоқӣ тахаллус мекардааст. Аммо, вақте ки Назруллои Лутфӣ тахаллуси ӯро бо таҳриф хонда ва бо маънии ҳаҷвӣ ӯро «муши токӣ» (муши кӯҳӣ) гуфтааст, ӯ он тахаллусро партофта калимаи «бисмил»-ро ба худ тахаллус қарор додааст. Ӯ «ман бисмили (кушташудаи) захми забони Лутфиам» мегуфт.

Ӯ ду сол дарсхониро тарк карда ба кӯҳистониро тарк карда ба кӯҳистон рафта будааст, ки боз ҳамин сол омада ба шарикдарсони пештарааш ҳамроҳ шуда хондани худро давом додаст. (Чунонки дар боло қайд карда шуда буд, дар мадрасаҳои Бухоро аздарсмонӣ чанд соле ҳам ки бошад, сабаби пасмонии аз ҳамдарсон намешуд.)

Мулло Бурҳон сабаби ду сол дар кӯҳистон мондани худро дар зимни саргузаштҳои романмонанди худ ҳикоя кард. Ман дар ин ҷо он воқеаҳоро аз тарафи худ сарлавҳа гузошта аз забони ӯ, аммо бо таҳрири худам, нақл мекунам:

## «КАФШПЕШМОНИИ ҲАЗРАТИ ХОҶА ӮБОН»

Мулло Бурҳон гуфт: «Ман боре дар айёми тобистон хостам, ки ба ҷое рафта «чилла нишаста» (аз одамон алоқаи худро канда) дарсҳои гузаштаи худро дубора аз назар гузаронам ва дарсҳои ояндаамро тайёр намоям. Барои ман ҷое лозим буд, ки дар он ҷо ошу нони муфт ҳам бошад. Бар ман дар ин бора сари мазори Хоҷа Ӯбонро «ҷои муносиб» – гӯён нишон доданд.

Ба ҳамаи шумоён маълум аст, ки мазори Хоҷа Ӯбон дар тарафи ғарби шимолии шаҳри Бухоро буда, 5 фарсах (40 километр) дуртар аз шаҳр ва дар даруни ҷӯлистони регзор мебошад. Нимаи ин роҳро дар ободонӣ рафта, нимаи дигарашро дар биёбони регзори бе обу алаф тай кардан лозим аст. Ба кадом душворие ки бошад, ман ба он мазор рафта расидам. Дар он ҷо на об буд, на алаф, на деҳ буд, на дарахт. Аз биноҳо дар он ҷо як мазор буд, ки дар дохили вай ғайр аз қабри Хоҷа Ӯбон як ҳуҷра буд,ки чиллахонааш меномиданд, як чоҳи чуқур буд, ки оби вай шӯр буда, фақат барои давои беморҳои гуногун, хусусан, ба беморони пес (барасшуда) кор мефармуданд. Оби нӯшоиро аз ободонии дур бо машку кӯзаҳо ба воситаи хару асп мекашонданд. Дар беруни мазор як хонақоҳ барои намозхонӣ, як айвони он хонақоҳ ва як меҳмонхонаи умумии ошхӯрӣ, ки вайро «Меҳмонхонаи ҳазрати бузургвор» меномиданд, бино ёфта буд. Дар тарафи шимоли он мазор ва хонақоҳ як работи бисёр калони деворбаланд сохта шуда буд, ки вай ба мутаваллии[73] он даргоҳ тааллуқ дошт.

Мутаваллӣ як одами қадпасти тахминан 70-сола буда, бадани ғафси фарбеҳ, рӯи рафидамонанди сергӯшти монанди рӯи мурғи дутазой суп-сурх, риши калони сафед ва гардани ғафси ӯгуршакл дошт. Ин одам ба замми мутаваллигӣ ҳам имом, ҳам шайх, ҳам хатиби он мазор ва хонақоҳ ба шумор рафта, ҳама корҳои он ҷо дар дасти вай буд. Дар он ҷо якчанд хизматгорони мардина ҳам буданд, ки онҳоро фаррош (рӯфтурӯбкунанда) меномиданд.

Ғайр аз биноҳои мазкур дар он давру пеш ҳеҷ як нишонаи ободӣ набуд. Ҳамаи атрофро хомаҳои кӯҳмонанди реги сурх фурӯ гирифта буданд. Як тарафи ин регзор ба Чорҷӯй, тарафи дигараш ба Хоразм ва тарафи шимолаш ба дашти Қизил рафта мепайваст.

Аммо дар он ҷо хӯроквbooрӣ хеле фаровон буда, меҳмонхонаи умумӣ субҳу шом бо таомҳои болаззат пур буд. Он хӯроквориҳоро зиёратчиён ва беморон, ки онҳо ҳам ихлосманди бузургвор ва ҳам муриди мутаваллӣ буданд, меоварданд.

Мегуфтанд, ки аз он назрҳо, ҳадяҳо ва садақаҳои бепоён анбори мутаваллӣ пур аз орду гандуму биринҷу ҷав, хумҳояш пур аз равған буда, чарогоҳҳо пур аз галаву рамаи ӯ мебошанд. Ғайр аз инҳо, мутаваллӣ аз заминҳои ободонии атроф замини бисёреро ба дасти худ даровардааст, ки даҳҳо муридони ӯ дар он заминҳо бе музд кор мекунанд.

Ман он неъматҳои алвонро дида худро дар миёнаи ҷаннате ҳис кардам, ки дар даруни дӯзах бино ёфта бошад. Аммо сонитар фаҳмидам, ки ҳеҷ мусофир, ҳеҷ гадо дар он «ҷаннат» аз се рӯз зиёдтар истода натавониста, дар ҳолате, ки чашмаш ба он таомҳои лазиз тофта, даҳонаш об кушода, дилаш ба онҳо кашол мемондааст, монанди ҳазрати Одам ва шайтон маҷбур мешудааст, ки аз он ҷо биравад. Сабаби ин, нахостани бузургвор он мусофир, ғариб ва гадоёнро будааст. Аммо деҳқонони назрбиёр ва ҳадядеҳ, ки ихлосмандони он даргоҳ мебошанд, ба сабаби одамони корнок буданашон дар он ҷо зиёда истода наметавонистаанд – бештарини онҳо назру ҳадяҳои худро супурда ва аз он «чоҳи шифо» чанд шиша ё чанд кӯза оби шӯр бардошта дар ҳамон рӯзи омадагиашон мерафтаанд.

Баъзеҳошон бинобар гаронии бемориашон як шаб хобида, «сабук шуда» (ҳар чӣ дар ҷайби худ дошта бошанд, дар он ҷо партофта) аз пайи кори бечорагии худ мерафтаанд.

Ман ба хостан ва нахостани ҳазрати бузургвор аҳамият надода, дар он ҷо 40 рӯз монданро дар дили худ қарор додам ва дар ҳуҷраи чиллахона, ки дар даруни мазор буд, «чилла нишастам»: фақат рӯзе се бор аз чиллахона баромада ба меҳмонхонаи умумӣ рафта дар қатори муридон ва мусофирон нишаста аз он неъматҳои фаровон баҳраёб мешудам.

Дар шаби сеюм, ки саҳари аз хоб хеста баромадам, дидам, ки кафши ман дар пеши остонаи дари чиллахона пеш гузошта (муҳайёи пӯшидан карда ниҳода) шудааст. Ман дар бори аввал ба ин кор аҳамият надодам ва инро яке аз эҳтиромҳои ба ман нишондодаи фарроши он ҷо донистам. Чун чанд бори дигар ин кор такрор ёфт, худ ба худ хиҷолатманд шудам ва фаррошро дида ба ӯ гуфтам:

– Бародар, ту ҳам монанди ман як одам мебошӣ ва ба муносибати ҷорубкаши ин даргоҳ буданат эҳтимол шараф ва ҳурмати ту аз ман зиёдтар бошад. Баъд аз ин кафши маро пеш намон, ки ман шарм медорам.

– Ман кафши шуморо пеш намондаам, – гуфт он фаррош.

– Пас кӣ пеш мондааст? – гӯён ман тааҷҷубкунон пурсидам.

– Бузургвор! – гуфт фаррош дар ҷавоб.

– Кадом бузургвор? – боз тааҷҷуби ман зиёдтар шуд.

– Ҳазрати Хоҷа Ӯбон, ки дар ин мазор хобидаанд! – гуфт фаррош бо қатъияте, ки гӯё кафши маро пеш мондани он «бузургвор»-ро ба чашми худ дида бошад»

Аз ин ҷавоб тааҷҷуби ман боз ҳам зиёдтар шуда дар ин кор як сир буданро пай бурдам. Аммо барои дуруст фаҳмида гирифтани он «сир» нахандида ва ҷиддиёна аз фаррош пурсидам:

– Ҳазрати бузургвор чаро кафши маро пеш мондаанд? Магар дар ҳаққи ман ягон илтифоти алоҳида доранд?

– Ин кори ҳазрати бузургвор барои илтифоти ҷудогона ба одамони ҷудогона набуда, балки аломати норизоии он кас аст! – гуфт фаррош ва эзоҳ дод: – Агар ҳазрати Хоҷа дар ин ҷо будани касеро нахоҳанд, кафши ӯро пеш мемонанд, ки ин «зудтар аз ин ҷо дур шав!» гуфтани он кас аст. Ин яке аз каромотҳои Хоҷа мебошад, ки дар ҳаққи бисёр шаккокон зоҳир мешавад.

– Агар ягон шаккок бо кафшпешмонии ҳазрат аз ин ҷо наравад-чӣ?

– Дар он вақт он одами шаккок пес (барас) мешавад, – гуфт фаррош бо оҳанге, ки гӯё пес шудани ин гуна шаккоконро ба чашми худ чандин бор дида бошад.

Ман сирри «кафшпешмонии» Хоҷа Ӯбонро фаҳмидам ва сабаби аз се рӯз зиёдтар дар ин ҷо монда натавонистани мусофирон, ғарибон ва гадоёнро ҳам дониста гирифтам ва дарун-дарун хандида дар дили худ гуфтам: «Ман аҳмақ нестам, ки бо ин гуна ҳилаҳои аҳмақона ин ҳама неъматҳои алвонро партофта равам ва то ба воситаи фаррошонаш мутаваллӣ маро аз ин ҷо зада пеш накунад, нахоҳам рафт» ва дар фикри масхара кардани он «каромот» афтодам ва ҳамон шаб баъд аз нимаи шаб – баъд аз ин, ки ҳама мурда барин хобиданд, берун баромада ҳамаи кафшҳои меҳмонон ва ихлосмандони назр овардаро, ки дар айвони хонақоҳ, дар суффаи меҳмонхона ва дар ҳар гӯшаву канор хобида буданд, пеш мондам ва худ ба чиллахона омада бо оромӣ хобидам.

«Чун субҳ – баъд аз сафед шудани рӯз аз хоб хеста берун баромадам, ҳамаи он меҳмонон ва муриду мухлисон ба рафтан омодагӣ медиданд ва чеҳраи ҳамаашонро ғаму андӯҳ монанди як пардаи сиёҳ пӯшонда буд. Чунки ҳазрати бузургвор дар он ҷо будани онҳоро нахоста буданд, кӣ медонад «баъд аз он бар сари онҳо чӣ балоҳо меомада бошад».

Ман ин корро ҳар шаб кардан гирифтам. Кор ба ҷое расид, ки ғайр аз мутаваллӣ, фаррошон ва ман, «ҳамаи одамҳоро нахостани Хоҷа Ӯбон» дар ободонии атроф овоза шуд ва пои назрдеҳон ва ҳадябиёрон гӯё аз мазор томоман канда гардид.



Дар он миён рӯзе мутаваллӣ ба пеши ман – ба чиллахона даромад. Рӯи ӯ аз аввалӣ ҳам сурхтар ва чашмонаш беҷо буд. Ман гумон кардам, ки ҳозир ӯ маро аз ин ҷо хоҳад ронд ва агар наравам,ба воситаи фаррошон маро бо зӯрӣ дур хоҳад кард, ман бо эҳтироми мунофиқона аз ҷо ҷаста хестам. Ӯ бо дастонаш маро ба нишастан ишора карда худ чобукона пеш омад ва маро бо зӯрии тамом дар ҷои аввалиам шинонд ва худ монанди муридоне, ки дар пеши пиронашон нишинанд, бо эҳтироми тамом дар пеши ман зону ба зону дузону нишаст ва гӯё ки ягон сухани махфиро ба ман мегуфта бошад,сарашро пеш оварда ба гап даромад. Аз даҳони ӯ бӯе омад, ки то он вақт ман он гуна бӯйҳоро дар он гуна даргоҳҳо бегона медонистам – ин бӯи шароб буд. Ман пай бурдам, ки пири ҳафтодсолаи ман монанди баъзе муллоҳои пирсоли Бухоро «барои дар тоати илоҳӣ қувват ёфтан» мусалласи шаръӣ – майи дастӣ менӯшидааст. Аммо маълум буд, ки дар он вақт он пирсол он шаробро на барои «дар тоати илоҳӣ қувват ёфтан», балки барои омадан дар пеши ман барин одами худонотарс ҷуръат ёфтан нӯшидааст.

Мутаваллӣ гап сар кард:

– Маълум мешавад, ки шумо аз «кафшпешмонии ҳазрати бузургвор» наметарсидаед?

– Албатта! – гуфтам ман бо шиддат ва ғазаболудона, бо нияти ин ки, агар маро бо зӯрӣ рондан хоҳад, сирри ӯро ба рӯи ӯ, дар пеши фаррошони ӯ ва дар байни муриду мухлисони ӯ кушода дода, баъд аз он хоҳам рафт. Аммо мутаваллӣ бо оҳанги дигар ба ман ҷавоб дод:

– Ин тавр бошад, ин ҷо даргоҳи бузургвор не, балки хонаи худи шумост. Фақат аз шумо истимос он ки хизмати кафшпешмониро аз дасти бузургвор гирифта ба ояндаву равандагон ва ба муриду мухлисони ин даргоҳ халал нарасонед ва илтимоси дигар он ки ин сирро фош накунед, чунки «сирри мардон пӯшида беҳ» – гуфтаанд.

Аз ин гуфтаҳои мутаваллӣ маълум буд, ки ӯ бо ман бозӣ карданро салоҳи кори худ надониста, балки ҳамкорӣ карданро лозим шумурдааст,бинобар ин ӯ баъд аз баёни илтимосҳои худ, аз кисааш як коғазпеч бароварда пеши ман гузошта:

– Ин «аз нӯги хамир фатир» барин ҳаққи қадами шумост. То вақти ба шаҳр баргаштанатон аз ҷониби ин дуогӯй барои шумо сару по (ҷомаву салла) ҳам тайёр карда мешавад, – гуфт ва зуд аз пеши ман баромада рафт. Баъд аз рафтани ӯ ман коғазпечро кушода шумурдам, ки сад тангаи бухорӣ (15 сӯм) будааст.

Баъд аз ин мулоқот барои таомхӯрӣ ба дастархони умумӣ рафтани ман лозим нашуд: таомҳои гуногуни болаззат аз ҳама пештар ба чиллахона, ба пеши ман меомадагӣ шуданд, ба оммаи меҳмонон нони хонагӣ медода бошанд, ба ман кулчаи ширмоли дубеза (ордаш ду бор бехташуда) меоварданд, духтархона (хизматгордухтар) ҳар вақт омада либосҳои маро бурда шуста меовард. Ман дар он ҷо на меҳмон, балки як аъзои оилаи мутаваллӣ барин шуда мондам. Ҳамаи фаррошон ва хизматгорон маро ҳурмат мекарданд. Агар кӯтоҳ карда

гӯям, ман дар он ҷо «гурги хонадон» шуда будам ва баъзе воқеаҳои ишқро ҳам аз сар гузаронидам».

Мулло Бурҳон дар ин ҷои суханаш бо духтари мутаваллӣ алоқа бастанашро ва оқибати пурфоҷиаи он духтарро ҳикоя кард, ки ман ин саргузашти вайро ҳам бо унвони «Духтари ноком» аз забони ӯ, аммо бо таҳрири худам нақл намуданро муносиб дидам.

## ДУХТАРИ НОКОМ

«Дар вақтҳое, ки мутаваллӣ ба ҷое мерафт, ҳамроҳи духтархона як духтари баландқомати дигар ҳам меомадагӣ шуд. Ин духтар ба сари худ фаранҷии шоҳии паритовусӣ гирифта (дар Бухоро духтарони давлатмандон пеш аз ба шавҳар рафтанашон, дар вақти дӯшизагиашон ба сарашон фаранҷии шоҳии паритовусӣ ва духтарони одамони одӣ фаранҷии ресмонии сурхи одӣ мегирифтанд), ба рӯяш ба ҷои чашмбанд як латтаи докаи сафед партофта меомад. Аз хишир-хишир кардани либоси ин духтар бар тан куртаи шоҳии бухории оҳорӣ доштанаш ҳам маълум мешуд ва аз либоси он духтар бӯи хуши атри аъло вазида димоғи маро чоқ ва диламро бетоқат мекард.

Дар вақте, ки духтархона ба чиллахона даромада, масалан ба ман либосҳои шуста овардаашро медод, ё ин ки ҷомашӯиҳои ношустаамро мегирифт, он духтари хушлибоси хушбӯй аз таги докаи рӯйбанди худ ба ман менигарист. Аммо ман на рӯи ӯро ва на мӯи ӯро – дида наметавонистам. Дар вақтҳои дар сари мазор набудани мутаваллӣ ин ҳол рӯзе чанд бор такрор меёфт, ман дар ҳар бор аз бори аввал бетоқаттар мешудам, аммо ба гап партофтан, хусусан дар пеши духтархона, ҷасорат намекардам.

Рӯзе духтархона ба чиллахона даромада ҷомашӯиҳои шусташудаи маро дар пешам гузошт ва духтари ношинос монанди пештара дар беруни дар меистод.

Духтархона ба ман гуфт:

– Пошшохоним шунидаанд, ки шумо бисёр ғазал медонистаед, барои он кас ягон байт навишта диҳед будааст.

Духтари ношинос дар зери фаранҷӣ қиққос зада хандид ва ба духтархона хитоб кард:

– Ситораи ҷувонимарг. Ман ба ту ҳеҷ чиз нагуфта будам. Ту аз забони ман як гапи дурӯғ зада маро дар пеши акамуллом шарм доmegrondӣ!

Ман бо шунидани овози он духтар қариб буд мадҳуш гардам. Мегӯянд, ки овози булбул бисёр хуб аст! Оре, овози булбул хуб аст! Ман дар кӯҳистон овози булбулро бисёр шунидаам. Дар ҳақиқат ҳам он овоз ба ман бисёр таъсир мекард. Аммо, вақте ки ман овози он духтари ношиносро шунидам, дар пеши овози вай овози булбул ба дараҷаи овози зоғ фуромада монд.

Ин овоз ҳарчанд маро ба беҳушӣ наздик карда бошад ҳам, ба ман як рӯҳи тоза ва як ҷасорати беандоза ҳам дод, ки гуфтам:

– Э ҷони азиз! Агар ман пештар бо қалам ва бар рӯи коғаз шеър менавишта бошам, акнун барои ту бо мижгонам ва дар пардаи чашмонам менависам. Агар ту, офтоби оламтоби ман, бегоҳонӣ Ситораатро пеши ман фиристонӣ, он навиштаи маро ба хоки поят, барои пойандозат мебарад.



Бо шунидани ин суханони ман он духтар як хамёза кашида ва боз қиққосзанон хандид ва хандаашро бо зӯрӣ нигоҳ дошта бо оҳанги итоб:

– Ситора, зудтар баро, меравем,маро расво кардӣ!– гуфт.

Аммо ман пай бурдам, ки он суханони ман ба он духтари ҷавон чунон форид, ки молиши даруни ҳаммом ба пирони солхӯрдаи коркӯфта ба он дараҷа намефорад.

Ҳар ду духтар бо ҳам рафтанд. Ман ҳам аз паси онҳо аз чиллахона баромада ба дари партави мазор рафтам, ки аз он дар баромада ба работи мутаваллӣ рафтори он духтарро тамошо кардам. Ҳамон рӯз шамол аз тарафи шимол мевазид. Намедонам, худаш дастони худро бо бозӣ ҷунбише дода дар даруни фаранҷӣ баланд мекард, ё бод фаранҷии паритовусии ӯро ба ҳаво мебардошт, дар ҳар ҳол ӯ дар он вақт монанди товусе ба назар ҷилва менамуд, ки болҳои ранго-ранги худро чодир карда мехиромида бошад…

Ман ҳанӯз аз лаззати ин тамошо сер нашуда будам, ки духтар нохост ба қафо нигоҳ кард ва дид, ки ман дар пеши дари партав истода рафтори ӯро тамошо мекунам, намедонам, аз ноз бошад ё шарм, монанди оҳуи рамида рафтори худро чобуктар гардонид. Дар он вақт ман байти зерини Хусрави Деҳлавиро мувофиқи мақом замзама кардан гирифтам:

Рафтан ба чӣ монад? Ба хиромидани товус!
Баргашта нигаҳ карданаш оҳуи рамида!

Ӯ рафта ба работ даромад. Ман дар ҳолате, ки масту мустағрақи он рафтору қомат шуда будам, баргашта ба чиллахона омадам ва ба навиштани ғазали супоришӣ даромадам ва дар он ғазал «ба офтоби оламтоб» сарлавҳа гузоштам».

Мулло Бурҳон дар он маҷлис он шеърашро, ки ба ҳамон духтар бахшида навишта будааст, хонда буд. Аммо он шеър ба сабаби он ки аз ҷиҳати шеърият паст буд, дар ёди ман намондааст ва дар он вақт навишта гирифтани он шеърро ҳам лозим надида будам. Бинобар ин дар ин ҷо мазмуни он шеърро аз забони шоири мазкур ба тарзи мансур бо таҳрири худам менависам:

## БА ОФТОБИ ОЛАМТОБ

«Э офтоби оламтоб. Агар офтоби олам дуру дароз рӯи худро нанамояд, ҳамаи мавҷудоти ҷондор афсурда шуда мемиранд. Ту, ки офтоби ман мебошӣ, чаро рӯи худро аз ман мепӯшӣ? Магар мехоҳӣ, ки ман аз фироқи ту афсурда шуда бимирам? Ман гумон намекунам, ки ту ин қадарҳо сардмеҳр ва номеҳрубон бошӣ! Ман ба хоки пои ту сар монда аз ту мепурсам, ки ҳеҷ набошад, ягон бор ба ин муштоқи бисмилшудаат ҷамоли ҷаҳонороятро бинамоӣ. Агар ҳамин шаб баъд аз фурӯ рафтани офтоб ту, ки офтоби ман мебошӣ, ба ман рух нанамоӣ,ман худро дар чоҳи бобоят (дар ҷоҳи мазори Хоҷа Ӯбон) партофта ҳалок мекунам. Дар он вақт хуни ман ба гардани ҷавони ту мемонад…»

Мулло Бурҳон гуфт: Ман дар поёни ин ғазали худ як байтеро, ки гӯяндааш маълум набуда, дар охири мактубҳои ошиқона навиштани он дар байни ишқбозони Бухоро одат шуда буд, навиштам ва он байт ин аст:

Раво мадор ҷавоне бимирад аз ғами ту,
Ту ҳам ҷавонию аз худ умедҳо дорӣ!

* * *

Мулло Бурҳон гуфт: Ҳамон рӯз дар наздикии фурӯ рафтани офтоб Ситора омад. Ман аз вай пурсидам:

– Хату савод дорӣ?

– Не, – гуфт духтархона.

Ман аз бехату савод будани ӯ хушҳол ва як дараҷа хотирҷамъ шудам, чунки метарсидам, мабодо сирри мо ба воситаи ин духтарак фош гардад. Модом, ки хату савод надоштааст, ғазали маро хонда наметавонад, то ки аз мазмуни он ғазал ба воқеаи ишқбозии мо воқиф шуда фош кунад. Албатта, назар ба ақидаи ман як духтараки 12-солаи саҳроӣ на дили маро ва на дили духтари зебороро хонда наметавонист. То ин ки бо ин роҳ розӣ дили моро фаҳмида ошкоро намояд.

Ман аз он духтарак пурсидам:

– Пошшохонат хату савод дорад?

– Доранд!– гуфт ӯ дар ҷавоб, – гоҳо хат менависанд ва бисёр китоб мехонанд.

Ман ғазали худро ба Ситора супурда истода, барои эҳтиёт ба ӯ таъкид намудам:

– Ин ғазали маро ба касе нишон надеҳ ва ба пеши ман омада аз ман ба пошшохон хат бурданатро ба касе нагӯй!

– Аз шумо пештар ин гапҳоро ба ман пошшохонам таъин кардаанд, – гуфт ӯ табассумкунон.

– Бе ваъда додан ҳам ман ягон гапи он касро ва ягон кори он касро ба касе намегӯям, –гуфт духтарак бо қатъияти тамом ва илова кард: – пошшохонам маро бисёр дӯст медоранд, дӯстдорӣ мекунанд ва шабҳо дар як ҷогоҳ мехобем, ман ҳам он касро бисёр дӯст медорам ва аз гапашон намебароям.

Ситора коғази маро гирифта бурд. Ман дар дили худ гуфтам: О-ҳо! Ин духтараки 12-солаи саҳроӣ ҳам «ба шарофати даргоҳи Хоҷа Ӯбон» бӯи бағалро шамида будааст. Мо бошем, бо вуҷуди хату савод доштан ва шоир будан беҳуда дар мадраса хок лесида хобида будем.

Магар дили духтари соҳибҷамол (ман ӯро надида соҳибҷамол тасаввур мекардам) аз дили ман ҳам зиёдтар бетоқат будааст, ки аз миёна даҳ дақиқа гузашта-нагузашта Ситора боз омад ва аз табассумкунон омадани ӯ пай бурдан мумкин буд, ки вай барои ман як хабари хуш меорад. Ман ба чиллахона омада даромадани ӯро мунтазир нашуда беихтиёр ба дари ҳуҷра давидам, то ки он хабари хушро зудтар фаҳмам. Аммо духтархона сари дастони нозуки худро ба сари синаам ниҳода маро нарм-нарм ба пас – ба даруни чиллахона тела дод:

– Бесабрӣ накунед, дарун дароед, касе пай набарад! – гуфт.

Ман дар хиҷолат монда дар дили худ мегуфтам: – Оҳо, ин духтараки саҳроии содадил дар ишқбозӣ аз ман донотар будааст ва ман аз вай бехабар мондаам. Ҳайф аз он умри 20-рӯза, ки ба сабаби беҷуръатӣ ва нодонии ман дар даруни чиллахона дар танҳоӣ бо хуни дилхӯрӣ гузашт. Ман рафта дар ҷои худ нишастам ва шарм медоштам, ки ба рӯи духтархонае, ки муаллимаи ишқи ман шуда буд, сар бардошта нигоҳ кунам. Ӯ коғазеро аз даруни остини худ бароварда ба тарафи ман дароз кард ва ман, бе он ки сар бардорам, он коғазро аз дасти ӯ гирифтам. Ӯ ба хонда дидани ман он коғазро нигарон нашуда бо овози паст:



– Баъд аз торик шудани шаб ба таги дари партави мазор бароед. Ман омада шуморо гирифта ба ҷое мебарам, – гуфт ва зуд баромада рафт.

Ман дастхати ёри меҳрубони худро, чунонки қозикалон ба дастхати амир мекунад, аввал аз сарам болотар бардоштам, баъд фуроварда ба чашмонам молидам, баъд аз он ба лабонам оварда то тар шудани коғаз бӯсидам ва пас аз он кушода хондам. Он ёри меҳрубон дар он коғаз навишта буд: – «Акамулло! Хати ман бадхон аст, бинобар ин ҳамаи гапҳоро нанавиштам. Айб нафармоед! Ва ҳар чизе, ки Ситора гӯяд, ба ҳамон амал намоед!»

Ман торик шудани ҳаворо мунтазир нашуда (чунки аз бетоқатӣ дар даруни ҳуҷра нишаста наметавонистам), ба дари партави мазор баромадам ва дар дами дар ин сӯ-он сӯ қадам зада гаштам. Баъд аз тамоман торик шудани шаб Ситора омад, дар он вақт осмон ҳам пур аз ситора шуда буд. Ман ӯро аз дур дида ба тарафи ӯ рафтан хоста қадам партофтам. Аммо ӯ бо дасти худ ба истоданам ишора кард ва худ ба пешам расида омада:

– Бесабрӣ накунед! – гуфт.

Бо шунидани ин сухан аз тарсу ноумедӣ қариб буд дилам таркад, зеро ман «магар ваъда ба вақти дигар мондааст ва Ситора барои хабар додан омадааст», – гуфта пиндоштам. Аммо ӯ сухани худро давом дода гуфт:

– Ман рафтан мегирам, шумо 20 қадам пастар аз ман биёед!

Ман дубора шарманда шудам. Зеро аз сухани охирии духтархона маълум шуд, ки ин бесабрии ман ҳам монанди он бесабрӣ будааст, ки як соат пештар дар пеши ҳамин духтарак карда аз вай танбеҳ дида будам. Боз ҳамон ҳаракати сазовори танбеҳ аз ман сар зад.

Духтархона рафтан гирифт, ман қадамҳои ӯро ягон-ягон бо диққат шумурда истодам. Вақте ки ӯ қадами 21-умро аз замин бардошт, ман ҳам қадами якуми худро бардошта баробари ӯ бар замин ниҳодам ва эҳтиёт мекардам, ки қадамҳои ман аз қадамҳои ӯ зиёду кам, тангу васеъ нашаванд ва баробар аз замин бардошта шуда баробар бар замин гузошта шаванд. Дар ин гуна роҳравӣ ман ба сарбозони амир монанд шуда будам, ки онҳо дар вақти машқ ба қадампартоии сардори худ нигоҳ карда роҳ мерафтанд.

Ман гумон доштам, ки ороми ҷони ман маро дар хонаи худ меҳмон хоҳад кард. Аммо Ситора ба тарафи дари даромади муқаррарии работи мутаваллӣ нарафта ва он дарро дар тарафи дасти чапи худ гузошта, шарқрӯя роҳ рафта дар паси работ гузашт ва аз он ҷо тамоман ба тарафи шарқ рӯ оварда, дар миёнаи хомаҳои рег рафтан гирифт. Ман ҳам аз пайи ӯ. Гоҳо хомаҳои рег ӯро аз ман панаҳ мекарданд ва ман қадамгузории ӯро надида мемондам. Дар он гуна вақтҳо аз тарс дар баданам ларза меафтод, ки мабодо ба вай наздик нарафта, ё ин ки аз вай дур намонда бошам, ки сеюмбора сазовори танбеҳ шавам.

Охир ӯ ба як пасхамӣ расида истод. Ман ҳам дар ҷои будаам баробари ӯ истодам. Ӯ ин кори маро дида ба пеш рафтанам ишора кард. Ман монанди гунҷишки риштабарпое, ки ногоҳонӣ банди вай кушода шуда бошад, ба парвоз омадам ва хотирҷамъона аз шунидани таънаи «бесабрӣ» дар як сония ба ӯ расида гирифтам.

Ӯ ба ман оҳистекак:

– Шумо дар ин ҷо – дар пасхамии хомаи рег дароз кашида хобед, ки ҳеҷ равандаву оянда пай набарад ва пошшохонам ҳамин ҷо меоянд, – гуфт ва худ зуд баргашта рафт.

Ситора дар ду сония аз назари пан пинҳон шуд, баробари аз назар ғоиб шудани ӯ ситораҳои осмон ҳам кам шудан гирифтанд. Чунки аз тарафи шарқ монанди алангаи аз дур намояндаи сӯхтор як рӯшноӣ пайдо гардид ва ин рӯшноӣ кам-кам паҳнтар, баландтар ва камрангтар шудан гирифт. Аз паси он рӯшноӣ аз ҳамон тараф як лаълии миси сандалигии калон барин, ки дар оташаш тафсонда сурх карда бошанд – як чиз намудор гардид. Ин моҳи 18 ё 19-рӯза буд, ки тулӯъ мекард. Баъд аз дақиқае моҳ ранги лаъличаи нуқрагини дурахшонро пайдо кард. Дар ин вақт рӯи реги сурх ба шакли хомкаймоқи сахтбаста ба назар акс андохт. Акнун фазои биёбон ҳам як баҳри пуршир барин менамуд.

Моҳ баланд мешуд, аммо аз офтоби ман ҳанӯз дарак набуд. Ман дилтанг шудам, ҳазор гуна васвасаҳо дар дилам пайдо шудан гирифт. Эҳтимол падараш аз шаҳр ногаҳонӣ омада бошад, эҳтимол дар хонааш ягон меҳмони нохондаи шумқадам омада монда бошад, худо накарда, эҳтимол дар вай ягон бемории ногаҳонӣ рӯй дода бошад, ҳарчанд аз ақл дур бошад ҳам, эҳтимол, монанди баъзе духтарони ҳилагаре, ки дар афсонаҳо ҳикоя мекунанд, маро бозӣ дода худ духтархонаашро дар бағал кашида, «орзуи дӯғро дар моҳтоб шикаста», хандакунон маро масхара дошта, баҳузур дар ҷойгоҳаш хобида бошад ва ман дар ин ҷо «орзуи офтобро бо моҳтоб шикаста» то рӯз ситорашуморӣ кунам ва монанди инҳо…

Ман, бе он ки қад рост кунам, гаваккашон аз пасхамӣ худро бар болои хомаи рег гирифтам. Дар он ҷо девори работи мутаваллиро аз назар гузаронидам – девор ҳам бо партави ширмаҳтоб шир барин менамуд. Диққат кардам, ки дар он ҷо як дари хурдтарак менамояд. Ман дар дил муқаррар кардам, ки «вай дари партави работ аст ва дари умеди ман ҳам бояд ҳамин дар бошад», бинобар ин монанди гурбае, ки чашми худро аз дари мушхона намеканад, ман ҳам мижа назада чашмонамро ба он дари умед дӯхтам.

Намедонам, боз ним соат ё чанд соат гузашт (дар ҳар ҳол ба ман шаби ялдо барин дароз менамуд), ногоҳ дари умедам кушода шуд, дили ман ҳам сахт-сахт задан гирифт – дил тақозо мекард, ки синаро даричавор шикофта аз он ҷо баромада ба тарафи он дар давад ва ороми ҷони худашро пешвоз гирад. Аммо ҳамаи умедҳои ману дил барбод рафт – ноумедона дидам, ки каси аз дар бароянда як каси қадпаст буд ва ҳол он ки ороми ҷону дили ман «болобаланду ишвагару сарви ноз» буд. Хуб диққат кардам: он бароянда Ситора барин намуд ва ҳол он ки ман нигарони баромадани «офтоб» будам. Ман дар дили худ гуфтам: «ана омад он духтараки содданамои дарундор, ки имрӯзу имшаб бо дурӯғҳои худ маро фиреб дода дар азоби интизорӣ гузошта буд. Боз меҳоҳад бо ягон баҳонаи дурӯғ маро гӯл зада дар оташи ноумедиам гузорад. Дар он сурат… дар он сурат барои ман худро сарнагун дар чоҳи мазор андохтан беҳтар аз он аст, ки ноумедона сар хам карда ба чиллахона равад.

Аммо духтархона ба тарафи ман наомад, балки таг-тагаи девори работ ба тарафи ҷануб – ба тарафе, ки маро оварда буд, рафт ва дар гӯшаи шарқи ҷанубии работ истода ба тарафи дари партави мазор, ки ман аз он дар баромада будам ва ба тарафи дари даромади расмии работ бо диққат нигарист ва баъд аз он бо ҳамон таг-таги девори работ ба тарафи шимол пас гашт ва аз пеши дари партави работ гузашта ҳамчунон роҳи худро ба тарафи шимол давом дод. Вақте ки ба гӯшаи шарқи шимолии работ расид, дар он ҷо истода ҳар тарафро бодиққатона аз назар гузаронида бозгашт ва ба дари партави работ расида аз вай дарун даромада ғоиб шуд.



Ман умедвор будам, ки баробари ғоиб шудани Ситора аз он дар «офтобам» мебарояд ва ман ӯро дар зери фаранҷии шоҳии паритовусӣ ва бо рӯбанди докаи сафед тасаввур мекардам. Аммо аз он ҷо ба ҷои «офтобам» як нури сафед намоён шуд, ки аз замин ба тарафи осмон қад кашида буд ва ин нури равон пеш-пеш ба тарафи ман омадан гирифт. Чун наздиктар расид, фаҳмидам, ки он одам аст – он одамест, ки дар зери либоси сафед ҳамранги ширмаҳтоб шудааст ва агар касе монанди ман мунтазири омадани касе набошад, одам будани ӯро пай намебарад, балки ӯро парчае аз ширмаҳтоб гумон мекунад.

Чун он нури равон боз ҳам наздиктар расид, дар ман ҳеҷ шак намонд, ки ин ҳамон «болобаланду ишвагару сарви нози ман» будааст. Қомати он сарви ноз дар роҳ рафтан ба навниҳолони нозуктанаи баландқад монанд буд, ки дар зери бод ба ҳар тараф майл мекарда бошанд, ё як гулбуни пургуле буд, ки шохҳои вай аз ғояти хушборӣ ба ҳар тараф хам меҳӯранд, ё ӯ аз шароби ғурури ҳусн, ё ин ки аз бодаи шодмонӣ маст шуда буд, ки мастона қадам мениҳод.

Чун он маҳбубаи дилором наздик расид, ман аз сари хомаи рег шорида фуромада дар пасхамие, ки Ситора ба ман нишон дода буд (бояд Ситора ҳам он ҷоро ба ман бо нишондоди он офтоб таъин карда бошад) дароз кашидам. Аммо бисёр дер накашид, ки он офтоби оламтоб бар сари болини интизориам расид ва гӯё бахти баланд ба ман мегуфт, ки «эй, бар сарат офтоб омад, бархез». Ман фармони бахти баландро рад накарда, беихтиёр аз ҷоям ҷаста хестам ва дар рӯ ба рӯи ӯ рост истодам.

Дар тани он сарви ноз куртаи шоҳии сафед буда, вай на монанди куртаи духтарони дӯшиза пешбаста, балки ба тарзи куртаҳои занони тифлдор пешкушода буд ва аз он ҷо сафҳаи синаи булӯринаш дар партави моҳтоб монанди сафҳаи сафеди дурахшоне дар назари ман метофт – дар ҳақиқат он бахти сафеди ман буд, ки пешаш кушода менамуд, остинҳои куртааш то болотар аз оринҷҳояш барзадагӣ буда, соидҳои сафедаш дар фазои моҳтобӣ монанди ширмоҳии зиндае, ки даруни об бошад, дилбарона ҷунбиш намуда, гӯё «мо барои бӯсаи ту омадем» гӯён ҳаваси касро оҳанрабовор ба тарафи худ мекашиданд. Бар сари он сарви сарандоз як сарандози шоҳии сафед буд, ки мӯи сиёҳи дарози диловези ӯро сар то по мепӯшонид ва маълум буд, ки ӯ ин гуна сарандозро барои ҳамранг кардани тамоми баданаш бо маҳтоб ва пинҳон доштани худ аз рақиби нохалафи эҳтимолӣ ба сар гирифта буд. Аз таги ду тарафи пеши он сарандози сафед ду мила мӯи сиёҳи нобофтаи зулфмонанд намудор буд, ки он духтари худорои ишвапиро онҳоро аз ду баногӯшаш ба рӯи рухсорааш гузаронида, ба наздикиҳои гӯшаҳои даҳони худ оварда каҷ карда гузошта буд ва ин вазъият ҳайати ӯро боз ҳам дилработтар ва хушнамотар карда буд.

Ман намедонам, ки рӯи сафеди гулобитоби ӯро ба чӣ монанд намоям? Ман он рӯйро офтоб гӯям ҳам, намешавад, моҳ гӯям ҳам, намешавад, гул гӯям ҳам, намешавад, оина гӯям ҳам, намешавад! Зеро инҳо чизҳоеанд, ки ҳар кас ҳар рӯз ҳар кадоми онҳоро мебинад ва шояд ба сабаби бисёр дидан бошад, бинанда ба онҳо ягон аҳамияти фавқулодае ҳам намедиҳад. Охир, он рӯеро, ки одам ба як диданаш то нисор кардани ҷони худ тайёр аст, чӣ гуна ва бо кадом инсоф ба ин чизҳои одӣ монанд мекунад?..

Ман ҳамин қадар гуфта метавонам, ки он рӯи зебо бо он бинии латифи дилрабо, бо он чашмони сиёҳи муҳаббатнигоҳи меҳрафзо, бо он мижгонҳои дарози дилнавози шавқангез, бо он абрӯвони мушкинмӯи нӯгтез, бо он пешонаи меҳрубони нишонаи лутфомез – бисёр шинам, бисёр дилкаш ва бисёр хушнамо афтода буд, ки одам аз диданаш сер намешуд.

Ман меларзидам, ӯ мастона қадам монда ба ман наздик расид. Ман беихтиёрона бо ду дастам аз банди ду дасти булӯринаш гирифтам. Ӯ бе ҳеҷ ибо ва бе ҳеҷ гуна нозу истиғно ба ман наздиктар омад. Аз ӯ дар зимни бӯи хуши дилкаши атр як бӯи бегона ҳам омад. Ин бӯи шароб буд, ки аз тарафи даҳони ӯ меомад. Ман дарҳол пай бурдам: аз он мусалласи шаръӣ, ки падараш барои «дар тоат қувват» ҳар субҳу шом, балки аладдавом менӯшид, ӯ имшаб барои ҷасорат пайдо кардан дар мулоқоти ошиқона ва беибо кушода партофта тавонистани дафтари ишқбозии худ дар пеши як ошиқи навгирифтори бегона – ду-се пиёла нӯшида баромадааст.

Дар тасвири ин ҳолат ва ҳайати ӯ, дар зери он пироҳани пешкушода ва остинҳои барзада, се байти Соиби Исфаҳонӣ ба хотири ман расид ва он байтҳо инҳо буданд, ки дарун-дарун замзама кардам:

> Он маҳлиқо баромад аз хона май кашида,
> Моил ба уфтодан чун меваи расида.
> Нози баҳонаҷӯро дар як тараф ниҳода,
> Шарми ситезаҳӯро дар хоку хун кашида.
> Молида остинро то бӯсагоҳи соид,
> То ноф пираҳанро чун субҳидам дарида.

Пошшохони ман ҳақиқатан ҳам як меваи расидае буд, ки он шаб ба дасти ман афтода буд – ӯ монанди шафтолуи шалили обдор буд, ки аз сар то пои баданаш оби латофат ва таровaт мечакид.

Бандҳои дастони латифи ӯ ҳанӯз дар дастонам буданд, дастони ман меларзиданд ва дастони нарм ва нозуки ӯ ҳам аз дастони ман камтар намеларзиданд. Ман дастони мулоими ӯро нарм-нармак мемолидам. Аммо сухане намеёфтам, ки ба ӯ гӯям. Ӯ якбора дастони худро аз дастонам кашида гирифта ва он дастонро дар ду тараф ёзонда, сари синаи софашро берун дамонда хамёзае кашид ва бо оҳанги ҷасурона:

– Охир, дар як ҷо бинишинем! – гуфт.

Дар оҳанги ӯ аломате буд, ки гӯё барои беҷасоратиам бо он оҳанг ба ман таъна мезад.

– Ба чашм, – гуфтам ман дар ҷавоби ӯ

Ӯ дар ҳамон ҷое, ки истода буд, нишаст ва ман ҳам ба ӯ пайравӣ карда дар рӯ ба рӯи ӯ ҷой гирифтам. Дар миёнаи ману ӯ аз ду ваҷаб зиёдтар фосила набуд. Ман ҳанӯз сухане намеёфтам, ки ба ӯ бигӯям, ё ин ки монанди гунгу лол суханҳои дар дил доштаамро ба ӯ гуфта наметавонистам. Боз ӯ ба гап даромада пурсид:

– Шуморо чаро «Бисмил» мегӯянд ва маънии ин сухан чист?

– Маънии бисмил – кушташуда мебошад, ман, ки кушташудаи ишқ мебошам, ба хамин муносибат маро «Бисмил» номидаанд, – гуфтам дар ҷавоб бо ҷасорате, ки ӯ ба ман бо пурсиши худ дода буд.

– Ишқи кадом маъшуқаи номеҳрубон шумо барин як ҷавони меҳрубони дилкашро куштааст, – гӯён боз пурсид он маъшуқаи меҳрубон.

– Аз гуфтани номи он маъшуқаи меҳрубон ва ба қавли ту «номеҳрубон» метарсам, – гуфтам ман дар ҷавоб тарсону ларзон.

– Магар кушташудаи ишқро давое нест, ки бо вай дубора зинда шавад? Агар бошад, он даво кадом аст ва аз куҷо ёфтани он мумкин аст?

Ин пурсишҳои сарпеч, ки ҳақиқатан калиди рози дили сарбастаи ман буданд, маро чунон бетоқат карданд, ки дигар дар ман на беҷасоратӣ монд ва на шарму ҳаё:

– Ҳаст! – гӯён пештари он маҳбубаи меҳрубон ғеҷида рафтам ва дастонамро бар замин ниҳода ва ба онҳо такя карда худро ростар гирифта лабонамро ба лабони ӯ наздик бурда истода:

– Бӯсаи ана ҳамин лабони ҳаётбахш давои зиндакунандаи куштагони ишқ аст! – гӯён лабони ларзони худро ба лабони тафсони ӯ часпондам. Дидам, ки ӯ аз ин ҳаракати ман нарамид, боз ҳам ҷасуртар шуда дастонамро аз зери бағалаш гузаронида, хостам дар оғӯшаш танг кашам. Аммо он духтари ҷасур дар ҳолате, ки ман пай мебурдам, хуни ҷавониаш дар ғалаён омадааст, бо як ҳаракати саркашона ду дасти худро ба сари синаи ман тир карда маро бо шиддат паснокӣ тела дод ва худро аз ҷои нишастагиаш як қадам пас кашида, бо ҳамон вазъияти аввалиаш – дар рӯ ба рӯи ман нишаста сар хам кард ва садои «пиқпиқ»-кунон гиристан аз вай шунида мешуд.

Алангаи оташи даргирифтаистодаи бадани ман якбора паст шуд. Сар то поям ҳанӯз ҳам месӯхт,аммо монанди ҳезуми тари нимсӯхта, ки аз ҳезуми хушки шӯълавар дур афтода бошад, кӯрдудкунон месӯхт ва дуди ин сӯзиш дар димоғам зада мағзи сарамро метарконид.

Духтар ором намегирифт ва гиряи гулӯгирашро давом медод. Сурур ба ғам, сур ба мотам бадал ёфт. Ман, ки ӯро дӯст дошта будам ва мақсади ман аз ҳар чӣ пештар хурсандӣ ва ризомандии ӯ буд, ба ин ҳолати ӯ тоқат кардан аз иқтидори ман берун буд: пештараш рафтам ва дар мақоми узр гуфтам: – Э ҷони азиз! Ман ба меҳрубониҳои ту фирефта шуда, ба як ҳаракати густохона ният кардам. Ту саркашона маро танбеҳ карда ҷодаамро ба ман нишон додӣ. Ман аз ин ҷиҳат аз ту миннатдорам. Аммо аз он ҷо, ки ман сабаби ғаму андӯҳи ту шудам ва ба ҷои он ки туро хандонам, гирёндам, худро гунаҳгор мешуморам ва аз ту бахшоиш металабам ва низ аз ту мепурсам, ки гӯй ман чӣ кунам, ки сабаби хурсандии ту шавад ва ин ғаму андӯҳи туро бартараф намоям.

Гиряи духтар камтар шуд ва пайдо шудани камтар оромиро дар вай ҳис намудам. Аммо ба пурсишҳои ман ҷавоб намедод ва ҳамчунон дар зери бори

ғам сарашро ба замин хам карда менишаст, ман дубора ба сухан даромадам:

– Э маъсумаи покдомани ман! Агар хурсандии ту бо нест шудани ман муяссар мешуда бошад,ман тайёрам, ки дарҳол худро ҳалок намуда нест кунам, хеҷ набошад, ҳамин ҳоли ҳозир сарамро гирифта аз ин ҷоҳо ғоиб мешавам, ба тарзе ки баъд аз ин ҳеҷ кас ному нишони маро аз ин ҷоҳо наёбад ва агар мурда хок шавам, гарди ман ба домони поки ту нанишинад…

Ман хомӯш монда таъсири ин суханони худро ба ӯ мулоҳиза намудам: ӯ худро аз гиря боздошта буд. Аммо сар хамкунон дар андеша фурӯ рафта, бо сарангуштони челонмонанди худ бар рӯи реги сурх хат мекашид. Ман сухани худро давом додам:

– Охир, ман туро дӯст медорам, барои ту, бар зарари худ ба бардоштани ҳар гуна азобу уқубатҳо тайёрам ва ҳар навъ бало, қазо, андӯҳу алам, ки аз ишқи ту ва аз тарафи ту ба сарам ояд, миннатдорона мебардорам. Аммо ба андӯҳгин шудани ту, ба дилгир гардидани ту, хусусан, ки ин андӯҳ ва дилгирӣ ба сабаби ман пайдо шуда бошад, тоқат надорам…

Ман боз хомӯш мондам ва чашмони худро ба умеди ҷавоб ба ӯ дӯхта истодам. Духтари ботамкин баъд аз фурсате, бе он ки сарашро рост кунад ва ба тарафи ман нигарад, ба сухан даромад:

– Ин хафагӣ, ғамгинӣ ва гиряи ман аз шумо ва ба сабаби ҳаракати густохонаи шумо нест, – гуфт ӯ ва илова кард, – албатта, ҳаракати густохонаи шумо нафорид ва худро аз дасти шумо раҳонидам. Аммо он гуна ҳаракате, ки халос шудан аз вай дар дасти худам бошад ва ман иқтидор дошта бошам, ки дар ҳар гуна маврид худдорӣ карда тавонам – он гуна ҳаракатҳо чаро сабаби андӯҳи ман шаванд… Агар ҳаракати густохонаи шумо ба гиряи ман сабаб мешуд ҳам, ман шуморо дар он ҳаракат айбдор намекардам ва ба айбдор кардан ҳақ ҳам надоштам. Чунки шуморо то ба ин андоза худам далер карда будам. Сабаби ҳақиқати андӯҳу алам ва гиряю ғами ман бахти сиёҳи ман аст, ки маро ба ҳамин дараҷа бебок ва беибо кардааст ва дар шароите, ки шариат ва муллоҳо ҳатто овози зан ва духтарро номаҳрам мешуморанд, ман шабона бо як марди бегона дар хилват бо рӯи кушода сӯҳбат менамоям.

Духтар қадре хомӯш монда дар андеша фурӯ рафт ва баъд аз сонияе якбора сарашро баланд карда ва ба ман чашм дӯхта истода пурсид.

– Шумо маро чандсола тахмин мекунед?

Ман ба ин пурсиши ӯ ба зудӣ ҷавоб надодам. Ман ӯро 21–22-сола тахмин мекардам. Аммо, азбаски занон ва духтарон калонсол шуданро ва калонсол гуфтанро бад мебинанд,ман дар изҳори тахмини ҳақиқии худ андешаманд мондам ва барои хурсанд намудани ӯ хурдсолтар нишон додани ӯро лозим диниста:

– Ман туро 17 ё 18-сола тахмин мекунам, – гуфтам.

Ӯ нимханде карда:

– Шумо маро бо гапи дурӯғ хурсанд кардан мехоҳед, – гуфт ва илова кард: – Ман дар ҳақиқат 28 соламро пур кардаам…

Дар гуфтани ин сухан он шукуфтагӣ, ки дар рӯи вай ба сабаби тахмини бардурӯғи ман пайдо шуда буд, барҳам хӯрд ва авзои ӯро дубора пардаи сиёҳи андӯҳу алам печонда гирифт ва баъд аз лаҳзае хомӯш мондан давом намуд:



– Ман 28-солаам. Аммо ҳанӯз духтар мебошам. Бахти сиёҳи ман асосан ҳамин аст! Аммо сабаби ба ин бахти сиёҳ гирифтор шуда мондани ман дуру дароз аст. Агар шумо ба шунидани дарду алами ҷонгудоз тоқат дошта бошед, ман ба нақли саргузашти сиёҳбахтии худ тайёрам!

– Ба ҷон миннат дорам ва ҳама тан гӯш гардида мешунавам, – гуфтам ман дар ҷавоби он духтари ноком».

## САРГУЗАШТИ САРОСАР ДАРДУ АЛАМИ ДУХТАРИ НОКОМ

– Ман аз модар 18-сола мондам, – гӯён гап сар кард духтари ноком, – ман дар хонадони падару модарам фарзанди ягона мебошам. Модарам хату савод дошт, маро худ хононда хату саводнок кард. Аз ғайри ин, пухтупазу дарзу дӯз барин ҳамаи ҳунарҳоро, ки дар хонадории як духтар лозим бошад, ба ман ёд дод. Баъд аз 16-сола шуданам ӯ мехост маро ба шавҳар дода тӯю тамошо кунад ва ба ин восита орзуву ҳаваси ягонаи худро, ки дар бораи фарзанди ягонааш дорад, шиканад. Ӯ дар интизори ягон ҷавони домодшаванда ду соли охири умри худро гузаронид. Аммо домодшавандае набаромад. – Духтарак дар ин ҷои суханаш аз ман пурсид:

– Оё медонед, ки сабаби ин чист?

– Не, намедонам ва аз куҷо медонистам? – гуфтам ман дар ҷавоб.

– Албатта, шумо намедонед ва донистанатон ҳам мумкин набуд, – гӯён духтар ҷавоби маро тасдиқ намуд ва худ ба ҷавоби пурсиши худ давом кард.

– Хоҷагон ва аз ин чумла хоҷагони Хоҷа Ӯбонӣ духтарҳояшонро ба занӣ ба ғайр аз ҳамнажодони худ ба каси дигар намедиҳанд, аммо аз хешовандон ҷавоне ёфт нашуд, ки ба ман кас монад. Ана ба ҳамин сабаб модари меҳрубонам орзуҳои худро ба хок бурд.

– Баъд аз оши соли модарам падарам зани дигар гирифт, – гӯён духтари аламдида мусибатномаи худро давом дод, – ман дар вафоти модари пуршафқатам чӣ қадар сӯхта бошам ҳам, мусибати ҳақиқии тоқатнопазир баъд аз зани нав гирифтани падарам ба сарам омад, – гиря гулӯи духтарро гирифта хомӯш монд. Аммо ӯ сарашро баланд карда баъд аз як дами сарди дароз кашида роҳи шушу гулӯяшро бозкардан, боз суханашро давом дод.

– Мусибат сахт ва ҷонгудоз буд: дар он вақт дар хонадони падарам ду хизматгорзан буд. Аммо модари ӯгай ҳамаи корҳои сахт ва чиркини хонаро ба ман мефармуд: ман хона мерӯфтам,ман рӯи ҳавлӣ мерӯфтам ва ман ҳатто ҷоҳои ногуфтаниро, ки рӯзе ду бор рӯфтани он ҷоҳо лозим аст, тоза мекардам. Хизматгорзанон танҳо ба ошпазиву нонпазӣ машғул мешуданд. Ҷомашӯиро бошад, ман бо онҳо ҳамроҳ мекардам. Дар таом бошад, хӯрокҳои бадтарин ва дилнокаштаринро ба ман медод ва баъзан сарқути хизматгорон, ки онҳо ҳам он қадар чизи бомаза намехӯрданд, насиби ман мешуд. Агар дид, ки ман аз корҳо фориғ шуда дар гӯшае нишаста китоб хонда истодаам, баъд аз он ки маро «духтари китобхон вайрон ва котабоз мешавад» – гӯён ҳақорат мекард, маҳз барои дур кардани ман аз китобхонӣ, як кор ёфта ба ман мефармуд. Ба болои инҳо ман

шабона аз паси дар мешунидам, ки ба падарам аз ман шикоят карда: «духтаратон ғазалҳои бешармиро бисёр мехонад, ӯ вайрон мешавад, саробашро гиред, ӯро нагузоред, ки китоб хонад ва зуд ба шавҳар дода аз ман дур кунед, ки ман ба дидани як духтари сабукпо тоқат надорам» – мегуфт. Падарам аз хешовандонаш домодшаванда ёфт нашуданашро сабаби кушода нашудани бахти ман нишон дода ба ӯ узр мегуфт…

Духтар баъд аз хомӯш мондани кӯтоҳе боз давом кард:

– Ман ҳам мехостам, ки агар марди ҳафтодсола бошад ҳам, маро зудтар ба шавҳар диҳанд, то ин ки аз шиканҷаи ин модари ӯгаи ҷавони нобакор халос шавам. Аммо илоҳӣ зоту зурёти (зуррияти) ин хоҷагон хушкида равад, аз инҳо ягон домодшавандае ёфт намешуд. Намедонам, инҳо чӣ бало доранд, ки дар авлодашон аз писар дида духтар зиёд аст. Писаронашон бошанд, ба болои ин, ки аз хешовандони худашон зан мегиранд, духтарони муриду мухлисҳошонро ҳам, ки назр гӯён дар қатори гову гӯсфандони назрӣ оварда мешаванд, ҳамхобаи худ мекунанд. Дар ин шароит ба мани сиёҳбахт, ки дар як биёбони регзор нишастаам, аз хешони худ шавҳар аз куҷо ёфт мешуд…

Бо шунидани қиссаҳои пурдарди ин духтари сиёҳбахт муҳаббати бо раҳм омехтаам нисбат ба ӯ чӣ андозае, ки зиёд шавад, нисбат ба модари ӯгаи бадкирдор ҳамон қадар ҳам оташи ғазабам боло мегирифт. Ман дар дили худ мегуфтам: «Даст ёбам, ки он золимро баста сарнагун ба чоҳи мазор андозам» ва аз шиддати ғазаб сухани он духтари мазлумаро бурида аз ӯ пурсидам:

– Ҳоло он модари ӯгаят ҳаст?

– Не! – гуфт ӯ дар ҷавоб ва давом кард, – баъд аз чор соли бо падарам зиндагонӣ кардан бо бемории ҳасба (сипной тиф) вафот кард. Баъд аз панҷ моҳи вафоти ӯ падарам боз зани дигар гирифт. Аммо ин зан аз аввалӣ ҳам бадтар баромад. Ӯ дар кор фармудани ман дар корҳои паст, дар хӯрок ва дар манъ кардан аз китобхонӣ ва дар ҳақорат кардани ман бо вайронӣ аз модари ӯгаи пештараам бадтар ва сахттар ба ман муомила мекард. Ба болои инҳо ӯ на танҳо аз бозор куртаворӣ оварда ба ман додани падарамро манъ мекард, ҳатто барои фоида бурдани ман аз либосҳои модари марҳумаам ҳам роҳ намедод: «Мероси зан аз они зан мешавад, на аз они духтар» – гӯён пӯшокиҳои аз модарам мондаро дар сандуқаш андохта қулф зада монд ва барои ман пӯшокиҳои мурдашӯии кӯҳнаро, намедонам, аз куҷо ёфта оварда маро ба пӯшидани он чизҳои дилнокаш маҷбур мекард ва ҳол он ки дар замони модари ӯгаи аввалиам аз либосҳои модарам фоида мебурдам, – духтарак ба куртаи сафеди пешкушоди занонаи худ ишора карда илова намуд, – ана ҳамин курта аз они модари марҳумаам мебошад…

– Ин золима ҳоло дар куҷост? – гӯён ман боз сухани ӯро буридам.

– Ҳоло дар куҷо будани ӯро намедонам. Аммо ҳамин қадараш ба ман маълум аст, ки ӯ чизҳои хонаи падарамро дуздида ба хонаи хешовандони худ бурдан гирифт. Падарам, ки бисёр молдӯст аст, ба ин кори ӯ тоқат карда натавониста аз вай ҷудо шуд ва ӯро аз хонааш баровардa пеш кард ва ман ягона «бонуи хона» шуда мондам. Корҳои хонаро ду хизматгорзан мекунад. Ман барои дастёрии худ Ситораро, ки мешиносед, вай дар он вақтҳо 9-сола ва бе падару модар буд, ёфтам. Ман ӯро монанди хоҳарам дӯст медорам. Ҳоло ягона маҳрами розии ман ва ёри дилнавози ман ӯст.



– Маълум мешавад, ки ҳоло зиндагониат ба хубӣ мегузарад, – гуфтам ман бо оҳанги суол.

– Зоҳиран ба хубӣ, – гуфт дар ҷавоб ва оҳе кашида давом намуд, – ман умри ҷавонии худро – умреро, ки дар он вақт ҷавонон, умуман ва духтарон, хусусан, аз ғалаёни хуну орзуҳои ҷавонӣ девона барин мешаванд, дар зери шиканҷаи модари ӯгай гузаронда дилмурда шуда будам. Баъд аз он ки худ бонуи хона шудам, гоҳе дар дилам мегузашт, ки «акнун ман ба шавҳар равам, бад намешавад, чунки падарам пир шудааст ва ҳеҷ кас дар дунё абадӣ зинда намемонад. Агар ман аз он шавҳари мавҳумӣ фарзандон, ё ҳеҷ набошад, ягон фарзанд ёбам, баъд аз сари падарам танҳо намемонам», ин фикри ман на ба хоҳиши орзуи ҷавонӣ (зеро чунонки гуфта гузаштам, он гуна хоҳишҳои ман кайҳо мурда буданд), балки барои тадбири зиндагонии ояндаам буд. Дар ин сурат, албатта, кӣ будани он шавҳар ба ман фарқ надошт. Аммо як воқеа рӯй дод, ки ба ин хоҳиши ман ҳам роҳ надодани бахти сиёҳи худро донистам.

Духтари бечора як хомӯш монда нафасашро рост гирифта, боз давом кард: ин воқеа ба ин тариқа рӯй дод: аз хоҷаӯбониҳои шаҳри Бухоро як каси 50-сола ҳаст, ки зани ӯ мурда буд. Ӯ маро талаб карда хостгор фиристод. Ман дар паси дар истода ҷавоби ба хостгор додаи падарамро шунидам. Падарам дар ҷавоби талаби ӯ гуфт: – «Ман пир шудаам, фарзанди дигар надорам. Ин духтар ягона фарзанди ман аст, ки саровонии хонаи маро мекунад. Ман ӯро ба касе медиҳам, ки ба ман хонадомод шавад. Хостгор барои саровонии хона зан гирифтанро ба падарам маслиҳат дод. Падарам аз бадкирдорӣ ва дуздии занони сайиба (бева) шикоятҳо карда:

– Агар ягон духтари хурдсоли чашм накушода, масалан, 12-сола мешуд, мегирифтам, – гуфт ва илова кард, – дар он сурат ҳам духтарамро ба шавҳар дода аз хона дур карда наметавонистам, – падарам дар охири суханаш ба хостгор қатъӣ карда гуфт: – шарти якуми ман, ба домодшаванда қабули хонадомодӣ аст.

Духтар баъд аз нақли суханони ба хостгор гуфтаи падараш, давом намуда гуфт:

– Албатта, он домодшаванда, ки дар шаҳр ҳавлӣ дорад, дастгоҳи эшонӣ ва девонахонӣ дорад ва фарзандони баркамол ҳам дорад, хонадомодиро қабул накард. Баъд аз ин воқеа ба ман маълум шуд, ки ман аз дунё дар танҳоӣ ва бекасӣ хоҳам гузашт. Зеро аз Хоҷа Ӯбониҳо каси дигаре нест, ки шаҳрро гузошта ба ин биёбони регзор омада, ба дари хонаи падари хасиси искити ман хонадомод шуда нишинад.

Духтари сиёҳбахти ноком суханони охиринашро, хусусан он калимаҳоро, ки «аз дунё дар танҳоӣ ва бекасӣ гузаштани худаш»-ро ифода мекарданд, дар зери бори ғаму андӯҳи гарон мегуфт. Баъд аз тамомияти суханаш ҳам ӯ ба офтобе монанд менамуд, ки дар зери абри сиёҳ монда бошад.

Аммо баъд аз фурсате дар чеҳраи духтар осори шодмонӣ пайдо шуд ва табассумкунон аз нав гап сар кард:

– Ман дар умри худ, ягон бор бошад ҳам, на танҳо ба назари муҳаббат, ҳатто ба назари одӣ ҳам ба рӯи марде нигоҳ накарда будам, – гуфт духтар ва эзоҳ дод, – зеро чунонки дар саргузашти худ гуфтам, ман дилмурда шуда будам ва, чунончи мардум мегӯянд «давуча нашуда ғӯлунг шуда будам», – духтар қадре хомӯш монд ва тобиши шӯълаи шодӣ дар чеҳрааш зиёдтар шудан гирифта давом намуд:

– Аммо дар ин миён коре шуд, ки ман ба як мард муҳаббат пайдо кардам. Рӯзе касе пайдо шуд, ки ба баъзе одатҳои анъанавии хоҷаубониҳо муқобил баромад. Ман, ки қурбони одатҳои хонадонии худ будам, дар дилам нисбат ба он қаҳрамон як муҳаббати ғоибона бедор шуд ва орзуи дидани ӯ дар дилам гузашт. Ман ин орзуи худро аз паси дару девор ба ҷо овардам ва дидам, ки он мард як ҷавони зебост, муҳаббати ман ба ӯ зиёдатар шуд. Баъд аз он кӯшиш кардам, ки ӯро аз наздиктар бинам ва овози ӯро шунавам. Хушбахтона, ин орзуям на як бор, балки чандин бор ба вуқӯъ омад ва дар ҳар боре, ки ӯро медидам, муҳаббатам нисбат ба ӯ аз пештара зиёдтар мешуд. Охир рафта-рафта ин муҳаббат ба дараҷае расид, ки вайро шоирон «ишқ» меноманд ва аз дасти сӯзу гудози вай чун моргазида меноланд…

Духтари моҳпайкар андаке хомӯш монд. Зоҳиран ёдоварии пайдо шудани ишқи аввалинаш дили ӯро ба ҳаяҷон оварда буд, ки ду кафи дасти худро аз ду тараф ба зери бағалаш бурда ба паҳлуҳои худ гузошт ва сахт молиш дода, ба сари сандуқаи синаи худ оварда ба ҳам пайванд дод, баъд аз он кафҳои дастонашро ба панҷаҳояш бо ҳам печонда, як-ду бор фишори сахт дода ба сухани худ давом кард:

– Муҳаббат, – гуфт ӯ, – ба фаҳми ман, дар дили ҳар ҷавон ҳаст. Аммо вай монанди оби пешбаста дар паси дамма афтида ором меистад. Маълум аст, ки ин гуна об ба тарафе майл кунад ва роҳи ҳаракати худро ёбад, аввал кам-кам ҷорӣ мешавад ва рафта-рафта ҷараёни ӯ ба дараҷае мерасад, ки касе дубора пеши вайро баста наметавонад ва ӯ ҳамаи бандҳо ва монеаҳоро бардошта мепартояд. Ҳамчунин муҳаббати ман низ ба он ҷавон аввал як майли одии қалбӣ бошад ҳам, кам-кам ва бо диданҳои пай дар пай ба дараҷаи камол расид ва рафта-рафта ба андозаи бардошта партофта тавонистани ҳамаи монеаҳо қувват гирифт…

Духтари рӯҳшинос хомӯш монд ва ин хомӯшии ӯ дароз кашид, аммо, монанди он ки ба ман чизе гуфта аз ман нигарони ҷавоб бошад, чашмони худро ба ман дӯхта меистод. Ман ба ин мулоҳизаи ӯ пай бурда дар мақоми ҷавоб аз ӯ пурсидам:

– Он марди хушбахт кӣ буд?

Духтар ба ҳамон вазъияти аввалиаш ба ман чашм дӯхта истода ва табассуми дандоннамое карда гуфт:

– Агар то ҳол аз ҳаракатҳои ман ва аз суханони дар ин ҷо гуфтаам кӣ будани он ҷавонмардро нафаҳмида бошед, ман ошкоро мегӯям, ки он шумо будед! Шумо будед, ки ҳилаҳои кафшпешмониҳои хоҷаубониҳои моро кушода, бо ҷасорати тамом ба падарам маълум карда, ӯро масхара намуда, дар доми худ кашидед, ин кори шумо буд, ки маро дар бораи ба воситаи шумо имконияти вайрон карда



шудани баъзе анъанаҳои дигари хоҷаубониҳо умедвор кард ва ба ин сабаб ман ба шумо муҳаббат пайдо кардам ва рафта-рафта ин муҳаббат ба дараҷаи камол расид; ин шумо будед, ки маро дубора зиндадил карда, дубора дар дили ман орзуҳои ҷавониро бедор гардонидед! Ин шумо будед, ки мани 28-соларо дубора ба 18-солагӣ овардед, хулоса ин шумо будед, ки ишқатон маро ба вайрон кардан ва аз пеш бардошта партофани ҳамаи монеаҳо водор кард, ниҳоят, ин шумо будед, ки ман аз ғалаёни хуни ҷавонӣ маҷбур шудам, ки дар пеши шумо сари ризову таслим хам кунам…

Бо шунидани ин суханҳои меҳрангез ишқи ман ба он духтари волоназар яке бар сад афзуда ҳаяҷони қалби маро ба ҷодае расонда буд, ки чӣ карданамро ва чӣ гуфтанамро намедонистам ва ман ҳаминро медонистам, ки ман ӯро девонавор дӯст дошта будам ва аз ғалаёни сӯзиши ишқ ва шавқ чун мӯи оташдида ба худ мепечидам. Дар ин вақт он духтари моҳсимо ба назари ман на он духтар буд, ки дар аввали мулоқот ман девонавор майл доштам, ки ҳар чӣ зудтар ман ба ӯ наздик шавам ва бо бӯсаю канор оташи дили сӯзони худро таскин диҳам. Рости гап ин аст, ки ман дар аввали мулоқот ӯро як духтари сабукпои ҳарҷоӣ гумон карда будам, ки он шаб насиби ман шудааст. Дар ин вақт он духтар ба назари ман як ҳусни муҷассам менамуд, ки дар зимни зебоии сурат камоли маънавиро дар бар гирифта буд. Агар хулоса карда гӯям, муҳаббати ман нисбат ба ӯ дар аввали мулоқот ишқи ҳайвонӣ бошад, ҳозир ба дараҷаи ишқи инсонӣ боло рафта буд…

Духтар дар андеша фурӯ рафта, маро гирифтори ҳаяҷон ва ошуфтагӣ дида, боз худаш ба сухан даромад:

– Оре, ишқи шумо маро маҷбур кард, ки ман сари таслиму ризо ба пеши шумо хам кунам, – гуфт ӯ ва давом кард, – лекин маънии таслиму ризои ман он нест, ки ман ҳоли ҳозир ба ҳар гуна ҳаракатҳои густохонаи шумо бардошт кунам. Ин кори духтарони ҳарҷоии сабукпой аст. Ман мехоҳам, ки агар тақдир рафта бошад, ман бо шумо бо никоҳи расмӣ рӯирост зиндагонӣ намоям, вагарна ман дар танҳоӣ дар зери ғаму кулфату андӯҳ ҳалок шавам ҳам, ба он гуна ҳаракатҳои беномусонаи сабукпоёна тан нахоҳам дод.

– Ман на танҳо розӣ, балки аз ҷону дил ва девонавор роғиб мебошам, ки муҳаббати қалбии мо бо ҳам, дар зоҳир ҳам бо риштаи никоҳ баста шуда, мо бо ҳам инсонвор зиндагонӣ намоем, – гуфтам ман дар ҷавоб ва илова кардам: – Аммо ин корро назар ба фикри ту бо ин падари якраҳаи ту чӣ гуна ба вуқӯъ меорем?

– Як роҳ ҳаст, – гуфт ӯ, – аммо бо он роҳ рафтан ва падарамро ба он роҳ даровардан вобаста ба кӯшиши ҷиддиёнаи шумо мебошад.

– Кадом роҳ аст он? – гӯён ман бо ҳаяҷон пурсидам.. Зеро назар ба фикри ман ягон роҳе ба назарам наменамуд, ки ман бо вай рафта ба хуҷаубониҳо домод шуда тавонам ва илова кардам: – ман тайёрам, ки дар он роҳ ба сарам равам ва агар сарам равад ҳам, аз он роҳ барнагардам!

Духтар табассуме карда гуфт:

– Агар он роҳ роҳе бошад, ки дар вай эҳтимоли рафтани сари шумо бошад, пас он роҳ барои ман чӣ даркорӣ дорад. Охир, сари шумо дар пеши ман на та-

нҳо аз хоҳишҳоям, аз ҷонам, аз дилам ва аз ҳамаи ҳастии худам ҳам азизтар аст. Роҳе ки ман фикр кардам, роҳи одӣ аст. Аммо падарамро ба он роҳ даровардан қадре душворӣ дорад, ки он ба кӯшиши шумо вобастааст, Духтар дар эзоҳи он роҳ гуфт:

– Ман шунидаам, ки баъзе хоҷагони шаҳрӣ, вақте ки аз хешовандони худхошон домодшаванда ёфт нашавад, духтарҳошонро ба муллоҳо медодаанд ва муллоҳоро дар шараф баробари хоҷагон мешуморидаанд. Шумо ягон касро ёфтанатон даркор аст, ки ин роҳро ба падарам маъқул кунонад ва шуморо барои хонадомодӣ тақдим намояд.

Ӯ хомӯш монда мунтазири ҷавоби ман шуд. Ман дар андеша афтода будам, ки кадом рӯбоҳро ёфта ба пеши ин гурги пир фиристонам, то ки ӯро ба ин роҳ даровarда тавонад. Духтар аз фикр карда мондани ман пиндошт, ки ман дар андешаи баъзе мулоҳизаҳои баъд аз никоҳ афтодаам, ӯ он мулоҳизаҳоро ба тарзи эҳтимол баён карда, дар роҳи бартараф кардани онҳо гуфт:

– Эҳтимол, шумо ба хонадомод шудан ва ба ин ҷо омада дар ин биёбони регзор зиндагонӣ намудан розӣ набошед. Лекин шумо ин шартро то никоҳ қабул карда истед, басандааст. Баъд аз никоҳ ман канизаки шумо мешавам, дар он вақт ихтиёри ман мувофиқи шариат дар дасти шумо мешавад, – хоҳед, ин ҷо менишинед, хоҳед, аз ягон ҷой ягон кулба ёфта маро он ҷо мебаред.

Ман даҳан рост карда мехостам ҷавоб диҳам, аммо ӯ бо дасти худ маро ба хомӯш истодан ишора карда, дар пайи баёни як мулоҳизаи эҳтимолии ман ва дафъи он афтода давом намуд:

– Аҷаб нест, ки дар хотири шумо мулоҳизаи душвории рӯзгор афтода дар фикр фурӯ рафта бошед. Аммо ман дар ин бора пешакӣ гуфта мемонам, ки агар шумо маро ба шаҳр баред, ҳеҷ гуна вазнинии ман ба шумо намеафтад. Чунки ман дар муддати ин даҳсола танҳоӣ то фурсат ёфтам, китоб хонда саводи худро баланд кардам ва ҳар гоҳ, ки китобхонӣ дилгирам кард, ба дарздӯзӣ машғул шуда, ин ҳунарро ҳам ба камол расондам. Ман дар шаҳр метавонам, ки духтарони одамонро хононда, ё ин ки дарздӯзии касона карда як лаб нон ёбам.

Ҳарчанд ман дар розӣ шудани падари ӯ шак дошта бошам ҳам,ба ӯ боварӣ додам, ки падаршро ба роҳ дароварда метавонам: аввал худ дидадароӣ карда дили ӯро ба даст мегирам ва баъд аз он одами соҳибнуфузеро ёфта, ба ӯ хостгорӣ мефиристонам.

Дар ин вақт, ки моҳ аз болои сари мо гузашта ба тарафи ғарб майл карда буд, дар тарафи шарқ сафедии манорамонанде акси худро ба осмони кабуд андохта вайро сафедчатоб мекард. Духтар аз ҷои худ хеста истода гуфт:

– Шумо маро дубора зиндадил карда, орзуҳои ҷавониро дар дили ман бедор намудед. Ман дубора ба зиндагонии хушбахтона умедвор шудам. Баъд аз ин дар ин умед зинда мондани ман дар дасти шумост. Чунонки дар як баёз хонда будам:

> То чӣ хоҳад кард бо ман даври гетӣ з-ин ду кор:
> Дасти ту дар гарданам, ё хуни ман дар гарданат.

Ман, ки баробари ӯ аз ҷо хеста дар рӯ ба рӯяш рост истода будам, дастони ларзони худро ба гардани латифи атласи сафедмонанди ӯ андохтам, ӯ дастони



тафсони худро аз бағалам гузаронида маро пеш кашид. Лабони тафсон монанди ду сими электрикӣ чунон ба ҳам сахт часпида буданд, ки аз ҳам ҷудо шудани онҳо душвор менамуд. Дар ин вақт рӯшноии рӯз чун бахти сафеди мо ба сари мо партав афганда буд. Аммо бахти моро сиёҳ кардани ин рӯшноӣ ҳам мумкин буд. Бояд ба ҳамин мулоҳиза бошад, духтар:

– Вой! Расвоӣ наздик расид, – гӯён маро сар дод ва гурехт. Ман як вақт аз худ хабардор шудам, ки монанди як ҳайкали беҷон шах шуда мондаам. Акнун сафедии рӯз ба дараҷае расида буд,ки аз сад қадам дуртар одам одамро шинохта метавонист. Ман, бе он ки ба работ наздик шавам, аз тарафи ҷанубтари вай, аз пасхамиҳои хомаҳои рег гузашта ба мазор расидам ва ба чиллахонаи худ даромада дарро ба рӯи ошнову бегона бастам ва дар он кулбаи эҳсон бо хаёли ҷонон розу ниёз карда нишастам…

* * *

Рӯзи дигар мутаваллӣ аз шаҳр омад. Аз ҳама пештар ба зиёрати ӯ ман рафтам, ба ӯ бо хушмуомилагӯиҳои мунофиқона дидадароиҳо кардам ва барои дар вақти монда шуда омаданаш ӯро зиёда ташвиш надодан аз пеши ӯ зуд баргаштам. Баъд аз он ба ҳар муносибате пеши ӯ медаромадам ва дар сӯҳбат, дар рафти сухан гапро дар бораи аҳволи хусусӣ ва оилавии ӯ оварда кунҷковиҳо мекардам. Аммо дар ҳар бор он рӯбоҳи пир ба пурсишҳои ман ҷавобҳои кӯтоҳ дода, аҳволи хонаводагии худро намекушод, ки ман ба ӯ «маслиҳатҳо» диҳам.

Вақт мегузашт. Аммо дар кори ман кушоише наменамуд. Ситора зуд-зуд пеши ман омада аз офтобам салом мерасонд ва аз чигунагии аҳволи ман мепурсид. Маълум буд, ки он моҳи меҳрубон ба рафти кӯшишҳои ман ва натиҷаи он бесаброна нигарон аст. Аммо он пиракӣ ба ҷое намерафт, ки ман ба дилороми худ вохӯрда бо суханҳои рост ё дурӯғ дили ӯро ором диҳам…

Охир воқеае рӯй дод, ки он гурги пир беихтиёрона аҳволи оилавии худро, лекин бо ҳилагариҳои рӯбоҳона, дар пеши ман кушода партофт: рӯзе аз хоҷагони баҳоуддинӣ – аз як хоҷаи 60-солаи занмурда ба духтари ӯ хостгор омад. Ӯ талаби он хостгорро рад карда фиристод. Ман аз ин воқеа фоида бурдан хоста, ба пеши ӯ даромада худро аз рад шудани талаби он хостгор бехабар нишон дода, ӯро бо тӯи духтараш муборакбод гуфтам. Ӯ дар ҷавоб рад шудани талаби хостгорро ба ман нақл карда, дар бораи сабаби рад карданаш гуфт:

– Аҷдоди мо ба ҳазрати Усмон, ки ёри сеюми пайғамбаранд, мерасанд. Хоҷагони баҳоуддинӣ бошанд, номи хоҷагиро баъд аз Баҳоуддини Нақшбанд[74] ба худ бастаанд. Аммо киҳо будани бобоҳои Баҳоуддин номаълум аст. Аҷаб нест,ки силсилаи насабии Баҳоуддин ба оташпарастони пеш аз исломи Бухоро рафта расад. Дар ин сурат баҳоуддиниҳо дар шараф чӣ гуна бо мо баробар шуда метавонанд, ки мо ба онҳо духтар диҳем!

– Аз рӯи шуниди ман, – гуфтам ба ӯ, – синни каримаи мастура (духтар)ашон хеле калон шудааст. Аз рӯи шариат яке аз ҳаққҳои духтар ба падар он аст, ки баъд аз ба балоғат расиданаш зуд ӯро ба шавҳар диҳад. Ҳар чӣ зудтар он азизро ба шавҳар медоданд, беҳтар буд.

– Мо дар мадраса кам хонда бошем ҳам, шариатро медонем, – гуфт мута-

валлӣ, – шариат ҳамеша дар вактҳои зарурат аз қоидаҳои худ истисно мекунад. Чунончи дар «Чоркитоб»[75] дар мавриде гуфта шудааст, ки «гар зарурат бувад, раво бошад».

Мутаваллӣ дар бораи «зарурате», ки тӯи духтарашро дер монондааст, аввал ёфт нашудани домоди «баробаршараф»-ро, баъд аз он аҳволи оилавиро, ки ман аз пошшохон шунида будам, бо тафсилоти дуздии зани охиринаш ягон-ягон гуфта, дар охири суханаш:

– Мо хоҳиш дорем, ки агар аз хоҷагоне, ки ба мо дар шараф баробар мебошанд, домодшавандае ёфт шавад, оҷизаамонро ба ӯ дода, ӯро хонадомод кунем. Аммо ҳамин гуна домодшаванда ёфт нашуда истодааст. Ҳама кор ба тақдиру насиба вобаста мебошад, – гуфт ва қадре хомӯш монда боз давом кард: – синни оҷизаро ба шумо магар бисёр калон нишон додаанд. Аммо ӯ дар ҳақиқат акнун ба 18 даромадааст. Дуруст аст, ки аз рӯи шариат духтаронро дар 9-солагиашон ба шавҳар додан мумкин аст ва барои бастани чашми духтарон аз номаҳрамон ин як тадбири калон аст, аммо ба сабабҳое, ки арз карда шуд, бахти ҳамшираатон ба зудӣ кушода нашуда истодааст.

– Аз рӯи шариат, – гуфтам, – муллоҳо ҳам дар шараф бо хоҷагон баробаранд. Модом, ки аз хоҷагон домодшаванда ёфт намешудааст, ягон муллои боб ёфта хонадомод кунанд, мешавад.

Ман як дам хомӯш монда, кӯшиш кардам, ки ба ӯ чӣ гуна таъсир кардани сухани охирини худро дар чеҳари ӯ мушоҳида кунам. Бадбахтона дар чеҳрааш равшан дидам, ки аломати норизоии ғазаболуде пайдо шуда буд. Бо вуҷуди ин сухани худро давом додам:

– Аммо ба ҳар мулло бовар кардан дуруст нест, бояд муллои ба ҷанобашон хонадомодшаванда дар ин хонадон ғуломвор хизмат кунад, ӯ бояд мусофир бошад, дар шаҳр ҳавлӣ надошта бошад, то ки дар истиқомати ин даргоҳ собитқадам монад. Ба болои ин, бояд он муллои хонадомодшаванда аз сирри кашфу каромоти ин даргоҳ хабардор бошад, ки дар «изҳори каромот» ба ҷанобашон ёрӣ расонад. Агар ҷанобашон илтифот кунанд, он навъ муллое, ки ин сифатҳоро доро бошад, ба осонӣ ёфт мешавад. Албатта,ҷанобашон ба давлатманд будани домодшаванда мӯҳтоҷ нестанд. Давлати худашон, худо зиёда кунад, басандааст. Хонадомоди қашшоқе, ки ба сифатҳои мазкур доро бошад, ба зиёда шудани ин давлати худодод сабаб ҳам мешавад.

Албатта, ман бо ин суханони охиринам худро ба хонадомодӣ тақдим карда будам. Чунки ҳамаи шартҳо ба худам рост меомаданд. Ман мусофири кӯлобӣ будам, дар Бухоро ҳавлӣ надоштам, аз сирри кафшпешмонӣ ҳам, ки аз ҷумлаи «каромоти» он даргоҳ буд, хабарадор будам. Ба болои инҳо қашшоқ ҳам будам. Ҳарифи ҳилагар ҳам мақсади маро фаҳмида, аз чеҳрааш он аломати норизоии ғазаболудро дарҳол барҳам дода, ниқоби шодмонии сохтаро ба рӯи худ кашид. Аммо дар зери он ниқоби сохта ҳанӯз нуҳуфта будани норизоии ғазаболуд аз чашмони кунҷкови ман пӯшида намонд. Бо ҳамаи ин ки он гурги борондида «ман» будани он домоди шартиро фахмида буд, худро ба нодонӣ зада, бо оҳанги ҳамон шодмонии сохта ҷавоб дод:

– Кошкӣ, тақдир рафта бошаду ҳамин гуна ягон мулло ёфт шавад. Мо тайёрем, ки дарҳол аз кисаи худ тӯи калон карда оҷизаи худро ба ӯ дода, як фарзанди худро ду намоем, – гуфт ӯ ва илова кард: – дар ин ҷо бо муллоҳо мулоқот кам меафтад. Чӣ мешавад, ки шумо дар ин кор ба мо ёрмандӣ расонед ва зудтар шаҳр рафта ягон муллоеро, ки сифатҳои мазкур дар вай рост ояд, ёфта, дар назари мардум аз ҷониби ӯ ба фиристодани ягон одами машҳури мӯътабар барои хостгорӣ сабаб шавед.

Сар то сари ин гуфтаҳои ин гурги солхӯрда пур аз ҳилаву найранг буда, мақсади ҳақиқии ӯ аз ғайри ранҷонидани ман зудтар рондани ман аз хонадонаш буд.Чунки ӯ будани як ҷавони занхоҳро дар наздикии як духтари калонсоли шавҳарталаб таҳлуканок медонист. Барои хостгорӣ талаб кардан як одами «машҳури мӯътабар» барои ин буд, ки назар ба урфу одат ҳеҷ як одами «машҳури мӯътабар» барои як муллобачаи қашшоқи пойлуч хостгориро қабул намекард ва ба ин сабаб талаби ман ба ӯ нарасида муаллақ мемонд.

Ман баъд аз ин сӯҳбат дар душвории сахте монда будам: ман мебоист «барои ба ӯ домоди боб ёфтан» зудтар ба шаҳр мерафтам. Ва ҳол он ки ман натиҷаи кӯшиши худро ба дилороми ноками худ нафаҳмонда чӣ гуна рафта метавонистам. Пири сиёҳзамир бошад, ҳеҷ аз хона дур намешуд, ки ман бо духтараш фурсати мулоқот ёбам…

Охир, рӯзе мутаваллӣ ба тумани Ҷондор барои тӯйи яке аз муридонаш рафт. Ман мунтазири Ситора шуда аз хона набаромада нишастам. Ситора маро бисёр нигарон накарда омад ва гуфт:

– Пошшохонам ба шумо салом доранд. Мутаваллибобом имрӯз тӯй рафтанд, шабона меомадаанд. Пошшохонам таъин карданд, ки дар аввали торик шудани шаб шумо ба пеши дари партави работ равед будааст. Худашон дар паси он дар ба шумо нигарон меистодаанд.

Ситораи саодатшарора хабари хешро ба ман расонда рафт. Аммо ман дар миёнаи ҳисҳо ва ҳаяҷонҳо монда чӣ кор кардани худро намедонистам: якум он ки, ман баъд аз гузаштани муддати дароз аз мулоқоти аввалӣ боз имшаб дар торикӣ бо он моҳи тобон мулоқот мекардам. Ин лаззате буд, ки маро аз ҳаяҷон ба нишемангоҳҳои ҷаннати хушбахтӣ мебаровард, дуюм ман медонистам, ки ин мулоқот мулоқоти охирини мо хоҳад шуд. Тасаввур кардани ин бадбахтӣ маро ба дӯзахи ноумедӣ ва маҳрумӣ меандохт, сеюм, ман мебоист дар ин мулоқот дили беороми маҳбубаи дилороми худро бо суханҳои дурӯғ ором медодам, дар сурате ки ман медонистам падараш талаби маро рад хоҳад кард, сахттарин душвориҳо ин буд,ки агар духтар рӯзе фаҳмад, ки падараш талаби маро рад кардааст, саломатии ӯ, ҳатто зиндагиаш, дар зери хавф мемонд. Бо тасаввури ин ҳол ман метарсидам, ки имшаб дар вақти мулоқот дар пеши ӯ худдорӣ карда натавонам. Бо ин мулоҳизаҳо ман он шаб дертар омадани торикии шабро хоҳон будам. Аммо бадбахтона он торикӣ монанди бахти сиёҳи ман ва он духтар зуд омад ва ман ҳам оҳиста-оҳиста, таг-таги девори работ ба тарафи ваъдагоҳ равон шудам.

Ман дар пеши дари партави работ расида будам, ки он дар кушода шуда аз он ҷо як парие, ки ман тасвири он гуна париҳоро дар китобҳои афсонавӣ бисёр хонда будам, баромад. Ин ороми ҷони ман, балки худи ҷони ман буд, ки ба шакл

ва қиёфаи париёни афсонавӣ зоҳир шуда буд: дар тан куртаи атласи сиёҳтоб дошт, ки ӯро бо торикии шаб ҳамранг медошт, бар сараш на каллапӯш буд, на сарандоз, ба ҷои онҳо мӯйҳои сиёҳи мушкинфоми нобофтааш аз гирдогирди сараш ба давродари камараш парешон гузошта шуда буданд, ки нӯгҳои он мӯйҳои диловези овезон аз хамгашти зонуҳояш поин гузашта ба боло хам хӯрда, ҳалқаҳои қатори домҳои мӯинро ба назар намоён мекарданд. Ҳақиқатан ҳам он ҳалқаҳо домҳое буданд, ки мурғи дили бинанда ғайр аз гирифтор шудан ба онҳо чорае надошт. Як қисми он мӯйҳои марғуладори пуршикан аз ду тарафи рӯи он парисимо ба канораш фурӯ афтода, симои ӯро ҳақиқатан ҳам ба парии афсонавӣ монанд карда буданд. Маълум буд, ки ӯ сарашро шуста, мӯҳояшро шона зада, аммо ба бофтан фурсат наёфта ба пеши ман баромада буд, ё қасдан набофта баромадааст, ки бо нишон додани он зулфони парешон дар ҳолати табииашон, маро зиёфати видоӣ намояд.

Он парисимо бо як чобукии «париёна» аз дар баромад ва пеш аз он ки ман дастони ӯро дошта бибӯсам, ӯ аз банди дастонам гирифта маро дар зери девори работ кашид. Мо ҳар ду монанди сурати девор – беҳаракат рӯ ба рӯи ҳам истодем. Ӯ маро бо як ҳаяҷони шодмонӣ табрик намуда:

– Шунидам, ҳамаашро аз паси дар шунидам, шумо ба падарам аҷаб моҳирона гап задед. Ман пай бурдам, ки ӯ мақсади шуморо фаҳмида дар дили худ розӣ ҳам шуд. Аммо аз шармаш худро ба нодонӣ зада, зимнан ба воситаи хостгор пешниҳод кардани матлабатонро талаб кард. Ин мӯйсафеди пурдида дар фаҳмидани замири дили одамон ҳамтой надорад. Худ кай шаҳр меравед, кай хостгоршавандаатонро ёфта мефиристонед? То ҳол чаро нарафтед? Агар дар рӯзи дуюми он сӯҳбате, ки бо падарам кардед, мерафтед, кайҳо хостгоратон омада корро пухта мерафт. Кори хайрро дер монондан дуруст нест, «дар таъхир офатҳост» – гуфтаанд.

Аз тарзи гуфтори ӯ маълум буд, ки вай суханони ба ман гуфтаи падарашро тамоман бовар кардааст. Ӯ бесаброна мехост, ки ман зудтар шаҳр рафта, хостгор фиристода корро пазонам. Назар ба ақидаи вай, «кори хайр» (никоҳ) фақат ба омада рафтани хостгор нигоҳ карда монда буд. Ҳамин ки хостгор омада рафт, дарров тӯю никоҳ шуда, мо рӯирост бо ҳам мепайвастем.

Ман ба ҳамаи пурсишҳои ӯ ҷавоб надода, танҳо барои зуд ба шаҳр нарафтанам сабаб нишон доданро муносиб дидам ва гуфтам:

– Ман мехостам, ки зудтар рафта хостгор фиристонам. Аммо туро надида, аз ту иҷозат нагирифта, видоъ накарда чӣ гуна рафта метавонистам?..

– Хуб, акнун маро дидед, иҷозат ҳам мегиред, видоъ ҳам мекунед. Баъд аз он кай меравед? – гӯён сухани маро бурида пурсиши аввалини худро такрор кард.

– Падарат ки омад, аз вай рухсат гирифта ба раҳ мебароям!

– Падарам ҳозир меоянд. Ман Ситорaро дар раҳрави берун мондам, ки ҳар вақт падарам аз дарвоза дарояд,ӯ давида омада ба ин дар наздик шуда сулфа кунад, то ки пеш аз ба ҳавлии дарун даромадани он кас ман худро дар даруни работ гирифта дарро аз дарун бандам, – гуфт ва илова кард: – ҳоло як хабари хуши дигарро ман ба шумо нагуфтаам: падарам барои шумо як ҷомаи рӯйпӯшии нав дӯзонда, як каллапӯшу як саллаи нав ҳам тайёр карда мондаанд. Маълум



мешавад, ки мӯйсафеди дурандеш домодшавандаашро ба пеши хостгоршаванда рост карда (ороста) фиристоданро лозим донистааст.

Маълум мешуд, ки маҳбубаи содадили ман барои ман сарупо (либос) тайёр кардани падарашро «барои оростани домодшаванда» пиндошта, он ҳодисаро як «хабари хуш» гӯён ба ман мерасонад. Ва ҳол он ки он сарупо барои бастани даҳони ман аз фош кардани «сирри кафшпешмонӣ» буд, ки ӯро падараш дар рӯзҳои аввали омаданам ба ман ваъда карда буд. Аммо ман ҳам барои беқувват накардани далелҳои умедвории ӯ он хабарро як «хабари хуш» шумурдам ва барои ба ман расонданаш ба ӯ ташаккур баён намудам ва дар бораи ҷавоби суоли охиринаш:

– Агар падарат имшаб ояд, ман ҳам фардо пагоҳонӣ аз вай рухсат гирифта ба шаҳр меравам, –гуфтам ва дар ҳолате ки дар чашмонам об чарх мезад, дастонамро, ки ҳанӯз дар дастони ӯ буданд., кашидан хостам,  ки пеш аз гулӯгир шудани гиряам, аз вай дур шавам, то ки бо ҳолати парешони худ ӯро дар ташвиш ва шубҳа наандозам. Аммо ӯ дастони маро сар надода боло бардошта ба ман наздиктар шуд. Табиист, ки ман ҳам ба ӯ наздик рафта худро ба ӯ часпондам, дастони боло  бардошташуда аз ҳам ҷудо гардида аз гарданҳо ва бағалҳо гузаштанд. Аммо гиряи ман шиддат карда, оби дидаҳо шорида фуромада рӯю ришамро тар кардан гирифт ва садои ҳиққасзании гулӯи гирифтаам ба духтар шунида шуд. Ӯ бо оҳанги тааҷҷуб гуфт.

– Охир, чаро гиря мекунед? Вақти гиряи мо гузашт, замони хандаву шодмонии умриамон наздик расид. Магар дар ин вақт гиря муносиб аст?

– Ман чаро гиря накунам, ки, – гуфтам, – аз ту ҷудо шуда дур рафта истодаам! Дар вақтҳое, ки ман ин ҷо будам, аз ту дур бошам ҳам, ба дарат наздик будам. Акнун ман бояд ба ҷое биравам, ки  аз дари ту панҷ фарсах дур аст.

Албатта, ин сабабе, ки ман ба гиряи худ нишон додам, барои пинҳон доштани сабаби ҳақиқии гиряам буд, аз он дилбари дилнавози соддадил. Аммо дар ҳақиқат ман барои он мегиристам, ки назар ба дарёфти худам, аз вай ба тарзи абадӣ ҷудо шуда истода будам. Аз ин ҳам зиёдтар маро аҳволи ояндаи ӯ дар ташвиш андохта буд, зеро агар ӯ ба рад шудани талаби ман яқин пайдо кунад, ба фикри ман, дар таҳлука мондани ҳаёташ муқаррар буд. Ин мулоҳиза маро ба ҷое расонда буд, ки барои зудтар халос шудан аз ин азоб ба ҳалокати худ толиб будам.

Ороми ҷони ман бо меҳрубонии тамом рӯю мӯи худро ба чашму рӯи тарам молида истода механдид ва дид, ки хандааш маро аз гиря бознамедорад, ҷиддиёна гуфт:

– Охир, бас кунед! Шумо бачаи хурдсол нестед. Дар дур рафтани шумо гиря кардан ҳақи ман буд. Лекин ман ба умеди ояндаи хандон аз ҳамин вақт сар карда хандида истодаам. Ман шуморо ба ин дараҷа бесабр намепиндоштам. Дуруст аст, ки дарди ҳиҷрон зӯр аст. Аммо зӯрии вай аз шумо зиёдтар ба гардани ман афтода  истодааст. Бо вуҷуди ин ман ин бори вазнини муваққатиро бо ёрии қувваи умеди ояндаи дурахшон бардошта истодаам. Шумо, ки мард мебошед, мардона шавед.

Чун ӯ дид, ки ман бо он гуна тасаллидиҳиҳо тасаллиёб намешавам, аз ҷид-

дигӣ ба ҳазлу шӯхӣ гузашта ишвабозиро сар кард ва бо овози гиряи сохта: – Агар ором нагиред, ман ҳам гиря мекунам. Ана гиряам омад. Бинам канӣ ба гиряи ман чӣ навъ тоб меоред? – гуфт ва маро танг дар бағал кашид. Дар ҳамин вақт садои сурфаи Ситора баромад, духтари меҳрубон музтарибона болои ҳам бар рӯям ду-се бӯса зада дилкашолона маро партофта:

– Хайр, то дидан дар паноҳи худо бошед! Маро фаромӯш накунед! Хостгорро зудтар фиристонед Аз пайи вай худатон ҳам зудтар биёед! – гӯён ба работ даромада дарро баст ва ман ба девор такя карда хушкида мондам. Барои ман ҳама чиз тамом шуда буд. .. Баъд аз фурсате оҳиста-оҳиста таг-таги девор рафта, ба мазор даромада худро базӯр ба чиллахона гирифтам ва дар он ҷо, бе он ки овоз барорам, ба дилхоҳи худ дарун-дарун то рӯз гиристам. Баъд аз рӯз шудан ба сафари шаҳр тайёрӣ дидам.

## БАДБАХТИИ ПУРФОҶИАИ ДУХТАРИ НОКОМ

Ман баъди ба шаҳр омаданам, бо вуҷуди ин ки медонистам талаби ман аз тарафи он пирсаг рад хоҳад шуд, дар пайи хостгорфиристонӣ афтодам. Чунки агар хостгор намефиристодам, духтар муқаррар мекард, ки ман ӯро фиреб дода гурехтаам. Дар он сурат аз ин алам ғуссамарг шудани ӯ мумкин буд. Ба болои ин, ман дар назди ӯ фиребгари бевиҷдон шуда мемондам. Бинобар ин мулоҳизаҳо «ҳар чӣ бодобод!» – гӯён хостгор фиристоданро лозим донистам.

Хостгоршаванда ҳам ёфт шуд. Ин як хоҷае буд аз хоҷагони шайхрангрезӣ, ки ду хоҳари худро ба сабаби аз хоҷагон домод ёфт нашудан ба ду мулло дода, ҳар дуи онҳоро ҳам хонадомод карда буд. Яке аз ин муллоҳо домуллои дарсхонагии ман буда, дигаре аз онҳо домуллои кунҷакиам буд. Ман ба хонаи домуллоҳоям барои дарсхонӣ ва дигар корҳои бисёр рафтуой мекардам ва ба ин муносибат бо он хоҷа ҳам ошноӣ пайдо карда будам. Ман бо маслиҳати домуллоҳои худ ва бо ёрмандии онҳо ана ҳамин хоҷаро, ки «одами машҳур ва мӯътабар» буда, ба талаби мутаваллӣ мувофиқ меомад, ба хостгорӣ фиристодам.

Хоҷаи хостгор рӯзи дуюми рафтани худ ба сари мазори Хоҷа Ӯбон баргашта омад. Аммо ӯ монанди гови ба фурӯш нарафтае, ки аз бозор гашта меояд, бисёр лакот шуда омада буд, лакотии ӯ танҳо ба сабаби мондагии роҳ набуда, мутаваллӣ ӯро бо ҷавоби ҳақоратомези худ шалпар карда гардонда будааст. Назар ба қавли хостгор, вақте ки ӯ дар сӯҳбати бо мутаваллӣ кардааш дар даромади сухан ба тарзи мисол ду муллоро хонадомод кардани худашро нақл намуда, баъд аз он маро ба хонадомодии ӯ тақдим карда ӯро ба тақлид кардани ба худаш даъват намудааст, мутаваллӣ дар ҷавоб «на бурда, на оварда» (бе ҳеҷ муқаддима):

– Ман ин гуна корҳои аҳмақонаро намекунам ва ба шумо афсӯс мехӯрам, ки ба ҳамин навъ кори аҳмақона миёнаравӣ карданро ба гардан гирифта, номи хоҷагиро ба … задаед, – гуфтааст ва илова намудааст: – ба ман хонадомоде даркор аст, ки як ҳафта ба атроф тӯй дода обрӯи маро дар миёнаи мардум бардорад.

Ман аз рад шудани талаби худ он қадар дигаргун нашудам. Чунки ҳамин тарз шудани корро пешакӣ медонистам. Аммо дар натиҷаи ин рад ба сари он



духтари ноком чӣ балоҳо омаданро ба ёд оварда, дар оташи ғаму алами ҷонгудоз афтодам. Чунки ман медонистам, ӯ дар паси дар истода ҷавоби падарашро тамоман мешунавад ва дар он ҳол, баъд аз он ҳама умедвориҳои ширини ҳаёт дар навмедии марговар афтоданаш муқаррар буд. Ба ин мулоҳиза бо шунидани ин хабари шум базӯр ба ҳуҷраи худ рафта тавонистам ва дар он ҷо дар бистари беморӣ афтодам.

Ин беморӣ панҷ моҳ дароз кашид. Баъд аз он қадре қувват ёфта ба кӯча баромадам. Дар кӯча аввалин кори ман бо хоҷаӯбониҳои шаҳрӣ алоқа бастан шуд, то ки аз оқибати кори он духтари сиёҳбахт хабаре ёбам. Ёфтани он гуна хабари марговар бисёр дер накашид. Назар ба қавли хоҷаӯбониҳо, духтари мутаваллӣ дар охирҳои тобистони гузашта баногоҳ девона шудааст, дар ҳамон шаби аввали девонагиаш дар даҳлези хонаи худ худро овехта куштааст. Мутаваллӣ, ки ягон духтари хурдсолро ёфта ба худ зан кардан мехостааст, баъд аз худкушии духтараш Ситора ном духтархонаи 12-солаи ӯро ба зери чашм гирифтааст ва баъд аз гузаронидани маросими чили духтараш он духтархонаро ба худ никоҳ кардааст. Духтархона дар шаби никоҳи худ девона шуда, «пошшохонакам, маро аз дасти мутаваллӣ халос кунед» – гӯён фарёд мекардааст, ӯ ҳам рӯзи сеюми никоҳи худ дар ҳамон ҷое, ки духтари мутаваллӣ худро кушта будааст, худро овехта куштааст.

Бо шунидани ин хабари ҳалокатасар дигар дар ман тоқати ҳаёт намонд ва зуд худро ба ҳуҷра кашида, «омад ба сарам ҳар он чӣ метарсидам» – гӯён фарёд мекардам. Дуруст аст, ки ман баъд аз рад шудани талабам аз тарафи мутаваллӣ, ба сари духтар омадани ягон фалокати гаронро ҳамеша нигарон будам. Аммо дили умедворам, бо ҳамаи навмедиҳо, умедҳо сохта бароварда худро тасаллӣ медод.

Шояд ба коре машғул шуда рад шудани талаби маро нашунида монда бошад ва ҳанӯз мунтазири хостгори ман буда, бо умедиояндаи дурахшони хаёлӣ худро шодмон медошта бошад, агар рад шудани талаби маро шунида бошад ҳам, шояд ин ҳодиса ба ӯ, чунонки ман гумон мекунам, он қадар гарон наафтода бошад ва инро ҳам монанди рад шудани талабҳои домодшавандагони пештара як чизи одӣ шуморад, агар ин ҳодиса ба андозае, ки ман мепиндорам, ба ӯ гарон омада бошад ҳам, шояд фақат ӯро монанди пештара «дилмурда» кунад ва ӯ монанди пештара зиндагонии маъюсонаи ҷисмонии худро давом диҳад…

Аммо имрӯз фоҷиаи тоқатнопазире дар пеши назари ман монанди як ҳақиқати муҷассам ба камоли даҳшат ба ман теғ кашида нигоҳ карда меистод, ин фоҷиа монанди кӯҳи калони сангине бо ҳамаи гарониҳои худ маро зер мекард, фоҷиаи Ситора – фоҷиаи он духтари заковатпешаи софдили хурдсоли маъсум – ба болои бори он кӯҳи гарон ба гардани мани аламзада сарборӣ буд.

Ман ин дафъа, чунонки дар шунидани рад шудани талаби худ шуда будам, бемор нашудам. Аммо мехостам сарупо бараҳна дар кӯчаҳо баромада маҷнунвор навҳакунон гардам. Ин сарахбори девонагӣ буд. Ман он гоҳ ақли худро ба кор андохтам: – «Барои маҷнунвор гаштан кӯчаҳои Бухоро тангӣ мекунанд» гуфтам, барои озодона фарёд кашидан кӯҳистони худамонро муносибтар дидам ва зуд ба он ҷо рафтам, дар он ҷо дар як сол ба ифоқа омада, дар соли дуюм қувват ёфтам. Ин аст, ки боз ба Бухоро омада ба ҷамоаи (синфи) худамон дар қатори шумоён даромадам.

Мулло Бурҳон дар охири саргузашти худ гуфт: – «Ҳанӯз як тарафи дили ман ба регзори Хоҷа Ӯбон банд аст. Бинобар ин аз ҳар каси он ҷо рафта омада, аз аҳволи он тарафҳо мепурсам. Баъд аз ба Бухоро омаданам аз касе шунидам, ки соли гузашта работи мутаваллиро дуздон зер карда, ҳама чизҳои пурқимат ва нақдинаашро бурдаанд. Ӯ ба ин алам тоб наёварда ғуссамарг шуда мурдааст, бақияи молу ашёаш, бинобар бе ворис буданаш, аз тарафи қозии он туман подшоҳӣ карда шудааст ва ба ҷои ӯ як хоҷаӯбонии дигар мутаваллӣ шуда, пешаи «кафшпешмонӣ»-ро ба сифати «каромоти бузургвор» давом кунондааст».

Дар натиҷаи шунидани охири ҳикояти Мулло Бурҳон аҳли маҷлисро гаронии мусибатмонанде фурӯ гирифт. Мулло Раҳмати сартарош ба сухан даромада гуфт:

– Ман як воқеаи обнарасидаи хандаовар дорам, имсол тобистон аз сари худ гузаронидам. Ман мехоҳам барои сабук намудани гароние, ки аз саргузашти Бисмил пайдо шуд, он воқеаро нақл намоям.

Мулло Раҳмат бо талаби аҳли сӯҳбат он воқеаро нақл кард ва ман дар ин ҷо ба он воқеа аз тарафи худ сарлавҳа монда, аз забони муллои сартароши мазкур бо таҳрири худ кӯчондани вайро муносиб дидам.

### «ЗАНИ МАРДГАРДИДА»

«Маро, – гуфт Мулло Раҳмат, – ин тобистон яке аз бойҳои Бухоро, ки барои пиллахарӣ ба Марғелон мерафт, ба худ мирзо (рӯйхатнавис) карда ҳамроҳи худ бурд. Корхонаи пиллахушконии хӯҷаини ман дар шаҳри Марғелон, дар канори як ҷӯи обшоре воқеъ шуда буд. Дар даромади корхона хона, айвон ва болохонае буд, ки мо дар онҳо хобухез мекардем. Дигар тарафҳои корхонаро буғхонаи пиллабуғдиҳӣ, анборҳои пиллагузорӣ барин биноҳо фаро гирифта буданд. Дар миёнаҷои корхона рафчаҳои болоиҳам, ки дар забони он ҷо вайро «сӯпчак» меноманд, бино ёфта буд. Дар он рафчаҳо пиллаҳои буғдодаро барои хушкониданпаҳн мекарданд.

Дар он корхона як ҷавони бухороии дигар буд, ки шабу рӯз дар он ҷо – дар болои пиллаҳои хушку тар посбонӣ мекард. Ғайр аз ману он ҷавони посбон дигар ҳамаи коркунон ва коргарони он корхона марғелонӣ буда, бештарини коргарон (мардикорон)-ро занон, духтарон ва писарбачагони хурдсол ташкил мекарданд. Коргармардон дар пиллабуғдиҳӣ ва боркашонӣ машғул буда, занон, духтарон ва писарбачагони хурдсол аз субҳ то шом дар зеру болои рафчаҳо кор карда, пиллаҳоро ба хелҳо ҷудо мекарданд ва пиллаҳои офатзадаро аз миёни пиллаҳои дуруст чида мегирифтанд.

Дар вақтҳои гармии кор аз Бухоро як бой, ки бо хӯҷаини мо ошно будааст, ба Марғелон рафта дар корхонаи мо манзил кард. Ӯ рӯзҳои бозори Марғелон бозор рафта, аз он ҷо шоҳӣ, атлас ва беқасабҳои боби Бухороро харид мекард ва дигар вақтҳо ҳамеша бо мо буд. Хӯҷаини мо бошад, дар корхона ҳафтае аз як шаб бештар намехобид ва ӯ ҳар рӯз ба бозори атрофи Фарғона барои хариди пилла рафта шабона ҳам дар ҳамон бозорҳо мехобид. Дар корхона ман, ҷавони посбон ва он бойи меҳмон ҳамеша дар як ҷо будем.

Коргарзанон ва духтарони калонсолтар барои кор аз хонаашон бо фаранҷӣ



оянд ҳам, дар вақти кор фаранҷиҳошонро ба мехҳои сутунҳои рафчаҳо овехта мемонданд ва ба сарашон як сарандоз гирифта кор мекарданд. Албатта, ин сарандоз рӯи онҳоро тамоман намепӯшид, дар рафти кор аз сари коргарзан ба гарданаш мефуромад, ки диққаткунанда рӯи он занро тамом дида метавонист.

«Бойи меҳмон ҳар рӯз дар болохона нишаста, аз он ҷо рӯи он занҳоро аз назар мегузаронид ва ин кори худро ба мо «шӯхиҳои пирона» гуфта тавсиф мекард. Зоҳиран ҷамоли яке аз он занон диққати он пирамарди 60-солаauthor ба тарафи худ зиёда кашидааст, ки кам-кам «шӯхиҳои пиронаи» ӯ ба ҷиддиятҳои ҷавонона бадал ёфт ва ӯ аз болохона поин фуромада, дар наздиктари рафчаҳо барои худ нишастгоҳ сохта, аз он ҷо он занро дар зери чашми худ гирифт.

Як бегоҳонӣ – баъд аз кор, вақте ки мо се нафар дар як ҷо нишаста ош мехӯрдем, пири «ҷавонгардида» оби даҳонашро чаконда-чаконда ҳусну ҷамоли он занро тавсиф кард ва дар рафти сухани худ гуфт:

– Рӯи зебо ва чашмони сиёҳи пурхумори он зани ҷавон маро дубора ҷавони 25-сола гардонд. Акнун касе даркор аст, ки миёнаравӣ намуда,арзи муҳаббати маро ба ӯ расонад ва ӯро розӣ кунад, ки ҳеҷ набошад, ягон шаб тани худро дар оғӯши ман андозад.

Ман ба ин орзуи он пири солхӯрда муқобил баромада гуфтам:

– Кадом зани ҷавон (харчанд вай ҳарҷоӣ ва сабукпой бошад ҳам) тани гарми худро дар оғӯши сарди шумо меандозад?

– Ин занон ва духтарон дар ин корхона аз сафед шудани рӯз то торик шудани шаб кор карда 7 тин музд мегиранд, ки аз ним тангаи Бухоро ҳам камтар аст. Агар ба онҳо панҷоҳ ё сад тангаро нишон диҳед, оғӯши сарди ман он сӯ истад, дар яхбурҷа ҳам медароянд, – гуфт ӯ дар ҷавоби ман ва илова кард: – фақат миёнарави ҳунарманде даркор аст, ки ин маъниро ба он зани соҳибҷамол расонад, – мӯйсафед хомӯш монда ба фикр фурӯ рафт ва ногаҳонӣ сарашро бардошта ба ҷавони посбон рӯй оварда:

– Додар! Ту аз ҷониби ман ба ҳамин зан як гап партофта бинӣ-чӣ? – гуфт.

– Ман магар ба шумо даллагӣ мекунам? – гуфт ҷавони посбон оташинона.

Ман дарҳол пои он ҷавонро, ки дар паҳлуи ман нишаста буд, ба ишорати «ором исто!» зер карда, худ ба сифати ислоҳкунандаи байни он пиру ҷавон ба гап даромада:

– Далла касеро мегӯянд, ки дар миёнаи занон ва мардони вайрон миёнаравӣ карда музд мегирифта бошад ва ин кори пастро «касби ҳамешагии худ» карда гирифта бошад, – гуфтам ва баъд аз он ба ҷавон рӯ оварда давом намудам: – ту, ки аз ҷониби ин мӯйсафеди падармонандат ба он зан гап мепартоӣ, ҳеҷ гоҳ «далла» шуморида намешавӣ. Чунки ту аз ин падар ба муқобили ин корат музд намегирӣ. Ниҳоят ту ин корро як бор ба хотири мӯи сафеди ин кас мекунӣ. Агар ин кас аз ин кори ту хурсанд шаванд, дар ҳақи ту дуо мекунанду бас, дигар чизе намедиҳанд.

Ҷавон заҳрхандае карда хомӯш меистод. Мӯйсафед суханони маро тасдиқ карда, дар бораи ман гуфт:

– Қурбони одами доно шав» мегӯянд, ки ин тамоман дуруст аст. Мулло Раҳмати мо аз сартарошхона баромада бошанд ҳам, ба шарофати мадраса дониш-

манди гузаро ва қадршиноси пирсолон шуда рафтаанд, – мӯйсафед ба ҷавони посбон рӯ оварда, – бародар, ту насиҳати акамуллотро ба гӯшат гирифта дуои ин пири ғуломро гир. Агар аз ҷониби ман ба он зан як гап партофта бинӣ, корат пеш наравад ҳам, то зиндаам, дар ҳаққи ту дуо мекунам! – гуфт.

Ҷавон монанди он ки ӯро каждуме неш зада бошад, печутоб мехӯрд, аммо бо ишорати ман худдорӣ мекард ва захрханда менамуд. Ман баъди он сӯҳбат ҷавони посбонро дар хилват дида ба ӯ таълим додам, ки худро ба он мӯйсафеди дилсиёҳ ба миёнаравӣ розӣ барин нишон диҳад, аммо бо он зан чизе нагуфта ва гап назада аз номи ӯ бо ин пирсаг савдо карда, як маблағ пули ӯро ба даст дарорад ва баъд аз он ман боз роҳи чӣ кор карданро нишон медиҳам.

Дар рӯзи дуюм он ҷавон «барои он зан» аз он мард сад танга рӯёнид. Ман ба он ҷавон нишон додам, ки аз он пул як фаранҷии бахмали нав, як чашмбанди нав, як курта-лозимии занонаи атласи навро бо як кафшу маҳсии занонаи калонпои нав, аз куҷо бошад, барои як шаб киро (иҷора) карда гирифта биёрад, як шишача атри хуб ҳам бихарад.

Ҷавон он чизҳоро ёфта овард. Мо ин ашёро дар як хонаи поёнӣ пинҳон карда мондем. Ҷавон бо таълимоти ман ба мӯйсафед дар ҳамон шаб «омаданӣ шудани зан»-ро хабар дод. Бой он шаб аз пули худ барои зиёфати он зан таомҳои гуногун фармуд. Аз бозор қурсу қанфит ҳам харида оварда дастархонро оро дод ва як шиша шароби хуб ҳам харида оварда монд. Вақте ки рӯз ба бегоҳӣ наздик расид, ман ба мӯйсафед гуфтам:

– Ман имшаб ба мадраса рафта мехобам, то ки ба айши шумо халал нарасад. Ин ҷавон ба шумо хизмат мекунад ва азбаски ӯ миёнарав аст, зан аз вай намерамад. Ман, ки бегонаам ва ба болои ин қиёфаи муллоӣ дорам, аз ман рамидани ӯ муқаррар аст.

Пиракӣ боз ба таҳсину офарини ман лаб кушод:

– Қурбони одами улфат шав – гуфтаанд, ки рост, – гуфт ӯ ва дар ҳаққи ман дуо кард.

Ман дуои ӯро гирифта, аз болохона поин фуромадам ва дар он хона,ки либосҳои занонаро пинҳон карда будем, даромада худам ҳам пинҳон шудам. Ба ҷавон ҳам дар бораи он шаб чиҳо карданаш таълимоти лозимаро додам.

Шаб шуд, торикӣ ҳама ҷоро фурӯ гирифт. «Зан ҳанӯз намеомад», мӯйсафед бетоқатӣ мекард. Ҷавон ӯро тасаллӣ медод, ки зан шавҳарашро ба ягон ҷо гусел карда баъд аз он хоҳад омад», мӯйсафед барои таскини димоғсӯзии худ, ки аз дер мондани зан пайдо шуда буд, ҳар замон як пиёла шароб менӯшид. Бухори шароб ба димоғаш зада бетоқатии ӯро боз ҳам зиёдтар мекард.

Чун бетоқатии мӯйсафед аз ҳад гузашт, ба ҳоли табоҳи ӯ раҳмам омад, зуд либоси занонаро дар бар карда худро ба шакли як зани ҷавони фаранҷидор сохтам. Атрро ҳам сар то ба поям зада худро хушбӯй ҳам кардам, фаранҷиро ба сар гирифта, чашмбандро бар рӯ кашида, бо ҳазор гуна «нозу карашма» аз зина боло баромадан гирифтам. Садои ғарч-ғарчи кафшу маҳсии қазониам бояд дили мӯйсафедро бетоқат карда бошад, ки аз ҷояш ҷаста хеста ба шабгаҳи болохона баромад. Домани куртаи атласам, ки дароз будааст, аз зери домони фаранҷии ҷавононаам берун баромада заминро рӯфта мерафт. Магар ин ҳол ҳаваси пири



солхӯрдаи занбозро дуболо кард, ки оби даҳони ба лабонаш шорида фуромадаро лаззатгирона бо лабони худ лесида ва макида мегирифт.

Зоҳиран бӯи хӯши атри домонам аз худам пештар ба мӯйсафед расида ӯро ба тарафи худ кашида буд, ки ӯ беихтиёрона ба тарафи ман пеш давид. Аммо ҷавони посбон ӯро бо ишорат ба ором истодан фармон дод. Ман ба болохона даромада, ба гӯшае рафта дар канори дастархон ҳамчунон дар зери фаранҷӣ нишастам. «Ошиқи дилсӯхта»-ам маро гашта-баргашта ба таомхӯрӣ таклиф намуда истода даст дароз кард, ки рӯи маро кушояд. Аммо ман бо дастонам аз дарун фаранҷӣ ва чашмбандамро маҳкам печонда гирифта ба кушодани рӯям роҳ надодам.

Ҷавон аз рӯи шабгаҳ ба ёрмандии ман расида мӯйсафеди бетоқатшударо бо ишорат берун талабида бароварда ба ӯ гуфт:

– Чизе, ки шумо ба ӯ пешакӣ додед, ҳақи қадами ӯ буд, бо омадани ӯ он пули шумо тамом шуд. Акнун бояд бо рӯйнамоӣ ӯро розӣ карда, баъд аз он фаранҷиашро аз сараш гиред. Кори занбозӣ бо зӯрӣ намешавад. Дар ин кор зар даркор аст, зар! Ҳар чӣ гуна зани саркаш бошад ҳам, бо дидани зар ром мешавад, «зар бар сари фӯлод ниҳӣ, нарм шавад» – гуфтаанд.

Ман аз паси чашмбанд медидам, ки мӯйсафед дастони худро ба сари синааш ниҳода, дар ҷавоби фармоишҳои ҷавон «ба чашм, ба чашм» гӯён ба болохона даромад ва дар паҳлуи ман нишаста, аз кисааш панҷ сӯм бароварда, бо одоби тамом ба пеши ман гузошта илтимос кард, ки иҷозат диҳам, то ки рӯямро кушояд. Ман «бо нозу истиғнои мағрурона» дастамро ба фаранҷӣ печонда, он пулро ба дур тела додам. Ҷавон ба мӯйсафед ба зиёда кардани маблағ ишора кард. Мӯйсафед боз 5 сӯм зам карда даҳ сӯмро пеши ман гузош. Ман хамчунон то ба 25 сӯм расидани он маблағ пулро рад кардан гирифтам. Чун дидам дар ҳар боре, ки аз кисааш пул мебарояд, ҷонаш ҳам аз даҳонаш баромадан мехоҳад, ба афту башараи пуризтироби мӯйсафед «раҳмам» омада, 25 сӯмро рад накарда ором истодам. Мӯйсафед дид, ки «зани саркаш ром шудааст», дастони худро дароз карда бетоқатона фаранҷӣ ва чашмбандро аз сарам бардошт, ки аз ҳама ҷои ман пештар чашмонаш ба ришам афтод. Мӯйсафед якбора:

– Вой, ин чӣ ҳол? Ман дар умри худ бори якум «зани мардгардида»-ро дида истодаам, – гӯён худро пас кашид. Хандаи ман ва ҷавони посбон баланд гардид. Мӯйсафед ҳам бори аввал бо мо ҳамроҳ шуда хандид ва баъд аз он дар гиря даромада:

– Шайтон маро расво кард. Лаънати худо бод ба шайтон! – гуфт.

– Инчунин лаънати худо ба касе ҳам бод, ки ба иғвои шайтон медарояд, – гӯён ман сухани ӯро пурра кардам.

Баъд аз ором ёфтани хандаи мо ва гиряи мӯйсафед, ӯ ба сухан даромада:

– Ҳар чизе ки ман то ҳол ба шумоён додам, ҳақи ҳалоли шумоён бод. Боз ба шумоён 25 сӯм «мӯҳрона» медиҳам, ки даҳони худро мӯҳр карда ин сирро ба касе накушоетон, – гуфт ва худ ба ғундоштану бастани чизу чораҳояш даромад ва саҳари барвақт ба мо боз 25 сӯми дигар дода, роҳи Бухороро пеш гирифт.

Мулло Раҳмат дар охири ҳикояти худ гуфт: Баъд аз тамом шудани мавсими пиллағундорӣ ман ба шаҳр омадам, ки ӯ дар Бухоро нест ва дили мӯйсафеди

дарунсиёҳ ба ваъдаи мо, ки дар бораи фош накардани рози худ аз мо гирифта буд, пур нашуда,аз Бухоро ба Самарқанд кӯчида рафтааст.

(Ман дар он вақт ҳикояи Мулло Раҳматро бовар накарда будам. Лекин дар соли 1912 худам дар Марғелон дар ҳамон заводи пилла, ки Мулло Раҳмат ҳикоя карда буд, монанди ҳамин як воқеаро дидам, баъд аз он суханони Мулло Раҳматро бовар кардам ва дар вақти таҳрир камбудиҳои ҳикояи ӯро бо чизҳое, ки худам дида будам, пурра кардам.)

Ин маҷлис то соати дуи баъди ними шаб дароз кашид. Ман дар Бухоро бори якум сӯҳбати одамони зиндадил ва адабиётдӯстро дида истода будам,ки аз ҳаёти то он вақт дар он мадраса дидаам бисёр фарқ дошт. Домуллои кунҷакиам ва ҳамошони ӯ дар пеши инҳо ба назари ман мурда барин менамуданд. Дуруст аст, ки онҳо ҳам дар қатори меҳмонони худ дар мавридҳои ханда механдиданд. Аммо хандаи онҳо монанди хандаи «Хирси Бобозода» бе ҳис кардани сабаби ханда буд. (Ман ҳикояти «Хирси Бобозода»-ро дар қисмҳои ояндаи ёддоштҳоям нақл хоҳам кард.)[76] Оре дар байни меҳмонон ҳам Мулло Оқил барин касе, ки «миёни мурдаҳо шаҳид» номида шудааст, ёфт мешуд. Аммо ӯ ҳам ба сабаби «шаҳид» буданаш аз дигар мурдаҳо фарқ дошт.

Вақте ки меҳмонон барои рафтан аз ҷояшон хестанд, Шарифҷон-махдум ба ман ишора карда ба домуллоям гуфт:

– Агар ин бача дар пеши бародараш танг шавад, ба ҳавлии мо бурда монед. Дар он ҷо хизмат карда дарс хонда мегардад.

– Хуб! – гуфт домуллоям дар ҷавоб ва ман дар рӯзи дуюми он зиёфат ба ҳавлии Шарифҷон-махдум ба хизмат даромадам. (Ёддоштҳои ҳавлии Шарифҷон-махдум дар аввали қисми сеюми «Ёддоштҳо» медароянд.)

Хоҳам он хонаи бедоду ситам вайрон бод!
Хоҳам он маҳкамаи ҷабр мазористон бод!
Хоҳам он тахт, ки шуд боиси бадбахтии мо,
Реза-реза шуда бо хоки сиёҳ яксон бод.
Хоҳам он тоҷ, ки ишратгаҳи ҷаллодон аст,
Пора-пора шуда дар зери замин пинҳон бод!
Хоҳам он зумра, ки имрӯз таҳаккум дорад,
Даст баста ба дари маҳкамаҳо ҳайрон бод!
Хоҳам он муфтию он қозию он шоҳу вазир,
Сарнагун гашта ба хуни худашон ғалтон бод.

# ҚИСМИ СЕЮМ




САДРИДДИН АЙНИ

ВОСПОМИНАНИЯ

ПЕРЕВОД С ТАДЖИКСКОГО
АННЫ РОЗЕНФЕЛЬД

ИЗДАНИЕ ПОДГОТОВИЛИ:
А. РОЗЕНФЕЛЬД, А. А. СЕМЕНОВ,
Н. А. КИСЛЯКОВ, А. Н. БОЛДЫРЕВ

ИЗДАТЕЛЬСТВО АКАДЕМИИ НАУК СССР
МОСКВА · ЛЕНИНГРАД
1960

Муқоваи нашри пурраи «Ёддоштҳо» ба забони русӣ.



## ДАР ШАҲР

## ҲАВЛИИ ШАРИФҶОН-МАХДУМ

Ҳавлии Шарифҷон-махдум[77] дар гузари Чорхароси шаҳри Бухоро буд, ки дар байни мадрасаи Говкушон ва гузари Ғозиён воқеъ аст.

Дар қисми берунии ин ҳавлӣ як хонаи калони рӯ ба боло (ба шимол) бино ёфта буд. Ин хона ёздаҳболори даҳлезу мадондор буд, ки меҳмонхона ба шумор рафта, ҷои истиқомати асосии соҳиби ҳавлӣ Шарифҷон-махдум ҳам ҳамин хона буд. Даҳлези ин хона ҷои нигоҳдории асбоб ва лавозими дастархон буда, мадонаш асосан китобхона ба шумор мерафт.

Дар тарафи шарқии рӯи ҳавлӣ, дар паҳлуи мадон як хоначаи пешайвондор буд, ки дар вай додари Шарифҷон-махдум – Ғафурҷон зиндагонӣ мекард. Дар тарафи шимоли рӯи ҳавлӣ як хоначаи пастаки офтобрӯя буд, ки дар вай хизматгорон зиндагӣ мекарданд; дар тарафи ғарбӣ – дар паҳлуи дарвозахона як айвони одӣ буд, ки дар вай аспонро дар вақти тоза карда зин заданашон ба тарзи намоиш баста мемонданд.

Дар пушти меҳмонхона як рӯи ҳавлии васеи соботнок буд, ки асосан аспхона ба шумор мерафт ва дар тарафи пешгоҳи ин рӯи ҳавлӣ як чоҳи обаш шӯри талхнамо буд, ки аз вай барои шустушӯи аспон ва об задани рӯи ҳавлӣ фоида мебурданд.

Дар тарафи шарқии ҳавлии берун ҳавлии дарун воқеъ шуда буд, ки дар вай чандин хона буда, дар онҳо модари Шарифҷон-махдум, зан ва бачагонаш ва ҳамширааш, ҳам хизматгорзанон зиндагонӣ мекарданд*.

Ман дар аввалҳои соли таҳсили 1891 – 1892 (дар охирҳои моҳи сентябр) ана ба ҳамин ҳавлӣ хизматгор шуда даромадам. Дар ин ҷо, ғайр аз ман, боз се нафар хизматгори мардина буд. Калонтарини инҳо Мирзо Бадеъ ном дошт, ки як одами миёнқаду миёнариши гандумгуни якчашма буда, тахминан 30-сола менамуд. Мирзо Бадеъ соҳиби хату савод буда, хати миёнаи хоное дошт. Ӯ хоҳарзодаи Мирзо Шамсиддини Доитахаллуси[78] шоир буда, дар хурдсолиаш дар хонаи ӯ тарбия ёфтааст.

Мирзо Бадеъ як баёз дошт, ки дар вай баъзе шеърҳои тағоиаш Доӣ ва баъзе шеърҳое, ки дар хонаи Шарифҷон-махдум шунидааст, бо хати худаш навиштагӣ буд. Ҳарчанд ӯ завқи шеърфаҳмӣ надошта бошад ҳам, бо таъсири тарбия-

* Дар тобистони соли 1949 ман дидам, ки ҳавлии беруни Шарифҷон-махдум бо ҳамон тарҳи аввалиаш ҳанӯз боқист.

гари худ Доӣ ва хӯҷаини худ Шарифҷон-махдум дар шеърҷамъкунӣ ҷиддиёна машғулӣ мекард.

Вазифаи Мирзо Бадеъ дар хонаи Шарифҷон-махдум вакили харҷӣ (завхозӣ) буда, ҳама чизҳои рӯзгор – хӯрокӣ ва пӯшокиро ӯ харида тайёр мекард.

Дуюми ин хизматгорон Мирзо Абдулвоҳид [79] ном дошта, як ҷавони гандумгуни хушкбадан буд, ки аз ман як сол калон буд. Ӯ соҳиби хату савод буда, хатро дар ғояти хубӣ менавишт ва дар вақтҳои фароғаташ аз дарс ва кор ҳамеша хат машқ мекард. Чунонки мо дар охири қисми якуми «Ёддоштҳо» дида гузаштем, ӯ ба зиракӣ ва шеърфаҳмии худ аз будаш зиёд баҳо медод ва як дараҷа ба худ мағрур буд[80].

Вазифаи Мирзо Абдулвоҳид дар хонаи Шарифҷон-махдум асосан хизмат кардан дар меҳмонхона буд: ӯ ба махдум ва ба меҳмонони вай чой кашида медод, дастархон паҳн мекард ва мегундошт ва монанди инҳо.

Сеюм – Абдулкарим ном як каси бехатусавод буд, ки бо лақаби Эшонча ба ӯ хитоб мекарданд. Ӯ як ҷавони кӯтоҳқади ғалчаи тахминан 25-сола буд. Ӯ аз деҳаи Розмози райони Вобканд буда, махсусан барои нигоҳубини асп (саисӣ) аз он ҷо ба хонаи Шарифҷон-махдум омадааст ва вазифаи ӯ нигоҳубини аспон буд.

Вазифаи ман асосан ба ҳамин се хизматгори мардина ёрӣ додан буд: меҳмонхона ва рӯи ҳавлиро мерӯфтам, дар вақти меҳмондорӣ ва умуман барои меҳмонхона чой тайёр мекардам, дар вақти дастархонпаҳнкунӣ ошу нону чой ва дигар чизҳоро ба Мирзо Абдулвоҳид мерасондам, дар вақти аспшӯӣ ба саис ёрӣ медодам ва баъзан таги пои аспонро ҳам саис ба ман мерӯбонд. Мирзо Бадеъ аз бозор ҳар чиз ки бихарад, ман бардошта меомадам.

Аз ғайри инҳо, ман дастёри ҳавлии дарун ҳам будам – барои оташдон ҳезум шикаста медодам, пошшобибӣ (модари Шарифҷон) ҳар ҷо равад, дастархони ӯро ман бардошта мерафтам ва бардошта меовардам. Дар вақтҳои барфборӣ бомҳои ин ҳавлии калонро бо саис ман мерӯфтам ва монанди инҳо.

## ШАРИФҶОН-МАХДУМ ВА ҲАМСӮҲБАТОНИ Ӯ

Шарифҷон-махдум писари дуюми домулло Абдушукури[81] қозикалон аст, ки ӯ аз Бухоро буда, падар ва бародаронаш ба касби шустагарӣ[82] машғулӣ доштаанд ва худи Абдушукур ҳам дар хурдсолиаш чанде дар ин пеша шогирдӣ кардааст.

Шарифҷон-махдум одами баландқомат, сафедрӯй, мешчашм, хурмоириш буда, дар вақте ки ман ба хизмати ӯ даромадам, 27 сол умр дошт.

Шарифҷон-махдум дар хушхатӣ, хушсаводӣ, шеърфаҳмӣ ва маорифдӯстӣ дар байни муллозодагони Бухоро қариб ягона буд. Одатан фарзандони муллоҳои калони Бухоро ба давлат ва шӯҳрати падар мағрур шуда, дар хурдсолӣ бе тарбия мемонданд ва ё ин ки тарбияи бад мегирифтанд ва дар калонсолӣ аз ҳеҷ гуна корҳои аҳмақӣ ва бадахлоқӣ худдорӣ намекарданд ва бо вуҷуди ин ба воситаи номи падар ба мансабҳои калон мерасиданд ва бештаринашон мансаби худро суиистеъмол мекарданд. Сабаб ҳамин буд, ки мардуми Бухоро дар ҳақи махдумон латифаҳои ғалатӣ бофтаанд ва шеърҳо гуфтаанд. Яке аз он шеърҳо ин аст:



Аз дусад сарқанд махдум сохтанд,
Нуктадонҳо хӯрда мегуфтанд: «Фаҷ!»

Ё ин ки:

Тарҳи оламро чу меандохтанд,
Аз дусад мағзоба махдум сохтанд.

Дар байни ин гуна махдумони калон донишмандон кам ёфт мешуданд, ки яке аз ҳамон камёбҳо Шарифҷон-махдум буд.

Хонаи Шарифҷон-махдум дар ҳар ҳафта се шаби таътил – сешанбе, чоршанбе ва панҷшанбе одатан ранги анҷумани шоирон, шеършиносон, латифагӯён ва ширинкоронро мегирифт. Ман, ки дар қатори Мирзо Абдулвоҳид вазифаи пешхизматиро адо мекардам, дар он гуна шабҳо ҳамеша дар даруни меҳмонхона буда, аз он гуна сӯҳбатҳои адабӣ озодона истифода мекардам. Ман метавонам гӯям, ки метериалҳои ибтидоӣ, лекин муҳимми адабии худро аз он ҳавлӣ гирд овардаам. Ман дар он ҳавлӣ бо Мулло Назруллои Лутфӣ, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Ҳомидбеки Ҳомид, Абдуллоҳхоҷаи Таҳсин, Мулло Бурҳони Муштоқӣ, Қорӣ Абдулкарими Офарини Дӯзахӣ, Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ, Мулло Раҳмати сартарош, Азизхоҷаи Азиз ва дигарҳо, ки аксари онҳо шоир ва ё шеършинос буданд, шинос ва ҳолдон шудам.

Ман дар охирҳои қисми дуюми «Ёддоштҳо»-и худ аз ин номбаршудагон Мулло Назруллои Лутфӣ[83], Мулло Раҳмати сартарош[84] ва Мулло Муштоқиро[85] ба хонандагони худ шиносонда будам ва дар ин ҷо дар бораи боқимондаи онҳо, ба тарзи кӯтоҳ ҳам бошад, маълумот дода гузаштан лозим меояд:

1. *Абдулмаҷиди Зуфунун* – дар нуҷум[86] аз шогирдони Аҳмад буда, дар шеър ва адабиёт ва дар фанҳои расмии мадрасаҳои Бухоро низ маҳорат дошт. Азбаски ӯ фанҳо ва илмҳои гуногунро медонист, ҳамзамононаш ба ӯ «Зуфунун» лақаб дода буданд, ки «соҳиби фанҳо» гуфтан аст. Аз назариёт ва амалиёти тибби қадим пурра воқиф буд. Азбаски фикру чашми ӯ дар сӯҳбати Аҳмад-махдум кушода шуда буд, ба замон ва аҳли он ва хусусан ба амир ва дарбориёни ӯ ва ба уламои расмӣ бо назари танқид нигоҳ мекард ва агар шунавандае ёбад, кирдорҳои бади онҳоро бераҳмона кушода мепартофт.

Аммо рафтор ва кирдори шахсии Зуфунун девонавор буд: ӯ ҳамеша дасташро ба даруни куртааш кашида ва аз гиребонаш бароварда, бо нӯги ангуштонаш биниашро кофта меистод ва баъзан торҳои мӯйлаб ва ришашро бо шиддати тамом канда мепартофт. Дар кӯчаҳо танҳо мегашт, ба касе нигоҳ намекард ва гап намезад, гӯё ки дар бораи чизе ё масъалаи мушкиле фикр мекарда бошад, ба абрувонаш чин оварда ва ба сари синааш чашм дӯхта қадам мепартофт. Дар рӯзҳое, ки бориш набошад, албатта ӯ ба лаби ҳавзи Девонбегӣ[87], ки ягона сайронгоҳи Бухорои амирӣ буд, мерафт ва дар он ҷо бар лаби боми яке аз сартарошхонаҳо, ки аз саҳни хонақоҳи Девонбегӣ як газ баландӣ дошт, биниашро кофта менишаст ва агар ягон каси ба худаш мақбул аз пешаш гузарад, ӯро ҷеғ зада оварда, ба паҳлуи худ мешинонд ва бо ӯ қадаре сӯҳбат мекард. Ҳар гоҳ, ки сӯҳбат дилгираш кард, ба он одам мегуфт:

– Хуб, акнун биравед! Паноҳатон ба худо!

Аммо, хоҳ ошно бошад ва хоҳ бегона, ҳеҷ кас ҷасорат намекард, ки аз ғайри даъвати ӯ пеши ӯ рафта, ба паҳлуяш нишинад. Ранги рӯи сиёҳҷатоби пурриш,

абрӯвони бароҷи пурчин ва чашмони барқнигоҳи хашмолуди ӯ бо вазъияти девонагиаш ба дили бинанда як навъ даҳшат ва бим меандохт.

Зуфунун ба хонаи Шарифҷон-махдум кам меомад ва танҳо рӯзона меомад; агар касе набошад, бо соҳиби хона қадаре сӯҳбат карда менишаст ва агар одами беруна бошаду сӯҳбат мувофиқи табъи ӯ – шикояти дарбориён ё уламо рафта истода бошад ҳам, қадаре иштирок мекард. Агар одами беруна мувофиқи табъаш набошад, баъзан аз даҳлез гашта мерафт ва агар ба хона дарояд ҳам, аз як дақиқа зиёд наменишаст ва ба ҳеҷ кас «хайру хуш» нагуфта баромада мерафт.

Шарифҷон-махдум мегуфт:

– Девонагии Зуфунун сохта аст, вагарна худи ӯ донишманди бузурги ҳамафаҳм аст. Аммо ӯ барои аз тарафи амир бозхост нашудан худро ба девонагӣ зада мегардад (зикри Қорӣ Абдулмаҷид Зуфунун дар саҳифаи 305 «Намунаи адабиёти тоҷик», ки аз тарафи нависандаи ин сатрҳо тартиб ёфтааст, қайд шудааст).

2. *Яҳёхоҷа* – бо шакл ва хусусиятҳои дигар рӯидаи Абдулмаҷиди Зуфунун буд. Ӯ ҳам худро ба девонагӣ зада мегашт, аммо «девонагии» ӯ фаъолона ва боғайратона буд. Ӯ одамҳои ба худаш номақбулро бо алфози қабеҳ дашном медод. Муллоҳои калони расмӣ ва дарбориёни калон, ҳар гоҳ ӯро дар роҳе ва кӯчае бинанд, ба паскӯчае даромада рафта, худро аз вай пинҳон мекарданд, то ки ҳақоратҳои ӯро нашунаванд.

Яҳёхоҷа одами баландқомат, камгӯшт, сафедрӯй ва миёнариш буда, дар вақтҳое ки ман дар хонаи Шарифҷон-махдум будам, сафедии ришаш аз сиёҳиаш зиёдтар шуда буд ва бо ин нишона умри ӯ наздик ба шаст менамуд.

Яҳёхоҷа аз ҷамоаи хоҷагони миракони Бухоро буд, ки падар ва бобоҳояш дар мансабҳои калони илмӣ ва хоҷагӣ мансуб шуда гузаштаанд. Назар ба одати анъанавии амирони Бухоро авлоди ин гуна хоҷагонро ҳурмат кардан лозим буд. Бинобар ин аз девонагиҳои ӯ чашм мепӯшиданд ва ӯро ҷавобгар намекарданд. Ӯ бошад, аз ин ҳурмати авлодии худ истифода карда, уламо, амир ва дарбориёни ӯро сахт танқид ва масхара мекард.

Дар ҳамон рӯзҳо аз корҳои Яҳёхоҷа чанд ҳикоя шунида ва чанд воқеаро худ дида будам, ки онҳо характери ӯро тамоман равшан нишон медиҳанд. Ман дар ин ҷо баъзеи онҳоро ёд карда мегузарам:

Дар ҳамон вақтҳо Қорӣ Самеъ ном як муллои калон будааст, ки саллаи калон баста ва тасбеҳи саддонаро аз остинаш бароварда пичир-пичиркунон тасбеҳ гардонда роҳ мегаштааст ва бо ин ҳаракаташ ба мардум нишон додан мехостааст, ки гӯё ӯ ҳамеша бо зикри худо машғул буда, таркидунёкарда мебошад. Аммо дар ҳақиқат ӯ фиребгартарини фиребгарон ва молимардумхӯртарини ҳаромхӯрон будааст.

Ин гуна рафтор ва кирдори Қорӣ Самеъ аз назари Яҳёхоҷа пӯшида намондааст ва ӯ хостааст, ки ӯро дурустакак танбеҳ диҳад. Яҳёхоҷа ба ҳамин ният ҳуҷҷатҳои сохтаи шаръӣ тайёр карда, Қори Самеъро ба қозихона кашидааст: «ҳавлии нишасти ӯ аз они ман мебошад».

Дар натиҷаи чандинрӯза мурофиа даъвои Яҳёхоҷа дар пеши қозикалон исбот ёфта, ӯ ҳукм кардааст, ки Қорӣ Самеъ 15 ҳазор танга (2250 сӯм), ки бадали



ҳавлист, ба Яҳёхоҷа бидиҳад. Яҳёхоҷа талаб кардааст, ки «Қорӣ Самеъ 15 ҳазор тангаро нақд оварда, дар ҳузури қозӣ ба ман супорад, дар он сурат ман ба сулҳнома розӣ мешавам. Вагарна ба қавли ӯ эътимод карда наметавонам ва аз фиреби ӯ худро эмин намепиндорам».

Қорӣ Самеъ маблағи мазкурро нақд карда ба қозихона оварда, дар ҳузури қозӣ ба Яҳёхоҷа супурдааст. Вақте ки қозӣ ба тамом шудани даъво ва таслими пул даъвогар ва ҷавобгарро иқрор кунонда мехостааст хати ибро (сулҳнома)-ро мӯҳр кунад, Яҳёхоҷа қозиро аз мӯҳр кардан боздошта гуфтааст:

– Ман ин маблағро муваққатан ба тарзи амонат ба ҷавобгар баргашта медиҳам, шумо ҳам ҳуҷҷатҳои маро ба ман бозгашта диҳед. Агар ӯ қавл диҳад, ки баъд аз ин дар кӯчаҳо тасбеҳ гардонда мардумро фиреб дода намегардад, аз даъвои ман эмин бошад ва кадом рӯзе, ки ӯ боз ҳаракатҳои фиребгарона кунад, ман даъвои худро такрор ва бадали сулҳро талаб хоҳам кард.

Қорӣ Самеъ мувофиқи талаби Яҳёхоҷа қавл дода, аз дасти ӯ маҷҷонан (бе бадали сулҳ) халос шудааст. Баъд аз ин воқеа Қорӣ Самеъ то зинда буд, ба кӯча намебаромад ва агар барояд ҳам, ба қиёфати одамони одӣ шуда мебаромад ва бо вуҷуди ин аз забони мардум халосӣ намеёфт. Мардум «зикри худо ва тасбеҳро ба 15 ҳазор танга фурӯхт» – гӯён ӯро масхара мекарданд.

Боре Яҳёхоҷа ба пеши қозикалон – қозӣ Бадриддин[88] даромадааст. Қозӣ ӯро мунофиқона ҳурмат намуда ва таъзимкунон пешвоз гирифта, ба умеди хуш омадан ба ӯ, аз ӯ дар ҳақи худ «дуои хайр» талаб кардааст, то ки бо ин тамаллуқҳои риёкорона аз забони ӯ эмин монад.

Яҳёхоҷа дар ҷавоб монанди дуокунандагон дастони худро ба ҳаво бардошта гуфтааст:

– Илоҳӣ, худоё, худовандо, қозӣ Бадриддинро ба ҷои худ худо кунӣ!

Қозӣ аз ин дуо дар ҳайрат афтода:

– Эй… эй… эй! Қабоҳат шуд – гуфтааст.

– Ҳеҷ ҷои қабоҳат ҳам несту аҷобат ҳам, – гуфтааст Яҳёхоҷа дар ҷавоб, – ту имрӯзҳо дар Бухоро аз амир ҳам калонтар мебошӣ, ихтиёри мурдаву зиндаи ҳамаи мардуми мамлакати Бухоро дар дасти туст, ту хоҳӣ касеро месӯзӣ ва хоҳӣ, касеро месозӣ ва ҳеҷ кас ба ту «чуну чаро» гуфта наметавонад. Акнун ғайр аз мартабаи худоӣ мартабае намонд, ки ту орзуи расидан ба он дошта бошӣ.

Мурофаачиён ва мулозимон атрофи Яҳёхоҷа ва қозикалонро иҳота намуда, аз суханони Яҳёхоҷа ба завқ кардан даромадаанд. Қозикалон ба умеди тамом кардани ин тамошо:

– Хуб!, Хуб, гуфтаи шумо шавад! – гӯён хостааст, ки гиребони худро аз дасти ин хасми беамон раҳо кунад, аммо ҳарифи шӯхчашми теззабон ба қозикалон амон надода, сухани худро давом кунондааст:

– Худо шудан барои ту фоиданок аст. Зеро ба аҳволи деҳқонони хонавайроншуда, ятимони бепадармондаи моли меросиашон аз тарафи ту забтгардида, ба рӯзи сиёҳи занони бева ва бачагони бепарастор, ки шавҳару падаронашон дар зиндони ту хобидаанд, ту ҷавобгар мебошӣ. Эҳтимол аз ғазаби Худо тарсида, дар айшат халале расад. Агар худо шавӣ, аз ҳама тараф хотирҷамъ

шуда, кордорӣ кардан мегирӣ ва бе ҳеҷ бими бозхост хазина бар болои хазина меандӯзӣ, чунки Худо ҳеҷ гоҳ худро бозхост намекунад.

Яҳёхоҷа бо либоси муллоёнаи одӣ – бо ҷомаи зеҳборики майданақш ва бо саллаи сафеди хурд мегашт. Аммо рӯзе ба ҳавлии Шарифҷон-махдум дар ҳолате ки ба сараш фӯтаи кабудеро мисли олуфтаҳо занбарӣ карда баста буд ва дар пояш кафши пошнабаланд дошт, омад.

Шарифҷон-махдум ин қиёфати аз одат беруни ӯро дида:

– Ин қиёфати қиморбозона ба шумо муборак шавад, – гуфт.

– Дар ҳақиқат ин гуна либоспӯшии ман сазовори табрик аст, – гӯён сухан сар кард ва, – имрӯз аз хона баромадам, ки, – гуфт ӯ, – Абдулкарими чинифурӯш саллаву ҷомаи муллоёна пӯшида, ба дуконаш рафта истодааст. Ман сабаби тағйири либосашро аз ӯ пурсидам. Ӯ дар ҷавоб гуфт:

– Имрӯз имоми гузарамон баъд аз намози бомдод мардумро ваъз ва насиҳат кард ва дар қатори суханони худ гуфт: «Ҳар кас дар дунё дар либоси кадом табақае, ки зиндагӣ кунад, фардо – рӯзи қиёмат дар қатори ҳамон табақа аз гӯр сар мебардорад ва Худо ба ҳамон табақа ҷоеро, ки насиб карда бошад (хоҳ ҷаннат бошад, хоҳ дӯзах), дар қатори ҳамон табақа ба ҳамон ҷо меравад…». Ман хостам, ки дар либоси уламо дароям, то ки дар рӯзи қиёмат дар қатори ин азизон сар бардошта ва бо ҳамроҳии онҳо ба ҷаннат равам.

Яҳёхоҷа сухани худро давом кунонда гуфт:

– Ман дар дили худ гуфтам, ки «агар барои ба ҷаннат рафтан дар қатори ҳамин уламо будан шарт бошад, ман аз баҳри ҷаннат ҳам гузаштам. Маро, ки тақдир дар дунё дар қатори ҳамин уламо дароварда бадном кард, бас аст; намехоҳам, ки дар рӯзи қиёмат ҳам дар қатори инҳо бошам. Бинобар ин либоси олуфтагӣ ва қиморбозиро пӯшидам, ки дар рӯзи қиёмат дар қатори ҳаминҳо сар бардорам ва агар бо инҳо ба дӯзах мерафта бошам ҳам, аз уламо дур будан барои ман ҷаннати маънавӣ аст».

Баъди ин воқеа Яҳёхоҷа бештар сару по бараҳна мегашт.

Яҳёхоҷа дар рӯзҳои таътил ҳаррӯза, ҳеҷ набошад, рӯздармиён ба ҳавлии Шарифҷон-махдум медаромад. Аз дарвоза ки даромад, «ой шустагар! Чӣ кор карда нишастӣ? Дароям ё не?» – гӯён овоз медод. Шарифҷон-махдум ман ё Мирзо Абдулвоҳидро мефармуд, ки «гӯед, дарояд». Ӯ ба рӯи суффа меомад, аммо ба меҳмонхона намедаромад ва аз дари рӯи хона сарашро дарун карда, дар он ҷо будагонро аз назар мегузаронид ва ба ҳар кадомашон ду-се даҳан гап парронда, аз ҳавлӣ баромада мерафт.

Боре Яҳёхоҷа ба ҳавлии Шарифҷон-махдум омад, ки дар хона чанд нафар шоирон нишаста буданд. Ӯ баъди аз назар гузаронидани онҳо ба соҳиби хона хитоб карда гуфт:

– Ту гӯл ҳастӣ, ки ин ғӯлҳоро ба атрофат ғундошта менишинӣ, ту гумон мекунӣ, ки инҳо дар хонаи ту ҷамъ шуда мушоара[89] намуда, аз якдигар чизе меомӯзанд. Аммо дар ҳақиқат ин тавр не. Инҳо барои ошу нони туро хӯрдан ғун мешаванд, вагарна ба хонаи ман чаро намераванд, чунки дар он ҷо ошу нони барзиёд нест.

Шарифҷон-махдум гуфт:



– Хуб, ман бо марҳамати шумо «гӯлӣ»-ро ба гардан гирифтам. Лекин шумо ин бечорагонро, ки ба касе зарарашон нарасидааст, чаро ғӯл меномед?

– Ҳарчанд ки, – гуфт Яҳёхоҷа, ҳоло инҳо ба назари кас фарзанди одам барин намоянд ҳам, дар оянда ғӯл мешаванд: ҳамин ки хатми дарс[90] намуданд, дар пайи мансабгирӣ афтода, амиру вазиру қозикалонро мадҳгӯӣ мекунанд. Кадоми инҳо, ки дар дурӯггӯӣ ҳунармандтар бароянд, дар ҷое қозӣ ё раис мешаванд ва дар он сурат на ғӯли оддӣ, балки ғӯли биёбонӣ мегарданд.

– Дар ин гуна ғӯлӣ ман ҳам бо эшон шарик мебошам, – гуфт Шарифҷон-махдум ва сухани худро давом дод: – зеро қозӣ ё раис шудани инҳо эҳтимол бошад, ман баъд аз хатми дарс бе шакку шубҳа дар ҷое қозӣ мешавам.

– Ман туро ҳеҷ гоҳ аз қатори ғӯлшавандаҳо берун накарда ва берун намекунам, – гуфт Яҳёхоҷа, – фақат ту, ки аз падарат молу ашёи бисёре мерос гирифтаӣ, аҷаб нест, ки мардумро камтар тороҷ кунӣ. Аммо инҳо, ки ба тозагӣ мансаб мебинанд, бераҳмона тороҷгарӣ карданашон муқаррар аст. Чунки гурги гурусна нисбат ба гурги сер рамаро зиёдтар медарронад.

Рӯзе Яҳёхоҷа ба ҳавлии Шарифҷон-махдум омад, ки дар меҳмонхона Ҷӯрабек Арабов ном яке аз савдогарони калони Бухоро менишаст. Вай сартопои ин савдогарро аз назар гузаронида, ба ӯ гуфт:

– Хӯҷаин, шумо бо арабзода буданатон фахр карда наметавонед. Зеро Ҳаҷҷоҷи золим[91], ки ба воситаи гумоштаи худ Қутайба ибни Муслим[91] Мовароуннаҳри моро хун гирёнд, арабзода ва яке аз калонони арабҳо буд; инчунин шумо бо саллаву ҷомаи қиматбаҳотон, бо ҳавлии қасрмонандатон, бо аспҳои қаторатон, бо хурӯсҳои бешумноратон фахр карда наметавонед, бо пулҳое, ки дар банк доред, низ фахр карда наметавонед. Ман мешунавам, ки шумо даҳ сар аспи кӯпкоригӣ нигоҳ дошта, ба чандин нафар чапандозон ҳам ошу нон медиҳед. 25 адад хурӯси ҷангӣ нигоҳ дошта, барои нигоҳубини онҳо чанд нафар мири шикор ҳам парво мекунед, инчунин ман шунидам, ки шумо ҳавлии аз ин 5 сол пеш имораткардаатонро вайрон карда, сад ҳазор танга (15 ҳазор сӯм) харҷ намуда аз сари нав иморат кардаед. Дониста монед, ки бо инҳо ҳам фахр карда наметавонед. Зеро агар аз куҷо пайдо шудани он ҳама сарват ва дороиро ба назар гиред, ба ҷои фахр кардан шарм медоред…

Аз таги дасторчаи misколие*, ки Ҷӯрабек ба рӯи каллапӯши кундал** ба сараш баста буд, арақ шорида, зеҳи калони гиребони ҷомаи шоҳиашро тар кардан гирифт ва Яҳёхоҷа як сукут карда, ба ӯ савол дод:

– Хӯҷаин, шумо савод доред?

– Кам-кам хонда ва навишта метавонам, – Ҷӯрабек дар ҳолате ки бо рӯймолчааш арақи рӯяшро пок мекард, ғурунгосзанон базӯр ҷавоб дод.

– Бедилро хондаед? – дубора савол дод Яҳёхоҷа.

– Дар мактаб хонда будам.

– Маънии шеърҳои Бедилро мефаҳмед? – гӯён Яҳёхоҷа савол дод ва ба ҷавоби Ҷӯрабек мунтазир нашуда гуфт:

– Не, намефаҳмед! Агар мурда бошад – марҳум ва агар зинда бошад – мал-ъ-

* Мисколӣ – як навъ докаи нозук.
** Кундал – як хел зарбофти аъло.

ун домуллои мактабатон ҳам Бедилро намефаҳмид. Аммо Бедил шеърҳои ҳамафаҳм дорад, ки шумо онҳоро надидаед ё дида бошед ҳам, худро нодида мешуморед. Чунки он гуна шеърҳои Бедил ба шумо зарар мекунанд…

Яҳёхоҷа сонияе сукут карда, боз давом намуд:

– Бедил дар яке аз шеърҳои оммафаҳмаш гуфтааст:

Кисаи хеҷ кас надид пурӣ,
То накард иртикоби кисабурӣ.

Яҳёхоҷа баъд аз хондани ин шеър аз Ҷӯрабек рӯ тофта, ба Шарифҷон-махдум нигоҳ карда гуфт:

– Ман ба раис ва миршаби Бухоро ҳайронам, ки як бечораи пойбараҳнаро бо гуноҳи кисабурӣ дастгир карда, таъзир (дарразанӣ) намуда ҳабс мекунанд. Ва ҳол он ки агар кори кисабури одӣ барор гирад, панҷ ё даҳ тангаи касеро аз кисааш мегирад. Бисёр мешавад, ки ба дасти он гуна кисабур ба ҷои танга носкаду меафтад, ки дар бозори тез чор пул намехаранд. Аммо ба он гуна кисабурҳое, ки Бедил дусад сол пеш аз ин ба пешонаи онҳо тамғаи кисабуриро задааст ва аз ин пеша садҳо ҳазор тилло ёфтаанд, кор надоранд. Натанҳо кор надоранд, ҳатто инҳоро ҳурмат ҳам мекунанд.

Яҳёхоҷа қадаре хомӯш монда:

– Дирӯз воқеаи аҷоиберо дидам, – гӯён боз давом намуд, – ба лаби ҳавзи Девонбегӣ рафта будам, пештар аз намози пешин раиси Бухоро омада, ба дари масҷид палос партофта нишаст ва одамони худро барои ёфта омадани «гунаҳгорон» фиристод.

Одамони раис самоворхонаҳои лаби ҳавзро давр зада, касеро дошта овароданд ва ба раис тақдим карданд, ки ӯ «кисабур аст». Раис барои кисабурии ӯ аз одамони холис гувоҳӣ пурсид. Ин хӯҷаинамон (ба Ҷӯрабек ишора карда), ки ба қавли Бедил кисабури калон мебошанд, аз миёнаи гурӯҳи тамошобинон баромада, ба раис рӯ ба рӯ шуда гувоҳӣ доданд, ки он одам кисабур аст ва ин кас кисабурии ӯро ба чашми худ дидаанд.

Раис ин «гувоҳи холис»-ро ҳурматкунон аз ҷояш нимхез шуда, «марҳамат кунед» ба паҳлуяш шинонид ва ба мулозимони худ фармуд, ки он кисабурро бараҳна карда, ба пушташ як кам чил дарра заданд ва баъд аз таъзир раис фармуд, ки он «гунаҳгор»-ро ба раисхона бурда, дар зинхона нигоҳ доранд ва аз ваҷҳи ӯ ба ҷаноби олиаш[94] арз хоҳад кард.

Яҳёхоҷа сухани худро давом дода гуфт:

– Масъала равшан аст, ба ҷаноби олиаш арз кардани аҳволи он «кисабур» чораи охирини раис аст. Аммо агар он кисабур дороии арзандае дошта бошад, масъала бе арз кардан ба амир ҳал мешавад, он «гунаҳгор» ҳама чизи худро ба раис ва мулозимони ӯ супурда озод шуда меравад ва баъд аз он дузди калон ва роҳзан мешавад ва агар чизе надошта бошад, ба ҷаноби олӣ арз шуда ба зиндон меафтад ва монанди садҳо гунаҳгорони бечиз дар он ҷо то охири умраш пӯсида мехобад.

Яҳёхоҷаро ман аз он пеш ҳеҷ гоҳ он гуна пурғазаб надида будам ва дар вақти гуфтани суханони охирини худ аз чашмонаш оташ меборид ва монанди девонагони ҳақиқӣ аз даҳонаш кафк мепарид ва дар охири сухани худ:



– Туф ба ин кисабурон, ки калонашон ҷаноби олӣ аст! – гуфт ва аз суфаи меҳмонхона фуромада рафт.

Яҳёхоҷа шоириро ба худ касб карда нагирифта буд. Аммо мегуфтанд, ки маҳорати баланди шоирӣ дорад ва табъаш дар шеър, хусусан дар ҳаҷвиёт, бағоят равон аст. Дар ин бора аз ӯ шеърҳо нақл мекарданд, ки дар онҳо калонони замони худро дар рӯ ба рӯяшон ба тарзи бадеҳа ҳаҷв кардааст. Аз он ҷумла Ҷонмирзо, ки риши калоне дошт, боре ба умеди хуш омадан ба Яҳёхоҷа ба ӯ гуфтааст:

– Дар замонҳои пеш шоирони бузург дар ҳақи вазирони замони худ шеърҳо гуфтаанд, ки аз онҳо ба ёдгор мондааст. Чӣ мешавад, ки ҷаноби шумо ҳам дар ҳақи ин камина чизе гӯед, то ки сабаби ифтихори ман ва ёдгоре барои пасояндагон шавад.

Яҳёхоҷа бадоҳатан гуфтааст:

Мири қушбегӣ дар оина бубинад риши хеш,
Бо дили хеш бигӯяд: «Ана ришу мана риш!».
Гар бубинад риши пурҷингилаи Қорӣ Самеъ*,
Бо дили реш бигӯяд: «Ана ришу мана риш!»

Яҳёхоҷа баъд аз гуфтани ин байтҳо ба қушбегӣ гуфтааст:

– Мири қушбегӣ, мебахшед, ки шумо ғайр аз риши калон чизе қобили мадҳ надоред, ки сабаби ифтихоратон шавад. Афсӯс, ки ин ришатон ҳам дар пеши риши Қорӣ Самеъ қадру қимати худро гум кард.

Инчунин яке аз саркардагони калони амир дар як маҷлис барои хушомад аз Яҳёхоҷа шеър талаб кардааст. Яҳёхоҷа дар ҳамон маҷлис ва дар ҳузури одамони бисёр дар ҳақи он саркарда дар вазни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ 50 байт шеъри ҳаҷвӣ гуфтааст (азбаски он шеър сар то по беодобона ва бо алфози дашноми кӯчагӣ буд, намунае аз вай овардан муносиб дида нашуд).

Яҳёхоҷа аз дӯстони наздики Аҳмад-махдуми Дониш (Аҳмади Калла)[94] буда, аз ҳамсӯҳбатони доимии ӯ ба шумор мерафт. Аҳмади Дониш дар «Наводир-улвақоеъ»[95] ном асари худ «Ҳоҷибобо» ном калонтарини ҳикояташро, ки романмонанд аст, аз забони Яҳёхоҷа нақл мекунад.

3. *Содиқхоҷаи Гулшанӣ* – Гулшанӣ аз фозилони он замон буд. Дар вақте ки ман дар хизмати Шарифҷон-махдум будам, тахминан 30-сола менамуд. Ӯ як одами сафедчеҳраи чашму абрӯсиёҳи кулӯтариши хушқадубаст буд, ки бо забони ҳайкали ӯ одам кам дида мешуд. Ӯ либосҳои на қиматбаҳо, валекин бисёр озода мепӯшид. Ҳикоягӯй, таърихдон ва ширинзабон буд. Ҳарчанд дар вақти гап задан забонаш қадаре мегирифт, ширинии суханҳояш он гирифтагиро боз ҳам ширинтар карда нишон медод.

Ӯ дар бобати забони русиро аз худ кардан, аввалин касе буд аз байни талабаҳои мадрасаҳои Бухоро. Ӯ бо Аҳмад-махдуми Дониш ҳамгузар буда, ҳафтае чанд бор ба сӯҳбати ӯ мерасидааст. Мегуфтанд, ки Аҳмад-махдум ӯро ба омӯхтани забони русӣ ташвиқ кардааст. Ва дар он миён сабабе ёфт шудааст, ки ӯ ба омӯхтани ин забон комёб гардидааст. Он сабаб ба ин тариқа рӯй додааст:

* Ба Қорӣ Самеъ чӣ муносибат доштани Яҳёхоҷа[96] дар боло гузашт.

Гулшанӣ тағоие дошт, ки дар мӯҳркании ва заргарӣ бағоят моҳир буда, дар байни мардум бо лақаби Ҳоҷӣ-мӯҳркан машҳур буд. Ӯ дар замони амир Музаффар[97] ба гуноҳе тӯҳматзада шуда, маҷбур шудааст, ки аз Бухоро ва Самарқанд гурезад ва дар он ҷо хонаву ҷо карда, ба раиягии давлати Россия даромада зиндагонӣ намояд.

Содиқхоҷаи ҷавон ҳар сол тобистон ба Самарқанд рафта, чанд моҳ дар ҳавлии тағоиаш истиқомат карда меомадааст. Ана дар ҳамон моҳҳо ба вай фурсат ёфт шудааст, ки тавсияи Аҳмад-махдумро ба амал оварда забони русиро омӯзад.

Азбаски Содиқхоҷа на дар мадраса, балки дар ҳавлӣ зиндагӣ мекард ва ҳамсӯҳбатонаш ҳам монанди Шарифҷон-махдум нисбат ба замони худ одамони кушодафикр ба шумор мерафтанд, забони русӣ омӯхтан балоеро, ки ба сари Мулло Туроб оварда буд ба сари ӯ наёвард*. Ҳатто Шарифҷон-махдум забони русӣ омӯхтани ӯро яке аз фазилатҳои вай шумурда, дар тазкираи худ ин хусусияти ӯро бо байти зерин баён намудааст:

…Бад-он поя донад забони Расӣ[98],
Бад-он поя дониш ту худ кай расӣ!

Содиқхоҷа ба дараҷаи ибтидоӣ ҳам бошад, улуми замониро омӯхта буд ва илми ҷуғрофияро бағоят дӯст медошт. Баъд аз хатми кутуб[100] ӯ ба мансабҳои илмӣ майл накард, қашшоқона, аммо ҳимматбаландона ва озодона зиндагонӣ мекард.

Шарифҷон-махдум ин сифати ӯро дар тазкираи худ бо байти зерин ёд мекунад:

Тиҳидастию базли молам дирам,
Аз ӯ ёд гир, ар надонӣ карам.

Аммо амир Абдулаҳад[101] ин гуна зиндагонии озодонаро ба ӯ раво надида (чунонки ба Шоҳин[102] ва ба Қорӣ Қароматӣ Дилкаш[103] раво надида буд), ба сифати надимӣ[104] ба дарбори худ кашид. Содиқхоҷа ба ном надим (ҳамсӯҳбат) буда, аммо дар ҳақиқат монанди навкарони бесаводи амир маҷбур буд, ки дар тобистон ва зимистон дар районҳо ва вилоятҳои Бухоро бо асп сафар кунад (амир ӯро ба баҳонаи хизмате ҳар рӯз ба ҳар ҷои душворсафар мефиристод).

Содиқхоҷа аз ин сар-саригардиҳои худ фоида бурда, вилоятҳо ва районҳои музофоти Бухороро масаҳат карда ва нақша кашида, ба забони тоҷикӣ ҷуғрофияи муфассале навишта буд[105]. Аммо Содиқхоҷа, ки ба зиндагонии дарбори Бухоро, ки разилонатарини зиндагониҳо буд, тоб оварда натавониста, дар соли 1910 вафот намуд.

Содиқхоҷа шеърро равон менавишт, аммо услуб ва ташбеҳҳояш ҳамагӣ кӯҳна ва обшуста буда, аз нуқтаи назари шеършиносии имрӯза ӯро шоири хуб гуфтан мумкин нест. Мегуфтанд, ки Содиқхоҷа дар забони русӣ, аммо бо вазни арӯз, шеърҳо гуфтааст. Аз он гуна шеърҳои ӯ як мисраъ ба хотирам мондааст, ки дар он ҷо нақл мешавад:

«Ни хачу местни вино, дайте мне руски вади»**.

Ин мисраъ бо ҳамаи камбудиҳои забонӣ ва имлоиаш ба хонандагони замони мо дар он замон ба забони русӣ чӣ қадар шавқу ҳавас доштани ҷавонони кушодафикрро нишон медиҳад. (Зикри Содиқхоҷаи Гулшанӣ ва намунаи шеърҳояш дар саҳифаҳои 460 – 462 «Намунаи адабиёти тоҷик» дарҷ шудааст).

4. *Ҳомидбеки Ҳомид* – падари Ҳомидбек дар аввалҳои даври амирМузаффар дар Тошқӯрғон ном мавзеи Афғонистони имрӯза, ки он вақтҳо ба Бухоро тобеъ буд, ҳоким буда, ӯ дар ҳамон ҷо таваллуд ёфтааст ва дар 16-солагии худ бо навкарони падараш дар ҷанги амир Музаффар ва подшоҳи Россия иштирок намудааст. Дар он ҷанг бемазагиҳои амир ва дарбориёни ӯ ва дар муқобили онҳо интизом ва кордониҳои солдатҳои рус аввалин бор чашми ӯро кушодаанд.

Ҳомидбек баъд аз он ҷанг дар Бухоро монда, дар ҳолати ба дарбор мансуб буданаш касби камол кардааст ва толеъ ӯро ба ҳамсӯҳбатии Аҳмад-махдуми Дониш расонидааст, ки аз он ҷо ӯ як одами озодафикр шуда расидааст. Ӯ худ мегуфт: «Аҳмад-махдум дар таърихчаи худ[106] ҷанги байни амир Музаффар ва Россияро дар асоси нақлҳои ман таҳрир намудааст». (Нависандаи ин сатрҳо ҳам дар «Таърихи амирони манғит»[107] ном асари худ як қисми воқеаҳои ҷанги мазкурро дар асоси нақлҳои ӯ таҳрир кардааст).

Ҳомидбек як одами баландқомати сафедгуни дарозрӯй буд, ки рӯяш ба рӯи асп монандӣ дошт, ришаш сиёҳи сурхчатоб буда, торҳои сафедаш кам-кам менамуд ва ба ин аломат дар вақтҳое ки ман дар хизмати Шарифҷон-махдум будам, ӯро 40-сола андак болотар тахмин кардан мумкин буд. Ӯ бағоят суханвар буд, аммо дар вақти гап задан забонашро макида-макида гап мезад, ба дараҷае, ки бинанда гумон мекард магар ӯ лӯндаи қандеро макида истодааст. Дар сӯҳбатҳо бештарин вирди забони ӯ нақли маҷлисҳои Аҳмад-махдум буд.

Ӯ шеърро кам менавишт ва аксари навиштаҷоташ дар ҳаҷв ва танқиди дарбориён буд. (Намунаи ин гуна шеърҳои Ҳомидбек дар «Намунаи адабиёти тоҷик» дар саҳифаи 272 нақл шудааст.)

5. *Абдулхоҷаи Таҳсин* – одами тахминан 30-солаи баландқомати сабзиначеҳраи камриш буда, хеле сабуксӯҳбат буд ва аз давомкунандагони хонаи Шарифҷон-махдум буда, чунонки дар «Намунаи адабиёти тоҷик» гуфтаам, шеършиносиаш назар ба шеъргӯиаш баландтар буд.

6. *Қорӣ Абдулкарими Офарин (Дӯзахӣ)* – дар вақтҳое ки ман дар хонаи Шарифҷон-махдум будам, тахминан 45-сола менамуд. Ӯ одами баландқомати пуррапайкари сабзиначеҳраи ришкалон буд. Офарин хушхат буда, зиндагонии худро бо рӯйнависии китобҳо мегузаронид. Ӯ ба ҳам ҷанг андохтани одамонро мояи дилхушии худ карда буд. Ҳарчанд ин одати ӯро ҳама медонистанд, бо вуҷуди ин бо иғвои ӯ бисёр дӯстон бо ҳам меҷангиданд ва душмани якдигар мешуданд.

Офарин шоириро ба худ касб карда нагирифта буд, аммо барои ҷангондани ду шоир ҳар кадоми онҳоро аз забони дигар ҳаҷв мекард. Чунончи, Шоҳин, ки аз шоирони машҳури он замон буд, бо устоди худ қозӣ Қурбонхони Фитрат[108] бо таъсири шеърҳои сохтаи ӯ ҷангидааст ва дар миёнаи ин ду шоир дар натиҷаи он ранҷиш хеле ҳаҷвиёт ба вуҷуд омадааст, ки ҳар ду ногап шуда аз дунё гузаштаанд.

Офарин яке аз норозиёни вазъияти замони худ буда, аз давомкунандагони маҷлиси Аҳмад-махдуми Дониш буд. Ба сабаби иғвогариҳои ӯ лақаби «Дӯзахӣ»-ро ба ӯ Дониш додааст.

*Саргузашти Мулло Туроб дар қисми дуюми «Ёддоштҳо» зикр шудааст.
** Не хочу местного вина, дайте мне русской воды.

7. *Мирзо Азими Сомии Бӯстонӣ* – дар Бӯстон ном деҳаи райони Қизилтеппаи ҳозира, ки аз шаҳри Бухоро 40 километр ба тарафи шимоли шарқӣ, дар роҳи Кармина воқеъ аст, таваллуд ёфта буд. Ӯ мактаби ибтидоиро дар деҳаи худ тамом карда, тарбияи илмӣ ва адабии худро дар Бухоро гирифтааст. Ӯ баъд аз хатми дарс аввал ба ҳокимҳо мирзоӣ карда, баъд аз он ба дарбори амир Музаффар ба хизмати муншигӣ (фармоннависӣ) кашида шудааст ва дар вақти ҷанги амир Музаффар ва подшоҳи Россия ба сифати вақоеънигор дар ҷанг иштирок намудааст. Фикр ва чашми Сомӣ дар ҷанг кушода шуда, ба қатори мухолифҳои дарбори амир гузаштааст. «Тӯҳфаи шоҳӣ» ном асари худро, ки ба таърихи амирони манғит оид аст ва «Дахмаи шоҳон» ном асарашро, ки барои пурра кардани «Дахмаи шоҳон» ном асари Мирзо Содиқи Муншӣ[109] таълиф намудааст, тамоман бо рӯҳи мухолифаткорӣ ва танқиди дарбор навиштааст.

Дар даври Абдулаҳад, ки бемазагиҳои амир ва аҳли дарбор боз ҳам хонавайронтар гардиданд, забони танқидии Сомӣ низ тунду тезтар гардида, оқибат аз дарбор ронда шуд ва бе маош дар гӯшаи нокомӣ афтод.

Дар вақтҳое ки ман ба хизмати Шарифҷон-махдум даромада будам, умри Сомӣ қариб ба шаст менамуд. Ӯ одами кӯтоҳқомат, миёнагӯшт, сабзиначеҳра буда, риши миёнае дошт, ки сафедиаш аз сиёҳиаш бештар менамуд. Ӯ асарҳои худ ва асарҳои камёби дигарро бо фармуди Шарифҷон-махдум ба вай китобат карда дода, бо музди хизмати ин гуна корҳо фақирона зиндагонӣ мекард. Оилааш калон буда, «қути лоямут», яъне хӯроки ками аз мурдан нигоҳдорандаи онҳоро бо сарфи нури чашми пиронаи худ дар китобат таъмин менамуд.

Чашми пиршудаи Сомӣ ба ин гуна меҳнати тоқатфарсо, ки маҷбур буд дар як шабонарӯз 15 – 16 соат китобат кунад, тоб наёварда, оқибат кӯр шуд ва 4 – 5 соли охири умрашро бо бисёр сахтӣ гузаронда, охир дар соли 1907, дар синни 72-солагиаш вафот намуд.

Шарифҷон-махдум дар тазкираи худ баъд аз шумурдани фазлу камоли ӯ дар бораи қашшоқиаш мегӯяд:

…Аҷаб ин ки аз хони алвони даҳр
Насибе нашуд мар-варо ғайри заҳр…
Дар ин асру овон худ ӯ зинда аст,
Вале зиндаи бадтар аз мурда аст.
Балое бувад пирию нестӣ,
Балотар аз он мирию нестӣ* …

Сомӣ аз дӯстони наздики Аҳмад-махдуми Дониш буда, дар замони зинда будани ӯ, ҳеҷ набошад, ҳафтае як бор ба сӯҳбаташ мерафт. (Зикри Сомӣ, намунаи ашъор ва рӯйхати осораш дар саҳифаҳои 335 – 339 «Намунаи адабиёти тоҷик» қайд шудааст.)

8. *Азизхоҷаи Азиз* – таваллудгоҳаш мавзеи Қундузи вилояти Балх буда, дар хурдсолӣ ба Бухоро омада, дар ин ҷо касби камол намудааст. Азиз аз шогирдони қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир[110] буда, аз кӯҳна шарикдарсони Шарифҷон-махдум буд. Азиз қоматбаланд, гандумгун, хушбадан ва камриш буда, ҳамеша табассум карда меистод. Ӯ ширинсухан, гармсӯҳбат ва нармгуфтор буда, дар

*Азбаски Сомӣ аз амалдорони собиқ буд, аз рӯи одат маҷбур буд, ки зоҳири аҳволи худро монанди мирон (амалдорон) карда гардад. Соҳиби тазкира ба ҳамин маънӣ ишора мекунад.



сӯҳбатҳои одӣ ҳам ҳамеша нозукиҳои забони тоҷикиро бо маҳорат ва ба тарзи табиӣ кор мефармуд. Ба уламон расмӣ ба чӣ чашм назар кардани Азиз аз байти зерин маълум аст, ки дар ҳақи қозикалони замони худ гуфтааст:

…Гар бубинам чеҳраи қозикалон,
Кӯзаи очор[111] ояд дар назар.

Бадбинии Азиз ба як қозикалон махсус набуда, ӯ ба ҳамаи қозикалонон ва уламои амалдор бо як чашм нигоҳ мекард. Чунончи, дар вафоти қозикалон Бадриддин, ки аз ҷиҳати тангии чашмаш мардум ӯро «кӯр» мегуфтанд ва ба ҷои ӯ қозикалон шудани қозӣ Бақохон, ки гӯшаш вазнин буда, ӯро «кар» меномиданд. Азиз байти зеринро гуфта буд:

Аз Бухоро кӯр рафту кар ба ҷои ӯ нишаст,
Дар Бухорои шариф ин Карбалои дигар аст*.

Ана ҳаминҳо буданд гули сари сабади маҷлисҳои Шарифҷон-махдум, ки ман аз сӯҳбати онҳо бӯи хушеро мешамидам. Дуруст аст, ки инҳо аз ҷиҳати савияи фикрӣ ва ҷаҳонбиниашон аз ҳамзамонони худ кам фарқ мекарданд, аммо ҳар қадоми онҳо норозигӣ доштанд, ки ин хусусияти онҳо ҳам ба ман бе таъсир намонда буд.

***

Дар маҷлисҳое, ки дар хонаи Шарифҷон-махдум барпо мешуд, чунонки аз бадкирдориҳои роҳбарони ҳукумат ва калонони ҳамон замон шикоят мерафт, инчунин хубиҳои баъзе касони намоён ҳам зикр меёфт, ки ман ғоибона ба он гуна одамҳо муҳаббат пайдо карда будам. Ман ба тариқи мисол дар ин ҷо ёд кардани якчанд нафари ин гуна касонро муносиб мешуморам:

1.*Мирзо Ҳаити Саҳбо* – дар райони Вобканди Бухоро таваллуд ёфта, ба Бухоро барои хондан омадааст. Аммо пеш аз хатми дарс ба дарбори Абдулаҳад, ки дар он вақтҳо (дар замони амирии падараш) дар Кармина ҳоким буд, кашида шудааст. Абдулаҳад баъд аз амири Бухоро шуданаш низ ӯро дар дарбори худ нигоҳ дошта, ба мансабҳои гуногун мансуб кардааст.

Назар ба қавли иштироккунандагони маҷлисҳои Шарифҷон-махдум, Саҳбо ҳамеша камбудиҳои дарбори амирро фош мекардааст, ҳатто баъзан дар ҳузури амир ҳам аз ҳамгӯӣ бознамеистодааст.

Ин хусусиятҳои Саҳборо Шарифҷон-махдум дар тазкираи худ бо байтҳои зерин акс кунондааст:

… Фазилатшиоре ғаюру далер,
Ба гуфтору кирдор чун наррашер.
Ба нирӯи бозуи он покдин,
Дар ин аср н-омад ба рӯи замин.
Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон,
Надорад ҳазар аз кеҳону меҳон[113].
Ба ҳадде, ки дар пеши шаҳ з-ин насақ[114],
Кунад доимо нашр эълони ҳақ…

*Шоир дар ин мисраъ калимаи «Карбало»-ро ба ду маънӣ кор мефармояд, ки дар маънии якум ишора ба дашти Карбало[112] буда, дар маънии дуйӯм «ин кар балои дигар аст» хонда мешавад .

Ин хислатҳои Саҳбо ба амир бе акси таъсир намонд: дар вақтҳои наздик буданаш ба амир дарбони ҳузури амир буд. Вақте ки амир аз ӯ ранҷид, ӯро ба миробии Шаҳрӯд[115] таъин намуд. Чунки ӯ миробонро ба обфурӯшӣ, ба хиёнат кардан дар ҳаққи деҳқонон айбдор мекард. Аммо миробӣ маоши рӯйрост надошт, бояд вай ҳам барои таъмини маишати худ обфурӯшӣ мекард. Лекин Саҳбо ин кори разилонаро накард ва ду сол ба худ сахтиро раво диду ба деҳқонон холисона хизмат кард.

Амир дид, ки Саҳбо муҳаббати оммаи деҳқононро ба худ ҷалб карда истодааст, ӯро аз вай кор гирифта, ба шаҳр миршаб (сардори политсия) таъин намуд. Аммо миршабӣ мансаби аз миробӣ ҳам бадтар буд. Чунки агар мироб аз деҳқонон пора хӯрда, таъмини маишат намояд, миршаб бояд бо дуздон ва қиморбозон шарик мешуд ва аз ҳамин кори мурдор таъмини маишати худ намуда, ба амир ҳам соле чанд бор пешкаш мефиристод.

Саҳбо дар ин ҳам бо камоли покӣ хизмат кард, тамоми ашёи хонааш ва асбоби зинати занашро фурӯхта, фақирона зиндагӣ намуд, аммо бо дуздон ва қиморбозон шарикӣ накард ва ба амир ҳам пешкаш нафиристод. Дар замони миршабии вай шаҳр ва атрофи он осуда гашта, ҳодисаи дуздӣ ҳеҷ воқеъ нашуд, ба зимми ин ӯ аҳолии гузарҳоро ваъзу насиҳат намуда, бо харҷи ихтиёрии онҳо шаҳрро – шаҳреро, ки аз аввали бино шуданаш боз шабона торикистон мешуд, чароғон кард.

Чун амир бо ин кор ҳам аз Саҳбо интиқоми маънавӣ гирифта натавонист, ӯро тамоман аз кор холӣ карда, бо андак маоши амалдорӣ ба хонашинӣ маҷбур кунонид.

Саҳбо дар вақти гӯшанишинии худаш забони танқидиашро боз ҳам дарозтар кард, норозиёни дарбор ба гирди ӯ ғун шуда, бозори шикояти амиру вазирро гарм мекарданд. Ҳукумат ҳам дар озор ва изои ӯ фурсат меҷуст ва ин фурсат ҳам ёфт шуд.

Дар соли 1915 бо супориши гумоштаи сиёсии давлати Россияи подшоҳӣ[116] қушбегӣ ӯро ба ҳузури худ оварда, ба баҳонаи газетахониаш танбеҳ намуд ва аз ӯ дастхат гирифт, ки баъд аз он газета нахонад. Дар аввалҳои револютсияи феврал, бинобар хайрҳоҳии ӯ ба револютсия, ҳукумат ӯро дар арки Бухоро маҳбус ва баъд аз чанде ба Қабодиён (райони Шаҳртузи ҳозираи Тоҷикистон) бадарға намуд ва дар воқеаи Колесов[117] дар соли 1918 дар он ҷо мақтул гардонид. (Зикри Саҳбо ва намунаи шеърҳои вай дар саҳифаҳои 392 –396 «Намунаи адабиёти тоҷик», чопи Москва, соли 1926, қайд шудааст).

2.*Шамсиддин-махдуми Шоҳин* – аз шоирони машҳури ҳамон замон буда, дар вақтҳое ки ман дар хизмати Шарифҷон-махдум будам, мегуфтанд, ки ӯ 34-сола аст. Шоҳин дар он вақтҳо дар доми надимии амир афтода буд, ки озодона бо касе рафтуой карда наметавонист ва бинобар ин хонаи Шарифҷон-махдум ҳам намеомад. Вагарна мегуфтанд, ки то ба дарбор баста шуданаш ҳафтае як бор ба он маҷлисҳо иштирок мекард. Аммо шеърҳои Шоҳин ҳамеша дар он маҷлисҳо хонда мешуданд ва ҳар шеъре, ки ӯ гӯяд, дар рӯзи дуюми гуфта шуданаш ба он ҷо меомад. Ҳамсӯҳбатони Шарифҷон-махдум ҳамагӣ ӯро ба некӣ ёд мекарданд ва ба ман шеърҳои Шоҳин аз шеърҳои ҳамаи он шоироне, ки дар он маҷлисҳо



медидам, зиёдтар таъсир мекард ва бо иштиёқи тамом орзу доштам, ки он рӯзгорро, ҳеҷ набошад, ягон бор бинам.

Рӯзе дар Регистони[118] Бухоро яке аз хешовандони Шарифҷон-махдум, ки ҳаваскори шеъргӯӣ буд, ба ман Шоҳинро аз дур нишон дод. Шоҳин ба назари ман як одами миёнақади лоғарбадан, миёнариш ва чашму абрӯсиёҳ намуд. Афсӯс, ки ӯро аз наздик дида ва суханонашро аз забони худаш шунида натавонистам, баъд аз ду соли ҳамон воқеа ӯ дар рикоби амир – дар Қаршӣ вафот намуд. (Зикри Шоҳин ва намунаи шеърҳои ӯ дар саҳифаҳои 352 – 372 «Намунаи адабиёти тоҷик» қайд шудааст.)

3. *Аҳмад-махдуми Дониш (Аҳмади Калла)* – як каси ғоибе, ки зикри ӯ дар маҷлисҳо диққати маро ба худ бисёр мекашид, ҳамин Аҳмади Дониш буд. Ҳар кадоми аҳли он маҷлисҳо ин зоти бузургро дар ғайбаш ҳам «шумо-шумо» гуфта ном мебурданд ва дар ҳаққи ӯ бо эҳтиром гап мезаданд. Ва ҳол он ки дар мадрасаи Мири Араб аз муллоҳои бошандаи он ҷо дар ҳаққи ӯ бисёр суханҳои бад мешунидам. Ана ҳамин нукта ҳайрат ва тааҷҷуби маро бисёр меафзуд.

Ҳақиқатан ҳам дар як шаҳр, дар як замон, аз як табақа (ҳамаи онҳо, қатъи назар аз савияи фикри як кас) ба ин дараҷа тавсифҳои зидди якдигар шунидан одамро дар ҳайрат меандозад.

Як қисми ин табақа Аҳмад-махдумро дар бадӣ шогирди шайтон шуморад, қисми дигараш ӯро дар некӣ ба дараҷаи фаришта мебаровард. Азбаски ман аз рӯи дарёфти худ аҳли маҷлисҳои Шарифҷон-махдумро одамони дурусткирдор медонистам, аз рӯи гуфтаҳои онҳо муҳаббатам дар ҳаққи Аҳмад-махдум рӯз то рӯз зиёдтар ва ҳавасам аз фаҳмидани хусусиятҳои аҳволи ӯ соат ба соат афзунтар мегардид. Бинобар ин дар мавридҳои муносиб аз ҳар кадоми онҳо дар бораи Аҳмад-махдум чизҳо мепурсидам.

Назар ба қавли Шарифҷон-махдум, furthermore бобоҳои Аҳмад-махдум аз тумани Пирмаст (дар тақсимоти ҳозира як қисми ин тумани собиқ ба райони Ғиждувон, қисми дигараш ба райони Шофирком ва боқимондааш ба райони Вобканд ҳамроҳ гардида, Пирмаст ба сифати номи район барҳам хӯрдааст) аз деҳаи Суғд будаанд, ки онҳо дар он ҷо деҳқонӣ мекардаанд.

Падари Аҳмад-махдум дар хурдсолӣ дар мактаби деҳаи худ хонда, баъд аз он ба Бухоро омада, мадрасаро тамом кардааст ва пас аз хатми дарсҳо дар яке аз гузарҳои Бухоро имом шуда ва ба тарзи доимӣ дар шаҳр монда, аз гузари Кӯчаи Сангини Бухоро ба худ ҳавличае таҳия намуда, дар он ҷо хонадор шудааст. Аҳмад-махдум дар гузари Кӯчаи Сангин ана дар ҳамон ҳавлича таваллуд ёфтааст.

Тартиби хондан ва хатми дарс кардани Аҳмад-махдумро Шарифҷон-махдум ба тарзи зерин ҳикоя мекард, ки инҳоро навиштаҳои худи Аҳмад-махдум ҳам тасдиқ мекунанд.

Падари Аҳмад-махдум ӯро ба мактаби гузараш дода, ният доштааст, ки ба ӯ Қуръонро ҳифз кунонда, қорӣ кунад. Аммо Аҳмади якраҳа ба ин кор сар нафуроварда, ҳар рӯз аз мактаб гурехта, ба Регистон ва лаби ҳавзи Девонбегӣ рафта ба маъракаҳои қиссахонон нишаста, аз он ҷо қиссаҳо ва афсонаҳоро шунида аз худ мекардааст.

Домуллои мактаб ба падари Аҳмад-махдум фаҳмондааст, ки писари вай дар забонаш лакнат[119] дорад, дар вақти гап задан ва хондан забонаш мегирад ва агар ӯ Қуръонро ҳифз кунад, қории бад мешавад.

Бинобар ин аз баҳри ҳифзи Қуръон гузаштан муносиб аст. Падари Аҳмад-махдум ба ин таклиф ночор розӣ шудааст.

Аҳмад-махдум баъд аз хату савод баровардан аз мактаб баромада, ба дарсҳои мадраса давом намудааст ва дар вақтҳои дарсхониаш ба ҳусни хат ва лавҳу ҷадвалкашӣ ҳам машғулӣ карда, дар андак вақт хушхати гузаро, лавҳакаши ҳунарманд шудааст.

Аҳмад-махдум то ба даст даровардани ин ҳунарҳо дар оилаи падараш, ки хеле фақирона будааст, зиндагонӣ карда, баъд аз он ки ба таъмини маишати худ имконият ёфтааст, дар мадрасае аз мадрасаҳои Бухоро ҳуҷрае ёфта, дар он ҷо ба сари худ ва мустақилона рӯз мегузаронидагӣ шудааст. Ӯ дар ин давраи ҳаёташ баёзҳои хушхат навишта ва онҳоро бо лавҳу ҷадвали зебо зинат дода, ба толибонаш фурӯхта, таъмини маишат мекардааст.

Аҳмад-махдум дар яке аз навиштаҷоти худ мегӯяд (мазмунан): – Ман аввалҳо бисёр хасис будам, ҳар чизе, ки аз китобат ва лавҳу ҷадвалкашӣ ба дастам дарояд, андакашро бо сарфакорӣ ба эҳтиёҷҳои зарурии худ харҷ карда, бақияашро захира менамудам ва ба пул ғундоштан бисёр ҳарис будам. Дар он миён ҳодисае рӯй дод, ки ман аз баҳри пулзахиракунӣ гузаштам: дар саҳро амакбачае доштам, ки як ҷавони пурзӯри тануманде буд. Ӯ дар вақти аз саҳро ба шаҳр омада истоданаш, ҳангоме ки аз дарёи Зарафшон мегузаштааст, ғарқ шуда талаф гардид.

Ин ҳодиса ба ман бисёр таъсир кард ва ман дар дили худ гуфтам, ки ба ногоҳ нобуд гардидани одам мумкин будааст, дар ин сурат пулҷамъкунӣ чӣ даркорӣ дорад, хуш хӯрда, хуш пӯшида, хуш гузаронидан беҳтар аст. Баъд аз он ҳодиса ман ҳар чизе, ки ба дастам дарояд, дар худи ҳамон рӯз сарф мекардам, худ мехӯрдам ва дӯстонамро зиёфат менамудам.

Ман дар як дафтар бо дастхати худи Аҳмад-махдум дидам, ки ӯ дар он ҷо тарзи ба илми нуҷум (ситорашиносӣ) машғулӣ кардани худро ба тарзи зерин ҳикоят мекунад (мазмунан):

– Ман шавқ доштам, ки ояндаи худро бидонам ва муайян кунам. Бо ҳамин ният ба илми нуҷум шуғл карданро хостам. Аммо устодони ин фан бисёр бахил буданд ва ба осонӣ чизе аз ин фан ёд намедоданд, ман ба устодони ин фан дуру дароз хизмат карда ва мутолааи шахсии худро зам намуда, ин фанро ба даст даровардам. Азбаски бахилии устодон бисёр ба ҷонам мерасонд, дар дили худ муқаррар карда будам, ки агар ман ин илмро ба даст дарорам, ҳар касе, ки ба пеши ман омада омӯхтани ин фанро хоҳиш кунад, бе музду миннат ва ба зудӣ ба он талаба меомӯзам.

Аҳмад-махдум дар он дафтар дар охири ин ёддошти худ мегӯяд: «Баъд аз он ки ман илми нуҷумро ба даст даровардам, мувофиқи аҳди қалбии худ ҳар касе, ки ин илмро омӯхтан хост, ӯро ба шогирдӣ қабул намудам. Аммо афсӯс, ки аксари он гуна талабаҳо ноаҳл бароманд ва пеш аз он ки аз ин илм чизе ба даст дароранд, фолбин шуда, ҳам худро ва ҳам меҳнати маро нобуд карданд».



Ба асоси асарҳои худи Аҳмади Дониш ва ҳамзамонони ӯ пурра навиштани тарҷимаи ҳоли ӯро ба оянда мавқуф гузошта[120], мехоҳам он чизҳоеро, ки дар бораи аҳвол ва зиндагонии шахсии ӯ дар хонаи Шарифҷон-махдум шунидаам ва онҳо то ҳол дар ҷое навишта нашудаанд, дар ин ҷо қайд карда гузарам.

Дар бораи фаҳмида гирифтани аҳволи хусусӣ ва рӯзгузаронии шахсии Аҳмад-махдум Ҳомидбеки Ҳомид, ки зикраш дар боло дар қатори ҳамсӯҳбатони Шарифҷон-махдум гузашт, ба ман бисёр ёрӣ дод. Ҳомидбек, ки аз бистсолагиаш то он рӯзҳо дар сӯҳбати Аҳмад-махдум давомат карда буд, дар бораи ӯ бисёр чиз медонист ва азбаски Аҳмади Донишро бисёр дӯст медошт, дар бораи вай бисёр бо завқу шавқ гап мезад ва агар дар хусуси Аҳмад-махдум ба ӯ як савол дода шавад, дар ҷавоб ба якдигар вобаста карда, чандин масъалаҳоро кушода мепартофт.

Назар ба қавли Ҳомидбек, баъд аз қозигӣ истеъфо дода, аз дарбори амир канора гирифтани Аҳмад-махдум ба ӯ ба тарзи пенсия китобхонадории мадрасаи Ҷаъфархоҷа дода шуд. (Азбаски дар китобхонаҳои мадрасаҳои Бухоро[121] китобе намонда, ба ин сабаб барои китобхонадор коре ҳам набуд, китобхонадор вақфи аз он роҳ ояндаро ҳақиқатан монанди пенсия ҳисоб мекард.)

Аммо даромади асосии Аҳмад-махдум аз роҳи меҳнати худаш буд. Чунонки дар боло зикр шуд, ӯ бисёр хушхат ва лаввоҳи ҳунарманд буда, даромади ин пеша ҳароҷоти «валинеъматонаи» ӯро мебардошт. Ӯ на танҳо лаввоҳ ва ҷадвалкаш буд, балки рассоми ҳунарманд ҳам буд, ки расмҳои бисёр зинда мекашид. Ҳомидбек як лавҳаи мазҳакаомези ӯро ба ман нишон дод, ки дар ҳақиқат ба ҳайрат афтодам. Мирзо Анвар ном як кӯкнорӣ чанде дар Бухоро миршаб шуда буд. Дониш расми ӯро ба тарзи зерин кашидааст.

Мирзо Анвар чорзону нишаста ва пинак рафта, дар косае кӯкнорро ғиҷим мекунад ва дар манзараи дуюм дар вақти кӯкнорро ғиҷим карда истодани ӯ касе омада ба вай хабар медиҳад, ки аз кӯча як дузд гузашт. Миршаб бо шунидани ин хабар «вой, мурдам» гӯён пуштнокӣ меафтад ва поҳояш дароз шуда, ба косаи кӯкнор мерасанд, ки вай барғелида мешиканад ва оби кӯкнор бо ғузаҳои пачақшудааш бар рӯи гилем пош мехӯрад.

Аҳмад-махдум дар зери ин расм бо хати худ навишта мондааст: «Агар ин кӯкнорӣ як соли дигар дар Бухоро миршабӣ кунад, шаҳр аз дузд пур мешавад»[122].

Аҳмад-махдум ҳунари рассомии худро дар китобати «Лайлӣ ва Маҷнун», «Юсуф ва Зулайхо» барин қиссаҳои ишқии афсонавӣ кор мефармуд. Ман як «Юсуф ва Зулайхо»-ро бо хат, лавҳ, ҷадвал ва расми Аҳмад-махдум дидаам, ки дар ҳамон вақт ба қимати сесад пуд гандум фурӯш шуда буд.

Назар ба қавли Ҳомидбек, Аҳмад-махдум ҳамаи даромадҳояшро, ки аз роҳҳои дар боло баёнёфта меомаданд, харҷ мекард ва ягон чиз аз онҳо захира карда намегузошт. Аҳмад-махдум дар умри худ як бор хонадор шудааст. Дар вақтҳои бо ӯ алоқа пайдо кардани Ҳомидбек як писар ва як духтар дошт; шояд фарзандони дигари вафот кардагӣ ҳам дошта бошад, аммо аз онҳо Ҳомидбек хабаре надошт.

Писари Аҳмад-махдум, ки дар он вақтҳо 40-сола буд, хонадор ва аз падараш ҷудо буда, ӯ ҳам бо роҳи китобат ва лавҳу ҷадвалкашӣ таъмини маишат

менамуд. Аммо барои духтараш яке аз шогирдони худро хонадомод карда буд, ки дар айни замон домод вакили харҷ ва духтар бонуи хона ҳисоб меёфт.

Аз ғайри инҳо, Аҳмад-махдум як ходима дар ҳавлии дарун, Қорӣ Неъмат ном як ҷавони ошпаз дар ҳавлии берун, як боғбон барои нигоҳубини боғча дошт. Инчунин Қорӣ Кароматӣ Дилкаши шоир ва танбурӣ, ки дар шеър ва мусиқа шогирди худи Аҳмад-махдум буд, бисёртарини вақташро дар хонаи ӯ мегузаронид. (Зикри Дилкаш ва намунаи шеърҳояш дар саҳифаҳои 301 – 302 «Намунаи адабиёти тоҷик» қайд шудааст.)

Ана ҳаминҳо буданд аъзои доимии оилаи Аҳмад-махдуми Дониш.

## ТАРЗИ ЗИНДАГОНИИ ШАБОНАРӮЗӢ ВА ҲАФТАГИИ АҲМАД-МАХДУМ

Аз рӯи қавли Ҳомидбек, Аҳмад-махдум ҳар рӯз саҳар аз хоб хеста, баъд аз шустушӯй ба мутолаа ва ё китобат машғул мешуд, баъд аз бомдод ва пеш аз баромадани офтоб чой менӯшид ва як кулчаи равғанизардиро бо ним коса чойи қаймоқӣ хӯрда, боз ба кор менишаст.

Нишастагоҳи доимии вай болохонае буд, ки аз он ҷо дарвозаи даромади ҳавлӣ ва паскӯчаи беруни дарвозааш намуда меистод. (Ман ҳавлӣ ва боғчаи Аҳмад-махдумро дар қисми дуюми «Ёддоштҳо» тасвир кардаам[123].) Ҳар гоҳ, ки дӯстони наздикаш оянд, рост ба пеши ӯ мебаромаданд ва бо ӯ сӯҳбат карда мерафтанд (ба касони нофорам чӣ гуна муомила кардани Аҳмад-махдум дар қисми дуюми «Ёддоштҳо» бо мисоле, ки худ дида будам, тасвир ёфтааст[124]).

Гоҳо мешуд, ки каси бисёре аз дӯстонаш ҷамъ мешуданд ва баъзан инҳо рӯзона тамоман дар хонаи ӯ мемонданд, ки ин ҳол бештарин дар рӯзҳои таътил (чоршанбе, панҷшанбе ва ҷумъа) воқеъ мешуд. Дар ин гуна вақтҳо меҳмонон бо завқи худ вақт мегузаронданд: баъзеҳо тахтабозӣ[125], баъзеҳо мусиқанавозӣ ва мусиқашунавӣ мекарданд ва баъзеҳо бо шароби дастии соҳиби хона шеркайф ҳам шуда мегирифтанд.

Аммо соҳибхона, монанди он ки танҳо бошад, ба кори таълиф ё китобат ва ё лавҳу ҷадвалкашии худ машғулӣ мекард. Аҳмад-махдум дар як ҷои аз навиштаҳои худ ин ҳолро тасдиқ карда мегӯяд (мазмунан): «Ман танҳо монам, бисёр дилтанг мешавам, ба ҳаде, ки коре ва фикре карда наметавонам, аммо вақте ки дӯстон ба хонаи ман ғун шуда, дар сӯҳбат ва бозӣ машғул мешаванд, роҳи тафаккур ва кор ба ман кушода мешавад ва дар ин гуна вақтҳо озодона кор мекунам.

Аҳмад-махдум ҳафтае як шаб дар хонаи худ шабнишинӣ ташкил мекард, ки иштироккунандагони ин гуна шабҳо бо даъвати махсус ҳозир мешуданд. Ин гуна шаб бештарин бо базми мусиқӣ ва рақс мегузашт ва дар вақти дамгирии навозанда ва хонандагон мушоара ва ё латифагӯӣ сар мешуд. Аммо соҳибхона дар ин гуна шабҳо ҳам дар гӯшае нишаста ба кори худ машғулӣ мекард.

Чизеро, ки дар ин ҷо дар бораи зиндагонии хусусии Аҳмад-махдум аз забони Ҳомидбек нақл ёфт, Шарифҷон-махдум дар тазкираи худ бо байтҳои зерин тасдиқ мекунад:



… Писанд омад ӯро қаландарвашӣ,
Шабу рӯз машғуфи* айшу хушӣ.
Ба ваҷҳе маишат, ба ранге сулук,
Намудӣ, ки рашк омадӣ бар мулук.
Шабу рӯз дар маҷлисаш як тараф,
Муҳайё будӣ ною танбӯру даф.
…Ба тарфе дигар фозилони замон
Яке базлагӯю** яке шеърхон.
Гурӯҳе муқайяд будандӣ мудом,
Ба шатранҷбозию шурби мудом***.
Ҷавонони озодаи нуктадон,
Ба хидматгарӣ баста ҳар як миён…
Дар ин навъ гавгою ҷӯши хушӣ,
Шиораш набудӣ ба ҷуз хомушӣ…

## «ОБИ ГАНДА БА ХАНДАҚ »

Дар замонҳои пеш дар Шарқ одатан мунаҷҷим (ситорашинос)-ро муайянкунандаи пешомад ва толеи одамон ва донандаи ривоҷ ё касоди нархи молҳои тиҷоратӣ мепиндоштанд. Азбаски Аҳмад-махдум дар ситорашиносӣ ном бароварда буд, баъзе касон дар хусуси масъалаҳои мазкур ба вай муроҷиат мекарданд. Дар ин гуна мавридҳо ӯ танҳо он каси ба худаш муроҷиаткардаро аз ҳузураш меронд, ҳатто чунон дилгир мешуд, ки чанд рӯз касеро қабул намекард.

Ҳомидбек дар ин хусус воқеаи зеринро ҳикоя кард:

– Ман рӯзе ба хонаи Аҳмад-махдум рафтам, ки хизматгор маро ба даромадан ба пеши он кас рухсат надод ва «ҳеҷ касро ба пеши ман нагузор гуфтанд» – гуфт. Аммо ман, ки ба он кас густох будам, ба манъи хизматгор гӯш наандохта, ба хона даромадам. Он кас дар гӯшаи пешгоҳи хона ҷомаро ба сар печонда мехобиданд. Ман сурфа кардам. Аммо аз тарафи он кас ҳаракате нашуд ва баъд аз он:

– Тақсир, хайр аст, ба шумо чӣ шуд? – гӯён садо додам.

– Як афғони аҳмақ маро ба дараҷаи девонагӣ расонд. Бирав пайи кори худ ва маро ба ҳоли худ ором гузор! – гуфтанд. Аммо ман дар пурсиш суст наомада гуфтам:

– Ҷавоби афғони аҳмақро ман дода метавонам. Чунки ман дар ҳамсоягии онҳо зоида шудаам ва бо онҳо ба хубӣ ҳолдон мебошам, шумо дилгир нашуда, «ҷавоби аҳмақ сукут» – гӯён ба осоиши худ машғул бошед. Аммо ба ман гӯед, ки он аҳмақ ба шумо чӣ кард?

Аҳмад-махдум бе он ки ҷомаро аз сар кушоянд ва аз ҷо хезанд, ба ман гуфтанд:

– Ба гӯшаи поин нигоҳ кун, ки дар он ҷо чӣ мебинӣ?

Ман нигаристам, дар он ҷо дар як халтаи сафед як миқдор чойи кабуд, як сарқанди якпудӣ, як пӯстини поча ва дар як коғазпеч 500 танга (75 сӯм) пули нақд буд. Ман ин чизҳоро номбар карда:

– Ҳаминҳо ҳастанд, – гӯён садо додам.

Аҳмад-махдум вазъияти аввалии худро тағйир надода, эзоҳ доданд:

* Машғуф – дӯстдор.
** Базла – суханони ширин ва латиф.
*** Шурби мудом – мастии доимӣ.

– Ҳамин пагоҳ як афғони хушлибос бо ду хизматгораш ҳамин чизҳоро оварда, дар гӯшаи хона гузошт ва худ бо эҳтироми тамом ба ман салом дода, давида омада ба пеши ман зону зада нишаста, бо ман вохӯрдӣ кард ва дар вақти вохӯрдӣ хост, ки дастонамро бӯсад. Ман бо нафрат аз ӯ даст кашида «бобо, матлабатро гӯй! Аз ман чӣ мехоҳӣ?» – гуфтам. Ӯ бо садои зорикунона ба ман гуфт: – «Ман дар маҳлакае мондаам, ки ҳаёту мамотам ба марҳамати шумо вобаста аст. Шумо ба ман лутф карда гӯед, ки ба Афғонистон равам ё наравам?» Ман ба ӯ ҷавоб додам: «Бобо, ту бародари ман ё фарзанди ман ва ё ин ки ягон каси ба ман дахлдор нестӣ. Ман чӣ кор дорам, ки ту ба Афғонистон меравӣ ё не?» Ӯ саволи худро равшантар карда гуфт: «Шумо меҳрубонӣ карда ба ман фаҳмонед, ки ба Афғонистон рафтанам барои ман хайр аст ё нарафтанам?» Ман ба ӯ гуфтам: «Ман ғайбдон нестам, агар мақсадат рост аст ё дурӯғ ягон фол кушоёндан бошад, бирав, дар кӯчаҳо фолбинҳо бисёранд, фолатро ба онҳо кушоён». Афғон «ба ғайр аз фоли шумо фоли касе рост намебароёд» – гӯён худро ба пои ман партофт ва «ба ман раҳм кунед» – гуфта хост, ки поҳои маро бӯсад, ман ӯро пас тела додам ва «ин корат барои ман ҳақорат аст, дафъ шав!» – гуфтам. Афғон «агар кушед ҳам, аз пеши соҳиб ҳазрат дур намешавам» – гӯён дар зери пои ман меғелид. Хизматгорони афғон ва ошпази ман бо боғбон дар пеши дар истода ин ҳолро тамошо мекарданд. Ман ба хизматгорони худ фармудам, ки афғонро кашола карда аз пеши ман бароварда, ба кӯча пеш кунанд. Онҳо омада аз гиребони афғон гирифтанд. Хизматгорони афғон омада хостанд ба хизматгорони ман дарафтанд. Аммо афғон ба онҳо хитоб карда гуфт: – «Занғобаҳо (занкаҳбаҳо), ба навкарони эшони соҳиб даст нарасонед, ки дастатон мехушкад. Мову шумо саги ин даргоҳ мебошем». Хизматгорони ӯ аз хизматгорони ман даст кашиданд ва ӯ ба хизматгорони ман гуфт: – «Азизон, гиребони маро раҳо кунед, ки ман ба амри ҳазрати соҳиб итоат карда, муваққатан ба ихтиёри худ меравам» ва ба ман нигоҳ карда гуфт: «Ман то бегоҳӣ аз пеши ҳазрат дур мешавам ва дар байни асру шом боз меоям. Дар он вақт ё ба ман як ҷавоби сареҳ медиҳед ва ё маро кушта мурдаамро аз ин даргоҳ дур мекунед».

Ҳомидбек гуфт: «Махдум ҳикоятро ба ин ҷо расонда ба ман гуфтанд:

– Акнун ту фикр кун, ки ман ба ин дарди бедаво чӣ кор карда метавонам? Ва ба ғайр аз ҷомаро ба сар гирифта хобидан чӣ чора дорам? Дод аз дасти нодонӣ!

– Чораи корро ман ба осонӣ пайдо мекунам, – гуфтам, – кӣ будани ин афғон ва чӣ будани дарди ӯро ман фаҳмидам ва ҷавоби саволҳояшро ҳам ман медиҳам. Шумо беҳуда худро дилгир карда, ғам нахӯред ва ташвиш накашед! Ва баъд аз ин ман намегузорам, ки ӯ ба шумо рӯ ба рӯ шавад.

Махдум қадаре осуда шуда, ҷомаро аз сар дур карда, ба болишҳо паҳлу дода нишаста, аз ман тафсилот пурсиданд. Ман арз кардам:

– Он афғон вакили тиҷоратии ҳукумати Афғонистон аст дар Бухоро ва бародари бузурги ӯ дар Балх ноибулҳукумат аст. Дар рӯзҳои охир дар ин ҷо овоза шуд, ки ҳукумати Афғонистон он ноибулҳукуматро ҳабс карда, ба гарданаш завлона андохта ба Кобул бурдааст. Аммо рост ё дурӯғ будани ин овоза ҳанӯз ба ин вакили тиҷорат маълум нест. Ӯ мехоҳад, ки ба воситаи фол рост ё дурӯғ будани ин хабарро фаҳмад, агар рост бошад, дигар ба Афғонистон нарафта, ба ҷои дигар гурезад ва агар дурӯғ бошад, нагурехта ба Афғонистон равад, то ки ба сабаби гурехтани вай бародараш дар ташвиш наафтад ва ба бозхости ҳукумат гирифтор нашавад.

– Хуб, ту ба ин аҳмақ чӣ ҷавоб медиҳӣ? – гӯён махдум аз ман пурсиданд ва ман ҷавоб додам:

– Дирӯз аз Тошқӯрғон яке аз қадрдонҳои падарам ба хонаи ман омад. Хабари наве, ки ӯ овард, ҳабс шуда рафтани ноибулҳукумати Балх буд. Ман ба вакили тиҷорат ин хабарро расонда мегӯям, ки то метавонад, ҳар чи зудтар ба даруни Россия ба ягон ҷои дурдаст гурезад.

– Вақте ки он ҷоҳил омад, ин чизҳояшро ба дасти ӯ супур, ки ин мурдориҳо дар хонаи ман намонанд, – гуфтанд махдум.

– Ин чизҳо на моли шумост ва на моли афғони дузд, – гуфтам ман, – модом ки ман ба саволи ӯ ҷавоб медиҳам, инҳо моли ман мешаванд.

–Магар ту ин чизҳоро бурда ба зану бачагонат мехӯрӣ? – гуфтанд махдум бо оҳанги норозиёна.

– Не – гуфтам ман, аммо инҳоро сарф карда дар ҳамин ҷо зиёфат ташкил мекунем ва бо дӯстон мехӯрем.

– Ман албатта иштирок намекунам! – гуфтанд махдум.

– Ихтиёр доред, – гуфтам. Ҳамон вақт чою қандро ба Қорӣ Неъмат супурдам, ки дар зиёфати ояндаи мо сарф кунад: аз қанд мураббо, нишолло ва ҳалвоитар пазад. Пул ва пӯстинро ба домоди Аҳмад-махдум, ки вакили ҳарҷ буд, супурдам, то ки равған, биринҷ, гӯшт ва дигар даркориҳои зиёфатро муҳайё кунад ва худам рӯйхате тартиб дода, хонандагон, навозандагон, раққосон ва дигар дӯстонро, ки ба иштирок намудан ба ин гуна базму зиёфат сазовор буданд, хабар кунондам. Мо як ҳафта ҳар шаб базму зиёфат ташкил кардем.

Аҳмад-махдум дар гӯшае нишаста ба мутолаа ва китобати худ машғул буданд ва ҳар гоҳ, ки чашмашон афтад ва бинанд, ки мо таомҳоро бо завқи тамом хӯрда истодаем: – «Хӯред, хӯред! Оби ганда ба хандақ, оби ганда ба хандақ» – мегуфтанд.

## САЁҲАТИ СОЛОНАИ АҲМАД-МАХДУМ

Аҳмад-махдум соле як бор ба туманҳои Бухоро саёҳат мекард, ки муддати ин сайругашт ба ду моҳ мекашид. Вақти саёҳати ӯ ҳар сол дар моҳи август ва сентябр рост меомад, ки дар он моҳҳо аз рӯи одат харбузаҳо, ангурҳо ва дар охиртари ин моҳҳо анҷир ва анорҳо ва дигар меваҳои тирамоҳӣ мепазанд, ки саҳро пур аз неъмати алвон мегардад.

Аҳмад-махдум бо ду аробаи каппапӯш ба саёҳат мебаромад, ки дар онҳо асбоби сафар, навозандагон, хонандагон, хизматгорон ва дӯстони наздикаш ҷойгир мешуданд ва худ гоҳо ба асп савор мешуд ва гоҳо дар ароба менишаст. Дар ин гуна саёҳатҳо тамоми хароҷот аз кисаи худи Аҳмад-махдум буд.

Аз шаҳри Бухоро, аз дарвозаи Самарқанд баромада, то деҳаи Суғд, ки бошишгоҳи хешовандони падараш буда, аз шаҳр то он ҷо 32 – 34 километр меояд, дар роҳ дар боғҳои деҳқонон манзил карда, ба як ҳафта мерасид.

Дар Суғд дар ҳавлии амакҳояш, дар хонае, ки барои худаш бино карда буд,

понздаҳ рӯз манзил мекард ва аз он ҷо ба деҳаи Котиёни тумани Шофирком, ки дар он ҷо аз хонандагон ва навозандагон дӯстонаш буданд, мерафт ва як ҳафта истода, баъд аз он ба Ғиҷдувон мегузашт.

Дар Ғиҷдувон дар ҳавлии Ашӯрбойбача ном касе, дар хонае, ки вайро ҳам худ бино намуда ва бо дасти худ наққошӣ карда буд, қариб як моҳ меистод ва баъд аз он аз Сари Пули Эшон Зарафшонро гузашта, дар Бӯстон, Вағонзе, Азизобод, Хусбудун ва Ғурбун якшабӣ ё душабӣ монда, аз дарвозаи Мазор ба шаҳр даромада, ба ҳавлии худ бармегашт.

Дар ин саёҳатҳо Аҳмад-махдум ба китобат ва таълифот машғул нашуда, фақат рӯзи худро бо сайругашт дар даруни полез ва боғҳо, бо мутолаа ё бо шунидани созу суруд ва гоҳо бо навохтани танбӯр, ки худ ба вай мутахассис буд, мегузаронид.

Барои дуруст тасвир кардани саёҳати ӯ ва бошишгоҳҳои ӯ маълумоти зеринро додан зарур менамояд:

Аз райони Вобканд як роҳи на он қадар калон аз ҷануб ба шимол рост ба деҳаи Деҳнави Абдуллоҷон меравад ва аз маркази райони Ғиждувон аз шарқ ба ғарб як роҳи рост ба Хоҷаориф, ки маркази райони Шофирком мебошад, кашида шудааст. Деҳаи Суғд дар ҷое воқеъ шудааст, ки ҳамин ду роҳ якдигарро бурида мегузаранд.

Дар буришгоҳи ҳамон ду роҳ – дар гӯшаи шарқи ҷанубияш як кӯли калони ҳамвори беоб воқеъ шудааст, ки вайро Кӯли Ҷӯбор меноманд. Аз шимолтари ин кӯл рӯди Султонобод аз шарқи шимолӣ ба ғарби ҷанубӣ ҷорӣ шуда омада, вақте ки ба гӯшаи шимоли ғарбии кӯл расид, рост ба тарафи ҷануб меравад ва баъд аз ним километр рафтан рост ба тарафи ғарб мегардад.

Деҳаи Суғд дар ҳамин гардишгоҳи рӯд дар тарафи рости он воқеъ шудааст ва ҳавлии бобоҳои Аҳмад-махдум бошад, дар гардишгоҳе, ки рӯд аз ҷануб ба ғарб бармегардад, бино ёфтааст. Хонае, ки Аҳмад-махдум барои худ сохтааст, тамоман дар гӯшаи берунии он ҳавлӣ буда, дарҳояш ба тарафи рӯд кушода мешуданд ва бошандагони он хона аз он дарҳо ба рӯд назар андохта, кӯлро ҳам дида метавонистанд.

Дар пеши ин хона, дар лаби рӯд ва дар зери қаторбедҳои пурсоя суффаи баланде ҳам буд, ки дар вақти гармо бар он суффа нишастан ва ба оби равони рӯд назар дӯхтан ба кас роҳат мебахшид. Дар кӯл бештарин ҳарбуза ва тарбузҳои миёнсолӣ ва тирамоҳӣ кишта мешуданд, ки полезҳои васеи ҳосилашон расида ба нишинандагони он хона ва он суффа боз ҳаловати дигар мебахшиданд.

Аҳмад-махдум 15 рӯзи айёми саёҳати худро ана дар ҳамин хона ва суффа мегузаронид, ки амакбачагонаш ба ӯ хизмат мекарданд ва ҳам ин ҷо бошишгоҳи гузаштагони ӯ буд.

* * *

Рӯди Пирмаст аз шарқи шимолӣ ба ғарби ҷанубӣ ҷорӣ шуда омада, дар қарибии гӯшаи шарқи шимолии қалъаи Ғиждувон оби он рӯд ба ду тақсим мешавад: як қисми он рост ба ҷануб ҷорӣ шуда, аз тарафи шарқии қалъа мегузарад. Дар канори чапи ин қисми рӯд ҳавлии боғчадоре буд аз они Ашӯрбойбача ном касе. Аҳмад-махдум бо кадом роҳе, ки бошад, бо соҳиби ин ҳавлӣ алоқа пайдо карда, дар лаби рӯд як хонаи пурнақшунигор бино карда буд, ки ду дари он ба тарафи шарқ – ба тарафи боғчаи ҳавлӣ ва ду дари дигараш ба тарафи ғарб – ба тарафи рӯд кушода мешуд.



Аҳмад-махдум қариб як моҳи саёҳати худро дар ҳамин хона мегузаронид.

Дар солҳои аввале, ки Аҳмад-махдум ба ин ҷо барои дамгирӣ меомад, ошнои дерини ӯ қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир (зикри ин одам дар қисми якуми «Ёддоштҳо» ва ҳам дар саҳифаҳои 385 – 391 «Намунаи адабиёти тоҷик» дарҷ шудааст)[126] дар Ғиждувон қозӣ буд. Қозии мазкур ҳар шаб аз абраҳаи қалъа фуромада, аз яккачӯб рӯдро гузашта, ба пеши Аҳмад-махдум меомад ва ҳар ду сӯҳбатҳои дӯстона мекарданд ва мусиқӣ мешуниданд.

* * *

Барои пурра кардани шарҳи аҳволи хусусии Аҳмад-махдум аз ошпази ӯ Қорӣ Неъмат парчаи зеринро нақл намудан муносиб менамояд.

Қорӣ Неъмат дар гузари Хоҷа Аспгардони Бухоро (дар байни лаби ҳавзи Дастархончӣ ва мадрасаи модари хон) ҳавлӣ дошт ва бар болои роҳрави ҳавлиаш як болохонача бино ёфта буд, ки он меҳмонхона ба шумор мерафт.

Назар ба қавли Қорӣ Неъмат, қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир дар вақтҳои қозии Ғиждувон буданаш бо одати муқаррарӣ ҳар сари моҳ ба Бухоро ба рикоби амир меомад. Азбаски рӯйрост бо Аҳмад-махдум сӯҳбат кардани ӯ мумкин набуд, онҳо махфиёна ба ҳамин ҳавлӣ омада, дар ҳамин болохона сӯҳбат мекарданд. Исо-махдуми Исо (зикраш дар қисми аввали «Ёддоштҳо»[127] ва дар саҳифаҳои 414 – 428 «Намунаи адабиёти тоҷик» дарҷ шудааст) ҳам, ки хонанишин буд, дар он сӯҳбатҳо иштирок менамуд. Як қисми он сӯҳбатҳо бо базми мусиқӣ мегузашт, ки дар он базм Сарир ба навохтани лаълича усул нигоҳ медошт. Аҳмад-махдум танбӯр менавохт ва Исо суруд мехонд.

## ШЕЪРҲОИ ҲАҶВИИ АҲМАД-МАХДУМ

Маълум аст, ки асарҳои муҳими Аҳмад-махдуми Дониш то ҳол чоп нашуда бошанд ҳам, бештарини онҳо дар китобхонаҳои Душанбе ва Тошканд мавҷуданд, тадқиқотчиён мутолаа кардаанд ва мутолаа карда метавонанд. Аммо баъзе порчаҳои шеъриаш, ки дар замони мо аз одоб берун ба шумор мераванд, дар ҷое навишта нашудаанд. Аммо, азбаски он гуна шеърҳо дар замони Дониш танқиди тунду тез буданд, баъзе аз онҳоро дар ин ҷо нақл намудан муносиб дида шуд:

Дар дарбори Бухоро одат буд, ки маъзулҳои мансабӣ (аз амал афтодагон) дар сафарҳои амир аз дунболи ӯ мерафтанд, ки онҳоро истиқоматчиён ё истиқоматиён меномиданд. Кадом маъзуле, ки аз дунболи амир бе рухсати махсуси ӯ наравад, гунаҳгори азим ба шумор мерафт ва то кушта шудан ҷазо диданаш мумкин буд.

Боре амир Музаффар ба нияти сафари Қаршӣ аз шаҳри Бухоро баромада, дар Четариқ ном мавзее, ки дар домани ҷӯли Қаршӣ аст, қариб ҳафтод рӯз монд.

Аҳволи истиқоматчиён, ки Аҳмад-махдум ҳам аз ҷумлаи онҳо буд, бисёр танг шуд. Дар рӯзҳои зимистон дар зери барфу борон дар даруни як чодири карбосин муддати дароз мондан – худро ба куштан додан буд.

Истиқоматчиён дар як аризаи муштарак сахтии аҳволи худро ба амир навишта, аз вай рухсат пурсиданд, ки ба Бухоро – ба хонаҳошон раванд. Аҳмад-махдум он аризаро хонда гуфт:

– Бо хондани ин ариза ин хонахароб (амир) моро рухсат намедиҳад. Эҳтимол «ин мағруронро хуб ҷазо додам» – гуён шодӣ кунад ва боз ҳам зиёдтар дар ин дашт монда, моро ба мурдан расонад.

Ӯ дар поёни ариза байти зеринро дар бадеҳа (фаврӣ гуфта) навишт:

Туро чӣ ғусса зи ғавғои истиқоматиён,
Ҳуҷуми пашша чӣ орад халал ба хояи фил?!

Амир баъд аз хондани он ариза ҳамаашонро аз рикобаш пеш кард, ки матлаб ҳам ҳамин буд.

Инчунин Аҳмад-махдум бо ду байти зерин табақаи ҳукмрони замони худро шахрошӯбона ҳаҷв кардааст:

Аввал ба риши миршабу дарвозабон р…м,
В-онгаҳ ба риши муфтию қозикалон р…м.
Чандон р…м, р…м, ки зи … кӯҳҳо шавад,
Болои он баромада бар риши хон р…м.

Ин байтҳо (агар беодобона буданашонро ба назар нагирем) чунон пурмазмунанд ва шоир табақаи ҳукмронро ба дараҷаҳо тақсим намуда, чунон расво кардааст, ки хонанда аз иқтидори вай дар ҳайрат меафтад. Мо аз қабил шеърҳо ҳамин ду мисолро басанда медонем (зикри Аҳмад-махдум ва намунаи асарҳояш дар саҳифаҳои 287 – 301 «Намунаи адабиёти тоҷик», чопи Москва, соли 1926 қайд шудаанд. Аммо аҳамияти иҷтимоӣ ва адабии асарҳои Аҳмад-махдум ва таъсири онҳо ба кушода шудани фикри насли нави он замон дар қисми чоруми «Ёддоштҳо» хоҳад омад).

## ХИСЛАТҲОИ ХУСУСИИ ШАРИФҶОН-МАХДУМ

Шарифҷон-махдум бешубҳа аз ҷумлаи маорифпарварон ва тараққихоҳони замони худ буд. Шеърро бисёр хуб мефаҳмид ва иқтидори шоириаш паст бошад ҳам, шеър мегуфт. Хусусияти ба назар намоёни Шарифҷон-махдум дар ин ҷо буд, ки ӯ қобилияти ҷавононро зуд муайян карда метавонист ва қобилиятҳои баландро бисёр хуб тақдир мекард ва барои инкишофи қобилияти он гуна ҷавонон бо воситаҳое, ки аз дасташ меомад, ёрӣ медод. Бо вуҷуди калонзодаи замони феодалӣ буданаш ба одамҳо хоксорона муомила мекард ва ба ҳеҷ кас бо назари таҳқир наменигарист. Бо ман, Мирзо Абдулвоҳид ва Мирзо Бадеъ ош меҳӯрд. Хусусан аз ман, ки либосҳои саҳроии дар зери хизмат чиркиншуда ва дарида доштам, ҳеҷ нафрат намекард. Ва ҳол он ки ӯ дар зиндагӣ ва хусусан дар таомхӯрӣ ва нигоҳ доштани чизҳои хӯрданӣ ҳамеша тӯрҳои симини сиёҳ мепӯшонд, ки магасе нанишинад ва агар ба меҳмонхона магасе дарояд,гӯё ки ба он ҷо гурге даромада бошад, «биёетон, магасро бароретон» гӯён фарёд карда моро ҷеғ мезад.



Бо ҳамаи ин хислатҳои хуб, аз баъзе хислатҳои ба худаш номуносиб холӣ ҳам набуд: аз бойҳои шаҳру саҳроҳои Бухоро чандин нафар ошноҳояш буданд, ки баъзе аз онҳо кӯбкоритоз, баъзеашон мурғбоз ва баъзеашон ҳамаи ин гуна бозиҳоро мекардагӣ буданд. Вақте ки онҳо ба пешаш оянд, ҳамеша сухан дар бораи машғулоти онҳо мерафт ва ӯ ҳам мисли он ки як нафари онҳо бошад, дар бораи бозиҳои онҳо завққунон гап мезад. Баъзан ба тамошоҳои кӯбкорӣ иштирок мекард ва аспи худро медавонд. Дар ширинкорӣ ва шӯхиҳои авомона ҳам гоҳо иштирок мекард ва баъзан дар хонаи худ ҳам ин гуна шӯхиҳоро ташкил мекард.

Хислати бисёр бади Шарифҷон-махдум дар ин буд, ки ӯ хасис буд. Аммо касони беруна ин хислати ӯро пай намебурданд. Чунки дар зиёфатҳо дастурхонаш хеле ботакаллуф ва пур аз чизҳои хӯрданӣ буд. Ман ҳис мекардам, ки ӯ ин гуна дастархондориро фақат барои номи худро ба «валлаъматӣ» (валинеъматӣ) шӯҳрат додан мекунад, ки ин ҳам яке аз одатҳои феодалист.

## АҲВОЛИ МАН ДАР ҲАВЛИИ ШАРИФҶОН-МАХДУМ

Аҳволи ман дар ҳавлии Шарифҷон-махдум ҳам хуб буду ҳам бад. Хуб буд барои ин ки ман дар он ҷо ҳафтае се шаб бо аҳли илм ва адабиёт, бо касоне, ки донишманд ва озодфикри ҳамон замон ба шумор мерафтанд, бо латифагӯён ва суханварони замон, ки аз шунидани гапҳои онҳо хазинаи дониши кас аз лафз ва маънӣ пур мешуд, ҳамсӯҳбат мешудам. Худи Шарифҷон-махдум бошад, дар вақти танҳо монданаш девонҳои классикҳо ва китобҳои ҳикояро бисёр мутолаа мекард ва ҷоҳои фавқулода дилчаспи онҳоро ба ман ва Мирзо Абдулвоҳид шарҳ дода, ба завқи худ моро ҳам шарик менамуд. Баъзан китобҳоро ба мо хононда хатоҳоямонро ислоҳ мекард ва ҷоҳои нафаҳмидагии моро эзоҳ дода мефаҳмонд.

Китобхонаи Шарифҷон-махдум беҳтарин ва бойтарини китобхонаҳои хусусии шаҳри Бухоро буд. Дар вай нодиртарини китобҳоро бо хати хубу хоно ва бо китобати ба замони таълиф наздик ва баъзан бо дастхати муаллиф ёфтан мумкин буд, худи ин ҳол барои як талабаи маъниҷӯй як хазинаи маълумоти беинтиҳо буд[128].

Хусусан ба шахсияти хизматгор нарасидани хӯҷаин ва бо ман барин хизматгори саҳроӣ навозишкорона муомила кардани ӯ, дар замоне ки хӯҷаинони дигар ба хизматгорони худ бе дашном ва нафрини кӯчагӣ як даҳан нон намедоданд, дили маро бурда буд.

Дар он ҷо аҳволам бад буд барои ин ки бисёрии хизмат, хусусан хизматҳои вазнин, аз фурсат ва тоқати ман зиёд буд. Ман рӯзона барои дарс хондан ва дарс тайёр кардан ҳеҷ вақт намеёфтам, бинобар ин се дарсеро, ки соли пеш дар вақти дар мадрасаи Мири Араб буданам доштам, ба як дарс фаровардам: аз гузари Чорхарос то мадрасаи Мири Араб, ки қариб як километр роҳ буд, давон-давон рафта, бо ҳавоси парешон дар пеши Мулло Абдусалом як дарс аз «Қофия» хонда меомадам ва боз китобамро ба тоқча монда, ба хизмат машғул мешудам. Ва ҳол он ки мақсади асосиам аз истиқомати Бухоро ва кашидани душвориҳо дарсхонӣ буд.

Ба болои ин шароити пӯшок аз ҳад зиёд бад буд: ман бо ҳамон либосҳоям, ки аз саҳро пӯшида омада будам, хизмат мекардам. Дар зери хизматҳои сахти бисёр либосҳоям тамом аз кор баромаданд. Аз се курта-лозимӣ дуяш дарида, якаш монд. Агар курта-лозимӣ аз ҳад зиёд чиркин шавад, дар вақти набудани хӯҷаин ман ба тарафи аспхона гузашта, дар сатил об гарм карда, аввал куртаро шуста гирифта, хушконда мепӯшидам, баъд аз он – агар фурсат бошад, ҳамон рӯз, вагарна кадом рӯз ки фурсат шавад, лозимиро шуста хушконда мегирифтам.

Як ҷомаи пахтаноки ғиҷдувонии майдалаганда доштам, ки ҳам рӯпӯшӣ ва ҳам тагпӯшӣ ба шумор мерафт. Ин ҷома аз зӯри тарошакафонӣ, ҳавлирӯбӣ ва борбардорӣ тамоман дарида ҷиғда-ҷиғда шуда ва остинҳояш чунон дарида чиркин шуд, ки худ аз худ нафрат мекардам.

Аммо хӯҷаини нозуктабиати ман, ки бо магас мубориза эълон карда буд, аз ҷомаи ман нафрат намекард, ниҳоят мегуфт, ки «остинҳоятро то оринҷ бар зан, дастонатро бо собун покиза шӯю биё, бо мо ош хӯр». Аммо, ҳеҷ набошад, ба ман як ҷомаи ошхӯрӣ карда намедод, ки дар вақти бо худаш ҳамтабақ шуданам пӯшам.

Ман ҳанӯз бемасҳӣ будам ва кафши сарипоии маҳаллии обгузарам кайҳо дарида рафта буд, ки панҷаҳои поям аз нӯгаш баромада меистод. Дар вақтҳои борону барф ва лойгарӣ бо вакили харҷ рӯзе чанд бор ба бозор бо ҳамон кафш мебаромадам, ки харидҳои ӯро бардошта биёрам.

Бо он кафш дар кӯчаҳои бесангфарш ва бепиёдагарди Бухоро роҳ рафтан бисёр душвор буд: гоҳо як пои он кафш дар лой банд шуда, аз поям ҷудо шуда, аз худам як қадам пас мемонд, гоҳо як пояш дар вақти бошиддат ва тезтар қадам партофтанам аз поям баромада, парида аз худам чанд қадам пеш мерафт. Рафта-рафта кор ба ҷон расид, ки дар кӯчаҳои пурлой ман кафшҳоямро аз по кашида, ба даст гирифта, аз дунболи вакили харҷ побараҳна медавидам.

Магар ин ҳолро вакили харҷ ба хӯҷаин гуфтааст, ки рӯзе ӯ ба кафшам назар дӯхта истода:

– Кафшат аз кор баромадааст, магар кафши дигар надорӣ, ки пӯшӣ? – гуфт ва ба даҳлез даромада, кафши нимдошти сарипоии худро аз токча гирифта ба ман дод:

– Хуб, кафши дигар надошта бошӣ, инро пӯшида гард!

Аммо ӯ фикр накард, ки кафши одами 28-сола ба пои бачаи 14-сола рост меояд ё не.

Албатта, ман он кафшро пӯшида натавонистам ва ба акаам бурда додам. Акаам кафши кӯҳнаи маро ба кӯҳнадӯз ямоқ кунонда дод ва ваъда кард, ки агар пул ёбад, ба ман як кафш харида медиҳад ва он кафшро худаш пӯшид.

Дар ин миён зани хӯҷаин зоид. Дар Бухоро одат ин буд, ки агар зани калонон зояд, хизматгорҳояшонро ба дӯстонашон барои муждарасонӣ мефиристоданд, он дӯст ба он хизматгор ягон чиз муждагонӣ (севанчӣ) медод.

Хӯҷаин маро ба тағои Ҳоҷӣ Султон ном як ошнояш барои муждарасонӣ фиристод. Ин Ҳоҷӣ Султон як бойи шикастагӣ ва бекор шудамонда буд, ки хӯроки ҳаррӯзаашро аз хонаи одамҳо ба воситаи ширинкориаш мехӯрд. Ӯ ширинкори ӯҳдабаро ҳам набуд. Ширинкории вай иборат аз ҳамин буд, ки ба овози мурғон ва ҳайвоноти даранда тақлид карда садо мебаровар ва ширинкорбозон бо ҳамин рӯдаканона хандида дилкушоӣ мекарданд.



Хӯҷаини ман ҳам дар вақтҳое ки аз мутолаа ва мушоара дилгир шавад, хислати феодалиаш ба ҳаракат омада, тағоӣ Ҳоҷиро кас монда меовард ва ба тақлидҳои ӯ хуб хандида, шиками ӯро бо ягон чиз сер карда гусел мекард.

Ман ана ба ҳамин кас хабари хуши ба хӯҷаин пайдо шудани «меҳмони нав» (зоида шудани фарзанд)-ро расондам. Дар тани ӯ ҳамон вақт як ҷомаи ресмонии рӯпӯшии нимдошт буд, ки онро кашида, «муждагонӣ» гӯён ба ман дод. Ман он ҷомаро оварда ба хӯҷаин тақдим кардам, аммо ӯ нагирифт.

– Ин аз они туст, худат пӯш, – гуфт.

Аммо як ҷомаи васеи дарози барои як одами калон дӯхташударо пӯшидани ман мумкин набуд. Инро ҳам бурда ба акаам додам.

Ана ҳамин ду чиз буд музди хизмати ман аз Шарифҷон-махдум баъд аз даридани ҳамаи либосҳоям дар хонаи ӯ ва дар зери кори ӯ.

Баъдҳо фаҳмидам, ки ҳамаи хизматгорон дар он ҷо бе музд ва бе либос кор мекардаанд. Вакили харҷ Мирзо Бадеъ барои он бе музд кор мекардааст, ки хӯҷаин баъд аз хатми дарсҳояш (ки як сол монда буд) дар ҷое қозӣ шуда, пули бисёр хоҳад ёфт. Аммо ҳис кардан мумкин буд, ки дар вақти харид ӯ, кам-кам ҳам бошад, дуздида музди хизматашро мебарорад. Инро ман аз ҳамин ҳис мекардам, ки ӯ дар вақти харид ҳисобҳо ва нархи чизҳоро аз ман пинҳон мекард ва дар вақти ҳисобӣ бо хӯҷаин онҳо тунду тез мешуданд.

Мирзо Абдулвоҳид мисли ман бепадару модар будааст, ки яке аз қадрдонҳои падараш ба воситаи ошно буданаш бо Шарифҷон-махдум ӯро оварда ба хизмати ин кас супурдааст, то ки дар кӯчаҳо сарсарӣ гашта нобуд шуда наравад. Дар ин ҷо бошад, ба замми муҳофиза ёфтанаш аз кӯчагардӣ, ягон чиз ҳам хоҳад омӯхт. Бинобар ин ӯ дар берун ба ҳамон қадрдонии падараш як дарс хонда омада, дар хонаи хӯҷаин дар вақти фароғаташ аз хизмат, ки кори у хеле сабук – танҳо хизмати даруни меҳмонхона буд, ба хатмашққунӣ, ба иншонависӣ ва ба машқ кардани васиқа ва мактубнависӣ машғулӣ мекард, то ки дар вақти қозӣ шудани хӯҷаин ба мирзохонаи ӯ соҳиб шавад. Либосашро, ки хеле озода ва шаҳриёна буд, аз мероси падараш мекардааст.

Бародари калони саис – Абдулкарим – бо Шарифҷон-махдум ҳамдарс будааст ва ба ӯ ба умеди ба воситаи Шарифҷон-махдум даҳяк[129]гирифтан – ба мукофоти илмӣ соҳиб шудан – додарашро ба ин хизмати паст оварда монда будааст ва либоси саисонаи ӯро, ки чандон қимат намеафтод, ҳамон бародараш гирифта медодааст.

Танҳо ман будам, ки дар ин хонадон бе музду миннат ва бе ҳеҷ мақсади оянда танҳо бо мақсади шикамро сер карда ба дарсхонӣ машғул шудан, кор мекардам.

Вақте ки бисёрии кор ба дарсхониам монеъ шуд ва бе либос гаштан тоқатфарсо гардид, ман дар фикри халос шудан аз ин даргоҳ афтодам. Хусусан баъд аз он ки бародари саис даҳяк (мукофоти илмӣ) гирифт ва баъд аз ҳосил шудани мақсадаш бародарашро аз хизмати саисӣ гурезонд, кори ман боз ҳам душвортар шуд, чунки ман маҷбур будам ба ду асп ҳам худам нигоҳубин кунам.

Ман дар фикри халос шудан аз хизмати Шарифҷон-махдум афтодам. Дар ин хусус бо акаам машварат кардам ва аз ӯ пурсидам, ки маро дар ҷое хизматгор монад, ки кораш камтар бошад ва аз ғайри хӯрок пӯшоке ҳам диҳад.

Акаам дар он вақтҳо дар мадрасаи Олимҷон, ки ба ҳавлии Шарифҷон-махдум наздик буд, бо додарам истиқомат мекард. Дар он мадраса аз ҳуҷрадорони он ҷо Мирсолеҳ ном касе буд, ки акаам шарикдарс буда, ба вай ҳуҷраро ҳам ёфта дода буд. Акаам аз хусуси ман бо ӯ машварат кард.

Ӯ ваъда дод, ки маро дар ҳамон мадраса фаррош (рӯфтурӯбкунанда) таъин кунад, лекин ду моҳи дигар сабр кардан даркор буд:

Ҳозир дар ин мадраса як муллобачаи қашшоқи кӯлобӣ фаррош аст, ки баъд аз ду моҳ ба Кӯлоб рафтан мехоҳад, дар он вақт ман метавонам, ки туро ба ҷои ӯ гузаронам.

Ман ду моҳи дигар дандон ба дандон монда дар ҳавлии Шарифҷон-махдум истодам ва дар вақти муайян кардашуда ба мадрасаи Олимҷон фаррош таъин шуда, бе он ки ба соҳиби хона хабар дода аз вай рухсат гирам, ба кори нав рафтам. Чунки барои рухсат гирифтан далели ба хӯҷаин маъқулшавандае надоштам, агар бисёрии кор ва белибосиро сабаб нишон диҳам, ба ӯ маъқул намешуд ва аз ман меранҷид. Ва ҳол он ки ман ӯро ранҷондан намехостам, чунки ҳарчанд ман аз ваҷҳи моддӣ аз вай норозӣ бошам ҳам, маънан ӯро ҳурмат мекардам ва аввалин тарбиягари маънавии худ медонистам.

Баъд аз ба хизмати мадрасаи Олимҷон даромаданам рӯзе аз пеши дарвозаи Шарифҷон-махдум мегузаштам, ӯ дар таги дар рост истода будааст, маро дида ҷеғ зад, ба пешаш рафтам:

– Бесабрӣ кардӣ, аз пеши мо рафтӣ. Ман барои ту либос тайёр кунонда истода будам. Аз нӯгаш як яктаҳ (ҷомаи беастар) тайёр шуда буд, биё гирифта бар, пӯш! – гуфт ва маро ба ҳавлӣ даровarда аз меҳмонхона як яктаҳи читро бароварда ба дастам дод. Маълум шуд, ки даҳан ба даҳан сабаби гурехтани маро фаҳмида будааст.

Ман ба мадраса омада, он яктаҳро пӯшида дидам, ки аз қади ман як ваҷаб дароз аст. Маълум буд, ки вай барои ман дӯхта нашуда, тасодуфан аз ҷое ба дасти хӯҷаин афтода будааст. Ин буд ҳисоби охирини ман бо хӯҷаин дар бадали хизмати ҳаштмоҳа.

## ДАР МАДРАСАИ ОЛИМҶОН

Бинои мадрасаи Олимҷон ба бинои анъанавии мадрасаҳои Бухоро ҳеҷ монандӣ надошт ва соҳиби мадраса ҳам он биноро дар аввал барои мадраса насохта будааст. Ин бино дар аввал ҳавлии Олимҷон ном як бойе будааст, ки ӯ инро баъдтар ба мадраса гардондааст. Дар ин мадраса боло-поин ҳамагӣ даҳ дар ҳуҷра буд, ки онҳо ба воситаи девор кашида ба хоначаҳо ҷудо карда шудани хонаҳои нишаст пайдо шудаанд.

Ошёнаи якуми ин мадраса сангин – хишти пухтагӣ буда, ошёнаи дуюмаш чӯбин буд. Пеши як айвони поёниро девор кашида масҷид ва пеши як айвони болоиро девор кашида дарсхона сохтаанд.



Бинобар ин ҳуҷраҳои ин мадраса монанди катаки мурғон тангу торик ва масҷиду дарсхонааш монанди як дутаӣ борики дароз буданд, хусусан дар ҳуҷраҳои поини тарафи шимолиаш, ки пешайвон доштанд, дар рӯзи равшани офтобнок ҳам чизеро дидан ва хондан мумкин набуд.

Бародарам бо додарам дар яке аз ҳамин ҳуҷраҳои поин зиндагӣ мекарданд ва дар рӯзҳои дар ин ҷо фаррош таъин шудани ман бародарам мисли порсола боз ба чӯли Каркӣ барои муаллимӣ рафт ва ман дар ҷои ӯ дар ҳамон ҳуҷраи тангу торик бо додарам мондам.

Ин мадраса дар Чорсӯи шаҳри Бухоро як сарои вақф дошт, ки номи он ҳам сарои Олимҷон буд. Аз даромади ҳамин сарой ба саҳми фаррош ҳар моҳ даҳ танга (як сӯму панҷоҳ тин) мерасид, ки мо ҳар ду баробар бо ҳамин маблағ зиндагонӣ мекардем.

Хизмати асосии фаррошии ин мадраса он қадар зӯр набуд: як рӯзе як бор рӯфтани як мадрасаи ҳавлимонанд ва дар вақтҳои барф пок кардани бомҳои он ба монанди ман як ҷавони коркӯфта он қадар душворӣ намекард. Лекин хизматҳои иловагии фаррош аз ҳад зиёд буда, маро аз дарстайёркунӣ ва машғлӣ кардан ба адабиёт бозмедошт.

Дар ду ҳуҷраи ин мадраса ду нафар ориятнишин: яке ман, дигаре муаззини мадраса будем ва дар ҳашт ҳуҷраи боқимонда касоне менишастанд, ки ҳуҷраҳошон «мулки хусусӣ» ва зархариди худҳошон буд ва ҳамаи инҳо бухороӣ буда, тобистону зимистон дар мадраса буданд ва хонадорҳошон ҳам рӯзе як бор ба ин ҷо омада мерафтанду алоқаашонро аз мадраса ҳеҷ намекананд.

Яке аз ин ҳуҷрадорон шарикдарси бародарам ва ҳомии ман Мирсолеҳ буд. Мирсолеҳ як одами баландқомату борикбадани сафедрӯю малламӯи камриш буда, бинии калоне дошт. Ӯ одами хушгапи нармгуфтор буда, аммо қадаре бо пешгоҳи димоғаш гап мезад, ки суханонаш манқамонанд мебаромаданд. Мирсолеҳ дар дарс аз ҷумлаи ҳамдарсони хушфаҳмаш буда, адабиётро дӯст медошт ва хатро бисёр зебо менавишт. Фазилати аз ҳама сифатҳояш намоёнтари Мирсолеҳ ин буд, ки ӯ одампарвар буд, бо вуҷуди даромади зиёд надоштан ва баъзан дар харҷҳои зарурӣ дасткӯтоҳӣ кашиданаш ба афтодагон ва бароҳмондагон, хусусан ба муллобачагони қашшоқ, бо ягон роҳ ёрмандӣ расонда меистод.

Мирсолеҳ падару модар ва бародарон дошт, ки дар ҳамон гузари Чорхарос дар ҳавлӣ зиндагонӣ мекарданд. Бинобар ин баъзе вақтҳои Мирсолеҳ дар ҳавлиаш мегузашт.

Дигаре Мирқодир-махдум ном дошта, аз шарикдарсони ман ва аз хешовандони Мирсолеҳ буд. Мирқодир як ҷавони баландқомати қоқбадани сиёҳчеҳра буда, табиати на он қадар мӯътадил дошт. Ӯ дар гуфтор ва кирдорҳояш як қадар тундмизоҷӣ нишон дода меистод. Ӯ дар дарсхонӣ бисёр ҳарис буда, зеҳнаш пасттар бошад ҳам, худро аз хушфаҳмон мешумурд. Аммо бо ҳамаи ин, агар хатоҳояш бо устоӣ нишон дода шаванд, қабул мекард. Ӯ дар синну сол аз ман калон ва дар дарс баробари ман буда, ба зудӣ бо ман ҳаммуколима (ҳамроҳ дарс тайёркунанда) ва дӯст шуд. Мирқодир дар рӯ ба рӯи мадраса як ҳавлича дошт, ки бо тағоиаш муштарак буда, дар як хонаи он модараш менишаст. Бинобар ин ӯ рӯзона ва шабона ҳам то соатҳои 10 – 11 дар мадраса буда, вақти хобашро дар

ҳавлӣ, дар пеши модараш мегузаронд. (Мирқодир дар ҳаракатҳои револютсионӣ ҳам иштирок кард, ки дар поёнтари «Ёддоштҳо» зикр хоҳад ёфт.)[130]

Дигар дар он мадраса се бародарон буданд, ки онҳоро Ботурчаҳо мегуфтанд. Инҳо писарони мулло Ботурча ном касе будаанд, ки вай дар қадпастӣ, сархурдӣ ва саллакалонӣ дар Бухоро машҳур будааст. Яҳёхоҷа, ки зикраш дар боло гузаш, боре бо ӯ дар кӯча дучор омада, ин байти Бадилро ба ӯ хитоб карда хондааст:

Як нахӯд каллаву сад ман дастор,
Ин каму беш чӣ маънӣ дорад?

Ва саллаи ӯро аз сараш чанг зада гирифта ба кӯлмаки об ҳаво додааст.

Ду нафар Ботурчаҳои калонсол ҳам монанди падарашон қадпасти хурдкалла, рӯйборик ва камриш буда, саллаҳояшон монанди соябони калон буд, ки ба сари чӯби борик шинонда бошанд. Инҳо хатмкарда, ҳар кадом дар гузаре имом, хонадор ва аз гузари Сиёҳкорони Бухоро ҳавлидор шуда, асосан дар ҳавлӣ зиндагонӣ мекарданд. Аммо ҳар дуи онҳо дар мадраса ду ҳуҷраро банд карда монда, рӯзе як бор ба он ҷо омада мерафтанд.

Ботурчаи хурдсол навдарсхон ва сохти баданаш нисбат ба бародаронаш мӯътадилтар, дар рафтору кирдор ба бародарони худ муқобил буд ва ҳамеша онҳоро масхара дошта мегашт. Аммо ҳар сеи ин Ботурчаҳо ҳам кӯрсавод буда, ягон сатр хати ба забони тоҷикӣ навишташударо бурро хонда наметавонистанд ва ҳеҷ хат надоштанд.

Аз ҳуҷрадорони он ҷо яке усто Ҷӯрабой ном сартарош буд, ки рӯзона ба лаби ҳавзи Девонбегӣ рафта, дар дуконе нишаста сартарошӣ мекард ва шабона дар хуҷрааш хуфтухоб менамуд. Ин одам тамоман бехату савод буда, дар ном ҳам ба муллоҳо ҳеҷ алоқа надошт ва дар хурдсолиаш ҳам дарс нахондааст. Бо вуҷуди ин бошандаи мадраса буда, аз ҳуқуқи вай дар қатори дигар ҳуҷрадорон баробар фоида мебурд.

Боз чанд нафар муллонамоҳо буданд, ки дар он мадраса доимӣ дар ҳуҷраи худ зиндагонӣ мекарданд. Аммо ба дарс хондан ва дарс гуфтан ҳеҷ алоқа надоштанд ва ғайр аз вақфи ҳуҷраашон даромади дигар доштанашон ҳам маълум набуд. Мирқодир-махдум ва Ботурчаи хурд, ки Маъсумхон ном дошт, мегуфтанд, ки онҳо майдасудхӯрӣ мекунанд ва ба баққолҳои майда бо фоида пул қарз медиҳанд.

Хизмати иловагие, ки ба муносибати фаррошиам ба гардани ман афтода буд, хизмати ана ҳамин гурӯҳ буд. Аз ин ҳуҷрадорон Мирқодир-махдум ба ман ҳеҷ кор намефармуд, балки як дараҷа маро ҳурмат мекард. Ботурчаи хурд – Маъсумхон бошад, коре надошт, ки ба ман фармояд. Мирсолеҳ-махдум бе музд коре намефармуд на ҳатто бе ҳеҷ хизмат ба ман бо чою нон ва бо либоси кӯҳна ёрмандӣ карда меистод. Ӯ либосҳои кӯҳнаи худро мувофиқи қади ман дар хонаи худ аз сари нав дӯзонда оварда ба ман медод. Боқимондаи ҳуҷрадорон ба ман чунон муомила мекарданд, ки гӯё ман ғуломи падари онҳо бошам: рӯфтани ҳуҷраҳошон, кафондани тарошаҳошонро ба ман мефармуданд ва ҳавлидорҳошон барфрӯбӣ ва тарошакафонии ҳавлиҳошонро ҳам ба гардани ман бор мекарданд. Бо ҳамаи ин бо ягон бурда нон ва ягон пиёла чой ёрмандӣ намекарданд. Ҳатто Ҷӯрабои сартарош ҳам ҳуҷраашро ба ман мерӯбонд, ки ин бисёр алам мекард.



Мутаваллии[130] мадраса як одами бесавод буда, мувофиқи шарти вақф даҳяки (даҳ протсенти) вақфи мадрасаро мехӯрд. Ӯ дар ҳавлиаш ягон кори зӯртар бароояд, ӯ ҳам маро бурда кардани он корро мефармуд.

Дар айёми тобистон сарои Олимҷонро, ки вақфи ин мадраса буд, таъмир намудан ва шикастурехтҳояшро дуруст кардан лозим шуд. Мутаваллӣ маро бурда, ба болои иморат ба сифати саркор кор фармуд ва худаш, ки бехату савод буд, рӯйхати хароҷотро ҳам ба ман менависонд.

Ман дар он ҷо дар гармии офтоби майнасӯзи Бухоро дар миёнаи лою хоку чанг ва хишту гаҷу оҳак ду моҳ кор кардам. Аммо мутаваллӣ ба ман як пул ҳам ҳақи хизмати иловагӣ (ғайри моҳонаи фаррошӣ) надод.

Калонон, ҳуҷрадорон ва имому мударрис ба ман таъин карданд, ки пинҳонӣ хароҷоти ҳақиқии таъмирро тафтиш карда истода, рӯйхати алоҳидае тартиб намуда, ба онҳо диҳам, то ки миқдори дуздии мутаваллиро онҳо бифаҳманд. Ман барои иҷрои ин вазифаи пинҳониам аз мардикоре пурсидам, ки мутаваллӣ ӯро рӯзе ба чанд пул қарор карда овардааст. Ӯ гуфт:

– Ҳар кадоми мо даҳ нафарро рӯзе яктангагӣ (15-тинӣ) қарор карда овард.

Ва ҳол он ки мутаваллӣ дар рӯйхат хароҷоти ҳар мардикорро рӯзе дутангагӣ (30-тинӣ), ҷамъашонро рӯзе 20 танга (се сӯм) менависонд.

Лекин мутаваллӣ дар байни мардикорон ҷосус доштааст, ки ба воситаи онҳо ё ин ки бо фаросати худ тафтиши пинҳонии маро фаҳмидааст, бинобар ин маро ба гӯшае бурда гуфт:

– Ту аз пайи тафтиш кардани хароҷоти таъмирот нагард. Ман медонам, ки ин корро ба ту вақфхӯрони мадраса фармудаанд. Аммо агар ман хоҳам, туро дар як рӯз аз фаррошӣ мебарорам ва он калонон ҳеҷ кор ҳам карда наметавонанд. Ту дар пайи хотирхоҳии ман бош!

Ман ин ҳолро ба Мирсолеҳ, ки ҳомиям буд, гуфтам. Ӯ гуфт:

– Матаваллӣ рост мегӯяд. Ту дар паси тафтиши кори ӯ нагард. Дуздии мардумро мову ту бартараф карда наметавонем. Бештарин одамон дузданд. Агар яке аз ин одамонеро, ки дуздии мутаваллиро пешгирӣ кардан мехоҳанд, ба болои иморат монанд, даҳ баробари мутаваллӣ дуздӣ мекунад.

Ман ҳам дигар дар пайи тафтиши хароҷот нагаштам. Аммо барои ман дар он сарой тафтиши корҳое баромад, ки барои худам ҳавасангез буданд: дар он сарой ҳиндуҳои судхӯр менишастанд, ки дар пайи тафтиши касбу кор ва маишати онҳо афтодам.

## ҲИНДУҲОИ СУДХӮР

Ҳиндуҳои судхӯр одамони бисёр чиркин ва бадбӯй буданд ва ҳарчанд ҳар пагоҳ сару тани худро як бор шӯянд ҳам, ба бӯи баданашон тоқат кардан мумкин набуд. (Мегуфтанд, ки онҳо ба баданашон ҳар рӯз баъд аз шустушӯй равғани махсус мемоланд.) Бӯи бади ҷои истиқоматашон бошад, аз пеши дари даромадгоҳ нафаси касро мегардонд.

Касбу кори онҳо аз зисту зиндагониашон ҳам чиркинтар буд: онҳо ба афтодатарин ва камбағалтарини мардуми шаҳру саҳро бо фоидаи бисёр калон пул қарз медоданд. Зеро одаме, ки аз ягон ҷои дигар пул қарз карда тавонад, ба онҳо муроҷиат намекард.

Гурӯҳи калони қарздорони онҳо сарбозони амир буданд. Инҳо аз даҳ танга то 20 танга (аз як сӯму панҷоҳ тин то се сӯм) қарз мегирифтанд ва ин маблағро ба ҳафтаҳо тақсим намуда, дар як ё ду моҳ дучанд карда медоданд.

Ҳиндуҳо додугирифти худро ба дафтаре наменавиштанд. Қарздоронашон ҳам ҳамагӣ одамони бехату савод буданд. Онҳо ҳисоби муомилаи худро бо «хатчӯб» нигоҳ медоштанд. «Хатчӯб» иборат аз як чӯби ниморшинии чорраҳ буд, ки паҳнии ҳар рӯяш ду сантиметр меомад. Ба ҳар як қарздор як хатчӯби махсус буда, ҳинду номи қарздор ва маблағи қарзашро ба сари он чӯб бо хати ҳиндугӣ навишта мемонд. Азбаски ӯ пули худро аз қарздор бо тақсимоти муайян меситонд, дар ситондани ҳар қисми қарз ба он хатчӯб як хат мекашид.

Ҳиндуҳо ҳар рӯз то соатҳои 12 дар ҳуҷраҳошон менишастанд (ғайр аз он рӯзе, ки амир ба сарбозон аз аввали пагоҳ ба Регистон – ба арки амир мерафтанд, ки аз сарбозони қарздор пули худро рӯёнанд), дар ин миён қарзталабон омада қарз мегирифтанд.

Қарздиҳии ҳиндуҳо ба ин тариқа буд: масалан, як мӯҳтоҷ агар 20 танга қарз гирифтан хоҳад, ҳиндуҳо ин маблағро бо даҳ танга фоида, ба шарти дар ду моҳ гардонда додан медоданд ва дар хатчӯб ин маблағро 30 танга қайд мекарданд ва ин 30 тангаро ба ҳашт қисм тақсим менамуданд ва қарздор маҷбур буд, ки ҳар ҳафта як қисмати он маблағро ба қарзхоҳ гардонад.

Ҳиндуҳо соатҳои дувоздаҳи рӯз ҷомаи майданақши сиёҳеро, ки барои онҳо аз тарафи ҳукумати Бухоро бинобар «кофир» буданашон таъин карда шуда буд, аз рӯй мепӯшиданд, аз рӯи он ҷома як ресмончаи канабиро ба миёнашон мебастанд, ба сарашон ҳам як телпакчаи чорраҳи белабакиро мениҳоданд. 40 – 50 хатчӯбро (мувофиқи адади қарздоронашон) дар як халтаи чиркин андохта, дар бағалашон ҷой мекарданд, халтаи хатчӯбро дар бағал чунон ҷой мекарданд, ки қисми номи қарздор навишташудаи чӯбҳо аз бағал берун ва намоён шуда меистод, то ки қарзхоҳ дар вақти вохӯрданаш ба қарздор хатчӯби ӯро ба осонӣ ёфта барорад.

Ҳиндуҳо дар ҳамин қиёфат ва ҳолат то бегоҳирӯзӣ дар кӯчаҳои шаҳр ва дар саройҳое, ки қарздоронашон зиндагонӣ мекарданд, гардиш карда пул мечиданд ва баъд аз он ба манзили худ баргашта сабзобнӯшӣ менамуданд.

Сабзоб як нӯшокии масткунанда буд, ки ҳиндуҳо вайро аз як алафи барги канабмонанд мекашиданд. Ин алафро тар карда, дар ӯғурча кӯфта, монанди оби кӯкнор аз латтаи софӣ мегузаронданд ва баъд он оби софкоришударо дар қадаҳҳои фулузии (металлии) ҳиндустонӣ рехта менӯшиданд.

Зоҳиран, қувваи масткунандагии ин об хеле баланд буд, ки дар вақти нӯшонӯш баъзан дар байни ҳарифон ҷанҷолу занозанӣ барпо мешуд.

Дар сарой Бойарҷӣ ном як ҳинду буд, ки нисбат ба дигарон як дараҷа камбӯйтар ва озодатар буд ва ҳуҷрааш ҳам он қадар бӯи бади дилбеҷокунанда надошт. Ӯ хати хуби тоҷикӣ дошт, ки бо алифбои араб менавишт ва саводи тоҷикиаш ҳам бурро буд. Ӯ ҳар гуна китобҳо дошт, аз китобҳои адабии тоҷикӣ «Гулистони масаррат»[131], «Девони мирзо Мазҳарҷони Ҷонон»[132] ва тазкираи «Хизонаи Омира»-ро[133], ки ҳамаи онҳо чопи Ҳиндустон буданд, аввалин бор дар ҳуҷраи ӯ дидаам. Аммо аз китобҳое, ки бо забону хати ҳиндугӣ навишта ё чоп карда шудаанд, бисёр дошт. Ӯ ҳар вақт ё китобҳои тоҷикӣ, ё китобҳои ҳиндугиро мутолаа карда менишаст ва барои мутолаа кардани китобҳои тоҷикиаш ба ман ҳам рухсат медод.

Бойарҷӣ судхӯрӣ намекард, касби маълуми ӯ ҷавоҳирфурӯшӣ буд. Аммо сангҳои пурқимат надошт, сангҳое ки ӯ мефурӯхт, ҳамагӣ арзонбаҳо ва одӣ буданд, ки заргарҳо ё мисгарҳо харида, ба нигинакориҳои зарфҳо кор мефармуданд.

Ӯ дар ҷавоҳиршиносӣ машҳур буд, бинобар ин сангҳои қиматбаҳоеро, ки дар Бухоро дар байни одамон хариду фурӯш мешуд, ба вай нишон дода нарх мекунонданд ва ӯ бадали ин хизмати худ аз фурӯшгору харидор даллолӣ мегирифт. Ҳукумати Бухоро ҳам агар санги пурқиматеро аз ҷое ба даст дарорад, ба ӯ нарх мекунонд.

Бойарҷӣ рӯзе дар бораи ҳамватанони судхӯраш, ки ман ба вазъияти зисту зиндагонии онҳо бо нафрат тааҷҷуб баён кардам, гуфт:

– Ин гуна одамҳо дар Ҳиндустон миллионҳо ҳастанд, ҳар сол аз онҳо садҳо ҳазор кас аз гуруснагӣ ва аз чиркинии ҷои зиндагӣ мемиранд. Ин натиҷаи кордорӣи англисҳо аст. Баъзеҳо агар тавонанд, барои як лаб нон ёфта худро аз марги муайян халос кардан ба ҳар тараф мегурезанд. Инҳое, ки ту дар Бухоро мебинӣ, аз ҳамон ҷумлаанд. Инҳо ғайр аз як лаб нон ёфта шиками худро сер кардан ва сабзоб нӯшидан мақсади дигаре надоранд. Чунки инҳо аз бозе ки аз модар рӯидаанд, на рӯи озодагиро дидаанд ва на зиндагии одамонаро ба худ тасаввур кардаанд ва дар Ҳиндустон шароите нест, ки одам ба ин гуна фикрҳо афтад. Вақте ки инҳо ба Бухоро омада дидаанд, ки касби аз ҳама осонтар ва беташвиштар майдасудхӯрӣ аст, ба ҳамин кор машғул шудаанд.

Бойарҷӣ аз чилими худ, ки вайро қалён меномид, баъд аз як-ду қуллоб кашида дудашро аз димоғаш баровардан, сухани худро давом кунонда гуфт:

– Дар ҳақиқат ба аҳволи нафратангези инҳо дар навбати якум ҳукумати англис ва дар Бухоро ҳукумати Бухоро ҷавобгар аст. Зеро агар ҳукумати амир ба ин кори инҳо, ки сабаби хонавайронии раияҳои камбағали худаш аст, роҳ намедод, инҳо маҷбур мешуданд, ки бо ҳаммолӣ ва мӯздурӣ шиками худро сер кунанд.

* * *

Дар шаҳри Бухоро се саройи ҳиндуҳо буд, ки дар ҳар кадоми онҳо аз сад то саду панҷоҳ нафар ҳиндуҳои судхӯр зиндагонӣ мекарданд. Ҳукумати Бухоро ба болои инҳо як маъмур гузошта буд, ки вайро «ясавули ҳиндуҳо» меномиданд. Ясавули ҳиндуҳо ба зимми ин ки корҳои ҳиндуҳоро назорат мекард, ба воқеанависони (ҷосусони) амир ҳам сардорӣ менамуд. Ясавул дар навбати аввал сифати сарҷосусии худро дар ҳақи ҳиндуҳо кор мефармуд, ӯ фаҳмида меистод, ки ҳар ҳинду чӣ қадар пул ёфтааст ва чӣ қадар пул ба киҳо қарз додааст.

Ясавул ва умуман маъмурони ҳукумати Бухоро ба насӯзонда рӯёндани қарзи

ҳиндуҳо ёрӣ медоданд. Чунки дороии ҳиндуҳо ва пайдову пасандози онҳоро аз они ҳукумати Бухоро медонистанд. Дар ҳақиқат ҳам агар ҳиндуе бимирад ва дар пеши худ вориси муайяне надошта бошад, ҳамаи дороии ӯ ва нақду насияи ӯ аз тарафи ҳукумати Бухоро забт мешуд. Азбаски ясавул ҳамаи дороии ӯро тафтиш карда меистод, ӯ дар вақти мурданаш пулашро ба ягон ҳамватанаш ҳам гузаронда наметавонист.

Ин аҳвол ҳаминро равшан нишон медод, ки дар судхӯрии ҳиндуҳо ва дар кори камбағалони Бухороро хонавайрон кардани онҳо ҳукумати амир бевосита манфиатдор аст.

Дар районҳо – дар Ғиждувон, Вобканд, Қаршӣ ва дар дигар ҷоҳои музофоти Бухоро ҳам саройи ҳиндуҳо буда, онҳо дар зери ҳимояти ҳукумати онҳо дар районҳо боз ҳам пурфоҷиатар буд. (Ман материалҳои бобҳои «Қарзи ҳинду» ва «Ҳиндуи салланок»-и «Дохунда»-ро дар ҳамон вақт омӯхтаам.[134])

## МАШҒУЛИЯТИ ИЛМӢ ВА АДАБИИ МАН ДАР МАДРАСАИ ОЛИМҶОН

Таҳсили солҳои 1892 – 1893 сар шуд. Дар ин сол «Шарҳи мулло»-хон шудани ман, яъне шарҳеро, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар матни «Қофия» дар бораи наҳви забони араб ба забони арабӣ таълиф кардааст, хондани ман даркор буд.

Барои як дарс ғайр аз домуллои кунҷакӣ, ба пеши ягон домуллои дарсхонагӣ ҳам рафтан лозим буд. Ин домулло ҳам муайян карда шуд. Ин – домулло Икромча буд, ки яке аз машҳуртарини мударрисони он замон буда, бародари калонам ва домуллоҳои кунҷакиам – Мулло Абдусалом ва Мулло Бозор ҳам дар пеши он кас мехонданд.

Домулло Икромча он вақтҳо яке аз 40 нафар мударрисони мадрасаи Ҷаъфархоҷа буд, ки он мадраса бо вуҷуди бисёрии мударрисонаш дарсхона надошт. Бинобар ин домулло дар ҳавлии худ, дар гузари Хоҷа Булғори Бухоро дарс мегуфт.

Дар пеши домулло Икромча шарикдарсони мо аз ҳафтод нафар беш буда, дар ҳаррӯза дарс аз шаст нафар зиёдтари инҳо ҳозир мешуданд. Ҳавлии домулло Икромча бисёр танг буда, бар болои боми хонаи нишасти даруниаш болохонае бино карда, вайро ба худ дарсхона қарор дода буд.

Мо шаст нафар дар вақти дарсхонӣ дар ҳамин болохона монанди ҳозирони маъракаи маддоҳӣ пасу пеш бо ҳам ҷафс шуда менишастем. Дар миёнаҷои ҳалқаи дарс – дар сафи пеш қории ҷамоа менишаст ва ӯ иборати дарсҳо ба забони арабӣ аз рӯи китоби худ мехонд, домулло аввал тарҷима, баъд аз он шарҳ карда, он дарсро ба мо фаҳмондан мехост. Аммо бештарини шогирдон фаҳмида нафаҳмида, ду ба ду, се ба се фарёд мекарданд ва гӯё онҳо бо ҳам дар мунозира афтода буданд.

Аммо домулло, ки ба усули дарсгӯии Бухоро моҳир буд, бо овози ғафс ва баланди худ ва бо нигоҳҳои тези чашмони пуроташи таъсирнокаш он ғавғоро хомӯш карда, ихтиёри суханро ба дасти худ гирифта, бо эзоҳ ва тамсилҳои устодона ба касоне, ки қобилият доштанд, мақсади муаллифи китобро бо забони тоҷикӣ мефаҳмонд ва бо ҳамин як соат вақт гузашта, дарси якрӯзаамон тамом



мешуд. Ман ҳис мекардам, ки ҳаштод протсенти он талабагон чизеро нафаҳмида буданд. Бо ҳамаи ин, вақте ки ба кӯча баромаданд, мунозираеро, ки бо зӯрии домулло бас карда буданд, аз сари нав сар мекарданд, ҳар гоҳ ки ба ҷоҳои серодами кӯча мерасиданд, овозашон боз ҳам баландтар ва якдигарро дашном доданашон боз ҳам тезутундтар шудан мегирифт. Маълум буд, ки онҳо бо ин ҳаракати худ муллобачаи «хушфаҳм» будани худро ба одамон фаҳмондан мехостанд.

Аз рӯи одати дарсхонаҳои Бухоро дар ҳар гурӯҳе, ки дарсашон як буда, дар пеши як мударрис мехонда бошанд, як нафарашон қории ҷамоа таъин мешуд. Қориёни ҷамоа одатан аз муллозодаҳо таъин карда мешуданд. Агар дар як ҷамоа чанд нафар муллозода бошанд, кадоми онҳо, ки падараш номдортар ва мансабкалонтар бошад, ӯ қории ҷамоа мешуд. Дар ҷамоаи мо Ғафурҷонмахдум, ки додари Шарифҷон-махдум буда, қозикалонзода буд, қорӣ таъин шуд.

Аммо Ғафурҷон баръакси бародараш ва монанди бештарини муллозодаҳои Бухоро тамоман бесавод буда, ҳатто алифро аз бе фарқ карда наметавонист. Ман ба ӯ дар вақти дар ҳавлии Шарифҷон-махдум буданам ҳолдон шуда будам, ки ӯ вақти худро ба мурғбозӣ ва вартишбозӣ (бедонабозӣ) сарф мекард. Ҳамсӯҳбатони ӯ ҳам мурғбозон ва бедонабозони Бухоро буданд. Ӯ баъзан бо қарта қиморбозӣ ҳам мекард.

Ана ҳамин махдум аз ман хоҳиш кард, ки ҳар пагоҳ ба хонаи ӯ равам ва пеш аз дарс бо ӯ дарси ҳамон рӯз хондашуданиро «муколама» кунам. Албатта ӯ ба муколама, ки маъниаш гуфтушуниди ду нафар дар болои ягон масъалаи илмӣ аст, ҳеҷ қобилият надошт. Мақсади вай аз ин таклиф он буд, ки ман ҳар рӯз рафта, иборати дарси ҳамон рӯз хондашуданиро ба ӯ ёд диҳам, то ки ӯ пеши домулло ва шарикдарсон расво нашавад.

Ман ин таклифи ӯро ба тарзи қатъӣ рад кардам. «Хизмати фаррошӣ ва мадраса дар гарданам аст, дастам намерасад» – гуфтам. Аммо сабаби ҳақиқии рад карданам аввал ин буд, ки ин кор барои ман бисёр душвор ва беманфиат буд. Ҳақиқатан ҳам ба як одами бесаводи тоҷик иборати арабиро рост ёд додан кори осон набуд, дуюм ин ки, агар таклифи ӯро қабул мекардам, бояд ҳар рӯз ба ҳавлии Шарифҷон-махдум рафта, аз пеши назари ӯ гузашта, ба хонаи додараш медаромадам. Ва ҳол он ки ман аз ӯ шарм медоштам, чунки аз хонаи ӯ бе рухсат гурехта будам.

Ғафурҷон-махдум магар аз байни шарикон ягон каси дигари боброро наёфт, ки боз дар пайи ман афтод ва ин дафъа худ ба ман муроҷиат накарда, домуллоро восита кард. Домулло Икром, ки аз шогирдони падари ӯ буд ва аз рӯи одати Бухоро фарзандони устодро ба дараҷаи падараш ҳурмат кардан барои шогирд лозим буд, маро маҷбур кард, ки таклифи ӯро қабул кунам. Ман ҳам, ки сухани устоди худро рад карда наметавонистам, ин корро қабул кардам.

Ман ки чандин сол боз қоидаҳои забони арабро мехондам, як дараҷа ба он забон ошно шуда будам, ба болои ин, аз рӯи одати Бухоро, ки дарси дарсхонагиро пеш аз дарсхона рафтан дар пеши домуллои кунҷакӣ мехонданд, ман ҳам дарси ҳаррӯзаро як рӯз пеш дар пеши домуллои кунҷакӣ хонда хуб аз худ мекардам. Бинобар ин он чизеро, ки ба махдум ёд додан мехостам, медонистам. Аммо ӯ дар омӯхтани дарс як девори похса барин тамоман беҳис буд ва як соат зӯр

зада иборати дарси хондашуданиро, ки аз ду сатр зиёд набуд, ба ӯ базӯр тӯтивор ёд мекунондам.

Аммо аз рафтуомад ба ҳавлии Шарифҷон-махдум ва аз рӯ ба рӯ шудан бо ӯ ба ман ҳеҷ шарм оид нашуд, чунки Шарифҷон-махдум ба шарм кардани ман роҳ нагузошт. Вақте ки ман бо ӯ рӯ ба рӯ мешудам, бо навозиши ҳурматомез ба ман муомила мекард ва осори як навъ хиҷолат дар чеҳраи ӯ пайдо мешуд, ҳис мекардам, ки қозикалонзода шуда истода ба як муллобачаи саҳроии (мардуми Бухоро умуман қишлоқиҳоро «саҳроӣ» гуфта таҳқир мекарданд) пойлуч мӯҳтоҷ шудани додараш барои ӯ ногувор буд ва раги калонзодагии ӯро ба ларзиш оварда, ӯро сурх мекард.

Аммо додараш аз ин кор ҳеҷ шарм намекард. Бо вуҷуди ин ки ӯ ба ман мӯҳтоҷ буд, ҳоло ҳам рӯфтани хонаашро ба ман мефармуд, гӯё ки ҳоло ҳам хизматгори бародараш бошам.

Ҳарчанд душвор бошад ҳам, ба ин кор одат кардам, аммо аз ин кор ба ман як душвории дигар рӯй дод, ки ба вай тоқат карда наметавонистам: Ғафурҷон-махдум ба ман таъин кард, ки ҳар рӯз аз нонвойхонаи гузар якта нон гирифта дарорам, ӯ чой тайёр карда мемонад. Мо ҳар ду дар вақти «дарстайёркунӣ» он чою нонро бо ҳам мехӯрем.

Ман одат доштам, ки ҳар пагоҳ ба 5 пул (як тину чоряк дуда) нон мехаридам ва бо додарам бо чой мехӯрдем. Вақте ки махдум нон оварданро ба ман фармуд, ман боз мисли пештара дута нон харида, яктаашро ба укаам дода, дигарашро бурда бо «махдумҷон» мехӯрдагӣ шудам. Вақте ки ин кор ду моҳ давом кард, ба ҷонам расид, чунки якта нони пагоҳиам ба нимта омада буд, ҳатто ман аз рӯи одоб оҳиста-оҳиста мехӯрдам, махдум бошад, бепарвоёна бурдаҳои нонро ба даҳонаш метиққонд, ба ин ҳисоб ҳақиқатан якта нони пагоҳиам ба чоряк фуромада буд. Ин ба сиҳат ва қуввати ман бетаъсир намонд.

Рӯзе Мирсолеҳ аз аҳволи Ғафурҷон-махдум ҷӯё шуда, ба ман ёрмандӣ кардан ва накарданашро пурсид. Ман ин ҳолро ба ӯ ҳикоя кардам. Ӯ ба ман чизе нагуфт. Аммо маълум шуд, ки ӯ ин воқеаро ба ягон касе, ки ба пеши махдум рафтуомад дошта будааст, гуфтааст.

Рӯзе махдум қадаре сурх шуда аз ман пурсид:

– Магар ту ҳар рӯз нонро аз пули худат харида меоӣ?

– Оре, – гуфта тасдиқ кардам ман.

– Беҷо кардӣ. Бародарам ба нонвойхонаи гузар таъин карда мондааст, ки нони даркории маро диҳад ва худи ӯ ҳар моҳ пулашро хоҳад дод. Баъд аз ин ту аз нонвойхона як нон барои махдум гуфта гирифта омадан гир ва пул надеҳ!

Бо ин ман аз харҷи барзиёд халос гашта, ҳар рӯз мисли пештара бо додарам чою нонро мехӯрдагӣ шудам ва ба махдум нони бепулро аз нонвой бурда медодам. Аммо махдум пули нони ду моҳи гузаштаро надод.

Ман ғайр аз дарси дарсхонагӣ, чунонки дар боло гуфтам, ҳамон дарсро пешакӣ дар пеши домуллои кунҷакиам – Мулло Абдусалом мехондам. Ба пеши ин домулло аз «Матни Қофия» ҳам бобҳои то он вақт нахондаамро мехондам. Мулло Абдусалом мисли пештара дар мадрасаи Мири Араб буд. Баъд аз дарси дарсхона ба он ҷо рафта, ду дарси мазкурро хонда меомадам.



Ғайр аз ин як дарси «хотирхоҳӣ» дар мадрасаи Олимҷон ҳам мехондагӣ шудам, ин дарс «Мухтасари Виқоя»[135] буд, ки бо Мирқодир-махдум дар пеши тағоии ӯ мехондем.

Тағоии Мирқодир-махдум як одами баландқомати миёнагӯшти серриш буд, ки дасторашро бисёр калон карда мебаст. Ӯ тахминан панҷоҳсола буда, дар гузаре имом буд ва ғайр аз барои панҷ вақт намоз ба ҷои имоматиаш рафта омадан, кори дигаре ҳам надошт. Ӯ бо ҳеҷ кас рафтуомад намекард ва дар роҳ рафтан ғайр аз пеши пояш ба ҷое нигоҳе ҳам намекард. Ӯ дар ҳавличае зиндагонӣ мекард, ки берун ва меҳмонхона надошт.

Ана ҳамин одам дар ҳавои дарсгӯӣ афтодааст, аммо ягон кас наёфтааст, ки ба худ шогирд кунад, бинобар ин ҳамшираашро дар миён мондааст, ки писараш Мирқодирро гӯяд, ки дар пеши ӯ як дарс хонад. Мирқодир-махдум, ки ба ман шарик ва дӯст шуда буд, аз ман илтимос кард, ки бо ӯ дар пеши тағоии ӯ як дарс хонам.

Ман қабул кардам ва дарси «Мухтасари Виқоя» (оид ба илми фиқҳ)-ро, ки ду сол пеш аз он дар мадрасаи Мири Араб ба пеши Мулло Авези Хуҷандӣ сар карда будам ва нотамом монда буд, дар пеши ин домуллои шогирдталаб хондanӣ шудам ва бо Мирқодир он дарсро дар пеши он домулло сар кардем.

Аммо ин домуллои бечора дар мадраса ҳуҷрае надошт ва ҷои дигаре ҳам надошт, ки дар онҷо нишаста дарси моро гӯяд. Бинобар ин қарор дода шуд, ки ӯ ҳар рӯз баъд аз пешин ба мадрасаи Олимҷон омада, дар ҳуҷраи хоҳарзодааш Мирқодир нишаста дарси моро гӯяд.

Дар вақти дарс ман фаҳмидам, ки ӯ он қадар муллои бад набудааст ва дарсеро, ки мегуфт, худ медонист ва нағз фаҳмонда ҳам медод. Аз ин воқеа ман ҳаминро пай бурдам, ки барои дар Бухоро шӯҳрат ёфтан ва шогирд ҷамъ кардан он қадар муллои хуб будан шарт набуда, балки як дараҷа ҳунарманд ва фиребгартоб будан ва худситоӣ карда, худро мулло нишон додан ё ин ки ҳуҷраи бисёреро ба даст даровarda ба муллобачагони беҳуҷра дода, онҳоро ба ин восита ба худ шогирд гирифтан шарт будааст.

Бародарам дар он сол баъди аз ҷӯли Каркӣ омаданаш ба воситаи Мулло Абдусалом боз аз мадрасаи Мир Араб ҳуҷра ёфта, дар он ҷо ба танҳоӣ истиқомат кард ва додарам дар пеши ман монд. Аммо ӯ бесавод буд, бинобар ин ман ҳар рӯз як соат вақтамро сарф карда ӯро алифбо хонондам ва то баҳор саводашро нимкора бароварондам.

Дар мадрасаи Олимҷон ғайр аз Мирсолеҳ касе набуд, ки аз адабиёт хабар доштабошад, ӯ ҳам ба адабиёт ба тарзи ҷиддӣ машғулӣ намекард, аз китобҳои адабӣ дар ҳуҷраи ӯ фақат девони Ҳофиз ва девони Камоли Хуҷандӣ буд. Ғайр аз инҳо ӯ як баёзи бисёр калон дошт, ки дар вай аз шоирони гузашта ва замонӣ байтҳои дилчаспро бо хати худаш, ки хеле зебо буд, навишта монда буд ва он баёз варақҳои холӣ ҳам дошт, ки агар байти тозаеро аз ҷое ба даст дарорад, дар ҳамон ҷоҳои холӣ менавишт. Ман ҳар гоҳ, ки ба ҳуҷраи ӯ медаромадам, ба қадри фурсат аз он баёз ва девонҳо фоида мебурдам.

* * *

Ман газетаро якумин бор дар ҳамин мадрасаи Олимҷон дидам. Ин «Тарҷумон»[136] ном газета буд, ки нимааш дар забони тотории қримӣ ва нимаи дигараш дар забони русӣ – тарҷимаи ҳамон мундариҷаҳои тоторӣ буд ва аз Боғчасарой ном мавзеи Қрим баромада меомад.

Ин газетаро ба ман Мирқодир-махдум нишон дод, ки ӯ инро аз Саидаҳмад ном хеши худ гирифта будааст.

Саидаҳмад аз хешовандони наздики Мирсолеҳ ва Мирқодир буд. Ӯ баъд аз хатми дарс ба мансабҳои муллоӣ майл накарда, ба тиҷорати китоб шуғл кардаааст. Ба ин кори ӯ Шарифҷон-махдуми Мӯътасим, ки яке аз гурезагони Бухоро буда, дар Россия ва Туркия ба нашр кардани китобҳои дарсӣ машғулӣ мекардааст (тафсилоти аҳволи Мӯътасим дар поёнтар хоҳад омад), сабаб шудааст.

Саидаҳмад тахминан чилсола буда, қомати миёна, ранги сурхчатоб ва ришу мӯи хурмоӣ дошт. Аммо ҳамеша риши худро канда мегашт, ба ҳаде ки ҳеҷ гоҳ нӯгҳои ангуштони дасти ӯ аз торҳои ришаш дур намешуданд ва ҳар тора риш, ки ба нӯги ангуштонаш вохӯрад, канда мепартофт.

Назар ба қавли Мирқодир, ӯ ҳар сол як бор барои китоб харида овардан ба тарафи Россия то Қазон ва ба Туркия сафар мекардааст ва дар он ҷоҳо либоси европагӣ пӯшида, риши худро тарошида мегаштааст ва дар Бухоро, ки риши худро тарошида гаштани як одами мусулмон мумкин набуд, ӯ ришашро канда мегаштааст. Аммо одамони беруна мегуфтанд, ки ӯ девона аст ва ба балои ришканӣ гирифтор шудааст.

Саидаҳмад дар ҳамин сафарҳои худ ба Боғчасарой ворид шуда, ба қатори хонандагони газетаи «Тарҷумон» даромадааст ва обуна шудааст, ки дар вақтҳои ба Бухоро буданаш ба номи худаш ба ҳавлиаш меомадааст.

Мирқодир бъзе шумораҳои газетаро аз Саидаҳмад гирифта, пинҳонӣ ба мадраса меовард, чунки он вақтҳо дар мадрасаҳои Бухоро рӯйрост газета хондан мумкин набуд. Он вақтҳо ман забони туркиро намефаҳмидам. Мирқодир даъво дошт, ки ӯ дар газетахониҳои хешаш бисёр иштирок карда, он забонро хуб аз худ кардааст, бинобар ин ӯ он газетаро ҷумла-ҷумла ба забони тоҷикӣ тарҷима карда медод.

Як рӯз дар газета калимаи «парламент» баромад. Ман бо одати худ, ки маънии калимаҳои номафҳумро бодиққат пурсуков карда фаҳмидан мехостам, маънии калимаи мазкурро аз муаллими газетадони худ пурсидам. Ӯ эзоҳ дода гуфт:

– Дар миёнаҷаҷои рӯи дунё як шаҳри азим ҳаст, ки вайро Порижи ё ин ки Порис меноманд ва дар миёнаҷои он шаҳр як бинои бисёр калон ҳаст, ки номи вай «Парламент» аст. Дар Парламент одамони бисёр донишманди рӯи ҷаҳон ҷамъ шуда нишастаанд, ҳар кас дар кадом гӯшаи дунё ки бошад, дар масъалае, хусусан дар масъалаҳои сиёсӣ дар монад, ҳалли он масъаларо бо телеграф аз Парламент мепурсад, аъзоҳои Парламент ҳам бо телеграф ба ӯ ҷавоб медиҳанд.

Он вақтҳо амир Абдулаҳад ба Бухоро надаромада, бисёртари вақташро дар Кармина ва атрофи он мегузаронид. Дар ин бора дар байни мардум гап-гап бисёр буд: баъзеҳо мегуфтанд, ки қушбегӣ дуохонӣ кунонда, дили амирро аз шаҳри Бухоро сард кунонда, ӯро ба ин ҷо намедаромадагӣ кардааст, то ӯ худаш дар ҷои ӯ мустақилона ҳукмронӣ кунад.



Баъзеҳо мегуфтанд, ки амир дар вақти ба Россия сафар карданаш ба як зан зӯрӣ карда, дар пеши ҳукумати Россия «бенавбат» (виноватый) шудааст. Подшоҳи Россия барои ҷазо ба амир ҳукм кардааст, ки ба пойтахташ надаромада, дашт ба дашт гардад. Бинобар ин амир ба шаҳри Бухоро намедароянд.

Мирқодир ба тарзи мисол ана ҳамин масъалаи ба Бухоро надаромадани амирро гирифта гуфт:

– Масалан, як машкоби Бухоро ба телеграфхона рафта, ба Парламент телеграф карда аз вай пурсад, ки «уй! Парламент! Чаро амири Бухоро ба шаҳри Бухоро намедароянд?» Парламент дарҳол сабаби ҳақиқии инро ба он машкоб хабар медиҳад.

Ман ба ин ҷавоби муаллими худ шубҳа карда, гуфтам:

– Корҳои амири Бухоро ҳамагӣ ба давлати Русия вобаста аст, телеграфхона, ки моли давлати рус аст, чаро масъалаи ба амир ва давлати Русия дахлдорро ба Парламент расонад ва чаро ҷавоби Парламентро ба як машкоб оварда диҳад.

Мирқодир ҷавоб дод:

– Парламент чунон зӯр аст, ки, – гуфт ӯ, – на танҳо телеграфчӣ аз вай метарсад. Агар, фарз кунем, касе ба Парламент телеграф кардани шаваду дар ҳамон вақт худи подшоҳи Русия ҳам сари телеграф бошад, аз тарс ларзида, «пачолиска-пачолиска» (пожалуйста-пожалуйста) гуфтан мегирад… (Ман баъдҳо фаҳмидам, ки муаллими адабиёт калимаҳои хориҷиро, ҳатто маънии бештарин калимаҳои туркӣ ва тоториро ҳам надониста, беҳуда вақти худ ва вақти маро ба ин кор сарф мекардааст.)

## ШАРИФ-МАХДУМИ МӮЪТАСИМ ВА ШУКУРБЕКИ «ДУЗД»

Бояд ман дар ин ҷо мувофиқи ваъдае, ки дар порчаи боло додаам, дар бораи Шариф-махдум ва ба муносибати саргузашти ӯ дар бораи Шукурбеки дузд маълумот диҳам:

Шариф-махдуми Мӯътасим писари қозӣ Мулло Абдураҳими балхӣ буд, ки дар Бухоро таваллуд ёфта, касби камол кардааст. Ӯ донишманди ҷавони замони худ буда, қуввваи шеърии баланд доштааст.

Шариф-махдум дар аввалҳои замони ҳукумати амир Музаффар дар тумани Вобканд раис – мӯҳтасиб (назораткунандаи бозорҳо ва корҳои динӣ) шудааст. Ӯ табъан озодфикр будааст ва баъд аз он ки маъмури ҳукумат шуда, аз кирдорҳои амалдорон воқиф гардидааст, ба онҳо сахт нафрат пайдо кардааст.

Дар он вақтҳо Абдусаттор ном касе дар Вобканд амлокдор (ғундорандаи андозҳои замин) будааст, ки ба мардуми деҳқон бисёр зулм мекардааст. Азбаски раисҳо аз рӯи одати дарбори Бухоро ҳақ доштаанд, ки нодурусткориҳои ҳаммансабони худро пинҳонӣ ба амир маълум карда истанд, Мӯътасим ҳам ҷабру зулми ба фуқарокардаистодаи амлокдорро чандин бор ба амир арз кардааст. Аммо амир дар ҷавоби аризаҳои ӯ дар ҳақи Абдусаттор коре накардааст ва ӯро танбеҳе дода аз зулм бознадоштааст.

Аз ин ҳодиса Мӯътасим ба хубӣ фаҳмидааст, ки «об аз боло лой» буда, айбдор танҳо худи амлокдор набудааст.

Дар он вақтҳо дар деҳаи Косагарони Вобканд Шукур ном як деҳқон будааст, ки дар аввалҳо осудаҳолона зиндагонӣ мекардааст. Аммо рафта-рафта ба сабаби зулми ҳокимон ва барои ӯро ба дасти худ даровардан ба ҳокимон ёрӣ додани бойҳои деҳа тамоми заминҳо, асбоби деҳқонӣ ва ҳатто ҳавлии нишасташ ҳам аз даст рафта, худ дар дасти Хидир-ҳинду* ном як судхӯри серзамин ятим (батрак) шуда мондааст.

Шукур баъди ҳавлиаш аз даст рафтан оилаашро, ки иборат аз як зану духтар будааст, дар як коза шинонда, худ кори ҳар касро карда мегаштааст. Аммо занаш, ки дар асл беморнамо будааст, ба зиндагонии коза, хусусан дар рӯзҳои барфу борон, тоб оварда натавониста, тамоман барҷомонда шудааст.

Вақте ки Шукур ба Хидир-ҳинду ятим шудааст, зану бачаи худро ба қисми молхонаи ҳавлии бой кӯчонда оварда, дар он ҷо дар гӯшаи як коххона зиндагонӣ сар кардааст. Аммо бемории зани барҷомондааш рӯз то рӯз вазнинтар шуда, дар андак вақт ӯ вафот намудааст.

Шукури мусибатзада баъд аз мурдани занаш бо духтараш дар хизмати бой давом намудааст. Шукур дар корҳои деҳқонӣ ва нигоҳубини чорпоҳои бой машғул шуда, духтараш дар ҳавлии даруни бой дастёрӣ мекардааст ва вақти хоб падару духтар дар ҳамон коххона мехобидаанд.

Духтари Шукур дар зебоҷамолӣ дар ҳамон давру пеш монанд надоштааст, ӯ дар зери либосҳои камбағалона монанди ёқуте менамудааст, ки дар миёнаи хасрӯба афтода монда бошад. Бой, бо вуҷуди се зан доштанаш, ин духтари покдоманро дар зери назари мурдоронаи худ гирифтааст, аввалҳо ба ӯ бо навозишкории одӣ муомила карда, кам-кам талаби ҳайвононаи худро ба вай изҳор намудааст.

Духтар он талаби бойро аввалҳо бо шармгинии духтракона рад кардан гирифтааст. Чун талаби бой ва ҳаракатҳои таҷовузкоронааш сахттар шудааст, духтар бо ҳар алфози баде ки медонистааст, вайро дашном дода, ин воқеаро ба падараш маълум кардааст.

Шукур бо шунидани ин ҳодиса фавран аз як деҳаи дурдаст барои худ кулбае ёфта, хостааст, ки аз хизмати бой баромада, тамоман ба он ҷо кӯчида равад. Аммо бой барои бурдани духтар ба Шукур роҳ надодааст:

– Дар беморӣ ва мурдаи занат ту аз ман ҳазор танга (150 сӯм) қарздор шудаӣ. Пули маро бидеҳ, баъд аз он духтаратро ба ту месупорам, – гуфтааст ва духтарро дар ҳавлии дарун, дар хонае дароварда, дарро аз болои ӯ қулф зада мондааст.

Шукур ба қозихонаи Вобканд омада аҳволро арз карда, аз бой гирифта додани духтарашро ва музди дусола хизматашро талаб намудааст.

Қозӣ бинобар масъалаи ғасби духтар дар миёна будан, ба ин кор аҳамияти калон дода, ҳамроҳи мулозими худ миршаби туманро ҳам фиристода фармудааст, ки ин корро дар ҷояш тафтиш намуда, агар мумкин бошад, дар ҳамон ҷо ислоҳ намоянд, вагарна ба қозихона биёранд.

Дар вақти ба хонаи бой омадани мулозими қозӣ ва миршаби туман амлокдор Абдусаттор ҳам, ки барои андозандозӣ ба деҳа баромада будааст, ҳамон рӯз дар ҳамон ҷо меҳмон будааст.

Бой мулозим ва миршабро зиёфати калон карда ва ба онҳо аз чашмдошташон зиёдтар хизматона дода, барои қозӣ ҳам ба воситаи мулозим мӯҳронаи дурусте тақдим намуда, корро ба манфиати худ ҳал кардан хостааст ва дар ҷавоби даъвои Шукур гуфтааст, ки «Ҳаққи хизмати ӯро занаш ва духтараш хӯрданд ва пӯшиданд, хароҷоти мурдаи занаш, ки ман кардаам, дар гардани ӯ мебошад. Бо ҳамаи ин ман духтари ӯро ғасбан (бо зӯрӣ) нигоҳ надоштаам, балки ба он сабаб нигоҳ доштаам, ки духтар маро ба худ падар хондааст ва намехоҳад, ки бо падари сарсаригардаш дар кӯчаҳо сару по бараҳна гардад».

Мулозим ва миршаб ҷавоби бойро маъқул шумурда, хостаанд, ки масъаларо ба манфиати бой ҳал карда раванд ва ин маъниро ба қозӣ маълум намуда, дар бораи ҳал шудани ҷанҷол хати ибро (сулҳнома) нависонда, мӯҳр кунонда ба бой расонанд.

Аммо, аз як тараф, Шукур ба ин гуна ислоҳ розӣ набудани худро маълум намуда, фарёду фиғон сар кардааст ва «дар хонаи бой ба ихтиёри худ монданӣ будан ё набудани духтарам дар пеши одамони ҳоким аз худи ӯ пурсида шавад» гуфтааст ва, аз тарафи дигар, амлокдор, ки таърифи ҳусну ҷамоли духтари Шукурро шунида, дар пайи ба дасти худ даровардани ӯ будааст, зоҳиран тарафи Шукурро гирифта гуфтааст:

– Аз рӯи шариат дар бораи як духтари ба балоғатрасида аз худаш напурсида ҳукме баровардан дуруст нест, бинобар ин ман таклиф мекунам, ки талаби Шукурро қабул карда, духтарро баровarda худамон аз худаш пурсем.

На бой ва на мулозиму миршаб таклифи амлокдорро рад карда натавониста, духтарро барои пурсиш ба меҳмонхона баровардаанд. Албатта духтар гуфтаҳои бойро бо шиддат ва нафрат рад карда, «маро аз ин палид халос кунед» гӯён ба домани падараш часпидааст.

Бой ҳам фарёдкунон хонаро ба сараш бардошта, «духтар аз шарми рӯи падар ин гапҳоро мегӯяд,вагарна аз шумшакли падараш безор аст» гуфтааст.

Амлокдор худро холис нишон дода, боз таклиф даровардааст:

– Ман одами холис мебошам, на бойро ва на падари духтарро рӯй мебинам, бинобар ин салоҳи кор ҳамин аст, ки ман духтарро ба хонаи худ бурда нигоҳ медорам. То он вақт духтар ин ҷанҷолҳоро аз ёд баровarda ва осуда шуда, чӣ будани таги дилашро дар ғайби бой ва падараш ба ман мегӯяд ва дар он вақт мувофиқи хоҳиши духтар амал хоҳем кард.

Бой далеле надошт, ки таклифи амлокдорро, ки яке аз чор ҳокими туман аст, рад кунад. Инчунин мулозим ва миршабро ҳам, ки ҳақи хизмати худ ва мӯҳронаи қозиро пешакӣ ситонда буданд, ҷуръате набуд, ки таклифи амлокдорро рад карда, дар миёни худашон, ӯ ва қозӣ ихтилоф андозанд. Бечора Шукури софдил, ки амлокдорро хайрхоҳи худ гумон мекард ва ба духтараш ҳам дилаш пур буд, ба ин таклиф розӣ шуд ва дар натиҷа амлокдор монанди қассобе, ки гӯсфандро аз чанголи гург раҳонда ба куштан бурда бошад, духтарро аз дасти бой гирифта, ба хонаи худ бурдааст.

Бой, ки мувофиқи мақоли «забони мурғонро мурғон медонанд», мақсади

* Дар Бухоро судхӯрони бисёр ноинсофро ба ҳиндуҳои судхӯр монанд карда, ба номи онҳо калимаи «ҳинду»-ро илова менамуданд.

амлокдорро фаҳмида будааст, кайҳо аз духтар умеди худро канда, дар дили худ «хасдуздро роҳзан зад» – гӯён дигар аз паси духтар ба хонаи амлокдор нарафтааст. Аммо Шукури мазлум, ки амлокдорро «холис» гумон кардааст, баъд аз як ҳафта ба хонаи амлокдор рафта, духтари худро талаб кардааст.

Амлокдор аввал Шукурро бо далелҳои сохта қаноат кунонда, якчанд рӯзи дигар дар хонаи худаш мондани духтарро ба ӯ салоҳ нишон додааст. Шукур баъд аз он ки чанд рӯз давида, аз амлокдор духтари худро гирифта натавонистааст, ба ӯ сахттар муомила карда, бошиддаттар духтарро талаб кардааст.

Амлокдор ҳам ӯро дошном дода, «дузд» гӯён аз хонаи худ пеш кардааст ва ба одамони худ фармудааст, ки ӯро зада-зада ба кӯча бароварда ҳай кунанд ва дубора вайро ба амлокдорхона роҳ надиҳанд.

Акнун аз чор ҳокими туман танҳо раис монда буд, ки ҳанӯз Шукур ба ӯ муроҷиат накарда буд. Ҳарчанд Шукур аз раис ба кори худ ёрмандие умед надошта бошад ҳам, «ҳар чӣ бодо-бод» гӯён ба пеши ӯ рафта, фоҷиаи аз сар гузаронидаистодаи худро баён карда, аз вай ёрмандӣ илтимос кардааст.

Ин воқеа дар вақтҳое рӯй дода буд, ки раис Мӯътасим ба воситаи аризаҳои пинҳонии худаш, ки дар бораи амлокдор ва миршаб ба амир менавишт, ҳеҷ гуна натиҷа набаромаданашро фаҳмида буд, ҳатто аз муомилаҳои дурушти амир ба худаш пай бурда буд, ки аризаҳои шикояти вай аз зулми ҳокимон ба амир намефорад. Бинобар ин раис баъд аз шунидани дарди дили Шукур ба ӯ ба тарзи зерин ҷавоб додааст:

– Барои илоҷи кори ту аз дасти ман ҳеҷ чизе намеояд. Мо дар замоне зиндагӣ карда истодаем, ки ҳеҷ кас ғами дигареро намехӯрад ва хӯрда ҳам наметавонад. Аз зулми золимон ба ҳокимон, ҳатто ба худи амир шикоят кардан ҳам ҳеҷ фоида надорад. Ҳар кас бояд давои дарди худро худ кунад. Барои ситондани ҳақиқат ва ҳифзи номусат, агар аз дастат ояд, худат коре кун, вагарна ба тақдират тан деҳ!

Аз ин ҷавоби раис раги интиқомҷӯии Шукур илҳом ёфта, ба ҳаракат омадааст ва баъд аз дақиқае фикр кардан аз раис пурсидааст:

– Агар як мазлум золимеро кушад, дар пеши шариат гунаҳгор мешавад ё не?

Раис ҷавоб додааст:

– Вақте ки золим зулм кардан мехоҳад, ҳеҷ гоҳ аз ягон муфтӣ намепурсад, ки зулм дар шариат равост ё не? Он мазлум аҳмақ аст, ки интиқомгирии худро ба шариат мувофиқ кардан хоҳад. Мазлуми боақл он аст, ки «давои қурут оби гарм» гӯён худ ба фикри худ амал карда кор барад, на ба фикри муфтӣ.

Ин ҷавоби раис ташвиқи рӯйрост шудааст Шукурро ба интиқомгирӣ ва ӯ аз пеши раис дар ҳолате баромадааст, ки дилаш нисбат ба золимон бо оташи ғазаб ва интиқомҷӯӣ аланга мезадааст.

* * *

Ман дар ин ҷо пеш аз он ки тарзи интиқомгирии Шукурро ҳикоя кунам, мехоҳам он чизеро, ки дар бораи тарҷимаи ҳоли айёми ҷавонии ӯ дар деҳа ва баъд аз он ба муносибати зикр ёфтани аҳволи Мӯътасим дар мадрасаи Олимҷон шунида будам, нақл намоям.



Шукур дар вақтҳои ҷавонии худ – дар замони зиндагии падараш бо ҷавонони олуфтаи тумани Вобканд улфат шуда, ба ҳар гуна моҷароҳо иштирок мекард, азбаски ӯ яккаписар буд, падараш ҳам ба ҳаракатҳои вай монеъ намешуд ва «бигузор, писарам дар вақти зиндагии ман вақташро хуш кунад» мегуфт.

Шукур аввал ба гӯштингирӣ шуғл карда, як паҳлавонҷавони номдор шуд, баъд аз он ба ҳавои тарфбозӣ афтода, яке аз ҷавонони пешгарди Вобканд гардида, дар тарфбозиҳои тарафона ба муқобили ғиҷдувониён иштирок менамуд. Чун аз шӯҳрат ва шуҷоати вай рашк карда, ба муқобилаш ҳарифон бисёр шуданд, ӯ ба машқи сангдастӣ даромад, ки ин ҳунар дар он замонҳо як воситаи мубориза буд дар ҷангҳои байни ҷавонон. Шукур дар сангандозӣ чунон моҳир гардид, ки то он замон монандашро касе надида буд.

Ӯ бо санг нишонаро монанди сайёдони моҳир бехато мезад. Мегуфтанд, ки рӯзе дар майдони озмоиш бузеро оварда дар пешаш алаф партофтанд, буз каллаашро баланду паст бурда, алаф мехӯрд. Шукур ба рӯ ба рӯи он буз дар масофаи панҷоҳ қадам истода, пешонаи бузро нишон гирифта, сангеро, ки баробари тухми мурғ меомад, ба тарафи он ҳаво дод. Санг ба нишона бехато расида, буз ҷо ба ҷо афтода мурд. Шукур дар ин гуна бозиҳои зӯрозмоёна бисёр давом карда натавонист: ба зудӣ падару модараш мурданд. Ӯ зан гирифта, гирифтори деҳқонӣ ва ташвишҳои зиндагӣ гардид.

Шукур чун аз зану фарзанд ва аз замину ҳавлӣ ҷудо шуд (чунонки дар боло дидем), ба ҳамон ҳаёти ҷавонии муҷаррадона бозгашт. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки агар дар вақти ҷавониаш ҳунарҳои зӯрозмоии худро барои бозӣ ва дилхушӣ кор мефармуда бошад, акнун барои интиқомгирӣ аз душманҳои пурзӯр кор фармудан хост. Ӯ дар навбати аввал фурсат ёфта, сари Хидир-ҳиндуро бо санг кӯфта, кори ӯро тамом кард ва баъд аз он тамоман аз мардум рӯй пинҳон карда, дар пайи амлокдор афтод.

Аммо ӯ дар тамом кардани кори амлокдор ҳеҷ фурсати муносиб намеёфт. Дар вақти ин оворагӣ ва гурезагардиҳо ба таъмини маишат мӯҳтоҷ шуд. Ягона роҳи таъмини маишат дар шароити зиндагонии ӯ дуздӣ буд. Аммо ӯ монанди дуздони одӣ ҳар моли ба ҳар ҷо ростомадаро дуздидан нагирифт, дар дуздии худ ҳам як мазмуни интиқом аз золимонро дод. Бинобар ин ӯ моли арбоби ҳукумат, бойҳои калон ва судхӯронро рост оварда медуздид ва аз молҳои бадаст даровардааш ҳар чизе, ки аз хӯроку пӯшокаш зиёдатӣ кунад, ба камбағалтарин одамоне, ки ба онҳо дилаш пур шавад, тақсим карда медод.

Азбаски арбоби ҳукумати туманҳо аз дасти ӯ ба ҷон омада, аз бими ҳуҷуми ӯ шабона ба ҷое рафта наметавонистанд ва рӯзона ҳам аз роҳҳои камодам ибо мекарданд ва бойҳои калон ҳам аз аҷал тарсидагӣ барин аз ӯ метарсиданд, оммаи мардум ҳокими ҳақиқии туманҳо ӯро шумурда, ба номи ӯ калимаи «бек»-ро ҳамроҳ карда, ӯро «Шукурбек» гуфтан гирифтанд. Аммо арбоби ҳукумат ӯро «дузд» мегуфтанд. Бинобар ин ӯ дар тамоми шаҳру саҳро бо номи «Шукурбеки дузд» машҳур шуд.

Духтари Шукурбек ба амлокдор гардан нафуровард, амлокдор, ки баъд аз хушомадгӯиҳои мунофиқона аз духтар комаш ҳосил нашуд, ӯро ба зарбу лат кардан ва шиканҷаю азоб додан даромад. Духтар дар сесола азобу уқубат тоб

наоварда, охир вафот намуд. Шукурбек, ки ин хабари мусибатсамарро шунид, ғазабаш нисбат ба амлокдор боз ҳам зиёдтар гардид.

Дар ин миён амлокдор аз кор гирифта шуда, ба шаҳри Бухоро кӯчид. Шукурбек ҳам фаъолияти интиқомҷӯёнаи худро аз саҳро ба шаҳр кӯчонид. Аммо дар он ҷо ҳам амлокдорро дар ҷои муносиб рост оварда натавонист. Лекин дар он ҷо ҳам маъмурони ҳукумат ва бойҳоро тохта ба камбағалони шаҳр тақсим карда дода мегашт. Дар шаҳр номи Шукурбек ҳама бойҳо ва арбоби ҳукуматро дар ларза андохт. Амир ба миршаб фармуд, ки бо ҳар роҳе ки бошад, Шукурбеки дуздро ба даст дарорад. Миршаб ба зиндадорандаи Шукурбек даҳ ҳазор танга ва ба кушандаи ӯ панҷ ҳазор танга пул ваъда карда, ин ваъдаашро ба воситаи ҷорчӣ дар шаҳр эълон кард. Аммо худи миршаб дар вақтҳои гардиши шабонааш дар шаҳр тамоми одамҳои худро мусаллаҳ карда,аспсавор мегашт ва бо ҳамаи ин, вақте ки ғурриши санги Шукурбекро аз дур мешунид, пас гашта бо камоли суръат мегурехт.

Гоҳо баъзе касон ба ваъдаи миршаб фирефта шуда, дар ҳаваси дастгир кардан ё куштани Шукурбек меафтоданд. Ин гуна одамон аз ғурриши санги ӯ натарсида, ба тарафи ӯ мерафтанд. Аммо Шукурбек ин гуна касро ба нишон нагирифта, то ба худаш рӯ ба рӯ шуданаш сабр карда меистод, вақте ки он зӯрозмо ба худаш наздик расид, ба вай маҷоли ҳуҷум надода, аз миёнаш озод бардошта, ба зери худ мегирифт, аввал гулӯи ӯро як нафас буғ мекард, баъд аз он бар сари синааш як-ду кундазону мезад. Вақте ки он паҳлавонтарош аз ҳол рафт, ханҷарро ба гардани ӯ молида мақсадашро мепурсид. Ҳарифи мағлуби дар тарсу ларз афтода ҳам иқрор мекард, ки вай ба умеди гирифтани мукофоти миршаб ба ин кор ҷасорат кардааст. Шукурбек он касро аз ин гуна кори пуртаҳлука тавба кунонда ва ба вай харҷӣ гӯён як маблағ пул дода мегуфт:

– Ин пулро гиру аз ин шаҳр бадар рав! Агар дар ин ҷо монӣ, аҷаб нест, ки дуюмбора ба ин гуна ҷасорат қадам гузорӣ, дар ин сурат ман ҷонат амон намедиҳам.

Умуман Шукурбек одамкушӣ намекард. «Одамони бадкирдорро бо куштан тамом кардан мумкин нест» мегуфт. Ӯ фақат арбоби ҳукумат ва бойҳои ноинсофро тороҷ карда, ба камбағалон тақсим мекард. Ӯ танҳо Хидир-ҳиндуро кушта буд ва акнун дар пайи куштани Абдусаттори амлокдор мегашт, лекин вайро ҳеҷ рост оварда наметавонист. Чунки ӯ аз тарси Шукурбек ҳеҷ ба кӯча намебаромад ва ҳар шаб ҷои хобашро ҳам дигар мекард.

* * *

Шариф-махдуми Мӯътасим, ба сабаби аризаҳои шикояташ аз ҳаммансабони худ, ба ғазаби амир гирифтор шуда, аз кор гирифта шуда буд ва баъд аз маъзулиаш ба шаҳри Бухоро омада, дар мадрасаи Абдуллохон дар ҳуҷраи худ муллобачавор (лоуболона) зиндагонӣ мекард.

Шукурбек баъд аз кӯчонидани фаъолияти худ аз саҳро ба шаҳр илҳомдиҳандаи худ Мӯътасимро ёфта, бо ӯ алоқа баст. Гоҳо шабона, баъди ними шаб ба ҳуҷраи вай омада, дар он ҷо ош пухта хӯрда мерафт ва умуман ҳар шаб бештарин дар Қӯшмадраса – дар атрофи мадрасаҳои Абдуллохон ва Модари он гардиш мекард. Чунки ҳавлии Абдусаттор – амлокдор дар Қӯшмадраса дар паҳлуи мадрасаи Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ буд.

Як шаб,аввали шаб ҳанӯз кӯчаҳо пуродам ва дуконҳои сари бозори Қӯшмадраса кушода буданд, ки Абдусаттор аз ҳавлиаш барои гӯштхарӣ баромад ва аз дукони қассобии Қӯшмадраса харидашро карда, зуд ба хонааш баргашт ва дар вақти баргаштан дар миёнаи ду мадраса, дар ҳолате ки саҳнҳои ҳар ду мадрасаро муллобачагон пур карда дарс такрор намуда нишаста буданд, Шукурбек рост омад.

Шукурбек ҳам, ки душмани худро дар ягон ҷои хало рост оварда натавониста гашта буд, аз ҳамин тасодуф фоида бурдан хост, ба бисёрии оянда ва равандагон ва аҳли сари бозор нигоҳ накарда, «ҳар чӣ бодо бод» – гӯён ба ӯ ҳуҷум кард, аммо на бо санг, балки бо дастони пурзӯраш ӯро аз миёнаш гирифта ба ҳаво бардошта ба замин зад. Абдусаттор бо ҳамин зарба ба мурдан расида буд, лекин Шукурбек ба ин қаноат накарда, ханҷари худро аз ғилоф кашида, ба сари дили ӯ то гулбандаш фурӯ равонда кашида гирифт ва ханҷари хунолудро ба ҷомаи мақтул пок карда қад рост кард.

Оммаи мардум Шукурбекро шахсан намешинохтанд ва дар ҳар кӯча, ки садои ғурриши сангашро шуниданд, ба ӯ рӯ ба рӯ нашуда мегурехтанд. Дар ин ҷо, ки Шукурбек санг наандохта, бо дасту ханҷар ҳуҷум кард, ӯро дузду қотили одӣ пиндошта, аз ду тарафи кӯча ба вай ҳуҷум оварданд ва «дуздро намон, дуздро намон» гӯён ғавғо бардоштанд.

Шукурбек барои ба худ роҳ кушодан ба омма ҳуҷум оварданро муносиб надид, «мабодо ба одамони бегуноҳ зараре расад» – гуфта мулоҳиза кард. Бинобар ин ҳеҷ тарафи он кӯчаи калон нарафта, ба мадрасаи Абдуллохон даромад ва дар он ҷо ба ҳуҷраи Мӯътасим, ки дар ошёнаи дуюм буд, баромада ба муаллими худ воқеаи ҳозир аз сар гузаронидаи худро ҳикоя кард.

Мӯътасим бо шунидани ин хабар дар ташвиш ва андеша афтод: ӯ фикр мекард, ки албатта муллобачагони дарстакроркунанда ва аҳолии мадраса ба ҳуҷраи ман даромадани ин одамро диданд, ҳамин замон одамони ҳукумат бо оммаи тамошобинон барои дастгир кардани ҷинояткор ба ҳуҷраи ман ҳуҷум хоҳанд кард, дар он вақт ман ҳам мисли шарики қотил дастгир хоҳам шуд.

Мӯътасим бо ин мулоҳиза роҳи халосии худ ва меҳмони худро меҷуст. Дере нагузашта аз рӯи мадраса овози одами бисёре шунида шуд. Мӯътасим ба равоқи пеши ҳуҷрааш баромада дид, ки рӯи мадраса пур аз одам аст ва ба онҳо муллобачагон зинаи баромади ҳуҷраи ӯро нишон дода истодаанд.

Мӯътасим ҳам фурсат надода, Шукурбекро аз паси худ гирифта, ба сари зинае, ки ғайри зинаи ҳуҷраи худаш буд, рафта поин фуромад ва аз он ҷо ҳар ду ба тарафи халоҷои мадраса гузашта, аз деворчаи пастак худҳоро ба кӯчаи пушти мадраса ҳаво доданд. Шукурбек дар он ҷо ба ду кӯча ду санг ғурронд, то ки одамони раванда ва оянда кӯчаро холӣ кунанд ва аз он ҷо ҳар кадом бо кӯчаи дигар гурехта рафтанд.

Мӯътасим чанд рӯз дар даруни шаҳри Бухоро, дар хонаи яке аз дӯстонаш пинҳон шуда хобид ва баъд аз он ки кофтукови ҳукумат пасанда шуд, пинҳонӣ аз музофоти Бухоро баромада, рост ба Туркия рафт. Дар он ҷо ба хизмати яке аз

матбааҳо даромад, китобҳои дарсии арабиро тасҳеҳ намуда ба чоп тайёр карда медодагӣ шуд. Азбаски ӯ донишманди забардаст буд, китобҳои дар зери дасти вай чопшуда ба мадрасаҳои Шарқ шӯҳрат пайдо карданд ва китобфурӯшони Бухоро ҳам бо ӯ алоқа бастанд.

Чун рағбати китобфурӯшони Бухороро ба маҳсулоти худ дид, баъзе китобҳоро ба Қазон оварда, дар матбааи Харитонов чоп мекард, ки аз он ҷо ба Бухоро фиристодани онҳо осонтар буд.

Мӯътасим, ки бо падари Саидаҳмади ришкан дӯст ва ҳолдон буд, ба ӯ хату хабар фиристода, вайро ҳам ба пешаи китобфурӯшӣ кашид. Сабаб ҳамин буд, ки Саидаҳмад барои китоб овардан ба Россия ва Туркия сафарҳо карда, газетахон шуд. (Як эпизод аз корномаҳои Шукурбек бо унвони «Дузди Шукурбек» дар «Наводир-ул-вақоеъ» ном асари Аҳмад-махдуми Дониш дарҷ шудааст[137] ва зикри Мӯътасим бо намунаи ашъораш дар саҳифаҳои 350 – 351 «Намунаи адабиёти тоҷик», чопи Москва, соли 1926, қайд ёфтааст.)

## НИКОҲИ ДУХТАРИ НӮҲСОЛА

Дар мадрасаи Олимҷон Мулло Абдуфаттоҳ ном як муллои кӯлобӣ муаззин буд. Ӯ як одами баландқомати пуропурбадани биринчирӯй, сурхчамӯй ва мешчашм буда, аммо чашмонаш на бо нури зако ва зиракӣ, балки бо оташи қаҳру ғазаб ҳамеша дурахшида меистоданд. Аз чашмони ӯ бинанда гумон мекард, ки вай ягон одамро ҳозир куштааст ва ё куштан мехоҳад.

Гап задани ӯ ҳам хашмгинона буд ва дар вақти сухан аз даҳонаш ба ҳар тараф кафк мепарид.

Ӯ тахминан чилсола бошад ҳам, бо бародари калони ман ва Мирсолеҳ ҳамдарс ва дар пеши домулло Икромча шарикдарс буд. Мегуфтанд, ки вай дар калонсолиаш аз Кӯлоб ба Бухоро барои хондан омада буд, бинобар ин бо бачагони навхон шарик шуда, дарсро давом додааст. Ӯ хату саводи тоҷикӣ дошт ва китобҳои дарсиашро худ аз рӯи китоби шариконаш рӯйнавис карда мегирифт.

Дар вақти аз Кӯлоб ба Бухоро омадан, аввалин бор бо Мирсолеҳ шарикдарс шудааст. Азбаски ӯ тамоман қашшоқ ва бечой будааст, Мирсолеҳи хайрхоҳ ӯро дар мадрасаи Олимҷон муаззин карда, аз ҳамин мадраса ба ӯ ҳуҷраи истиқоматӣ ёфта додааст.

Мирсолеҳ мегуфт, ки «ӯ дар вақти нав ба Бухоро омаданаш бисёр сода ва ҳам бисёр хасис буд. Баъд аз муаззин шуданаш ҳам даромади худро кам харҷ мекард ва шиками худро бо чизҳои бисёр арзон пур мекард, ҳатто пӯстҳои сабзӣ ва шалғамро, ки одамон бароварда мепартофтанд, аз замин чида гирифта, шуста тоза карда, гов барин чалпоёсзанон мехӯрд».

Ӯ як рӯз иштии* гаҷиеро, ки баққолон барои бозии бачагон зағомаҳоро пур карда мемонданд, дида ва як чизи хӯрдании арзонбаҳо гумон карда, чор донаи вайро ба чор пул харида оварда, ба Мирсолеҳ нишон дода, аз вай «инҳо чӣ ном доранд ва инҳоро чӣ тарз мехӯранд?» – гуфта пурсидааст.

* Иштӣ – чизи лӯндае буд, ки калон ё хурдтар аз оҳан, қӯрғошим ё санги кӯҳӣ барои бозӣ месохтанд. Гаҷини ҳамин иштиро қурутмонанд карда, аз гаҷ рехта тайёр менамуданд.



Мирсолеҳ, ки одами шӯхмизоҷ буд, ба ӯ гуфтааст: «Инро қурути фарангӣ мегӯянд, ки аз қурути ҷойдорӣ қадаре сахттар аст, бо об дар дег меандозанд ва қаланфури бисёре ҳамроҳ карда ҷӯшондан мегиранд, вақте ки пухт, мехӯранд, ки бисёр балаззат мешавад».

Абдуфаттоҳ ин таърифро шунида, шакароби кӯҳистон ба ёдаш омада гаҷлӯндаҳоро бо қаланфур ҷӯшондан гирифтааст, аммо аз пагоҳӣ то бегоҳӣ ҷӯшонда бошад ҳам, онҳо нарм нашудаанд. Бегоҳонӣ як лӯндаи онҳоро ба тағоии Мирқодир нишон дода, сабаби ба зудӣ напухтани онҳоро аз ӯ пурсидааст.

Тағоии Мирқодир, ки одами рости софдили сода буд ва чӣ будани ҳазлро намедонист, чизҳои нохӯрданӣ будани онҳоро ба ӯ рӯйрост гуфтааст.

Баъд аз чандсола истиқомати Бухоро содадилии Абдуфаттоҳ тамоман барҳам хӯрда, ҳатто фиребгари гузаро шуда бошад ҳам, хасисиаш барҳам нахӯрда, ҳатто ба дараҷаи искитӣ расидааст. Ӯ пулҳои аз муаззинӣ даромадшударо ба баққолони майда бо фоида қарз дода, соҳиби чандин ҳазор танга гардидааст.

Дар вақтҳое ки ман дар мадрасаи Олимҷон будам, ӯ аз шарми мардум пӯсти сабзию шалғамро ғундошта нахӯрад ҳам, таоми асосии вай сабзии хом буд, ки дар бозори Бухоро аз вай чизи хӯрдании арзонбаҳотар набуд ва агар дилаш таоми гарм хоҳад, шалғамро дар оби холис ҷӯшонда, қадаре намак пошида мехӯрд.

Дар девори масҷиди мадраса аз берун як сабадча овезон буд, ки ҳар кас чойникашро тоза кардан хоҳад, шаммаашро дар ҳамин сабадча резад.

Ӯ шаммаҳои дар он сабадча ғуншударо ҳар рӯз як бор бар рӯи як тахта рехта, дар шамолу офтоб хушконда мегирифт. Ва ҳар гоҳ ки чой нӯшидан хоҳад, аз ҳамон шаммаи хушкида як каф дар чойник андохта, чой дам карда менӯшид. Мегуфтанд, ки ӯ шаммаҳои хушкидаи аз худаш барзиёдмондаро ба бозор бароварда, ба деҳқонони аз саҳро омада «чой» гуфта мефурӯшад. Дар вақтҳое ки ман дар он ҷо будам, мегуфтанд, ки пули нақди ӯ ба даҳ ҳазор танга расидааст ва дар дасти қарздорон ҳамеша фоида зоида истодааст.

Абдуфаттоҳ, ки дороиаш ба як маблағи калон расида буд, хост, ки зан гирад. Ӯ ба ҳар духтар, ки кас мефиристод, соҳибони он духтар маҳри калон мепурсиданд ва ба домодшавандаи хасис нархи он духтар гаронӣ карда, боз дар пайи духтари дигар меафтод.

Дар ин миён бахти Абдуфаттоҳ кушода шуда, касе духтари нӯҳсолаашро ба бадали ҳазор танга ба ӯ таклиф кард. Ин кас калонсолтарини Ботурчаҳо буд. Ин корро аз ҳама пеш ман фаҳмидам: ҳар вақт ки ба ҳавлии Ботурчаҳо барои барфрӯбӣ ё тарошакафонӣ мерафтам, духтарча аз ман намегурехт ва бозӣ карда мегашт. Як рӯзи дигар, ки ман барои тарошакафонӣ рафтам ва духтарча ҳам монанди пештара дар айвон бозӣ карда нишаста буд, падараш ӯро чеғ зада ба хона даровард ва занашро дашном дод, ки ӯ чаро духтари «қадраси ба шавҳар бароянда»-ро ба сари худ гузоштааст, ки дар пеши ҷавонони номаҳрам бозӣ карда гардад.

Ман ба ин ҳол тааҷҷуб кардам. Тааҷҷубам дар ин набуд, ки падари духтар маро номаҳрам шумурда, вайро аз ман гурезонд, зеро он вақтҳо духтарони нӯҳсоларо дар зери фаранҷӣ гирифта, аз номаҳрамон гурезондан одат буд. Аммо тааҷҷуби ман дар ин буд, ки падараш вайро «қадрас ва ба шавҳар бароянда» гуф-

та буд. Ва ҳол он ки шариат рухсат дода бошад ҳам, мардумони Бухоро духтаpашонро пеш аз чордаҳсолагӣ ба шавҳар намедоданд.

Ман ин тааҷҷуби худро ба Ботурчаи хурд–Маъсумхон, ки бо ман ошно шуда буд, маълум карда, сабаби он сухани бародарашро аз вай пурсидам. Ӯ гуфт:

– Ҳақиқатан ҳам бародарам духтарчаашро ба шавҳар доданӣ аст. Ҳатто домодшаванда ҳам муайян шуда, гуфтушуниди маҳру асбоби тӯй ҳам қарор ёфтааст ва ба наздикӣ тӯю никоҳ ҳам мешавад.

Ман ба ин хабари ӯ ҳайрон монда, кӣ будани домодшавандаро аз ӯ пурсидам. Чун ӯ Абдуфаттоҳ будани домодшавандаро гуфт, тааҷҷуби ман боз ҳам зиёда шуда, ҳуш аз сарам парид. Зеро ман аввал гумон карда будам, ки духтари нӯҳсоларо ба ягон писарбачаи дувоздаҳсола медодагианд. Аз гуфтаи ӯ фаҳмидам, ки як оҳубараи ширмакро ба хартуми як фили ваҳшӣ мепечондаанд. Ман ба Маъсумхон гуфтам:–Магар бародарат девона шудааст, ки ин корро мекунад ва магар шумо, ду бародари дигар, чунон сангдилед, ки ба бародазодаи ширмакатон раҳм намекунед ва мегузоред, ки падараш ӯро ба дасти ҷаллод супорад?

– Бародари калонам бисёр хасис ва хомтамаъ аст, – гӯён Маъсумхон сухан сар карда, – ӯ пеш аз никоҳ ҳазор тангаи нақд мегирад, ки онро як хазинаи аз осмон афтода мешуморад. Дигар ин ки чӣ қадар пул доштани Абдуфаттоҳро медонад ва медонад, ки ӯ ҳавлӣ надорад ва ҳавлӣ ҳам намехарад, хонадомод мешавад ва бародарам гумон мекунад, ки Абдуфаттоҳ, ки хонадомод шуд, ҳамаи дороияш ба хонаи ӯ меравад ва қозикалон ҳам, ки кӯлобист, баъд аз хатми дарс ӯро ба мансабҳои илмии калон мерасонад ва дар он вақт бародари ман ба домоди бообрӯе соҳиб мешавад. Аҷаб нест, ки худи ӯ ҳам ба воситаи домодаш ба мансабҳои калони илмӣ расад.

Маъсумхон дар бораи монеъ шудан ва нашудани худаш ва бародари дигараш гуфт:

– Мо бисёр монеъ шудем ва «агар ин корро кунӣ, алоқаамонро аз ту меканем» гуфтем. Аммо ӯ ба мо гуфт: «Ман коре, ки мухолифи шариат бошад, накардаам. Модом ки шариат ба шавҳар додани духтари нӯҳсоларо рухсат додааст, ман медиҳам. Ин духтари ман аст, на духтари шумоён, духтар ёбед, то бевапир шуданаш дар хонаатон нигоҳ доред, ман надорам…»

Дере нагузашта ин тӯю никоҳ ва вуқӯъ омад, муллоҳои мадраса муаззинашонро домодбарӣ карда, дар хонаи падарарӯсаш монда омаданд. Ӯ хонадомод шуд, шабона ба хонаи арӯс мерафт ва аввали субҳ – дар вақти азони бомдод – ба мадраса омада, то хонда шудани намози хуфтан дар ин ҷо мемонд.

Аз пагоҳонии якуме, ки домод аз хонаи арӯс омад, баъд аз намози бомдод муллобачагони шӯх ба гирди ӯ ғун шуда, чигунагии арӯс ва аз кайфияти хонадориаш мепурсиданд. Ӯ ҳанӯз ба вуқӯъ наёмадани ягон «коре»-ро маълум мекард, пурсидагон ӯро ба сустӣ нисбат дода, масхара медоштанд. Дар пагоҳи панҷум ба пурсидагон Абдуфаттоҳ гуфт:

– Ин як духтарчаи беҳоли рангканда будааст, ҳанӯз мазаи бӯи бағалро намефаҳмад, ҳар вақт ки ман ба ӯ даст ковам, чунонки аз дев тарсида бошад, ғаш карда худро ба дару девор мезанад ва фарёдкунон аз хона гурехта баромада, худро ба бағали модараш меандозад. Пулам месӯхтагӣ барин менамояд.



Пагоҳи ҳафтум домод хандону шукуфон буд, ҳама фаҳмиданд, ки ӯ имшаб коми дилашро ҳосил кардааст, бо вуҷуди ин «сухан аз даҳони Луқмон хуш аст» гӯён чӣ гуна гузаронидани шабро аз вай пурсиданд.

– Ман имшаб масъаларо ба пеши падарарӯс қатъӣ мондам, – гуфт ӯ, – гуфтам, ки ё духтарашро розӣ кунад, ки ба ман сар фурорад ва ё ин ки ҳазор тангаи маро бо хароҷоти тӯй баргашта диҳад, ки ман аз даъвои зандорӣ гузарам.

– Як шаби дигар сабр кунед, – гуфт падари духтар дар ҷавоб ва шабона вақти хоб ба хонаи ман чор адад мехи чӯбинро бо теша оварда, дар чор гӯшаи ҷойхоб ба замин зад ва дасту пои духтарашро бо чор рӯмол ба чор мех баст… Ана аз ҳамин тадбири падараш ман коми дил ҳосил кардам.

Ҳамон рӯз соати 12 Маъсумхон ба мадраса омада, аҳолии мадрасаро ба ҳавлии худҳошон ба ҷаноза хабар кард: маълум шуд, ки духтарча дилкаф шуда мурда будааст.

## ВАБО

Дар тобистони соли 1893 (1310 ҳиҷрӣ) дар Бухоро боз вабо пайдо шуд (вабои якум, ки оилаи мо ҳам фалокати вайро кашида буд, дар соли 1889 (1306) буд, ки дар қисми якуми «Ёддоштҳо» тасвир ёфт[138]). Дар даруни як ҳафта дар кӯчаҳо одами тандуруст кам дида мешуд ва дар ҳафтаи дуюм аз ҳар гузар ҳар рӯз якчанд ҷаноза баромадан гирифт. Дар вақти намози пешини ханақоҳи Девонбегӣ ва Болои Ҳавз, ки одатан мардуми Бухоро мурдаҳои худро дар вақти мазкур дар ҳамон ҷоҳо бурда ҷаноза мехонданд, ду тарафи саҳни масҷидҳо аз ҷаноза пур мешудагӣ шуд, ба ҳаде ки имом намедонист ба кадом мурда ҷаноза хонда истодааст. Бинобар ин уламои Бухоро фатво доданд, ки монанди майдони ҷанг мурдаҳоро қатор монда, дар ҳар гурӯҳ як бор ҷаноза хонда шавад, равост.

Чунин аҳвол мардуми Бухороро дар даҳшат андохт, аз ҷамъ шудани даҳҳо мурда дар як ҷо одамони тандуруст ҳам дар хавф афтода бемор шудан гирифтанд. Ҳукумат фармон баровард, ки ҳар мурдаро дар пеши масҷиди гузари ҳамон мурда ҷаноза хонанд ва ба хонақоҳи Девонбегӣ ва Болои Ҳавз набиёранд.

Ҳукумати Бухоро дар муқобили вабо чорае дид, ки хеле хандаовар буд: вай ба воситаи қозикалон фармон баровард, ки муаззинҳои гузарҳо ва қориҳои хушовоз чор-чор ва панҷ-панҷ ба гурӯҳҳо тақсим шуда, ҳар шаб баъд аз хуфтан то саҳар кӯчаҳои шаҳрро гардиш карда, дар сари гузарҳо ва дуроҳаҳо бо як овоз азони бемаҳал гуфта гарданд, то ки «худованди карим ба шарофати он азонҳои бемаҳал ваборо аз «сари мардум бардорад».

Маъмурони Россияи подшоҳӣ, ки дар Коғон менишастанд, дар ин кор бетараф намонданд: онҳо дар Коғон, ки бевосита дар тахти тасарруфи худҳошон буд, беморхонаи вабоӣ ташкил намуданд ва дар вокзали роҳи оҳан қоидаи карантинро ҷорӣ карданд. Ба ҳукумати Бухоро ҳам таклиф намуданд, ки беморхонаи вабоӣ кушоянд ва дар роҳҳои корвонгузар карантин барпо кунад.

Дар Бухоро зотан як беморхона буд, ки дар он як доктори рус, як тарҷумон аз одамони маҳаллӣ ва як фелдшери қашқарӣ (кошғарӣ) кор мекард. Ин доктор ва фелдшер ҳам дар беморхона ва ҳам дар амбулатория, ки дар даруни бинои ҳамон беморхона буд, кор мекарданд. Ин беморхона дар наздикии дарвозаи

Шайх Ҷалол воқеъ шуда буд, ки дар ифлосӣ аз ҳамаи қитъаҳои шаҳри Бухоро пешӣ мекард.

Одамони ҳолдон мегуфтанд, ки он доктор он қадар маҳорат надорад ва маълумоташ аз маълумоти як фелдшер беш нест. Бинобар ин бойҳои калони Бухоро, агар бемор шаванд, аз Чорҷӯй ё аз Самарқанд доктор ҷеғ мезананд ва агар бемориашон ба сафар монеъ набошад, ба шаҳрҳои мазкур рафта муолиҷа мекунонданд.

Тақдири вабозадагони Бухоро ана ба ҳамин доктор ва фелдшер супурда шуд ва беморхонаи вабоӣ ҳам дар зери назорати ҳаминҳо ташкил ёфт.

Беморхонаи вабоиро дар беруни дарвозаи Шайх Ҷалол, ки ба беморхонаи шаҳр наздик буд, барпо карданд. Аммо дар он ҷо на бино буд, на дарахт ва на оби ҷорӣ. Дар он ҷо як кӯли васеъ буд, ки дар зимистон пуроб гардида, дар тобистон ҷоҳои баландаш мехушкид. Аммо дар як тарафи он кӯл, ки хандақи лойхонаи девори қалъаи шаҳр буд, оби бадбӯи сабзи сурхчатоб ҷамъ шуда мехобид ва дар тарафи ғарбии ин кӯл як пушта (теппаи пастак) буд, ки дар вай мазори шоири машҳур Хоҷа Исмати Бухороӣ[139] воқеъ шуда буд ва дар он пушта аҳолие, ки ба он ҷо наздик буданд, мурдаи худро мегӯрониданд.

Беморхонаи вабоӣ дар ҳамин кӯли хушкида, ки тарафи шимолаш хандақзаҳкаши зери девори қалъа, ғарбаш мазори Хоҷа Исмат, шарқаш роҳи калон ва ҷанубаш замини нокорам буд, ташкил дода шуд.

Бинои «беморхона» иборат буд аз каппаҳои бурёӣ ва чодирҳои одии ҷӯгигӣ, ки ин «биноҳо» на офтоби майнагудози Бухороро нигоҳ медоштанд ва на тафбоди ҷигарсӯзи вайро.

Дар ҳафтаи аввали ташкил дода шудани ин беморхона маъмурони Бухоро – мулозимони қозикалон ва раис, шогирдпешагони қушбегӣ ва одамони миршаб беморони тасодуфан дар кӯча дучоромадаро дошта, ба ин беморхона, ки ҳақиқатан кушишхонаи одамон буд, оварда, дар дасти доктор ва фелдшери мазкур супурдан гирифтанд. Атрофи беморхонаро сарбозони амир посбонӣ мекарданд, ки барои гурез ба беморон роҳ набуд. Аммо дар ҳафтаи аввал аз даҳҳо беморон, ки дар он ҷо оварда буданд, яке ҳам саломат ёфта набаромад; ҳар кадоми онҳо дар он ҷо аз як шабонарӯз то се рӯз зиндагӣ мекарданд ва баъд аз он аз мурдаву зиндаи онҳо касе хабар намеёфт ва мегуфтанд, ки мурдагонро шабона дар ҳамон мазори Хоҷа Исмат, ки дар паҳлуи беморхона буд, пинҳонӣ мегӯрониданд.

Ба муқобили ин аҳвол мардуми Бухоро ғавғо бардоштанд, касе саращро баста ба кӯча намебаромад ва рангкандагон ҳам, ки бештарини мардуми Бухороро ташкил мекарданд, хонанишин шуданд, бозорҳо баста шуд ва аз қитъаву гузарҳо одамони баҷуръаттари тандуруст гурӯҳ-гурӯҳ ҷамъ шуда, ба арки амир рафта, ба қушбегӣ бо фарёду фиғон аз ин аҳвол шикоят кардан гирифтанд.

Оқибат ҳукумати амир ба беморхона бурдани раияҳои Бухороро манъ кард. Акнун вазифаи беморхонаи вабоӣ фақат куштани раияҳои Россия шуда монда буд: ду маъмури ҳукумати Бухоро, ду казаки савора аз посбонони гумоштаи сиёсии давлати Россияи подшоҳӣ ва як ходимаи тиббии беморхонакӯча ба кӯча шаҳрро гардиш мекарданд ва ҳар беморе, ки дучор шавад, ҳуҷҷатҳои шахсии



вайро тафтиш намуда ва раияи давлатии Россия буданашро муайян карда, баъд аз он ба беморхона мебурданд.

Рӯзе ман ба воқеаи зерин рост омадам: ду маъмури Бухоро бо як ходимаи тиббӣ як занро, ки аз қиёфаташ арманизан менамуд, дар як фойтуни дуаспа зер карда ба тарафи беморхона мебурданд. Казакони савор дар ду тарафи фойтун посбонӣ мекарданд. Занак «ман мусулмон шудаам, ман раияи ҷаноби олӣ шудаам» гӯён фарёд мекард ва ӯ чунон пурзӯр буд, ки аз таги дасти се нафар дар даруни фойтун рост хеста, худро партофтанӣ шуда, аз миён болояшро ба замин хам карда, бо дастони пурзӯраш заминро ханҷол мекард ва саворони казак бо қамчин ба дасту сари ӯ мезаданд, аммо ӯ ҳеҷ парвое надошт ва фарёд мекашид, ки «ман мусулмон, ман раияи ҷаноби олӣ мебошам, ҳақ надоред, ки маро ба куштан баред!».

Карантинҳои ҳукумати Бухоро яке дар роҳи Қаршӣ – дар мавзеи Четариғ, дигаре дар роҳи Кармина – дар мавзеи Хонработ ташкил шуда буд. Дар ҳар кадоми он ҷоҳо, ки дар домани дашт воқеъ шудаанд, як табиби маҳаллии бухороӣ ва як даста навкарони савораи амир меистоданд ва дар он ҷоҳо ҳам каппачаҳои бӯрёӣ сохта буданд ва дар паҳлуи он каппачаҳо дар ду-се деги калони мис об ҷӯшида меистод, ба даҳони дегҳо ба ҷои сарпӯш бӯрё пӯшонда буданд.

Навкарон роҳгузаронро аз роҳу бероҳа дошта меоварданд, табиб набзи онҳоро дида, ба тандуруст будани онҳо ҳукм мекард, баъд аз он роҳгузарҳо ҳар кадом либосҳошонро кашида ба каппа даромада, аз сарашон як сатил об мерехтанд ва либосҳошонро маъмурон ба рӯи бурёи сари дег паҳн карда буғ медоданд. Аммо таншӯии роҳгузарон ҳам аз оби ҳамон дегҳо буд. Бо ҳамин маросими «дезинфексия» тамом шуда, роҳгузар либоси бо буғ намгирифтаи худро пӯшида, ба роҳи худ мерафт.

## ГИРИФТОР ШУДАНАМ БА БЕМОРИИ ВАБОӢ

Аз вабозадагони мадрасаи Олимҷон ду нафар мурд. Мирқодир бо тағоиаш ва дигар аҳолии мадраса, ки бемор шуда буданд, дар хонаҳояшон мехобиданд. Муаззин Абдуфаттоҳ бемор шуда, ба кадом саҳро баромада рафта буд. Аммо ман, додарам ва Мирсолеҳ саломат будем. Лекин саломатии ман дер накашид: рӯзе бо одати муқарририам аз нахӯдшӯрбо, ки таоми гарми арзонбаҳои Бухоро буд, як коса оварда бо додарам хӯрдем. Баъд аз хӯрдани вай ба ман як гаронӣ рӯй дода хоб пахш кард. Хобидам ва баъд аз соате аз хоб бедор шудам, ки дилам беҷост, ба рӯи мадраса баромада аз по афтодам, дигар аз худ бехабар шудам ва ҳамин қадарро медонам, ки ба ман воқеа дар аввалҳои моҳи июл рӯй дода буд.

Як рӯз чашм кушода дидам, ки дар роҳрави ҳавлие нишастаам ва доманам пур аз кулӯхпораҳост, додарам рост истода зорӣ мекунад, ки кулӯхпораҳоро аз доманам резам. Чун ҳушёр шудам, шарм кардам, ки чаро дар доманам кулӯх андохтаам ва рехтам, аммо боз ҳам аз ҳуш рафтам.

Рӯзе аввали пагоҳӣ чашм кушодам, дар паҳлуям додарам хобида буд. Хона бегона буд, ба чор тарафаш назар дӯхтам: дар наздикии дари пешгоҳ як марди

хафтодсола китобат карда нишаста буд. Шинохтам – ин падари Мирсолеҳ – Миризом ном як пири нуронӣ ва он хона меҳмонхонаи ӯ буд.

Вақте ки ман ба он пир, ки бо дасти чапаш хат менавишт, бо ҳайрат чашм дӯхта истода будам, ӯ қаламашро ба лосдон[140] пок карда, дар гӯшаи саллаи худ аз пеши гӯшаш халонда монда ва саҳифаи китобатиашро бар рӯи болиш гузошту ба ман нигоҳ карда гуфт:

– Муборак шавад, халос шудӣ! – ва дарҳол Мирҳикмат ном писарашро, ки ҳамеша дар хизмати ҳавлиаш машғулӣ мекард, чеғ зад, – гӯй, дар хона ширчой пазанд, – ва ба ман нигоҳ карда давом намуд, – осуда бихоб, имрӯз ширчой мехӯрӣ.

Ман додарамро бедор кардан хостам.

– Мон, камтар хобад, – гуфт пирамард, – имшаб аҳволи ту бад шуда буд, ҳеҷ нахобидааст. Бӯҳрони сахти бемориат буд, ҳар чи бошад, бахайр гузашт.

Дар ним соат ширчойро тайёр карда оварданд. Пиракӣ аз он чой дар як пиёла рехта ба ман дод, ки бинӯшам. Ман дам кашидам.

– Акнун то пешин чизе намехӯрӣ, – гуфт бемордори ман. Баъд аз он додарамро бедор кард, ки ширчой сард нашуда нон пора карда хӯрад.

Бемордори таҷрибакор дар соати дувоздаҳи рӯз ҳам ба ман як пиёла ширчой нӯшонид. Ман мехостам нон хӯрам, сахт манъ кард. Шабона ҳам таоми ман як пиёла ширчой шуд.

Рӯзи дигар погоҳонӣ мӯйсафед дар ним коса ширчой як порча нони тунуки хонагии гармқокро, ки ба ҷои сухарӣ мегузашт, пора карда ба ман дод, аммо нагузошт, ки аз он нонпораҳои чой хӯрам:

– Имрӯз фақат мазаи нон басанда аст! – гуфт.

Дар пешину бегоҳӣ камтар-камтар оби шӯрбои гӯштини бе равған пухташударо, ки дар вай як каф биринҷ ҳам ҳамроҳ карда буданд, ба ман хӯронд ва дар рӯзи сеюм ба ҳамон шӯрбо қадаре нони гармқоқ пора карда хӯрданро ба ман рухсат дод.

Аз рӯи гуфтаи додарам, дар рӯзи аввали беморӣ ва беҳушиам Мирсолеҳи инсонпарвар маро дар мадраса нагузошта, бо додараш ба замбар андохта ба ҳавлиаш оварда, ба пеши падараш гузоштааст ва додарамро ҳам ин ҷо овардааст, ки дар нигоҳубини ман ёрӣ диҳад. Аз рӯи ҳисоби онҳо ман 29 рӯз беҳуш хобидаам.

Баъд аз як ҳафта, ки ман қадаре қувват гирифта будам ва хостам ба мадраса равам, мӯйсафеди пуршафқат нагузошт:

– Худро канда карда нобуд мекунӣ, – гуфт ва маро боз як моҳи дигар дар хонаи худаш нигоҳ дошт ва додарамро ҳам нигоҳ дошта, аз ҳолаш хабардор шуда истод.

## МАХДУМОНИ БАЙТАЛ

Миризом – одами баландқомати ранги рӯяш гандумгуни сиёҳчатоби камриш, бо вуҷуди ҳафтодсола буданаш сиёҳии ришаш аз сафедиаш бисёртар буд. Ӯ одами хеле пурқувват менамуд. Назар ба қавли худаш, вай писари Миролиммахдуми Ӯротеппагӣ буда, дар он ҷо таваллуд ёфтааст. Дар айёми дарсхонии вай ҷанги амир Музаффар ва подшоҳи рус сар шудааст. Ӯ пешаи муллоиро партофта, ба амир нӯкар шуда дар ҷанг иштирок кардааст.

Ӯ сабаби бо дасти чап хат навиштанашро ба ин тариқа ҳикоя кард:



– Дар ҷанги Ҷиззах, – гуфт ӯ,– аз бетадбирии саркардагони амир мо дар даруни қалъа дар муҳосара мондем, дарвозаҳои шаҳрро саркардагон чунон хокрез карда буданд, ки дар вақти шикаст аз онҳо гурехта баромадан мумкин набуд. Вақте ки аскарони рус сахт ҳуҷум оварда, девори қалъаро аз чанд ҷой рахна карда ва бо нардбон аз девор гузашта, ба кӯчаҳои шаҳр даромаданд, бештарини аскарони амир ва ғазоталабон худро аз болои девори қалъа берун партофта мурданд, ҳеҷ набошад, дасту пояшон шикаста аз кор баромаданд. Баъзе касоне, ки як навъ ҷасорат доштанд, истодагарӣ намуда, қадаре ҷанги кӯчагӣ карданд ва ман ҳам дар қатори ҳамин ҷанговарон будам.

– Вақте ки ман бо шамшер меҷангидам, – гуфт Миризом суханашро давом дода, – як аскари шамшердори рус бо шамшер ба дасти рости ман ҳамла намуда, панҷаи дастамро қалам карда партофт, шамшер ҳам аз дастам парида рафту ду солдати дигар аз пушт омада, маро асир карда гирифтанд.

Миризом дар ин ҷои ҳикояаш кафи дасти росташро ба ман нишон дод, ки тамоман бепанҷа буд ва ба нақли худ давом намуд:

– Маро ба беморхонаи ҳарбии Тошканд бурда табобат карданд. Баъд аз саломат ёфтанам ба ман барои харҷи роҳ пул дода гуфтанд: «Куҷо ки хоҳӣ, рав, ту озод мебошӣ!».

Миризом гуфт:

– Ман дар он вақт чӣ будани инсониятро фаҳмидам. Агар он вақт ягон рус, ҳарчанд ҳарбӣ набошад ҳам, ба дасти одамони амир меафтод, мекуштанд, ҳеҷ набошад, ғулом карда мефурӯхтанд. Аммо русҳо бо вуҷуди ин ки маро дар майдони ҷанг, дар ҳолате ки ман онҳоро мекуштам, гирифтанд, на танҳо маро накуштанд ва ғулом накарданд, балки маро табобат карда, ҳаётамро нигоҳ доштанд ва ба замми ин ба ман харҷи роҳ ҳам дода, ба хонаам гусел карданд.

Миризом баъд аз нақли ин саргузашти худ илова намуда гуфт:

– Ман аз он рӯз сар карда, ба худ муқаррар кардам, ки дигар дар қатори нӯкарони амир хизмат намуда ба пешрафти худ бо ин роҳ кӯшиш намекунам ва маишати худро асосан бо дастранҷи худ, ки китобат аст, таъмин менамоям. Аммо дар ин пеша воситаи асосии ман – панҷаи дасти ростам аз даст рафта буд. Лекин ман аз ин фалокат ба худ ноумедиро роҳ надодам: «Он чизеро, ки дасти рост карда метавонист, чаро дасти чап натавонад?» – гуфтам ва бо дасти чап хатнависиро машқ кардан гирифтам. Дар андак вақт дар навиштани хат бо дасти чап чунон моҳир шудам, ки дар вақтҳои бо дасти рост навиштанам ба ин дараҷа бомаҳорат навишта наметавонистам. Магар дасти чап он қувватеро, ки дар вақти ҷавониам дам гирифта ба худ нигоҳ дошта буд, дар айёми калонсолиам бо як ҳавсалаи ҷавонона ба сарф кардан даромад.

Миризом хомӯш монд ва ман аз ӯ пурсидам:

– Магар шумо аз Тошканд ба Ӯротеппа нарафта, рост ба Бухоро омадед?

– Не, – гуфт ӯ ва эзоҳ дод: – аввал ба Ӯротеппа омадам, дидам, ки дар он ҷо аз наздикони ман касе нест: падар, модар ва бародаронам дар вақти аз тарафи русҳо ишғол шудани Ӯротеппа ба Бухоро кӯчидаанд ва ман ҳам ба Бухоро омадам ва дар ҳамин ҳавлӣ дар сояи падар зиндагонӣ сар кардам.

* * *

Падари Миризом Миролим-махдум ном олиме будааст, ки пеш аз ишғол шудани Ӯротеппа аз тарафи аскарони Россияи подшоҳӣ дар он ҷо аълам будааст. Ӯ дар арафаи ин ишғол бо оилааш ба Бухоро кӯчидааст ва дар ин сафар модиёнеро, ки дар оромӣ ва хушрафторӣ беҳтарини аспонаш будааст, худ савор шуда, бо ҳамон асп ба шаҳри Бухоро даромадааст.

Азбаски мардуми Бухоро модиёнсавориро айб мешумурданд, ба номи Миролим як лақаби «байтал»-ро ҳам, ки «модиён» гуфтан аст, илова намудаанд. Бо ҳамин авлод ва ақрабои Миролим-махдуми аълам дар Бухоро бо унвони «махдумони байтал» шӯҳрат ёфтаанд.

Дар он вақтҳое, ки ман дар мадрасаи Олимҷон будам, дар Бухоро мухдумони байтал як ҷамоаи бисёр калон буданд, дар ҳар кадоми гузарҳои Поччоқулҳоҷӣ, Говкушон, Чорхарос ва Ғозиён чандхонаворӣ аз инҳо зиндагонӣ мекарданд. Ҳамаи инҳо одамони меҳнатдӯст, хоксор ва соҳиби хату савод ва баъзеҳошон хеле хушхат ва соҳиби фазлу камол буданд.

Миризом чор писар дошт, ки номи калонтарини инҳо Мирнизом буда, дар қатори нӯкарони одии амир буд. Ӯ бо андак маош гоҳ дар сарҳади Хоразм – дар Уч Ӯчоқ, гоҳо дар роҳи Қаршӣ – дар Қаравулбозор дар қатори дигар нӯкарон посбонӣ мекард (тарзи карантини ҳукумати Бухороро дар вақти вабо ба ман ӯ ҳикоя карда буд, ки он вақт дар Хонработ посбони роҳ будааст). Мирнизом соҳиби зану чанд фарзанд буда, дар гузари Ғозиён аз оилаи падар ҷудо менишаст.

Дуюм Хоҷӣ Ато ном дошт, ки ӯ ҳам оиладор буда, дар ҳамсоягии падараш дар гузари Чорхарос зиндагӣ мекард. Ӯ маъмури одии кушбегӣ буда, дар бозорҳои ғӯзаи туманҳо ба тафтиши тарозуҳо машғул буд.

Сеюм Мирсолеҳ буд, ки ҳанӯз хонадор набуд ва дар мадрасаи Олимҷон истиқомат намуда, дар вақтҳои таҳсил дарс мехонд. Ӯ хеле хушхат буда, дар тобистон дар мирзохонаи қушбегӣ нимнависӣ (ба котибони расмии қушбегӣ ёридиҳандагӣ) мекард.

Чорум ва аз ҳама хурдтаракаш Мирҳикмат ном дошт, ки дар он вақтҳо бистсола буда, ҳамеша дар хизмати падар ва оила буд.

Худи Миризом аз дарбори амир амали қаровулбегигӣ[141] дошт, ки ин унвон ба ӯ дар вақтҳои ҷанг дода шуда, то он вақте ки ман дидам, барқарор буд ва аз он роҳ маоше мегирифт, ки ба хароҷоти аспаш намерасид.

Дар ин хусус Миризом ба ман гуфт:

– Ин амал ба гардани ман ҳаминро бор кардааст, ки бояд ман ҳамеша як асп нигоҳ дорам ва даромади аз ин роҳ шудагӣ ба ҳамин асп намерасад. Бо ҳамаи ин ман ин амалро барои он тарк накарда гаштаам, ки Мирҳикмат аспро дӯст медорад ва агар аз амал истеъфо диҳам, бояд аспро ҳам нест кунам, ки ба ин кор писарчаи дӯстдоштаам розӣ намешавад.

Миризом илова намуда гуфт:

– Асоси рӯзгори маро ҳамин китобат таъмин мекунад, ки то ҳол ҳам дар як шабонарӯз 14 – 15 соат кор мекунам.

* * *



Миризом бо муллоҳо, бойҳо ҳеҷ рафтуомад намекард, ин гуна одамонро бад медид ва аз шайхҳо бисёр нафрат мекард. Ба хонаи ӯ фақат хешовандонаш – махдумони байтал омада мерафтанд, ки ӯ калонсолтарини ин ҷамоа буд. Аз муллоҳо гоҳ-гоҳ танҳо Мулло Раҳмати сартарош ба пеши ӯ омада мерафт, ки ман бо ӯ ба воситаи Шарифҷон-махдум шинос шуда будам. (Зикри Мулло Раҳмати сартарош дар охири қисми дуюми «Ёддоштҳо» гузаштааст.)[142]

## СТРАХОВАНИЯИ БОЙҲО

Рӯзе Мулло Раҳмати сартарош ба ҳавлии Миризом даромада омад. Миризом, ки бо омадани ҳеҷ кас китобати худро тарк намекард, бо омадани Мулло Раҳмат қаламро пок карда дар қаламдон ва когази китобатиашро ба рӯи болиш гузошта, дузону нишаст ва:

– Домулло, гап занед, куҷо будед ва чӣ овардед? – гуфта пурсид.

Мулло Раҳмат:

– Ба Чорҷӯй барои саёҳат рафта будам, – гуфт.

– «Кирои муфт овораи вилоят мекунад» – гуфтаанд, бояд ягон кирои муфт ёфта бошед, ки ба ин гуна сайру сафар ҳафсала кардед?

– Албатта, – гуфт Мулло Раҳмат ва ба тафсилоти саёҳати худ даромада рафт:

– Шумо медонед, ки ман бо Домуллобой* дар вақти хурдсолиаш шарикдарс ва ошпази вай будам. Ӯ баъд аз бой шуданаш ҳам маро фаромӯш накардааст ва гоҳо суроғ карда меистад. Чанд рӯз аз ин пеш дар раста ба ман вохӯрда, «ба хонаи ман биёед, ҳамроҳ ба саёҳати Чорҷӯй меравем» гуфт. Ман қабул кардам ва ҳамроҳ ба Чорҷӯй рафта, дар Девонабоғ, ки шаҳри русӣ, стансияи Чорҷӯй ва стансияи пароходи дарёи Аму мебошад, фуромадем ва дар он ҷо дар сарои Домуллобой, ки як бинои бисёр васеъ будааст, манзил кардем. Рӯи сарой аз пахтаҳои тойбаста пур буд. Мо дар як хонаи бисёр озода даромадем. Дар он хона намозҳои асру шому хуфтанро бо имомати Домуллобой, ки худро хеле парҳезгор мешуморад, адо намудем. Баъд аз таом, вақте ки аз шаб як пос[143] гузашта буд, Домуллобой ба ман гуфт:

– Биёед, шарик, ба рӯи сарой баромада қадаре гардиш кунем ва ҳаво хӯрем.

Мо аз хона баромадем. Дар рӯи сарой якчанд деги миси калони якманиро шинонда пуроб карда меҷӯшонданд. Хизматгорон пахтаҳои тойбастаро ба болои чӯбҳо қатор мечиданд. Вақте ки оби дегҳо ҷӯшид, чанд хизматгор бо сатилҳо оби ҷӯшро кашонда, ба болои тойҳои пахта рехтан гирифтанд. Ман дар ин кор тааҷҷуб намуда:

– Чаро пахтаҳои хушкро тар мекунанд? – гуфта аз бой пурсидам.

– Сабаб дорад, баъд мефаҳмед, – гуфт ӯ.

Хулоса ин кор то саҳар давом кард, баъд аз тамомияти кор мо даромада хобидем. Аммо маро хоб намебурд ва фикрам дар сабаби тар кардани пахтаҳои хушк банд буд. Рӯзона вақте ки офтоб паҳн шуд, Домуллобой ба хизматгорони

* Дар Бухоро як бойи бисёр калони миллионер буд, ки дар хурдсолиаш чанд рӯз дар мадраса хондааст. Бинобар ин мардуми Бухоро номи аслии ӯро набурда, «домулло» ё ин ки «домуллобой» мегуфтанд.

худ фармуд, ки тойҳои пахтаро дар офтобрӯяҳо гузошта хушконанд. Тааҷҷуби ман боз ҳам зиёдтар шуд ва аз ӯ пурсидам:

– Охир, аввал тар кардан ва баъд аз он хушконидани пахтаҳо чӣ маънӣ дорад? Ман ин корро беҳуда ва ташвиши барзиёд медонам.

Ӯ табассумкунон:

– Сабр кунед, баъд мефаҳмед! – гуфт.

Вақте ки тойҳои пахта хушкиданд, бой ба яке аз одамҳояш фармуд рафта контораро хабар кунад, ки омада пахтаҳоро қабул карда гирад.

Баъд аз ним соат якчанд одамони русмонанд бо дафтарҳо омада, тойҳои пахтаро баркашида, вазни ҳар кадомашро ҷудогона ба дафтар менавиштанд ва як кас бо лифу ранги сиёҳ бар рӯи ҳар той рақам мегузошт ва пахтаҳои баркашидашударо ба аробаҳо бор карда мефиристоданд.

Дар бегоҳӣ кори пахтабаркашонӣ тамом шуд. Одамони контора аз рӯи дафтари баркаш коғазеро бо забони русӣ навишта ба бой дода, баромада рафтанд.

Мо ба хона даромадем. Бой ба ҳеҷ кор (ҳатто ба намозхонӣ ҳам) машғул нашуда чӯту дафтарро ба пеши худ гирифт. Ӯ ҳай чӯт мезад, ҳай дафтарҳоро бо хату рақам сиёҳ мекард. Дар ин миён хизматгор ош кашида оварда ба пеши мо монд. Аммо бой ба ош ҳам нигоҳ накарда, кори худро давом дод.

Ман ки гурусна монда будам, ба ӯ гуфтам:

– Биёед, аввал таомро хӯрем. «Аввал таом, в-он гаҳ калом» – гуфтаанд!

– Шумо хӯрдан гиред! – гуфт ӯ бе он ки чашмашро аз дафтар ва дасташро аз чӯт ҷудо кунад, – ман баъд аз ҳисоб карда шуданам мехӯрам.

Ман рухсати ӯро ғанимат шумурда, як тарафи табақро холӣ кардам ва боз ба кори ӯ чашм дӯхта нишастам. Оқибат ӯ ҳисоби худро тамом карда, як коғазро ба ман нишон дод, ки дар як тарафи он 15500 ва дар тарафи дигараш 16500 сӯм навиштагӣ буд ва аз ман пурсид:

– Кадоми ин рақамҳо зиёдтар аст?

– Албатта 16500 сӯм аз 15500 сӯм зиёд аст, – гуфтам ман.

– Ман дар ҳамин сафари худ ва ба сабаби тар карда хушконидани пахтаҳо ҳазор сӯм фоида кардам, – гуфт ӯ.

Тааҷҷуби ман боз ҳам зиёдтар шуд. Ман дар ҳайрат афтодам, ки чаро тар карда хушконидани якчанд той пахта ҳазор сӯм фоида медодааст? Пас ба ӯ гуфтам:

– Шарик, аз барои Худо, зудтар ба ман фаҳмонед, ки шумо ин ҳазор сӯмро ба чӣ роҳ ёфтед, вагарна ман дилтанг шуда истодаам.

Ӯ ба эзоҳ додан даромад:

– Дар миёнаи савдогарони рус «страхования» ном як кор ҳаст, гуфт ӯ, – страхования ҳамин аст, ки касе молу чизи касеро ба бадали як ҳақи ночиз дар ӯҳдаи худ мегирад, ки агар он мол ё чиз талаф шавад, ба соҳиби вай тавони он молу чизро медиҳад.

Ҳавлӣ, сарой, моли тиҷоратӣ ва монанди инҳоро страхования кунондан мумкин аст. Ба страхованиягирандагон одатан ширкатҳои калони бой ҳастанд, ки ба ҳар гуна моли пурқимат, дар сурати талаф шуданаш, товон дода метавонанд. Аз ин ҷумла «Кавказ-Меркурий» ном як ширкат ҳаст, ки вазифаи асосии вай молҳои аз фабрик ва завод баромадаро ба атроф кашонда расондан аст ва ба ин хизмати худ мувофиқи вазни мол ҳақ мегирад. Ҳамин ширкати боркашонӣ дар айни замон борҳои ба худаш супурдашударо ба страхования ҳам мегирад, масалан, дар ҳар ҳазорсӯма мол ғайри пули кирои кашонданаш боз чанд сӯм гирифта, мутасаддӣ мешавад, ки агар ин мол гум шавад, сӯзад ё кам бароянд, вай товон медиҳад. Ман хостам ана аз ҳамин кор ба худ фоида ёбам…

Мулло Раҳмат мегуфт:

– Ман ҳанӯз ҳайрон будам, ки шарикдарси собиқи ман аз ин кор чӣ гуна фоида меёфта бошад ва тойҳои пахтаро тар карда хушкондан ба ин кор чӣ дахл дошта бошад. Аммо ҳамсӯҳбати ман бо суханҳои зеринаш маро як дараҷа бо кори худ шинос кард:

– Ман пештар дар Ҷиликӯл, Сарои Камар, Тирмиз ва Каркӣ пӯстҳои арзонбаҳо ва пахта тайёр карда, он чизҳоро бо баҳои баланд нарх монда, аз рӯи он нарх, ғайр аз пули киро, маблағе барои страхования дода, ба ҳамин контора месупурдам. Контора он молҳоро аз ҷоҳои мазкур ба қаиқҳои туркманон бор карда, ба Чорҷӯй мефиристод. Ман дар байни қаиқчиҳои туркман одамон доштам, ки онҳо қаиқро дар ягон ҷои муносиби дарёи Аму ғарқ мекарданд ва ман дар Чорҷӯй пули молҳои пасти талафшудаамро бо баҳои баланд нақд мегирифтам. Чун ин кор борҳо такрор шуда ва контора товон додан гирифт, вай ба ман маълум кард, ки молҳои маро дарёи Аму ба страхования нахоҳад гирифт ва метавонад, ки дар Чорҷӯй молро қабул карда, бо роҳи оҳан, Баҳри Каспий ва Волга ба Русия расонад. Бинобар ин ман аз страхования бо роҳи пинҳонӣ фоида бурданро дар ин ҷо ҳам ташкил намудам…

Мулло Раҳмат мегуфт:

– Ҳоло ҳам маънии тар карда хушконидани пахтаро нафаҳмида ва бо ин роҳ чӣ гуна фоида бурданро намедонистам. Бинобар ин ба шарикдарси собиқи худ савол додам:

– Пас дар ин ҷо бо роҳи пинҳонӣ фоида бурданро чӣ навъ ташкил кардед ва сабаби тар карда хушконидани пахта чист?

– Ҳама гап дар ҳамин тар карда хушконидан аст, – гуфт ҳамсӯҳбати ман ва эзоҳ дод: – тойҳои пахтае, ки дар рӯи сарой буданд, ба ман ҳамагӣ ба 15500 сӯм афтода буданд ва баъд аз рехтани оби ҷӯш вазни онҳо ба миқдори як ҳазор сӯм зиёд шуд. Азбаски пахтаи хушк оби ҷӯшро ба мағзи худ монанди кулӯхи офтобхӯрда мекашад, ҳарчанд мо тойҳои пахтаро ба офтоб монда хушконида бошем ҳам, обияти мағзи тойҳо ҳеҷ нарафта ва фақат кандиру симҳои ба назар намоёни онҳо хушкиданд. Ин кор рӯякӣ хушконидан буда, фақат бастани чашми одамони контора аст.

– Агар яке аз одамони контора пай мебурд, чӣ мекардед? – гӯён савол додам.

– Ҳеҷ кадоми одамони контора саҳмдори он ширкат нест, ки ба ман товон медиҳад. Агар яке аз инҳо фаҳмида монад ҳам, бо ним шиша арақ даҳони ӯро бастан осон буд, – гуфт Домуллобой ва сухани худро давом дод:

– Ин тойҳо то ба Маскав расидан хушкида ба вазни аслии худ мефуроянд.

Вақте ки дар Маскав гумоштаи ман ин пахтаҳоро аз контора баркашида мегирад, ба бадали он обхӯе, ки контора аз ман дар қатори пахта баркашида гирифтааст ва онҳо дар роҳ бухор шуда ба ҳаво парида мераванд, товон меситонад.

Шарикам ба фиребгарии худ мағрурона хандае карда илова намуд:

– Танҳо бо харидуфурӯш одам бой шавад ҳам, бойи бисёр калон намешавад; барои бойи дуруст шудан боз бисёр ҳунарҳоро донистан лозим аст. Масалан, ман як гурӯҳ мирзо ва гумоштагон дорам, ба ҳар кадоми онҳо аз 20 танга (3 сӯм) то 40 танга (6 сӯм) моҳона медиҳам. Маълум аст, ки як одами оиладор бо ин маблағҳо зиндагонӣ карда наметавонад. Бо ҳамаи ин онҳо ба хубӣ зиндагонӣ мекунанд. Бо кадом даромад зиндагонии хуб мекунанд? Равшан аст, ки бо дуздӣ! Албатта, онҳо аз ман дуздида наметавонанд, балки дар харидуфурӯш аз харидор ва фурӯшгор медузданд, ки онҳо одамони содаи саҳроӣ мебошанд. Ман аз ин кори онҳо то молу сарвати ба назар намоёне ҷамъ карданашон чашм мепӯшам. Вақте ки онҳо хуб сер шуда, фарбеҳ шуданд, як баҳона ёфта, ба ҷавобгарӣ мекашам ва ҳамаи буду нобудашонро аз дасташон гирифта, луб-луч карда бароварда пеш мекунам, ки додашон ба фарёдашон намерасад. Оре, ман гумоштагони дуруст ҳам дорам, ки ба онҳо дуруст ҳақ медиҳам. Аммо шумораи онҳо бисёр набуда, дар корчаллонӣ аз худам монданӣ надоранд. Онҳо дар ҳақиқат ба ман шарикдавлат мебошанд.

– Домулло, ана ҳаминҳо аст роҳи бойи калон шудан! – гуфта Домуллобой сухани худро тамом кард.

– «Барги сабз»-и[144] аз Чорҷӯй овардаатон бад нест, – гуфт Миризом ба Мулло Раҳмат ва баъд аз қадаре хомӯш мондан илова кард: – бештарини бойҳо дузданд. Аммо афсӯс, ки амир Фазлӣ-Авлиёро* дузд гӯён аз манор мепартояд ва подшоҳи Русия бошад, ягон пойбараҳнаро, ки шояд аз гуруснагӣ чизеро дуздида бошад, ба Сибир мефиристонад. Лекин хоҳ подшоҳи Русия бошад, хоҳ амири Бухоро – бойҳоро ҳурмат мекунанд.

## «МАҲДИИ ОХИРЗАМОН»

Як рӯз пагоҳонӣ, ҳанӯз офтоб набаромада, Миризом дар пешгоҳи айвоне, ки рӯ ба Шимол дар байни дари болои меҳмонхона ва роҳрави ҳавлии дарун воқеъ шуда буд, нишаста китобат мекард. Мо, бародарон, ҳанӯз аз меҳмонхона набаромада будем, Мирҳикмат, занҷири дарвозаи кӯчаро кушода омада, ба асп алаф дод ва баъд аз он ба қашаву ҷорӯб кардани вай машғул шуд.

Дар ҳамин вақт аз роҳрави дарвозаи кӯча аввал садои сурфа ва баъд аз он як одам пайдо шуд. Қади ин одам паст, худаш монанди ӯғур ғафс ва фарбеҳ буд. Сару рӯи лӯб-лӯндаи зардчатобаш бо гардани борики мурғобишакли ӯ бар болои он танаи ғӯладингаш ба он монад буд, ки чӯбкадуи каҷдастаеро бар болои ӯғур шинонда монда бошанд; риши зарди пурҷингилаи намадвор пахшхӯрдааш бо дастори каловамонанд печондашудааш ба хӯсаи киштзорҳо шабоҳат дошт, ки барои тарсонда рамондани парандаҳо ба шакли одам сохта мемонанд; остинҳои ҷомааш монанди остинҳои ҳамон хӯсаҳо дароз буда, аз ду остин ду тасбеҳе, ки яке аз донаки хурмо, дигаре аз шабаи чашми сиёҳчатоб сохта шуда буд, баромада ба тарафи замин овезон шуда меистод. Ранги ҷомаи ин кас ҳам монанди ранги рӯю ришаш малла буд.

Ин одам бо ҳамин шаклу шамоил калонворона оҳиста-оҳиста қадам монда ба рӯи суффа баромада, ба Миризом салом дод. Миризом бе он ки кори худро вогузорад, бо сарҷубоние ба саломи ӯ ҷавоб гардонд ва китобаташро давом додан гирифт.

Меҳмон бошад, бо ҳамон ҳаракати калонворона кафшашро оҳиста дар поёни айвон кашида, рост ба пешгоҳ рафта, дар паҳлуи соҳиби хона дузону нишаст ва баъд аз он ки дастони тасбеҳдорашро аз остинҳояш бароварда, дар ҳолате ки ду тасбеҳ аз ду панҷааш овезон буд, кафҳои дасташро бар рӯяш молид, дастонашро бар рӯи зонуҳояш гузошта, пичир-пичиркунон донаҳои тасбеҳҳоро гардондан гирифт.

Миризом дар ҳолате ки ба китобат машғул буд, бо гӯшаи чашмаш ба ҳаракатҳои ин одам назар дӯхта табассумкунон гуфт:

– Ҳазрати эшон! Шайхҳои дигар номи худоро такрор карда, дар ҳар бор як дона тасбеҳро мегардонда бошанд, шумо бо ду дастатон дар ду тасбеҳ ду донаро мегардонед. Бо ин коратон сад бор «ё оллоҳ!» гуфтанатонро дусад бор ҳисоб карда, магар худоро фиреб додан мехоҳед?

Эшон як нафас пичир-пичири худро боздошта ҷавоб дод:

Агар шайхҳои дигартанҳо бо кому забонашон зикри худоро мегуфта бошанд, ин фақир ба ҷодае расидааст, ки ҳамаи аъзои баданаш ба ҳар тора мӯяш зикр мегӯяд. Дар ин сурат агар ман сад тасбеҳро ҳам якбора гардонам, боз шумораи зикрамро, чунонки ҳаст, ба ҳисоб гирифта наметавонам.

Шайх боз пичир-пичир ва тасбеҳгардонии худро давом дод. Миризом дид, ки ман аз даруни меҳмонхона, аз пеши дари боло ба ҳаракатҳои ин одами аҷиб бодиққат нигоҳ карда истодаам, ба ман гуфт:

– Биё, додаратро ҳам гӯй, ин ҷо омада нишаста, аз сӯҳбати «пурбаракати» ҳазрати эшон баҳраёб шаветон!

Мо омада дар поёни айвон нишастем. Дар ин вақт Мирҳикмат нигоҳубини аспро тамом карда, дасту рӯяшро шуста, дар рӯи ҳавлӣ истода рӯи худро пок мекард.

Падараш ба ӯ гуфт:

– Рав, фармо, ки чойи қаймоқиро зуд тайёр кунанд, бародаронатро ҳам хабар деҳ, дастархон биёр!

Мирҳикмат рафт. Мирато ва Мирсолеҳ омада, дар айвон ҷо гирифтанд. Мирнизом ҳам, ки бо вуҷуди ҳавлиаш дар гузари дигар будан, ҳар пагоҳ ба саломи падараш меомад, омада дар айвон нишаст. Дастархон, нон, чойи кабуд ва чойи қаймоқӣ ҳам омад.

Мирҳикмат аввал ба пеши меҳмон, баъд аз он ба пеши падараш ва дигарон яккосагӣ чойи қаймоқӣ монда, худ аз ҳама поёнтар нишаста, дар пеши худ ҳам як коса чой гирифт. Миризом қаламу коғазро ба як сӯ монда, ба таомхӯрӣ тайёр шуд; эшон ҳам баъд аз дастонашро бар рӯяш молидан тасбеҳҳояшро дар пеши

* Фазлӣ-Авлиё – дузди машҳуре буд аз деҳаи Розмози тумани Вобканди Бухоро. Ӯ ҳамеша молҳои амирро медуздид. Амир Музаффар ӯро дастгир карда, аз манор партофта кушта буд.

ду зонуи худ, дар ду тарафи косаи чойе, ки дар пешаш монда шуда буд, ба тарзи аҷибе бар рӯи дастархон гузошт: тасбеҳе, ки аз донаки хурмо сохта шуда буд, дар рӯ ба рӯи дасти рости ӯ ба шакли як мори маллаи сиёҳхол халқа зада мехобид ва донаи калони тасбеҳ, ки одатан вайро «имом» меноманд, аз як чӯби сиёҳи сурхчатоб буда, ба шакли тирмори ба ҳуҷум тайёршуда аз замин бардошта шуда меистод.

Тасбеҳи дуюм монанди мори сиёҳе дар рӯ ба рӯи дасти чапаш ба шакли коса гирдогирд печ хӯрда буд ва «имоми» тасбеҳ ҳам аз замин барҷаста меистод, ки холҳои майдааш монанди чашми мор танг ва ғазаболуд менамуданд.

Косаҳои чой мунтазири хӯрандагон буданд, аммо касе ба таом даст дароз намекард. Миризом ҳам, ки одатан таомро зуд-зуд хӯрда ва дигаронро ҳам ба зуд хӯрдан ташвиқ мекард, ин бор сукут карда хомӯш истода буд.

Эшон баъд аз қадаре сар хам карда хомӯш истодан косаи чои худро бардошта ба пеши Миризом гузошт ва косаи ӯро ба худ кашид. Миризом ба чойи худ нон пора кардан гирифт. Дигарон ҳамчунон хомӯш ва ором меистоданд.

Эшон боз косаи чойи худро бардошта ба пеши писари калони соҳиби хона – Мирнизом гузошта, косаи вайро пеши худ кашид ва Мирнизом ҳам ба косааш нон пора кардан гирифт. Дигарон ҳоло ҳам ором буданд.

Эшон бо ҳамин тариқа бо ҳамаи писарони соҳиби хона коса табдил намуд. Аммо бо ман ва додарам коса табдил накард. Аз ҳама охир, вақте ки бо Мирҳикмат косаашро табдил кард, «аузу биллоҳи мин шарризолимин» («паноҳ металабам ба худо аз бадии золимон») – гӯён ба косаи худ нон пора карда, ба хӯрдан шурӯъ намуд.

Дар вақти таомхӯрӣ Миризом ба тасбеҳҳои бар рӯи дастархон хобидаи эшон чашм дӯхта, ба ӯ гуфт:

– Ҳазрати эшон! Тасбеҳҳои шумо мормонанд мебошанд. Ҳамин ки ба онҳо чашми кас меафтад, гумон меравад, ки морон бар рӯи дастурхон хобидаанд ва дар он вақт одам қадаре даҳшат мекашад ва ҳам рӯҳи кас мекоҳад.

– Ҳақиқатан инҳо вазифаи моронро адо мекунанд, – гуфт эшон ва давом кард: – инҳо дар асл малоикаҳои муваккали[145] ман ҳастанд, ки мақсадашон нигоҳдории ҳаёти ман аст аз шарри душманонам. Дар айни замон инҳо, вақте ки ман зикр гӯям, вазифаи тасбеҳиро ба ҷо меоранд, вақте ки ман инҳоро ба ҷое гузорам, шакли морро гирифта меистанд, агар касе дар ҳақи ман бадқасдӣ кунад, ин монанди мори афъӣ (ба тасбеҳи донакихурмоӣ ишора намуд) ва он (ба тасбеҳи шабаичашмӣ ишора карда) монанди тирмор ба он бадкирдор ҳуҷум оварда, димор аз рӯзгораш мебароранд.

– Тасбеҳ ҳам малоика ва ҳам мор… ин аҷиб аст! – гуфт Мирсолеҳ табассумкунон.

– Ҳеҷ аҷобат надорад, ҷиян! – гуфт эшон ба Мирсолеҳ, – дар сурате ки асои Мӯсопайғамбар* аждаҳо шуда тавонад, тасбеҳи Маҳдии[146] охирзамон чаро мори афъӣ ва тирмор шуда натавонад?

Баъд аз таом эшон тасбеҳҳои худро бардошта ба ҳавлии дарун даромад ва

* Дар қиссаҳои динӣ, аз он ҷумла дар Қуръон ва Таврот бо мӯъҷиза ба шакли аждаҳо даромадани асои Мӯсо зикр шудааст.



баъд аз дақиқае аз он ҷо баргашта омада, бе он ки ба соҳиби ҳавлӣ «хуш бошед!» гӯяд, ба кӯча баромада рафт.

* * *

Баъд аз чой ҳама аз айвон хеста, пароканда шуда рафта буданд ва танҳо ман дар он ҷо монда, дар бораи ин одам ва ҳаракатҳои аҷиби ӯ бо ҳайрат ва тааҷҷуб фикр мекардам. Баъди аз ҳавлии дарун баромада рафтани ӯ Миризом чашмонашро ба чашмони дар ҳайратмондаи ман дӯхта фаҳмид, ки ман дар ҳаваси фаҳмидани маънии ҳаракатҳои девонавори он одам афтодаам, аммо аз пурсидан ибо мекунам, ба ман гуфт:

– Ту бояд ин одамро нашиносӣ ва сабаби косабадалкунии ӯро ҳам нафаҳмида бошӣ?

– Ман ин касро аз ин пеш надидаам, албатта, аз ҳаракатҳои ӯ ҳам чизе нафаҳмидам, – гуфтам дар ҷавоб.

– Ин одам додарарӯси ман мешавад, – гӯён гап сар кард мӯйсафед, – модари фарзандони ман ҳамшираи аз худаш калони ин кас мебошад. Ӯ дар хурдсолиаш аз мактаб курсавод шуда баромада, дар гузарашон, ки Ҷанафар номида мешавад, дукони баққолӣ кушод. Аммо дар ин кор пеш нарафт ва нони ҳаррӯзаашро ҳам наёфт. Баъд аз он ман ба ӯ маслиҳат додам, ки ба як ҳунар машғул шавад: ба мӯзадӯзӣ ё ба бофандагӣ шогирд шуда дарояд, дар андак вақт нони худро меёфтагӣ мешавад. Ӯ қабул накард, «ман мулло шудан мехоҳам» гӯён ба мадраса даромад, ҳамширааш бо хӯроку пӯшок ёрӣ дода истод, ки чанд сол хонд, аммо чизе ёд нагирифт. Рӯзе омада ба ҳамшираааш хабар додааст, ки «ман ба эшони чӯқмоқӣ мурид шудам ва ҳамеша дар хизмати ӯ ва дар хонақоҳи ӯ мешавам. Дигар ба ман ёрии ту лозим нест». Баъд аз чанд сол шунидам, ки аз хонақоҳи чӯқмоқиҳо хати иршод* гирифта баромада, худ ба муридгирӣ даромадааст. Аммо, азбаски ман эшононро бад мебинам, дигар ба хонаи ман наёмад. Баъд аз ду соли дигар шунидам, ки дар гузари худаш – Ҷанафар имом шуда, он ҷоро ба худ хонақоҳ қарор дода, даҳанишинӣ ва дигар маросими эшониро боло гирондааст ва дар пеши муридонаш, ки ҳамагӣ саҳроӣ ва бесавод мебошанд, худро «Маҳдии охирзамон» мегуфтааст. Чун ин даъвои ӯ ба назари ман аҷиб намуд, рӯзе ӯро кас монда овардам, ки аз ҳақиқати ҳолаш воқиф шавам, аҷаб нест, ки девона шуда бошад. Ӯ омад, ман аз вай ғайр аз аҳволпурсии одӣ чизе напурсидам, дар дилам «канӣ монам, худаш дар ҳақи худаш чӣ мегӯяд?» гуфтам. Дар меҳмонхона чанд каси дигар ҳам буд. Дар хона шӯрбо пухта буданд, шӯрборо дар косаҳо кашида, дар пеши меҳмонон гузоштанд. Ӯ чунонки имрӯз дар чой кард, косаи худро бо ҳамаи косаҳои меҳмонон бадал карда, охир косаеро, ки дар пеши Мирҳикмат буд, гирифта шӯрбояшро хӯрд. Ман сабаби ин корашро пурсидам. Ӯ гуфт:

– Ман Маҳдии охирзамон мебошам, ман бояд ҳамаи ҳокимонро нест кунам ва аз он ҷумла амири Бухороро ва дунёро бояд мусулмонободи ҳақиқӣ намоям. Табақаи ҳокимон, албатта, аз ин нияти ман воқиф шудаанд, бинобар ин маро

* Хати иршод – хатест, ки шайхҳо ба муридони худ ба ин мазмун медиҳанд, ки ӯ ҳақ дорад мурид гирад ва ба муридон роҳбарӣ кунад.

нест кардан мехоҳанд. Шумо ҳам, ки як вақтҳо ба амир нӯкар шудаед ва писари калонатон, ки ҳозир нӯкари амир аст, аҷаб нест, ки бо фармудаи амир ба ман захр диҳед. Бинобар эҳтиёт ман косаҳоро бадал мекунам ва чунон бадал мекунам, ки косаи заҳрдор дар миёна гум шавад. Дар он вақт агар ҳақиқатан дар миён косаи заҳрдор бошад, албатта шумо одамҳоро аз хӯрдан бозмедоред, то ки дӯстонатон ва фарзандони азизатон заҳрзада нашаванд.

– Аз ин пеш ҳам дар олами ислом бисёр Маҳдиҳо баромада буданд. Аммо дурӯғгӯй будани ҳар кадоми онҳо дар вақташ маълум шуд, ки расво шуда рафтанд. Бинобар он ин бозии шумо бисёр обшуста ва аз даҳан афтода мебошад, барои фиреб додани мардум ягон найранги нав меёфтед, беҳтар буд, – гуфтам ман.

– Маҳдиҳои гузашта ҳам дурӯғгӯй набуданд, – гуфт ӯ, аммо онҳо Маҳдии замони худ буданд, бинобар ин онҳоро «соҳибуззамон» мегуфтанд. Вақте ки умрашон ба охир расид, Маҳдигии онҳо ҳам тамом шуд, чунки замони онҳо гузашта буд. Чунонки пайғамбари охирзамон шуда омада, дини исломро то рӯзи қиёмат пойдор карда рафтанд, ман ҳам Маҳдии охирзамон мебошам, ки дунё то рӯзи қиёмат пойдор мемонад.

Миризом баъд аз нақли мусоҳибаи худ бо «Маҳдии охирзамон» аз тарафи худ гуфт:

– Баъдҳо ман фаҳмидам, ки фиребгарии ин Маҳдии мо барои худаш бисёр пурманфиат будааст: аввал ин ки ӯ ба худ «Маҳдии охирзамон» ном дода, аз маҳдитарошони гузашта худро фарқ кунондааст, дуюм ин ки ба муридони худ барҳам додани зулму золимонро ваъда медиҳад, ки ин ваъда барои касони зулмдида бисёр гуворост, сеюм он ки ин фиребгар деҳқонони бесаводи саҳроҳои Бухороро ба худ мурид карда гирифтааст, ки онҳо зулмдидатарини раияҳои Бухоро буда, аз ҷиҳати содагӣ ва бесаводиашон зудбовартарини онҳо мебошанд. Бинобар ин онҳо ба умеди дар оянда аз зулм халос шудан, ҳар чизашонро, ки аз торочи ҳокимони золим хато хӯрда монда бошад, ба ӯ месупоранд. Ҳоло ман мешунавам, ки ӯ сандуқҳои пуртангаву тилло, буғчаҳои пурлибос, анборҳои пурғалла ғундоштааст. Ҳатто мегӯянд, ки дар даштҳо рамаҳои гӯсфандони ӯ чарида мегарданд.

* * *

Ман аз хавфи дубора беморшавӣ тамом халос шуда, аз ҳавлии Миризом баромада, ба мадрасаи Олимҷон омадам. Муромурӣ камтар шуда, бемории вабоӣ ҳам сусттар гашта буд. Аммо хизмати фарроширо, ки ба корҳои дарсиам бисёр халал расонда буд, партофтам ва бо кӯшиши як шарики дигари бародари калонам аз мадрасаи Бадалбеки нав як ҳуҷра ёфта, ба он ҷо кӯчидам. Он шарики бародарам ба ман ваъда дод, ки маро ба худаш ошпаз мекунад ва ба додарам ҳам ягон кор ёфта медиҳад.

## ДАР МАДРАСАИ БАДАЛБЕК

Мадрасаи Бадалбеки нав дар шимоли Масҷиди Калони Бухоро бино ёфта буд, ки дар байни ин мадраса ва Масҷиди Калон кӯчаи калоне, ки аз пеши мадрасаи Мири Араб гузашта, ба Регистон мерафт, воқеъ шуда буд. Саҳн ва дарвозаи даромади ин мадраса ба тарафи ғарбиаш буд, ки дар пешаш майдончаи пеши дарвозаи партави ҳавлии поёни амир[147] воқеъ шуда буд ва он ба номи соҳиби аввалиаш – ҳавлии Мирзои Хурд машҳур буд.



Ин мадраса умуман бо усули меъмории анъанавии мадрасаҳои Бухоро сохта шуда бошад ҳам, бинобар тангиаш дар даруни дарвозаи даромадаш миёнсарои васеъ надошт ва ҳуҷраҳояш ҳам танг-танг буданд. Пеши ин мадраса дуошёна буда, се тарафи дигараш якошёна буд. Дар ин мадраса ҳамагӣ 35 ҳуҷра буда, ҳуҷраҳои муаллақагиаш (ҳуҷраҳое, ки дар гӯшаҳои холимондаи болоии байни ҳуҷраҳо бино ёфтаанд) боз ҳам тангтар буданд.

Дар гӯшаи шимоли ғарбии ин мадраса як роҳрав буда, аз вай ба тарафи халоҷо гузашта мешуд. Ҳуҷрае, ки барои ман насиб шуд, бар болои ҳамин роҳрав буда, дари даромадаш ба тарафи пушт ҳашт зина болотар аз замин кушода мешуд ва дар тарафи даруни ҳуҷра равшанӣ аз он ҷо меафтод. Дар ин ҳуҷра на оташдон буд на ҷои дастурӯшӯӣ. Аммо ин ҳол барои ман он қадар аҳамият надошт, чунки ман дар ҳуҷраи худ ош намепухтам ва дасту рӯйро баромада дар рӯи мадраса шустан мумкин буд. Барои ман душворӣ дар ин ҷо буд, ки бар рӯи ҳуҷра рост гашта намешуд: аз дар хам шуда даромада ва дар рӯи ҳуҷра ҳам хам шуда гаштан даркор буд. Дар ин ҳуҷра як сол бародарам зиндагӣ карда буд ва бо омадани ман ба мадрасаи Бадалбек, ӯ аз Мири Араб ҳуҷра ёфта кӯчид ва ман дар он ҷо ҷойгир шудам.

Ин ҳуҷра моли Қорӣ Нурулло ном одам буд, ки аз табақаи муллоҳо буда, дар пушти мадраса – дар Болокӯча ҳавлии истиқоматӣ дошт. Касби асосии ин одам қоригӣ – куръонфурӯшӣ буда, хати настаълиқи[148] хубе дошт ва ба восита ба худ шогирдони хатмашққкунанда қабул мекард.

Ин кас ҳам ба ҳаваси дарсгӯӣ афтода будааст, ки ҳуҷраашро ба ман ба шарти шогирди ӯ шуданам додааст. Бинобар ин ман аз ҳама пештар дар пеши ӯ дарси «Мухтасари Виқоя»-ро сар кардам, ки дар мадрасаҳои Бухоро дарси аз ҳама беаҳамияттар буд.

Қорӣ Нурулло як одами миёнақади фарбеҳи рӯйпурраи сафедгун буд, ки риши сиёҳи паҳни калоне дошт ва аз башараш ӯро чилу панҷсола тахмин кардан мумкин буд. Ӯ одами хушвақт, хандонрӯй буда, ҳеҷ гоҳ пешонаи худро турш намекард. Албатта, ӯ дарсеро, ки мегуфт, намедонист, аммо ба надонистани худ рӯйрост иқрор мекард ва монанди баъзе муллотарошони ҷоҳил дар ҷаҳли мураккаб наафтода буд. (Надонистани худро надонистан ҷаҳли мураккаб аст.) Дар вақти дарс, агар ман аз вай ягон чизи ба дарсам оидро пурсам, « – Эй бародар, ин гуна масъалаҳоро аз ягон каси дигар пурс, барои ман номи шогирдиат бас аст, аз ман омӯхтани чизеро умед накун!» – мегуфт.

Бештарин аҳолии ин мадраса шофиркомиҳо, нуратоиҳо буда, қисми дигарашон аз шаҳри Бухоро ва атрофи он буданд. Аз баъзе музофотҳои дигари Бухоро ҳам дар ин ҷо ягон-ягон одамон дида мешуданд.

Аз бухороиҳо ҳуҷрадори асосии ин мараса бародарзодагони Абдуллохоҷаи Таҳсин буданд, ки падари онҳо дар музофотҳои Бухоро қозигӣ мекард. Дигар Зуҳур-махдум ва Аллом-махдум ном ду бародарони бухороӣ буданд, ки ҳардуяшон ду ҳуҷра доштанд. Онҳо ба Таҳсин хеши дур ва шогирд буданд.

Зуҳур-махдум шарикдарси бародари калонам ва Мирсолеҳ буд, ки ӯ маро барои ошпазии худ оварда буд. Ӯ як ҷавони тахминан бисту панҷсола буда, қади миёна, рӯи сурхчаи пурхун ва қомати миёнаи зебое дошт. Дар дарс шариконаш аз хушфаҳмони ҷамоаашон мешумурданд ва дар пеши домулло Икромча қории ҷамоа ҳам ӯ буд, ки дар ҷамоаҳои дарсхон ин қадар қории хушсавод кам насиб мешуд. Ӯ бо бародари ман ҳаммуколама буда, хеле дӯсти наздик буд.

Аллом-махдум тахминан бистсола буда, қомати борики баланд, тану бадани қоқи сиёҳи бегӯшт ва рӯи сиёҳчаи борики дароз дошт, ки ришу мӯйлаби ба тозагӣ тор-тор намоёншудааш лабу манаҳи ӯро монанди ба деги сиёҳ часпида пӯшонда меистоданд. Ин ҷавон сил буд, ки се сол боз азоби ин дардро мекашидааст.

Ба замми ошпазӣ ва ҷомашӯии ин ду бародар нигоҳубин кардан ба ин бемори сил ҳам ба гардани ман бор шуда буд. Нигоҳубин кардан ба бемор ба ман он қадар душворӣ накунад ҳам, вазъи тунду тези ӯ ва муомилаи дурушташ ба ҷонам мерасонд. Як бор аз ин гуна муомилаи бади ӯ ба бародараш Зуҳур-махдум шикоят кардам. Ӯ гуфт:

– Додарам дар асл бачаи бад набуд, баъд аз гирифтор шуданаш ба ин бемори тундмизоҷ шуд, ки ин ҳол аз хусусиятҳои бемории силӣ аст. Чӣ бояд кард? Як навъ мувосо кун!

Зуҳур-махдум додарамро ба ҳавлии Қозиҷон-махдум ном қозии маъзул, ки бародари аз худ калони Абдуллоҳоҷаи Таҳсин буд, ба дастёрӣ монд. Ҳавлии Қозиҷон дар гузари Такбандбофони Бухоро буд, ки дар тарафи шимоли мадрасаи Бадалбек буда, дар байни мадраса ва он гузар як кӯча роҳ буд.

Абдуллоҳоҷаи Таҳсин ҳам, ки ҳавлии худ надошт, бо занаш ва додарарӯси зандораш дар ҳамон ҳавлии бародараш зиндагонӣ мекарданд. Писари Қозиҷон-махдум – Абдураҳим-махдум ҳам зандор буда, дар ҳамон ҳавлӣ истиқомат дошт. Дастёрии ин гуна ҳавлии серодам ба назари аввал хеле душвор намояд ҳам, ба додарам он қадар вазнинӣ накард. Чунки қозӣ саис ва мулозимони умедвори рӯзи қозигиаш дошт, ки онҳо корҳои сахти ӯро мекарданд. Ба болои ин он оила ҳарчанд аз ҷумлаи калонзодагони Бухоро ва авлоди Мавлоно Шариф бошанд ҳам, табиатан одамони бечора ва хоксор буда, худҳошон ҳам хизмати худро кардан мегирифтанд ва нигоҳубини онҳо ҳам ба хизматгор хуб буд: таомро додарам бо худи қозии мӯйсафед хӯрдан мегирифт, либосашро ҳам одамиёна карда доданд ва ҷомашӯияшро дар қатори ҷомашӯии худҳояшон дар хонаашон мекунонданд.

Додарам, ки навсавод ва навдарсхон шуда буд, дар пеши Абдуллоҳоҷа дарсҳои ибтидоии мадрасагиро мехонд ва худи қозӣ ба ӯ хат машқ мекунонд, ки дар хонаи ӯ додарам хат баровардa хушсавод шуд.

Зани Абдуллоҳоҷаи Таҳсин духтари шоири машҳур Абдулқодирхоҷаи Савдо[149] буда, баёзи калони Савдо ҳам дар дасти ӯ буд. Ман ҳам рӯзҳои таътил, агар вақт ёбам, ба хонаи онҳо рафта, он баёзро мутолаа мекардам. Худи Абдуллоҳоҷа ҳам, ки ман бо ӯ дар хонаи Шарифҷон-махдум шинос шуда будам, ба ман аз адабиёт гап мезад ва китобҳои адабиашро ба шарти дар хонаи худаш нишаста мутолаа кардан медод.



Аммо писари Савдо, ки бо лақаби Ака-эшон ба ӯ хитоб мекарданд ва додарарӯси Абдуллоҳоҷа буд, на хат дошт вана савод. Фақат баъзе хусусиятҳои падарашро забонӣ ба ман нақл мекард ва баъзе шеърҳои ӯро ба ман аз ёд хонда медод.

Назар ба нақли ӯ, падараш одами қашшоқ ва лоубол буда, ба баъзе урфу одатҳои замонӣ ва маросимҳои динӣ амал намекардааст ва зиндагии худро бо заргарӣ ва наққошӣ, ки дар ин ду пеша хеле маҳорат доштааст, таъмин намудааст.

Вақте ки амир Музаффар ӯро ба дарбори худ кашида, ба худ надим (ҳамсӯҳбат) қарор додааст, аҳволаш хеле танг шудааст. Чунки дар дарбори ӯ маҷбур шудааст, ки ду асп ва як саис нигоҳ дорад. Ба болои ин амир мувофиқи одати дарбори худ ба ӯ маош намедодааст ва гоҳо ба баҳонаи коре ӯро ба ягон ҷои ҳокимнишинаш мефиристодааст, ки он ҳоким ба ӯ бо номи хизматона чизе медодааст (Савдо дар вақти иҷрои яке аз чунин хизматҳо, ки ба кӯҳистон сафар карда буд, дар пеши пули Норак дар соли 1873, дар панҷоҳсолагиаш ба оби Вахш ғарқ шудааст.) Ин даромади садақамонанди номуайян на танҳо рӯзгори ӯро, ҳатто аспон ва саиси дар дарбор доштаашро ҳам сер намекардааст. Ба болои ин аҳли дарбор бо ҳама вайрониҳо ва фисқу фасодҳо маҷбур будаанд, ки панҷ вақт намозро дар масҷиди пеши дарбор бо ҷамоат адо кунанд.

Савдо дар як вақте ки амир дар Ширбадан[150] ном мавзеъ сайри наврӯзиро мегузаронидааст, аҳволи худро хулоса намуда, рубоии зеринро гуфтааст:

Эй чархи фалак, ҷафо ба ҷонам кардӣ!
Мӯҳтоҷ ба як бурдаи нонам кардӣ!
Ман ошиқи ринди бенамозе будам,
Дар Ширбадан намозхонам кардӣ!

Дигар аз нақлҳои писари Савдо ин буд, ки амир боре ба Шаҳри Сабз рафтааст. Дар он ҷо одат ин будааст, ки ҳар кас ба касе даъвое дошта бошад, ариза навишта оварда, ба яке аз дарбориён медодааст, ки ба амир расонда ҳукме барорад.

Рӯзе дар Шаҳри Сабз дар пеши дарбори амир Савдо бо либосҳои расмии худ ба лаби суфачае нишаста будааст. Яке аз имомҳои деҳот аризаеро бо ривояти муфтии вилоят ба ӯ супурдааст, ки ба амир расонад. Мазмуни ариза ин будааст, ки як деҳқон бо ин имом дар вақти талаби ҳаққи имоматӣ низоъ карда, ӯро «ба ҳалқат фалон» гуфта ҳақорат кардааст ва мазмуни ривоят ин будааст, ки агар авоме муллоеро «ҳалқ» гуфта ҳақорат кунад, кофир мешавад ва куштани ӯ аз рӯи шариат лозим аст.

Савдо баъд аз мутолааи ариза ва ривоят ба он мулло гуфтааст:

– Касе касеро «ҳалқ» гуфта ҳақорат кунад, кофир намешавад. Чунки ҳалқ тобеи шикам аст, шикам бошад, пур аз наҷосат аст. Ҳамин тарз фарз кунед, ки оби гандае ба хандақ рафтааст. Агар бовар накунед, ман ҳам ба ҳалқатон фалон кунам! Дида истодаед, ки бо ин алфоз ман кофир нашудам, пас он деҳқон чаро кофир шавад? Хезед, дафъ шавед!

Мулло, ки аз одами расмии дарбор ин муомиларо дидааст, ариза ва ривояти худро партофта гурехтааст.

Афсӯс, ки ман дар он рӯзҳо бинобар тангии вақт аз баёзи Савдо чизеро навишта гирифта натавонистам ва фақат ба мутолааи сарсарӣ қаноат кардам, вагарна дар он баёз ҳаҷвҳои пурмазмуни иҷтимоӣ бисёр буданд, ки Савдо бо онҳо аҳволи замони худро шарҳ дода буд.

## МАШҒУЛИЯТИ ИЛМӢ ВА АДАБИИ МАН ДАР МАДРАСАИ БАДАЛБЕК

Ман таҳсили соли 1894 – 1895-ро сар кардам. Дар ин сол монанди порсола дарси дарсхонагии ҷамоаи мо дар пеши домулло Икромча аз «Шарҳи Мулло» бо қоригии Ғафурҷон-махдум бояд мешуд. Аммо Ғафурҷон якбора дусола дарсро дар миён партофта «пешқадам» шуд, то ки зудтар хатми дарс намуда, ба ягон ҷой қозӣ шавад. Аммо ин корро ҷамоа қабул накард ва дарсашро мувофиқи программаи мадрасаҳо бо тартиб давом додан хост. Бинобар ин Ғафурҷон пеш рафта, барои худ ҷамоаи дигар ташкил намуд ва дар ҷамоаи мо дигар муллозодае набуд, ки қорӣ шавад. Ба ҳамин сабаб Мулло Иброҳим ном як бойбачаи бухороиро, ки ба ҳаваси дарсхонӣ афтода ба мо шарик шуда буд, ба қоригии ҷамоа таъин карданд.

Ман имсол дар пеши домуллои кунҷакиам – Мулло Абдусалом ҳам дарси дарсхонаро, ҳам як дарс аз «Матни Қофия» мехондам ва дар мадрасаи Бадалбек дар пеши Мулло Бозор, ки аз Деҳнави Абдуллоҷон буд, низ аз як ҷои дигари «Қофия» дарс сар кардам. Агар дарси дар пеши соҳиби ҳуҷраам мехондагиамро ба ҳисоб гирам, имсол дарси ман ба панҷ расид, ки аз ғайри вақтҳои дар роҳи дарсхона ва интизории ба навбати дарс мерафтагӣ панҷ соат сарф мешуд. Бақияи вақтам ба ошпазӣ ва ҳуҷрарӯбии ҳӯҷаинҳоям ва нигоҳубини бемор мерафт ва шабона дарсҳои гузаштаро такрор ва дарсҳои хондашуданиро тайёр мекардам. Рӯзҳои таътил бо ҷомашӯии ҳӯҷаинҳо ва бо меҳмондории онҳо мегузашт. Дар байни ин корҳо девони Соиброро,[151] ки моли ҳӯҷаинҳоям буд, гоҳ-гоҳ мутолаа мекардам.

* * *

Дар мадрасаи Бадалбек дар байни талабаҳо ва муллоҳо аз адабиёт ҳеҷ гап намешуд. Шабхушии талабаҳо дар шабҳои таътил дар ягон ҳуҷра ҷамъ шуда савтхонӣ (сурудхонӣ) кардан, гачабозӣ намудан ва подшоҳбозӣ кардан буд. Дар сурудхонӣ ҳеҷ гоҳ шунавандагон ба маънии байти хондашудагӣ диққат намекарданд ва онро намефаҳмиданд. Фақат аз овози хонанда завқ мебурданд, ва ҳол он ки он хонандагон ҳамагӣ ҳаваскор буда, овози хубе надоштанд ва ҳавоҳоро ҳам дуруст намедонистанд.

Гачабозӣ ҳамин буд, ки аҳли маҷлис ду тақсим шуда, рӯ ба рӯи ҳам менишастанд, як сангча ё шабаро гача ном медоданд, одамҳои як тарафи муқобил гачаро дар байни худ гирифта, дастонашонро дар зери кӯрпаи сандалӣ медароварданд, яке аз он одамҳо гачаро дар мушти худ пинҳон мекард, аммо ҳамагӣ муштҳошонро гиреҳ карда, аз зери кӯрпа бароварда, ба тарафи муқобил дастҳошонро дароз карда бо як овоз фарёд кардан мегирифтанд:



Гача дар дасти ман аст!
Ба кадом дасти ман аст?

Одамҳои тарафи муқобил дастҳои дарозшударо ягон-ягон гирифта дошта, ба чеҳраи онҳо бо диққат чашм медӯхтанд. Дар охир яке аз онҳо ба кадом даст будани гачаро тахмин кунад, он дастро маҳкам дошта фарёд мекард:

Гача дар дасти ту аст!
Ба ҳамин дасти ту аст!

Ин одам агар ҳақиқатан гачаро ёфта бошад, тарафи ӯ бурдагӣ, вагарна бой додагӣ ба шумор мерафт. Агар шумораи бурди як тараф ба сад расад, марра пурра ва бозӣ тамом мешуд ва тарафи бурдагӣ аз тарафи бой додагӣ ду танга (30 тин) мегирифт. Мағлубшудагон ин пулро аз байни худ ғундошта медоданд. Аммо бойбурдагон ин пулро дар байни худ тақсим карда нагирифта, саҳари ҳамон шаб ба вай аз нахӯдпазӣ шӯрбои нахӯд харида оварда, ғолиб ва мағлуб дар як ҷо бо ҳам мехӯрданд.

Подшоҳбозӣ ҳамин буд, ки талабагон дар як ҳуҷра ҷамъ мешуданд. Дар миёнаашон як буҷул ҳам буд.

Буҷулро аз як сар бо навбат дар миёнаи давраи бозӣ мепартофтанд. Буҷули ҳар кас, ки аспа барояд – подшоҳ, хара барояд – вазир, чикка барояд – дузд ва пукка барояд – раис ё миршаб мешуд. Дар миёна як рӯймолро дутоба карда «дарра» сохта мемонданд. Вақте ки подшоҳу вазиру миршаб ё раис муайян шуданд, дуздбаромадаро раис ё миршаб дошта меистод, вазир ба подшоҳ «олиҳазратам, як дузд дастгир шуд» гуфта арз мекард. Подшоҳ аз вай мепурсид:

– Дуздат фарбеҳ аст ё лоғар?

Агар вазир дар ҷавоб гӯяд, ки «фарбеҳ аст» подшоҳ мефармуд:

–Гӯшту равғанашро камтар карда сар деҳ, ки ба «кори бечорагии» худ равад.

Вазир дар ин сурат ба воситаи миршаб ё раис аз дузд гӯё як чиз меситонд ва ба озод кардан мефармуд.

Агар вазир гӯяд, ки «лоғар аст», подшоҳ мефармуд:

– Ба раис ё миршаб фармо, ки он дуздро як кам чил ё ҳафтоду панҷта зада ба зиндон фиристонад, ки умраш дар он ҷо пӯсида равад.

Дар он вақт «дузд»-ро бо рӯймоли тофташуда зада ҷазо медоданд. Ин бозӣ ба завқи ман хеле гуворо омада буд, чунки вай тартиби ҳукуматдории амирро пурра ифода мекард. Дар ҳақиқат ҳам маъмурони Бухоро дуздони «фарбеҳ» (серпул)-ро пора гирифта сар медоданд, ки кори худро давом медоданд ва дуздони ноӯҳдабарои бепулро зада зиндон мекарданд.

* * *

Дар мадрасаи Бадалбек Мулло Рӯзӣ ном касе буд, ки ӯ шеърро дӯст медошт ва мефаҳмид. Мулло Рӯзӣ як одами тахминан чилсола буд, қади миёнаи камгӯшт, чеҳра, риш, чашм ва абрӯи сиёҳи ҷӯгиёна дошт. Ӯ дар яке аз ҳуҷраҳои бародарзодагони Абдуллохоҷаи Таҳсин истиқомат мекард.

Мулло Рӯзӣ бо вуҷуди хатмкардаи кӯҳна будан ва саводи тоҷикию арабӣ доштан, ба ягон мансаби муллоӣ нарасида буд, ҳеҷ як даромади дигаре ҳам надошт ва бо бисёр қашшоқӣ зиндагонӣ мекард. Ҷои таваллуди вай деҳаи Кӯдбаи

Карамкорони Бухоро буд, ки дар тарафи шимоли шаҳр, наздик ба Ситорамаҳхоса[152] буда, дар масофаи чоркилометрии шаҳр воқеъ шуда буд. Падари ӯ зинда буд ва ҳафтоду панҷсола менамуд. Ӯ дар деҳаи худ ним таноб (ҳаштяки гектар) замин дошт, ки ҳар сол дар вай лаблабу мекорид. Тирамоҳ ки сар шуд, ҳар рӯз аз он лаблабу як каҷоваро пур карда оварда, дар хокистари гарми ҳаммом гӯр мекард ва рӯзи дигар он лаблабуҳои пухтаро дар пеши мадрасаи Бадалбек нишаста, бо корд пӯст канда, «лаблабуи ширин!» – гӯён қалам-қалам карда, ба хоҳишкунандагон мефурӯхт ва аз даромади он пули як нонро ба писараш дода, бақияашро барои хӯроки худаш ва кампираш дар худ нигоҳ медошт.

Ман ба қашшоқии Мулло Рӯзӣ раҳм карда, ҷомашӯиҳои ӯро дар қатори либосҳои хӯҷаинхоям шуста медодам. Дар рӯзҳои таътил ҳуҷраашро мерӯфтам, ӯ дар ҳуҷрааш палоси корие ҳам надошт, китобҳои дарсӣ ҳам надошт. «Ман дарсҳоямро бо китобҳои ориятӣ хонда тамом кардам» мегуфт. Аз китобҳои адабӣ танҳо як девони чопаи Ҳофиз дошт, ки он ҳам фарсуда буд. Ҳар вақт ки ман ҳуҷраи ӯро рӯбам, қадаре дар он ҷо монда, он китобро мутолаа мекардам.

Ягона машғулияти Мулло Рӯзӣ базмгардӣ буд. Агар дар он давру пеш базме воқеъ шавад, шабона мерафт ва баъд аз тамошо гоҳо нимаҳои шаб, гоҳо саҳар ба ҳуҷрааш омада мехобид.

## БАЗМҲОИ БУХОРО ВА БАЗМГАРДӢ

Дар Бухоро одатан дар тӯйҳо базмҳои дойрагӣ ташкил мешуд. Дар тӯйҳои бойҳо базмро ҳамеша дарбаста мекарданд, ки дар он ҷо ғайр аз меҳмонҳои махсусан хабаркардашуда дигар кас намеомад. Аммо базмҳои оммаи мардум даркушо ва оммавӣ буда, бо шунидани овози дойра ҳар кас ҳақ дошт, ки ба он базм барои тамошо равад ва ин гуна тамошобинро «дойрахабар» мегуфтанд.

Ғайр аз ин базмҳои тӯйи базмҳои ҷамоатӣ ҳам ташкил мешуданд. Базмҳои ҷамоатиро ҷавонони як гузар ё як деҳаи атрофи шаҳр дар миёнаи худ қадаре пул ҷамъ карда, барпо менамуданд. Аммо ин гуна базмҳоро ҳам базми тӯи он касе меномиданд, ки ин базм дар ҳавлии вай барпо мешавад.

Ҳамаи ин гуна базмҳо расмӣ буда, созандагонро ҳам бо хати расмии миршаб ва бо номи «базми тӯи фалонӣ» меоварданд. Созандагони расмӣ одатан ба дастаҳо тақсим ёфта буданд; ҳайати ҳар даста ба тарзи зерин ташкил меёфт: як дойрадасти солхӯрда сардаста ва устокор ба шумор мерафт, дар зери дасти ӯ як ҷавони раққос, се ва ё чор нафар дойрадаст дода мешуд. Ин дастаҳо бо хушовозии хонандагонашон, бо забардастии дойрадастҳошон ва бо ҳунармандии раққосонашон аз якдигар фарқ мекарданд. Бинобар ин барои ба даст даровардани дастаҳои нағз хеле ҷанҷол ва хархаша, воситаҳои баобрӯ, пора ва «ҳадя» ба кор мерафт.

Одатан ихтиёри созандаҳои расмӣ дар дасти миршаб буда, бевосита ба болои онҳо як маъмур бо унвони «ғолиб» аз тарафи амир назорат мекард ва аз даромади созанда панҷяк ба ҳисоби ҳукумат баровარда шуда, як қисми ин маблағ ба ғолиб ва қисми дигараш ба миршаб мерасид.

Ҳар касе ки базм кардан хоҳад, хоҳ барои тӯй бошад, хоҳ ғайри тӯй, ба миршаб «тӯй дорам» гӯён муроҷиат мекард. Миршаб ба номи ғолиб ба мазмуни зерин хат медод: «Фалонӣ аз фалон гузар (ё аз фалон деҳа) амри хайр доштааст, барои ӯ як даста созанда фиристода, дар ҳақи ҷаноби олӣ дуо гиред».

Ғолиб хатҳои дар як рӯз ғуншударо бегоҳонӣ дида, аз рӯи расамааш дастаҳоро тақсим мекард. Агар хат бисёр бошад, ба баъзе касон созанданарасида мемонд. Ҷанҷоли тақсими нағзу бади созандаҳо ҳам дар ҳамин ҷо сар мешуд.

Бойҳо дар охири базмҳошон ба созандаҳо ҷома ва пули нақд дода гусел мекарданд. Аммо дар базмҳои оммавӣ ва ҷамоатӣ соҳиби базм ба созандаҳо чизе намедод, балки дар миёнаҳои рафти базм «саргардонӣ» эълон карда мешуд. Дойрадастҳо дар пеши худ як рӯймол паҳн карда монда, дойраҳоро ҳам ба ҳавои махсус менавохтанд ва тамошобинон хоҳ азони худӣ бошанд, хоҳ бегона – дойрахабар, ҳар кадом ё ҳар гурӯҳ як танга ё ду танга ба болои он рӯймол мепартофтанд, муллобачагони қашшоқ ва умуман камбағалон ба «саргардонӣ» чизе намедоданд. Ҳақи хизмати созандагон ана ҳамин пули аз омма ҷамъшуда буд, ки баъд аз ба миршаб баровардани панҷяки он маблағ боқимондаашро дар миёни худ бо тартибе, ки дар байни худҳошон расм буд, тақсим менамуданд.

Аммо созандагон дар базмҳои подшоҳӣ, ки амир дар кадом ҳавлӣ бошад, дар пеши он ҳавлӣ ташкил меёфт[153], дар сайрҳои наврӯзӣ, ки ҳафтаҳо дароз мекашид, бе пул хизмат мекарданд, хӯрок ва харҷҳои дигарашон ҳам дар ин гуна базмҳо аз худашон мешуд.

Базмгардҳои дойрахабар ҳам ба ҳар базм рафтан намегирифтанд, балки ҳар гурӯҳ ба базми он дастае мерафт, ки раққосон ва хонандагони вай ба худаш маъқул бошанд.

Вақтҳое ки ман дар мадрасаи Бадалбек будам, Мулло Рӯзӣ ба базми Аҳмади хоҷаякшабагӣ ном раққос мегашт, ки дар раққосӣ хеле ҳунарманд ва дар хонандагӣ дар замони худаш беҳамто буд ва дар байни дойирадастони ин даста Тӯлаи ғиҷдувонӣ ва Эргаши муллоёнӣ ном дойрадастон буданд, ки зарби дастҳошонро осмонкаф меномиданд.

Мулло Рӯзӣ дар базмгардиҳояш маро ба паҳлуи худ кашид. Ман, ки табиатан суруд ва рақсро дӯст медоштам, кам-кам ба ин тамошо одат карда, рафтарафта шабҳои таътил дар базмгардӣ ҳамроҳии ӯро тарк намекардагӣ шудам (ман аввалин шеърҳои худро дар тасвири ҳамон базмҳо гуфтаам, ки ҳоло намунаҳои он шеърҳо дар дастам намондаанд).

Аз муллоҳои базмгард Мулло Абдулазиз ном кӯлобӣ диққати маро ба худ бисёр ҷалб намуд. Ӯ аз Кӯлоб барои хондан ба Бухоро омада, чандин сол хондааст. Магар аз хондан баҳрае набурдааст ё хондан ба дилаш задааст, ки вайро тарк карда, ба шайхе мурид шуда, дар хонақоҳ манзил кардааст. Азбаски ин кор ҳам ба дилаш задааст, сарсаригарду базмӣ шудааст. Ӯ бисёр қашшоқ буд ва мегуфтанд, ки бо садақаи мардум зиндагонӣ мекунад. Ӯ дар мадрасаи Ҷаъфархоҷа, ки бинобар чӯбин, вайрона ва дар як гӯшаи шаҳр буданаш ҳуҷраҳояш ҳамеша холӣ буданд, истиқомат мекард. Аммо на шабҳои таҳсил ва на таътил аз базми Аҳмади хоҷаякшабагӣ намемонд. Вақте ки хонандагон авҷ гиранд, ӯ шутурвор маст шуда, аз ҷо мехест, монанди шутури маст наъразанон аз даҳонаш кафк мепошид ва дар охир беҳуш гардида мегалтид. Ӯро бардошта дар як

гӯшаи базмхона мехобониданд. Баъд аз соате хушёр шуда мехест. Боз дар вақти авҷ ё рақс ҳамин ҳолат ба ӯ рӯй медод, дар охиртари базм ӯ ғоиб шуда мерафт ва дар вақти тамомияти базм як кӯзача дар даст боз ҳозир мешуд. Дар ин кӯзача чойи қаймоқӣ пухта меовард, ки вайро ба созандагон тақсим карда менӯшонид: «Ин овози шуморо боз ҳам пуртаъсиртар мекунад» мегуфт.

## ОЛУФТАҲОИ БУХОРО

Ман дар базмгардиҳоям бо оммаи мардуми шаҳри Бухоро ва атрофи он ҳолдон шудам. Бештарини инҳо косиб, саис, аробакаш, машкоб, гилкор, дуредгар ва монанди инҳо буданд. Инҳо умуман одамони хоксор, хушмуомила ва хушгап буданд. Албатта ҳамаи афроди ин гурӯҳҳои мазкур базмгард ва базмӣ набуданд, аммо онҳое, ки аз ин гурӯҳ базмӣ ва базмгард шуда буданд, қариб ҳамагӣ гапдон, ҳозирҷавоб ва бовуҷуди бесаводӣ шеърхон ва баъзеҳошон шеъргӯй ҳам буданд. Суханҳошон ҳамеша духӯра – думаънидор ва дашномҳошон қариб ҳамеша бо киноя ва истиора буд.

Масалан, касе лоф занад, яке аз онҳо мегуфт: «Бисёр боло нарав, ки аз баландӣ афтодагон аз ҷояшон хеста наметавонанд!». Касе агар бемаънигӯӣ кунад: «Дам шин, ки даҳанатро калӯши кӯҳна мекунам» – мегуфт (дар ин ҷумла пеш аз умумӣ шудани калӯш «кафш» кор мефармуданд. Баъд аз дидани калӯшкӯҳна ин калимаро муносибтар шумурданд).

Баъзе аз инҳо дар паси рақс дар таърифи раққос ва сурудхонон тарафона шеърҳо мехонданд ва баъзеҳо дар поёни шеърхонӣ коса, табақ, ҳатто кӯзаро бардошта ба сарашон зада мешикастанд, ки ин кор дар каллазанӣ чӣ қадар маҳорат доштани онҳоро нишон медод. Инҳо дар мардигарӣ хеле олиҷаноб буданд. Агар дар базмҳошон аз гузарҳои дурдаст ягон ҷавони бегона омада бошад, дар охири базм ӯро ба хонааш мерасонданд, ки аз одамони миршаб ё аз duздон ба ӯ зараре нарасад. Дар дӯстӣ то қурбон кардани ҷонашон тайёр ва дар душманӣ ҳам беамон ва лекин мардонавор буданд. Агар дар байни яке аз инҳо ва шӯрапуште (хулигане) душманӣ афтад, ӯро бераҳмона ҷазо медоданд. Агар дар байни ду нафаре, ки ҳар ду ҳам марди бономус бошанд, душманӣ афтад, масъала ба тарзи дуэли европагиҳо бо ҷанги тан ба тан ҳал мешуд. Фақат дар байни дуэли европагиҳо ва ҷанги тан ба тани инҳо фарқ дар ин ҷо буд, ки дуэл дар байни асилзодагон воқеъ мешуд, аммо ҷанги тан ба тан дар Бухоро дар байни косибони олуфта ва зӯрозмо ба вуқӯъ меомад. Сабаби ҷанги тан ба тани инҳо ҳам монанди сабаби дуэл лаккадор карда шудани номуси яке буд аз тарафи дигар. Лаккадор шудани номус ҳам иборат аз рад шудан ё инкор карда шудани зӯрии яке аз инҳо буд аз тарафи муқобил.

Лақаби умумии ин қисм одамон «олуфта» буда, фарқи мартабаи онҳо аз пӯшокашон маълум мешуд: ҷавонони наврас, ки дар мартабаи шогирдӣ бошанд, кафши пошнабаланди бемасҳӣ мепӯшиданд ва фашҳошонро кӯтоҳ (думимушӣ) монда, саллаҳошонро суфта мебастанд ва миёнашонро бо рӯпокча баста, дар вай як ҷуфт корди на он қадар калон меовехтанд. Куртаи ин гуна ҷавонон пешбаста ва зеҳдор мешуд. Унвони инҳо «нимтайёр» буд. Ҳар гоҳ ки инҳо ҳунарҳои



каллазанӣ, лингзанӣ ва зонузаниро омӯзанд ва умуман дар зӯроварӣ ҳунарҳо пайдо кунанд, ки аз ҳамаи монанди худҳошон пешқадам шаванд, ба инҳо унвони «тайёр» дода мешуд.

Тайёрон мӯзаи пошнабаланд мепӯшиданд ва миёнашонро бо фӯта баста, дар вай яккакордеро, ки теғаш ним оршин бошад, меовехтанд. Инҳо яктаҳкурта* пӯшида гиребонашонро кушода мемонданд. Фашҳошонро нисбат ба ҷавонон андак дарозтар монда, саллаҳошонро замбарӣ мебастанд, яъне печҳои салларо чунон тоб дода ба сар мепечонданд, ки шакли замбари аз химча бофташударо мегирифт.

Унвони мартабаи охирин «марди мардон» буд. Ин дар ҳар давру замон аз як нафар беш намешуд. Марди мардон кафши бепошнаи нӯгтезро, ки аз чарми зарди паст дӯхта мешуд ва дар Бухоро бо номи «кафши олак» машҳур буд, бе масҳӣ мепӯшид. Саллаашро хурд мебаст ва монанди афғон фашашро дароз мегузошт. Дар тобистон ва зимистон якта яктаҳкурта пӯшида, гиребонашро ҳамеша баста мемонд ва аз рӯи вай бо рӯпокчаи содаи арзонбаҳо миёнашро баста, дар вай як қаламтарошро бо ғилоф овехта мегашт.

Қасами олуфтаҳо «саттор» буд. Агар як олуфта «саттор, ки фалон корро мекунам» гӯяд, сараш равад ҳам, бояд он корро мекард. Агар накунад ва қасамашро шиканад, аз миёни олуфтаҳо ронда шуда, ба «номардӣ» машҳур мегардид.

Тайёрон гӯё номзадони марди мардон буданд. Агар марди мардон бимирад ё ягон кори хилофи мардӣ карда, аз миёна ронда шавад, аз тайёрон якеро, ки дар мардӣ мумтоз, дар зӯрӣ беҳамто, ба duздӣ ва шӯрапуштӣ тӯҳматзада нашуда бошад, интихоб мекарданд.

Гоҳо мешуд, ки ба сабаби коре дар миёнаи ягон тайёр ва марди мардон ҷанги тан ба тан воқеъ мешуд. Дар ин вақт агар он тайёр ғалаба кунад, унвони марди мардониро ӯ мегирифт ва агар марди мардон ғалаба кунад, тайёр тамоман аз миёни олуфтаҳо ронда мешуд. Чунки ӯ бо вуҷуди қувваташ нарасидан ба марди мардон беҳурматӣ кардааст. Гоҳо дар миёнаи ду тайёр ҳам ҷанги тан ба тан воқеъ мешуд. Агар мағлубшуда ба ғолиб таслим шавад, бо номи «тайёрӣ»-аш мемонд ва агар таслим нашавад, аз миёнаи олуфтаҳо ронда мешуд.

## ҶАНГИ МАХДУМИ МУҲАММАДӢ ВА БАРНО-ТАЙЁР

Дар вақтҳое ки ман дар мадрасаи Бадалбек зиндагонӣ мекардам, марди мардони олуфтаҳои Бухоро махдуми Муҳаммадӣ ном касе аз гузари Моркуши шаҳри Бухоро буд. Синни махдуми Муҳаммадӣ болотар аз панҷоҳ буд, бо вуҷуди ин ришаш сиёҳи тӯсӣ буд, ки ягон тор ҳам сафедӣ надошт. Ӯ одами миёнақади қоқбадани камгӯшт, ранги рӯяш гандумгун буда, абрӯҳои баландмӯй ва чашмони сиёҳи калони дурахшон дошт.

* Яктаҳкурта – асосан яктаҳ (ҷомаи беастар) буда, ба даруни вай монанди гиребони курта як гиребон илова мекарданд, ки ин гиребонро кушода мондан ва бо тугма бастан мумкин буд. Агар баста шавад, ба назари бинанда чунин менамуд, ки дар зери яктаҳ курта ҳам ҳаст.

Пешаи махдуми Муҳаммадӣ шоҳибофӣ буд, ки дар яке аз корхонаҳои шоҳибофони Ҷӯбор халифакорӣ (коргарӣ) мекард. Азбаски дуконҳои шоҳибофон торики сернам буда, бофанда дар вақти кор то миён дар даруни чоҳча менишаст, ин шароит ба тандурустии шоҳибофон бетаъсир намемонд. Махдуми Муҳаммадӣ ҳам, ки аз бачагиаш сар карда дар ин касб кор кардааст, аҳволаш ҳамеша пажмурда, рангаш канда ва монанди беморони сил бедармон менамуд.

Музди кори ин касб ҳам коргаронро бо серию пурӣ таъмин намекард: мебоист халифа ҳар ҳафта ба миқдори муайян моли беайб баровварда диҳад ва дар бадали он дар охири ҳафта сумикори (музди кори) ночизе гирад. Коргарони бофанда, ки дар корхонаи касе кор кунанд, монанди коргарони касбҳои дигар як ҳафта шабу рӯз кор мекарданд, хобашон ҳам дар ҳамон корхона мешуд. Фақат рӯзи панҷшанбе соати дувоздаҳи рӯз аз кор озод шуда, ба хонаҳошон ва ба сайру гашт мерафтанд. Рӯзи ҷумъа дар сари шом бояд боз ба корхона ҳозир шуда, кор сар мекарданд.

Сайронгоҳи халифакорони корхонаҳои Бухоро монанди оммаи аҳолии он шаҳр лаби ҳавзи Девонбегӣ ва ҷои бо ҳам нишаста сӯҳбат карданашон самоворхонаҳои он ҷо буд. Шаби ҷумъа гурӯҳ-гурӯҳ дар ҳавлии яке аз худҳошон ғун шуда, шабнишинӣ мекарданд ва ё ин ки базме ташкил менамуданд ва рӯзи ҷумъаро ҳам ба ҳамин гуна сайру гашт мегузарониданд, агар ҳаво хуб бошад, ба гулзорҳои беруни шаҳр мебаромаданд.

Махдуми Муҳаммадӣ дар вақтҳои охир ба ин гуна сайру гаштҳо, шабнишиниҳо ва базмҳо иштирок намекард. Ӯ аз корхона ки баромад, рост ба ҳавлиаш момад. Ҳавлии ӯ иборат аз як раҳрави чоркунҷа буда, бар болои вай як болохонача бино ёфта буд.

Махдуми Муҳаммадӣ зану фарзанд надошт ва дар ҳамон болохона бо ҳамшираи аз худ калонсоли беваи бефарзандаш зиндагонӣ мекард. Аз корхона омада, ба ҳамшираааш ягон таоми гарм мефармуд. Агар ҳаво бад бошад, худ ба болохона даромада мехобид ва кӯфти кори якҳафтагиро аз худ дур мекард ва агар ҳаво хуб бошад, ба лаби ҳавзи Ғозиён мерафт, ки аз гузари худаш як гузар онсӯтар буд.

Лаби ҳавзи Ғозиён хушҳаво ва сердарахт буд, аммо самоворхона надошт. Бинобар ин махдуми Муҳаммадӣ аз самоворхонаи сари бозори Ғозиён як чойник оварда, ба сари зинаи ҳавз менишаст ва агар ҳаво гарм бошад, поҳояшро то зонуҳояш дар об фурӯ медод. Дар паҳлуи худ дастрӯймолашро паҳн карда монда, бар рӯи вай якта нони гармро шикаста мегузошту гоҳ-гоҳ як даҳан нон хӯрда ва як пиёлачой нӯшида, ба фикр фурӯ мерафт. Аммо маълум набуд, ки ӯ дар бораи кораш фикр мекард ё дар бораи зиндагӣ ва замонаш ва ё ин ки рӯзҳои аз сар гузарондаашро ба хотир оварда завқ мебурд ё ҳасрат мехӯрд.

Агар дар ин вақт ягон ошнои қадрдонаш ба назар намуда монад, ӯро чеғ зада, як пиёла чой медод ва баъд аз рафтани ӯ боз ба фикр фурӯ мерафт.

Рӯзе аз рӯзҳо, вақте ки махдуми Муҳаммадӣ ба сари зинаи ҳавзи Ғозиён нишаста будааст, бобои кафшдӯзон*, ки вай ҳам аз гузари Ғозиён буд, омада ба

* Дар Бухоро аҳли ҳар пеша як навъ муташаккил буда, ҳар кадом аз байни худ бобо ва пойкор доштанд. Бобо ба ҷои раис буда, пойкор дар вақти лозим шудан ҳамаашонро ба як ҷо ҷамъ мекард.



паҳлуи ӯ менишинад ва дар вақти сӯҳбат аз баъзе ҷавонони шӯрапушти он давру пеш шикоят мекунад ва дар вақти ба бозор рафта омадани додараш ба ӯ гап парронда, баъзе ҳаракатҳои нолоиқ кардани шӯрапуштонро ҳикоя мекунад ва дар охири сухани худ аз Муҳаммадӣ илтимос мекунад, ки он гуна шӯрапуштонро насиҳат карда монад, то ки баъд аз ин ба додари ӯ бадҳаракатӣ накунад.

– Ман одати лаби ҳавзи Девонбегӣ рафтан надорам, – мегӯяд махдуми Муҳаммадӣ, – аммо ба хотири шумо ҳозир меравам. Додаратонро фармоед, ки аз пушти ман то ба лаби ҳавзи Девонбегӣ рафта омаданам гардад. Бо ҳамин дасту даҳони шӯрапуштон баста мешавад.

Ҳамон замон додари бобои кафшдӯзон омада, ба махдуми Муҳаммадӣ ҳамроҳӣ мекунад, махдум пеш-пеш ва ӯ як қадам аз вай пастар ба роҳ медароянд. Махдуми Муҳаммадӣ аз гузари Чорхарос, Говкушон, Сесӯ, растаи баззозӣ ва Тоқи Саррофон гузашта, ба лаби ҳавзи Девонбегӣ аз гӯшаи ҷануби ғарбӣ медарояд ва бо дасти рост лаби ҳавзро як давр зада, аз гӯшаи шимоли ғарбӣ баромада, бо растаи чойфурӯшӣ, бозори калова, атторӣ, ғӯлунг ва мавизфурӯшӣ рафта, аз бозори кадуфурӯшӣ ва Тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон гузашта, бо растаи челонгарӣ, гузари Сиёҳкорон, Модари хон, Бозори нав, Муҳаммади Ғаззолӣ ва Даббиён ба ҳавзи Ғозиён меояд. Аз он ҷо додари бобо ба хонааш меравад ва махдуми Муҳаммадӣ дар лаби ҳавзи Ғозиён менишинад.

Бо ҳамин дар шаҳр дар байни олуфтаҳо ва шӯрапуштон овоза меафтад, ки додари бобои кафшдӯзон дар зери ҳимояти махдуми Муҳаммадӣ даромадааст. Дигар ягон шӯрапушт ба ӯ бадҳаракатӣ кардан он тараф истад, лоақал чашм кушода нигоҳ ҳам намекунад.

* * *

Барно-тайёр аз гузари Понобиён* буда, касбаш гилкорӣ буд. Ӯ як одами 28 – 30-сола буда, қади баланд, дасту пои дарози пурмушак ва бадани пуропури сергӯшт дошт. Ранги рӯяш сафедча, ришу мӯю абрӯяш сиёҳчатоби ба сурхӣ моил, чашмаш мешӣ буда, аммо нури гармхунӣ ва тундмизоҷӣ аз вай барқ зада меистод.

Ӯ мувофиқи унвони «тайёрии» худ мӯзаи пошнабаланд мепӯшид ва саллаи замбарии кӯтоҳфаш мебаст. Ба зӯроварӣ ӯ аз дигар тайёрон боло буда, ҳама ба ӯ гардан дода буданд. Фақат дараҷаи ӯ аз махдуми Муҳаммадӣ, ки марди мардон буд, паст меистод ва ба табиати шӯҳратпараст ва ба ғурури зӯроварии ӯ ин гаронӣ мекард. Ӯ мехост, ки баҳонае ёфта, бо махдуми Муҳаммадӣ ҷанги тан ба тан кунад, то ки ба ӯ ғолиб омада, марди мардон шуда, дар байни олуфтаҳои шаҳр дараҷаи аз ҳама болотарро гирад.

Ҳодисаи дар зери ҳимояти махдуми Муҳаммадӣ даромадани додари бобои кафшдӯзон ба дасти Барно-тайёр он баҳонаро, ки чандгоҳ боз ӯ дар ҷустуҷӯи вай буд, медиҳад. Дар ин миён дар яке аз ҳавлиҳои гузари Ғозиён тӯй шуда, базм ташкил меёбад. Дар он базм Барно-тайёр бо нафарони худ ҳозир мешавад. Дар базм бинобар ҳамгузаригӣ додари бобои кафшдӯзон ҳам бо бачаҳои гузар меоянд.

*Пеноб – деҳаест дар поёноби тумани Ромитан, ки деҳқонони безамин ва ё камзаминаш ба касби гилкорӣ машғул буданд ва як гурӯҳ ҳунармандтаринашон ба шаҳри Бухоро кӯчида омада, гузареро ташкил карда, номашро ҳамноми ҷои аслии худ Понобиён (Поёнобиён) мондаанд. Меъмори машҳури Ӯзбекистон Усто Ширин[156] ҳам аз ҳамон гузар аст.

Дар рафти базм Барно-тайёр муносибате ёфта, ба додари бобои кафшдӯзон мегӯяд:

– Ука, шумо ба ҳимояти махдуми Муҳаммадӣ ғарра нашавед. Ӯ пир шуда аз қувват фуромадааст, «навбати Фарҳод рафту навбати Маҷнун расид» – гуфтаанд. Акнун даврон аз они касони дигар аст.

Ин хабар погоҳонии фардои ҳамон базм ба махдуми Муҳаммадӣ мерасад. Ин сухани Барно-тайёр аз рӯи қоидаи олуфтагӣ махдуми Муҳаммадиро ба ҷанг даъват кардан буд. Махдуми Муҳаммадӣ ин талабро бе ҷавоб монда наметавонист, чунки дар он сурат номуси чилсолаи олуфтагии худаш поймол мешуд.

* * *

Махдуми Муҳаммадӣ дар аввалин рӯзи панҷшанбеи баъди он базм ба лаби ҳавзи Девонбегӣ рафта, дар лаби як кати самоворхонае нишаста, як чойник чойро ба пеши худ гирифта, ба танҳоӣ нӯшида менишинад. Дере нагузашта Барно-тайёр ҳам аз дур намоён мешавад. Вақте ки ӯ ба пеши махдуми Муҳаммадӣ расид, бо эҳтиром дасти росташро ба сари синааш монда, ба вай салом медиҳад ва вохӯрдӣ мекунад. Махдуми Муҳаммадӣ баъд аз ҷавоби салом ва пурсупос ба ӯ як пиёла чой дароз мекунад. Барно-тайёр рост истода чойро нӯшидан мегирад. Махдуми Муҳаммадӣ дар ин вақт ба Барно-тайёр савол медиҳад:

– Кай?

– Фардо – рӯзи ҷумъа – ҷавоб медиҳад Барно-тайёр.

– Чӣ вақт – боз мепурсад махдуми Муҳаммадӣ.

– Баъд аз салот (баъд аз намози ҷумъа)!

– Дар куҷо?

– Дар пуштаи[155] Хоҷа Муҳаммади туркиҷандӣ!

– Худо ба шумо қувват диҳад ва арвоҳи мардон мададгорӣ кунад! – мегӯяд махдуми Муҳаммадӣ ба Барно-тайёр баъд аз шунидани ҷавоби охирини ӯ.

Барно-тайёр чойи дар даст доштаашро нӯшида шуда, лаби пиёларо ба сари синаи худ – бар рӯи ҷомааш молида пок карда, ба махдум медиҳад ва:

– Саломат бошед, умри дароз бинед, ака махдум! – гӯён дар роҳи худ меравад.

Ман ин воқеаҳоро аз Шарофҷон ном як ҷавон, ки дар пеши мадрасаи Бадалбек дар як дукони рехтагарӣ шогирдӣ мекард, шунидам. Шарофҷон олуфтабоз буда, ба донистани ҳодисаҳое, ки дар байни онҳо мерафт, ҳавас дошт. Ӯ ҳамгузари махдуми Муҳаммадӣ ва ба вай хуб ҳолдон буд.

Шарофҷон ҳам монанди коргарони дигар корхонаҳо ҳар ҳафта шаш рӯз дар дукони рехтагарӣ кор карда, ҳар шаб баъд аз тамомияти кор дар ҳамон дукон дар байни кӯраву сандон мехобид. Гоҳо ман ба дукони рехтагарӣ рафта, бо вай сӯҳбат мекардам ва гоҳо ӯ дар вақтҳои бекориаш ба рӯи саҳн баромада, дар паҳлуям нишаста, бо ман гап мезад.

Ӯ, ки олуфтабоз буд, мавзӯи суханонашро ҳамеша олуфтаҳо ташкил мекарданд ва ман, ки кунҷков ва ба фаҳмидани ҳар чиз ҳавасманд будам, суханони ӯро бо завқи тамом мешунидам ва дар миёнаҳои гапи ӯ саволҳо дода, ҷоҳои норавшанмондаи ҳикояҳои ӯро то решааш фаҳмида мегирифтам.



Як рӯзи  панҷшанбе соати дувоздаҳ Шарофҷон аз кор озод шуда, ба хонаи худ рафт ва он шаб бояд дар хонааш мехобид. Лекин баъд аз шом ба пеши дукони дарбастаи рехтагарӣ пайдо шуд ва маро дид, ки дар лаби саҳни мадраса нишастаам, як хез зада ба пешам баромаду дар паҳлуям нишаста, воқеаи он рӯз дар байни махдуми Муҳаммадӣ ва Барно-тайёр  гузаштаро ҳикоя карда гуфт:

– Фардо бар болои пушта дар байни онҳо ҷанг мешавад. Агар ба тамошо ҳавас дошта бошӣ, ҳамроҳ меравем.

Ман қабул кардам . Фардои он рӯз дар вақти намози ҷумъа бо Шарофҷон рафта, ба болои пушта мазкур баромадем. Он пуштаи мазор буда, дар се тарафи қабри Хоҷа Муҳаммади туркиҷандӣ воқеъ шуда буд. Дар миёнаҷои пушта як майдончаи нисбатан чуқуртар буд, ки дар вақти бориш оби барфу борони мазор дар он ҷо ҷамъ мешуд. Ҷои ҷанги олуфтаҳо ҳам ҳамон майдончаи чуқур будааст. Мо ҳар ду дар гӯшаи баландие, ки майдонча аз он ба хубӣ дида мешуд, нишастем. Ҳанӯз дар он ҷо касе набуд. Баъд аз чанд дақиқа махдуми Муҳаммадӣ пайдо шуд ва ба ҳамгузари худ Шарофҷон салом дода, аз пеши мо гузашта, ба майдонча фуромаду дар як гӯшаи он сари ду по нишаст.

Баъд аз он як-як, ду-ду тамошобинон ҳам, ки он воқеаро шунида буданд, омадан гирифтанд ва тамошобинон кам-кам давродаври майдончаро аз баландӣ иҳота намуданд. Аз ҳама охиртар аз тарафи шарқии пушта, ки гузари Понобиён ҳам дар ҳамон тараф буд, Барно-тайёр намоён шуд. Ӯ омада ба майдонча фуромад ва рост пеши махдуми Муҳаммадӣ рафт; махдум ҳам аз ҷояш хест, ҳар ду бо ҳам салому алайк, вохӯрдӣ ва пурсупос карданд. Баъд аз он ҷомаҳои худро кашида, ба як сӯ монданд ва саллаҳошонро аз сар гирифта, бар болои ҷомаҳошон гузоштанд.

Баъд аз он ҳар ду ба миёнаҷои майдонча рафта, дастҳошонро пеш гирифта, рӯ ба рӯи ҳам истоданд. Барно-тайёр дар рӯ ба рӯи махдум монанди сафедоре менамуд, ки дар пеши дарахти бед истода бошад. Вай ба махдум:

– Ака махдум, сар кунед! – гуфт.

– Не аз шумо, – гуфт махдум.

– Аз шумо сар шавад, шумо калони мо мебошед! – гуфт Барно-тайёр.

– Не, – гуфт боз махдум, шумо талаб кардаед, талабгор аввал сар мекунад. Қоидаи мардон ҳамин аст!

Барно-тайёр ба ҳуҷум тайёр шуд: ӯ дасти росташро тамом ёзонда ва пас бурда кашидаву кушода ба гӯшхонаи махдум як торсакӣ зад. Аммо махдум ба монанди кундаи дарахте, ки ба вай бо пошнаи кафш зада бошанд, ҳеҷ наҷунбид ва рӯяш ҳам ларзиш нахӯрд.

Баъд аз он Барно-тайёр даст пеш гирифта:

– Хуб, ака махмуд, ҳақатонро гиред! – гуфт.

– Не, тайёр! – гуфт махдум, – «алиф», «бе», то «се»[156] гуфтаанд. Бояд шумо се бор ҳунари худро нишон диҳед!

– Эй валло! – гӯён Барно-тайёр гуфтаи махдумро тасдиқ кард ва ба ҳуҷуми дуюм тайёр шуд.

Ин дафъа ҳам махдум наҷунбид. Дар ҳуҷуми сеюм Барно-тайёр ба лингзанӣ тайёрӣ дид. Дар пои ӯ мӯзаи ғафси булғории пошнабаланд буд. Аммо соқҳои

пои махдум мувофиқи мартабааш бараҳна ва бар нӯги пояш як кафши олаки шиппакмонанд буд. Барно-тайёр дастонашро ба пушти худ бурда, панҷаи дасти чапашро дар миёнаи панҷаи рости худ гирифта ва линги рости худро ба ҳаво бардошта, бе он ки пои чапи худро аз ҷояш ҷунбонад, танаашро ба тарафи росташ майлон дод ва баъд аз он танаи худро чобукона тирморвор рост гирифта, бо соқи пои мӯзадораш ба соқи пои бараҳнаи махдуми Муҳаммадӣ зад.

Махдум боз аз ҷо наҷунбид. Барно-тайёр даст пеш гирифта, ба зарба хӯрдан тайёр шуда истод. Махдум ба ӯ:

– Рухсат диҳед ва ҳушёр бошед, тайёр! – гуфт ва бо дасти росташ кашидаву кушода ба гӯшхонаи Барно-тайёр як торсакӣ зад.

Барно-тайёр монанди дарахти сафедоре, ки аз бехаш бо табар тамом бурида шуда бошад, ба тарафи дасти росташ парида, ба замин дароз ғалтид. Дар ҳамин вақт аз пушти сағонае се одам, ки дар дасти ҳар кадоми онҳо як яккакорди бараҳна буд, ҷаста хеста, аз тарафи пушт ба махдум ҳуҷум оварданд ва ба куҷои баданаш ки рост омад, корд задан гирифтанд.

Махдум ба ин ҳуҷуми ногаҳонии хоинона тайёр набуд, бинобар ин як сония бесаришта шуда, беҳаракат истод ва баъд аз он ҳавосашро ҷамъ карда, ба қафо гашт ва бо ду дасташ аз банди дастони ду нафар кордзан гирифт ва бо як пояш дигареро зада аз худ дур кард. Аммо Барно-тайёр, ки аз ҷояш хеста буд, аз қафои махдум омада, аз банди ду пои ӯ гирифта бо зӯри тамом кашид. Махдум, ки пай дар пай захмҳои ҳалокатовар хӯрда, аз баданаш хуни бисёре рафта истода буд, бо кашидани Барно-тайёр аз поҳояш рӯ ба замин афтод.

Дар вақти ҳуҷуми корддорон ба махдум, як қисми тамошобинон «махдуми Муҳаммадиро куштанд» гӯён ва фарёдкунон ба тарафи кӯча давида рафтанд; баъзе тамошобинони пурҷасорат барои пешгирии хунрезӣ давида рафта, худро ба болои махдум партофта, ӯро аз ҳуҷуми кордзанон, ки мехостанд дар вақти ба замин афтодани ӯ корашро тамом кунанд, муҳофиза намуданд ва дигар тамошобинон аз ин ҳодисаи хунини ногаҳонӣ дар ҳайрат афтода, гаранг шуда монда буданд.

Бо фуромадани тамошобинон ба кӯча, одамони ҳокимон, ки барои тафтиш дар кӯчаҳо мегаштанд, ҳодисаи хунинро аз онҳо шунида, бо тамошобинони нав давон ба болои ҷиноят омаданд. Аммо то он вақт Барно-тайёр ва нафаронаш гурехта буданд. Одамони ҳокимон махдуми Муҳаммадии ба хун оғушта ва беҳушафтодаро ба тамошобинон бардоронда, аз пушта ба кӯча фуроварданд ва аз он ҷо аробае ёфта, ӯро ба беморхона фиристоданд.

* * *

Баъд аз як ҳафтаи ин ҳодиса шунидам, ки Барно-тайёр дастгир гардида, ба бадарғагӣ ҳукм шудааст ва дар зери шиканҷа ҳам бошад, киҳо будани рафиқони ҷинояти худро нагуфтааст.

Махдуми Муҳаммадӣ бошад, баъд аз чил рӯз дар беморхона хобидан, ҷароҳатҳои баданаш ба ҳам омада баромад. Аммо ӯ тамоман тандуруст шуда нарафт ва баъд аз ду моҳи аз беморхона баромаданаш дар хонаи худ хун партофта мурд.



Шарофҷон хабари мурдаи ӯро ба ман расонда, худ аз корхонааш ҷавоб гирифта, барои ҷаноза рафт. Дили ман ба сабаби бо як фоҷиа мурдани он марди мардон бисёр сӯхт ва барои таъзия ба хонаааш рафтам. Дар пеши ҳавлии ӯ оқсаққоли гузар ва як-ду нафари дигар менишастанд. Ман ҳам дар қатори онҳо пушт ба девор сари ду по нишаста, «худо раҳмат кунад» гӯён даст бар рӯ кашидам.

Дар ҳамин вақт Ҷалили вартишбози[157] регистонӣ, ки тайёри машҳур буда, дар айни замон сардори вартишбозони Регистон буд ва касби чармгарӣ дошт (ман бо ӯ дар хонаи Ғафурҷон-махдум шинос шуда будам), барои таъзиярасонӣ омад ва дар қатори мо пушт ба девор сари ду по нишаста худ ба худ ба гап даромад:

– Махдуми Муҳаммадӣ мард буд, дар кӯчаи мардонагӣ ҳамеша ба одамон некӣ мекард ва фоида мерасонд. Ӯ пешхезӣ карда бо касе ҷанг накардааст. То ба сараш мушт расидан сабр мекард ва баъд аз он ҷазои душмани худро медод. Худо раҳмат кунад ва дар рӯзи қиёмат дар қатори мардони рӯйсурх сар бардорад! – гӯён даст бар рӯ кашид ва аз ҷояш хеста ба оқсаққоли гузар нигоҳ карда, – ман рафта бачаҳоро (олуфтаҳоро) барои мурдабардорӣ ғундошта меорам, – гуфту равон шуд.

Ман ки барои хӯҷаинҳоям ош пухта доданам даркор буд, ба мурдабардорӣ наистода, аз ҷо хестаму ҳамроҳи Ҷалил ба роҳ даромадам ва бо ӯ то гузари Бобои Нонкаш гапзанон рафтем. Ман дар рафти гап аз Ҷалил сабаби ҳаракати нолоиқи Барно-тайёрро дар ҳақи махдуми Муҳаммадӣ, ки мухолифи қоидаҳои мардонагӣ буда, боиси нобуд шудани худаш ҳам шуд, пурсидам.

– Одам танҳо бо зӯри бозу одам намешавад – гуфт дар ҷавоб Ҷалил, – одам бояд дили одамият ҳам дошта бошад ва ба одамон зарар расонданро раво набинад. Аз ҳама пештар одам бояд хоксор бошад, ки дигарон ӯро ҳурмат кунанд ва ӯро ба худ сардор бардоранд, на ин ки худи ӯ барои ҳурмат ва мартабаи баланд ёфтан талош кунад.

Ҷалил баъд аз ин муқаддимаи файласуфона сухани худро давом дода гуфт:

– Барно-тайёр дар асл дар миёнаи мо барғалат даромада монда буд. Табиати вай ба шӯрапуштӣ моил буд. Фақат барои марди мардон шудан худро аз шӯрапуштӣ нигоҳдорӣ мекард. Вақте ки ӯ ба ин мақсади худ ба зудӣ нарасид, як қиморбозӣ кард. Дар ин бозӣ ӯ ё мебурд ё бой медод. Агар бой медод, албатта, аз миёнаи мардон баромада мерафт. Дар он вақт беобрӯ шуданаш як дард бошад, зинда гаштани ҳарифаш – махдум барои ӯ дарди боз ҳам сахттар буд. Бинобар ин ӯ «агар ман нобуд шавам, ҳарифам ҳам нест шавад» гуфта, ду-се шӯрапуштро ки нест шудани махдумро аз худо мехостанд, номардона ба худ ҳамроҳ гирифта, ин корро кардааст…

* * *

Баъд аз вафоти махдуми Муҳаммадӣ ба ҷои вай марди мардон интихоб карда нашуд, дар миёнаи олуфтаҳо ихтилоф афтод: регистониҳо Ҷалили вартишбозро пешниҳод карданд. Чорсӯгиҳо ба ӯ муқобил баромада, Авлиёқули дарвозаисаллоххонагиро пеш ниҳоданд. Азбаски дар байни ин ду номзад дар вартишбозӣ зиддият буд, тарафдоронаш ҳам ба якдигар сахт муқобилат кар-

данд. Аз миёнаи бетарафон Қазоқхоҷаи чӯбориро пешниҳод карданд. Ба ин номзад аксарияти олуфтаҳои ду тараф ҳам муқобил баромаданд: «Вай хоҷазода ва калонгир аст, ба мо сардорӣ карда наметавонад» – гуфтанд. Бинобар ин марди мардон интихобкунӣ то аз миёнаи тайёрон расида баромадани як одами мақбули омма мавқуф гузошта шуд.

Пештар умуман олуфтаҳои Бухоро шаробнӯшӣ намекарданд ва агар дар шабнишиниҳои махсус баъзан шароби дастӣ (мусаллас) нӯшанд ҳам, нӯшонӯширо ба дараҷаи мастӣ намерасонданд. Вақте ки дар Бухорои амирӣ дуконҳои шаробфурӯшӣ кушода шуда, арақ бисёр шуд, кам-кам олуфтаҳо ба мастӣ гирифтор гардиданд. Софият ва мардонагии аввалиашон намонд ва бештарини онҳо шӯрапушт шуданд.

Баъзеҳо софияти худро нигоҳ дошта бошанд ҳам, «корномаҳо»-и онҳо корномаҳои шахсӣ шуда, тартиби гирифтани дараҷаҳои «нимтайёрӣ», «тайёрӣ» ва «мардимардонӣ» барҳам хӯрд. (Баъзе «корнома»-ҳои ин яккатозон дар қисмҳои ояндаи «Ёддоштҳо» зикр хоҳад шуд.)

## ШАЙХИ РЕХТАГАР ВА КОРХОНАИ Ӯ

Мадрасаи Бадалбек дар як баландие воқеъ шуда буд, ки ин баландӣ дар пушти он мадраса – дар тарафи шарқиаш то як гузар ва дар паҳлуи шимолиаш то як гузар давом мекард (тарафи ҷанубӣ ва ғарбиаш пастӣ буда, ин пастӣ то Регистон боз ҳам нишебтар шуда мерафт) ва се кӯчаро, ки дар ин баландӣ воқеъ шуда буд, Болокӯча меномиданд.

Мадрасаи Бадалбек ва мазоре, ки дар тарафи шарқи мадраса буда, вайро қадамгоҳи Қутайба ибни Муслим (фотеҳи Бухоро аз тарафи арабҳо) мегуфтанд, дар байни ду болокӯча афтода буданд, ки инҳо аз роҳи калони паҳлуи масҷиди калон ҷудо шуда, аз нишеб ба фароз боло мерафтанд.

Дар сари болокӯчаи пушти мадраса ҳавлие буд, ки дарвозааш аз болокӯча буда, пушташ ба мазори Қутайба мепайваст. Соҳиби ин ҳавлӣ Бобохоҷа ном дошта, касби асосиаш рехтагарӣ ва касби иловагиаш шайхӣ буд. Бинобар ин ӯро шайхи рехтагар мегуфтанд.

Шайхи рехтагар дар замони ҷавониаш дар ҳавлии худ дукavailableча сохта, рехтагарӣ мекардааст ва дар айни замон худро «ҷорӯбкаши мазори Қутайба» номида, аз зиёраткунандагони он мазор назру ниёз ҳам меситондааст.

Вақте ки шайх аз ду роҳ, хусусан аз роҳи назрхӯрӣ пули бисёре меғундорад, дар фикри ба як корхонаи рехтагарӣ табдил кардани дукончаи худ меафтад ва ба ин мақсад ҳавлии худро вайрон карда, аз сари нав месозад. Дар таъмири дуюм замини ҳавлиашро баробари замини роҳи калони Регистон чуқур кофта, атрофашро бо хишти пухта девор мекашад ва дар миёнаҳои ин хонаи васеи зеризаминӣ сутунҳои ғафси чӯбигуҷумӣ гузошта, болояшро мупӯшонад ва он хонаи зеринро барои корхона тахсис мекунад. Болои ин хонаи зеризаминиро ду тақсим карда, нимаи вайро ҳавлии даруни худ ва нимаи дигарашро чиллахона ва ҷои ибодати худ қарор медиҳад.

Шайх рехтагарони бедукону дастгаҳро ба домаш кашида, корхонаи худро ривоҷ медиҳад. Кам-кам рехтагарони яккадаст, ки дар роҳи Регистон дукончае дошта, кор карда маҳсули худро мефурӯхтанд, бо шайхи сердастмоя рақобат карда натавониста, онҳо ҳам ба коркунони шайх табдил ёфта, ба ӯ бо тартиби корбайъ кор мекардагӣ шуданд.

Дар вақтҳое ки ман дар мадрасаи Бадалбек будам, дар паҳлуи масҷиди калон ва дар канори роҳ чор дукони рехтагарӣ буд, ки дар ҳар кадоми онҳо як усто ва чанд шогирд кор карда, маҳсулоташонро ба тарзи корбайъ ба шайх месупориданд. Ин устоҳо на танҳо маҳсулоти молиашонро ба шайх медоданд, балки ба болои ин маҷбур буданд, ки шогирдони усто шуда ба воя расидаашонро ҳам ба шайх супоранд, ки бо инҳо корхонаи вай боз ҳам равнақ гирад.

Дӯсти ман Шарофҷон ҳам ҳунар омӯхта, ба дараҷаи устоӣ расида буд, ки ба корхонаи шайх кӯчид ва ман ҳам барои дидан ва бо ӯ сӯҳбат кардан ба он корхона рафта меомадагӣ шудам.

Дар корхонаи шайх даҳ кӯра ва даҳ сандон буд, ки дар онҳо тахминан чил нафар одам кор мекард: баъзе аз онҳо дампахшкун, баъзеашон гудозгар, қолиабгир, сӯҳонгар, бӯтасоз[158] ва монанди инҳо шуда кор мекарданд. Моли хоми дар ин корхона сарфшуданӣ: мис, биринҷӣ, руҳ, қалъагӣ ва қӯрғошим барин фулузот (металлҳо) буд. Ангишташ – ангишти қандум буд, ки ангиштгарон аз чӯби дарахтони мевадор тайёр карда оварда медоданд. Қолибҳои чизҳои рехташуданиро аз реги сиёҳ месохтанд. Бӯтаҳо ба шакли қадаҳи хурду калон сохта мешуданд, ки фулузотро ба қадри даркорӣ ва мувофиқи талаби чизҳои рехташуданӣ майда карда, ба ҳам омехта, дар бӯта андохта, ба кӯра ниҳода мегудохтанд ва он фулузоти омехтаи гудохташударо ба қолибҳои чизҳои сохташуданӣ мерехтанд. Ин фулузоти омехта баъд аз гудохта шудан номи ҳар кадоми аҷзои таркибии худро гум карда, як номи нав мегирифт, ки вайро «ъӯла» мегуфтанд.

Маҳсулоти корхонаи рехтагарӣ гуногун буда, аз ҳама бисёртараш зангӯлаи шутур буд. Дар шароити Бухорои собиқ, ки ҳамаи нақлиёташ хоҳ дар дохила ва хоҳ дар хориҷа (ҷӯли Қазоқ, Хева, Афғонистон, даштҳои таркманнишин) бо шутур буд ва умуман дар Осиёи Миёна, хусусан дар зиндагонии бодиягардон – кӯчманчиён, ки шутур ягона воситаи нақлиёт буд, зангӯла аз молҳои сермасриф ба шумор мерафт.

Ғайр аз ин, асбоби металлии асп, ҳалқаҳою қуббаҳои дарвоза ва дарҳо ва монанди инҳо дар рехтагарӣ аз хӯла сохта мешуданд.

* * *

Шайхи рехтагар, ки тахминан шастсола буд, қади баланд, бадани фарбеҳ, рӯи сафеди пурра дошт. Торҳои зардчае, ки дар миёнаи риши сафедаш менамуд, дар ҷавонӣ малламӯй будани ӯро нишон медод: чашми сурхчарангаш мижгон ва пешонаи васеи пурчинаш қариб абрӯ надошт.

Шайх дастори сафеди калони шайхона мебаст ва ҷомаи банораси* муллоёна мепӯшид ва дар дасташ тасбеҳ гирифта, бисёртари вақташро пичир-пичир-

* Банорас – як бофтаи майданақши сиёҳу сафед аст, ки тораш абрешиму пудаш ресмон мешавад. Номи дигари ин бофта парипашша аст.

кунон дар чиллахонааш мегузаронид. Ӯ на хат дошту на савод. Бо вуҷуди ин дар намозҳои ҷамоатӣ, ки дар чиллахонааш адо меёфт, худаш имоматӣ мекард.

Ин шайх мурид намегирифт, аммо мухлисонаш бисёр буданд, ки ба зиёрати қадамгоҳи Қутайба омада, ба ӯ назр медоданд. Ӯ дар ёздаҳуми ҳар моҳи қамарӣ барои ёдоварии Ғафсулаъзам – Абдулқодири Ҷелон* «ёздаҳум» мекард. Дар «ёздаҳум» ҷаҳриҳо омада, дар чиллахонаи ӯ ҷаҳр мекарданд ва ихлосмандон ва ё тамошобинон омада, аз он ҷаҳр «баракат мебурданд» ва ё онро тамошо мекарданд.

Ҳар кадоми ихлосмандонаш барои «ёздаҳум» ёздаҳ танга ҳадя меоварданд, ки ин шумора махсуси назри Ғафсулаъзам буд ва фарзандталаб ҳам барои ба «ёздаҳум» харҷ кардан ёздаҳ тангагӣ назр медод. Шайх як қисми ин пулҳоро харҷ карда, палав пухта, ба «ёздаҳум» омадагонро зиёфат мекард ва боқимондаи он маблағи ҳавоӣ ба сармояи умумии шайх зам мешуд.

Ягона саховати шайх ин буд, ки ба дарди чашм шудагон бепул дору медод. Он доруро худаш месохт: ӯ сӯхтаи руҳро, ки тӯтиё меноманд, дар сирко хобонда мехушконду як чизи хока дуруст мекард ва ба талабгорон як миқдори он хокаро ба коғаз печонда медод.

Ман бо баҳонаи дорுталабӣ, аммо дар ҳақиқат барои шайхро аз наздик дида ба ӯ ҳолдон шудан, боре худро озоричашмнок сохта, ба чиллахонаи ӯ рафтам. Вай дар пешгоҳи чиллахона пушт ба як дарича, ки ба тарафи мазор кушода мешуд, бар рӯи ҷойнамози маллае, ки бар болои чор қабат кӯрпачаи серпахта паҳн карда шуда буд, тасбеҳ гардонда менишаст. Ӯ бо даромада салом додани ман пичир-пичирашро монда дастҳояшро ба рӯ кашида ба саломи ман ҷавоб гардонд ва:

– Чӣ хизмат? – гуфта аз ман пурсид.

Ман озори чашми худро ҳикоя карда, аз вай доруи дарди чашм пурсидам.

– Фақир ба хизмати фуқаро ҳозир аст! – гӯён сандуқчаеро, ки дар паҳлуяш буд, кушод ва аз даруни вай як коғазпеч бароварда ба ман дода, тариқаи кор фармудани онро ба тарзи зерин таълим дод:

– Рӯ ба ҳаво мехобӣ, бо ангуштони дасти чап пилкҳои чашматро мекушоӣ ва бо нӯги ду ангушти дасти ростат аз ин дору як чимди гирифта, «ё шофӣ (шифодиҳанда, яъне худо), ба ҳурмати имом Қутайба ба чашмони ман шифо деҳ!» гӯён ба чашмат мерезӣ. Бо ҳамин дарди чашми ту бартараф мешавад.

Баъд аз он шайх гуфт:

– Ин фақири пуртақсир (пуркӯтоҳӣ – пургуноҳ) ҳар чӣ ёфтам, аз шарафи хокрӯбии мазори пуросори ҳазрати имом Қутайба ёфтам. Дар замони ҷавониам, дар ҷавори (ҳамсоягии) ин даргоҳ дар як дукончa рехтагарӣ мекардам. Боре дарди чашм шуда, як ҳафта аз кор мондам ва дорую давои табибон фоида надод. Баъд аз он ба рӯҳонияти ҳазрати имом Қутайба илтиҷо бурдам. Шаб дар хобам ҳазрати имом ҳозир шуда, сохтани ин дору ва кор фармуданашро ба ман таълим дода, васият карданд, ки ин доруро ба дарди чашм шудагон бепул диҳам… (Дар ҳақиқат ин дору ихтирои он шайх ё таълимоти Қутайба набуда, дар китобҳои тибби қадимӣ аз руҳ сохтани инро тасвир карда, ба он «тӯтиё» ном

* Ғафсулаъзам – яке аз аҳли тасаввуфи қадим.



додаанд ва дар адабиёт ҳам ҳар чизи чашм равшанкунандаро ба тӯтиё ташбеҳ мекунанд).

Ман барои шайхро боз гап занондан аз вай пурсидам:

– Афту андом ва либоси имом Қутайба чӣ гуна будааст?

Шайх дар ҷавоби ин пурсиши ман Қутайба ва либоси ӯро чунон тасвир кард, ки тамоман ба афту башара ва қиёфаи худаш баробар меомад.

Ман барои шайхро шарманда кардан, бо оҳанги эътироз ба ӯ гуфтам:

– Арабҳое, ки аз Арабистон ба Бухоро меоянд, ҳамаашон сиёҳчеҳра, чингиламӯ ва чашмкалон мебошанд, либосашон ҳам ба либоси аҳолии Бухоро монандӣ надорад. Маълум мешавад, ки имом Қутайба на дар афту ва на дар либос ба арабҳо монандӣ надоштаанд.

Аммо дар чеҳраи шайх ҳеҷ дигаргунӣ пайдо нашуд ва монанди касоне, ки ба гуфтаи худ тамоман боварӣ доранд, ба ман ҷавоб дод:

– Як дарахти себ чанд хел ҳосил медиҳад: баъзеш калони пурра, баъзеш мижморуқи офтобзада, баъзеш каҷу килеб ва баъзеш кирмхӯрда ва ҳоказо. Мисли ҳамин одамони як мамлакат ҳам якранг намешаванд. Дар хусуси либос бошад, ҳамин тарз гуфтан мумкин аст, ки имом Қутайба аҷаб нест барои бо мардуми маҳаллӣ ҳамранг шуда, онҳоро ба дини ислом кашидан, либоси маҳаллӣ пӯшида бошанд.

Ман боз бо оҳанги шубҳаомез ва бо саволи инкорӣ гуфтам:

– Магар ҳазор сол аз замони мо пештар ҳам мардуми Бухоро монанди ҳозира либос мепӯшидаанд?..

– Аҷаб нест, ки ҳазор сол пеш ҳам бобоҳои мо монанди мо либос мепӯшида бошанд! – гуфт шайх. Аммо ӯ пай бурд, ки ман аз ҷавобҳои ӯ қаноат ҳосил накардаам, бинобар ин рафти суханашро дигар карда, ба ман бо забони шайхҳои ҷоҳили дар мунозира мулзамгардида гап зада, маро хомӯш кардан хост:

– Агар пир шуда аз умр бархурдор шудан хоҳӣ, шаккокӣ накун! Ҷавонони шаккок ва беодоб ҷавонмарг мешаванд, – гуфт дар ҳолате ки ба пешона ва рӯяш хун давида буд.

Албатта, акнун ҷои гап намонда буд. Ман ба давои бепул додааш ташаккур карда, аз ҷо хестам. Шайх дар ҳолате ки чашми сурхчааш бо оташи ғазаб боз ҳам сурхтар гардида буд, ноформона сар ҷунбонда, маро гусел кард.

* * *

Шайх ба корхонаи рехтагариаш кам медаромад: фақат рӯзе як бор даромада, молҳои тайёршударо ҳисоб карда гирифта, ба анбораш мегузаронид. Азбаски ҳамаи коркунони вай корбайъ буданд, дар будан ва набудани ӯ якзайл кор мекарданд. Вай фурӯши маҳсулоташро дар чиллахона мекард. Азбаски харидорони ӯ ҳама вофурӯшон (ҷаллобон) буданд, чиллахона ба пеши вай даромада савдоро баробар карда, пул медоданд ва шайх моли фурӯхташударо аз анбор бо дасти худ гирифта ба онҳо медод.

Шайх фарзанд надошт. Аъзои оилааш танҳо як зани кампираш буд, ки ӯ фолбинӣ карда, ба сармояи шавҳараш пул зам мекард.

* * *

Ман ба корхонаи шайх, ба пеши Шарофҷон ҳар вақт рафтан хоҳам, шабона мерафтам, ки фурсати бекориам фақат дар шабҳои таътил ёфт мешуд. Аммо дар он ҷо аз ним соат зиёда нишастан мумкин набуд: дуди тези ангишти қандум, ки аз даҳ кӯра печида мебаромад, бо бӯи тунди фулузоти гудохта ба ҳам омехта, шушу дили одамро аз ҳаракат бозмедошт. Коркунони он ҷо то даруни чашму гӯшу биниашон тамоман сиёҳ шуда рафта буданд, ки ранги аслиашон маълум набуд. Онҳоро танҳо бо калонию хурдии ҷасадашон аз якдигарашон фарқ кардан мумкин буд. Ҳамаашон сахт-сахт сурфа мекарданд ва аз даҳонашон як чизи сиёҳи часпак мепартофтанд. Аз ин маълум мешуд, ки то пешгаҳи димоғу даруни ҳалқу шушашон ҳамагӣ сиёҳ шуда рафтааст. Корхона шабона ҳам, рӯзона ҳам торик буд, чунки дар вай ғайр аз ду равзани тагишифтӣ, ки ба тарафи кӯча кушода мешуд, ҷое набуд, ки аз он равшанӣ дарояд. Ин равзанҳо ҳам ҳамеша бо дудҳое, ки печида мебаромаданд, банд буданд, корхона мӯрии дудкаш ҳам надошт. Дар он ҷо шабонаву рӯзона дар пеши ҳар кӯраву сандон як шамъи ҷойдорӣ месӯхт. Азбаски лампа ҳанӯз дар Бухоро умумӣ нашуда буд ва муллоҳо дар бораи аз рӯи шариат раво будан ё раво набудани лампасӯзӣ ҳанӯз дар мунозира буда, ба як қарор наомада буданд, шайх ҳам «барои эҳтиёт» дар корхонаи худ ҳанӯз лампа надароварда буд. Бӯи дуди шамъи чарбугӣ бо дуди ангишту бӯи фулузоти гудохта омехта, як ғубори дилбеҷонкунанда пайдо мекард.

Коркунони ин корхона то нимаҳои шаб кор карда, вақти хоб дар байни асбобу абзоли корашон мехобиданд ва дар вақти хоб бӯи дуду фулузотро, ки корхона ҳамеша бо вай пур буд, мадҳушона ба даруни худ мекашиданд.

Шарофҷон, ки нав ба шонздаҳ даромада буд, дар понздаҳ рӯз аз қувват рафта, ба зӯр роҳ мерафтагӣ шуд. Ӯ, ки устои қолибгир буда, дар дукони беруни корхона як қолибаш ҳам вайрон намешуд, дар ин ҷо дасташ ларзида, аз ҳар ду қолиби гирифтанӣ шудааш яктааш мешикаст ва пош мехӯрд.

Ман ин аҳволро дида ба вай гуфтам:

– Ба ин ҷо даромадани ту дуруст набуд ва дукони берун барои ту аз ин ҷо беҳтар буд.

– Агар ихтиёр дар дасти худам мебуд, ба ягон касби дигар медаромадам, аз ҳама беҳтар буд, – гуфт ӯ бо табассуми заҳромез ва баъд аз ду-се бор сурфа кардан сухани худро давом дод: – Ман аз падар дувоздаҳсола мондам. Модарам дар зиндагӣ мӯҳтоҷ шуда, аз шайх панҷоҳ танга бунак (аванси музди кор) гирифта, маро ба ӯ ба шогирдӣ дод. Шайх маро барои усто кардан дар назди устои дукони берунаш монд. Он усто одами хуб аст. Дар бадали чор сол ба ман ҳамаи ҳунарҳои рехтагариро ёд дод. Ман ба вай шогирд бошам ҳам, аз сӯмикори худаш дар рӯзҳои кор маро сер карда истод. Лекин барои модарам ва барои либос аз шайх боз пеш-пеш бунак гирифтам, ки қарзам ба сад танга расид. Акнун ман маҷбурам, ки то тамом шудани қарзам аз шайх дар ин ҷо кор кунам.

– Қарзи шайх бобарака аст, ҳеҷ тамом намешавад, – гуфт хандакунон як устои калонсол, ки дар наздикии мо, дар пеши сандон нишаста, бо хоискча барои зангӯлаҳо забонак месохт. Баъд аз ин усто вазъияти ҷиддӣ гирифта, сухани худро давом дод: – Ман бист сол боз дар ин корхона кор мекунам, аммо қарзам аз шайх тамом намешавад, балки сол то сол зиёд мешавад. Чунки музди кор ба харҷи заруриам намерасад, боз ночор панҷу даҳ бунак мегирам. Ман сахтҷон будаам, ки дар муддати бист сол дар миёнаи ин бӯю дуди заҳролуд то ҳол намурдаам. Вагарна дар ин муддат манаҳи бисёр ҷавонони ҳамкорамро бо дасти худ бастам (яъне мурданд). Шайх ба ҷои ин ки дар ҳақи он бечорагон дуою фотеҳа кунад, «пули маро хӯрда рафтанд» гуфта, ҳанӯз онҳоро дуои бад мекунад.

Суханони он устои солхӯрдаро коркунони дигар сарашонро пасу пеш ҷунбонда тасдиқ мекарданд. Агар ранги онҳоро дудаи ангишт сиёҳ накардагӣ мебуд, аз даҳшати ин суханон, ки аз талафшавии бемаҳалли онҳо хабар медод, дар рӯи онҳо аломати маргро мушоҳида кардан мумкин мешуд. Аммо бо шунидани ин суханон дар тамоми аъзои бадани ҷавони наврасй ноком – Шарофҷон аломати ноумедӣ аз ҳаёт зоҳир шуда, ларзиш пайдо шуд.

Ман бо мақсади таъсири суханони устои солхӯрдаро сусттар карда, зимнан ба Шарофҷон тасаллӣ додан:

– Ҳеҷ кас беаҷал намемурад, – гуфтам.

Дар пешонаи сиёҳи устои солхӯрда чин пайдо шуд ва ӯ оташинона гуфт:

– Эй саҳроӣ! Ба боми мадраса баромада, худатро ба замин партофта озмуда бин, ки мемурӣ ё намемурӣ?

* * *

Шарофҷон шаш моҳ дар он корхона кор кард. Рӯз то рӯз аҳволаш гаронтар ва сурфааш зиёдтар шудан гирифт. Охир аз ҳаракат бозмонда, дар хонааш афтода хобид ва баъд аз як моҳи дар хона хобиданаш хабари марги ӯро ба ман устои собиқаш расонид. Ман бо ӯ барои таъзиярасонӣ ба хонаи Шарофҷон рафтам. Ба навҳаву фиғони модараш тоқат карда намешуд. Устои солхӯрда ҳам бо чанд нафар коркунони корхонаи шайх ба ҷаноза расида рафт. Мурдаро бурда, ба пуштаи Туркиҷандӣ гӯронидем. Дар бозгашт ман, устои солхӯрда ва устои собиқи Шарофҷон ҳамроҳ шудем. Марги ҷавони наврас ба ҳамаамон бад таъсир карда буд, ҳеҷ кас чизе намегуфт. Вақте ки ба кӯчаи тарафи ғарби масҷиди калон – ба манзили худ наздик расидем, устои солхӯрда оҳе кашида ва ба касе нигоҳ накарда худ ба худ гуфт:

– Ин шайхи бадмур, ки ҳамаро беаҷал мекушад, худаш кай беаҷал мемурда бошад?

Боз хомӯшӣ сар шуд. Дар гӯшаи ғарби шимолии масҷиди калон мо аз ҳам ҷудо шудем ва ҳар кас ба ҷои худ рафт.

## СӮХТОР

Баъд аз як моҳи вафоти Шарофҷон як бегоҳи ҷумъа ману Мулло Рӯзӣ ба базм рафта будем. Соатҳои яки шаб ба мадраса баргашта омада, ҳар кадомамон ба ҳуҷраи худ даромада хобидем. Чӣ қадар хобиданамро намедонам, аммо ҳам ин қадарро медонам, ки бо фарёди даҳшатноки одами бисёре, ки бо садои зарба хӯрдани чизҳои мисини омехта меомад ва садои табли реза ва табли қаторак[159], ки ба ҳаво мепечид, аз хоби сахт бедор шудам. Даҳшати ғулғула, чунон ки хоб дида истода бошам, давом мекард, аммо монанди сиёҳӣ (кобус) пахш-

кардагон дасту поям ҳаракат намекард ва аз ҷоям ҷунбида наметавонистам. Баъд аз сонияе ҳавоси худро ҷамъ карда, чашм кушодам: даруни ҳуҷра равшан буд ва ба дарпардаи коғазин монанди партави офтоб равшании тезе акс мекард, аммо он равшанӣ монанди партави офтобе, ки дар рӯзи шамоли сахт аз байни баргҳои дарахтон гузашта омада бошад, бо сояпарчаҳо омехта, дар ҷунбиш ва беқарор буд.

Ман либосҳоямро пӯшида, зуд аз ҳуҷра фуромада, ба рӯи мадраса рафтам. Бомҳои ҳуҷраҳои тарафи шарқии мадраса аз одам пур буд ва аз ҳамон тараф – наздик ба мадраса шӯълаи оташи дудолуд паҳн шуда, забона зада ба ҳаво мепечид ва монанди тирукамони ҳаво (қавси қузаҳ) забони оташ гуногунранг метофт. Кошинҳои гунбазҳои масҷиди калон ва мадрасаи Мирзо Араб бо акси шӯълаи оташ чашмхиракунона медурахшиданд.

Ман ҳам ба боми мадраса баромадам. Кӯчаи калони байни масҷиди калон ва мадраса ва болокӯчаи шарқи шимолии мадраса, бомҳои ҳамсояҳо пури одам буданд. Одамон аз кӯчаву бомҳо «шаҳр сӯхт, ёрӣ расонед!» гӯён фарёд мекарданд ва дар бомҳо дегҳои мис ва лаълиҳоро бо чӯбакҳо ки доштанд, мезаданд, дар кӯчаи калон шабгардон бо таблкӯбҳо таблҳои реза аз қаторакро бо бонги хатар менавохтанд.

Оташ дар сари ҳавлии шайхи рехтагар аланга мезад. Баъзеҳо бо сатилҳо ва машкобон бо машкҳошон аз ҳавзи қозикалон, ки як гузар он сӯтар аз ҷои сӯхтор ва дар чуқурии чорметрӣ воқеъ шуда буд, об мекашонданд. Одамон бар болои бом истода сатилу машкҳоро аз дасти обкашҳо ба бом кашида бароварда, ба тарафи оташ мепошиданд. Обҳои бар рӯи оташ пошхӯрда монанди обе, ки дар деги равғани доғи даргирифтаистода рехта шуда бошад, оташро боз ҳам шӯълавартар мекарданд.

– Як тарафи ҳавлиро вайрон карда, роҳи оташро буретон! – гӯён фарёд карданд касоне, ки бар боми мадраса буданд ба касоне, ки бар боми ҳамсояи тарафи шимолии ҳавлии шайх меистоданд. Одамони дар бом буда, ки аз даҳшати сӯхтор гаранг шуда, чӣ кор карданашонро надониста истода буданд, бо ин нидо ҳушёр шуда каландҳо, тешаҳо ва табарҳо ёфта оварда, як тарафи он ҳавлиро ғалтонда, чӯбҳояшро кашида гирифта, аз ҳавлии шайх ҷудо карданд.

Бо ин тадбир хавфи ба ҳавлии ҳамсояҳо паҳн шуда рафтани оташ барҳам хӯрд. Чунки тарафи шарқӣ ва ҷанубии ҳавлии шайх кӯча ва тарафи ғарбиаш мазори хокӣ ва дар паси вай мадрасаи хиштипухтагӣ буд.

Сӯхтор давом мекард, торафт одамҳои обкаш бисёр мешуданд, аммо обҳои пошида ба оташ таъсири намоёне намекарданд. Рӯз шуд, тамошобинон ва ёридиҳандагон боз ҳам бисёртар шуданд. Шояд ба сабаби сӯхта тамом шудани чизҳои сӯхтанӣ бошад, алангаи оташ паст шудан гирифт. Дар ин миён одамон намадҳои бисёреро оварда, об зада тар карда, бар рӯи оташ паҳн кардан гирифтанд. Бо ҳамин шӯълаи оташ тамоман хомӯш гардид. Аммо аз ҳама ҷои намад ва ҷоҳои бенамадмонда курдуд бо бухори об омехта баромада меистод. Обпошӣ ҳанӯз давом мекард. Дар соатҳои дувоздаҳи рӯзи дигар дуд намебаромадагӣ шуд, фақат бухори бадбӯи ғализ баромада меистод.

Ҳеҷ кас намедонист, ки дар ин сӯхтор чӣ қадар одам талаф шуда бошад.



Ҳама тасдиқ мекарданд, ки дар аввали аз хонаи шайх аланга задани оташ зани сӯхтаистодаи ӯро халос карда бароварда, ба ҳавлии хешовандонаш фиристоданд. Аммо тақдири худи шайх ва коргарони ӯро касе намедонист ва онҳоро касе дар вақти сӯхтор надида буд.

Рӯзи дигар одамони ҳокимони шаҳр ҷавононро ба ҳашар оварда, аз як сар ҷои сӯхторро каландгардон кардан гирифтанд. Азбаски хонаи нишаст ва чиллахонаи шайх бар болои корхона бино ёфта ва тамоми чизҳои сӯхта дар даруни деворҳои хиштипухтагии корхона рехта буданд, каландгардон кардани он ҷо бисёр душвор буд. Бо вуҷуди ин то замини корхона каландгардон карда дидан лозим шумурда шуд, то ки мурдаҳои сӯхтаи одамон бароварда шаванд.

Аммо дар корхона ғайр аз фулузоти сӯхтаи сиёҳшуда, абзолҳои рехтагарӣ, зарфҳои мисинаи ҳавлӣ, табақҳо ва бӯтаҳои шикаста дигар чизе дида нашуд.

Баъд маълум шуд, ки ба сабаби бегоҳи ҷумъа будани он шаб дар вақти сӯхтор дар корхона ягон нафар ҳам устою коргар набудааст. Аммо ёфт нашудани нишонаи мурдаи шайх ҳамаро дар ҳайрат меандохт. Баъзеҳо ба тарзи ҳазлу шӯхӣ ва баъзе содадилон ҷиддиёна «аҷаб нест, ки дар вақти сӯхтор шайх ба ҳаво парида рафта бошад» мегуфтанд.

Ҳамаи ҳашарчиён якҷоя шуда хокистар, ангишт ва хокҳои ҷоеро, ки чиллахона дар он ҷо фурӯ рафта буд, тамоман ба тарафи дигар кашиданд. Аммо аз мурдаи шайх ҳанӯз нишонае набуд.

Дар ин вақт чашми яке аз ҳашарчиён ба як сӯрохие, ки ба тарафи девори мазор воқеъ шуда буд, афтод. Ин сӯрохӣ ҷои даричае буд, ки ба девори мазор шинонда шуда буд. Ҳашарчиён ба болои хоктӯдае баромада, ба даруни он сӯрохӣ нигоҳ карданд, дар он ҷо чизе дида намешуд. Баъд аз он нардбон ниҳода, шамъ гиронда, ба пеши он сӯрохӣ баромада, ба дарун даромаданд. Он ҷо як хоначаи хиштипухтагии сақфаш равоқӣ будааст, ки шайх камари хоки мазорро кофта, вайро сохта бо дарича ба чиллахонаи худ пайванд дода, он ҷоро ганҷинаи худ (ҷои гузоштани чизҳои пурқимат) қарор дода будааст.

Ба дарун даромадагон дар пешгоҳи он ганҷина як чизи сиёҳро мебинанду муоина мекунанд; маълум мешавад, ки ҷасади сӯхтаи шайх як сандуқи сӯхтаро дар бағал гирифта хобидааст. Ҷасади сӯхтаро пас кашида, даруни сандуқи сӯхтаро мебинанд. Дар он ҷо тиллову тангаҳои бо дуд сиёҳшуда будаанд.

Ба ҳама маълум мешавад, ки шайх бо сар шудани сӯхтор аз хонаи хобаш хеста, давида рафта, ба он ганҷина даромадааст, ки сандуқи нақдинаи худро бардошта бароварда аз сӯхтор халос кунад. Аммо аз ҷиҳати пирӣ ба бардоштани он сандуқ қувваташ нарасидааст, ё ин ки забонаи дудолуди оташ аз дунболи ӯ ба даруни ганҷина даромада, ӯро ба бардошта баромадани сандуқ имкон надодааст.

Мувофиқи масали «оби ганда ба хандақ» тангаву тиллои шайхи беворис подшоҳӣ шуда, «Қадамгоҳи Қутайба» ба хокистартӯда бадал ёфта монд.

* * *

Дар бораи сабаби сӯхтор дар миёнаи мардум овозаи аҷиб афтод: мегуфтанд, ки «шайх хиштакмурдор будааст, ки ба яке аз занони фарзандталаб ҳаракати

ношоиста кардааст. Бинобар ин арвоҳи имом Қутайба ӯро зада, бо хонаву ҷою корхонаву асбобаш сӯзонда нест кард».

Аммо баъд аз гузаштани чанд ҳафта ва баъд аз он ки сӯхтори хонаи шайх ва худи ӯ аз хотирҳо баромада рафт, сабаби ҳақиқии он сӯхторро фаҳмидам; ман дар ин хусус бо устои собиқи Шарофҷон сӯҳбат кардам. Ӯ аввал бо хандаи истеҳоомез сабаби сӯхторро «ҳаромхиштакии шайх» нишон доду илова кард:

– «То шаҳре насӯзад, кабоби дарвеше напазад» – гуфтаанд. Сабаби сӯхтор ҳар чӣ бошад – бошад, бо ин кор даҳҳо рехтагарон, ки ҳар кадом аз шайх панҷсад танга, ҳазор танга бунакдор буданд ва пеш аз адо кардани ин қарз дар он корхонаи пурдуди заҳролуд беаҷал мурда мерафтанд, ҳамагӣ аз он ғуломии озоднашуданӣ якбора озод шуданд.

– Назар ба фикри шумо, дар ин кор бояд дасти коргарони ӯ бошад? – гуфтам ба усто бо оҳанги савол.

– Ман инро равшан гуфта наметавонам, – гуфт ӯ, – аммо агар дар хотир дошта бошӣ, рӯзи мурдаи Шарофҷон он устои солхӯрда, ки Мурод-луччак ном дорад, гуфта буд, ки «ин шайхи бадмур, ки ҳамаро беаҷал мекушад, худ кай беаҷал мемурда бошад?». Мурод-луччак одамест, ки ягон чизро орзуи хушк карда намемонд ва орзуҳои ӯ ҳамеша бо корҳои амалиаш яканд ва ба вуҷуд меоянд; ӯ аз олуфтаҳои кӯҳнаи Бухорост. Фақат баъд аз он ки дар доми шайх афтод, шушаш дудзада шуд ва ба сабаби пурқувват будани дилаш намурда бошад ҳам, дигар корҳои олуфтагиашро давом кунонда натавонист. Вақте ки Шарофҷон ҷавон мурд, дили ӯ ба вай ва модараш бисёр сӯхт. Дар вақти он суханҳоро гуфтани ӯ ман дар дили худ гузаронда будам, ки «вай дар ҳақи шайх ягон кор хоҳад кард». Аҷаб нест дар ин кор дасти ӯ бошад.

Усто баъд аз қадаре хомӯш истодан боз давом кард:

– Дар шаби ҷумъа воқеъ шудани ин кор, ки дар он вақт дар корхона касе набуд ва дар кӯраҳо оташ ҳам набуд (чунки оташи кӯраҳоро одатан соати дувоздаҳи он рӯз мекушанд), қасдан ва бо тартиби муайян оташ дода шудани корхонаро нишон медиҳад. Ҳарифон ин корро ба тартибе кардаанд, ки оташ дар саҳар – дар вақти ба хоби ширин будани ҳамаи шаҳр аз ҳама ҷои корхона якбора даргирифта, ҳама ҷои ҳавлии шайхро якбора печонда гирад.

## ХОНАДОРИИ ШОИР

Ман дар ҳуҷраи Мулло Рӯзӣ бо Мулло Вафо ном шоири Вахшитахаллус шинос шудам. Ӯ одами тахминан чилупанҷсола, баландқомат, қоқбадани сафедчеҳраи рангканда буда, риши мошубиринҷшудааш тор-тор аз ҳам ҷудошуда меистод. Ӯ ором нишаста наметавонист: ҳамеша гоҳ китфи худ, гоҳ бозуҳои худ, гоҳ сари сина ва миёни худ ва гоҳо зонуҳои худро чудогона-чудогона ҷунбонда меистод. Ӯ кам гап мезад ва пеш аз гап сар карданаш дастонашро як ҷунбонда ва мижгонҳояшро афшонда, ба ҳамсӯҳбати худ вахшиёна нигоҳ мекард.

Шеърҳояш бисёр, лекин ғамангез, хеле паст ва иборат аз такрори бемуваффақияти мазмунҳои обшустаи марсияномаҳо буданд. Ӯ ҳафтае як бор ба ҳуҷраи Мулло Рӯзӣ меомад ва дар ҳар омаданаш бағали худро аз шеърҳои дар ҳамон



ҳафта гуфтааш пур карда оварда, онҳоро аз як сар хондан мегирифт, аммо шунавандагон ба шеърҳои ӯ гӯш медиҳанд ё не ин масъала барои вай аҳамият надошт.

Лақаби ӯ «безан» буд, ки ин диққати маро бисёр ҷалб мекард. Чунки дар байни муллоҳо безанон бисёр буданд, бо ҳамаи ин чаро ин лақаб ба ӯ махсус шудааст? Сабаби инро аз худи вай пурсидан мумкин набуд. Зеро агар калимаи «зан» ё «безан»-ро дар пеши ӯ гӯянд, дарҳол шӯрида ва дашномҳои қабеҳ дода, ҳамаи аъзоҳояшро якбора ҷунбонда хеста мерафт.

Дар аввалин мулоқот карданам бо ӯ дар ҳуҷраи Мулло Рӯзӣ дар вақти сӯҳбат (ҳоло дар хотир надорам, ки ба чӣ муносибат бошад) калимаи «зан» аз даҳони ман баромад. Ӯ якбора шӯрида ва тамоми аъзои баданашро ҷунбонда ба ман гуфт:

– Ҳоло ки хурдсол мебошӣ, ба гардани ту таклифҳои одоби муошарат (одоби зиндагӣ)-ро бор кардан мумкин нест. Вагарна дар ҷазои ин суханат забонатро аз даҳонат кашида мепартофтам, – ӯ баъд аз қадаре оташинии худро паст кардан илова намуд: – агар беодоб шавию умри дароз бинӣ, аз ман ба ту насиҳати таҷрибакорона ин аст, ки хонадор нашав!

Ҳар вақт, ки шунидани шеърҳои бемазаи вай ба дили Мулло Рӯзӣ занад, ӯ мегуфт:

– Шарик, беҳтар аст, ки ту шоириро парто ва як зан гирифта, осуда зиндагонӣ кун!

Ӯ мешӯриду дарҳол ҳамаи аъзояшро ларзонда аз ҷояш мехест:

– Эй лаблабуфурӯш! (падари Мулло Рӯзӣ лаблабуфурӯш буд). – Ман туро одам гуфта пеши ту омада будам, аммо надонистам, ки ту саги аккосӣ шуда будӣ, – гӯён аз ҳуҷра баромада мерафт. Аммо ҳафтаи дигар боз омада шеърхонӣ сар мекард.

Ман аз Мулло Рӯзӣ пурсуков карда, тарҷимаи ҳоли ӯ ва сабаби лақаб ва нафрати ӯро аз калимаи «зан» фаҳмида гирифтам.

Назар ба қавли Мулло Рӯзӣ падари Мулло Вафо Мулло Мардихудо ном ғармӣ буда, дар хурдсолиаш ба Бухоро омада, дар мадрасаҳо дарс хонда буд ва бинобар қашшоқиаш дарсхонии худро то охир давом дода натавониста, ба Ғиждувон рафта, дар деҳаи Абедӣ имом шуда ва баъд аз чанд сол дар он ҷо хонадор шуда буд, ки аз он зан ҳамин Мулло Вафо таваллуд ёфтааст.

Мулло Мардихудо одами хушсавод буда, писарашро хононда хушсавод карда буд. Писараш Мулло Вафо чанд сол дар мадрасаи Ғиждувон дарс хонда, баъд аз вафоти падар ва модараш ба Бухоро омада, дар ин ҷо дарсашро давом дода, бо Мулло Рӯзӣ шарикдарс шуда буд.

Ҷои истиқомати Мулло Вафо дар Бухоро дар мадрасаи Шодимбӣ буда, шоири ҷавони машҳур Шоҳин ҳам дар он ҷо истиқомат дошт. Азбаски Мулло Вафо ба шеъру адабиёт ҳавасманд буд, бо Шоҳин алоқа баста, дар ҳуҷраи ӯ бо девонҳои классикҳо ва бо шеърҳои худи Шоҳин ошно шуда, худаш ҳам ба шеъргӯӣ даромада ва барои худ номи худаш калимаи «Вафо»-ро тахаллус қарор дода буд.

Мулло Вафо аз шеърҳои шоирони гузашта бештарин шеърҳои ошиқонаро

хонда, аз мавзӯъ ва мазмуни он шеърҳо барои худ ва дар хаёли худ як дилбари зебоҷамоли вафодори диломромро ёри оянда ва маъшуқаи хаёлии худ қарор дода монда буд.

Назар ба тасаввур ва тасвири Мулло Вафо, маъшуқаиояндаи ӯ расоқомат, сафедбадан, борикмиён, ғунчадаҳон, ранги рӯяш гандумгуни ба сафед моил, чашмонаш сиёҳи обдори пуришваву ноз, мижгонҳояш дарози нӯгхамида, абрӯвонаш сиёҳи тӯсии нӯгтез, гӯшҳояш лолаи нав шукуфта барин тару тоза, баёзи гарданаш дарози сафеди дилрабо, мӯҳои сиёҳмушкинаш то хамгашти зонуҳояш дароз буд ва ҳоказо.

Мулло Вафо ҳар вақт ӯро дар хаёли худ хушомад мегуфт ва навозиш мекард ва ӯ бо чашмони дурахшони нимпӯшидашуда, бо рӯи аз ҳаё сурхчагардида, бо табассуми ширини дилнавоз ба ӯ ҷавоб медод. Ҳар гоҳ вай дасти маъшуқаро гирифта, аз нӯги панҷа то соидҳояш мебӯсид, маъшуқаи дилором дасти дигарашро ба гардани вай партофта, чунон пеш мекашид, ки лабҳо ба лабҳо мерасиданд ва ҳоказо.

Дар он вақтҳо рӯи ягон зан ё духтари қадрасро дидан мумкин набуд. Бинобар ин Мулло Вафо ҳар вақт ки ба кӯча барояд, маъшуқаи хаёлии худро аз байни занон ва духтарони рӯпӯшида бо нишонаи фаранҷӣ ва пӯшоки онҳо муайян мекард. Назар ба гумони Мулло Вафо, ҳар зану духтаре, ки дар кӯчабо фаранҷии кӯҳна ва бо кафшу масҳии фарсуда бароядб ӯ баднамо буд. Маъшуқи вай аз байни он занон ва духтарон ёфт шуданаш мумкин буд, ки фаранҷии шоҳӣ ва кафшу масҳии амрикониии навпардоз пӯшида баромада бошанд. Агар яке аз ин гуна занон ва духтарони хушпӯшок дар роҳ рафтан ҷилва карда қадам гузорад, садои хишир-хишири форами куртаҳои оҳории вай ба гӯш расида истад ва бӯи хуши атру мушк, чунонки аз гулзор дар вақти шамол меояд, дар ҳар ҷунбиши ӯ аз вай вазад – маъшуқаи ба ҷон баробари Мулло Вафо ҳамон зан буд.

Ӯ аз дунболи ин гуна занон аз дур ҳам бошад, нигоҳкунон ва ҳасратхӯрон мерафт ва дар дили худ мегуфт: «Оҳ! Агар шароит роҳ медод, пеши роҳи ин маъшуқаро гирифта, чашмбандашро аз рӯяш бардошта, арзи ниёзи ошиқонаи худро мекардам ва ба пеши пои ӯ афтода, чашмони ашкборамро ба кафшҳои мушкинбӯяш мемолидам...»

Мулло Вафо ҷононаиояндаи худро бо аломатҳои бародарони духтарон ҳам интихоб мекард: ҳар писарбачаи дӯстрӯи зеборо, ки дида монд, роҳе ёфта бо вай шинос мешуд ва бо пурсуков мефаҳмид, ки вай ҳамшира дорад ё не? Агар он писарбача ҳамшираи қадраси ҳанӯз ба шавҳар набаромада дошта бошад, ӯро маъшуқаи ғоибонаи худ қарор медод. Мувофиқи мақоли машҳур, ки мегӯянд: «Арӯс чӣ гуна аст – додарарӯс намуна аст», он писарбачаро намунаи ҳамшираяш фарз карда, дар хаёли худ ба ӯ мӯҳои дарози сиёҳмушкин мебаст ва либосҳои хуби занона пӯшонда, дар тасаввури худ ӯро ошиқона парастиш мекард.

Аммо Мулло Вафо нияти ба ягон маъшуқаи хаёлӣ ва ғоибонаи худ хостгор фиристода талаб кардан надошт. Чунки ҳамаи он гуна духтарони хушлибоси ишвагар духтарони боён, муллоҳои калон ва саркардагон буданд, ки онҳо на ба сифати домод, ҳатто ба сифати гадой ҳам ӯро ба хонаи худ роҳ намедоданд. «Рақибони шуми бадкирдор», ки Мулло Вафо дар шеърҳои шоирони гузашта



мехонд ва ҳамон «рақибоне», ки худаш ҳам дар шеърҳои худ ба онҳо лаънат, нафрин мефиристод, ҳамин гуна падарон ва домодшавандагони онҳо буданд.

* * *

Мулло Вафо қашшоқ буд, аз падару модараш мероси ба харҷи ӯ кифоякунанда намонда буд. Аз онҳо парчапалосе ва як ҳавлии вайронаи қишлоқӣ монда бошад ҳам, ҳамаи онҳоро вай фурӯхта, дар аввалҳои истиқоматаш дар Бухоро сарф карда буд. Бинобар ин баъд аз ришу мӯйлаб баровcovardа калонсолтар шуданаш тобистон ба деҳаҳои туманҳо рафта, имоматӣ мекард ва ҳар чизе, ки аз он имоматӣ ба дасташ дарояд, зимистон дар мадраса истода харҷ карда мехонд.

Як сол ӯ дар Қалтӣ ном деҳа, ки дар тарафи шимоли шаҳри Бухоро буда, шонздаҳ километр аз шаҳр дуртар ва дар тарафи ғарби роҳи Вобканд воқеъ шудааст, имом шуд. Он деҳа обшор вахушҳаво буда, одамонаш ҳам бо ӯ хуб созиш карданд. Азбаски деҳқонони он ҷо дар вақтҳои бекориашон ба суфачаи пеши масҷид ҷамъ шуда, ба шеърхониҳои имоми худ сар ҷунбонда изҳори таассур ва хушнудӣ мекарданд, имом ҳам онҳоро дӯст дошт. Хусусан вақте ки Мулло Вафо шеърҳои худро ба онҳо хонда медод ва аз они худаш будани он шеърҳоро маълум мекард, деҳқонон ба ӯ мафтун мешуданд ва дар ҳайрат меафтоданд. Чунки то ҳол онҳо имоми хату саводнокро надида буданд. Ин имом, ки ба ақидаи он деҳқонон «аз даруни худ шеър мебаровард», ба назари онҳо пайғамбар барин менамуд ва шеъргӯии ӯро мӯъҷиза мешумурданд.

Ҷавонони сурудхони деҳа пеши имом омада, аз вай илтимос мекарданд, ки ғазалҳои худро ба онҳо диҳанд, то ки дар шабнишиниҳо чизҳои нав хонда, шунавандагони худро дар ҳайрат андозанд.

Бинобар ин Мулло Вафо ғазалҳои худро ба он ҷавонон ёд кунонд. Вақте ки ҷавонони сурудхон шеърҳои имомро хонда, бо тахаллуси «Вафо» тамом мекарданд, ғулғулаи таҳсину офарин нисбат ба гӯяндаи он ғазал ва хонандаи он аз маҷлис бармехост, ки табъи имом аз ҳад зиёд меболид ва «сӯрохи шеърбарории ӯ» боз ҳам васеътар мешуд.

Мулло Вафо дар Қалтӣ ҳам маъшуқаи хаёлӣ ва ғоибона ёфт: ин духтари Наим ном арбоби деҳа буд. Он духтар бо ҳар ду аломат ҳам ба Мулло Вафои шоир маъшуқа шуда метавонист. Аз ҳар чиз пештар Мулло Вафо пӯшоки он духтарро аз назар гузаронид; дар деҳа дар вақте ки ҳамаи занон ва духтарон бо куртаҳои чиркини дарида, бо кафшҳои фарсуда, ба сари худ як ҷомачаро гирифта мегаштанд, ӯ ягона духтаре буд, ки бо фаранҷии раҳ-раҳи майданақши сурхи шоҳӣ ва аз чарми дӯхташуда бошад ҳам, бо кафши пошнабаланди лок зада пардоз кардашуда, бо масҳии қайроқии пошнааш гулдӯзӣ кардашуда мегашт. Ӯ сари синаи худро ба пеш баровarda, сари худро андак пасу пеш ҷунбонда, танг-танг қадам монда, нозукона роҳ мерафт ва ба қавли Шоҳин:

«Пой мемонд чу нозуксанамон қад-қади ҷав».

Дар роҳ рафтан аз либосҳои вай бӯи хуши атру мушку гулоб намевазид. Лекин ин ҳол барои Мулло Вафо аҳамият надошт. Чунки агар толеъ тозаду ӯ ба он дилбари дилором восил шавад, ба ду танга як шиша атри аъло аз Бухоро харида оварда, ин камбудии вайро ислоҳ кардан мумкин буд.

Камбудии асосии ин духтар пастии қоматаш буд. Аммо Мулло Вафо фикр мекард, ки «шояд пастии қадаш аз хурдии солаш бошад, агар ӯ ҳоло чордаҳсола бошад, то ба ҳаждаҳ даромаданаш сарв барин баландболо, шамшод барин зебо ва санавбар барин раъно хоҳад шуд».

Аломати дуюм ҳам дар ҷояш буд: он духтар як бародари аз худ калонсол дошт, ки ришу мӯйлаб бароварда бошад ҳам, аз рухсораву чашму абрӯяш ҳусну ҷамоли духтаракона намоён шуда меистод.

Мулло Вафо ҳар боре ки он духтарро дар кӯча медид, ишқи ғоибонааш нисбат ба вай зиёдтар мегардид. Аммо ҳеҷ гоҳ ӯ дар зиндагӣ восил шудани худро гумон надошт. Арбоби деҳа, ки соҳиби замини бисёр буда, ҷуфти говҳои қатор ва гӯсфандони бешумор дорад, чаро духтарашро ба имоме, ки лоақал хонаи нишаст надорад, бидиҳад?.. Шоир ҳатто ҷасорат намекард, ки дар кӯча дар пеши одамҳо ба тарафи он духтар нигоҳе кунад. Зеро аҷаб набуд, ки аз нигоҳҳои ҳасратомезаш ва аз паридани рангаш мардум ба ишқи ӯ пай баранд ва ин ҳолро ба падари ӯ хабар диҳанд. Дар он вақт, албатта, арбоб ин ҳолати имомро нисбат ба худ ва духтари худ таҷовузи ҷинояткорона шумурда, ӯро зада-зада аз деҳа пеш мекард. Дар он ҷо сурат ошиқи нокоми бечора аз наздикии кӯи маъшуқаи дилором маҳрум ва ба ҳиҷрони ҷонгудоз гирифтор мегардид.

Бинобар ин Мулло Вафо кам-кам дар кӯчаҳо аз пайи дидани маъшуқаи худ намегаштагӣ шуд. Ягона тасаллии ӯ дар пеши мардум шеърҳои ошиқонаро бо сӯзу гудоз хонда, дар хаёли худ он маъшуқаи ғоибонаро ба худ мухотаб тасаввур кардан ва дар танҳоӣ аз охири як банди тарҷеъбанди Абдураҳмони Ҷомӣ се байти зеринро бо овози баланд (ҳарчанд бадовоз бошад ҳам) сурудан буд:

…З–ин сон, ки раҳи умед бастаст
Бар ман ғами ишқи ту зи ҳар сӯ.
Он беҳ, ки ба кунҷи ноумедӣ
Пой дар domану сар ба зону
Биншинаму бо ғами ту созам,
Пинҳон зи ту бо ту ишқ бозам!

Вақте ки Мулло Вафо аз дидани маҳбубаи худ дар кӯчаҳо даст кашида, шабҳои дарози ҳиҷрон дар хаёли рӯи ҷонон бо оҳу нолаву афғон дар ғамхонаи худ менишастагӣ шуд, он маҳбуба дар хаёли ӯ боз ҳам соҳибҷамолтар ва зеботар намудан гирифт. Ҳатто пастии қомати ӯ, ба дараҷаи пӯшоки духтарони шаҳр зебо намудани фаранҷӣ, чашмбанд ва кафшу масҳии ӯ ҳам аз назараш дур гашта, он маъшуқа монанди парие, ки дар афсонаҳо бо либоси нур тасвираш менамоянд ва ё мисли ҳуре, ки бо ҳуллаҳои биҳишташ зебу зинат медиҳанд, дилрабои беҳамто ва нестдарҷаҳони ӯ гардид.

Шоир дар ин ҳол ба ҳиҷрони он маъшуқа тоқат оварда наметавонистагӣ шуд ва қариб буд, ки маҷнунвор сарбараҳна фарёдкунон ба дашту биёбон барояд. Дар ин вақт воқеае рӯй дод, ки ба сабаби он ба васли ҷонон умедвор гардида, қариб буд шодимарг шавад.

Рӯзе ду-се нафар аз мӯйсафедони деҳа ба ҳуҷраи масҷид ба пеши ӯ даромада, баъд аз муқаддима таклиф карданд, ки хонадор шавад ва онҳо ба ӯ духтари хуби пошикастае (покдомане)-ро ёфта медиҳанд.



Мулло Вафо гумон кард, онҳо ягон нафари он деҳқондухтаронро, ки бо либосҳои даридаи чиркин ба сарашон ҷомача гирифта, ба кори деҳқонӣ ва говчаронӣ мераванд, ба ӯ ба занӣ медиҳанд. Бинобар ин таклифи онҳоро дар сурати қатъӣ рад кардава ба рад кардан сабаб нишон дода гуфт:

– Ман ҳоло хондани худро тамом накардаам, бинобар ин то хатми дарси мадраса хаёли хонадор шудан надорам ва дигар ин ки ман хонаю ҷой надорам ва агар хонадор шавам, зани худро дар куҷо мешинонам?

Мӯйсафедон дар роҳи рад кардани сабабҳои ӯ гуфтанд:– Илме, ки шумо ҳозир доред, аз илми садҳо муллои хатмкарда зиёд аст. Дар мо муллоҳои хатмкардае имом шуда буданд, ки як хати аз ягон ҷой омадаро хонда наметавонистанд, аз забони мо хокпошон (деҳқонон) ба ҷое дуою салом навиштан он сӯ истад, ба навиштани номи худашон ҳам қодир набуданд. Аммо шумо на танҳо хату савод доред, ҳатто аз дарунатон ғазал мебароред, ки ин ҳунари шумо марду зани деҳаи моро ба шумо ошиқ кардааст.

Мулло Вафо бо шунидани суханҳои охирини деҳқонон дар дили худ мегузаронд: « Чӣ мешуд, ки он маъшуқаи ғоибонаам ҳам ба ман ошиқ мешуд. Дар он вақт падараш надиҳад ҳам, худам гирифта гурехта бурда, дар пеши ягон қозӣ никоҳ карда мегирифтам ва ба сабаби ин ишқи дутарафа хушбахттарини одамони дунё мегаштам».

Мӯйсафедон дар роҳи рад кардани сабаби дуюми имомашон, ки бехонаву ҷой буд, гуфтанд:

– Аз ваҷҳи хонаву ҷой шумо ғам нахӯред. Мо шуморо ба касе домод мекунем, ки хонаҳои тайёр дорад. Шумо хонадомод шуда, кадоми он хонаҳоро, ки хуш кунед, дар ҳамон хона бо арӯс зиндагонӣ мекунед.

Мулло Вафо фикр карда дид, ки дар он деҳа ғайр аз Арбоб Наим касе нест, ки ҳавлии серхона дошта бошад. Ҳавлиҳои дигар ҳама вайрона буда, як ё ду хонаи оғилмонанд дорад, ки дар яке аз он хонаҳо тамоми аъзои оила нишинад, дар дигараш гову гӯсола мебананд. Бинобар ин ба мӯйсафедон гуфт:

– Пурсидан айб нест, шумоҳо ба падарарӯсии ман киро муносиб дидетон?

– Ба домодии шумо ҳама духтарнокҳо толиб мебошанд. Лекин мо касеро падарарӯс мекунем, ки ба шумо муносиб бошад. Масалан, агар мо Арбоб Наимро ба падарарӯсии шумо муносиб бинем, чӣ мегӯед?

Бо шунидани ин таклиф ҳуш аз сари Мулло Вафо парид. Ӯ ба толеи худ ҳеҷ бовар надошт, ки он маъшуқаи ғоибона бо худаш ҳамхона шавад. Ӯ дар дили худ мегузаронд: «Аҷаб нест, ки ин мӯйсафедон ба ман шӯхӣ карда маро бозӣ медода бошанд». Бинобар ин ба онҳо гуфт:

– Э, ҳа!.. Ман киву Арбоб Наим кӣ? Он кас духтарашонро ба касе медиҳанд, ки ба худашон дар молу давлату обрӯй ҳамкаҷова (баробар) бошад. Он кас ҳеҷ гоҳ ба ман барин муллои пойлуч духтар намедиҳанд.

– Ҳарчанд «аз ман нагӯетон» гуфта бошанд ҳам, – гуфт яке аз мӯйсафедон, – мо барои дили шуморо пур кардан рости гапро мегӯем…, ки худашон моро ба ҳамин мақсад ба пеши шумо фиристоданд. Он кас моро ҷеғ зада бурда, зиёфат карда, ба мо гуфтанд: « Ман аз давлати дунё ҳеҷ камӣ надорам. Акнун мехоҳам ягон муллоро ба худ хонадомод карда, давлати охиратро ҳам ба даст дарорам.

Ҳарчанд фикр кардам, аз имоми худамон беҳтар муллое ба назарам нанамуд. Бинобар ин шумоёнро дарди сар дода ҷеғ зада овардам, ки миёнравӣ кунетон, то ки он кас оҷизаамро ба канизӣ (ба занӣ) қабул кунанд. Аммо барои баъзе мулоҳизаҳо, аз тарафи ман шунидани ин таклифро ба он кас нафаҳмонда, аз тарафи худатон корро пазонетон».

Як мӯйсафеди дигар илова карда гуфт:

– Шумо барои тӯй ҳеҷ ташвиш накашед, ҳамаи хароҷотро барои хурсандии шумо ва духтарашон худи арбоб мекунад.

– Кор ин тавр бошад, – гуфт Мулло Вафо, – сухани арбоб барин соҳибҳиммати илмдӯстро шикастан беҳурматӣ ва куфрони неъмат мешавад. Шумоён қабул ва саломи маро ба арбоб расонетон. Ман ваъда медиҳам, ки ба он кас на фарзандвор, балки ғуломвор хизмат карда, бо ин роҳ кам ҳам бошад, миннатдории худро маълум намоям.

Мӯйсафедон рафтанд. Аммо ҳанӯз Мулло Вафо ба худаш рӯ овардани ин хушбахтии ногаҳониро бовар намекард ва дар дили худ: «Ин ки мебинам ба бедорист, ё раб, ё ба хоб?» мегуфт. Чашмони худро молида ва калон-калон кушода, ба ҳар тараф нигоҳ мекард, ҳама чизро медид. Боз бовариаш намеомад. «Аҷаб нест, ки хоб бошад. Хуб, агар хоб бошад, илоҳӣ аз ин хоби ширин то қиёмат бедор нашавам, то ки талхии ҳиҷронро дигар начашам» – мегуфт дар дилаш.

* * *

Дар ҳавлии арбоб тӯи калоне барпо шуд, ба домод ҳам оши тӯй бо лаълиҳои пурҳалво ва сару пои домодӣ (як рахт либоси пурра) омад. Акнун ҳеҷ шакку шубҳа намонд, ки хушбахтии ошиқи дилсӯхта дар бедорӣ будааст.

Шаб Мулло Вафоро бо либосҳои нав ороста, ҷавонони деҳа «ҳо Лайлӣ, Лайлӣ, Лайлӣ» – гӯён ва ғазалхонон ба ҳавлии арӯс бурданд. Баъд аз маросими никоҳ ва саломномахонӣ ӯро ба пеши арӯс даров863 дароварданд. Арӯс дар паси парда (чимилиқ) рост истода буд. Чашми домод ҳамин ки ба ҳайкали дар зери парда печондашудаи арӯс афтод, ба ларза даромада, мадҳушвор ба замин ғалтид. Аммо бемуносибатии ин ҳолатро ҳис карда ва аз занони тамошобин, ки ҳар як ҳаракати домодро бо диққат аз назар гузаронда истода буданд, шарм дошта, барои ислоҳ кардани хатои беихтиёронаи худаш рӯи худро ба пои масҳидори арӯс молид. Гӯё ки ӯ на бетоқат шуда, балки барои изҳори ҳурмати ошиқона кардан ба ихтиёри худ ба пои арӯс афтода буд.

Арӯс дар ҷавоби ин ҳаракати шоири «лирик» сари ӯро бо пояш дуртар тела дод. Ҳарчанд ин кори арӯс як дараҷа дағалона ва аз тарафи як дилороми нозанин номуносиб буд, домод ин ҳаракати ӯро ба бетаҷрибагӣ ва хурдсолиаш ҳамл карда, ба дили худ гарон нагирифт ва аз ҷояш хеста, ба паҳлуи арӯс рост истода бо ду дасти пуродоб хост, ки пардаро аз рӯи ӯ бардорад, то ки зудтар ҷамоли ҷаҳонорои ӯро дида, чашми дар алами ҳиҷрон хунгиристаи худро об диҳад.

Аммо арӯс бо ду дасти худ пардаро ба рӯяш чунон маҳкам печонда нигоҳ дошта буд, ки барои кушодан зӯри дасти домод нарасид ва дар пеши худ қарор дод, ки «аз нӯги хамир фатир» гӯён имшаб ба бӯсидани дасти ӯ қаноат кунад ва бӯсид.



Фардои он шаб ба ҳуҷраи масҷид аҳолии деҳа ягон-ягон омада, имомро табрик мекарданд, миёнаравон ва баъзе ҷавононе, ки ба ӯ густох буданд, баъд аз табрик чӣ гуна будани арӯсро аз вай мепурсиданд.

Ӯ шарм мекард, ки ба ин пурсиш «имшаб рӯи арӯсро кушода натавонистам ва ҳанӯз надидаам» – гӯяд. Балки дар ҷавоб маъшуқаи хаёлии худро ба тарзе ки дар хаёлаш сурат баста буд, тасвир мекард.

Аммо шунавандагон, хусусан ҷавонон, бо шунидани ин ҷавоб табассуми истеҳзоомезе карда мемонданд.

Шаби дуюм домод ба дидани рӯи арӯс комёб шуд. Лекин кошкӣ комёб намешуд! Ҳамин ки чашмаш ба рӯи ӯ афтид, қариб буд,ки ғуссамарг шавад:

Рӯе пур аз доғи нағзак ва монанди рӯи мурда бенур, бинии пасти пачақи пучуқмонанд, чашмоне монанди чашмони аз шишаи тира сохташуда беҳаракат ва бемижгон ба назараш намоён шуданд.

Ба болои инҳо устухони сандуқи синааш то чанбари гардан ба сабаби кадом беморӣ ба тарафи пеш ҷаста баромада буд, ки сарашро рост гирифта ва пеш хам карда наметавонист, бинобар ин каллаи ӯ ҳамеша ба қафо хам хӯрда, ҷунбида меистод, сабаби пастии қоматаш ҳам ҳамон беморӣ будааст, на хурдсолӣ. Вагарна аз зӯрии дасташ маълум шуда меистод, ки синнаш аз бисту панҷ ҳам гузаштааст.

Мулло Вафо ҳамон замон аз пеши арӯс баромада, роҳи Бухороро пеш гирифт ва ба шаҳр даромада, аз мадрасаи Шодимбӣ, ки ҷои истиқомати айёми ҷавониаш буд, ҳуҷрае ёфта, дар он ҷо зиндагонии муҷаррадона сар кард.

Лекин ин зиндагонии муҷаррадонаи озодонаи Мулло Вафо ҷавонона набуд: акнун ӯ ба хондани шеърҳои ошиқона ҳеҷ ҳавас надошт, маъшуқаҳои хаёлиро ҳам ҳеҷ ба ёдаш намеовард. Ҳоло ҳам бисёр шеър мехонд, лекин шеърҳоеро ёфта мехонд, ки мазмуни онҳо шикоят аз фалак, аз замон, аз бахту толеъ бошанд.

Шеъргӯии Мулло Вафо аз сари нав сар шуд. Лекин мазмунҳои ин шеърҳои наваш монанди марсияномаҳо ҳамагӣ шикоят аз фалак, аз бахту толеъ ва аз бевафоии дунё буданд.

Азбаски Мулло Вафо умуман аз мардум, хусусан аз зан ва номи ӯ вахшиёна мегурехт, дар давраи дуюми шоириаш тахаллусашро ҳам «Ваҳшӣ» гузошт.

Сабаб ин буд, ки ба Мулло Вафо одамони бепарвои бедард «безан» лақаб доданд ва ӯ аз ин лақаб ва умуман аз калимаи «зан», чунонки аз мор гурезанд, мегурехтагӣ шуд.

## ДУЗДӢ

Дар аввалҳои соли 1894 дар мадрасаи Бадалбек ба ман нисбат ба аҳволи онрӯзаам як зарари калон расид: он вақтҳо дар дасти ман аз китобҳои адабӣ «Маҳмуд ва Аёз» ном девончаи байтбаракӣ (чӣ гуна ба дасти ман даромадани он китобча дар қисми дуюми «Ёддоштҳо» қайд шудааст)[162], як «Мунтахаботи ғазалиёти Навоӣ» бо дастхати падарам ва аз китобҳои дарсӣ як «Матни Қофия», ки амонати муаззини мадрасаи Олимҷон Абдуфаттоҳи кӯлобӣ буд ва инчунин

як «Шарҳи Мулло» – амонати Зуҳур-махдум буд. Ман «Шарҳи Мулло»-ро барои мутолаа бардошта пеши бемори сил – Аллом-махдум рафтам, ки ҳам ӯро хабардорӣ кунам (чунки бемории ӯ вазнин шуда буд) ва ҳам дарсамро аз назар гузаронам…

Шаб дар пеши бемор хобида, саҳар ба ҳуҷраи худ омадам, ки дари даромад кушодагӣ аст. Аввал гумон кардам, ки дар вақти рафтанам аз хотир фаромӯш карда, дарро набаста рафтаам. Чун ба ҳуҷра даромада, шамъро даргиронда, он сағонаи зиндагонро аз назар гузарондам, дидам, ки дар он ҷо девончаи байтбаракӣ, «Мунтахаботи ғазалиёти Навоӣ» ва «Қофия»-и амонат нестанд.

Маълум шуд, ки кадом хасдузди ноинсоф дари ҳуҷраамро кушода, ин китобҳоро бурдааст, ва ҳол он ки ҳамаи онҳоро дар бозори тез панҷ танга намегирифтанд, аммо барои ман он ду китоб хазинаи ноёб буданд ва гум шудани китоби амонат бошад, сабаби хиҷолат мешуд.

Бо ҳамаи ин шукр кардам, ки хайрият, «Шарҳи Мулло»-и амонатро ҳамроҳи худ бурда будаам ва дар ҳуҷра палосу либоси коровие надоштам, ки дузд барад. Аммо парешонии хавос дақиқа ба дақиқа зиёдтар мешуд, чунки маро фикри ба Мулло Абдуфаттоҳ чӣ гуна ҷавоб гуфтан парешонҳол мекард. Ӯ як одами хасис, ба болои ин дуруштмуомила буд. Ман пул надоштам, ки дода ӯро розӣ кунам.

Ин «ҳисси пеш аз вуқуъ» дуруст баромад: ҳанӯз офтоб набаромада, Мулло Абдуфаттоҳ ба мадраса даромада омад. Ман дар он вақт дар пеши бемор буда, ба ӯ хӯрок мехӯрондам. Абдуфаттоҳ лабҳояшро ларзонда ба он ҷо даромад ва бе ҳеҷ муқаддима, бо оҳанги ҷангталабона «китоби маро ёфта деҳ» гуфт. Ҳуш аз сари ман парид. Ман дар ҳайрат афтодам, ки ӯ чӣ гуна аз ҳама пештар гум шудани китобашро фаҳмидааст?

– Хуб, – гуфтам ман, – беморро ором кунам, ба ҳуҷра рафта, ваҷҳашро ба шумо мегӯям.

– Ман ҳеҷ ваҷҳ-паҷҳро намешунавам, барои ман китоби худам даркор аст, – гуфт ӯ бо овози боз ҳам баландтар ва шӯридатар.

Пас дар пеши бемор бо ин инодкор гуфтугузор карданро муносиб надониста, зуд аз ҷоям хеста, аз ҳуҷра баромадам ва ӯ ҳам аз дунболи ман баромад. Ман дар рӯи мадраса ба ӯ:

– Як кори ношуданӣ шуд, имшаб ҳуҷраамро дузд зада, дар қатори китобҳои худам китоби шуморо ҳам бурдааст. Ба кадом роҳе, ки шумо розӣ шавед, ман ба ҷавоб гуфтан тайёрам…

Ӯ овозашро боз ҳам баландтар карда ва аз даҳонаш кафкҳо парронда гуфт:

– Ман медонам, ки ту он китобро дар куҷо бошад, пинҳон карда мондаӣ ва мехоҳӣ, ки аз они худ кунӣ. Худат дузд мебошӣ, дузди дигаре дар ин миён нест. Агар хуш ба хушӣ надиҳӣ, ман метавонам, ки аз ту китобро зада гирам, – гӯён ба тарафи ҳезуме, ки дар офтобрӯя чида мондагӣ буд, давид ва аз он ҷо як тарошаро гирифта, ба тарафи ман ҳуҷум кард. Ман гурехтам, ӯ маро пеш кард. Ман дар давидан аз ӯ чобуктар будаам. Ман гурезон мадрасаро давр мезадам, ӯ ҳам аз дунболам медавид.



Ҳама бошандагони он мадраса аз ҳуҷраҳошон баромаданд. Зуҳур-махдум ба ӯ мулоимона муроҷиат кард:

–Шарик! (ӯ бо бародарам ва Зуҳур-махдум дар пеши домулло Икром шарикдарс буд). Ором шавед, ба ҳуҷраи ман дароед! Як ислоҳ мекунем.

Аммо ӯ гӯш намедод. Аз миёнаи муллобачаҳо Мулло Бобомурод ном деҳнавиабдуллоҷонӣ буд, ки ӯ ҳам бо Абдуфаттоҳ ва бародарам шарикдарс буд. Ӯ як одами қадпасти кӯзапушт бошад ҳам, дар паҳлавонӣ машҳур буд. Ӯ «хирс мулло мешавад аз зарби чӯб» гӯён пеши роҳи Абдуфаттоҳро гирифт. Абдуфаттоҳ даст ёзонд, ки бо тароша ба сари Бобомурод занад. Аммо ӯ фурсат надода, бо ду дасташ аз миёни Абдуфаттоҳи баландқомат гирифта боло бардошт ва аз сараш як чарх занонда, ба рӯи фарши хиштипухтагии мадраса пуштнокӣ сахт зад. Бо ҳамин Бобомурод аз ӯ даст кашид.

Аммо муллобачагони деҳнавӣ, ки ҳамсоядеҳаи тағоиҳои ман буда, баъзеашон бо ман шарикдарс буданд, барои қад рост кардан ба Абдуфаттоҳ фурсат надода, ба болои ӯ ҳуҷум оварданд ва ӯро бо мушту лагад задан гирифтанд. Ӯ монанди хирси калтак хӯрдаистода бонг мезад.

Дар ин вақт бародарам ба мадраса даромада омад, ки ӯ ҳар рӯз ба пеши Зуҳур-махдум омада, ҳамроҳи вай ба дарсхона мерафт. Ӯ ин аҳволро дида, муллобачагонро аз болои Абдуфаттоҳ дур кард. Акнун хирси ваҳшӣ «мулло шуда», ром гардида буд. Бародарам ӯро аз ҷояш хезонда, ба ҳуҷраи Зуҳурмахдум бурд. Ӯ сар хам карда, бе он ки чизе гӯяд ва ба касе нигоҳ кунад, нарм-нарм қадам мениҳод ва дар ҳар қадам дасташро ба миёнаш бурда ҷоҳои зарбхӯрдаашро мемолид.

Дар ҳуҷраи Зуҳур-махдум бародарам ба ӯ аз махдум ду танга гирифта дод. Ӯ баъд аз чой нӯшидан изҳори розигӣ карда, бо онҳо ба дарс рафт. Аммо дар роҳ рафтан ҳеҷ гоҳ аз Мулло Бобомурод пештар қадам намегузошт ва метарсид, ки ӯ боз ба сараш мушт намонад.

* * *

Бошандагони мадраса мегуфтанд, ки ин дуздӣ кори худи Абдуфаттоҳ аст. Ба ин даъвои худ далел карда, ҳаминро нишон медоданд, ки ҳанӯз аз дуздӣ дар ин мадраса ҳеҷ кас хабар наёфта, чӣ навъ мешавад, ки ӯ дар мадрасаи дуртар аз ин ҷо фаҳмида пагоҳонӣ барои талаби китоби дуздбурдаи худ меояд? Дар ин сурат бе шакку шубҳа равшан аст, ки худаш китоби худашро бо китобҳои дигар дуздида бурда, ба ҷое пинҳон карда монда, барои талаби товон омадааст.

Аммо ман ин фикрро бовар намекардам ва дар дили худ мегуфтам: «Одаме, ки даҳ ҳазор танга пули нақд дорад, барои ҷинояткорона ба даст даровардани ду танга ҷаро ҳамин қадар дилсиёҳӣ ва беобрӯӣ кунад?»

Вақте ки ман бо зиндагӣ зиёдтар ошно шудам ва донистам, ки одами харис, хусусан агар ӯ судхӯр бошад, ҳар чӣ қадар ки бойтар шавад, ҳамон қадар харистар, назараш пасттар гардида, барои ба даст даровардани андак чиз аз ҳар гуна ҷиноят ва беномусӣ рӯй намегардондагӣ мешудааст, фикри болоиро тасдиқ кардам, ки дузд худи Абдуфаттоҳ аст.

## САЁҲАТИ САҲРО

Дар тобистони соли 1894 аҳволи бемор вазнинтар шуд. Бародар ва хешовадонаш қарор доданд, ки ӯро дар айёми гармо ба ягон саҳро фиристонанд, ки ҳавои соф гирад. Шояд ин тағйири ҳаво ба сиҳатии ӯ фоида расонад.

Бо ин мақсад бародари бемор ба саҳро рафта, дар деҳаи Дешиҳ (Деҳаи Шайх) боғи яке аз қадрдонони падарашро барои истиқомати тобистонии бемор муайян карда омад ва маро ба он ҷо кӯчонида бурда монд. Ин боғ дар канори ҷӯи Дешиҳ буда, хеле обшор ва хушҳаво буд. Мо дар меҳмонхонаи соярави он боғ ҷой гирифтем, ки пешаш гулзор ва аз паси гулзор сарҳавз ва дар он тарафи сарҳавз дарахтони мевадор ва толорҳои ангур буданд.

Ман дар пеши сарҳавз оташдоне сохтам, ки дар он ҷо хӯроки пагоҳонӣ ва бегоҳониро пухта, чой меҷӯшондам. Аз ғайри ин дар беруни боғ, дар канори ҷӯи Дешиҳ, дар зери қаторбедҳои соядор суффае дуруст карда, дар поёни суффа ҳам як оташдони эҳтиётӣ сохтам.

Мо, рӯзона, дар вақти шиддати гармии ҳаво, бар он суффа ба оби равон чашм дӯхта менишастем ва ман таоми пешиниро ҳам дар он ҷо тайёр мекардам. Дар он тарафи ҷӯй киштҳои сабзавотӣ (сабзӣ, пиёз, карам) ва полезӣ (харбуза, тарбуз, зомуча, каду) паҳн шуда рафта, манзараи дилкушоеро дар пеши назар ҷилва медоданд.

Ман дар он вақт ин ду мисраи зеринро навишта будам:

Сояи беду лаби ҷӯ, пеши кишт –
Турфа маконест чу боғи биҳишт!

(Ман дар вақтҳои китоби хониш навиштани худ – дар солҳои 1908 – 1910 «Ҳасан зад» ном достоне навишта, ин ду мисраъро дубора кор карда, ба он китобча даровварда будам, номи он китобча «Таҳзибуссибён» буд.[161])

Мо дар он боғ пагоҳонӣ ва бегоҳонӣ дар сарҳавз нишаста, шабона бар рӯи суффаи меҳмонхона – пеши гулзор мехобидем.Соҳиби боғ, ки Нурмуҳаммад ном дошт, як одами қариб шастсола буда, чеҳраи сиёҳчатоб, риши кулӯтаи сиёҳи камсафедӣ ва чашмони сиёҳи обдор, лекин андӯҳгин, пешонаи васеъ, лекин пурчин дошт. Дар танаш як ҷомаи кории нимпахтаи сар то по дарида буд, ки аз болои эзори пурямоқ пӯшида миёнашро бо ресмоне аз рӯи вай мебаст, сари синааш бараҳна буда, аз даридагиҳои ҷомааш дигар ҷоҳои бадани сиёҳтобаш ҳам намуда меистоданд. Пойҳояш ҳам бараҳна буда, нӯгу рӯю кафу пошнаи пойҳояш ҳамагӣ якранг сиёҳ, чиркин ва кафидагӣ буданд. Пойҳояш ба назар чунон менамуданд, ки гӯё аз лойи шиттаи сиёҳ қолиби пойро сохта, дар оташ хушконда бошанд, ки ҳама ҷояш дарзу чок пайдо карда бошад. Дастони фарохкафи дарозпанҷаи ин одам пур аз ғӯзаобилаи хушкида буд, ки бинанда гумон мекард кафҳои дасташро бо ангуштонаш маразӣ ағаз печонда гирифтааст.

Нурмуҳаммад се писар дошт, ки калони онҳо тахминан сисола, миёнааш биступанҷсола буда, ҳар дуи онҳо ҳам хонадор буданд. Писари калонаш се духтар дошт, ки аз ҳашт сола то дусола тахмин кардан мумкин буд. Писари миёнааш як писарчаи дусола дошт. Писари аз ҳама хурдаш 18 – 19-сола менамуд, ки ҳанӯз хонадор нашуда буд. Аммо ҳамаи фарзандон ва наберагони Нурмуҳаммад дар пӯшок аз худи ӯ фарқ надоштанд, ранги рӯю баданашон ҳам монанди худи ӯ сиёҳчатоб буда, фақат фарқашон аз якдигар дар калонию хурдии солашон буд.



Нурмуҳаммад ду таноб (ним гектар) боғ дошт, ки дар як тарафи ин боғ ҳавлии беруну дарунаш бино ёфта буд ва чунонки дарҳои меҳмонхона ба тарафи боғ кушода мешуданд, дарҳои нишасти ҳавлии дарунаш ҳам ба тарафи боғ кушода мешуданд. Чунонки писари хурдаш ба ман нишон дод, дар беруни боғ – дар канори ҷӯи Дешиҳ ҳашт таноб замини корам ҳам дошт. Аз чорпо як гови ҷӯшоӣ, як ҷуфт гови корӣ ва як сар хар дошт.

Аъзои ин оила ҳама корӣ ва пуркор буда, дар ҳамон шабҳои кӯтоҳи тобистон дар торикии рӯз каланд, дос ва белчаҳои сабзавотхишовакуниро ба дастҳо гирифта, ба киштзор мерафтанд. Баъд аз рост шудани офтоб ва шиддат кардани гармии ҳаво ба хонаашон омада, чизе хӯрда, ба ҷои ин ки истироҳат кунанд, барои кор ба ҷоҳои соярави боғ мебаромаданд ва гашти рӯз боз ба киштзор баромада, то тамом торик шудани шаб корашонро давом медоданд.

Писари калони Нурмуҳаммад, ки ҷуфтрон буд, дар соатҳои даҳи шаб говҳоро ҷуфт баста, ба кор мерафт ва баробари баромадани офтоб ҷуфтрониро тамом карда омада, баъд аз хӯрок ба ҷои хобидан боз ба кори каланд ё дос мебаромад ва фақат ба кори гаштирӯзӣ набаромада, то вақти ҷуфтронӣ мехобид.

Писари хурдаш бештарин бо хар ба шаҳр меваю сабзавот мекашонд, ки ҳар рӯз се-чор бор рафта меомад.

Заминҳои канори ҷӯи Дешиҳ ва аз ҷумла заминҳои Нурмуҳаммад милки ҳур буданд, ки аз онҳо ба подшоҳӣ андози замин – молиёт намедоданд. Хароҷоти замин танҳо ҳашари ҷӯй, Шаҳррӯд, Дуоба ва ҳашари қалъаи шаҳр буд, ки ин хароҷот ба он заминҳои обшори ҳосилхез он қадар гаронӣ намекард. Бо вуҷуди ин аъзои оилаи ин хонадон ҳамагӣ бепӯшок ё бадпӯшок ва пойбараҳна буда, ягон таоми гарми гӯштдор хӯрданашон ҳам маълум набуд. Онҳо фақат бо ширу ҷуғрот, бо хӯрокҳои ширӣ, ки аз гови худашон ҳосил мешуд ва бо нон, ки аз деҳқониашон мерӯид, қаноат мекарданд.

Ман гумон мекардам, ки шояд Нурмуҳаммад ва фарзандони ӯ хасиси гузаро бошанд, ки фоидаи аз деҳқонӣ ёфтаашонро нахӯрда, напӯшида, захира мекарда бошанд. Баъзе ҳаракатҳои аъзоҳои он оила ин фикри маро нодуруст мебароварданд. Чунончи, ҳар кадоми аъзои ин оила, ки дар вақти таомхӯрии мо ба назар намояд, ҳарчанд бо зорию зӯрӣ илтимос намуда ба таом даъват кунем ҳам, намеомад ва «саломат бошед, завқ кунед, нӯши ҷонатон шавад! Ман ҳозир хӯрок хӯрдам» – гӯён узр гуфта мерафт.

Ҳар гоҳ ки мо оши палав пазем, як коса ошро пур карда ба ҳавлии дарунаш медодем. Албатта, мо аз вай зиёдатар дода наметавонистем. Лекин ман «аъзоҳои ин оилаи калон ин як коса дар байни худ чӣ гуна тақсим мекарда бошанд?» гуфта худ ба худ ҳоҷолат мекашидам.

Рӯзе раги кунҷковиам даста дода, аз набераи панҷсолаи Нурмуҳаммад пурсидам:

– Аз оши палави ман бурда додагӣ ба ту ҳам доданд-мӣ?

– Ҳа, – гуфт духтарча.

– Ба ойтӯтет ва ба укет ҳам доданд-мӣ?

Ба ин саволи ман духтарча ҷавобе дод, ки дигар ба пурсуков кардан эҳтиёҷи ман намонд:

– Калонҳо нахӯрданд. Бобом ҳамаашро ба ман, ба ойтӯтем, ба укем ва Акрам (писарчаи писари миёнаи Нурмуҳаммад) хӯронд, – гуфт.

Ана ҳамаи ин корҳо хасис набудани Нурмуҳаммад ва аъзои оилаи ӯро, ҳам ба бачагони хурдсол меҳрубон будани онҳоро нишон медод.

* * *

Рӯзе ба ман бо Нурмуҳаммад сӯҳбати дуру дароз кардан рост омад, ки бо он мусоҳиба ҳақиқати аҳволи он оиларо тамоман фаҳмида гирифтам.

Як пагоҳонӣ Нурмуҳаммад бо ҳамон ҷомаи кориаш аз ҳавлӣ баромада рафт ва рӯзона на дар боғ ва на дар киштзор – ҳеҷ нанамуд. Шаб шуд, ҳаво софи ороми пурмаҳтоб буд. Шабнам бисёр рехт. Сурфаи бемор зиёд шуд. Ман ӯро ба даруни меҳмонхона дароварда хобондам ва худ ба рӯи суффа баромад, ба моҳи 12 – 13-шаба, ки тамоми партавашро бар рӯи суффа ва гулзор монанди шир рехта буд, чашм дӯхта нишастам. Дар ҳақиқат ҳам гӯё ҳамаи равшании маҳтоб махсуси нишемангоҳи ман буд, дарахтҳои шох ба шох печидаи сарҳавз ва боғ дар торикӣ монда буданд.

Дар он вақт касе сурфакунон аз дарвозаи ҳавлӣ даромад ва наздик расид. Дидам, ки Нурмуҳаммад аст.

– Амак! Имрӯз нанамудед, куҷо будед? – гуфта пурсидам.

– Эй, саргардонӣ-дия, писарам, – гуфт ва омада ба наздикии ман, ба лаби суффа нишаста, поҳояшро ба поёни суффа дароз карда, суханашро давом дод: – ба Галаосиё ба ноибхона рафта будам.

– Дар он ҷо чӣ гап буд? Чӣ кор доштед? – гуфта боз пурсидам.

– Дар ноибхона чӣ гап мешавад? Ҷанҷол-дия!

– Хӯш, чӣ гуна ҷанҷол?

– Эй писарам, шумо напурседу ман нагӯям! Саргузашти ман дуру дароз ва дарди ман бедавост. Шунидани он гапҳо шуморо дарди сар ва дилатонро сиёҳ мекунад.

– Ман ба шунидани дарди сарҳои зиндагии одамҳо бисёр толиб мебошам. Агар гуфта доданаш ба шумо малол набиёрад, марҳамат кунед, мешунавам.

– Ин боғ, ҳавлӣ ва заминҳои кораме, ки дар дасти ман мебинед, аз падару амакам ба ман мерос мондаанд. Падарам ва амакам – ҳар ду ҳам девкор буданд. Онҳо аз кор кардан монда намешуданд. Ман ҳам дар паҳлуи онҳо даромада кор мекардам. Лекин вақтхушӣ ҳам мекардам. Бо муллобачаҳои шӯх ва ин махдумҳои базмии Бухоро ҳам ошно шудам. Падари ин махдуми шумо (ба тарафи беморе, ки дар хона хобида буд, ишорат карда) ҳам ҳамон вақтҳо бо ман ҷӯра шуда буданд. Он кас як махдуми базмӣ буданд, ҳар тобистон ду-се бор бо шариконашон аз Бухоро дастаҳои созонда оварда, дар боғи мо базм мекарданд, ман ҳам гоҳо ба ҳуҷраҳои онҳо рафта палави мадрасагӣ мехӯрдам…

Нурмуҳаммад қадаре хомӯш монду сари синаашро дамонда, сарашро ба қафо ҳам дода, чашмонашро ба моҳ дӯхта, як дами сарди дарунӣ кашид ва баъд аз он суханашро давом дод:



– Оҳ! Он давру даврон гузашт, он рӯзҳо гашта намеоянд, ман намебинам ва фарзандони рӯзсиёҳи ман ҳам он рӯзҳоро намебинанд…

Овози ҳамсӯҳбати ман торафт ларзиш пайдо карда, пасттар шуда мерафт ва дар гап задан аломати хушкии ҳалқаш ҳам намоён мешуд. Ман ҳис кардам, ки ӯ ҳам ташна асту ҳам гушна, бинобар ин дастархонеро, ки бо нонбурдаҳо дар он ҷо истода буд, кушода ба пеши ӯ кашидам ва аз чойники бо рӯмол печондагӣ як пиёла чойи ширгарм кашида ба ӯ дароз кардам. Ӯ ду-се луқма нон хӯрда, чойро нӯшида, боз ба гап даромад:

– Ман яккаписар будам, амакам ҳам фарзанд надошт. Бинобар ин писари ӯ ҳам ман будам. Маро дар вақташ хонадор карданд. Онҳо аз дунё чаш пӯшиданд, модарам ва зани амакам ҳам вафот карданд. Ин мулку асбоб ҳамагӣ ба ман монд. Писари калонам ба паҳлуи ман даромад. Мо девкории падаронро зинда гардондем. Боғро аз пештара ободтар кардем. Ман аз чорбоғҳои бойҳои шаҳрӣ ва подшоҳӣ ниҳолҳои мевадори зотӣ оварда шинонда сабзондам ва навдаҳо оварда, ниҳолҳои хасаки боғро пайванд кардам. Зиндагонии мо бароҳат мегузашт. Дуруст аст, ки баъд аз рӯзгор ба сарам афтодан, ман базм намерафтам ва базм намекардам, аммо худи кори деҳқонӣ ба боғдорӣ аз ҳар гуна базм ҳам кайфамро чоқтар мекард. Ман аз кор монда намешудам.

Аммо он рӯзҳо дароз накашид: писари калонро хонадор кардан даркор шуд. Арбоб шуданд, оқсаққол шуданд, калону хурд ба миёна даромаданду маҳру тӯёнаи арӯсро аз ҳад зиёд калон карданд. Ба болои ин байни фотиҳаву сартӯйии никоҳро се сол кашол доданд. Дар муддати ин се сол ҳар иду сайре, ки меомад, дар бурдуовард ба хонаи арӯс аз ман баробари он харҷе, ки падарам ба хонадории ман сарф карда буд, пул харҷ мешуд. Аз ман дар он тӯй даҳ ҳазор танга пул рафт, ки се ҳазор тангаи он қарз буд. Қарзи ман аз як фоидахӯри галаосиёӣ буд, ба се ҳазор танга ҳар моҳ ҳафтоду панҷ танга фоида медодам. Ин маблағ ба ман, ки он вақтҳо нимча (500 грамм) ангурро як пул (чоряки тин) мефурӯхтам, гаронӣ кард. Дар он миён ба ман як «раҳмхӯр» баромад, ки ӯро Алловуддини Говҷигар меномиданд…

– Истед! – гӯён ман сухани Нурмуҳаммадро буридам. – Ин Аловуддини Говҷигар ҳамон кас нест, ки дар шаҳр чойфурӯшӣ мекунад?

– Худи ҳамон кас аст, ки дар пеши мадрасаи махдумони шумо дукончае дорад.

## АЛОВУДДИНИ ГОВҶИГАР

Дар ҳақиқат ман Аловуддини Говҷигарро мешинохтам. Ӯ дар рӯ ба рӯи гӯшаи ғарби ҷанубии мадрасаи Бадалбек, пайваста ба девори масҷиди калон дукончае дошт, ки дар вай чойфурӯшӣ мекард. Дукончааш бисёр танг ва ба девори масҷид часпидагӣ буд, ки худаш дар он ҷо базӯр ҷойгир мешуд ва ба болои сараш то шифти дукон аз тахта як қатор рафчаҳо бастагӣ буд, ки дар онҳо чойҳои нимчагии коғазпечро чида мемонд.

Ӯ як одами қадпасти фарбеҳи ғалча буд: рӯяш сафед, чашмонаш танги кабудтоб ва ришаш малламонанди кам, ки фақат нӯги манаҳашро пӯшонда меистод. Ҳар кас,ки ба пеши ӯ ба тарзи ошноӣ ё барои коре ояд, ба пеши дукон рост

истода гапзанон мекард: дурусташ гапҳои ҳеҷ тамомношудании соҳиби дуконро мешунид. Аловуддин ба оянда як пиёла чой дода, гап сар мекард. Овози ӯ борику ҷарангосӣ буд ва калимаҳоро аз даҳонаш бурро, вале чунон тез мабаровард, ки шунаванда барои аз пеши ӯ рафтан маҷол намеёфт.

Вай ҳеҷ гоҳ ба пули нақд намефурӯхт ва аз нимча (500 грамм) кам ҳам намефурӯхт. Ҳар вақт ки дар рафчаҳо чой кам монад, дуконашро набаста, ба ҳамсояаш – устои рехтагар – таъйин мекард, ки «ҳар кас ояд, то омадани ман истад, ман зуд меоям» ва як халтаи васеи суфро гирифта медавиду баъд аз чанд дақиқа онро аз чойҳои дар коғазҳо нимчагӣ басташуда пур карда гирифта меовард ва ба одаме, ки ба дасташ афтад, ба гап медаромад. Мавзӯи сухани ӯ ҳамагӣ тарҷимаи ҳоли қарздорон ва атвору кирдори онҳо буд. Ӯ ҳар як қарздори худро хоҳ дар он ҷо бошад, хоҳ набошад, бо хусусиятҳояш мешиносонд. Кӣ дар қарздорӣ танте, кӣ бадмуомила – ҳамаро як ба як гуфта медод.

Мегуфтанд, ӯ судхӯрест, ки фоидаро «мувофиқи шариат карда» мехӯрад. Бинобар ин ӯ ба касе пули нақд қарз намедод ва ҳар кас, ки аз вай пул қарз гирифтан хоҳад, бо нархи баланд ва бо ваъдаи муайян чой медод. Он қарздор он чойро фурӯхта, пулашро ба эҳтиёҷи худ сарф мекард. Масалан, ба касе панҷ танга пул қарз гирифтан лозим ояд, ӯ нимча чойро, ки панҷ танга арзиш дорад, бо ваъдаи дар ду моҳ гардонда додан ба ӯ даҳ танга нарх карда медод. Ҳар қадар қарзталаб пулро бисёртар хоҳад, ҳамон қадар нархи чойро арзонтар мекард, то ки харидор ба доми ягон судхӯри пули нақд қарздиҳанда нафтад.

Мӯҳтоҷе, ки ба бадали пул чой гирифтааст, дар фурӯхтани вай ташвиш мекашид. Бинобар ин Аловуддини Говҷигар фурӯши чойи қарздоронро ҳам худташкил карда буд: вай дар сарои пӯст, ки ба пеши дуконаш наздик буд, ҳуҷраеро ба иҷора гирифта, дар он ҷо касеро шинонда, ба дасти ӯ пули нақдро супурда монда буд. Қарздор, ки аз ӯ чойро ба бадали пул гирифт, ӯ ба вай он ҳуҷраро дарак медод, ки чояшро бурда ба ҳамон ҳуҷра ба касе, ки дар он ҷо ҳаст, ба осонӣ фурӯхта метавонад. Қарздор нимча чойро, ки дар ҳақиқат панҷ танга арзиш дорад ва аз ҳуҷаин даҳ танга баҳо карда гирфтааст, бурда ба одами худи ӯ ба чор танга мефурӯхт. Бинобар ин ҳамеша сад-дусад нимча чой дар байни дукон ва ҳуҷраи Говҷигар гардиш карда меистод. Қарздорони ӯ ҳамагӣ саҳроиёни атрофи Галаосиё буданд.

Ҷои таваллуд ва бошишгоҳи Аловуддин деҳаи Япалоқ буд, ки ба Деших наздик аст. Ӯ ҳар пагоҳ аз он ҷо аспсавор ба шаҳр омада, бегоҳӣ ба деҳаш бармегашт. Ӯ дар мадрасаи Бадалбек бо Қорӣ Абдулқайюм ном шаҳрӣ дӯсти бисёр наздик буд. Мегуфтанд, ки Қорӣ Абдулқайюм пештар дар шаҳр майдасудхӯрӣ мекард. Баъд аз он ки бо кадом муносибат бошад, бо Аловуддин шинос шуд, ба ӯ таклиф кард, ки пулҳои ӯро ба саҳро бурда дар миёнаи деҳқонони мӯҳтоҷ чалонад, бисёр мешавад ва худаш ҳам аз як лабаш мехӯрд.

Аловуддин он вақт диндор ва «судхӯрӣ ба шариат рост намеояд» гуфта, ин таклифро рад кард. Баъд аз он Қорӣ Абдулқайюм ба ӯ ҳаамин ҳилаи шаръиро ёд дод, ки молро бо дучанд нарх баҳо карда ба қарздор диҳад, ки ин кор тиҷорат мешавад, на судхӯрӣ. Аловуддин, ки он вақтҳо чойфурӯши камдастмояи чорбозоргард буд, ин корро ба воситаи чой ба амал овард. Вақте ки сармояаш



зиёд шуд, аз дуздон тарсида, дар шаҳр дукончa ва ҳуҷра гирифта, корашро ба ин ҷо кӯчонид, ҳамаи чизи пурбаҳо ва пули нақдашро дар ҳамон ҳуҷра гузошт ва дар он ҳуҷра касеро посбон кард, ки вай дар харидани чойҳои ба қарздорон баҳо карда додашуда ба ӯ гумоштагӣ ҳам мекард.

Аловуддин бо Қорӣ Абдулқайюм шарикдвлат шуда, ҳар ду дӯсти бисёр наздик гардиданд, қорӣ ҳар рӯз пешин дар ҳуҷрааш палав мепухт, Алловуддин дуконашро набаста, ба худаш нигарон шуда истодани ояндагонро ба устои рехтагар таъйин карда, саросар ба ҳуҷраи қорӣ даромада, ошро хӯрда мебаромад.

Аловуддин ҳам ҳафтае як бор-ду бор қориро бо ошноҳояш ба саҳро бурда зиёфат мекард ва базм карда медод.

Дар бораи ба Аловуддин лақаб шудани калимаи «говҷигар» мегуфтанд, ки судхӯрони дигар ба касе пул қарз доданӣ шаванд, аввал мулку асбоби ӯро тафтиш карда медиданд ва агар ба назарашон пули ба он одам қарз медодагиашон намесӯхтагӣ барин намояд, яъне асбобу ускунаи вай ба қарзаш мерасидагӣ барин бошад, пул қарз медоданд.

Аммо Аловуддин дар пайи тафтиши мулку асбоби ягон қарздораш намегаш. Ӯ «ба ман асбобу ускунаи касе даркор нест, ба ман одам даркор» мегуфт ва ба ҳар одаме, ки рост ояд, ҳарчанд ӯ чизе надошта бошад ҳам, аз сӯхтани пулаш натарсида, қарз додан мегирифт. Бинобар ин судхӯрони дигар ба ӯ калимаи «говҷигар»-ро, ки нотарс гуфтан аст, лақаб доданд.

Аловуддин дар ҳақиқат аз ин кораш зарар намедид, ба ӯ худи ҳамон одами қарздор кифоя мекард. Агар ягон қарздораш қарзашро дода натавонад ва чизи фурӯхта доданӣ ҳам надошта бошад, ӯ он одамро бурда ба ягон бойи серзамин ятим монда, пули худро мерӯёнид. Агар арзиши миёнаи хизмати яксолаи як ятим панҷсад танга бошад, ӯ ба сесад танга мемонд, то ки бойи заминдор барои ятимро арзонтар кор фармудан ба Аловуддин пулро пешакӣ диҳад.

* * *

Нурмуҳаммад суханашро аз ҷумлаи буридашудааш гирифта давом дод:

– Аловуддини Говҷигар ба ман «раҳмхӯрӣ» карда гуфт, ки ман шунидам, шумо ҳар сол ба се ҳазор танга қарз ҳазору дусад танга фоида медодаед. Ин ба ҳоли шумо ҷабр аст, зулм аст ва ноинсофист. Ман мехоҳам, ки ба шумо се ҳазор танга ёфта дода, шуморо аз қарз халос кунам. Лекин ман ба он пул аз шумо фоида намегирам. Чунки аз рӯи шариат фоидахӯранда ҳам, фоидадиҳанда ҳам дар оташи дӯзах месӯзанд. Фақат шумо заминҳотонро ба ман ҳосилгарав мекунед ва ман ҳосили ҳарсолаи онҳоро ба худи шумо ҳар соле ба ҳазор танга мефурӯшам. Дар ин сурат шумо ҳар сол ба ҷои ҳазору дусад ҳазор медиҳед, ки дусад танга ба фоидаи шумо мемонад. Ҳам кори ман, ҳам кори шумо ба шариат ороста шуда, ҳар дуямон аз оташи дӯзах халос мешавем, «на сих месӯзад, на кабоб!» Фақат шумо ба ман як некӣ карданатон даркор аст: медонед, ки ман деҳқонӣ надорам, вақти мева ва тархӯрӣ маро зиёфат кунед, гоҳо ба аспам ҷаву беда диҳед. Ман ки боғ надорам, агар меҳмони шаҳрие омада монад, ба боғи шумо биёрам, шумо меҳмонро бо пешонаи кушода қабул кунед. Албатта харҷи меҳмондорӣ аз худам мешавад».

Нурмуҳаммад мегуфт:

– Мани нодон «ҳар сол ба ман дусад танга фоида мешавад» гуфта, таклифи ӯро қабул кардам ва дар бораи ёрмандиҳои ӯ пурсидагӣ гуфтам, ки «ман ҷаву бедаву мева-чеваро аз бозор намехарам. Агар аз чизи деҳқоние, ки худо ба ман додааст,андак ба шумо одамгарӣ кунам, зарар надорад». Дар бораи меҳмондорӣ гуфтам, ки «ман меҳмонро нав надидаам. Дар вақти зинда будани раҳматӣ падарам худам ҳар ҳафта аз шаҳр меҳмон меовардам. Агар шумо меҳмон биёред, болои дида, «харҷашро худам мекунам» нагӯед, ин барои ман айб мешавад. Мегӯянд, ки «ризқи меҳмон пеш аз худаш меояд», ҳар кас дар ҳар ҷо ризқи худашро мехӯрад».

Нурмуҳаммад боз суханашро давом дод:

– Ҳамин тариқа шуда заминҳои ман ба Аловуддини Говҷигар дар пеши ноиби дар Галаосиё будаи қозикалон – Мирзохоҷа бо васиқаи қозихонагӣ ҳосилгарав шуд. Соли якум муомилаи ман бо хӯҷаини нав ба хубӣ гузашт. Ман ба ӯ ғайр аз ҳазор танга як ман ҷав, сад банд беда додам.Ҳар ҳафта ба хонааш яксабадӣ ангур фиристода истодам. Се бор чорнафарӣ меҳмон овард, ки бо обу явғон зиёфат кардам. Дар соли дуюм модари бачаҳо гуфт, ки «дар вақти чашмамон кушода будан писари миёнаро ҳам хонадор кунем», ман қабул кардам. Барои ин кор соҳибмаслиҳати якуми ман Аловуддин шуд. Ӯ, ба қавли худаш, як ҷои баобрӯйро аз Кӯшкиуммар ёфт. Замона ҳам сахт шуда буд. «Бурду овард» бисёр шуд. Аловуддин базмӣ будааст, ғайр аз созандаҳои шаҳр, аз Вобканду Ғиждувон созанда оварда, базми калон кард. Мани бадбахт саргарми тӯй шуда, ҳеҷ чизро ба ҳисоб нагирифтаам. Дар охир Аловуддин ҳисоб дод, ки ғайр аз чизҳои аз хонаи худам ва пулҳои аз кисаи худам сарф шудагӣ, боз аз Алловуддин панҷ ҳазор танга қарздор шудаам, – Нурмуҳаммад суст шуд ва ҳалқаш хушкид. Чой додам, нӯшиду сухани худро давом дод.

– Аловуддин маро тасаллӣ дода: «Ҳеҷ гап нест. Ман ба шумо бародарвор хизмат мекунам. То ҳол ҳамаи заминҳотон ба се ҳазор танга ҳосилгарав бошад, акнун ба онҳо боғу ҳавлӣ ҳамроҳ шуда ҳамааш ба ҳашт ҳазор танга ҳосилгарав мешавад» гуфт ва пули ҳосили яксолаи замину боғу ҳавлиро, яъне фоидаи ҳашт ҳазор тангаро баробари нархи фоидахӯрони дигар 2400 танга ҳисоб кард, «ҳозир пул қимат шудааст, фоидахӯрон ҳар ҳазорро соле ба 400 танга монда истодаанд, ки бо он нарх ба ҳашт ҳазор танга бояд соле 3200 диҳед. Ман ба шумо 800 танга гузашт кардам» гуфта, маро миннатдор ҳам карда монд. Чӣ чора? Дандон ба дандон монда қабул кардам ва дар пеши ноиб васиқаро нав кардем, ки ба вай ҳам хеле хароҷот шуд. Аммо ангур фурӯхта, сабзию пиёз фурӯхта, дар як сол 2400 танга ёфта додан осон набуд. Мо бо писарон меҳнатро боз ҳам зиёдтар кардем, келинҳоро ҳам ба кор баровардем. Ҳосил хуб шуд. Лекин Аловуддин ҳам «нағмаҳои тоза» баровадан гирифт…

Нурмуҳаммад хомӯш монд. Ман дар дили худ гуфтам: «Аҷаб нест, ки ӯ шунидани саргузашташро барои ман малоловар гумон карда, ҳикояи худро нотамом гузошта бошад», бинобар ин бо оҳанги ҳавасмандона пурсидам:

– Баъд чӣ шуд?

– Баъд чӣ мешуд? Ҳама чиз барбод рафт, – гӯён давом намуд, – нағмаҳои



тозаи Аловуддин ҳамин шуд, ки ӯ ҷаву бедаро ба қадре талаб кард, ки дар як сол ба як асп расад. Аввал ин ки он қадар ҷаву беда аз деҳқонии ман намерӯид, дуюм, ин ҷаву бедаи яксолаи як асп аз ду ҳазор танга зиёд мешавад. Ӯ бо ин қаноат накарда, ҳар рӯз як сабад ангур ва дар тирамоҳ се ман (24 пуд) ангури зимистонӣ ва 500 харбузаи тирамоҳӣ талаб кард, ки «ин аз тоқати ман берун» гуфтам ман ба ӯ. Ӯ хандакунон ҷавоб дод: « Аз тоқат берун буданашро дар вақти ваъда карданатон бояд ба ёд меовардед. Акунун вақт гузашт». Ғайр аз ин, ҳар ҳафта панҷ кас, шаш кас меҳмон овардан гирифт. Дар ҳар бор, чунонки ба хонаи худаш меҳмон оварда бошад, «меҳмонон одамони калонанд. Аввали шаб тушбера, нимаи шаб угро, палав ва пагоҳонӣ шибиринҷу ҳалвоитар кунед!» мегуфт. Дар як тобистон се бор базми хонагӣ (бе дойрахабар ва бе саргардонӣ[162]) карда меҳмони бисёре овард, ки ҳамаи харҷҳо аз ман шуд. Ман дар он аҳвол на танҳо ба худам ва ба бачагон ҳам пӯшок гирифта натавонистам, балки ҳамон ду ҳазору чорсад тангаи ба фоидаи қарз доданӣ шудаамро ҳам пур карда натавонистам ва аз пули фоида, ба қавли Аловуддин «аз пули ҳосили замину боғ» ҳам ҳазор танга ба гарданам монд. Ночор ба дари судхӯрони дигар рафтам, ки «ҳар ҳазор танга соле чорсад танга бошад ҳам, майлаш, мегирам ва аз қарзи Аловуддин халос шуда, бори ҷаву бедаву мева-чева ва зиёфатҳоро аз гарданам дур мекунам». Аммо ягон судхӯр пеш наомад. «Вақте ки замину боғу ҳавлиат ба Говҷигар ҳосилгарав аст, мо пул дода наметавонем. Аввал онҳоро аз вай халос кун, баъд аз он болои он чизҳоят ба ту қарз медиҳем» – гуфтанд. Ман ба пеши ноиб Мирзохоҷа рафта арз кардам, ки «ман мувофиқи он чизе, ки дар васиқа навишта шудааст, ба Аловуддин ҳар сол 2400 танга медиҳам, аммо бедаву ҷав, мева ва монанди инҳо чизҳои саргумро, ки ба як миқдори муайян қарор дода нашудааст, дода наметавонам ва инчунин ба меҳмондорӣ қуввати ман намерасад. Ман як одами аёлманди хокпош мебошам, ба ман ҷӯрабозиро кӣ мондааст? Хусусан бо Аловуддин ҷӯра шуда наметавонам, ӯ қарзхоҳ, ман қарздор мебошам. Дар ин ҳол ҷӯрагии ману вай монанди ҷӯрагии гӯсфанд бо гург мешавад, ки ин мумкин нест».

Ба ин суханони ман ноиб аввал хандиду баъд аз он гуфт: «Ту нодон мебошӣ, шариатро намедонӣ! Дар вақташ, ки заминҳо ва боғу ҳавлиатро ба Аловуддин ҳосилгарав кардӣ, ҳама ҳосилоти замину боғ ва ҳақи иҷораи ҳавлӣ – аз они ӯ мешавад. Вай ҳақ дорад, ки дар вақти ҳосилот ҳамаашро ғундошта гирад. Барои ҳавлӣ ҳам ҳақ дорад, ки гӯяд: «соле 500 танга деҳ, нишин, вагарна хез, ман ба дигар кас иҷора мемонам». Ҳоло ҳам Аловуддин ба ту гузашт карда, аз ту кам гирифта истодааст. Як гапи ту маъқул аст, ки «чизҳои додашудании саргум» мегӯӣ. Дар ҳақиқат, ҳар чизеро ки доданаш лозим бошад, муайян карда дар васиқа даровардан даркор аст. Ман ба хотири ту фардо Аловуддинро ин ҷо ҷеғ зада меорам, ту ҳам биё! Ҳамон чизҳои саргумро бо маслиҳат ва бо розигии тарафайн ба пули нақд гардонда, ба васиқа дохил мекунем».

Нурмуҳаммад мегуфт:

– Ман имрӯз ба ноибхона рафтам, Аловуддин он ҷо буд, дар вақти гуфтугузор вай ба ноиб гуфт: «Замину боғ ҳар сол камаш даҳ ҳазор танга даромад дорад. Аммо ман ба ҳашт ҳазор розӣ мешавам, дар ҳавлӣ муфт нишастан гирад.

Лекин акнун дили ман аз Нурмуҳаммад бад бурд: дар васиқа нависед, ки агар тирамоҳ ҳамаи пулро ёфта надиҳад, ман замину боғу ҳавлиро соҳибӣ карда, ӯро мебарорам». Ноиб «сулҳ» карда, талаби ӯро ба ҳафт ҳазор фуровард. Ҷамъи қарзам дар худи ҳамин сол аз вай понздаҳ ҳазор танга шуд. Дар васиқа навиштанд, ки агар дар тирамоҳ ҳамин понздаҳ ҳазор тангаро ёфта надиҳам, замину боғу ҳавлиро месупорам.

Нурмуҳаммад оҳи ҷонкоҳе кашида, аз ҷояш хеста:

– Дар ин манзил ман ҳам монанди шумоён мусофир ва меҳмон мебошам. Дар тирамоҳ маҷбур мешавам, ки кӯчи худро ба кӯча барорам, чунки понздаҳ ҳазор танга он тараф истад, панҷ ҳазор ҳам ёфта дода наметавонам, – гӯён ҳиққос зада ба тарафи ҳавлии дарунаш рафт. Гиря гулӯи ӯро гирифта буд.

* * *

Ман лаб-лаби ҷӯи Деших як рӯз ба боло – ба тарафи шарқи шимолӣ, як рӯзи дигар ба поён – ба тарафи ғарби ҷанубӣ то ду деҳа он сӯтар аз манзили худамон сайр кардам. Умуман он ҷоҳо обшор ва заминҳояшон ҳосилхез буд. Дар ҳар деҳа ду-се боғи хуб ба назар менамуд, дар ҳар кадоми он боғҳо соянишинҳо (касоне, ки сояи боғеро иҷора мегиранд, на меваашро) буданд. Ин соянишинҳо бухороиҳо набуда, савдогарони кавказӣ, эронӣ, афғон ва ҳиндустониҳо буданд. Ҳар кадоми инҳо одамоне буданд, ки аз савдогарӣ хуб фоида мебурданд ва дар ду моҳи чиллаи тобистон ба гармои ҷонсӯзи Бухоро тоқат накарда ба ҳавохӯрӣ баромада буданд. Аз инҳо ҳар гурӯҳ як боғро ишғол карда буданд, дар аксари гурӯҳҳо як-ду нафар беморон ҳам буданд. Онҳо дар зери сояи дарахтони бед козаҳо сохта, ба замини коза ҳам навдаҳои борики хушбарги бедро пахн карда, беморҳошонро дар он козаҳо хобонда буданд. Тандурустон дар лаби оби равон, дар сояи дарахтон қалён кашида менишастанд. Афғонон ва ҳиндустониён банг, эрониён тарёк ҳам мекашиданд. Аз чашмони бангкашидагон оташ меборид, худҳошон гоҳ гиря мекарданд, гоҳ ханда. Ранги тарёккашон монанди ранги мурда бенур ва худҳошон ҳам мурдавор бедармон буданд. Онҳо бо пулҳои калоне сояи боғро ба иҷорат гирифта буданд, як гурӯҳи панҷнафарӣ сояи боғро дар ду моҳ ҳазор танга, як гурӯҳи чорнафарӣ як боғро ба ҳафтсад танга иҷора гирифта буданд. Мева ва сабзавотро бошад, ба пули нақд харида мехӯрданд. Ҳатто ҳезумро ҳам, ки дар саҳро фаровон буд, бо нархи шаҳр мехариданд.

Ман ин ҳолро дида, дар дили худ «деҳқонони боғдори ин ҷо дар айёми тобистон хуб фоида мекарданд» гуфтам. Аммо сонӣ фаҳмидам, ки сояи ин пул ҳам ба деҳқононе, ки бевосита дар боғ кор мекунанд, намерасидааст. Ман дар як боғ аз деҳқоне, ки ӯро соҳиби боғ гумон карда будам, аз сояи боғ чӣ қадар даромад доштанашро пурсидам.

Ӯ аввал хандиду баъд гуфт:

– Аз сояи боғ фоидаи ман ҳамин, ки дар вақти дамгирӣ ҳамин ҷо омада менишинам.

– Магар ин боғ аз они худатон нест? – боз пурсидам.

– Пештар аз они худам буд, – гуфт ӯ оҳ кашида, – баъд аз он ба дасти як бойи шаҳрӣ гузашт, ман хизматгор шуда мондам.



– Бой ба шумо чӣ гуна нигоҳубин мекунад?

– Ба тарзе ки намурда аз хок берун гаштем. Мо чор нафар дар боғу киштзори бой кор мекунем, – гуфт ӯ, – аз бозе ки ба ин ҷо меҳмонон (соянишинон) омаданд, масолеҳеро ҳам, ки бой барои таоми гарми мо ҳафта ба ҳафта медод, надода истодааст; «меҳмонон оши зиёдатии худро медиҳанд, ҳамон бас аст» мегӯяд.

* * *

Мо думоҳа шиддати гарморо дар Деших гузаронда, дар охирҳои август ба шаҳр кӯчидем. Ҳарчанд ҳавои боғу саҳро ба бемор фоидаи намоёне нарасонда бошад ҳам, ба ман манфиати калон расонид: ман, ки таъсири бади вабои порсоларо ҳанӯз дар худ ҳис мекардам, дар он ду моҳ солим ва пурқувват шуда, ба шаҳр баргаштам.

Дар тирамоҳи он сол он бемор мурд. Баъд аз дафни ӯ бародараш Зуҳур-махдум хонадор шуда, аз мадраса ба ҳавлӣ кӯчид, ки кӯчкашонии ӯро ҳам ман кардам. Дар вақти кӯчкашонӣ Зуҳур-махдум:

– Аз ҷомаҳо ё аз китобҳои додарам ягонтаашро барои ёдгорӣ хоста гир! – гуфт.

Ман як «Девони Соиб»-ро, ки ҳар вақт вайро мутолаа мекардам, хостам.

– Чаро ягон чизи қиматбаҳотарро нагирифтӣ? Агар ин китобро ба бозор фурӯшӣ, панҷ танга намегиранд, – гуфт ӯ тааҷҷубкунон.

– Ман ин китобро барои фурӯхтан нагирифтаам, – гуфтам ман, – худи ин барои ман аз ҳар чиз пурбаҳотар аст.

– Хуб, майлат. Дар дасти мо бекор истода буд. Шояд ту хонӣ, китоб «ба тасбеҳ медарояд», хуб мешавад, – гуфт ӯ. (Ин «Девони Соиб» ҳанӯз дар дасти ман аст.)

* * *

Дар соли таҳсили 1895 – 96 дарси дарсхонагии ҷамоаи мо дар пеши домулло Икромча бо қоригии Мулло Иброҳим-бойбача давом намуд. Иброҳим саводи тоҷикии хуб ва хати хоно дошт: дӯстдори адабиёт буд, ҳатто худаш ҳам шеър машқ мекард. Аммо саводи арабиаш паст буд, қоидаро кам медонист ва донистагиҳояшро ҳам ба амал татбиқ карда наметавонист. Соли гузашта аз шарикон як каси беқувваттар дарси ӯро тайёр карда медодааст, ки фоидааш кам мерасидааст. Ӯ имсол маро барои дарстайёркунӣ ба худаш ҷалб кард.

Падари Иброҳим, ки Ҷӯрабой ном дошта, дар миёнаи савдогарони Бухоро ва Хева даллолӣ мекард, мурда, Иброҳим бо Неъмат ном бародараш монда буд. Ҳар ду дар як ҳавлӣ зиндагонӣ мекарданд. Неъмат хонадор буд ва савдогарӣ мекард; Иброҳим мероси падарашро харҷ карда мехонд. Пухтупазу шустушӯяш дар хонаи додараш мешуд.

Иброҳим як ҷавони миёнақомати сафедрӯи навриш буд, ки ришаш сиёҳи маллатоб менамуд. Чашмонаш мешии обдор буда, дар нигоҳҳои ӯ осори ваҳшигӣ дида мешуд.

Ӯ дар шеър Осим тахаллус мекард. Дар адабиёт Мулло Холӣ ном як ӯротеп-

пагӣ устоди ӯ буд. Аммо ман ҳис мекардам, ки дар фазилат ҳар ду аз якдигар кам фарқ доштанд. Мулло Қурбон ном як шоири конибодомӣ ҳам он ҷо омада мерафт, ки тахаллуси ӯ Ҷонӣ буд. Фазилати ин шоир аз ду шоири аввалӣ ҳам пасттар буд.

Ҳарчанд тахаллуси Холӣ ба «хол» ва Ҷонӣ ба «ҷон» мансуб бошад ҳам, Мулло Назруллои Лутфӣ «Холӣ»-ро «тиҳӣ аз маънӣ» ва «ҷонӣ»-ро «ҷинояткори шеър» маънидод мекард.

Ман ҳам он вақтҳо кам-кам шеър мегуфтам, аммо шеъри худро ба касе нишон намедодам. Қабоҳати ҳар шеъре,ки гуфтаам, баъд аз понздаҳ рӯз ё як моҳ ба худам маълум мешуд ва дарҳол сӯхта мепартофтам. Ман бадии шеъри худро аз бадии шеърҳои Холӣ ва Ҷонӣ мефаҳмидам. Шеъри худам ба назари худам дар аввали гуфтанам хуб менамуд. Чун шеърҳои онҳоро мешунидам, ки бад аст, дар дубора хондан он бадиҳоро дар шеъри худам ҳам медидам.

Иброҳим ғайр аз дарси дарсхонагӣ, ки дар ҷамоаи мо мехонд, дарсҳои дигарашро ҳам (агарчи дар он дарсҳо ман бо вай шариқ набудам) бо ман тайёр мекардагӣ шуд. Бинобар ин ӯ ба хӯроки ман тамоман мутасаддӣ гардид ва барои он зимистон пӯшок ҳам дод.

Рафтуомад ба хонаи Иброҳим ба ман душворӣ намекард. Чунки дар он ҷо ош намепухтам, хона намерӯфтам ва ҷомашӯӣ намекардам, – ҳамаи ин гуна корҳои ӯро зани додараш ва хизматгорзанаки ӯ мекарданд. Ман дар он ҷо танҳо ба корҳои илмӣ ва адабӣ машғул мешудам.

Хонаи ӯ монанди хонаи Шарифҷон-махдум маркази адабиётчиён набошад ҳам, аз аҳли адабиёт ва ҳаваскорони он холӣ набуд. Ба болои ин шабҳои таътил мусиқачиён ҳам меомаданд, ки дар он гуна шабҳо агар ман ба ҷое ба базм наравам, он ҷо мерафтам.Насруллобой ном як шашмақомхони шастсола буд, ки вай ҳар шаби таътил ба он ҷо меомад. Ӯ дегфурӯшӣ мекард ва дар ин касб рӯзгораш намегузашт. Азбаски Иброҳим ба ӯ ёрмандии моддӣ мекард, пояшро аз хонаи ӯ намеканд, вагарна Насруллобой сурудхони касбӣ ва ҷойрав набуд.

Албатта ба ин гуна харҷи бедаромад меросе, ки аз падари нимчабояш (бойи хурд) мондааст, кифоя намекард. Чун дар дасти ӯ пул кам монда буд, мегуфт: «Бо охирин маблағе, ки дар дастам мондааст, ба баҳонаи ҳаҷ дунёро як тамошо карда меоям ва баъд аз он монанди муллобачагони қашшоқ як ҳуҷраи ориятӣ ёфта гӯша мегирам».

Вай дар охири ҳамон сол ҳаҷ рафт ва дар рӯзи ба сафар тайёр шуданаш, ки ман барои хушбошӣ ва гуселкунӣ ба хонааш рафта будам, ба ман як девони чопаи Абдураҳмони Ҷомиро ба тарзи ёдгорӣ дод (ин девони Ҷомӣ ҳанӯз дар дасти ман аст).

Иброҳим баъд аз омаданаш аз сафари ҳаҷ, ҳақиқатан ҳам гӯшагир шуд. Ӯ дар ҳуҷрае, дар пеши масҷиди Поччоқул-хоҷӣ зиндагонӣ сар кард. Зиндагониаш тамоман қашшоқона буд. Чунки дар дасташ аз мероси падар чизе намонда буд ва додараш ҳамаи чизҳояшро, ҳатто ҳавлии нишасти шарикиашонро ҳам фурӯхта, дар роҳҳои бад нобуд карда, ба яке аз ҳокимони амир шогирдпеша шуда, аз шаҳр баромада рафта буд. Иброҳим бо ёрмандии садақамонанди ошноҳои пештарааш зиндагонӣ мекард. Бо вуҷуди ин хурсандӣ изҳор карда ме-



гуфт: « Додарам мероси падар ва бозёфти худашро дар роҳҳои беҳуда нобуд карда, худаш ҳам бадном ва нобуд шуда рафт. Аммо ман ҳар чӣ доштам, дар роҳҳои одамгарӣ харҷ кардам ва ҳарчанд ҳозир чизе надорам, мардум маро ҳурмат мекунанд».

Аммо дар вазъияти Иброҳим осори ҷунун зоҳир шуда буд. Шеърҳояш аз ҷиҳати техника нисбат ба пештара хубтар шуда бошанд ҳам, таъбир ва ташбеҳҳояш девонаворона гардида буданд. (Зикри Иброҳими Осим дар саҳифаи 428 «Намунаи адабиёти тоҷик», чопи Москва, соли 1926, қайд шудааст.) Осим дар соли 1915 дар ҳамон ҳуҷра, дар ҳолате ки аз ҳама алоқаашро бурида буд, вафот намуд.

* * *

Баъд аз ҳаҷ рафтани Иброҳим дар ҷамоаи мо дар пеши домулло Икром Ҳомидхоҷа ном як ҷавони бухороиро, ки ба тозагӣ ба мо шарик шуда буд, ба қоригӣ интихоб карданд. Ҳомидхоҷа дар сол баробари ман буда, ҷавони озода ва беозори нармму омила буд. Ӯ дар ҳама ҷо ва ҳамеша табассум карда меистод, ба ҳаде ки осори табассум дар рухсора ва чашмонаш ҳувайдо буд. Ҳомидхоҷа доройӣ ва даромади дурусте надошт. Бинобар ин дар аввал қоригии ҷамоаро, ки харҷи барзиёд талаб мекард, қабул нанамуд. Аммо аз он ҷо, ки ӯ мақбули омма шуда буд, шарикон қарор доданд, ки ба гарданаш харҷи зиёдӣ бор накунанд ва аз вай зиёфати «қориёна», ки қориёни ҷамоа ҳар сол як бор ба шарикони худ медоданд, талаб нанамоянд ва дар ифтитоҳона (харҷи дарссаркунӣ – ҳақи таҳсили «ихтиёрӣ») ӯро дар қатори шарикони одии миёнаҳол шуморанд ва ӯ ҳам бо ҳамин шартҳо қоригиро қабул кард.

Ҳомидхоҷа писари Мирзо Абдулваҳҳоб ном котиби хушнавис буд, ки падараш дар замони худ зиндагиашро бо китобат ва котибии қозиҳо гузарондааст. Ҳомидхоҷа як бародари аз худ калон дошт, ки номаш Аҳмадхоҷа буда, аз фозилони ҷавони он замон ба шумор мерафт. Ӯ ҳам аз шогирдони домулло Икром буда, дар он вақтҳо хатми дарс намуда буд. Ӯ дар қатори дарсҳои расмии мадрасаҳои Бухоро дар ҳисоб (математика) ҳам тахассуси дуруст дошт. Вай ҳам монанди бародараш хандонрӯй, нармгуфтор ва беозор буд. Ӯ хонадор буд ва ҳар ду бародар дар гузари Лаби Ҳавзи Арбоб, дар ҳавлие, ки аз падарашон мондааст, зиндагонӣ мекарданд – Аҳмадхоҷа дар дарун бо зану бачаҳояш, Ҳомидхоҷа дар берун – дар болохона.

Аз падари инҳо дар мадрасаи Турсунҷон як ҳуҷра монда буд, ки Аҳмадхоҷа вақфи онро ба додараш бахшида буд ва худ бо даромади мударрисии як мадрасаи хурд, ки дарсхона надошт, фақирона зиндагӣ мекард ва дар болохонае, ки дар вай додараш истиқомат дошт, дарсгӯӣ менамуд. Дар пеши ӯ аз дарсҳои расмӣ дида зиёдтар ба дарсҳои математика шогирдҳо ҷамъ шуда буданд.

Ин ду бародар чунон ба якдигар меҳрубон буданд ва ба он дараҷа якдигарро ҳурмат мекарданд, ки ман дар зиндагӣ он гуна бародаронро надида будам ва то ҳол ҳам надидаам. Аҳмадхоҷа додари худро на танҳо падарвор дӯст медошт ва навозиш мекард, ҳатто писарвор эҳтиром ва хотирхоҳӣ ҳам менамуд.

Ҳомидхоҷа саводи тоҷикии хуб, хати хоно дошт.

Аммо саводи арабиаш сусттар буд. Лекин бародараш дарси ӯро хуб тайёр

карда медод, ки дар пеши домулло дар хондани иборати арабӣ дар хиҷолат намемонд.

Ҳомидхоҷа ҳам монанди талабагони навдарсхони бухороӣ ҳаваскори шоирӣ буда, «Меҳрӣ» тахаллус мекард. Аммо қобилияти шоириаш кам буд, пеш намерафт ва пеш нарафт. Ӯ аз рӯзи аввале, ки бо ман шарикдарс шуд, дӯсти наздик ҳам шуд ва то охири умри ӯ ин дӯстӣ дар байни мо барқарор буд.

Ҳомидхоҷа дар ҳаракатҳои маорифпарварӣ ва озодихоҳӣ бо мо иштирок мекард ва дар соли 1918 ба муносибати воқеаи Колесов дар ҳамин роҳ дар зиндони амир вахшиёна кушта шуд. (Дар ояндаи «Ёддоштҳо» ба чандин муносибат аҳволи ӯ ёд карда хоҳад шуд.)

## МАРДИКОРӢ

Дар тобистон ман дар мадрасаи Бадалбек будам, ошпазӣ ва ҷомашӯии ҳар кадоми аҳолии он ҷоро, ки худ ба ин гуна корҳо шуғл наменамуданд, мекардам ва бо ин роҳ як ҳаёти аз гӯр берун нигоҳдорандаеро ба худ таъмин менамудам.

Аммо дар миёнаҳои тобистон дар мадараса касоне, ки ба ман кор фармуда ёрмандӣ мерасонданд, намонданд. Дар он ҷо Қорӣ Абдулқайюм монда буд, ки ӯ судхӯр буда, оши худашро худ мепухт.

Мулло Сулаймон ном як деҳнавӣ монда буд, ки ӯ дар он мадраса муаззин буда, маишати худро ба зӯр таъмин мекард ва як каси ҳазорагӣ ҳам буд, ки ӯро махдуми ҳазорагӣ мегуфтанд. Ӯ писари як шайх буда, падараш ба ӯ пули бисёр мефиристод. Аммо ӯ ба мадраса кам меомад ва ҳамеша дар ба дари дӯстони бухороияш мегашт.

Дар ҳамон вақтҳо ман як рӯзро тамоман чизе нахӯрда гузаронидам. Рӯзи дуюм саллаи муллобачагиро партофта ва ба қиёфаи мардикорбачагон даромада, ба Регистони Бухоро, ки бозори мардикор ҳам дар он ҷо буд, рафтам ва дар қатори мардикорони харидорталаб пушт ба девор дода, дар пеши масҷиди ҷомеи Поянда нишастам.

Ба бозори мардикор соҳибкорон омада, гурӯҳҳои мардикоронро аз назар гузаронида, онҳоеро, ки ба чашмашон коркунтар ва пурзӯртар намоянд, савдо карда гирифта мебурданд. Аммо ба тарафи ман, ки ба сабаби гушнагии дирӯза рангканда ва ҳам хурдсол будам, касе нигоҳ ҳам намекард.

Дар ин миён ба бозори мардикор ба сифати харидор махдуми ҳазорагӣ пайдо шуд ва маро дида:

– Барои кӣ мардикор мебарӣ? – гуфта пурсид.

– Ман ин ҷо барои мардикорбарӣ омада нанишастаам! – гӯён ҷавоб додам.

– Магар худат ба мардикорӣ рафтан мехоҳӣ? – гуфта пурсид ӯ бо оҳанги тааҷҷуб ва ба ҷавоби ман мунтазир нашуда илова кард: – ин кор барои муллобача айб аст!

– Барои муллобача магар аз гуруснагӣ мурдан ё гадоӣ кардан айб нест? – ҷавоб додам ман бо пурсиши инкорӣ.

Ӯ ба сухани ман ҷавоб гардонда натавонист ва шармгинона гуфт:

– Хуб, ин тавр бошад, ҳамин ҷо ист! Ман ду мардикор мегирам ва туро ҳам



қатори онҳо ба иморати як ошнои худам мебарам, хӯҷаин каси хубест, қадри муллоён ва муллобачагонро медонад. Ба ҷои бегонае нарав, ки туро таҳқир мекунанд. Ҳақорате, ки ба як муллобача расад, ба ҳамаи муллоён ва муллобачагон мерасад.

– Хуб, – гуфтам ман дар ҷавоб. Зотан ба ман харидоре набаромада буд ва набаромад. Ночор то омадани махдуми ҳазорагӣ ӯро нигарон шуда нишастам.

Махдуми ҳазорагӣ баъд аз савдо ва талоши бисёре ду мардикорро, ҳар кадом рӯзе дутангагӣ (30-тинӣ) байъ карда овард (баъд аз вабо одамони корӣ кам монда, нархи мардикор дучанд зиёд шуда буд) ва маро ҳам дар қатори онҳо гирифта, ба иморати дӯсташ, ки дар гузари Лаби Ҳавзи Чӯббоз будааст, бурд.

Дар он ҷо бар рӯи суффаи ҳавлии дарун як устои гилкор бо ду нафар мардикор дар сари дастархон нишаста ширчой мехӯрданд, мо ҳам дар паҳлуи онҳо ҷой гирифтем. Устои гилкор маро аз назар гузаронида, ба махдуми ҳазорагӣ гуфт:

– Ин бачаро чаро овардед, ба бом лой кашида наметавонад!

– Агар ба бом лой кашида натавонад, аз лаби бом ба пеши шумо бурда додан мегирад ё ин ки аз лойхона бо сатил лой бурда, ба чангча банд карда, ба лойкаш медиҳад. Ҳар касеро, ки ман овардаам, ба қадри қувваташ кор фармудан гиред! – гуфт махдуми ҳазорагӣ бо оҳанги норозиёна ва худаш аз пеши мо ғоиб шуд.

Баъд аз чанд дақиқа махдуми ҳазорагӣ баргашта омада, маро аз пеши устову мардикорон бо имо хезонда, ба раҳрав бурду аз он ҷо бо зина боло бароварда ба болохонае даровард.Дар пешгоҳи он болохона бар рӯи чор қабат кӯрпача як одами миёнсоли миёнақомати гандумгун, ки чашму абрӯвони сиёҳе дошт ва худ рангкандаи бемормонанд буд, ёзида мехобид.

Ман салом дода, дар рӯ ба рӯи он одам нишастам ва махдуми ҳазорагӣ:

– Ана ҳамин аст! – гуфту худаш аз болохона баромада рафт.

Он одам баъд аз ба саломи ман ҷавоб гардондан, аз ман пурсид:

– Хат доред?

– Кам-кам менависам, – ҷавоб додам ман.

– Бисёр хуб, ин тавр бошад, шумо имрӯз дар қатори мардикорон кор накунед! Ман ба шумо як кори муносиби худатонро мефармоям, – гуфт хӯҷаин ва аз ҷояш нимхез шуда, аз тоқчаи болохона як дафтарро гирифта пеши ман гузошту илова кард:

– Шумо ин дафтарро кушода, аз як сар хонед, ман шунавам!

Ман дафтарро кушода аз назар гузаронидам, дар вай рӯйхати додугирифти хӯҷаин бетартиб навишта шуда буд; ӯ аз кӣ чӣ ва ба чӣ нарх харидааст, ба кӣ ва ба кадом нарх чӣ фурӯхтааст, аз харидоронаш чӣ қадар пул ва дар чанд дафъа расидааст, дар он ҷо бо ҳам омехта навишта шуда буд. Пулҳои аз насяҳо рӯёндагиаш на бо таърихи рӯзи расидани пул, балки бо унвони «дафъа 5 танга, дафъа 10 танга, дафъа 15 танга» ба номи як кас дар ҷоҳои гуногуни дафтар қайд шуда буд. Рӯйхат чунон бад навишта шуда буд, ки бештарини онҳоро ман хонда наметавонистам ва ҷоҳое, ки тамом хонда наметавонистам ё баъзе ҳарфҳо ва калимаҳоро нотамом мегуфтам, ба ёди хӯҷаини хушҳофизаи ман мерасид ва ӯ он

ҷумлаҳоро тамом гуфта медод, ки ба он нақшаҳои хонданошуданӣ баробар меомаданд.

Баъд аз ду-се саҳифа хондан:

– Бас кунед, акнун маълум шуд, ки дафтари маро тамом вайрон кардааст. Кори шумо рӯйхатҳои дар ин дафтар навишташударо ба дафтари дигар хоно карда гузаронидан аст, – гуфт хӯҷаин ва аз тоқча як дафтари дигарро, ки ҳанӯз дар вай чизе навишта нашуда буд, гирифта ба ман доду аз ҳамон тоқча як қалами найинро бо давоти сафолин гирифта ба пеши ман гузошт.

Ман ба дафтари кӯҳна дилгирона нигоҳ карда аз хӯҷаин пурсидам:

– Магар инҳоро махдуми ҳазорагӣ навиштаанд?

– Он кас хат надоранд, – гуфт хӯҷаин ва илова кард: – мактабдори гузар навишта буд. Хонасӯхта корро хароб кардааст. Ҳайфи ошу ноне, ки барои ин кораш ба ӯ хӯрондам.

Ман кор сар кардам, садои «гум-гум» ва «туқ-туқ» омада, хавоси маро парешон мекард ва ба корам халал мерасонид. Аввал он садоҳоро кори устои гилкор гумон кардам. Баъд шунидам, ки садоҳои «гум-гум» ва «туқ-туқ»-и бисёре якбора меомаданд ва кори як устои гилкор ин қадар садо дода наметавонист. Ҳар чӣ бошад, аз куҷо будани он садоҳоро аз хӯҷаин напурсидам ва худро ба ношунавоӣ зада, кӯшиш мекардам, ки он садоҳо ба корам зарар нарасонанд, то ки дафтар вайрон нашавад ва ман ҳам дар қатори «хонасӯхтаҳо» надароям.

Аз рӯйхати чизҳои харидафурӯшшуда маълум шуд, ки хӯҷаин чарчинфурӯш будааст, чунки дар байни рӯйхати чизҳо номҳои пошнаҳои кафшу мӯза, мехчаҳои чӯбин ва оҳанин, ширеш, лок, елим, муми сафед ва муми сиёҳ барин чизҳо бисёр дида мешуданд.

Як чизи дигар, ки ба фурӯшанда ё харандаи чизҳои дар боло зикршуда ҳеҷ муносибат надошт, диққати маро ба худ ҷалб кард. Ин калимаи «бунак» буд, ки дар ҷойҳои гуногуни дафтар дар пеши номҳои одамони гуногун дида мешуд ва он одамҳо аз хӯҷаин бунак гирифта будаанд.

Раги кунҷковии ман ба ҳаракат омада, аз хӯҷаин барои чӣ ба одамони бисёре бунак додани ӯро пурсидам.

– Ман ғайр аз дукони чарчинфурӯшӣ устохонаи пойафзолдӯзӣ ҳам дорам, – гуфт ӯ, – ин садоҳои «туқ-туқ», ки ҷони мани беморро ба ҳалқам расонда, гӯшамро кар карда истодаанд, аз ҳамон устохонаам меоянд. – Хӯҷаин як нафаси дарози беморона кашида, эзоҳ дод. – Девонабачагоне*, ки ба як устохона рафта кор кунанд, бе бунак кор намекунанд. Мебинед, ки харҷи ман чӣ қадар зиёд аст. Ин бунаки сабилмонда хароҷоти бедаромад аст, – ӯ дар гап задан монда шуда, дақиқае хомӯш монду дам гирифта, боз сухани худро давом дод. – Баъзеҳо ба кори ман ҳасад бурда мегӯянд, ки «фалонӣ ҳам аз дукон, ҳам аз устохона – аз ду ҷой фоида гирифта, бойи калон шуда истодааст», аммо намедонанд, ки «шутур калону реши пушташ ҳам мувофиқи худаш калон» аст. Одам ҳар қадар ки корашро васеъ кунад, хароҷоташ ҳам ҳамон қадар зиёд мешавад.

Хӯҷаин хомӯш монда, чашмашро пӯшонда, ба фикр фурӯ рафт. Аҷаб набуд, ки ӯ дар бораи харҷу дахли дукон ва устохонаи худ фикр мекарда бошад. Баъд

* Коргари устохонаҳои ҳунармандиро дар Бухорои онвақта «девонабача» меномиданд.



аз чанд дақиқа ба лабҳои ӯ як табассуми дандоннамое пайдо шуду гӯё ки худ ба худ, лекин ба ман шунавонда гуфт:

– Худо рӯзӣ кунад, ки одам ҳеҷ харҷ накарда ва пул банд нанамуда, аз дукону устохона фоида кардан гирад, ана дар ҳамон вақт соҳиби давлати бепоён мешавад!

* * *

Ман дар хонаи ин хӯҷаин се рӯз кор кардам. Ошу нонро аз ҳамон ҷо мехӯрдам ва ҳар рӯз бегоҳонӣ, вақте ки корро тамом карда ба хуҷраам мерафтагӣ шудам, хӯҷаин ба ман ду танга музди хизмат медод, ки дар се рӯз ба шаш танга (90 тин) соҳиб шудам.

Дар муддати ҳамин се рӯз ман мундариҷоти дафтари кӯҳнаро ба як тартиби муайян (харид дар дигар ҷой, фурӯш дар дигар ҷой ва монанди онҳо) ба дафтари нав гузаронда, ба хӯҷаин рӯйхати ботартиби худро хонда шунавондам. Табъаш чоқ шуда:

– Бар падаратон раҳмат! – гуфт. – Шумо аз саҳро, аз аккахона булбул рӯидагӣ барин, даҳ ангуштатон даҳ ҳунар шуда омада будед, – ва илова намуд: – ҳозир корамон тамом шуд, биёед, бо шумо барои оянда як шартномаи даҳонакӣ бандем.

– Хуб, марҳамат кунед! – гуфтам ман.

– Вақте ки ман қувват ёфта, ба дукон равам, ҳаррӯза хариду фурӯш ва нақду насияҳои худро дар хотир нигоҳ дошта, бегоҳонӣ ба хона бармегардам. Шумо ҳам ҳар бегоҳонӣ ба ин ҷо биёед, доду гирифти ҳамонрӯзаи маро ба дафтар бо тартибе, ки худатон ёфтаед, навишта диҳед. Дар ин кор ҳар рӯз тахминан яксоата вақтатон сарф мешавад. Ба бадали яксоата хизмататон оши шабонаро бо мо хӯрда равед ва музди дигар талаб накунед. Чӣ мегӯед, маъқул аст ё не?

– Хуб, дуруст, – гуфтам ман.

– Ба гумонам, баъд аз се ё чор рӯзи дигар қувват ёфта, ба дукон меравам. Кори шумо ҳам ҳамон вақт сар мешавад. Лекин то он вақт ҳам ҳар бегоҳӣ ин ҷо омада, хӯроки шабонаро хӯрда равед.

– Хуб, – гӯён ман аз пеши хӯҷаин баромада рафтам.

Аммо то сар шудани кори нав барои ошхӯрӣ ба хонаи ӯ нарафтам, чунки ман дар кисаи худ шаш танга пул доштам ва барои хӯроки ҳаррӯзаам, ки дута нону як коса нахӯдшӯрбо буд, 10–15 тин кифоя мекард ва ба муфт хӯрдани оши хӯҷаин эҳтиёҷ надоштам.

Баъд аз панҷ рӯз махдуми ҳазорагӣ хабар дод, ки хӯҷаин қувват ёфта, ба дуконаш рафтааст. Ман ҳам аз ҳамон бегоҳӣ ба хонаи ӯ рафта, кори навамро сар кардам.

## УСТОХОНАИ КАФШДӮЗӢ

Дар пеши болохонаи хӯҷаини чарчинфурӯш, ки меҳмонхона ба шумор мерафт, як шабгаҳӣ (рӯи ҳавлии болоибомии болояш кушода) буд, ки бошандагони он ҷо шабҳои гарми тобистонро дар он ҷо гузаронда ва дар ҳамон ҷо ҳам мехобиданд.

Дар як тарафи ин шабгаҳ як дари яктабақа, ки роғҳояш намад часпонда маҳкам кардагӣ буд, кушода мешуд. Аз он дар ба як болохонаи васеъ даромада мешуд, ки он ба болои бомҳои хонаи нишасти дарунӣ, айвони дарун ва ошхона воқеъ шуда буд. Ин болохона ғайр аз дари даромадаш на дари дигар дошту на дарича ва дар чор ҷои шифташ чор равзани ҳар тарафаш якоршинӣ ба бом кушода шуда буд, ки ба болои онҳо чорчӯбаҳои секунҷашаклро қафасавор ниҳода, ба атрофи онҳо коғази равғанин часпонда буданд. Ба ин хонаи васеъ, ки дари даромадаш намадпӯш карда шуда буд, рӯшноии хирае аз ҳамон равзанҳо афтода, он ҷоро курмаҳтоб барин нимравшан мекард.

Дар он устохона тахминан чил нафар устою шогирд кор мекарданд, ки ҳар кадомашон ба болои сандаличаи пастаке нишаста ва дар миёни худ аз тарафи пеш пешгири мешигӣ баста буданд. Ҳамаи онҳо бо вуҷуди ҷавон ё миёнсол будан рангканда, пешонаҳошон пурчин ва андӯҳгин буданд.

Онҳо бо ҳам бо овози паст гап мезаданд ва гапҳои ба корҳошон дахлдорро мегуфтанд.

Дар миёнаи онҳо як ҷавони тахминан бисту панҷсола буд, ки ҳамеша бо гӯшаи чашмаш усто ва шогирдони он ҷоро аз назараш гузаронда меистод. Ӯ ҳам монанди дигарон рангканда ва чашмонаш ба дарун фурӯ рафта буд. Ӯ ба касе гап намезад, аммо агар бинад, ки ду нафар аз ҳамкоронаш дар байни худ гап зада истодаанд, корашро боздошта, бо нӯги бигиз буни гӯшашро хорида истода ба гапи онҳо бодиққат гӯш медод ва ҳар гоҳ ки онҳо хомӯш монанд, боз кори худро давом мекунонид.

Ин ҷавон аз коркунони дуртар аз худаш ҳам бо ҳамдигар гап задани онҳоро пай барад, оҳиста аз ҷояш хеста, гӯё ки ягон чизи даркориашро аз пеши дӯзандаҳо меҷуста бошад, ба ҳар ҷо бодиққат нигоҳкунон ба пеши коркунони гап зада истодагӣ мерафт. Онҳо диданд, ки ба болои сарашон он ҷавон рост истодааст, аз гап бозмемонданд.

– Гапҳотонро задан гиретон. Ба ман як қолиби шашқат (масалан) даркор шуд, ҳамонро кофта гаштаам, – мегуфт ва баъд аз қолибҳои дар пеши онҳо будагиро аз назар гузаронидан ба ҷояш бозмегашт ё ба ягон тарафи дигари устохона мерафт.

* * *

Бегоҳонии як рӯзи чоршанбе хӯҷаин ба ман гуфт: – Фардо рӯзи панҷшанбе вақти пешин биёед, ман ҳам аз дукон меоям, дар ин ҷо як соат кор дорем: ба девонабачаҳо сӯмикор[163] доданам даркор аст. Ман, ки бо ҳар кадоми инҳо ҳисобӣ карда пул диҳам, шумо дарров ба дафтар менависед. Ҳисоби инҳо чунон чалкаш аст, ки ҳамаашро дар хотир нигоҳ дошта бегоҳонӣ нависондан мумкин нест.

Хӯҷаин як сонияи хомӯш монда, табассумкунон боз ба гап даромад:

– Ин яксоата кор, албатта, дар қарори байни мову шумо набуд. Ин кор ба гардани шумо сарборӣ (нагрузка) аст. Аммо агар одам аз бозор сад дона харбуза харад, ду дона харбузаро барзиёд «партав» гӯён медиҳанд. Ин кори барзиёд ҳам «партави» корҳои муқаррариатон мешавад.

Ман қабул кардам ва фардо соати дувоздаҳи рӯз ба он ҷо расида рафтам. Хӯҷаин ҳам аз бозор омада, дар ҷои сояраваи шабгаҳ кӯрпача пахн карда нишаста будааст. Дар пеши хӯҷаин як чӯт буда, дафтару қаламу давот ҳам дар он ҷо менамуд.



Ман дар рӯ ба рӯи хӯҷаин ба рӯи шолча нишастам. Ӯ дафтару асбоби хатнависиро ба пеши ман тела дода, ба дари устохона нигоҳ карда:

– Раҷабҷон! Девонабачаҳотро гӯй, якта-якта омада ҳисобашонро шунида, сӯмикорашонро гирифта раванд, – гӯён садо дод.

Бо шунидани ин овоз якчанд нафар шогирдони хурдсол тапаррос зада аз устохона баромаданд ва дар рӯ ба рӯи хӯҷаин рост истода ба ӯ салом доданд.

– Шумоҳо ҳавлии дарунро бо таҳхонаҳо ва ошхона покиза карда рӯбетон, баъд ба миқдоре, ки дар як ҳафта расад, ҳезум шикаста монетон, баъд аз он ба шумоҳо ҷавоб! – гуфт хӯҷаин ба шогирдон.

Шогирдон аз зина тапарросзанон поин фуромада рафтанд ва аз устохона ҳамон ҷавони биступанҷсолаи дамдузд ва як устои миёнсол баромада омада, бар як лаби шолча – дар рӯ ба рӯи хӯҷаин нишастанд.

– Усто Мурод, шумо ин ҳафта чанд ҷуфт кафши мардона баровардед? – гуфта хӯҷаин аз устои миёнсол пурсид.

– Панҷ ҷуфт, – гуфт он усто дар ҷавоб.

Хӯҷаин ба ҷавон нигоҳи саволомезе кард ва он ҷавони рамузфаҳм:

– Ҳамаи ин панҷ ҷуфтро ин кас набаровардаанд. Дуруст аст, ки ҳамааш аз дасти ин кас баромад, лекин дастакҳои ҳамаи онҳоро шогирдон бахия карда доданд, – гуфт.

– Раҷабҷон, худоро ҳозир бин! Ҷони ҷавон дорӣ, дурӯғ нагӯй! Ман чармҳои резгии бачагонаборо ба шогирдон дода дӯзондам, ки онҳо дастакдӯзиро ёд гиранд. Чунки бародарат ёд додани чор шогирдро ҳам ба гардани ман сарборӣ карда бор кардаанд.

– Ман чизеро ки дидам, гуфтам. Ман бо бародарам шарикдавлат нестам. Акнун шумо медонеду хӯҷаин! – гуфт Раҷабҷон пешонаашро турш карда.

– Агар шогирдон ба ҳисоби шумо кор кунанд, дар устохонаи ман ва барои ман чӣ кор мекунанд? Шумо, усто Мурод, мӯйсафед шудаед, бисёр ҳам аз таги дунё нагиред. Ин дунё ба кӣ вафо кардааст, ки ба мову шумо вафо кунад, – гуфт хӯҷаин ва ба ман нигоҳ карда, суханашро давом дод:

– Мирзо, шумо аз дафтар номи усто Муродро ёбед!

Ман дафтарро варақ зада, номи усторо ёфтам, ки 500 танга бунак дошт.

– Сӯмикори панҷ ҷуфт кафши мардона дутангагӣ даҳ танга, аз ин маблағ барои хизмати шогирдон ду танга барорем, ҳашт танга мемонад. Баъд аз баровардани ду танга ба фоидаи бунак, шаш танга сумикоратон мемонад. Акнун аз ин пул ба ҳисоби тани бунак пул мегардонед?

Усто Мурод сарашро хорида-хорида фикркунон гуфт:

– Хуб, ду танга бароред!

Хӯҷаин ба ман нигоҳ кард:

– Дар таги номи ин кас нависед, ки «усто Мурод дафъа ду танга аз бунак дод ва чор танга сӯмикор гирифт».

Ман «дафъа»-ҳои хӯҷаинро партофта, мазмуни гуфтаҳои ӯро ба тартибе, ки худ медонистам, дар дафтар қайд кардам.

Усто Мурод аз дасти хӯҷаин чор тангаро гирифта, он пулро аз як дасташ ба дасти дигараш бозикунон гузаронда, аз ҷояш хест:

– Ин қурумсоқ ба кадом дарди ман даво мешавад? – гӯён худ ба худ ғур-ғур карда ба тарафи зина рафт.

–Ғам нахӯред, усто! Ман зинда бошам, шуморо бепул намемонам. Агар дардатон зӯртар бошад, бунакатон панҷсад нею шашсад. Ман сад тангаи дигарро аз шумо дареғ намедорам, – гуфт хӯҷаин ба ӯ.

– «Боз ҳам завлонаи гардани туро вазнинтар мекунам, боз ҳам барои фоидаи бунак ва тани бунак аз ту бисёртар пул нигоҳ дошта, сумикоратонро ба фисмирӣ (ба маблағи ночиз) мефурорам» – гӯед! – гуфт усто Мурод аз зина фуромада истода ва илова кард: – ин пир «гурги борондида аст». Дигар ба «рӯбоҳбозиҳо» фиреб намехӯрад.

Ба пахлуи Раҷабҷон устои дигаре омада нишаст. Хӯҷаин бо вай ҳам, чунонки бо усто Мурод карда буд, ҳисобӣ кард. Бунаки ин одам дар дафтар шашсад танга буд. Хӯҷаин аз сумикори ӯ барои фоидаи бунак се танга ҷудо кард. Он усто розӣ нашуда гуфт:

– Гуфтушуниди мо дар панҷсад тангаи бунак ҳар ҳафта ду танга нигоҳ доштан буд, ки ин дар як моҳ ҳашт танга мешавад. Вақте ки бунак сад танга зиёд шуд, чаро шумо пули фоидаро як танга зиёд нигоҳ доштед? Дар ин ҳисоб пули фоидаи сад танга дар як моҳ чор танга мешавад, ки ин аз фоидагирии судхӯрон ҳам қариб дучанд зиёда аст. Охир, инсоф кунед, хӯҷаин! Ду тангаро панҷ тақсим карда, панҷякашро ба ҳисоби сад тангаи ҳафтаи гузашта гирифтагиам зиёд кунед-дия.

– Эй мусулмони сода! – гуфт хӯҷаин ба усто, – шумо сад тангаи ҳафтаи гузашта гирифтаатонро гардонда диҳед, ман боз мисли пештара барои панҷсад танга ду танга нигоҳ дошта мегирам. Ин кори ман барои устоҳо як ёрмандист, як хайри бериёст… Кадом кас, ки орзую ҳавасро зиёд карда, бунакашро вазнин кунад, фоидаи бунак ҳам зиёдтар шудан мегирад. Агар дуруст зеҳн монда фаҳмед, ин ҳам ба фоидаи шумост, ки фоидаи бунаки калонро вазнин дида, камтар қарздор мешавед ва орзую ҳавасро камтар мекунед!

– Орзую ҳавас? – гуфт усто тааҷҷубкунон. – Орзую ҳавас ба мо барин берӯзиҳо дар куҷост? Ба сад танга боми хонаамро, ки дар боронгарии баҳорӣ фурӯ рафта буд, аз сари нав дуруст кунондам. Болору васса ва наю бӯрё харидам, ба устои гилкор ва дуредгар музд додам. Дар лойкорӣ дар қатори худам ду мардикор даровардам, ба устою мардикорон ошу нон додам. Магар ин орзую ҳавас аст? Ба духтарам ва модараш ду куртавор гирифта додам, ки ҳар дуяшон ҳам луб-луч шуда монда буданд. Магар ин орзую ҳавас аст? Магар ман мебоист дар зимистон бо зану бачаам дар зери барфу борон менишастам? Магар духтару занро дар пеши ҳамсояҳо монанди худам мебоист бараҳна карда мемондам?..

Хӯҷаин гапи ӯро бурид:

– Кӯтаҳ кунед! Бас аст. Он корҳотон ба ман дахл надорад. Ман ба шумо «хонаатро иморат карда медиҳам, ба зану бачаат либос гирифта медиҳам» гуфта ваъда накардаам. Шумо як гап занед: ба сад тангаи барзиёд гирифтаатон ҳар ҳафта аз сӯмикор як танга гардонда медиҳед ё худи ҳамон сад тангаро гардонда медиҳед. Дигар гап нест, «ҳа» ё «не»!



– Хуб, гардонед, ба шумо шавад! – гуфт усто.

– Пичинги ин гушнапурзӯрро бинед-а, – гуфт хӯҷаин худ ба худ ва ба ман нигоҳ кард:

– Нависед, мирзо, вақт рафт!..

Ҳисобӣ бо коргарон давом кард. Сӯмикори устоҳои дараҷаи дуюм боз ҳам камтар ва бунакҳошон боз ҳам вазнинтар буд, ки бештаринашон ба болои бунак қарзи нав зам кунонда, базӯр ба ду танга соҳиб шуда мерафтанд.

Дар вақти давом карда истодани ҳисобӣ шогирдон кори фармудашударо тамом карда, аз ҳавлии дарун баромада, «хӯҷаин, ҳамаашро кардем» гӯён аз ӯ барои рафтан рухсат пурсиданд.

– Хуб, раветон! – гуфт хӯҷаин дар ҷавоб.

Ман гумон кардам, ки хӯҷаин дар ҳисобии коргарони калонсол саргаранг шуда, ба шогирдон музд доданро аз ёдаш бароварда бошад. Бинобар ин ба ҳоли бачагон раҳмам омада, ба хотири хӯҷаин расондам.

– Магар шогирдон сӯмикорашонро нагирифта мераванд?

– Ба онҳо чӣ сӯмикор медиҳам? – гуфт хӯҷаин пешонаашро турш карда. – Онҳо чӣ кор мекунанд, ки музд гиранд? Аз рӯи инсоф онҳо ба ман музд диҳанд, ки дар ду-се сол аз устохонаи ман усто шуда мебароянд. Аммо аз он ҷо, ки онҳо бачагони бепадару модар ва бепарастор мебошанд, ман ба ҳолашон раҳм карда, бепул ба онҳо ҳунар ёд диҳонда истодаам. Агар толеашон тозаду усто бароянд, миёнашонро бандонда тавонанд* ва дар ҳамон сурат «аз гов ғадуд» барин нимаи пуле, ки ман ба усто шудани онҳо харҷ кардаам, мебарояд. Лекин ҳоло ин «лаклаки дар ҳаво» – фоидаи насия. Нақдаш ҳамин аст, ки ҳоло ман барои усто шудани онҳо меҳнати муфт кашида истодаам.

Ҳисобӣ давом кард ва ин кори «сарбории яксоатаи ман» то вақти шом кашол ёфт. Ҳамаи коркунон рафтанд. Акнун дар пеши хӯҷаин танҳо Раҷабҷон монда буд. Раҷабҷон сар хам карда бо нохунаш шолчаро хирт-хирт хорида ва бозӣ карда менишаст.

Хӯҷаин ба ӯ нигоҳ карда истода пурсид:

– Хуб, додар! Ту чӣ мегӯӣ? Дар дилат ягон гап доштагӣ барин менамоӣ-ку?

– Худатон медонед! – гуфт Раҷабҷон, бе он ки сарашро аз синааш бардорад ва нохунашро аз шолча ҷудо кунад.

– Ман чиро медонам? Ман дили туро чӣ медонам? – гуфт хӯҷаин. – Фарз кардем, чизеро пай бурда бошам ҳам, «сухан аз даҳони Луқмон хуш» – гуфтаанд. Худат гӯӣ, беҳтар мешуд.

– Ман мехоҳам ба лаби ҳавзи Девонбегӣ рафта як давр занам, дар самоворхона нишаста, як чойник чой нӯшам ва бӯи бади ин устохонаро, ки ҳалқу шушу дилу ҷигарамро монанди мӯрии дуконҳои оҳангарӣ кардааст, бо насими оби ҳавз камтар бошад ҳам, аз димоғам барорам ва фардо дар рӯзи бекорӣ ба модарам як куртавор харида диҳам, ки кампир луб-луч мондааст, – гуфт Раҷабҷон ва ҳанӯз сари худро рост намекард ва ба тарафи хӯҷаин назар намеандохт.

– Дардат зӯр будааст-ку! – гуфт хӯҷаин ва аз кисааш як танга бароварда, ба

*Тафсили маросими «миёнбандии» шогирдон дар поён меояд.

тарзе ки ба пеши саг устухон ҳаво диҳанд, ба пеши Раҷабҷон партофт. – Ҳозир ҳаминро гирифта як тамошо кун. Курта бошад, дар ягон вақти дигар ҳисобашро меёбем.

Раҷабҷон он тангаро бо нӯги ангуштонаш ба тарафи хӯҷаин ғелонда фиристода гуфт:

– Шаш моҳ боз шумо ҳисоби куртаи модарамро ёфтан мехоҳед, лекин ҳеҷ намеёбед. Маълум мешавад, ки ҳеҷ ёфта наметавонед. Ҳеҷ набошад, ба ман дар қатори девонабачаҳои дигар ҳақ диҳед!

– «Дар қатори девонабачаҳои дигар ҳақ диҳед?» – такрор кард хӯҷаин сухани Раҷабҷонро ва аз худ илова кард: – охир, баробари девонабачаҳои дигар кор кун, ман ду баробари онҳо ба ту ҳақ диҳам. Ҳар кадоми онҳо ҳамин ҳафта аз чор ҷуфт то шаш ҷуфт кафш баровarданд. Ту бошӣ, ду ҷуфт ҳам бароварда натавонистӣ!

– «Ду ҷуфт ҳам бароварда натавонистӣ?», – гӯён Раҷабҷон сухани охирини хӯҷаинро такрор кард ва якбора сарашро рост гирифта, ангуштонашро аз шолча ҷудо карда, дасти чапашро бар рӯи зонуи чапаш ниҳод ва дасти росташро ба тарафи хӯҷаин дароз карда, чашмонашро бо чашми ӯ дӯхта давом намуд:

– Шумо дидбонии устохонаро ва аз дунболи девонабачаҳо гапчинӣ карда, ба худатон хабаркашӣ карданро аз гардани ман бардоред, ман яку ним баробари дигарон кор бароварда диҳам. Ман ҳоло бигизи ба танавор халондаамро ба кашидан фурсат наёфта, монанди саги шикорӣ устохонаро як давр зада, бӯй карда мебароям. Агар ман намебудам, аз тарафи шогирдон дӯхта шудани дастакҳои кори усто Муродро ба шумо кӣ хабар медод?..

– «Дидбонӣ мекардааст, хабаркашӣ мекардааст, бо ҳамин ба ман фоида расондааст, ки кисаи маро холӣ карда гирифтанаш даркор будааст», – гуфт хӯҷаин худ ба худ бо оҳанги пичинг ва ба Раҷабҷон хитоб карда давом намуд: – охир, ту дидбонӣ карда ба ман чӣ фоида расонда тавонистӣ?! Ҳоло ҳам монанди пештара дуконҳои кӯҳнадӯзон аз резгиҳои чарми устохонаи ман пуранд, ки ҳамаи онҳо ба воситаи ҳамин устоҳо ва шогирдҳо аз ин ҷо бароварда бурда фурӯхта шудаанд. Аз хабаркашии ту ба ман чӣ фоида расид? Сафар ва Ҳотам, ки ҳар кадомашон аз ман ҳазортангагӣ бунак гирифтаанд, магар бе маслиҳати усто Мурод гурехтаанд мегӯӣ? Не, онҳо бе маслиҳати ин пирсаги гурезпо як пиёла об наменӯшанд! Аммо ту бар болои онҳо гапчин шуда истода ҳеҷ чизро нафаҳмидӣ ё фаҳмида бошӣ ҳам, бо онҳо шарик шуда ба ман хабар надодӣ!

– Тӯҳмат кунед, ҳамин кам буд, – гуфт оташинона Раҷабҷон, – шумо тӯҳмат карда, ба хӯрдани ҳақи одамон одат кардаед, – ӯ овозашро боз ҳам баландтар карда, ба хӯҷаин хитоб кард: – ба ман баробари бегонагон ҳақ медиҳед ё не? Гапи охиринатонро занед!

– Астағфирулло! – гӯён хӯҷаин ба кисаи худ даст зад ва аз он ҷо як тангаи дигар бароварда ба он тангаи пештара ҳароҳ карда, ба пеши Раҷабҷон партофт.

Раҷабҷон тангаҳоро гирифта аз ҷой хест ва онҳоро ба тарафи хӯҷаин ҳаво доду ҷомаашро аз мехи пеши дари устохона гирифта ба як китфаш овезон карда, ба тарафи зина равон шуд ва:

– Агар баъд аз ин поямро дар ҳамин ҳавлӣ монам, кучук шавам! – гӯён аз зина фуромада рафт.



Хӯҷаин сар хам карда ба фикр фурӯ рафту баъд аз дақиқае сарашро бардошта ба ман нигоҳ карда, ба гап даромад:

– Вай боз меояд, ҳеҷ гӯр намеравад ва ҷои мерафтагӣ ҳам надорад, – гуфта хомӯш монд ва баъд аз сонияе давом намуд: магар шумо намедонед, ӯ додари ман аст, додари сабабӣ бошад ҳам, додар аст. Баъд аз вафоти модарам падарам модари ӯро гирифта буд, ки ин он вақт бачаи дусола буд ва ҳамроҳи модараш ба хонаи мо омада, дар ин ҷо хӯрда, пӯшида калон шуд. Модараш аз хонаи мо хубуздӣ кард. Баъд аз вафоти падарам модараш меросашро пурра гирифта, бо чизҳои дуздиаш аз хонаи мо ба як ҳавличаи вайронае, ки аз падари ин бача монда будааст, кӯчида рафт. Ин бача дар он вақт даҳсола шуда буд. «Моли мурда паси мурда» ва «моли дуздӣ барака надорад» мегӯянд, рост аст. Занак мероси аз падарам гирифтааш ва ҳам чизҳои дуздидаашро дар ду сол хӯрда тамом кард. Ин бача сарбараҳна, побараҳна, гушнаву ташна дар кӯчаҳо мегаштагӣ шуд. Раҳмам омаду ӯро ба устохонаи худ оварда шогирд кардам. Калон шуд, усто шуд, ман ӯро ба болои устоҳо саркор барин карда мондам, ки обрӯ ёбад, ҳар чӣ бошад, додар аст. Аммо ӯ дар вақтҳои охир ба ман чунон муомила мекунад, ки гӯё шарикдавлати ман бошад.

Рӯз тамоман торик шуда буд. Хӯҷаин ба болохона даромада, шамъдон ва гӯгирд бароварда, дар шабгаҳ шамъро даргиронд.

– Хуб, ҳисобамонро кунем, вақт рафт! – гуфт.

Ман дафтари баъд аз ҳисобии устохона пӯшонда мондагиамро дубора кушодам ва бо имлои хӯҷаин ҳисоби хариду фурӯхти онрӯзаи дуконашро ба дафтар қайд кардан гирифтам.

## БОБОИ ПОЙАФЗОЛДӮЗОН

Хӯҷаин баъд аз тамом шудани ҳисобӣ ба ҳавлии дарунаш фуромада, ошу дастархон баровард. Мо ба сари таом нишастем. Ҳанӯз хӯрокро хӯрда тамом накарда будем, ки аз раҳрав овози по баромад ва баъд аз он аз зина боло баромада истодани як кас маълум шуд. Хӯҷаин «кӣ бошад?» – гӯён ба сари зина чашм дӯхта истод. Аммо то ба пеши шамъ наздик омадани оянда кӣ будани ӯро надонист, ҳамин ки он одам наздик омад, хӯҷаин:

– Эй, бобо-ку! – гӯён аз сари дастархон ҷаста хест ва ба оянда наздик рафта, ӯро ба бағал кашида вохӯрдӣ кард.

Ҳар ду бо ҳам омада, дар канори дастархон нишастанд, хӯҷаин ӯро ба ошхӯрӣ таклиф кард, аммо ӯ ба таом даст дароз накард.

– Ҳозир аз хона таом хӯрда омадам, – гуфт.

Хӯҷаин ҳам дубора ба тарафи таом нигоҳ накард. Ҳарчанд ҳанӯз сер нашуда бошам ҳам, ман низ дигар ба таом даст дароз накардам ва гуфтугузори ин ду дӯсти наздикро дар зери диққат гирифтам.

– Хуб, гап занед, канӣ! Шеред ё рӯбоҳ? – гӯён хӯҷаин аз он одам пурсид.

– Аз давлати худою пир ин ғулом ҳамеша шер аст! – ҷавоб дод ӯ.

– Ба даст даровардед?

– Ба даст даровардам!

– Овардед ё фурӯхта омадед?

Овардам, чунки харидори дуруст ёфт нашуд.

– Ин боз ҳам нағзтар. Чунки чашмони дигарҳошон ба ҷояш меафтад ва медонанд, ки аз гурехтан ба онҳо фоидае набудааст. Хуб, акнун ҳамаашро гуфта диҳед-чӣ?

– Ба шаҳри Самарқанд фуромадам, – гӯён он одам ба гап даромад, – аз як кӯҳнадӯзе, ки дар кӯчаи шаҳри кӯҳна ба чашмам воҳӯрд гузару хонаи бобои пойафзолдӯзонро пурсида гирифта, рост ба он ҷо рафтаму худро шиносондам ва кори кардагии Сафару Ҳотамро ҳикоя кардам. Бобо дар Самарқанд будани онҳоро, дар як устохона кор карда истоданашонро ва то ҳол устокори (соҳиби) он корхона ба онҳо бунак надоданашро гуфта дод… – Он одам дар ин ҷо ҳикояи худро бурида, ба хӯҷаин бо оҳанги шӯхиомез гуфт:

– Ошатонро-ку нахӯрдам, магар як пиёла чойи талхатонро ҳам аз ман дареғ медоред?

– Мебахшед! Бо дидани шумо ман ҳама чизро фаромӯш кардаам, ҳатто одамгариро ҳам! – гуфт хӯҷаин бо оҳанги хиҷолатмандона ва аз ҷояш ҷаста хеста, ба ҳавлии дарунаш даромада, аз он ҷо дар ду дасташ ду чойник чойро гирифта оварду:

– Дар хона ду чойник чойи тайёр будааст, ҳар дуяшро ҳам якбора овардам, – гӯён ба ҷояш гузашта нишасту ба меҳмон як пиёла чой кашида дода:

– Хуб, баъд чӣ шуд? – гуфта пурсид.

Меҳмон чойро нӯшида истода давом намуд:

– Аз гуфтаҳои бобои пойафзолдӯзони Самарқанд маълум шуд, ки Сафару Ҳотам он ҷо рафта, ба бобо воҳӯрдаанд, «мо аз Бухоро, дар он ҷо аз ягон устохона бунак нагирифтаем. Барои тамошои Самарқанд омадем. Агар устохонаи хубе ёфт шавад, дар ин ҷо мемонем. Набошад, баъд аз тамошо кардани шаҳр боз ба шаҳри худ меравем. Лекин то вақте ки ин ҷо бошем, кор карда истоданамон даркор аст, то ки пули чою нонро ёфта истем» – гуфтаанд. Вай онҳоро ба як устохона бурда, ба кор монда хостааст, ки каме ҳам бошад, аз он устохона ба онҳо бунак гирифта диҳад, то ки «бобоёна» зиёдтар рӯяд. Лекин устокор надодааст. «Инҳо ду моҳ ин ҷо кор кунанд, агар гуреза набошанд ва аз пасашон касе кофта наояд, дар он вақт бунак доданам мумкин» – гуфтааст. Бобо аз болои корашон панҷ танга «бобоёна» гирифта, онҳоро ба он усто ба кор супурдааст.

Бо талаби меҳмон хӯҷаин ба ӯ боз чой кашида дод.

– Мебахшед, ба ҳикояи шумо ғарқа шуда, чой кашида доданамро аз хотир баровардаам, – гуфт хӯҷаин бо оҳанги узромез.

Меҳмон пиёлаи дуюмро холӣ карда, давом намуд:

– Фардои он рӯз ман ҳамроҳи бобо ба устохонае, ки Сафар ва Ҳотам кор мекардаанд, рафтам. Онҳо маро дида, монанди мурғе, ки шағолро дида бошад, шах шуда монданд. Ман миқдори бунаки аз шумо гирифтаи онҳоро бо хароҷоти роҳ ва ҳақи бобоёнаам ҳисоб карда ба устокор гуфтам: «Агар инҳо ба шумо даркор бошанд, ҳамин маблағро диҳед ва худашонро ба хизмататон нигоҳ доред». Аммо устокор қабул накард ва «ин нарх ба ман гаронӣ мекунад, шумо инҳоро бурда ба ҷое, ки нону намак хӯрдаанд, супоред» – гуфт. Ҳамин тарз шуда ман он гурезаҳои аҳмақро гирифта овардам.



Хӯҷаин ба меҳмон чой кашида дода, ба гап даромад:

– Боракалло! Шумо хизмати калоне кардед. Ман ин некии шуморо ҳеҷ аз хотир намебарорам. Агар ягон девонабача ба кадом гӯшаи музофоти Бухоро гурехта равад, ҳар чӣ қадар дурдаст бошад ҳам, ба даст даровардани ӯ мумкин ва осон буд. Чунки ин ҷо мамлакати худамон буда, дар сояи давлати ҷаноби олӣ дар ҳар куҷо гапи мову шуморо мешуниданд. Вақте ки ман шунидам, Сафар ва Ҳотам ба Самарқанд гурехта рафтаанд, умедамро тамом канда будам. Чунки он ҷо хоки Русия буда, кордорони ҳукуматии он ҷо ба гапи мову шумо гӯш намеандохтанд. Бинобар ин ман ин комёбиро маҳз аз ғайрат ва кордонии шумо медонам. Саломат бошед!

Меҳмон пиёлаи холишударо ба тарафи хӯҷаин дароз карда:

– Ман, ки риши худро дар ин роҳ сафед кардаам, чӣ кор карданамро медонам ва нонеро, ки аз ин роҳ мехӯрам, ҳалол карда мехӯрам, – гуфт бо оҳанги мағрурона ва баъд аз он ба овози худ як навъ оҳанги хоксории сохтаро омехта, давом намуд: – лекин «хурӯс дар ҳама ҷо баробар ҷеғ мезанад» мегӯянд, ки тамоман дуруст аст. Дар Самарқанд ҳам ҳамаи девонабачаҳо дар зери дасти бобо, ҳамаи онҳо бо бунак ба устохонаҳо банд, устокорҳо бе маслиҳати бобо ягон касро ба кор намегиранд ва ҳокимони рус ба ин корҳо ҳеҷ дахл намекунанд. Миршаби шаҳр ба бобои он ҷо «дар рисолаатон (қоидаҳои навишташудаи касабаҳо) чӣ чизе, ки навишта шуда бошад, ба ҳамон амал кунед, мо кор надорем» гуфтааст. Ана, агар дар Самарқанд хурӯс баробари хурӯси Бухоро ҷеғ намезад, агар дар он ҷо девонабачаҳо дар зери дасти бобо надаромадагӣ мебуданд, ман гарди пои инҳоро ҳам аз он ҷо оварда наметавонистам.

– Хуб, чӣ қадар хароҷот шуд? – гуфта пурсид хӯҷаин.

– Хароҷоти рафту омад, хароҷоти роҳи гурезагон, хароҷоте, ки дар сайри Самарқанд кардам ва ҳақи бобоёнаи бобои пойафзолдӯзони Самарқанд – ҳамагӣ панҷсад танга шуд.

– Зарар надорад, – гуфт хӯҷаин, ман он маблағро ба шумо хизмат карда (дода), аз тарафи худам ҳам сад танга бобоёна медиҳам, ки ҳамагӣ шашсад танга мешавад. Рӯзи шанбе, ки гурезаҳоро ин ҷо овардед, дар пеши худи шумо ин маблағро ду тақсим карда, ба бунаки ҳар кадоми онҳо сесадтангагӣ ҳамроҳ мекунем ва қарзи ҳар кадомаш ҳазору сесадтангагӣ мешавад. Дар он вақт дигар гурехтанро ба ёдашон намеоранд ва то мурданашон кор кунанд ҳам, ин қарзро адо карда наметавонанд.

Ин одаме, ки қади дароз, риши мошу биринҷи паҳн, рӯи сафед, бинии баланди нӯгхам ва саллаи калони сафеди муллоёна дошт, бобои пойафзолдӯзони Бухоро буд.

Бобо «то рӯзи шанбе дар паноҳи худо бошед!» – гӯён аз пеши хӯҷаин хест. Ман ҳам аз ҷоям хеста, ба ӯ ҳамроҳ шуда, аз он ҷо баромадам. Ман мехостам дар роҳ аз ӯ дар бораи «девонабачаҳо» ва дар бораи рисолаи онҳо маълумот гирам. Аммо ӯ ба пурсишҳоям ҷавоби дурусте надод. Вақте ки ман ба ӯ болои ҳам савол додан гирифтам:

– Додар, шумо муллобача, дар оянда муллои калоне мешавед, шумо ҳеҷ гоҳ мӯзадӯз ё кафшдӯз намешавед, ки ин гапҳо ба шумо даркор шаванд, – гӯён аз ҷавобдиҳӣ қатъиян бозистод.

Аз ин ҳаракати ӯ ман ба фаҳмидани қоидаҳои ҳунарпешагони Бухоро ва сабаби «девонабача» номида шудани онҳо боз ҳам ҳаристар шудам. Чунки «инсон ба коре, ки манъ карда шудааст, ҳаристар мешавад» мегӯянд.

Ман дар зери Тоқи Заргарон аз бобо ҷудо шуда, ба тарафи мадрасаи Бадалбек рафтам ва ӯ ба тарафи ҳавлии худаш равон гашт. Ман ба ҳуҷра даромада хобидам. Аммо фикру мулоҳизаи аҳволи девонабачагон ба хоб бурдан роҳ намедод. «Ин чӣ кор аст, ки ҳамаи ҳунармандони як пеша ба як бобо тобеъ бошанд ва ӯ онҳоро ба куҷое, ки хоҳад, барад ва ба кадом устохонае, ки супорад, ҳақ дошта бошад?»

Баъд аз пешини як рӯзи панҷшанбе усто Муроди кафшдӯзро дар лаби ҳавзи Девонбегӣ дидаму аз самоворчӣ як чойник чой пурсида, дар паҳлуи ӯ нишастам ва ба ҳамин саволҳои худ дар бораи пешаварони Бухоро аз ӯ ҷавоб ёфтам, ки инак дар боби алоҳида гуфтаҳои ӯро хулоса карда менависам.

## ҶАМЪИЯТҲОИ ПЕШАВАРОН ДАР БУХОРОИ АМИРӢ

Дар бухорои амирӣ ҳамаи косибон ва пешаварон ҷамъият доштанд: аҳли ҳар пеша ба ҷамъияте, ки ба пешаи худаш дахлдор аст, дохил ҳисоб меёфт. Аммо барои ба ҷамъият дохил шудан ариза додан ё ҳаққи аъзогӣ додан барин шартҳо набуда, модом ки ӯ (масалан) бофанда аст – аъзои ҷамъияти бофандагон, ё кафшдӯз аст – аъзои ҷамъияти пойафзолдӯзон ба шумор мерафт.

Аҳли ҳар пеша бо талқини рӯҳониён яке аз одамони таърихӣ ё афсонавидиниро ба худ «пир» (роҳбар) қарор додаанд. Чунончи, пири бофандаҳо – Имоми Аъзам[164] аст, пири пойафзолдӯзон – Бобои Порадӯзи бухороист, ки дар замони худ кӯҳнадӯзӣ карда будааст, пири машкобон – Аббос (амаки пайғамбар) аст, ки дар воқеаи Карбало ба гурӯҳи Имом Ҳусайн аз дарёи Фурот бо машк об кашонда будааст, пири оҳангарон – Довуд-пайғамбар аст, ки ӯ дар замони худ гӯё зиреҳсозӣ карда будааст, пири саисон Қанбар аст, ки саиси Алӣ (ёри чоруми пайғамбар) будааст ва монанди инҳо.

Рӯҳониён барои пешаварони ҳар пеша қоидаю қонуне навишта, номи онро «Рисола» мондаанд. Дар рисола дуоҳое навиштаанд, ки пешавар дар сар карданикор, дар рафти кор мавридҳои муайян ва дар тамомияти кор бояд он дуоҳоро хонад. Муносибати пешаварон бо бобо (ё оқсаққол), бо устодони худ ва бо соҳибкор низ дар он рисолаҳо таъин карда шудааст.

Албатта он муносибатҳо ба нафъи бобо, оқсақол, устод ва соҳибкор ва бар зарари пешавар буданд. Кадом пешаваре, ки яке аз қоидаҳои дар рисола навишта шудагиро вайрон кунад, ба бобо (ё ба оқсақол) маблағе бо номи «беқоидагӣ» медод, ки ин ба ҷои штраф буд.

Бобо ё оксақол як қисми он пулҳои аз «беқоидагӣ» ҷамъшударо харҷ карда, ҳар сол чанд бор (ба миқдори пули ҷамъшуда нигоҳ карда) бо номи «арвоҳи пир» зиёфат медод. Он зиёфат дар шакли динӣ ташкил ёфта, бо хатми Қуръон мегузашт. Хӯрандагони он зиёфат ҳам аввал рӯҳониён, дуюм устокорон (соҳибони корхона), устоҳои калон ва вофурӯшон (касоне, ки маҳсулоти он пешаро харида мефурӯхтанд – савдогарон ва ҷаллобон) буда, вазифаи пешаварони одӣ дар он зиёфат хизмат кардан буд. Агар чизе аз хӯрандагони калон зиёдатӣ кунад, ба қадри расамааш мехӯрданд, вагарна аз он зиёфат хушклаб мерафтанд.

Шогирди ҳар пеша ҳар чӣ ҳунарманд шуда бошад ҳам, то зиёфате ташкил дода миёнашро набандонад, аз мартабаи шогирдӣ ба мартабаи устоӣ гузашта наметавонист. Дар зиёфати «миёнбандӣ» одатан устои бевоситаи он шогирд бо калоншавандагони он пеша – бобо ва оқсақол ҳозир мешуд ва албатта ду-се нафар рӯҳониҳо ҳам пешгоҳи маҷлиси зиёфати миёнбандиро ишғол мекарданд.

Шогирд дар охири зиёфат ба устои бевоситаи худ пешкаши калоне мекашид; рӯҳониён, бобо ва агар шогирд шогирди устохона бошад, устокорро ҳам аз пешкаш холӣ намемонд.

Устокор баъд аз гирифтани пешкаш як рӯймолро ба миёни шогирд баста, ба дасти ӯ аз абзолҳои он пеша ягон чизро (агар дуредгар бошад – теша ё арра, гилкор бошад – андова, сартарош бошад – поку ё қайчӣ ва монанди инҳоро) месупурад ва ба ӯ бо шарти мувофиқи рисола рафтор кардан ба сари худ (мустақилан) кор карданро рухсат ва фотиҳа медод. Рӯҳониҳо Қуръон хонда, ба арвоҳи пири он пеша мебахшиданд ва бо ҳамин зиёфати «миёнбандӣ» тамом мешуд.

Дар ҳар ҷамъияти пешаварӣ як бобо (ё оқсақол) буд, ки корҳои он ҷамъиятро бевосита ӯ идора мекард ва инчунин як пойкор буд, ки ӯ дар вақти даркорӣ аҳли он ҷамъиятро хабар дода, дар як ҷо ҷамъ мекард ё дигар корҳои майдачуйдаи ҷамъиятро бо фармоиши бобо (ё оқсақол) адо менамуд.

Одатан дар ҳар ҷамъият бобо (ё оқсақол) интихоб мешуд. Лекин дар интихоб (ғайр аз ду ҷамъияте, ки хусусияти онҳо дар поён баён карда хоҳад шуд) фақат устоҳои калон, устокорҳо ва вофурӯшон иштирок мекарданд. Дурустараш, ин «интихобкунандагон» байни худ машварат ва созиш намуда, як касро бобо (ё оқсақол) таъин мекарданд ва пойкорро бошад, худи бобо (ё оқсақол) таъин мекард. Пешаварони одӣ хоҳ дар маҷлиси «интихоб» ҳозир шуда бошанд, хоҳ не, вазифаашон кӣ «интихоб шудан»-ро шунидан буд.

Калонтарини ин ҷамъиятҳои пешаварӣ ҷамъиятҳои пойафзолдӯзон, машкобон, саисон ва бофандагон буданд. Аз ин ҷамъиятҳои калон ҷамъиятҳои саисон ва машкобон, бо вуҷуди бо рӯҳи динӣ навиштагӣ будани рисолаҳошон як дараҷа манфиати пешаваронро риоя мекарданд ва интихоботи инҳо ҳам ба шакли умумӣ буд.

Чунончи, оқсақоли машкобони ҳар ҳавзро оммаи машкобони он ҳавз ба тарзи кушода интихоб мекарданд. Машкобони ҳавзҳои хурд, ки шумораашон кам бошад, дар интихоби оқсақол ба машкобони ягон ҳавзи калонтаре, ки ба худашон наздик бошад, ҳамроҳ мешуданд.

Вазифаи асосии оқсаққоли машкобон мудофиа кардани ҳуқуқи машкобон буд нисбат ба обхӯрон. Масалан, як машкоб бо як соҳибҳавлӣ бо музди муайян созиш мекунад, ки ҳар рӯз як машк ё ду машк об кашонда медиҳад. Агар дар байни соҳибҳавлӣ ва машкоб ҷанҷол барояд, масалан, соҳибҳавлӣ ҳақи машкобро пурра надиҳад, машкоб дигар ба он ҷо об намекашонд ва ин ҳолро ба оқсақол хабар медод. Дар ин мавриди ҳарчанд соҳибҳавлӣ пули зиёд диҳад ҳам, ягон машкоби дигар ба ӯ об кашонда намедод. Агар ягон машкоб ба пул фиреф-

та шуда, ба он гуна ҳавлӣ об кашонад, оқсақол аз ӯ ба номи беқоидагӣ пул меситонид (штраф мегирифт) ва манъ мекард, ки дигар ба он ҷо об накашонад. Агар он машкоб боз қоидаро вайрон карда, дуюмбора ба он ҷо об кашонад, оқсақол ӯро аз ҳуқуқи обкашонӣ маҳрум карда, аз қатори машкобон мебаровард. Хулоса то соҳибҳавлӣ машкоби аввалии худро розӣ накунад, машкоби дигаре ба ӯ об намекашонд. Баъд аз созиш кардани соҳибҳавлӣ бо машкоби аввалиаш, ҳақи ба он ҳавлӣ обкашонӣ дар мартабаи аввал аз они ҳамон машкоби аввалӣ буд. Агар ӯ ба ихтиёри худ ба он ҷо обкашониро нахоҳад, машкоби дигар ҳақ дошт, ки ба он ҷо об кашонад.

Бо ҳамин тартиб мудофиа кардани ҳуқуқи машкобон дар рисолаи онҳо набуд. Лекин зиндагонӣ онҳоро маҷбур карда буд, ки дар мудофиаи ҳуқуки худ ин қоидаи нонавиштаро байни худ ҷорӣ кунанд. Вазифаи дигари оқсақол назорат кардан ба тарзи обкашонӣ буд. Машкобро лозим буд, ки машкро ба замин нагузорад ва дар вақти об пур кардан, ки ба рӯи зинаи ҳавз гузоштани як тарафи машк лозим меояд, машкоб мебоист аввал ҷои машгузориро шӯяд ва баъд аз он як тарафи машкро ба он ҷо ниҳода, об пур кунад. Инчунин дӯлчаи чарминро, ки бо вай ба даҳони машк об мерезанд, ба замин гузоштан мамнӯъ буд. Машкоб баъд аз об пур кардани машки худ мебоист дӯлчаро ба мех ё дарахт овехта монад. Агар машкоб яке аз ин қоидаҳоро вайрон кунад, оқсақол аз вай ду танга ба номи «беқоидагӣ» (штраф) меситонид ва маблағи бо ин роҳ ҷамъшударо дар зиёфати «арвоҳи пир» сарф мекард. Зиёфати арвоҳи пири машкобон ҳам бо рӯҳи динӣ мегузашт.

Ҷамъияти гилкорон ва дуредгарон ҳам як дараҷа ҳуқуқи аъзоёни худро мудофиа мекард: агар байни як усто ва соҳибкор вайрон шуда, усто бинокориро нотамом партофта равад, устои дигар ҳақ надошт, ки он иморатро тамом кунад. Баъд аз розӣ кардани соҳибкор устои аввалиро, агар он усто дубора дар он ҷо кор карданро нахоҳад, устои дигар метавонист, ки дар он ҷо кор кунад Аммо «арвоҳи пири» ин ҷамъият ҳам бо рӯҳи динӣ мегузашт.

Демократитарини ҷамъиятҳои пешаварон ҷамъияти саисон буд, ки аробакашҳо ҳам ба ҳамин ҷамъият дохил буданд. Бобои ҷамъияти саисон аз байни куҳансолтарин саисоне интихоб мешуд, ки онҳо феълан дар ҳамон касб машғул буда, дар ҷое кор мекарда бошанд. Инчунин дар интихоби бобо умуми саисҳо фаъолона иштирок мекарданд. Саисон ҳам рисолаи дар рӯҳи динӣ навиштагӣ доштанд, лекин онҳо мундариҷоти он рисоларо ҳеҷ гоҳ ба амал намеоварданд ва зиёфати «арвоҳи пир» ҳам намедоданд. Шогирдони ин пеша «навча» номида мешуданд, ки баъд аз ҳунари саисиро ба даст даровардан, бе маросими «миёнбандӣ» мустақилан кор кардан мегирифтанд.

Пуле, ки дар ин ҷамъият ҷамъ мешуд, аз роҳи беқоидагӣ ва штрафи аъзоён набуда, бо роҳи ба кор даровардани аъзоҳо буд. Дар ҳар корхона (аспхона) саис даркор шавад, ба бобои саисон муроҷиат мекард. Бобо як саис ё чанд саисе, ки даркор бошад, ба он корхона дода, моҳонаи ӯ ва озуқаи ҳаррӯзаи ӯро муайян мекард. Дар вақти ба кор мондани ҳар саис бобо аз соҳибкор ду танга ва аз саис ду танга мегирифт. Лекин ӯ ин пулро барои худаш ва ё ба ҷои дигаре сарф намекард, балки ҳар гоҳ ягон саис бекор монад ва ё бо соҳибкор созиш накарда,



корро партофта барояд, ба пеши бобо меомад ва бобо ӯро то ба кори нав ҷойгир кунондан мехӯронд, ки он маблағ дар ҳамин кор сарф мешуд.

Агар байни яке аз он саисон ва соҳибкор вайрон шуда, он саис корро партофта барояд, дигарҳошон ҳам корро партофта, аз он ҷо мебаромаданд ва ҳамаашон ба бобохона омада, хӯрда мехобиданд. То вақте ки соҳиби корхона ба воситаи бобо он саисонро розӣ накунад, саиси дигаре дар он ҷо кор намекард. Агар ягон касе, ки касбаш саисӣ набуда, ҳаваскорона ба он корхона рафта кор кунад, саисони дигар ӯро мурдавор мезаданд ва маҷбур мекарданд, ки дигар дар он ҷо кор накунад (ин тартиб ба аспхонаҳое, монанди аспхонаҳои саркардагон, аҳли дарбор ҷорӣ буд, ки онҳо чанд сар асп дошта, саисҳои касбиро аз бобохона мегирифтанд. Аммо касони хусусӣ, ки як асп доштанд, ягон ҳаваскори саисиро ба кор мегирифтанд ва ба онҳо касе дахл намекард).

Аммо ҷамъиятҳои дигари пешаварон тамоман бар зарари пешаварони одӣ ташкил ёфта буданд. Хусусан бофандагон ва пойафзолдӯзони одӣ то мурданашон аз чанголи бобо ва устокор раҳоӣ намеёфтанд.

Қоидаи бунак ҳам бештарин дар байни пешаварони ҳамин ду пеша ҷорӣ буд. Чунки бобо ва устокор музди корро ба он дараҷа паст қарор дода буданд, ки маишати пешавари одӣ бо он музд таъмин намеёфт. Бинобар ин он пешавар маҷбур буд, ки бо номи «бунак» аз устокор қарз кунад. Агар пешавар аз устокор як бор бунак гирад, маблағи бунак дар андак вақт калон шуда мерафт. Чунки музди кори пешавари бо бунак коркунанда аз музди кори пешавари озод камтар мешуд,бинобар ин зуд-зуд ба бунаки нав гирифтан мӯҳтоҷ мешуд ва дар натиҷа бунакаш вазнин шуда, ба дараҷаи адо карданашуданӣ мерасид.

Калимаи «бунак» дар зиндагии пешаварон ба ҷои «музди пешакии кор» (аванс) кор фармуда мешуд. Аммо калимаи «бунак»-ро махсусан ба маънои «музди пешакии кор» истеъмол кардан барои ин аст, ки ҳамин музди пешакӣ барои устокор буни корро (бехи корро) таъмин мекард. Зеро ҳар устокоре,ки ба коркуни устохонаи худ музди пешакии корро гузаронда тавонад, дар амал кори он пешаварро ба манфиати худ то мурдани ӯ таъмин кардагӣ мешуд.

Бинобар ин устокорон, ҳарчанд дар шаҳри ҷудогона зиндагонӣ кунанд ва якдигарро нашиносанд ҳам, коркуни бунакдори якдигарро ба устохонаи худ намегирифтанд ва агар надониста гирифта бошанд, бо маълум шудани бунакдориаш ӯро ба хӯҷаини аввалиаш месупурданд.

Аммо агар устокори дуюм толиб ва устокори якум розӣ бошад, устокори дуюм бунаки пешавари гурезаро бо хароҷоте, ки дар кофта ёфтани ӯ шудааст, ба устокори якум дода, он пешаварро ба ихтиёри худ мегирифт ва табиист, ки дар ин сурат бо замми ҳақи бобоёна дар табдили устохона бунаки он пешавари гуреза боз зиёдтар ва вазнинтар мегардид.

Баъзан ду устокор бо ризои якдигар, масалан, яке аз онҳо устохонаашро хурд кардан ё бастан хоҳад, ин устокор як пешавар ё якчанд пешаварони бунакдори худро ба он устокори толиб бо гирифтани маблағи бунак аз вай месупурд ва ба сабаби ҳақи бобоёна, ки бобо дар ин радду бадал мегирифт, бунаки пешавар дар вақти гузаштанаш ба устохонаи дигар вазнинтар мегардид. Хулоса карда гӯем, пешавари бунакдор мисли ҳайвоноти корӣ дар байни ду хӯҷаин хариду

фурӯш мешуд ва ҳақи бобоёна, монанди ҳақи даллолии бозори ҳайвонот, ба кисаи бобо медаромад.

Ҳамаи ин корҳо дар ҳузури бобо ва бо адо кардани ҳақи бобоёнаи ӯ ба амал оварда мешуд ва ҳар коре, ки бе ҳузури бобо карда шавад, расмӣ ба шумор намерафт. Азбаски бобо ба итоат кунонидани коргари пешавар ба устокор, ба ёфта додани ӯ дар вақти гурехтанаш ва ба рӯёнда додани бунак дар мавриди табдили ҷои кори он пешавар мутасаддӣ буд, лозим буд, ки ӯ аз ҳар кор хабардор шуда, дар ҳар маврид ҳақи бобоёна гирифта истад.

Сабаби «девонабача» номида шудани пешавароне, ки дар як устохона бо сӯмикор (бо музд) кор мекарданд, ин буд, ки онҳо аз шиддати тазиқ ва ба сабаби бераҳмонаистисмор шудан, ба бемории асаб гирифтор шуда буданд. Бинобар ин пешаварони бебунак коркунанда дар як устохона аз як ҳафта зиёд кор намекарданд ва ба муқобили истисмори устокор бо нафрат ҷавоб дода, кори ӯро партофта мерафтанду ба устохонаи дигар медаромаданд.

Пешаварони бунакдор ҳам, бо вуҷуди ин ки медонистанд охир ба даст афтода борашон вазнинтар хоҳад шуд, ба шиканҷаи истисмори бераҳмона тоб наоварда мегурехтанд ва чанд рӯз дар гурезагӣ озодона гаштанро ғанимат мешумурданд.

Бинобар ин устокорон, бобоён, вофурӯшон ва умуман касоне, ки аз он пешаҳо бе меҳнат фоида мебурданд,онҳоро бо таҳқир «девонабача» номида буданд. Рафта-рафта худи онҳо ҳам ин номро қабул карда, дар вақтҳои бо устокор ҷанҷол кардан, кори устохонаеро партофта баромадан ва дар мавриди гурехтан «мо девонабача мебошем, мо ҳар коре, ки хоҳем, мекунем, хоҳ аз он кор ба мо зарар расад, хоҳ фоида, то даррад – даррад, то дорад – дорад, бало ба паси дунё, ҳамин дам ғанимат аст!» мегуфтанд.

* * *

Ман то тирамоҳ ба кори рӯзе яксоатаи хӯҷаини чарчинфурӯш давом кардам. Чун ба мадраса касоне, ки ба ман ошпазӣ ё ҷомашӯӣ мефармуданд, омадан гирифтанд, ман он корро тарк кардам. Хӯҷаин аввал забонбозӣ карда, бисёр зӯр зад, ки маро дар кори яксоатаи худ давом кунонад, чун ман қабул накардам, пешонаашро турш карда:

– Хуб, равед, беҳбудии коратонро бинед! Инро дониста монед, ки касе аз хонаи касе намак хӯрда, бе ризои он соҳиби хона равад, намак кур мекунад, – гуфт.

– Кур шудан барои ман беҳтар аз он аст, ки ҳар рӯз рӯи шумо ва устохонаи шуморо бинам! – гуфтам ман ҳам пешонаи худро турш карда.

Баъд аз он воқеа ҳар гоҳ, ки ман аз раста аз пеши дукони ӯ мегузаштам, худро ба нодонӣ зада, рӯяшро мегардонду ба коре машғул мешуд, яъне дар миёнаи мо саломи алеки одӣ ҳам барҳам хӯрда буд.

* * *

Таҳсил сар шуд ва дар дарсхонаи мо – дар пеши домулло Икром Абдухалил-махдум ном писари бародари аз худ калони Шарифҷон-махдум ба мо шарик шуд. Азбаски Абдухалил-махдум қозизода ва набераи қозикалон буд, Ҳомидхоҷа қоригии ҷамоаро ба ӯ супурд.

Абдухалилмахдум як ҷавони сурхчарӯй, чашму абрӯяш сиёҳ, миёнақомати қоқбадан ва дар сол баробари ман буд. Азбаски пештар падари ӯ дар районҳои дур қозӣ буда, ӯ ҳам дар пеши падараш буд, ман дар вақтҳои дар хонаи Шарифҷон-махдум буданам ӯро надида будам. Абдухалил саводи тоҷикии хуб ва хати зебое дошт, адабиётро хуб мефаҳмид ва дӯст медошт. Ӯ бо вуҷуди калонзода буданаш бисёр хоксор буд ва ба муллобачаҳои одии пойлуч ҳам ҳурматкорона муомила мекард.

Абдухалил-махдум баъди дар ҷамоаи мо қорӣ шуданаш маро ба дарстайёркунӣ таклиф кард. Ман ҳам қабул кардам. Дарстайёркунии ман бо ӯ, монанди дарс тайёр карданам бо Ғафурҷон-махдум, иборатёддиҳии хушк набуда, бо муколамаи ҳақиқӣ, бо гуфтугузори тарафайн маънии дарсро фаҳмида гирифтан буд.

Ҳавлии Абдухалил-махдум дар гузари Ғозиён, дар паси мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф ва ҳаммоми Ғозиён буд. Ӯ падар ва ду додар дошт, ки онҳо дар он ҳавлӣ зиндагонӣ мекарданд, худаш хонадор буда, шабҳои таътил дар ҳавлӣ ва шабҳои таҳсил дар ҳуҷра буд. Ҳуҷраи ӯ бар болои дарвозаи мадрасаи Ғозиён буд, ки даричааш ба тарафи ҳавзи Ғозиён кушода мешуд ва дар шароити Бухорои онрӯза он ҳуҷра ҳуҷраи хушҳаво ба шумор мерафт.

Ман ҳар пагоҳ он ҷо мерафтам, бо ӯ дарс тайёр карда, ҳамроҳ ба дарсхона мерафтем. Ӯ дар дарсҳои домуллои кунҷакӣ ҳам бо ман шарик шуда, ба Мулло Абдусалом шогирд шуд.

Абдухалил бар хилофи амакҳояш – Шарифҷон-махдум ва Ғафурҷон-махдум хеле боҳиммат буд. Ӯ бо хӯрок, бо пӯшок ба ман хуб ёрмандӣ мекард. Дар ҳуҷраи ӯ қариб ҳамаи девонҳои шоирони машҳури гузашта ва баёзҳои гуногуни ашъори шоирони замонҳои охир ёфт мешуданд, ки ман аз онҳо бемалол фоида мебурдам.

Афсӯс, ки он ҷавон бемории сил дошт. Ҳарчанд он вақтҳо ин беморӣ дар вай он қадар зоҳир нашуда ва ба қуввати баданаш зарар нарасонда бошад ҳам, аз кӯтоҳ-кӯтоҳ сурфа карданаш таҷрибакорон пай мебурданд, ки дар табиати ӯ он беморӣ ҳаст.

## ТАХАЛЛУСИНТИХОБКУНӢ

Ман бояд дар ин ҷо дар бораи тахаллусҳои адабии худ якчанд калима нависам: дар солҳои аввале, ки ман дар шаҳри Бухоро будам, мардум (бо истиснои баъзе касон), хусусан муллоҳо, ба ман бо назари бисёр паст менигаристанд ва бо оҳанги таҳқиромез маро «саҳроӣ» меномиданд. Ман ба ҳамин муносибат барои худ калимаи «сифлӣ»-ро, ки «паст» гуфтан аст, тахаллус қарор додам. Аммо сонитар ин тахаллус ба худам маъқул нанамуд. «Мардум маро паст мешумориданд, ин кори онҳост. Аммо худам чаро худро паст шуморам? Фарқи ман аз дигарон дар ин аст, ки ман қашшоқ ва мӯҳтоҷам, онҳо доро ва аз ҳар чиз мустағнӣ» – гуфта фикр мекардам.

Чун дар далелҳои рад карданам калимаи «сифлӣ»-ро ба сифати тахаллус ба «қашшоқӣ» ва «мӯҳтоҷӣ»-и худ иқрор кардам, ба назари худам калимаҳои «мӯҳтоҷ» ва «мӯҳтоҷӣ» барои тахаллусам муносибтар намуданд ва баъд аз он дар шеърҳои худ ба гунҷоиши вазн нигоҳ карда, гоҳ «Мӯҳтоҷ» ва гоҳо «Мӯҳтоҷӣ» тахаллус гузоштам.

Рафта-рафта ин калимаҳо ҳам ба сифати тахаллус ба ман маъқул нашуданд ва дар дили худ: «дуруст аст, ки ман мӯҳтоҷам. Аммо чаро ба воситаи шеър мӯҳтоҷии худро ба одамон эълон кунам? Ман ҳарчанд мӯҳтоҷ бошам ҳам, бояд худро ба мардум чунон нишон диҳам, ки ба чизе мӯҳтоҷ нестам» –гуфтам ва ин тахаллусро ҳам рад кардам.

Ман бо таъсири он зиндагонии сахте, ки дар хурдсолӣ ба сарам афтода буд, асабӣ шуда будам ва аз зиндагӣ бисёр дилтанг мешудам; баъзан дар шабҳои танҳоӣ баъзе шеърҳои марсиямонанди шоирони гузаштаро хонда, барои холӣ кардани дили худ мегиристам. Мардум ба ин хусусияти ман пай бурда, «бачаи қобил аст, аммо қадаре девонагӣ дорад» – мегуфтанд. Ман ҳам ба ин фикри мардум тобеъ шуда, барои худ калимаи «Ҷунунӣ»-ро, ки мансуб ба девонагӣ гуфтан аст, тахаллус қарор додам.

Рафта-рафта ин тахаллус ҳам маъқул нашуд: «охир ман девона нестам» гуфтам дар дили худ, « ман ҳар чизро мефаҳмам ва фарқ мекунам, пас чаро худро ба девонагӣ нисбат диҳам? Мардум маро ба девонагӣ мансуб мекардаанд, кардан гиранд, ин ба ман дахл надорад».

Баъд аз ин мулоҳизаҳо ба фикри интихоби тахаллуси маъқуле афтодам. Дар он вақтҳо баъзе муллобачаҳо, хусусан муллобачаҳои бухороӣ ва муллозодаҳо, дар ҳаваси шеъргӯӣ меафтоданд, ҳатто бесаводи алифбоӣ буданашон ҳам ба ин орзуи онҳо монеъ намешуд. Аммо пеш аз он ки шеър машқ кунанд ва байтеро ба майдон бароранд, барои худ тахаллус меҷустанд ва ҳар кадом калимаеро интихоб намуда, ба худ тахаллус қарор медоданд, ба якдигар бо он тахаллус хитоб карда завқ мебурданд, маънии тахаллуси якдигарашонро мепурсиданд ва бар болои муносиб ё номуносиб будани он калима барои тахаллус мунозира мекарданд ва ҳар кадом ба ақидаи худ тахаллуси худро афзал мешумурданд. Далели якуми афзалияти тахаллуси онҳо камёб, аҷиб ва аз тарафи шоирони замонӣ ё гузашта ба сифати тахаллус гирифтанашуда будани он калима буд.

Бо ҳамаи ин бештарини тахаллуси онҳо ё такрори тахаллусҳои аз ҷониби шоирони дигар гирифташуда буд ё бемаънӣ ва ё бо маънии номуносиб мебаромад. Ҳатто Мирқодир-махдуми байтал ҳам, ки ба адабиёт ҳеҷ ҳавас надошт, шеърхониро бад медид ва дар сӯҳбате, ки шеърхонӣ сар шавад, дарров баромада мерафт, аз ин ҷараёни умумии тахаллусковӣ берун намонда буд. Ӯ дар ин гуна сӯҳбатҳо мегуфт: – «Агар ман шоир шавам, тахаллуси худро «Гамбуск» қарор медиҳам. Чунки ин калима ба сифати тахаллус аз тарафи ҳеҷ шоир қабул карда нашудааст».

Аз ин мунозираю мубоҳисаҳо ва аз ин тахаллусковиҳои умумӣ ман ба чунин фикр омадам: «Бояд тахаллусе ёбам, ки пурмаънои муносиб ба тахаллус ва дар айни замон аз тарафи шоирон ба сифати тахаллуси адабӣ гирифтанашуда бошад. Ман бо ин мулоҳиза рӯзҳо ва шабҳо китобҳои луғатро варақ задам ва дар охир калимаи «айн»-ро ёфтам, ки аҳли луғат ба вай чилу ҳашт ва ҳатто зиёдтар аз ин маъно додаанд ва дар қатори маъниҳои машҳури ин калима чашм, чашма, чарми гулӯлагузории камонғӯлакро шумурдаанд, ки он калимаро бо ҳар кадоми ин маъниҳо барои тахаллус гирифта, худро ба вай нисбат додан мумкин аст.

Акнун дар пеши ман ҳамин савол омада буд, ки ин калима ба сифати тахаллус аз тарафи шоирони дигар гирифта шуда бошад ё не? Ман барои ба ин саволи худ ҷавоб ёфтан, аз китобхонаи Абдухалил-махдум тазкираҳои «Оташкада»[165] ва «Давлатшоҳӣ»-ро[166] гирифта, феҳрасти номҳои шоирони дар он китобҳо дарҷшударо аз назар гузаронидам. Аммо дар он феҳрастҳо ин калимаро ба сифати тахаллус надидам. Бо вуҷуди ин барои эҳтиёт аз ягон одами пурдон пурсидани ин масъаларо лозим донистам.

Дар ҳамон вақт рӯзе ба Мулло Холии ӯротеппагӣ, ки зикраш дар боло гузашт[167], вохӯрдам. Ӯ бо ҳамаи пастии шеъраш ба таърих ва тарҷимаи ҳоли шоирон ва олимони гузашта хеле воқиф буд. Аз ӯ ба сифати тахаллус аз тарафи касе гирифташуда ё нашуда будани ин калимаро пурсидам. Ӯ дар ҷавобгуфт:

– Ман ин калимаро ба сифати тахаллуси ягон шоир надидаам ва танҳо дар Миср як олим гузаштааст, ки Саҳеҳи Бухориро[168] шарҳ кардааст ва лақаби илмии он одам «Айнӣ» мебошад.

Чун дар бораи аз тарафи шоирони маълум ба сифати тахаллус гирифта нашудани ин калима қаноат ҳосил кардам, худро ба калимаи «айн» ба маънои чашм, чашма ва ё ба маънои ҷои тиргузории камонғӯлак нисбат дода, тахаллуси худро «Айнӣ» қарор додам.

Вақте ки шоирии ман ва тахаллусам ба ҷавонони шоиртароши он замон маълум шуд, онҳо бе он ки аз ман шеър пурсанд ва маънии вайро ҷустуҷӯ кунанд, маънии тахаллусамро мепурсиданд ва ман дар ҷавоб:

– Ин калима 48 маънӣ дорад. Худатон китобҳои луғатро мутолаа карда, маъниҳои ин калимаро омӯзед ва ман ба шарҳ додан вақт надорам, – мегуфтам.

Ин ҷавоби ман нисбат ба он пурсандагон як ҷавоби ҳайратовар буд ва бо тақозои ҷавонӣ худам аз ин ҷавоби худ завқ мебурдам.

Дар ин ҷо ҳаминро қайд карда гузаштанам зарур аст, ки ягон шеъри маро ба тахаллусҳои Сифлӣ, Мӯҳтоҷӣ, Мӯҳтоҷ ва Ҷунунӣ касе надидааст ва ягон ғазали бо он тахаллусҳо навишташудаамро ҳоло худам ҳам дар ёд надорам ва нусхаҳои он шеърҳо бошанд, чунонки дар боло қайд кардам, баъд аз понздаҳ рӯз ё як моҳи ба дунё омаданашон бо танқиди худам ва аз тарафи худам нест карда шудаанд. Ҳатто шоирон ва шоиртарошон барои ман як вақтҳо тахаллус шудани он калимаҳоро нашунида буданд.

Чун дӯстии ман бо Ҳайрат, ки зикраш дар поён меояд, наздик шуд, ман аввалин бор ба ӯ воқеаи тахаллус интихобкунии худро ҳикоя карда, дар он зимн он калимаҳои ба сифати тахаллусам мурда рафтагиро ном бурда будам ва аз он калимаҳо ба сифати тахаллуси ман «Ҷунунӣ» дар хотири ӯ монда будааст, ки дар як қасидаи восӯхтмазмуни худ ёд мекунад.

Ҳайрат дар бемории охири умраш, ки аз ҳаёт умедашро канда буд,як қасида навиштааст ва дар он қасида ба муносибате маро ном бурдан хостааст ва ба тарзе ном бурдан хостааст, ки ба шунавандагони он байт ман маълум нашавам.

Бинобар ин маро бо тахаллуси гумшударафтагиам ёд кардааст. Се байти он қасида, ки ба ин матлаб дахл дорад, ба тарзи зерин аст:

… Муддати кин ин қадар муддат намекардӣ кашол,
Гар на аз мо дилкашолон дилкашолӣ доштӣ!
Чун нагирям хун ба ҳоли талхкомон, пеш аз ин
Тарзи шаккархандию ширинмақолӣ доштӣ,
Бо Ҷунунӣ мекушодӣ гоҳ тӯмори итоб,
Гаҳ хитоби ҳарфи ширин бо Камолӣ* доштӣ.

## ХАРИ КИРОКАШ ВА БЕМОРӢ

Ман дар аввалин соли ба мадрасаи Бадалбек омаданам, дар охирҳои тобистон чандрӯза ба Ғиждувон рафта омада будам (ин воқеаро барои он дар ҷои худаш ёд накарда будам, ки ба ин ҷои ёддоштҳоям дахл дошт). Нақшаи сафари худро ба тарзи зерин қарор дода будам: аз Бухоро рӯзи бозори Вобканд хар киро карда, ба Вобканд меравам ва аз он ҷо бо аробаи боркашононии Ғиждувон ба Ғиждувон рафта ва аз он ҷо ба деҳаи худ – Соктаре мегузарам.

Ман мувофиқи ин плани худ як рӯзи якшанбе пагоҳонӣ ба дарвозаи Имоми шаҳри Бухоро, ки кирокашони байни Бухоро – Вобканд дар он ҷо меистоданд, баромадам. Дар он ҷо аз байни харҳои кирокашӣ, ки мастона ҳангоскунон ҳаллос зада истода буданд, як хари сафеди калони тӯқумқолиниеро, ки ба қавли харкорони Бухоро «бузи биничок» буд, маъқул кардам. Ин хар дақиқае ором намеистод, нафас нагузаронида ҳангос мезад, ар-ар мекард, ба ҳар тараф лагад ҳаво медод ва ба қавли Нозими Ҳиравӣ[169]:

…Ба шӯхиҳои алвон даст мезад,
Ба ин дандон, ба он арраст мезад.
Гаҳе бо шеър месанҷид худро,
Гаҳе чун аждаҳо медид худро…

Ман ин харро беҳтарини харҳо ва давандатарини онҳо гумон карда, ба як тангаю ҳашт пул то Вобканд киро кардам. Ва ҳол он ки кирои харҳои дигар аз шаҳр то Вобканд як танга буд. Ман ҳашт пулро барои он барзиёд харҷ кардам, ки ба Вобканд зудтар расиданам ва аз он ҷо ягон аробакаши ғиҷдувониро ёфта, Ғиждувон рафтанам даркор буд.

Одати харкорони Бухоро ин буд, ки дар ду манзиле, ки байни онҳо кирокашӣ кунанд, ҳамаашон ду тақсим шуда, ҳар қисме дар яке аз он манзилҳо меистоданд. Ҳар равандае, ки ба яке аз он манзилҳо омада, хари кироӣ талаб кунад, харкорони дар он ҷо будагӣ хоҳ хари худашон рост ояд, хоҳ хари рафиқони дар манзили дигар будаашон, созиш карда дода, пули кироро нақд мегирифтанд ва раванда он харро ба ихтиёри худ то манзили кирокардааш савор шуда мерафт ва дар он ҷо харкорони дигар он харро аз раванда қабул карда мегирифтанд.

Ман он хари ҷавмастро савор шуда, ба роҳ даромадам. Кирокаш ба ҷои халачӯб ба дасти ман як химча дода, аз ҷои истодагиаш «ҳай, ҳаромгӯшт, ҳушёр бош!» – гӯён халачӯбашро ба замин сахт зад. Харе, ки бо савор шудани ман ҳаллосзанон хез мезад, бо шунидани овози кирокаш ва садои чӯб монанди парандаи тезпар ба парвоз даромад. Вай бо ҳамон парвоз аз бозори асп, Галаҷӯй гузашта, ҳеҷ пешпое нахӯрда ва суст нашуда то дуроҳаи Ситорамаҳхоса ва Галаосиё расид ва дар он ҷо, гӯё ки аз замин аз байни тапурхок чизеро меҷуста бошад, якбора аз давиш истода, тумшуқашро ба хоки роҳ халонда, хокро ба ҳар тараф пош дода бӯидан гирифт.

Ман дақиқае сабр кардам, то ки хар лаззати одатиашро аз хоки роҳ барад, дар он вақт ба роҳ андохтани вай осон мешавад. Аммо вай аз хокпошӣ ва бӯидани он ҳеҷ сер нашуд. Ман дидам, ки вай фикри ба роҳ даромадан надорад, бо химча ба гарданаш задан гирифтам. Аммо хар ба он зарбаҳои ман ҳеҷ парво накарда, кори худро давом додан гирифт. Гӯё ки ба хоҳиши ман бо инодкории харона ҷавоб медода бошад, бо поҳои пасу пешаш хоки роҳро ба ҳар тараф ба пош додан даромад. Дидам, ки вай бо мулоимат роҳ намеравад, бо химчаи худ ба миёнаи ду гӯшаш кашидаву кушода задам.

Хар бо хӯрдани ин зарба бе он ки тумшуқашро аз замин бардорад, дар ҷои истодагиаш паррик барин як чарх зада, худро ба замин бо як паҳлуяш чунон бо тезӣ партофт, ки ман аз болои вай монанди себе, ки дар рӯзи шамоли сахт аз дарахт канда шавад, ба канори роҳ парида афтодам.

Хар баъд аз ду-се бор дар хоки тапур ғел зада, ҳама ҷоро хоктӯфон кардан, поҳояшро дароз карда ба ҳузур хобид. Ман баъд аз қадаре нафасамро рост гирифтан аз ҷо хестам, либосҳои хоколудшудаамро афшонда, химчаро ба даст гирифта, ба сари хар омадам. Аммо ҳарчанд «хих-хих» мегуфтам ва бо химча мезадам, хар парво намекард ва дар сари ҳар чанд гоҳ аз ин паҳлу ба он паҳлу ғелида, бо поҳо ва тумшуқаш хокбозӣ мекард.

Охир аз думи хар дошта, бо тамоми қувватам боло бардоштам, вай тамбалона нолише карда ба зӯр аз ҷо хесту баданашро як афшонда, ба қадре ки метавонист, хокҳои гӯшу ёлашро аз худ дур кард. Ман хокҳои ба тӯқум нишастаро бо химча зада камтар кардамва тӯқуми яктарафшударо рост карда, айилро аз сари нав кашида, савор шудаму сари харро ба роҳи Галаосиё рост кардам, ки ба Вобканд аз ҳамон роҳ рафта мешуд.

Хар роҳ рафтан намехост, бо задани пай дар пай ва «хих-хих»-и бисёр ба зӯр аз ҷо меҷунбид ва қадамашро гӯё шумурда мепартофта бошад, чида-чида пой мемонд. Бо ҳамаи ин сустгардӣ дар ҳар сари чанд қадам пешпо мехӯрд. Мақсадаш аз ин пешпохӯриҳои қасдӣ маълум буд: вай маро аз пушти худ дур кардан мехост. Аммо ман, ки харсавори бад набудам ва дар харсаворӣ дасти худро шикаста, хеле таҷриба ҳосил карда будам, гӯё ки маро ба болои тӯқум елим карда монда бошанд, дар он пешпохӯриҳои фиребгаронаи хар аз ҷо намеҷунбидам.

Лекин хар барои дур кардани ман аз пушт ба он пешпохӯриҳо қаноат намекард ва дар ҳар ҷо, ки тапурхоки хушкро дид, якбора худро ба як паҳлу партофта, ба хок меғелиду ман ҳам мисли аввала аз болои вай парида мерафтам ва дар хезондани вай боз ҳамон ташвиши аввалиро мекашидам. Бо ҳамин ҳол дар муддати чор соат ба Ялангӣ ном мавзеъ расидам. Ва ҳол он ки байни шаҳри Бухоро ва Ялангӣ ба харҳои миёнагашт дусоата роҳ буд.

Дар он гуна роҳравӣ дар он масофаи 16-километрӣ албатта хар монда нашуда буд. Бо вуҷуди он, гӯё ки вай роҳи дуреро дартоз тай карда бошад, дар он манзил барои дам гирифтан дар пеши як самоворхона омада истоду дигар аз

* Камолӣ – тахаллуси як шоирчаи ҳаваскори он замон буд, ки бо мо дӯстӣ дошт.

ҷояш начунбид. Ман, ки дар ҳавои гарм дар роҳ чор соатро бо ташвиши харкӯбӣ ва думбардорӣ гузаронида будам, дар худ мондагии аз ҳад зиёд ҳис мекардам. Бинобар ин дар он ҷо харро ба ҳоли худаш гузошта, ба самоворхона даромада, як чойник чой гирифта, ба нӯшидан сар кардам ва дар вақти чойнӯшӣ воқеаи харсаворин онрӯзаамро бо чанд байт тасвир намудам. Аз ҳамон байтҳо якчанд мисраъ то имрӯз дар ёдам мондааст, ки ба тарзи намунаи шеърҳои онвақтаам дар ин ҷо қайд мекунам:

…Начунбида аз ҷой дам мегирифт,
Чунин дам ба ҳар як қадам мегирифт…
Тапурхок ҳар ҷо бувад бештар,
Ба хобидан огоз мекард хар.
Ба хезонданаш мегирифтам зи дум,
Ҳамегуфтамаш: «Ҳайя қум, ҳайя қум!»* .

Баъд аз дамгирии Ялангӣ боз ду соати дигар харбардорӣ карда, ба сари бозори Сари Пули Меҳтарқосим расидам, ки он пул ба болои Зарафшон кашида шуда буд. Аммо хар аз он манзил гузаштан нахост. Ҳарчанд ман вайро бо химча мезадам, вай он зарбаҳоро монанди хорумоли баданаш ҳисоб карда, сари худро хеле хам намуда осуда меистод.

– Магар ин хари кирокашон аст? – гӯён одами миёнсоле, ки дар самоворхонаи он ҷо чой нӯшида нишаста буд, аз ман пурсид.

Ман бо сарҷунбонӣ ба пурсиши ӯ ҷавоби тасдиқ додам, чунки аз дилтангӣ ба гап задан ҳавсалаам намонда буд.

– Хари кирокаш бо он химча роҳ намеравад, – гуфт он одам ва илова намуд: – сабр кунед, ман вайро «мулло» карда медиҳам, – гӯён аз ҷояш хеста, аз сари бозор баромада рафт ва баъд аз ду дақиқа як навдаи тари дарахти тутро бурида овард, ки дарозиаш як метр ва ғафсиаш баробари дастаи дасттеша меомад. Ӯ як арғамчин оварда, харро ба сутуни дукони самоворхона устувор баст ва ба кафи дасташ туф гуфта, он чӯбро ба даст гирифта, харро навбат ба навбат ба сағрӣ ва гарданаш бо он чӯб задан гирифт.

Хар, чунонки дар кирокашхонаи пеши дарвозаи Имом буд, ҳаллос ва аррос мезад. Аммо он одам «акнун нимча мулло шудӣ. Туро то муллои калон шуданат задан даркор аст» – гӯён аз задан бознамеистод. Охир ба «муллои калон» шудани хар магар қаноат ҳосил намуд, ки заданро бас кард ва бо яккакордаш нӯги он чӯбро монанди нӯги гулмехи оҳанӣ тез карда ба ман дода:

– Акнун савор шуда ба роҳ дароед, – гуфт он кас, – дигар ба задан эҳтиёҷ намеафтад. Сояи ҳамин чӯб барои аз ёд набаровардани сабақи ҳозир гирифтааш басанда аст. Агар раги харигариаш ҷунбида, дар роҳ рафтан боз шона-шона* кунад, бо нӯги тезии ҳамин чӯб сари шонаашро як хорида монед, бо ҳамин хобаш парида, ҳушёр мешавад.

* Ҳайя қум – як ҷумлаи арабист, ки маънииаш «биё, хез!» мебошад. Ман ин ҷумларо аз арабҳое, ки ҳар сол ба Бухоро барои садақагундорӣ меомаданд, ёд гирифта будам.

* Шона-шона кардан – таъбирест, ки аз ҳаракати харони фиребгар гирифта шудааст. Ҳар гоҳ ба пушти хари фиребгар бор бор кунанд, шонаҳояшро ба ҳар тараф ҷунбонда борро аз пушти худ ғалтондан мехоҳад. Агар ронандаи хар бехабар монад, меғалтонад. Ин таъбирро тоҷикон маҷозан дар ҳаққи касе кор мефармоянд, ки бо баҳонаю фиреб ягон корро кардан намехоҳад ё таклиферо қабул намекунад. Ҳамсӯҳбати бесаводи ман бошад, ин таъбирро маҷоз дар маҷоз карда, боз дар ҳаққи хар кор фармуда буд.



Ман ба роҳ даромадам. Хар, чунонки дар пеши дарвозаи Имом дар аввали савор шуданам карда буд, ба парвоз даромад. Аммо ин дафъа парвози худро то Вобканд, ки панҷ километр роҳ аст, ҳеҷ суст накард, ҳатто ба «хоридани сари шонааш» ҳам эҳтиёҷ наафтод. Вақте ки ба кирокашхонаи Вобканд наздик расидам, хар рафтори худро боз ҳам тезтар кард.

Дар кирокашхона яке аз харкорон дар миёнаҷои роҳ истода маро пешвоз гирифт. Ман дар пеши ӯ аз хар фуромада, нӯхтабандашро ба дасти он харкор додам. Ӯ сар то пои пурарақи харро аз назар гузаронида:

– Кори харро кардаед-ку, мулло! – гуфт.

– Ман харро то сари пул бардошта омадам, вай маро ниҳоят аз он ҷо то ин ҷо бардошта овард. Ҳоло дар вай ҳақи ман бисёр аст, – гуфтам ман дар ҷавоб.

– «Кӯза ҳар бор аз об дуруст намебарояд!» – гуфт харкори дигар ба ӯ. Зудтар хунук кун, ки ба кирои гашти бозор тайёр шавад.

* * *

Ман пагоҳонӣ аз шаҳр баромада, то соати нӯҳ ба Вобканд расиданро тахмин карда будам. Аммо соати ду ба бозори Вобканд даромадам, ки аробакашони Ғиждувон ҳамагӣ рафтаанд. Аҳволамро ҳам бад ҳис мекардам. Аммо дар Вобканд ҷое ва шиносе надоштам, ки дар он ҷо монам. Беқувватии бемории вабо аз сари нав дар баданам пайдо шуд. Ман он ҳолро аз гушнагӣ дониста, нону ангур гирифта хӯрдам. Аммо ба баданам қувват бознагашт. Бо вуҷуди ин ғайр аз пиёда ба роҳи Ғиждувон даромадан чораи дигаре надоштам ва кафшро ба даст гирифта, ба тарафи Ғиждувон раҳсипор гаштам.

Ба Қаторгучум ном мавзее расида будам, ки сар то поям, гӯё ки дар зимистон бо оби яхбурча шуста шуда бошад, ба ларзиши сахт даромада ва дандонҳоям ба ҳам хӯрда шақарросзанон садо мебаровардaнд: маро варақаи сахт гирифта буд. Дар ҷое ба хобидан имкон надоштам. Чунки агар хобида мемондам, он рӯз ба Ғиждувон расида наметавонистам. Ночор роҳи худро давом додам. Вақте ки ба деҳаи Регзор расидам, дигар қувваи пой мондан дар ман намонд. Акнун баданам монанди он ки дар танӯри пуроташам андохта бошанд, месӯхт, забонам карахш баста аз даҳонам баромад. Ночор дар он деҳа дар пои девори як работи баланде, ки сояи борике дар он ҷо буд, худро партофтам. Аз чашмонам гӯё аланга мебаромад.

Дар ҳамин вақт аз дарвозаи работ як ҷавоне баромад, ки нав мӯйлаб сабз карда буд. Қади ин ҷавон пасттар, баданаш пургӯшт ва рӯяш гандумгуни ба сабзӣ моил менамуд. Он ҷавон як дақиқа ба болои сари ман нигоҳ карда истоду баъд бозгашта ба дарвозаи работ даромада рафт.

Баъд аз ягон дақиқа боз ду ҷавони дигар аз дарвозаи работ баромада рост ба болои сари ман омаданд. Яке аз ин ҷавонҳо, ки қадаш баробари ман менамуд, рӯяш гандумгун, чашмонаш монанди чашми арабҳо калон ва сиёҳ, абрӯвонаш сермӯй буда, дар танаш либосҳои озода дошт.

Дигаре аз ин ҷавонҳо нисбат ба рафиқаш қадпасттар, ранги рӯяш сиёҳчатоб, баданаш лоғар, чашмонаш андӯҳгин буда, дар танаш либосҳои фақирона дошт. Лекин ҳеҷ кадоми инҳо ба одамони саҳро монанд набуданд ва аз лаҳҷаю

қиёфаташон шаҳрӣ буданашон маълум шуда меистод. Он ҷавони лоғар гап сар карда, ба ман гуфт:

– Ҷӯра, ту аз куҷо мебошӣ?

Ман бо сари худ тарафи Ғиждувонро ишора кардам.

– Аз куҷо меоӣ? – боз пурсид он ҷавон.

Ман бо сари худ тарафи шаҳрро нишон додам.

– Чаро гап намезанӣ?

Ман дар ҷавоб забони карахшбастаи худро аз лабони хушкида варамкардаам бароварда нишон додам.

Он ҷавон дартоз ба работ даромада рафту бозгашта дар ҳолате ки дар досташ косаи об буд, омада, косаро ба пеши ман дошт.

Ман сарамро аз замин бардошта, ба даҳонам ду-се бор об гирифта, ғарғара карда партофтам ва баъд аз он бақияи обро нӯшида, косаро ба дасти ӯ дода, боз сари худро ба замин партофтам. Ҳарчанд ҳанӯз ҳам тамоми баданам месӯхт, лекин бо таъсири оби сард, ки шояд аз чоҳ кашида оварда бошад, хеле қувват ба баданам бозгашт.

Ин ҷавон маро таклиф кард, ки ба работ даромада, дар сарҳавз, дар сояи дарахтон бихобам. Қабул накардам ва ба роҳи дур рафта истоданамро сабаб нишон додам.

Ӯ таклифи худро ба оҳанги ҷиддӣ такрор кард:

– Агар бо ин ҳол ба роҳ дароӣ, худро талаф мекунӣ! – гуфт.

Ман боз ҳамон сабаби аввалиро нишон дода, таклифи ӯро рад кардам.

Ин ҷавони лоғар ба он ҷавони чашмкалони хушлибос фармуд, ки ба болои сари ман истад, то ки ман хеста наравам ва худ коса ба даст боз ба работ даромада, баъд аз дақиқае боз аз работ баромада омад. Аммо пеш-пеши ӯ як пирамард, ки хамии қоматаш аз ҳафтод гузашта будани синнашро нишон медод, меомад. Қади ин куҳансол монанди қади ҷавони нав мӯйлаб сабзкарда паст, ришаш ками кӯсанамо, рӯяш сиёҳчурдаи доғи кунҷидакнок буда, бо вуҷуди хамии қоматаш, аз сафедӣ бисёр будани сиёҳии ришаш сиёҳпир будани ӯро нишон медод. Ҳарчанд ҳаво хеле гарм бошад ҳам, ин пирамард ҷомаи серпахтаи сатин пӯшида, миёнашро аз рӯйи бо фӯтаи сафеде чандин бор печонда баста буд ва бар сараш ҳам саллаи сафед печонда, фашашро монанди муллоён ба печи саллааш халонда монда буд.

Ин пирамард ба болои сари ман омада, навозишкорона маро таклиф кард, ки ба работ даромада дар сарҳавз бихобам, агар беҳтар шавам, ба роҳам меравам ва агар беморӣ давом кунад, дар он ҷо то сиҳат ёфтан мехобам.

– Маро монанди падарат ва ин работро ба ҷои хонаи худат дон, – гуфт он пири хамидақомат.

Рости сухан он аст, ки дили ман ба он ҷавонони ношинос пур нашуда, ба работ даромаданро қабул накарда будам. Чун дидам, ки як пирамарди пуршафқат идоракунандаи он работ будааст, таклифи ӯро қабул карда, аз ҷо хестам. Аммо қуввати поймонӣ надоштам. Дарҳол ҷавони лоғарбадан ба паҳлуи ман даромада, дар роҳ рафтан ба ман ёрӣ дод, ман ба работ даромадам.



## ДОШИ ШИННИПАЗӢ

Работ калон ва сарҳавздор буд. Чор беҳдарахти гуҷуми чинӣ, ки аз чор гӯшаи ҳавз қад кашида бо якдигар шохпеч шуда буданд, рӯи обу суффаҳои сарҳавзро бо сояҳои ғафси худ пӯшонда буданд.

Пирамард бар як тарафи сояи сарҳавз кӯрпача ва болиш монда, барои ман ҷой тайёр кард ва ҷавони лоғар маро бурда, бар рӯи он кӯрпача хобонид. Пирамард як кӯрпаи болопӯшии серпахтаро оварда, ба болои ман пӯшонид. Ман аз гармии ҳаво ва тафси бадан шикоят карда, напӯшондани болоямро аз ӯ илтимос кардам.

– Ба гармии кӯрпа як соат сабр кардан даркор аст, писарам,– гуфт пирамард бо оҳанги навозишкоронаи падарона.

Ман шарм доштам, ки дигар шикоят кунам. Аммо аз ҳад зиёд беором будам. Ба тафси бадан ва дарди устухонҳоям тоқат наоварда, сония ба сония аз паҳлу ба паҳлу мегардидам. Пирамард:

– Мақсудҷон! – гӯён садо кард.

– Лаббай! – гӯён ҷавони нав мӯйлаб сабз кардагӣ, ки аввалин бор дар кӯча ба сари ман рафта буд, омад.

– Ту, писарам, ба дег як-ду қошуқ равған андохта доғ кун ва дар вай ду сар пиёзро пора карда бирён кун, баъд аз сурх шудани пиёз ду-се коса об андохта, дар вай чор дона қаланфур ҳамроҳ карда ҷӯшон, ки як пиёбаи (пиёзобаи) тунд шавад. Ба бемор дар ҳамин вақт аз ин беҳтар даво ҳам нест ва аз ин хубтар хӯрок ҳам нест. Дар ин ҳавои гарм барои худамон ҳам таоми хубе мешавад.

Мӯйсафед ба ҷавони чашмкалоне, ки он ҷо – дар паҳлуи ҷавони лоғар нишаста буд:

– Ту, писарам Тоҳирҷон, чойҷӯшро дар оташи дош овехта, ҷӯшонда чой тайёр кун! – гуфту худ намедонам ба куҷо буд, ғоиб шуда рафт.

Ҷавони чашмкалоне, ки аз тарафи пирамард Тоҳирҷон номида шуда буд, барои чойҷӯшонӣ рафт ва дар пеши ман танҳо ҷавони лоғари сиёҳчурда монд. Ҳар вақт ки бо ҷунбиш ва пояқзаниҳои ман як тарафи кӯрпа аз болоям дур мешуд, он ҷавон оҳистаяк мепӯшонд ва боз ба ҷои худ ором менишаст.

Дар андак фурсат Тоҳирҷон чой дам карда оварда, бо пиёла ба пеши ҷавони лоғар монду худаш аз суффа фуромада рафт. Ҷавони лоғар чойро гардонда, аввалин пиёларо пурчой карда, ба пеши ман монд; ман, ки боз бисёр ташна монда будам, сар бардошта, ба ҷӯшон будани чой нигоҳ накарда, кам-кам нӯшидан гирифтам ва пиёларо холӣ карда, ба тарафи ҷавон тела дода монда, худ боз хобидам. Ҷавон пиёлаи дуюмро пурчой карда, ба пеши ман гузошт. Ин дафъа то қадаре сард шудани чой сабр кардам ва ба ҳамин тариқа се пиёла чои пурро нӯшидам.

Чойи гарм дар аввали нӯшиданам монанди оби сард якбора ташнагии маро нашикаста бошад ҳам, баъд аз чанд дақиқа осудагие, ки ин ба ман дод, аз осудагии бо оби сарднӯшӣ пайдошуда зиёдтар ва бардавомтар буд.

Дар ин вақт пирамард пайдо шуда аз панҷаи дарахти гуҷум дастархонеро гирифта оварда ба пеши ман паҳн кард. Ҷавони лоғар аз як сандуқи чӯбини

даричадор, ки дар буни он дарахт истода буд, ду нони калони тунуки гармқоқ оварда, бар рӯи дастархон ниҳод. Тоҳирҷон ва Мақсудҷон ҳар кадом дукосагӣ – чор коса пиёбаро оварда, бар рӯи дастархон гузоштанд. Тоҳирҷон дар паҳлуи ҷавони лоғар, дар канори дастархон нишаст ва Мақсудҷон боз рафт.

Мӯйсафед дар як коса пиёба нони гармқоқро шикаста андохта, бо як қошуқи найнӣ (қошуқи чӯбини задудӣ) дар пеши ман ва ду косаи дигарро як-як дар пеши ҷавони лоғар ва Тоҳирҷон гузошта, косаи чорумро ба пеши худ гирифт. Мақсудҷон як коса пиёбаро оварда, дар канори дастархон, дар наздикии пирамард нишаст.

Ҳар кас косаи худро бо нони гармқоқ пур карда, ба хӯрдан даромад. Ман ҳанӯз хӯрокхӯриро сар накарда будам. Аммо аз ҳаво кашидани хӯрандагон ба даҳони худ баъд аз ҳар луқма ва аз ҷунбиши бетартиб ва бетоқатонаи лабу забони онҳо пай бурдам, ки пиёба бисёр тунд шудааст ва ман ба хӯрдани он ҷасорат намекардам.

Мӯйсафед ин фикри маро пай бурда гуфт:

– Мо пиёбаро ба ин дараҷа тунд карда хӯрдан одат надорем. Инро фақат барои ту тайёр кунондам ва худамон ҳам «дар қатори шолӣ курмак об хӯрдагӣ» барин хӯрда истодаем. Ту, ҳарчанд тунд бошад ҳам, чашматро пӯшонда ин косаро холӣ кун ва баъд аз понздаҳ дақиқа мебинӣ, ки сиҳат ёфтаӣ!

Ман сухани мӯйсафедро нашикаста, ба хӯрдан сар кардам ва баъд аз ҳар луқма дар худ сабукие ҳис менамудам. Ҳанӯз косаро ним накарда, аз сару рӯям ва аз тамоми баданам арақ шоридан гирифт. То ба охир расидани хӯрок либосҳоям тамоман бо арақ тар шуданд.

Мӯйсафед маслиҳат дод, ки бихобам ва ба кӯрпа печам. Аммо ман қабул накардам:

– Ҳоло тамоман дуруст шудам ва қувват пайдо кардам. Ба хобидан дилам тангӣ мекунад. Агар рухсат диҳед, меравам, – гуфтам.

– Ҳозир рухсат нест, – гуфт ӯ, – ҳозир ба роҳ баромадан барои ту хатарнок аст. Агар ба маслиҳати ман дароӣ, имшаб ин ҷо бихобу фардо ҳар ҷо ки хоҳӣ, рав. Агар ин маслиҳатро қабул накунӣ, ягон соат ин ҷо монда дам гирифтан ва арақҳои баданатро шамол надода хушкондан даркор аст. Беҳтар аст, ки ба зери кӯрпа даромада бихобӣ.

Ман боз таклифи хобиданро қабул накардам:

– Дилам тангӣ мекунад, – гуфтам такроран.

– Хуб, ин тавр бошад, ором бинишин, – гуфт пирамард ва худ рафта ба хонае, ки ба тарафи ғарби сарҳавз буд, даромада, аз он ҷо як кампал оварда ба тани ман печонду такрор кард:

– Хуб, акнун ором бинишин!

Ҷавонон дастархону косаҳоро ғундошта burданд ва мӯйсафед ҳам ба тарафи шарқи сарҳавз, ки он ҷо ҳам ҳавз барин чуқур буд, фуромада рафт ва баъд аз ду дақиқа овози ӯ шунида шуд:

– Махдум, меҳмонатонро ба лаби суффа биёред! Дар он ҷо дар танҳоӣ дили вай тангӣ мекунад. Дар ин ҷо корҳои моро дида сокӯл* шуда нишинад.

*Сокӯл шудан – барои рафъи дилтангӣ худро ба коре ё чизе андармон кардан аст.



Ҷавони лоғар омада, ба канори шарқи сарҳавз, ки дар айни замон канори он чуқурии ҳавзмонанд буд, кӯрпачае паҳн карда, маро таклиф намуд, ки ба он ҷо рафта нишинам. Ман кампалро ба тани пурарақи худ печонда, он ҷо рафта нишастам.

Дар чуқурии ҳавзмонанд пайваста ба девораи суффаи ҳавз як охури калони хиштипухтагӣ буд, ки дарунаш бо гаҷ сафед кардагӣ менамуд. Чуқурии ин охур тахминан яку ним метр, баландиаш ҳам яку ним метр, дарозиаш дуним метр ва бараш ду метр меомад. Дар зери он охур як сӯрохи обгурез буда, ба даҳани сӯрох аз берун як новачаи чӯбин шинондагӣ буд. Дар зери он новача як ёми[170] сафолин, ки тахминан даҳ сатил об мебурд, гузошта шуда буд (он охур охури ангурзеркунӣ буд, ки «испор» ва дар баъзе ҷоҳо «чорхишт» меноманд).

Дар канори ҷанубии чуқурӣ пайваста ба девораи он як оташдони плитамонанди дарози гаҷкорӣ буд, ки бари вай яку ним метр ва дарозиаш ду метр меомад. Ҷои оташмонии ин оташдон аз тарафи пеш, аз тарафи шимолаш буда, мӯрӣ ва дудкашаш аз тарафи пушт ва пайваста ба канори ҷанубии чуқурӣ буд. Ин дудкаш аз хишти пухта сохтагӣ буда, баландиаш ду метр меомад.

Бар рӯи оташдон пайваста ба мӯрӣ як деги калони чӯянии одӣ, ки панҷ сатил обро гунҷоиш медод, шинондагӣ буд ва дар поёни ин дег бо фосилаи чорангуштӣ се ҷуфт дегчаҳои даҳанпаҳн шинондагӣ буданд, ки ҷуфти дуюм аз якум ва ҷуфти сеюм аз дуюм хурдтар шуда мерафт.

Дар паҳлуи ғарбии оташдон, дар фосилае, ки дар байни оташдон ва канори ғарбии чуқурӣ воқеъ шуда буд, се адад ёми пуршарбат то пеши охур ҷой гирифта буданд. Дар наздикии оташдон ва дар канори шарқии он ду хуми мисини пур аз шиннӣ буданд.

Мӯйсафед ба миёни худ як пешгир баста, обгардончаи нӯлдореро ба даст гирифта, ба сари он хумҳои мисин рафт. Ҷавони лоғар, ки аз тарафи пирамард «махдум» хитоб карда шуда буд, хикеро гирифта ба паҳлуи мӯйсафед рост истода, даҳони вайро яла карда дошт. Мӯйсафед бо обгардонча аз хуми мисин шиннӣ гирифта, ба даҳони хик рехтан гирифт. Ҳар хик ки пур мешуд, мӯйсафед даҳони вайро баста бардошта бурда, ба девораи чуқурӣ такя кунонда рост мегузошт ва махдум хики холиеро меовард, ки боз ба вай мӯйсафед шиннӣ рехтан мегирифт.

Мақсудҷон ва Тоҳирҷон бо панҷшохаҳо дастаҳои хори тарро оварда, дар даруни охур андохта, ҳамвор карданд ва баъд аз он бо занбар аз канори ҷанубии сарҳавз, ки дар он ҷо чоши ангур буд, ангур кашонда оварда, ба даруни охур аз рӯи хор рехтан гирифтанд. То ба хикҳо бардошта шудани ду хум шиннӣ охур ҳам аз ангур пур шуд.

Баъд аз он Тоҳирҷон ва Мақсудҷон ҷомаҳои дарози худро аз тан кашида, барҳои куртаҳои худро ба даруни лозимиҳошон тиққонданд, эзорпочаҳошонро то болои зону барзада, бо ресмончае баста монданд ва баъд аз он поҳои худро то ба зону покиза шуста, ба даруни охур даромада, ангурҳоро бо қуввати тамом бо поҳои худ зер кардан гирифтанд. Ширaи ангур, ки ба сабаби зер кардан ҷудо мешуд, аз байни хорҳои тар софӣ шуда, дар таги охур гузашта, аз он ҷо ба сӯрохи обгурези вай рафта, ба воситаи новача ба ём рехтан гирифт.

Пирамард баъд аз фориғ шуданаш аз кори шиннибардорӣ бо обгардони

калон аз ёмҳои пур шарбат кашонда, ба дегҳои бар оташдон шинондашуда рехтан гирифт. Махдум бо панҷшоха аз хорҳои хушк, ки дар канори шимолии чуқурӣ ғарам карда мондагӣ буданд, даста-даста оварда, дар пеши оташдон ғун кард ва баъд аз он бо оташкови оҳанини сарпанҷадор як даст хорро ба даруни оташдон даровварда, оташ даргиронд ва пеш-пеш дастаҳои хорро бо оташков ба даруни оташдон тела медод ва аз ғарам бо панҷшоха боз дастаҳои хорро кашонда, дар пеши оташдон ғун мекард.

Пирамард баъд аз пур кардани дегҳо як ҷуволи шолро ба даҳонаш аз ду тараф ду чӯб баста, ба ду арғамчини ғафсе, ки аз як шохи ғафси гуҷум бар болои чуқурӣ овезон истода буд, аз он ду чӯб овехта, дар зери ҷувол як ёми сафолин гузошта ва лойи тагшини ёми аз шарбат холишударо бо обгардон гирифта ба даруни он ҷувол рехт, ки шарбати аз ҷувол софӣ шуда гузаранда ба даруни ёмча чакидан гирифт.

Мӯйсафед ба сари оташдон рафта, аз як дегча ба деги дигар бо обгардонча шарбат гузаронида меистод ва бо белчаи кафгирмонанди сафед кардашуда даруни дегчаҳоро мекофт. Ҳар вақт монда шавад, ба лаби суффачае, ки дар паҳлуи оташдон, дар пеши девораи чуқурӣ сохта шуда буд, нишаста дам мегирифт, чой менӯшид ва баъд аз он боз ба атрофи дегҳои шиннипазӣ давр мезад – шарбат мегардонд ва дег мекофт.

Вақте ки шарбати як ҷуфт дегчаи аз ҳама охирин ва аз ҳама хурдтар ғафс шуда, дар вақти ҷӯшиш бар рӯи худ ҳубобчаҳои чашмимурғӣ пайдо кардан гирифт, мӯйсафед шарбати он дегро, ки акнун шиннӣ шуда буд, бо обгардонча ба ёми мисин гардонд; ба он як ҷуфт дегча аз ҷуфти болои вай будагӣ ва ба ин ҷуфт аз ҷуфти саргаҳ будагӣ шарбатҳои нимпазро гузаронида, ба ҷуфти саргаҳ аз деги калон шарбат рехт ва аз ём бо обгардони калон шарбат оварда, деги калонро пур кард. Ба ҳамин тариқа шиннипазии пирамард давом кардан гирифт.

Вақте ки бо шарбати аз охур рехтаистода ёми зери нова пур шуд, мӯйсафед шарбати он ёмро бо обгардони калон ба ёме, ки лойи тагнишинаш покиза гирифта шуда буд, гузаронида рехт ва аз охур ба ёми холишудаи зери нова боз шарбат рехтан гирифт.

Шиннипазӣ то бегоҳонӣ давом кард. Ман, ки ба тамошои шиннӣ ғарқ шуда, аз он ҷо рафтанро аз ёд баровварда будам, дар бегоҳирӯзӣ ба роҳи дур пиёда баромаданро муносиб надидам ва худро ба нофаҳмӣ зада, бақияи кори он корхонаро дар зери диққати худ гирифтам.

Мақсудҷон ва Тоҳирҷон ангурзеркуниро тамом карда, аз охур баромаданду дубора пойҳошонро шуста, кафшҳо ва либосҳошонро пӯшиданд.

Мақсудҷон кулӯххои танбӯсӣ (тамузӣ) – яъне кулӯххои офтоби тобистон хӯрдаи хуб хушкидаро оварда, ба даруни ёмҳое, ки аз шарбати нав аз ангур ҷудошуда пур буданд, рехт ва бо Тоҳирҷон ҳар ду дар дастҳошон ду чӯби думетриро, ки ғафсиашон баробари каланддаста меомад, гирифта, он шарбатҳоро қаллоқ задан гирифтанд, ба ҳадде, ки кулӯххо ба шарбат ҳал шуда, ранги сафеди сабзтоби вайро ба ранги лойоби баҳорӣ гардонданд.

Вақте ки Мақсудҷон ва Тоҳирҷон аз қаллоқзанӣ фориғ шуданд, пирамард ба Мақсудҷон фармуд, ки шӯрбо пазад, чой ҷӯшонад ва ба Тоҳирҷон фармуд, ки ба ҷои махдум дар оташдони шиннипазӣ ҳезум монад, ки ӯ шинниии кӯзагиро пухта гирад ва ба махдум гуфт:

– Махдум, шумо монда шудед. Акнун ба пеши меҳмонатон баромада нишаста, дам гиред ва ӯро нагузоред, ки ба роҳ барояд . Чунки бисёр бевақт шуд ва дар рӯзи равшан ба Ғиждувон расида наметавонад. Махдум омада, дар пеши ман нишаст. Мӯйсафед дар чуқурӣ истода ба ӯ садо дод:

– Аз даруни нондон кома гирифта, бо меҳмон хӯрда нишинетон!

Акнун араққи баданам хушкида буд. Ман кампалро аз китфам партофта, дуртар аз сарҳавз – ба тарафи боғ рафта, қадаре гашт карда, дасту рӯи бо чанги роҳ олушудашудаамро дар ҷӯйчаи даруни боғ шуста омадам.

Махдум бар рӯи суффаи сарҳавз, дар пеши ҷои нишасти ман дастархон паҳн карда, бар рӯи вай як нимкоса комаро бо як нони мулоим (гармқоқ карданашуда) гузошта будааст. Мақсудҷон ду чойник чой дам карда оварда, якашро бо як пиёла дар пеши мо ва дигарашро бурда, бар рӯи суффачаи дамгирии пирамард монда, худ ба сари деги шӯрбопазиаш рафт.

Ману махдум бо чойи гарму нони нарм кома хӯрдем (кома мураббои пӯчоқитарбузӣ буд, ки ба ҷои шакар бо шиннӣ пухта буданд ва ҳар мураббое, ки бо шиннӣ пазанд, кома номида мешавад).

Мӯйсафед ба пухтани шинниии кӯзагӣ сар кард: ӯ шарбати софи аз ҷувол гузаштаро бо як ёми шарбати софи дигар, ки вай аз лойи шарбатҳои кулӯхзада ба воситаи аз ҷувол гузаронидан тоза карда монда шуда будааст (дар ин бора махдум ба ман маълумот дод), дегҳои шиннипазиро пур кард ва Тоҳирҷон оташ мондан гирифт. Мӯйсафед ин шарбатро ба дараҷае ҷӯшонд, ки ҳубобҳои дар вақти ҷӯшиш бар рӯи шиннӣ пайдошуда ба дараҷаи калонии чашми шутур расиданд. Ранги ин шиннӣ ҳам аз ранги шинниии аввалӣ фарқ дошт: шинниии аввалӣ сиёҳчатоб буд, ин шиннӣ ранги тиллоӣ пайдо кард.

Мӯйсафед ин шинниро ба ёмҳои мисин бардошта монда, баъд аз сард шуданаш ба кӯзаҳои сафоли обнорасида, ки гарданҳошон аз шикамҳошон дарозтар буданд, андохт ва даҳони кӯзаҳои аз шиннӣ пуршударо бо хамираи гаҷ баста маҳкам кард.

Мақсудҷон ва Тоҳирҷон баъд аз хӯрдани шӯрбо ба воситаи панҷшохаҳо хорҳои даруни охурро бо тагасҳо, донаҳо ва пӯстҳои ангур бардошта ба занбар андохта бурда, ба канорае, ки аз ҷои нишасти боғ дуртар буд, рехтанд ва охурро покиза шуста, бар рӯи вай бурё пӯшонда, барои кори фардо тайёр карда монданд.

Ман он шаб дар он сарҳавз хобида, фардо пагоҳонӣ баъд аз таътӯл ба роҳи худ рафтам.

## ШИНОСОИЯМ БО ҲАЙРАТ

Дар соли охирине, ки дар мадрасаи Бадалбек будам (соли 1896), бо тахаллуси «Айнӣ» шеър гуфтанамро баъзе дӯстони ба ман бисёр наздик фаҳмида буданд. Ман дар он солҳо барои худ баёзе тартиб дода, дар ҳошияи он ҷумлаи «санаи ифтитоҳ (сар шудан) 1895 – 1312»-ро бо хати худ навишта монда будам. Дар он баёз шеърҳои классикҳо ва шоирони замониро асосан бо хати худ мена-

виштам ва баъзе хушнависони қадрдон вохӯранд, баъзе шеърҳоро бо тарзи ёдгорӣ ба онҳо нависонда мегирифтам. Аз ин ҷумла чанд шеъри Ҷомиро ба Мирсолеҳ, ки шарикдарси бародарам ва ҳомии ман дар мадрасаи Олимҷон буд, нависонда гирифта будам. Аввалин бор шоирии маро ӯ ҳис кард ва хоҳиш кард, ки шеърамро бинад. Ман шармидам, ки аз чунин одами инсонпарвари нармму-омилаи қадрдон сирри худро пинҳон дорам ва ба ӯ шеъри худро нишон додам. Ӯ бо баъзе танқидҳо ва маслиҳатҳои ҷузъӣ шеъри маро тавсиф кард. Аммо ман ба тавсифи ӯ ғарра нашудам ва ҳамеша дар пайи он будам, ки касеро ёбам, то ба ман ба ин кор маслиҳат ва ёрӣ диҳад.

Дар баҳори соли 1895 Шарифҷон-махдум хатми дарс карда, ба он муносибат тӯйи калоне ташкил дода буд ва ман ҳам дар он тӯй барои хизмат кардан ба меҳмонон ба сифати хизматгори собиқи соҳиби тӯй даъват шуда будам ва ба ҳамин муносибат алоқаам бо ӯ дубора барпо шуда, баъзе рӯзҳои таътил ба саломи ӯ мерафтам ва агар дӯстони шоири ӯ дар пешаш бошанд, дар сӯҳбаташон сомеъ (шунаванда) шуда, ба қадри қувваю имкон фоида мебурдам.

Аз ин алоқаи дуюм фоида бурдан хостам ва рӯзе як шеъри худро ба ӯ нишон дода, маслиҳат пурсидам.Дар ҳузури ӯ ғайр аз Мирзо Абдулвоҳид касе набуд. Ӯ шеъри маро бо ҳеҷ танқид таърифи муболиғадор кард ва дар паси он таъриф ба ман фармуд, ки барои падари марҳумаш – домулло Абдушукури қозикалон таърихи вафот навишта диҳам. Ва ҳол он ки падари ӯ дар соли 1306 (1889) – шаш сол пештар аз он рӯз вафот ёфта буд. Баъд аз шаш сол, вай ҳам ба ман барин як ҷавони ҳаваскор таърихи вафоти як олими калонро фармудан, ғайр аз имтиҳон чизи дигаре набуд. Ман ҳис кардам, ки аз они худи ман будани он шеърро ӯ бовар накард ва бинобар ин ба ман он таърихро фармуд, то ки ҳақиқати ҳоли маро фаҳмида гирад.

Ман як ҳафта меҳнат карда, таърихи мазкурро навиштам. Он порча шаш байт (12 мисраъ) буда, аз ҷиҳати шеърият паст, пур аз ибораю ҷумлаҳои мадрасагӣ ва аз ҷиҳати моддаи таърих беҳунарона буд. Бо вуҷуди ин Шарифҷон-махдум маъқул ёфт ва ҳеҷ танқид ҳам накард. Бо ҳамин зимнан ба шоир будани ман қаноат ҳосил намуд.

* * *

Дар зимистони соли 1895 – 1896 дар мадрасаи Бадалбек баъзе муллобачагони ҳамсояҳуҷраам, ки дарсашон аз ман пасттар буд, ба пеши ман даромада, баъзе чизҳои дарсиашонро мепурсиданд. Аз ин ҷумла Мулло Эшонқул ном як муллобачаи шаҳрисломӣ* ба ман ҳамсояҳуҷра буда, бештар ба ҳуҷраи ман медаромад ва дарсашро мепурсид. Ӯ чандин бор аз ёд шеър навиштани маро дида пай бурд, ки шеър мегӯям ва ба ман гуфт:

– Ман порсол дар мадрасаи Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ истиқомат мекардам ва дар ҳамсоягии ман махдуми Ҳайрат ном як муллобачаи бухороии хушфаҳм буд. Ба ҳуҷраи вай бисёр даромада, дарси худро мепурсидам. Вай ҳам монанди шумо аз даруни худ ғазал бароварда менавишт.

– Ӯ ҳоло ҳам туро мешиносад? – ман пурсидам.

*Шаҳрислом – деҳаест дар тарафи ғарбии шаҳри Бухоро.



– Чаро нашиносад? Ман бо ӯ қадрдон шуда мондаам, ӯро домуллои худ барин медонам. Баъзан рӯзҳои таътил ба ҳуҷрааш рафта, ҳолпурсӣ карда меоям.

– Ин тавр бошад, ягон рӯзи таътил ӯро ба ҳуҷраи ман гирифта биёр! – гуфтам ман ба ӯ.

Эшонқул дар рӯзи аввалини таътили ҳамон ҳафта махдуми Ҳайратро пеши ман гирифта овард. Ҳайрат як ҷавони қадаш аз ман пасттари гарданкӯтоҳ, лоғарбадани сиёҳчеҳра, чашмаш сиёҳ буда, лекин, чунонки мегӯянд, «роғ-роғ» мерафт, яъне ба ҳар чиз бо ҳайрат ва хомӯшона нигоҳ карда меистод. Тахаллуси «Ҳайрат» чунон ба шахси ӯ муносиб афтода буд, ки ман бо дидани вай ва мулоҳизаи маънии тахаллусаш дар ин муносибати пурраи тахаллус бо шахси шоир дар ҳайрат афтодам.

Дар вақти мулоқоту пурсупос ба чеҳра ва чашмони ӯ диққат кардам ва ба назарам чунон менамуд, ки гӯё аз ин пеш ӯро дида бошам, аммо ба зудӣ ба хотирам намерасид. Дар вақти гуфтугузор, намедонам аз кадом ҳаракати ӯ бошад, нохост ба ёдам омад, ки ин ҳамон ҷавони лоғарбадани «махдум» хитобёфта буд, ки ман ӯро ду сол аз он мулоқот дар деҳаи Регзор, дар шиннипазхона дида будам ва ӯ он вақт дар ҳолати бемории сахтам ба ман бисёр ғамхӯриҳо карда буд. Агар онвақта дилсӯзиҳои одампарваронаи ӯ намебуд ва пирамарди қоматхамидаи пуршафқатро ба сари ман оварда, маро ба работ намедаровард, ҳамон рӯз дар роҳ, дар хоки хорӣ талаф шуда рафтанам мумкин буд.

Бо вуҷуди шинохтанам, аз роҳи эҳтиёт тахмини худро ба ӯ нақл намуда, ҳамон ҷавони меҳрубон будан ё набудани ӯро аз худаш пурсидам.

– Ман дар аввали ба ҳуҷраатон даромадан шуморо шинохта будам, ки ҳамон ҷавони бемори якраҳа мебошед. Лекин шумо маро, магар дертар шинохтед? – гуфт ӯ дар ҷавоб.

Ман аз ҳама пештар кӣ будан ва чӣ будани он пирамарди меҳрубону он ҷавононро ва ба худаш чӣ алоқа доштани онҳоро пурсидам.

Назар ба ҷавоби ӯ маълум шуд, ки онҳо ба ӯ ҳамгузар ва мӯйсафеди пирамард қадрдони падараш буда, Мулло Давлат ном доштааст. Касби ӯ ҳалвогарӣ буда, ҳар сол вақти ангурпазӣ ба деҳаи Регзор рафта, аз он ҷо ангури як-ду боғро харида, шиннӣ пухта, ба шаҳр мекашондааст ва аз он шинниҳо бо дасти худ ҳалвоҳои гуногун пухта мефурӯхтааст.

Мақсудҷон ном ҷавон писари калони ӯ буда, саводи одӣ доштааст. Аммо Тоҳирҷон – писари хурди ӯ бо Ҳайрат ҳамсол ва ҳаммактаб, хушсавод, шеърфаҳм будааст ва бо ҳамин муносибатҳо бо ӯ ҷӯра ва дӯсти наздик шудааст. Азбаски падараш ӯро бисёр дӯст медоштааст, ба шеърхонӣ ва барои машғул шудани ӯ ба мусиқа рухсат дода будааст. Ҳоло ӯ аз асбобҳои мусиқа дуторро машқ карда, хеле ҳавоҳои Шашмақомро ҳам аз худ карда будааст.

Ҳамон соле, ки ман бо онҳо дар деҳаи Регзор вохӯрдам, ба соли вабо рост меомад. Ҳайратро ҳам ҳамон сол вабо зада, чанде бистарӣ шуда хобида будааст ва баъд аз саломат ёфтанаш, Мулло Давлат ӯро ба муносибати қадрдони падараш ва ҷӯраи наздики писари худаш будан, барои дурусттар қувват гирондан дар вақти ангурпазӣ ҳамроҳи фарзандони худ ба деҳаи Регзор бурдааст ва ӯ дар он ҷо ангур, шиннӣ ва кома хӯрда, дурустакак бақувват шуда омадааст.

* * *

Сӯҳбати мову Ҳайрат дар аввали мулоқот монанди дӯстони дерина шуд ва ӯ аз ман шеъри худамро пурсид. Ман ҳам ибо накарда ба ӯ як шеъри худро, ки ҳамон сол ба муносибати сайри гули сурх* ва ба сабаби нарафта монданам ба он сайр бо тахаллуси «Айнӣ» навишта будам, нишон додам. Ин ҳамон шеър буд, ки дар вақти эҷод карданам ба Шарифҷон-махдум нишон дода будам ва ӯ вайро бе тасҳеҳ таҳсин намуд, ҳатто дар бораи аз они худи ман будани он шеър шубҳа карда буд.

Ҳайрат он шеърро баъд аз хонда шунавондани ман ба дасти худ гирифта, дубора бо мулоҳизаҳои дуру дароз хомӯшона мутолаа карда, баъд ба ман бо овози баланд хонда, камбудиҳояшро нишон дода, дубора кор карда баромаданамро маслиҳат дод.

Ман он шеърро ҳамон вақт бо роҳбарии Ҳайрат дуруст карда будам ва дар ин ҷо барои ёдоварии он дӯсти меҳрубонам нақл карданро муносиб дидам:

## ГУЛИ СУРХ

Рози дил мегуфтам, ар як маҳраме медоштам,
Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам.
Дар шаби ҳиҷрон намешуд захми дил реши равон,
Гар зи васли як парирӯ марҳаме медоштам.
Меҳнати гетӣ ба талхӣ кай рабудӣ ҷони ман,
Бӯсае гар аз лаби исодаме[172] медоштам.
Аз тамошои гули сурх аз чӣ мемондам ҷудо,
Гар ба каф, чун аҳли олам, дирҳаме медоштам?
Ин қадар дар изтироб афтодаам аз фикри худ,
Мешуд оромам, агар аз худ раме медоштам.
Чун тарозу кай шудӣ саргаштагӣ бо ман насиб,
Айнӣ, ар фикре на аз бешу каме медоштам!

Ҳайрат ҳам дар он мулоқоти аввалин якчанд ғазали худро аз ёд хонда ба ман шунавонид ва ба муносибатҳое, ки дар рафти сӯҳбат мебаромаданд, қасидаҳои чилбайтии устодони гузаштаро бе ҳеҷ даккахӯрӣ ва мулоҳиза аз ёд хонда медод. Аз ин хислаташ маълум мешуд, ки ӯ қувваи ҳофизаи фавқулодае дорад.

Ӯ дар он сӯҳбат аз қоидаҳои арӯз, аз сифатҳои шеърӣ ва дигар нозукиҳои адабиёт ботафсил ва осонфаҳм карда гап мезад ва аз шеърҳои устодони гузашта ба ҳар қавли худ ба тарзи мисол шоҳид ва намуна меовард.

Ман дар ҳамон мулоқоти аввалин ба қобилият ва маълумоти фавқулодаи ӯ пай бурдам ва назар ба ақидаи худам, он касе, ки ман барои роҳбарии худ дар шеър аз байни шоирон ва шеършиносони калонсоли он замон меҷустам, ҳамин хурдсоли хурдҷусса буд. Ӯ бо ман ҳамсол ва ҳамдарс буд. Бо ҳамаи ин ман ӯро аз ҳамон рӯз сар карда, устоди худ қарор додам ва дар дили худ гуфтам:

«Ёр дар хонаву мо гирди ҷаҳон мегардем,
Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем».

Ман дар он сӯҳбат аз шеърҳои худи Ҳайрат, ки дар ҳамон вақт хонда буд, як ғазалро гирифта мондам. Аммо ӯ бо ҳамаи он қувват ва иқтидоре ки дошт, намехост, ки мардум ӯро ба сифати шоир шиносанд. Бинобар ин аз ман илтимос

* Сайри гули сурх – сайре буд, ки ҳар сол дар сари мазори Баҳовуддини нақшбанд[171], ки аз шаҳр дар масофати даҳ километр дар тарафи шарқ воқеъ шудааст, дар моҳҳои апрел, май, дар аввали шукуфтани гули сурх ташкил мешуд.



кард, ки он шеърашро ба касе, хусусан ба шоирон нишон надиҳам ва шоир будани ӯро ба касе нафаҳмонам.

Лекин ман нахостам, он гавҳари ноёб дар қаъри баҳри амиқи гумномӣ пинҳон монад. Хостам, ки гурӯҳи пешрави адабиётдӯстони он замон, ки ҳар қадом худро бемислумонанди ҷаҳон мешумурданд, аз ин яктои замон ва нодири даврон хабардор гарданд ва ба ӯ баҳои сазоворе диҳанд. Бинобар ин он ғазалеро, ки аз ӯ нигоҳ дошта будам, бар хилофи тавсияи ӯ, ба Шарифҷон-махдум нишон додам.

Он ғазал ин буд:

## МУНОЗИРА

Эй сарв, бе ибо ба чаман сар кашидаӣ!
Моно, ки сарви қомати ӯро надидаӣ!
Ороми сарви ман бувад аз ҷӯйбори чашм,
Эй сарв, агар ту бар лаби ҷӯ орамидаӣ!
Ӯ сарви дилбар асту равон асту дар хиром,
Ту сарви бебарию ба кунҷе хазидаӣ!
Ӯ реша дар дил асту зи дил об меҳӯрад,
Ту реша дар гил астию аз гил дамидаӣ!
Ӯ нозпарвар асту бувад шох-шох лутф,
Ту, боғпарвар, аз ду-се шохи буридаӣ!
Ҳайрат, зиёда мӯътақиди сарви нози ӯ
Гаштӣ, магар мунозираи мо шунидаӣ!

Ин ғазал ба болои ин ки равон, сода, ҳамафаҳм, ҳамаи калимаҳояш дилчасп буда, бо камоли маҳорат баргузида шуда ва дар ҷои худ монанди нигинакориҳои нодиракорона шинам шудаанд, як эълони мубориза буд бар зидди ташбеҳҳои ғайритабиии обшустаи шоирони гузашта, ки то он замон аз тарафи тақлидчиёни онон такрор меёфтанд. Маълум аст, ки шоирон ҳар ҷо ки қомати ёр ояд, албатта ба сарв, шамшод ва тӯбии афсонавӣ, ҳатто ба аръар, ки як дарахти қадбаланди бисёр баднамост, монанд мекарданд. Ҳайрат дар мунозираи худ аз он дарахтон сарвро, ки беҳтарини онҳо ҳисоб меёфт, гирифта, маҳалли баҳси худ қарор дода буд ва бо санъати шеърия дар пеши қади ёр ҳеҷ гуна зебоӣ надоштани вайро бо муваффақияти тамом исбот карда буд.

Шарифҷон-махдум ҳам ба хубиҳои он шеър пай бурд, валекин дар бораи аз табъи як ҷавони хурдсол сар задани он гуна шеъри латиф шубҳаи худро пӯшида надошт:

– Ман гумон намекунам, ки як ҷавони хурдсоли замони мо ин гуна шеъри баланд гуфта тавонад, – гуфт. Бо ҳамаи ин ба ман таъин кард, ки ӯро ба хонаи вай барам, то ки як имтиҳон карда бинад ва таъкид кард, ки шубҳаи дар бораи шеъри ӯ кардаашро ба худи шоири ҷавон нафаҳмонам.

Мирзо Абдулвоҳид, ки дар он сӯҳбат буд, қатъиян инкор кард, ки ин шеър аз они як ҷавони аз худаш як сол хурдтар бошад ва гуфт:

– Бе ҳеҷ имтиҳон боварӣ дорам, ки ин шеър аз они он ҷавони ношинос нест, балки вай инро аз шеърҳои ягон шоири номаълуми гузашта дуздида, ба номи худ бастааст..

Ман дар он вақт фаҳмидам, ки Ҳайрат чаро шоирӣ ва шеъри худро аз одамон, хусусан аз шоирон ва шеъшиносони он замон пинҳон медоштааст.

Ҳар чӣ бошад ҳам, ба Ҳайрат фаҳмондам, ки шеъри ӯро ба Шарифҷон-махдум нишон додам ва ба ҳавлии ӯ кай рафтанӣ буданашро парсидам.

Ҳайрат аз ин кори ман наранҷид, балки изҳори хушнудӣ кард:

– Бо Шарифҷон-махдум, ки фозили машҳури замони мо буда, ҳавлии ӯ мактаби адабиёти ҳамин давра аст, алоқа бастан ва шинос шудан бад нест, – гуфт. – Ман бо вай шинос будани шуморо намедонистам, вагарна худам таклиф мекардам, ки бо он кас маро шинос кунед.

Ҳайрат дар бораи кай рафтан ихтиёрро ба ман монд. Ман ӯро дар яке аз рӯзҳои таътили ҳамон ҳафта ба хонаи Шарифҷон-махдум бурдам.

Дар вақте ки мо ба хонаи Шарифҷон-махдум даромадем, дар он ҷо аз шоирон Лутфӣ ва Абдуллоҳоҷаи Таҳсин ҳузур доштанд ва Мирзо Абдулвоҳид дар чойкашӣ хизмат мекард. Шарифҷон-махдум бо ишорат аз ман Ҳайрат будани ҳамроҳи маро фаҳмида гирифт ва ба ҳамсӯҳбатонаш шиносонд. Аммо бо дидани қиёфаи хурдтараки назарногири Ҳайрат нобоварии ӯ дар ҳақи вай боз ҳам зиёдтар шуд. Бо вуҷуди ин шеъри дар боло навишташударо ба вай нисбат дода, ба ҳамсӯҳбатони худ хонда шунавонид. Ман мушоҳида кардам, ки бо шунидани он шеър дар чеҳраи ҳамаашон осори нобоварӣ пайдо шуд.

Сӯҳбат дароз кашид, аммо Ҳайрат чизе нагуфт ва фақат мешунид. Зотан ӯ камгап буд. Хусусан дар ин ҷо, ки хонаи яке аз калонзодагони шаҳр ва сӯҳбати шоирони машҳур буд, ба гап ҳамроҳ шуданро муносиб надид.

Дар охири сӯҳбат, ки мо барои рафтан рухсат пурсидем, Шарифҷон-махдум як ғазали нӯҳбайтии ба тақлиди Бедил навишташударо, ки ба падараш мансуб буд, ба Ҳайрат дода, мухаммас карда додани он ғазалро фармуд.

Мо барои рафтан ба кӯча баромадем. «Ин озмоиш аст» – гуфт Ҳайрат. Ва дар рӯзи дуюм он ғазалро мухаммас карда оварда, ба ман супурд, ки ба Шарифҷон-махдум расонам.

Шарифҷон-махдум баъд аз дидани он мухаммас ба қувваи шеърии Ҳайрат қоил шуд ва ӯро яке аз нодирони даврон шумурд.

Ман дар ин ҷо се банди он мухаммасро ба тарзи намуна нишон доданро муносиб дидам:

Рафиқи ваҳшатам, аз донишу улфат ба фарсангам,
Хираддасту гиребонам, ба ному нанг дар ҷангам,
Мапурс, эй дӯст, аз таҳқиқи ҳоли ҳайратоҳангам,
«Ба тақлиди ҷунун з-он душмани номусу фарҳангам* ,
Ки шояд он парирӯ аз сари шӯхӣ занад сангам».
Биё, эй ҷон, ки ҷон  бар лаб расид аз баҳри ташрифат!
Саропо гаштаам шавқу умед аз баҳри  ташрифат!
Ба чашми хунфишон бурдам навид аз баҳри ташрифат!
«Мусаффо манзаре кардам сафед аз баҳри ташрифат!
Биё, биншин ба чашмам, гар малулӣ аз дили тангам!»
Давидам ҳар тараф чун бод дар кӯи ҳавас умре,
Шудам нолон раҳи беҳосилӣ паймуда бас умре,
Мабодо ҳарзагарди яъс чун ман ҳеҷ кас умре,
«Зи бас бематлабӣ з-ин гуна афғон чун ҷарас умре
Нашуд равшан, чӣ мегӯям, надонам дар чӣ оҳангам?»

---

* Байти дар нохунак гирифташудаи ҳар банд аз они падари Шарифҷон-махдум буда, се мисраи болои онҳо аз они Ҳайрат мебошанд.



Услуби мисраъҳое, ки Ҳайрат дар ин мухаммас ҳамроҳ кардааст, зидди услуби худи ӯст. Ӯ шеърро бисёр сода ва бе тумтароқ менавишт. Аммо аз он ҷо, ки шеъри мухаммас кардашуданӣ бо услуби Бедил навишта шуда буд, ӯ маҷбур шудааст, ки дар мухаммас услуби ҳамон шеърро пеш гирад. Камоли маҳорати Ҳайрат дар ин аст, ки ба тақлид комёб шудааст. Зеро ба услуби ғайри услуби худ чиз навиштан басе душвор аст.

Бо таъсири ин сӯҳбат (сӯҳбате, ки Ҳайрат дар ғайби худ аз Шарифҷон-махдум таҳсини баланд шунид) Мирзо Абдулвоҳид, ки то он вақт фақат ба машқи наср – ба иншонависии мукотибот машғулӣ мекард, ба шоир шудан ҳам кӯшиш намуд. Ӯ шеърҳо навишт ва ба худ калимаи «Мунзим»-ро тахаллус қарор дод. Аммо аз он ҷо, ки ӯ як дараҷа ба худ мағрур буд ва дар корҳои адабӣ бо касе машварат намекард, дар қабули тахаллус ҳам бо ягон каси арабидон машварат накардааст ва азбаски худаш дар арабӣ камқувват буд, хатои ин калимаро пай набурдааст. Вагарна дар арабӣ «мунзим» ба маънои нозим ва назмнавис намеояд. Ҳатто ин шакл ба сифати шохаҳои назм ва интизом дар арабӣ наомадааст. Бо вуҷуди ин ӯ ин калимаро ба маънои назмкунанда қабул кардааст. Сониҳо ин хатои худро фаҳмида бошад ҳам, ба сабаби шӯҳрат ёфтани он тахаллус тағйир доданаш мумкин нашуд.

* * *

Ба ҳамин тариқа, Ҳайрат бо ман ва дӯстони ман дӯст шуда, ба воситаи мо бо ҳамаи арбоби адабиёти он замон шиносоӣ ва алоқа пайдо кард. Бо Абдухалилмахдум, Мирзо Абдулвоҳид ва Ҳомидхоҷа дӯсти наздик гардид ва ҳамаи онҳо ӯро ҳурмат мекардагӣ шуданд. Ҳайрат ҳамеша бо ман ба хонаи Шарифҷон-махдум мерафт ва мушоараи шоирони дар он ҷо ғуншавандаро тамошо мекард, аммо худаш ба он мушоараҳо иштирок наменамуд.

Ҷои истиқомати Ҳайрат пештар дар мадрасаи Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ буд, ки вай дар наздикии Кӯшмадраса воқеъ шудааст. Он ҷо аз маркази шаҳр дур буда, рафту омади Ҳайрат аз он ҷо ба маркази шаҳр – Чорсӯ, ки дар айни замон маркази арбоби адабиёт ҳам буд, дурӣ кард. Бинобар ин ӯ дар тобистони ҳамон сол дар мадрасачаи Сӯзангарон, ки дар маркази шаҳр воқеъ шудааст, кӯчида омад.

## ТАРҶИМАИ ҲОЛИ ҲАЙРАТ

Номи Ҳайрат Муҳаммадсиддиқ буда, ӯ дар гузари Арӯсони Бухоро, ки дар забони омма ба номи гузари Урусон машҳур шудааст, дар оилаи муаззини он гузар дар соли 1878 таваллуд ёфтааст. Ӯ бо додараш, ки аз худаш ду сол хурд буд, дар ҳаштсолагӣ аз падар ва дар дувоздаҳсолагиаш аз модар ятим мондааст.

Ба Ҳайрат аз падару модар як ҳавличаи беберуни якхонанок ва як ҳуҷра аз мадрасаи Сӯзангарон мерос монд. Ӯ бо даромади аз вақф ояндаи он ҳуҷраҳо, ки бисёр ночиз буд, зиндагӣ намуда, додарашро ҳам парвариш кард.

Ҳайрат, ки соҳиби истеъдоди баланд буд, дар мактаби гузари худ хонда хушсавод ва хушхат шуда баромад ва дар дарсҳои мадраса, бо вуҷуди аҳамият надоданаш, ҳама вақт аз шариқдарсонаш пеш буда, ҳар дарсро бо як дидан ва ё шунидан аз худ мекард. Бинобар ин ба интихоби устод ҳам он қадар аҳамият

надода, ба аввалин мударрисе, ки ба ӯ вохӯрдааст, фақат барои расмият шогирд шудааст ва бештарини дарсҳоро бо мутолааи худ аз худ кардааст. Аз устодони расмӣ домуллои кунҷакиаш Мулло Абдукарими Балхӣ ва домуллои дарсхонагиаш Мулло Ҳомиди Араб буд, ки ҳеҷ кадоми онҳо шӯҳрати илмӣ надоштаанд ва бо адабиёт ҳеҷ алоқаманд набуданд (Ҳайрат, ҳарчанд бо ман ҳамдарс бошад ҳам, мо дар пеши ягон мударрис бо ҳам шарикдарс нашудаем). Бо вуҷуди ин ӯ дар сарфу наҳви забони араб ва дар мантиқ маҳорати тамом пайдо карда буд.

Ҳайрат баъд аз понздаҳсола шудан, монанди муллобачагони дигар аз ҳавлӣ ба мадраса кӯчида, аввалин бор дар мадрасаи Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ, ки ба ҳавлиаш наздик буд, истиқомат кардааст ва баъд аз он, чунонки дар боби боло қайд шуд, ба мадрасаи Сӯзангарон, ба ҳуҷраи меросии худ кӯчид.

Дар он вақтҳо додари Ҳайрат курсавод буд. Вай, бинобар хоҳиши аҳли гузар, ба сабаби қадрдонии падараш, муаззини гузари худашон таъин шуда буд. Бинобар ин аз бародараш ҷудо шуда, мустақилона зиндагонӣ сар кард. Бо ҳамин сабаб ду ҳуҷраи меросӣ дар байни ду бародар тақсим шуда, ҳуҷраи мадрасаи Муҳаммадалӣ-ҳоҷӣ ба додараш ва ҳуҷраи мадрасаи Сӯзангарон ба худаш расид, ҳавлӣ дар миёнаи ҳар дуяшон муштарак монд ва додараш ба сабаби дар гузар муаззин шуданаш, аз мадраса ба гузар – ба ҳавлӣ кӯчид.

Ҳайрат бо вақфи ҳамон ҳуҷра, ки дар мадрасаи Сӯзангарон буд ва дар як сол дусад танга (30 сӯм) даромад дошт, бо сахтӣ зиндагонӣ мекард, китобҳои дарсӣ ва адабиаш ҳамагӣ амонат ва ориятӣ буда, ба харида гирифтани китобе иқтидор надошт.

Ҳайрат дар вақти мактабхониаш ба шеъргӯӣ сар карда, чунонки дар боби боло қайд шуд, дар муддати ду ё се сол маҳорати адабӣ пайдо кард. Ӯ дар хурдсолиаш аз Ҳоҷӣ Ҳомидҷон ном ҳамгузараш, ки марди доро, китоббоз буд ва дар хонаи ӯ ҳар гуна китобҳои дастхат ва чопаи оид ба илму адабиёт ёфт мешуданд, ба орият китоб гирифта, мутолаа мекард ва ҳар китобро, ки аз мутолаа гузаронад, ба соҳибаш бурда дода, дигарашро меовард. Азбаски ӯ қувваи ҳофизаи баланд дошт, бо як мутолаа мазмуни мундариҷоти он китоб дар ёдаш мемонд ва шеърҳои дилчасп, ҳарчанд дароз бошанд ҳам, айнан ба хотираш нақш баста мемонданд. Дар рафтуомад бо дӯстони серкитоб ҳам ӯ дарров як китоби аз он пеш надидаашро ёфта гирифта, дар гӯшае нишаста, ба мутолаа машғул мешуд ва дар поёни мутолаа, агар аҳли сӯҳбат пурсанд, мазмуни мундариҷоти он китобро гуфта, шеърҳояшро аз ёд хонда медод.

Ӯ дар пеши як дӯсти худаш, ки забони русиро медонист, чанд рӯзе машғулӣ карда, ин забонро ба қадри ифодаи маром ва хати русиро ба қадри адреснависӣ омӯхта буд.

Дар солҳои 1898 тангии моддӣ ба ӯ таъсири бад кард ва лоғарии баданаш боз ҳам зиёдтар шуд. Бинобар ин ба Ашӯрбек ном даллоли пӯсти қарокӯлӣ мирзо (котиб) шуд, ки ҳар тобистон дар мавсими пӯсти қарокӯлӣ – аз моҳи март то моҳҳои август – ба ӯ хизмат мекард, ба бозори пӯст ҳамроҳи ӯ мерафт, ҳар хариду фурӯши пӯстро, ки бо даллолии Ашӯрбек ба амал меомад, рӯйхат мекард ва шабҳо дар хонаи ӯ нишаста дафтари ӯро менавишт. Ҳуҷаин дар бадали ин хизмат ба ӯ ҳар моҳ 20 танга (се сӯм) музди хизмат медод.



Ин музди хизмат, ки панҷ моҳи тобистон понздаҳ сӯм мешуд, аҳволи моддии Ҳайратро беҳтар накард ва ӯ рӯз то рӯз лоғартар мешуд; дар соли 1900 осори бемории сил дар вай зоҳир шуда, ба кӯтоҳ-кӯтоҳ сурфа кардан гирифтор гашт.

Он вақтҳо табибони маҳаллӣ барои бемории сил фақат ду даво доштанд, ки якумаш шароб, дуюмаш саёҳат буд. Он табибон бемории силро аз дилтангӣ ва аз андӯҳгинӣ дониста, ин ду чизро, ки назар ба ақидаи онҳо «вақтхушкунандаи одам» буд, давои ягона медонистанд.

Писари Ашӯрбек – Раҳматуллобек, ки бо Ҳайрат ба муносибати хизматаш дӯст шуда буд, баъд аз пай бурданаш ба бемории ӯ, ба вай ҳамин давоҳоро татбиқ кардан хостааст. Ҳарчанд мақсади табибон аз шароб шароби табиӣ – майи дастии ангурӣ бошад ҳам, ӯ ба вай ба сифати даво арақ нӯшондааст.

Ин «даво» аҳволи ӯро бадтар ва бемориашро вазнинтар кард. Баъд аз он Раҳматуллобек ба ӯ давои дуюм – саёҳатро татбиқ кардан хоста, тобистони соли 1900, баъд аз мавсими бозори пӯст, дар моҳҳои август, ӯро ҳамроҳи худ ба саёҳати Фарғона бурда овард. Албатта, ин даво ҳам таъсир накард ва бемории ӯ дар зимистони соли 1900 – 1901 боз ҳам вазнинтар шуд. Бо вуҷуди ин ӯ дар зимистон ба дарс ва сӯҳбатҳои адабӣ ва дар тобистон дар хизмати бозори пӯст давом намуд.

Дар зимистони соли 1901 ӯ аз ҳар гуна ҳаракати барзиёд – аз дарсравӣ ва мулоқоти дӯстон бозмонда, дар ҳуҷрааш хобид. Мадрасаи Сӯзангарон хурдтарин ва бадтарини мадрасаҳои Бухоро буда, атрофашро раставу бозору саройҳои тиҷоратӣ ва ҳавлиҳои дуошёна чунон иҳота карда гирифта буданд, ки ҳамон шамоли бадбӯи шаҳри Бухоро ҳам дар даруни вай намевазид. Ҳуҷраи Ҳайрат бошад, ду метри мураббаъ буда, поёнҳуҷра, сернам ва якдара буд.

Ман зиндагонии Ҳайратро дар он ҳолат дар чунин ҳуҷра, дар шароите, ки ғайр аз чою нон чизи хӯрдании дуруст надошт, барои ӯ ҳалокатовар дониста, дар андешаи дуру дароз афтодам. Аммо аз тарафи худ ҳеҷ имкон надоштам, ки ба ӯ ёрие расонам. Бинобар он ин масъаларо дар пеши Абдухалил-махдум, Аҳмадҷон-махдум[173] ва Мирзо Абдулвоҳид, ки баъд аз қозӣ шуда рафтани Шарифҷон-махдум дар мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф мустақилона зиндагонӣ мекард ва ҳамаи инҳо монанди ман ба Ҳайрат дӯсти наздик шуда буданд, мондам.

Аз ин миёна Абухалилмахдум ҳиммати калоне кард. Ӯ ҳамон вақтҳо дар ҳуҷрааш як пуд равғани дунба, се пуд биринҷ ва нимча (як кило) чой дошт. Азбаски хонадор буд, дар ҳуҷра кам ош мехӯрд ва ҳуҷрааш болоҳуҷраи хушҳаво ва дар рӯ ба рӯи ҳавзи Ғозиён буд. Ӯ ҳуҷраро бо ҳамаи озуқааш ба ману Ҳайрат супурдан хост. Мирзо Абдулвоҳид гоҳо дар ҳуҷрааш палави равғани кӯкнордонагӣ, ки ба сурфа фоида дорад, пухта доданӣ шуд ва Аҳмадҷон-махдум, ки ҳавлидор буд, гоҳо дар ҳавлиаш тушбера ва угро барин ошҳои хамирӣ пухта оварданро ваъда дод, то ки пайваста палавхӯрӣ ба дили бемор назанад ва худам гӯшти ҳаррӯзаи оши палавро, ки нимча буд, бо ду нони бозорӣ мутасаддӣ шудам.

Ба ҳамин тариқа мо Ҳайратро аз ҳуҷраи худаш ба ҳуҷраи Абдухалил-махдум кӯчонда овардем. Азбаски Абдухалил-махдум ҳам бемории силӣ дошт ва ҳам монанди соҳиби ҳуҷра ба пеши бемор омаданро муносиб намедид, ба пеши мо ҳеҷ намеомадагӣ шуд. Ман доимӣ ба хизмати бемор мондам ва дигар дӯстон

ҳам ҳар вақт хабаргирон меистоданд, ҳатто Мирқодир-махдум ҳам гоҳо омада, бо суханҳои девонаворонааш беморро хандонда менишаст.

Бо таъсири таомҳои хуб бояд бошад, бемор баъд аз ду моҳ дар ҳуҷраи Абдухалил-махдум истодан хеле қувват пайдо кард, ҳатто дар ҳаваси базмгардӣ афтода, баъзе шаб бо ман ва дӯстони дигар ба базмҳои дойрахабар ҳам мерафтагӣ шуд.

Бо сар шудани ҳавои гарми тобистон боз аҳволи ӯ хеле бад шуд. Тоҳирҷон, ки ҳар ҳафта як бор-ду бор омада ӯро дида, аҳволпурсӣ карда мерафт, вазнинии аҳволи ӯро дида, ба ҳавлиаш кӯчонданро муносиб дид, чунки дар он вақтҳо бемор тамоман барҷомонда гардида, берун баромада наметавонистагӣ шуда буд.

Ин машваратро худи Ҳайрат ва дигарон ҳам қабул карданд. Дар аввалҳои моҳи июни соли 1902 ӯро ба ҳавлиаш дар гузари Арӯсон, ки дар вай додараш муҷаррадона (бе зан) зиндагонӣ мекард, кӯчондем.

Ҳар кадоми мо ҳар рӯз як бор озуқа ё таоми тайёр ва ё ин ки ягон ширинӣ бурда, ӯро ҳолпурсӣ карда меомадем. Бемордори доимӣ додараш буд. Аммо ман ва Аҳмадҷон-махдум ҳар шаб бо навбат дар пеши бемор мехобидем. Чунки аломати охири рӯзҳои зиндагиро гузаронида истодани ӯ ба ҳар кадомамон маълум буд.

Ҳайрат дар нимаҳои моҳи июл, дар шабе, ки Аҳмадҷон-махдум дар пеши ӯ навбатдор буд, вафот кард. Пагоҳонӣ, ки ман ҷомашӯӣ сар карда будам ва мехостам ин корро барвақттар тамом карда, ба хабаргирии бемор равам, касе аз гузари ӯ омада, вафоташро хабар дод. Ҳарчанд аз ҳаёти ӯ умедамро канда бошам ҳам, ин хабар ба ман ногаҳонӣ барин расид. Дар ҳамон вақт як куртаи аз об баровардаам дар дастам буд, ки мехостам ба тор паҳн кунам. Аммо бо шунидани ин хабар ҳамон тавр курта дар даст дақиқае дар ҳайрат афтода мондам, гӯё ки шах шуда будам.

Баъд аз дақиқае ҳавоси худро ғундошта, ҷомашӯиҳои дар об таркардаамро ҳамон тарз бо тағора ба ҳуҷра дароварда монда, ба тарафи ҳавлии Ҳайрат нигоҳ карда давидам ва ба хонаи ӯ расидам. Ман, ки дар вафоти падару модарам нагириста будам, бар сари мурдаи ӯ овоз андохта, бо навҳа гиристаам ва ҳамаи дӯстон ба гиря даромаданд.

Ҷасади ӯро дар беруни дарвозаи Талипоч, дар роҳи Чорбакр, дар гӯрхонаи падару бобоҳояш гӯронидем.

Баъд аз маросими дафн ман рост ба ҳуҷраи худ омадам ва бо таъсири ин мотами тоқатфарсо чанд рӯз натавонистам, ки ба кӯча бароям ва дӯстонро зиёрат кунам.

Шоирон ва адабиётдӯстони ҷавони он замон ба ҷои ин ки ба хонаи Ҳайрат раванд, ба ҳуҷраи ман омада, ба муносибати вафоти дӯсти азизам таъзия баён мекарданд ва марсияҳо навишта оварда медоданд.

## МЕРОСИ АДАБИИ ҲАЙРАТ

Ҳайрат одат надошт, ки шеърҳои худро ба дафтаре навишта монад. Баъзе шеърҳояш бо дастхати худаш ва бо хати худам ва Мирзо Абдулвоҳид дар баёзи ман буда, порчаҳои дигараш дар хонааш дар дасти додараш монда буд. Мо хо-



стем, ки ҳар чӣ аз вай монда бошад, ҷамъ карда, ба дафтаре нависем. Аммо додараш аввал ба додани он шеърҳо розӣ нашуд ва баъд аз он розӣ шуд, ки ҳар рӯз як ғазал ё ду ғазал диҳад, баъд аз он ки мо вайро рӯйнавис карда гирифта, нусхаи аслиро ба вай бурда диҳем, ғазали дигарро диҳад.

Ғайр аз тобеъ шудан ба фикри ӯ чораи дигаре надоштем – ҳар рӯз ман ё Аҳмадҷон-махдум ба ҳавлии вай, ки аз ҷои истиқомати мо қариб ду километр меомад, рафта, аз ӯ як ғазал ё ду ғазал меовардем. Мирзо Абдулвоҳид он ғазал ё ғазалҳоро бо хати зебои худ навишта мегирифт.

Ҳамин тарз карда, мо порчаҳои дар дасти додари шоир мондаро навишта гирифтем ва чизҳоеро, ки дар дасти ман буданд, низ Мирзо Абдулвоҳид навишта гирифт. Ғазал, қасида, достон, қитъа ва рубоӣ – ҳамагӣ 2000 байт (4000 мисраъ) шуд.

Мирзо Абдулвоҳид бо хати худ аз маҷмӯаи шеърҳои Ҳайрат ду нусха тайёр карда, якеро ба ман доду дигареро барои худаш нигоҳ дошт.

Баъд аз вафоти Ҳайрат шӯҳрати ӯ назар ба замони зиндагиаш зиёдтар шуд. Дар вақти ҳаёташ ӯро танҳо дӯстонаш дӯст дошта мадҳ мекарда бошанд, баъд аз вафоташ ҳар касе, ки ба адабиёт андак алоқаманд бошад, маддоҳи ӯ шуд. Аз ин рағбати умумии ба Ҳайрат пайдошуда амир Абдулаҳад ҳам, ки худро шоир метарошид, берун намонд. Ӯ ба қозикалон Бадриддин фармуд, ки шеъҳои Ҳайратро ёфта, ба ӯ расонад. Қозикалон маро ҷеғ зада бурда, талаб намуд, ки шеърҳои Ҳайратро ба ӯ супорам. Ман мункир шудам. «Дар дасти ман шеъри Ҳайрат нест, ҳар чӣ аз ӯ мондааст, дар дасти додараш буд, ӯ ба ман надод» гуфтам. Ва ҳол он ки додари Ҳайрат бо ҳамон беморие, ки аз бародараш гирифта буд, баъд аз ду моҳ вафот карда буд.

Ман аз бими он ки мабодо ҳуҷраамро одамони қозикалон кофтуков карда, он нусхаро аз дастам гиранд, вайро бурда дар ҳавлии Мирзо Абдулвоҳид бо нусхаи ӯ – ҳар дуяшро дар шифти як мадони торик овехта мондем. Аммо дар соли 1918, ба муносибати воқеаи Колесов, вақте ки хонаи Мирзо Абдулвоҳид тороҷ шуд, ҳар ду нусха ҳам талаф гардиданд[174].

Ҳоло якчанд ғазал, қасида, қитъа, рубоӣ ва як достон, ки Ҳайрат бо илтимоси ман дар саёҳати Фарғона навишта буд, дар дасти ман мебошанд ва намунаи онҳо дар саҳифаҳои 261 – 271 «Намунаи адабиёти тоҷик» дарҷ шудааст.

Дар ин ҷо ман мехоҳам, ки тадқиқотчиёни ҷавонро аз як масъала хабардор карда монам: вақте ки қозикалон бо фармоиши амир дар пайи ёфтани шеърҳои Ҳайрат афтод ва чизе ба даст дароварда натавонист, аз чор тараф шоирчаҳо ва шоиртарошон барои хушомад ба хизмати қозикалон миён баста, бисёр шеърҳои пастро бо тахаллуси «Ҳайрат» ба ӯ бурда доданд. Бинобар ин тадқиқотчиёнро лозим аст, ки ҳар шеъри дар охир тахаллуси «Ҳайрат» доштаро бе ҳеҷ тадқиқ «аз они Ҳайрат» гуфта қабул нафармоянд, балки ҳар шеърро аввал ба шеърҳое, ки дар бораи моли Ҳайрат будани онҳо шакке нест, андоза карда бинанд ва баъд аз он ба як қарор оянд.

Ман дар ин ҷо як мусаддаси Ҳайратро, ки дар охири умраш навиштааст ва метавон гуфт, ки он хулосаи шарҳи аҳволи пурмалоли ӯ мебошад, ба тарзи намуна қайд мекунам:

## МУСАДДАС

Чӣ музтарам, ки зи ғам лаҳзае фароғ надорам,
Набошадам ба дил аз гӯшае, ки доғ надорам,
Ба роҳи матлаби айшу хушӣ суроғ надорам,
Ба каф зи даври шароби тараб аёғ надорам,
«Чунон фасурдадимоғам, ки майли боғ надорам,
Ба ҳадди он ки гуле бӯ кунам, димоғ надорам.»*

* * *

Ба даҳр он қадар аз вазъи рӯзгор ғаминам,
Ки тири дарду ситамро зи ҳар канор каминам,
Фурӯ гирифта ҳуҷуми алам ясору яминам,
Узори шоҳиди мақсад ба ҳеҷ бор набинам,
Агар ба рӯзи парешониам низору ҳазинам,
Агар шаби ғами ҳиҷрониям чароғ надорам.

* * *

Маро, ки соғари айш аз кафи мурод нагун шуд,
Вале ба маҳфил минои дил ба гардиши хун шуд,
Зи ғусса рӯз ба рӯзам чу барфузуду фузун шуд,
Набуд агарчӣ дили зор хун, тамом кунун шуд,
Ҳавою шавқи сару дил ба хок рафту бурун шуд,
Кунун сарею ҳавое, дилею доғ надорам..

* * *

Чӣ мекунӣ ба ҳавас ҷустуҷӯи пурсиши ҳолам?
Чӣ меравӣ раҳи дарди сари ҷавобу саволам?**
Чунон гудохтаҳол аз фалак ба наҳсувуболам,
Тане зи ғусса низорам, қаде зи дард ҳилолам,
Димоғ сӯхт ба ҳаҷрам, дил об шуд зи малолам,
Аз он ба саъйи нишоте дилу димоғ надорам.

* * *

Ба зулми чархи ҷафоҷӯ, зи ҷаври даври ситамгар
Ба ранҷу дард чу Ҳайрат шикастаболаму музтар,
Дилам зи ҳодиса дар қайди кулфат аст муқаддар,
Ғамам чу қофия дар банди меҳнат аст мукаррар*** ,
Зи бахти тира чу мурғи шикастаболаму бепар,
Ки ошёни талаб ҷуз ба парри зоғ надорам.

Ман дар ин ҷо барои нишон додани ин ки шеършиносони расмии холис ва бетарафи он замон дар ҳаққи Ҳайрат чӣ ақида доштанд, порчаеро аз тазкираи Садри Зиё, ки баъд аз вафоти Ҳайрат дар бораи ӯ аз тарафи муаллифи китоби мазкур навишта шудааст, ба тарзи мисол овардан мехоҳам (ба тариқаи интихоб):

Ҷавони хирадманди некӯниҳод,
Чун ӯ модари даҳр ҳаргиз назод…
Бинои суханрост рукни тамом,
Яке содиқулқавл Сиддиқ ном.
Ба ҳайрат фурӯ рафта халқе аз ӯ,
Варо Ҳайрат омад лақаб баҳри ӯ…
Суханҳои ӯ баски шуд дилпазир,
Ситоиш кунад ҳар касе ногузир…
Каманди хаёлаш чунон буд расо,

*Ин ду мисраъ аз они Ҳасрати Ҳисорӣ аст,ки Ҳайрат мазмунашро мувофиқи ҳоли худ ёфта, тазмин карда буд.
**Шоир дар ин ду мисраъ аз беморпурсии мунофиқонаи баъзе касон, ки дар вақти бемориаш барои ӯ малоловар буд, шикоят мекунад.
***Шоир зимнан дар ин мисраъ бо калимаҳои «қофия», «банд» ва «мукаррар» дар бораи такрор шудани қофияҳо дар бандҳои ин мусаддас узр гуфтан мехоҳад.



Ки сайди маонӣ намешуд раҳо…
Ба тарзи наве нуктапардоз шуд,
Чу булбул навосанҷи ин соз шуд…
Бад-он сон, ки дар бадви*рушду тамиз
Намондаш зи фазлу ҳунар ҳеҷ чиз,
Ки маншури идроки ӯ барнахонд,
Надониста як чиз аз вай намонд…
Забардасти майдони донишварӣ,
Вале буд аз уҷбу** наҳват*** барӣ****;
Ҳамеша ба Айнию Мунзим ба ҳам
Бударидӣ ба шодию бо ҳам***** ба ҳам…
Чу Ҳайрат гузар кард аз рӯзгор,
Зи ҳаҷраш рафиқон гиристанд зор;
Дар ин боб Айнӣ ба сад печу тоб,
Чу моҳӣ, ки маҳҷур монад зи об,
Ба таърихи фавташ ғамину ҳазин
Ду-се байт гуфта чу дурри самин******.

(Ҷузъиёти гузориши аҳволи Ҳайрат дарояндаи «Ёддоштҳо» ба ҳар муносибат ёдоварӣ карда хоҳад шуд).

## «МИКРОБҲОИ ОДАМШАКЛ»

Баъд аз вабои охирине, ки дар соли 1893 дар Бухоро рӯй дода буд, ҳарчанд дигар вабои умумӣ ва бемории гузарандаи хафвнок пайдо нашуда бошад ҳам, шаҳр ва атрофи наздики он дар тобистонҳо ҳеҷ гоҳ аз бемориҳои бисёрруйиди-ҳанда ва аз муромуриҳои барзиёд холӣ набуданд.

Ин ҳол аз назари диққати олимони тиббии рус пинҳон намонд ва дар тобистони соли 1895 як комиссияи махсус аз Петербург омад, ки дар ҳайати вай донишмандони микробшинос ва мутахассисони бузурги илми тибби замонӣ даромада буданд.

Ин комиссия аввал шаҳр ва атрофи онро гардиш карда, ҳама ҷоро дид, кушишхонаҳо, кӯлҳо, обрезҳо, обгурезҳо, ҳавзҳо, рӯд ва ҷӯйҳо, инчунин ошхонаҳои бозорӣ – нахудпазиҳо, моҳипазиҳо, каллапазиҳо, кабобпазиҳо, ҳам зарфҳо ва корҳои касонеро, ки таомҳои гарми тайёрро дар лагану лаълиҳо гирифта, дар сари роҳҳои умумӣ нишаста мефурӯхтанд, аз назар гузаронид.

Комиссия ба ҳукумати амир муроҷиат намуда, барои бартараф кардани беморӣ ва муромурии мардуми шаҳр барҳам додан ва аз сари нав ташкил кардани ҳар кору ҳар чизеро, ки ба покизагӣ ва нигоҳдории тандурустӣ зид бошад, талаб намуд. Чунончи, тоза кардани рӯд, ҷӯйҳо, ҳавзҳо ва обрезу обгурезҳо, хушконидани кӯлҳо, кофтани заҳкашҳо, аз шаҳр баровардани кушишхонаҳои ҳайвонот, тоза кардани ошхонаҳо, манъ кардани таомфурӯшиҳои сарироҳӣ ва дигарҳоро ба пеши ҳукумати амир вазифаи аввалин ва ногузир карда монд.

Одати ҳукумати амир ин буд, ки барои иҷрои ҳар кори наве, ки аз тарафи русҳо таклиф шавад ва барои ба амал овардани он кор хароҷоту ташвиши бисёр

*Бадв – ибтидо.
**Уҷб – худбинӣ.
***Наҳват – калонгарӣ.
**** Барӣ – пок.
*****Ҳам – дар ин ҷо ба маънои ғам.
******Самин – пурқимат.

лозим бошад, рухсати уламои мутаассиби худро лозим мешумурд. Табиист, ки онҳо ба ҳар чизи нав муқобил буданд ва рухсат намедоданд, ки ба амал барояд.

Дар мавриди шаҳртозакунӣ ҳам ҳукумат ризо ва фатвои уламоро лозим шумурд. Комиссия ин ҷавобро шунида, хост, ки худаш уламои Бухороро бо далелҳои фаннӣ қаноат ҳосил кунонад, ки ин аҳволи шаҳр боиси бемории ҳалокатовар аст. Бинобар ин дар беморхонаи шаҳр як лаборатория ташкил карда, обҳои рӯд, ҷӯй, ҳавз, кӯл, таомҳои ошхонаҳо, хунҳои кушишхона ва монанди инҳоро оварда таҳлил кард ва аз ҳукумат илтимос намуд, ки як гурӯҳ олимони донишманди шаҳрро фиристонад, то ки ба воситаи микроскоп ҷондорҳои бемориӣ пайдокунандаро бо чашми худ дида, ба тоза кардани шаҳр рухсат диҳанд. Комиссия дар ҳайати донишмандони бухороӣ будани Аҳмад-махдуми Дониш, Қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун[175] ва домулло Икромчаро[176], ки овозаи дониши онҳо ба гӯши олимони рус ҳам расида буд, лозим донист.

Ҳукумати Бухоро ин таклифи комиссияро қабул кард. Аммо ба ҳайати донишмандони бухороӣ Абдураҳмон-махдуми Рафтор[177], Қиём-махдум[178] ва Ҷунбул-махдумро[179], ки дар таассуби ҷоҳилона, дар нодонӣ ва дар мунозираҳо ба нофаҳмида фарёд кардан ном баровper буданд, инчунин як каси «Буқрот»-лақабро[180], ки девонавор худро ҳаким ва файласуф мешумурд (мардум ӯро масхара дошта, лақаби «Буқротӣ»-ро ба ӯ муносиб дида буданд), ба ҳайати комиссия ҳамроҳ кард.

Ахмад-махдуми Дониш аз ҷиҳати бемори барҷомонда буданаш ба кори комиссия иштирок карда натавонист. Зуфунун бо домулло Икромча дар муқобили чор нафар ҷоҳили гузаро, ки онҳо барои ҷоҳилона фарёд кардан ва бетартибӣ баровардан аз ҳукумат таълимоти махсус доштанд, монданд.

Донишмандони рус лабораторияро ба кор дароварда, микробҳои дар об, дар ош ва дар дигар чизҳо будагиро бо микроскоп ба ҳайати комиссияи Бухоро нишон дода истода зарари ҳар кадом микроб ва чӣ гуна бемориҳо ба вуҷуд овардани онҳоро шарҳ додан гирифтанд.

Домулло Икромча ва Зуфунун гуфтаҳои комиссияи русҳоро тасдиқ карда ва аз тарафи худ ҳам барои қувват додани фикри комиссия баъзе чизҳо мегуфтанд.

Чун Абдураҳмон-махдуми Рафтор, Қиём-махдум, Ҷунбул-махдум ва Буқрот диданд, ки домулло Икромча ва Зуфунун фикри комиссияро маъқул шумурда истодаанд, ҳар чорашон якбора фарёд баровper:

– Мо қабул намекунем, мо тарсида дини Худро намефурӯшем, Худоро халлоқи ягона, беморидиҳанда ва шифобахшанда медонем. Мо бо ин «лӯттибозиҳо», ки чизҳои мавҳумро ҷондор карда нишон дода истодаанд, бовар намекунем ва фиреб намехӯрем!..

Аъзои ҳайати комиссияи донишмандони рус аз ин фарёдҳо, ки дар забони тоҷикӣ мерафтанд, чизе нафаҳмида, ба воситаи тарҷумон ҳам аз онҳо чизе фаҳмида натавониста, таҳлилотро хобонда ҳайрон-ҳайрон нигоҳ карда монданд…

Якбора он чор нафар аз ҷоҳошон бархоста, кафшҳошонро аз по кашида ба дастҳо гирифта, ясавули уламоро*, ки асо ба даст дар он ҷо рост истода буд, задан гирифтанд ва ӯро айбдор мекарданд, ки чаро онҳоро дар ин гуна маҷлиси кофиркунанда овардааст.

Дар ин вақт дар беруни беморхона муллоҳо ва муллобачаҳои бисёре, ки аз тарафи намояндагони махфии ҳукумати Бухоро барои балво бардоштан шӯронида фиристода шуда буданд, бе он ки чӣ гуфтан ва чи хостанашон маълум шавад, фарёд мекарданд. Аммо маъмурони махсуси ҳукумат ба онҳо роҳ намедоданд, ки ба беморхона дароянд.

Ҳайати комиссияи донишмандони рус диданд, ки як шӯриши бемаъниӣ бархоста, ранги балвои умумиро гирифта истодааст, кори худро хобонда, ба ҳайати комисссияи Бухоро ба рафтан рухсат дод. Аммо он чор нафар аз бино намебаромаданд ва ба раиси комиссияи Петербург фарёд карда мегуфтанд:

– Эй, тӯра! Ё аз забонат хат деҳ, ки дигар ба корҳои динии мо дахл намекунӣ, ё ки моро дар ин ҷо кушта парто!

Охир ду маъмури ҳукумати Бухоро омада, он чор нафарро ба баромада рафтан таклиф карданд ва онҳо ҳам, мувофиқи мақоле, ки мегӯянд: «Забони мурғонро мурғон медонанд», ба таклифи маъмурон зуд амал карда, бечуну чаро аз беморхона баромада рафтанд.

* * *

Ҳайати комиссияи донишмандони рус албатта пай бурданд, ки ин кори сохтаи худи ҳукумати Бухорост, бинобар ин ба гумоштаи сиёсии давлати Россия муроҷиат намуда, пешгирӣ кардани ин гуна бетартибиҳоро аз вай пурсиданд.

Дар натиҷаи муроҷиати гумоштаи сиёсии давлати Россия ҳукумати Бухоро ҳамаи он бетартибиҳоро ба гардани ҳамон чор нафар монда, онҳоро чанд рӯзе аз шаҳр баровард ва бо ҳамин гӯё пеши бетартибиҳоро «гирифт». Аммо аз миёна бисёр вақт нагузашта, боз он чор нафарро ба шаҳр даъват карда, ба ҳар кадомашон аз ҷои аввалиашон калонтар ва сердаромадтар мударрисиҳо дод.

Тоза кардани шаҳр ва барҳам додани ифлосиҳо, ба баҳонаи қабул накардани уламо ва сабаб шуданаш ба балво, ба амал оварда нашуд. Танҳо дар беруни шаҳр ва дар ҷанубии Намозгоҳ иморати чӯбине сохта, кушишхонаҳои ҳайвонотро ба он бино бароварданд, ки ин кор ба ҳукумат зарар надошт, балки фоида дошт. Чунки ҳукумат аз ҳар ҳайвони кушташаванда як миқдори муайян пул мегирифт, ки он маблағ дар соли аввал харҷашро таъмин карда, дар солҳои дигар як даромади бехароҷот дода меистод.

* * *

Аз шаҳр бароварда шудани кушишхонаҳоро баъзе одамони содадил аломати ба дасти ҳукумати подшоҳии Россия гузаштани корҳои ҳукуматдории Бухоро мешумурданд ва як мулло, ки орзуи қозӣ шудан дошт, ба беруни шаҳр кӯчонда шудани кушишхонаҳоро шунида, мегуфт: «Давлати рус фурсат медод, ки ман ду-се сол қозӣ шуда, зиндагии ояндаамро таъмин мекардам, баъд аз он Бухороро ба Русия ҳамроҳ мекард, майлаш буд. Акунун ман то охири умрам бараҳнаву гурусна хоҳам монд. Афсӯс!»

Чун воқеаи балвои «микробҳо» ва ҷанҷоли аз шаҳр баровардани кушишхонаҳо дар шаҳр овоза шуд, Ҳайрат гуфт:

*Як маъмури одии ҳукумат буд, ки дар ҳар ҷо уламо дар сурати расмӣ гун шаванд, ӯ дар он ҷо ҳозир мешуд ва ба маҷлисҳои расмӣ уламоро даъват мекард. Ин маъмурро ясавули уламо ва кӯтоҳ карда «оламиён» меномиданд.

– Микробҳои ҳақиқӣ ҳамин уламои ҷоҳил ва ҳамин ҳукуматдорони тороҷгар мебошанд. Агар донишмандони рус барои барҳам додани микробҳо ба аҳолии Бухоро ёрӣ доданро хоҳанд, бояд аввал барои барҳам додани ҳамин микробҳои одамшакл ёрӣ диҳанд, ки инҳо дар байни мардум бемориҳои рӯҳиро паҳн мекунанд. Дар он вақт барҳам додани микробҳои паҳнкунандаи бемориҳои ҷисмонӣ осон мешавад.

## ДОНИШМАНДИ НОБИНО

Чунонки дар боло қайд шуд, додарам Сироҷиддин дар ҳавлии Қозиҷон-махдум дастёр шуда даромада буд. Баъд аз он ки Қозиҷон-махдум ба як район қозӣ шуда, аз шаҳр рафт, додари маро Дониёлхоҷа ном бародари калони ӯ ба дастёрии худ гирифт.

Дониёлхоҷа як одами ҳафтодсола буд, умри худро дар қозигиҳои музофотҳои Бухоро гузаронида, дар вақтҳои охир ба сабаби пирӣ аз он кор истеъфо дода, гӯшанишин шуда буд. Ӯ Саъдихон ном як писари калон дошт, ки вай дар он вақтҳо ҳанӯз талаба буд.

Азбаски Дониёлхоҷа ва писараш монанди бародар ва бародарзодагонашон хоксор ва нарммуомила буданд, дастёрии онҳо ба додарам душворӣ намекард ва дарсашро ҳам худи пиракӣ ва писараш дуруст карда медоданд.

Аз ғайри ин ҳар ҳафта рӯзи ҷумъа дар хонаи ӯ дӯстонаш ҷамъ шуда,сӯҳбатҳои илмӣ ва дилкушоӣ мекарданд, ки ин ҳам ба як дастёр сабаби сокӯл шудан мегардид.

Назар ба нақли додарам, дар рӯзҳои ҷумъа дар он ҷо Мӯсохоҷа ном як кӯри модарзод меомадааст ва муллоҳои дар он ҷо ҷамъшуда бо ӯ мунозираҳои илмӣ мекардаанд, ки дар натиҷа ӯ ба ҳама ғолиб меомадааст.

Ман ин воқеаро шунида, дар ҳайрат афтодам. «Чӣ гуна як кӯри модарзод ҳамон қадар донишманд мешудааст, ки ба ҳама ғолиб меомадаст?» – гӯён фикр мекардам ва бо шунидан ба ин воқеа бовар кардан душвор буд. Бинобар ин як рӯзи ҷумъа, дар вақте ки мунозираи биноён бо нобинои модарзод сар мешуд, ба он ҷо рафтам.

Дар пешгоҳи маҷлис соҳибхона Дониёлхоҷа менишаст ва дар паҳлуи ӯ нобинои донишманд ҷой гирифта буд. Нобино тахминан чилсола менамуд. Ришаш сиёҳ ва риндона бо қайчӣ кӯтоҳ карда шуда буд, рӯяш пурраи сафедчаи сурхтоб ва чашмони бемижгони пӯшида ва хушкидарафтааш дар он рӯи сурхчатоб ба ду ҷои баддаррон рафтаи порчаи ҳарири гулобӣ монанд буд, ки он ҷоҳоро ба тарзи руфӯ дӯхта монда бошанд. Абрӯҳояш сиёҳи сермӯй буданд, либоси ин нобино фақирона, лекин бисёр озодона ва бечирку ғубор буд, саллааш докаи сафед, аммо монанди саллаҳои муллоҳо калон ва вайрон басташуда набуда, хурд ва бо тартиби хубе печондагӣ буд.

Дар дигар тарафҳои хона ҳашт нафар мулло буданд, ки ман аксари онҳоро аз он пеш надида будам. Аммо ҳамаашон миёнсол ва хушлибос буданд.

Мунозира сар шуд: яке аз муллоҳо як масъалаи мантиқро аз нобино пурсид. Нобино табассумкунон ва ҷоҳои чашмони хушкидаашро те-тез ҷунбонда, рӯи худро ба ҳаво карда, чашмони курашро, чунонки ягон чизро дидан мехоста бошад, ба шифти хона дӯхта ба гап даромад ва баъд аз бо забони тоҷикӣ хуб шарҳ додани он масъала, монанди ҳуҷҷати гуфтаҳои худ, як саҳифа барин иборати арабиро аз як китоби мӯътабари мантиқ нақл карда аз ёд хонд ва он иборахои арабиро ба тоҷикӣ тарҷима карда дод. Баъд аз он, дар ҳолате ки ҳанӯз ба шифт «чашм дӯхта» меистод, ба пурсанда хитоб кард:

– Ҳолӣ шуд (фаҳмидед) ё боз гап занам?

– Ҳолӣ шуд! – гӯён ҷавоб дод он мулло.

Дигаре аз муллоён аз ҳикмати табиӣ гап кушода, дар бораи он масъала фикри Абӯалӣ Синоро аз нобино пурсид. Нобино аввал аз «Донишнома»-и Абӯалӣ Сино ҷумлаҳоеро, ки ба он масъала дахлдор буданд, дар забони тоҷикӣ аз ёд хонда дод, баъд аз он аз асарҳои арабии он муаллиф ҳам порчаҳо хонда, тарҷима кард ва дар охири суханаш мисли пештара ба пурсанда «ҳолӣ шуд?» гӯён савол дода, баъд аз гирифтани ҷавоби тасдиқӣ ором ёфт ва ба пурсишҳои дигар мунтазир шуда истод.

Яке аз муллоҳо, ки аз нобино ҷавонтар буд, ба ӯ гуфт:

– Ака Эшон, ба дониши шумо ҳеҷ ҷои гап нест, фақат афсӯс, ки як чизро, ки донистани он ба чашми бино вобаста аст, намедонед!

– Он чӣ чиз будааст? – гуфт нобино бо оҳанги тааҷҷуб, дар ҳолате ки ҳанӯз ба шифт «чашм дӯхта» истода табассуми дандоннамо мекард.

– Он чиз фарқи рангҳост. Албатта, касе ки чашм надошта бошад, рангҳоро аз якдигарашон фарқ карда наметавонад, – гуфт он мулло.

Нобино сари худро табассумкунон пуштнокӣ хам карда ва дастонашро ба болои рӯяш баланд бардошта, бо ду сарангушти дасти росташ ангушти хурди дасти чапашро дошта, ҷунбонда истода гуфт.

– Ана ҳамин ранги сафед аст, худи ранги барф барин. Агар ба ин нигоҳ карда истед, чашматонро мебарад.

Баъд аз он нобино ангушти чоруми дасти чапашро дошта ҷунбонда истода, боз ба гап даромад:

– Ана ин ранги сиёҳ аст. Агар ба ин бисёртар нигоҳ карда истед, чашматон хира мешавад. Агар дар хонае як ҳафта набаромада истед, ки деворҳо ва дарҳои вайро тамоман бо пардаҳои сиёҳи ғафс печонда гирифта бошанд, баъд аз он ҷо ба рӯшноӣ баромаданатон дарҳол чизеро намебинед, ҳатто дар аввали баромаданатон чашматонро ба тарафи рӯшноӣ кушода натавониста, аз ман бадтар кӯр мешавед. Чунки ман кӯр бошам ҳам, дилам тангӣ намекунад. Аммо шумо дилтанг шуда ба мурданатон розӣ мешавед.

Ба ҳамин тариқа нобино ба ҳар кадоми рангҳо нисбат ба бинанда хусусиятҳо баён карда, фарқи онҳоро аз якдигарашон шарҳ дод.

Касе аз муллоён (шояд ёд карда омада бошад) чанд ҷумлаи арабиро аз «Шифо» ном асари Абӯалӣ Сино хонда, тарҷима ва шарҳи вайро аз нобино пурсид.

Нобино дар вақте ки он мулло он ҷумлаҳоро мехонд, монанди ҳамешагӣ сарашро пуштнокӣ хам карда, чашмҳои курашро ба шифт нигаронда, дасти росташро аз сараш боло бардошта ва панҷаҳояшро кушода, ба чапу рост ҷунбондан гирифт, ки ин аломати «нодуруст хондӣ» гуфтани ӯ буд. Баъд аз он ки мулло ҷумлаҳои пурсиданиашро хонда тамом кард, нобино гуфт:

– Шумо, бародар, ғалат хондед! Хатои якуматон дар ин буд, ки қавли Шай-

хурраис (Абӯалӣ Сино)-ро вайрон карда нақл намудед – аз байни ҷумлаҳо калимаҳои ҷудогонаро партофта хондед, ки бо ин кори шумо қавли ҳакими бузург бемаънӣ шуда монд; хатои дуюми шумо дар кор фармудани қоидаҳои забони араб буд, дар фалон калима забар[181] хондан даркор буд, зер хондед, дар фалон калима, ки пеш аз хондан даркор буд, забар хондед! – гӯён нобино хатоҳои сарфӣ ва наҳвии хонандаро ягон-ягон нишон дода, бинобар кадом далел хато будани онҳоро бо овардани ҳуҷҷатҳо аз китобҳои сарфу наҳви забони араб исбот намуда, сухани худро давом дод: – Ин фақир дар кӯчаҳои китоби «Шифо»-и Шайхурраис тапуркулӯх[182] бозӣ кардааст. Агар шумо дар пеши ман даҳан кушоед, кулӯххое, ки дар вақти бозӣ аз дасту пои ман мепаранд, ба даҳанатон даромада, кому забонатонро ба гап задан роҳ намедиҳанд. Ҳушёр бошед!

Нобино хомӯш монд. Он мулло сурх шуд, аз сару рӯяш араќи хиҷолат чакидан гирифт. Нобино боз ба гап даромад:

– Ана, ана, сурх шудед! – гӯён ба он мулло хитоб кард ва баъд аз он ба муллое, ки фарқи рангҳоро пурсида буд, муроҷиат карда гуфт:

– Додар, дидед, ман чӣ гуна сурх шудани ранги рӯи рафиқатонро дида тавонистам! Астағфирулло, хато гуфтам, ранги ин кас сурхи баланд ва пушти гули сурх барин нашуд, балки ранги гули гулобӣ барин сурхча шуд.

Мунозира давом кард. Аммо касе нобиноро банд карда натавонист. Хоҳ дар илми маонӣ ва баён[183] бошад, хоҳ дар фиқҳ[184] ва хоҳ дар дигар, ки он вақт дар миёнаи олимони забардасти Бухоро машҳур буд, ӯ дониши худро нотарсона изҳор мекард ва аз китобҳои оид ба он илм аз ёд саҳифаҳо хонда, муддаои худро исбот менамуд.

Дар охири мунозира соҳибхона аҳли маҷлисро зиёфат кард. Баъд аз он меҳмонони мунозирагар ягон-ягон рафтан гирифтанд. Вақте ки нобино рафтан хоста, аз хона баромад, ман ҳам аз дунболаш баромадам ва ӯро дар пеши дарвозаи ҳавлӣ нигоҳ дошта, бо ӯ ду ба ду дар кӯҷо сӯҳбат карда тавонистанамро пурсидам.

– Ман, – гуфт ӯ, – ҳар рӯз баъд аз пешин дар гузари Ҳаммоми Чӯбин, дар самоворхона менишинам. Агар лозим донед, кадом рӯз ки он ҷо биёед, маро меёбед!

* * *

Кӯчаи гузари Хоҷаӯбониҳо аз Шимол ба Ҷануб меравад. Ҳар гоҳ, ки гузари мазкур тамом шавад, кӯча аз Шарқ ба Ғарб бармегардад. Гузари Ҳаммоми Чӯбин дар ҳамин гардишгоҳи кӯча воқеъ шудааст. Дар ҳамон гардишгоҳ, дар тарафи ҷануби кӯчаи ба ғарб раванда як ҳавз, масҷид ва самоворхона буд, ки ман нобиноро аз ҳамон самоворхона ёфтам.

Баъд аз вохӯрдӣ карданам бо ӯ хостам дар куҷо аз вай ваъдаи мулоқот гирифтанамро ба ёдаш расонда, худро шиносонам. Аммо вақте ки ман бо ҳамин мақсад гап сар кардам, ӯ дасташро ҷунбонда, маро ба хомӯш истодан фармуда, гуфт:

– Ман аз садои поятон дониста будам, ки шумо ҳамон ҷавони кунҷков мебошед. Мақсадатонро гуфтан гиред!



Ман аз ӯ бо вуҷуди нобиноиаш бо кадом роҳ ба даст даровардa тавонистани ин ҳама илму донишро пурсидам.

– Ман аз хоҷагони ҷӯйборӣ мебошам, ки номам Мӯсохоҷа аст, – гӯён ӯ ба гап даромад, – як қисми хоҷагони ҷӯйборӣ заминдор, амалдор ва сарватдор бошанд ҳам, қисми дигарашон қашшоқ мебошанд. Аҳволи қашшоқони хоҷагони ҷӯйборӣ аз аҳволи қашшоқони оммаи мардум бадтар аст. Чунки қашшоқони оммаи мардум ба ягон касбу кор машғул мешаванд ва ҳеҷ набошад, бо ҳаммолӣ ва муздурӣ, бо сахтӣ бошад ҳам, рӯз мегузаронанд. Аммо ба хоҷагони ҷӯйборӣ кор кардан, пешавар шудан, хусусан мардикорӣ кардан айб аст, ор аст. Аз рӯи одатҳои анъанавӣ ин гуна корҳо ба шарафи хоҷагии онҳо зарар мерасонанд.

Ҳамсӯҳбати ман аз чойники бо рӯймолча печонда мондагиаш як пиёла чой кашида нӯшид, охирин пиёлаи чойро кашида, ба ман дод ва чойникро бо чиқиррос занондани сарпӯшаш, ки аломати чойи тоза пурсидан аст, ба лабтари кат тела доду ба сухани худ давом кард:

– Падари ман аз ҳамин қабил хоҷагони «бепули бадҳаво», «муфлиси мутакаббир»* ва «тунди халахӯр» буд. Ӯ ба коре даст назада, мероси аз падараш мондаро пеш-пеш фурӯхта хӯрда будааст, ки дар дасташ танҳо як ҳавлии вайрона монда буд. Дар он миён мани нобино таваллуд ёфтам, ки ин барои вай «болои мурда сад чӯб» шудааст. Зеро дар рӯи дунё бе ҳеҷ сарват гузошта рафтани як фарзанди нобино барои як падар, хусусан ки он нобино фарзанди ягонаи ӯ бошад, як азоби тоқатфарсост. Падарам дар ғами оянда солҳо азоб кашида гашта, охир монанди дигар падарони фарзандонашон нобино маро ба қорихона дод, ки дар он ҷо Қуръон ҳифз кунам ва дар оянда бо чалпакхӯрии сари мазорҳо ва бо қуръонфурӯшӣ зиндагӣ намоям.

Нобино чойи тозаро гардонд (ӯ дар ҳолате ки рӯяш ба ҳаво буд, чойро чунон моҳирона ва эҳтиёткорона мегардонд, ки ягон чакра ба беруни чойник намечакид. Ва ҳол он ки ман то ҳол ба беруни чойник нарехта, начаконида, чой гардонда наметавонам). Баъд аз он як қулт барин чой барои худ кашида нӯшиду пиёларо нимпур карда ба ман дод ва рӯймолчаашро чорқат карда ба болои чойник пӯшонда, боз ба гап даромад.

– Ман дар он вақт шашсола будам. Дар муддати ду сол Қуръонро бо таҷвид (мувофиқи қоидаҳои лаҳҷа ва талаффузи араб) ёд кардам. Дар он вақт падарам вафот намуд, модарам маро ба «чалпакхӯрӣ» монд. Мани ҳаштсола ҳар бегоҳи ҷумъаву душанбе ба сари мазорҳо мерафтам. Дар он сари мазорҳо нобиноҳои дигар ва ҳатто биноҳои Қуръонхон ҳам нишастанд. Заноне, ки шавҳарашон ё фарзандонашон ё ягон хеши наздики дигарашон ба тозагӣ мурда бошад, табақ-табақ чалпак ва лаълӣ-лаълӣ нону кулча бардошта меомаданд, нобино ва биноён баробар ба Қуръонхонӣ сар мекарданд ва мани хурдсол ҳам ба онҳо ҳамроҳӣ менамудам. «Занон раҳмдил мешаванд» – мегӯянд. Хусусан дар сари мазор ва ба болои қабри наздиконашон дили онҳо боз ҳам нармтар мешавад; онҳо дар вақти тақсим кардани чалпаку нон ба мани ҳаштсола раҳмашон омада, назар ба калонсолон ҳиссаи маро зиёдтар мекарданд. Биноёни кӯрботин, ки ғайри қуръ-

* Муфлиси мутакаббир – қашшоқи калонгир.

онфурӯшӣ бо ягон роҳи дигар ҳам ризқу рӯзии худашонро ёфтанашон мумкин буд, ин ҳолро дида, якбора фарёд мекарданд, ки чаро занон ноинсофӣ карда, ба як бачаи ноболиғ нисбат ба одамони сисолаву чилсола зиёда «ҳақ» дода истодаанд. Нобиноёни калонсол ҳам бо фарёди биноён аз ин тақсимоти «ноинсофона» хабардор шуда, ба фарёди онҳо боз ҳам бо овозҳои баландтари кӯрона ҳамроҳӣ менамуданд. Сари мазоре, ки як дақиқа пештар бо навҳаҳои дилобкунандаи занон монанди як суруди маҳзунона ба дили кас андӯҳи форамеро илқо мекард, бо фарёди вахшиёнаи қуръонфурӯшон ва бозори калова бадал мешуд, ки гӯё дар он ҷо кисабуреро дошта бошанд. Аммо занон онҳоро «шумо сангдил, шумо бача зоида калон накардаед, шумо қадри бачаи хурдсолро намедонед ва ба вай раҳм намекунед!» – гӯён таъна зада хомӯш мекарданд.

Нобино аз чойники чояш дамхӯрда як пиёла кашида мазакунон нӯшиду ба ман ҳам як пиёла кашида дода, давом намуд:

– Ман то дувоздаҳсола шуданам бо чалпаку нонҳои сари мазор шиками худ ва модарамро ба хубӣ сер кардам. Азбаски хушовоз будам ва қуръонхонии ман ба гӯши шунавандагон монанди сурудхонӣ таъсир мекард, ба хурдсолиам нигоҳ накарда, маро ба хатми Қуръонҳои хонагӣ ҳам хабар мекардагӣ шуданд. Дар ҳар хатми Қуръон аз ғайри нону чалпак ба ман як танга-ду танга пули нақд ҳам медоданд. Мо бо он пулҳо либосамонро ҳам, ки чандин сол боз бо ямоқ мепӯшидем, нав карда гирифтем. Модарам «зиндагониамон аз вақти будани падарат беҳтар шуд» гӯён изҳори хурсандӣ мекард. Аммо рӯзҳои хурсандонаи ӯ бисёр дер накашид – дар вақти ба сездаҳсолагӣ қадам монданам ӯ вафот карда, маро танҳо гузошт. Ман баъд аз гӯронидани он марҳума ба фикри кори худ афтодам: «Як умрро бо қуръонфурӯшӣ ва бо ҷангу ҷидоли болои тақсимоти чалпаку нонҳои сари мазорҳо гузаронидан зиндагонӣ нест» мегуфтам дар дили худ. Пас ба фикри он афтодам, ки илме ҳосил карда, бономусона зиндагӣ кунам. Ба дили ман ин фикрро зиндагонии Муҳаммад Тоҳирхоҷаи Зарир[185], ки шаш сол аз ин пеш вафот намудааст, илқо кард. (Зикри Зарир ва намунаи шеърҳояш дар саҳифаҳои 396 – 399 «Намунаи адабиёти тоҷик», чопи Москва, соли 1926, қайд шудааст.)

– Муҳаммад Тоҳирхоҷа ҳам аз хешовандони мо – хоҷаи ҷӯборӣ буда, ӯ ҳам монанди ман кури модарзод буд, ки ба ҳамин сабаб тахаллуси худро Зарир (кури модарзод) мондааст. Ӯ бо вуҷуди ин яке аз олимони бузурги замон ва шоири забардаст шуд. Дуруст аст, ки Зарир заминдор ва сердаромад буд. Лекин ӯ даромади худро монанди дигар хоҷагони ҷӯборӣ дар роҳҳои беҳуда сарф нанамуда, дар роҳи таҳсили камол сарф кард, ҳатто якчанд талабагони пуристеъдодро, аз ҷумла Шамсиддин-махдуми Шоҳинро бо харҷи худ тарбия карда, ба воя расонид.

Гӯяндаи нобино чойникро даст-даст карда дид, ки сард шудааст. Аз он чойи сардшуда як пиёларо пур карда, бо ду хӯрт нӯшиду ба самоворчӣ чойи гарм фармуда, суханашро давом дод:

– Ман дар дили худ фикр кардам: «Монанди Зарир сарватманд набошам ҳам, метавонам ба ҷои модари марҳумам як муллобачаи хушфаҳмро сер карда, ба воситаи ӯ таҳсили камол намоям. Қуръонфурӯшии муваққатие, ки сабаби илм ҳосил кардани ман шавад, беҳтар аз он қуръонфурӯшиест, ки то охири умрам сабаби зиндагонии ман гардад». Ман дарров ин фикри худро ба амал овардам, як муллобачаро ёфта, бо вай қарор додем, ки ӯ ҳар рӯз ду соат бо ман машғулӣ мекунад ва ман хӯроку пӯшоки ӯро медиҳам. Бо ин муллобача аввал сарфи арабиро ба воситаи китобҳои тоҷикӣ омӯхтам, дар ин зимн ӯ ҳар рӯз аз Ҳофиз ду-се ғазал хонда, ба ман мефаҳмонд. Ман дар як сол сарфи забони арабро аз худ карда, саводи шеърфаҳмии худро ҳам баланд кардам. Дар соли дигар сарфу наҳви арабиро ба воситаи китобҳои арабӣ, инчунин шеърҳои Саъдӣ ва Ҷомӣ барин шоирони машҳурро ба воситаи девонашон омӯхтам ва баъд аз он ба дарсҳои ақоид, мантиқу ҳикмат гузаштам . Дар он вақт устоди худро ҳам аз муллоҳои калонтари хушфаҳми қашшоқ интихоб кардам. Дар ин зимн ба дарсхонаҳои муллоҳои машҳур рафта, дар қафои ҷамоа нишаста, сомеъ (шунаванда) ҳам шудам. Усули мунозираи онҳоро омӯхтам ва рафта-рафта худам ҳам ба он мунозираҳо иштирок кардам.

Дар ин вақт самоворчӣ чойи тоза дам карда оварда монд. Нобино аз он чой аввал нӯшида, баъд аз он ба ман дод ва чойникро пӯшонда монда, ба ман таъкид кард, ки ҳар гоҳ хоҳам, чой кашида нӯшам. «Худам, ки ба чой он қадар толиб нестам, ба гап задан гарм шуда рафта, чойкаширо фаромӯш мекунам ва чой сард шуда, нобуд шуда меравад» – гуфт ӯ ва сухани худро давом кунонид:

– Магар шумо медонед, ки усули мунозираи муллоҳои Бухоро чист? – гӯён ӯ савол дод ва худаш ба ҷавоб додан даромад: – Пеш аз ҳама, пеш аз исбот кардани муддаои худ бо далелҳои мувофиқи мантиқ, тарафи мунозираро бо суханони тези пуристеҳзо тарсонда гирифтан аст ва агар ин усулро бо истилоҳи мантиқ, ки дар мунозираи илмӣ нодуруст шумурда шудааст, таъбир намоем, «мукобара» (бар якдигар калоникунӣ) ва «муғолата» (якдигарро дар ғалатандозӣ) мебошад. Дуруст аст, ки ман дар мунозираҳо пеш аз ҳама ба мукобара ва муғолата намедароям ва аз ҳама пештар даъвои  худро бо далелҳои мантиқӣ исбот мекунам. Лекин медонам, ки ин муллоҳоро танҳо бо роҳи мантиқ ва бо роҳи илмӣ хомӯш кардан мумкин нест, дар охири кор суханони обдори ба ҷон расонанда зада, ҳарифро ба хомӯш мондан маҷбур мекунам. «Давои курут – оби гарм» – гуфтаанд, ки бесабаб нест.

Нобино бо вуҷуди ин ки «ман он қадар ба чой толиб нестам» – гуфта буд, пиёларо аз чойи дамхӯрда пур карда, лаззаткунон нӯшид ва «чой кафшери гап аст» – суханони парокандаро бо ҳам пайванд медиҳад, бинобар ин Қурбонхони шоир[186]

«Касе, ки чойи кабуд аз лаби пиёла нанӯшад,
Ба ҳеҷ ваҷҳ димоғаш ба назму наср накӯшад»

гуфтааст; агар одам чой нанӯшад, назму наср он тараф истад, саргузашти худро ҳам фаромӯш мекунад; ҳоло гапи ман дар куҷо буд? – ҳа, бар болои аз дарсхонаҳо фоида бурданам ва усули мунозираи онҳоро омӯхтанам буд, – гӯён нобино сухани худро аз ҷое, ки бурида шуда буд, сар кард. – Дарсҳои мадрасаҳои Бухороро, ки талабаҳо дар 18 – 19 сол хонда тамом мекунанд, ман дар шаш сол хондам, назар ба талабаҳои дигар зиёдтар чизҳо омӯхтам ва баъд аз он дар мутолааи хонагӣ нишастам. Дар мутолааи хонагии ман ҳам ҳамеша як муллои хушсаводи арабидон бо хонда шунавондани китобҳои  арабӣ ва тоҷикӣ ёрӣ медод.

Ба ин кор ҳам чор сол сарф кардам. Дуруст аст, ки ман монанди Зарир шоир нашудам, лекин шеърро хоҳ тоҷикӣ бошад, хоҳ арабӣ, хуб мефаҳмидагӣ шудам. Ман бештар ба мантиқ, ҳикмат ва фалсафа дода шудам. Дар ин илмҳо манбаи асосии ман таълифоти Абӯалӣ Сино шуд, ки онҳоро аз худ кардам ва бештарин ҷои онҳо чун Қуръон ба ман ёд шуда монд. Зотан ман бо як бор ё ду бор шунидан ҳар чизи илмиро, ҳарчанд дароз бошад ҳам, азбар карда метавонистам. Ман, ки дар хурдсолиам Қуръон барин як китоби калонро, бо вуҷуди маъниашро нафаҳмидан, дар ду сол ёд карда будам, баъди бо чизёдкунӣ варзиш ёфта ба воя расидани қувваи ҳофизаам, ёд кардани чизҳое, ки маъниҳошонро мефаҳмидам, душворӣ намекард.

Ҳамсӯҳбати ман хомӯш монда, боз ба чойнӯшӣ сар кард. Ман аз ӯ ҳоло ба чӣ кор машғул буданашро пурсидам. Ӯ гуфт:

– Қозӣ Дониёлхоҷа, ки аз тарафи модар ба ман хешигарӣ дорад ва худаш одами хуби донишдӯст аст, аҳволи маро ба қозикалон фаҳмонда, дар як мадрасаи бедарсхона маро мударрис кунонид, ки аз он мадраса соле ҳазор танга даромад дорам. Азбаски ҳавлии падариам дар Ҷӯбор ва аз маркази шаҳр дур буд, вайро фурӯхта, аз ҳамсоягии Дониёлхоҷа, аз гузари Собунгарон як ҳавлича харидам, ки дар он ҷо рӯзе чор-панҷ соат дарсгӯӣ мекунам ва аз талабаҳо ҳам соле қариб ҳазор танга даромад мешавад, бо ҳамин рӯзам ба хубӣ мегузарад. Бинобар ин баъд аз мударрис шуданам қуръонфурӯширо, ки бисёр бад медидам, тарк кардам.

Ман аз ӯ хонадор будан ё набуданашро пурсидам.

– Хонадор шуданро нахостам, – гуфт ӯ дар ҷавоб ва эзоҳ дод: – тарсидам, ки агар аз хонадории ман ягон фарзанди монанди худам нобино рӯяд, ҳам барои худам, ҳам барои модараш ва ҳам барои худи он бачаи бегуноҳ ташвиши барзиёд мешавад. Бинобар ин ба гузаронидани умри худ дар танҳоӣ дил бастам. – Нобино дар ин ҷои сухани худ бо як сукути андӯҳгинона як сония аз гуфтор бозистода, боз давом намуд: – Дуруст аст, ки танҳоӣ душвор аст, аммо чӣ бояд кард? Бинобар ин ҳар рӯз баъд аз пешин аз дарсгӯӣ фориғ шуда, ба ҳамин самоворхона, ки ба ҳавлиам наздик аст, омада чой нӯшида менишинам.

– Ин тавр бошад, ба пухтупаз ва шустушӯи шумо кӣ ёрӣ медиҳад? – гӯён боз пурсидам бо оҳанги дилсӯзонае, ки аз шунидани танҳоии ӯ ба ман пайдо шуда буд.

– Ин осон аст, – гуфт ӯ. – Аз шогирдони худам як муллобачаи қашшоқро таъин кардам, ки ҳар рӯз баъд аз фароғи дарсаш ба хонаи ман омада, ошамро мепазад ва баъд аз ош ҳавлию хонаро рӯбучин мекунад, ҳафтае як рӯз ҷомашӯиамро ҳам карда медиҳад. Ман хӯрок ва пӯшоки ӯро пурра медиҳам. Баъзан барои китобхариаш ҳам ду-се танга дода, ёрмандӣ мекунам.

Ман дар охири сӯҳбат барои вақти пурқимати ӯро гирифтанам ба ӯ узр гуфтам.

– Ҳеҷ узр даркор нест, – гуфт ӯ, – кошкӣ ҳар рӯз монанди шумо касе вохӯрда, маро ба гап меандохт, ки гузашта рафтани рӯзи танҳоиро надониста мемондам.

Мо хушҳолона аз якдигар ҷудо шудем.



## «НАҶИБУТТАРАФАЙН»*

Дар ҷамоае, ки Ҳайрат бо вай дар пеши Мулло Ҳомиди Араб дарс мехонд, Аслонхоҷа (Арслонхоҷа) ном як ҷавони бухороӣ қорӣ буд. Чунонки Ҳайрат бо дӯстони ман ошно шуда буд, ман ҳам ба воситаи ӯ бо шиносҳояш ва аз ҷумла бо Аслонхоҷа шинос шуда будам. Ӯ як ҷавони миёнқади сафедрӯи рангканда буда, бо ҳар кас хоксорона муомила мекард. Падари ӯ, ки Мухторхоҷа[187] ном дошта, аз муллоёни кӯҳансол ва дар мадрасае мударрис буд, низ хеле хоксор менамуд.

Мухторхоҷа Абдуллохоҷа ном як писари калон дошт, ки ӯ ҳам хатми дарс кардагӣ буда, дар мадрасае мударрисӣ дошт. Ранги рӯи ӯ низ монанди додараш сафед бошад ҳам, дар қаду қомат, дар риш ва дар дасторбандӣ аз додараш бисёр фарқ мекард: Абдуллохоҷа чунон қоматбаланд буд, ки монандаш дар Бухоро кам дида мешуд. Ин қади дарози ӯ бо шиками калони ба пеш овезон шудаистодааш ба сафедоре монанд буд, ки ба танаи вай як хуми калонро баста монда бошанд. Риши зардчатобаш он қадар калон набуд, аммо ҳамин тавр менамуд, ки он риш аз бозе ки бар рӯю манаҳи ӯ рӯидааст, на рӯи қайчиро дидааст ва на рӯи шонаро: торҳояш пилта-пилта бо ҳам печида, ба печакҳо ҷудо шуда меистоданд ва он печакҳо тоб хӯрда, ба поин овезон шуда, нӯгҳошон ба боло ҳалқа зада чунон хам хӯрда меистоданд, ки ба назари кас каловаҳои чигилшударо ҷилва медоданд.

Дастори Абдуллохоҷа бисёр калон буда, аммо басташ аз дастори дигар муллоҳои саллакалон фарқи калон дошт: печҳои дастори ӯ бо якдигар зич печида, ҳар печ аз тахти печи дигар ҳалқавор ба поин овезон шуда, ба ҳалқаҳои ришаш расида меистод. Баъзеҳо мегуфтанд, ки азбаски ӯ ба корҳои илмӣ ғӯта хӯрда рафтааст, ба хотираш дурусттар карда бастани саллааш ҳеҷ намерасид. Бинобар ин аз як ҷомашӯӣ то ҷомашӯии дигар, ки аз миёна камаш понздаҳ рӯз мегузарад, бо як бор бастани саллааш гаштан мегирад. Ҳар шаб вақти хоб салларо аз сараш гирифта, ба сари мех мемонад ва фардо боз ҳамон салларо, бе он ки вайрон карда аз сари нав бандад, аз мех гирифта, ба сари худ ниҳода, ба кӯча мебароояд. Бинобар ин рафта-рафта печҳои саллаи ӯ вайрон шуда, ба поин овезон мегарданд.

Ин сабаб дар аввали шунидан маъқул барин менамуд. Аммо ҳеҷ кас, ҳатто худи ҳамон мудофиакунандагони вайронии саллаи ӯ ҳам, ягон бор дурусттар баста шудани дастори ӯро надида буданд.

Қиёфаи Абдуллохоҷаро чашму биниаш ҳам нафратангез карда буданд: аз чашмони ӯ кам-кам об мерафт, ки он обҳо ба рӯи сафеди бенураш шорида фуромада, баъд аз хушкидан шӯра зада меистоданд. Аз сӯрохҳои биниаш ҳам ҳамеша об шорида, ба тарафи лабаш мерафт. Аммо ӯ ба ин ҳол парвое надошт. Фақат гоҳо аз биниаш хуррросзанон ба боло ҳаво кашида, ягон сония шоридани он обро бозмедошт. Тарафдорони ӯ мегуфтанд, ки «азбаски фикри ӯ ҳамеша ба маъниҳои олӣ банд аст, афшонда пок кардани биниаш ба хотираш намерасад».

Абдуллохоҷа[188] даъвои шоирӣ дошт ва дар шеърҳояш Абдӣ тахаллус мекард. Ӯ монанди падар ва додараш хоксор ва нармуомила набуд. Вақте ки дар

* Асилзодаи дутарафа.

кӯчаҳо мегашт, ба касе нигоҳ намекард ва бо касе (ҳарчанд шиносои дерин ҳам бошад) салом-алек наменамуд. Агар касе ба ӯ, ҳарчанд бо овози баланд салом диҳад ҳам, ӯ ҷавоб намегардонд, ҳатто ба тарафи вай бо гӯшаи чашм бошад ҳам, нигоҳ намекард. Дар роҳ рафтан ӯ чунон тез қадам мепартофт, ки гӯё аз мардум гурехта рафта истода бошад.

Дар бораи калонгарии Абдуллоҳоҷа аҳолии мадрасаи Кӯкалтош, ки аъзои оилаи ӯ аз ҳуҷрадорони бонуфузи он ҷо буданд, ҳикоятҳои аҷиб мекарданд: вақте ки Абдуллоҳоҷа дар масҷиди мадраса дар намозҳои ҷамоат бо падараш дар сафи пеш меистодааст, дар вақти шурӯъ кардан ба намоз аз падари худ як ваҷаб пештар мерафтааст.

Баъзе шӯтқариҳои (шӯхҳои) мадраса худро ба нодонӣ зада, дар сӯҳбатҳои баъдазнамозии миёнсарои мадраса аз ӯ мепурсиданд:

– Тақсир, агар ман хато накарда бошам, ҷанобашон дар сафи намоз аз ҳазрати қиблагоҳ як ваҷаб пештар истодагӣ барин намуданд, ва ҳол он ки аз рӯи шариат сафи намозро баробар доштан даркор буд. Албатта ҷанобашон, ки олими бузург мебошанд, ҳеҷ корро ба шариат ороста накарда намекунанд. Аммо сабаби шаръии ин кор дар пеши мо барин нодонҳо пӯшида аст. Агар сабаби шаръии ин корро мегуфтанд, аз марҳаматашон файзёб мешудем. Агар дар биниш ман савҳ карда бошаму дар ҳақиқат дар сафи намоз аз ҳазрати қиблагоҳӣ пештар наистода бошанд, умедворам, ки маро бубахшанд. Чунки Худои карим ҳам саҳви бандаро мебахшад…

Тақрири ин пурсиш ба гӯши бузургвории Абдуллоҳоҷа бисёр мефоридааст; қади ӯ аз будаш зиёдтар ба тарафи боло ёзида, лунҷаш аз боди хандаи мағруруна медамидааст. Аммо аз он ҷо, ки ханда ба одами калон намезебад, гоҳ худро ба зӯр аз вай нигоҳ дошта, ба ҷавоб додан медаромадааст:

– Шумо савҳ накардаед, ки ман дар ҳақиқат дар сафи намоз аз падар пештар истодам (ӯ ҳеҷ гоҳ падари худро бо унвони эҳтиромӣ – монанди қиблагоҳӣ ном намебурд. Аммо касе дар пеши ӯ падари ӯро бо унвони эҳтиромӣ ёд накунад, дар ғазаб мешуд. Чунки аз тарафи як одами дигар таҳқир ёфтани падарашро, бинобар ин ки худаш як ҷузъи падараш мебошад, таҳқири худ мешумурд). Ин кори ман мувофиқи шариат ва одат аст. Чунки илми ман аз илми падарам зиёд аст, ки дар ин ҳеҷ шакку шубҳа нест. Дар насаб ҳам аз падар бартар мебошам. Зеро ки падарам, аз як тараф, танҳо аз тарафи падараш сайид[189] ва асилзода бошад, ман ҳам аз тарафи падар сайид мебошам, ҳам аз тарафи модар. Модари ман аз авлоди Сомониён[190] мебошад, ки дар сайид будани ин сулола касе шак надорад. Бинобар ин ман наҷибуттарафайн мебошам. Дар ин сурат ман аз падар ҳам аз ҷиҳати ҳасаб (илму дониш) ва ҳам аз ҷиҳати насаб (асилзодагӣ) афзалият дорам. Маълум аст, ки бар ҳар кас ҳифзи шарафи худ лозим ва воҷиб аст. Баробар доштани сафи намоз бошад, суннат аст. Ҳар гоҳ ки суннат ва воҷиб[191] бар якдигар муқобил оянд, одами оқил ва олим албатта воҷибро риоя мекунад. Бинобар ин далелҳо ман дидау диниста аз падар пештар истодам…

Бештарини дар он ҷо ҳозир будагон сайид (авлоди пайғамбар) набудани Сомониёнро, ҳатто авлоди араб набуда, балки тоҷикони балхӣ будани онҳоро донанд ҳам, ин маъниро дар пеши ӯ изҳор намекарданд ва намехостанд, ки як



маҳалли бозии худро ранҷонда, худро аз дилхушии фаслиасрӣ (байни намози асру намози шом, ки сӯҳбати миёнсароии[192] муллоҳои мадраса аксар дар ҳамон вақт гарм мешуд) маҳрум кунанд.

Аҳолии мадарасаи Кӯкалтош борҳо ин далелҳои наҷибуттарафайниро аз ӯ шунида буданд, бо вуҷуди ин ҳар гоҳ ки ягон дилкушояндаи ҳавасангезтар наёфтанд, ба воситаи ягон каси шӯтқарӣ ин пурсиши чандин бор такрорёфтаро ба ӯ дода, он ҷавоби обшустро (аммо дар ҳар бор бо обу ранги дигар) мешунидандy завқ мекарданд.

* * *

Намедонам ба чӣ муносибат бошад, рӯзе Абдуллоҳоҷа ману Ҳайратро ба ҳавлии худ ба меҳмонӣ даъват кард, мо рафтем. Дар пешгоҳи он хона Абдуллоҳоҷа менишаст. Дар он хона ғайр аз мо боз якчанд нафар меҳмонон буданд.

Мо бо эҳтироме, ки ба як одами калонгир хуш ояд, ба Абдуллоҳоҷа салом додем. Аммо ӯ дар ҷавоб базӯр лабашро ҷунбонда монд, ки садое аз вай шунида нашуд. Мо аз рафтан ба он ҷо пушаймон шуда, дар гӯшае нишастем. Азбаски мизбон додари ӯ буд, худи ӯ ҳам соҳибхона ҳисоб меёфт. Соҳибхона ҳар чӣ қадар калон ҳам бошад, ба меҳмон ин гуна муомила карданаш дуруст набуд.

Ҳама, чунонки дар ҳалқаи шайхон бошад, хомӯш менишастанд. Аслонхоҷа дар ҳар даромада баромаданаш (барои чою нон ва дигар чизҳоро овардан) «гап зада шинетон!» – гӯён ба ҳама хитоб кунад ҳам, касе даҳан во намекард.

Охир калонтарини маҷлис – Абдуллоҳоҷа ба Ҳайрат нигоҳ карда гап сар карда:

– Додар, шуморо шоир мегӯянд, оё рост аст?

Ин савол нисбат ба Ҳайрат саволе буд, ки ӯро бо ханҷар захм задан аз ин гуна савол додан беҳтар буд. Бо ҳамаи ин ӯ худдорӣ карда, одобро аз даст надода «тақсир!» – гуфта монд.

Аммо аз ин сухани ӯ на тасдиқ кардани пурсиши пурсанда ва на инкор карданаш маълум намешуд.

Абдуллоҳоҷа боз ба сухан давом кард:

– Агар ҳақиқатан ин гуна ҳавас дошта бошед, аз ман ба шумо насиҳати оқилона ҳамин аст, ки ин савдоро аз сари худ дур кунед. Барои шоир шудан бисёр чизҳоро донистан ва ба устодони ин пеша чандин сол хизмат кардан лозим аст. Шумо, ки ҳанӯз қадатон аз замин нахестааст, аз пайи ин ҳавас гаштанатон бисёр номуносиб аст.

Аммо Абдуллоҳоҷа шояд барои фаҳмидани дараҷаи таъсири суханаш бошад, ба Ҳайрат боз савол дод:

– Магар ҳамин тавр нест, додар?

– Эҳтимол ҳамин тавр бошад, – гуфт Ҳайрат.

– Албатта ҳамин тавр аст! – гӯён Абдуллоҳоҷа ба саволи худ ҷавоби қатъӣ дод ва илова кард:

Такя бар ҷои бузургон натавон зад ба газоф,
Магар асбоби бузургӣ ҳама омода кунӣ!

гуфтаанд, ки бисёр дуруст аст…

Бо ҳамин сӯҳбат тамом шуд, боз маҷлис ранги маҷлиси мурдагонро гирифт. На ман ва на Ҳайрат ба ош даст дароз накардем. Ба хӯрок таклифкунии аз ҷон безоркунонаи Аслонхоҷа ҳам ба мо таъсир накард. Бо ғундошта шудани дастархон мо аз он хона баромадем. Ҳайрат ҳамроҳи ман рост ба ҳуҷраи ман омад ва қаламу коғазро дар даст гирифта, дар бадеҳа дар ҳақи Абдуллохоҷа як ҳаҷвияи панҷоҳбайтӣ навишт, ки чанд байти аввалҳои он ҳаҷвияро ба тарзи намуна дар ин ҷо нишон додан муносиб намуд:

Эй ҳар ҳами дастори ту бозори калова!
Риши ту ба бозори каловаст илова.
Рухсори ту як шиттазаминест[193] пур аз заҳ!
Бинии ту дар заҳкаши он қитъа чу нова!
Сар ҳамчу каду холию аз ҳарза даҳон пур,
Қомат чу шутур навчаю ишкам чу каҷова!
Ё қомати тӯлонии ту чӯбаи байрақ,
Дастор бар он чун ялави байрақи Кова!
Дар гӯшаи чашмони ту чиркобаи ҳаммом,
Дар тешуки бинии ту лоёбаи чова!
Атвори ту чун ваҳшию андоми ту манфур!
Кирдори ту бемаънию гуфтори ту ёва!..

Ҳайрат ин шеърро тамом карда, покнависӣ намуда, дар ҳамон соат бурда, ба Аслонхоҷа дода гуфт:

– Ин шеъри шукрия аст ба муқобили меҳмондории бародаратон!

Аслонхоҷа, ки аз ҳаракати бародараш дилтанг ва ғамгин шуда нишаста буд, ин шеърро ба сифати интиқомгирии худаш зуд бурда ба ӯ додааст.

Абдуллохоҷа бо дидани ин ҳаҷвия сари каловаи худро гум карда, ба бародараш бо илтимосу илтиҷо часпидааст, ки чорае бинад, то ки ин шеър дар шаҳр паҳн нашавад, вагарна ӯ расвои ҷаҳон хоҳад шуд.

Фикри Абдуллохоҷа дар ин бора дуруст буд. Чунки дар он вақтҳо ба сабаби набудани матбуот дар Бухоро шеъри ҷиддӣ ба зудӣ паҳн нашавад ҳам, шеъри ҳаҷвӣ, хоҳ бамаза бошад, хоҳ бемаза, даст ба дасту даҳан ба даҳан, аз кӯчаҳо ва самоворхонаҳо гирифта то меҳмонхонаҳо, дар як-ду рӯз ҳамаи ҷои шаҳрро гардиш карда мебаромад.

Аммо Аслонхоҷа дар аввали кор ба бародараш ҳеҷ роҳи чораву тадбирро нишон надодааст. Вақте ки илтимосу илтиҷои ӯ ба гиряву зорӣ бадал ёфтааст, Аслонхоҷа ба ӯ маслиҳат додааст, ки ба ман (ба нависандаи ин сатрҳо) муроҷиат кунад. Ман, ки дӯсти наздики Ҳайрат мебошам, шояд ба ӯ таъсир карда, он шеърро аз паҳн шудан ба шаҳр боз дорам.

Фардои он рӯз пагоҳонӣ – ҳанӯз офтоб набаромада Абдуллохоҷа ба ҳуҷраи ман омад. Ин манзара бисёр аҷиб буд: бузургворе, ки ба саломи бузургворони шаҳр ҷавоб намедод ва худашро аз падараш ҳам калонтар медонист, ба як муллобачаи пойлучи саҳроӣ гирякунон зорӣ мекард, ки илоҷи кори ӯро кунад.

Ман дидам, ки бе ягон ваъда додан аз дасти ӯ халос шудан мумкин нест, ваъдаи қатъӣ додам, ки он шеърро аз паҳн шудан боздорам.

Ҳайрат ҳам, ки ба сифати шоирӣ машҳур шудани худро намехост, нусхаи он шеърро ғайр аз ман ба каси дигаре надод.

Бо ҳамин Абдуллохоҷа бо ман ошно шуда монд ва ба ҳар дидан муомилаи ҳақиронаашро аз ман дареғ намедошт. Ҳатто ба ман бо унвонҳои «пурдида» ва «таҷрибакор» хитоб карда, дар баъзе корҳояш фикр мепурсид. Аммо ба дигарон монанди пештарааш азамат ва калонгириашро фурӯхтан мегирифт.



## ДӮСТИИ ДУ КАЛОНГИР

Абдуллохоҷа, ки ҳамеша дар кӯчаҳо танҳо мегашт ва ҳеҷ кас ӯро дар роҳ ҳамроҳи касе надида буд, дар вақтҳои охир як рафиқи аз худ ҷудонашуданӣ ёфт: ин одам хеши ман, писари Устоамак – Парвардигорхӯҷа буд, ки хонандагон бо вай дар қисми якуми «Ёддоштҳо» шиносоӣ пайдо кардаанд.[194]

Саидакбархоҷа, ки ба сабаби калонгариаш аз мардум «Парвардигорхӯҷа» лақаб ёфта буд, аввалҳо ба охунди Бухоро – Орифхон кафшбардорӣ мекард, баъд аз вафоти охунди мазкур ба зиндагонии мустақилона гузашта, дар намуди зоҳириаш ҳам хеле «бузургворӣ» пайдо карда буд: қади ӯ миёна бошад ҳам, химча ва рост, рӯяш пуробила бошад ҳам, доим тару тоза, чашмаш тангтар бошад ҳам, ҳамеша бо нигоҳи пурдиққатона пур, лабаш каҷ бошад ҳам, ҳар вақт ба табассуми шафқатомез моил буда, ришаш миёнаву майгунтоб бошад ҳам, аз бисёрии собуншӯӣ ва шоназанӣ тор-тор аз ҳам ҷудо шуда, чун лоси абрешим як навъ тобандагии ба худ махсус дошт.

Кафшу масҳӣ, саллаву ҷомаи ӯ тоза ва беғубор буда, камарчаҳои ҷомаи рӯйпӯшиашро, ки ду тӯфи сафеди абрешимӣ дар ду нӯги онҳо пайванд ёфта будаанд, ба тарзе баста мемонд, ки тӯфҳо бар сари синааш ба назари бинанда ҷилва карда меистоданд. Саллаи ӯ калон бошад ҳам, бар хилофи саллаи Абдуллохоҷа суфта баста шуда буд.

Синни Парвардигорхӯҷа ҳанӯз аз сӣ нагузашта бошад ҳам, дар кӯчагардиҳояш ба даст асое мегирифт, ки қадаш аз қомати худаш чор ангушт баландӣ дошт. Ӯ дар роҳ рафтан, бар акси Абдуллохоҷа, бисёр бо оҳистагӣ вазнинона қадам мепартофт ва бар хилофи Абдуллохоҷа ба саломдиҳандагон меҳрубонона муомила мекард – ӯ ба саломдиҳанда ба қадри сонияе аз роҳ бозистода диққаткорона ва табассумомез нигоҳе карда, пас аз он бо садои бисёр паст ба саломи вай ҷавоб мегардонд ва агар саломдиҳанда сазовори илтифоти махсусе бошад, баъд аз ҷавоби саломи вай «саломат ҳастед-мӣ?» ҳам гуфта мемонд.

Саидакбархоҷа дар кӯча умуман худро чунон нишон додан мехост, ки ӯ пири солхӯрдаи ҳаштодсолаи пурдида аст ва ҳама касоне, ки дар кӯча ба ӯ дучор меоянд, ба андозаи калонию хурдии синну солашон фарзандон, наберагон ва аберагони ӯ мебошанд, ӯ гӯё аз камоли пирӣ авлоди худро намешиносад, кадоми аз онҳо, ки ба ӯ салом диҳад, бо диққати бисёр базӯр мешиносад ва ба қадри қувваи ҷисмониаш ба вай илтифот ҳам мекунад, яъне ба одамҳо нигоҳ карданаш ва пешсалом нашуданаш аз ҷиҳати бемурувватӣ ва бешафқатӣ набуда, балки аз ҷиҳати пирӣ ва ба сабаби нашинохта монданаш мебошад. Вагарна ӯ бо ҳамаи асилзодагӣ, бо ҳамаи илму фазле, ки дорад ва бо ҳамаи калонии солаш ба одамон меҳрубон ва шафқаткор мебошад.

Парвардигорхӯҷа ҳам пеш аз дӯст шудан бо Абдуллохоҷа дар кӯчаҳо танҳо мегашт ва ӯро ҳам касе дар кӯчае бо касе ҳамроҳ надида буд.

Вақте ки ин ду калонгир бо ҳам дӯст шуданд, диққаткорон пай бурданд, ки онҳо бо ҳам созиш карда, барои пойдор доштани дӯстии байни худ баъзе хислатҳои махсуси худашонро ба якдигар гузашт кардаанд. Чунончи, ҳар кадоми инҳо, ки аз ҳама шарифтар, аз ҳама фозил ва олимтар ва аз ҳама бузургвортар буданд, дар кӯчаҳо ва умуман дар пеши одамҳо бар якдигар калонгирӣ намекунанд ва азамат намефурӯшанд, дар кӯчаҳо аз якдигар пеш намегузаранд ва дар маҷлисҳо аз якдигар боло наменишинанд ва монанди инҳо.

Хислати дар кӯчаҳо тезгардии Абдуллохоҷа назар ба ақидаи Парвардигорхӯҷа мухолифи бузургворӣ буд, бинобар ин Абдуллохоҷа ин хислати худро ба хотири дӯсташ партофта, монанди ӯ ботамкинона қадам мепартофтагӣ шуд. Инчунин хислати ба саломдиҳандагон шафқаткорона муомила карда, бо ҷавоби салом онҳоро сарафроз кардани Парвардигорхӯҷаро Абдуллохоҷа зидди шарофат ва олигии насаб дарёфт. Бинобар ин Саидакбархоҷа ин хислати худро барои хотирхоҳии дӯсти худ тарк кард.

Аммо дар бораи асои Саидакбархоҷа чанд рӯз дар байни ин ду дӯст мунохиша давом кард. Абдуллохоҷа асои рафиқашро написандид:

– Ин аломати шайхӣ ва хонақоҳнишинаст ва ҳол он ки ман шайхҳоро бад мебинам. Ман шоир, файласуф ва ҳаким мебошам, бинобар ин асо ба даст гирифта гаштанро намехоҳам. Аммо дар ҳолати беасо будани ман шумо асо ба даст дар паҳлуи ман бошед, мардуми нодон шуморо шайх гумон карда, аз ман бузургвортар мешуморанд. Ин кор ба иззати нафси ман халал мерасонад!

Парвадигорхӯҷа бошад, тарк кардани асоро ҳеҷ ба гардан нагирифт ва ба рафиқи худ гуфт:

– Шумо як қомати баланди барҳавое доред, ки агар ман беасо дар паҳлуи шумо гардам, мардуми зоҳирбин ҷасади хурди маро дар пеши қомати шутурмонанди шумо дида, маро ё шогирди шумо ва ё ин ки додари шумо гумон мекунанд. Ин корро ҳеҷ гоҳ шарафи зотини ман намебардорад!

Баъд аз чанд рӯзи бо ҳам музокира карда гаштан, охир роҳи ҳалли ин масъалаи ба назар ҳалношуданиро Абдуллохоҷа ёфт. Ба хотири ӯ расид, ки «Аҳмади Калла ба сабаби худро донишманд, ҳаким ва файласуф шумурдан дар дасти худ асои русӣ (палка) гирифта мегардад. Ман, ки дар дониш, дар ҳикмат ва фалсафа аз ӯ чанд дараҷа пешдаст мебошам, чаро ба дасти худ асои русӣ нагирам? Агар як асои хушшакли моргардан ёфта гирам, ки ба хотири бинандагон асоси аждаҳошавандаи Мӯсо-пайғамбарро расонад, азамат ва бузургвории ман боз чанчанд меафзояд».

Абдуллохоҷа чун ин фикри созишгаронаи худро ба Саидакбархоҷа гуфт, ба ӯ ҳам маъқул шуд. Бинобар ин ҳар ду қарор доданд, ки ҳар гоҳ ба кӯча бароянд, Абдуллохоҷа бо асои русӣ ва Парвадигорхӯҷа бо асои дарози шайхӣ мебароянд.

Аммо ҳар кадоми онҳо дар дили худ ба асои худ нисбат ба асои рафиқаш фазилате медид ва хурсандӣ мекард, ки хайрият рафиқаш ба ин фазилат пай набурдааст, вагарна созиш ба миён намеомад. Абдуллохоҷа дар дили худ мегуфт: «Шеър, ҳикмат ва фалсафа аз фазилатҳоеанд, ки номи одамро абадӣ зинда медоранд. Номи Саъдӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ ва Абуалӣ Сино барин шоирон, файласуфон ва ҳакимонро мардум то ҳол бо ҳурмат ёд мекунанд. Дур наравем, Аҳмади Калла бо ҳамаи нотамомии шеъраш ва нуқсони ҳикмат ва фалсафааш, бо вуҷуди ин ки вай ба бединӣ шӯҳрат ёфтааст, калону хурд ӯро ҳурмат мекунанд ва ҳокимон аз вай метарсанд. Ин фазилати ӯ ба омма аз куҷо маълум шуд? Аз ҳамин асои русии моргардан. Ҳар чӣ ин саҳроии нодон (Парвардигорхӯҷа) ҳамин фазилати асои маро нафаҳмид, вагарна ин якраҳа ҳеҷ розӣ намешуд, ки ман ин асоро ба даст гирифта, ҳамроҳи ӯ ба кӯча бароям».

Саидакбархоҷа дар бораи фазилати асояш дар дили худ мегуфт: «Ин асо ба болои ин ки куҳансоли сазовори ҳурмат будани маро мефаҳмонад, инчунин як шайхи хонақоҳнишин буданамро ҳам ба омма эълон мекунад. Ҳурмате,ки аз номи шайхӣ ба одам насиб мегардад, як «ҳалвои бедуд» аст. Шайхӣ дар замони мо фазилатест, ки на танҳо сазовори ҳурмат, ҳатто лоиқи парастиши омма гардидааст. Чор муллои пойлуҷи файласуфтарош шайхҳоро ҳурмат накунанд, ҳеҷ зарар надорад! Охир, ҳукуматдорон, ки ҳакиму файласуфро бад мебинанд, ба шайхҳо бандавор изҳори ихлос менамоянд. Ин асои дароз ана ҳамин фазилати шайхиро ба ман баста, маро сазовори ҳурмати омма, ҳатто ҳукуматдорон мегардонад. Хайрият ин дарози камақл (Абдуллохоҷа) аз аҳмақӣ ин фазилати асои маро пай набурд, вагарна дар ин бора бо вай созиш кардан душвор буд ва ман маҷбур мешудам, ки монанди пештара ба танҳогардии худ давом кунам».

* * *

Дар кӯчаҳо бо ҳам гаштани ин ду дӯсти калонгир бисёр тамошо дошт: ҳар ду дар паҳлуи ҳамдигар қадамҳошонро чунон баробар бардошта, баробар ба замин мегузоштанд, ки агар вазнинона қадам мондани онҳо намебуд ва дар танашон либосҳои низомӣ мебуд, бинанда онҳоро ду сарбози низомии бисёр машқида гумон мекард.

Агар дар роҳ аз пеши яке аз инҳо монеае баромада, ба бозистодан маҷбур кунад, дарҳол они дигар ҳам монанди сояи рафиқи худ баробари вай бозмеистод ва ҳар гоҳ ки он монеа бартараф шуда, он рафиқ ба роҳ дарояд, они дигар ҳам соявор баробар қадам мегузошт.

Аммо, вақте ки дар кӯча аз пеши роҳашон ароба барояд, он ду дӯст ба душворӣ дучор мешуданд. Зеро, аз як тараф, кӯчаҳои шаҳри Бухоро танг бошанд, аз тарафи дигар, аробаҳои маҳаллӣ, ки барои боркашонӣ дар он кӯчаҳо сохта шуда буданд, бисёр сербар буданд, ба ҳаде ки дар вақти ҳаракат ҳар ду гупчаки онҳо ба ҳар ду канори кӯча қариб мерасиданд, бинобар ин мардуми Бухоро ба он аробаҳо «қолиби кӯча» лақаб дода буданд.

Дар ин сурат ин ду дӯст дар паҳлуи ҳам баробар қадам гузошта, аз як тарафи он аробаи қолиби кӯча гузашта наметавонистанд. Пасу пеш шуда гузаштан бошад, шаъни яке аз онҳоро шикаста, ба барҳам хӯрдани як шарти асосии дӯстӣ ва бо ин восита ба барҳам хӯрдани худи дӯстӣ сабаб мешуд.

Аммо он дӯстон, душвор ҳам бошад, ҳалли он масъаларо ёфтанд, назар ба созише, ки дар ин маврид байни худ карданд, ҳар дуи онҳо дар рӯ ба рӯи ароба баробар аз ҳам ҷудо шуда ва баробар қадам партофта, ҳар кадомашон аз як тарафи ароба мегузаштанд ва баъд аз гузаштан, монанди оби равоне, ки дар пеши як хушкии баланд ба ду ҷудо шуда, баъд аз гузаштан аз он баландӣ ҳар ду

қисм боз бо ҳам пайваста равон мешавад, инҳо ҳам баробар омада, ҳампаҳлуи якдигар шуда, кӯчагардии худро давом медоданд.

Хулоса, ин ду дӯсти калонгир шартҳои созиши байни худҳошонро чунон боэҳтиёт ва пурра риоя мекарданд, ки ҳеҷ кадомашон ба садоқати они дигар шубҳае намекард ва ҳар ду ҳам кӯшиши ҷиддӣ мекарданд, ки шубҳаи хилофи дӯстӣ ба вуҷуд наёяд. Чунки танҳогардӣ ба дили ҳар дуяшон ҳам зада буд, дар шаҳр касе ёфт намешуд, ки ба яке аз онҳо хурдвор итоаткорона ҳамроҳӣ кунад ва ҳеҷ кадоми онҳо ҳам ягон касро ҳамроҳи шоистаи баробарҳуқуқ намедонистанд. Бинобар ин ин дӯстӣ, ки маҳз барои халос кардани ҳар дуи инҳо аз танҳогардӣ «аз тарафи Худо» ба онҳо  дода шуда буд, як неъмати беминнат буд. Ин неъматро бо ҳар гуна фидокории тарафайн, ки ба шаъну шарафи ҳеҷ кадоми онҳо халал нарасонад, нигоҳдорӣ кардан даркор буд ва нигоҳдорӣ мекарданд.

* * *

Дӯстӣ ва рафоқати Абдуллохоҷа ва Парвардигорхӯҷа як сол зиёдтар давом кард. Аммо рӯзе дар шаҳр якбора овоза шуд, ки дар байни он ду дӯст ихтилоф афтода, аз ҳам ҷудо шудаанд. Ин овоза, бисёр дер накашида, аз яккагардии онҳо ба зудӣ тасдиқ ёфт: Саидакбархоҷа монанди вақтҳои танҳогардии пештарааш дар кӯчаҳо вазнинона гардида, аз саломдиҳандагон ҷавоби илтифоткорона ва табассуми шафқатомезонаашро, ки ба хотири дӯсташ дар вақтҳои рафоқати вай тарк карда буд, дареғ намедошт. Абдуллохоҷа ҳам монанди пештара дар кӯчаҳо давида мегашт ва ба ҳеҷ кас нигоҳ намекард. Аммо фарқи вай аз замони танҳогардии пештарааш дар ин буд, ки дар даст асои русӣ гирифта мегашт. Албатта, ӯ ин асоро ба сифати як ёдгорӣ аз он дӯстии барҳамхӯрда намегирифт, балки инро барои ҳамин аз дасти худ намепартофт, ки вай шоирӣ, ҳакимӣ ва файласуфии ӯро ба мардум эълон мекард.

Чун мардум ин дӯстони собиқро танҳо ва бо хислати махсуси пештараашондиданд, дар ҳеҷ кас шубҳае намонд, ки дар байни онҳо ҷудоии сахте афтодааст. Аммо ҳеҷ кас сабаби ин ҷудоиро намедонист ва ҳар кас ҳамин қадарро медонист, ки ҳар дуи онҳо дӯстона бо ҳам ба Чорҷӯй барои саёҳат сафар кардаанд ва аз он ҷо ҷудо-ҷудо баргашта омадаанд.

Мани кунҷков бе фаҳмидани сабаби ин ҷудоӣ ором гирифта наметавонистам. Бинобар ин рӯзе ба хеши худ – Парвадигорхӯҷа вохӯрда, сабаби ин ҷудоиро аз вай пурсидам.

Вай баъд аз сонияе ба ман бо диққат нигариста истода маро бо табассуми меҳрубононааш саршор кардан:

– Хешам! Ту ҳанӯз хурдсол мебошӣ, дар пайи кунҷковии аҳволи калонон нагард. Ин хосият надорад, кунҷкови калонон умри дароз намебинад. Ту дар пайи аз худ кардани дарси худ ва дуогирӣ аз калонон гард. Барои ту ҳамин кор фоиданоктар аст, – гӯён дар бораи сабаби ҷудоӣ қатъиян лаб накушод.

Баъд аз он ман дар ин бора ба Абдуллохоҷа муроҷиат кардам, зеро ӯ аз хавфи аз тарафи ман паҳн карда шудани шеъри ҳаҷвия ва хусусан дар ин вақт, ки мумкин буд ман он шеъри «манҳус»-ро ба дӯсти собиқ ва душмани ҳозирааш – Парвардигорхӯҷа диҳам, маро бисёр ҳурмат мекард ва ба хушнуд кардани ман мекӯшид.



Дар ҳақиқат ҳам муроҷиатам ба ӯ барои ман пурнатиҷа баромад ва ӯ сабаби ҷудоиро бо тафсил гуфта дод:

– Хешатон монанди шумо одами ростқавл набудааст, – гуфт ӯ, – вай одами дарундор, бадтинат, сиёҳботин будааст. Ману ӯ, ду дӯстон, ба Чорҷӯй сафар кардем. Дар он ҷо баъд аз зиёрати «қадамгоҳи Шоҳимардон – Муртазоалӣ» дар бораи ба пеши ҳокими вилоят даромадан дар миёнаи худ дӯстона қарор додем (чунки муллоҳо ба ҳар вилоят бо кадом баҳона ки раванд, ҳокими он ҷоро надида намегарданд ва ҳоким ҳам ба онҳо харҷи роҳ ва ҳадяҳои дигар медиҳад). Мо ба пеши ҳоким даромадем. Мувофиқи созише, ки дар байни мо буд, дар хонаи ҳоким ҳар дуямон дар рӯ ба рӯи ҳам, дар ду тарафи хона нишастем, чунки агар ҳар дуямон дар як тараф менишастем, боло нишастани яке аз дигаре лозим меомад, ки инро иззати нафс ва шарафи насаби ҳеҷ кадомамон намебардошт. Аммо дар вақти сӯҳбат ногоҳ чашмам афтод, ки хешатон оҳистекак ғеҷида аз рӯ ба рӯи ман қариб як ваҷаб болотар рафтааст. Ин кори ӯ ба нафси ман бисёр сахт расид. Ман ҳам ба фикри ниқоргирӣ афтодам ва оҳиста ғеҷида болотар рафта, тахминан як ваҷаб аз рӯ ба рӯи ӯ боло гузаштам. Ӯ ҳам ба навбати худ ин корро такрор карда, боз як ваҷаб аз рӯ ба рӯи ман болотар рафт. Мо ҳар ду ҳам барои ҳифзи иззати нафси худ ин корро инодкорона давом додем. Дар охир зонуи ман рафта ба зонуи ҳоким расид, ки дигар ман боло рафта наметавонистам. Аммо ӯ боз ғеҷидида боло рафта, дар гӯшаи пешгоҳии он тарафи хона, ки худ нишаста буд, ҷой гирифт ва дар натиҷа ҷои нишасти ӯ аз ҷои нишасти ман ба қадри ҷои нишасти як одам болотар ва баробари ҷои нишасти ҳоким шуд. Ман ба ин ҳол тоқат наоварда, ба ғазаб омадаму фарёд кардам:

– «Ӯй саҳроии нурикаш! Туро кӣ роҳ дод, ки аз ман болотар ва баробари ҳокими вилоят менишинӣ? Ва ҳол он ки ту худатро худ сайид ном ниҳода гаштаӣ! Кӣ медонад, аҷаб нест, ки ту ғуломзода бошӣ. Ҳамин қадараш ба ман маълум аст, ки падари ту дуредгар, падари ман  як олими куҳансоли машҳур мебошад. Қатъи назар аз дигар фазилатҳоям, худи ҳамин фарқ ба ту роҳ намедиҳад, ки бо ман ҳамсафар ва ҳаммаҷлис бошӣ!..»

Ӯ сухани маро барида, маро дашноми саҳроиёна дод. Ман аз ҷо хеста давидам, ки ӯро аз гиребонаш гирифта, аз пеши ҳоким барорам. Аммо ӯ пешдастӣ карда, аз маҳосини ман (аз ришам) печонда гирифт. Дар ҳолате ки гиребони ӯ дар як дасти ман ва риши ман дар як дасти ӯ буд, мо ҳар ду ба сару гардани ҳамдигар мушткӯбиро сар кардем. Ҳоким ба одамони худ фармуд, ки моро аз ҳам ҷудо карда, аз хона – аз пеши ӯ бароранд. Одамони ҳоким, ки агар ба онҳо «салла биёред» – гуфта фармон диҳад, онҳо калларо меоранд, моро аз ҳам ҷудо карда, ҳар дуямонро зада-зада аз ҳокимхона ба кӯча бароварда пеш карданд. Азбаски дар пеши оммаи мардум бо ҳам даст ба гиребон шуда, ҳамдигарро дашном додан ба шарафи ҳар дуямон ҳам бармехӯрд, мо хомӯшона аз ҳам дур шуда, ҳар кадомамон ба сари худ роҳи Бухороро пеш гирифтем. Ин буд сабаби ҷудо шудани мо аз ҳамдигар!

* * *

Дар соли 1896 дар Бухоро, дар гузари Сари Пули Равғангарон Ҳоҷӣ Зоҳид ном як бой мадрасачае бино кард. Аз он мадраса дар қатори муллобачаҳои беҳуҷра ба бародарам як ҳуҷра расид.

Дар худи ҳамон сол шарик ва дӯсти ман Абдухалил-махдум аз мадрасаи Кӯкалтош як ҳуҷра харида, дар он ҷо истиқомат карданро ба ман таклиф кард.

Азбаски бародарам калонсол буда, одамшавандатар зиндагонӣ карданаш лозим буд, ман истиқомати ҳуҷраи мадрасаи Кӯкалтошро ба ӯ вогузошта, худам дар мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид, дар ҳуҷрае, ки ба саҳми бародарам расида буд, истиқомат карданро муносиб дидам. (Қисми чоруми «Ёддоштҳо» аз замони истиқоматам дар мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид сар мешавад.)

Мо камбағалонем, ба ҳар гуна баҳона
аз дасти замона,
Ҳар тири ситамро, ки ҳамегашт равона
будем нишона.
Ҳар соату ҳар сония омодаи мурдан
завлона бар гардан,
Занҷир ба по, теғ ба сар, чӯб ба шона,
зиндон, канахона.
Охир зи тани мо, зи дили мо, зи сари мо,
ҳам аз ҷигари мо,
Зад оташи пуршӯълаи пуршӯр забона
ошӯбгарона.
З-ин оташи пуршӯълаи мо кӯҳначаҳон сӯхт
дарбори шаҳон сӯхт,
Ҳам қоидаи кӯҳнаи бедодгарона
гум шуд зи миёна!

# ҚИСМИ ЧОРУМ





از کتاب «بخارا» ـ تألیف صدرالدین عینی

رئیس فرهنگستان علوم جمهوری شوروی سوسیالیستی تاجیکستان

زن مرد گردیده

پس از طبع داستان «کفش پیش پاماتی حضرت خواجه اوبان» (در شمارهٔ گذشته) عده‌ای از خوانندگان تقاضا کرده‌اند که بخش‌های دیگری از کتاب «بخارا» ـ از صدرالدین عینی ـ را چاپ کنیم.

اینک قطعه «زن مرد گردیده» را که داستان مستقلی است از نظر خوانندگان میگذرانیم و امیدواریم از شمارهٔ اول دورهٔ هفتم (شمارهٔ سال نو) داستان «دختر ناکام» را که حکایتی است بسیار جالب و ضمناً مفصل از کتاب مزبور نقل کنیم.

***

مرا ـ گفت ملارحمت ـ این تابستان یکی از بای(۱)های بخارا که برای پیله خری به مرغلان میرفت به خود میرزا (روی خط نویس) کرده همراه خود برد. کارخانهٔ پیله خشک‌کنی خوجه‌ئین (۲) من در شهر مرغلان در کنار یک جوی آبشاری واقع شده بود. در درآمد(۳) کارخانه، خانه، ایوان و بالاخانه‌ای بود، که ما در آنها خواب و خیز میکردیم. دیگر طرفهای کارخانه را بوغخانه(۴) پیله بوغدهی، انبار های پیله گذاری پرین(۵) بناها فرا گرفته بودند. در میانه جای کارخانه رفیجه‌های بالای هم که در زبان آنجا ویرا «سوبچاک» مینامند بنا یافته بود، در آن رفیجه‌ها پیله‌های بوغ داده را برای خشکانیدن پهن میکردند.

و در آن کارخانه یک جوان بخارائی دیگر بود، که شب و روز در آنجا در بالای پیله‌های خشک و تر پاسبانی میکرد. غیر از من و آن جوان پاسبان دیگر همهٔ کارکنان و کارگران آن کارخانه مرغلانی بوده، بیشترین کارگران (مردکاران) را زنان، دختران و پسربچگان خردسال تشکیل میکردند. کارگرمردان در پیله‌بوغدهی و برکشانی(۶) مشغول بوده، زنان، دختران و پسربچگان خردسال از صبح تا شام در زیر و بالای رفیجه‌ها کار کرده، پیله‌ها را به خیل‌ها (۷) جدا میکردند و پیله‌های آفت‌زده را از میان پیله‌های درست چنده(۸) میگرفتند.

۱ ـ بای ـ بک ۲ ـ خوجه ئین ـ صاحب ـ خواجه ـ ارباب
۳ ـ دردرآمد ـ درمدخل ۴ ـ بوغخانه ـ محلی که پیله را با بخار خشک میکنند
۵ ـ پرین ـ مانند ۶ ـ برکشانی ؟
۷ ـ خیل ها ـ قسمت ها ۸ ـ چنده میگرفتند ـ برمی‌چیدند

Саҳифае аз нашри «Ёддоштҳо» дар Эрон (Маҷаллаи «Паёми нав»).
Эзоҳот дар поварақи саҳифа аз тарафи ношир тартиб дода шудааст.

## ДАР ШАҲР

## МАДРАСАИ ҲОҶӢ ЗОҲИД

Дар охири қисми III-и «Ёддоштҳо» дар соли 1896 дар шаҳри Бухоро, дар гузари Сари Пули Равғангарон аз тарафи Ҳоҷӣ Зоҳид ном касе як мадрасаи нав бино ёфта, ба он ҷо кӯчиданамро ёдоварӣ карда будам.

Ин мадраса ҳамагӣ дорои бистуду ҳуҷра буда, тарафи пешаш дуошёна ва се тарафи дигараш якошёна буд. Дарвозаи ин мадраса аз тарафи ҷануб буда, дар пеши дарвоза саҳни тангаке ҳам дошт, ки дар он тарафи саҳн, баъд аз як кӯчаи пиёдагард, рӯди шаҳр мегузашт. Миёнсарой, роҳрав ва масҷиди ин мадраса ҳам танг буда, дар болои инҳо ошёнаи дуюм бино ёфта буд.

Дар тарафи шарқи ин мадраса мадрасаи Ҳусейнбой, дар тарафи шимолаш ҳавлии соҳиби мадраса ва дар тарафи ғарбаш роҳрави ҳавлии соҳиби мадраса воқеъ шуда буд.

Ҳуҷрае, ки ман дар вай истиқомат мекардам, бар болои дарвозахонаи мадраса бино шуда буд. Дари даромади ин ҳуҷра аз тарафи дарун ба роҳравчаи танге кушода мешуд, ки вай ба боми шарқии мадраса пайваста, аз он ҷо бо зинае поин фуромада мешуд, дар рӯ ба рӯи он дар дари дигаре ба тарафи саҳн, кӯча ва рӯд кушода мешуд. Азбаски дар ду канори рӯд дарахтони тут сабзида буданд ва дар ҳар ҳафта ё понздаҳ рӯз аз рӯд об мегузашт, бошишгоҳи ман дар шароити онвақтаи Бухоро манзараи хубе дошт. Азбаски ман то он вақт дар шаҳри Бухоро дар ҷои пешаш дарахтноке зиндагонӣ накарда будам, он ҳуҷра ба назарам хеле дилчасп менамуд.

Даруни ҳуҷра хеле танг буд: баъд аз пойгаҳ – кафшкан ҷои нишаст сар мешуд, ки вай чоркунчаи баробар буда, аз кадом тарафаш, ки як одами баландқомат дароз кашида бихобад, пояш ё ба пойгаҳ ва ё ба девор мерасид. Дар миёнаҷои ин чоркунча ҷои сандалӣ буда, дар ҳар кадоми се кодок (се тараф), ки ба деворҳо ва ба дари тарафи кӯча мепайваст, як одам ба зӯр менишаст, аммо дар кодоки поёнӣ, ки ба пойгаҳ мепайваст ва пушташ кушода буд, одам осудатар нишаста метавонист.

Дар як тарафи пойгаҳ хум ё кӯзаи об меистод ва дар тарафи дигараш пайваста ба девор оташдон буда, дудкаш (мӯрӣ)-аш дар мағзи девор буд. Азбаски дудкаши байни ин ҳуҷра ва ҳуҷраи ҳамсоя муштарак буд, дар рӯзҳои шамол дар ҳар кадом оташдони ин ҳуҷраҳо ки оташ даргиронда шавад, дудаш ба ҳуҷраи ҳамсоя мегузашт.

Ман дар ҳар ҳафта ё даҳ рӯз як бор дами гармие мепухтам, ки вай ҳам, агар дер монад, дар як соат ба анҷом мерасид, аммо ҳамсояҳуҷраам, ки як қирғиз буд ва барои пухтани гӯшти асп камаш ҳар рӯз се соат оташ дармегиронд, хуҷраи ман дар рӯзҳои шамол ҳамеша вазифаи дудкашии ҳуҷраи ҳамсоярो адо мекард.

Бар хилофи ҳуҷраҳои дигар мадрасаҳои Бухоро, ҳуҷраҳои ин мадраса ҷои дастурӯйшӯӣ надошт, ки дар бом ё дар рӯи ҳавлӣ шустушӯ кардан лозим меомад.

Ҳуҷраи ман монанди ҳуҷраҳои дигари ин мадраса тиреза надошт, бинобар ин дари даромадро ҳамеша пӯшонда мондан даркор мешуд ва дари тарафи кӯча як коғазгир* дошт, ки кушода пӯшонда намешуд ва ҳар гоҳ ки кушодан лозим шавад, он коғазгирро аз ҷояш гирифта ба даруни хуҷра мондан рост меомад ва ман ҳар вақт, ки аз баргони пурчангу хоки дарахтони лаби рӯд чашмони худро «об додан» мехостам, ҳамин тавр мекардам.

Вусъат ва тарзи бинои хуҷраи ман намунаи беҳтарин ҳуҷраҳои ин мадраса буда, баъзе ҳуҷраҳояш, ки дар гӯшаҳо воқеъ шуда буданд, аз ин ҳам тангтар ва ҳуҷраҳои ошёнаи якумаш ҳамагӣ якдара буданд, ки одам ҳам, рӯшноӣ ҳам танҳо аз ҳамон як дар медаромад.

Ин мадраса вақф надошт, соҳиби мадраса ҳар моҳ ба имом бист танга ва ба муаззин даҳ танга дастӣ медод.

## СОҲИБИ МАДРАСА

Соҳиби мадраса яке аз бойҳои миёнаҳоли Бухоро буд, ӯ одами қоматпаст, ғафсбадани фарбеҳи ришкалон буда, тахминан шастсола менамуд, фарзанд надошт. Зоҳиран, ин мадрасаро барои он сохта буд, ки баъд аз мурданаш як қисми молу мулкаш ба номи худаш боқӣ монад. Бинобар ин, ҳарчанд ӯ ин мадрасаро барои талабагон вақф карда бошад ҳам ва аз рӯи шариат ин бино аз тасарруфи ӯ тамоман баромада бошад ҳам, моликияти худро аз ин ҷо бархам додан намехост: ӯ ба муаззин таъин карда монда буд, ки баъд аз хуфтан дарвозаи мадрасаро қуфл зада монда, ба талабагони бошандаи ин ҷо ҳам, ба бегонагон ҳам ба даро-баро кардан роҳ надиҳад.

Ин тартиби сахт, ки дар ҳеҷ як мадрасаи Бухоро набуд, барои талабагон душворӣ мекард, зеро талабагон дар шабҳои таҳсил барои дарстайёркунӣ ва дар шабҳои таътил барои шабнишинӣ бо талабагони мадрасаҳои дигар, ки ошноҳояшон буданд, ба рафтуомад кардан маҷбур буданд; азбаски аксари ҳуҷраҳои мадрасаҳои Бухоро танг ва талабагони қашшоқ кӯрпаболиши барзиёд надоштанд, баъд аз дарстайёркунӣ ё шабнишинӣ ҳар талаба маҷбур буд, ки ба ҳуҷраи худ бозгашта рафта бихобад...

Ин сахтгирии соҳиби мадраса бошандагони ин ҷоро аз ин озодгардии умумии талабагон маҳрум карда буд.

Яке аз зарардидагони ин сахтгирӣ ман будам. Ман, ки дар мадрасаи Бадалбек дар шабҳои таътил ба базм мерафтам ва ё ба шабнишиниҳои шарикон иштирок мекардам, дар ин мадрасаи нав тамоман хонанишин шуда монда будам.

*Коғазгир ба шакли тиреза сохта шуда, ба ҷои шиша ба панҷараҳояш коғаз часпонда мешуд.



Азбаски ҳуҷранишинони ин ҷо ҳар кадом аз ҷое омада буданд, бо онҳо шиносоӣ ва улфатӣ надоштам.

Ҳамсояҳуҷраи ман, чунонки дар боло қайд шуд, як қирғиз буд, ки ба ман ҳеҷ шиносоӣ надошт. Ин қирғиз аз қирғизҳои Ӯротеппа буда, Мулло Тӯйчӣ ном дошт. Ӯ як ҷавони баландқомати зардинарӯи тунукмӯи тангчашми пурхашм буд, синни ӯ аз ман тахминан ҳашт-нӯҳ сол калон буда, дар дарс ҳам аз ман чор сол пешӣ дошт. Ман, ки аз дуди шӯрбои гӯштиаспии ӯ малолат доштам, шаклу шамоили ӯро ҳам намеписандидам, бинобар ин ҳеҷ майл надоштам, ки бо ӯ алоқа бандам.

Аммо ӯ як рӯз бо одати мадраса ҳуҷраамро тиқ-тиқ карда, рухсат гирифта даромада нишаст ва бе ҳеҷ муқаддима гапро аз мақсадаш сар кард:

– Ман аз байни қирғизҳои даштӣ ба Бухоро барои илм омӯхтан омадаам, на мисли баъзеҳо барои палавхӯрӣ, - гуфт ӯ, - аммо ман дар илмомӯзӣ қувваи дурусте надорам. Барои омӯзиши ман ёридиҳандае даркор аст. Ин вазифаро яке аз шарикони хушфаҳмам, ки вай ҳам ӯротеппагӣ буда, аз тоҷикон аст ва дар мадрасаи Рашид истиқомат мекунад, ба гардани худ гирифт. Бинобар ин маро лозим аст, ки ҳар шаб, баъд аз хуфтан, пеши ӯ рафта дарс тайёр кунам. Аммо ин сахтгирии соҳиби мадраса ба кори ман монеъ шуд: ман як ҳафта боз аз дарстайёркунӣ маҳрум мондам. Шумо ба ман маслиҳат диҳед, ки чӣ кор кунам?

– Ман бо муаззин гап мезанам, шояд ба даро-барои шумо монеъ нашавад, – гуфтам ман.

Ӯ хурсанд шуда зуд аз пеши ман баромада рафт ва ман ҳам мувофиқи ваъдаи худ муаззинро дида, аз хусуси ӯ гап задам ва илтимос кардам, ки ба тариқи истисно ба ӯ рухсат диҳад, ки барои дарстайёркуниаш рафта омада тавонад.

Аммо муаззин, чунонки чашм доштам, илтимоси маро рад кард. Чунки ӯ як ҷавони миёнколӣ (аз Хатирчӣ ё аз Зиёуддин) буда, тамоман бесавод буд, на дарсро медонист ва на дарстайёркуниро. Ӯ фақат соҳиби мадрасаро медонист, ки аз куҷо бошад ӯро ёфта оварда, ба ӯ ҳуҷра дода, дар мадрасааш ба бадали даҳ танга ҳам муаззин кардааст, ҳам фаррош, ба болои ин монанди ҳезумкафонӣ барин корҳои сахти ҳавлиашро ҳам ба ӯ мефармуд.

Чун муаззин талаби маро рад кард, ман барои қирғиз як роҳи «ғайриқонунӣ» ёфта додам, ки он бечораи илмдӯст аз дарстайёркуниаш намонад. Ин роҳ як роҳи хеле осон буд, ки пештар ба хотирам нарасида буд, аммо аҳволи музтаронаи Мулло Тӯйчӣ маро маҷбур кард, ки ба ин кор фикр давонам ва ёбам. Баъд аз ёфт шудан, он роҳ ба худам ҳам чанд вақт кор дод.

Чунонки дар боло қайд карда шуд, мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид дар паҳлуи мадрасаи Ҳусейнбой воқеъ шуда буд. Дар гӯшаи ғарбии он мадраса, дар ошёнаи дуюм, як муллобачаи ҳисорӣ зиндагӣ мекард, ки ӯ бо ман шарикдарс ва шинос буд. Ҳуҷраи ӯ аз тарафи ғарб як дарича дошт, ки баъд аз бино ёфтани мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид дар паҳлуи мадрасаи Ҳусейнбой ва пайваста ба ӯ, боми ошёнаи якуми ин мадрасаи нав ба даричаи ҳуҷраи талабаи ҳисорӣ ҳамрӯй шуда мондааст.

Ман аз шарикдарси худ – аз он муллобачаи ҳисорӣ илтимос кардам, ки рухсат диҳад, то ки қирғиз аз дарстайёркунӣ омада ба мадрасаи Ҳусейнбой даромада, аз он ҷо ба воситаи ҳуҷраи ӯ ба боми мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид гузашта ба ҳуҷраи худ дарояд.

Ҳисорӣ бо хурсандӣ розӣ шуд ва Мулло Тӯйчии қирғиз ҳам ба он роҳ дарстайёркунии худро давом дод ва дар вақти зарурат ман ҳам шабона аз он роҳ меомадам ё мерафтам.

Аммо муаззин, аз куҷо бошад, фаҳмидааст, ки қирғиз бо роҳи «махфӣ» рафтуой дорад, дар пайи дастгир кардани ӯ афтода, як шаб камин гирифта – дар пинҳонӣ нишаста, аз он дарича баромадани ӯро нигарон шудааст.

Вақте ки Мулло Тӯйчӣ аз дарича гузашта, бар рӯи бом намоён шудааст, муаззин давон рафта аз гиребонаш гирифта, ӯро барои он ки тартиби соҳиби мадраса муқарраркардаро вайрон кардааст, дашном додааст.

Оташи ғазаби қирғиз, ки ҳамеша аз чеҳрааш намоён буд, бо ин кирдор ва гуфтори муаззин якбора шӯълавар шудааст ва бо ду даст аз миёни ӯ гирифта ба ҳаво бардошта ба дудкаши як ҳуҷра, ки аз рӯи бом тахминан як метр боло бардошта шуда буд, задааст. Сахтии зарбаро аз ҳамин қиёс кардан мумкин аст, ки дудкаши аз хишти пухта бо гаҷ сохташуда бо зарбаи ба худаш бархӯрдани бадани муаззин аз миёнаш шикаста парида рафтааст.

Ман, ки ҳанӯз нахобида будам, бо шунидани овози задухӯрд аз ҳуҷра давон баромада ба пеши ҷангарагон расида рафтам, ки муаззин монанди муши дар чанголи гурба афтода дар зери пои қирғиз ба замин молиш мехӯрд ва қирғиз ӯро лагадкӯбӣ карда, бо забони қирғизӣ дашномҳои қабеҳ медод ва муаззин бо забони худаш хирросзанон «тавба кардам» гӯён нолиш мекард. Талабаи ҳисорӣ, ки баъд аз даст ба гиребон шудани муаззин ва қирғиз аз дарича баромада ба болои сари инҳо расида омадааст, бо забони тоҷикӣ онҳоро насиҳат медод ва зӯр мезад, ки муаззинро аз чанголи қирғиз раҳоӣ диҳад, аммо наметавонист.

Ман расида рафтанам ҳамон аз дасти Мулло Тӯйчӣ гирифта, ӯро аз болои муаззин ба дур кашидам. Аввал ӯ ба кашола кардани ман аҳамият надода ба молиш додани муаззин давом кард. Ман бо овози қатъӣ ва «ту-ту» гӯён ба ӯ хитоб кардам:

– Магар ту девона шудаӣ? Сар деҳ ӯро! Ӯ ба мурдан расидааст!

Қирғиз аз болои муаззин пас омад ва ба ман теғ кашида нигоҳ карда истод ва пас аз он ба замин туф карда ба гап даромад:

– Дар ҳақиқат ҳам, ман ӯро куштан мехостам, аммо ба хотири ту муваққатан аз хунаш даргузаштам. Лекин сар деҳ, ки ман ӯро тавба дода аз вай қавл гирам! – гуфт ӯ ба ман бо хитоби «ту-ту».

– Ман роҳ медиҳам, аммо аввал худат ба ман қавл деҳ, ки дигар ӯро намезанӣ, – гуфтам бо ҳамон қатъияти аввалӣ.

– Қавл медиҳам, ки ба хотири ту ҳозир ӯро дигар намезанам, – гуфт қирғиз.

Ман дасти ӯро сар додам. Ӯ дубора ба сари муаззин рафт ва дастони худро ба пушти худ гардонда қадашро хам карда қадаре ба муаззин чашм дӯхта истод ва пас аз он ба ӯ:

– Тағойқул! – гуфта ном гирифта хитоб кард.

– Лаббай! – гуфт муаззин бо овози магасе, ки ба тори тортанак дармонда бошад.

– Аввал ин ки ин ҳодисаро ба хӯҷаинат намегӯӣ, дуюм ин ки ба даро-барои ман ба мадраса халал намерасонӣ. Агар яке аз ин шартҳоро вайрон кунӣ, ҳамон соат мекушамат, баъд аз он маро ҳар чӣ кунанд, кардан гиранд!



– Ба Худо қасам, ки ин ҳодисаро на ба бой, на ба каси дигар намегӯям, на ба даро-барои шумо ва на ба дигарон монеъ намешавам, – гуфт муаззин шартҳои қирғиз пешниҳодкардаро ду баробар зиёда намуда ба гардан гирифт.

– Ин тавр бошад, хез, ба ҳуҷраат даро! – гуфт қирғиз ба муаззин.

Аммо дар муаззин қуввати аз ҷо ҷунбидан набуд, ҳарчанд барои хестан кӯшиш кунад ҳам, нимхез мешуду тамоман рост шуда наметавонист. Қирғиз ба ӯ ёрӣ дода аз ҷо бархезонда, аз бағалаш гирифта бурда ба ҳуҷрааш даровард ва худаш ҳам ба ҳуҷраи худ даромада дарро баст.

– Шарикдарси ман – талабаи ҳисорӣ ҳам: «гӯшти хар, дандони саг» гуфтаанд, ки тамоман дуруст аст, – гӯён ва хандакунон аз дарича ба ҳуҷраи худ гузашт ва ман ҳам ба ҳуҷраи худ рафта даромада, дарро бастам ва дар фикри хобидан афтодам...

Аммо ҳанӯз чашмамро гармӣ набурда буд, ки дари ҳуҷраам тиқ-тиқ шуд. Дубора аз ҷо хеста чароғро даргиронда, дари ҳуҷраро кушодам, ки ба дари ҳуҷра мирзои бой (котибаш) рост истодааст.

– Марҳамат кунед! – гӯён ӯро ба ҳуҷра даровардам, ӯ ба пойгаҳ даромада, аммо кафшҳояшро накашида ба лаби ҷои нишасти ҳуҷра нишаст ва:

– «Коре, ки ба сулҳ дарнаёяд, девонагие дар ӯ бибояд» гуфтаанд, – гӯён ба гап даромад. – Хӯҷаини мо як аҳмақи дарунсиёҳ аст. Таги гап дар ин ҷост, ки ӯ аз мадраса бино кардани худ пушаймон аст, аммо акнун чорае надорад, ки вақфномаро вайрон карда, мадрасаро ба мулки хусусии худ гардонад, ночор, монанди он ки «орзуи дӯғро дар маҳтоб мешикаста бошад», талабагонро танг карда, ҳар рӯз як қоидаи нав бароварда, ҳокимият ва моликияти худро ба мадраса маълум карда меистад. Барои islоҳи ӯ ва ислоҳи косалеси ӯ – муаззин, ки аз ӯ ҳам аҳмақтар аст, гап таъсир намекард. Барои ислоҳи инҳо девонагие даркор буд. Ин девонагиро на ман, на шумо ва на дигарон намекарданд, ҳар чӣ бошад, хоста ё нахоста, донисто ё надониста ин қирғизи девона ин девонагиро кард. Баъд аз ин ҳамаи бошандагони ин ҷо ҳам аз дасти бой ва ҳам аз дасти муаззини ӯ халос мешаванд...

– Ба фаҳми ман, муаззин тарсид, ин ҳодисаро ба бой хабар нахоҳад дод, шумо ҳам хабар надиҳед, кор худ ба худ хобида меравад, – гуфтам ман ба мирзо.

– Чаро ман хабар надиҳам! Ман ин корро аз будаш зиёдатар карда хабар медиҳам. Хӯҷаин чӣ қадар аҳмақ бошад, чӣ қадар дарунсиёҳ бошад, ҳамон қадар ҳам тарсончак аст. Бо шунидани ин ҳодиса чунон метарсад, ки «талабаҳо маро зада мекушанд» гуфта дигар ба тарафи мадраса нигоҳ намекунад, – гуфт мирзо. – Мебахшед, шуморо аз хоб монондам, – гӯён аз ҳуҷра баромада рафт.

* * *

Мирзои бой Неъмат ном дошта, як одами сисолаи хушхату савод буд. Ӯ ҳавлӣ ва ҷои истиқомат надошт. Бой ӯро бо шарти ҷои истиқомат ёфта додан дар ҳар моҳ ба бист танга (се сӯм) ба хизмат гирифтааст. Аз ин мадраса, ки «дар роҳи худо барои талабаи улуми динӣ» бино кардааст, як ҳуҷраро ба ӯ додааст ва ӯ дар ҳуҷрае, ки дар паҳлуи дигари ҳуҷраи ман буд, истиқомат мекард. Ӯ аз

задухӯрди қирғиз ва муаззин аз аввали кор хабардор шуда бошад ҳам, барои шоҳид нашудан ва холис истодан, ба сари ҷанҷол набаромада будааст.

Мирзо ҳар рӯз пагоҳонӣ ҳамроҳи бой ба тиҷоратхонаи ӯ мерафт, дар он ҷо нақду насияҳои хӯҷаинро ба дафтар менавишт, барои ғундоштани насияҳои мӯҳлаташ расидаи хӯҷаин раста ба раста, дукон ба дукон мегашт. Кадом дукондор, ки пули мӯҳлаташ расидаро надиҳад, бой мирзоро ба сусткорӣ ва бетартибӣ айбдор карда, ба ӯ гапҳои сахт мезад.

Мирзо бегоҳӣ ҳамроҳи бой аз бозор омада, ба ҳуҷраи ба худаш додашуда медаромад. Ба сабаби банду басти сахти мадраса ӯ на ба ҷое рафта метавонист ва на ба ҳуҷраи худ ёру дӯстони худро оварда метавонист. Ӯ ба бадали ҳар моҳ бист танга гирифтан маҷбур буд, ки аз пагоҳ то бегоҳ кор кунад, аз бой гапҳои сахт шунавад ва шабона дар ин ҳуҷраи гӯрмонанд тамоман маҳбус монад.

Бинобар ин девонагии қирғиз ба ӯ ҳам хеле хуш омада будааст, ки баъд аз тамом шудани кор пеши ман омада хурсандии худро изҳор карда, аз бардошта шудани банду басти зиндонӣ башорат дод.

Дар ҳақиқат, баъд аз воқеаи ҷанги қирғиз бо муаззин бой дигар ба мадраса надаромад ва агар дилаш ба дидани «мулки худ» кашол шавад, дар рӯзҳои таътил – дар вақтҳое, ки талабагон ба сайругашт рафта бошанд ва дар мадраса касе набошад ё ин ки кас кам монда бошад, як даромада давр зада мебаромад ва агар нохост ба талабае вохӯрад, чизе намегуфт ва сари худро хам карда аз мадраса баромада мерафт.

Аммо пеш аз ҷанги қирғиз бо муаззин рӯзе ду бор – ҳам пагоҳонӣ пеш аз ба бозор рафтанаш, ҳам бегоҳонӣ баъди аз бозор гашта омаданаш – ба мадраса медаромад ва рӯи мадрасаро давр зада, хишт ба хишт аз назар мегузаронид. Агар ягон хиштро хасташуда ё аз ҷояш андак беҷошуда медид, аз даҳонаш кафкҳо парронда талабаҳоро танбеҳ медод ва гапҳои сахт мезад.

Як рӯз ба воқеаи зерин шоҳид шуда будам: соҳиби мадраса аз бозор омада, пеш аз даромадан ба ҳавлиаш ба мадраса даромад, бо одати муқаррариаш мадрасаро аз назар гузаронид. Ҳамон рӯз як талаба ҷомашӯӣ карда, оби ҷомашӯиашро бар рӯи ҳавлии мадраса рехта будааст. Ӯ доғи оби ҷомашӯиро дида:

– Имрӯз дар ин ҷо кӣ ҷомашӯӣ карда буд? – гӯён фарёд кард.

Он талабае, ки ҷомашӯӣ карда буд, аз ҳуҷрааш баромада:

– Ман ҷомашӯӣ карда будам, – гуфта ҷавоб дод ва дигар талабагон ҳам аз ҳуҷраҳошон баромада, нигарони шунидани беҳудагӯиҳои бой шуда истоданд.

– Шумо – домулло! – гуфт бой ба он талаба бо оҳанги пичинг, аммо дӯғзанона. – Миёнатон дард накардааст, намедонед, ки дар бинои ин мадраса чӣ қадар пул сарф шудааст ва он пул аз куҷо ва ба чӣ гуна меҳнат ба даст даромадааст, бинобар ин ба мадраса он муомиларо мекунед, ки ба хонаи падаратон мекарда бошед. Охир бояд донед, ки бо оби ҷомашӯӣ хиштҳо суст шуда, аз ҷоҳошон беҷо мешаванд ва дар натиҷа мадраса хароб мегардад.

Бой гуфтугузори худро бо он талаба ба охир расонда, ба ҳамаи талабагоне, ки дар он ҷо ҳозир шуда буданд, бо оҳанги қатъӣ фармон дод:

– Баъд аз ин ҳар кас, ки ҷомашӯӣ кунад, обашро ба як сатил андозад ва ҳар гоҳ, ки сатил аз оби ҷомашӯӣ пур шавад, бардошта аз мадраса бароварда бурда, ба рӯд резад – гап ҳамин!



Дар миёнаи талабагон Мулло Суллам ном як талабаи кӯлобӣ буд, ки ӯ як дараҷа дағал бошад ҳам, ширинсухан ва шӯхтабъ буд. Ӯ баъд аз шунидани суханони соҳиби мадраса ба вай рӯ оварда:

– Амаки бой, – гуфт, – шумо пир шудаед, одам дар дунё абадӣ зинда намемонад. Баъд аз сари шумо кӣ нигоҳубини мадрасаро ба гардан гирифта, ин биноро аз вайронӣ нигоҳ медошта бошад?

– Худо нигоҳ медорад, Худо! – гуфт бой. – Ман, ки ин буқъаи хайрро[195] дар роҳи Худо бино кардаам, худи Худо нигаҳдорӣ мекунад ва касонеро, ки ба вайрон кардани ин бинои хайр кӯшиш кунанд, худаш ҷазо хоҳад дод.

– Ба фаҳми ман, – гуфт талабаи кӯлобӣ, – барои он ки шумо «дар роҳи Худо мадраса бино кардаед», ӯ қаровулии мадрасаи шуморо ба зиммаи худ намегирад. Охир, Худо Тағойқул нест, ки ба шумо фармонбардорӣ кунад. Беҳтар он буд, ки шумо мадраса бино намекардеду ин гуна кори пастро ба Худо ҳам ҳавола наменамудед.

– Эй воҳ! – гуфт бой. – Дареғ, сад дареғ, ки ман мадраса бино карда, як кори беҳуда карда будаам. Ман гумон карда будам, ки дар ин ҷо муллобачаҳо истиқомат карда илмҳои динӣ мехонанд ва надониста будаам, ки дар ин ҷо касони худоношинос ҳам хоҳанд роҳ ёфт. – Бой рӯи худро аз талабагон гардонда ва худ ба худ: «Беҳтар он будааст, ки инҳо парча-палосҳошонро ба пушташон бардошта кӯча ба кӯча ҷои сарпаноҳ кофта гарданд», – гӯён ва ғур-ғуркунон аз мадраса баромада рафт ва талабагон ҳамагӣ ҳамовоз шуда хандаи баланд карда ӯро гусел карданд.

Баъд аз ҷанги қирғиз, чунонки дар боло қайд шуд, на танҳо бой ба мадраса наёмад, чунонки мирзояш башорат дода буд, қуфлу бандро ҳам аз дари мадраса бардошт. Ҳамин тариқа шуда, талабагон, монанди талабагони мадрасаҳои дигари Бухоро, ба даро-баро, ба ҳезумкафонӣ ва ҷомашӯӣ ихтиёри пурра ёфтанд. Дар ин қатор ман ҳам, қирғиз ҳам, мирзо ҳам аз банду басти зиндонӣ раҳоӣ ёфтем ва шарикдарси ман, талабаи ҳисорӣ, ҳам аз гузаргоҳ кардани ҳуҷраи худ халос шуд.

## ЗИНДАГОНӢ ВА МАШҒУЛИЯТИ МАН ДАР МАДРАСАИ ҲОҶӢ ЗОҲИД

Зиндагонии ман дар мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид қариб мустақилона буд. Ман дар ин ҷо барои таъмини маишат ба хизмати сиёҳи касе мӯҳтоҷ набудам, чунки Абдухалил-махдум, чунонки дар қисми III-и «Ёддоштҳо» қайд карда шудааст, ба муқобили хизмати илмӣ ва ёрии маънавии ман ба ӯ, ба ман ёрии моддӣ мекард, хӯрду хӯроки ман аз тарафи ӯ ба тарзи миёна таъмин мешуд ва гоҳо либос ҳам медод[196]. Ҳарчанд ӯ ба ман барои таъмини маишат пул намедода бошад ҳам (чунки бо одати он вақт ба муқобили хизмати илмӣ аз шахсони хусусӣ пули нақд гирифтан як навъ зиллат ҳисоб меёфт нисбат ба ходими илмӣ), ҳаррӯза таоми пешинӣ, ки бештарини вақтҳо палав буд, ба ман кифоя мекард; дар он ҷо ба сифати хизматгорӣ ман ош намепухтам ва ҳуҷра намерӯфтам, ин хизматҳои ӯро Қорӣ Нурулло ном як талаба, ки дарсаш аз мо пасттар буд, мекард. Дуруст

аст, ки гоҳо ман ҳам ош мепухтам, аммо ин ошпазии ман ба тарзи ошноӣ буд, на ба сифати хизматгорӣ. Ин корро дар ҳуҷраи ӯ гоҳо Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим ҳам мекард. Ӯ даъво дошт, ки оши палавро аз ман беҳтар мепазад, аммо ман ҳам дар мусобиқа аз вай намемондам ва азбаски ба воситаи ошпазӣ карданам ба одамони гуногун таҷрибаам дар ин кор аз вай бештар буд, ман худро аз вай ҳунармандтар мешумурдам ва шарикон ҳам ин даъвои маро тасдиқ мекарданд.

Азбаски Шарифҷон-махдум қозӣ шуда аз шаҳр берун рафта буд, Мирзо Абдулвоҳид барои давом додани таҳсил аз хизмати ӯ ҷудо шуда, дар мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф, дар як ҳуҷраи хеле хуби болои дарвозаи он мадраса, ки аз они Шарифҷон-махдум буд, истиқомат мекард. Азбаски Мирзо Абдулвоҳид аз мероси падар даромад дошт, зиндагонии ӯ дар мадраса бад намегузашт. Ӯ бо мо шарикдарс буда, дар дарстайёркунӣ, ки мувофиқи истилоҳи мадраса муколама мегуфтанд, бо мо ҳам ҳамроҳ буд. Дарстайёркунӣ ҳар рӯз рӯзона, вақти пешин, то тайёр шудани ош ва дар байни дарсҳо ва баъд аз дарсҳо дар ҳуҷраи Абдухалил-махдум ташкил меёфт.

Ҳуҷраи Абдухалил-махдум, чунонки дар қисми III-и «Ёддоштҳо» қайд шудааст, дар мадрасаи Ғозиён, бар болои дарвозаи он буд. Ҳуҷраи ӯ бо ҳуҷраи Мирзо Абдулвоҳид рӯ ба рӯ буда, дар миёна танҳо ҳавзи Ғозиён ва роҳи калони Ҷӯбор ва Миракон воқеъ шуда буд, ки агар дарахтони канори ҳавзи Ғозиён ҳоил (монеъ) намебуданд, бошандагони ин ду ҳуҷра якдигарро дида ва бо имою ишорат суханони якдигарро фаҳмида метавонистанд.

Дар Мирзо Абдулвоҳид мағрурии пештарааш намонда буд. Акнун ӯ ба ман бо назари истеҳзо нигоҳ намекард, дар шеъргӯӣ ва шеърфаҳмӣ монанди пештара даъвои калон надошт, дар дарсомӯзӣ бошад, тамоман ба ман таслим шуда буд. Ӯ дар дарсомӯзӣ кундфаҳмтар бошад ҳам, бисёр ҳарис буд, ҷоҳои душвортари дарсро то тамоман нафаҳмад, аз ман даст намекашид; акнун ӯ танҳо дар ошпазӣ худро аз ман ҳунармандтар мешумурд, ки ин ҳам бо оҳанги ҳазлу шӯхӣ буд.

Мирзо Абдулвоҳид дар хушнависӣ ва дар иншонависии расмии он замон аз ҳамаи шарикон ва аз аксари ҳамсолонамон пеш буд, аммо аз он ҷо, ки ӯ хеле камоли ахлоқӣ пайдо карда буд, дар ин бора даъвое ва ғуруре зоҳир намекард. Лекин дар табиати ӯ ҳамон хислати «худдонамӣ», ки дар хурдсолагиҳояш ҳар замон намоён шуда меистод, дар пардаи пинҳонӣ бошад ҳам, ҳанӯз вуҷуд дошт. Ӯ кӯшиш дошт ягон коре кунад, ки дигарон дар ҳайрат монанд ва аз кардани он кор оҷиз бошанд.

Чунончи, боре мо ӯро дар рӯзҳои таътили баҳоронӣ як ҳафта гум кардем. Ман, Абдухалил-махдум ва Қорӣ Нурулло рӯзе чанд бор ҳуҷраи ӯро хабар мегирифтем, аммо дари ӯро баста меёфтем. Мо аз он сабаб дар ҳайрат будем, ки агар ӯ чандрӯза аз шаҳр баромада мерафт, албатта ба мо хабар медод, дар даруни шаҳр дар хонаи ошноёнаш, албатта, ин қадар дер намемонд, зотан ӯ дар шаҳр аз мо наздиктар ошно ҳам надошт. «Во аҷабо! Ба ӯ чӣ шуда бошад?» – гӯён мо дар ташвиш будем.

Дари даромади ҳуҷраи ӯ дар охири он зинаи торике буд, ки ман дар «Дохунда» дар боби «Мадраса» тасвир кардаам[197]. Рӯзе ман барои хабаргирӣ (фаромӯш кардаам, ки бори чандум буд) аз ҳамон зина баромада ба пеши дари ҳуҷраи ӯ расидам. Аз даруни ҳуҷра садои хисир-хисире, монанди он ки муш чизеро мехоида бошад, шунида шуд, аммо баъд аз расидани ман ба дари ҳуҷра он садо хомӯш гардид. Дарро кӯфтам, аммо ҷавобе наёфтам, ҳар чанд гӯш кардам, дигар садои хисир-хисир ҳам набаромад.

Ман дар дили худ гузарондам: «Бояд ӯ дар ҳуҷра буда, ба кори «махфие» машғул бошад, чунки агар он хисир-хисири муш мебуд, ин қадар дуру дароз хомӯш намегардид».

Ман барои тафтиш карда дидани ин тахмини худ бори дигар садои поямро набароварда ба дари ҳуҷра расидам ва садои хисир-хисири пештарaро шунидам ва чанд дақиқаи дигар оромона гӯш дода истодам, садо давом кард. Баъд аз он дарро кӯфтам, аммо на танҳо ҷавоб нашунидам, балки он хисир-хисири мушона ҳам бурида шуд. Яқин кардам, ки ӯ дар ҳуҷра ҳаст ва ба коре машғулӣ мекунад. Пас аз он дар пайи дастгир кардани ӯ афтодам.

Рӯзи дигар, саҳар, як соат пештар аз баромадани офтоб, ба ҳуҷраи ӯ рафтам ва монанди рӯзи пеш шарфаи поямро набароварда аз зинаи торик боло баромада ба дари ҳуҷрааш расидам. Дар кушода буд. Дар даҳлез, ки хеле васеъ ва ошхона, ҳезумхона ва ангиштхонаи ҳуҷра дар он ҷо буда, заминаш хиштфарши бепалос буд, чароғ месӯхт.

Бар хилофи одати мадраса, бе ҳеҷ огоҳонӣ ва садои поямро набароварда ба даҳлез даромадам. Рӯи замини даҳлез аз резачаҳои чизҳои зардча ва сафедчаи часпак, ки пош хӯрда буданд, пур буд ва дар роҳ рафтанам ба зери кафшҳоям мечаспиданд.

Ба пеши дари миёна, ки аз он ҷо ба ҷои нишасти ҳуҷра даромада мешуд, ҳамчунон оҳиста рафтам. Дар дарун як лампаи овезаи сиюм месӯхт, ки ҳуҷраро монанди рӯз равшан карда буд. Мирзо Абдулвоҳид пушт ба дари даромад сари дупо нишаста, намедонам чӣ чизҳоро аз рӯи ҳуҷра мечид.

Ман ҳамчунон садо набароварда кафшамро дар даҳлез кашида, ба ҳуҷра даромадам. Бар рӯи гилеми ҳуҷра гардҳои сафед менамуданд, аммо часпак набуданд. Дар ҳар ҷо-ҳар ҷо резачаҳои зарду сафеде, ки монанди онҳоро дар даҳлез дида будам, низ ба назар вомехӯрданд, аммо ман «бояд ин резачаҳо часпак бошанд» гуфта онҳоро зер накарда оҳиста ба сари Мирзо Абдулвоҳид рафтан гирифтам.

Вақте ки ман аз зери лампаи овеза гузаштам ва соям ба девори муқобил афтода ба назари ӯ намоён шуд, ӯ аз омадани касе, ки ҳеҷ чашм надошт, ногаҳонӣ хабардор шуда, як қад парида аз ҷояш хест ва монанди аскаре, ки фармони «ба пушт баргард»-и командирро шунида бошад, бо чолокӣ ба пушт баргашта, дар рӯ ба рӯи худ маро дида, лаҳзае беҳиссу ҳаракат монд ва баъд аз он ба гап даромада:

– Оббо! Кунҷкови беамон-э! Ман «аз ин корам охир ту хабардор хоҳӣ шуд»-гуфта метарсидам. «Омад ба сарам ҳар он чӣ метарсидам», – гуфт ва илова кард:
– Биё, бинишин, ки ман саргузашти якҳафтагии худро ҳикоя кунам.

Ман мехостам бинишинам, ӯ гӯшаеро, ки аз гарду ғуборҳои зарду сафед тоза карда шуда буд, нишон дода гуфт:

– Ана дар ин ҷо бинишин, дар ҷои дигари ин ҳуҷра нишинӣ, мумкин аст, ки либосат олуда шавад.

Ман нишастам, аммо ӯ нанишаста:

– Ман дарро баста чароғи даҳлезро хомӯш карда оям, рӯз шуда истодааст, боз ягон каси дигар омада надарояд, – гӯён рафта дарро баста, чароғро кушта омад ва дар рӯ ба рӯи ман нишаста гап сар кард:

– Акнун ки ту маро ба болои кор, ки нисбат ба касони дигар безарар ҳам бошад, нисбат ба худам ҷиноят аст, дастгир кардӣ, бояд ҳамаашро ба ту ҳикоят карда диҳам, лекин шарт он, ки ба ҳеҷ кас нагӯӣ. Агар ба Абдухалил-махдум гӯӣ, ихтиёр дорӣ, чунки «нагӯй» гӯям ҳам, албатта ба ӯ хоҳӣ гуфт, аммо ба одамони дуртар аз мо нагӯй, ки маро хандазор мекунанд.

– Ба Ҳайрат чӣ? – ман пурсидам.

– Ба ӯ ҳам гӯй – майлат, чунки ба ӯ ҳам албатта хоҳӣ гуфт, лекин таъкид кун, ки ба касе нагӯяд. Ӯ ҷавони ростқавли сангин аст, сирри дӯстонро баъд аз қавл додан фош намекунад.

–Хуб, – гуфтам ман.–Худам медонам, ки ба кӣ гуфтан даркор ва ба кӣ нагуфтан. Ту ин ҷоҳои корро ба худи ман ҳавола карда, зудтар ҳикоятатро сар кун.

## ҲАЛВОИСОБУНИПАЗИИ МИРЗО АБДУЛВОҲИД

– Оё ҳалвои собунии шофиркомиро медонӣ? – гӯён аз ман Мирзо Абдулвоҳид пурсид.

– Албатта медонам, кист ки надонад? Хуб, чӣ шудааст? – гуфтам ман.

– Ман хостам, ки ҳамон ҳалворо дар ҳуҷраи худ худам пазам...

Ман пеш аз он ки саргузашти ҳалвоисобунипазии Мирзо Абдулвоҳидро аз забони ӯ нақл кунам, дар бораи ҳалвои собунӣ ва аз ин ҷумла дар хусуси ҳалвои собунии шофиркомӣ маълумоти кӯтоҳе доданам даркор аст: ҳалвои собунӣ ҳалвоест, ки онро аз орд, равған ва шакар пухта, ба лӯндаҳои чормағзмонанд ҷудо карда, ба фурӯхтан ва хӯрдан тайёр мекунанд.

Ин гуна ҳалвои собуниро дар Бухоро, дар Самарқанд ва дар ҳар ҷои Осиёи Миёна, ки ҳалвогарӣ бошад, мепазанд.

Ҳалвои собунии шофиркомӣ ҳам айнан аз ҳамон масолеҳ, яъне аз орду равған ва шакар тайёр карда мешавад, аммо тарзи пухтани он дигаргуна буда, ин корро дар райони Шофирком баъзе одамони махсус медонанд, лекин онҳо ин корро касби асосии худ карда нагирифтаанд ва барои дар бозор фурӯхтан намепазанд, балки барои хӯрдани худ ва ё бо супориши баъзе одамҳои ҷудогона мепазанд.

Ҳалвои собунии Шофиркомро ба лӯндачаҳо ҷудо намекарданд, балки дар вақти гармиаш ба табақчаҳои паҳни сафолии бесири нав мерехтанд ва баъд аз сард шуда бастанаш дар миёна як парча коғази сафед монда, ҳар ду табақро бар рӯи ҳам мегардонданд ва ба ҳар куҷо баранд ҳам, ҳамин тарз табақҳоро ҷуфт-ҷуфт мебурданд.

Ҳалвои собунии Шофирком аз ҳалвоҳои собунии одӣ, чунонки дар шакл



фарқ дошт, инчунин дар таъм ҳам фарқи калон дошт: ҳарчанд вай ҳам аз орду равғану шакар пухта мешуд, аммо дар вақти хӯрдан аз вай мазаи ҳеҷ кадоми ин чизҳо намеомад, балки як таъми гуворои ношинос дошт ва дар вақти ба даҳон андохтан, монанди морожнии қаймоқӣ зуд об мешуд.

Дар ҳақи ҳалвои собунии Шофирком афсонае буд: чунонки афсонапарастон мегуфтанд, «ҳалвои обинаботи Бухоро, ғайр аз Бухоро, нони осиёии Самарқанд, ғайр аз деҳаи Галаосиёи Самарқанд, ҳалвои кӯфта ва рустаи Қаршӣ, ғайр аз шаҳри Қаршӣ ва чурғоти Зармитан, ғайр аз деҳаи Зармитани Бухоро, дар дигар ҷо намешавад», инчунин ҳамон афсонапарастон ҳалвои собунии шофиркомиро ҳам махсуси тумани Шофиркоми Бухоро мепиндоштанд. (Ва ҳол он ки баъд аз револютсия як ҳалвогари бухороӣ ба Самарқанд омада, ҳалвои обинабот пухт, ки аз ҳалвои обинаботи Бухоро монданӣ надошт, инчунин як зани самарқандӣ, бо вуҷуди галаосиёӣ набуданаш, дар Душанбе як нони осиёӣ пухт, ки аз нони осиёии Самарқанд ба ҳеҷ ваҷҳ камӣ надошт, ҳатто аз баъзе ҷиҳат аз вай беҳтар шумурдан мумкин буд.)

Пазандагони ҳалвои собунии шофиркомӣ ҳам ин ҳунари худро як навъ каромоти меросии худ вонамуда, махсуси худ ва авлоди худ ба қалам медоданд ва пухтани онро ба касе нишон намедоданд ва «агар чашми бегона афтад, ин ҳалво вайрон мешавад»- мегуфтанд.

Баъд аз ин муқаддимача акнун ман ба сари саргузашти Мирзо Абдулвоҳид меоям:

Мирзо Абдулвоҳид нақли саргузашти ҳалвопазии худро давом дода гуфт:

– Мақсади ман аз пухтани ин ҳалво, аз як тараф, дурӯғии ба Шофирком махсус будани онро исбот кардан бошад, аз тарафи дигар, ин ҳунарро, ки ҳалвогарони моҳири Бухоро ҳам ёд гирифта натавонистаанд, ба даст даровarда, ҳамаро дар ҳайрат андохтан буд. Ман, ҳарчанд илтимос кардам, ягон шофиркомӣ, ки ин ҳунарро медонист, ба ман пухта нишон надод, ҳар кадомашон масолеҳи барои вай даркориро ва тарзи пухтанашро гуфтанду бас.

Аз рӯи қавли Мирзо Абдулвоҳид, ки аз мутахассисони ин кор шунидааст, равғани дунбаро доғ карда,орди бехтаро дар вай бирён намуда, шакарро қиём гирифта ба вай ҳамроҳ мекардаанд. Дар аввали кор ордбирёни бо қиём омехташуда сурхча мешудааст ва баъд аз кафзанӣ ва муштмолии бисёре ранги сафед пайдо мекардааст.

Мирзо Абдулвоҳид гуфт:

– Ман орд, равған ва шакарро тайёр карда, дарро баста кор сар кардам, чунки «агар натавонам, хандахариш мешавам»- гуфта метарсидам, бинобар ин «касе нафаҳмад ва аз ин кори ман хабардор нашавад»- гуфта бисёр эҳтиёт кардам ва ба пинҳонкорӣ даромадам.

Мирзо Абдулвоҳид мувофиқи нишондоди собунипазони шофиркомӣ ордбирёни бо шакар омехтаро як рӯз аз пагоҳ то бегоҳӣ ва шабона то зер кардани хоб ҳарчанд каф задааст ва мушткорӣ кардааст, рангаш сафед нашудааст ва таъмаш ҳам як навъ дилбеҷокунанда шудааст.

– Ман фикр кардам, ки, – гуфт ӯ, – «шояд шофиркомиҳо маро фиреб дода бошанд, шояд ордро бирён накарда ба равған ва қиём ҳамроҳ кардан даркор

бошад, то ки сафед ва хуштаъм шавад», бинобар ин таркиби аввалиро ба як сӯ гузошта, орди хомро ба равған омехта ба қиём ҳамроҳ кардам. Ин дафъа рангаш сафедча шуда бошад ҳам, таъмаш монанди мазаи хамири хом буд, ки ба даҳон гирифта намешуд. Баъд аз ин фикр кардам, ки «шояд қиёмаш кам шуда бошад», бинобар ин боз камтар шакарро қиём гирифта ба вай ҳамроҳ кардам. Ин дафъа мазаи хамири хом боқӣ монда, ба вай як тезии гулӯсӯз зам шуда буд, ки ба мазаи он чӣ ном доданро намедонистам...

Рӯз сафед шуда омада истода буд ва дар кӯча ягон-ягон роҳгузарон менамуданд, бинобар ин Мирзо Абдулвоҳид аз нақли саргузашт бозистода:

– Роҳгузарони шиносо рӯшноии лампаро дида, дар ҳуҷра будани маро пай бурда наоянд, – гӯён аз ҷояш хеста лампаро хомӯш карда, боз омада нишаста суханашро давом дод: – Ман фикр кардам, ки, – гуфт ӯ, – «шояд равғанаш камӣ карда бошад, агар қадаре равғани дигар ҳамроҳ кунам, аҷаб нест, ки бадмазагии хамири хом ва тезии қиём барҳам хӯрда, таъмаш гуворо шавад», бинобар ин боз камтар равғани дунбаро доғ карда, ба хамири хоми гулӯсӯзи худ омехтам. Аммо равған омезиш наёфт ва бар рӯи хамир, монанди он ки бар рӯи шӯлаи серравған барояд, баромада меистод. Таъмаш ҳам аз аввала бадтар шуд, ки беҳ нашуд. «Э вой, ки беҳ нашуд, батар шуд»- гӯён ин таркибро ба як сӯ гузоштам ва боз ба сари таркиби аввалӣ, ки аз мутахассисонаш шунида будам, омадам. Аммо фикр кардам, ки «шояд дар дафъаи аввал ордро аз қадри даркориаш зиёдатар бирён карда бошам», бинобар ин ин дафъа ордро нимбирён карда ба қиём омехтам, лекин боз нашуд...

Хулосаи нақли Мирзо Абдулвоҳид он аст, ки гоҳ равғанро зиёд карда, гоҳ қиёмро зиёд карда, гоҳ ордбирён ё орди хомро зиёд карда, як ҳафта шабу рӯз ба ин кор зӯр задааст, аз кафзанӣ ва муштмолӣ дастони худро аз кор баровардааст. Дар охир ба натавонистанаш қаноат ҳосил карда, дар вақти ғундошта мондааш ин корро ман ӯро «дастгир» кардаам.

– Агар имрӯз то соати даҳ намеомадӣ, – гуфт ӯ дар охири нақли саргузашташ, – ман гилемро аз гарди орд ва резаҳои хамир тоза карда ва даҳлезро, ки бештарин кори шабонаам он ҷо гузашта, заминаш аз хамиру қиёму равған якмол шудааст, шуста ва ба даҳонам «кулӯх молида», худам ба кӯча мебаромадам ва ин сирри аҳмақонаам дар қаъри дилам гӯр шуда, аз ҳама пинҳон мемонд.

Ӯ қадаре хомӯш истода, боз давом кард:

– Лекин омада маро дастгир карданат аз як ҷиҳат нағз шуд, – гуфт ӯ, – зеро ман ин сирро ба касе намегуфтам, аммо ин кор чунон ба дилам рехта буд, ки ғудда шуда монда, рафта-рафта зардоб гардида,маро бемори бистарӣ карданаш мумкин буд. Вақте ки ту омадӣ, ман маҷбур шудам, ки ҳамаашро ҳикоя кунам. Ҳоло дилам холӣ шуд ва худро хеле сабук ҳис мекунам.

Ман чизҳои бо ин машаққат тайёркардаашро дидан хостам. Ӯ маро ба равоқи ҳуҷрааш аз як даре, ки аз вай ба он ҷо баромада мешуд, бароварда нишон дод: дар он ҷо як тағораи сафоли хамиргирӣ ва ду лагани тунукагии сирдор, ки дар Бухоро қарабоӣ меномиданд, аз хамирҳои гуногунранги қиём ва равғанолуд пур буд. Ман мазаи ҳар кадоми онҳоро дидам, ҳеҷ кадомашон қобили хӯрдан набуданд.



Ин хислати Мирзо Абдулвоҳид, ки иборат аз дониста-надониста ба кардани ҳар кор часпидан, кардани он гуна кори аҷибро аз тарси он ки механданд ё манъ мекунанд, аз ошноҳои наздикаш ҳам пинҳон доштан ва майли «ихтироъчигӣ» буд, то охири умраш дар ӯ боқӣ монд.

Ҳарчанд аз ҷиҳати тартиби таърихӣ аз ин ҷоҳои «Ёддоштҳо» хеле дер воқеъ шудааст, аммо барои исботи муддаои боло ва пурра нишон додани хислати хусусии Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим воқеаи зеринро дар ин ҷо нақл намудан муносиб намуд.

## ВОДОПРОВОДСОЗИИ МИРЗО АБДУЛВОҲИД

Баъд аз револютсияи Бухоро, дар соли 1920, Мирзо Абдулвоҳид, ки обҳои бадбӯй ва макони тухми ришта будани ҳавзҳои Бухороро намеписандид, дар фикри дар шаҳри Бухоро водопровод гузарондан афтодааст. Ҳарчанд ин фикр хеле фикри хуб бошад ҳам, дар шароити онвақтаи Бухоро ин фикрро ба амал овардан мумкин набуд, чунки дар мамлакат ҳанӯз ҷангҳои гражданӣ давом мекард, заводҳо ва фабрикаҳо кор намекарданд, бештарини коргарон дар фронт буданд ва он муассисаҳои саноатӣ ҳам, ки кор мекарданд, ба тайёр кардани асбоби мудофиаи револютсия ва ба баровардани молҳои зарурии ҳаррӯза машғул буданд.

Мирзо Абдулвоҳид ҳам ин аҳволро медонист, аммо ин шароит дар роҳи ба амал овардани ин фикри хуби ӯ монеъ нашуд. Ӯ фикр кардааст, ки : «Агар трубаҳои чӯянӣ ё сементӣ набошад, чӣ зарар дорад? Охир мо метавонем аз ғулба (қубур)-ҳои сафолин, ки тайёр кардани онҳо дар худи Бухоро осон аст, фоида барем».

Ӯ ин «фикри барҷаста»-и то ҳол ба хаёли ягон кас наомадаи худро бо ҳеҷ кас машварат накарда ба амал овардан хоста, ба кулолгарони Бухоро ғулбаҳои сафолин сохтанро супориш додааст ва дар андак вақт чанд хумдон қубур пазонда гирифта, се ҳазор донаи онро дар пеши хумдонҳо анбор карда мондааст. Баъд аз он ба Когон рафта, аз як инженери роҳи оҳан, ки дар депои паровозремонткунӣ кор мекардааст:

– Инженер ё техники водопроводгузарониро аз куҷо ёфтан мумкин аст? – гуфта пурсидааст.

– Ин гуна инженер ё техник барои шумо ба чӣ кор лозим аст? Коратонро гӯед, шояд он хизмат аз дасти худам ояд.

– Ман мехоҳам дар шаҳри Бухоро водопровод гузаронам, агар худатон аз ӯҳдаи ин кор бароед ва ин заҳматро ба гардан гиред, ба замми ин ки музди хизмататонро пурра медиҳам, аз шумо миннатдор ҳам мешудам.

– Ин корро ҳукумати Бухоро пеш гирифтааст ва шумо бо ман ба сифати намояндаи ҳукумат гап зада истодаед ё ягон ширкат ин корро карданӣ аст ва шумо вакили он ширкат мебошед?

– Ҳукумати ҷавони мо ҳоло ба пеш гирифтани ин гуна корҳо фурсат надорад, ӯ ба дафъ кардани боқимондагони амир, ба ташкил ва мустаҳкам намудани Ҳукумати советҳои халқии Бухоро машғул аст; ширкати бойҳо ҳам ғами халқро

намехӯрад, ман шахсан мехоҳам барои манфиати халқ бо харҷи худ ин корро ба анҷом расонам.

Инженер аз ин суханони Мирзо Абдулвоҳид дар тааҷҷуб афтода, дар дили худ фикр кардааст: «Ин кӣ бошад? Агар ягон бойи миллионер мебуд, чунонки дар ҳаққи ширкати бойҳо худ гуфт, ҳеҷ дар пайи ин гуна корҳо намегашт, чунки бойҳои Бухоро ҳозир аз тарси оқибати револютсияи Бухоро дар фикри захира ва пинҳон кардани дороии худ ва бо роҳи спекулятсия дар пайи зиёд кардани сарвати худ мебошанд; агар ин одам як одами одии хайрхоҳи халқ бошад, дар ин кори бузург маблағ ва асбобро аз куҷо меёбад? Аҷаб нест, ки ба ақли ин одам халал расида бошад? Хуб, зарар надорад, бо пурсуков аз худи ин одам ҳақиқати ҳолро фаҳмида гирифтан мумкин аст», – гӯён ба ӯ муроҷиат карда мепурсад:

– Шумо кӣ ҳастед ва ба ин кор маблағ ва асбобро аз куҷо меёбед?

– Ман нозири нигоҳдории тандурустии Ҳукумати советҳои халқии Бухоро мебошам, – гӯён Мирзо Абдулвоҳид барои исботи ин гуфтаи худ ва дурусттар ҷалб кардани диққати инженер ба худ шаҳодатномаи аз тарафи ҳукумат ба худаш додашударо ба ӯ нишон дода давом кардааст: – Ман ба воситаи докторҳо ва давоҳое, ки ҳукумат ба ихтиёри ман гузоштааст, беморони халқро муолиҷа кунонда истодаам, бо ёрии халқ шаҳрро ба қадри имкон аз ифлосиҳо тоза карда, кӯшиш дорам, ки бемориҳоро пешгирӣ кунам. Аммо, ба фикри ман, як манбаи асосии бемориҳо ҳамин обҳои ҳавзҳои Бухорост ва барои нест кардани ин манбаъ водопровод лозим аст. Ҳоло ки ин корро ҳукумат карда наметавонад, ман хостам бо харҷи худ як хати водопровод кашида, ба шаҳр оби тоза дарорам. Вақте ки мардум диданд ин кор мумкин ва осон будааст, худҳошон аз байни худ пул ҷамъ карда, хатҳои водопроводро калон ва зиёд намуда, тамоми шаҳрро бо оби тоза таъмин хоҳанд кард.

Инженер аз ин суханҳо ва аз он шаҳодатномаи расмӣ фаҳмидааст, ки ақли ин одам халалдор нест, яъне девона нест, бинобар ин ӯ саволи аввалиашро бо оҳанги ҷиддӣ ва таъбирҳои дигар такрор кардааст;

– Дар ин кор аз инженер ва техник пештар асбоб лозим аст, дар Бухоро пеш аз ин водопровод набуд, ки шумо асбобҳои кӯҳнаи вайро ремонт кунонда фоида баред. Баъд аз муҳайё шудани асбоб боз маблағи бисёр калон лозим аст. Ман гумон намекунам, ки як нозири Ҳукумати советӣ бо харҷи маблағи шахсии худ аз ӯҳдаи ин кор барояд.

– Як қисми асбоби асосӣ, ки труба аст, кайҳо тайёр шудааст, – мегӯяд Мирзо Абдулвоҳид. – Ман ҳамаи дороии худро ҷамъ карда, чизҳои барзиёдамро фурӯхта, ба қадри ҳазор сӯм тилло сарф намуда, се ҳазор дона трубаи сафолин пазонда гирифтам, ки дарозии ҳар кадоми онҳо як метр, қутр (диаметр)-ашон бисту панҷ сантиметр ва ғафсиашон дусантиметрӣ аст. Агар обанборро дар пеши панҷаи ҷӯи Зарманох созем, то ба шаҳр оварда даровардани об ин трубаҳо кифоя мекунанд. Барои обанборсозӣ ва трубашинонӣ, агар боз ҳазор сӯм тилло лозим шавад, ман метавонам, ки аз ёру дӯстони худ қарзи дарозмуддат гирифта, ин маблағро ҳам таҳия намоям. Баъд аз ба шаҳр даромадани хати водопроводи мо аз вай чӣ навъ карда фоида бурдан, чунонки дар боло гуфтам, кори халқ аст, ман ба халқ фақат як намуна нишон медиҳам.



Инженер аз ин суханони Мирзо Абдулвоҳид пай мебарад, ки ӯ девона набошад ҳам, ақлаш кӯтоҳ, нодон, бо ҳамаи ин самимона хайрхоҳ ва хостори саломатии халқ мебошад. Бинобар ин хандаи аз шунидани ин суханон омадаашро бо зӯрӣ нигоҳ дошта, барои қаноат кунондани ӯ ба номумкин будани ин кор лексияи дуру дарози илмӣ мехонад ва дар лексияи худ чӣ миқдор об чӣ қадар тазиқ доштанро, об ҳар қадар ки аз боло ояд ва ҳаҷмаш калон бошад, ҳамон қадар тазиқи зӯр пайдо карданашро бо роҳи илмӣ исбот карда, дар охир мегӯяд:

– Ана дар ин гуна тазиқи об, ки баъзан трубаҳои чӯянӣ ва сементии андак тунуктар тоб наоварда кафида меравад, трубаҳои сафолини шумо мумкин нест, ки тоб оваранд. Бинобар ин ба шумо маслиҳат медиҳам, ки ба амал омадани ин фикри сазовори таҳсин ва табрики худро то ба кор даромадани заводҳои чӯянрезии Ҳукумати советӣ мавқуф гузоред ва трубаҳои сафолинатонро, агар толибаш ёфт шавад, фурӯшед, ҳар гоҳ ки шароит ва асбоб тайёр шавад, ин корро Ҳукумати советӣ бе ташвиш ва бе харҷи шахсии шумо хоҳад кард. (Дар ҳақиқат, дар солҳои 1923 – 24 обҳои кӯлҳои дарун ва атрофи шаҳри Бухоро хушконида шуда, ба воситаи кофтани заҳкашҳо обгурезҳо тайёр гардида, пеши бемориҳои вараҷа ва ришта як дараҷа баста шуд ва дар солҳои 1926 – 27 водопровод гузаронида шуда, манбаи бемориӣ аз шаҳри Бухоро тамоман нест карда шуд.)

Аммо Мирзо Абдулвоҳид аз пеши инженер норозӣ шуда мебарояд ва ӯро ба муҳофизакорӣ (консерваторӣ) айбдор мекунад. Баъд аз он, ки аз инженер ёфта водопровод гузаронидан ноумед мегардад, ба тарзи шикоят аз инженер ин ҳикояро ба баъзе дӯстони наздикаш нақл мекунад. Аммо ҳар касе, ки ин суханонро мешунавад, монанди инженер оромона ба ӯ ҷавобҳои илмӣ ва мантиқӣ надода, ӯро масхара дошта ханда мекунад ва дар андак вақт бечора Мирзо Абдулвоҳид дар шаҳр бо хаёлотпарастӣ машҳур шуда, хандазори дӯсту душман мегардад.

Ана дар ҳамон вақтҳо – дар вақте ки Мирзо Абдулвоҳид аз водопроводгузаронӣ умедашро канда, аз хандаҳои беҷои одамон ба ҷон омада дилтанг шуда мегашт, агар фаромӯш накарда бошам, дар охирҳои моҳи майи соли 1921 буд, – ман аз Самарқанд ба Бухоро ба тарзи меҳмонӣ рафтам.

Аз ҳама пештар ба пеши ман Мирзо Абдулвоҳид омада, аламҳоеро, ки аз ваҷҳи водопроводгузаронӣ дар дилаш ғун шуда буд, ба ман кушода дода, ҳамаи воқеаҳои дар боло қайдшударо ягон-ягон нақл кард. Ӯ аз дӯстони худ ва умуман аз одамони Бухоро, ки ба ин фикри ӯ ханда карда, ӯро масхара дошта буданд, он қадар наранҷида буд:

– Инҳо нодонанд, ақлашон ба ҳеҷ чиз намерасад, бинобар ин ман аз ханда ва масхара доштани инҳо он қадар намеранҷам ва маъзурашон медорам, ки ақлашон намерасад. Аммо ҳамаи андӯҳу алами ман аз дасти инженерон ва олимони техникадон аст, ки онҳо муҳофизакоранд ва ҷасорат надоранд ба ин ки аз доираи дониши назариявии худ қадаме берун ниҳанд, хусусан ба фикри мо барин одамоне, ки дар мактабҳои техникаи замонӣ нахондаем, аҳамият намедиҳанд ва назарашон намегирад ва аз материалҳои маҳаллӣ фоида намехоҳанд, вагарна дар вақте ки мо ба ҷои пиёлаҳои чинӣ дар пиёлаҳои сафолӣ чой менӯшем, ҳатто кулолгарони мо чойникҳои сафолӣ сохта додаанд, ки мо дар онҳо чой

дам карда истодаем, чаро бо трубаҳои сафолӣ водопровод гузаронида нашавад?

Ман медонистам, ки бо ханда ва масхара доштан, Мирзо Абдулвоҳидро аз фикраш гардондан мумкин нест, билъакс дар ин гуна муомилаҳо ӯ дар фикри худ иноаткорона устувортар гардида, муқобил баромадагонро ба нодонӣ ва аҳмақӣ ҳамл мекунад. Инчунин ӯро, чунонки инженери роҳи оҳан қонеъ кунондан хостааст, бо далелҳои назарии техникӣ ва физика, ки худи ӯ намедонад, қонеъ кунондан ҳам имкон надошт. Барои ӯро аз фикраш гардондан далеле ва ҳуҷҷате даркор буд, ки худи ӯ донад ва дида бошад. Хушбахтона, ин гуна далел дар пеши ман ҳозир буд ва бе он ки ба фикрҳои ӯ хандам ва ӯро масхара дорам, бесаброна суханони ӯро шунидам ва баъд аз он ин далелро ба ёди ӯ оварда, ӯро аз он фикри хато гардондам, одамонро ҳам аз тӯҳмати беақлӣ ва аҳмақӣ ва инженеронро аз айби муҳофизакорӣ раҳонидам.

## ОБКАШАК СОХТАНИ ХУДАМ

Барои ба хонандагон маълум кардани он далеле, ки Мирзо Абдулвоҳиди якраҳа бо шунидани он аз фикри хатои худ баргашт, тафсилоти зеринро додан лозим аст: дар хотири хонандагон бояд бошад, ки ман дар қисми якуми «Ёддоштҳо» ба худам обкашак сохта додани Усто-амакро ёдоварӣ карда, бо он гуна обкашаки калон аз ҳавз ба болои боми масҷид об баровардани бобокалонамро аз забони Усто-амак нақл намуда будам[198].

Дар як тобистоне, ки дар Бухоро будам, камобӣ рӯй дода, дарахтон, гулзорҳо ва сабзаворкориҳои атрофи шаҳр пажмурда шуда, аз тароват баромада, аз расиш бозмонданд. Дар яке аз ҳамон рӯзҳо ман ба чорбоғи хӯҷаини пештараам Шарифҷон-махдум рафта будам, ӯ аз беобӣ шикоят кард.

Ман ба ӯ воқеаи ба болои масҷид об баровардани бобокалонамро нақл карда:

– Ин гуна як обкашак сохта, ба воситаи он аз чоҳ об кашида, ҳеҷ набошад, гулзор ва заминчаҳои сабзавот кишташударо об додан мумкин аст, – гуфтам. – Агар рухсат ва асбоб диҳед, ман ба сохтанаш тайёрам.

Шарифҷон-махдум ҳамаи ин фикрҳои маро қабул карда, барои труба чӯби ғафси рости фарасти дароз ёфта доданро, барои бастани вай ресмон ва симҳои борик муҳайё карданро мутасаддӣ шуд. Аммо ба оҳангарон ҳалқаҳои оҳанин созонда гирифта, челонгар оварда, он ҳалқаҳоро ба труба гузаронда мустаҳкам кунонданро ба гардан нагирифт:

– Ин кор, аз як тараф, бисёр харҷ ва ташвиш талаб кунад, аз тарафи дигар, ин кори мо, ки ҳанӯз мувофиқи матлуб натиҷаи хуб доданаш маълум нест, дар шаҳр овоза шуда, дар байни мардум хандазор мешавем, – гуфт .

Ман ҳарчанд медонистам, ки бе гузаронидани ҳалқаҳои оҳанин он трубаи чӯбин бо бандинаи ресмонӣ ва сим ба тазиқи об тобоварӣ карда наметавонад, бо вуҷуди ин барои нишон додани имконияти он кор ва рост баровардани даъвои худ сохтани обкашаки калонро сар кардам: чӯби сафедори дарози фарастро раҷҷа кашида бо арраи дусара ростнокӣ ба ду тақсими баробар буронда ҷудо кардам, тарафи даруни ҳар қисми он чӯбро бо искана ва теша нова кофтам; дар боло ва поёни он чӯб сӯроххои даркориро ҳам кушодам, аз як ходаи рости дароз дастаи обкашии паррадорро сохта ба парраҳои вай ва сӯрохи поёнии обдарои труба пардаҳои чарминро парчин кардам. Баъд аз он дар ҷои бо арра буридашудаи чӯб, ба қадре ки ҷои дами арраро пур кунад, пахта гузошта, ҳар ду қисми чӯбро ба ҳам пайванд дода бо ресмонҳо ва симҳо маҳкам бастам ва трубаро ба даруни чоҳ рост фуроварда, дар сӯрохи болоии он новаи обрезӣ шинонда, дастаро ба даруни труба фиристода, ба сари даста як чӯбро кӯндаланг гузаронида, кори худро тамом кардам.

Баъд аз он ду боғбонро фармудам, ки аз ду тарафи чӯби бар сари даста шинондашуда гирифта, онро боло-поин ҳаракат додан гирифтанд. Аммо ҳамин ки об аз зери чоҳ то даҳони вай ба воситаи труба боло шуда, аз новаи обрезӣ тахминан як сатил ба беруни чоҳ рехт, якбора ресмонҳо ва симҳои ба ҷои ҳалқаи оҳанин ба труба басташуда шатарросзанон канда рафта, ду қисми труба аз ҳам ҷудо шуда, обе ки дар даруни вай буд, баргашта ба чоҳ рехт.

Ҳарчанд он кор бемуваффақият баромад, аммо бинандагон ба мумкин будани он боварии қатъӣ пайдо карданд, ҳатто Шарифҷон-махдум ҳам розӣ шуд, ки ба оҳангарон ҳалқаҳои оҳанин созонда гирифта ва челонгар оварда, он ҳалқаҳоро ба труба гузаронида мустаҳкам кунонда, он асбобро дигарбора ба кор дарорад, аммо боғбонон қабул накарданд:

– Дар баровардани об то даҳони труба ва то ба берун резондани як сатили он қариб буд дастони мо аз бозу ҷудо шаванд, аз ин кор бо сатил аз чоҳ об кашидан ҳазор бор осонтар аст, – гуфтанд.

Мирзо Абдулвоҳид яке аз шоҳидони он кор буд. Ман ана ҳамин воқеаро ба ёди ӯ оварда гуфтам:

– Он ресмонҳо ва симҳо, ки аз трубаҳои сафолини шумо хеле саххтар буданд (мо дар он вақтҳо худҳоморо одамони калони боназокат фарз карда, аз «ту-ту» гуфта ба якдигар хитоб кардан, ба «шумо-шумо» гуфтан гузашта будем), ба тазиқи панҷ сатил об, ки аз зери чоҳи панҷгазӣ то даҳонаш боло шуда буд, тоб наоварда, канда пош хӯрда буданд, ба тазиқи оби калоне, ки бо он таъмин кардани шаҳрро дар назар доред, он трубаҳо чӣ гуна тоб меоварданд?!.

Агарчи Мирзо Абдулвоҳид ба сабаби ба ёд овардани воқеаи обкашак ба хато будани фикри водопровод сохтани худ бовари пурра ҳосил карда бошад ҳам, ман барои тамоман решаков карда партофтани ин гуна фикрҳои ӯ ва умуман барои бовар кунондани ӯ ба қоидаҳои техникӣ ва физикӣ як ҳодисаи дигарро, ки ҳамон рӯзҳо воқеъ шуда буд, ба ёдаш овардам.

Аз Усто-амак, ки тафсили аҳволаш дар қисми якуми «Ёддоштҳо» зикр ёфтааст, Довудхон ном як писари ширмак монда буд, ин писар дар рӯзҳои револютсияи Бухоро як ҷавони 17 – 18-сола шуда буд. Ӯ, намедонам ба тариқаи мерос ё ба воситаи шунидан аз модараш, фикрҳои расо ва ҳунаромӯзии падарашро ба худ акс кунонда буд. Аммо ӯ ҳам монанди падараш ҳар ҳунари худро ба болои чӯб кор мефармуд ва ҳар чизро аз чӯб сохтан мехост.

Ӯ баъд аз револютсияи Бухоро барои хондан дар курси муаллимҳо ба шаҳр рафтааст, дар он ҷо велосипедро дида, техникаи вайро тамоман омӯхтааст. Дар вақти таътил, баъд аз ба саҳро баргашта омаданаш, бо абзорҳои аз падараш

меросмонда аз чӯби гуҷум, ки сахттарини чӯбҳои маҳаллист, як велосипеди мукаммал сохтааст ва ба ҷои занҷире, ки чархчаи хурди велосипедро ба ҳаракат меорад ва ба ҳар як бор гаштани он чархҳои калон чандин бор мегарданд, чилбуре аз пашми буз бофта ва дар вақти бофтан дар вай ҳалқачаҳои тамоман ба паррачаҳои чархча баробароянда гузошта кор фармудааст.

Баъд аз он ки велосипеди чӯбинро савор шуда оҳиста-оҳиста ҳаракат кунонда ба сари кӯча баромада, босуръат ҳаракат кунондааст, чархҳо бо тирҳои чӯбинашон якҷоя шикаста пош хӯрда рафтаанд.

Ман ин ҳодисаро ба Мирзо Абдулвоҳид нақл карда, гуфтам:

– Агар шумо бо трубаҳои сафолинатон водопровод месохтед ҳам, ба саратон он фалокате рӯй медод, ки ба сари велосипеди чӯбини Довудхон рӯй дода буд. Агар хаёли бо трубаҳои сафолин водопровод гузаронданро бо мақоли халқ таъбир кунем, монанди «аз барф манора сохтан» як хаёли хом аст.

Мирзо Абдулвоҳид баъд аз шунидани ин ҳикоятҳои ман ба хатои худ эътироф карда гуфт:

– Кори ҳалвои собунии шофиркомӣ пухтани ман нисбат ба худам як ҷинояти калон буд, лекин ман бо вай ҳушёр нашуда, нисбат ба худам якчанд ҷиноятҳои хурд карда будам. Хаёли бо трубаҳои сафолин водопроводсозии ман бошад, нисбат ба худам ҷинояти хеле калон шуд, ки ҳамаи дороиам аз даст рафта, ба болои ин дар пеши тамоми аҳли шаҳр хандахариш ва масхара шудам. Умедворам, ки баъд аз ин аз ман ин гуна корҳо сар назанад.

Лекин ин умедвории Мирзо Абдулвоҳид монанди хаёлҳои «ихтироъкоронааш» беасос баромад ва то охири умраш бисёр вақт меҳнат ва пули худро дар пайи ба вуҷуд овардани хаёлҳои хоми худ барбод дод, ки мо аз онҳо мисол оварданро лозим намедонем.

## ҚОРӢ НУРУЛЛО

Қорӣ Нурулло, ки вазифаи ошпазии Абдухалил-махдумро адо мекард, як ҷавони аҷиб буд. Падари ӯ як одами пирсоли қашшоқ буд, ки дар яке аз бойҳои Бухоро хизматгорӣ мекард. Қорӣ Нурулло писари ягонаи ӯ буда, дар бистари нози падару модар парвариш ёфта буд. Падараш бо ҳар душворие ки бошад, пӯшоки ӯро хеле хуб таъмин мекард, аммо хӯрокаш аз ҳуҷраи Абдухалил-махдум буд, ки дар ин ҷо вазифаи ошпазӣ ва ҳуҷрарӯбиро адо менамуд; ӯ овози хубе дошт, шашмақомро мувофиқи қоида суруда натавонад ҳам, чанде аз савтҳоро бад намехонд, аз ғазалҳои Ҳилолӣ, Ҷомӣ, Ҳофиз ва Бедил барин классикҳо чандеро ёд карда гирифта буд, ки дар вақти суруд онҳоро мехонд.

Ӯ унвони «қорӣ»-ро аз он ҷо гирифта буд, ки падараш ӯро дар хурдсолиаш барои Қуръонро ҳифз кардан, дар қорихона монда будааст, ҳарчанд дар он ҷо Қуръонро ёд накарда бошад ҳам, унвони «қорӣ» ба номаш ҳамроҳ шуда мондааст.

Ӯ дарс мехонд, дар дарс якчанд сол аз мо пасттар ва бо додари ман ҳамдарс буд, аммо хату саводи дуруст надошт, аз дарси мадраса чизеро ҳам намефаҳмид ва дар пайи фаҳмидан ҳам набуд, китобро аз тоқча гирифта ба дарс мерафт ва боз омада, он китобро дар ҳамон тоқча мегузошт ва то рӯзи дигар он китобро



як бор ҳам гирифта кушода намедид. Маълум шуда меистод, ки ба дарс рафта омадани ӯ фақат барои ин аст, ки дар қатори талабаҳо бошад ва ӯро «муллобача» гӯянд, вассалом.

Як рӯз дар байни ман ва Абдухалил-махдум дар бораи ҳамин гуна аҳволи ӯ гуфтугузор шуд, махдум гуфт:

– Ҳатто ба ҷои китоби ӯ як китоби дигар гузошта шавад ҳам, гирифта ба дарс меравад ва баъд аз дарс оварда боз ба ҷояш мемонад ва пай намебарад, ки китоби дигареро бурда овардааст.

Ман то ин дараҷа беҳис будани ӯро бовар накардам. Махдум бо як озмоиш сухани худро исбот кард: Қорӣ Нурулло ҳамон рӯзҳо «Қофия» мехонд, ки ба наҳви арабӣ оид аст, Абдухалил-махдум он китобро аз тоқчаи китобгузории ӯ гирифта, ба ҷояш «Шамсия»-ро монд, ки ба илми мантиқ оид аст. Қорӣ дар вақти дарс рафтанаш ба ҷои «Қофия» «Шамсия»-ро гирифта бурд ва баъд аз дарс боз ҳамон китобро оварда дар ҳамон ҷои муқаррариаш гузошт. Чизе ҳам нагуфт.

Маро беихтиёр ханда омад, аммо махдум имое карда, маро аз ханда боздошт, ман худдорӣ кардам. Дар набудани ӯ махдум ба ман гуфт:

– Агар мо ё ягон каси дигар нафаҳмонад, ӯ ҳеҷ гоҳ намефаҳмад, ки ба ҷои «Қофия» «Шамсия»-ро бурда овардааст. Бинобар ин нахандидан ва нафаҳмондан даркор аст, ки бинем, то кай ин корро давом медиҳад.

Дар ҳақиқат ҳам чандин рӯз «Шамсия»-ро ба ҷои «Қофия» ба дарс бурда овард. Аммо як рӯз яке аз шарикдарсонаш тасодуфан китоби ӯро дида, «Шамсия» будани ӯро фаҳмида, ба ӯ хабар додааст, ки ба ҷои «Қофия» «Шамсия»-ро овардааст.

Ҳамон рӯз қорӣ аз дарс омада, хашмгинона аз махдум пурсид:

– Кӣ ба китоби ман даст расонда, ба ҷои «Қофия» «Шамсия»-ро мондааст?

– Шояд саҳван ин корро ман карда бошам, – гуфт махдум бо оҳанги узрхоҳона.

– Модом ки «Шамсия»-ро аз «Қофия» фарқ намекунед, илтимос мекунам, ки ба китобҳои ман даст нарасонед! – гуфт қорӣ бо ҳамон оҳанги хашмгинона. – Ман хизмататонро мекунам, аммо ба китобам даст расонданатонро намехоҳам.

Аммо ӯ ҳеҷ фикр намекард, ки чанд рӯз худаш «Шамсия»-ро аз «Қофия» фарқ накарда ба дарс бурда овардааст, бо ҳамаи ин махдумро бо фарқ нокардан таъна мезад.

Дар вақти шӯридан ва хашмгин шуданаш ӯро ба ислоҳ овардан осон буд: дар ин гуна мавридҳо илоҷ ӯро ба сурудхонӣ андохтан буд. Дар ин маврид ҳам, ки хеле шӯрида ва аз махдум ранҷида буд, махдум ба ӯ бо оҳанги узрхоҳона:

– Инсон баъзан саҳв мекунад, маро бубахшед, ки саҳв кардаам, биёед, ягон ғазал хонед, фурсат ғанимат аст, бало ба паси дунё! – гуфт.

Ӯ ҳам дарҳол лаъличаро ба даст гирифта, як ғазали Ҳилолиро, ки мисраи аввалаш «Биё, биё, ки дилу ҷони ман фидои ту бод» мебошад, ба сурудан сар кард. Дар вақти сурудхониаш осори хашму ғазаб аз чеҳрааш тамоман зоил шуд ва баъд аз суруд ҳам дигар асари андӯх дар вай наменамуд. Дарс, китоб ва ба ҷои «Қофия» «Шамсия» бурданашро ва инчунин ба ҷои «Қофия»-и ӯ саҳван ё

қасдан «Шамсия» гузоштани махдумро тамоман фаромӯш карда буд, ҳатто дар вақти ош пухтанаш ҳам дар сари оташдон сурудхониашро давом дод.

Бо ҳамаи камсаводӣ ва бефарқиаш, агар гумон кунад, ки касе ӯро камсавод ё беҳис медонад, аз вай сахт меранҷид ва худро аз ҳар ваҷҳ аз ҳама болотар ва донотар мепиндошт.

Абдухалил-махдум зотан ҷавони нармдил, нармсухан ва шикастанафс буд, табиатан шӯх бошад ҳам, ба одамон бо камоли назокат шӯхиҳои хеле пурмаъ-нои ширин мекард. Ӯ, ки одат ва хислатҳои Қорӣ Нуруллоро хуб медонист, ба вай бо камоли назокат муомила мекард, ба дараҷае, ки бинанда Қорӣ Нурулло-ро соҳиби ҳуҷра ва хӯҷаин, махдумро хизматгор гумон мекард. Дар набудани Қорӣ Нурулло, агар дар ҳамин бора сухан равад, махдум мегуфт:

– Бо ҳамин гуна муомила, ки вақти ӯ чоқ шавад, монед, ки хурсандӣ кардан гирад, ӯ худро аз ҳама ва аз он ҷумла аз ман ҳам калонтар донад – донистан гирад, аз ман чӣ меравад? Ҳайрат мақоли халқиро ба назм даровардa, хеле хуб гуфтааст, ки: «Биё, имрӯз як гап кӯтаҳу олам гулистон беҳ!» Ман ҳам ба ҳамин амал карда, ба калонгириҳои Қорӣ Нурулло чизе намегӯям, бо ҳамин вай ҳам хурсанд мешавад ва худам ҳам хурсанд мемонам.

## ЧАМАДОНИ ҚОРӢ НУРУЛЛО

Як хислати Қорӣ Нурулло ин буд, ки ҳар чизи навбаромадро маҳз барои навбаромад буданаш дӯст медошт ва дар куҷо кор фармуда шудани он чизро фикр карда наменишаст. Чунончи, боре мо чанд нафар дӯстон ба саёҳати саҳро баромадан хостем, ки яке аз ҳамсафарони мо ҳамин Қорӣ Нурулло буд. Хати гардиши мо Вобканд – деҳаи Котиён – Хӯҷа Ориф – Ғиждувон ва аз он ҷо аз болои Вобканд Бухоро буд. Дар ин сафар савории мо хар мешуд ё асп.

Мувофиқи созиши рафиқон як пагоҳонӣ бояд ҳамаамон пеш аз баромадани офтоб дар дарвозаи Имоми шаҳри Бухоро ҳозир мешудем, то ки аз он ҷо аз ҳамаи равандагон пештар харҳои хуби кирокашонро ба даст даровардa, пеш аз гарм шудани рӯз ба Вобканд расида гирем.

Ҳама дар вақти муайян ба ваъдагоҳ расида омаданд. Дар дасти ҳар кас як хӯрҷин буд, ки дар вай либосҳояш ва дигар чизҳои сафариашро ҷой карда буд, аммо дар дасти Қорӣ Нурулло як чамадон буд.

Бо вуҷуди ин ки ман одати ӯро медонистам, худро ба нодонӣ зада аз ӯ пурсидам:

– Қорӣ, шумо ба куҷо рафтан мехоҳед?

Ӯ аз ин пурсиши ман як лаҳза дар ҳайрат монда истода, бо тарзи зерин ба ман ҷавоб дод:

– Магар шумо ваъдаи онрӯзаро фаромӯш кардед, ки бо ҳам ба саёҳати саҳ-ро баромаданӣ будем?

– Ман ваъдаро фаромӯш накардаам, аммо дар дасти шумо чамадонро дида, дар дилам гузашт, ки шояд шумо аз баҳри саёҳати саҳро гузашта, барои саёҳат ба Самарқанд рафтан хоста бошед.

– Магар ба саёҳати саҳро бо чамадон рафтан мумкин нест? – ӯ зиёдатар дар тааҷҷуб афтода пурсид.



– Мумкин аст, аммо душвор аст, чунки ҳар кадоми мо дар ин сафар хӯрҷин-ро ба болои асп ё хар партофта ба болояш савор шуда рафтан мегирем, аммо шумо чамадонатонро ба асп ё хар чӣ навъ бор карда ба болояш савор мешавед, лекин касе, ки ба Самарқанд ё умуман ба ҷое бо роҳи оҳан меравад, барои ӯ чамадон хуб аст, ки бар рафчаи вагон гузошта рафтан мегирад.

– Мо то кай бо одати падару бобо ва ба он чизҳое, ки аз гузаштагон дар мо мондааст, худро баста мемонем, мо бояд аз чизҳои навбаромад фоида барем. ман баъд аз муқаррар шудани саёҳати саҳро ва бо хару асп сафар карданамонро дидаву дониста истода дирӯз Когон рафта, маҳз барои ҳамин сафар ин чама-донро харидам. Чӣ навъ гирифта бурданашро бошад, ман худ медонам.

Рафиқони дигар мехостанд дар ин бора ба ӯ гап зананд, аммо бо имо карда-ни ман хомӯш монданд.

Бо кирокашон гуфтугузор карда, ҳар кадомамон як харро ба киро гирифта, хӯрҷинҳоямонро бар рӯи тӯқуми хар партофта, ба болояш савор шуда ба роҳ даромадем. Қорӣ Нурулло ҳам ба хари кирокардаи худ савор шуд ва бо хоҳиши ӯ харкор – кирокаш чамадонашро ба пешаш дод. Одатан, кирокашон харҳо-шонро дар кирокашхона, яъне дар ҷое, ки раванда харро киро карда савор ме-шавад, аз одат берун медавонанд, харҳошон ҳам ин одати онҳоро хуб медонанд ва аз тарси халачӯб онҳо бо баланд кардани овозашон аз ҳад зиёд медаванд.

Ҳамин ки харҳои мо, гӯё ки баҳс-мабаҳс медавида бошанд, гӯшу гардану ёлу думи якдигарро газида, ба ҳамдигар лагад парронда, арроскунон ва ҳаллос-занон дар тоз даромаданд, Қорӣ Нурулло, ки ду дасташ ба нигоҳ доштани ча-мадонаш банд буд, дар аввалин ҳаллоси хари худ бо чамадонаш аз болои хар чаппа шуда ғалтид. Хар, ки аз зери бор озод шуд, дутарафа лагад ҳаво дода, аз рақибонаш – аз харони дигар пеш гузашта рафт.

Хайрият, мо ҳанӯз аз кирокашхона дур нашуда будем, ки харкор ин ҳолро дида, ба мо овоз дод, ки харҳомонро аз рафтан боздорем. Мо аз нӯхтаҳошон кашида харҳомонро нигоҳ доштем. Кирокаш давон омада, ба хари гурехта раф-таистода овоз дода ба истодан амр фармуд. Хар ҳам бечуну чаро фармони соҳи-би халачӯбдардасти худро иҷро кард. Харкор пеш рафта, харро дошта пас гардонда овард, Қорӣ Нурулло савор шуд. Харкор, вақте ки чамадонро ба пеши ӯ медод, ба ӯ хитоб карда:

– Ака қорӣ*, ин бори накава аз куҷо ёфта баровардед? Охир инзайлин ма-тои «нест дар ҷаҳона» дар вақти бо оташароба сафар кардан бо худ мегиранд-дия! – гуфт.

Харкор дар вақте ки чамадонро ба пеши қорӣ бар рӯи тӯқум ниҳод, ба ӯ тавсия кард, ки хабардор шавад, то ки чамадон ғежида аз рӯи тӯқум ба гардани хар нафурояд:

– Вагарна хар хӯсида меравад ва шумо бо ин бори накаватон боз меафтед, – гуфт ва илова намуд: – Домулло, «яха кай мехӯранд?» Магар шумо «яха зимис-тон мехӯранд» мегӯед-дия.

Мо дубора ба роҳ даромадем, харкор барои Қорӣ Нуруллоро дубора на-

* Авомҳои Бухоро ҳар салласафедро бинанд, вай аз худашон хоҳ калон бошад, хоҳ хурд, бе он ки қорӣ будан ё набудани ӯро ба назар гиранд, ба ӯ «ака қорӣ»- гуфта хитоб мекарданд.

ғалтондан харҳоро дашном дода овоз набаровард ва ба давидан тез накард. Харҳо ҳам, ки аз кирокашхона баромада буданд ва овози занандаи худро ҳам нашуниданд, қадаммонии худро сусттар кардан гирифтанд.

Бо ҳамаи ин Қорӣ Нурулло дар азоб буд, чунки одатан кирокашон тӯқуми харҳои худро танг мекунанд, то ки равандагон баъд аз дур шудан аз кирокашхона харро дукаса накунанд. Дар пеши он тӯқуми танг, ки чамадон ҷойгир шуда буд, дар боқимондаи он худи ӯ намеғунҷид, ҳарчанд тақимҳояшро ба ду тарафи тӯқум зич мекард, боз ҳар замон лағжида ба сағрии хар мефуромад. Охир худ тамоман бар сағрии хар нишаста чамадонро бар рӯи тӯқум озодона нигоҳ дошт.

Баъд аз кирокаш моро ба роҳ андохта баргашта рафтан, яке аз рафиқон ба қорӣ гуфт:

– Кирокаши худобехабар шуморо хуб боб кард-а?

–Чӣ боб кард? –гуфт қорӣ шӯрида.–Агар вай як одами гапфаҳм мебуд, ман ба ӯ хубии чамадонро ва умуман нағзии ҳар чизи навро фаҳмонда ӯро шарманда мекардам, ба як авоми чапани нодон гап заданро ман ба худ ор медонам, бинобар ин «садқаи гап шавад»- гуфта ҷавоб надодам, вагарна ман ҳам ӯро соз мекардам.

– Магар худатон дар ин сафар аз чамадон гирифта баромаданатон розӣ ҳастед? – дигаре аз рафиқон пурсид.

– Албатта! – гуфт қорӣ бо оҳанги қатъӣ, лекин (шояд бо таъсири душвориҳои тоқатнопазир кашида истоданаш бошад) овозашро қадаре нармтар карда илова намуд: – Дуруст аст, ки харсаворона бо чамадон сафар кардан қадаре душворӣ дорад, аммо кор фармудани ҳар чизи нав дар аввал сахт ва душвор менамояд, лекин рафта-рафта одам одат карда меравад ва ҳамаи душворӣ осон мегардад...

Қорӣ Нурулло лаҳзае хомӯш истода, боз давом намуд:

– Агар одам аз душвории кор фармудани ҳар чизи навбаромад тарсад, дар дунё ягон чизи нав намебаромад ва баъд аз баромадан, ривоҷ намегирифт.

Агар кас мавриди гапро, ки «харсаворона бо чамадон сафар кардан» буд, аз ёд бароварда, ин суханҳои Қорӣ Нуруллоро шунавад, ба эътироф кардани пурҳикмат будани ин суханҳо маҷбур мешуд, аммо ба мо, ки мавзӯи масъаларо дида истода будем, суханҳои ӯ хеле хандаовар менамуданд.

Ман гумон мекардам: ӯ ин суханҳоро дар бораи чизҳои навбаромад ва кор фармудани онҳо аз ягон донишманди навигаридӯст шунидааст ва тӯтивор ёд гирифтааст, аммо худаш, ки қувваи имтиёзкунанда надошт, ҷои татбиқ кардани он суханҳои пурҳикматро намедонист.

Мо аз кирокашхона дур шуда, аз бозори аспи Бухоро гузашта, ба Галаҷӯй расидем. Харони кирокаш, ки то он ҷо оҳиста-оҳиста қадам партофта рафта истода буданд, бо одати муқаррариашон якбора ва ҳамагӣ якҷоя аз роҳ бозистода, тумшуқҳошонро дар як тапурхоки роҳ тиққонда, гӯё ки аз он ҷо ягон чизи гумшудаи худро кофта меёфта бошанд, бӯида молиш додан гирифтанд.

Ман, ки ба тарзи дар боби «Хари кирокаш ва беморӣ»-и қисми III-и «Ёддоштҳо» (нашри якуми тоҷикӣ, с. 254) қайд кардашуда чӣ гуна ба роҳ андохтани хари кирокашро пештар омӯхта будам[199], дарҳол пиёда шуда, аз дарахти тут халачӯбҳои якгазӣ бурида гирифта, нӯгҳошонро тез карда, ягон-ягон ба рафиқон дода, яке аз онҳоро ба дасти Қорӣ Нурулло ҳам додам. Ҳар кадом аз рафиқон бо халачӯб хари савории худро бераҳмона зада ва хала карда ба роҳ андохтанд. Аммо Қорӣ Нурулло, ки ду дасташ ба нигоҳ доштани чамадон банд буда, хари худро на зада метавонист ва на хала карда, хари ӯ ҳамчунон ба заминковӣ ва хокбӯй машғул шуда, дар ҷои худ истодан гирифт.

Яке аз рафиқон хари худро пас гардонда, ба дунболи қорӣ гузашта, хари ӯро аз сағриаш чӯбкорӣ кардан гирифт. Хар, ки шатта аз ҷавшани ҷонаш гузашт, якбора лагад парронда ва ҳаллос зада ба роҳ даромад. Лекин баробари лагад парронда ҳаллос задани хар қорӣ ҳам бо чамадони худ аз болои вай парида рафта дар тапурхоки роҳ ғел зад...

Баъд аз қориро ба хар савор карда чамадонашро ба пешаш дода ба роҳ андохтан, боз дар байни рафиқон ва Қорӣ Нурулло бар болои «душвории харсаворона бо чамадон сафар кардан» ва «афзалияти ба ҳар душворӣ ки бошад, кор фармудани ҳар чизи навбаромад дар ҳар ҷо» мунозира сар шуда авҷ гирифт.

Яке аз рафиқон дид, ки охири ин мунозира ба ҷангу ҷанҷол ва дилсиёҳӣ оид хоҳад шуд, ба рафиқон хитоб карда:

– Басанда аст ин ҳама гуфтугузори беҳуда бар болои хар ва чамадон, – гуфт. – Агар толиб бошетон, ман як афсона ҳикоя мекунам, ки бо шунидани он ҳаматон ин моҷарои бемаъниро аз ёд мебароред.

Ҳама ба як забон (ғайр аз Қорӣ Нурулло) ҳикоя кардани он афсонаро аз он рафиқ талаб карданд, ӯ ҳам қабул кард.

## ШОҲЗОДАИ РАММОЛ[200]

– Будааст, набудааст, як подшоҳ будааст, ки як писари аҳмақ доштааст, – гӯён рафиқи афсонагӯи мо гап сар кард. – Ӯ фикр кардааст, ки писараш баъд аз сари ӯ подшоҳ шуда, мамлакатро идора карда наметавонад, бинобар ин ба ӯ ҳунаре ёд додан даркор аст, ки баъд аз ронда шуданаш аз подшоҳӣ ба воситаи он ҳунар як бурда нон ёфта хӯрда тавонад, то ки аз гушнагӣ намурад, «аммо кадом ҳунарро ба ӯ ёд додан даркор аст?»

Подшоҳ ба ин саволи худ ҷавоб ёфта натавонистааст, чунки писари аҳмақашро қобили ҳеҷ як ҳунар намедонистааст. Ноҷор раммолони шаҳрро ҷеғ зада оварда фармудааст, ки рамл андохта муайян кунанд, ки писараш ба кадом ҳунар қобилият дорад, то ки ӯро барои омӯхтани он ҳунар ба шогирдӣ диҳад.

Раммолон баъд аз рамл андохта дидан, барои писари подшоҳро ба худҳошон ҳампеша кардан, ба як забон гуфтаанд, ки «шоҳзода ба раммолӣ қобилият доранд».

Подшоҳ аз онҳо: «Оё ба ёд додани ин ҳунар ба писари ман шумоён мутасаддӣ мешаветон?» – гуфта пурсидааст.

Онҳо бо як забон: «Миннатдорона ин хизмати пуршарафро ба ӯҳда мегирем», – гуфтаанд.

Подшоҳ писари худро барои омӯхтани раммолӣ ба раммолон супурда, ҳақи таълими онҳоро ҳам пешакӣ адо кардааст ва ваъда додааст, ки баъд аз ин ҳунарро ёд гирифтани писараш ба онҳо боз инъом хоҳад кард.

Раммолон писари подшоҳро муддати шаш моҳ бо худ дошта ва ба ӯ ҳунари раммолиро ёд дода, ба пеши подшоҳ: «писаратон раммолиро ба хубӣ омӯхт»-гӯён овардаанд.

Подшоҳ писари худро имтиҳон карда дидан хоста, дар ҳузури раммолон ва аҳли дарбор чизеро дар дасташ пинҳон карда, ба писараш фармудааст рамл андохта ёбад, ки дар дасти ӯ чист?

Писар баъд аз донаҳои рамлро чандин бор андохта дида ишоратҳои онро навишта гирифтан, ба падараш гуфтааст, ки : «Дар дасти шумо як чизи гирдаи миёнсӯрох ҳаст, ки дар як ҷои канораш андак баромадагӣ дорад».

Подшоҳ хурсанд шуда гуфтааст, ки «Шакли чизи пинҳонкардаамро тамоман ёфтӣ. Акнун гӯй, ки он чиз чӣ чиз аст?»

Шоҳзода баъд аз лаҳзае андеша карда истодан гуфтааст, ки: «Шумо дар дасти худ санги осиёро пинҳон кардаед!»

Бо шунидани ин ҷавоби шоҳзодаашон аҳли дарбор беихтиёр қаҳқосзанон хандидаанд. Аммо подшоҳ дарғазаб шуда, мушташро кушода ба раммолон нишон додааст, ки дар дасти ӯ ангуштарин будааст ва хашмгинона ба раммолон гуфтааст: «Куҷост он илме, ки шумо ба писарам омӯхтед? Шумо маро фиреб додан хостед! Шумоёнро ҷазои сахт додан лозим аст».

Раммолон бо оҳанги узрхоҳӣ гуфтаанд: «Аълоҳазрато! Он чи ки илми раммолӣ буд, мо ба шоҳзода омӯхтем ва ёд ҳам гирифт, ки шакли чизеро, ки шумо дар даст пинҳон карда будед, ёфт. Дар ҳақиқат ҳам, санги осиё як чизи гирдаи миёнсӯрох аст, ки дар як ҷои канораш андак баромадагӣ дорад ва ҷои андак баромадагии санги осиё ҳамон чӯбест, ки дар канори санг вазъ кардаанд, то ки дар вақти гардиши санг орди аз таги вай барояндаро он чӯб ғундошта оварда ба халтаи орддон резонад. Аммо барои ёфтани чӣ чиз будани он чиз, ҳеҷ набошад, ҳамин қадар тамиз даркор аст, ки дар кафи дасти одам нағунҷидани санги осиёро фаҳмад. Мо ба шоҳзода илм омӯхтем, аммо ба ӯ ақлу идроку тамиз омӯхтан аз дасти мо намеояд».

Бо шунидани ин афсона рафиқони мо ҳам, монанди аҳли дарбори он подшоҳи афсонавӣ, ҳама бо як овоз қаҳқосзанон хандиданд. Чунки онҳо фаҳмида буданд, ки рамзи ин афсона ба Қорӣ Нурулло оид аст, зеро ӯ ҳам монанди писари он подшоҳ нағз будани чизҳои навбаромадро тӯтивор ёд гирифтааст, аммо он ақлеро надорад, ки ба воситаи вай кадом вақт ва дар куҷо кор фармудани он чизи навбаромадро дарёбад.

Аммо Қорӣ Нурулло ҳеҷ намехандид ва оташин ҳам нашуда буд, зеро ӯ нафаҳмида буд, ки рамзи ин афсона ба худаш оид аст. Эҳтимол, ӯ ба ин ҳикоя гӯш ҳам наандохта ва ба фаҳмидани мазмуни он ҳавас ҳам накарда бошад. Ӯ ҳамчунон афтону хезон ба нигаҳдории чамадони худ машғул буд. (Бечора Қорӣ Нурулло бо гуноҳи ҳамин қадар «навпарастиаш» дар соли 1918 дар воқеаи Колесов аз тарафи амир кушта шуд).



## АҲВОЛИ УМУМИАМ ВА МАШҒУЛОТИ ИЛМӢ ВА АДАБИАМ ДАР МАДРАСАИ ҲОҶӢ ЗОҲИД

Аҳволи ман умуман аз ҷиҳати зиндагонӣ, ҳам аз ҷиҳати машғулоти илмӣ ва адабӣ дар солҳои истиқомат карданам дар мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид нисбат ба пештара хеле беҳтар буд. Ман дар он вақтҳо дар муддати моҳҳои таҳсили расмӣ – аз аввали мизон то аввали ҳамал, яъне аз 24 сентябр то 22 март (бо ҳисоби нав) – асосан ду дарс мехондам, ки яке аз онҳоро дар се ҷой, дигарашро дар як ҷой. Дарси дар се ҷой хондашуданӣ дарси дарсхонагӣ буда, инро аввал ба сифати домуллои кунҷакӣ дар пеши Мулло Абдусалом, дубора ҳаминро ба сифати домуллои дарсхонагӣ дар пеши домулло Икромча, боз ҳамин дарсро себора дар пеши қозикалон – қозӣ Бадриддин бо талаби замон мехондем.

Дар ҳамаи ин дарсҳо қории ҷамоаи мо Абдухалил-махдум буд. Мирзо Абдулвоҳид, Мирқодир-махдум, ки зикраш дар боби «Дар мадрасаи Олимҷон»-и қисми III гузашт ва Ҳомидхоҷа, ки зикри ӯ низ дар қисми III (дар саҳ. 209 – 210 нашри якуми тоҷикӣ)[201] гузашт, ҳамроҳ, шарикдарс ва рафиқи доимӣ буда, шумораи шарикони дигар дар пеши домуллои кунҷакӣ бо мо ҳамагӣ даҳ нафар, дар пеши домулло Икромча аз ҳафтод то сад нафар ва дар пеши қозикалон низ тахминан ҳамин қадар буд.

Маънии бо талаби замон будани дарси пеши қозикалон ин буд, ки қории ҷамоаи мо – Абдухалил-махдум қозизода буда, баъд аз хатми дарс худ низ мақсади қозӣ шудан дошт. Дар Бухорои онвақта ба ягон мансаби илмӣ расидан, хусусан дар ҷое қозӣ ё раис шудан, бе шиносоии қозикалони замон ҳеҷ мумкин набуд, бинобар ин Абдухалил-махдум дарси дарсхонагиро дар пеши қозикалон хонданро низ лозим дониста, моро, ки шарикон ва рафиқони наздики ӯ будем, бо худ кашид ва мо ҳам барои хотири ӯ ин кори ба шахсамон бефоидаро қабул кардем.

Ҳарчанд дарси қозихона аз ҷиҳати илмӣ ягон пула фоида надошта бошад ҳам, барои ман барин одами кунҷкови ҳангоматалаб тамошозори хубе буд, агарчи дар ҳамаи дарсхонаҳои Бухоро бештарини талабагон, чунонки Аҳмад-махдуми Дониш низ дар «Наводир-ул-вақоеъ» ном асари худ таъкид кардааст, нофаҳмида ғалоғула кунанд ҳам, дар пеши қозикалон, барои хуб шиносондани худ ба ӯ, боз ҳам зиёдатар ва баландтар фарёдҳои фалакпеч мекашиданд. Талабагони он ҷо, чунонки дар «Марги судхӯр» ном асари худ низ тасвир кардаам (маҷмӯаи асарҳо, нашри тоҷикӣ, соли 1949, саҳ. 151 – 157), дар вақти ба пеши қозикалон даромадан монанди чапандозоне, ки дар тӯдаи бузкашӣ даромадан мехоҳанд, якдигарро зада пас тела дода, аз гиребони якдигар гирифта ақиб кашида, тануманд ва зӯрбозуён шарикони камқувваттари худро бо китфу бозуи худ ба паҳлударии дари даромад фушурда ба мурдан мерасониданд ва ба ҳамин тариқа ҳар кас ба қадри қувваи худ кӯшиш мекард, ки пештар дарояд ва дар болотари меҳмонхонаи қозикалон, ки дар айни замон дарсхонааш ҳам ҳамин буд, дар ҷое, ки қозикалон ӯро дурусттар дида ва нағзтар шинохта тавонад, ҷойгир шавад, то ки баъд аз хатми кутуб қозикалон ӯро фаромӯш накунад.

Дарси дуюм аз матнҳо (масалан, матни «Шамсия», матни «Ақоиди Насафӣ»)

дарси ғайрирасмӣ ва берун аз программаи мадраса буд, ки онро дар пеши Мулло Абдусалом бо шарикони бо дил наздикамон, ки дар боло ном бурда шудаанд, мехондем.

Чунонки дар боло қайд шуд, дарстайёркунии мо рӯзона дар ҳуҷраи Абдухалил-махдум ташкил меёфт, ки иштироккунандагони доимии он ман, Абдухалил-махдум ва Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим будем; дар баъзе дарсҳои муҳимтар ва душвортар Ҳомидхоҷа ва Мирқодир-махдум ҳам иштирок мекарданд.

Рӯзҳои таътил дар он ҷо маҷлиси адабӣ ва сурудхонӣ ташкил меёфт; дар маҷлисҳои адабӣ зинатбахши давраи дӯстон, монанди «гули сари сабад»-и бӯстон Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат буд. Дар сӯҳбатҳои адабӣ шеърҳои классикҳои тоҷик хонда муҳокима карда мешуданд, баъзе шеърҳои шоирони замон низ таҳлил ва танқид меёфтанд.

Дар маҷлисҳои суруд ғазалхони доимии он ҷо, чунонки дар боло қайд шуд, Қорӣ Нурулло буда, баъзан Мулло Ҳомиди Савтии ғиждувонӣ ва Зайниддинхоҷа ҳам, ки зикрашон дар қисми II-и «Ёддоштҳо» (нашри тоҷикӣ, соли 1949, саҳ. 50) қайд шудааст, иштирок мекарданд[202].

Баъзе шабҳои таътил дар ҳамон ҷо ғун шуда базм ҳам мерафтем, ки дар он базмгардиҳо гоҳо Ҳайрат ҳам иштирок мекард. Чунончи, ӯ шабе бо мо базм рафта, дар бозгашти он базм базмковӣ, базмёбӣ ва базмтамошокунии моро дар қитъае тасвир карда буд, ки байтҳои аввалини он қитъа байтҳои зеринанд:

ҚИТЪА

Шаби дӯшинаи таътил ба чанд аз шурако
Бедарак базмталаб гашта ба ҳар кӯча давон:
Пеш-пеши ҳама фонус ба Қодир-махдум,
Аз қафо камбағали Айнии мискин лангон*.
Рафт аз як тараф овози «сафолак»** ба фалак,
То расидем паси мадрасаи «Модарихон».
Пеш аз пурсиши мо шуд ба қароин*** маълум
Базми тӯйи писари «ҳазрати эшони калон».
Ҳам ба таъҷил давидем дарун, то гирем
Баҳри худ ҷой аз он маҷлиси «пуршавкату шон».
Мо нишастем дар он суффа, ки базм он ҷо буд.
Бин, ки ин ҳодиса: шах кард зи як сӯ борон,
Лампаву манқалу оташ ба даруни хона
Баргирифтанду гирифтем ба як гӯша макон...

* * *

Ман дар он вақтҳо, ғайр аз шарикони дар боло зикрёфта, дарстайёркунандагони дигар ҳам доштам. Яке аз онҳо Мулло Комил ном ғиждувонӣ буд, ки дар мадрасаи Мири Араб истиқомат дошт, ӯ бо ман шарикдарс набошад ҳам, ҳамдарс, яъне дарсҳои мо аз рӯи программаи мадрасаҳои Бухоро баробар буда, ӯ дар дарсхонаҳои дигар ва дар пеши домуллоҳои дигар мехонд.

Мулло Комил дар дарсфаҳмӣ бисёр кундзеҳн бошад ҳам, дар фаҳмида ги-

* Дар он вақтҳо дар пои ман ришта баромада ҳанӯз тамоман сиҳат наёфта буд, бинобар ин дар роҳ рафтан мелангидам.

** Базми дойрагиро ба сабаби он ки овози дойра монанди шикастани сафолҳо ба гӯш мерасид, дар Бухоро «сафолак» ҳам мегуфтанд.

*** Қароин – қаринаҳо, аломатҳо.



рифтани дарс ва талаби илм зиёда ҳарис буд. Аммо аз он ҷо, ки ӯ бисёр қашшоқ буд, аз шарикдарсонаш касе ёфт нашудааст ва қабул накардааст, ки дарси ӯро бе музду миннат тайёр карда дода, ба ӯ ёрмандии маънавӣ расонад.

Ӯ азбаски бо ман ба муносибати ҳамтуман буданамон шинос ва ҳолдон буд, ба ман муроҷиат карда илтимос намуд, ки ҳар ҳафта ду ё се бор дар дарстайёркуниаш ба ӯ ёрӣ диҳам.

Ман ҳам аз ҷиҳати ҳамтуман ва ҳам аз ҷиҳати бисёр қашшоқ ва аз ёрии маънавии дигарон ноумед будани ӯ, албатта, талабашро бо хурсандӣ ва ба тарзе ки дили ӯ бардошта шавад, қабул кардам.

Аммо аз он ҷо, ки ҳуҷраи ӯ дур буд, ӯ наметавонист, ки баъд аз тайёр карданни дарсаш баргашта рафта дар ҳуҷраи худ бихобад ва инчунин дар ҳуҷраи ман ҳам хобида наметавонист, чунки ман кӯрпа-болиши барзиёд надоштам, ки дар вақти хобаш ба ӯ бидиҳам, ӯ низ кӯрпа-болиши барзиёд надошт, ки оварда дар ҳуҷраи ман бигузорад ва дар шабҳои дарстайёркуниаш аз вай фоида барад. Ӯ дар ҳуҷраи худ танҳо як кӯрпа дошт, ки нимаи вайро дар зераш ва нимаи дигарашро бар болояш гирифта ва ба ҷои болиш ҷомаи серпахтаи ғиҷдувонигии худро дар зери сар ниҳоди мехобид.

Ночор ӯ дар шабҳои дарстайёркуниаш он кӯрпаи худро бардошта ба ҳуҷраи ман меовард ва дар вақти хоб дар вай мехобид ва саҳар боз кӯрпаашро бардошта бо худ мебурд.

Ғайр аз Мулло Комил, ман боз ду нафар дарстайёркунандагони дигар доштам, ки онҳо бародарони ҳамдигар буда, ҳавлиашон дар гузари Мирдӯстум ва ҳуҷраҳошон ҳам дар мадрасачаи пеши масҷиди он гузар буд. Падари онҳо мулозими қозикалон буда, миёнаҳолона зиндагонӣ мекарданд.

Калонтарини ин бародарон Насриддин-махдум ном дошта, бо ман шарикдарси нав буда, ҳамон сол дар пеши домулло Икромча дар дарси мо иштироккунанда шуда буд. Ӯ хушхат ва саводи дуруст дошта, дӯстдори адабиёт буд, аммо дар хурдсолагиҳояш бинобар аҳамият надоданаш ба дарсҳои мадраса бисёр беқувват монда буд ва барои дарси ӯро тайёр карда додан ва дуруст фаҳмондан аз дарсҳои солҳои гузашта ҳам баъзе масъалаҳоро ёдоварӣ кардан даркор мешуд, ки ин барои ман хеле душворӣ мекард.

Хурдтараки он бародарон Салоҳиддин ном дошт, ки навдарсхон буда, хондани сарфу наҳви забони арабро акнун сар карда буд.

Мувофиқи созишамон бо Насриддин-махдум ман бояд ҳар ҳафта ду ё се шаб ба ҳуҷраи ӯ мерафтам ва азбаски ҳуҷраи ӯ аз бошишгоҳи ман бисёр дур ва як қисми роҳаш бисёр бад буд, баъд аз дарси ӯро тайёр карда додан, дар он ҷо мехобидам. Муайян кардани ҳар кадоми он шабҳо дар ихтиёри ӯ буд ва кадом шаб, ки барои ӯ дарстайёркунӣ лозим шавад, ҳамон рӯз дар вақти дарси дарсхонагӣ ба ман таъин мекард, ки он шаб ба пеши ӯ биравам. Кори мо бо ӯ ҳар ҳафта аз се шаб зиёд ва аз ду шаб кам намешуд.

Мулло Комил, ки ҳар ҳафта ду ё се шаби муайян (дар шабҳои таҳсил) пеши ман меомад, агар шаби ба пеши ман омадани ӯ ба шаби таъинкардаи Насриддин-махдум рост ояд, кӯрпаашро дар ҳуҷраи ман гузошта, бо ман ба ҳуҷраи вай мерафт ва дар он ҷо секаса дарс тайёр мекардем ва дар ҳамон ҷо мехобидем.

Саҳар Мулло-Комил то ҳуҷраи ман бо ман омада ва аз он ҷо кӯрпаи худро бардошта ба ҳуҷраи худ мерафт.

Дар рӯзҳо ва шабҳои таҳсил тайёр карда додани дарси Салоҳиддин барои ман мумкин набуд, бинобар ин қарор додем, ки ӯ рӯзҳои таътил ҳафтае ду бор – пагоҳонии рӯзҳои чоршанбе ва панҷшанбе ба пеши ман меояд.

Албатта, дарси ӯро тайёр карда додани ман монанди дарстайёркуниам бо шарикдарсонам набуда, мисли мударрисон ба шогирдон ба ӯ дарс мегуфтам, аммо на монанди мударрисони расмӣ сарсариёна, балки дар ду дарс дарсҳои ҳафтаи оянда хонданиашро ба ӯ ба хубӣ мефаҳмондам. Қобилияти ӯ аз бародараш зиёдтар буда, дарсҳоро зуд аз худ мекард ва бо ёрии ман дар пеши домуллоҳои расмиаш аз ҳамаи шарикдарсонаш пеш меистод.

Ин бародарон ба муқобили ёрии маънавии ман ба ман ёрмандии моддӣ мерасонданд; либосворӣ, қанду чой ва баъзан равғану биринҷ оварда медоданд. Ин чизҳоро ба тарзе оварда медоданд, ки гӯё ба онҳо аз ҷое тӯҳфа омадааст ва аз вай ба ман ҳам ҳисса баровардаанд. Аммо бо пули худашон харида, барои хизмати илмиам ба ман оварда доданашон маълум буд.

* * *

Насриддин-махдум, чунонки дар боло қайд шуд, хату саводи хуб дошт, дӯстдори адабиёт буд, шеърро хуб мефаҳмид, аммо як мисраъ ҳам бошад, шеър гуфта наметавонист, бо ҳамаи ин орзу дошт, ки номаш ба шоирӣ шӯҳрат ёбад. Ман ин орзуи ӯро аз кори зерини ӯ пай мебурдам: ӯ гоҳо ягон ғазали ғайримашҳури ягон шоири гузаштаро (бештар аз Ҷомӣ, Ҳофиз ё Саъдӣ) дар коғазе бе тахаллус навишта гирифта, дар вақти мулоқот ба ман нишон дода:

– Ин ғазали кист? – гуфта мепурсид.

Ман он шеър аз они кадом кас бошад, ба ҳамон кас нисбат дода, масалан:

– Аз Ҷомӣ, ё аз Ҳофиз, ё аз Саъдӣ, – гуфта ҷавоб медодам.

Чун ин кори ӯ чандин бор такрор ёфт, тахмин кардам, ки агар ман аз кадом шоири гузашта будани он шеърро надонам, аҷаб нест, ки ӯ ба худ нисбат диҳад. Барои муайян кардани хато ё дуруст будани ин тахмини худ боре шеъреро, ки ба ман нишон дода аз они кӣ будани ӯро пурсид, ман бо вуҷуди ин ки медонистам он шеър аз они Ҷомист:

– Намедонам, аммо шеъри хеле хуб будааст, – гуфта ҷавоб додам.

Ӯ табассуме карда:

– Аз они худам аст, аммо он қадар хуб нест, агар шумо писандида бошед, ман то фардо ба ин ғазал мақтаъ (байти охирии тахаллусдор) баста боз ба шумо нишон медиҳам, – гуфт.

Албатта, ман хубии он шеърро писандидам. Фардои он рӯз аз мақтаи он ғазал тахаллуси «Ҷомӣ»-ро бардошта ба ҷои вай «Насрӣ» навишта ба ман нишон дод.

Азбаски ин аҳвол бисёр такрор ёфт ва дар ҳар бор ман худро ба нодонӣ мезадам, ӯ ҳам бе ҳеҷ ибо ва мулоҳиза он шеърро аз они худ мекард. Ман ин одати ӯро ба дигар ошноёнам, ки ба шеъру шоирӣ алоқаманд буданд, хабар додам, то ки дигаронро фиреб надиҳад.

* * *



Салоҳиддин баъд аз як сол дар пеши ман дарс хондан, дар синни шонздаҳсолагӣ, дар вабои тобистонии навбатии Бухоро, дар вақте ки ман дар шаҳр набудам, вафот ёфт. Дили ман дар марги бемаҳали ӯ бисёр сӯхт, чунки ҳам ҷавон буд ва ҳам қобилияти фавқулода дошт. На танҳо дили ман сӯхт, балки ҳамаи касоне, ки он бародаронро мешинохтанд, дар вафоти ӯ дилхун гардиданд.

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат монанди тарҷумони дили ҳамаи дӯстон дар вафоти ӯ марсияе навишт, ки чор байти он марсия ҳам ба сифати ёдгории Ҳайрат, ҳам барои ёдоварии он ҷавони пурқобилият дар ин ҷо қайд карда мешавад:

ҚИТЪА ДАР МАРСИЯ

Салоҳиддин ба ҳангоми сибо* бо доғи ҳасрат рафт,
Сабо бар сафҳаи гулшан кашид аз лола таърихаш.
Барояд аз замин бо чеҳраи тар то гулу райҳон,
Нависад абр бар хоки чаман аз жола таърихаш.
Ба фавти ӯ зи бас аҳбобро хун шуд ҷигар аз ғам,
Намуданд аз асаф[203] дунбола бар дунбола таърихаш.
Яке пурсид айёми вафоти ӯ зи ман, гуфтам:
Бигӯ баъд аз «ҳумум[204] оҳу фиғону нола»** таърихаш.

Дар вафоти Салоҳиддин бародараш Насриддин, ки ӯро аз ҳад зиёд дӯст медошт, бисёр ғусса хӯрд, солҳо монанди мотамзадагон ҳамеша андӯҳгинона мегашт, ба дарсу дарстайёркунӣ расман давомат кунад ҳам, он шавқу ҳаваси пештарааш намонда, дигар дар пайи номи худро ба шоирӣ баровардан ҳам намегашт.

Ӯ чор ё панҷ соли дигар ба ҳамин тарзи мурдамонанд зиндагонӣ карда, оқибат ӯ ҳам вафот намуд.

## МАДРАСАИ ЛАБИ ҲАВЗИ АРБОБ ВА БОШАНДАГОНИ ОН ҶО

Дар солҳое, ки ман дар мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид истиқомат доштам, ғайр аз ҳуҷраи Абдухалил-махдум ва Мирзо Абдулвоҳид, барои ман боз як рафтуомадгоҳи дигар пайдо шуд. Ман дар ин рафтуомадгоҳи нави худ бо ҷавонони гуногун ва бо одамони аҷибу ғариб шинос, ошно ва ҳолдон шудам.

Ин ҷо як мадрасачаи кӯҳнае буд, ки дар гузари Лаби Ҳавзи Арбоби Бухоро бино ёфта буд.

Гузари Лаби Ҳавзи Арбоб ба мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид бисёр наздик буда, дар тарафи шарқии он воқеъ шуда буд. Дар байни истиқоматгоҳи ман ва он гузар танҳо мадрасаи Ҳусейнбой буд, ки мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид, чунонки дар боло қайд карда шуд, дар паҳлуи ғарбии он мадраса бино ёфта буд. Гузари Лаби Ҳавзи Арбоб бошад, дар тарафи шарқии мадрасаи Ҳусейнбой буда, дар байни сарҳадди он гузар ва ин мадраса танҳо як тангкӯчаи кӯндаланг восита буд. Аз канори ин тангкӯча то масҷиди гузари мазкур тахминан сад қадам роҳ буд.

Масҷид, мадрасача ва ҳавзи Лаби Ҳавзи Арбоб дар байни Шаҳррӯд ва кӯчаи калон воқеъ шуда буд, ки рӯд аз шимоли он ҳавзу масҷид, кӯчаи калон аз тарафи ҷануби онҳо мегузашт. Масҷид дар канори рӯд бино ёфта, ҳавз ба тарафи

* Ҳангоми сибо – ҳангоми бачагӣ.

** Калимаҳое ки дар қавсайн гирифта шудаанд, ба ҳисоби абҷад 1314 ҳиҷрӣ (1897) мебароянд.

шарқи он ва пайваста ба айвони он кофта шуда буд, мадрасача бошад, дар гӯшаи ҷанубии масҷид ва дар шарқии мазори Хоҷа Рӯшноӣ бино ёфта буд, ки ба вай аз тарафи ҷануби масҷид даромада мешуд.

Ин мадрасача хеле кӯҳнабино ва фатарот буда, ҳуҷраҳои онро, ки аз панҷ ё шаш дар беш набуд, баъзе ҷавонони беҳавлӣ ё тангҳавлии он гузар таъмир карда нишаста буданд. Яке аз ҷавонон, ки яке аз ин ҳуҷраҳоро таъмир карда нишаста буд, Қорӣ Абдулваҳҳоб ном касе аз бошандагони он гузар буд, ки ҳавличаи меросиашро барои харҷи мурдаи падару модараш фурӯхта, худ беҳавлӣ монда, яке аз ин ҳуҷраҳоро таъмир карда зиндагонӣ мекард. Унвони ба номаш ҳамроҳшуда «қорӣ» бошад ҳам, ӯ аз қоригӣ даромад надошт. Зоҳиран, қуръонфурӯшӣ карда нон хӯрданро ҳимматаш намеписандид ва бо сахтӣ бошад ҳам, бо китобат (бо нусхабардории китобҳо) рӯз мегузаронид.

Дигаре Қорӣ Усмон ном дошт, ки баъд аз мурдани падару модараш ҳавличаи меросиашро иҷора монда, худ яке аз ин ҳуҷраҳоро таъмир карда менишаст. Қоригии ӯ ба ном буд: дар хурдсолиаш падараш ӯро бо мақсади қуръонро ёд кунондан ба қорихона дода будааст, аммо ӯ ин кори душворро ба гардан нагирифта, охир аз қорихона гурехта будааст. Ана аз ҳамин чандрӯза давомати қорихона унвони қоригӣ ба ӯ ҳамроҳ шуда мондааст. Ӯ ҳунари дигаре ҳам надошт, асосан бо бадали иҷораи ҳавличааш қашшоқона зиндагонӣ мекард.

Қорӣ Усмон хату саводи одӣ дошт, адабиётро мефаҳмид, зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикиро бисёр медонист, ширинсухан ва маҷлисоро буд, суханони худро бо зарбулмасал ва мақолҳо зинат ва қувват медод.

Қорӣ Усмон дар миёнаи дӯстон бо лақаби «ғозиёнӣ» машҳур буд. Ман аввал гумон мекардам, ки бояд ӯ аслан аз гузари Ғозиён бошад, ки ба ин сабаб ӯро «ғозиёнӣ» мегуфта бошанд. Аммо сонитар фаҳмидам, ки сабаби ба ӯ дода шудани ин лақаб дигар будааст: ӯ аз таънаи диндорон ва аз тарси сиёсати раиси шаҳр, ки бенамозонро бо дарра мезад, гоҳо ба намози панҷвақтии масҷид барояд ҳам, ба намози ҷумъа ҳеҷ намерафтааст. Агар диндорони кунҷков аз ӯ:

– Қорӣ, шумо имрӯз дар масҷиди ҷомеъ нанамудед, куҷо будед? – гуфта пурсанд, ӯ дар ҷавоб:

– Ман намози ҷумъаро дар ҷомеи Ғозиён хондам, – мегуфтааст.

Азбаски Ғозиён аз он гузар дур буда, ягон намозхони он гузар барои намози ҷумъа ба он ҷо намерафт, дар намози ҷумъа дар он ҷо будан ё набудани ӯро ҳеҷ кас муайян карда наметавонистааст. Бинобар ин дӯстонаш ба ӯ «ғозиёнӣ» лақаб додаанд.

Ин ҳодиса рафта-рафта дар шаҳр чунон овоза шуд, ки ҳар каси ба ҷомеъ нарафтаро «ин кас намози ҷумъаро дар ҷомеи Ғозиён хондаанд»- мегуфтанд.

Сеюм Мирзо Иброҳим ном ҷавоне буд, ки падараш мактабдор буда, ҳавлиаш танг, бинобар ин ӯ яке аз ин ҳуҷраҳоро таъмир карда, дар вай зиндагонӣ менамуд. Мирзо Иброҳим хушхат буда, умрашро бо китобат мегузаронид, ҳаваси шеъргӯӣ ҳам дошт, тахаллуси худро «Субҳӣ» қарор дода буд.

Чорум Қорӣ Шариф ном дошт, ки падараш кордгарӣ мекард. Худи ин ҷавон ҳам ҳунари кордгариро омӯхта буд. Аммо падараш ӯро ба касби худ накашида мехост, ки қории Қуръон кунад, бинобар ин ӯро ба қорихона дода буд. Лекин ӯ ин корро намехост. Ба сабаби он ки агар дар хона бошад, баъди аз қорихона



омадан, шабона ҳам зери назорати падар ба Қуръон такрор кардан маҷбур мешуд, ба баҳонаи ин ки «дар мадраса ба танҳоӣ Қуръон такрор кардан осонтар аст» аз падараш рухсат гирифта, як ҳуҷраро таъмир карда нишаста буд. Ва ҳол он ки дар ин ҷо ягон бор ҳам Қуръонро ба даст нагирифта, бо бошандагони ин мадраса озодона сӯҳбат карда мегашт.

Панҷум Ашрафҷон ном сандуқсоз буд, ки ӯро Мирзо Ашраф ҳам мегуфтанд. Ӯ аслан аз ин гузар набуда, баъд аз мурдани падару модараш дар хурдсолиаш ба ин гузар ба хонаи ҳамшираaш омадааст. Ӯ ба шавҳари ҳамшираaш, ки сандуқсоз буд, шогирд шуда, ин ҳунарро ба даст даровардааст.

Ашрафҷон сандуқсози ҳунарманд буд, аз ин касб зиндагии шахсиаш ба хубӣ мегузашт. Баъд аз калонтар шуданаш яке аз ҳуҷраҳои ин мадрасачаро иморат карда, дар ин ҷо зиндагонӣ мекард.

Ашрафҷон хату саводи хуб дошт, шеърро нағз мефаҳмид ва ба қавли бухороиён «шоирбоз» буд, яъне шоиронро ҳурмат мекард ва бо онҳо алоқа мебаст, суханвар ва гапдон буд. Азбаски ҳанӯз ҷавон (баробари ман ва Ҳомидхоҷа) буд, зану фарзанд надошт, бинобар ин бозёфташро ба либоси худ харҷ карда, бойбачамонанд мегашт.

Ашрафҷон ба муносибати ҳампешагӣ бо сандуқсозони Самарқанд ошноӣ ва рафтуомад дошт. Дар рафтуомади Самарқанд бо гуфтугузор қадаре забони русиро ҳам медонист.

Ана ҳамин панҷ нафар буданд бошандагони асосии ин мадрасача, аммо шумораи бо инҳо ва дар ин ҷо рафтуойкунандагон аз худи онҳо зиёд буд.

Яке аз онҳо Ҳомидхоҷа буд, ки дар ҳамин гузар ҳавлӣ дошт ва дар болохонаи он ҳавлӣ менишаст, аммо шабнишиниҳои ӯ ҳамеша дар ҳамин мадрасача ва бо бошандагони ин ҷо ба вуқӯъ меомад. Ӯ, чунонки дар боло гузашт, бо ман шарикдарс шуда, ҳаваси шеъргӯӣ ҳам дошт ва ба худ калимаи «Меҳрӣ»-ро тахаллус қарор дода буд.

Дигаре аз аҳолии ҳамин гузар Ҳоҷӣ Абдусалом ном дарзӣ буд, ки касбаш дарздӯзӣ буда, дилашро дар ин ҷо мекушод ва кӯфтагиҳои аз дарздӯзӣ пайдошудаашро дар ин ҷо бартараф мекард.

Ғуломҷон ном аз бойбачагони ҳамин гузар буд, ки ба манъи падару амакаш нигоҳ накарда, ба ин ҷо рафтуой дошт.

Ҳавлии Қорӣ Камоли[205] ҳофиз ҳам аввалҳо дар ҳамин гузар буд. Ӯ ҳам дар шабҳое, ки ба ҷое ба меҳмонӣ наравад, ин ҷо омада, хотири дӯстонро бо ғазале ва суруде шод мекард. Қорӣ Камол ба муносибати ҳампешагӣ Қорӣ Наҷми ҳофизро, ки аз гузари дигар буда, дар як бой хизматгорӣ мекард, гоҳо ҳамроҳи худ ин ҷо меовард; ва ҳар дуи инҳо савтхони машҳур Мулло Ҳомиди Савтии Ғиҷдувониро низ бо худ меоварданд. Дар он вақт базми қашшоқонаи ин мадраса ҷамшедӣ мешуд.

Ман ҳам дар ин ҷамъомадгоҳ ба воситаи Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ алоқа бастам ва бештарин шабҳои таътилро ин ҷо мегузаронидам ва ман Муҳаммадсиддиқи Ҳайратро бо инҷоиҳо шиносо карда алоқа бандондам, ки ӯ ҳам бо вуҷуди дурии манзилаш ҳафтае як ё ду шаб ин ҷо омада мерафт.

Сӯҳбатҳо ва гуфтугузорҳои ин ҷо одӣ буда, ҷои ба адабиёт алоқадоштааш

байтбарак буд, аммо ба байтбараки ин ҷо бо таклифи Қорӣ Усмон як навъ навигарӣ дода шуда буд, ки тарафе, ки ба тарафи дигар бо байте ҷавоб диҳад, ба вай як зарбулмасал ё мақоли халқиро ҳам илова карданаш лозим буд.

Қорӣ Усмон ин таклифро барои он ба миён оварда буд, ки (чунонки дар боло қайд шуд) худи ӯ ба зарбулмасал ва мақоли халқӣ бисёр ҳавас дошт. Баъд аз қабул шудани ин таклиф, ҳар гоҳ ки ин бозиро ташкил кардан хоҳанд, иштироккунандагони маҷлис ду тақсим шуда муқобили ҳам менишастанд. Дар вақти тақсим моро бо Қорӣ Усмон дар як тараф намегузоштанд – бояд ҳар кадоми мо ба тарафи дигар мегузаштем. Ин корро барои мувозинат додан ба тарафайн мекарданд. Дар он вақтҳо ман зарбулмасал ва мақолро он қадар бисёр надонам ҳам, баъд аз Қорӣ Усмон аз дигарон бештар медонистам, бинобар ин бо гузаштани ҳар кадоми мо ба як тарафи дигар баробарии тарафайн наздик мешуд.

Қорӣ Усмон ин таклифро фақат барои қаноатманд кардани ҳаваси худ ба миён оварда бошад ҳам, ин бозӣ барои бой шудани захираи забонии ман фоидаи бисёр калон дод. Забони дигар иштироккунандагони он маҷлис ҳам, бе он ки худашон бошуурона мақсад карда гирифта бошанд, рӯз то рӯз бойтару пурратар мешуд, зеро ҳар кадоми онҳо дар ҳар бозии ин ҷо зарбулмасал ва мақолҳои нав ёд мегирифтанд, барои ба ҳамин бозӣ харҷ кардан худҳошон ҳам ҳар рӯз аз мӯйсафедон ва кампирон пурсида чизҳои нав ба нави обнорасида ёфта меоварданд ва ин чизҳои нав ҳам ба захираи забонии умуми иштироккунандагони он бозӣ зам мешуд.

Кори дигаре, ки шабнишинони ин ҷо гоҳо ба вай машғулӣ мекарданд, «ҳабозӣ» буд. Дар ин бозӣ иштироккунандагон ба тарафайн тақсим ношуда, ҳар кас ба сари худ ҷавобгар буд. Тариқи ин бозӣ ҳамин буд, ки ҳар кас дар вақти сӯҳбат ва гуфтугузор дар мавриди тасдиқ ё қабули сухани ҳамсӯҳбаташ ба ҷои «ҳа» бояд, «оре» ё «бале» мегуфт.

Ҳар касе ки дар вақти ин бозӣ дар мавриди тасдиқ ва қабули сухани яке аз иштироккунандагон «ҳа» гӯяд, ин кас бой додагӣ ҳисоб меёфт, дигарон чапак зада «уйт-уйт» гӯён масхара медоштанд.

Дар вақти ин бозӣ Қорӣ Усмон ҳеҷ бой намедод, Мирзо Иброҳими Субҳӣ кам бой медод, дигарон бисёр бой медоданд. Ман ҳам аввалҳо, кам ҳам бошад, бой медодам, рафта-рафта ҳеҷ бой намедодагӣ шудам.

Ман ин бозиро дар маҷлисҳои ҳуҷраи Абдухалил-махдум ҳам ҷорӣ кардам. Дар он ҷо ба ин бозӣ Мирзо Абдулвоҳид ҳам иштирок мекард, аммо то тамом шудани бозӣ ҳеҷ гап намезад, бо сухани касе ҷавоб намедод, то ки бой дода шарманда нашавад. Қорӣ Нурулло бошад, дар бозӣ иштирок намекард:

– Ман дар ин гуна бозиҳои аҳмақона ҳамроҳӣ намекунам, – мегуфт.

Рафта-рафта ин бозӣ дар шаҳр шӯҳрат ёфт, ҷавонон дар байни худ дукаса, секаса ва чоркаса гарав мебастанд, ки муддати дуру дароз ва бемӯҳлат дар ҳар мулоқот ба ҷои «ҳа» «оре» ё «бале» гӯянд.

Боре ман бо се нафари дигар гарав баста байни худ аҳд кардем, ки муддати дуру дароз «ҳа» нагӯем. Ҳарифони ман дар ҳар мулоқот як бор, ду бор бой медоданд, аммо ман се сол бой надодам. Дар охир ҳарифон маро фиреб дода, бо тадбире як бор «ҳа» гӯёнданд. (Агар мавриде пайдо шавад, дар ягон ҷои «Ёддоштҳо» он воқеаро нақл хоҳам кард.)[206]



Ман муайян намедонам, ки дар байни лабиҳавзиарбобиён ин бозиро аввал сар карда кӣ баровардааст. Аммо ҳамин маълум буд, ки ин бозӣ барои наздик кардани забони гуфтугӯ ба забони адабӣ, кам ҳам бошад, хизмат мекард.

Яке аз шабгузарониҳои ин ҷамъомад ғазалхонӣ ва сурудгӯӣ буд. Гоҳ-гоҳ ҳам бошад, ин вазифаро, чунонки дар боло қайд карда шуд, Қорӣ Камол, Қорӣ Наҷм ва Мулло Ҳомиди Савтӣ адо мекарданд. Баъдҳо Раҳматхоҷа, ки дар танбӯрнавозӣ ягонаи ҳамон замон буд ва Ҳоҷӣ Абдураҳмон, ки шогирди ӯ буд, низ иштироккунанда шуданд.

Дар ин ҷо бояд ҳаминро қайд кунам, ки ман аввалин бор бо Ҳоҷӣ Абдулазизи самарқандӣ дар ҳамин ҷо шинос шудам, нағмаи дутор ва овози дилнавози ӯро дар ин ҷо шунидам.

Ба ҳамин муносибат ман мехоҳам қисми якуми очеркеро, ки бахшида ба вафоти санъатгари мазкур дар соли 1936 навишта будам ва дар ҳамон сол дар шумораи 2-уми журнали «Барои адабиёти сотсиалистӣ» чоп шуда буд, фақат сарлавҳаашро дигар карда, баъзе ҷоҳояшро партофта кӯтоҳ намуда, таҳрирашро ба услуби таҳрири «Ёддоштҳо» мувофиқ гардонда дар ин ҷо нақл намоям[207].

## АВВАЛИН МУЛОҚОТИ МАН БО ҲОҶӢ АБДУЛАЗИЗИ САМАРҚАНДӢ[208]

Мо, иштироккунандагони шабнишиниҳои мадрасачаи Лаби Ҳавзи Арбоб, ҳамагӣ мусиқидӯст будем, аксари хонанда ва навозандагони Бухороро дида, нағмаи созу марғӯлаи овози онҳоро шунида будем. Аммо Ҳоҷӣ Абдулазизи санъатгари самарқандиро надида, танҳо таърифу тавсифи ӯро аз дӯстдорони мусиқӣ шунида будем, хусусан Ашрафҷони сандуқсоз, ки борҳо дар Самарқанд ӯро дида ва дар базмҳояш иштирок карда буд, дар ҳар маврид ӯро таъриф карда, шавқи дидор ва ҳаваси шунидани нағмаи дутор ва овози фараҳбори ӯро дар дили мо бедор мекард.

Аммо мо бизоате надоштем, ки барои дарёфтани базми ӯ ба Самарқанд равем ва сарватеро соҳиб набудем, ки бо сарфи он ӯро ба Бухоро даъват карда, нағмаи соз ва овози дилнавози ӯро шунавем.

Дар ҳамон вақтҳое, ки мо ҳасрат мехӯрдем, овоза шуд, ки «яке аз бойҳои калони Бухоро тӯй мекардааст ва дар тӯяш дар қатори созандагони машҳури наздику дур Ҳоҷӣ Абдулазизи самарқандии машҳурро ҳам меовардааст».

Ин овоза ба мо умеди тоза ва шодмонии беандоза бахшид, ки дар қатори «дойрахабарон» бошем ҳам,ба он базм рафта, ӯро хоҳем дид ва бо умедвориҳои дилафрӯз нигарони он рӯзи фирӯз шудем...

Оқибат он рӯзи фирӯз расид ва шабона аз он тӯйхона овози дойра ба фалак печид. Мо ҳам дар қатори оммаи базмгарони шаҳр, бе ҳеҷ даъват, мувофиқи расму одати Бухоро, бо шунидани хурӯши дойра «дойрахабар» шуда ба он ҷо рафтем.

Ҳавлии бой бисёр калон буд, аммо аз бисёрии тамошобинон дар он ҳавлии калон ҷои сӯзан задан набуд. Дар миёнаҷои ҳавлӣ ӯғуреро ниҳода даруни вайро пур аз равғани зағир карда, латтаҳои кӯҳнаро пилтавор дар даруни он гузошта оташ сар дода буданд, ки тамоми ҳавлиро монанди рӯз равшан карда буд, аммо

монанди рӯзи гирдбодноки пурғубору хок чашм кушодан ва нафас кашидан мумкин набуд, чунки дуди ғализи равғани зағир ва латтаҳои кӯҳна бо бӯи бади тунду тези худ чашмҳоро месӯзонид ва димоғҳоро метарконид.

Аз ҳуҷуми тамошобинон дар даври ӯғур ба зӯр доираи тангеро холӣ нигоҳ дошта буданд, ки дар як канори он дойрадастон қатор нишаста осмонкаф дойра менавохтанд ва раққосон, гӯё ки ракс мекарда бошанд (шояд барои аз он дуди заҳролуд гурезгоҳе ёфтан бошад), чашмони худро молиш дода дар даври ӯғур метохтанд.

Мо дар қатори «дойрахабарон» дер омада, дар гӯшае рост истода нигарони баромади Ҳоҷӣ Абдулазиз будем. Азбаски ҳамаи хавосу гӯшу чашми мо ба хаёли ӯ банд буд, бештарин вақт, ҳарчанд шӯрангез бошад ҳам, овози дойра ва суруди дойрадастонро ношунида ва ҳар қадар тарабхез бошад ҳам, ракси раққосонро нодида мемондем...

Як пайти базм тамом шуд, ӯғурро аз миён бардоштанд, «рӯзи» пурдуду ғубори ҷонкоҳ ба шаби сиёҳи бемоҳ мубаддал гардид. Акнун вақти рафтани мо барин меҳмонони нохондаи «дойрахабар» расида буд.

– Пас Ҳоҷӣ Абдулазиз куҷост? – гуфтам ман ба рафиқонам, ки муҳайёи рафтан шуда истода буданд.

– Бояд дар меҳмонхона бошад, – гуфт яке аз рафиқон.

– Ҳеҷ набошад, афту андомашро медидем... – гӯён ман орзуи худро баён намудам.

– Аз ҳавлӣ рост набаромада, рӯи суффаро гардиш карда, аз пеши меҳмонхона гузашта мебароем, – гуфт яке аз рафиқон, – агар дар он ҷо бошад, аз тиреза нигоҳ карда, аз дур ҳам бошад, мебинем.

Мо аз ҷои чуқури ҳавлӣ, ки бухороиён «таафдон» меноманд ва базми даври ӯғур он ҷо ташкил ёфта буд, бар рӯи суффаи баланд баромадем ва, гӯё ки аз рӯи суффа гузашта ба сари зинаи тарафи дигар рафта аз он ҷо ба таафдон мефуромада бошем, аз таг-таги девори меҳмонхона равона шудем. Вақте ки ба пеши тиреза расидем, дар он ҷо аз рафтан бозистода ба даруни меҳмонхона чашм дӯхтем: дар шифти хона лампаҳои чилуми овеза қатор меафрӯхтанд, дар давродаври меҳмонхона бойҳо ва бойбачаҳо бо либосҳои пурқимат ба худ зинат дода мағрурона менишастанд, ки онҳо бухороӣ буда, мо ҳамаи онҳоро шахсан мешинохтем. Аммо дар пешгоҳи хона як одами қоматпасти борикманаҳи хурдрӯи сиёҳчеҳраи тангчашм, ки ришаш сиёҳи тунук ва кӯтоҳ буда, аз пешонааш туршии калонгирӣ ва худписандӣ меборид, менишаст. Мо ӯро намешинохтем ва аз он пеш надида будем. Либосҳои таҳ ба таҳ ва қабат ба қабати ин одам хеле қиматбаҳо буда, бо вуҷуди он қадар сард набудани ҳаво ва бо лампаҳои чилум ҳаммомвор гарм шудани хона, он кас як пӯстини почасиёҳи аъло ҳам бар тан дошт, ки абрааш аз шоҳии қаршигии «қоримулло» буд. Шояд он одам аз гармии хона ба танг омада бошад, ки як остини пӯстинашро кашида менишаст ва бо ин кори ӯ пурқиматии либосҳои зеринаш ҳам намоён шуда меистод. Шояд барои «ҷиз-ҷизак» додан ба бойҳои мағрури худорои Бухоро бошад, он кас бари пӯстини остинаш аз даст берун кардаашро чаппа карда монда буд, ки мӯинаи пурқимати он ба назари бинандагон намоишкорона ҷилва мекард.

Ин одам чорзону менишаст, бойҳо ва бойбачаҳои Бухоро, ки дузону нишаста буданд, чашмҳои худхоҳонро аз он одам намекананд ва ба ҳар нигоҳи ӯ ва ба ҳар ҳаракат ва сухани ӯ, бо ҳамаи мағруриашон, даст пеш гирифта сар хам карда, ба ӯ эҳтироми худро нишон медоданд.

Азбаски бар болои сари он одам дар токчаи меҳмонхона як дутори ҷилддор рост ба кунҷи девор такя кунонда мондагӣ буд, яке аз рафиқон:

– Бояд Ҳоҷӣ Абдулазиз ҳамин кас бошад, – гуфт.

Аммо дили ман ин тахминро қабул намекард, чунки афту башараи гургонаи чашмтанги бадхоҳона, пешонаи турши ғазабнишона, қиёфаи мутакаббирона ва худороии худписандонаи ӯ дар дили ман нанишаста буд ва дили ман намехост, ки Ҳоҷӣ Абдулазизе, ки мо солҳо боз симои ӯро ғоибона мисли як симои санъати рӯҳафзо дар хаёли худ муҷассам карда гашта будем, ҳамин одами нафратангез бошад ва дар дили худ гузаронидам: «Агар Хоҷӣ Абдулазиз ҳамин одами манфур бошад, ман аз вай даст кашидам ва ба қавли Саъдии Шерозӣ «атои ӯро ба лиқои ӯ бахшидам».

Дар ҳамин вақт пешхизмати бойи соҳиби тӯй, ки намадҳои рӯи суффаро ғундошта истода буд, ба мо наздик шуд. Ман ӯро бо ишорат пеши худ оварда ва одами пешгоҳнишинро ба ӯ нишон дода:

– Магар Ҳоҷӣ Абдулазизи дутории самарқандӣ ҳамин аст? – гуфта аз ӯ пурсидам.

– Не-е, – гуфт пешхизмат мад кашида бо оҳанге, ки гӯё маро ба ин ғалатфаҳмиҳоям таъна мезада бошад. – Як созанда ин қадар шаъну шавкат ва зебу зинатро аз куҷо меёфт? – гӯён ӯ оҳанги таънаомези худро шарҳ дода равшантар кард.

Пешхизмат бо ин суханони охирини худ гӯё гуфтан мехост, ки: «наход ту ҳамин қадар бетамиз бошӣ, ки созандаи ҳарҷоиро аз як одами бузурги дабдабадор фарқ намекунӣ?» Баъд аз он пешхизмат илова намуда гуфт:

– Ин кас Муҳаммадраҳим-Тойчаи самарқандӣ мебошанд, ки аз бойҳои дунё буда, Ҳоҷӣ Абдулазиз барин чанд нафар ятим ва хизматгор доранд, ин кас меҳмони азизи хӯҷаини мо мебошанд, ки барои ба тӯй хабар кардани ин кас писари калонашонро ба Самарқанд фиристода, бо иззату ҳурмат ба зӯр овардаанд.

Ман ҳарчанд аз суханони таъна омези он косалеси бой бисёр ранҷида бошам ҳам, бо суханони охиринаш монанди касе, ки дар вақти хоби пурҳавл дида истоданаш ногаҳонӣ бедор шуда, беасос будани он ҳавлу тарсро фаҳмида шод шуда бошад, аз он пешхизмат хурсанд шудам ва дар дили худ шукр кардам, ки «ҳар чӣ, ин одами бадбашара Ҳоҷӣ Абдулазиз шуда набаромад» ва дарҳол аз пешхизмат пурсидам:

– Пас Ҳоҷӣ Абдулазиз дар куҷост, ки мегуфтанд ӯ ҳам дар ин тӯй бо даъвати махсус оварда шудааст?

– Оре, оварда шудааст! – гӯён пешхизмат аз тиреза ба тарафи пойгаҳи меҳмонхона нигоҳ карда касеро, ки мо ӯро аз тиреза надида будем ва дар тарафи пойгаҳ нишастани Ҳоҷӣ Абдулазизро ҳеҷ гумон накарда ба он тараф чашм ҳам наандохта будем, нишон дода:

– Ҳоҷӣ Абдулазиз ана ҳамон одам, – гуфт.

Мо ба он одам, монанди домодшавандагони замони пеш, ки ба арӯсшавандагонашон аз болои девор ё таркиши дар бо шавқу ҳавас нигоҳ мекарданд, аз

шишаи тиреза бо камоли шавқу ҳавас ва диққат чашм дӯхтем: он одам як шахси хурмоимӯи сафедрӯи кушодапешоние буд, ки гӯё чашмони обдори меҳрангезаш баробари лабони хандаомезаш табассум мекарданд. Ӯ дар зери либосҳои одии тоза ва озода хандон, шукуфон нишаста паҳлунишинонашро намедонам бо чӣ гуна суханҳои ширин механдонд.

– Чаро ӯ дар ин базм нахонд ва нанавохт? – гӯён ман аз пешхизмат бо тааҷҷуб пурсидам.

Косалеси бой, пас аз он ки ба ман як нигоҳи истеҳзоомезе кард:

– Ака қорӣ*, шумо як одами сода менамоед, – гуфт, – охир хӯҷаин як маблағи калон харҷ карда ӯро на барои он овардаанд, ки ба пойбараҳнагони «сар аз куҷо, пой аз куҷо»-и «дойрахабар» базм карда диҳанд, барои онҳо ҳамин базми дойрагии давриӯгурӣ ҳам басу барзиёд аст. Хӯҷаини мо ин қадар харҷу ташвишро барои он кашидаанд, ки ба бойҳо ва бойбачаҳои Бухоро базми хосагии хонагӣ карда диҳанд.

Дигар дар хонаи ин бой умеди шунидани овози дилнавози Ҳоҷӣ Абдулазиз дар мо намонда буд, дойрахабарҳо ҳам қариб баромада тамом шуда, ҳавлӣ аз одамони бегона холӣ шуда буд. Агар дер монем ё дар баромадан сустӣ кунем, садои «меҳмонони азизи нохонда хуш омаданд»-ро шуниданамон муқаррар буд. Бинобар ин мо ҳам бо дилҳои кашол аз он базмхонаи пурмалол баромада рафтем.

Табиист, ки дар роҳ ва дар ҳуҷраи Қорӣ Усмон, ки баъди аз базм баргаштан дар он ҷо нишаста будем, ҳамаи гуфтугузори мо ҳасрату надомати аз дидани базми Ҳоҷӣ Абдулазиз маҳрум мондан буд. Мо дар он вақт ба он ташнае монанд будем, ки ба сарчашмаи оби гуворо ӯро бурда, аммо ба нӯшидан роҳ надода, аз он сарчашма дур карда бошанд, ё мисли он гушнае будем, ки баъд аз ба пешаш ниҳодани таоми балаззат ӯро аз хӯрдан боздошта бошанд...

* * *

Ашрафҷони сандуқсоз, ки бинобар банд буданаш ба меҳмондории шавҳари ҳамширааш он шаб бо мо ба он базм нарафта буд, дар вақте ки мо дар ҳуҷраи Қорӣ Усмон ҳасрат хӯрда нишаста будем, ӯ ҳам аз меҳмондорӣ фориғ шуда, он ҷо омад ва афсӯсу надомат карда нишастани моро дида гуфт:

– Афсӯс хӯрдан ва ҳасрат кашидан даркор нест. Дуруст аст, ки Ҳоҷӣ Абдулазизро аз Самарқанд овардан душвор буд, акнун ки ӯ дар ин ҷост, як зиёфат тайёр кунетон, ман ӯро гирифта меорам ва як базми хонагии хосагии ҷамшедӣ мекунем. Базми хосагии хонагии бой сарашро хӯрад.

– Зиёфатеро, ки сазовори Ҳоҷӣ Абдулазиз бошад, мо бо ин бесарусомонӣ чӣ гуна тайёр карда метавонем? – гуфт яке аз рафиқон.

– Барои Ҳоҷӣ Абдулазиз такаллуфи барзиёд лозим нест, ҳар кас таомеро, ки ҳар рӯз ба танҳоӣ ё дар пеши падару модараш мехӯрад, дар як ҷо ҷамъ карда пазем, кифоя аст, – гуфт Ашрафҷон. – Ман, ки бо ӯ дар Самарқанд шинос ва ҳолдон шудаам, агар гӯям, ки «чанд нафар муллобачагони қашшоқи санъатдӯст, ки дар байни онҳо шоирон ҳам ҳастанд, дар орзуи дидани шумо мебошанд», ӯ омадан мегирад.

---

*Ҳар каси салласафедро «ака қорӣ» – гӯён хитоб кардани оммаи мардуми Бухоро дар боло қайд шудааст.



– Пас ҳақи қадами ӯро чӣ медиҳем ва кӣ медиҳад? – гуфта ман пурсидам.

– Дар ин гуна маврид ба ӯ ҳақи қадам додан даркор нест, – гуфт Ашрафҷон, – агар чизе диҳем, намегирад ҳам, ҳатто меранҷад.

Бо ин маслиҳат ва башорати Ашрафҷон умедҳои мурдаи мо гашта зинда гардиданд ва дилҳои аз маъюсӣ пажмурдашуда дубора сабзиданд ва шукуфтанд ва дар худи ҳамон маҷлис ҳар кадом аз рафиқон чизе барои зиёфат ваъда карданд. Зиёфат ва базми шуданиро дар ҳуҷраи Қорӣ Усмон, ки васеътарини ҳуҷраҳои он мадрасача буд, ташкил карданӣ шуданд. Муайян кардани вақт, таҳияи асбоби зиёфат ба ваъдаи Ҳоҷӣ Абдулазиз вобаста монд. Ашрафҷон ваъда дод, ки дар нахустин шаби фароғати Ҳоҷӣ аз тӯйи бой, барои ба ин ҷо омаданаш аз ӯ қавл хоҳад гирифт.

* * *

Ниҳоят, он рӯзи фирӯз расид. Ашрафҷон муждарасон шуд, ки ҳамон шаб Ҳоҷиро хоҳад овард. Рафиқон ҳам мувофиқи ваъдаи худ асбоби зиёфатро муҳайё карданд, танҳо Қорӣ Шарифи кордгар, ки гӯшт оварданро ваъда дода буд, ҳанӯз наоварда буд, аммо ӯ ваъдаи худро такрор ва таъкид карда гуфт, ки баъд аз шом хоҳад овард. Бойбача Ғуломҷон, ки қанд ваъда карда буд, наовард ва худаш ҳам наёмад. Вақте ки яке аз рафиқон ба хонаи ӯ рафта ваъдаашро ба ёдаш расондааст, ӯ гуфтааст:

– Ман имшаб ба кори зарӯре банд мебошам, худ рафта наметавонам, модом ки худ намеравам, гумон мекунам, ки чизе доданам лозим нест.

Ин хабарро шунида, рафиқон дар ғазаб шуданд. Аммо ман гуфтам:

– Шӯридан лозим нест, бойҳо агар ҳамин тарз сарфакорӣ намекарданд, бой намешуданд. Дар ман қанди тайёр ҳаст, ки ҳозир меорам.

– Танҳо бо сарфакорӣ ҳам одам бой намешавад, – гуфт Қорӣ Усмон, ки аз ин кори Ғуломҷон бисёр хашмгин шуда буд, – «сарфакорӣ ва дуздӣ намекарданд, бой намешуданд»- гӯед! – гуфта сухани маро тасҳеҳ кард.

Ман байти машҳури Бедилро, ки дар «Ирфон» мегӯяд:

> Кисаи ҳеҷ кас надид пурӣ,
> То накард иртикоби кисабурӣ

ба ёд оварда, тасҳеҳи ӯро қабул кардам ва дарҳол ба ҳуҷраам рафта қандеро, ки ҳамон рӯз ба ман тӯҳфа гӯён Насриддин-махдум оварда буд, гирифта бурдам.

* * *

Аз сари шом ба тайёр кардани оши палав даромадем. Мо бояд то омадани меҳмонон гӯшту пиёзро бирён карда, сабзиро андохта ва биринҷро дар оби ҷӯш тар карда мемондем ва баъд аз омадани меҳмонон биринҷро андохта дам мекардем, бинобар ин ман ба сабзиро наргасикунӣ машғул шудам ва Қорӣ Усмон равғанро доғ кардан гирифт...

Равған доғ шуд, аммо ҳанӯз аз гӯшт дарак набуд ва бими он буд, ки равған даргирад, бинобар ин Қорӣ Усмон оташро аз зери дег кашида монд.

Мо боз фурсате мунтазир шудем, ҳанӯз аз гӯшт дарак набуд. Баъд аз он

хостем, ки ба хонаи сихкабобпаз рафта, аз вай насия гӯшт гирем ва фардо ҳисоби ӯро ё бо гӯшт ё бо пул баробар кунем.

Мо ҳанӯз ба мақсади гӯштёбӣ аз ҳуҷра набаромада будем, ки овози пои касе шунида шуд ва оянда, бе он ки бо одати мадраса тақ-тиқ кунад, ҷонсарак дарро кушода, саросемавор ба ҳуҷра даромад. Ин Қорӣ Шарифи кордгар буд, ки ба мо гӯшт ваъда карда буд, аммо дар дасташ гӯшт набуд.

– Гӯшт чӣ шуд? – гӯён Қорӣ Усмон аз вай пурсид бо оҳанги нохушнудона.

– Бало ба паси гӯшт, қариб ба даст афтода будам, – гуфт Қорӣ Шариф.

– Магар ба ҷое барои гӯштдуздӣ рафта будӣ? – гӯён Қорӣ Усмон тааҷҷубкунон пурсид.

– Не, ба ҳеҷ ҷо барои гӯштдуздӣ нарафта будам ва намерафтам ҳам, – гуфт кордгарписар, – аммо аз хонаи худамон ҳам бе дуздӣ гӯштро ба даст даровардан мумкин набуд. Зеро падару модарам гӯсфандеро, ки дастӣ парво карда кушта, гӯшташро тор кашида буданд, мехоҳанд он гӯштро то баҳор ба рӯзгор расонанд, дар ин сурат, албатта, рӯйрост ба ман як парча гӯштро намедоданд, ки ҷое бурда бо ҷӯраҳоям пухта хӯрам...

– Магар падари ту ҳам монанди падари Ғуломҷон бой шудан мехоҳад? – гӯён Қорӣ Усмон сухани ӯро бурида боз пурсид ва давом карда гуфт: – Баъд чӣ шуд?

– Бинобар ин ман мунтазир шудам, то ки шаб торик шавад ва аз хона ба мақсади ба мадраса рафтан баромада, аввал ба таҳхона даромада, гӯштро бардорам ва гурбавор бадар гурезам. Вақте ки торик шуд, аз хона баромада, бе он ки садои дарро барорам, ба таҳхона даромада, гӯштро аз тор гирифтам ва дар вақти аз таҳхона баромада дар пӯшондан магар аз саросемагӣ овозашро баровардаам, ки модарам шунида «кист? кист?» гӯён чароғ ба даст аз хона дартоз бар рӯи суффа баромад, ман ҳам худро ба ӯ нишон надода ба раҳрави берун гурехтам. Дар ҳамин вақт падарам, ки аз кӯча омада истода будааст, бо ман рӯ ба рӯ вохӯрд ва овози модарамро, ки ҳанӯз «кист? кист?»- гӯён фарёд мекард, шунида, бо ҳаяҷон аз ман:

– Чӣ гап? – гуфта пурсид.

Ҳанӯз ман ба ӯ ҷавоб надода будам, ки модарам овози падарамро шунида, чароғ ба даст ба раҳрави берун баромада, ба падарам гуфт:

– Дари таҳхона тарақҡи карда рафт, мабодо нохалафе ба он ҷо даромада пинҳон шуда бошад. – Модарам маро дар он ҷо дида, аз ман пурсид:

– Ту ҳанӯз ин ҷо будӣ?

– Ин ҷо будам! – гӯён халоҷоро нишон додам.

– Барои ҳамин ҳамеша «аз сари шом дарвозаро бандетон»- мегӯям, – гӯён падарам аз дасти модарам чароғро гирифта пеш даромад ва мо аз дунболи ӯ ҳамагӣ ба дари таҳхона рафтем. Дар ҳақиқат, ман дари таҳхонаро чунон сахт пӯшонда будаам, ки бо зарби худ дубора нимкоф шуда монда будааст. Мо ба он ҷо даромадем, бар рӯи хок як парча гӯшт меистод, аммо дар он ҷо касе набуд. Модарам гуфт:

– Маълум мешавад, ки ман занҷир кардани дари таҳхонаро фаромӯш карда будаам, ки гурба даромада аз тор ду парча гӯштро фуроварда, як парчаашро гирифта гурехта будааст.



Бо ҳамин падару модарам хотирҷамъ шуданд ва ман ҳам хотирҷамъ шуда, аз ҳавлӣ баромада омадам.

– Охир бе гӯшт омадам гӯй чӣ? – гуфт Қорӣ Усмон хашмгинона.

– Не, овардам! – гӯён рафиқи «гӯштдузди» мо кисаи ҷомаи таҳпӯшӣ ва қисабағалашро холӣ кард, ки аз онҳо ду илики сергӯшт бо як парча гӯшти лаҳми рон баромад...

Баъд аз ошро обу равған карда монданамон Қорӣ Камол ва Қорӣ Наҷм омаданд. Онҳо ҳарчанд аз омадурафткунандагони ихтиёрии он ҷо бошанд ҳам, имшаб ба шарафи Ҳоҷӣ Абдулазиз махсусан даъват шуда буданд.

Баъд аз соате Ашрафҷон Ҳоҷӣ Абдулазизро бо дутораш гирифта овард. Он шаб то дамидани субҳ ҳақиқатан базми ҷамшедӣ шуд, аммо базми «ҷамшедӣ»-и камбағалона буд, чунки аз хӯрданиҳо танҳо оши палав бо нони ҷӯборӣ дастархони моро «зинат» медод, аз нӯшиданиҳо фақат чойи кабуд ва чойи фомилиро бо қанд муҳайё карда тавониста будем ва аз рӯшноидиҳанда танҳо лампаи ҳафтум меафрӯхт.

Ҳарчанд Қорӣ Камолу Қорӣ Наҷм дар вақти дамгириҳои Ҳоҷӣ баъзан ғазалхонӣ кунанд ҳам, асосан ӯ бо навохтани дутор ва бо сурудани ғазалҳои обдор рашковари булбулони гулзор буд.

Ҳоҷӣ он шаб тамоман аз шеърҳои классикони тоҷик хонд. Аз он ҷумла, як ғазали лирикии радифаш «ноз»-и Бедилро суруд, ки як байташ дар ёдам мондааст ва ба ёдгории он шаб дар ин ҷо қайд мекунам:

Чашми масташ айни ноз, абрӯи мушкин нози маҳз,
Ин чӣ тӯфон аст, ё раб, ноз бар болои ноз?

Инчунин аз лирикаҳои Камоли Хуҷандӣ чанд ғазал хонд, ки аз як ғазали радифаш «натавон кард» се байт дар хотирам нақш баста монда буд, ки онҳоро низ барои ёдоварии он маҷлис дар ин ҷо навиштан муносиб дида шуд:

...Гар теғ занад душману гар таъна занад дӯст,
Қатъ аз тую савдои ту қатъо натавон кард.
Дар давлати хубӣ ба гадоёни дари хеш
Лутфе бикун имрӯз, ки фардо натавон кард.
Дарде зи ту дар ҷони Камол аст, ки онро
Илло ба висоли ту мудово[209] натавон кард.

Ин буд аввалин мулоқот ва шиносоиам бо Ҳоҷӣ Абдулазиз.

## ҒАЙБАТХОНА

Калонони гузари Лаби Ҳавзи Арбоб мадрасачаи он ҷоро «ғайбатхона» меномиданд, бинобар ин фарзандони худро ба омадурафт кардан ба он ҷо роҳ намедоданд. Аз бойбачагони он гузар ба он ҷо гоҳо Ғуломҷон меомад, ки вай ҳам аз падари сахтгир ва амаки сахт диндораш ин ҷо омаданашро пинҳон мекард.

Фарзандони дигари калоншавандагони он гузар, ки падарҳошон онҳоро аз рафтуои ин «ғайбатхона» манъ карда буданд, дар шабҳои дарози зимистон аз дилтангӣ дар самоворхонаи гузар ғун мешуданд. Самоворхонаи гузар чойхона

набуд ва қобили нишастан ҳам набуд, балки як хонаи сиёҳи дудолуди ифлос буд, ки вазифаи соҳиби он танҳо обиҷӯшфурӯшӣ буд, на чойи тайёр. Ин самоворхона аз раҳрави тангу торики ҳавлии соҳибаш як дари даромад дошт, ки дари даромади он раҳрав ҳам ба як паскӯчаи танги торики болояш пӯшида кушода мешуд. Ғайр аз ин, самоворхона аз тарафи лаби рӯд, ки вай ҳам як пиёдагарди камравуой буд, як даричаи патаки танг дошт, ки обиҷӯшхарандагон чойникҳошонро аз ҳамон дарича дода обиҷӯш гирифта мебурданд.

Ба ҳамин тариқа, ин самоворхона барои кардани ҳар гуна корҳои махфӣ қобил буд ва соҳиби самоворхона кӯкнорӣ буда, аввалин кори ӯ ҷавононро кӯкнорнӯшӣ одат кунондан буд; кори дигараш ин буд, ки дар дуконаш ғуншудагонро ба қиморбозӣ ва қартабозӣ ташвиқ карда, дар вақти бозии онҳо худ чӯтал мегирифт.

Хулоса, калонон ва диндорони гузар фарзандонашонро аз рафтуомад ба ин «ғайбатхона» манъ карда, бешуурона бо дасти худ «нури дидаҳо»-шонро ба лойдони қиморбозӣ, қартабозӣ ва кӯкнорнӯшӣ тела медоданд.

«Ғайбатхона» ном ниҳода шудани мадрасачаи Лаби Ҳавзи Арбоб як дараҷа дуруст ҳам буд, зеро бошандагон ва ояндагони он ҷо дар қатори машғулиятҳое, ки дар боло қайд карда шуд (байтбаракбозӣ, ҳа-бозӣ, суруд ва мусиқӣ ва монанди инҳо), як қисми муҳими вақтҳошонро ба «ғайбат» сарф менамуданд. Фақат бештарини «ғайбатҳо»-и онҳо ғайбатҳои шахсӣ набуда, шикоятҳои иҷтимоӣ буд, чунончи, аз миршаб, аз қозӣ ва раис ва аз амиру аҳли дарбори ӯ ва умуман аз ҳокимони шаҳру саҳро ва аз кирдорҳои бади ба омма зарарноки бойҳо ва эшону муллоҳо шикоят мекарданд.

Дар он вақтҳо дар шаҳри Бухоро Абдураҳимбек ном миршаб буд, ки ба қавли одамони солхӯрдаи шаҳри Бухоро аз ӯ бадтар миршабро надида буд, балки ӯ бадтарини миршабҳо буд.

Умуман маъмурони амир (қозиҳо, раисҳо, ҳокимҳо ва дигарҳо) аз хазина моҳона намегирифтанд ва бо ягон роҳе, ки аз замони пеш одат шуда омадааст, маишати худро таъмин карда, ба амир ҳам пешкаш мекарданд. Дуруст аст, ки он маъмурон ҳам бисёр пора ва ришва мехӯрданд ва бар сари аҳолӣ ҷанҷолҳо хезонда, хонаҳошонро хароб менамуданд, бо боён ва судхӯрон як шуда мардумро толону тороҷ мекарданд, бо баҳонаи андозгирӣ халқро ҳатто ба фурӯхтани духтар ва писарҳошон водор менамуданд; дар ин миён онҳо манбаи даромади рӯйрости одатӣ ҳам доштанд.

Аммо миршабҳо ягон даромади рӯйрост надоштанд, вазифаи аввалини онҳо дуздонро дастгир кардан буд, лекин бо дуздон шарик шуда, мардумро тороҷ мекарданд; вазифаи дигарашон қиморбозиро манъ кардан буд, аммо дар қаровулхонаҳои худ қиморхона кушода, номи онро «пойтуғ» монда буданд, ки аз нима зиёди бурдубойи қиморбозон бо номи чӯтал ба кисаи онҳо медаромад ва монанди инҳо.

Аммо Абдураҳимбек, ки аз понздаҳ сол зиёдатар дар Бухоро миршаб шуда буд, барои тороҷ кардани мардум ҳар рӯз усулҳои нав ба нав мебаровард. Масалан, ӯ шабона одамони худро фармуда, ба дарвозаи одамони бономус мурдорӣ мемолид ва фардои он шаб соҳиби ҳавлиро бурда ба ҳабс мекашид ва мегуфт:



– Агар ту, ё занат, ё духтарат одамони пок мебудетон, ҳеҷ гоҳ ба дарвозаи ту мурдорӣ намемолиданд. Пас туро ба ҷаниби олӣ арз карда, ба зиндон фиристодан лозим аст.

Он бечора, агар бо фурӯхтани ҳавлиаш ҳам бошад, ба миршаб пул дода, зудтар худро халос мекард.

Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар ҳамин маврид рубоии зеринро гуфта буд:

РУБОӢ

Эмин ҳамаро ҳақ аз асас* гардонад
В-аз бӯи бади ӯ, ки нафас гардонад;
Гар ...ҳ набувад асас, чаро ин миқдор
Дарвозаи халқро наҷас** гардонад?

Абдураҳимбеки миршаб як одами кӯтоҳқомати фарбеҳ буд, ки гардану шикаму ронаш қариб ҳамвор ва баробар буданд, бинобар ин мардум ӯро «ғӯладинг» мегуфтанд ва дар пеши одамонаш ва ҷосусонаш ӯро ба ин «унвон» ном бурда дашном медоданд.

Писари ӯ, ки Давронбек ном дошт, аз худаш ҳам бадтар, сахтдилтар ва золимтар буд. Ӯ шабу рӯз маст шуда, бо ҷилавдорони себанд (калтак)-дораш савора мегашт ва одамони бечораи ба сабабе ба дасташ афтодаро ба баҳонае ва гоҳо бе ҳеҷ баҳона мефармуд, ки одамонаш даст гирифта истода калтаккорӣ мекарданд ва худаш бар болои асп истода ба сари онҳо бо тозиёна мезад ва дашномҳои қабеҳ медод ва дар ҳолате, ки худаш маст буд, он гуна одамро баъд аз «чӯбкорӣ» кардан «маст ба даст афтод»- гӯён ба ихтиёри падараш мефиристод ва падараш он бечораро ҳабс намуда, шиканҷа карда пул мегирифт. Агар пул нарӯяд ва ё он одам пули доданӣ надошта бошад, «дузд» гӯён ба зиндон мефиристод ё ба сарбозии амир медод, ки ин кор ҳам аз хобидан дар зиндон бадтар буд.

Ҳайрат кори ин падару писарро дар рубоии зерин тасвир карда буд:

РУБОӢ

Фарёду фиғони ман зи дасти писарат!
Вожуниам аз қадди фарасти писарат!
Эй шаҳна***, ба манъи мо зи май кӯшӣ чанд,
Нокарда назар ба чашми масти писарат?!

Дар «ғайбатхона» дар ҳақи миршаби «ғӯладинг» боре як қитъаи ҳаҷвия навишта шуд, ки эҷодкунандаи он (бо таъбири имрӯза) коллектив буд. Дар эҷод кардани коллективонаи он ҳаҷвия Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ[210], Мирзо Иброҳими Субҳӣ ва ман иштирок карда будем. Аммо дар шаби дигар он шеърро Ҳайрат тасҳеҳ намуда буд.

Он қитъаи ҳаҷвия ин аст:

Ғӯладинго! Бар сари зин менишинӣ хуквор,
Ин аҷаб: гургони одамхор дар фармони туст.
Хукро фармондеҳи гургон надида ҳеҷ кас,
Ин «шараф» бо хислати гургонаат шоёни туст!

*Асас – миршаб.
** Наҷас – мурдорӣ.
*** Шаҳна – миршаб.

Хоҳ бошӣ хук, хоҳӣ гург, моро шуд яқин:
Хукбони гургтабъе зишт пуштибони туст*.
Дуздковӣ чанд? Эй сардастаи duzдон, бишарм!
Ин ҳама толон, ки мебинем, аз дуздони туст!
Баъд аз ин як хонаи обод натвон ёфтан,
Давр агар даври тую «даврон» агар «даврони» туст!**

Он ду рубоии дар боло қайдшуда ва ин қитъаи ҳаҷвия аз «ғайбатхона» берун рафта, дар миёнаи «ғайбатдӯстон» паҳн шуда буд, фақат рубоиҳо бо нусхабардорӣ даст ба дасти якдигар гузашта паҳн шаванд, ин қитъа даҳан ба даҳан паҳн мешуд, чунки муаллифони қитъа ҳам, иштироккунандагони асосии «ғайбатхона» ҳам, ғайбатдӯстон ҳам, ба сабаби зикр ёфтани «авсофи амир» дар вай, навишта нигоҳ доштан ва бардошта гаштани онро хавфнок медонистанд.

## «РАИЯИ РУСИЯ»

Дар ҳамон солҳо дар миёнаи ҷавонон як ҷавони ҷасоратманде пайдо шуд, ки падараш дар замони худаш аз муллоёни машҳури Бухоро будааст, ба ҳамин муносибат ӯро ҳар кас «махдум» мегуфт.

Ин ҷавон бо олуфтагони Бухоро ҷӯра ва ошно буда, бо онҳо рафтуомад дошт. Ба қавли олуфтаҳои Бухоро «даҳони он ҷавон бефаровез» ва ба қавли оммаи бухороиён ӯ «пӯртакигӯй» буд, яъне чизеро, ки ҳақ донад ва ё суханҳои танқидиро аз ҳар кас ки бошад ва ба ҳар кас ки бошад, бе ибо мегуфт.

Ин ҷавон аз иштироккунандагони доимии «ғайбатхона» набуда, гоҳ-гоҳ меомад ва дар ҳар омаданаш ягон кори аҷиберо, ки худ карда бошад ё ягон воқеаи ҳавасангезеро аз ҷое шунида бошад, ба иштироккунандагони «ғайбатхона» мегуфт ва зуд баромада мерафт. Агар сухани гуфтаниаш кӯтоҳ бошад, омада ҳатто бар рӯи ҳуҷра нагузашта, кафшашро накашида бар лаби пойгаҳ нишаста мегуфт ва хеста мерафт.

Ӯ бо хислати «даҳонбефаровезӣ» ё «пӯртакигӯӣ»-аш ба миршаб ҳам гап паронда мегашт. Ҳар қадар ки бадкирдории миршаб зиёд мешуд, ҳамон қадар ҳам нисбат ба ӯ пӯртакигӯии махдум авҷ мегирифт.

Ӯ дар вақтҳои ҳамин гуна авҷ гирифтани пӯртакигӯиҳояш шабе ба «ғайбатхона» омада, бар рӯи ҳуҷра гузашта нишаст ва:

– Ман раияи давлати Русия шудам, – гӯён гап сар кард.

Пеш аз он ки ман ҳикояи «раияи давлати Русия» шудани махдумро нақл кунам, бояд чӣ аҳамият доштани раияи давлати Россияро дар пеши ҳукуматдорони Бухоро ба тарзи муқаддимача гуфта гузарам:

Мувофиқи созишномае, ки дар байни ҳукумати Россия ва амир баста шуда буд, ҳукуматдорони Бухоро ҳақ надоштанд, ки раияи Россияро бо гуноҳе ва айбе дастгир намоянд. Агар ҳукуматдорони Бухоро ягон раияи давлати Россияро бар болои ҷинояти калоне бинанд, дар ҳамон вақт ҳам ба ӯ чизе нагуфта, ин

* Хукбони гургтабъе зишт – иборат аз амир аст.
** Калимаи «даврон» дар ин ҷо ҳам ба маънои муқаррариаш ва ҳам ба сифати номи писари миршаб буданаш гирифта шудааст. (Ин Даврон ҳамон Давронбек аст, ки дар соли 1918 ба муносибати воқеаи Колесов бо фармони амир Олим ба Қубодиён (Шаҳритузи имрӯза) омада, шоир ва маорифпарвари машҳур Мирзо Саҳборо кушт ва дар куштани ӯ аввалин шамшерро худ зад).



ҳолро ба қушбегӣ хабар медоданд ва ӯ ба гумоштаи сиёсии давлати Россия, ки дар Когон менишаст, менавишт.

Гумоштаи сиёсӣ, агар он раияи ҷинояткори худро аз нуқтаи назари худ (на аз ҷиҳати ҷинояташ) сазовори ҷазо донад, ба ӯ ҷазо дода, ба қушбегӣ хабар медод, вагарна ба қушбегӣ «мактубатон расид ва мазмунаш ба маълумот гирифта шуд»- гӯён мактуби ҷавобии кӯтоҳе мефиристод ва бо ҳамин масъала тамом мешуд.

Бинобар ин баъзе касон, бо вуҷуди бухороӣ буданашон, барои нигаҳдорӣ кардани худ аз ҳуҷуми ҳукуматдорони амир раияи Россия мешуданд ва баъзе бухороиён ҳам буданд, ки барои бе бозхост ва хотирҷамъона давом кунондани бадкирдориҳои худ ба раиягии давлати Россия медаромаданд.

Мо, ки ин ҳолро медонистем, ба раияи давлати Россия шудани махдум тааҷҷуб накардем, чунки он гуна одами «даҳонбефаровез» ва нисбат ба ҳокимон, хусусан нисбат ба миршаб, пӯртакигӯй бе раияи давлати Россия шудан аз дасти амалдорони амир ҷон ба саломат бурда наметавонист.

Аммо, вақте ки ҳикояи махдумро шунидем, раияи давлати Россия шудани ӯ тамоман чизи дигар шуда баромад: назар ба қавли ӯ, вақте ки вай ҳуҷуми худро ба миршаб, ба писараш – Даврон ва ба одамони наздикаш бо суханони нешдори нештармонанди худ зиёд кардан хостааст, барои ҳимоят худро раияи давлати Россия нишон доданро ҳам муқаррар намудааст. Баъд аз он ки чунин ҳомии пурзӯре ба худ муҳайё кардааст, дар чанд ҷо чандин бор қитъаи ҳаҷвияи дар боло қайдшударо ба одамони наздики миршаб шунавонда хондааст.

Азбаски муллоҳои калон ва фарзандони онҳо монанди хоҷагони ҷӯйборӣ ва мираконӣ дар пеши амир ва дарбориёнаш ҳурмати махсус доштанд, одамони миршаб ҷуръат накардаанд, ки ба ӯ чизе гӯянд ё дастгир кунанд, фақат онҳо ҳам дар қатори дигарон, ки бо шунидани он байтҳо завққунон механдиданд, заҳрхандае карда мондаанд, лекин ба миршаб мазмуни он байтҳоро бо оҳанги хониши махдум ва хандаи мардум хабар додаанд.

Миршаб дар ҷавоби ин хабари одамонаш, ҳарчанд ба дастгир кардани махдум фармон надода бошад ҳам, ба онҳо:

– Ҳар кор вақту соат дорад, ҳар гоҳ ки ҳамон вақту соат расид, ӯ ҷазои сазоворашро хоҳад дид. Ҳурмати муллозодагӣ ҳам як ҳудуд дорад, – гуфтааст.

Одамони миршаб аз ин суханони ӯ равшан фаҳмидаанд, ки ӯ нияти дастгир кардани махдумро дорад, аммо фурсати муносиб мековад, бинобар ин онҳо ҳам барои ба вуҷуд овардани он гуна фурсат тайёр шуда гаштаанд.

Дар он рӯзҳо айёми сайри Наврӯзӣ, ки дар пеши Ширбадан ном чорбоғи подшоҳӣ, дар беруни шаҳр, дар деҳаи Ширбадан ташкил меёфт, расидааст. Дар рӯзҳои он сайр одатан миршаб рӯзона дар даруни Қавола ном дарвозаи шаҳр менишаст, ки равандагони сайр аз он дарвоза даро-баро мекарданд.

Дар даруни дарвоза дар вақти баромадан аз шаҳр дар дасти чап айвон ва дар пешгоҳи айвон як ҳуҷрача буд. Миршаб гоҳо дар айвон ва гоҳо дар даруни он ҳуҷрача менишаст ва одамонаш дар ду тарафи кӯча аз айвон андак дуртар монанди сайёдон камин гирифта меистоданд. Онҳо агар касеро бинанд, ки рӯяш сурхтар аст ва аз ҷумлаи одамони «соҳибҳурмат» ҳам нест, «маст» гӯён ӯро дас-

тгир карда ба миршабхона мефиристоданд; ё ду каси «беҳурмат»-ро бинанд, ки бо ҳам баландтар гуфтугӯ карда хандида рафта истодаанд, «инҳо бо ҳам ҷанги-да тартибро вайрон карда истодаанд»- гӯён дастгир мекарданд; инчунин ягон писари бараҳнарӯеро бинанд, ки бе ҳомии пурзӯре ба сайр рафта истодааст, «ин барои бадгаштӣ рафта истодааст, ӯро тарбият кардан лозим аст» гӯён ба дом мекашиданд. Агар миршаб дар айвони дарвозахона нишаста бошад, барои «ҳурмати» ӯ саворагонро пиёда мекарданд, ки ба миршаб таъзимкунон салом дода аз дарвоза баромада, баъд аз он савории худро савор шаванд.

Ана дар ҳамин гуна як рӯз махдум бо як рафиқи худ аз бозори алаф фойтун савор шуда, рафтагори сайр гардида ба дарвозаи Қавола мерасад. Ҳарчанд миршаб дар даруни ҳуҷра буда, дар он вақт барои ҳурмати ӯ ҳеҷ касро аз саворӣ фуровардан лозим набошад ҳам, одамони ӯ ба мақсади ҷанҷол баровардa он фурсати муносиби дастгиркуниро муҳайё кардан, пеши роҳи фойтунро гирифта, махдум ва рафиқи ӯро маҷбур мекунанд, ки барои ҳурмати миршаб аз фойтун фуромада аз дарвоза бароянд.

Дар миёна ҷанҷол мехезад ва махдум ҳам бе ибо нисбат ба миршаб ва одамони ӯ носазо гуфтан мегирад. Ғалоғулоро шунида, Даврон, ки дар даруни ҳуҷра, дар пеши падараш нишаста будааст, ба айвон баромада, ба ҷанҷол ҳамроҳ шуда ба махдум гуфтааст:

– Шумо доим ба падари марҳуматон ғарра шуда, ба ҳукуматдорон беҳурматӣ мекунед. Ҳурмати ҳукуматдоронро дар қатори фуқароҳо (раияҳо) ба ҷо оред! Вагарна ба шумо он гуна муомила кардан лозим меояд, ки дар ин гуна мавридҳо ба дигар фуқароён карда мешавад.

– Бегиҷон! – мегӯяд махдум бо оҳанги истеҳзокорона. – Ҳоло шумо ба он гуна муомила кардан хурдӣ мекунед. Кадом вақт, ки монанди падаратон «ғӯладинг» шудед, дар он вақт мумкин аст, ки ин тарз гап занед ва он гуна муомила кунед.

Махдум баъд аз он ба пушти фойтунчӣ нихта карда:

– Ҳай кун! – мегӯяд.

Даврон ҳам ба одамонаш ишорат мекунад, ки роҳ диҳанд, то ки ӯ аз дарвоза баромада равад.

Баъди гузашта рафтани махдум Даврон ба пеши падараш даромадааст. Падараш ба ӯ гуфтааст:

– Ман ҳама суханҳои бадбӯи он шӯрапушт (хулиган)-ро шунидам. Ту он суханҳоро шунида истода чаро роҳ додӣ, ки ӯ баромада равад, чаро нафармудӣ, ки дастгираш карда ба миршабхона баранд? Ту бо ин нармдилӣ ва саҳлкориат ҳақ надорӣ, ки амалдори ҷаноби олӣ шавӣ ва аз ин роҳ нон хӯрӣ.

– Фойтунчӣ раияи Русия буд, – гуфтааст Даврон, – ман тарсидам, ки агар махдумро дастгир кунонам ва фойтунчӣ рафта ба кӯнсулхона[211] шикоят кунад ва гӯяд, ки «миршаб ва одамони ӯ маро ба кирокашӣ кардан роҳ намедиҳанд, одамони маро дар нимаи роҳ аз фойтунам фуроварда мегиранд ва маро аз пули киро маҳрум мекунанд», барои мо хуб намешавад. Махдумро бошад, дар ягон мавриди дигар дастгир кардан мумкин аст. Ҳоло вай аз Бухоро гурехта намеравад.



– Ин фикрат дуруст, – гуфтааст миршаб аз шасти аввалиаш фуромада, – ба раиягони давлати Русия эҳтиёткорона муомила кардан даркор аст. Аммо барои дастгир кардани он шӯрапушт мавриди дигарро нигарон шуда истодан лозим нест. Мавриди дигарро нигарон шуда истодан ба шунидани дашномҳои аз ин ҳам қабеҳтар мунтазир шуда истодан аст, одамонро гӯй, пеши ман дароянд.

Даврон одамони дар кӯча камин гирифта нишастаи падарашро ҷеғ зада даровардааст. Миршаб ба онҳо гуфтааст:

– Шумоён чор нафар-чор нафар дар бозори алаф навбатдор шуда истетон. Ҳар гоҳ ки он шӯрапушт аз сайр баргашта омада дар кирокашхонаи бозори алаф аз фойтун фуроояд, дарҳол дастгир карда, ба миршабхона баретон. Касеро ҳам, ки ба ӯ ҳамроҳ бошад, бо ӯ гиретон. Чунки одами рост ва дуруст бо одами бад дӯст ва ҳамроҳ намешавад. Ҷӯраи ӯ ҳам бояд мисли худаш шӯрапушт бошад.

Миршаб баъд аз ин фармон писараш Давронро дар ҷои худ дар пеши дарвоза гузошта, худ аспашро савор шуда ба миршабхона рафтааст.

* * *

Вақте ки Махдум бо рафиқи пагоҳонии худ аз сайргоҳ бо фойтун баргашта омада, дар бозори алаф, ки дар ҷануби мадрасаи Девонбегӣ, наздик ба Лаби Ҳавзи Девонбегӣ буд, фуромадааст, одамони миршаб ӯро дастгир карда, ба миршабхона бурдаанд.

Махдум дар вақти нақли саргузашти худ гуфт:

– Ман метавонистам, ки ба одамони миршаб итоат накунам, лекин барои дурусттар танбеҳ додани миршаб ва расво кардани ӯ бо рафиқи худ пеш-пеши онҳо даромада, мардонавор (на бандивор) ба миршабхона рафтам.

Вақте ки одамони миршаб Махдумро бо рафиқаш дар рӯ ба рӯи миршаб шинондаанд, ӯ онҳоро бо дашномҳои кӯчагӣ, бо алфозҳои қабеҳе, ки дар овони бачагӣ ва миршабии худ омӯхта будааст, ҳақорат додааст.

Махдум ҳамаи ин суханҳои бадбӯи ӯро бесаброна шунида оромона хомӯш истодааст. Аммо вақте ки миршаб ба одамони худ:

– Баред, ин шӯрапуштонро дар зинхона андозед, ба гарданашон чел ва ба поҳошон ишкел занед, ман аз ваҷҳи инҳо ба ҷаноби олӣ ариза навишта, баъд аз рухсати олиро гирифтанам, ба зиндон мефиристонамашон, ки дар он ҷо пӯсида бимиранд! – гуфтааст. Махдум аз бағали худ ду коғазро бароварда, ба миршаб нишон дода истода:

– Мо раияи давлати алияи Русия мебошем, ана ин коғазҳо поспурти мост. На шумо ва на амиратон ҳад надоретон ва ҳақ надоретон, ки моро дастгир кунетон. Аммо барои он беҳурматие, ки одамонатон ба мо дар вақти дастгир кардан ва овардани мо карданд ва барои ин дашномҳое, ки шумо моро додед, дар пеши суди Русия ягон-ягон ҷавоб хоҳед дод.

Миршаб бо шунидани ин суханҳо рангаш канда, чун барги бед ларзида, бо оҳанги узрхоҳӣ ва тавба забонаш гирифта-гирифта гуфтааст:

– Махдумҷон! Аз саратон гардам, ҳар беодобие, ки аз ман гузашта бошад, бахшед! Одамонамро ба сабаби ба шумо беҳурматӣ карданашон зада ба зиндон мефиристонам. Ман ба падари марҳуматон шогирд мебошам, аз рӯи қавли пайғамбар ва ҳазрати Алӣ, шогирд ба устод ғулом мебошад, ман ба падаратон ғуло-

ми бе дирам (бе пул) харида ва ба шумо, ки фарзанди азизи он кас ҳастед, ғуломи хоназоди ҳалқабагӯш мебошам.

Миршаб дар вақти гуфтани ин суханони охиринаш аз ҷои нармии гӯши худ бо ангуштони дасташ дошта, якрӯя шуда гӯшашро ба тарафи Махдум рост карда давом намудааст:

– Махдумҷон, шумо ҳақ доред, ки ана ҳамин тарз аз гӯши ин ғуломи хоназодатон дошта, ба хонаатон бурда кор фармоед ё ба бозор бурда фурӯшед. Ман нодонӣ карда, ба гапи одамон даромада, шуморо насиҳат кардан хоста будам, аммо нияти худам ба сабаби нодонии худам ба бадӣ гашт. Ман аз шумо мепурсам, ки ба хотири арвоҳи падаратон ин нодони ҳеҷмадонро бубахшед.

Миршаб ҳамин ки аз сухан бозистодааст, Махдум ба гап даромада гуфтааст:

– Дурӯғ мегӯӣ ту, беимони бевиҷдони беинсофи тарсончак! Ту падари маро ҳам, пайғамбару Алиро ҳам ба як пули сиёҳ намегирӣ. Магар ба падари ман шогирд буданат баъд аз дидани поспурти давлати Русия ба ёдат омад? Ту ҳеҷ касро намешиносӣ ва ба ҳеҷ кас ҳурмат он сӯ истад, раҳм ҳам намекунӣ. Аммо ту, беимон, аз ҳукумати Русия тарсида, ин гапҳои дурӯғро гуфта истодаӣ. Ту дар пеши амир ва ҳукумати Русия хар ва бар сари одамон хук ва гург мебошӣ...

Миршаб дидааст, ки ба суханони нешдори Махдум тоб оварда наметавонад, аз ҷояш хеста, аз дари дигари хона баромада ба ҳавлии дарунаш гурехта даромада рафтааст ва аз он ҷо ду ҷомаи шоҳии ҳисориро бо маҳрамаш фиристодааст, ки ба Махдум ва рафиқаш пӯшонда, онҳоро гусел кунанд.

Аммо Махдум ҷомаҳоро ба замин партофта, ба болои онҳо туф карда, бо пояш молиш дода, миршаб ва одамони ӯро дашномдеҳон аз миршабхона бо рафиқаш баромада рафтааст.

Баъд аз он ки Махдум саргузашт ва моҷарои бо миршаб кардаашро нақл карда тамом намуд, ман аз вай пурсидам:

– Шумо кай раияи Русия шуда будед, ки мо то ҳол нашунида будем? Поспуртатонро бароред, бинем, ки поспурти давлати Русия чӣ навъ мешудааст?

– Ман аз вақте ки ба миршаб муқобил баромадам, барои ҳимояти худ раияи Русия шуданро хостам. Аммо барои осон кардани кор ба кӯнсулхона ариза надода, аз атторӣ ду поспуртро барои худам ва рафиқам харидам, – гӯён Махдум ду коғазро аз бағалаш бароварда ба мо нишон дод.

Мо он коғазҳоро аз назар гузаронидем, ки ҳар дуи онҳо ҳам коғазҳои собунпечонӣ будаанд. Дар он вақтҳо собунҳои хушбӯи қиматбаҳоро дар заводҳои собунпазӣ барои хубтар ҷалб кардани назари харидорон дар коғазҳои сафеди ғафси пурнақшу нигор печонда ба бозор мефиристоданд. Азбаски он завод аз тарафи давлат мукофотонида шуда будааст, ба он коғазҳо фармони дар бораи мукофот содиршударо бо хати ҷалии русӣ чоп карда, бар болои он фармон герб (тамға)-и давлатро ҳам нақш карда будаанд.

Миршаб, ки хати арабиро ба зӯр мешинохт ва ҳарфҳои русиро ҳеҷ намедонист, паспорти давлати Россия будани он коғазҳои пурнақшу нигорро бовар кар-даast, одамони ӯ бошанд, тамоман бесавод буданд, ки ҳарфи русӣ он тараф истад, ҳарфи арабиро ҳам, ки он вақтҳо дар Бухоро дар амал буд, намешинохтанд.



## «ДУЗДИИ» ҲОҶӢ-МАХДУМ*

Махдум як дараҷа одами беэҳтиёт буда, бо хоҳиши хислати даҳонбефаровезӣ ва пӯртакигӯиаш ҳар суханро дар ҳар куҷо беибо ва ҷасурона мегуфт. Ӯ бо хоҳиши ин хислати худ воқеаи дар байни миршаб ва худаш гузаштаро дар ҳар ҷо ҳикоя карда, одамонро хандонда гашт. Кам-кам сохтакорона худро раияи Россия нишон доданаш ба гӯши миршаб мерасад ва ӯ аҳмақона фиреб хӯрдани худро мефаҳмад. Миршаб, ки дар асл дар ҳаққи Махдум кинаи сахт дошт, ба болои вай ҳақоратҳои аз ӯ дар рӯзи дастгир кардан шунидааш зам шуда ва фиреб хӯрданаш ба болои он кинаҳо сарборӣ гардида, сахт ба ғазаб меояд ва дар пайи бераҳмона ниқор гирифтан меафтад.

Махдум, ки ин аҳволро шунид, донист, ки ин дафъа дастгир шавад, аз дасти он золим раҳоӣ нахоҳад ёфт, бинобар ин бо маслиҳати дӯстонаш аз Бухоро тамоман гурехта меравад ва чанд сол дар Арабистон ва Ҳиндустон сарсариёна ва бо ҳоли табоҳ қашшоқона мегардад.

Дар ин миён Ҷонмирзо қушбегӣ, ки бо таъбири мамлакатҳои мутамаддин сарвазир ҳисоб меёфт, вафот карда, дар ҷои ӯ Остонақул девонбегӣ қушбегӣ шуд. Дар хориҷа гуреза гаштани Махдум ҳам дер кашида, воқеаҳое, ки дар байни ӯ ва миршаб воқеъ шуда буданд, кӯҳна гардида, қариб аз хотирҳо баромаданд. Бинобар ин хешовандони Махдум ба ӯ хат навишта маълум кардаанд, ки бо мурдани қушбегии пештара ва ба рӯи кор омадани қушбегии нав дар Бухоро «адолат» ҷорӣ шуд, акнун на миршаб, на одамони ӯ ва на ҳукуматдорони дигар ба аҳолӣ зӯру зулм карда наметавонанд, чунки қушбегии нав «адолатпарвор» буда, роҳ намедиҳад, ки аз маъмурони ҳукумат ба аҳолӣ бедод расад...

Соҳибони мактуб ба ҳамин тариқа хати ташвиқотии батафсиле навишта, аз ӯ талаб кардаанд, ки акнун ба ватанаш баргардад, ба ӯ ҳеҷ зарар ва заҳмате нахоҳад расид.

Махдум, ки дар хориҷа аз бебизоатӣ дар азоб буд, бо гирифтани ин мактуб зуд баргашта омад ва дар Бухоро бо унвони «Ҳоҷӣ-махдум» зиёфатхӯрӣ карда гашт. Бо омадани Махдум ба Бухоро кинаҳои кӯҳнаи дар дил доштаи миршаб тоза шуда ба ҳаракат омада бошанд ҳам, дарҳол ба Ҳоҷӣ-махдум ҳуҷум карданро муносиб намедид, чунки ӯро дӯстони кӯҳнааш ва умуман оммаи мардум ба сифати «Махдуми пӯртакигӯй» (ҳақгӯй) буданаш дӯст медошта бошанд, муллоҳои калон ва умуман калоншавандагони Бухоро бо сифати муллозода ва хусусан Ҳоҷӣ-махдум шуда омаданаш ҳурмат мекарданд. Бинобар ин ба ӯ бе ягон сабаби аз тарафи калонон қабулшаванда даст расондан душвор буд.

Махдум ҳам «ҳурмати ҳоҷигӣ»-и худро нигоҳ дошта, ба кӯчаҳо бисёр намебаромад, ба базмҳо намерафт, бо олуфтагон ҳам рафтуои сабукона намекард. Ба ҳамин ҳол тахминан ду ё се моҳ зиндагонӣ карда буд, ки боз ба ӯ бо одамони миршаб ва миршаб рӯ ба рӯ шудан ва ҷангу ҷидол кардан лозим омад.

Ин воқеа чунин рӯй дод, ки яке аз мӯйсафедони гузаре, ки Махдум ҳам дар он ҷо менишаст, тӯй ва базм кардааст. Махдум ба муносибати ҳамгузаригӣ ба

* Ин воқеа аз ин ҷои «Ёддоштҳо» якчанд сол дертар воқеъ шуда бошад ҳам, ба сабаби ба миршаб ва ба воқеаи дар боби боло навишташуда алоқаи пурра доштанаш барои нигоҳ доштани робитаи ҳикояҳо дар ин ҷо қайд карданаш муносиб дида шуд.

тӯйи ӯ рафта бошад ҳам, дар қатори ҷавонони гузар дар базм иштирок карданро ба «Ҳоҷӣ-махдум» муносиб надида, ба базм нарафтааст.

Шабона дар базмхона ҷавонони гузар, меҳмонони беруна ва «дойрахабарон» ғун шудаанд. Дар айни гармии базм чор нафар одамони миршаб, ки шаҳрро гардиш карда гашта будаанд, ба базмхона омада даромадаанд ва соҳиби тӯйро маҷбур кардаанд, ки ба онҳо пули шароб диҳад ва яке аз онҳо ба ҳамон пул аз дукони Лазари арманӣ, ки ба раиягони Бухоро шароб фурӯхтанаш мумкин набуд, арақ харида оварда, нӯшидаанд.

Одамони миршаб баъд аз он ки маст шудаанд, бетартибӣ сар карда, ба ҷавонони гузар ва ба меҳмонон гаппарронӣ намуда ҷангҷӯӣ кардан гирифтаанд.

Соҳиби тӯй пай бурдааст, ки одамони миршаб мехоҳанд як ошӯб хезонда, чанде аз ҷавонони гузар ва меҳмононро дастгир карда ба миршабхона бурда, пули бисёре рӯёнанд, аз касе пул нарӯяд, ба сарбозии амир ё ба зиндон фиристонанд.

Соҳиби тӯй, ки як одами бечораи кафшдӯз буда, додаш ба ҷое намерасид ва медонист, ки ҳамгузариаш Махдум пеш аз ҳаҷ рафтанаш ба миршаб ғалаба карда ӯро беобрӯй карда буд ва ҳоло ки аз ҳаҷ Ҳоҷӣ-махдум шуда омада, обрӯяш зиёда гардидааст, давон пеши ӯ рафта, аз ӯ ёрмандӣ пурсидааст:

– Агар ёрӣ надиҳед, тӯямро вайрон карда, каси бисёреро ба ҳабс мегиранд, аҷаб нест, ки мани мӯйсафедро ҳам ва писарамро ҳам, ки домод шуданӣ аст, ба ҳабс гиранд. Дар он вақт ба болои беобрӯӣ ҳавлиамро фурӯшам ҳам, харҷи миршабхонаро адо карда наметавонам, – гуфтааст.

Бо шунидани ин суханҳо ғайрати Махдум ба ҷӯш омада, ҷомаи «ҳоҷимахдумӣ»-ашро пӯшида, ҳамроҳи соҳиби тӯй ба ҳавлии ӯ рафта дидааст, ки ҳақиқатан одамони миршаб таблҳо, таблкӯбҳо ва себандҳошонро* дар гӯшае гузошта, худҳошон мастӣ ва бетартибӣ карда нишастаанд.

Махдум фикр кардааст, ки онҳоро бо суханони нарм ё бо ҷанги забонӣ аз он ҷо бароварда фиристодан мумкин нест, бинобар ин яке аз себандҳои онҳоро ба даст гирифта, бе ҳеҷ муқаддима ва гап задан бо қуввате ки доштааст, ба сари онҳо задан гирифтааст.

Одамони миршаб бо таъсири зарбаҳои ҷонкоҳ қадаре ҳушёр шуда фикр кардаанд, ки агар ба зарба бо зарба ҷавоб дода истодагарӣ кунанд, аҷаб нест, ки ҳамаи аҳолии гузар ва меҳмонон ба онҳо ҳуҷум оварда талаф намоянд, бинобар ин салоҳи кори худро дар гурехтан дида, таблҳо, таблкӯбҳо, себандҳо ва шишаҳои нимхӯрдаи аракро ба ҷояшон гузошта, худ бо сарҳои кафида ва рӯҳои хуншоршуда аз ҳавлӣ баромада бадар кандаанд.

Махдум баъд аз гурехта рафтани одамони миршаб таблҳо, таблкӯбҳо, себандҳо ва шишаҳои аракро ба сифати ҳуҷҷати бетартибии онҳо ба ҷавонони гузар бардоронда бурда, дар ҳавлии худ дар зери айвон гузошта, ҷавононро гусел карда, худ ба хонааш даромада хобидааст.

* * *

* Себанд аз чӯби заранги кӯҳӣ сохта мешуд, ки дарозиаш се газ, ғафсиаш баробари каланддаста меомад ва дар се ҷояш се банди биринҷӣ мегузарониданд. Ин силоҳ махсуси шабгардони Бухоро буд.



Одамони миршаб якчанд буғча моли дуздиро шабона аз болои боми ҳавлии Махдум гузаронда, бар рӯи ҳавлӣ фуроварда, дар таги айвон, дар пеши асбоби шабгардии худҳошон (таблҳою таблкӯбҳою себандҳо) гузошта, шишаҳои аракро, ки ягона ҳуҷҷати бетартибии худҳошон буд, гирифта бурдаанд ва дар вақти саҳар гурӯҳи калони одамони миршаб, ғайр аз онҳое, ки шаб дар базм маҷрӯҳ шуда будаанд, бо одамони қушбегӣ омада, ҳавлии Махдумро иҳота карда гирифтаанд ва баъд аз рӯз сафед шудан як қисми онҳо аз бом ба ҳавлӣ фуромада, «чизҳои издӣ»-ро ба даст дароварда ва Ҳоҷӣ-махдумро ҳам аз хоб бедор карда, дастгир намудаанд.

Гӯё он шаб Ҳоҷӣ-махдум бо дастаи дуздон аз як ҷо он молҳоро тороҷ карда оварда истода будааст, ки ба чанд нафар одамони миршаб рост омадааст. Онҳо, ки «барои муҳофизати шаҳр аз дуздон кӯчаҳоро гардиш карда гашта будаанд», дар дасти ҳамроҳони Ҳоҷӣ-махдум буғчаҳои молро дида, дар шубҳа афтода, барои «адои вазифаи худ» хостаанд онҳоро нигоҳ дошта пурсуков кунанд, аммо Махдум ба фармони онҳо итоат накарда, ба дастаи худ фармудааст, ки одамони миршабро зада беярок кунанд.

Азбаски дуздон бисёру одамони миршаб кам будаанд, то сарҳошон кафидан истодагарӣ карда муқобилат намуда бошанд ҳам, дар охир маҷбур шудаанд, ки таблҳо, таблкӯбҳо ва себандҳоро партофта гурезанд. Бо вуҷуди ин аз паскӯча ва тангкӯчаҳо аз паси дуздон поида рафта дидаанд, ки онҳо молҳои дуздиро бо асбоби шабгардҳо дар ҳавлии Ҳоҷӣ-махдум пинҳон карда, худ парокanda шуда рафтаанд. Махдум бошад, дар хонаи худ даромада хобидааст. Гӯё воқеа ин будааст, ки ба миршаб хабар додаанд ва миршаб барои дастгир кардани Ҳоҷӣ-махдум ва молҳои дуздӣ фармон дода будааст.

Одамони миршаб ин ҳикояти сохта ва бофтаи худро, ки дар сохтани он иштирок кардани миршаб бешубҳа аст, қасдан дар пеши ҳавлии Ҳоҷӣ-махдум бо шарҳ ва иловаҳои дигар ба мардум мегуфтанд, то ки ӯро дурусттар беобрӯй кунанд.

Чанд нафар одамони миршаб чизҳои дуздӣ ва асбоби шабгардонро бардошта ба паҳлуи Ҳоҷӣ-махдум гузоштанд ва дигаронашон пасу пеш ва росту чапи «дузд»-ро иҳота карда гирифтанд, то ки ӯ нагурезад ва бо ҳамин тантанаи намоишмонанд ба тарафи Регистон раҳсипор гардиданд. Хурду калон ва пиру ҷавони гузари Ҳоҷӣ-махдум ва ҳамсоягузарҳо, ки чӣ будани ҳақиқати воқеаро медонистанд, аз дунболи «намоишчиён» равона гардиданд, то ки агар мавридаш шавад, ҳақиқати ҳолро ба ҳокимон гуфта изҳори ҳақ намоянд.

Ҳоҷӣ-махдумро ба Регистон бурда, ба болои арк бароварданд, аммо аҳолии аз дунбол рафтаро ғайр аз мӯйсафеди кафшдӯз, ки соҳиби тӯй ва базм буд, роҳ надоданд. Шояд роҳ додани он мӯйсафед барои он бошад, ки роҳе ёфта ӯро ҳам ба пои Ҳоҷӣ-махдум печонанд, то ки аз вай ҳам бо дилхоҳи худ никор гиранд.

Одамони миршаб ва қушбегӣ Ҳоҷӣ-махдумро болои арк бароварда, ба маҳкамаи қушбегӣ дароварда аз беруни хона дар пеши он даре, ки қушбегӣ дар пеши он дар аз дарун менишаст, шинонданд. Миршаб ҳам дар даруни хона дар рӯ ба рӯи қушбегӣ менишаст.

Қушбегӣ аз одамони худ ва одамони миршаб сурати ҳолро пурсид. Ясавул-

бошии миршаб воқеаро ба тарзе, ки дар боло зикр ёфт, баён кард. Миршаб суханони одами худро, гӯё бар сари он воқеа шоҳид бошад, бо сарҷунбонӣ ва бо «ана ҳамин тавр» гуфтан тасдиқ кардан гирифт.

Баъд аз нақл ёфтани воқеа аз тарафи одами миршаб, қушбегӣ аз Ҳоҷӣ-махдум:

– Шумо чӣ мегӯед? – гуфта пурсид.

Ҳоҷӣ-махдум аз ҷайби худ мактуберо баровvarда истода гуфт:

– Ман аз бетартибиҳои Бухоро, хусусан аз зулму ситами миршаб ва одамони ӯ, ки ба аҳолӣ ва аз ин ҷумла бар худам мерафт, саргурез шуда, ба Арабистон рафта будам, дар он ҷо баъд аз ҳаҷ карданам дар Мадинаи мунаввара бо осудагӣ зиндагӣ мекардам. Аммо имсол ба ман аз Бухоро дар бораи вафоти Ҷонмирзо қушбегӣ ва ба мансаби вазорат нишастани ҷаноби шумо ин мактуб рафт, – гӯён Ҳоҷӣ-махдум мактуби аз ҷайбаш баровардаро ба қушбегӣ дод ва давом намуд:

– Чун ман дар ин мактуб хондам, ки бо адолатпарварии шумо аз Бухоро арақнӯшиҳо, бетартибиҳо ва бадкирдориҳои одамони миршаб барҳам дода шудааст, боз ба ватанам омадам. Аммо имшаб воқеае рӯй дод, ки бар хилофи он чизҳоест, ки дар ин мактуб навишта шудааст, – гӯён Ҳоҷӣ-махдум воқеаи он шаб дар ҳавлии мӯйсафеди кафшдӯз рӯйдодаро тамоман бо ростӣ гуфта дод.

Қушбегӣ он мактубро бо диққат хонда баромад, мундариҷаи он мактуб, ки сар то по оид ба таърифу тавсифи ӯ (қушбегӣ) буд, ба вай бисёр хуш омад. Чунки нависандагони он мактуб барои он ки Ҳоҷӣ-махдумро ба омадан ба Бухоро ташвиқ кунанд, шаҳрро ба сабаби «адолати» ин вазир монанди ҷаннати афсонавӣ «обод ва осуда» карда нишон дода буданд. Дар як ҷои мактуб ибораҳои зерин навишта шуда буд: «...Ин вазири беназир бадкирдориҳои миршаб ва одамони ӯро тамоман барҳам дод ва онҳоро чунон сарпаст кард, ки ба касе чашм ало намуда нигоҳ карда наметавонанд».

Мактуб бо як қувваи баланди боваркунонандагӣ навишта шуда буд, ки қушбегӣ ҳам ба корҳои накардаи худ қариб буд бовар кунад, ҳатто ӯ дар дили худ гузаронид, ки: «Аҷаб нест, ки корҳои адолатпарваронаро карда бошаму аз серкорӣ фаромӯш намуда бошам. Дар ҳар ҳол ин шарафи муфтро дар номи худ нигоҳ доштан даркор аст». Бинобар ин ба миршаб нигоҳ карда:

– Ҳайф ба шумо тӯқсабо (амали миршаб), – гуфт, – шумо ба ҷои он ки фармонҳои ҷаноби олӣ ва супоришҳои маро ба амал оварда, аз шаҳр бетартибиҳоро барҳам диҳед ва дар навбати аввал одамони худатонро саришта кунед, шумо онҳоро монанди галаи гургони ваҳшӣ ба сари аҳолӣ сар дода мондед. Шумо дарҳол... номи онҳо чӣ буд?

Қушбегӣ аз сухан бозистода лаҳзае хомӯш монд, баъд аз он худ ба худ суханони охиринашро бар забон ронда боз қадаре хомӯш истод. Шояд номҳои даркориро фикр карда ба ёд оварда натавониста бошад, ки ба Ҳоҷӣ-махдум нигоҳ карда пурсид:

– Номи он гургони ваҳшӣ, ки имшаб он ҳама бетартибиҳоро кардаанд, чист?

– Калонашон Кали Қурбон ва се каси дигар нафарони он! – гуфт Махдум дар ҷавоби қушбегӣ.



– «Кали Қурбон», – гуфт қушбегӣ худ ба худ ин номро аз забони Ҳоҷӣ-махдум гирифта ва баъд аз он ба миршаб нигоҳ карда сухани худро давом дод: – Шумо, тӯқсабо, дарҳол Кали Қурбонро бо ҳамроҳони дишабааш дастгир карда ба зиндон фиристонед, то одамонатонро ба тартиб наандозед, ба пеши ман наоед ва ба ман рӯ ба рӯ нашавед!

Миршаб чунон саросема шуда буд, ки чӣ кор карданашро намедонист, ӯ ин гапҳоеро, ки аз қушбегӣ шунида истода буд, гумон мекард, ки хоб дида истодааст, чунки ин гуна муомилаи қушбегӣ ба худаш фавқулода буд...

Қушбегӣ фармони худро ба тарзи кӯтоҳ такрор кард:

– Зуд хезед, аз пеши ман дур шавед!

Қушбегӣ ба Ҳоҷӣ-махдум, ки ба воситаи ин мактуб «номи неки» ӯро то Арабистон ва Ҳиндустон паҳн кардааст, илтифоти махсус кардан хоста, аз вай пурсид:

– Шумо, Ҳоҷӣ-махдум, дар Арабистон бояд забони арабро ҳам омӯхта бошед?

– Каме омӯхтаам.

– Ин тавр бошад, марҳамат карда ба пеши мо дароед. Мо як меҳмони араб дорем, ки забони ӯро намедонем, шумо тарҷумонӣ кунед, ки бо вай қадаре сӯҳбат кунем.

Ҳоҷӣ-махдум ба хона – ба пеши қушбегӣ даромад. Қушбегӣ ӯро дар наздиктари худ шинонда, ба пешаш дастархон фармуд.

Ҳоҷӣ-махдум, то омадани араб, дар сари дастархон боз чизи бисёреро аз кирдорҳои бади миршаб ва одамони ӯ ба қушбегӣ нақл кард. Қушбегӣ худро чунон нишон медод, ки гӯё ин аҳволро дар умри худ нахустин бор шунида истодааст ва сохтакорона афсӯс мехӯрд...

* * *

Ин ғалабаи Ҳоҷӣ-махдум ба миршаб ғалабаи бисёр намоён буд. Дафъаи аввал – пеш аз гурезагиаш, агар ба вай сохтакорона ғалаба карда бошад, ин дафъа рӯйрост ва бо ростгӯӣ ғалаба карда буд, ки ин пойдор буд. Бинобар ин ӯ хост, ки аз ин ғалабааш фоида бурда, миршабро дар пеши мардум расво кунад ва ба ҳамин мақсад дар кӯчаҳо мегашт, ки ӯро дар ягон ҷои серодам рост орад.

Ин ростоӣ бисёр дер накашид: рӯзе дар вақте ки Ҳоҷӣ-махдум аз тарафи Чорсу омада ба тахти тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон мефуромад, миршаб ҳам аз тарафи растаи Сӯзангарон ва бозори корд, дар ҳолате ки худ савора буда, дар ҷилаваш қариб панҷоҳ нафар пиёда медавид, намоён шуд. Пеш-пеши ин пиёдагон ясавулбошии миршаб табарзини ӯро, ки дар шакли моҳи панҷрӯза буда, мисли моҳ медурахшид ва дастааш нуқраи саводкорӣ[212] буд, баробари сари синаи худ дошта ва ба аҳолӣ намоиш дода меомад.

Тахти тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон ҷое буд, ки дар он ҷо ҳафт кӯча ба ҳам пайваста, ҳар кадоми онҳо бо равоқе ба зери он тоқ медаромаданд. Дар тарафи шимол ва ҷануби ин тоқ боз ду тоқи хурд ба ҳамин тоқи калон пайванд ёфта буд, ки дар тоқи шимолӣ бозори китоб ва дар тоқи ҷанубӣ бозори телпак таш-

кил ёфта буд ва дар сари ҳар кӯчае, ки ба ин тоқи калон мепайвастанд, низ монанди бозори кӯрпа, бозори ресмон (арғамчин), бозори чӯбкаду, бозори кафшу масҳӣ ва растаи саррофон барин бозорҳои серхаридуфурӯш воқеъ шуда буданд.

Хонанда аз ҳамин тасвири мухтасар хоҳад фаҳмид, ки тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон бо оянда ва равандагони ҳафт кӯча ва бо харидорон ва фурӯшгорони чандин бозор чӣ қадар одами бисёрро дар худ ғун мекунад.

Ҳоҷӣ-махдум дар миёнаҷои ана ҳамин тоқи серодам истода, расида омадани миршабро нигарон шуд. Ҳамин ки миршаб ба наздикии ӯ расида омад, ӯ бо овози баланди тантанадори ғолибона ба ӯ гуфт:

Ғӯладинго! Бар сари зин менишинӣ хуквор,
Ин аҷаб: гургони одамхор дар фармони туст.
Хукро фармондеҳи гургон надида ҳеҷ кас,
Ин «шараф» бо хислати гургонаат шоёни туст!

Ҳоҷӣ-махдум баъд аз хондани ду байти дар боло қайдшуда дигарбора ба миршаб хитоб карда гуфт:

– Ӯй ғӯладинг! Боз натонистӣ! Агар боз «ҳунаре» дошта бошӣ, кор фармо, ки ман низ ба ҷавоб додан ва барои туро боз ҳам расвотар кардан тайёр мебошад!

Бо сар кардани Ҳоҷӣ-махдум ба байтхонӣ оянда ва равандагон аз роҳ бозистодан гирифтанд ва бозориёни атрофи тоқ низ давон-тозон ба зери тоқи калон омада ғун мешуданд ва аз анбӯҳи мардум гузаргоҳ банд шуда буд.

Мардум дар вақти байтхонии Ҳоҷӣ-махдум чӣ будани воқеаро хуб нафаҳмида бошанд ҳам, аз хитоби охирини ӯ равшан фаҳмиданд, ки нишонаи ин тирҳои ҷонкоҳ миршаб аст ва якбора бо овози баланд ба қаҳқосзанон хандидан даромаданд.

Аммо баъзе бозориён нахандида ва аз оқибати ин кор тарсида ҳампаҳлуёни хандони худро нихта карда:

– Дам шин, эҳтиёт кун! Дасти ин золим ба гиребони Ҳоҷӣ-махдум нарасад ҳам, ин ҷо ғун шуда истодагонро аз ёд нахоҳад баровард ва аз мову ту бераҳмона ниқор хоҳад гирифт... – мегуфтанд.

Баъд аз ин ҳодиса дигар бор миршаб ба Ҳоҷӣ-махдум рӯ ба рӯ наёмад, ӯ ҳар гоҳ, ки савора ба кӯча мебаромад, як одами худро пештар мефиристод, ки он давру пешро аз назар гузаронда рафтан гирад, агар дар он ҷо Ҳоҷӣ-махдумро бинад, бо ишорате хабар диҳад, то ки ӯ аспашро ба ягон кӯчаи дигар гардонда равад.

Миршаб дар кӯчаҳои калони камодам ҳам, агар медид, ки Махдум аз дур намоён аст, аспашро ба ягон паскӯча мегардонд ва агар паскӯчаи муносибе ба назараш нанамояд, аспашро пас гардонда бо роҳи омадагиаш мерафт.

Албатта, хонандагон мунтазири онанд, ки бифаҳманд, миршаб баъд аз фармони қатъии қушбегӣ ба одамони худ чӣ муомила кард ва онҳоро чӣ гуна ҷазо дод?

Бо афсӯс хабар додан лозим аст, ки миршаб дар ин бора ҳеҷ коре накард, дар роҳи иҷро кардани фармони қушбегӣ ба Кали Курбон ва ҳамроҳонаш фармуд, ки чанд рӯз дар шаҳр ба назари мардум нанамоянд, ё дар ҷое рӯй пинҳон



карда нишинанд, ё ин ки ба саёҳати саҳро раванд, баъд аз ягон моҳ ин ҳодиса аз хотири қушбегӣ фаромӯш хоҳад шуд.

Миршаб баъд аз як рӯзи он ҳодиса бо баҳонае пеши қушбегӣ омад, то ки бинад қушбегӣ ҳанӯз аз ӯ дар ғазаб аст ё аз ғазабаш фуромадааст? Аммо қушбегӣ аз ӯ дар бораи иҷрои фармони худ чизе напурсид ва ҳол он ки ӯ ба миршаб дирӯз баъд аз фармон доданаш ба ҳабси Кали Қурбон ва ҳамроҳонаш гуфта буд, ки: «то одамонатонро ба тартиб наандозед, пеши ман наоед ва ба ман рӯ ба рӯ нашавед!». Ӯ дар муддати бисту чор соат ё аз «серкорӣ» ин фармон ва ин суханони худро фаромӯш карда буд, ё ин ки такрор кардани он фармон ва он суханонро, ки ба тартиби ҳукуматдорони амир халал мерасонид, лозим надид.

Натиҷаи ба назар намоёни ғалабаи Ҳоҷӣ-махдум ба миршаб ҳамин шуд, ки ғайр аз воқеаи тахти тоқи Хоҷа Муҳаммади Паррон, дигар миршаб то мурданаш ба назари ӯ нанамуд ва одамонаш дар гузари Ҳоҷӣ-махдум ва дар ҳамсоягузарҳои ӯ дигар бетартибӣ накарданд. Аммо дигар кирдорҳои бади миршаб ва одамонаш монанди пештара давом кардан гирифтанд.

**«НАБЕРАИ ФАЙЗӢ-АВЛИЁ»**

Аз тумани Вобканд, аз деҳаи Розмоз Мулло Амон ном касе буд, ки ӯ дар хурдсолиаш ба Бухоро барои хондан омада, таҳсили илм карда, дар ин ҷо монда буд. Дар вақтҳое ки ман бо ӯ шиносо шудам, чилупанҷсола буд. Бо вуҷуди ин ӯ безану фарзанд ва бехонаву ҷой буда, дар мадрасаи Турсунҷон дар як ҳуҷраи ориятӣ (аз они каси дигар) истиқомат мекард.

Ӯ қоматбаланд, тануманд, гандумгун, сиёҳчашму абрӯ ва сиёҳриш буда, дар зоҳири аҳволаш ҳеҷ аломати бемории дида намешуд, аммо аз баъзе ҳаракатҳояш, аз гуфтор ва кирдораш баъзе касон аломати девонагӣ ҳис карда, ӯро «девонанамо» мегуфтанд.

Лекин, ба фаҳми ман, девонагии ӯ ҳам монанди «девонагии» Яҳёхоҷа ва Абдулмаҷиди Зуфунун, ки зикрашон дар қисми III-и «Ёддоштҳо» дар саҳифаҳои 7 ва 9 гузашт, сохта буд[213]. Аммо дар ҳақиқат ӯро одами матин, солимақл, пурдон ва одамшинос гуфтан мумкин буд.

Ӯ аз баъзе ҷиҳат – аз ҷиҳати ба калонони он замон ба назари танқид нигоҳ кардан, ба Яҳёхоҷа ва ба Зуфунун монандӣ дошта бошад ҳам, аз бисёр ҷиҳатҳо аз онҳо фарқ дошт. Масалан, Яҳёхоҷа дар ҳар куҷо ва ҳар вақт калононро, хоҳ ғоибона бошад, хоҳ дар пешашон, дашном дода, кирдорҳои бади онҳоро фош карда мегашт. Мулло Амон бошад, капгап буд ва дар ҳар ҷо ҳар касро ҳақорат дода намегашт. Аммо агар гап аз бадкирдориҳои арбоби замона бароядаломатҳои исён ва шӯриш нишон дода, «аз дашном ва ҳақорат ҳеҷ чиз ҳосил намешавад, инҳоро табъаи гургӣ додан, яъне нест кардан лозим аст»- мегуфт.

Ӯ бо ҳамин хислати худ аз Абдулмаҷиди Зуфунун ҳам фарқи куллӣ дошт, ки Зуфунун бо вуҷуди аз арбоби замона сахт норозӣ ва аз онҳо нафрат доштанаш дар изҳори фикри худ пассив ва эҳтиёткор буд.

Мулло Амон аз илмҳои мадраса бештарин ба мантиқ ва ҳикмат машғулӣ мекард, илмҳои диниро – Қуръон, ҳадис ва фиқҳро «инҳо илм нестанд, инҳоро ҳар кас метавонад омӯзад, чунки ҳамагӣ дар китоб навишта шудааст. Илм он

аст, ки ақл дар вай кор кунад ва майдони фикрдавонӣ кушода бошад. Дар илмҳои динӣ бошад, дар чор тарафат деворҳои баланд ва сахт кашида мондаанд. Агар аз он деворҳо берун баромадан хоҳӣ, туро ин бетамизон дарҳол «кофир» мегӯянд» мегуфт.

Ӯ дар сабаби ба илми мантиқ ва ҳикмат шавқ пайдо карданаш мегуфт, ки: «ман дар хурдсолиам дар саҳро дар бораи Абӯалӣ ибни Сино бисёр ҳикояҳои афсонавӣ ва воқеиро шунидам. Ман дар он вақтҳо дар Вобканд дар сари мазори Мири Хурду Мири Калон истиқомат намуда, дар пеши муллоҳои он ҷо дарс мехондам ва дар дили худ қарор дода будам, ки ҳар вақт барои хондан ба мадрасаҳои шаҳри Бухоро равам, роҳи Абӯалиро хоҳам пеш гирифт. Ман он вақтҳо чунин мепиндоштам, ки дар шаҳри Бухоро пайравони Абӯалӣ Сино ҳастанд».

Ӯ сухани худро давом дода гуфт: «Падари марҳумам, ки маро барои дур накардан аз худ рухсат намедод, ки барои таҳсил ба шаҳр равам, вафот намуд. Ман ҳам озод шуда, ба шаҳр омадам ва дар ин ҷо пурсуков кардам, ки пайравони Абӯалӣ Синоро ёбам. Ба ман Мулло Ҳомиди Арабро нишон доданд, ки «танҳо ҳамин дӯстдори ҳикмат ва фалсафа аст ва ӯро метавон пайрави Абӯалӣ Сино гуфт, ман ба он кас шогирд шудам. Он кас аз илми мантиқ қадаре маълумот дошт, аммо аз ҳикмат ва фалсафа, ки мақсади аслии ман буд, чизе гуфта натавонист. Кам-кам пай бурдам, ки ҳаким ва файласуф будани домуллои ман танҳо дар ин аст, ки худро ба ҳакимӣ ва файласуфӣ шӯҳрат додан мехоҳад, бинобар ин ба улуми динӣ ва амалиёти динӣ он қадар аҳамият намедиҳад, то ки муллобачагон ӯро «ҳаким ва файласуф» гӯянд.

Ӯ қадаре ором истода, боз давом кард: «Медонӣ, дар дунё бештарини одамон аз пайи шӯҳрат мегарданд, қиморбозон, вартишбозон, мурғбозон ва харкорон ҳам дар олами худ дар ҷустуҷӯи шӯҳрат мебошанд. Уламои динӣ ҳам, бо вуҷуди надонистанашон улуми диниро, худро бо унвони «олими динӣ» шӯҳрат додаанд, ки ин шӯҳрат дар байни галабесаводон хеле ба осонӣ ба даст даромадааст. «Ҳазрати устоди ман» ҳам монанди ҳамин уламои динӣ, дар ҳолате, ки аз ҳикмат ва фалсафа бӯе набурдааст, ба осонӣ худро ба ҳакимӣ ва файласуфӣ шӯҳрат дода тавонистааст. Дар ҳар ҳол, агар аз нуктаи назари шӯҳратпарастӣ нигоҳ кунем, домуллои ман нисбат ба уламои динӣ роҳи дурусттар ёфтааст, зеро уламои динӣ он қадар бисёранд, ки агар сагро занӣ, ба болои онҳо меафтад, аммо дар Бухорои имрӯза касе, ки дар ҳикмат ва фалсафа шӯҳрат ёфтааст, танҳо устоди ман аст, ки ин шӯҳрати азим аст».

Мулло Амон дар охири сухани худ гуфт, ки : «Чун ман аз ёфтани пайравони Бӯалӣ ва донандаи ҳикмат ва фалсафаи ӯ маъюс ва ноумед шудам, дар пайи мутолаа афтодам, аммо афсӯс, ки на китобҳои Абӯалӣ Синоро ёфтам ва на он китобҳоеро, ки дар онҳо гуфтаҳои Абӯалӣ ба тафсил нақл ёфта бошад. Ночор ба мутолааи ҳамон китобҳое маҷбур шудам, ки дар онҳо баъзан мусаннифи китоб «қола-ш-Шайхурраис» («гуфтааст Абӯалӣ Сино») гӯён ҷумлаеро аз он ҳаким ё барои қувват додан ба сухани худ, ё барои рад кардани сухани ӯ (бештарин барои қувват додан ба суханони худ) нақл мекунад. Ин китобҳо ҳамон китобҳоанд, ки дар дарсхонаҳои Бухоро якчанд сатр аз аввали онҳо, яъне хутба ва дебо-



чаи онҳоро мехонанд. Ман бошам, даруntари онҳоро сайр карда гаштам. Дар натиҷа на олими динӣ шудам, на ҳакиму файласуф шудам, балки дар дунё як «бекорхӯҷа» шуда мондам, ки маро «овораи ду дунё» гуфтан мумкин аст».

– Аҳмади Калларо* донишманди бузург мегӯянд, магар шумо бо ӯ алоқа набастед? – ман аз Мулло Амон пурсидам.

– Алоқа бастам, рафтуой кардам, ҳоло ҳам баъзан ба ҳузури ӯ рафта меоям. Ҳақиқатан ҳам ӯ бузургтарини донишмандони замони мост. Лекин ман дар дунё «нодони саргардон» бошам, ӯ донишмандест, ки сари каловаи худро гум кардааст, – гуфт Мулло Амон дар ҷавоби ман ва дар роҳи тафсил додани ин сухани худ давом намуд: – Ӯ дар хурдсолӣ бисёр илму фазлро аз худ кардааст. Баъд аз он дар дарбори амир афтодааст, разолатҳо ва бетартибиҳои он ҷоро дида дилтанг шудааст. Баъд аз он бо ҳайати сафорати амир Русияро дида омада, хостааст, ки дари хонаи амирро ҳам ба тартиб андозад. Албатта, ин хаёли хом буд. Зеро ба тартиб андохтан ва аз мурдориҳо тоза кардани хархона ва говхонаҳо мумкин аст, чунки бошандагони он ҷоҳо ба одам итоат мекунанд, аммо ба тартиб андохтани як гала говон ва харон, ки худро ҳокими мутлақ ва соҳиби мурдаву зиндаи одамон медонанд ва тоза кардани бошишгоҳи онҳо чӣ гуна мумкин мешавад?

Мулло Амон давом карда гуфт:

– Чун Аҳмад-махдум дар дарбори амир ягон кори ба мардум фоиданок карда натавонист, дилтангии ӯ ба дилгирӣ анҷомида, аз он ҷо худро канора кашида хонанишин шуд. Аммо хонанишинии ӯ монанди баъзе девонагон, ки гӯё тарки дунё карда гӯшагир мешаванд, мардумгурезона набуда, хонаи ӯ доимо аз дӯстонаш пур мебошад. Ӯ бо онҳо гарм меҷӯшад, хандону шукуфон сӯҳбат мекунад. Аммо касе, ки диққат кунад, мефаҳмад, ки дили ӯ монанди лолаи шукуфта пурдоғ ва ҷигараш аз неши замона сӯрох-сӯрох аст. Ин ҳолати дарунии ӯ аз навиштаҳояш ба ҳар хонанда ва шунаванда зоҳир мегардад.

–Мазмуни навиштаҳояш чист ва шумо онҳоро хонда дидаед? –ман пурсидам.

– Ӯ бештарин вақти худро ба навиштан сарф мекунад, мазмуни навиштаҳояш шикоят аз замон ва аз амиру вазир аст. Ӯ касеро, ки қобили шунидани навиштаҳои худ донад, хонда мешунавонад ё коғазпорчаҳои навиштаашро медиҳад, ки хонда бинад. Ба ман ҳам гоҳ-гоҳ варақҳои парешонашро медиҳад, ки хонда мебароям...

Мулло Амон аз сухан бозистода, қадаре ба фикр фурӯ рафт ва баъд аз он ба сухан даромада гуфт:

– Лекин аз он навиштаҳои ӯ фоидае нест. Дуруст аст, ки агар дар мамлакати мо ҳам монанди мамлакатҳои дигар чопхона мебуд ва дар вай китобҳои нав ва аз ин ҷумла навиштаҳои Аҳмад-махдум ҳам чоп шуда мебаромаданд ва ба хонандаи бисёре дастрас мешуданд, аҷаб набуд, ки бо хондани он навиштаҳо чашми бисёр зулмдидагон ва аз зулм нафраткунандагон кушода мешуд ва ҳама якҷоя сар бардошта, ин гургони одамхорро тавбаи гургӣ медоданд. Аммо аз ин чӣ фоида, ки нависӣ, нависӣ, нависию он навиштаҳоро панҷ кас, даҳ кас, ниҳоят

* Дар Бухорои онрӯза Аҳмади Донишро бо унвони «Дониш» қариб ҳеҷ ёд намекарданд, бештарин «Аҳмади Калла» мегуфтанд ва баъзан «Аҳмад-махдум».

понздаҳ кас аз дӯстони наздикат хонда бинанд ва он коғазпорчаҳо дар гӯшае афтода монда, дар охир хӯроки мушон шаванд...

Мулло Амон лаҳзае хомӯш монда, боз давом кард:

– Чизе, ки маро ба ояндаи хубе умедвор мекунад, дигаргуншавандагии олам аст, ки ман инро дар китобҳои ҳикмат хонда бовар кардаам, дар қатори ин дигаргуншавиҳо аҷаб нест, ки тартиби мамлакати мо ҳам, ки айни бетартибист, дигаргун шуда, чопхонаҳо кушода шавад ва мумкин аст, ки баъзе навиштаҳои Аҳмад-махдум саломат монда, чоп шуда, дастраси омма гардад ё дар китобхонаҳо гузошта шавад, ки одамон хонда баҳра баранд. Лекин дар ҳамон вақт ҳам фоидаи ин навиштаҳо аз ин зиёд намешавад, ки хонандагон онҳоро хонда мефаҳманд, ки дар ҳамон замонҳои тиpаву торик ҳам одамони хирадманди бофазлу дониш будаанд, ки ин чизҳоро навишта аз худ ба ёдгорӣ гузоштаанд.

* * *

Ман Мулло Амонро ба муносибати ҳамсоятуман буданаш донам ҳам, аввалҳо бо вай шахсан шиносо набудам. Рӯзе дар гулзори гулфурӯшони беруни дарвозаи Мазор тасодуфан бо ӯ ҳамсӯҳбат шуда, шиносо гардидам. Ӯ ба назари ман аз одамоне, ки то он вақт дида будам, хеле дигар намуд. Баъд аз он мулоқот борҳо бо вай ҳамсӯҳбат шудам. Бештарин сӯҳбати мо дар гулзори мазкур воқеъ мешуд. Зеро ман одати вайро фаҳмида гирифта будам, ки дар ҳавоҳои нағз гашти рӯзҳо аз шаҳр баромада, ба он гулзор рафта, чойе нӯшида, ҳавои тоза хӯрда меомад. Ман ҳам ҳар гоҳ бо ӯ сӯҳбат кардан хоҳам, дар ҳамон вақт ба он ҷо мерафтам.

Кам-кам мо бо ҳам ҳолдон шудем ва гоҳо бо хоҳиши ӯ дуртар аз шаҳр рафта, дар киштзорҳои деҳқонон гардиш карда, ба шаҳр бармегаштем.

Ман хостам ӯро дар сӯҳбатҳое, ки дар мадрасачаи Лаби Ҳавзи Арбоб ташкил меёфтанд, иштирок кунонам, бинобар ин барои ҳавасманд кардани ӯ он сӯҳбатҳоро хеле дилчасп ва иштироккунандагони он маҷлисҳоро ҷавонони боақлу тамиз карда нишон додам.

Ӯ ҳам гоҳо ба он ҷо мерафт. Аммо дар он ҷо чизе намегуфт ва ба коре иштирок намекард ва монанди ҳайкали беҷон дар гӯшае менишаст ва ҳар гоҳ ки дилгир шавад, хеста мерафт. Бо вуҷуди ин пояшро аз ин ҷо намеканд – ҳафтае як ё ду бор омада меистод.

Баъд аз он ки Мулло Амон ба мадрасача борҳо омада рафт ва аҳолии он ҷо бо вай унсу улфат гирифтанд, яке аз онҳо аз ӯ пурсид:

– Шумо гоҳо дар маҷлисҳои камбағалонаи мо иштирок мекунед, ки мо аз ин ҷиҳат аз шумо миннатдор мебошем. Аммо аз он ҷо, ки шумо дар ин сӯҳбатҳо ҳеҷ гап намезанед, мо аз худ дар шубҳа мемонем ва дар дили мо мегузарад, ки шояд барои синни шумо аз мо бисёр калон ва мо хурдсол будан бо мо гап заданро ба худ муносиб намедида бошед, ё ин ки тарзи сӯҳбатҳои мо ба шумо мақбул набошад ва бинобар ин аз гап задан худдорӣ мекарда бошед?

– Ман, агар худро калонсол ва шумоёнро хурдсол дониста аз шумоён ибо мекардам, ба маҷлиси шумо намеомадам. Аммо аз он ҷо, ки ман шумоёнро бехтарини ҷавонони ҳозираи Бухоро донистам, бо вуҷуди сӯҳбатҳотон барои ман дилгиркунанда будан, поямро аз ин ҷо намеканам, чунки аз худҳотон дил канда наметавонам.

Аз охири сухани Мулло Амон ҳамаи аҳли маҷлис дар тааҷҷуб афтоданд ва яке аз онҳо ин тааҷҷуби умумиро ба забон оварда гуфт:

– Аҷаб аст, ки худи мо дилчасп бошему сӯҳбатамон дилгиркунанда бошад?

– Сабаби дилчасп будани шумоён, чунонки ҳозир гуфта гузаштам, бехтарини ҷавонони ҳозираи Бухоро буданатон аст. Ман, ки фарзандони ватани худро дӯст медорам, бехтарини онҳоро сахттар дӯст медорам, ки дил канад наметавонам. Аммо дилгиркунанда будани сӯҳбатҳои шумоёнро, агар ба шунидан рағбат дошта бошетон, ба исбот кардан тайёр мебошам.

Садои «мешунавем, мешунавем, марҳамат кунед!» аз ҳар тараф баланд шуд.

Мулло Амон сухан сар кард:

– Яке аз машғулиятҳои шумоён дар ин ҷо мусиқа аст. Мусиқа умуман хуб аст. Хусусан дӯстони созандаи шумо танбӯрро хуб менавозанд. Садои нохуни Ҳоҷӣ Абдураҳмон ва Раҳматхоҷа бисёр обдор аст. Аммо ба ман маъқул нест. Чунки садои танбӯр, хусусан аз расидани нохуни ягон ҳунарманд ба тор бароянд, дили шунавандаро об карда мегирёнад, ман бошам, гиря карданро бад мебинам. Шояд ин аз он сабаб бошад, ки ман аз хурдсолӣ дар саҳро бо шунидани овози дойра тарбия ёфтаам. Дар деҳаи мо, ки Розмоз аст, дар тумани мо, ки Вобканд аст, дар тумани Ғиҷдувон, ки ба мо наздик аст, чунон дойрадастони забардаст ҳастанд, ки аз хурӯшидани дойраи худ шунавандаро ба осмон мебароранд ва дар дили ӯ аз дарду аламу ғаму андӯҳ гарде намегузоранд. Хоҷа Ҳофиз беҳуда нагуфтааст, ки:

Шунидам, ки гар ғам расонад газанд,  
Хурӯшидани даф бувад судманд.

Мулло Амон қадаре хомӯш истода, боз ба сухани худ давом кард:

– Хусусан имрӯзҳо, ки бо таъсири аҳволи замон хеле ғамгин шудаам, мехоҳам, ки бо садои пурҷӯшу хурӯши дойра ҷӯшону хурӯшон ба кӯча бароям ва рустамвор наъракашон ба дари арки амир равам ва бо ғурриши шерона гӯям:

– Ӯй гургони одамхор! Аз шумо умеди одамгарӣ кардан ва одам шудани шуморо чашм доштан ғалат аст! Шуморо тавбаи гургона додан (яъне нест кардан) лозим аст.

– Машғулияти дигари шумоён байтбарак, зарбулмасал, мақол ва «ҳа-бозист», ки ин дар мақоми худ хеле дилчасп ва фоиданок аст, забонро бой ва тоза мекунад. Аммо дар аҳволи ҳозираи мо, ғайр аз барои шабгузаронии одамони бекор, ба чизе кор намеояд. Агар фоидаи ин бозиҳоро бо таъбири деҳқонон ифода кунем, «аз бекорӣ кадукорӣ» мешавад, – гуфт Мулло Амон ва баъд аз он ки чашмони худро ба чашмони аҳли маҷлис як-як дӯхта диққати ҳамаро ба тарафи худ кашид ва ҳамаро ба шунидани суханони худ тайёр дид, давом намуд: – Худатон фикр карда бинед: дар аҳволи ҳозираи мо, дар аҳволе, ки дар мактаб ва мадрасаҳои мо дарси забон нест ва дар мамлакати мо чопхона ва рӯзнома нест, аз бой шудан ва тоза шудани забони панҷ-шаш кас ва, агар бисёр бошад, аз забондон шудани даҳ нафари шумо ба худатон ва ба мардум чӣ фоида? Аммо агар дар мактаб ва мадрасаҳои мо дарси забон мебуд ва шумо чизҳоеро, ки дар ин

ҷо омӯхтаед, ба шогирдон ёд медодед, ё чопхона ва рӯзнома мебуд, ки шумо натиҷа ва хулосаҳои ҳаррӯзаи ин сӯҳбатҳои хуби худро чоп карда бароварда ба омма пешкаш мекардед, дар он вақт ин машғулияти шуморо пурфоида гуфтан мумкин буд. Ҳоло чӣ? Ҳоло ин кор, чунонки навакак гуфтам, «аз бекорӣ кадукорист».

Мулло Амон қадаре хомӯш истода, нафаси худро рост гирифта ва таъсири суханони худро санҷида дид, ки ҳамагӣ ҳаматан гӯш гардида ба шунидани суханони ӯ тайёранд, боз давом намуд:

– Машғулияти бисёр калони шумо, ки ба аҳволи ҳозираи мо вобастагии сахт дорад, шикваю шикояти шумоён аст аз аҳволи замон. Аммо, агар диққат карда бошед, на ба худҳотон ва на ба мардум ҳеҷ фоида надоштани ин коратонро худ мефаҳмед. Чунонки ба нолаву зории бевазанони шавҳармурда ва фарзанд ба зиндонафтода ҳеҷ кас парвое надорад, аз ин кори шумо ҳам абрӯи ҳеҷ бадкирдор хам намехӯрад. Оре, агар насиҳати Бедилро, чунонки ҳозир яке аз шумоён дар байтбарак хонд, ки гуфтааст:

> Бо сахтдилон шиори худ сахтӣ кун!
> Бардор ба оҳан оҳани тафтаро!

ба амал оварда, гургони одамхорро тавбаи гургона дода метавонистед, дар он вақт ба мардум фоидаи калон мерасондед. Афсӯс, ки ҳозир ин кор аз дасти шумо намеояд.

Зоҳиран, ин сухани Мулло Амон ба аҳли маҷлис маъқул шуд, ки ҳама сар ҷунбонда гуфтаҳои ӯро тасдиқ карданд ва яке аз иштироккунандагони он маҷлис: «чунон Ҳоҷӣ-махдум ба миршаб кард»- гӯён ба тарзи мисол воқеаҳои дар ду боби боло гузаштаро ба ёди аҳли маҷлис ва Мулло Амон расонид.

Мулло Амон бо шунидани суханони ӯ табассуми истеҳзокоронае карда ва сарашро бо ишорати инкор дутарафа ҷунбонда истода ба гап даромад:

– Кори Ҳоҷӣ-махдум, ки шумо онро «корнома» номидед, ба як пули пучак намеарзад. Ҳар корро аз нуқтаи назари фоидаи оммавиаш санҷида дидан даркор аст. Натиҷаи кори Ҳоҷӣ-махдум бошад, ғалабаи шахсии ӯст ба миршаб ва натиҷаи амалии ин кор ҳамин шуд, ки одамони миршаб дар гузари ӯ ва дар ҳамсоягузарҳои ӯ бетартибӣ намекунанд, аммо дар дигар гузарҳо бадкирдориҳои худро давом кунонда истодаанд ва инчунин миршаб, ки аз шармандагӣ тарсида дар кӯчаҳо аз Ҳоҷӣ-махдум мегурезад, корҳои золимона ва хунхоронаи худро бе ҳеҷ тарсу мулоҳиза монанди пештара бешармона ба амал оварда истодааст. Пас, аз он кори Ҳоҷӣ-махдум ба омма чӣ фоида расид? Ин кор ба он монанд аст, ки касе ба гург гӯяд: «Ба худам ва ба аҳли хонаводаам даст нарасон! Дигар ҳамаро дарронда хунашонро хӯрӣ, майлат».

Мулло Амон қадаре хомӯш монда, боз давом намуд:

– Агар қушбегӣ дар натиҷаи ғалабаи Ҳоҷӣ-махдум миршабро аз кор мегирифт ҳам, омма фоида надошт, чунки ба ҷои ӯ ягон каси аз вай ҳам золимтар меомад. Зеро одати ҳукумати Бухоро ҳамин аст, ки агар норизигии мардум аз ҳокиме ва амалдоре боло гирад, ӯро аз кор гирифта, ба ҷои вай аз вай бадтарашро мегузорад, то ки мардуми норозӣ «раҳмат бод ба кафандузди аввал» гӯянд ва аз тарси он ки боз бадтараш наояд, дигар аз ҳокимон ва амалдорон шикоят ва норозигӣ накунанд. Агар фарз кунем, ки Ҳоҷӣ-махдум миршабро мекушт



ҳам, боз фоида надошт, – гӯён Мулло Амон сухани худро давом дод, – чунончи, Муҳаммадшариф девонбегиро, ки барои мусодира намудани молу мулки касе ба хонаи он кас рафта буд, соҳиби хона ба ҷои калиди сандуқ таппончаро аз ҷайб бароварда, аз сари дили ӯ зада ҷо ба ҷо кушт. Натиҷа чӣ шуд? Натиҷа ҳамин шуд, ки кушандаро дастгир карда, аз ду пои ӯ бо арғамчин баста як нӯги арғамчинро ба дасти саворе доданд, ки аз тақими худ гузаронда ба қоши зин баст ва ба ҳамин ҳол дар кӯчаҳои шаҳр дар пеши назари аҳолӣ асп давонид. Ин ҳол на танҳо то мурдани он кас, балки то парча-парча аз ҳам ҷудо шуда, дар зери пою бари ҷомаҳои мардум пош хӯрдани гӯшту пӯсту устухонҳои он одам давом намуд. Дар ҳамон вақт ҳам аз бақияи гӯшту пӯсту устухонҳои он кас даст накашиданд, балки бароварда дар як кӯли беруни шаҳр партофтанд, ки сагон хӯрда тамом карданд. Одамоне, ки ин ваҳшониятро диданд, дигар ҷуръаташон намонд, ки бо он гургони одамхор нигоҳ кунанд ва мусодара ҳам давом кардан гирифт...

Мулло Амон бо таъсири ин ҳикояе, ки худ карда буд, фурсате андӯҳгинона сар хам карда хомӯш монд ва баъд аз он сар бардошта боз ба гап даромад:

– Маро набераи Файзӣ-авлиё* мегӯянд. Ин нисбатро ба ман барои он додаанд, ки ман аз деҳаи Розмоз мебошам ва Файзӣ-авлиё ҳам аз ҳамон деҳа буд. Бо вуҷуди ин ки ӯ дузди машҳур аст, ман аз ин нисбат ор намекунам, чунки ӯ мақсади хуб дошт. Агар ӯ дар дунё ягон кори намоёне мекард, ки аз вай ба мардум фоидае мерасид, ман аз ин нисбат ҳатто фахр ҳам мекардам. Аммо афсӯс, ки ӯ кори фоиданоке карда натавонист: пулҳои аз андоз ҷамъшудаи амирро дуздида ва хонаи бойҳоро зада, ба фақирон тақсим карда додани ӯ кор набуд. Бо он кор амир на танҳо андозҳои деҳқононро сабук накард, балки зиёдтар кард, то ки пули ба тороҷ рафтаро даҳчанд карда аз деҳқонон рӯёнад; бо он кирдори ӯ бойҳои ғоратдида на танҳо аз ҳаннотӣ ва судхӯрӣ бознаистоданд, балки ин кирдорҳои бади худро боз ҳам зиёдтар ривоҷ доданд, то ки ҷои молҳои дар пинҳонӣ ба дуздӣ рафтаи худро бо тороҷи рӯйрост чанд-чанд карда пур кунанд; фақирон бошанд, бо он панҷу даҳе, ки Файзӣ-авлиё аз тақсими молҳои дуздидаи худ ба онҳо медод, аз эҳтиёҷ набаромаданд. Натиҷаи амалии он корҳои Файзӣ-авлиё ҳамин шуд, ки худ ба дасти ҷаллодон афтода, аз манори калони Бухоро партофта шуд.

Мулло Амон дар охири сухани худ гуфт:

– Бинобар ин ман ба шикоятҳои хонагӣ, ки онро «заифнолӣ» гуфтан муносибтар аст, ба ҳаракатҳои ба танҳоӣ, ба қаҳрамониҳои ҷудогона муқобил мебошад. Ман мегӯям, ки агар мумкин бошад, бо хуруҷи оммавӣ ин гургони одамхорро тавбаи гургӣ додан лозим аст.

Ман бояд иқрор кунам, ки маънии ин суханҳои Мулло Амонро он вақтҳо дуруст намефаҳмидам ва мақсади он марҳумро баъд аз Револютсияи Октябр фаҳмидам; инро ҳам фаҳмидам, ки ӯ ба оянда хубе умедвории қавие доштааст, инчунин ӯ барои нест кардани гургони одамхор (ҳокимони золим) хуруҷи оммавӣ (яъне револютсия)-ро лозим медонистааст. Аммо ӯ дар кадом шароит, бо

* Файзӣ-авлиё як дузди машҳури розмозӣ буд, ки пулҳои аз андоз ҷамъшудаи амирро ва хонаҳои бойҳоро зада, ба фақирон тақсим карда медод. Амир Музаффар ӯро дастгир карда аз манори Бухоро партофта кушта буд.

киҳо ва чӣ гуна ба вуқӯъ омадан ва ба вуқӯъ овардани он хуруҷи оммавиро намедонистааст ва донистанаш ҳам мумкин набуд. Ҳатто ӯ мепиндоштааст, ки агар чопхона ва матбуот бошад ва мардум ба тарзи оммавӣ чизҳои навиштаи Аҳмад-махдум ва монанди онҳоро хонда чашмонашон кушода шавад, «хуруҷи оммавӣ (яъне револютсия) карда гургони одамхорро тавбаи гургона доданашон (яъне нест карданашон) мумкин аст». Албатта, ин хаёли ӯ хаёли хом буд.

Ман, чунонки маънии суханҳои Мулло Амонро баъд аз Револютсияи Октябр фаҳмидам, хаёли хом будани ин фикрҳои ӯро ҳам баъд аз револютсияи мазкур донистам.

## ҶАНГИ МУЛЛОЁН БО АРОБАКАШ

Дар Бухорои амирӣ, дар сари мазори Баҳоваддини Нақшбанд, ҳар сол дар моҳи савр – аз 22 апрел то 22 май – чор ҳафта ва ҳар ҳафта як шабу ду рӯз – сешанбеву чоршанбе барои мардон ва як шабу ду рӯз – панҷшанбеву ҷумъа барои занон сайр барпо мешуд. Ин сайрро бинобар ташкил ёфтанаш дар вақти шукуфтани гули сурх «Гули сурх» меномиданд.

Ба ин сайр аҳолии деҳот бо савории худ оянд ҳам, аҳолии шаҳр бо савории кироя мерафтанд. Бинобар ин дар ин мавсим кирокашӣ дар байни шаҳри Бухоро ва мазори Баҳоваддин ривоҷ мегирифт. Кирокашҳои ин роҳ ду қисм буда, ба харкорҳо ва аробакашҳо тақсим меёфтанд.

Харкорҳо бо созиши байни худҳошон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, гурӯҳе дар сари бозори Мазор ва гурӯҳи дигар дар кирокашхонаи «Мазор» ном дарвозаи шаҳр меистоданд ва ҳар гурӯҳ харҳои дар ихтиёри худашон будаю, хоҳ аз они худашон бошад ва хоҳ аз они гурӯҳи дигар, ба равандагон киро карда дода, пули кироро пешакӣ мегирифтанд ва гурӯҳи дигаре, ки дар тарафи дигар меистоданд, он харҳоро аз равандагон қабул карда гирифта, ба равандагони дигар киро карда пас мегардонданд.

Дар аробаҳои кироии раванданишин, ки каппанок (болопӯшида) буда, онҳоро дар Бухоро кӯқандӣ ва дар Фарғонаву Тошканд соябонароба меномиданд, аз равандагони бебор дар масофаҳои наздик аз даҳ то дувоздаҳ нафар ҷойгир мешуданд.

Аробакашони ин гуна аробаҳо дар мавсими сайри «Гули сурх» бо нархи муайян ба қадри гунҷоиши аробаҳошон ва қуввати аспҳошон одам гирифта, одатан пештар аз расидан ба кирокашхона дар роҳ рафтан бозистода, пули кирояшонро аз равандагон ғундошта мегирифтанд, то ки бо расидан ба манзили охирӣ баъзе равандагон аз бисёрии одамон дар кирокашхона фоида бурда, пули кироро надода аз ароба фуромада нараванд.

Дар рӯзҳои сайри «Гули сурх» дар як рӯзи чоршанбе панҷ нафар мулло, аз муллоҳои калон набошанд ҳам, аз муллоёни «машҳури Бухоро», дар бозгашти сайр аз мазори Баҳоваддин баромада ба кирокашхонаи он ҷо омадаанд ва бе муайян кардани нархи киро бар аробае, ки каппааш нақшин ва аспаш фарбеҳ, бо пӯпакҳо ва шавшӯлакҳо зинат дода шуда будааст, баромада дар пеши ҷои нишасти ароба нишастаанд.



Вақте ки аробакаш пули кироро муайян кардан хостааст, онҳо гуфтаанд:

– Аз дигар равандагон чизе ки гирӣ, мо ҳам баробари онҳо медиҳем.

– Нархи ҷои пеши ароба аз пасаш фарқ мекунад, шумоён бояд яку ним баробари касоне, ки дар паси ароба мешинанд, ҳақ диҳетон, – гуфтааст аробакаш.

– Мо ҳам аз дигар одамон фарқ дорем. Моро баробари дигар равандагон надонистанат, аз авомҳо фарқ кунонданат даркор аст, – гуфтааст яке аз он муллоён. – Мебинӣ, ки мо муллоёни дуогӯй мебошем, панҷ вақт намозро тарк намекунем, дар паси ҳар намоз дар ҳаққи аҳли мӯъмину мусулмон дуо мекунем. Ба мазори ҳазрати Баҳоваддини Нақшбанд ҳам мо монанди дигарон на барои сайру саёҳат, балки ба нияти зиёрат омадаем. Дар ин сурат, агар ту моро баробари дигарон ҳисоб кунӣ, ин корат дар ҳаққи мо ҳақорат мешавад.

Аробакаш чору ночор розӣ шудааст, ки бо вуҷуди дар пеши ароба нишастанашон аз онҳо баробари равандагони дар паси ароба нишинанда пули киро гирад ва фарқи нархи ҷои пеши аробаро нисбат ба пасаш ба хотири муллоиашон ба онҳо бахшад.

Аробакаш панҷ нафар дигар равандагонро ба қарори ҳар кас як танга гирифта, боз нигарони равандагони дигар будааст, ки муллоҳо аз вай талаб кардаанд, ки зудтар ба роҳ дарояд.

– Аспи ман зӯр ва фарбеҳ аст, – гуфтааст аробакаш, – ҳар дафъа ман дувоздаҳ нафар мегирифтам, агар ин дафъа бо даҳ нафар равам, ғайр аз он чизе, ки аз ваҷҳи фарқи ароба ба шумоён бахшидам, боз ду тангаи дигар зарар мешавад.

– Барои ду танга азоб додани моро раво набин, – гуфтааст яке аз муллоён, – агар боз ду нафар гирӣ, ҷой танг шуда, мо маҷбур мешавем, ки дузону нишинем. Дар он вақт то ба шаҳр расидан, поҳои мо озор ёфта аз кор мебароянд. Гап ба болои ду танга бошад, агар дуои моро гирӣ, «худо аз хизонаи ғайбаш ду тангаатро чор танга карда мерасонад».

Аробакаш дидааст, ки бо ин «тунди халахӯр»-ҳои* якраҳа баҳсу ҷавоб карда нишастан бефоида аст, барои ин «салмаҳои сақат»-ро** зудтар ба манзил расонда аз дасташон раҳоӣ ёфтан ночор ба роҳ даромада, аспашро чолокона рондааст.

Дар ҳақиқат ҳам, аспи аробакаш фарбеҳ, пурзӯр, чобукрафтор ва пурғайрат будааст, ки аз ҳамаи аспон, харон ва аробагон пеш гузашта, чангу хоки аз пои равандагон хезандаро ба саворагони худ нарасонда, ба Ҷӯгихона ном ҷой, ки наздик ба шаҳри Бухорост, расидааст.

Аробакаш дар он ҷо аспи худро аз рафтор боздошта, аз аробасаворони худ бо одати муқаррарӣ пули кироро талаб кардааст. Он панҷ нафаре, ки аз одамони одӣ буда, дар паси ароба нишаста буданд, бо аввалин талаби аробакаш, мувофиқи созиши дар кирокашхона кардаашон, ҳар кадомашон яктангагӣ баровarда ба аробакаш додаанд.

* Тунди халахӯр – ин ҷумла дар асл дар ҳаққи харе кор фармуда шудааст, ки агар чӯбро бинад, ҳаллос мезанад, лекин баъд аз савор шуда ба роҳ даромадан, ҳарчанд хала кунанд ҳам, роҳ намеравад. Маҷозан дар ҳаққи одаме гуфта мешавад, ки агар гап занед, оташин мешавад, ҳаргиз гапро намебардорад, аммо бо сад бор гуфтан ҳам, вазифаи худро иҷро намекунад. (Аз маҷозҳои халқии Бухоро).

** Салмаи сақат – дар асл бори дар роҳ афтодамондаи бефоидаест, ки барои бардошта бурдан ба гардани касе маҷбуран бор кардаанд. Маҷозан одами бефоидаест, ки ба касе часпида гирифта маунати худро ба ӯ бор кардааст ва аз ӯ халос шудан душвор аст. (Аз маҷозҳои халқии Бухоро).

Аммо муллоён бо пичир-пичири бисёр ҳар кадом аз кисаи куртаашон пули сиёҳ баровварда, якта-якта шумурда, сиюдупулӣ, яъне нимтангагӣ дар як ҷо ҷамъ карда ҳамагӣ дуним танга ба аробакаш додаанд.

Аробакаш, ки барои гирифтани пули киро бар болои зини асп якрӯя нишаста рӯи худро ба тарафи муллоён гардонда будааст, пур аз пули сиёҳ будани ду чанголи муллои дар пеш нишастаро дида, тоқияи худро дароз карда ба вай андохта додани пулро пурсидааст.

Мулло пулро ба тоқия андохта додааст, аробакаш гирифта, пулро кам тахмин карда пурсидааст:

– Ин чанд пул аст, тақсирам?

– 160 пули сиёҳ аст, ба дуним тангаи нуқраи сараи зарби Бухорои шариф баробар меояд, – мулло ҷавоб додааст.

– Ин пули кирои чанд кас? – аробакаш боз пурсидааст.

– Барои панҷ кас!

– Магар аз рӯи қавлу қарорамон пули кирои панҷ кас панҷ танга намешавад?

– «Алқавлу билалъамали ло йӯътабару» гуфтаанд дар китобҳо, – гуфтааст мулло.

– Ман ин гапатонро нафаҳмидам, тақсир. Тоҷикӣ карда гӯед-чӣ, – аробакаш гуфтааст.

– Яъне, масалан, ки «қавли беамал, яъне масалан, ки гуфтори бекирдор эътибор надорад»- гуфтаанд дар китоб, – мулло гуфтаи худро шарҳ додааст.

– Ман аз ин гапҳо ҳеҷ чиз намефаҳмам, ман дар пеши шумоён дарс нахонда истодаам, ки аз китоб гап занетон. Зудтар пули кироро пурра диҳетон, ки вақт рафт. Беҳуда маро аз бечорагиам – аз кирокашиам намононетон, тақсирҳо!

– Ҳамааш ҳамин, – гуфтааст муллои дигар, – кам бошад, ками моро ба ҷои пур бин. Мо дар ҳақи ту ва дар ҳаққи зану фарзандонат дуо мекунем.

– Барои зану фарзандони ман аз дуо пештар нон даркор аст, вақтро нагузаронда ҳақи маро диҳетон!

– Эй!.. Чӣ гуфта истодааст ин чапан? Магар ба дуо шаккокӣ мекунад ин худобехабар? – гуфтааст як муллои дигар ба ҳамроҳони худ ва ба аробакаш нигоҳ карда сухани худро давом додааст: – Гирӣ ҳам ҳамин, нагирӣ ҳам ҳамин, мо пули дигари ба ту медодагӣ надорем.

– Хуб, нагирам – намегирам, – гуфтааст аробакаш, пулро бо тоқияи худ ба тарафи муллоён дароз карда истода, – агар ман ба пул ва ё ба дуои шумоҳо барин «зоти шарифҳо» нигоҳ карда меистодам, кайҳо аз гушнагӣ мемурдам. Хизмати то ба ҳамин ҷо ба шумоён кардаамро ба арвоҳи падару модарам бахшидам. Ин пулҳотонро гирифта бурда ҳалвопечак харида хӯретон. Зуд аробаро холӣ кунетон, ки ман ба кори бечорагиам равам.

– Чиҳо мегӯяд ин худоношинос? – гуфтааст як мулло ба ҳамроҳонаш ва ба аробакаш нигоҳ карда: – Ту дубора ба дуо ва ба Худо шаккокӣ кардӣ. Моро ҳам ҳақорат карда истодаӣ. Мо аз ароба намефуроем ва туро бо аробаи худат ба пеши ҷаноби шариатпаноҳӣ – қозикалон бурда, даъвои ҳақорат мекунем. Зудтар аробаатро ҳай кун!

Аробакаш, ки то ҳол худдорӣ карда истода будааст, ин тӯҳмат ва беҳаёии



муллоёнро дида, якбора шӯрида пули сиёҳи дар тоқияаш будаupdatedро ба роҳ ба болои реги Ҷӯгихона пош дода фиристода, ба муллоён:

– Ҳозир аз аробаам фуроетон, набошад, худам шумоёнро монанди ана ҳамон пулҳотон ба роҳ ҳаво медиҳам, – гуфтааст.

– Дар кофир будани ин аробакаш ҳеҷ шакку шубҳа намонд, – гуфтааст яке аз муллоён ба ҳамроҳони худ, – дар ҳамин ҷо дасту пои ӯро баста, зада-зада кашола карда ба қозихона бурдан даркор аст, – гӯён ба тарафи он панҷ нафар аробасавори дигар нигоҳ карда: – Бачаҳо, шумоён дар ин кор ба мо ёрӣ диҳетон ва ба қозихона ҳамроҳи мо рафта гувоҳ шуда, чиҳо гуфтани ин кофирро ба шариатпаноҳӣ гӯетон, то ки шумоён ҳам ба савоб дохил шаветон! – гуфтааст.

Аммо он равандагон ба ин ҷанҷоли хавфнок ҳамроҳ ва гувоҳ шуданро нахоста, аз паси ароба фуромада ба паскӯчаи Ҷӯгихона даромада ғоиб шуда рафтаанд. Аробакаш бошад, қамчинашро ба миёнаш халонда, пояшро ба ариш (шоту) гузошта рост хеста:

– Касеро, ки дасту пои маро бандад, модараш ҳанӯзназоидааст, – гӯён аз болои ариш ба даруни ароба рафта, муллоёнро ягон-ягон бардошта ба роҳ ҳаво додааст ва аспи худро бо аробаи холишуда ронда рост ба тарафи кирокашхона рафтааст.

* * *

Ҳоҷӣ-махдум, ки ҳар гуна хабарҳои аҷибу ғарибро ба мо мерасонд, ин воқеаро ҳам дар ҳамон рӯзи воқеъшудааш ба мо омада гуфт. Ӯ аввал ин хабарро тасодуфан аз яке он панҷ нафар равандагон, ки шоҳид шуданро нахоста аз ароба фуромада будаанд, шунидааст. Чун он кас аз аробакашхонаи Файзобод будани он аробакашро хабар додааст, Ҳоҷӣ-махдум, ки ҳангоматалаб ва кунҷков буд, ба он ҷо рафта, ҳамон аробакашро ёфта шахсан аз худи ӯ пурсида гирифтааст. Азбаски аробакаш Ҷунбул-махдум будани яке аз он муллоҳоро гуфтааст, Ҳоҷӣ-махдум ба мадрасаи Девонбегӣ ба ҳуҷраи Ҷунбул рафта, аз ӯ ҳам ин хабарро шунидааст, ки ҳар се нақл баробар баромада, ба ростии ин дигар ҳеҷ шубҳа намондааст.

Ҳоҷӣ-махдум аз Ҷунбул киҳо будани он чор нафар муллои дигарро ҳам фаҳмида гирифтааст, ки мо дар ин ҷо онҳоро ягон-ягон номбар мекунем. Пеш аз баён кардани шахсияти он муллоҳо, дар ин ҷо қайд кардан даркор аст, ки ҳар кадоми онҳоро хонандагони «Ёддоштҳо»-и мо аз ин пеш дар қисми III дидаанд; се нафари онҳо – Ҷунбул-махдум, Абдураҳмони Рафтор ва Қиём-махдум будаанд[214], ки зикри онҳо дар қисми мазкури «Ёддоштҳо» дар боби «Микробҳои одамшакл» (нашри тоҷикӣ, соли 1950), гузаштааст, чоруми инҳо Қорӣ Самеъ[215] будааст, ки зикри вай дар зимни зикри Яҳёхоҷа дар китоби мазкур дар саҳифаҳои 10 – 11 қайд ёфтааст, панҷум Мухторхоҷа будааст, вай ҳам дар китоби мазкур дар боби «Наҷибуттарафайн» баён ёфтааст.

Чун дар воқеаи аробакаш кори инҳо бо ваҳшонияти чашмнадида ва фоҷиаи гӯшношунида анҷом ёфт, лозим аст, ки мо хонандагони азизи худро бо инҳо дурусттар шиносо кунем:

Ҷунбул-махдум як одами тахминан сиюпанҷсола буда, қомати баланд ва

бадани борики лоғар дошт, ки ба пояи чувории сафед сахт монанд буд, ӯ бо рӯи борики дарозрӯяи маллатобаш ба шағол монандии қавӣ дошт, абрӯи бемӯй ва чашми танги бемижгонаш низ аз қиёфаи шағолӣ хабар медод. Чизе, ки башараи ӯро аз шағол фарқ мекунонд, ҳамин буд, ки рӯяш бо пешона ва биниаш пур аз доғи нағзак буда, ба бинанда як ҳисси нафрат бедор мекард, риши тунуке, ки аз манаҳи борикаш баромада буд, пашми гурбаи маллаи худмурдаро ба ёди кас меовард.

Касби асосии Ҷунбул судхӯрӣ буда, пулҳои худро ба аллофони бозори орд ва ба ҳуҷрадорони мадрасаи Девонбегӣ, ки худ низ яке аз ҳуҷрадорони он ҷо буд, бо фоида ба қарз медод.

Ҷунбул ҳарчанд аз ҷумлаи хатмидарскардагони мадрасаҳои Бухоро бошад ҳам, саводи дуруст надошт, бо вуҷуди масъалаҳои диниро дуруст надонистан, диндортароши сахт буда, худро ҳамин тарз нишон медод, ки агар вай набошад, дини ислом вайрон шуда меравад.

Абдураҳмони Рафтор як одами қоматпасти фарбеҳ буда, ба қавли аҳолии Бухоро «ғӯладинг» номидан мумкин буд. Аммо ӯ дар роҳ рафтан ҳар кадом аъзои баданашро ҷудогона-ҷудогона ҷунбонда қадам мепартофт, ки дар вақти рафтораш ӯро маст гумон кардан мумкин буд. Аҳолии Бухоро дар роҳ рафтан ҷилвагарона қадам партофтани ӯро ба назар гирифта, ба номи ӯ калимаи «рафтор»-ро ҳамроҳ карда буданд.

Абдураҳмони Рафтор яке аз муллоёни диндори сарватманд буда, аз мадрасаи Кӯкалтош чанд дар ҳуҷра ва аз растаҳо чанд дар дукон дошт, ки аз вақфҳои ҳуҷраҳояш ва аз иҷораҳои дуконҳояш даромади калонро соҳиб буд. Бо ҳамаи ин аз судхӯрӣ ва ҳуҷраҷаллобӣ ҳам сарват бар болои сарват зам мекард.

Ӯ дар ҳамон вақтҳо тахминан чилсола буда, дар мадрасае мударрис буд, лекин ба ҷои ба он мадраса рафта дарс гуфтан, дар мадрасаи Кӯкалтош дар миёнсарой нишаста гапфурӯшӣ мекард. Суханони ӯ бештар ба даъвои диндорӣ ва изҳори таассуби динӣ оид буд.

Қиём-махдум аз шарикдарсони Абдураҳмони Рафтор буда, аз ӯ қоматбаландтар ва дар даъвои диндорӣ ва изҳори таассуби динӣ аз ӯ монданӣ надошт. Дар мунозираҳои мазҳакамонанди муллоён ӯ ҳам монанди Абдураҳмони Рафтор иштирок карда, нофаҳмида фарёд мекашид.

Қиём-махдум ҳам монанди Абдураҳмони Рафтор аз мадрасаи Кӯкалтош чанд дар ҳуҷраро ба даст даровarda гирифта буд, ки харидуфурӯши ҳуҷраҳои ин мадраса, иҷораи вақфҳояш ва тақсими пули вақф бе савобдиди ин ду шарики ба ҳам наздик анҷом намеёфт.

Мо дар ин ҷо дар тавсифи Қорӣ Самеъ намеистем, чунки кирдор, рафтор ва қиёфаи ин одами динфурӯш дар зимни зикри Яҳёхоҷа дар қисми III-и «Ёддоштҳо» гузаштааст.

Мо бояд дар ин ҷо дар хусуси Мухторхоҷа чанд калима гуфта гузарем: ин одам, чунонки дар қисми III дар боби «Наҷибуттарафайн» қайд ёфт, куҳансол ва аз куҳна мударрисони Бухоро буда, дар мадрасаи Кӯкалтош чанд дар ҳуҷра дошт. Ин одам миёнақад, миёнагӯшт, ришкалон, сабзиначеҳра буда, монанди арабҳо чашмони калони сиёҳ дошт, ришаш калон буда, бо вуҷуди синнаш болотар аз шаст будан, дар ришаш торҳои сафед кам менамуд ва ба ҳамин муносибат ӯро мардум «сиёҳпир» мегуфтанд.



Ӯ дар зоҳир одами бечора менамуд, он қадар даъвои диндорӣ ва изҳори таассуби динӣ ҳам намекард, хоксориаш ба дараҷае буд, ки нисбат ба худаш, ки падар аст, худро асилзодатар, донишмандтар ва ба ҳурмат сазовортар шумурдани писарашро ҳам бо табассуме шунида чизе намегуфт ва ҳама ҳайрон буданд, ки ин одами нарммуомила чаро бо аробакаш ин қадар муноқиша кардааст.

Аз рӯи хабаре, ки Ҳоҷӣ-махдум аз Ҷунбул-махдум овард, муллоёне, ки бо аробакаш ҷангидаанд, қарор додаанд, ки ӯро ба қозихона кашида, «кофир» шудани ӯро «исбот» карда, ба қатли ӯ ҳукм бароранд.

* * *

Дар ин ҷо боз як ҷои воқеаро равшантар карда гузаштан лозим аст: дар шароити амирӣ, дар шароите, ки муллоён ҳокими мутлақ ва такягоҳи ҳукумати амирӣ, ба шариат мувофиқкардадиҳандаи ҳар гуна зулму бедод ва фисқу фасоди амир буданд, аҷиб нест, ки баъзеҳо ба панҷ нафар муллоёни машҳур муқобил баромада, онҳоро беобрӯй кардани як аробакашро аз ақл дур пиндоранд.

Аммо агар хонандагон аз қисми III-и «Ёддоштҳо» (ҳамон китоб, ҳамон нашр) дар боби «Ҷамъиятҳои пешаварон дар Бухорои амирӣ» (саҳ. 234 – 247) ҷамъияти саисон ва аробакашонро, ки дар саҳифаҳои 241 – 242 зикр ёфтааст, хонда бароянд, ҳар гуна шубҳаашон бартараф мешавад[216]. Чунки дар он боб дар ҷамъияти худ нисбат ба пешаварони дигар хеле озодона тарбия ёфтани саисон ва аробакашон баён карда шудааст. Ба болои ин аробакашони аробакашхонаи Файзобод дар ҷасорат, дар гапнабардорӣ, дар озодгардӣ ва ҷангарагӣ шӯҳрат доштанд. Чӣ гуна пурҷасорат ва озодгард будани аробакашони файзободиро воқеаи зерин ба хубӣ исбот мекунад:

Раиси собиқи Президиуми Совети Олии Ӯзбекистон Юлдош Охунбобоеви марҳум пеш аз Револютсияи Октябр як вақтҳо дар як бойи андиҷонӣ, ки дар байни Фарғона ва Қачқар савдогарӣ доштааст, аробакашӣ кардааст. Рӯзе дар байни хӯҷаин ва Охунбобоев дар адои ҳақи хизмат низоъ баромадааст. Хӯҷаин хостааст аз обрӯи худ дар пеши амалдорони подшоҳии Россия фоида бурда, ба гардани аробакаши худ ягон айби сиёсӣ бор карда, ӯро дар Сибир бадарға кунонад.

Охунбобоев аз ин ҳаракати хӯҷаини худ хабардор шуда, гурехта ба Бухоро рафтааст ва дар он ҷо дар байни аробакашони файзободӣ ҷойгир шуда, чандин сол аробакашӣ карда гаштааст.

Ва ҳол он ки мувофиқи созиши дар байни амир ва ҳукумати подшоҳӣ бастaшуда амир маҷбур буд раиягони Россияро дастгир карда, ба гумоштаи сиёсии давлати мазкур супорад ва агар он гуреза айби сиёсӣ дошта бошад, аз раиягони Бухоро касонеро ҳам, ки он гурезаро дар хонаи худ ҷой додаанд, ҷазои сахт диҳад.

Аробакашони файзободӣ аз он гуна ҷазоҳо натарсида, Охунбобоеви мазкурро чандин сол дар байни худ гирифта бо ӯ рафиқона кор карда гаштаанд.

(Ин воқеаро дар соли 1935, вақте ки ман дар хонаи Охунбобоеви марҳум меҳмон шуда будам, ӯ шахсан ба ман ҳикоя карда буд. Атобой Саидов ном файзободӣ, ки аз кухна олуфтагони он ҷост, ҳоло навадсола буда, дар Душанбе зиндагӣ мекунад, ин ҳикояи Охунбобоеви марҳумро тасдиқ кард ва аз ҳамон вақт боз бо марҳум ошно будани худро гуфт).

## ИНТИЗОРӢ БА САНГСОР КАРДА ШУДАНИ АРОБАКАШ

Дар рӯзи дуюми ҷанги муллоён бо аробакаш дар шаҳр овоза шуд, ки «муллоён ривояти уламоро дар бораи кофир шудани аробакаш тайёр кардаанд, сабаби кофир шудани ӯ ин будааст, ки уламо, пайғамбар, Худо, дин ва шариатро дашном додааст. Ӯро дастгир карда мекуштаанд ё сангсор мекардаанд».

Баъзеҳо ин ҳама суханҳоро кӯтоҳ карда, «як аробакаш «сабби набӣ» кардааст, муллоён ӯро сангсор мекардаанд»- мегуфтанд. Маънии «сабби набӣ» ба оммаи аҳолии Бухоро маълум буд. Дар асл луғати «сабб» ба маънои дашном додан ва безорӣ ҷустан бошад ҳам, ин калима дар Бухоро ба «набӣ» изофа карда шуда, ба маънои «дашном додан ва безорӣ ҷустан аз Худо ва Расул» кор фармуда мешуд.

Дар рӯзи сеюм овоза шуд, ки «қозикалон аробакашро ба ҳабс гирифта, бо ривояти уламо ба амир ариза навиштааст ва мунтазири фармони олӣ будааст. Ҳар гоҳ, ки ҳукми амир содир шавад, дар Регистон ё Хоҷа Нуробод – дар майдони бозори хар ё дар беруни шаҳр – дар майдони машқи сарбоз ӯро сангсор мекардаанд».Бо ин овоза мардуми ҳангоматалаби бекор ҳар рӯз пагоҳонӣ дар Регистон ҷамъ мешуданд, то ки «сангсоркунӣ»-ро тамошо кунанд. Чун дар Регистон аз ин кор асаре намедиданд, ба бозори хар медавиданд ва дар он ҷо ҳам, ки аз тамошо аломате наёфтанд, ба беруни шаҳр – ба майдони машқи сарбоз мешитофтанд. Баъд аз он ки дар он ҷо ҳам аз тамошо ноумед мешуданд, ба хонаҳои худ бармегаштанд.

Дар пайи ин тамошо ин қадар бо шавқу ҳавас давидани мардум бесабаб набуд, чунки онҳо ҷазои 75 чӯб задан ва гӯсфандвор одам куштани амирро борҳо дида бошанд ҳам, сангсоркуниро ҳеҷ надида буданд ва ҳатто аз падару бобоҳошон ҳам нашунида буданд, бинобар ин дидани ин кори нодир бисёр муҳим менамуд.

Мардум тарзу тариқаи сангсор карданро ҳам намедонистанд, бинобар ин чӣ тарз ва чӣ гуна иҷро шудани онро аз якдигар мепурсиданд. Дар ҷамъомадгоҳи тамошоталабон дар ҷавоби ин савол ихтиёри сухан ба дасти касе меафтод, ки чӣ навъ ба амал овардани ин корро аз муллоён шунида бошад. Агар дар миёни гурӯҳи воқеаталабон касе ёфт шавад, ки вай дар ин бора чизе аз муллоёни даъвогар – аз он панҷ нафаре, ки мо номашонро дар боби гузашта қайд кардем, шунида бошад, дигар касе ба сухани каси дигар гӯш намедод. Зеро сухани он панҷ нафар муллое, ки аробакашро сангсор кунондан мехостанд, аз ҳар гуна суханони кӯчагӣ пухтатар ва касе, ки чизеро бевосита аз онҳо шунида нақл мекард, қавли ӯ мӯътабартар ба шумор мерафт.

Муллоёни даъвогар ҳам чӯяндагони хабари сангсоркунӣ ва тариқаи иҷрои онро бисёр дар интизорӣ намегузоштанд, хусусан Ҷунбул-махдум кӯча ба кӯча гашта бар сари дукони ошноюю бегона нишаста, воқеаи гузаштаро баён карда, мазмуни ривоятро шарҳ намуда, ҳамаи корро ба худ нисбат медод ва худро ташаббускори иҷрои ин ҳукми шариат нишон медод. Назар ба қавли ӯ (дар ҳақиқат ҳам бояд ҳамин тавр бошад), агар ӯ дар вақти кофир шудани аробакаш ҳозир намебудааст, он кори бади аробакаш монанди «об ба хошок» номаълум шуда мерафтааст, чунки ба сабаби «охир шудани замон» на танҳо авомҳо, ҳатто муллоҳо ҳам беҳамият шуда рафта будаанд. Чун ӯ бо ҳамияти исломӣ, ки «Худо дар табиати ӯ сиришта будааст», ба ғайрат омадааст, он чор нафар ҳамроҳони дигараш ҳам аз дунболи ӯ рафта ин корро ба шариат ороста кардаанд.

Ҷунбул-махдум дар вақти баён кардани воқеа ҳеҷ гоҳ масъалаи пули киро ва низоеро, ки бар болои ин масъала дар байни худҳошон ва аробакаш бархоста буд, ба забон намегирифт ва воқеаро чунон нишон медод, ки гӯё онҳо дар аробаи ин аробакаш нишаста аз мазор омада истода будаанд, аробакаш дар Ҷӯгихона бо равандагони дигар, ки дар ҳамон ароба нишаста будаанд, ба болои пули киро ҷанҷол кардаанд, аробакаш дар вақти ҷанҷол «калимаҳои куфр»-ро бар забон рондааст. Вақте ки муллоён ӯро насиҳат кардаанд, аробакаш худи онҳоро ҳам дашном дода, «калимаҳои куфр»-ро такрор ва таъкид кардааст. Он равандагоне, ки бо аробакаш ҷанҷол карда буданд, баъд аз муллоён ба миён даромадан аз оқибати кор ё аз аробакаши хунхор тарсида, аз ароба фуромада гурехта рафта будаанд, «афсӯс, ки муллоҳо кӣ будани онҳоро ва куҷоӣ буданашонро намедонистаанд», вагарна онҳоро ҳам ба шоҳидӣ кашида, кори аробакашро душвортар ва ба ҷазои сахт гирифтор кардани ӯро осонтар мекардаанд. Баъд аз он ки одамони «номаълум» гурехта рафтаанд, лозим омадааст, ки худи ҳамин панҷ нафар ҳам даъвогар шаванд ва ҳам гувоҳ, бинобар ин ба шариат ороста кардани ин кор хеле душвор шудааст. Лекин ҳар қадар ташвиш кашида бошанд ҳам, айни роҳат будааст, чунки «дар роҳи дин одам чӣ қадар ки бисёр азоб кашад, ҳамон қадар бисёртар савоб меёфтааст».

Дар рӯзҳои ба маҳкама кашида шудани аробакаши сангсоршуданӣ миёнсарои мадрасаи Кӯкалтош ҷамъомадгоҳи муллоёни воқеаталаб шуда буд. Ин миёнсарой, ки дар вақтҳои одӣ ғайбатхонаи табақаи болонишини муллоён буда, нишинандагони он ҷо аз тарафи шоир Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат «санодиди Қурайш»* (бузургони қабилаи Қурайш) унвон ёфта буданд, дар он рӯзҳо (агар ин таъбири то имрӯз дар забон ва адабиёт дохилнашударо хонандагон раво бинанд) шакли «фатвохонаи ҳарбии динӣ»-ро ба худ гирифта буд.

Дар равоқи калони дар миёнаи миёнсарой воқеъшудаи ин «фатвохона» Мухторхоҷа ва Қорӣ Самеъ, ки аз ҷиҳати пириашон қуввати кӯчагардӣ надоштанд, менишастанд, дар паҳлуи рости онҳо Абдураҳмони Рафтор ва дар тарафи чапашон Қиём-махдум ҷой мегирифтанд. Инҳо ҷавонтар ва қуввати кӯчагардӣ дошта бошанд ҳам, кӯча ба кӯча гашта, монанди Ҷунбул-махдум шӯҳрат ёфтанро

*Дар аввалҳои исломият бузургони Қурайш ном қабилаи араб дар хонаи Каъба нишаста тақдири одамҳоро ҳал мекарданд, дар бораи куштан, бадарға кардан ё зинда гӯронидани одамони ҷудогона қарор медоданд. Инҳо дар таърихи араб «санодиди Қурайш» номида шудаанд. Ҳайрат болонишинони миёнсарои мадрасаи Кӯкалтошро ба ҳамин бузургони қабилаи Қурайш монанд карда, ба онҳо ҳам «санодиди Қурайш» унвон дода буд.

ба шаъну шавкати худ муносиб надида, дар ҳамин ҷо нишаста, ба ҷӯяндагони воқеаи аробакаш ва тақдири ӯ ҷавоб доданро боиси шӯҳрати азим медонистанд.

Дар равоқчаҳое, ки дар паҳлуҳои равоқи калон ва дар рӯ ба рӯи он воқеъ шуда буданд, воқеаҷӯён ва фатвоталабон нишаста, аз калонон воқеаи аробакаш ва тақдири ояндаи ӯро мепурсиданд.

Болонишинон тарзи вуқӯи воқеаро, чунонки Ҷунбул-махдум дар кӯчаҳо мегуфт, баён карда, ташаббуси худро дар бораи дастгир карда ҳабс кунондани ӯ, мазмуни ривоятеро, ки аз муфтиҳо гирифтаанд, бо шарҳ ва тафсил ҳикоя мекарданд ва дар вақти нақли ин чизҳо ҳар кадом кӯшиш мекарданд, ки худро ташаббускори асосии ин кор карда нишон диҳанд. Бинобар ин ҳар кадом сухани онидигарро бурида, ба тарзе тасҳеҳ ва илова мекард, ки ташаббуси асосӣ ба худаш оид шавад.

Дар бораи тақдири аробакаш бо иттифоқ ва ҳама бо як овоз:

– Ӯ сангсор карда мешавад, – мегуфтанд.

Аз рӯи қавли онҳо, тариқаи ба амал овардани ҷазои сангсоркунӣ ин будааст, ки гунаҳгорро дар майдоне то миёнаш дар замин мегӯронидаанд ва мусулмононе, ки дар он майдон ҷамъ мешудаанд, санг ҳаво дода, бар сару рӯю синаву пушти гунаҳгор задан мегирифтанд. Агар гунаҳгор дар ин миёна мурда монад ҳам, то тамоман дар зери сангҳо гӯр шудани ӯ сангпаррониро давом медодаанд. Дар ҳар ҳол аввалин сангҳоро муллоёни даъвогар парронда, савоби аввалинро онҳо мегирифтаанд, лекин тамошобинони сангпаррон ҳам аз савоб холӣ намемондаанд.

Гурӯҳи калони тамошоталабон, ки ҳар пагоҳ дар Регистон, дар бозори хар ва дар майдони машқи сарбоз ба умеди дидани сангсоркунӣ ҷамъ мешуданд, бо шунидани тарз ва тариқаи сангсоркунӣ аз одамони «мӯътабар», ки онҳо аз қавли муллоёни дар боло ном бурдашуда нақл мекарданд, дар байни худ ба гуфтугузор меафтоданд. Яке аз онҳо мегуфт:

– Ин тавр бошад, бояд дар рӯзи сангсоркунӣ дар майдон чанд ароба санг ҳам оварда резанд, то ки одамон он сангҳоро гирифта ба тарафи гунаҳгор паррондан гиранд.

– Ту аҷаб гапҳо мезанӣ! Дар дунё савоби муфт дар куҷост? Бояд ҳар савобталаб аз кӯчаҳо доман-доман санг чида оварда парронад, то ки савоб ёбад, – мегуфт касе, ки тариқаи сангсоркуниро бевосита аз забони Ҷунбул-махдум шунида омада буд.

– Ман на санг чида меорам, на санг ҳаво медиҳам, – мегуфт яке аз тамошоталабон, – кӣ медонад, ки он аробакаш гунаҳгор аст ё не? «Савоб мегирам» гуфта ба ноҳақ куштани як одам шарик шудан чӣ даркор аст?

– Муллоён кофир шудани ӯро дида бошанд, муфтиҳо «сангсорбоб» гуфта фатво дода бошанд, боз ҷаро кушта шудани ӯ ноҳақ мешудааст? – мегуфт тамошоталаби дигаре.

– Аз муллоён «куштани он аробакаш ноҳақ» мегуфтагиҳо ҳам ҳастанд, – гуфт касе, ки санг парронданро намехост.

– Кадом мулло будааст он? – гуфт касе, ки тариқаи сангсоркуниро аз муллоён шунида омада, ба савоб будани сангпарронӣ бовар дошт. – То ҳол ман ягон муллоро надидаам, ки ин корро «ноҳақ» гӯяд.

– Мулло Амони розмозӣ чӣ? – гуфт касе, ки сангпарронӣро намехост. – Ӯ аз муллоёни пешқадами кӯҳнахатм аст. Дирӯз дар бозори қаймоқи Бозори нав ба касе ноҳақ будани ин корро мегуфт, ки ман бо гӯши худ шунидам.

– Қавли Мулло Амон ҳеҷ эътибор надорад, – гуфт касе, ки савоб будани сангпарронӣро аз муллоёни даъвогар шунида буд, – ӯро муллоёни дигар «наберай Файзӣ-авлиё» мегӯянд, ки вай дузд буд...

– «Бузро аз пои худаш меовезанд, гӯсфандро ҳам аз пои худаш»- гуфтаанд одамони таҷрибакор, – гуфт як одами замонашиноси замонасозикунанда гапи он ду нафарро, ки бо ҳам баҳсу ҷавоб мекарданд, бурида. – Агар муллоён ин корро ноҳақ карда истода бошанд, «гӯри худашону аъмоли худашон», ба ману ту чӣ? – гӯён махсусан ба касе, ки ноҳақ будани ин корро аз Мулло Амон нақл мекард, нигоҳ карда илова намуд: – Агар муллоён бо ноҳаққорӣ ин балоро ба сари аробакаш оварда бошанд, метавонанд, ки туро ҳам бо ин гапҳоят «тарафгири аробакаш будааст» – гӯён ба ягон бало гирифтор кунанд. Касе, ки ин корро ноҳақ донад, метавонад, ки санг напарронад, лекин аз ноҳақ будани ин кор гап назадан беҳтар аст, чунки «девор муш дорад, муш гӯш дорад» – гуфтаанд одамони пурдида. Дар дунё одамони хабаркаш бисёранд, эҳтиёт кардан лозим аст...

Ба ҳамин тариқа, гурӯҳҳои тамошоталабон ҳар рӯз пагоҳонӣ дар майдонҳое, ки сангсор карда шудани аробакаш дар он майдонҳо тахмин карда мешуд, ғун шуда, оид ба ин «тамошои аз ин пеш диданашуда» дар байни худ гуфтугузор ва баҳсу ҷавобҳо карда рӯзҳои бисёреро гузарониданд, аммо он «тамошо» ба вуқӯъ намеомад ва кай шуданашро ҳам касе муайян карда наметавонист.

Тамошоталабон рафта-рафта аз дидани ин тамошо умедашонро кандан гирифтанд ва дар майдонҳо ғун шудани онҳо ҳам рӯз то рӯз камтар мешуд ва гурӯҳҳо ҳар рӯз аз рӯзи гузашта хурдтар мегардиданд. Акнун суханони одамони «мӯътабар», ки аз забони муллоёни даъвогар «албатта аробакаш сангсор хоҳад шуд, ду рӯз пеш нашавад, ду рӯз баъд ин кор албатта шуданист»- мегуфтанд, ба тамошоталабони ноумедшуда таъсир намекарданд ва дубора онҳоро умедвор карда наметавонистанд.

Дар байни тамошоталабон, ки як гурӯҳи бисёр хурд шуда монда буданд, ҳоло ҳам дар хусуси ин кор гуфтугузор мешуд, аммо ин гуфтугузорҳо на дар бораи он мерафтанд, ки амалиёти сангсоркунӣ кай ва ба чӣ тариқа ба вуқӯъ меояд, балки ҳамаи суханҳо оид ба ин буд, ки ин кор чаро ба вуқӯъ наомада монд ва сабаби нашудани ин чист?

Дар ин хусус баъзеҳо мегуфтанд, ки: «ҷаноби олӣ нахостаанд ба гапи ду-се мулло даромада як одамро, ки ба зоти олӣ ва ба давлат зарар нарасондааст, кушанд».

Баъзе дигарҳо мегуфтанд, ки: «сухани Мулло Амон дуруст будааст, ин корро муллоёни даъвогар ноҳақ ҷунбонда будаанд. Қозикалон нодурустии ин корро медонистааст, аз шӯри муллоён тарсида, дар ин бора ба амир ариза фиристода бошад ҳам, боз як аризаи махфӣ фиристода, нодуруст будани ин корро ба ӯ маълум карда илтимос намудааст, ки дар ин бора фармони олӣ содир нашавад, ки ба ҳақиқат мувофиқ намешавад».

Баъзе касон ҳам буданд, ки ба нашуда мондани ин кор тамоман як сабаби дигар нишон медоданд: онҳо мегуфтанд, ки: «амир ҳеҷ корашро бе рухсати ҳукумати Русия карда наметавонад. Консули рус «ин корро накунед ва ба гапи муллоҳо даромада аробакашро накушед!» – гуфтааст. Бинобар ин амир ҳам аризаеро, ки қозикалон бо ривояти уламо дар бораи сангсор кардани аробакаш фиристодааст, бе ҷавоб мондааст».

Сиёсатдонҳои Бухоро ҳам ҳамин фикри охириро қувват медоданд. Назар ба қавли онҳо, вақти подшоҳ шудани амир Абдулаҳад ҳукумати Россия ба воситаи генерал-губернатори Туркистон ва вакили сиёсии дар Коғон будаи худ ба ӯ тавсия карда будааст, ки рӯйрост бисёр одамкушӣ накунанд. Агар касе касеро кушта бошад, ё ба зоти олӣ беҳурматӣ карда бошад, ё ба давлати олӣ зарар расонда бошад, дар куштани он қотил ва гунаҳгори сиёсӣ ихтиёр доранд. Аммо бисёр эҳтиёт кунанд, ки мувофиқи шариат шавад. Вагарна хориҷиҳо ҷаноби олиро ваҳшӣ гуфта тӯҳмат мекунанд, ба ҳукумати ҳазрати императори аъзам ҳам забон мерасонанд, «дар мамлакате, ки дар зери ҳимояти худаш мебошад, чаро ба ин ваҳшоният роҳ медиҳад?»- мегӯянд.

Сиёсатчиён ба ин қавли худ дар мақоми далел мегуфтанд, ки: «бинобар ин дар замони Абдулаҳад рӯйрост куштани одам камтар шуд. Албатта, онҳое, ки дар зери шиканча ва чӯби мириғазабҳо, ё дар зиндонҳо, ё ин ки дар зери дасти ҳокимони вилоят кушта мешаванд, дар қатори рӯйрост одамкушӣ намедароянд, чунки онҳоро на русҳо пурсуков карда мегарданд ва на хориҷиҳо». Ва ҳол он ки дар замони амир Музаффар рӯзе набуд, ки дар бозори ресмони Регистон одам накушанд ё дар бозори хар одамонро ба дор наовезанд. Дар он вақтҳо дар ҳар куштан на як нафар-ду нафар, балки то даҳ нафарро якбора ва якҷоя мекуштанд, ё ин ки дар бозори хар қатор карда, чунонки гӯсфандҳоро ба қанора мекашида бошанд, ба дор меовехтанд. Дар замони амир Музаффар ҳатто дар рӯзҳои сайри Ширбадан, дар пеши назари тамошокунандагони сайр, аз сад нафар зиёд одамро якбора кушта буданд.

Дар ин рӯзҳо муллоёни даъвогар бисёр дар ташвиш афтода буданд. Онҳо, ҳарчанд ба касоне, ки ба худашон муроҷиат карда аз ваҷҳи кори аробакаш пурсуков менамуданд, «албатта аробакаш сангсор хоҳад шуд, ҷаноби олӣ ҳеҷ мумкин нест, ки талаби муллоён ва ривояти уламоро рад кунанд» гӯён ҷавоби қатъӣ диҳанд ҳам, худашон аз дер мондани ин кор дар шубҳа афтода буданд, ки шубҳа дили онҳоро монанди реши кирмкардаи шутур ба хориши тоқатнопазир гирифтор карда буд. Аммо инҳо монанди шутури харишдор худҳошонро ба ҳар дару девор молида, барои таскин додани озори худ кӯшиш карда наметавонистанд. Чунки дар он вақт «ба санг бархӯрдани тири одамкушиашон» ба ҳар кас маълум шуда, сабаби шикастани шаънашон мешуд. Ин корро бошад, «бузургвории муллоии онҳо» бардошта наметавонист.

Дару деворе, ки онҳо барои тасаллӣ ёфтан ва таскин додани дили харишдори пурозорашон худро ба он зада метавонистанд, танҳо ҳавлии қозикалон буд. Онҳо дар рӯзҳои пурташвиши худ дар ҳар шабу рӯз якчанд бор ба он ҷо рафта, дар хонаи хилват ба қозикалон фарёд мекашиданд:

– На ин ки ҷаноби олӣ талаби мо барин дуогӯёни самимиро барои як аробакаши бенамоз, ки дар охир кофир шудааст, рад кунанд? Охир рад шудани талаби мо магар ба беобрӯ шудани мо сабаб намешавад, ки ин дар ҳақиқат беобрӯии тамоми уламост? На ин ки ҷаноби олӣ подшоҳи ислом шуда истода ривояти уламоро рад кунанд ва ҳол он ки мо мешунавем ҳокимони Самарқанд ва Тошканд, бо вуҷуди рус буданашон, ривояти уламои исломро рад намекардаанд? Магар рад кардани ривояти уламои ислом ба рад кардани шариат оид намешавад? Натиҷаи рад кардани шариатро мо ба забон гирифта наметавонем, худатон гӯед, ки чӣ мешавад? Шумо, ки дар маҳкамаи шаръӣ нишастаед, бояд ин маъниҳоро кушоду равшан ба ҷаноби олӣ арз кунед.

– Ҳанӯз ки талаби шумоёнро ҷаноби олӣ рад накардаанд, сабр карданатон лозим аст, – мегуфт қозикалон. – Агар рад мекарданд, албатта ба ман менавиштанд. Ман гумон мекунам, ки дар ҳамин наздикиҳо хабари хуш мерасад.

Қозикалон сабаби дер мондани ҷавоби аризаи худро донад ҳам, барои «сирри давлатӣ» будани он сабаб рӯйрост ба муллоёни «даҳонбефаровез» гуфта наметавонист. Дар охир, ки бисёр танг шуд, сабаби ҳақиқиро равшан карда нагӯяд ҳам, бо ишорат ва пӯшонда гуфт:

– Ҷаноби олӣ ҳар корро хуб фикр карда, ҳар тарафашро дуруст санҷида, баъд аз он фармон медиҳанд, то ки баъд аз баромадани фармон сабаби ҳар гуна гуфтугӯҳо нашавад. Хирадмандии соҳибдавлати мо дар ҳамин аст. Шумоён ҳам бисёр сабукӣ накарда, чанд рӯзи дигар сабр кунетон, ки охираш хайр мешавад. Ба мақоли «дер ояд – дуруст ояд» амал намоетон.

Муллоён бо ин ишоратҳо қадаре тасаллӣ ёфта, аз пеши қозикалон баромаданд. Дар ҳақиқат ҳам, чизе ки қозикалон «башорат дода буд», дуруст баромад ва дере нагузашта дар шаҳр як хабар овоза шуд. Ин хабар расман аз тарафи қозикалон эълон нашуда бошад ҳам, онро касе овоза карда мегашт, ки ӯро ба сабаби пешакӣ хабар доданаш корҳои ҳукуматиро «Ҷабраил» мегуфтанд. Ба хабари ин кас сад фоиз набошад ҳам, панҷоҳ фоиз бовар кардан мумкин буд.

## ХАБАРИ «ҶАБРАИЛ» ДАР БОРАИ КОРИ АРОБАКАШ

Пеш аз он ки хабари «Ҷабраил»[217] дар бораи аробакаш баён карда шавад, лозим аст, ки шахсияти «Ҷабраил»-ро ба хонандагони азиз шиносонам: «Ҷабраил» писари калони Мулло Ҳомиди Араб буд, ки ӯ ба «файласуфӣ ва ҳакимӣ» машҳур буда, чунонки дар яке аз бобҳои гузашта шарҳ ёфт, Мулло Амони розмозӣ ба умеди омӯхтани ҳикмат ва фалсафа ба ӯ шогирд шуда буд[218].

Писари калони ин «файласуф» бошад, на барои шӯҳрат додани худ ба «фалсафадонии» падари худ тақлид кард ва на барои машҳур шудан бо унвони «олими динӣ» пайрави уламои динӣ гардид, балки ӯ бо роҳи дигаре номи худро «ягонаи даврон» сохтан хост. Он роҳ ҳамин буд, ки ӯ хабарҳоеро, ки табақаи уламо ва сипоҳи он замон ба онҳо манфиатдор буда, ба шунидани онҳо ҳавасманд буданд, аз куҷо бошад, ёфта ба толибонаш мерасонид. Ӯ дар ин роҳ як қисми даромади падарашро, ки аз роҳи мударрисӣ, дарсгӯӣ ва муфтигӣ меомад, сарф намуда, бо дарбориёни амир ва наздикони қушбегӣ ва қозикалон алоқа баст ва ба воситаи онҳо хабарҳоеро, ки дар бораи аз кор гирифтан ва ба мансабе мансуб шудани уламо ва сипоҳҳо пешакӣ мешунид, дар ба дари уламо ва сипоҳиён

гашта он хабарҳоро ба онҳо мерасонид. Ба ин муносибат толибони хабарҳояш ӯро «Ҷабраил» номиданд.

Албатта, ҳамаи хабарҳое, ки ӯ ёфта ба толибонашон мерасонид, рост намебароманд – қисман рост бароянд ҳам, қисман бенатиҷа мемонданд, бинобар ин баъзе «забондонҳо» танҳо калимаи «Ҷабраил»-ро муносиб надида, ӯро бо унвони «Ҷабраили дурӯғгӯй» ёд мекарданд.

Азбаски қаду қомат ва шаклу шамоили ӯ аз одамони дигар фарқ дошт, чунонки мегуфтанд, «монанди шабҳои зимистон дарозу сиёҳу хунук буд» ва як чашмаш кур буда, чашми дигари калони арабонааш қувваи чашми куршудаашро ҳам ба худ гирифта, чашми гови кушта шудаистода барин дар дили кас ҳарос ва нафрат меангехт, баъзеҳо ба ӯ унвони «шайтони якчашма»-ро муносиб медиданд.

Агар бетарафона ва холисона гап занем, ин ду унвони охирии ба ӯ додашуда аз тақозои ҳисси душманӣ ва бадбинӣ холӣ набуда, унвони маълум ва машҳури аз тарафи уламо ва сипоҳиён қабулёфтаи ӯ «Ҷабраил» буд.

«Ҷабраил» дид, ки афкори омма, хусусан фикру зикри уламо, ба масъалаи аробакаш банд аст, ӯ хост як қисми вақт ва маблағи худро дар ин кор сарф намуда, дар ин бора хабарҳои ҳақиқиро ва ҳеҷ набошад ба ҳақиқат наздикро ёфта дар шаҳр овоза карда, диққати умумро ба тарафи худ ҷалб намояд.

Хулосаи хабаре, ки «Ҷабраил» баъд аз кӯшиши чандрӯза аз манбаъҳои мӯътабар ба даст даровардa дар шаҳр паҳн карда буд, иборат аз ин буд, ки амир баъд аз гирифтани аризаи қозикалон ва ривояти уламо дар бораи кори аробакаш ба воситаи қушбегӣ ба консули ҳукумати Россия муроҷиат карда, аз вай маслиҳат пурсидааст.

Консул ба ин масъалаи муҳим аз тарафи худ маслиҳат доданро муносиб надида, дар ин хусус маслиҳат пурсида, ба генерал-губернатори Туркистон муроҷиат намудааст. Назар ба қавли «Ҷабраил», генерал-губернатор дар ҷавоби консул гуфтааст, ки: «сангсор кардани як гунаҳгори дин аз рӯи шариат лозим бошад ҳам, дар замони падару бобоҳои ҷаноби олӣ дар Бухорои шариф ба амал оварда шудани ин гуна ҷазоро касе нақл намекунад ва инчунин дар дигар вилоятҳои Шарқи исломӣ ҳам дар ин наздикиҳо ба вуқӯъ пайвастани ин гуна ҷазо шунида нашудааст. Бинобар ин дар иҷрои ин кор бисёр эҳтиёт кардан лозим аст: ба ин тариқа, ки танҳо ба муроҷиати муллоёни даъвогар ва ривояти уламо қаноат накарда, маҳкамае ташкил кардан даркор аст, ки ба маҳкамаҳои мамлакатҳои мутамаддин монандӣ дошта бошад. Барои ташкил кардани ин гуна маҳкама касе аз тарафи давлати ҷаноби олӣ прокурор таъин карда шавад, яке аз иштироккунандагони воқеа даъвогар шуда, дигарҳошон вазифаи шоҳидиро ба ҷо оранд ва аз тарафи гунаҳгор ҳам касе вакил шуда ҳуқуқи ӯро мудофаа намояд, ҷаноби шариатпаноҳӣ – қозикалон раёсати ин маҳкамаро дар зиммаи худ гиранд ва дар айни замон ба сифати қозиюлқуззотӣ ривояти уламо ва аҳкоми шариатро ҳам иҷро намоянд.

Гуноҳи гунаҳгор дар ин гуна маҳкамае, ки қувваи қонунӣ дорад ва ҳам қувваи динӣ, ба субут расида, ӯ ба ҷазои сангсорӣ гирифтор гардад, барои бастани дасту даҳони мухбирони газетаҳо ва ҳар гуна беҳудагӯён, ки баъд аз иҷрои ин ҷазо ба зоти олӣ ва ба ҳукумати ҳазрати император тӯҳматҳо хоҳанд кард, дар дасти мо дастак хоҳад шуд».



Вақте ки ин хабар на ба тартибе, ки дар ин ҷо таҳрир карда шуд, балки ба як тарзи бесару буне, ки ҳамин мазмунро мекард, аз тарафи «Ҷабраил» дар шаҳр паҳн гардид, дигарбора кӯчаҳо ба ҷӯш даромаданд, дигарбора майдонҳое, ки иҷрои ҷазои сангсорӣ дар он ҷоҳо тахмин карда мешуд, аз гурӯҳҳои тамошодӯстони ҳангоматалаб пур гардиданд; дигарбора давутози Ҷунбул-махдум дар кӯчаҳои шаҳр сар шуд; дигарбора «санодиди Қурайш» (муллоёни даъвогар) дар миёнсарои мадрасаи Кӯкалтош ба гапфурӯшӣ даромаданд.

Мулло Амони розмозӣ хабарҳои дар бораи кори аробакаш аз тарафи «Ҷабраил» паҳн кардашударо шунида ба ғазаб омада, аммо ин ғазаби пурзӯрӣ худро бо заҳрхандае омехта, чунонки ширинкорӣ карда истода бошад, мегуфт: «Генерал-губернатори Туркистон дар корҳои Бухоро вазифаи «худой»-ро адо мекунад, гумоштаи сиёсии ӯ (консул) ба ҷои пайғамбари ӯст, дар корҳои Бухоро «Ҷабраил»-и мо, ки мухобараи байни он худо ва ин пайғамбарро медонад, ҳақ дорад, ки унвони «Ҷабраили ҳақиқӣ»-ро ба худ гирад, на чунонки баъзеҳо мегӯянд, «Ҷабраили дурӯғгӯй» ва на чунонки баъзе дигарҳо мегӯянд, «шайтони якчашма». Лекин ман аз корҳои «худои Бухоро» (генерал-губернатори Туркистон) он қадар хушнуд нестам, зеро бо он ки худои мусулмонон ва умуман илоҳи умуми диндорон бо «арҳамурроҳимин» (бо раҳмдилтарини раҳмдилон) будан шӯҳрат дорад, «худои мамлакати мо» азламуззолимин (золимтарини золимин) шуда баромад. Ӯ дар сурате, ки метавонист бо номи «ҷорикунандаи маданият дар байни ваҳшиён», ки ҳамеша худро бо ҳамин ном ба дунё шиносондан мехоҳад, ин ваҳшонияти муллоён ва ҳукумати Бухороро манъ ва бартараф кунад, барои ба амал овардани ин ваҳшонияти золимона роҳи «қонунӣ» ва «маданӣ» ёфта дод.

* * *

Баъд аз ду ё се рӯзи дар шаҳр паҳн шудани хабари «Ҷабраил» ин хабар бо кори расмии қозикалон тасдиқ ёфт: ӯ муллоёни даъвогарро шабона пеши худ даъват карда бурда, Ҷунбул-махдумро «муддаии умумии давлатӣ» таъин кард, ки ин таъбирро мамлакатҳои Шарқи исломии бо Европа алоқаманд ба ҷои «прокурор» қабул кардаанд; Мухторхоҷаро даъвогар қарор дод, ки ӯ мебоист ба маҳкама ариза дода даъво мекард, ки «аробакаш бо гуфтори ин калима ва он калимаи куфр кофир шуд»; Қорӣ Самеъ, Абдураҳмони Рафтор ва Қиём-махдум шоҳид қарор дода шуданд, ки мебоист онҳо монанди «одамони холисе», ки ба аробакаш ва Мухторхоҷа ҳеҷ алоқа надоранд, «холисона» гувоҳӣ медоданд, ки даъвои Мухторхоҷа ҳақ ва рост аст.

Акнун аз ҷониби аробакаш вакил (адвокат) таъин кардан даркор буд, ки ӯ «ҳуқуқи ҷавобгар»-ро мудофиа намояд. Дар ин масъала муллоён қабул накарданд, ки бо аробакаш дар як маҷлис барои муҳокима нишинанд, «чунки, – гуфтанд онҳо, – он аробакаш дар асл куфрӣ буд ва дар ҳар куҷо ҳар касро бо алфозҳои қабеҳ бе ибо дашном медод, акнун ки ӯ аз зинда мондан умедашро кандааст, дар вақти мурофиа ва муҳокима аз мо гирифта то ҷаноби шариатпаноҳӣ ва амиру вазир ҳамаро дашномҳои қабеҳ хоҳад дод. Дар он сурат дар пеши оммаи мардум, ки дар мурофиаи кушода албатта ҳозир хоҳанд шуд, ҳамаи мо беобрӯй

мешавем. Бехтар он аст, ки ӯ дар маҷлиси муҳокима ҳозир нашавад ва дар ғайби ӯ дар ҳақаш ҳукм бароварда шавад».

Қозикалон бо як ҳилаи шаръӣ ва қонунӣ ин талаби муллоёнро ба амал овардан хост, ӯ гуфт: «Ин тавр бошад, ӯро бемори барҷомонда қарор медиҳем ва касе, ки аз ҷониби ӯ вакил мешавад, ҳам вакили шахсии ӯ дар мурофиа ва ҳам вакили ҳуқуқии ӯ дар мудофиа кардани ҳуқуқи ӯ ба шумор меравад».

Ин фикр аз тарафи муллоён ҳам писандида шуд ва аз одамони миршаб разилтарин, золимтарин ва дар айни замон гапдонтарини онҳо – Кали Қурбонро, ки хонандагони мо қисме аз аҳволи ӯро дар бобҳои боло хондаанд[219], вакили «боэътибори» аробакаш қарор доданд.

Фардои ҳамон шаб ноиби қозикалон Кали Қурбонро ҳамроҳи худ ба обхонаи арки Бухоро гирифта бурд, ки аробакаш он ҷо маҳбус буд.

Ноиби қозикалон ба аробакаш маъқул кард, ки Кали Қурбонро вакили мурофиаи худ гардонад: «Агар худат ҳозир шавӣ, аҷаб нест, ки шогирдони муллоён балвое барпо кунанд, – гуфт ноиб ба аробакаш, – дар он аст, ки ин одами гапдонро, ки аз шариат ҳам ба хубӣ хабардор аст, вакили худ қарор диҳӣ».

Ноиб барои бовар кунондани аробакаш ба вакилаш илова карда гуфт: «Албатта, ин одам туро аз тӯҳмати муллоён халос мекунад, лекин баъд аз озод шуда баромадан, хизматонаи ӯ ва маро ба хубӣ адо мекунӣ».

Аробакаш дар аввал дар шубҳа бошад ҳам, бо шунидани ин суханони иловагӣ дар дили худ қарор додааст, ки «албатта инҳо барои маблағи калоне аз ман рӯёндан маро халос хоҳанд кард» ва бо умедвории калон он шайтонро вакили худ қарор додааст. Ба ӯ ҷанҷоли бар болои пули кирошударо тамоман гуфтааст, ки инҳоро дар вақти мурофиа нақл карда, дурӯғ будани даъвои муллоёнро исбот намояд.

Вакилшаванда ҳам барои дили ӯро ба худ пур кардан аз ӯ баъзе ҷойҳои дуруст фаҳмиданашудаи ҷанҷолро такрор пурсида гирифтааст, то ки «дар вақти мурофиа ҳақиқатро ошкор карда тавонад».

Ноиби қозикалон хати ваколатро ба тарзе, ки дар қозихонаҳои Бухоро одат буд, навиштааст. Дар ваколатномаҳои қозихонагӣ имзо кардани вакилкунанда одат набуда, фақат бо мӯҳри худ тасдиқ кардани қозӣ кифоя кунад ҳам, дар копияи ин ваколатнома, ки ба консулхона мерафт, нарангушти аробакашро ба сиёҳӣ ғӯтонда бар коғаз пахш кунонда, дасти аробакаш будани он нақшро худ тасдиқ кардааст.

Бо ҳамин ҳайати таркибии маҳкама муайян гардида, дар шаҳр овоза шуд. Оммаи мардуми шаҳр ба ҳеҷ кадом аъзоёни ин ҳайат аҳамият надиҳанд ҳам, аз ду аъзои он механдиданд: вакили аробакаш шудани Кали Қурбонро «гург вакили гӯсфанд шудааст»- гуфта хананд, аз муддаии умумӣ таъин карда шудани Ҷунбул-махдум «судхӯр исботкунандаи ҳуқуқи Худою расул шудааст»- гуфта механдиданд.

Аз лабиҳавзиарбобиён Қорӣ Усмон, ки шӯхтарин ва озодфикртарини онҳо буд, муддаии умумӣ таъин карда шудани махдуми Ҷунбулро шунида , «агар исботкунанда ва мудофиакунандаи ҳуқуқи Худою расул, ба иборати дигар, агар ҳомии Худою расул махдуми Ҷунбул бошад, аз Худою расул ҳам даст шустан даркор мешавад, – мегуфт, – аз Худою расуле, ки ҳақи худро худ талаб карда натавониста, ихтиёри худҳошонро ба дасти Ҷунбул-махдум барин разил супоранд, чӣ умед карда мешавад?».

## ҚАРОРИ «МАҲКАМА» ВА САНГСОР КАРДА ШУДАНИ АРОБАКАШ

Ташкил карда шудани «маҳкамаи шаръӣ ва қонунӣ», яъне «маҳкамае, ки ҳам қувваи шаръӣ дошта бошад, ҳам қувваи қонунӣ», хеле аҷобат дошт: қозикалон ба одати муқаррариаш дар даруни меҳмонхона дар пеши дари боло менишаст; дар беруни он дар монанди пештара, чунонки дар вақти мурофиаҳои ҳаррӯзаи шаръӣ мекарданд, бӯрёеро пахн карда буданд, фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки бӯрёи ҳаррӯза хурдтар ва ин бӯрё калонтар ва васеътар буд; бар рӯи ин бӯрё Ҷунбул-махдум, Мухторхоҷа, Қорӣ Самеъ, Абдураҳмони рафтор ва Қиём-махдум менишастанд; Кали Қурбон, ки «вакили аробакаш» буд, аз ҳама канортар ҷой гирифта буд.

Мулозим ба тартиби ҳаррӯза аризаи даъво, яъне маҳзари шаръиро аз дасти Мухторхоҷа гирифта ба қозикалон дод. Қозикалон баъди аз назар гузаронидани маҳзар хулосаи онро, ки Мухторхоҷа «кофир шудани аробакашро ба сабаби дашном доданаш Худою расул»-ро даъво мекард, ба даъвогар – Мухторхоҷа нигоҳ карда гуфта, аз вай пурсид:

– Шумо дар ин даъвои худ шоҳид доред?

– Шоҳид дорам! – гӯён ӯ Қорӣ Самеъ, Абдураҳмони Рафтор ва Қиём-махдумро, ки дар пахлуи чапаш нишаста буданд, нишон дод.

Қозикалон ба шоҳидон нигоҳ карда:

– Гувоҳӣ диҳетон! – гуфт.

Ҳар кадоми он шоҳидҳо:

– Гувоҳӣ медиҳам, аз барои Худо, на аз бораи риё, ки аробакаш фалон, фалон алфозро бар забон ронда кофир шуд, – гуфтанд.

Қозикалон аз вакили аробакаш – аз Кали Қурбон пурсид:

– Ту чӣ мегӯӣ?

– Ман ба гуноҳи вакилкунандаи худ иқрор мекунам, ки, – гӯён гап сар карда алфозҳои қабеҳро, ки на дар маҳзар буд ва на шоҳидон он алфозро ба аробакаш нисбат дода буданд, ба забон оварда, ҳамаро ба вакилкунандаи худ нисбат дода, гӯё аробакаш бо ҳамон алфоз Худою расулро дашном дода бошад, аз забони ӯ нақл намуда, таъкид ва тасдиқ кард. Аммо аз ҷанҷоли муллоён бо аробакаш бар болои пули киро лаб накушод.

Баъд аз он қозикалон ривояти уламоро ба даст гирифта, мазмуни онро ба «вакили гунаҳгор», ба даъвогар ва шоҳидон ва ба ҳамаи тамошобинон шунавонид. Аз рӯи нақли қозикалон уламо бо далелҳои шаръӣ сангсор кардани аробакашро лозим шумурдаанд. Сонӣ қозикалон ба Ҷунбул-махдум нигоҳ карда пурсид:

– Шумо, ки муддаии умумии давлатӣ мебошед, ба ин ҳукми шариат, ки муфтиёни ислом дар ривоят нишон додаанд, розӣ ҳастед ё не?

– Ман ба ин ҳукми шариат розӣ нестам... – гӯён Ҷунбул-махдум гап сар кард.

Қозикалон бо шунидани ин сухани Ҷунбул-махдум табассуме карда худро ба нофаҳмӣ зад; шоҳидон ва даъвогар ҳам ба якдигар нигоҳ карда писханд намуда, лаби зеринашонро бар рӯи лаби болоӣ кашида, шояд аз шармиданашон бошад, ба замин чашм дӯхтанд. Аммо тамошобиноне, ки бар болои мурофиакунандагон рост истода буданд, бо ғурунг-ғурунге, ки диққаткунандагон шунида метавонистанд ба якдигар мегуфтанд:

– Худаш бо гуфтани «ман ба ин ҳукми шариат розӣ нестам» кофир шуд, чунки ҳукми шариатро рад кард.

Ҷунбул дар зери ғурунг-ғурунги мардум суханашро давом дода, бисёр алфозҳои қабеҳро, ки аз суханони Кали Қурбон дошта гирифта буд ва ба онҳо боз чанд калимаҳои дашномиро, ки худ аз кӯчаҳо шунида буд, зам карда, ба аробакаш нисбат дода, дар натиҷа гуфт, ки:

– Аробакашро ҳам «ташҳир»* ва ҳам сангсор кардан лозим аст.

Бо ҳамин қадар гуфтушунид мурофиа ва муҳокима тамом шуд. Дар тавсияи гумоштаи сиёсии ҳукумати Россия дар рафти мурофиа айнан навишта рафтани гуфтаҳои ҳар кас дар зери номи худаш ва дар охири мурофиа имзо кунондани ҳар кас дар зери гуфтаҳои худ бошад ҳам, қозикалон ба амал овардани ин қисми тавсияномаро лозим надонист ва гуфтаҳои ҳар кас ба ҳаво рафт.

Назар ба нақли маҳрамони қозикалон, ӯ ин корро барои аз одат берун буданаш ба амал наовардааст ва агар ӯ ин корро ба амал меовардааст, мумкин будааст мардум гӯянд, ки «қозикалон маҳкамаи шаръиро ба шакли маҳкамаи судҳои Русия даровард».

Аммо қозикалон баъд аз тамом шудани мурофиа мирзои худро ба пеши худ даровардa, суханони касонеро, ки дар вақти мурофиа гуфта буданд, аз забони онҳо худ имло кунонда нависондааст. Баъд аз он иштироккунандагони мурофиаро ҷеғ зада, ҳар касро ба зери он коғазе, ки аз номи ӯ навишта шуда будааст, имзо кунондааст.

Лекин қозикалон дар имло кунонидани суханони Кали Қурбон ба душворӣ дучор шудааст, чунки суханони дашномии ӯро ва монанди онҳоро худ намедонистааст, ки нависонад, бинобар ин дар ин бора бо мирзои худ машварат кардан хоста ба ӯ гуфтааст:

– Ман на суханони ин кали шум (Кали Қурбон)-ро, на монанди онҳоро ҳеҷ намедонам. Аммо барои гунаҳгор кардани аробакаш суханони ӯ хеле муҳим аст. Он худобехабар чунон дашномҳои болохонадорро аз забони аробакаш гуфт, ки ман монанди онҳоро дар хоби шабам ҳам нашунидаам. Дар ин хусус чӣ бояд кард?

Мирзо (котиб) ба ин саволи қозикалон ҷавобе надода, фақат «тақсир!»- гӯён қалам ба даст мунтазири имлои ӯ шуда нигоҳ карда истодааст.

– Худатон магар он гуна алфозро намедонед, ки аз забони Кали Қурбон ба аробакаш нисбат дода нависед? – қозикалон боз аз мирзо пурсидааст:

– Ман намедонам, – гуфтааст мирзо, – лекин мирохурбошӣ[220] хуб медонад.

– Кадом мирохурбошӣ? Ҳамин мирохурбошии нави мо, ки Ҳикмати Буз ном дорад?

– Ҳо, ҳамин Ҳикмати Буз, – мирзо тасдиқ кардааст, – вақте ки Мулло Мир-

* Ташҳир – маънии луғавии ин калима «ба расвоӣ шӯҳрат додани касе» буда, дар истилоҳи шариат гунаҳгори диниро дар шаҳр гардонда, гуноҳи ӯ ва ҷазои барои он гуноҳ ба ӯ додашударо ба омма маълум кардан аст.



зо[221] бо саисҳо, ки ҳама шӯрапушт мебошанд, муомила карда натавонист, маҷбур шуд, ки ҳамин Ҳикмати Бузро оварда дар саисхона мирохурбошӣ карда монад. Чунки худи ин ҳам шӯрапушт ва қиморбози гузарост, бо саисҳо ба чӣ забон гап заданро медонад. Дар дашномҳои кӯчагӣ ҳам аз Кали Қурбон мондагӣ надорад.

– Хуб, ин тавр бошад, ӯро ҷеғ зада биёред.

Мирзо Ҳикмати Бузро ҷеғ зада овардааст. Ӯ аз забони Кали Қурбон дашномҳои кӯчагии болохонадорро ба аробакаш нисбат дода гуфтан гирифтааст, мирзо ҳам гуфтаҳои ӯро дар зери номи Кали Қурбон, ки бо унвони вакили ҷавобгар навишта шуда буд, навиштан гирифтааст.

Ҳикмати Буз чунон калимаҳои дашномии қабеҳи кӯчагӣ ёфта мегуфтааст, ки қозикалон аз ханда худдорӣ карда наметавонистааст. Дар охир қозикалон бо панҷаи дасти худ ба китфи ӯ бо аломати таҳсин тип-тип зада истода:

– Акнун бас кун, Ҳикмати Буз! – гуфтааст. – Ҳоло ҳам дар шумора ду баробари суханони дашномии Кали Қурбон ва дар ғалатигӣ даҳ баробари он ёфта гуфтӣ. Офарин ба ту!*

Азбаски Ҳикмати Буз ҳам монанди Кали Қурбон бесавод буд, дар зери суханҳое, ки аз номи Кали Қурбон навишта шудааст, нарангушти худро ба сиёҳӣ тар карда аз ҷониби ӯ дар ҷои имзо пахш кардааст.

***

Баъд аз мурофиа ва овоза шудани он дар байни аҳолӣ ғулғулае дар шаҳр афтод: акнун на танҳо бекормондагони ҳангоматалаб, балки қариб ҳамаи касоне, ки қувваи рафтор доштанд, ба умеди тамошо кардани сангсоркунӣ пагоҳонӣ ба Регистон медавиданд, дар он ҷо, ки аз сангсоркунӣ асаре намеёфтанд, ба майдони бозори хар ва аз он ҷо ба майдони машқи сарбоз. Ба ҳамин тариқа, мардум ҳар рӯз то соатҳои даҳ-ёздаҳ аз кору бори худ монда аз майдон ба майдон метохтанд ва дар охир ташнаву гушна ва монда шуда ба хонаи худ ё ба дӯкон ва сари кори худ бармегаштанд.

Аз рӯзи мурофиа понздаҳ рӯз гузашта бошад ҳам, анбӯҳи гурӯҳи тамошоталабон аз кӯчаву майдон кам намешуд, чунки ҳама яқин медонистанд, ки аробакаш сангсор карда хоҳад шуд, аммо сабаби дермонӣ ва саргумии рӯзи вуқӯи ин корро надониста, дар оташи интизор метапиданд. Онҳо намедонистанд, ки барои иҷрои ҳукми маҳкамаи «шаръӣ ва қонунӣ» натиҷаи мурофиа ва муҳокимаи ин корро ба амир арза карда, фармони ӯро гирифтан ва нусхаҳои «ҳуҷҷатҳо»-ро, ки бо сохтакориҳо ба сад хуни ҷигар тайёр намудаанд, ба воситаи қушбегӣ ба консулхона фиристода ризои гумоштаи сиёсии давлати императориро ба даст даровардан лозим аст...

Аммо «чист ки нагузарад?» Ба ҳазор душворӣ бошад ҳам, рӯзҳои интизории тамошоталабон гузашт: як шаб шабона аз тарафи «Ҷабраил» хабари баъд аз

* Баъд аз ҳамин ҳикоят Ҳикмати Буз ба қозикалон Бадриддин бисёр маъқул ва наздик шуд, дере нагузашта, қозикалон ба амир арз карда ӯро амалдор кунонид. Кам-кам ӯ амиршинос шуда, дар охирҳои салтанати амир Олим дар Бухоро миршаб буд ва дар рӯзҳои револютсияи Бухоро дар пеши дарвозаи Шайхҷалол бо тири деҳқоне кушта шуд. (Ҳикмати Буз ба сифати як шахси таърихии реалӣ дар «Дохунда» дар саҳифаҳои 230 – 252 ва 253 (дар ин ҷо бо Кали Қурбон) – 261 ва 262 зикр ёфтааст: «Дохунда», нашри тоҷикӣ, соли 1949)[222].

содир шудани фармони амир ба даст даровардa шудани ризои гумоштаи сиёсии ҳукумати Россия ба муштоқони ин хабар расонида шуд.

Акнун ҳама медонистанд, ки фардо пагоҳонӣ ҳукм иҷро хоҳад шуд, аммо намедонистанд, ки дар куҷо иҷро хоҳад шуд. Бинобар ин ҳавасмандони ин «тамошои нодир», ки имшабро бедор гузаронида буданд, бо шунидани азони бомдод, ки баъд аз он дар кӯчаҳои Бухоро озод гаштан мумкин буд, аз хонаҳошон баромада, ба тарафи Регистон давиданд.

Аммо то ба Регистон расидани тамошоталабоне, ки бошишгоҳашон дуртар буд, «тамошогоҳ» аз тарафи касоне, ки хонаҳошон ба он ҷо наздиктар аст, пур шуда буд. Ночор касоне, ки аз чор тараф аз кӯчаҳои тангу тори Бухоро монанди селҳои айёми баҳорон мавҷзанон шорида меомаданд, ба шакли оби зимистонии дарёи Зарафшон паси ҳамдигар гӯё ях баста, танба зада, торафт паснокӣ дамида мерафтанд.

Ба ҳамин тариқа, то сафед шудани рӯз анбӯҳи мардум, ки марказаш дар Регистон буд, аз тарафи ҷануб аз тоқи Тиргарон гузашта ба растаи Наддофон ва Мисгарон расид, аз тарафи ҷануби ғарбӣ аз бозори Коҳ ва тоқи Аллофон гузашта ба гузари Мурдашӯён ва Сари Пули Ошиқон танба зад, аз тарафи ғарб аз гузари Усторуҳӣ ва Нақорачиён гузашта ба тахти дарвозаи Ӯғлон баромад ва аз тарафи шимол аз гузари Мирзо Ғафур ба дарвозаи Имом ва гузари Арабон дарпайваст...

Аркони давлати амир – қозикалон, раиси калон ва миршаб дар ҳузури қушбегӣ барои иҷрои фармони соҳибдавлати худ дар хусуси аробакаш ҷамъ шуданд. Мувофиқи қарори «маҳкамаи шаръӣ ва қонунӣ», ки ба иҷрои он амир фармон дода ва гумоштаи сиёсии ҳукумати подшоҳии Россия ризоӣ дода буд, бояд ба аробакаш ду навъ ҷазо дода мешуд: якум – «ташҳир», яъне гунаҳгорро дар шаҳр гардонда ба расвоӣ шӯҳрат додан, дуюм – сангсор кардан.

«Аркони давлат» қарор доданд, ки ин ду ҷазо якбора иҷро карда шавад, то ки иҷрои онро дар кӯчаҳои шаҳр дар вақти гардиш додани гунаҳгор ҳамаи аҳолӣ дида тавонад. Вагарна ташҳирро, ки дар шаҳр гардондан аст, ҳар кас дида тавонад ҳам, сангсориро, ки ҳар кас ба дидани он толиб аст, бештарини аҳолӣ дида наметавонанд, зеро дар Бухоро майдоне нест, ки ҳамаи аҳолиро, ҳеҷ набошад, бештарини онҳоро гунҷонад. Ба болои ин дар вақти иҷрои сангсоркунӣ дар як майдон ба сабаби бисёр ғун шудани одамон ва зер карданашон якдигарро талаф шудани каси бисёре мумкин аст. Бинобар ин якбора иҷро кардани ду ҷазо муносиб аст.

Барои якбора иҷро кардани ду ҷазо қарор дода шуд, ки гунаҳгор ба шутуре савор карда шуда, дар шаҳр гардонда шавад ва дар айни замон «савобталабон» ӯро бо сангҳо зада рафтан гиранд.

Аммо дар ҳолате ки Регистон ва атрофи он аз тамошоталабон пур буда, дар он ҷоҳо ҷои сӯзан задан ҳам набуд, ҳатто ҳамон рӯз машкобҳо ба арк об ҳам бароварда натавониста буданд, на шутурро ба арк баровардан мумкин буд, на гунаҳгорро поин фуроварда ба шутур савор кардан. Бинобар ин қарор дода шуд, ки аҳолӣ бо фиребе аз Регистон дур карда шаванд, чунки онҳоро бо чӯбдасти ясавулон ва себанди шабгардон дуртар рондан мумкин набуд.

Ин корро Кали Қурбон ба гардан гирифта, себанди шабгардиашро ба даст



дошта давон аз арк фуромад ва ба гурӯҳи одамон расида, «ба ман роҳ диҳетон!»- гӯён хост, ки аз байни одамон гузашта равад.

Аҳолӣ, ки Кали Қурбонро мешинохтанд ва ба сабаби одами мӯътабари миршаб буданаш дар ҷазодиҳӣ иштирок карданашро медонистанд, аз ҳар тараф ба ӯ савол додан гирифтанд:

– Ака Қурбон, аробакашро кай сангсор мекунанд?

– Дар ҳамин ҷо сангсор мекунанд ё дар ягон ҷои дигар?

– Ҳозир гунаҳгор дар куҷост?

– Аробакаш дар майдони машқи сарбоз, ки аз ҳамаи майдонҳо васеътар аст, сангсор карда мешавад, – гуфт Кали Қурбон дар ҷавоб, – ҳозир ӯ дар зиндон аст. Ман рафта истодаам, ки ӯро аз зиндон гирифта бурда ба он майдон расонам. Барои гӯронидани гунаҳгор то миён дар миёнҷои он майдон чоҳча ҳам канда шудааст, барои кор фармудан дар сангсоркунӣ дар ҳар тарафи он майдон санг ҳам тӯда-тӯда карда монда шудааст. Шумоҳо ҳар қадар ки ба ман зудтар роҳ диҳетон, ман ҳамон қадар зудтар рафта гунаҳгорро ба майдони ҷазо мерасонам...

Бо шунидани ин хабари «пухта» аз забони одами мӯътабари миршаб, ҳатто ба суханони охириаш гӯш надода, ҳама ба якбора аз дами арк ва майдони Регистон пас гашта, ба тарафи майдони машқи сарбоз давиданд. Кали Қурбон ҳам аз майдони холишудаистодаи Регистон давида гузашта, Ҷомеи Пояндаро як гардиш карда, аз тарафи қӯрхонаи нав омада, аз зинаи паҳлуии ҷанубии тахтапул ба арк баромад.

Дар майдони Регистон танҳо он касоне монда буданд, ки на дар зиндон, балки дар обхона – дар роҳрави арк маҳбус будани аробакашро медонистанд. Аз ин ҷумла гурӯҳи лабиҳавзиарбобиён буданд, ки ман ҳам дар қатори онҳо будам.

* * *

Баъд аз холӣ шудани Регистон аз гурӯҳи тамошоталабон шутуреро, ки аз гузари Сорбонон оварда дар қӯрхона монда будаанд, ба болои арк бароварда, дар рӯ ба рӯи дари обхонае, ки аробакаш он ҷо маҳбус буд, чӯкониданд.

Маҳбусро аз обхона бароварда, дасташро ба пеш бастанд; баъд аз он ӯро ба болои шутур савор карда, поҳояшро ба зери шиками шутур кашида, аз бандҳои по аз пеши буҷулак ресмонҳои сахти канаби собунзадаро ҳалқадавак карда гузаронида, ҳар ду нӯги ин ду ресмонро ба ҳам бо гиреҳҳои кушоданошуданӣ пайванд доданд; инчунин аз миён ва бозуҳои гунаҳгор ресмонҳои канабро ҳалқадавак карда гузаронида, нӯгҳои он ресмонҳоро ба чӯбҳои ҷағози шутур аз пасу пеш гузаронида чорбанд карданд ва баъд аз он шутурро аз ҷояш хезонданд.

Кали Қурбон маҳори шутурро дар даст гирифт. Аввалин сангро Ҷунбулмахдум ба тарафи аробакаш андохта, аввалин дашноми болохонадори аробакашро ӯ ба тарзи «мукофот» гирифт; баъд аз он он чор нафар муллои даъвогар ҳам як-як санг андохта, «мукофоти» муносиби худро ёфтанд; баъд аз он қозикалон як санг зад, ки ба аробакаш нарасид, ҳамин тавр бошад ҳам, аробакаш ӯро ҳам низ аз «мукофоти» обдори худ бенасиб нагузошт, баъд аз он қушбегӣ, раиси калон ва миршаб ҳам санг андохта, ҳар як ба «мукофоте» сарфароз гардиданд.

Баъд аз он «аркони давлат» амр фармуданд, ки гунаҳгорро аз арк фуроварда, ба кӯчаҳои шаҳр гардонанд, то ки мусулмонон санг андохта ба савоб дохил шаванд.

Дар сафи пеш Мухторхоҷа, Қорӣ Самеъ, Абдураҳмони Рафтор ва Қиёммахдум даромаданд; аз паси онҳо як-ду қадам дуртар аз онҳо Ҷунбул, ки «муддаии умумии давлатӣ» ва ба қавли аҳолии Бухоро «вакили Худою расул» буд, ба роҳ даромад ва аз паси ӯ Кали Қурбон, ки вакили боваринишондодаи аробакаш буд, маҳори шутурро кашида роҳӣ шуд.

Атрофи онҳо ва шутурро як сад нафар одамони себанддори миршаб иҳотакунон равон шуданд. Аз дунболи ин даста як дастаи қариб панҷсаднафарӣ, ки аз мулозимони қозикалон ва раис, аз шогирдпешагони қушбегӣ ва миршаб, аз мерганон, мириғазабон ва ҷаллодони дарвозаи арк ташкил ёфта буд ва дар дасти ҳар кадоми онҳо тӯрбаи емхӯрии асп, ки пур аз санг менамуд, ба роҳ афтоданд.

Вақте ки вакилони муллоён бо тартиб ва «тантанае», ки дар боло тасвир ёфт, бо «гунаҳгори шутурсавор» аз арк бо тахтапул ба майдони Регистон фуромаданд, ҷаллодони сангдаст атрофи шутурро иҳота карда гирифта ба сангпарронӣ даромаданд. Аробакаши мазлум дар ин ҷо фурсат ва қувват наёфт, ки ҳеҷ набошад, ба ин золимони хунхор ҷавоби дашномӣ диҳад, зеро бо аввалин санге, ки баробари мушти одам буда, аз тарафи ҷаллоди сангзане андохта шуда буд, сари ӯ кафида, майнаи хунолудаш ба ҳар тараф пош хӯрда, аз ҳуш рафта буд...

Сангзанӣ давом мекард. Ҳарчанд гурӯҳҳои калони тамошоталабон бо фиреби Кали Қурбон Регистонро холӣ карда ба тарафи майдони машқи сарбоз рафта бошанд ҳам, бо фуромадани намоиши ҷазо аз арк ба Регистон майдон аз одам пур шуд. Лекин ҳеҷ кадоми онҳо ба тарафи аробакаш санг ҳаво надоданд ва афсӯсхӯрон нигоҳ карда меистоданд, ҳатто баъзе тамошобинон бо андохта шудани санге, ки сару рӯи аробакашро мекафонд, чашми худро бо дасти худ пӯшонда аз миёнаи тӯда пастар мерафтанд ва баъзеҳо тамоман худро ба канор мекашиданд.

Аз байни тамошобинон танҳо бист-бисту панҷ нафар муллобачаи девонамонанд буданд, ки яке аз онҳо муаззини мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид буд, ба сангпарронӣ иштирок доштанд, аммо азбаски дар дасти онҳо санг набуд, сангҳои ҷаллодони амирӣ паррондаро аз замин чида гирифта ба тарафи аробакаш ҳаво медоданд. Хоҳ ҷаллодони амир бошанд, хоҳ он муллобачаҳои девонамонанд, ин кори ваҳшиёнаро бо шавқу завқ иҷро мекарданд, ки гӯё шикор ё футболбозӣ мекарда бошанд. Касеро, ки сангаш ба нишон нарасад, масхара дошта ба ӯ механдиданд, сангдастҳои нишонзанро таҳсину офарин мекарданд.

Ман дар умри худ якум бор дар он ҷо дидам, ки одам бо тарбияи бад ва одатҳои ваҳшиёна чӣ навъ аз ҷилди одамгарӣ баромада, аз ҳайвоноти даранда ҳам бадтар мешудааст.

Оре, онҳо аз ҳайвоноти даранда ҳам бадтар шуда буданд, зеро ҳайвони даранда барои сер кардани шикам ё мудофиаи ҳаёти худ ба одам ё ба ягон ҳайвони дигар ҳуҷум кунад ҳам, аз ин кори худ шодмон шуда намехандад ва ҳатто



аломати хурсандӣ нишон намедиҳад. Аммо ин одамони бадтар аз ҳайвон, дар вақте ки бо ваҳшонияти тамом як одами дасту по бастаро зада кушта, дасту пою сару рӯю гӯшту пӯсти ӯро пора-пора карда истода буданд, чунонки дар маросими домодбарӣ ё арӯсбиёрӣ иштирок карда истода бошанд, шодмонӣ мекарданд...

То ба тахти тоқи Тиргарон расидани намоиши ҷазодиҳӣ дар аробакаш дигар асари ҳаёт намонда буд, ӯ ба сабаби сахт баста буданаш аз болои шутур нағалтида бошад ҳам, ба як тараф овезон шуда монда буд, ки дар сару сурати вай на гӯшу бинӣ менамуд ва на даҳану чашму абрӯю пешонӣ – ҳамаи ин аъзоҳои ӯ дар зери сангҳои бедод кафида пош хӯрда барбод рафта буданд; устухонҳои сари аз чанд ҷой кафидааш аз байни пӯсти кӯфта ва порагардида ба шакли чӯбкадуи шикастаи ба хун оғушташуда менамуданд. Аммо сангзанӣ ҳамчунон давом мекард...

Дигар моро тоқат намонда буд, ки барои фаҳмидани оқибати кор боз бо он гурӯҳи ваҳшиён пештар равем, бинобар ин аз он ҷо, аз он «намоиши» фоҷиабор ҷудо шуда, бо паскӯчае роҳи манзили худ пеш гирифтем ва бе он ки ба якдигар сухане гӯем, ҳар кадомамон ба ҳуҷраи худ рафтем.

* * *

Фардои он рӯзи фоҷиаандӯзи тоқатсӯз аз Абдузоҳир ном ҷавони лабиҳавзиарбобӣ, ки писари мулозими қозикалон буда, бо падараш дар он маросими ҷазо ба он гургони одамнамо ҳамроҳӣ карда будааст, хабарҳои охиринро шунидем:

Назар ба қавли ӯ, сангсоркунандагон мурдаи бар болои шутур овезоншудаи аробакашро ҳамчунон сангзанон бо кӯчаи калони Наддофон ва Тӯқумдӯзӣ бурда, аз Бозори Нав ба кӯчаи калони Лаби Рӯд гузашта, аз байни масҷиди Хоҷа Калон ва мадрасаи Нав ба кӯчаи Сесӯ даромада, бо растаи Баззозӣ аз тоқи Саррофон ва Чорсӯи Бухоро гузаронида, бо гузари Ҳуллабофон ва кӯи Мурғкушон то дарвозаи Қавола рафтаанд.

Аз дарвозаи Қавола аз шаҳр баромада, ба дасти чап гашта, таг-таги қалъа ба дарвозаи Мазор расида, аз он ҷо боз ба шаҳр даромада, ба дасти рост гашта, бо кӯчаи калони гузари Ҷаъфархоҷа, Мехчагарон, Дегрезон ва тоқи Заргарон расида, аз он ҷо ба дасти рост гашта, бо кӯчаи калони гузари Тӯпхона ба Чорбаққолии бозори чӯб расида, аз он ҷо ба дасти чап – ба тарафи ғарб гашта, бо гузарҳои Маддоҳон ва Арабон то гузари Мирзо Ғафур рафта, аз он ҷо ба кӯчаи калони дарвозаи Имом гузашта, ба дасти чап баргашта ба Регистон расидаанд ва аз он ҷо ҷаллодон ба арк баромада, «ба хубӣ адо кардани» вазифаи ҷаллодиашонро ба аркони давлати амир арз намуда, барои чӣ кор кардани устухонпораҳои аробакаш супориши нав пурсидаанд.

Мувофиқи фармоиши аркони давлат як панҷ нафар ҷаллодони дараҷаи поёнӣ бе маросими сангпарронӣ шутурро кашида аз дарвозаи Ӯғлон ба беруни шаҳр баровардаанд, ки мурдаи аробакашро дар қатори лошаҳои ҳайвоноти худмурда барои хӯроки сагон партоянд. Дар вақте ки ҷаллодон дар «лошазори ҳайвонот» шутурро чӯконида, ресмонҳои аробакаш басташударо бурида, мурдаи

ӯро аз шутур фуровարданд, панҷ нафар одами мусаллаҳ, ки сару рӯяшон бо рӯмолҳои сиёҳ бастагӣ буда, танҳо сӯрохе дар пеши чашмашон кушодагӣ будааст, аз найзори пеши девори қалъа барқвор баромада, ба ҷаллодон ҳуҷум кардаанд.

Дар натиҷаи ҳуҷум як ҷаллод кушта шуда, дигаре маҷрӯҳ гардида, се нафари дигарашон гурехта рафтаанд ва одамони мусаллаҳи номаълум мурдаи пора-порашудаи аробакашро ба намаде печонда, ба даруни найзор даромада рафтаанд.

Аз рӯи қавли Абдузоҳир, аҳолии шаҳр, ки як моҳ боз дар орзуи дидани сангсоркунӣ аз кӯча ба кӯча ва аз майдон ба майдон медавидаанд, вақте ки дар кӯчаҳо маросими ҷазоро медидаанд, ба дидани ин манзараи нафратангези фоҷиаомез тоб наоварда, аз сари роҳ мегурехтаанд ё бо дасти худ чашмонашонро то дур шуда рафтани он манзара пӯшонда меистодаанд.

## ТААССУРОТИ МУЛЛО АМОН АЗ САНГСОР ШУДАНИ АРОБАКАШ

Баъд аз ягон ҳафта гузаштан аз тамомияти кори аробакаш як шаб Мулло Амони розмозӣ ба мадрасачаи Лаби Ҳавзи Арбоб омад. Дар аввали дидан қариб буд мо ӯро нашиносем, чунки ӯ либоси муллоёнаро партофта, монанди аробакашон пӯшок пӯшида буд: либоси зеринаш як яктаҳкуртаи* қаламии кабуд буд, ки аз рӯй миёнашро бо як фӯтаи кабуди дастӣ бофташуда баста, дар паҳлуи чапаш як яккакорди устухондастаи дароз овехта буд: ба сараш як саллаи кабуди чорхонаи ресмонии дастӣ бофташударо печонда, фашашро думимушӣ, яъне кӯтоҳ гузошта буд, либоси рӯяш як ҷомаи серпахтаи ғиҷдувонӣ буд. Танҳо пойафзолаш аробакашона – чапанона набуда, ҳамон кафшу масҳии фартути муллоёна буд.

Бо дидани ин қиёфаи ӯ ба хотири ман тағйири либос карда, либоси муллоёнаро партофта, пӯшоки қиморбозона пӯшидани Яҳёхоҷа, ки дар саҳифаҳои 12 – 13 қисми III-и «Ёддоштҳо» (нашри соли 1950-и тоҷикӣ) қайд шудааст, расид[223].

Яҳёхоҷа ин гуна корҳояшро ба тарзи ҳазлу шӯхӣ мекард, аз вай сабаби ин гуна ҳаракаташро пурсидан мумкин буд ва пурсида буданд ҳам. Ӯ дар ҷавоби он гуна пурсишҳо гоҳо худро ба девонагӣ зада, гоҳо бо оҳанги ҳазлу шӯхӣ, лекин дар ҳақиқат ҷиддиёна одамонеро, ки дар ҷамъият зарарнок медонист, расво карда фош менамуд.

Аммо Мулло Амон бо ин либоси чапанонааш чунон бо ҷиддият ва хашмгинона омада пеши мо нишаст, ки касе ҳам аз рафиқон ба пурсидани сабаби тағйир додани либосаш ҷуръат накард. Дар ҳар ҳол ба ҳама маълум буд, ки ӯ бо ин кори худ кори дар қисми III-и «Ёддоштҳо» қайдёфтаи Яҳёхоҷаро тақлид кардааст, лекин на ба тарзи ҳазлу шӯхӣ, балки ба тарзи ҷиддӣ ва қатъӣ тақлид кардааст.

Мулло Амон бо ҳамон вазъияти ҷиддӣ хашмгинона якчанд дақиқа хомӯш нишаст, аҳли сӯҳбат ҳам бо омадани ӯ хомӯш гардиданд, вазъияти пурсалобати

* Яктаҳкурта – яктаҳест, ки ба пеши вай як парчаи нимгиребонвор илова мекунанд. Агар тугмаи он парча гузаронида шавад, чунон менамояд, ки пӯшандаи он курта пӯшида, аз рӯи вай яктаҳ пӯшидааст; агар тугмааш кушодагӣ бошад, монанди яктаҳи одӣ менамояд, ки одам дар тани бараҳна пӯшида бошад ва сари синааш намуда истад.



ӯ ҳамаро ба хомӯш истодан маҷбур карда буд. Баъд аз фурсате ӯ гап сар карда гуфт:

– Шумоён маро дар зери ин либоси чапанона дида, бояд тааҷҷуб карда бошетон, баъзеатон шояд дар дили худ гузаронед, ки «набераи Файзӣ-авлиё» ба Яҳёхоҷаи миракониии девонаи масхарабоз тақлид кардааст». Аммо ман на хоҷаи миракониам, на девона ва на масхарбоз, умуман ман масхарабозӣ ва ҳазлу шӯхиро бад мебинам. Ман, ки саҳроии деҳқонзода мебошам ва ба болои ин, ба қавли муллоён, «набераи Файзӣ-авлиёи дузд» ҳастам, агар ҳазлу шӯхӣ мекардам ҳам, касе намебардошт... Як чой фармо, ҳалқам қоқ шуд, – гуфт Мулло Амон ба Қорӣ Усмон аз сухани асосиаш бозистода.

Қорӣ Усмон ба чойник чой андохта, ба Қорӣ Шарифи кордгар дода фармуд, ки аз самовори гузар дам карда орад. Мулло Амон давом кард:

– Ман ҳазлу шӯхӣ намекунам, ҳама кори ман ҷиддист, – гуфта дубора таъкид карда, баъд аз он ба аҳли маҷлис нигоҳ карда пурсид: – Шумоён, ки «ғайбатчиёни Бухоро» мебошетон, магар фикр кардаетон, ки дар ин рӯзҳои охир чӣ корҳо шуда гузашт?

Касе ба ин саволи ӯ ҷавоб надод ва ӯ боз давом намуд:

– Ҳамаатон медонед, ки Ҷунбули мурдор, Мухторхоҷаи мор, Қорӣ Самеи нобакор, Абдураҳмони Рафтор (ман ба ин марди фоҳишамонанд дигар сифат намедиҳам, худи ҳамин калимаи «рафтор», ки аз тарафи мардум ба номи ӯ ҳамроҳ карда шудааст, нишон медиҳад, ки ӯ хурдсолиашро бо кадом машғулият гузарондааст), – гуфт Мулло Амон дар байни сухани асосии худ ба тарзи ҷумлаи мӯътариза – скобкагӣ ва давом намуд: – ва Қиём-махдуми ҳарзагарди бадкирдор – ин панҷ нафар ғаддори мурдоркор барои халос шудан аз ним танга пули киро бешармона ҳамон қадар моҷароро барпо кардаанд, он бас набуд, ки берӯӣ, бешармӣ, беинсофӣ, бераҳмӣ ва бедиёнатиро ба ҷое расонданд, ки аз номи дин як одамро бо ваҳшонияти чашмнадида ва бо азобу уқубати гӯшношунида нобуд карданд...

– Ҳамаи мо Ҷунбул, Қорӣ Самеъ, Абдураҳмони Рафтор ва Қиём-махдумро медонем ва аз инҳо умеди одамгарӣ кардан хато буд. Аммо Мухторхоҷаро чӣ шуд, ки ӯ ба ин кор ҳамроҳ шуд? Ман ӯро одами нармдили хоксор медонистам, ман гумон надоштам, ки ӯ ба ҳамин қадар расвоии пурфоҷиа ҳамроҳӣ кунад, – гуфтам ман сухани Мулло Амонро бурида ба ӯ.

Ӯ, баъд аз он ки қадаре ба ман бо диққат нигоҳ карда истод, гуфт:

– Ман туро теззеҳни гапфаҳм гумон карда будам, аммо аз ҷои гуфтаам набаромадӣ! Магар диққат накардӣ, ки дар вақти ном бурдани ин панҷ нафар ман ба ҳар кадоми онҳо як сифати муносиб додам ва аз он ҷумла Мухторхоҷаро «мор» гуфтам. Мор ҳам нарм аст, нармии ӯ ба дараҷаест, ки агар аз заҳр заданаш натарсида ба баданаш даст расонӣ нармиаш ба даст мефорад, аммо кори ӯ одамонро заҳр зада куштан аст. Охир арабҳо бе сабаб нагуфтаанд, ки «аузу биллоҳи мин ғазабил ҳалим» (паноҳ мебарам ба худо аз ғазаби одами нармуомила). Мақоли халқ, кадом халқ бошад, натиҷаи таҷрибаи солҳои бисёри одамони донишманд аст...

Қорӣ Шариф чойро овард, Қорӣ Усмон баъд аз гардондани он пиёлаи якумро

ба Мулло Амон дод, Мулло Амон аз чойи гарми чӯшон ба тарзе, ки гӯё мазаашро чашида медида бошад, қатрае чанд ба даҳон гирифта, ҳалқи худро тар карда, пиёлаи пурчойро дар пеши худ гузошта, сухани асосии худро давом кунонид:

– Шояд шумоён гумон мекарда бошетон, ки ин ҳама бедодгарии вахшиёнаро ҳамин «панҷ сар гургони вахшии дупо» кардаанд. Аммо дар ҳақиқат ин тавр нест. Ман дар вақти ин моҷаро ба пеши ҳар кадоми муллоҳои машҳур даромадам, бештарини онҳо ин кори вахшиёнаи он панҷ нафарро «ҳамияти динӣ» меномиданд ва ба онҳо таҳсинҳо, офаринҳо мехонданд. Ҳатто устоди худам – домулло Ҳомиди Араб, ки худро «файласуф» ва «ҳаким» метарошид, бадкирдориҳои ин панҷ нафарро шунида хурсандӣ мекард, ки «дар вақтҳои охир уламои моро дар пеши авом ҳеҷ эътиборе намонда буд, бо кори инҳо оммаи мардум маҷбур мешаванд, ки уламоро ҳурмат кунанд ва дар ҳар кори худ аввал ризои онҳоро ба назар гиранд». Охир дар ин фикри устоди фалсафаи ман чӣ мегӯетон? Магар барои ҳурмати худ ва ҳурмати ҳамюғони* худ одамонро куштан лозим будааст-дия? Ин «файласуфи» нодон намедонист, ки ҳурмати маҷбурӣ ба ғайр аз зарар дигар боре нахоҳад овард. Касе, ки касеро маҷбуран ҳурмат мекунад, хусусан он маҷбурият аз бими кушта шудан омада бошад, ҳурмати маҷбурикунанда, агар фурсат ёбад, он шахси «мӯҳтарам»-ро хоҳад кушт, ҳеҷ набошад, таҳқир хоҳад кард...

Мулло Амон чойи сардшудамондаро нӯшида, пиёларо ба тарафи Қорӣ Усмон ғелонда фиристода, боз давом намуд:

– Ҳамаи ин чизҳое, ки ман гуфтам, ҳаминро нишон медиҳад, ки он панҷ нафар нобакор дар ин кори худ танҳо набудаанд ва дар вақти ҳуҷум карданашон ба «рама» ба гургони пешгард пасистодагонашон ёрӣ медодаанд. Бинобар ин ман ҳамеша мегӯям, ки ин галаи гургони дарандаро «тавбаи гургӣ» додан лозим аст...

Мулло Амон аз чойи гарме, ки дар пешаш гузошта шуда буд, як лаб тар намуда, ба Мирзо Иброҳими Субҳӣ нигоҳ карда гуфт:

– Он шеъри ҳаҷвияатро, ки дар ҳақи миршаб гуфта будӣ, хон (Мулло Амон гумон мекард, ки он шеърро Субҳӣ гуфтааст, чунки рафиқон ҳамеша ба ӯ «Субҳӣ» гӯён бо тахаллусаш хитоб мекарданд. Бинобар ин Мулло Амон ӯро дар ин ҷамъомад шоири ягона медонист).

Субҳӣ қитъаеро, ки дар ҳаҷви миршаб коллективона гуфта шуда буд, хонд. Мулло Амон аз он қитъа байти зеринро (шояд барои ёд гирифтан бошад) худ ба худ ду-се бор такрор кард:

Хоҳ бошӣ хук, хоҳӣ гург, моро шуд яқин:
Хукбони гурггабъе зишт пуштибони туст.

Мулло Амон баъд аз такрор кардани ин байт:

– Афсӯс ки ман шоир нестам, – гуфт, – ва агар ин шеърро, ки дар ҳақи шахси миршаб гуфта шудааст, ба шакли ҷамъ медаровардам, то ки дар вай муллоҳои гургтабиат ва дигарҳо ҳам дароянд, инчунин калимаи «хукбон»-ро ҳам ҷамъ мекардам, зеро хукбононе, ки пуштибони ин гургон мебошанд, низ бисёранд...

*Дар заминронӣ ду говро ҷуфт карда дар зери юғ мегиранд, ҳар кадоми онҳо нисбат ба они дигар ҳамюғ ҳисоб мёбад. Мулло Амон бо ин таъбири худ уламои замони худро ба говон монанд карда буд.



Мулло Амон баъд аз ин муқаддима як қулт чой нӯшида ҳалқи худро тар карда, нафаси худро рост гирифт ва ба ҳамин муқаддимача пайванд дода сухани аслии худро давом кунонид:

– Агар мо ин шеърро ба шакли ҷамъ гирифта дар ҳақи гургон ё хукони вахшӣ, ки аробакаш дар чанголи онҳо гӯсфандвор афтида дарронда шуд, татбиқ кунем, пуштибонони онҳо муфтиҳо, қозикалон ва амир шуда мебароянд. Магар муфтиҳо намедонистанд, ки он дарунсиёҳон барои рӯсиёҳии сию ду пули сиёҳ (ним танга) аробакашро ба куштан тайёрӣ дидаанд? Не, медонистанд ва дидаву диниста истода ривояти одамкуширо, ки дар дасти ин гургони даранда ва хукони вахшӣ вазифаи чанголӣ ва дандониашкигиро адо мекард, тайёр карда супурданд, чунки инҳо ба онҳо пуштибон (ҳомӣ) буданд. Магар қозикалон намедонист, ки гургонаш ба аробакаш тӯҳмат карда истодаанд?.. Медонист ва дидаву диниста истода онҳоро ба ин даъво ҳақдор шумурд, чунки худаш пуштибони он гургон буд. Магар амир сабаби ҳуҷуми он панҷ сар гургро ба аробакаш намедонист? Албатта медонист, чунки воқеанависонаш (ҷосусонаш) аз ҳама пештар ҳақиқати ҳолро ба ӯ навишта буданд. Лекин ӯ ҳам дидаву диниста истода мувофиқи хоҳиши онҳо фармон додан хост, фақат ба ӯ лозим буд, ки аз пуштибони худ рухсат гирад, бинобар ин чанд рӯз ин корро дер кашонид. Ман мехоҳам акнун дар бораи кӣ будан ва чӣ будани пуштибони амир, ки ба воситаи ӯ ва баъзан бевосита пуштибони ҳамаи аркони давлати амир аст, ду-се калима гап занам. Аммо барои ин аввал як пиёла чойи гарм нӯшида ҳалқи худро тар карда ва нафаси худро рост гирифтанам даркор аст...

Қорӣ Усмон ба Мулло Амон зуд як пиёла чойи гарм кашида дод. Ӯ, дар ҳолате ки чойи гармро оҳиста-оҳиста менӯшид, фикр мекард. Магар ӯ аз фурсати чойнӯшии худ фоида бурда, суханони дар ин мавзӯи нав гуфтаниашро дар зеҳни худ тартиб медод.

Мулло Амон баъд аз пиёларо холӣ карда ба тарафи Қорӣ Усмон дароз кардан ба гап даромад:

– Ман мехоҳам пеш аз гап заданам дар бораи пуштибони амир як ёддошти худро ба шумоён нақл намоям, – гуфт Мулло Амон. – Ман як рӯзе бо як ҳамроҳи худ аз Когон ба шаҳр омадан мехостам. Ба кирокашхонаи пеши вагзол рафтем, ки дар он ҷо танҳо як фойтуни якаспа истодааст, дар даруни он як раванда ҳам нишастааст. Ман баъд аз муайян кардани пули киро дар даруни фойтун дар паҳлуи он раванда ҷой гирифтам ва аз фойтунчӣ илтимос кардам, ки бо нархи муайяне ҳамроҳи маро ҳам дар паҳлуи худ гирад.

Аммо фойтунчӣ ин илтимоси маро рад кард ва гуфт, ки аз рӯи қонун ба фойтуни якаспа зиёда аз ду кас савор кардан мумкин нест, чунки ба асп ҷабр мешудааст. «Агар ман ин қонунро вайрон кунам, маро ҷазои нақдӣ (штраф) хоҳанд кард, ки ба адои он якрӯза музди меҳнати ман намерасад»- гуфт.

Мулло Амон баъд аз нақли ин ёддошти худ ба сухани асосиаш гузашта гуфт:

– Вакили давлати импиротури «муаззам», ки ба сифати кӯнсулӣ дар ин ҷо нишастааст, дар ҳақиқат амир ва аркони давлаташ бе рухсати ӯ як пиёла чойро нӯшида наметавонанд. Ӯ, ки бо даъвои «раҳмдилӣ ва шафқаткорӣ» ба аспон зулм карданро роҳ намедиҳад, на танҳо барои бо вахшоният кушта шудани як

одам рухсат дод, балки ин вахшониятро мувофиқи қонун карда дод, то ки ба худаш ва ба импиротураш, ки пуштибони амир ва корҳои аркони давлаташ мебошад, аз мухбирони газетаҳо ва аз русҳои «даҳонбефаровез» (яъне аз русҳое, ки бе ибо айби ҳукуматдоронро фош мекунанд) гап нарасад...

Мулло Амон чой нӯшида ҳалқашро тар карда боз давом кард:

– Ана дар ин аҳвол одам ба кӣ дод мегӯяд ва аз кӣ мадад мечӯяд? Чун ман аз ҳамаи ин табақаҳо, хусусан аз табақаи муллоён, ки худам ҳам бо пӯшоки худ дар қатори инҳо будам, нафрат кардам, аз ҷиҳати либос ҳам бошад, ба аробакашон, ба саисон, ба қиморбозон, ки назар ба дарёфти худам беҳтарини одамони замони мо мебошанд, монанд кардани худро беҳтар донистам...

Мулло Амон сонияе соқит монда нафас рост кард ва боз давом намуда гуфт:

– Оре, ин номбурдагон беҳтарини одамони замони мо мебошанд. Шумо ба тарзи мисол аз ҷиҳати машғулият пасттарини ин номбурдагонро, ки қиморбозон мебошанд, гирифта мулоҳиза кунед: ӯ дар қимор бой медиҳад ва ори ба ҳарифи худ «банда» шуданро мебардорад ва то ёфта додани пули бойдодагиаш аз «бандагии» ӯ намебарояд ва «ҳақи ҳарифаш»-ро, ки бучули бешуур ба гардани ӯ бор кардааст, мункир намешавад. Албатта, мақсади ман аз қиморбозон ҳамон қиморбозони бучулбозанд, ки худро «бандагони зарбози Худо мешуморанд», дороии онҳо аз «шаш нор пул», яъне сию шаш пули сиёҳ, ниҳоят то «шаш нор танга», яъне сию шаш танга мебошад. Аммо он бойбачагоне, ки аз пулмастӣ қиморбозӣ ва хулусбозӣ мекунанд ва агар ягон маблағи калонтарро бой диҳанд, аз «бӯ» гуфтан, яъне аз мункир шудани «ҳақи ҳарифи худ» рӯ намегардонанд, дар мақсади ман дохил нестанд...

Мулло Амон қадаре ба фикр фурӯ рафта ба тарзи эзоҳ додани гуфтаҳои болоии худ давом намуд:

– Шумо гумон накунед, ки ман қиморбозиро як кори хуб медониста бошам, балки бадтарини бозиҳо қиморбозист, чунки як бечора як рӯзи дароз меҳнати сиёҳ карда шаш нор пул меёбад, азбаски дар ин кӯи бад (қиморбозӣ) афтодааст, бо вуҷуди гушна буданаш он пулро нахӯрда ба як ҳариф бой медиҳад, агар «бахташ тохта» бой надиҳад, он пул кам-кам ба номи чӯтал ба кисаи одамони миршаб меравад. Ана ҳамин аст натиҷаи қиморбозӣ, ки ин корро миршаб барои фоидаи худ ривоҷ медиҳад. – Мулло Амон баъд аз додани ин эзоҳ: – Аз мақсад дур афтодем, – гӯён сухани аслиашро давом дод. – Ҷони гап дар ин ҷост, ки як қиморбоз якрӯза музди меҳнаташро, ки як танга ё ду танга аст, бой медиҳад, аммо ҳақи ҳарифашро инкор намекунад ва «бӯ» намегӯяд. «Соҳибони шариати» мо, ки аз вақфи мадраса, аз судхӯрӣ ва аз тӯю маъракаи одамҳо, кӯтоҳ карда гӯем, бо роҳҳои нодуруст ҳазорҳо тангаро соҳиб шудаанд, сию ду пули сиёҳи аробакашеро, ки гӯё онҳоро ба пушти худ бардошта аз Мазор то шаҳр овардааст, намедиҳанд. Кошкӣ он пули ба чизе наарзандаро надода, монанди қиморбози номард «бӯ» мегуфтанд, дар он вақт аробакаш ҳам ба онҳо чизе намегуфт, балки намедиҳанд ва бар болои надодан ҷанҷол бароварда, як одамро бо камоли вахшоният мекушанд. Акнун худатон он қиморбозон ва ин муллоёнро рӯ ба рӯ монда фарқро бинед. Онҳо аз ҷиҳати одамгарӣ ба осмон мебароянд ва инҳо аз ноодамӣ ва разилӣ дар асфаласофилин[224] даромада мераванд...



Мулло Амон сухани худро аз болои қиморбозон ба болои аробакашон гузаронида гуфт:

– Аробакашон дар одамгарӣ албатта аз ин муллоён пешанд. Ман то ҳол муллоеро надидаам, ки бо вуҷуди доро буданаш, ба нодоре ва ба бенавое ёрмандӣ карда бошад ва ӯ ҳар чӣ қадар бой бошад ҳам, боз мурдаи худро ба болои мардум партофта, чашми тамаъи худро ба кисаи одамон (он одамон ҳар чӣ қадар қашшоқ бошанд ҳам) дӯхта меистад. Аммо ман бисёр аробакашони кирокашро дидаам, ки дар роҳи Вобканд ва Ғиҷдувон одамони аз бенавоӣ пиёда баромада дар роҳ мондаро ба аробаи худ гирифта ба манзил расондаанд ва аз онҳо ҳеҷ чиз, ҳатто миннатдорӣ ҳам тамаъ накардаанд...

Мулло Амон боз сухани худро дар бораи аробакашон давом кунонда гуфт:

– Ба болои ин, аробакашон бисёр мард мебошанд, дар мардонагӣ ва ёрӣ додан ба ҳампешагони худ ҳеҷ чизро дареғ намедоранд. Лекин афсӯс ки бисёр содаанд ва ҳанӯз одамонро, хусусан қозикалон ва муфтиёнро тамом шинохта нагирифтаанд. Мисоли содагии онҳоро ман дар ҳамин аробакаши мазлуми марҳум дидам: вақте ки муллоҳо аз муфтиҳо ривоят гирифта, ба дастгир кардани ӯ тайёрӣ медиданд, ба ӯ хабар дода шуд, ки гурезад ва ба шаҳрҳои дигар рафта, чанде ба назари муллоён нанамояд. Аммо ӯ қабул накард:

«Маро ба қозихона кашанд – кашидан гиранд, ман дар он ҷо воқеаро бо ростӣ гуфта медиҳам, барои надодани ним танга ҳамин қадар моҷаро ҷунбондани он гушначашмонро дар пеши қозикалон ба рӯяшон мезанам. Ҳеҷ гоҳ қозикалон бо тӯҳмати хушки пурғаразона маро ҳабс намекунад».

Ҳарчанд ба ӯ гуфтанд, ки ба қозикалон бовар накунад, «ӯ барои беобрӯ накардани муллоҳои худ аз ҳабс кардан ва ҷазо додани ту барин касон рӯй намегардонад», ӯ аз содадилӣ боз қабул накард.

«Ман аз дӯғҳо тарсида монанди номардон гурехтанро ба гардан намегирам», – гуфт ва оқибат ба сараш омад он чи ки дидед...

Мулло Амон боз қадаре фикр карда истода, сухани худро давом дод:

– Афсӯс ки, – гуфт ӯ, – ман ба мардонагии аробакашон ҳам аз будаш зиёдтар баҳо дода будаам. Ин ҳам аз ҳамин воқеаи аробакаши мазлум маълум шуд: вақте ки ӯро одамони миршаб ва қозикалон дастгир карда ба қозихона бурданд, ба аробакашони Файзобод маслиҳат дода шуд, ки якчанд нафарашон тайёр шуда, дар роҳи байни қозихона ва зиндону обхона истанд ва дар вақти аз қозихона бароварда ба ҳабсхона бурда истодани аробакаш дар роҳ дар ягон ҷои муносиб ӯро аз дасти одамони қозӣ ва миршаб раҳонида гурезонанд. Аммо аробакашони Файзобод ба ин маслиҳат амал накарданд.

«Одам бо ҳабс шудан дарҳол мурдан намегирад, – гуфтанд, – аммо агар мо ба гурезондани ӯ кӯшиш кунем, дар натиҷа ё ба даст афтода талаф мешавем, ё ба Туркистони Русия гуреза шуда меравем. Дар ҳар ду сурат ҳам зану фарзандонамон бекас монда, дар хорию зорӣ нобуд хоҳанд шуд. Худамон аз талаф шудан ва аз гуреза шудан парвое надошта бошем ҳам, дар нобуд шудани аҳлу аёл тоб овардан душвор аст. Аммо агар ӯро ҳабс кунанд, мо метавонем, ки пул харҷ карда, ӯро халос кунем».

Онҳо аз содагӣ нафаҳмиданд, ки масъалаи он аробакаш дар пеши муллоён

ва ҳукумат монанди масъалаи duздон ё одамони одии тӯҳматзада нест, ки бо пул ҳал шавад. Дар ин ҷо гап бар болои обрӯи муллоён ва дину шариат мерафт, ки ин айнан обрӯи ҳукумати ҳозираи Бухорост. Дар ин маврид миршаб ҳам, мириғазабон ҳам, одамони қушбегӣ ва зиндонбонон ҳам дар пул гирифта гунаҳгорро озод кардан аз ҳукумат ва аз муллоён метарсиданд... Афсӯс, ки аробакашони Файзобод, – Мулло Амон баъд аз қадаре фикри андӯҳгинона карда истодан, – дар вақти кор аз даст рафтан – дар вақте ки он мазлумро ба шутур савор карда барои сангсор кардан аз арк фуроварданд, натиҷаи дилхункунандаи корро фаҳмиданд. Аммо дар он вақт на танҳо аробакашони Файзобод, балки ҳамаи аробакашони Бухоро ҳам ҳаракат мекарданд, ӯро аз ин фоҷиа халос карда наметавонистанд ва барои зинда халос кардани ӯ фурсат ҳам намонда буд, чунки ӯ бар болои шутур дар ҳамон пеши тахтапули арк кушта шуда буд ва барои халос карда гирифтани мурдаи ӯ бошад, назар ба қавли аробакашони Файзобод, ҳеҷ ҳаракат лозим набуд, чунки аз рӯи одат мебоист мурдаи ӯро дар шаҳр гардонда оварда, дар бозори ресмони Регистон мепартофтанд, аз он ҷо мурдакашони ҳаммоми Тӯқумдӯзӣ он мурдаро дар занбар андохта ба гӯлахи ҳаммом мебурданд ва наздиконаш ба он ҷо омада, мурдаро аз онҳо харида мебурданд... Аммо баъзе дурбинҳо, – гуфт Мулло Амон баъд аз лаҳзае хомӯш мондан, – оқибати мурдаи кушандаи Муҳаммадшариф девонбегиро ба ёд оварданд, ки он мурдаро ба мурдакашон надода, ба беруни дарвоза барои хӯроки сагон партофта буданд ва яке аз он дурбинҳо худ пеш даромада, чор нафари дигарро интихоб карда гирифта, ҳар панҷ нафар мусаллаҳ шуда, дар даруни найзори дарвозаи Ӯғлон ба ҳар эҳтимол нигарон шуда истоданд ва мурдаи он мазлумро халос карда гирифтанд.

– Баъд аз он мазлум бо он ҳама ваҳшоният ва азобу уқубат кушта шудан, – гуфт Мулло Амон дар охири таассуроти худ, – албатта, барои ӯ фарқ надошт, ки мурдааш дар хок пӯсад ё хӯроки сагон шавад, лекин барои ба қадри имкон нигоҳ доштани шарафи инсоният халос кардани мурдаи ӯ лозим буд. Охир мурдаи инсон лошаи ҳайвони худмурда нест, ки ба пеши сагон партофта шавад! Ин корро фақат касе карда метавонад, ки тамоман аз инсоният дур шуда табиати сагона пайдо карда бошад.

Аз гуфтаҳои Мулло Амон иштироккунандагони сӯҳбат ба хубӣ пай бурданд, ки маслиҳатдиҳандаи аробакашони Файзобод дар бораи гурезондани аробакаши маҳбус дар роҳи ҳабсхона ва инчунин он дурбине, ки гирифта гурехтани мурдаи он мазлумро ташкил кардааст, худи ӯст. Амо ҳеҷ кадомашон на дар пеши ӯ ва на дар ғайби ӯ аз ин хусус лаб накушоданд, то ки муллоён ва ё ҳукумат ин маъниро фаҳмида, ӯро ҳам ба як бало гирифтор накунанд.

## ЗИНДАГИИ ШАХСИИ МУЛЛО АМОН ВА АҲВОЛИ Ӯ БАЪД АЗ ВОҚЕАИ АРОБАКАШ

Мо дар бобҳои боло аз саҳро ба шаҳр ба чӣ мақсад омадани Мулло Амонро ва дар шаҳр ба таҳсили илм чӣ гуна ва ба чӣ восита машғул шудани ӯро, ҳам дар мадрасаи Турсунҷон зиндагонӣ карданашро қайд карда будем.



Ӯ дар мадрасаи Турсунҷон дар ҳуҷраи яке аз дӯстонаш, ки ба тариқаи орият дода буд, истиқомат мекард. Зиндагониаш қашшоқона буд, чунки бо вуҷуди кӯҳнахатм буданаш ӯ дар мадрасае мударрис набуд, ки аз вай даромаде дошта бошад ва инчунин бо вуҷуди нисбат ба замон ва ҳамсолони худ маълумоти дуруст доштанаш ва дарсҳои расмиро азхуд карданаш, дарсгӯиро низ пеша накарда буд, ки аз шогирдони доништалаб ба худаш манфиати моддие расад.

Аз роҳи муллоӣ пеш аз хатм ба ӯ «даҳяк» дода буданд, ки дар як сол як саду бист танга (18 сӯм) мешуд. Ғайр аз ин, бародаронаш ба ӯ ёрмандӣ мекарданд, асоси рӯзгузаронии ӯро ҳамин ёрмандӣ ташкил мекард: бародаронаш дар деҳаи Розмоз дар замине, ки аз падарашон мерос монда буд, деҳқонӣ мекарданд ва аз гандуми деҳқонӣ дар ҳар моҳ ду ё се бор нон пухта, барои ӯ меоварданд ё мефиристоданд, дар зимистон, ки барои рӯзгори худ гӯсфанди парвоии худро мекуштанд, аз вай барои ӯ ҳам ҳисса медоданд; пӯшоки ӯро ҳам онҳо таъмин менамуданд.

Баъд аз воқеаи аробакаш ба ӯ як ҳолати баде рӯй дод, ки он ҳолати ӯро «мардумгурезӣ» таъбир кардан мумкин аст: ӯ рафтуояшро бо одамон қариб тамоман қатъ кард, ба хонаи дӯстонаш ҳеҷ намерафт ва касеро дар ҳуҷрааш ҳам роҳ намедод, ба мадрасачаи Лаби Ҳавзи Арбоб ҳам намеомад, ҳар рӯз баъд аз пешин ҷомаи чапонаашро пӯшида, саллаи кабудашро «думимушӣ» баста, аз ҳуҷрааш баромада, аз Чорсӯи Бухоро гузашта, лаби ҳавзи Девонбегиро як давр зада баромада, рост бо роҳи дарвозаи Мазор рафта ба беруни шаҳр мебаромад.

Дар беруни шаҳр дар яке аз гулзорҳои гулфурӯшон нишаста чой менӯшид ва фикр карда ба андеша фурӯ мерафт. Албатта, касе намедонист, ки ӯ дар чӣ хусус фикр мекунад ва чӣ андеша дорад. Ӯ ба касе гап намезад, ки аз суханони ӯ ба ҳолати даруниаш пай бурда шавад.

Чун гашти рӯз шуда, ба гулзорҳо гулхарон ё саёҳаткунандагон омадан гиранд, аз он ҷо хеста, ба болои пуштаи Биҳиштиён, ки қабристони бисёр васеи шаҳри Бухоро буд, баромада мерафт ва баъд аз торик шудани рӯз, пештар аз он ки дарвозаи шаҳр баста шавад, ба шаҳр даромада рост ба ҳуҷрааш мерафт...

Рӯзе ман барои аҳволпурсӣ ва ба умеди фаҳмидани ҳолати даруниаш ӯро дунболагирӣ карда дар гулзори беруни шаҳр дарёфтам. Ӯ дар ҷое менишаст, ки аввалин шиносоии шахсии ман бо ӯ дар ҳамон ҷо рӯй дода буд.

Ман ба ӯ салом додам, ҷавоби саломро дод ва ҳолпурсӣ ҳам кард. Ман баъд аз ҷавоби аҳволпурсии ӯ саломатиашро пурсидам.

– Шукр, аз хок берун гаштаам, – гуфт ва дар андеша фурӯ рафт.

Ман як қадам дуртар аз ӯ нишастам ва гулзорбонро овоз дода, барои худ чой пурсидам.

– Чой лозим нест, чойники ман пур аст, фақат як пиёла нӯшидаам, дигар намехоҳам. Аввал инро нӯшида тамом кун, агар ташнагиат бо ин нашиканад, баъд аз он чойи тоза мефармоӣ, – гуфт ӯ ва чойникро бо пиёла ба тарафи ман тела дод.

Ман чойнику пиёларо ба наздиктари худ кашида мондам ва ба мақсади пай бурдан ба аҳволаш ба тарафи ӯ нигоҳ кардам. Ӯ ба чашмони ман чашм дӯхта истод, ман нигарони сухани ӯ шудам, чунки ӯ ҳар гоҳ ки ба касе чизи муҳиме

гуфтан хоҳад, аввал қадаре ба он кас бо диққат чашм дӯхта меистод ва баъд аз он гап сар мекард. Ӯ, мувофиқи ҳамон одати муқаррариаш, баъд аз қадаре чашм дӯхта истодан гап сар кард:

– Акнун маро ба ҳоли худам монетон беҳтар аст, аз гап-гапи хушк ҳеҷ мурод ҳосил намешавад, – гуфт.

Як даста нозбӯй (райҳон), ки дар байни он як дона гули садбарги гулобии хушбӯй ҳам буд, дар пеши ӯ меистод. Ӯ он гулдастаро аз замин бардошта, пеши биниаш бурда, ду-се бор сахт-сахт бӯид ва ба тарафи ман дароз кард. Ман он дастаи гулро гирифта бӯида, пас аз он ба тарафи ӯ баргардондам, ӯ нагирифт:

– Дар ту бошад, – гуфт ва баъд аз он худ ба худ чор мисраи зерини Саъдиро хонд:

Дареғо, ки бе мо басе рӯзгор
Бирӯяд гулу бишкуфад лолазор,
Басе тиру[225] даймоҳу[226]урдибиҳишт[227]
Биёяд, ки мо хок бошему хишт.

Баъд аз хондани ин байтҳо аз ҷояш хест:

– Хуб, саломат бошӣ! Умри дароз бинӣ! «Мо худ нарасидем, ту шояд бирасӣ», – гӯён аз миёни гулзор ба тарафи киштзори Файзобод нигоҳ карда рафт.

Пештар, ки ӯ ин гуна одати мардумгурезӣ надошт, ҳар гоҳ ки ман ба ӯ дар лолазор воҳӯрам, маро ҳамроҳи худ гирифта мебурд, ин дафъа маро ба ҳамроҳии худ таклиф накард. Ба ҳамроҳии худ таклиф накарданӣ буданаш аз ҷойро ба пеши ман гузоштанаш ва аз «акнун маро ба ҳоли худ монетон» гуфтанаш маълум буд. Лекин ман аз илтифотҳои баъдинааш умедвор шуда будам, ки маро ҳамроҳи худ хоҳад бурд ва дар дили худ мегуфтам: «Дар сайри дуру дарози киштзорҳо ҳолати даруниашро хоҳам фаҳмид». Аммо ин тавр накард. Лекин ман аз ҳамин сӯҳбати кӯтоҳ пай бурдам, ки ӯ ба маъюсӣ ва ноумедии сахт гирифтор гардида, на танҳо аз душманонаш, ҳатто аз дӯстонаш ҳам дилгир шудааст.

* * *

Мавсими «даҳякдиҳӣ» расид. Одатан «даҳяк»-ро дар охирҳои соли таҳсили мадрасаҳои Бухоро – дар аввалҳои моҳи март, дар як рӯзи муайян дар арки амир медоданд: ҳамаи даҳякро, ки ҳазор адад буд, ба ҳазор порча латтаи карбос баста, дар яхдонҳо (дар сандуқҳои чармини сафарӣ) андохта, дар пеши дарвозаи арк мегузоштанд; қозикалону қушбегӣ бар рӯи суффачаи дарвозаи арк менишастанд, хазиначии қушбегӣ дар пеши яхдонҳо рост меистод, дар паҳлуи ӯ ясавули уламо[228], ки «оламиён» мегуфтанд, ба асои ҷавбедии худ такя карда вай ҳам рост меистод, дар паҳлуи ӯ мирзои дафтардори қушбегӣ бар рӯи як шолча менишаст, дар сари зинаи тарафи ҷануби тахтапули арк пешхизмати оламиён рост меистод.

Дар тарафи ҷануби тахтапул даҳякгирон, ки асосан ҳазор нафар буданд, ҷамъ шуда, дар замин сари дупо менишастанд. Ба ин тарз нишастани онҳо лой будани замин ва боришнок будани ҳаво ҳам монеъ намешуд. Инҳо даҳякхӯроне буданд, ки аз даруни шаҳр, аз музофотҳои Бухоро ва аз Туркистони русӣ дар ҳамон рӯзи муайян кардашуда расида меомаданд. Аммо аз даҳякгирон онҳое, ки даромади расмии муллоиашон аз ҳазор танга гузашта бошад, намеомаданд,



чунки онҳо ҳақ надоштанд, ки даҳяк гиранд, инчунин баъзе касон аз ҷиҳати беморӣ омада наметавонистанд ва баъзе касон аз вилоятҳои дурдаст омада як саду бист танга гирифтанро бефоида дониста, ба ихтиёри худ намеомаданд.

Агар ба болои ин ҳозирнашудагон дар муддати як сол вафот кардагонро ҳам зам кунем, аз сад то як саду панҷоҳ нафар намеомаданд ва боқимондагон, ки ҳаштсаду панҷоҳ то нӯҳсад нафар буданд, дар рӯзи муайян дар соати ҳафти пагоҳонӣ ҳозир шуда, дар он ҷо менишастанд.

Дар шароити Бухорои амирӣ, ки ҳеҷ як тамошогоҳе надошт, маросими даҳякдиҳӣ нисбат ба маросими одамкушӣ тамошои «маданӣ» ба шумор рафта, бештарини аҳолии Бухоро то вақти кору борашон ва талабагони мадраса то охири ин маросим дар Регистон ғун шуда, даҳякдиҳиро тамошо мекарданд. Як қисми ин тамошобинон ба атрофи муллоёни даҳякгир – дар тарафи ҷануби тахтапул, ки даҳякгирандагон дар он ҷо менишастанд, қисми дигарашон дар тарафи шимоли тахтапул, ки даҳякгирифтагон аз зинаи дар он тараф будаи тахтапул фуромада мерафтанд, меистоданд ва пасмондагон дар куҷое, ки ҷое ёбанд, майдони Регистонро пур карда менишастанд. Қисми асосии тамошобинон, ки саҳари барвақт меомаданд, бар болои боми мадрасаи Дорушшифо  ва боми Ҷомеи Поянда пасу пеши якдигар менишастанд. Инҳо «хушбахттарини» тамошобинон буданд, ки ҳам ҳамаи даҳякгирандагонро, ҳам ба тахтапул баромада чӣ гуна даҳяк гирифта ба қозикалон ва қушбегӣ чӣ навъ таъзим кардани онҳоро, ҳам дар вақти гирифтани даҳяк ба ҳаяҷон омада ё саросема шуда ба кадом кас салом дода таъзим карданашонро надониста ба ҳар тараф хам шуда ҳамаро хандондани баъзе даҳякгиронро, ҳам аз зинаи тарафи шимоли тахтапул чӣ навъ бо шодмонӣ фуромада ва аз тамошобинон нигарони салом ва таъзиму табрик шуда аз байни одамон гузашта рафтани даҳякгирифтагонро ба хубӣ медиданд.

Соатҳои ҳашт бо сарҷунбонии қозикалон ва қушбегӣ, ки ин фармони ишоратии онҳо буд, маросими даҳякдиҳӣ сар мешуд: мирзои дафтардор «дафтаре»-ро, ки иборат аз коғази дароз буда, бозубандвор лӯла печонда шуда буд, кушода, номгӯйҳои дар он коғаз навишташударо аз як сар ба хондан сар мекард.

Мирзо ҳар номро, ки аз коғаз бо овози баланд мехонд, пешхизмати оламиён ба тарафи поин – ба ҷое, ки даҳякгирон дар он ҷой менишастанд, нигоҳ карда, он номро бо овози бисёр баланд такрор мекард.

Агар соҳиби он ном дар он ҷо ҳозир набошад ва сабаби ҳозир нашуданаш ба ҳозиршудагон маълум бошад, онҳо, масалан, «вафот намуда», ё «даромадаш калон шуда», ё ин ки «бемор» гуфта ҷавоб медоданд; агар соҳиби ном ҳозир набошад ва сабаби ҳозир нашуданаш маълум ҳам набошад, ҳозиршудагон «назар» гӯён ҷавоб медоданд, ки маънии ин сухан назар ба истилоҳи маросими даҳякдиҳии ҳукумати Бухоро «ғоиб ва сабаби ғоиб буданаш номаълум» гуфтан буд.

Пешхизмати оламиён ҳар ҷавоберо, ки дар бораи соҳиби он ном аз поён шунавад, ба мирзои дафтардор нигоҳ карда бо овози баланд такрор мекард ва мирзо он ҷавобро дар пеши он ном дар он коғаз қайд менамуд ва дигарашро мехонд.

Агар соҳиби ном ҳозир бошад, «ҳозир» гӯён аз ҷояш мехест, ҷомаи дар сари дупо нишастаи ғиҷимшудаашро ҳамвор намуда, камарчаашро баста, ришашро

бо панҷаи дасти худ хилол карда ба «тартиб андохта», аз зина бар рӯи тахтапул мебаромад, дар он ҷо ба тарафи қозикалон ва қушбегӣ нигоҳ карда салом дода таъзим мекард. Дар ин вақт хазиначӣ як латтаи дар вай як саду бист танга басташударо аз яхдон (сандуқи чармин) гирифта ба дасти оламиён медод, оламиён он бастаро ба дасти пешхизмати худ медод ва ӯ ба дасти муллои даҳякгир супурда, бо овози баланд номи ӯро гирифта: «гирифтанд» мегуфт. Мирзои дафтардор дар пеши номи он мулло дар он коғаз калимаи «гирифтанд»-ро дар шакли «гирифт» қайд мекард.

Муллои даҳякгир баъд аз гирифтани он бастаи яксадубисттангагӣ ба тарафи қушбегӣ ва қозикалон нигоҳ карда боз таъзим намуда, аз зинаи рӯ ба рӯ ба тарафи шимоли тахтапул фуромада мерафт. Баъзе муллоёне, ки хушомадгӯӣ ва назарпастиро ба дараҷаи аъло расонда бошанд, аз дасти пешхизмати оламиён он бастаи яксадубисттангагиро гирифта, аввал ба лабони худ бурда мебӯсиданд, баъд аз он ба чашмони худ бурда мемолиданд, баъд аз он такрор ба лабони худ бурда бӯсида дар бағали худ меандохтанд ва баъд аз он ба тарафи қушбегӣ ва қозикалон таъзимкунон аз зинаи рӯ ба рӯ фуромада мерафтанд.

Ин маросими бӯсидан, ба чашм молидан, такрор бӯсидан ва дар бағал гузоштани он бастаи яксадубисттангагӣ ҳам бо шакли зоҳириаш, ҳам бо ифодаи самимияташ ба назари диққаткунандагон монанди маросими салибкашии диндорони насоро ҷилва мекард*.

* * *

Мулло Амон аз кӯҳна даҳякхӯрон буда, панҷ сол пеш аз он ки дарсҳои мадрасагиро хатм кунад, устоди «файласуфаш» домулло Ҳомиди Араб ин «мукофоти илмӣ»-ро ба ӯ дода буд. Агар дар вақти шиносо шудани мо бо ӯ аз хатми дарсаш понздаҳ сол гузашта бошад, ӯ бистсола даҳякхӯр ба шумор мерафт. Баъд аз воқеаи аробакаш, ки ӯ ба ин муносибат тағйири либос карда, аз зери либоси муллоӣ баромада буд, ҳеҷ кас гумон намекард, ки ӯ боз ба маросими даҳякдиҳӣ ҳозир мешавад. Аммо бар хилофи чашмдошти ҳамаи касоне, ки ӯро мешинохтанд, боз ба маросими даҳякдиҳӣ ҳозир шуд.

Дар маросими даҳякдиҳии он сол ман, монанди солҳои пештара, барои тамошои ин маросим бо ду-се шарикдарсонам ба болои боми Ҷомеи Поянда баромада, аз ҳама пештар бар лаби бом ҷойгир шуда тавонистам. Маросими даҳякдиҳӣ сар шуда, ба тарзе ки дар боло тасвир ёфт, мирзои дафтардор номҳои даҳякгиронро хондан гирифт ва ҳар кадоми мирзо номбурдагон ба тахтапул баромада, бастаи яксадубисттангагиро гирифтан гирифтанд.

Дар ин миён пешхизмати оламиён «Мулло Амони розмозӣ»- гӯён фарёд кард. Аз паҳлунишинони Мулло Амон як кас «ҳозир!» гуфта ҷавоб дод. Аммо худи ӯ чизе нагуфта аз ҷояш хеста ба тарафи зинаи тахтапул равон шуд. Касоне, ки ӯро мешинохтанд ва тағйири либос кардани ӯро медонистанд, ба қиёфаи ӯ тааҷҷуб накарда бошанд ҳам, бо намуди ҷомаи чапанона ва саллаи кабуди «думимушӣ»

* Дар ин ҷо маросими даҳякдиҳӣ ва тарзи даҳякгирии муллоёне, ки ба даҳякхӯрӣ ҳақ пайдо кардаанд, тасвир карда шуд. Аммо чӣ будани даҳяк, шарти расмии ба даст даровардани он тарзи тайёрӣ барои мувофиқ гардидан ба он шарти расмӣ ва чӣ гуна ба даст дароварда шудани даҳяк дар Бухорои амирӣ ва монанди инҳо дар ояндаи «Ёддоштҳо» дар ягон ҷои муносиб нақл хоҳад ёфт[229].



бастааш дар миёнаи оммаи тамошобинон ва талабагоне, ки ӯро намешинохтанд, «чӣ тавр шуда ин чапани аробакашмонанд даҳяк гирифтааст?» – гӯён ғудурғудуркунон гуфтугузор сар шуд.

Мулло Амон ба сари зина баромад, ба тарафи қозикалон ва қушбегӣ нигоҳ карда ба тарзи одӣ салом дод, аммо таъзиме накарда, баъд аз гирифтани он баста ба тарафи зинаи муқобил рафта, аз он ҷо поин фуромад.

Баъд аз ба тарафи зина рафтани Мулло Амон қозикалон бо ишорати даст одами оламиёнро пеши худ ҷеғ зад. Вақте ки ӯ ба пешаш рафт, чиҳо буд ба ӯ гуфт. Ӯ бо овози баланд «хӯш, тақсир» гӯён давон-давон аз дунболи Мулло Амон аз зина фуромада рафт ва баъд аз фурсате Мулло Амон пеш-пешу одами оламиён аз паси ӯ аз сари зина намоён шуданд. Одами оламиён ба ҷои худаш ва Мулло Амон ба пеши қушбегӣ ва қозикалон рафта ва бастаи даҳякро дар пеши қозикалон гузошта, якчанд калима сухан ба ӯ гуфт, баъд аз он, на аз он зинае, ки даҳякгирон мефуромаданд, балки рост ба тарафи ғарб нигоҳ карда рафта аз тахтапул ба Регистон фуромада, дар байни гурӯҳи одамон гум шуда аз назарҳо пинҳонгардид.

Маросими даҳякдиҳӣ, ки бо рафтани пешхизмати оламиён ба пеши қозикалон бозистода буд, бо ишорати калонон боз давом кард. Аммо мирзо, пеш аз он ки номгӯи дигареро ном барад, дар коғази даҳякгирон чизеро қайд кард. Зоҳиран, ӯ аввал дар пеши номи Мулло Амони розмозӣ калимаи «гирифт»-ро навишта буд, баъд аз оварда додани Мулло Амон бастаи яксадубисттангагиро шояд калимаи «гирифт»-ро хат зада, ҷумлаи «аз даҳяк маҳрум карда шуд»-ро навишта бошад...

* * *

Баъд аз тамом шудани тамошои маросими даҳякдиҳӣ мо пароканда шуда, ҳар кадомамон ба манзили худ рафтем ва шабона дар мадрасачаи Лаби Ҳавзи Арбоб, дар ҳуҷраи Қорӣ Усмон ҷамъ шудем. Мавзӯи сӯҳбат аҳволи Мулло Амон буд, зеро мо аз тағйири либос кардани ӯ, яъне аз баромадани ӯ аз либоси муллоёна ва аз даромадани ӯ ба либоси чапанона (чунонки дар боло қайд карда шуд) гумон доштем, ки ӯ ин навбат дар қатори муллоён барои даҳякгирӣ нахоҳад рафт ва зиндагонии мардумгурезонаи ӯ ҳам ҳаминро нишон медод, ки дигар ӯ бо ҷамъияти муллоён дар ҷое ҳозир нахоҳад шуд.

Чун бар хилофи пиндошт ва чашмдошти худамон ӯро дар миёнаи ҷамоаи даҳякгирон бо либоси чапанона дидем, дар ҳайрат афтодем ва дар байни худ мегуфтем: «Модом ки ӯ бо вуҷуди мардумгурезиаш дар қатори муллоён даҳяк гирифтанро лозим донистааст, бояд либоси муллоёна мепӯшид, чунки дар зери либоси чапанона ба ӯ даҳяк нахоҳанд дод ва ӯ дар миёнаи муллоён ва оммаи тамошобинон дар аҳволи ногуворе хоҳад афтод».

Вақте ки ба ӯ бе ҳеҷ нуктагарӣ ва айбҷӯӣ даҳякро доданд, тааҷҷуб ва ҳайрати мо боз афзуд. Чунки ин кори кордорони ҳукумати Бухоро бар хилофи одати онҳо буд.

Чун баъд аз додани даҳяк ӯро аз роҳ баргардонда оварда, аз дасташ он бастаи яксадубисттангагиро гирифтанд, мо ба аҳволи ӯ таассуф мекардем ва ба ӯ ҳайфамон меомад, ки бар хилофи ақидаи мо бо як кори ба шаъни худаш ному-

носиб, қадру эътибори худро дар пеши ҳама, ҳатто дар назари мо ҳам, гум кард; ба ӯ аз ҳад зиёд таъсир кардани ҳодисаи имрӯзаро мулоҳиза карда ба ҳоли ӯ раҳмамон меомад, ки дар ин вазъияти душвор чӣ гуна тоқат карда метавониста бошад?..

Мо дар ҳуҷраи Қорӣ Усмон дар вақте ки таассуроти онрӯзаи худро дар бораи Мулло Амон ба ҳамин тариқа бо ҳам гуфтугузор карда нишаста будем, ӯ ба он ҷо даромада омад. Омадани ногаҳонии ӯ, ки баъд аз воқеаи аробакаш ҳафт-ҳашт моҳ боз наомада буд, моро чӣ қадар дар тааҷҷуб андохта бошад, бар хилофи пиндошт ва тахмини мо хурсанд ва рӯҳбаланд будани ӯ моро зиёдатар дар тааҷҷуб андохт.

Ӯ омада нишастан ҳамон гап сар кард:

– Албатта, шумо, дӯстони азиз, маро дар қатори муллоён бо ин либоси чапанона, боз ҳам барои даҳякгирӣ нишастанамро дида, бояд таажҷуб карда бошетон, ман барои аз таажҷуб баровардани шумоён мехоҳам ду-се калима гап занам, – гуфт ӯ ва баъд аз ин муқаддимача сухани худро давом дод: – Ман вақте ки барои изҳори нафрати худ аз муллоён тағйири либос кардам, дар худ муқаррар карда будам, ки дигар даҳяк ҳам нахоҳам гирифт, то ки нишонаи муллоӣ тамоман аз ман нест шавад. Лекин, вақте ки рӯзи даҳякдиҳӣ расид, дар дили худ гуфтам, ки: «агар ман ба даҳяк наравам, чунонки ҳоло ба сабаби тағири либос карданам маро «девона» гуфта гаштаанд, ба ихтиёри худ тарки даҳякгирӣ карданам ҳам ба ақидаи он одамони манфур як далели дигари девонагии ман хоҳад шуд». Бинобар ин дар дили худ қарор додам, ки ман бо ҳамин либоси чапанонаам ба баҳонаи даҳяк гирифтан ба дарвозаи арк мебароям. Албатта, дар зери ин либос ба ман даҳяк нахоҳанд дод. Ба ҳамин муносибат шахсан ба қозикалон рӯ ба рӯ шуда чанд калима гап мезанам, то ки ӯ ва дигарон донанд, ки ман на ба тақозои девонагӣ, балки бошуурона барои нафрат карданам аз ҷамоаи муллоён тағйири либос кардаам...

Мулло Амон лаҳзае хомӯш монда, боз давом кард:

– Афсӯс ки, – гуфт ӯ, – ба ин либоси ман нигоҳ накарда, бар хилофи чашмдошти ҳамаи муллоён ва тамошобинон, ки шумоён ҳам дар қатори онҳо ҳастетон, ба ман даҳяк доданд. Қозикалон, ки ба салом ва таъзими ғуломворонаи муллоёни даҳякгир ба зӯр сари худро меҷунбонид, ба саломи одии ман овоз баровварда ҷавоб дод ва ҳатто он гурги рӯбоҳтабиат ба ман нигоҳ карда як табассуми меҳрубононаи риёкорона ҳам кард. Ман дар он вақт саҳв кардани худро дониста, аз баромаданам ба қатори даҳякгирон пушаймон хӯрдам. Зеро барои ман сабабе набуд, ки ба қозикалон рӯ ба рӯ шуда, маддаи дили худро кафонам, ночор даҳякро гирифта аз тахтапул фуромадам...– Мулло Амон нафасашро рост гирифта боз сухани худро давом дод: – Вақте ки аз зинаи тахтапул фуромадам, одами оламиён аз дунболи ман расида рафта, он «сиёҳгӯш»* ба ман гуфт:

– Ҷаноби шариатпаноҳӣ (яъне қозикалон) ба шумо салом гуфтанд ва марҳамат карданд, ки «мо ба чӣ гуна либос пӯшида гаштани домулло Амон коре надорем, лекин вақте ки барои даҳякгирӣ дар қатори муллоён ба арки олӣ мебароянд, либоси муллоёна пӯшида баромаданашон беҳтар аст, то ки сабаби гапу ҳарфи мардум нашаванд».

Мулло Амон баъд аз нақли ин тавсияи қозикалон сухани худро давом дода гуфт:

– Ман бо шунидани ин «марҳамати» қозикалон чунон хурсанд шудам, ки поён надорад, чунки дер ҳам бошад, барои ба ду-се калима гап заданам баҳона ёфт шуда буд. Бинобар ин дар ҷавоби суханҳои аз қозикалон ба ман расондаи одами оламиён «бисёр хуб!» гуфтам ва бозгашта, аз ҳамон зина ба тахтапул баромада пеши қозикалон рафта, бастаи даҳякро пеши ӯ гузошта гуфтам: «Агар барои гирифтани ин «матоъ», ки дар назари ман баробари як каф хок қадру эътиборе надорад, либоси муллоёна пӯшидан шарт бошад, ман инро намегирам. Чунки ман аз муллоён нафрат кардам ва бештарини онҳоро одамони разил, худписанд, мунофиқ, дар ҳақи мардум золим ва бераҳм медонам, бинобар ин либоси муллоиро тарк кардаам ва намехоҳам барои яксаду бист танга он либоси шармоварро дар бар кунам». Ҳарчанд қозикалон ба ман ҷавоб додан хоста: «мо ҳамин тарз як маслиҳат дода будем, агар ба шумо маъқул нашуда бошад, ихтиёр доред, аммо ин даҳяк ҳақи худатон аст, гирифта баред»- гуфта бошад ҳам, ман сухани ӯро гӯш накарда ва ба ӯ ҷавоб надода, аз тахтапул фуромада рафтам, чунки ман хуб медонистам, ки он муомилаҳои ӯ дурӯғ аст ва ӯ мехоҳад бо ин муомилаи мунофиқона то расидани фурсати ба ҷазо дучор кардани ман аз забони ман эмин бошад, – гуфт Мулло Амон дар охири ин ҳикояи худ.

Ӯ дигар дар пеши мо нанишаста:

– Кам ҳам бошад, дилам андак холӣ шуд, – гӯён аз ҳуҷраи Қорӣ Усмон баромада рафт.

## ВОҚЕАИ «НАМАДИСИЁҲПӮШОН» ВА ОҚИБАТИ КОРИ МУЛЛО АМОН

Дар вилояти Қачқадарёи ҳозира Чироқчӣ ном районе ҳаст, ки дар замони амир ҳукумати он ҷо ба вилоятҳои атроф (масалан, ба Қаршӣ ва Шаҳри Сабз) тобеъ набуда, бевосита ба амир нигоҳ мекард.

Ҳарчанд дар ҳамаи музофотҳои Бухоро зулми амир, ҳоким, қозӣ, раис ва амлокдорони ӯ аз ҳад зиёд бошад ҳам, боре зулми ҳукуматдорони Чироқчӣ ба дараҷае расид, ки дигар ба аҳолии он ҷо тоқати зиндагонӣ намонд.

То он вақт зулмдидагони ҳар музофот, ки ба ҳукуматдорони маҳаллӣ муқобил баромада аломатҳои шӯриш ва исён нишон медоданд, ҳокимони маҳаллӣ чандеро ба зиндон андохта ва чанде саркаштаринашонро ба зиндони Бухоро фиристода, бо ин тадбири золимона ҳаракати исёнкоронаи мазлумонро пасанда мекарданд.

Агар аз зулмдидагон касе барои арзи шикоят кардан аз дасти ҳокимони маҳаллӣ ба дарбори амир равад, аввалан аризаи худро ба амир расонда наметавонист, агар «бахташ тохта» (дурусттараш, бадбахтияш рӯй дода), аризааш ба амир

* Сиёҳгӯш – як ҳайвони ваҳшии хурдест, ки худ ба сари худ аз ӯҳдаи шикор кардан намебарояд ва бо пасхӯрдаи ҳайвоноти даранда рӯз мегузаронад. (Мулло Амон одами оламиёнро бо сиёҳгӯш тавсиф карда, бо ин таъбир қозикалон ва муллоёни дигарро ба ҳайвоноти даранда монанд кардан мехост).

расад, ба номи он ҳокиме, ки мазлум аз вай шикоят кардааст, аз амир ба мазмуни «фалонӣ чунин гуфта шикоят кард, тафтиш намуда бинед, агар ҳақиқатан ба ӯ зулм расида бошад, ба додаш расед» – муборакномае мебаромад.

Вақте ки он мазлум он муборакномаро ба он золим оварда диҳад, дар натиҷаи «тафтиш», албатта шикояти он мазлум «ноҳақ» мебаромад, чунонки мардум дар бораи зулми ҳукуматдорони Бухоро мақоли «ба болои мурда сад чӯб»-ро баровvarданд, ба он мазлум ба болои зулму ситами пештар кашидааш ба сабаби «ноҳақ шикоят карданаш» ҷазои зарбу лат ва зиндони бемуддат ҳам зам мешуд.

Аҳолии Чироқчиро, ки «кор ба ҷону корд ба устухон расид», хостанд, ки шӯриши умумие барпо карда, аз ҳукуматдорони маҳаллӣ ниҷор гиранд ва баъд аз он ба Туркистони русӣ ё ба ягон мамлакати дигар кӯчида рафта, аз зулми амир ва ҳукуматдорони ӯ тамоман халос шаванд.

Дар он вақт ба онҳо маслиҳатдиҳандае пайдо шуда, ё аз роҳи душманӣ ва ё ба сифати дӯсти нодон маслиҳат дод, ки ин корро накунанд, вагарна ёғӣ ба шумор рафта, ҳамаашон кушта хоҳанд шуд. Беҳтар он аст, ки ба амир ба тарзи умумӣ шикоят баранд, ӯ ин ҳукуматдорони золимро ҷазои басазо хоҳад дод.

– Ҳеҷ подшоҳ намехоҳад, ки, – гуфт он маслиҳатгӯй, – бо дасти одамони золимаш мамлакат хароб ва аҳолӣ, ки хазинаи ӯро бо хироҷ, андоз ва закот пур мекунанд, хонавайрон шуда саргурез шаванд. Дар он вақт хироҷ ва андозро кӣ медиҳад?

Аҳолии Чироқчӣ сухани он «маслиҳатдиҳанда»-ро қабул намуда, аз байни худ дусад нафар одамони боҷуръат, лекин бисёртар зулмдидаро ҷудо карданд, ки аризаи шикояти умуми аҳолиро ба амир расонанд ва дар вақти пурсукови дарбориён аҳволи пурмалоли аҳолиро забонӣ гуфта диҳанд.

Намояндагони аҳолии зулмдида дусад адад намади сиёҳ тайёр карда, миёнаи ҳар кадоми онҳоро сӯрох намуда, ҳар як аз онҳо як намадро ба сар кашида сари худро аз сӯрохи вай берун карданд, ки танашон тамоман бо намади сиёҳ печонда шуда, танҳо сару гарданашон берун меистод. Аз рӯи анъанаи гузаштагони қадимӣ, ин ҳол нишонаи аз ҳад зиёд зулм дидани онҳо буд.

Намояндагон, ба тарзе ки намуди зоҳирии онҳо дар дили ҳар бинанда воҳимаи андӯҳомезе меангехт, пиёда ба роҳ даромада, аз болои кӯҳи Қарнаб рост ба Кармина рафтанд, ки бошишгоҳи доимии амир Абдулаҳад он ҷо буд...

Кармина як шаҳрчаи танг буд, бо даромадани он намадисиёҳпӯшон ба он ҷо аҳолӣ дар воҳима афтода, ба якдигар мегуфтанд: «Инҳо киҳо бошанд ва ин чӣ ҳодиса бошад?»

Аз ҳама пештар хабари омад-омади он сиёҳпӯшон ба амир ва дарбориёни ӯ расида буд. Амир ба амалдорони худ фармуд, ки онҳоро бо забони хуш ва суханҳои нағз пешвоз гиранд, аммо нагузоранд, ки бо аҳолии Кармина ҳамсӯҳбат шуда дарди дили худро ба пеши онҳо кушоянд.

Ясавулони дарбор мувофиқи фармоиши амир намадисиёҳпӯшонро ба хубӣ пешвоз гирифта, онҳоро бурда ба дари чорбоғе, ки амир дар он ҷо зиндагонӣ мекард, ҷой доданд. Дар он ҷо аризаи шикояти онҳоро ба амир расонда, дар ҷавоб аз забони ӯ «марҳамати бисёре» ҳам ба онҳо нақл карданд. Дар вақти аҳволпурсӣ ҳар чизе, ки аз онҳо дар бораи зулму бедоди ҳукуматдорони маҳаллӣ мешуниданд, «афсӯс меҳӯрданд» ва «ҳамин тарз ки будааст, чаро пештар омада ба ҷаноби олӣ арзу дод накардетон?» – гӯён онҳоро сарзаниши «дӯстона» мекарданд. Боз худашон ба ин сарзаниши худ ҷавоб дода, «хуб зарар надорад, – мегуфтанд, – «дер ояд – дуруст ояд» – гуфтаанд. Дер омада бошетон ҳам, аризаатонро пурра дуруст карда овардаетон. Ҷаноби олӣ ба қушбегӣ мефармояд, ки линги он золимро аз осмон оварда, ба ҷои онҳо ҳукуматдорони одил мефиристонад» – гӯён ба онҳо «башорат» медоданд.

Хулоса, дарбориён гӯшу кисаи онҳоро бо суханҳои хуби хушк ва «чормағзҳои пучи бемағз» пур карда, рӯзро ба шаб расонданд ва бо таъбири мақоли халқ ба онҳо «аз анбори холӣ сад ман шолӣ» инъом намуданд.

Вақте ки шаб торик шуд, ба дасти онҳо «муборакнома»-и амирро ба номи қушбегӣ дода, онҳоро барои ҳамсӯҳбат нашудан бо ягон каси карминагӣ иҳота карда гирифта, аз ҷоҳои аҳолинишин гузаронида ба чӯли Малик[230] сар доданд, ки ба Бухоро пеши қушбегӣ биравaнд ва қушбегӣ «кори онҳоро мувофиқи талабашон дуруст хоҳад кард».

Воқеаи омад-омади намадисиёҳпӯшон аз будан чандин бор зиёд ва бо муболиғаҳои аз ақл берун дар шаҳри Бухоро овоза шуд: гӯё тамоми аҳолии шарқӣ – аз Қаршӣ гирифта то Дарвозу Ғарм – аз зулму бедоди ҳокимон намади сиёҳ пӯшида, ба Кармина – ба дарбори амир омадаанд ва онҳо ба ҳар куҷо ки расанд, он ҷоро толону тороҷ мекардаанд ва монанди инҳо...

Вақте ки хабари онҳоро аз Кармина ба шаҳри Бухоро – ба пеши қушбегӣ фиристодани амир овоза шуд, аҳолии шаҳрро воҳима пахш кард, хусусан савдогарони дуконнишин дари дуконҳошонро нимкушо карда ва молҳои фурӯшиашонро намоиш надода, дар лаби суффачаҳои дукон ду ба ду, се ба се нишаста хабарҳои дар бораи намадисиёҳпӯшон шунидаашонро бо ҳам гуфтугузор ва муҳокима мекарданд, аммо аз он ҷо ки онҳо паст-паст ва бо пичир-пичир гап мезаданд, роҳгузарон намешуниданд, ки чӣ мегӯянд.Савдогарони саройнишин бошанд, дарвозаҳои калони саройҳошонро баста, фақат даричаи дар як табақаи он дарвозаҳо шинондашударо барои даромад-баромад кушода монда, худҳошон дар даруни сарой нишаста дар бораи намадисиёҳпӯшон сӯҳбат мекарданд. Дар пеши даричаи сарой ҳамеша саройбон посбонӣ карда, одамони ношинос ва «шубҳанок»-ро намегузошт, ки ба сарой дароянд.

Дар рӯзи дуюми ба шаҳр рӯ овардани намадисиёҳпӯшон ин хабар қадаре хурдтар шуд: овозаандозон хабари пештараро «тасҳеҳ карда» мегуфтанд, ки «дар байни намадисиёҳпӯшон аз ҷониби Шеробод, Ҳисор ва кӯҳистон касе набудааст, инҳо танҳо аҳолии Қаршӣ, Чироқчӣ, Яккабоғ, Бойсун, Шаҳри Сабз ва Китоб будаанд».

Дар рӯзи сеюм хабар боз ҳам хурдтар шуда, мардум мегуфтанд, ки «дар байни онҳо қаршигиҳо набуда, танҳо аҳолии кенагас[231] (шаҳрисабзиён) будаанд, ки кенагасҳо аз қадим боз ба амирони манғит душман мебошанд».

Бо овоза шудани ин хабар «кенагасҳо дар пеши манғитҳо чӣ кор карда метавонанд? Агар ҷаноби олӣ Ҳайдаркул-чӯчқаро* фармоянд, дар як соат ҳамаи

* Кӣ будан ва чикора будани Ҳайдаркул Чӯчқа дар қисми II-и «Ёддоштҳо» дар боби «Одами бадбашара» (саҳ. 225) дар саҳифаҳои 227 – 229 тасвир ёфтааст[232].

онҳоро несту нобуд мекунад»- гӯён савдогарони дуконнишин хотирҷамъ шуда, дуконҳошонро кушода, молҳошонро ба назари харидорон оро доданд ва бойҳои калони саройнишин ҳам дарвозаҳои саройҳошонро калон кушода, нафасҳошонро рост гирифтанд.

Дере нагузашта, овоза шуд, ки намадисиёҳпӯшон чанд нафар гадоёни чироқчигӣ будаанд, ки аз бепӯшокӣ намади сиёҳро ба танашон пӯшида ба гадоӣ баромадаанд, онҳо гадоикунон то Кармина рафта, аз он ҷо ба тарафи Бухоро омада истода будаанд.

Ин хабарро шунида, яке аз савдогарони дуконнишини Чорсӯи Бухоро хурсандона ва бо оҳанги истеҳзо мегуфт:

– Бисёр хуб, «хуш омадаанд, ҳар қадам ки монанд, болои дида», як пули сиёҳро аз онҳо дареғ намедорем.

Рӯзи дигар ин хабар тамоман дар шакли дигар овоза шуд: гӯё чанд нафар аз калоншавандагони Чироқчӣ бо орзуи дидани «ҷамоли ҷаҳонорои ҷаноби олӣ» бо пешкашҳои муносиб ба дарбори «ҳумоюнӣ», ба Кармина омада будаанд. Ҷаноби олӣ онҳоро баъд аз «ба ҳузури пурнур» дароварда зиёфат кардан, хоҳиш кардаанд, ки меҳмонон шаҳри Бухороро ҳам тамошо карда, ба арки олӣ баромада, он ҷоро ҳам дида, баъд аз он ба вилояти худ баргарданд. Мувофиқи супориши олӣ одамони қушбегӣ то Хонработ[233] ба пешвози меҳмонон баромада, онҳоро оварда, ба арк бароварда, зиёфат кардаанд. Ҳоло меҳмонон ҳар тарафи шаҳрро тамошо карда гашта будаанд.

Аз оҳанг ва ибораҳои тантанадори ин хабари охирӣ маълум буд, ки онро одамони қушбегӣ дар меҳмонхонаи ӯ сохтаву бофта бароварда овоза карда будаанд.

Аммо аҳолии Бухоро, чунонки «намадисиёҳпӯшони ошӯбгар»-ро надиданд, инчунин «гадоёни аз белибосӣ ба тани худ намад печонда»-ро ҳам, «меҳмонони азизи амир ва қушбегӣ»-ро ҳам надиданд. Ин хабар монанди абри сиёҳи беборише баҳорон бо гулдур-гулдури худ оламеро ба даҳшат андохта, оқибат бе натиҷаи маълуме гузашта рафт.

* * *

Баъ аз ду-се рӯзи аз хотирҳо фаромӯш гардида рафтани хабари намадисиёҳпӯшон шабона Мулло Амон дар мадрасачаи Лаби Ҳавзи Арбоб ба ҳуҷраи Қорӣ Усмон омад. Охирин омадани ӯ дар ин ҷо баъд аз маросими даҳякдиҳӣ буд, ки дар боби боло нақл ёфт, аз он вақт то ин дам, ки шаш-ҳафт моҳ гузашта буд, дигар ӯ ин ҷо наёмада буд. Аз ин гуна ногаҳонӣ омадани ӯ ҳар кадоми мо ҳис мекардем, ки ягон хабари фавқулодае дорад.

Ӯ бе ҳеҷ аҳволпурсӣ гап сар кард:

– Дар мадрасаи Мирзо Убайд «Модари Гетӣ» ном як мулло ҳаст, ки, – гуфт, ӯ, – номи аслиаш Мулло Маҳмуд аст. Умри ӯ аз шаст гузаштааст, аммо ӯ кӯсаи тамом бемӯй аст, ки рӯяш монанди рӯи аҷузони куҳансол аз пурчинӣ пур аз ҷӯйчаҳои каҷу килеб шуда мондааст. Ба ин муносиб хуштабъони Бухоро ба ӯ Модари Гетӣ ном додаанд, ки бисёр муносиб афтодааст. Ӯ бо ин ном чунон машҳур шудааст, ки номи аслиаш аз хотирҳо фаромӯш гардида рафтааст.



Мулло Амон дар бораи тарҷимаи аҳвол ва хислатҳои хусусии Модари Гетӣ гуфт:

– Модари Гетӣ бойсунист. Назар ба қавли худаш, дар ҷангҳои амир Музаффар бо кӯҳистониён ва шаҳрисабзиён ӯ аз ҷониби кӯҳистониён ва шаҳрисабзиён ба муқобили лашкари амир ҷангида, хеле қаҳрамониҳо нишон дода будааст. Ӯ аз кордориҳои амир ва ҳокимони ӯ бар болои раия, хусусан ҳақи кӯҳистониён ва шаҳрисабзиён, изҳори норозигӣ карда, золимонро сахт дашном медиҳад... – Мулло Амон нафасашро як рост гирифта сухани худро давом дод: – Ман бо ӯ ба ҳамин муносибат шинос ва ошно шуда будам, ки ӯ худро аз ҳукуматдорон ва муллоён норозӣ нишон медод. Аммо сониҳо фаҳмидам, ки ҳамаи лофу боди адолатпарварии ӯ дар хонаи торик буда, дар пеши одамон ва кӯчаҳо дигар гуна рафтор мекунад.

– «Хонашери майдонғариб» – гӯед, – гуфт Қорӣ Усмон сухани Мулло Амонро бурида, ки дар ҳар маврид як мақол овардан одати ӯ буд.

– Ин кам аст, гуфт Мулло Амон, – ӯро мунофиқи гузарои беҳаё гуфтан дурусттар меояд. Ӯ дар ҳуҷраи торик, дар сӯҳбатҳои якка ба якка ба касе, ки ӯро аз кирдорҳои ҳукуматдорон ва муллоён норозӣ донад, аз онҳо шикоят карда дашномҳои қабеҳ дода, бар хоки сиёҳ мезанад, аммо дар кӯча ё дар дигар ҷоҳо ба ягон мулло ё сипоҳ воҳӯрад, чунон тамаллуқ ва таъзими бешармона ва хушомадгӯёна мекунад, ки қариб аст, ки кафши мурдори онҳоро лесида пок карда диҳад...

Мулло Амон як лаҳза хомӯш монда, боз давом кард:

– Вақте ки ман ҳамаи хислати мунофиқонаи ӯро фаҳмидам, худро аз вай дур кашидам. Аммо дар рӯзҳои овоза шудани хабари омад-омади намадисиёҳпӯшон боре ӯ дар кӯчае ба ман рост омада, моро ба ҳолам намонда кашолакунон ба ҳуҷраи худ бурд ва дар он ҷо ба ман ин тобистон то Шаҳрисабз саёҳат кардanашро ҳикоят карда, дар зимни нақли сайру сафараш гуфт, ки: «аҳволи аҳолии Чироқчиро бисёр хароб ва тоқатнопазир дидам, ба онҳо маслиҳат додам, ки намади сиёҳ пӯшида рафта, ба амир аз дасти ҳукуматдорон аризаи шикоят диҳанд. Онҳо ба маслиҳати ман даромада, аз байни худ дусад нафарро ҷудо карда, ба онҳо намадҳои сиёҳ пӯшонда, ба Кармина, ба дарбори амир фиристоданд...»

Мулло Амон дар ин ҷо аз забони Модари Гетӣ он чизеро, ки мо дар аввали ин боб навиштем, нақл намуда, сухани худро давом дод:

– Чун ман аз нақли Модари Гетӣ донистам, ки амир он мазлумонро фиреб дода ба тарафи Бухоро фиристодааст, хостам онҳоро аз роҳи Бухоро баргардонам, то ки дар ин ҷо дар зиндон ва дар дасти ҷаллодони амир беному нишон мурда нараванд.

Аз рӯи қавли Мулло Амон, ӯ ба мақсади онҳоро аз роҳи Бухоро гардондан ба пешвозашон баромада дар Хонработ ном манзил, ки дар домани Чӯли Малик ва дамгаҳи ободонӣ воқеъ шудааст, ба онҳо воҳӯрдааст ва муборакономаеро, ки амир ба онҳо ба номи қушбегӣ дода будааст, хонда дидааст. Дар мубораконома навишта шуда будааст, ки (мазмунан): «Ба доди ин додхоҳон бирасед ва супориши муфассалро чапар (қосиди савора) мебарад».

Мулло Амон ба онҳо фаҳмондааст, ки «чапар фармони нест кардани шумо-

ёнро аз шумо пештар ба қушбегӣ мерасонад. Агар ба шумоён зиндагӣ даркор бошад, ба вилояти худ баргардед ва ҳар коре, ки аз дастатон ояд, дар он ҷо кунед».

Аммо онҳо ба ин суханон гӯш надодаанд: «Амир ва одамони ӯ моро навозиш карданд, фиреб намедиҳанд»- гуфтаанд.

Дар ин вақт аз тарафи Бухоро одамони қушбегӣ бо аробаҳои каппадор расида омадаанд ва ҷомаҳои бисёре ҳам оварда, намадҳои сиёҳро аз тани додхоҳон кашида гирифта, ба ҳар кадоми онҳо як ҷома пӯшонда ба аробаҳо ҳаштнафарӣ, даҳнафарӣ савор карда, ба тарафи Бухоро гусел кардан гирифтаанд ва ба ҳар аробакаш як дарвозаи шаҳрро таъин кардаанд, ки аз он ба шаҳр дароянд ва ба ду ароба пасу дунбол аз як дарвоза ба шаҳр даромаданро манъ кардаанд.

Одамони қушбегӣ Мулло Амонро дар миёнаи додхоҳон дида, дар шубҳа афтодаанд ва гумон кардаанд, ки шояд ӯ ин мардумро ба шӯр андохта бошад. Бинобар ин аз ин хусус додхоҳонро пурсуков кардаанд.

Онҳо дар ҷавоб таъкид кардаанд, ки ин одамро намешиносанд ва аз ин пеш надидаанд. Аммо ба сабаби он ки ба ҷои намади сиёҳ ҷомаҳои подшоҳиро пӯшида ба амир ва одамони ӯ дилашон пур ва бовариашон боз ҳам зиёд шуда будааст, ба гурехтан ташвиқ кардани Мулло Амонро ҳам пинҳон надошта ба онҳо гуфтаанд.

Мулло Амон ин ҳолро пай бурда, аз байни додхоҳон баромада худро ба каноре кашидааст ва баъд аз торик шудани шаб бо роҳи дигар – бо роҳе, ки бо вай аз Хонработ ба шаҳр рафтани одамони қушбегӣ эҳтимол надоштааст, роҳи аншаҳрро пеш гирифтааст.

* * *

Назар ба қавли Мулло Амон, азбаски ҳар ароба аз дарвозаи дигаре ба шаҳр даромадааст, аҳолии шаҳр аз омадани ин одамони нав бехабар мондаанд. Одамони қушбегӣ аз ҳар аробае, ки ба Регистон расида омадааст, додхоҳонро бо ҳурмат ва навозиш фуроварда ба арк бароварда, дар яке аз ҳавличаҳои одамхабскунӣ дароварда, ба «иззату ҳурмати» онҳо хотима дода, ҷомаҳои подшоҳиро аз тани онҳо кашида гирифта, ба гарданҳошон ҷел, ба поҳошон ишкел зада, дар зери шиканҷаҳои тоқатнопазир кашидан гирифтаанд.

Шабона баъд аз ҷамъ шудани ҳамаи додхоҳон дар ҳавличаҳо аз байни онҳо ҷавонтар ва ҷасуртарашонро ҷудо карда, панҷ-панҷ, даҳ-даҳ ба зиндон ва обхонаҳо фиристода, пеш-пеш кушта, мурдаҳошонро нест кардан гирифтаанд. Якчанд нафар пиру мафлукро, ки ба мурдан наздик расида будаанд, ба зиндони Чорҷӯй ва ба бадарғагоҳи Қабоқлӣ ва Уч-Ӯчоқ, ки дар ҳудуди Бухоро – Хева воқеъ аст, бадарға карда фиристодаанд.

Баъд аз он фармони амир «каллаҷунбонон ва иғвогарон»-ро ёфта пеш-пеш дастгир карда, ба зиндони Бухоро фиристодан дар Чироқчӣ сар шудааст...

* * *

Мулло Амон баъд аз ба мо расондани ин хабарҳо зуд аз пеши мо хеста рафт. Мо, ки монанди бештарини аҳолии Бухоро аз номаълум ва бенатиҷа пасанда шуда рафтани хабари пурғулғулаи «намадисиёҳпӯшон» дар ҳайрат ва тааҷҷуб



будем, бо шунидани ин маълумоти пухта аз ӯ бисёр миннатдор шудем. Афсӯс ки ин охирин сӯҳбат ва мулоқоти мо шуд бо ӯ.

Баъд аз ин чандин соли дигар Мулло Амон дар Бухоро саломат буд ва бо ҳамон равиши мардумгурезиаш зиндагонӣ менамуд. Ӯ баъд аз мардумгурез шуданаш бе маҷбурияти фавқулодае бо ҳеҷ кас мулоқот ва рафтуой намекард, чунонки дар боло нишон дода шуд, ба пеши мо ҳам бе рӯй додани ягон ҳодисаи фавқулода намеомад. Магар дар он чандинсола зиндагонии охирии ӯ дар Бухоро ягон воқеаи фавқулодае ба ӯ рӯй надод, ки барои хабардор кардани мо ё барои холӣ кардани дили худ пеши мо дигар наёмад ва дар роҳу раста ҳам ба ӯ ба тарзи тасодуфӣ бошад ҳам, вонахӯрдем. Аммо ҳаминро медонистем, ки ӯ дар шаҳри Бухоро ҳаст ва дар мадрасаи Турсунҷон дар ҳамон бошишгоҳи пештарааш зиндагонӣ мекунад ва сиҳату саломатиаш побарҷост.

Аммо як вақт (ҳоло муайян гуфта наметавонам, ки баъд аз чанд соли мулоқоти охиринамон буд) овоза шуд, ки «Мулло Амон гум шудааст ва аз мурдаву зинда буданаш асаре нест».

Мо ин овозаро тафтиш кардем: назар ба қавли ҳамсояҳуҷрагонаш, ӯ «саҳро – Розмоз меравам»- гӯён аз ҳуҷрааш баромада рафтааст ва дигар баргашта наёмадааст. Баъд аз чандин рӯз додаронаш барои дидани ӯ омадаанд. Аз қавли онҳо маълум шудааст, ки ӯ ба деҳаи Розмоз нарафта будааст. Додаронаш тамоми як сол шаҳр ва саҳроҳои атрофи Бухоро ва туманҳоро ҷустуҷӯ ва кофтуков карда бошанд ҳам, аз ӯ асаре наёфтаанд.

Баъзеҳо гумон мекарданд, ки шояд ӯ девона шуда, худро дар об ё чоҳе андохта ҳалок карда бошад; баъзеҳо тахмин мекарданд, ки аҷаб нест ӯро душманонаш кушта нест карда бошанд. Дар ҳар ҳол ҳеҷ кас равшан гуфта наметавонист, ки ӯ чӣ шудааст.

Ман дар ин ҷо баъд аз панҷоҳу панҷ сол гузаштан аз мулоқоти охиринамон ӯро ёд намуда, барои адои ҳуқуқи дӯстӣ зинда кардани номашро вазифаи қадршиносӣ шумурдам.

## РУСТАМИ АШКИИ ҒИҶДУВОНӢ

Дар баҳорони соли 1897 ман ба саҳро – ба деҳаи худамон дар тумани Ғиҷдувон рафтам ва бадану димоғи аз ҳавои бадбӯи шаҳр кӯфташудаи худро бо ҳавои тозаи киштзорҳо ва соҳили Зарафшон қуввати тоза додан хостам.

Дар ҳамон рӯзҳо амир Абдулаҳад барои тӯйи яке аз дарбориёнаш аз Кармина ба шаҳри Бухоро омада буд ва овоза шуд, ки ӯ ба нияти «зиёрати мазори Хоҷа Абдулхолиқи ғиҷдувонӣ»[234] ба он ҷо омада истода будааст.

Деҳқонбачагон, ки дар умри худ амир ва «тантанаи» ӯро надида буданд, саҳари барвақт пиёдаву савора ба маркази тумани Ғиҷдувон раҳсипор гаштанд. Ман, ки чандин бор амирро дар раҳгузарҳои шаҳр дида будам, барои ин «тамошо» он қадар шитоб накардам. Аммо аз он ҷо, ки амир дар ҳар ҷо ки бошад, дар пеши дарбори ӯ чавкӣ (базми умумӣ) мешуд, барои тамошои рақсу суруди умумӣ чоштгоҳ хари яке аз ҳамсоягонамро талабида гирифта савор шуда, ба роҳ даромадам.

Чун ба деҳаи Намадгарон, ки дар байни деҳаи мо ва қалъаи Ғиҷдувон аст,

расидам, ҷавонони ҳамдеҳаамон аз пеш баромаданд ва онҳо аз Ғиҷдувон – аз тамошои амир баргашта меомаданд. Вақте ки ману онҳо бо ҳам рӯ ба рӯ расидем, онҳо ҳам, ман ҳам савориҳои худро нигоҳ доштем.

Онҳо хандиданд ва ман тааҷҷуб мекардам. Тааҷҷуби ман, аввал, аз он ҷо буд, ки як гурӯҳ ҷавонон гӯё бе сабаб баробар механдиданд; дуюм, аз он ҷиҳат тааҷҷуб мекардам, ки онҳо чаро тамошои амир ва чавкии ӯро партофта, зуд аз Ғиҷдувон баргаштаанд?

Охир сабаби ханда ва боиси зуд баргаштанашонро пурсидам:

– Амир пагоҳонӣ ба Ғиҷдувон омада, ба амлокдорхона фуромада ва аз Рустами ашкӣ тарсида зуд гурехта ба тарафи шаҳр рафтааст, – гуфт яке аз ҷавонон, ва хандаи умумӣ боз ҳам баландтар шуд.

– Бо ин тарсончакӣ амир нашуда мур-е, – гӯён илова кард дигаре ва хандаи умумӣ давом мекард.

– Хуб, – гӯён ба пурсиши худ давом кардам ман, – тарсончакии амир маълум аст. Умуман ҳар касе, ки ба мардум бисёр бадӣ карда бошад, аз сояи худ ҳам метарсад. Аммо сабаби махсусан аз Рустами ашкӣ тарсида гурехтани ӯ чист?

– Мо сабаби инро намедонем ва нафаҳмидем, – гуфт яке аз он ҷавонон. – Мо ҳамин қадарро фаҳмидем, ки амир бо ҳамаи сарбозу тӯпу туфангу дору манораш аз Рустами ашкии пойбараҳна, ки ба зӯрӣ машҳур аст, гурехта рафтааст.

– Агар шумо сабаби инро нафаҳмида бошетон, ман хоҳам фаҳмид, – гӯён хари худро ба тарафи Ғиждувон рондам ва ҷавонон ҳам ба тарафи деҳа равон шуданд.

* * *

Ман дар сари бозори Ғиждувон хари худро дар як сарои хархона баста, рост ба Чорсӯ, ба сари дукони Файзибойи ҳалвогар рафта нишастам, ки ӯ бо ман ошно ва дукони ӯ маркази ҷамъ шуда пахн шудани ҳар хабарҳо буд. То нӯшида шудани як чойник чой сабаби аз Рустами ашкӣ тарсида гурехта рафтани амирро аз соҳиби дукон фаҳмидам.

Назар ба нақли Файзибой, «нияти зиёрати мазори Хоҷа Абдухолиқи ғиҷдувонӣ» доштани амирро аҳли дарбор ба Мирзо Абдулқодирбек, ки амлокдори Ғиждувон буд, пешакӣ фаҳмонда будаанд. Амлокдор бо шунидани ин хабари «хуш» дар таҳияи пешкаш афтода, ҳама чизи даркориро омода кардааст, аммо барои ба даст даровардани писар ва духтар, ки одатан рӯйкаши пешкаши ба амир тақдим кардашуданӣ мебошанд, хеле душворӣ рӯй додааст. Зеро даст дароз кардан ба фарзандони аҳолии Ғиждувон, ки ба соҳибномусӣ ва ба қавли амир ва дарбориёнаш ба «шӯрапуштӣ (хулиганӣ)» ва «гушнапурзӯрӣ» машҳур буданд, мумкин набуд. Аз он ҷо чунон духтар ва писареро ёфтан даркор буд, ки касе ва ҳимоякунандае надошта бошад. Аммо ин гуна духтар ва писари бекас ёфт нашудааст.

Аммо дар он миён миёнаравони амлокдор писарбачаеро ёфтаанд, ки ба даст даровардани он ба назарашон нисбатан осон намудааст.

Ин писарбача 16 – 17-сола буда, Маҳмудҷон ном дошт, ки ресмон (арғамчин)-фурӯшӣ мекард. Падари Маҳмудҷон бошандаи яке аз деҳаҳои Ғиждувон буда, пештар деҳқони миёнаҳол ба шумор мерафт. Аммо, аз як тараф, аз вазнинии андози замин ва, аз тарафи дигар, ба сабаби қарздор шуданаш аз судхӯрони деҳа аз заминҳояш тамоман маҳрум гардида, хонанишин шуда монда буд ва дар вақтҳои осудаҳол буданаш ягона фарзандаш – Маҳмудҷонро хононда соҳиби хату савод карда буд, ки дар вақти пирӣ ва нобудагиаш он писар падару модари худро сер мекард.

Падару модари Маҳмудҷон дар хона нишаста чилликресӣ ва арғамчинтобӣ мекарданд ва писарашон Маҳмудҷон шохбанд ва арғамчинҳои онҳо тайёркардаро ҳафтае ду рӯз – шанбе ва чоршанбе – ба бозори Ғиждувон бурда, дар майдони чорпофурӯшӣ, дар замин палос пахн карда, молҳояшро ба харидорон мефурӯхт ва пули аз ин кор ба даст даромадаро нафақаи падару модар мекард.

Азбаски падари Маҳмудҷон дар вақтҳои қарздорӣ ва аз даст рафтани заминҳояш бо калоншавандагони деҳа, ки онҳо сабаби бевоситаи хонавайрон шудани ӯ буданд, носоз буд, бинобар ин дар мавриди фалокат ба ӯ ёрӣ расондани онҳо маълум набуд.

Миёнаравони амлокдор аз ҳамин аҳвол фоида бурда, як рӯз, гашти бозор, вақте ки Маҳмудҷон палоси худро ба хар бор карда ба хонаи худ мерафт, ӯро дар байни роҳи бозор ва ҳавлиаш дар як ҷои хилват дастгир карда, ба амлокдорхона бурдаанд ва аз ин воқеа, ки хеле пинҳонӣ ва баъд аз торик шудани шаб рӯй дода буд, оммаи мардум бехабар мондаанд.

Чун Маҳмудҷон то як поси шаб ба хонааш нарафтааст, падараш ба ҷустуҷӯи ӯ баромада, ба Ғиждувон омадааст ва дар он ҷо баъд аз пурсукови бисёре оқибат аз як касе, ки ба амлокдорхона алоқаманд будааст, ба он ҷо афтодани писари худро фаҳмидааст.

Мӯйсафеди солхӯрдаи пурдида, ки ҳамаи бозиҳои ҳокимони замони худро ва ба онҳо дар кадом маврид бо кадом роҳ муқобилат карданро медонист, ба кадом мақсад дастгир карда шудани писарашро пай бурдааст ва барои чораҷӯӣ ва ёрмандипурсӣ рост ба пеши Рустами ашкӣ рафтааст.

Рустами ашкӣ дар ҳамон вақтҳо яке аз олуфтагони машҳури Ғиждувон буда, дар роҳи муҳофизат кардани номуси одамоне, ки ба худаш илтиҷо бурдаанд, ҷони худро дареғ намедошт. Ӯ падари Маҳмудҷонро хуш қабул карда, халос кардани писарашро ба ӯ ваъда додааст, аммо то расидани рӯзи халосӣ ба амал овардани тадбири зеринро ба мӯйсафед супурдааст:

Аз рӯи маслиҳати Рустами ашкӣ мебоист модари Маҳмудҷон ба амлокдорхона рафта, ба воситаи занони амлокдор писари худро медид ва ба ӯ маслиҳат медод, ки «худро дар пеши амлокдор ва одамони ӯ чунон вонамояд, ки вай аз афтоданаш ба дасти амлокдор бисёр хурсанд ва розӣ мебошад ва агар бахташ тозад ва ба дарбори амир афтад, боз ҳам хурсандтар мешавад, аз арғамчинфурӯшӣ ба дараҷаи махрамии ҷаноби олӣ расидан давлати ноёб аст».

Рустами ашкӣ дар охири сӯҳбати худ гуфтааст:

– Овоза аст, ки амир дар ҳамин наздикиҳо ба Ғиждувон меояд. Маҳмудҷон, ки бо тадбири баёнёфта боварӣ ва эътимоди амлокдор ва одамони ӯро ба худ гирад, аз амлокдорхона озодона баромада метавонад. Дар шабе, ки фардои он омадани амир муайян мешавад, баъд аз торик шудани шаб ӯ аз амлокдорхона баромада, рост ба дарвозаи Намозгоҳи қалъаи Ғиждувон равад ва дар он ҷо

маро бо аспи тайёр меёбад, ман ӯро ба пушти худ савор карда, бо роҳи биёбон аз қаламрави Бухоро бароварда ба хоки рус медарорам ва ӯро дар он ҷо – дар Каттақӯрғон ё дар Самарқанд раияи давлати рус кунонда паспорт гирифта медиҳам ва ӯ бозгашт ба хизмати шумо меояд, ки дар он вақт ба ӯ на амир гап зада метавонад ва на вазир.

Маслиҳат ва тадбирҳои Рустами ашкӣ ба амал омада, дар шаби омад-омади амир Маҳмудҷон аз амлокдорхона баромада, бо Рустами ашкӣ гурехта рафтааст.

Ҳарчанд амлокдор ва одамони ӯ ин хабарро «барои дар ташвиш наандохтани хотири муборак» ба амир нарасонда бошанд ҳам, воқеанависон (ҷосусон) дар қатори дигар хабарҳо ин воқеаро ба ӯ навишта додаанд. Ӯ баъд аз фуромаданаш ба амлокдорхона барои воқиф шудан ба аҳвол аз ҳама кор пештар навиштаҷоти ҷосусонро хонда, хабари бо Рустами ашкӣ гурехтани Маҳмудҷонро фаҳмида, ҳуш аз сараш паридааст.

Албатта, амир аз Рустами ашкӣ, ки гурехта рафтааст, наметарсид, аммо ба сабаби ин воқеа нотарсӣ, нофармонбардорӣ ва шӯрангезии аҳолии Ғиждувон, ки дар ин бора аз будаш зиёд ва бо муболиға хабарҳо шунида буд*, ба ёдаш омада, аз ҳад зиёд тарсидааст ва ҳатто қозӣ, амлокдор, раис ва миршабро ба саломаш надароварда ва пешкаши онҳоро қабул накарда ва зиёфатҳошонро нахӯрда, шитобкорона гурехта рафтааст[235].

## ХАБАРИ ВАФОТИ АҲМАДИ ДОНИШ

Файзибойи ҳалвогар дар поёни нақли сабаби тарсида гурехтани амир Абдулаҳад аз Ғиждувон, хабареро ба ман расонд, ки лаззати нақли мазкурро тамоман аз ман рабуда авқотамро талх намуд. Ин хабари вафоти Аҳмади Дониш буд, ки ӯ як ҳафта аз он пештар аз Бухоро гирифта будааст.

Чунонки дар қисми III-и «Ёддоштҳо» зикр ёфтааст, Аҳмади Дониш ҳар сол дар охирҳои тобистон ба сайру гашти саҳро баромада, як қисми рӯзҳои ин саёҳатро дар Ғиждувон мегузаронид[236]. Дар он рӯзҳо якчанд нафар аз аҳолии маҳаллӣ ба манзили ӯ рафтуой мекарданд, ки яке аз ҷавонтарини онҳо ҳамин Файзибой буд ва Файзибой бо касби худ – ҳалвогарӣ ба ӯ хизмат мекард ва ҳар рӯз дар вақти таоми пешинӣ ба ӯ яхмос (мороженое) тайёр карда медод.

Файзибой соҳиби хату саводи одӣ буд, ки танҳо нақду насияҳои худро ба дафтари дуконаш қайд карда метавонист ва он қадар дониши васеи илмӣ надошт, ки фазлу камоли Аҳмад-махдумро тақдир карда тавонад. Аммо ӯ ба Аҳмади Дониш баҳои содаи содалавҳона ва дар айни замон баҳои хеле калон дод. Ӯ гуфт:

– Аҳмад-махдум одами бисёр бузург буд, бузургии ӯ на аз ҷиҳати муллоиаш, на аз ҷиҳати синну солаш ва на аз ҷиҳати ҷуссааш буд, балки бузургии ӯ дар ин буд, ки ҳар бинанда дар зери салобат ва маҳобати ӯ мемонд ва дар айни

* Дар замони амир аҳолии Ғиҷдувонро «аробасавору занбарнишин» мегуфтанд. Маънии ин сухан он аст, ки ҳар сол якчанд нафар аз онҳо ба ҳокимон муқобил мебаромаданд, онҳоро ба ароба савор карда Бухоро мебурданд, зиндон мекарданд ва баъзан мекуштанд ва кушташудагонро мурдакашон ба занбар андохта мебурданд. Аммо ин гуна ҷазоҳо ба аҳолии Ғиҷдувон ибрат намешуд ва агар лозим шавад, боз ба ҳокимон муқобил мебаромаданд.



замон ӯро бо муҳаббати тамом (на аз тарс) ҳурмат мекард. Ӯ бо ин ҳама бузургӣ ва маҳобат ва салобат ба ҳар кас, ҳарчанд хурд бошад ҳам, бародарвор муомила мекард.

Файзибой ба ин суханони худ илова кард:

– Дар дунё муллоҳои мӯйсафеди ҷуссакалон хеле ҳастанд, аммо касе онҳоро аз таҳти дил ва бо муҳаббат ҳурмат намекунад ва он гуна муллоёнро одамон барои ин ва аз тарси ин «ҳурмат мекунанд», ки мабодо баҳонае ёфта «таҳқири уламо кардӣ»- гӯён ба қозихона кашола кунанд.

Магар дар ин вақт Файзибойро раги лофгӯӣ ва мағрурии ғиҷдувонигиаш ба ҳаракат омад, ки гуфт:

– Ба мо, ғиҷдувониён, мақбул ва писанд шуда тавонистан кори ҳар кас нест. Охир, калонтарини одамони Бухоро амир аст, ки ҳамаи мардуми қаламрави худро ғуломи худ мешуморад. Аммо мо, ғиҷдувониён, ӯро на ин ки ҳурмат намекунем, балки масхара медорем. Ман гумон мекунам, ки, – гӯён давом кард Файзибой, – Аҳмад-махдумро як қувваи ба назар нонамоён буд ва ҳамсӯҳбатони худро бо он қувва ва бо риштаҳои ба назар нонамоён ба худ баста мегирифт.

Дар он вақт Файзибойро ақидаи хурофотпарастии авомонаш даста дода гуфт:

– Ман гумон мекунам, ки ӯ дуохони пурзӯр буд ва касонеро, ки хоҳад, тамоман тасхир карда мегирифт. Аммо дуохониро ба худ касб карда нагирифта буд ва дуохононро «фиребгар»- гӯён ҳақорат медод.

Файзибой дар охири ин таассуроти худ аз таҳти дил ва самимона дар вафоти Аҳмади Дониш афсӯс хӯрда гуфт:

– Ҳай дареғ, сад дареғ, ки ин гуна одами бузург вафот кард, – ва илова намуд: – Бо шунидани хабари вафоти ӯ мо, чанд нафар ғиҷдувониён, ки ба ӯ ихлосманд будем, се рӯз ҳар бегоҳӣ ба хонае, ки ӯ дар вақти сайри саҳро карданаш манзил менамуд, ҷамъ шуда таъзиядорӣ ва фотиҳахонӣ кардем.

Ман бошишгоҳи дар Ғиждувон доштаи Аҳмад-махдумро донам ҳам, то он вақт он ҷоро надида будам, бинобар ин аз Файзибой илтимос кардам, ки маро бурда он хонаро нишон диҳад.

Он хона, чунонки дар қисми III-и «Ёддоштҳо» тасвир намудаам, дар тарафи шарқии қалъаи Ғиждувон, дар боғчаи рӯидаричагии Назрулло-бойбача ном касе бино ёфта буд ва он хонаро як шохоби рӯди Пирмаст ва як кӯча аз қалъа ҷудо мекард.

Хона нӯхболори кабзафурӯмон[237] буда, гаҷкорӣ ва деворҳояш бо нақшҳои кандакорӣ ва гулҳои гуногун зебу зинат дода шуда буд, нақши гулҳояш чунон табиӣ менамуд, ки канда гирифтан ва бӯидани кас меомад.

Дар девори пешгоҳи хона, дар зери сақф, дар китеба[238] байти зерин бо ҳали зарин нақш ёфта буд:

Бинанда, ёд ор аз ин нақши дилпазир
Килки шикастарафтаи Мир Аҳмади фақир.

Аз ин байт ва ҳам аз нақли Файзибой маълум шуд, ки наққошӣ ва гулкории он хонаро худи Аҳмад-махдум бо дасти худ ба анҷом расонда будааст..

* * *

Дар мақол «қадри неъмат баъд аз завол» – гуфта шудааст, ки бисёр дуруст аст. Ман, ки дар айёми ҳаёти Аҳмад-махдум он қадар дар пайи ҷустуҷӯи ӯ набудам ва дар бораи ӯ бо шунидани нақлҳои ҳамсӯҳбатонаш қаноат мекардам, бо шунидани хабари вафоти ӯ оташи афсӯсу надомат дар ниҳоди ман шӯълавар гашт. Ман худро сарзаниш кардан гирифтам, ки чаро дар айёми зинда будани ӯ роҳе ёфта ба ӯ наздик нашудам ва чаро фикру мулоҳизаҳои ӯро дар ҳақи замон ва ҳамзамонон бевосита аз забони ӯ нашунидам? Дар аснои ин афсӯсу надомат суханони самимонаи Файзибойро беихтиёр такрор мекардам: «Афсӯс, ҳай дареғ, сад дареғ!» Дар шаҳри Бухоро дӯстон ва қадршиносони Аҳмади Дониш бисёр бошанд ҳам, ман бо ҳеҷ кадоми онҳо шиносои наздик набудам. Яке аз дӯстдорони ӯ, ки ба ақидаи ман, аз ҳама бештар ба ӯ баҳои баланд медод, Шарифҷон-махдум буд ва ӯ дар ҳамон рӯзҳо дар тумани Пешкӯҳ қозӣ буд. Ман бо ӯ шиносои наздик ва хизматгори пештарааш будам, ки ба пеши ӯ рафта, рӯзе чанд дар бораи марҳум бо ӯ ҳамдардӣ карданро қарор додам ва дар байни ду-се рӯз бо ҳамдеҳагони худ видоъ карда, аз болои Ғиждувон ва Вобканд гузашта ба Пешкӯҳ рафтам.

* * *

Пешкӯҳ яке аз туман (район)-ҳои канории вилояти Бухоро буда, дар самти ғарбии шимолии шаҳр ва 32 километр дуртар аз он (деҳаҳои канории ин район аз шаҳр то 40 – 50 километр дурӣ доранд) дар домани регзори биёбони Хоразм воқеъ шудааст.

Дар замонҳои пеш ин туман дар дами тохтутози урганҷиён будааст ва бинобар ин дар байни ҳар якчанд деҳа як тали қалъамонанд буд, ки дар вақти ҳуҷуми берунаҳо аҳолӣ бо молу ашёашон дар он ҷо паноҳ бурда, худро мудофиа мекарданд. Маркази қадимии ин район қалъаи Зандане буда, ҳозир тамоман дар канори реги равон аст. (Карбоси занданегӣ, ки дар адабиёти араб «занданеҷӣ» навишта мешавад, пеш аз истилои араб ва дар аввалҳои ин истило машҳури ҷаҳон буд.)

Баъд аз ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна он гуна тохтутозҳои худсарона ва ғоратгарона тамоман барҳам хӯрда бошанд ҳам, ҳанӯз баъзе аз он қалъаҳо (монанди қалъаи Зандане ва қалъаи Пешкӯҳ) аҳолинишин буданд.

Кохи Иштивон, ки дар замони истилои араб бошишгоҳи тобистонаи Бухорхудот[239] буд, ҳоло бо номи Қоқиштивон машҳур буда, тамоман дар байни регзор мондааст.

Азбаски ин туман камоб ва бо вуҷуди ҳосилхезии заминҳояш аҳолиаш қашшоқ буда, аҳолии шаҳри Бухоро ба ин ҷо кам омадурафт дошта ва савдогарони чорбозоргарди шаҳр бошанд, ҳеҷ намеомаданд, ба ин сабаб қозӣ, ки дар шаҳр ҳамеша дар байни гурӯҳи ҳамсӯҳбатон ва шоирон рӯз мегузаронид, дар ин ҷо бисёр дилтанг шуда будааст, бинобар ин маро на монанди хизматгори пештараи худ ва на монанди як талабаи ҳавасгори шеър ва адабиёт, балки монанди бародар ва хешованди наздики худ гарму ҷӯшон қабул намуд.

Ғайр аз он мусоҳибаи дуру дароз, ки ҳар рӯз дар байни ману қозӣ дар бораи Аҳмади Дониш мерафт, як дафтари калони мусаввадаҳои ӯро, ки бо дасти худи Дониш навишта шуда буд, дар ин ҷо дида, сар то по мутолаа карда баромадам.



Ин дафтар дар муқоваи мешии сурхи қадаш тахминан ду ваҷаб ва бараш яку ним ваҷаб буда, аз коғази китобатии ҷойдории хӯқандӣ сохта шуда буд.

Ин дафтар дар дасти Қорӣ Неъмат ном ошпази қозӣ буд, ки ӯ дар вақти зиндагии Аҳмад-махдум ба ӯ ошпазӣ мекард. Қорӣ Неъмат аз хурдсолагиаш то вафоти Аҳмади Дониш ҳамеша дар хизмати ӯ буда, баъд аз вафоти ӯ ва гузаронидани рӯзҳои азодорӣ бо талаби Шарифҷон-махдум ба хизмати ӯ омада, вазифаи ошпазиро адо мекард.

Назар ба қавли Қорӣ Неъмат, Аҳмад-махдум он дафтарро ба ӯ «ёдгорӣ» гӯён дода будааст. Аммо дар ин бора дар дафтар чизе навишта нашуда буд. Дар ҳар ҳол барои ман он рӯзҳо мутолаа карда баромадани он дафтар баробари тасодуфан дарёфтани як гавҳари ноёб буд.

Дар он дафтар баъзе хотираҳо, ҳикояҳо ва таассуроти муаллиф аз баъзе воқеаҳо ба тарзи парешон ва каҷу килеб ва умуман на бо сатрҳои рост, балки уреб навишта шуда буданд. Баъд аз он ки ман, чунонки дар боби оянда меояд, бо калонтарин асари марҳум ошно шудам, маълум шуд, ки бештарини чизҳои дар ин дафтар навишташуда материалҳои дар он китоб дохил кардашуданӣ будааст. Маълум мешуд, ки муаллиф аввал ва пеш-пеш ҳар чизи ба хотираш расидаро дар ин дафтар ба тарзи парешон навиштааст ва баъд аз он онҳоро дубора кор карда, ба як тартиб андохта ва ба бобҳо ҷудо намуда, «Наводир-ул вақоеъ»-ро ба вуҷуд овардааст.

Албатта, дар ин дафтар порчаҳое ҳам буданд, ки ба «Наводир-ул-вақоеъ» дароварда нашуда буданд ва инчунин чизҳое ҳам буданд, ки баъд аз тамом шудани таълифи ин китоб навишта шуда буданд.

Яке аз он порчаҳое, ки ба «Наводир-ул-вақоеъ» дохил карда нашуда буданд, сабаби машғул шудани муаллиф ба илми нуҷум буд. Ӯ дар ин бора дар он дафтар навишта буд (албатта, ман ин ҷо навиштаҳои ӯро мазмунан нақл мекунам, зеро чунонки ҳоло он дафтар дар дастам нест, инчунин ибораҳои муаллиф айнан дар ёдам ҳам нестанд):

«Ман дар айёми хурдсолӣ дар фаҳмиданиояндаи худ ва оқибати корам бисёр ҳарис будам ва ақида доштам, ки ин мақсадамро ба воситаи илми нуҷум ба даст даровarda метавонам». (Маълум мешавад, ки Аҳмад-махдум ба нуҷум дар аввали кораш на ба сифати астроном, балки ба сифати астролог машғул шуда будааст.) «Бинобар ин дар пеши устодони ин фан ба умеди омӯхтани он давомат кардам. Лекин он устодон ҳамагӣ хасис ва бахил буданд, бо вуҷуди хизматҳои ба назар намоёни моддӣ ва маънавиям ба ман чизеро ёд намедоданд ё чизеро ёд медоданд, ки ба дарди ман ба кор намерафт. Бинобар ин ман ба ёфтан ва мутолаа кардани китобҳои ин фан ва ба таҷриба карда дидани чизҳое, ки аз он китобҳо омӯхтаам, машғул гардидам ва дар натиҷа ба ин илм вуқуф пайдо кардам».

Муаллиф дар поёни ин хотироти худ дар он дафтар илова карда буд (мазмунан): «Дар вақтҳое, ки ман дар омӯхтани илми нуҷум машғулӣ мекардам ва дар ин роҳ ташвиш ва азобу машаққати аз ҳад зиёд мекашидам, дар дили худ аҳд карда будам, ки «агар ман ин илмро ба даст дарорам, ҳар касе, ки ба пеши ман барои омӯхтани ин фан ояд, маҷҷонан (ройгон) ва ба хушии хотир хоҳам ёд

дод». Чун ба ин илм вуқуф пайдо кардам, ба аҳди худ вафо намудам. Аммо афсӯс, ки дар муддати умри худ ягон мунаҷҷим расонда натавонистам, лекин фолбини бисёреро ба вуҷуд овардам: ҳар касе, ки пеши ман омада ин илмро мехонд, ҳанӯз чизе наёмӯхта, баъд аз шаш моҳ ё як сол, мутаассифона, медидам, ки дар ба дари савдогарон гашта, дар соли нави оянда аз арзон шудани кадом як молу матоъ ва гарон гардидани кадоми аз онҳо хабар медод ва бо ин роҳи разилона кисаву косаи худро пур мекард».

Порчаи дигаре, ки дар он дафтар дидам, таассуроти рӯзҳои бемории муаллиф буд. Маълум аст, ки ӯ дар охири умраш дуру дароз бемори барҷомонда шуда хобида буд ва аз он навиштаҷот маълум шуд, ки бемориаш қабзият будааст. Ӯ дар ин хусус навишта буд (мазмунан):

«Ман аз бозе, ки худро медонам, худро озод нигоҳ доштам, ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ маврид асоратро ба гардан нагирифтам. Дар вақтҳое ки ман ба дарбор мансуб будам, маъмур ва ротиба (маош)-хӯри подшоҳӣ будам, низ озодиамро аз даст надодаам ва асоратро ба гардан нагирифтаам. Мактуб ва аризаҳоям ба подшоҳ ҳам аз ҳар гуна алқоб, тамаллуқ ва хушомад холӣ буд».

«Аммо дар охири умри худ фаҳмидам, ки озодии мутлақ дар дунё набудааст, дар ҳолате ки пир, бемор ва барҷомонда шудаам, барои адои пасттарин ҳоҷати инсонии худ ҳар рӯз маҷбурам, ки аз тарафи шарқии шаҳри Бухоро (ҳавлии муаллиф – С. А.) ба ғарбии он (беморхона – С. А.) бо ёрмандии одамон равам ва дар он ҷо худро ба асорати доктор ва одамони ӯ супорам»[240].

Мирзо (котиб)-и қозӣ Мирзо Абдураҳим ном ҳамонҷоӣ буд. Чун ӯ дар бораи Аҳмад-махдум ҳарисона маълумот ҷуста гаштани маро дид, рӯзе ба ҳавлиаш ба меҳмонӣ даъват кард ва дар он ҷо «Юсуф ва Зулайхо» ном асари Низоми Ҳиротиро[241] ба ман нишон дод, ки бо хати Аҳмад-махдум навишта шуда буд ва инчунин дар бораи воқеаҳои он достон дар он китоб расмҳо кашида шуда буд, ки онҳо ҳам кори Аҳмади Дониш буд[242].

Азбаски ман ба санъатшиносӣ вуқуф надорам, ба он ҳунари Аҳмад-махдум баҳо дода наметавонам. Аммо Мирзо Абдураҳим як расми дигари ӯро нишон дод, ки вай диққати маро ба худ ҷалб кард. Ин дар мавзӯи «Мирзо Анвари миршаб ва косаи кӯкнори ӯ» як кори карикатурамонанди он санъаткор буд.

Назар ба эзоҳи Мирзо Абдураҳим, амир Музаффар Мирзо Анвар ном кӯкнориро дар Бухоро миршаб карда будааст. Азбаски кӯкнориҳо тарсончак мешаванд ва вазифаи миршаб бошад, нотарсона бо дуздон мубориза бурдан аст, Аҳмади Дониш ин кори амирро ҳаҷв карда, он расмро кашида будааст.

Он расм дар як тахта коғази ҷойдорӣ ба тарзи зерин кашида шуда буд: дар рақами якум Мирзо Анвар бар рӯи кӯрпачае, ки бар болои гилем паҳн карда шуда буд, чорзону менишаст ва дар пешаш косаи калони дӯғобӣ буд, ки ӯ чашмонашро пӯшонда дар он коса кӯкнор ғиҷим мекард.

Дар рақами дуюм як одами миршаб омада хабареро ба ӯ расонда истода буд ва Мирзо Анвар, бе он ки дасташро аз косаи кӯкнор бардорад, чашмонашро калон кушода бо ҳаяҷон ва ташвиш он хабарро мешунид.

Дар рақами сеюм Мирзо Анвар беҳуш дароз кашида мехобид ва дар вақти аз ҳуш рафта афтоданаш пояш ба косаи кӯкнор расида будааст, ки вай ғелида



рафта ба канорае якпаҳлу меистод ва кӯкнори ғиҷим кардашуда бар рӯи гилем пош хӯрда рафта буд.

Дар зери ин расми рақами сеюм аз забони одами миршаб навишта шуда буд: «Мегӯянд, дар кадом гӯшае як одам ба дуздӣ шубҳанок будааст». Ва аз забони миршаб навишта шуда буд: «Вой мурдам!» (миршаб гӯё бо шунидани калимаи «дузд» «вой мурдам!» гӯён аз ҳуш рафта афтода, косаи кӯкнори худро зада ғелонда резонда будааст)[243].

## АВВАЛИН ШИНОСОИИ МАН БА КАЛОНТАРИН АСАРИ АҲМАДИ ДОНИШ «НАВОДИР-УЛ-ВАҚОЕЪ»

Ҳарчанд шиносоии ман ба калонтарин асари Аҳмади Дониш – «Наводир-ул-вақоеъ» баъд аз се-чор соли вафоти ӯ даст дода бошад ҳам, барои бо ҳам марбут доштани воқеаҳо ман хостам ин ҳодисаро бевосита баъд аз қайди вафоти муаллиф ёдоварӣ намоям.

Одамони ба илму адабиёт дахлдор медонистанд, ки Аҳмад-махдум «Наводир-ул-вақоеъ» ном асари калоне дорад, аммо нусхаи ӯ дар дасти ҳеҷ кадом аз одамони маълум набуд. Фақат ин китобро касоне медонистанд, ки бо муаллифи он рафтуомад доштанд ва онро дар дасти ӯ дида буданд ва дар маҷлисҳои дӯстона аз мундариҷоти он ба сад гуна тағйиру табдил порчаҳо нақл мекарданд.

Сонитарҳо маълум шуд, ки Аҳмади Дониш дар замони ҳаёти худ як нусхаи бо дасти худаш навишташудаи ин китобро ба Сиддиқхони Ҳашмат[244] тақдим карда будааст.

Сиддиқхони Ҳашмат додари амир Абдулаҳад будааст, дар замони падараш – Музаффар дар Чорҷӯй ҳоким буд. Ӯ дар вақти бемории Музаффар бе рухсати падар ба баҳонаи дидани ӯ ба Бухоро омад. Аммо дар он вақт падараш мурда буд ва дарбориён мурдани ӯро пинҳон дошта, Абдулаҳадро, ки валиаҳд буд, барои супурдани тахту тоҷ аз Кармина оварда, Сиддиқхонро, ки аз вафоти падар бехабар буд, ба ҳабс гирифтанд.

Сиддиқхон, ки аз корҳои сиёсӣ дур карда шуда, дар як ҳавлии дуртар аз арки Бухоро маҳбус ва аз ҷамъият берун карда шуда буд, ба илму адабиёт шуғл намуд ва маоши аз подшоҳӣ ба худаш додашавандаро ба китобхарӣ сарф карда, вақти худро тамоман ба мутолаа дод. Ӯ дар байни се-чор сол ба донишмандӣ шӯҳрат ёфт ва шоир шуда, ба худ Ҳашмат тахаллус гузошт.

Аҳмад-махдум, ки сардори норозиёни дарбор буд, бо Сиддиқхон алоқаи махфӣ баста, китоби худро маҷҷонан ва бе ҳеҷ манфиати моддӣ ва маънавӣ ба ӯ тақдим карда будааст.

Шарифҷон-махдум, ки ошиқи асарҳои Аҳмад-махдум буд, бо Сиддиқхон алоқаи махфӣ баста, барои нусха бардоштан он китобро аз ӯ ба тарзи орият гирифтааст ва нусхабардориро ба Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, ки зикраш дар «Ёддоштҳо» борҳо гузашт ва хушнавис ва пухтакор буд, супурдааст.

Мирзо Абдулвоҳид ҳам то тамом кардани китобат ин сирро ба ҳеҷ кас, ҳатто ба ман ҳам маълум накард. Аммо баъд аз тамомияти китобат Шарифҷон-махдум маро ҷеғ зада оварда, воқеаро (махфӣ будани онро қайд карда) ба ман ҳикоя

намуд ва илтимос кард, ки дар тасҳеҳ ва татбиқи нусхаи Мирзо Абдулвоҳид бо нусхаи аслии дастнависи муаллиф иштирок намоям ва ин корро бо ҳамроҳии Мирзо Абдулвоҳид ба анҷом расонам.

Чунонки мегӯянд, «кӯр чӣ мехоҳад? – ду дидаи бино!» Ман ин хизматро бо ҷону дил ва бо хурсандии тасвир карданошуданӣ қабул кардам ва дар худи ҳамон рӯз корро сар кардем.

Кор дар ҳуҷраи Мирзо Абдулвоҳид, ки ба болои дарвозахонаи мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф (дар гузари Ғозиён) воқеъ шуда буд (дар бобҳои болоии ҳамин қисми «Ёддоштҳо» ин ҳуҷра тасвир ёфтааст), сар шуда давом кард[245].

Дар рафти кор ман нусхаи дастнависи Аҳмад-махдумро ба даст гирифта нигоҳ мекардам, Мирзо Абдулвоҳид нусхаеро, ки худ навишта буд, бо овози баланд мехонд ва дар ҳар ҷо, ки хато рафта бошад, ман луқма медодам ва Мирзо Абдулвоҳид аз хондан бозистода, нусхаи худро бо қалами худ тасҳеҳ мекард. Ҳар гоҳ ки ӯ аз хондан монда мешуд, ман бо овози баланд аз нусхаи аслӣ мехондам ва ӯ аз рӯи хониши ман ба нусхаи худ ғалате ёбад, маро аз хондан боздошта, нусхаашро дуруст мекард.

Мо дари ҳуҷраро баста, ин сирро ба касе нафаҳмонда, корро давом медодем. Аммо рӯзе шоир Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат омад ва мо аз ӯ ин сирро пинҳон надоштем, чунки ӯ монанди худи мо дар ҷое намепӯкид ва сирро ифшо намекард.

Баъд аз он ки Ҳайрат дар рӯзи аввал бо шунидани ин китоб таассуроти хуб гирифт, аз мо илтимос кард, ки ҳар рӯз омада, ба тарзи сомеъ (шунаванда) ба кор иштирок кунад. Мо қабул намудем ва ба ҳамин тариқ тасҳеҳ ва татбиқ гӯё аз дасти сеи мо гузашт[246].

Доираи назар ва мутолиаи ман он вақтҳо бисёр танг буд. Бисёр ҷоҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-ро, ки ба нуҷум, ба фалсафа ва тасаввуф оид буданд, намефаҳмидам, аммо он ҷоҳое, ки мефаҳмидам, ба ман таъсири аҷибе мекарданд.

Ҷоҳои ба ман таъсирбахши «Наводир-ул-вақоеъ» он ҷоҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеҷ гоҳ ислоҳ кардан ва ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт ва гумон мекардам, ки «дунё ҳамин тарз ҳам меравад, чӣ бояд кард?» Ва худро бо ин байти Бедил, ки ҳамон вақт забонзадаи ҳамаи аз дунё дилтангшудагон буд, тасаллӣ медодам:

> Зиндагӣ дар гардан афтодааст, Бедил, чора чист?
> Шод – бояд зистан, ношод – бояд зистан.

Аммо, вақте ки ман он аҳволи фалокатиштимолро дар мундариҷоти «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ – бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, дидам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худ гуфтам: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст» (инқилоби фикрӣ кам ҳам бошад, дар ман ана дар ҳамон вақт рӯй дод).

Яке аз ҷоҳои «Наводир-ул-вақоеъ», ки дар ҳамон вақт ба ман таъсири калон бахшид, аҳволи оилавӣ буд. Аҳмади Дониши донишманд аҳволи оилавии замони худро нағз омӯхта, сабабҳои ҷанги арӯсу модаршӯй ва иғвогариҳои оила-



вайронкунии модарарӯс ва хоҳарарӯсонро дар хонаи домод, чунонки ман борҳо дида ва шунида будам, тасвир кардааст ва сабаби он ҷангу ҷидолро низ ба хубӣ нишон додааст.

Ман дар ин ҷо ба тарзи мисол баъзе фикрҳои он боберо, ки ба ҷанги келину модаршӯй бахшида шудааст, аз ҳар ҷо-ҳар ҷо чида, бо ибораи худи муаллиф нақл мекунам. Дар вақти зарурат баъзе калимаҳои муаллифро дар байни қавсайн шарҳ медиҳам. Аммо барои осон кардани мутолаа сари сатр, вергул, нуқта, нохунак ва қавсайн барин расми хати ҳозираро илова менамоям.

Дар он боб дар бораи сабаби ҷанги арӯсу модаршӯй мегӯяд:

«...Агар хусумати гурбаву сагро ташхис тавонӣ кард, ваҷҳи низои зану модаршӯ туро маълум шавад, яъне саг ин гумон дорад, ки «гурба устухон аз ман мебарад» ва гурба дар ин ҳасад, ки «саг нонмайда аз чанги ман бирабояд», фалоҷарам (ночор) назди мулоқот изҳори адоват... кунанд. Дар ин ҷо (яъне дар оила) низ... ин ҳар ду (яъне арӯсу модаршӯй) даъвӣ доранд ва забуни ҳамдигарро мехоҳанд: модар муддаии ин аст, ки «фарзанд қитъаи гӯште заиф ва оҷиз буд, ки ба саъю... тарбияти ман... камол ёфта ва басе... шабҳо ба рӯз ва рӯзҳо ба шаб овардаам ва дар тарбияташ хунҳо ошомида... Ҷазои ин эҳсон (мукофоти ин некӣ) ҷуз ин нест, ки саранҷоми... муҳиммоти (корҳои) фарзанд ба дасти ихтиёри ман бошад ва ӯ бе савобдид ва маслиҳати ман набояд, ки дами об биёшомад».

«Ва зан муддаии ин, ки «домани ин мард ба чанг овардаам, худро ба забунӣ ва ходимӣ ба хизмати вай дода, ва аз ҳама хешу ақрабо ҷудо гашта... Сазои ин тафвиз ва таслим ғайр аз ин нест, ки калиди... абвоби (дарҳои) дахлу харҷи мард дар қабзаи ихтиёри ман бувад».

«Чун ин ду даъвӣ ба ҳамдигар муориз (зид) аст, асли хусумат аз ин ҷост... Модар мебинад, ки дар садри хона зани бегона нишаста... ва дар манзили фарзанд қаҳрамон ҳодис (пайдо) гардида, ва ҳол он ки худ муддаии ин маънӣ буд, ки дар манзили фарзанд қаҳрамон бошад ва фармонгузор...»

«Зан мебинад, ки золи... чин бар ҷабин дар канори бисоти шавҳар нишаста, мухилли (халалрасони) ороиш ва монеи фармоиши ӯ мешавад ва дар амри маоши (корҳои рӯзгории)... хона мушоракат (шарикӣ) меҷӯяд, ва ҳол он ки худ ӯ муддаии истиқлол буд... пас аз ин ваҷҳ гарди малол... бар носия (пешона)-аш бинишинад».

«Чун мард ба хона дарояд, осори ғаму кудурат бар ҷабҳаи кадбону (занаш) мушоҳида кунад, ба воситаи ҳубби (муҳаббати) заношӯӣ тафтиши сурати ҳол кунад. Баъд аз чандин қаҳру ноз (аз тарафи зан) ба лобаву ниёз таҳқиқ кунад, ки ин гарди балоангехтаи муҳаббат бадтар аз адовати модар аст. Аз ҷиҳати ҳурмати модарӣ илтиҷо ба модар барад, ки «ту дар амри саранҷоми... хона кулфат мабар ва ба як ҷо бинишин ва осуда бош ва ба тоату ибодат шуғл гир ва шукр ба ҷо ор, ки як фарзанд ду кардӣ. Акнун вазифа ба як ҷо нишастан аст ва ибодату дуо кардан ва маҳоми хона (корҳои хона) ба кадбону (арӯс) гузор ва худро ранҷа мадор».

«Ин талқини мард... аз таъзим ва тавозӯи модар аст..., чӣ (зеро) аксар издивоҷи мард (хонадорӣ) ба саъй ва тараддуди модар ба вуқӯъ меанҷомад...»

«Майдони амал (орзу)-и модар то он ҷо вусъат дорад, ки... чун фарзанд аз

ӯст, зани ӯ низ аз ӯ ва ходими ӯ... Агар хоҳад, ин ходимро пеши фарзанд мефиристад ва агар на – не, ва агар хоҳад, ин нон ба ӯ медиҳад ва илло – на».

«Гумони фарзанд ин аст, ки «ин муҳаббат, ки модар ба ман дорад ва маро ба тазвиҷ (зандорӣ) оварда, албатта, ин муҳаббатро дар ҳаққи зани ман ҳам дорад барои хотири ман...» Аз ин ҷиҳат аз роҳи шафқат салоҳи ҳоли модарро талқин мекунад».

«Модар аз ин сухан... гумон мебарад, ки зан писари ӯро аз роҳ бурда (баровардааст), шааф (ғавғо) мебардорад, ки «ман туро ба ин умед бузург кардаам, ки ба гуфти зан дароӣ ва маро аз косаву навола (таом) манъ фармоӣ... ва зердасти зан бикунӣ ва бадаста нон диҳӣ? Ва дар ҳар кӯю манзил модарон бар сари хони (дастархони) фарзандон соҳибихтиёранд ва занон ва ходимони эшон чокарон ва мутеон».

«Марди бечора мутаҳайир (ҳайрон) гардад, ки ин ғавғо аз куҷо афтода, ва гӯяд: «Шояд роҳ ин бошад ва қоида... ҳамин». Пеши зан равад ва ба насоеҳи... дилфиреб ӯро аз роҳи шафқат ва муҳаббат талқин кунад, ки «Ту аз ин ваҷҳ ғамгин мабош, ба Худо шукр ор, ки модарам ба саранҷоми муҳоми хона аз пухту сохт мутакаффил (мутасаддӣ) бошад, ту осуда бинишинӣ ва ба зебу зинати худ бипардозӣ ва обу таом назди ту тайёр ояд ва ту аз ҳама ташвиши нишастубархост фориғ бошӣ».

«Зан, ки ҳолӣ ин ғавғо шунида буд ва кинаи зол (модаршӯй) ба дил гирифта, агар лаима (пасттинат) бувад, шӯру низоъ бунёд ниҳад ва гӯяд: «Ман бо модарат нанишинам ва ӯро аз ман ҷудо кун... чун аз модари худ метарсидӣ, чаро зан кардӣ? Дар хонадони мардон хизмати занонро ҷаворӣ ва хадама (канизон ва ходимон) кунанд, на золони залама»[247]. Ва агар карима (олитабиат) бувад, бо ин ки мухолифи муддаои ӯст, аз ҷиҳати ҳубби (муҳаббати) шавҳар марратан (якбора) дил аз тасарруфи том (соҳибихтиёрӣ) бардорад ва низ медонад, ки агар ин сурат мутаҳаққиқ гардад (ба амал ояд), оромиш ва осоиши ӯ дар он бошад, ба фароғи бол (хотирҷамъона) дар саҳнаи хона биёсояд ва зимоми муҳиммот (ихтиёри корҳо) ба дасти модаршӯ гузорад ва ба кинаи пӯшида... бинам чӣ кор мекунад? (гӯён) ба ҳеҷ кори хона даст назанад».

«Модар, ки аз фарти (ғояти) нодонии худ бало ба сари худ хоста буд, имрӯз ё дар рӯзи дигар, ниҳоят то се рӯз таҳияи пазу соз ва (кор)-и беруну даруни хонаи фарзанд мекунад, дар рӯзи аввал ё дуввум ва албатта дар саввум назди ҳар таом, ки пеши зан ва писар ниҳад, менолад ва мегӯяд, ки: «Ман пир шудаам ва аз кор монда ва дар умури (корҳои) саранҷоми хона касе ба ҳоли ман намепардозад ва нигоҳ намекунад ва ҳама ба ҳузур хоб мекунанд ва ман аз пагоҳ то бегоҳ метапам...» Ин сухан, ки мегӯяд, мушорун илайҳ (ҷои ишорат) зани писар бошад, зеро дар хона ғайри ӯ кас не, ки ба ҳузур бихобад. Ва (модар) таоми латифтар ва оростатарро пеши фарзанд мениҳад ва муболаға (зӯр) мекунад, ки: «Шумо инро тановул фармоед, чунки ба раставу бозор тараддуд доред, дигарҳо ҳар замон дар кунҷи хона ва даҳлез чиз мехӯранд».

«Дар ин тақрир низ мушорун илайҳ зани писар бувад... Зан дар ин ҳол аждаҳои ҳазорзабонгашта бувад ва аз он таом ангушт наёлояд ва лаб тар накунад. Фалобуд (ночор) ба сари ин хон (дастархон) ғавғо ва фиғон бархоста бувад».



«Пас мард ба ғазаб равад ва ихтиёри... умури манзил (корҳои хона) ба қабзаи зан ниҳад ва модарро ба қаҳр (бо зӯрӣ) нишонад...»

«Модар мебинад, ки қисми ӯ ба коса медиҳанд, ҳамчунон ғавғову шӯр мекунад ва айши зану фарзанд талх гардонад... То вақте ки офаридагор (Худо) кор осон гардонад: якеро ё ҳар дуро бардорад, балки ҳар серо...» (Аз саҳифаҳои 391 то 397 «Наводир-ул-вақоеъ», ки фонди китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ [Душанбе] буда, дар он ҷо бо рақами 1409 қайд шудааст, фикрҳои алоҳида чида гирифта шуд)[248].

Муаллиф баъд аз он, ки ҳуқуқи зану модарро мувофиқи замони худ ва қоидаи шариат ва урфу одати феодалӣ баён мекунад, боз ба болои модаршӯй омада мегӯяд:

«...Мард агар ба ризои модар равад, бояд ки доим дар изои зан кӯшад. Ҳатто (бисёр модарон) ба талоқ розианд ва аз ғояти ҳасад ва рашк, агар мусир бошанд (яъне модарони доро бошанд), ҳамаи амволи худро сарф кунанд, то фарзанд ин занро талоқ диҳад ва зани дигар хоҳад ва ҳамчунин ба вай кунад (яъне модаршӯй ба зани нав) ва ҳумчунин баъд аз вай. То панҷу ҳафт тағйиру табдил дар амри никоҳи фарзандон карданд (яъне модарон), ки шунудем ва ҳеҷ хусумат аз ин ки гуфтем, кам нашуд, балки дар ҳар мартаба зиёдатар гашт...»

Баъд аз он муаллиф дар баёни шарти хонадорӣ гузашта, мегӯяд: «...Пас шарт бувад, ки марди кадхудо (кадхудошаванда) модар надорад ва агар дорад, дар иёли худ надорад...»

Муаллиф барои хонадор шудан шартҳои дигарро ҳам: монанди даромади муайян доштан, хонаву ҷой доштан ва дигарҳоро, ки дар замони феодалӣ бе инҳо хонадорӣ ва зиндагонӣ кардан мумкин набуд, мешуморад.

Ва яке аз шартҳое, ки дар ҷониби арӯс мемонад, хешу табори сарватманд надоштани ӯст ва дар ин бора мегӯяд (мазмунан): рӯзгор бе талху шӯр намешавад ва мумкин аст, ки дар байни зану шӯй низое афтад, дар ин сурат хешовандони зан (айнан): «каф бар даҳон оранд ва дасту остин барчинанд ва бар сари мард гирд оянд ва гӯянд: «Ту кистӣ бад-ин мусоҳарат (домодӣ) розӣ ва шокир набошӣ? Ба фарзанди мо (ё) ба хоҳари мо чунин ва чунон гӯӣ!.. Бад-ин ҳол, ки дорӣ, чаро зан кардӣ ва обрӯи мардон ба хок рехтӣ?»»

«Ва чун аксари мардум аз ин таҳқиқот ва тадқиқот, ки ишора кардем, ғофиланд, ба таассуб (асабият) бо мард ӯфтанд (дарафтанд) ва рӯзгори вай тира гардонанд, бо он ки медонанд ё намедонанд, ки хусумати занон бо мардон аз шабу рӯз таҷовуз намекунад ва ба як хор-хор... ҳазор падару модар ва фарзандонро дар тоқи нисён мениҳанд (фаромӯш мекунанд)...»

Муаллиф дар бораи хонадорӣ модар надоштани занро низ шарт мекунад ва агар арӯс модар дошта бошад, бояд он дар хонаи шавҳари худ бошад, на дар хонаи домод. Чунки ба ақидаи муаллиф модарарӯс (модари зан) ба вайронии миёни духтар ва домодаш кӯшиш мекунад ва мегӯяд: «Ҳон, ҳозир бош, ки либоси шавҳарат мутааддид нашавад ва ин коло, ки дорӣ, манамо, ки бифурӯшад ва ба болои ту зан оварад ва магзор, ки аз хона берун бихусбат (бихобад), то шоҳид (маҳбуб) орад ва манъаш кун, ки ба халқ рафтуомад накунад, ки аз он бало хезад ва меҳмон орад, исроф... кунад ва ту лабхушк бинишинӣ ё талоқат диҳад, ки урён оӣ ва аз барои он рӯзе, ки ҷудоӣ афтад, иззихор (захира)-куниро лозим

гир, ки бар муҳаббати мардон эътимод нест ва улфати эшон на бар сидқу садод (ростӣ)» (аст).

«Ин талқиноти ӯ (модари зан) ҳам аз он муҳаббати зотӣ ва даъвии ноҳақ бошад, ки исбот кардем, яъне чунонки модари фарзанди нарина (модаршӯй) он даъвӣ дорад ва дар модина (яъне модарарӯс) ҳамчунонки чун духтар аз ӯст, шавҳари духтар аз ӯ ва ғуломи ӯ... модари зан то он ҷо, ки духтарро ирс (мерос)... нарасонад, мабод, ки ба шавҳараш диҳад».

Муаллиф дар охиртари ин боб мегӯяд: «Бинои ин муқаддимот бар аксар ва ағлаб (аксарият) аст... Вагарна дар миён мардон бошанд, ки дар ҳубс ва ҳасорат (дар палидӣ ва гумроҳӣ) аз занон бадтар бошанд ва занон ҳастанд, ки ба иффат ва таҳорат (дар покдоманӣ) аз мардон беҳтар. Агар модарзан ва модаршӯй аз онҳо (аз покон)-анд..., ҳеҷ макрӯҳе (ногуворие) нисбат ба домод оид нашавад, магар рафоҳият (фаровонӣ) ва утуфат (меҳрубонӣ) ва агар ба ҷуз ин бошанд, нестанд, магар балои замон ва аждаҳои кушодадаҳон...»

«Лекин ба иллати адами вуқуф (ба сабаби воқиф набудан) ба муқаддимае, ки собиқан ишора кардем, мардон гумон кардаанд, ки ин ҳама бадиҳо аз зан аст, на (аз) модаршӯй ва модарзан... Аз ин ҷиҳат аст, ки ҷуҳало...[249] хосса касоне, ки зан надоранд, ё доранду модар надоранд, ё инҳо дар иёл (дар оила) надоранд, эътирозоти номуваҷҷаҳ (беасос) расонанд ва гӯянд: «Фалон забуни зан аст ва маҳкуми модарзан ва ба модари худ осӣ ва оқ аст. Охир, зан чӣ қадр дошта, ки ӯро назананд ва ё накушанд, ё тарк ва талоқаш нагӯянд?» Эшон надонанд, ки зан (ҳам) мисли эшон нафсе дорад ва худро адил (баробар)-и мард мепиндорад...»

«Талоқро шореъ (соҳиби шариат) мизоне ниҳода... ба иғвои ноҳақи модаршӯ занро натавон ранҷонид ва дар ин боб уқоқ ва шиқоқ мутасаввар нест» (яъне агар модар талаб кунад аз фарзанд, ки занашро талоқ кунад ва ӯ талабро иҷро нанамояд ва модар норозӣ шавад, дар ин сурат фарзанд оқи модар намешавад). (Ҳамон китоб, аз саҳифаҳои 398 то 410 чида гирифта шуд.)

Муаллиф дар бораи муомилаи мардон бо занонашон ва ба масъалаи талоқ мегӯяд:

«Аммо одоби маош (муоширант) бо эшон яке хӯи нек бо занон пеш гирифтан аст, маънии ин он бувад, ки эшонро наранҷонад ва бар маҳолот (талабҳои аз имкон берун) ва носипосии (ношукрии) онҳо сабр кунад ва ранҷи эшон бикашад...»

«Ва дигар то тавонад, талоқ накунад. Вақте ки кор ба гуфтугӯ ва ҷидол расида бувад ва вақоҳат (шаттоҳӣ)-и зан аз ҳад гузашта, мард бояд ки дар ин ҳол ҳам аз ҷо наравад (худдорӣ кунад) ва ба хашм ва истихфоф (беҳурматкунӣ) талоқ надиҳад, балки ба талаттуф (забони хуш) узре оварад, ва агар зан қабул накунад (узрашро)..., он гоҳ ба талоқаш гӯяд ва агар худ толиби фуркат (ҷудоӣ) бошад, аввалан ба ҳадя дили зан хуш кунад ва узре гӯяд, ки «ман ногузир аз ту ҷудоӣ металабам бинобар маслиҳате», то зан сокит шавад, он гоҳ ифтироқ (ҷудоӣ) ҷӯяд».

«Мард бояд ки сирри зан бо ҳеҷ кас нагӯяд ва зоҳир накунад, ки ба чӣ айб ва иллат талоқ медиҳад. Якеро пурсиданд, ки: «занро чаро талоқ медиҳӣ?», гуфт: «сирри зани хеш ошкоро натавон касрд», ва чун талоқ дод, гуфтандаш: «чаро (занро) талоқ додӣ?», гуфт: «маро бо зани мардум чӣ кор, то ҳадиси вай кунам? (яъне гапи вайро гӯям)». (Аз ҳамон китоб, аз саҳифаи 414 то 419 чида гирифта шуд.)

* * *

Аҳмад-махдум дар қисми дуюми «Васияти фарзандон» ном боби «Наводир-ул-вақоеъ» дар боби касбу пешаҳо гап задан хоста, аввал бар болои дарсхонӣ ва дарсгӯӣ меистад ва дар ин хусус аз ёддоштҳо ва таассуроти худ порчаҳо меорад: «...Ман аз улуми русум (расмӣ) ба қадри вуқуф ба арабият (забони араб)... иктифо... намудам ва дарс ва тадрис ва гирд овардани шогирдонро билмарра (тамоман) кореҳ будам (ногувор мешумурдам) ва ба ҳоли устодоне, ки пеши онҳо таламмуз мекардам (дарс мехондам), тараҳҳум меовардам (раҳмам меомад), ки «инҳоро чӣ доия (сабаб) бар ин ташвиш ва ғавғо розӣ дошта? «Манофеи дунявӣ ва ухравии[250] эшонро аз китобҳо меҷустам, ҳамаро дар хусрон (гумроҳӣ) ва зиён медидам ва дар ташхиси маонии ваъдаҳо, ки дар фазилати илм ва аҳли он омадааст, мутараддид мешудам (дар шак меафтодам), ки «ал-илму иззу-д-дунё ва шараф-ул-охира» (илм иззати дунё ва шарафи охират аст) гуфтаанд, мурод аз ин илм кадом илм бошад? Ҷамъ омадани мӯҳмале чанд нодон, беадабона ва нофаҳмида ғавғо бардоштан ва ҳар сари чанд гоҳе чанд табақ мавиз ва ҳалво ва танга, ки аз толибилми фақир (қашшоқ) ситонанд ва ба устоз диҳанд ва вай ба шодӣ ва фараҳ дар киса кунад, устоз аз бисёрии сухан кардан ва ҳарф задан дилмурда бошад ва қуввати ҳозима[251] ва дандонҳо суст шуда, ба дандон шикастан натавонад ва ба хӯрдан ҳазм кардан, (шаб) ба ҷои хоб китоб бинад ва рӯз аз пагоҳ то бегоҳ ғавғо орад ва ғулғула шунавад ва сайри беруну дарун (кардан) натвонад ва ба таом хӯрдан ва ҳаракат кардан фурсат наёбад ва дар даруни гунбази фарохи васеъ (дарсхона) дар сармо ва гармо маҳбус ва масҷун (зиндонӣ) бошад...»

«...Чун азми хона кунад, ду мӯҳмал (ҷилавдор ва кафшбардори муллоҳои калон – С.А.) рикобашро бигиранд ва ҳам-инонашон (дар ҷилави аспаш) бидаванд, то устоз аз асп наяфтад ва гарданаш нашиканад, дар ин ва моюшобиҳи он (монанди инҳо) чи иззат таҳсил тавон кард[252], ки басе аз авонони малик (сарҳангони подшоҳ) монанди асас (миршаб) ва эшикоқобошӣ дар давондани аблаҳон дар рикоб бо ин иззати ҳазрати домулло шарик... анд... Бо мулозамати абвоби султон (дарбори подшоҳ) ва ризо ба зулм ва удвони (душманӣ бо ситами) ӯ... шарафи охират чӣ навъ даст диҳад?»

Муаллиф дар ин ҷо дар бораи талабагони мадраса аз пайғамбар ҳадисе нақл мекунад, ки мазмунаш ин аст: «Касе, ки ғуборолуд гардонад қадамҳояшро дар талаби илм, ҳаром (маҳфуз) мегардонад Худо ҷасади ӯро аз оташи дӯзах». Муаллиф баъд аз нақли асли ин ҳадис мегӯяд: «Ғуборолуд гардондани қадам дар хондани хутбаҳои китоб ва шаб фисқу фасод кардан... чӣ гуна ҷасадро аз оташи дӯзах маҳфуз дорад?..»

«Билҷумла (хулоса) ин андешаҳо маро аз ҳифзи дарс... монеъ меомад... Чун

чашми ман бар зоҳир боз буд, ҳамаи аҳли зоҳирро аз машоих (шайху эшонҳо) фиребгар медидам ва уламоро ришватхор...» (Аз ҳамон китоб, аз саҳифаи 706 то 711 чида гирифта шуд.)

* * *

Аҳмади Дониш дар «Рисолаи назми тамаддун ва таовун» ном асараш, ки дар аввали «Наводир-ул-вақоеъ» дарҷ шудааст, бетартибиҳои дарбори амири Бухороро ягон-ягон шумурдаислоҳи онро талаб мекунад, ба подшоҳ ва ба кадом мансабдорони ӯ вазифаҳо таъин мекунад. Масалан, подшоҳро мухдур ва ходими аҳолӣ мешуморад ва дар ин бора мегӯяд: «Подшоҳ филҳақиқат муздур ва ходими фуқарост, чунонки агар дар қаря (деҳа)-е аз ғалабаи дуздон ва шарирон (бадкирдорон) хавф бувад ва мардум шахсеро ба қаровулӣ ва нигаҳбонӣ иттихоз кунанд (гиранд) ва мутасаддии обу нонаш шаванд, то шабро пос дорад ва бедор нишинад ва мутасаддии дафъаи хасм гардад, инчунин раоё (раияҳо), ки тафвиз ва таслими ушру хироҷ ва закот ба султон мекунанд, барои он аст, ки «нигаҳбонии мо кун ва оби моро бирасон ва роҳҳои моро аз ашрор (роҳзанон) пок дор, то моро фароғат бошад ва агар ту фориғ нишинӣ, бо мо фароғат куҷо даст диҳад», пас касе, ки мутасаддии машғалаи ҷамъе бошад, ӯро куҷо ҷои оромиш ва осоиш то ба кибру ғурур пардозад? Филҳақиқат султонро аз давлат он миқдор ҳақ аст, ки... моякфии садди рамақ (ба қадри зарури зиндагӣ) бошад ва бармозода бар он (ва барзиёда бар он) молик нест, аз они касон аст ва аз дигарон». (Аз ҳамон китоб, саҳифаи 102.)

Ва дар ҷои дигари ҳамин рисола дар бораи аҳли дарбори амир мегӯяд: «...Ҷамъияти ин табақа дар даргоҳи мулук (подшоҳон) ҳам аз он аст, ки эшон аз камоли коҳилӣ (танбалӣ) ва касолат (сустӣ) диданд, ки аз саранҷоми ҳеҷ касбу кор барнамеоянд ва дар гузориши... пешаҳо аз нақли ҷузвии андак чора нест ва он (ақл) дар зоти эшон мафқудуласар аст (асари ақл ҳам дар онҳо нест), гумон карданд, ки нони муфт... дар хизмати султон аст, чунки хизмати султон мунзабит нест (бетартиб аст), ва ҳар кас он ҷо равад, соҳиби аспу ҷома хоҳад шуд ва асперо савор шудан ва ба доруламоро (ба даргоҳи амир) рафта саломе доданро ҳар лояъқиле (ҳар беақл) саранҷом тавонад дод, ё ҳамроҳи муддаӣ (даъвогар) ва муддаоалайҳ (ҷавобгар) ба деҳе баромадан, ки қатъи низои ҳасмайн (тарафайн) ғолибо (аксар) ба воситаи амин ва арбоб бувад, коре саъб (сахт) ва душвор набувад...»

«Давлатхоҳӣ ва ҷонсӯзии ин табақаи ҷоҳил то он ҷост, ки агар шаҳр оташ гирад ва хонаҳо барафтад, султон аз ҳарамсарой тафаррус кунад (пай барад), ки дар шаҳр ғавғое афтода бӯи дуд ба машом мерасад, арз кунанд, ки: «ҳеҷ ғоилае (фалокате) нест, кулолон оташ дар хумдон ниҳоданд ва ин шӯълаи онҳост».

«Ва агар дар шаб ҳаромиён (дуздон) ба ҳарами мусулмонон дарраванд ва молаш бибаранд ва хунҳо бирезанд ва бонги бедод масмӯи султон шавад[253], расонанд, ки: «ҳеҷ боке нест, зане бо шавҳар арбада карда».

«Ва ҳамчунин дар саҳроҳо дар обе, ки ба масорифи шаҳр кифоя накунад, гӯянд ки: «ҳамаи заминҳои музориин (деҳқонон) сероб гашта, зиёдатии об ба дангиз (ба баҳр) меравад; ва инчунин дар бозорҳо ба сабаби тафовути нархҳо ғаллаҳо ва матоъҳо рӯ ба нуқсон оварда (камёб шуда), гӯянд: «ҳамаи аҷнос арзон аст, ки касе чизе намехарад». Алҳақ рост гуфта бошанд, ки аз ҷиҳати гаронӣ касе чизе нахарида».

«Ва дар диёре, ки аз рафтани султон ва аскария ба сутӯҳ омада (танг шуда) ва поймол гашта, гӯянд: «чашми мардуми он диёр дар роҳ аст ва интизори мақдами (қадамгузории) султонӣ мебаранд». (Аз ҳамон китоб, аз саҳифаи 94 то 96 чида гирифта шуд.)

Аҳмад-махдум дар он вақт ҳеҷ гоҳ мамлакати беподшоҳро тасаввур намекард ва тасаввур карда ҳам наметавонист. Ниҳояти орзуи вай мамлакатдории подшоҳноки боинтизом буда, дар ин хусус сармашқи ӯ давлати Россия буд, ки вай дар тамаддун, дар интизом ва дар тараққӣ ҳазор дараҷа болотар аз мамлакатдории амири Бухоро буд.

Ҳатто хаёл ва орзуҳои ӯ дар ин бора як дараҷа болотар рафта, подшоҳро ходими халқ ва нафақахӯри ба қадри зарури хазинаи халқ мешуморид. Ин фикр дар шароити амирии онвақтаи Бухоро, ки на танҳо дороии мамлакат, балки марду зани тамоми аҳолӣ ҳам ғулом ва канизи шахси амир шумурда мешуд, хеле фикри олӣ буд.

Ин фикрҳои Аҳмади Дониш ба ман, ки он вақтҳо бетартибиҳои мамлакат ва дарбори амирро «ҳамин тарз омадааст ва ҳамин тарз ҳам хоҳад рафт, чӣ бояд кард?» гӯён фикр мекардам, бе таъсир намонда буд.

* * *

Дигар як ҷои «Наводир-ул-вақоеъ», ки дар он вақтҳо ба ман таъсир бахшид, тасвири ҳирси аҳли бозор дар роҳи сарватғундорӣ буд. Дар ин бора ба ман тасвири баққоле, ки ҳамсояи муаллиф буда, ҳирси сарватҷамъкунии худро бо диндорӣ омехта пеш мебурд, таъсири аҷибе бахшида буд.

Ман дар ин ҷо ҳамон порчаро ҳам бо забони муаллиф, аммо кӯтоҳ карда ва баъзе луғатҳояшро дар байни қавсайн шарҳ дода ва аломатҳои китобати имрӯзаро зиёда намуда нақл кардан мехоҳам.

Муаллиф дар як ҷои боби «Васият ба фарзандон ва ҳақиқати касбҳо ва пешаҳо»-и «Наводир-ул-вақоеъ» фарзандони худро тавсия мекунад, ки албатта ба касбу коре машғул шаванд. Эҳтиёҷи зиндагии худро бо дастранҷи худ таъмин намоянд, аммо дар ҳирси молғундорӣ ва захиракунӣ наафтанд.

Муаллиф дар бораи аҳволи бади ба ҳирси молғундорӣ афтодагон баққолеро мисол оварда, ба фарзандонаш хитобан мегӯяд: «...Медонед, ки дар ҷавори (ҳамсоягии) шумо баққолакест соҳиби зиёъ ва ақор (замину обу боғу бӯстон) ва асбобу молу мавошӣ (чорпоён) ва дуконе ороста дорад пур ҳалвою шира, ки чун чашми шумо дар онҳо афтад, об дар даҳонатон гирд ояд ва маро аз тасаввури ҳоли ӯ об дар дида».

«Ва ин дукон ду дар дорад ва ҳамаи мойӯҳтоҷи мардум (ҳамаи он чизҳоро, ки мардум доранд) дар (он) дукон ҷамъ намуда ва худ дар миёни анору ангур ва ҳуҷуми магасу занбӯр биншаста ва худ пир ва хазаф (фартут), ки агар ба фароғат бинишинад ва ба... исрофи амвол сарфи маишати худ кунад, аз бақиятулумри ӯ (аз умри боқимондааш) зиёдатӣ кунад».

«Мебинед, ки дар ин дукони дудар тобистону зимистон (умр) ба сар мебарад, дар зимистон ин дӯкон сард бувад ва сабаби убури (гузаштани) боду барф ва дар тобистон гарм ба воситаи мурури самум (тафбод)».

«Дар сармо табақе сафоли пуроташ дар пеши худ ниҳода, ламҳа ба ламҳа (лаҳза ба лаҳза) даст ба кайл (манак) ва тарозу ва сабзиву шалғам мезанад, сард мегардад ва бар оташ медорад ва ҳанӯз тоби оташ ба дасти ӯ нарасида, яке меояд, ки «маро фалон чиз мебояд», алалфаврр (фавран) бархезад ва нонишаста, боз дигаре ояд ва чизе хоҳад ва нонишаста, боз дигаре ояд ва (оташ) ҳамчунон хокистар шавад ва дасту пои ӯ ҳамчунон яхбаста».

«Ва чун таомаш аз хона ояд, дасте ба коса ва луқмае ба даҳон яке ояд, луқма фурӯ набурда ва даст набардошта дигаре ояд, дастолуда ва нон дар даҳон чанд тавоф (гардиш) ба гирди дукон кунад, то он чи он кас хоста, ёфта диҳад».

«Дар ин асно вақти намоз даррасад ва чун мард мансиф (диндор) аст, саросема ба як кунҷи дукон болои сангу тарозую сабзию пиёз намозе сар кунад. Такбири аввал ногуфта, яке ояд ва чизе хоҳад, фотиҳа ва қироат нокарда, дигаре расад... Ба ҳар кадом ба даст ё ба сар ишорат мекунад, ки «бинишин, то намоз тамом кунам», ва гоҳе ки ба масҷиди ҷамоат ҳозир шавад, такбир ва қироаташ ин ки «мабодо гурба аз сих гӯштро бирабояд» ва зикру тасбеҳ он ки мабодо бачагон ҷавз (чормағз)-ро аз зери зағома барчинанд».

«Дар айёми тобистон, бо вуҷуди он ки соҳиби боғу чорбоғ бошад, аз он таматтӯъ (баҳра) натавон гирифт ва самари фавокеҳи он (меваҳои он) натавонад дид ва дар ин дукони гарм, ки аз тафи самум чун ғирфае (ҳуҷрае) аз ғирфаҳои ҷаҳаннам мешавад, фурсати дами оби сард ошомидан наёфта, монанди аспи ҷувоз ва харос (осиёи аспӣ) гирди дукон ҳазор бор тавоф мекунад ва ҷомаҳо аз арақ пӯсида ва худ гаргин[254] ва мутааффин (бадбӯй) гашта. Вақти хоб, агар сар ба болин ниҳад, зону дар оғӯш бошад, чунки ҷои холӣ наёбад, ки пой афрозад (дароз кунад)».

«Ва чун асбоб ва адавоти баққолӣ рӯ ба камӣ ва нуқсон ниҳад, гоҳе савора ва гоҳе пиёда ҷуволе бар дӯш ба бозор меравад ва нафаскашон дона ва бақла[255] ба дукон меорад гармии ҳангомаи дуконро (барои гарм кардани савдои дӯкони худ)». (Аз ҳамон китоб, аз саҳифаҳои 695 ва 697 гирифта шуд.)

Ин тасвири Аҳмад-махдум ба ман ончунон таъсир кард, ки баққоли мазкур аз назарам ҳеҷ дур намерафт ва ман хостам дар зиндагӣ монанди он баққолро ёфта тамошо кунам. Баққолонеро, ки дар раставу бозор дар ду тарафи кӯча дар дуконҳошон нишаста молҳошонро мефурӯхтанд, дуру дароз пешашон истода тамошо кардан барои ман мумкин набуд.

Охир дар рӯ ба рӯи гӯшаи ҷануби ғарбии саҳни мадрасаи Кӯкалтош баққолеро ёфтам, ки аз ҷиҳати қиёфаи зоҳирӣ ҳам ба баққоли Аҳмади Дониш монандӣ дошт: ӯ ҳам пири фартут буд. Агар баққоли Дониш диндори намозхон бошад, ин ширинкори хушзабон буд, ба ҳар кас хитоб кунад, албатта дар аввали суханаш «гардам аз саратон!» мегуфт. Дуконаш ҳам гузаргоҳи тафбоди тобистонӣ ва тундбоди зимистонӣ буда, пешаш тамоман кушода меистод ба ҳаде, ки дар вақти бориши гирдбоднок рӯи кори молу колояш бо ҳамроҳии худаш дар зери барф мемонданд. Дар пеши ӯ ба ҷои табақи оташ тағорачаи оташ буд, ки агар фурсат ёбад, дасту пояшро бар вай гарм мекард.



Азбаски дар рӯи саҳни мадраса ба кӯча нигоҳ карда нишастан одати умумии талабагони мадрасаҳои Бухоро буд, ба нишастани ман дар рӯ ба рӯи он баққол ҳеҷ кас тааҷҷуб намекард ва ман ҳар рӯз соатҳо дар гӯшаи саҳн нишаста, кору кирдори он баққолро дар зери назари диққат мегирифтам ва ҳама кори ӯро мувофиқи кирдори баққоли Аҳмад-махдум мееёфтам ва дар ин ҳол ба назари зиндагибин ва ба қаламии ҳақиқатнигори муаллифи «Наводир-ул-вақоеъ» таҳсин бар таҳсинам меафзуд.

Рӯзе ин баққол ҷуволеро ба бағал гирифта ва пеши дуконашро парда кашида, бозор рафт. Ман баргашта омадани ӯро мунтазир шуда ҳамчунон дар гӯшаи саҳн нишаста мондам.

Баққол баъд аз соате омад. Ӯ як ҷуволча биринҷро пуштора карда бардошта овард ва ҳамроҳи ӯ як деҳқон ҳам буд, ки як ҷувол сабзии ба ӯ фурӯхтаашро ба хари худ бор карда меовард.

Баққол баъд аз ҷо ба ҷо кардани биринҷ сабзии деҳқонро ба зағомаҳои сабзидони пеши дуконаш холӣ кардан гирифт. Дар рӯи ҷувол сабзиҳои калон-калон бошанд ҳам, сабзиҳои зери ҷувол майдатар ва резатар баромаданд. Баққол ин ҳолро дида ғурғуркунон сабзиро ҷо ба ҷо кард ва дар вақти пул додан аз маблағи дар бозор ба деҳқон ваъдакардааш камтар дод ва он камиро барои пур кардани ҷои сабзиҳои реза баромадаи зери ҷувол ҳисоб кард.

Деҳқон розӣ нашуд ва гуфт:

– Одат ҳамин аст, ки дар рӯйкаши ҷувол сабзӣ ва пиёзи калонтарро мегузоранд ва дар зери ҷувол резаҳояшро. Агар шумо дар бозор мегуфтед, ки «агар зери ҷувол майда барояд, молатро намегирам ё пулатро кам медиҳам», ман сабзии худро ба шумо намефурӯхтам. Ҳатто баъд аз ин ҷо омадан ҳам ҳамин шартро мекардед, ман моли худро гардонда бозор мебурдам. Акнун ки сабзии маро бо сабзиҳои кӯҳнаатон омехта роҳи иқола (баргардондани савдо)-ро бастед, ман пули худро пурра талаб мекунам.

Баққол бошад, ба ин суханҳо гӯш намедод ва «гардам аз саратон, инсоф кунед, ноинсофӣ хосият надорад, гардам аз саратон! Пуле ки бо фиребгарӣ ба кисаи кас дарояд, вафо намекунад...» – гӯён фарёд мекард.

Охир кор аз ҷанҷоли забонӣ ба ҷангу ҷидолу дастбагиребонӣ гузашт ва баққол оташин шуда, «гардам аз саратон» гӯён аз дукон ба кӯча фуромад ва аз гиребони деҳқон бо як даст гирифта «гардам аз саратон» – гӯён бо дасти дигараш ба сари ӯ мушт монд.

Деҳқон ҳам бо дасти чапаш аз гиребони баққол гирифта, бо дасти росташ ба гӯшхонаи ӯ шапалоқ задан гирифт ва шапалоқҳои деҳқон чунон бозарба буданд, ки гӯшу рӯи баққол, чунонки ба лаълии мис зада бошанд, садо медод ва ранги рӯяш монанди миси дар оташ тафтонда суп-сурх шуд.

Баққол мӯйсафеди фартут ва деҳқон ҷавонтари тануманд буд. Оқибат, пиракӣ ба зарбаҳои деҳқон тоб наёварда, «гардам аз саратон, ба ҳоли мани по ба лаби гӯр расида раҳм кунед» – гӯён худро аз дасти деҳқон халос карда ба дукон ҷаста баромад. Аммо дар пулдиҳӣ инодкориаш заррае кам нашуда, боз ҳам пули камро ба деҳқон додан хост ва «гардам аз саратон, агар гиред, ҳамин, агар наги-

ред, додатонро ба қозӣ, ба амир ё ба Худо гӯед! Гардам аз саратон, ман фиреби шуморо намехӯрам» – мегуфт.

Деҳқон мехост баққолро аз рӯи кори дуконаш кашола карда фуроварда, дубора муштторӣ кунад. Аммо одамоне, ки ба сари ҷанҷол расида омада буданд, ба ин кор роҳ надоданд ва ба деҳқон:

– Ин мӯйсафедро кушӣ ҳам, як пули дигар намедиҳад. Биё, ба Худо ҳавола кун, Худо ба киштат барака диҳад! – гӯён ӯро насиҳат ва тасаллӣ доданд.

Деҳқон ночор ҷувол ва пули ба ризои худ додаи баққолро гирифта ва ба хараш савор шуда рафт.

Баққол баъд аз дур шудани деҳқон, гӯё ҳеҷ коре нашуда бошад ё ягон кори одие ба вуқӯъ омада бошад, хандакунон ба одамон нигоҳ карда:

– Гардам аз сарҳотон, одам бо як фоидае, ки аз харидуфурӯш ба даст медарояд, бой намешавад. Барои бой шудан аз сангу тарозу, аз ҳисоби харидору фурӯшгор канда гирифтанаш ва бо қатӣ кардани молҳои паст ба молҳои нағз ҳам фоида бурданаш лозим аст.

Ӯ ин суханҳоро чунон бо хушзабонӣ мегуфт, ки гӯё ҳазлу ширинкорӣ мекарда бошад. Баъзе шунавандагон ба ин суханони ӯ ханда мекарданд ва баъзеҳо ба ӯ дашном ва нафрин дода аз пеши дукони ӯ дур мешуданд. Худи ӯ ҳам «гардам аз сарҳотон, пеши дуконро холӣ кунетон, аз савдо намонам!» – гӯён мардуми ҷамъшударо пароканда кардан мехост.

(Ду воқеаеро, ки дар як мавзӯъ бошанд, дар як ҷо ба тарзи ҳикоя овардан, хусусан ки дуюмӣ аз нахустин аз ҷиҳати бадеият паст бошад, кори бисёр бад аст. Аммо ман дар ин ҷо бо нақли аҳволи «баққоли Аҳмади Дониш» ва «баққоли худ» ин кори бадро кардам. Ман ин корро барои он кардам, ки хонандагон бо андоза карда дидани тасвири аҳволи ин ду баққол қувваи қалами Аҳмади Донишро ба хубӣ равшан дарёбанд.)

* * *

Ҷои дигари «Наводир-ул-вақоеъ», ки дар он вақтҳо ба ман таъсир кардааст, назари хурдабини муаллиф буд ба ҷамъияти дворянӣ ва аристократии Россия. Чунки ман ба андозаи бисёр хурд бошад ҳам, ин аҳволро дар байни бойҳо ва калонони Бухоро медидам.

Муаллиф дар нақли яке аз сафарҳои дар Россия кардааш, баъд аз он ки маҷлиси бал (базм)-и дар ҳузури император ташкил кардашударо тасвир мекунад ва тантанаҳои аҳлхиракунандаро бо қалам ва сухан ба пеши назари хонанда таҷассум кунонда нишон медиҳад, ба маънии ботинии он ҷамъият гузашта мегӯяд:

«...Баъзе табоеъ (касон)-ро гумон афтад, ки онҳо (яъне табақаи олии Россия) дар дунё бағоят маҳзуз (баҳраёб) ва масрур бошанд ва ҳеҷ ғам... гирди хотири эшон нагардад ва доим ба рафоҳ (фаровонӣ) ва танаъум (бо нозу неъмат) зист доранд...»

(Дар ҳақиқат) «инчунин нест... Роқими ҳуруф (муаллиф) дар сафари аввал дар бодиюрраъй (дар назари аввал) дарёфтам (ҳақиқати ҳолро), чунки назари ман бештар ба ибрат боз буд, ҳузн (маҳзунӣ) ва яъсе (ноумедие), ки дар акобири... он диёр (Россия) мулоҳиза кардам (аз ҳад берун буд)... Ҳар кадоми онҳо ба мофавқи худ мутаассиб бошанд ва ба мотаҳт мубоҳӣ (яъне ҳар кадоми онҳо ба



касе, ки дар шаъну шавкат аз худашон боло буд, ҳасад мебурданд ва монанди ӯ шуданро мехостанд ва ба касе, ки аз худашон пасттар бошад, фахр мекарданд ва ғурур нишон медоданд)».

«Касе дар дунё набувад, ки ба ҳамаи муродот ва муштаҳаёт (талаботи нафсонӣ) комёб бошад, албатта (ҳар кас) аз яке дун (паст) ва аз дигаре фавқ (боло) бошад. Пас доим ба ҳасад ва таассуб маъюс ва маҳзун гардад. Масалан, дар базми маҷлиси импиротур, дар ҷашне, ки ба тасаввур овардани ӯ аз маҳолот менамуд ва тавон гуфт, ки ҳеҷ як аз салотини гузашта ва ояндаро инчунин дастгоҳ камтар даст дода бошад (ва камтар даст диҳад) ва дар ҳеҷ ҷузв ва рукни ин маҷлис қусуре (камбудие) ва футуре боздид намегардид, биҳиште муҷассам ба ҳур ва музайян ба қусур (қасрҳо) меомад».

(Аммо) «ман дар ин маҷлис ҳамаро медидам, ки малул ва маъюс буданд, ба воситаи ин ки дар ин маҷлис асбоби нишот ба камол буд ва зану мард маст буданд, ҳар марде мехост, ки ба ҳамаи занон ояд ва ҳар зане вола буд, ки ба ҳар марде равад. (Аммо) аз ин ҷиҳат, ки маҷлиси султон (император) буд, алония (рӯйрост) роҳи комҷӯӣ ба ҳар кас масдуд (баста) менамуд. Илло он ки ҳар кадом оҳи сард мекашиданд: зани Зайд (номи одами шартӣ – С. А.) медид, ки зани Амр (ин ҳам номи одами шартӣ) ба қимати як ҳазор динор ҳулӣ ва ҳулал (либос, асбоби ороишу зинат) пӯшида ва ҳамроҳи марде ваҷеҳ (хушрӯй) аз аозим (калонон) даст ба гардан ва камар ракс мекунад, либоси ӯ дун (паст) ва адили ӯ (ҳамрақсаш) бадманзар (баднамо), маҳзун ва малул чархе меоварда ва ракcе ба карҳ (зӯрбазӯракӣ) мекард; ва Башир (ин низ номи одами шартӣ) медид, ки зани боҷамоли ӯ бо ҳамроҳии Холид даст ба гардан ракс меравад ва зани бадшакли Холид бо вай адил (ҳамракс) шуда, ба икроҳ (зӯрбазӯракӣ) пой мекӯфт».

«Заноне, ки пиртар буданд, мардон ба онҳо илтифот намекарданд ва мардоне, ки куҳансолтар буданд, занон эшонро (илтифот намекарданд). Пирон аз ҷавонон ва хубтарон аз адами дастгоҳ ва қудрат ба ҳасад ва ғайрат (рашк)-и ҳамдигар гирифтори ҳузн ва алам буданд... Худи подшоҳ низ ба воситаи ин ки аз фуқароёни вилоёт истимтоъ (комёбӣ) натвонад кард, магар ба хуфя (пинҳонӣ), оби ҳавас ҳар замон аз даҳонаш мерехт; зани подшоҳ низ аз ҷиҳати куҳансолӣ ва пирӣ аз ҷавонони маҷлис бешуур қадаме дар миён мениҳод».

«Ва билҷумла (хулоса), ҳеҷ касеро надидам, ки ғаме домангираш набувад ва дуди оҳи кабуд аз димоғаш барнамеояд».

Муаллиф ин ҳолро дар кӯчаҳо ва тамошохонаҳои Петербург низ дидааст, ки ба таассуроти базми подшоҳӣ илова карда ба тарзи зерин нақл менамояд:

«Ва ҳамчунин дар раставу бозор ва тамошохонаҳо ҳеҷ тане осуда ва беғам ба назар дарнаёмад. Масалан, дар растаи бузург (муаллиф дар ин ҷо як кӯчаи бузурги Петербургро, ки дар ду тарафаш иморатҳои олии боҳашамат ва магазинҳои пурсарват бино ёфта будааст, ба тафсил тасвир мекунад ва дар охир мегӯяд:)... ҳамаи мардумро... мағмум (ғамгин) ва маҳзун медидам: аз он ки зани Зайдро медидам, ки бар аробаи шашаспа савор ва миқдори даҳ ҳазор динор ҳулӣ ва ҳулал пӯшида ва қимати ароба низ наздик ба ҳазор танга бо радифе (ҳамсаворе) матбӯъ (дилкаш) нишаста. Зани Амр дар либос ва ароба ва радиф дуни ӯ[256], ё ин ки бо вуҷуди камоли асбоб бо радифи ноoматбӯъ нишаста ва дигаре бо камас-

бобӣ бо ҳамроҳии радифи матбӯъ афтода. Ҳар кадом (онҳо) ба асп, ароба ва либоси ҳамдигар рашку ҳасад мебурданд ва ба ҳолате ки доштанд, ҳеҷ кадом розӣ ва шокир набуданд. Аз ин ҷиҳат ҳар рӯз дар асп, ароба ва либос ва ороиш такаллуф ба кор мебурданд, ки мофавқаш (болотар аз он) мутасаввар нашавад».

«Боз рӯзи дигар ба навъе ҷилва мекарданд, ки ороиши рӯзи гузашта (дар пеши он) ночиз менамуд. Аз камоли таассуб ва такаллуф бо ҳамаи рангу зебу зинат доим ранги занон ва мардонашон зард ва кабуд метофт, чунки аз ҳасад ва ғайрати (рашки) ҳамдигар ...бисёр ғам мехӯрданд. Ҳамчунин дар базмхонаҳо мудом дар рафтор ва гуфтор ва кирдори ҳамдигар нозир буданд ва дар садади (пайи) айб ва қадҳи (хурдагирии) ҳамдигар» (меафтоданд). (Аз саҳифаҳои 542 – 547 ҳамон китоб чида гирифта шуд.)

Дар нахустин бор дидан ва хондани «Наводир-ул-вақоеъ» ҷоҳои ба ман таъсиркардааш хеле бисёр буд, аммо ба нақли порчаҳои дар боло зикршуда (ба тарзи мисол) қаноат кардан муносиб дида шуд. Дар охири ин ёддошти худ ҳаминро ҳам бояд ман қайд кунам, ки шиносоии ман ба «Наводир-ул-вақоеъ» дар ман танҳо инқилоби фикриро бедор карда намонд, балки ба сарам савдои насрнависшавиро ҳам андохт. Дар ҳамон вақтҳо ман орзу мекардам, ки «бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмад-махдум насрнавис шавад, ки воқеаҳоро дар пеши хонанда бо забони сода муҷассам кунонда нишон дода тавонад». (Ин орзуи ман танҳо баъд аз Револютсияи Кабири Сотсиалистии Октябр ба вуҷуд омад ва бо шинос шуданам бо асарҳои нависандагони классик ва советии рус савдои дар соданависӣ аз Аҳмад-махдум гузаштан ба сарам афтод.)

Оре, фикри соданависӣ ҳам дар ман баъд аз шинос шуданам ба «Наводир-ул-вақоеъ» пайдо шуд, чунки забони ин китоб ба хонандагони замони ҳозира хеле душвор намояд ҳам ва дар ҳақиқат хеле душвор ҳам ҳаст, дар он замонҳо, ки ман ба ин китоб ошно шудам, нисбат ба дигар китобҳо ва аз он чизҳо, ки иншонависони ҳамон замон менавиштанд, хеле осон буд.

Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, ки дар кори тасҳеҳ ва татбиқ кардани «Наводир-ул-вақоеъ» ба тарзи сомеӣ иштирок мекард, низ аз ин китоб бе таъсир ва таассур намонд. Ӯ афсӯс мехӯрд, ки чаро дар зиндагии муаллиф бо вай алоқа баста файзёб ва фоидабардор нашудааст. Ӯ ин афсӯси худро дар қитъаи таърихие, ки дар ҳамон рӯзҳо – дар рӯзҳое, ки ба «Наводир-ул-вақоеъ» ошно шуд, яъне баъд аз 3 – 4 соли аз дунё чашм пӯшидани муаллиф бахшида ба вафоти ӯ навишта буд, изҳор кардааст.

Он қитъа ин аст:

Фарёд, к-аз самуми бановақти рӯзгор
Аз боғи сина ғунчаи олом[257] вошукуфт.
Яъне ба даҳри фазлу ҳунар он ки тоқ буд,
Даҳре зи марги ӯ ба ғаму дард гашт ҷуфт.
Мир-Аҳмади мунаҷҷими ӯроқ, он ки з-ӯ
Рамзи фунуни фазл набудеш дар нуҳуфт.
Сард аз баҳори олами ошӯб кард дил,
Ҳам дар ҳамал ба маҳмили танги лаҳад биҳуфт.
Гар з-ин фироқ чок занам пираҳан, сазост,
Ғофил шудему доманаш аз даст рафт муфт.



Кардам савол соли вафоташ зи пири ақл,
«Гӯё бирафт равнақи илми нуҷум»-гуфт.

1314 ҳиҷрӣ (1897 милодӣ).

Аҳмад-махдум дар «Наводир-ул-вақоеъ» дар мавриди тасвир намудани тӯйи духтари подшоҳи Россия дар он тӯй Патти[258] ном як француззани сурудхон иштирок карданашро ва дар ҳамон вақт ба Америка даъват карда шудани он сурудхонро нақл карда, дар таъриф ва тавсифи ӯ муболиғаҳо мекунад ва дар бораи ӯ як қитъа шеъри лирикӣ ҳам менависад. Дар ҳамон вақт ҳамон шеър дар пеши мо рафиқони сегона – Ҳайрат, Мунзим ва ман муаллифашро монанди як шоири лирик ҷилва кунонда буд. Дар охири ин боб ёдоварӣ кардани ҳамон шеър муносиб дида шуд.

Он қитъа ин аст:

Потии порисӣ*, он сарвқади зӯҳраҷабин
Дар табассум сӯи доман зи даҳан гул мерехт.
Зулфи пурчини хам андар хами ӯ дар буни гӯш,
Обрӯи тарӣ** аз ҷабҳаи сунбул мерехт.
Диданаш он ҳама кайфияти ҳайрат медод,
К-ӯ зи саҳбои нигаҳ дар кафи ҷон мул*** мерехт.
Лаҳну овози вай он сон ки ба гӯши ушшоқ,
Гаҳ хуши**** саъваву гаҳ чаҳ-чаҳи***** булбул мерехт,
Аз Питирбурх****** азимат чу ба Амриқо******* кард,
Нолаҳо аз сару пои ҳама ғулғул мерехт.

(Ҳамон китоб, саҳ. 520.)

## КӮЧИДАНИ МАН БА МАДРАСАИ КӮКАЛТОШ

Чунонки дар охири қисми III-и «Ёддоштҳо» нақл шудааст[259], шарикдарси ман Абдухалил-махдум аз мадрасаи Кӯкалтош ҳуҷрае харида, истиқоматашро ба ман дода буд, аммо истиқомати он ҳуҷраро бинобар хурмат ба бародари калони худ дода, ҳуҷраеро, ки аз мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид ба саҳми ӯ афтода буд, ба худ гирифта будам.

Чун бародарам хонадор шуда, ба ҳавлии иҷора кӯчид, ман ба мадрасаи Кӯкалтош кӯчидам. Ин воқеа дар аввалҳои соли 1899 рост омада буд.

Мадрасаи Кӯкалтош калонтарини мадрасаҳои Бухоро буда, дуошёна ва дорои 153 ҳуҷраи истиқоматӣ аст ва ҳуҷраҳои ӯ ҳам нисбат ба ҳуҷраҳои мадрасаҳои дигар дар истиқомат бобтар буданд. Бештарини ҳуҷраҳои ошёнаи якумаш яккаравоқ буда, дар пушти ҷои нишаст ганҷина дошта, дар вай аз як равзани зери сақфиаш рӯшноӣ медаромад.

Бештарини ҳуҷраҳои ошёнаи дуюмаш дуравоқа буда, равоқи даруни мадрасагиашон гузаргоҳи ҳамсоягон ва равоқи берунии ҳар ҳуҷра махсуси худи он буд.

Ҳуҷрае, ки ман дар аввали ба мадрасаи Кӯкалтош кӯчиданам истиқомат

* Порисӣ – парижӣ.
** Тарӣ – дар ин ҷо ба маънои тозагӣ ва ботароватӣ.
*** Мул – шароб.
**** Хуш – садои махсуси саъва ном паранда.
***** Чаҳ-чаҳ – садои махсуси булбул.
****** Питирбурх – Петербург.
******* Амриқо – Америка.

мекардам, дар гӯшаи шарқи ҷанубӣ, дар ошёнаи дуюм буда, беравоқ, аммо се нишастгоҳ дошт: нишастгоҳи якум дар зери гунбази фарохи баланде буда, аз даричае, ки ба тарафи шарқ, ба пушти мадраса кушода мешуд, рӯшноӣ мегирифт; дуюм бар болои роҳрави умумии гӯшаи даромад воқеъ шуда буд, ки сақфи пастак дошт ва аз даричае, ки ба даруни мадраса кушода мешуд, рӯшноӣ мегирифт ва ба вай аз нишастгоҳи якум бо чанд поғунда зина баромада мешуд; сеюм дар паҳлуи ҷанубии нишастгоҳи якум бино ёфта буд, ки ба вай ҳам бо зина баромада мешуд ва ин нишастгоҳ асосан бар болои ангишту ҳезумхонаи он ҳуҷра воқеъ шуда буд, ки аз тарафи шарқи мадраса аз даричае рӯшноӣ мегирифт.

Ман, ки палос кам доштам, нишастгоҳи якумро бошишгоҳи худ қарор дода, дар ду нишастгоҳи дигар бӯрёи сафеди нав паҳн карда мондам.

Мадрасаи Кӯкалтошро бародари ширхӯра ва амалдори аз ҳама калонтари Абдуллохони Шайбонӣ[260] – Қулбобо Кӯкалтош дар вақтҳои дар Ҳирот ҳукумат доштанаш, дар соли 986 ҳиҷрӣ (1578 милодӣ) бино карда, якчанд сарой ва бозорҳоро аз даруни шаҳри Бухоро ва як райони гандумкории дашти Қарширо ба вай вақф кардааст[261].

Баъд аз он ки Абдуллохон дар низои байни худ ва писараш Абдулмӯъмин[262] ғуссамарг шуда, дар соли 1006 ҳиҷрӣ (1597) вафот кард, Абдулмӯъмин дар қатори амалдорони калони падараш Қулбобо Кӯкалтошро ҳам бо азобу уқубатҳои ваҳшиёна кушт. Ба ин сабаб дар байни мардум бо талқини рӯҳониён афсонае пайдо шуд, ки гӯё «ҳар касе, ки дар мадрасаи Кӯкалтош истиқомат кунад, ё муллои бузург, ё бои калон, ё шаҳид ва ё ҳамаи инҳо мешудааст, чунки бинокунандаи ин мадраса Қулбобо Кӯкалтош ҳам донишманд, ҳам бойи калон буда ва ҳам дар охири умраш шаҳид шудааст».

* * *

Азбаски мадрасаи Кӯкалтош сервақф ва ҳуҷраҳояш ҳам барои истиқомат боб буд, қариб ҳамаи ҳуҷраҳояш моли хусусии бойбачагон, махдумони калон ва қозизодагон шуда буд. Ҳатто бойбачагони аз деҳот ва аз вилоятҳои дур барои таҳсили илм (ё палавхӯрӣ ва айшу нӯш) ба Бухоро оянда ҳам кӯшиш мекарданд, ки аз мадрасаи Кӯкалтош ҳуҷрадор шаванд. Баъзе содалавҳон ё риёкорон афсонаи болоиро ҳам ба ин кӯшиши худ сабаб нишон медоданд.

Баъзе аз бойбачагони шаҳри Бухоро ҳам, ки ба дарсхонӣ ва мадраса ҳеҷ алоқа надоштанд, як ҳуҷраро аз ин мадраса соҳибӣ карда, таъмир ва зинат дода ва ҳамаи асбоби айшу нӯшро муҳайё карда монда буданд. Дар вақтҳои дилгир шуданашон аз корҳои харидуфурӯхт ва айшу нӯши хонагӣ шаберо ин ҷо бе ташвиши зану фарзанд бо дӯстони хосашон гузаронида айш мекарданд.

Соҳиби пештараи ҳуҷраи ман ҳам Расулқул-бойбача ном касе буд, ки бо вуҷуди дар шаҳр ҳавлии дуошёнаи пурзебу зинат доштанаш ин ҳуҷраро харида гирифта, нишастгоҳи сеюмашро шаҳнишиндор ва наққошию гулкорӣ карда будааст ва ҳар ҳафта як шаб-ду шаб он ҷо омада шабнишинӣ мекардааст. Чун ба корҳои тиҷоратиаш шикаст рӯй додааст, ба фурӯхтани ин ҳуҷра маҷбур шудааст.

Ана бо ҳамин сабабҳо нархи ҳуҷраҳои ин мадраса нисбат ба сервақфиаш гаронтар буда, ба толибони пулмасти айшталаб ба даст даровардани онҳо хеле



душвор буд ва бештарин бо ришва додан ба калонони ин ҷо матлаб ба дасти онҳо медаромад.

Дар мадрасаи Кӯкалтош фисқу фасоду айшу нӯш қариб айб ба шумор намерафт ва ҳуҷрадорони айшталаби он ҷо қариб рӯйрост ба он гуна корҳои нолоиқ, ки оммаи мардум ҳеҷ гумон намекард, машғулӣ менамуданд. Дар бештарини ганҷинаҳо ва миёнбастҳои[263] ҳуҷраҳои вай хумҳои шароби мавизӣ ҷӯшида меистод.

Дар он ҷо кордкашӣ ва одамкушӣ ҳам гоҳ-гоҳ рӯй медод, ки ба он кор на калонони мадраса ва на ҳокимони шаҳр аҳамият намедоданд.Як воқеаи одамкушии дар он мадраса рӯйдодаро ман дар қисми II-и «Ёддоштҳо» нақл карда будам[264]. Аммо дар вақтҳое, ки ман дар он ҷо будам, як «талабаи» бойбачаи туркманро, ки аз ҷамоаи Эрсарӣ буд, яке ва ё якчанд нафари худи ҳамон туркманон куштанд.

Тарафҳои мақтул ба ҳокимон «хунпулӣ» дода, «мо дар дашти Туркман ҳисоби худро бо ҳам баробар мекунем ва шумо ба кори мо тадохул накунед» гӯён ҳокимонро, ки зотан ғайр аз пулгирӣ кори дигар надоштанд, сокит карданд ва калонони мадраса бошанд, оши ба мақтул бахшида додашударо бо лаззати тамом «пасту расо» хӯрда, «ба лабашон кулӯх молиданд».

Ба якдигар ҳуҷуми хасмонаи ваҳшиёна кардан, дар ҳуҷрае ҷамъ шуда қартобозӣ намудан, дар шабҳои дарсхонӣ ошӯбҳои мастона барпо намуда одоби умумии мадрасаҳои Бухороро вайрон кардан ва монанди инҳо дар ин мадраса аз корҳои одӣ ба шумор мерафт.

Ҳарчанд дар Бухорои амирӣ муллоён ва «норезагони» онҳо (муллобачагон) ба эътибори аксарият аз ҳамаи аҳолӣ озодтар ва ба оммаи мардум ғолибтар бошанд ҳам, «озодии мадрасаи Кӯкалтош дар корҳои бемаънӣ» озодии мутлақ буд.

Албатта, ин чизҳое, ки дар ин ҷо дар бораи ахлоқ ва кирдори аҳолии мадрасаи Кӯкалтош навишта шуд, ба эътибори аксарият аст. Вагарна дар ин ҷо муллоён ва талабагоне ҳам ёфт мешуданд, ки дар байни ҳамин қадар шӯру ғавғо ба илмҷӯии худ машғулӣ мекарданд.

Дар ин мадраса ориятнишин (касе, ки худ ҳуҷрадор набуда, дар ҳуҷраи каси дигар менишинад) кам буд ва онҳое ҳам, ки ҳуҷраи худ надоштанд, ё ба яке аз ҳуҷрадорони бой хизматгор, ё ба яке аз муллоҳои калони ин ҷой шогирд ва ё ин ки монанди ман ба яке аз калонзодагон алоқа пайдо карда ба ин ҷо роҳ мееёфтанд. Бинобар ин ориятнишинони ин мадраса ҳам дар зери ҳимояти ҳомиёни худ дар ин ҷо озод буданд.

Аммо ҳимояти он ҳомии ҳуҷрадор ба ориятнишин вақте нафъ мекард, ки дар миёнаи он ҳомӣ ва «каллаҷунбонони» ин мадраса алоқаи дӯстӣ, ҳеҷ набошад, алоқаи бетарафӣ бошад. Аммо агар дар миёнаи ҳомӣ ва «каллаҷунбоне» кудурат п айдо шавад, хусусан баъзе кирдорҳои ориятнишин ба он «каллаҷунбон» писанд наяфтад, албатта, он ориятнишин дар зери ҳуҷум ва суиқасд мемонд.

Монанди ҳамин воқеа дар вақтҳои зиндагонӣ кардани ман дар он мадраса рӯй дода буд. Дар ҳамон вақтҳо дар Бухоро Ғиёс-махдум ном як муллои калон

ба мансаби аъламӣ мансуб буд. Маънии ин унвони фахрӣ «донотарини уламо» гуфтан аст. Натиҷаи амалии ин мансаб ҳамин буд, ки агар дар байни муфтиён дар масъалаи ҳуқуқӣ ихтилоф афтода, тарафе ба даъвогар ва тарафи дигар ба ҷавобгар фатвоҳои зидди ҳамдигар диҳанд, қозӣ маҷбур буд ба қавли тарафе ҳукм кунад, ки аълам дар ҳамон тараф бошад.

Ғиёс-махдуми аълам пеш аз ба мансаби аъламӣ расиданаш чанде дар Ғиждувон қозӣ шуда буд ва дар вақти қозигиаш яке аз маддоҳзодагони онҷоро ба худ ром карда гирифта ва дар вақти аз қозигӣ ба аъламӣ гузаштанаш он маддоҳзодаро ба «нияти хононда мулло кардан» ба худ маҳрам қарор дода, ҳамроҳи худ ба шаҳр оварда буд.

Ин кори Ғиёс-махдум ба ғиҷдувониён сахт расид. Ҳарчанд маддоҳон ва маддоҳзодагони Ғиждувон ба беномусӣ машҳур бошанд ҳам, маҳз ба сабаби ғиҷдувонӣ будани он маддоҳзода ғиҷдувониён аз ин кори аълам ор карда, ҳам ба ӯ ва ҳам ба он маддоҳзода душманӣ пайдо карданд.

Аълам мувофиқи ваъдаи худ аз мадрасаи Кӯкалтош ҳуҷраеро харида, он маддоҳзодаро дар он ҷо истиқомат кунонид ва яке аз шогирдони мӯътамади худашро, ки бухороӣ ва бо он маддоҳзода шарикдарс буд, таъин кард, ки ҳар шаб ба ҳуҷраи маддоҳзода рафта бо ӯ дарс тайёр намояд, ҳам дар он ҷо хобида ба ӯ саровонӣ ва нигаҳбонӣ кунад.

Ин кори аълам ба ғиҷдувониёни орталаб боз ҳам сахттар расид ва онҳо дар байни худ мегуфтанд: «Бинем-канӣ, аълам маҳрами худро бо ҳимояти як бухороӣ чӣ гуна муҳофизат мекунад?»

Дар ин вақтҳо дар мадрасаи Кӯкалтош аз «каллачунбонони» ғиҷдувонӣ Мулло Файзӣ ном позарез[265] зиндагонӣ мекард. Ӯ хост, ки ба он маддоҳзода бадқасдӣ кунад. Ҳарчанд дигар ғиҷдувониёни бошандаи он мадраса ба кори қасдкардаи Мулло Файзӣ шарик нашуданд, аммо мамониат ҳам накарданд, зеро ба ақидаи онҳо «ба он кор монеъ шудан – ба номуси ғиҷдувониён рахна задан» мешуд.

Мулло Файзӣ барои ба амал овардани бадқасдии худ ду муллобачаи бебоки ғиҷдувонии дигарро, ки дар мадрасаҳои дигар зиндагонӣ мекарданд, пеш кашид ва Ҳоҷӣ Манон ном муллобачаи қаршигиро, ки ба худаш шарикдарс буда, ба болои ҳоҷӣ буданаш муриди эшони Шояхсӣ ҳам буд, ба ин кор ҳамроҳ кард. Чунки ҳуҷраи Ҳоҷӣ Манон ба гузаргоҳи маддоҳзода буда, дар он ҷо нишаста ӯро таъқиб кардан осон буд.

Шабе ки ба амал овардани суиқасдро муқаррар кардаанд, Мулло Файзӣ бо ду нафар рафиқони бебоки худ дар ҳуҷраи Ҳоҷӣ Манон, ки дар ошёнаи якум буд, нишаста, чароғро хомӯш карда дарро кушода монда, роҳи маддоҳзодаро поидаанд. Баъд аз нимаи шаб маддоҳзода бо нигаҳбони худ аз ҳуҷрааш, ки дар ошёнаи дуюм буд, фуромада, фонус дар даст мехостаанд ба тарафи халo раванд. Он се нафар аз дунбол монанди балои ногаҳонӣ бар сари онҳо рехта, ду нафарашон ҳар дуи онҳоро аз пушт бағал карда бардошта, бо як даст даҳони онҳоро маҳкам доштаанд, то ки фарёд накашанд ва сеюмӣ шамъи фонусро хомӯш карда, шикорҳошонро ба ҳуҷраи Ҳоҷӣ Манон даровардаанд.

Дар он ҷо он се нафар бо Ҳоҷӣ Манон чор нафар шуда, дар ҳақи дастгиршудагон чӣ кор карданашонро ҳеҷ кас бо чашми худ надидааст. Аммо ҳамин қадар



маълум буд, ки дар вақти озод кардани асирон ба дасти маддоҳзода як мактуб додаанд ва дар он мактуб навишта шуда буд:

«Ба аъламат гӯй, агар бо мо «шох ба шох мондан хоҳад» (мубориза кардан хоҳад), худ ба майдон бароюд. Як талабаи бухороиро, ки ҳанӯз бӯи шир аз даҳонаш нарафтааст, беҳуда ба майдон андохта, ба беобрӯй шудани ин гуна ҷавонон сабаб нашавад.

Каллачунбонони ғиждувонӣ».

Албатта, аълам аз ин кор ба қозикалон, ба қушбегӣ ва ба амир шикоят накард ва шикоят ҳам карда наметавонист, зеро ҳар коре кунад, сабаби беобрӯии худаш мешуд. Ночор фардои ҳамон шаб маддоҳзодаро аз мадрасаи Кӯкалтош кӯчонда бурд ва баъд аз чанд рӯз аз мадрасаи Мири Араб, ки нисбатан оромтар буд, ҳуҷрае харида, ӯро дар он ҷо истиқомат кунонид.

Аммо ин кор дар шаҳр аз будаш зиёдатар овоза шуда, беобрӯии аълам ҳам аз чашмдошти худи ӯ зиёдатар гардид.

* * *

Дар охири таассуроти худ аз аҳволи маишии мадрасаи Кӯкалтош воқеаи зеринро, ҳарчанд ҷузъист, аммо хислати умумии аксарияти бошандагони он ҷоро нишон медиҳад, бояд қайд кунам.

Падарам дар вақти истиқомат карданаш дар мадрасаҳои Бухоро барои равғандон кардан хумчаи сафолине харида будааст. Дар вақти вафоти ӯ он хумча дар деҳа дар хонаи мо буд. Вақте ки ман ба мадраса омадам, хумчаро барои равғандон кардан аз саҳро ба шаҳр овардам.

Дар вақти ба мадрасаи Кӯкалтош кӯчиданам, маро муяссар шуд, ки барои равған андохта мондан зарфи тунукаи сафед харам. Чун он хумча бекор шуд, сӯфӣ (муаззин)-и мадраса аз ман хоҳиш кард, ки онро ба ӯ диҳам, то ки равғандон кунад. Ман додам.

Сонитар фаҳмидам, ки як талабаи бошандаи он мадраса аз муаззин барои шароб андохтан як хумчаи равғанхӯрдаи сафолин ёфта доданашро пурсида будааст ва муаззин он хумчаро аз ман талабида гирифта, ба ӯ бо нархи тамом фурӯхтааст.

Дар бораи ин воқеа қитъаи зеринро навишта будам:

Мероси ман зи моли падар буд хумчае,
Он ҳам, бубин, ба мадраса вақфи шароб шуд.
Ин ҳам шуниданист, ки суфии мадраса
Дар хидмати шаробпазон зарфёб шуд.

Абдухалил-махдум, ки аз ин аҳволи он мадраса хабардор буд, баъд аз ман ба ҳуҷрааш кӯчида омадан, худ омада дар бошишгоҳи ман якчанд нафар калонони ин ҷоро зиёфат кард ва маро ба онҳо шиносонда гуфт:

– Ин касро ориятнишин нашуморанд ва ин ҳуҷраро ман барои ӯ харидаам ва ба ӯ супурдаам. Бинобар ин бояд ин кас яке аз ҳуҷрадорони ин ҷо ҳисоб ёбад.

Аз ғайри ин якчанд нафар ҳуҷрадорони «каллачунбони» ин ҷо ғиҷдувониҳо буданд, ки онҳо ҳам маро ҳурмат ва ҳимоят мекарданд. Ба ҳамин тариқа, ман дар ин мадрасаи пуршӯру ошӯб озод ва осуда зиндагонӣ мекардам.

Дарсхонии ман дар вақтҳои дар ин мадраса буданам, хусусан баъд аз шиносоиам ба «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, хеле суст шуд ва дарсҳои дарсхонагиро чизҳои бефоида ва вақтҳои ба онҳо сарфшударо барабасрафта мешумурдам. Аммо аз рӯи расмият китобе мебардоштам ва ба дарсхонаҳо рафтуой мекардам ва дар байни дӯстони худ аз лузуми ислоҳи программаи дарсхонаҳои Бухоро гап мезадам.

Ин талқиноти ман ба Ҳайрат, Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим, Абдухалил-махдум, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва ҳатто ба Мирқодир-махдум барин шарикдарсонам, ки ба девонагӣ машҳур буд, мақбул меафтод ва ин фикри маро қувват медоданд, лекин ба амал овардани ин фикрро дар Бухорои онрӯза ғайри мумкин мешумориданд.

Аммо як қисм аз шарикдарсонам, ки мақсади асосиашон зудтар хатм карда қозӣ шудан, раис шудан, мударрис шудан ва ҳеҷ набошад, дар гузаре имом шудан ё ин ки ба деҳаи худ рафта дар байни оммаи деҳқонони бесавод «соҳиби шариат» гардидан буд, ба ин гуна суханон гӯш намедоданд ва масхара медоштанд.

Дар мадрасаи Кӯкалтош машғулоти асосии ман мутолаа намудани китобҳои адабӣ ва таърихӣ буд ва ҳарчанд худам ба ин гуна китобҳо молик набудам, дӯстони серкитобам китобҳошонро бемалол ба ман орият дода, маро дар ин хусус «ташнашикан» карда меистоданд.

Вақте ки аз мутолаа дилгир шавам, пеши дӯстони дар боло номбурдашуда рафта, ба шабнишиниҳои адабиашон иштирок мекардам, ё онҳо пеши ман меомаданд.

Базмгардиам, ки чанд гоҳ боз кам шуда буд, баъд аз дилсард шуданам аз дарсҳои мадраса боз зиёд шуд, бо шунидани овози дойра ё хабари барпо шудани базме дар ҷое «дойрахабар» шуда рафта, дилкушоӣ мекардам.

Ин одати ман, ки назар ба ақидаи муллоёни одамшаванда як кори паст ба шумор мерафт, ба дӯстони наздикам бе таъсир намонд: онҳо аввалҳо ба хотири ман ва ба ман ҳамроҳ шуда базм мерафта бошанд, кам-кам худҳошон ҳам одат карданд ва дар шароити Бухорои амирӣ, ки ҳеҷ сайронгоҳе ва тамошохонае надошт, барои дилкушоӣ ин корро лозим мешумурдагӣ шуданд. Ҳатто мо ба базмҳои саҳроҳои атрофи шаҳр, ки яке аз мо бо деҳқонони он ҷо шиносоӣ дошта бошад, мерафтем ва шабро дар он ҷо гузаронида меомадем.

## ҶАНГИ ҲОҶӢ-МАХДУМ БО АЪЛАМИ БУХОРО

Дар муҳити вайрони Бухорои амирӣ писарбачагони бекас дар саломатӣ зиндагӣ карда наметавонистанд. Он гуна бачагон аз шӯрапуштон (хулиганон)-и шаҳр ва аз бебоконии мадраса саломат монанд ҳам, аз дасти миршаб ва амир маҳфуз намемонданд. Балки худи миршаб шӯрапуштонро бармеангехт, ки ба болои он гуна ҷавонони бекас хуҷуме карда ҷанҷоле бароранд, то ки ба ин баҳона ӯ он ҷавононро дастгир карда, барои «тарбия» ба амир пешкаш кунад.

Чунончи, Сиддиқҷон ном ҷавоне бе падар монд ва тағоиҳояш одамони бечораи лабпаст буданд. Чанд бор бо баҳонаи гуногун одамони миршаб ӯро дастгир кардан хостанд, тағоиҳояш пора дода халос карданд. Аммо онҳо диданд, ки ин кор давом хоҳад кард ва дар роҳи порадиҳӣ сарвати онҳо тамом хоҳад шуд, ва дар охир боз миршаб хоҳарзодаи онҳоро дастгир карда ба амир хоҳад фиристод, бинобар ин онҳо дар пайи ҳомиёбӣ афтоданд.

Дар ҳамон вақтҳо ба миршаб ғолиб омадани Ҳоҷӣ-махдум, ки як қисми саргузашти вай дар бобҳои болоии ҳамин қисми «Ёддоштҳо» гузашт, шӯҳрат ёфта буд. Тағоиҳои Сиддиқҷон аз ин ғалабаи Ҳоҷӣ-махдум фоида бурдан хоста, хоҳарзодаашонро ба ҳимояти ӯ супурданд.

Ҳоҷӣ-махдум хост, ки он ҷавонро тарбия намояд. Азбаски дар он вақтҳо ягона роҳи тарбия дарс хонондан буд, ӯро ба дарсхонӣ мондан хост ва худаш, ки ба Ғиёс-махдуми аъалам шогирд буд, ӯро ҳам бурда ба вай шогирд кард.

Аъалам ба баҳонаи ин ки он ҷавон дар хонаи Ҳоҷӣ-махдум «вайрон мешавад», ӯро аз равуой кардан ба он ҷо манъ намуд ва ба тағоиҳои ӯ маъқул кард, ки «дар хонаи худам истад ва ман ӯро аз ҳар гуна ҳуҷумҳо муҳофизат хоҳам кард».

Азбаски мартаба ва шаъну шавкати аъалам аз Ҳоҷӣ-махдум чанд дараҷа баланд буд ва маълум буд, ки ҳеҷ гоҳ миршаб ҷуръат нахоҳад кард, ки хоҳарзодаи онҳоро аз хонаи аъалам дастгир кунад, таклифи аъламро қабул карданд ва Сиддиқҷонро ба ҳимояти ӯ супурданд.

Ҳоҷӣ-махдум, ки аз олуфтаҳои кӯҳна буд, ин кори аъалам ба ӯ алам кард ва хост, ки аз вай ниқор гирифта ӯро дар миёнаи халқ беобрӯ намояд ва барои ба амал овардани ин кор дар пайи рост овардани фурсати муносиб афтод ва ба зудӣ чунин фурсат ҳам ёфт шуд.

Як рӯзи иди қурбон буд. Мо чанд нафар дӯстон одат доштем, ки рӯзҳои ид пагоҳонӣ аз дарвозаи Намозгоҳи Бухоро берун шуда, дар он ҷо ба суффачаи чорбоғи подшоҳӣ менишастем. Азбаски шаҳр нисбат ба берунаш хеле баландӣ дошт, ба идгоҳ равандагон аз дарвозаи шаҳр баромада, аз фароз ба нишеб ҳаракат мекарданд ва мо, ки дар нишебӣ нишаста будем, карру фарри ба ид равандагонро ягон-ягон тамошо мекардем.

Дар рӯ ба рӯи мо, аммо панҷоҳ қадам поинтар аз мо, ҳавзе буд ва дар суффачаи он ҳавз ҳам гурӯҳе менишастанд, ки онҳо ҳам монанди мо тамошоталабони карру фарру шаъну шавкати рӯзи ид буданд. Азбаски сарҳавз аз ҷои нишасти мо боз ҳам дар нишебтар буд, мо нишинандагони он ҷоро дида метавонистем ва медидем, ки Ҳоҷӣ-махдум ҳам дар байни он гурӯҳ нишастааст.

Қаторҳои равандагони идгоҳ канда нашуда пай дар ҳам аз шаҳр баромада, аз пеши мо гузашта ба тарафи Намозгоҳ мерафтанд. Дар ҳақиқат ҳам, дидани онҳо тамошое дошт. Боён ва бойбачагон аз қабат ба қабат пӯшидани либосҳои рангоранги қиматбаҳо дар зери обу арақ монда, ба зӯр роҳ мегаштанд ва бо ҳамаи ин ҳамсафони худ – боён ва бойбачагони дигарро кунҷковона аз назар мегузарониданд. Агар либоси онҳоро нисбат ба либоси худ пурқиматтар, зеботар ва бисёртар ёбанд, осори кудурат дар ҷабҳаашон пайдо мешуд ва агар аз они онҳо пасттар бошад, ба либоси худ то зеҳ ва фаровезаш боз як бори дигар нигоҳ карда (шояд бори садум бошад), ба пурқиматӣ ва зебоии худ қаноат ҳосил карда, шодикунон аз ифтихор ва ғурур гул-гул мешукуфтанд.

Мансабдорони калони амир, ки ғайр аз онҳо дигар касе дар роҳи идгоҳ ба асп савор шудан ҳақ надошт, боз тамошогоҳи дигар буданд; зинати онҳо зинати расмӣ буда, ҳамаи пӯшокҳошон зарбафт, зардор ва зардӯзӣ буд, инчунин ҳамаи асбоб ва абзоли аспҳошон низ заррин ва нигинакорӣ буда, дар тобиши офтоб чашми бинандагонро мебурд.

Вақте ки ягон мансабдори калон аз дур намоён шавад, роҳдорон роҳро холӣ мекарданд, ки тамошоталабони дар ду тарафи кӯча нишаста ӯро ва ӯ тамошобинонро ба хубӣ медиданд. Мансабдор, ки худро бо он карру фар ягона одами соҳибэҳтиром мепиндошт, ба умеди қабули салом ва ҳурмати одамон ба ҳар тарафи роҳ нигоҳ мекард.

Аммо тамошобинон, ки «фазилати» он мансабдорро аз одамони одӣ танҳо дар ҳамон либосҳои пуркарру фар медонистанд, ба шахси ӯ аҳамият надода, пӯшок ва абзоли аспи ӯро аз назар мегузарониданд.

Мансабдор, ки аз мардум муомилаи чашмдоштаашро намедид, «шояд дар карру фарри ман ягон камбудӣ бошад» – гӯён барҳо ва остинҳои ҷомаашро бо диққат аз назар мегузаронид. Баъзе тамошобинони рамузфаҳм аз ин ҳол ба сирри дарунии мансабдор пай бурда механдиданд ва мансабдор бошад, бо дидани он ханда боз ҳам саросематар шуда, ба сари худ даст бурда, дастори худро дастдаст карда медид, ки мабодо ягон печи вай каҷ афтода ё нӯги зерини он кушода шуда, ба тарафи пушт монанди думи бодбараки бачагон овезон гардида, хандаовар шуда бошад.

Ана дар ҳамин гуна вақти гармии тамошо аз тарафи шаҳр се кас дар як саф намудор шуданд, ки дар ду паҳлу ду шогирди олуфтатароши аълами Бухоро ва дар миёна Сиддиқҷон буд ва ҳар кадоми онҳо бо либосҳои идона ороста буданд ва дар камарбанди онҳо дуҷуфтӣ корд ҳам овезон буд, ки ғилофҳои нигинакорӣ дошта, аз таги ҷомаҳои рӯяшон намуда меистод.

Он се нафар аз пеши мо гузашта ба рӯ ба рӯи сарҳавз расида буданд, ки Ҳоҷӣ-махдум аз байни гурӯҳ рост хеста, дар як ҷастухез ба миёнаи кӯча расида, аз гиребони ҷомаҳо, курта ва камзӯли олуфтатароше, ки аз паҳлуи рост мерафт, гирифта, ҳақораткунон пеш кашид. Зоҳиран дар дасти ӯ кордчаи каҷнӯги каҷкордмонанд будааст, ки бо ҳамин кашидан гиребонҳои ҷомаҳо, камзӯл ва куртаи олуфтатарош то ба миён чок шуда рафт.

Бо сар шудани ҷанҷол мо давон-давон ба сари маш-маша расида рафтем. Тамошобинон ва роҳгузарон ҳам гирд омада, дар сари роҳ анбӯҳи калони мардум пайдо шуд.

Олуфтатароши дигар, ки аз паҳлуи чап мерафт, таҳқир дидан ва либосҳояш дариданi рафиқашро дида, кордашро аз ғилофаш бароварда, ба ҳаво баланд карда, намоишкорона ба Махдум нишон дод, аммо барои задан пеш наомад.

Ҳоҷӣ-махдум, ки корд кашида, лекин ба пеш омадан ҷасорат накардани олуфтатарошро дид, худ сари синаи худро кушода, «биё, зан!»- гӯён пеш рафт. Олуфтатарош ин ҳолро дида, аз корд задан ва аз наздик шудан ба душман тарсида, боз ҳам пастар рафт.

Ҳоҷӣ-махдум бо алфози қабеҳи кӯчагӣ он олуфтатарошро ҳақорат дода:

– Модом ки бо корд зада наметавонӣ, чаро корд меовезӣ, чаро корд мекашӣ? Ӯй номард, ё бо кордат маро зан, ё ба ман деҳ, ки чӣ гуна корд заданро ба ту ёд диҳам! – гӯён боз ҳам пештар рафт.

Олуфтатарош пасравии худро ба гурези шитобкорона табдил намуда зӯр мезад, ки дар байни одамон даромада пинҳон шавад. Аммо гурӯҳи анбӯҳи мардум ба нияти ӯ роҳ намедод.

Дар ҳамин вақт одамони қозикалон ва қушбегӣ, ки дар рӯзҳои ҷамъомади аҳолӣ барои нигоҳдории тартиб дар кӯчаҳо мегаштанд, ба сари ҷанҷол расида омаданд ва Ҳоҷӣ-махдумро, ки дар вазъияти ҳуҷум буд, нигоҳ дошта:

– Махдум, айб аст, Махдум, айб аст! Ором шавед! Гардани шайтон шиканад, – гӯён ҷанҷолро пасанда кардан мехостанд...

Дар вақти Ҳоҷӣ-махдумро нигоҳ дошта ба ӯ насиҳат дода истодани одамони қозикалон ва қушбегӣ аз тарафи шаҳр садои «пӯшт-пӯшт, ба канори кӯча бароед, роҳро кушоед!..» – гӯён ба гурӯҳи мардуми ба сари ҷанҷол ғуншуда хитоб кардани роҳдорон баромад. Одамон ба қадри имкон худро канора кашида, роҳро ба қадре ки як савор гузашта метавонист, кушоданд.

Аз рахнаи кушодашудаи гурӯҳи анбӯҳ Ғиёс-махдуми аълам намоён шуд: дар тани ӯ ҷомаи кундал (зарбафти аъло), ба сараш дастор ва кулоҳи зардӯзӣ, ба пояш кафшу масҳии зардӯзӣ буд. Зинати аспи савории ӯ ҳам аз худаш камӣ надошт: гарданбанд, қутос ва қуюшқуни вай тиллокӯби ақиқ шинондашуда, давриаш зардӯзии заминдӯзӣ, зинпӯшаш махмали аълои гулдӯзӣ, лаҷомаш тиллокӯби дувоздаҳзулфа буда, зулфҳои тиллокӯби он ҳамроҳи мӯи аёли шоназадааш ба гардани вай зеби наварӯсона медод.

Аълам ба болои ҷанҷол дар вақте расида омад, ки одамони қозикалон ва қушбегӣ «айб аст, айб аст!» гӯён Ҳоҷӣ-махдумро насиҳат медоданд. Чун Ҳоҷӣ-махдум аз роҳи кушодашуда расида омада истодани аъламро дид, дар вазъияте, ки худашро одамони ҳокимон нигоҳ дошта меистоданд, дасти росташро ба тарафи аълам ёзонда:

– Айб ба ин одам аст, ки, – гуфт ӯ, – сару танашро бо даҳ сер (ду пуд) тилло пӯшонда, аспашро ҳам дар зери панҷ сер (як пуд) тилло кашида, худро аълами Бухоро ва соҳиби шариат шумурда, шогирдони худро ба шӯрапуштӣ меомӯзад ва бо ин кори худ одамони баномусро водор мекунад, ки ба шӯрапуштони ӯ бо шӯрапуштӣ муқобилат намоянд.

Аълам, ки барои ба мардум нишон додани карру фарри идонаи худ то ин ҷо оҳиста-оҳиста асп ронда ботамкинона меомад, ба тарафи худаш даст ёзонда ба гап даромадани Ҳоҷӣ-махдумро дида, сари худро хам карда, ба сағрии аспаш тозиёна зада, шитобкорона ба тарафи Намозгоҳ асп давонд.

Гурӯҳи мардум гапҳои заҳролуди обдори Махдумро шунида ва ҳолати хандазор ва фирори аъламро дида, қаҳқосзанон хандида пароканда шуданд[266].

## ТЕАТРБОЗИИ ҲОҶӢ-МАХДУМ

Ҳоҷӣ-махдум, баъд аз он ки дар байни гурӯҳи анбӯҳи мардум ва дар ҳузури одамони ҳокимон аълами шаҳрро он ҳама ҳақорати болохонадор кард, агар рӯйрост мегашт, ҳукумат барои нигоҳдории ҳурмати мансабдори калон ва аъла-

ми уламои худ албатта ӯро дастгир карда ҷазо медод, бинобар ин ӯ бо пароканда шудани мардум ба Намозгоҳ нарафта бо тангкӯчаву паскӯчаҳо ба ҷое рафта, дар хонаи яке аз дӯстони худ рӯй пинҳон кард.

Аммо, чунонки дар ҳукуматдории феодалӣ одат шуда омадааст, мансабдорон, ҳокимон ва дарбориёни амир низ дар тороҷ кардани аҳолӣ ва дар забункушӣ бо ҳам якзабону якдил бошанд ҳам, дар мансабталошӣ ва ҷоҳталабӣ душмани қаттоли якдигар буданд.

Чунончи, қозикалон қозӣ Бадриддин, ки писараш Бурҳониддин дар Бухоро раис буд, орзу дошт, ки баъд аз сараш ӯ ба ҷои худаш қозикалон шавад. Аммо вуҷуди Ғиёс-махдум барин муллоёни машҳури қозикалоншаванда ба ин орзуи ӯ халал мерасонид, бинобар ин зимнан аълам ва дӯстони ӯро душмани худ ва душманони ӯро дӯсти холиси худ шумурда, дар озори онҳо кӯшиш намекард.

Ба ин сабаб бо арзи ҳақоратталабии аълам аз Ҳоҷӣ-махдум, ҳарчанд бо хабар додани ҷосусони худ ҷои пинҳоншудаи ӯро донад ҳам, ба аълам «ҳанӯз дар куҷо будани гунаҳгор маълум нест, мо кофтукови ҷиддӣ карда истодаем, албатта ба даст хоҳад афтод, дар он вақт мо ӯро чунон ҷазои намунавор медиҳем, ки ба дигарон ибрат шавад» – гӯён бо ваъдаҳои гарму ҷӯшон оташи ғазаби ӯро паст кардан мехост ва дар ҳақиқат бо чормағзҳои пуч домани ӯро пур менамуд.

Дар ин миён ҳангоматалабон «ҷанги Ҳоҷӣ-махдумро бо аълам» бо шарҳу иловаҳои муболиғадор дар меҳмонхонаҳо, дар самоворхонаҳо ва дар сари кӯчаҳо нақл ва ҳикоя мекарданд, ки дар байни мардум заррае обрӯи аълам намемонд ва ҳатто дӯстонаш ҳам аз ӯ нафрат ва ба ӯ таъна мекарданд. Ба ин сабаб эҳтимоли қозикалоншавии ӯ торафт кам шуда, қозикалон ва писари ӯро хурсанд мекард.

Баъд аз се рӯзи он воқеа шабона Бурҳониддини раис махфиёна ба ҷои пинҳоншудаи Ҳоҷӣ-махдум кас фиристода, ӯро ба ҳузури худ талаб кард ва ба ӯ расонд, ки мехоҳад ҷанги бо аълам кардаашро аз забони худи ӯ шунавад, чунки «сухан аз даҳони Луқмон хуш» – гуфтаанд.

Ҳоҷӣ-махдум, ки зиддияти байни қозикалону раис ва аъламро пурра медонист, талаби Бурҳониддинро хуш қабул карда, шабона ба хонаи ӯ омад. Раис бо фарзандон, домод ва бародараш ва бо гурӯҳи мулозимонаш барои шунидани ҳикояти Махдум интизорӣ мебурданд.

Чун раис аз Ҳоҷӣ-махдум ҳикояти ҷангашро пурсид, ӯ гуфт:

– Тақсир, ман дар вақти ба ҳаҷ рафтанам дар мамлакати Русия ва хориҷа тамошохонаеро дидам, ки вайро театр меномиданд ва дар он ҷо ҳикоятҳоро бо иштироки одамон муҷассам карда нишон медоданд, ки он ҳикоят хеле дилчасп шуда мебаромад. Агар шумо рухсат диҳед, ман дар ин ҷо намунаҳои бозиро сохта, ҳикояти ҷанги худро муҷассам карда нишон медиҳам, ки аз ҳад зиёд завқ мекунед.

Раис қабул намуд ва Ҳоҷӣ-махдум ҳам кор сар кард: ӯ аз шахси раис аълам сохт, ду писарашро дар либоси ду шогирди олуфтатароши аълам даровард, домоди раисро ба ҷои Сиддиқҷон гузаронид, чанд нафар мулозимонро одамони қозикалон, қушбегӣ ва роҳдорон гардонид ва боқимондаи мулозимонро гурӯҳи мардуми тамошобин фарз кард.



Ҳоҷӣ-махдум ҳамин тариқа карда худ «режиссёр» шуда, «артистони» худро машқ (репетитсия) кунонид ва баъд аз он ҳикояти худро ба тарзи саҳнагӣ намоиш дода, либоси як писари раисро, ки роли олуфтатароши паҳлуи ростро бозӣ мекард, дарронид ва писари дигари раисро, ки роли олуфтатароши паҳлуи чапро бозида корд кашида буд, чунонки дар боби боло гузашт, ҳақоратҳои болохонадори кӯчагӣ дод.

Раис, ки ба тарафи даҳлез истода ин тамошоро дида завқ мекард, бо ишорати «роҳдорон» пеш омад ва Ҳоҷӣ-махдум ӯро аълам фарз карда муомилаи дар боби боло ба аълам намудаашро чанд дараҷа қабеҳтар гардонида бо хотирхоҳи худ ӯро дашномҳо дод.

Раис ин тамошоро дида, ба дараҷаи рӯдакан шудан механдид ва илтимос мекард, ки Ҳоҷӣ-махдум тамошоро такрор кунад ва ба ҳамин тариқа раис чандин бор бозиро такрор кунонда хуб ҳақорат шунид ва писаронашро ҳам мувофиқи табъи Махдум ҳақорат шунавонид.

* * *

Ҳамон шаб мо дар мадрасаи Турсунҷон, дар ҳуҷраи Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ шабнишинӣ доштем. Ҳоҷӣ-махдум соатҳои яки шаб ногаҳонӣ даромада омада, «корномаи» имшабаашро ба мо бо тафсил ҳикоя карда, илова намуд:

– Ин аҳмақ (яъне раис), ки дар мурдорӣ, худписандӣ ва мансабпарастӣ аз аълам гузаронидааст, худ ва падари худро ҳокими мутлақи Бухоро шумурда, зану марди аҳолии ин мамлакатро ғулом ва канизи худ мепиндорад, хуб завқ кард, ки ман душмани ӯро беобрӯ кардаам. Аммо ман аз ҳад зиёд хурсандам, ки фурсатро аз даст надода, аз ин мурдор ва писаронаш ба қадри тавонистанам интиқоми мардуми зердастро гирифтам, яъне бо як тир ду шикорро задам.

Яке аз ҳозирони шабнишинии мо суханони Ҳоҷӣ-махдумро қувват дода ва кирдори ӯро таҳсин карда:

– Чи хуш бувад, ки бароояд ба як карашма ду кор, – гуфт.

## МОҲИ РАМАЗОНИ БУХОРО ВА БОЗОРИ ШАБ

Моҳи рамазони Бухоро як моҳи бисёр мураккаб буд. Вай, аз як тараф бо анъанаҳои динӣ «моҳи муборак», моҳи тоату ибодат, моҳи бахшоишу мағфират ба шумор мерафт ва мувофиқи ин анъана мусулмонон рӯза медоштанд, ба болои намозҳои панҷвақтии муқаррарӣ ҳар шаб намози таровеҳ мехонданд ва дар аксари масҷидҳо дар зимни намози таровеҳ Қуръонро аз аввал то охир хонда ё шунида «шабзиндадорӣ» мекарданд, дар хонақоҳҳо шайхҳо бо муридонашон дар даҳ рӯзи охири ин моҳ даҳа менишастанд ва монанди инҳо.

Аз тарафи дигар, ин моҳ барои одамони шикамсер ва ё сарсаригард моҳи бекорӣ, моҳи шикамсеркунӣ, моҳи айшу нӯш, моҳи қиморбозӣ ва моҳи ҷангу ҷидоли байни худ ҳисоб меёфт.

Аҷобат дар ин ҷо буд, ки аксар корҳои бемаънии дар фиқраи дуюм нишондодашуда дар зимни корҳои диндоронаи дар фиқраи якум баёнёфта ба амал меомад. Агар ин маъниро хулоса карда ифода намудан хоҳем, «моҳи рамазони Бухоро моҳи риё, моҳи фитнаву фасод, моҳи беморӣ ва азобу машаққат буд»-гуфтан лозим меояд.

Сар шудани ин моҳ ҳам бо риёи расмии уламои дин ба амал меомад: аз рӯи шариат сар шудан ва тамом шудани моҳи рамазонро бо ҳисоби астрономӣ исбот кардан дуруст нест, бояд сар шудан ва тамом шудани ин моҳ бо дидани мусулмонон моҳи навро собит шавад. Азбаски ҳамаи мусулмонон моҳи навро дида наметавонанд, бояд ду нафар ё зиёда аз он «мусулмони холиси диндор, ки дар умрашон дурӯғ нагуфтаанд», моҳи навро дида омада пеши қозӣ гувоҳӣ диҳанд, ки онҳо моҳи навро дидаанд. Агар қозӣ гувоҳии онҳоро мувофиқи шариат дарёбад, «фардо рамазон» ё ин ки «фардо ид» гӯён расман эълон мекунад.

Ин қонуни шариат аст! Акнун бинем, ки ин қонун дар «Бухорои шариф», ки унвони «шарифӣ»-ро ба сабаби маркази динии Осиёи Миёна буданаш ба худ гирифта буд, ба амал чӣ гуна татбиқ карда мешуд: «ҳисобдон»-ҳои одии уламо, ки моҳдармиён шаш моҳи қамарии ҳар солро 30-рӯзӣ ва шаш моҳи дигарашро 29-рӯзӣ ҳисоб карда ҳамеша моҳи рамазонро 30-рӯзӣ қарор медоданд, пешакӣ муайян мекарданд, ки «фалон рӯз моҳи рамазон сар мешавад».

Мувофиқи ҳамин қарордод шаби арафаи ҳамон рӯз муфтиён, қозикалон ва раиси шаҳри Бухоро дар Регистон ба дари масҷиди Поянда қариби вақти намози шом ҷамъ мешуданд. Халифаи раис ду-се нафар гувоҳони харида ва сохтаи худро ба болои мадрасаи Мири Араб мебаровард. Онҳо аз он ҷо, хоҳ абр бошад, хоҳ равшан, бе воситаи фурӯ рафтани обтоб «моҳи навро медиданд» ва давон-давон ба Регистон меомаданд, ки дар бораи дидани моҳи нав гувоҳӣ диҳанд.

То он вақт уламо ва қозикалон намози шомро адо карда, барои қабул кардани гувоҳии «бинандагони моҳи нав» тайёр шуда менишастанд. Халифаи раис «гувоҳони холис»-ро дар рӯ ба рӯи қозӣ шинонда:

– Инҳо моҳи нави рамазонро дидаанд ва мехоҳанд, ки дар ҳузури шариатпаноҳӣ гувоҳӣ диҳанд, – гӯён тақдим мекард. Қозикалон аз онҳо заруриёти динӣ ва дигар чизҳоро, ки аз рӯи шариат донистани онҳо ба гувоҳидиҳанда лозим аст, мепурсид.

Онҳо ҳам ҳамон ҷавобҳоро, ки 15 – 20 сол пеш аз ин барои ба даст даровардани ин касб (гувоҳии ноҳақдиҳӣ) тайёр карда монда ҳар сол дар пеши қозикалон такрор мекарданд, медоданд.

Баъд аз он қозӣ онҳоро ба гувоҳӣ додан таклиф мекард. Ҳар кадоми онҳо дар навбати худ: «гувоҳӣ медиҳам аз барои Худо, на аз барои риё, ки моҳи навро дар тарафи ғарб дар вақти фурӯ рафтани офтоб дар шакли камонӣ дар вазъияте, ки як лингаш боло ва як лингаш поин уреб меистод, дидам»- гӯён гувоҳӣ медоданд.

Қозикалон аз муфтиён аз рӯи шариат қобили қабул будан ё набудани он гувоҳиҳоро мепурсид. Вақте ки муфтиён бо сарҷунбонӣ қобили қабул будани он гувоҳиҳоро тасдиқ карданд, қозикалон ҳукм мекард, ки фардо рамазон аст, расман эълон карда шавад.

Халифаи раис бо шунидани ин ҳукм пеши тахтапули арк омада, ба нақорачиён, ки бар болои дарвозаи арк дар нақорахона нақораҳошонро тафсонда таранг карда, чӯбакҳо дар даст тайёр меистоданд, ишора мекард, ки нақора зананд ва якбора даҳ-дувоздаҳ нақора ва кӯси калони хуммонанд ба садо медаромаданд.



Бо ҳамин мардуми шаҳр расман мефаҳмиданд, ки фардо рамазон будааст. Халифаи раис ба «гувоҳии холис»-додагон ҳаққи «хизмат» дода, бо ташаккур гусел мекард.

Дар бораи сохта ва дурӯғ будани ин гувоҳӣ ва исбот дар байни аҳолии Бухоро латифае машҳур аст, аммо ин латифа мувофиқи мақом сохта ва бофта баровардаи ягон ширинкор набуда, ҳикояти воқеист: аз қозикалонони Бухоро домулло Абдушукури шустагар, ки аз фошо-фош гуфтани ҳила ва риёҳои шаръӣ ҳеҷ ибо намекард, аз яке он гувоҳон, ки пири фартут ва чашмони обрави сурхшуда аз кор баромада доштааст, пурсидааст:

– Падар! Мо, ки аз шумо ҷавонтар ва чашмонамон тезтаранд, ба болои боми арк, ки аз боми мадрасаи Мири Араб баландтар аст, баромада, ҳарчанд чашм дӯхтем, моҳи навро дида натавонистем. Шумо дар ин куҳансолӣ бо ин чашмони аз биниш монда чӣ гуна дидед?

Гувоҳи куҳансол ҷавоб додааст:

– Ман понздаҳ-бист сол боз моҳи навро дида-дида одат кардаам, агар чашмамро пӯшонда истам ҳам, моҳи нав монанди моҳи шаби чордаҳ ба чашмонам равшан менамояд.

* * *

Дар моҳи рамазон шабона ҳамаи дуконҳо, саройҳою тиҷоратхонаҳо ва инчунин самоворхонаҳо, ошхонаҳо ва сартарошхонаҳо то ними шаб кушодагӣ буданд. Мардум харидуфурӯши ғайри молҳои озуқавиро шабона мекарданд.

Дар раставу бозорҳо ва чойхонаҳо ҳофизон сурудхонӣ менамуданд ва дар баъзе ҷоҳо қиссахонӣ мешуд. Ана ҳамин кори умумии шабонаро «бозори шаб» меномиданд.

Аҳолӣ, хоҳ кордор бошанд, хоҳ бекор, гурӯҳ-гурӯҳ дар кӯчаҳо гардиш мекарданд. Кӯчагардӣ баъд аз баста шудани бозори шаб, яъне баъд аз ними шаб ҳам мамнӯъ набуд. Барои аҳолии Бухоро, ки ёздаҳ моҳи сол аз сари хуфтан, яъне баъд аз яку ним соати фурӯ рафтани офтоб, то азони бомдод, яъне то вақте ки ба баромадани офтоб яку ним соат монда бошад, ба кӯча баромаданашон расман номумкин ва ба хонанишинӣ маҳкум буданд, ин имкони озодгардӣ фурсати ғанимат ва неъмати пурқимат ба шумор мерафт. Бинобар ин бештарини одамон, хоҳ коре дошта бошанд, хоҳ не, кӯчагардӣ мекарданд.

Дар бештарини масҷидҳои гузарҳо хатми Қуръон сар мешуд. Кӯчагардон ба онҳо ҳам сар тиққонда мегирифтанд. Дар масҷиде ки қориаш ҷавони наврасӣ хушовоз бошад, равуои «қуръоншунавандагон» дар он ҷо бештар мешуд ва дар вақте ки қории ҷавон Қуръон мехонд, шунавандагони вай:

Чи хуш аст савти Қуръон зи ту дилрабо шунидан,
Ба рухат назора кардан сухани Худо шунидан.

– гӯён дар байни худ замзама мекарданд.

Як қисми одамон, хусусан баъд аз баста шудани бозори шаб, дар хонаи яке аз дӯстонашон ҷамъ шуда бо базму суруд, бо қиморбозӣ ё бо ягон бозии дигар шабро мегузарониданд.

Дар моҳи рамазон ҳамаи аҳолии Бухоро расман рӯзадор буданд. Ҳатто чиз хӯрдани яҳудиён дар пеши мусулмонон низ манъ карда шуда буд, то ки ҳаваси мусулмонони рӯзадор ба хӯрок рафта ташвиш накашанд ва ба рӯзаашон халал нарасад. Онҳое ҳам, ки рӯза намедоштанд, ба назари мардум худро чунон нишон медоданд, ки рӯзаанд: хамёза мекашиданд, аз сустии бадан ва аз душвории рӯзадорӣ шикоятҳо менамуданд.

Аксарияти аҳолӣ, хоҳ рӯзадори ҳақиқӣ бошанд, хоҳ сохта, шабро то қариби субҳи содиқ бедор мегузарониданд ва дар он вақт таоми саҳарӣ хӯрда мехобиданд ва ин хоб то соати дувоздаҳ ва дуи рӯз давом мекард. Баъд аз хестан аз хоб дасту рӯ шуста ба кӯча мебаромаданд, дукондорон ва савдогарон дукон ва тиҷоратхонаи худро мекушоданд.

Аммо бозори рӯзонаи ғайри молҳои хӯрокӣ ва хӯрокворӣ он қадар гарм намешуд, ин дукон ва тиҷоратхонакушоиҳо фақат аз барои рӯзгузаронӣ буд. Бинобар ин пештар аз намози аср дукон ва тиҷоратхонаҳоро баста, ҳама ба Лаби Ҳавзи Девонбегӣ мерафтанд. Бекорон ва сарсаригардон бошанд, бо хестанашон аз хоб кӯчаҳоро як гардиш карда, рост ба он ҷо раҳсипор мешуданд.

Гурӯҳи анбӯхе, ки Лаби Ҳавзи Девонбегӣ[267] ҷамъ мешуданд, дар маъракаи маддоҳӣ, ё найрангбозӣ, ё ин ки дар давраи қиссахонӣ менишастанд, ё ин тараф-он тараф ҳаракат мекарданд.

Раиси Бухоро ҳам гашти рӯз ба Лаби Ҳавзи Девонбегӣ омада, дар равоқи дари пахлуии хонақоҳ менишаст ва одамони ӯ дар атроф пароканда мешуданд, одамони бечора ва пойбараҳнаро – якеро «рӯзахӯр», дигареро «қиморбоз»- гӯён ва ё ба ягон гуноҳи дигар нисбат дода, дастгир карда меоварданд.

Раис гуноҳи ҳар кадоми онҳоро «таҳқиқ намуда», баъзеро ба ҷазои як кам чил дарра, баъзеро ба понздаҳ ё нӯҳ дарра ҳукм мекард. Одамони раис маҳкумшудагонро пуштбараҳна карда, яке аз онҳо он «гунаҳгор»-ро ба пушташ бардошта меистод ва даррадаст бо дарра ба пушти ӯ мувофиқи фармоиши раис мезад. Баъд аз он одами раис, ки ӯро дошта омадааст ва даррадаст аз вай, ба қадре ки рӯёнда тавонанд, «хизматона» мегирифтанд. Дар ҳақиқат, хизмати ба он бечора кардаи онҳо ҳамин буд, ки ӯро дастгир карда оварда зада буданд.

Кордории раис барои рӯзадорони ба Лаби Ҳавзи Девонбегӣ гирдомада тамошои «хеле завқовар» буд, ки дар ғайри моҳи рамазон камтар вомехӯрд. Раис дар ғайри моҳи рамазон ҳафтае як рӯз – рӯзҳои панҷшанбе – ба Лаби Ҳавзи Девонбегӣ меомад ва дар он омаданаш як кас ё ду касро мезад, дар рамазон бошад, ҳар рӯз меомад ва дар ҳар омаданаш даҳ-дувоздаҳ касро ҷазо медод.

Чӣ гуна ба мардум таъсир кардани ин гуна ҷазодиҳии раисро як воқеае, ки баъд аз революцияи Бухоро рӯй дода буд, ба хубӣ равшан нишон медиҳад. (Ҳарчанд аз ҷиҳати таърих ҷои нақл кардани он воқеа ин ҷо набошад ҳам, бинобар алоқаманд буданаш ба кордории рамазонии раис ва одамони ӯ дар ҳамин ҷо ёд кардани он воқеа муносиб дида шуд.)

Баъд аз революцияи Бухоро дар яке аз моҳҳои рамазон ман дар Бухоро будам. Ҳанӯз тантанаи рамазони Лаби Ҳавзи Девонбегӣ давом мекард, фақат раис ва одамони ӯ ба сифати ҷазодиҳандагони мардум барҳам хӯрда буданд. Дар ҳамон рӯзҳо як вақти асрӣ дар саҳни хонақоҳи Девонбегӣ гардиш мекардам. Алоуддин ном даррадасти собиқи раиси замони амирӣ низ дар байни мардум ҳаракат дошт. Як писарбачаи тахминан 9 – 10-сола пеш-пеши ӯ рӯяшро ба ӯ карда пуштнокӣ роҳ рафта:

– Эшони халифа, дарраатон куҷо шуд? Чаро акнун одамонро намезанед? Акнун ҳам одамонро занед-чӣ? Канӣ, бинам, читу (чӣ тавр) мезанед! – гӯён он даррадастро масхара медошт ва мардум механдиданд. Ин кори он бачаи хурдсол тарҷумони забони ҳоли аҳолии тамоми Бухоро буд.

Тамошои дигари ҷамъомадагони Лаби Ҳавзи Девонбегӣ ҷангу ҷидоли байнихудии рӯзадорони сохта буд: рӯзадорони сохта, гӯё ки онҳоро хумори чилим ё нос гирифта бошад, дар байни худ сурху сафед шуда, аввал низои забонӣ мекарданд ва баъд аз он даст ба гиребон шуда, якдигарро мушткорӣ менамуданд ва баъзе мӯйсафедони содадил онҳоро рӯзадори ҳақиқӣ гумон карда, дар байнашон даромада аз якдигар ҷудо мекарданд:

– Рамазонӣ-дия, зарар надорад. Одами рӯзадор бо хумори чилиму нос девона барин мешавад. Лекин шайтонро «ҳай» гуфта, гапи якдигарро бардоштан ва ҷанг накардан даркор аст. Чунки ба сабаби бо якдигар ҷанг кардан, савоби рӯзадорӣ меравад – гӯён онҳоро насиҳат мекарданд.

Ҷанги дар як ҷо пайдошуда ҳанӯз пасанда нашуда, аз чанд ҷои дигар боз ҳамин тарз низову ҷанҷол мехест. Ба ҳамин тариқа, ин ҳол ҳам барои гардишкунандагони Лаби Ҳавзи Девонбегӣ як тамошо буд.

## ҶАНГИ ҶОЙНАМОЗПАҲНКУНӢ ДАР РАМАЗОНИ БУХОРО

Дар моҳи рамазони Бухоро дарсҳои мадрасаҳо тамоман таътил (каникул) мешуд. Дар ин моҳ талабагони қашшоқе, ки ба саҳро алоқаманд буданд, ба деҳаи худ рафта, ба корҳои деҳқонии падар ва ё ягон хеши наздикашон ёрӣ медоданд. Агар ин гуна талабаҳо ба саҳро алоқаи заминӣ надошта бошанд ва синнашон калонтар бошад, ба деҳае рафта имом мешуданд ва ба ин восита дар он ҷо шикамашонро сер карда, дар охири ин моҳ фитри рӯза (садақаи идӣ)-и деҳқононро ғундошта, барои худ қути лоямуте (хӯроквории аз мурдан нигоҳдорандае) захира карда меомаданд.

Аммо талабагони доро, бухороӣ ва он қашшоқоне ҳам, ки ба саҳро алоқа надошта, ба болои ин ба имоматӣ ҳам гардан намедоданд, дар мадраса мемонданд. Сарсаригардони бозори шаб ва «хатмтамошокунон»-ро бештарин ҳамин талабагони доро ва қашшоқони бекормонда ташкил мекарданд. Ин гуна талабагон ҳар рӯз баъди аз хоб хестан, гурӯҳ-гурӯҳ (аъзои ин гурӯҳҳо, албатта, дӯсти якдигар буданд) ба Лаби Ҳавзи Девонбегӣ омада, ҷойнамоз паҳн карда менишастанд ва дар давраи худ бо ҳар гуна гуфтугузорҳои бемаънӣ ва бомаънӣ машғулӣ мекарданд. Дар ин гуна гурӯҳҳо баъзе касони бухороӣ ҳам, ки бо вуҷуди талаба набуданашон бо ягон каси нуфуздори он гурӯҳ ё бештарини аъзои вай дӯст ва наздик буданд, иштирок мекарданд.

Ҷои ҷойнамозпаҳнкунии ин гурӯҳҳо болоҳои боми сартарошхонаҳо буд. Ин сартарошхонаҳо аз гӯшаи ғарби ҷанубии ҳавзи Девонбегӣ то гӯшаи шимоли

шарқии вай пахлуи ҳам рӯ ба сӯи ҳавз бино ёфта буданд. Пушти ин сартарошхонаҳо ба саҳни хонақоҳи Девонбегӣ ё бо гузаргоҳи он мепайваст. Азбаски саҳн ва гузаргоҳи вай аз замини сарҳавз панҷ-шаш зина баландӣ дошт, бомҳои мазкур аз тарафи пушт аз замини саҳн ва гузаргоҳи он ба қадри як метр баландӣ дошта, ҷои баромад-фуромади он бомҳо аз ҳамон тараф буд.

Қадру манзалати бомҳои сартарошхонаҳо дар назари «ҷойнамознишинон» (албатта, ин таъбири шартӣ буда, ба хонақоҳнишинон ва масҷиднишинон алоқаманд нест) ба нисбати наздикиаш ба саҳни хонақоҳ буд, яъне ҳар боме, ки ба саҳн наздиктар бошад, бақадртар ба шумор мерафт. Бинобар ин ҳар кадоми аз гурӯҳ-ҳои ҷойнамознишин кӯшиш мекард, ки боми наздиктар ба саҳнро «соҳибӣ» кунад.

Хушбахтона, барои соҳибӣ кардани боме асоси анъанавие ҳукмрон буд, ки баробари ҳуҷҷати қонунӣ қувват дошт. Ин асос иборат аз он буд, ки ҳар гурӯҳ ҳар бомро, ки аз аввали рамазон, ҳатто аз рамазонҳои солҳои гузашта ишғол карда омада бошад, он бом аз они ҳамон гурӯҳ ба шумор мерафт. Аммо барои фоида бурдан аз ин «ҳуқуқи анъанавӣ» ҳамин шарт буд, ки он гурӯҳ, бисёр дер монад, то соати сеи рӯз ҷойнамозҳои худро паҳн карда монад. Бинобар ин ҳар гурӯҳ ҳар рӯз яке аз аъзоёни худро навбатдор таъин мекард, ки аз соати се пештар ҷойнамозҳои он гурӯҳро ба боми ба ӯ дахлдор паҳн карда мемонд. Агар ҳа-мин одати анъанавӣ намебуд, мумкин буд, ки ҳар рӯз бар болои ишғол кардани бомҳои нағз ҷангу ҷидолҳои хунин барпо шуда, чандин сару гардан шиканад.

Бо ҳамаи ин дар байни гурӯҳҳои ҷойнамознишинон бо баҳонаҳои гуногун задухӯрд шуда меистод ва баъзеи ин задухӯрдҳо ба ҷидолҳои хунин оид мегардид. Чунончи, боре нависандаи ин сатрҳо шоҳиди яке аз ин гуна задухӯрдҳои хунин шуда буд:

Ду гурӯҳи ҷойнамознишини шӯрапушти ба мадраса мансуб буданд, ки ҳар кадоми онҳоро яке аз шӯрапушттарин муллозодагони Бухоро сардорӣ мекард ва ҷойнамозҳои ин ду гурӯҳ пасу пеш пайваста ба ҳамдигар паҳн карда мешуданд.

Шариф-махдум ном як қозизодаи бухороӣ, ки лақаби ӯ «Даврапилта» буд, гурӯҳи пешнишинро идора мекард ва «Махдуми Шудгор»-лақаби як муллозодаи Бухоро – ёридиҳандаи ӯ буд (азбаски рӯи ин муллозода ба сабаби доғи наҒ-зак рош-рош барҷаста ва дағар-буғурҳои шудгормонанд дошт, мардуми Бухоро ба ӯ ин лақабро муносиб дида буданд ва бештарини одамҳо – аз ин ҷумла нависандаи ин сатрҳо – номи ӯро намедонистанд ва ӯро бо он лақаб ёд мекарданд).

Сардори гурӯҳи пастнишин Маҳмуд-махдум ном як муллозода буда, ӯ «Махдуми амирконӣ» лақаб дошт (сабаби ин лақаб он буд, ки дар нахустин бор омадани чармҳои локӣ аз Россия ӯ аз он чарм пойафзол дӯзонда пӯшида буд) ва ёрирасони ӯ низ аз муллозодагони Бухоро буда, ӯ «Махдуми Хушрӯй» лақаб дошт (азбаски рӯи ӯ ба сабаби «решҳои афғонӣ» порча-порча фурӯрафтагиҳо ва доғҳои сурхи нафратовари баднамо дошт, мардуми Бухоро бо алоқаи зиддияти маъно ба ӯ ин лақабро дода буданд).

Рӯзе аз рӯзҳои рамазон навбатдори гурӯҳи Махдуми Даврапилта дер монда, ҷойнамозҳошонро то соати се паҳн накардааст. Гурӯҳи Махдуми амирконӣ, ки чанд гоҳ боз он бомро зери чашм карда гашта будааст, аз ин фурсат фоида бурда, ҷойнамозҳои худро пеш кашида он ҷойро ишғол кардааст.

Дар вақте ки ҳамаи бомҳо бо ҷойнамознишинон пур буд, Махдуми Даврапилта бо гурӯҳи худ омад ва чун ҷои худро аз тарафи гурӯҳи дигар ишғол кардашуда дид, бо нафарони худ боло ҷаста, бе ҳеҷ муқаддима ва гуфтугузор гурӯҳи «ғосиб»-ро, ки нафарони вай бехабар ва осуда бар рӯи ҷойнамозҳо чорзону нишаста буданд, дар зери ҳуҷум гирифт ва то аз аҳвол хабардор шудани гурӯҳи «ғосиб» нафарони Даврапилта аввал сардори он гурӯҳ – Махдуми амиркониро, дуюм ёрирасони ӯ Махдуми Хушрӯйро бардошта ба зер – ба тарафи лаби ҳавз ҳаво доданд.

То он вақт нафарони он гурӯҳ низ худро дошта гирифта, аз ҷо хеста бо ҳуҷумкунандагон даст ба гиребон гардиданд. Нафарони ин ду гурӯҳ якдигарро муштқорӣ мекарданд, бо нохуну чангол рӯю гардани ҳамдигарро мехарошиданд ва либосҳошонро медарониданд. Ду нафар аз ду тараф ҳамдигарро ба бағал гирифта, ҳар кадом мехост, ки ҳамҷанги худро бардошта аз бом ба лаби ҳавз ҳаво диҳад. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо ба мақсад нарасида, ҳар ду бо ҳам ба лаби бом расиданд, дар он ҷо пои яке аз бом лағжид ва ҳарифаш хост, ки ӯро тамоман ба поён тела диҳад, ӯ ҳам дид, ки бо як пой бар лаби бом ва дар чанголи душман истодагарӣ карда наметавонад, хасмашро бо худ поин кашид ва ҳар ду муаллақзанон ба поён афтоданд.

Ин ҳолро дида, ҳар кадом аз тарафайн кӯшиш мекарданд, ки ҷангро дар миёнаи бом ва лаби пастаки он давом диҳанд. Аммо хумори ин ҷангарагони ваҳширо, ки аз ғазаб тамоман девона шуда буданд, ҷанги мушту чангол нашикаст ва ҳар кас дар фикри он афтод, ки ҳарба (силоҳе) ёфта, душмани худро тамоман мағлуб кунад ва ба ин мақсад ба ҳар тараф чашм меандохт.

Дар пушти дуконҳои сартарошхона як қатор кӯҳнадӯзҳо дар суффачаҳо ба болои сандаличаҳо нишаста кӯҳнадӯзӣ мекарданд ва чоку пораҳои пойафзоли мардумро дӯхта медоданд. Дар вақти ҷанг онҳо аз кор даст кашида, рост шуда, ҷангарагонро тамошо мекарданд. Дар дасти яке аз онҳо кӯбаи кафшдӯзӣ буд. Яке аз ҷангарагони силоҳталаб он кӯбаро дида, аз дасти кӯҳнадӯз кашида гирифта, бо он ба сари Махдуми Даврапилта зад, ки сари ӯ торс кафида, худ бар рӯи ҷойнамоз ғалтид. Ин ҳолро дида, ҳамаи ҷангарагон ягон-ягон ба тарафи кӯҳнадӯзҳо давида аз сари кори онҳо яке кӯба, дигаре болға, сеюмӣ анбӯр, чорумӣ шони мӯза ва масҳиро кашида гирифта ҷангро давом доданд.

Гурӯҳи анбӯҳи тамошобинон атрофи ҷангарагонро ҳалқавор фаро гирифта буданд, аммо касе ҷасорат намекард, ки ба миёна даромада, ин гургони ваҳширо аз ҳам ҷудо кунад. Чунки дар аввали кор як-ду нафар ба мақсади ҷудокунӣ ба миёна даромада, аз ду тараф ҳам мушт хӯрда, даст афшонда, худро канор кашида буданд. Баъд аз он ҳар кас, ки мехост ба миён дарояд, дигаре фарёд мекард: «гӯшти хар, дандони саг» – гуфтаанд, дидӣ, ки нашуд, мон, ки ин сагон гӯшти якдигарро ба ҷои гӯшти хар «нӯши ҷон кунанд».

Дар охир одамони қозикалон ва қушбегӣ, ки дар ҷамъомадҳои калон мутасаддии тартибнигоҳдорӣ буданд, ба сари кор расида омаданд ва дар ин вақт

бештарин аз тарафайн маҷрӯҳ шуда ба замин афтодагӣ ва давомкунандагони ҷанг ҳам сару рӯй кафида ва хуншор шудагӣ буданд.

Одамони ҳокимон давомдиҳандагони ҷангро дастгир карда, аз ҳамдигар ҷудо намуданд ва ароба оварда, маҷрӯҳони сахтро ба беморхона гусел карданд ва захмиёни сабукро ба қозихона барои ҳабс кардан burданд.

Ин буд аҳволи «моҳи рамазони муборак» дар Бухорои «шариф».

* * *

Албатта, ин аҳволи моҳи рамазони Бухоро, ки дар ду боби болоӣ зикр ёфт, ба оммаи аҳолии меҳнаткаши ин шаҳр ҳеҷ дахл надорад ва дар моҳи рамазон азобкашандагон ҳам ҳамин омма буданд. Масалан, гирем машкобонро. Машкобон аз сафед шудани рӯз то торик шудани шаб машкҳои пуроби ҳафт-ҳаштсатилиро ба дӯши худ бардошта, ба ҳавлии қорориҳошон то ҳазор-ду ҳазор қадам мебурданд ва дар ошёнаҳои дуюми Кӯкалтош, Девонбегӣ ва Мири Араб барин мадрасаҳои калон бо зинаҳои 40 – 50-поғундагӣ боло мебароварданд.

Дар ғайри моҳи рамазон низ ин кор хеле зӯрталаб бошад ҳам, машкобон дар байни кор гоҳо бо як луқма нон як пиёла чой нӯшида, қадаре дам гирифта, ба анҷом мерасонданд. Аммо дар моҳи рамазон дар зарфи 14 – 16-соата гуруснагӣ ин гуна корро давом додан қариб тоқатнопазир буд, ба болои ин ба муносибати рамазон ва меҳмондорӣ дар хонадонҳо сарфи об зиёдтар мешуд, ки вай ба болои машкобон сарборӣ буд.

Бинобар ин машкобон вақти шом ба хонаи худ монда ва хаста шуда меомаданд ва бо ҳамаи ин шикамҳи гуруснаашонро маҷбур буданд, ки ба обу явғоне, ки занашон тайёр кардааст, пур кунанд, то ки барои фардо қуввати кор пайдо шавад. Баъд аз пур кардани шикам дар ҳолати мондагӣ хобидан боз онҳоро афсурдатар мекард. Бо ҳамаи ин маҷбур буданд, ки саҳар хеста таоме хӯранд ва аз биму гуруснагии дуру дарози рӯзона, хоҳ дилашон кашад, хоҳ накашад, чизеро ба даҳонашон тиққонда фурӯ мебурданд ва рӯз сафед шудан ҳамон ба кор мебаромаданд.

Баъзе пиртар, ҳатто миёнсолтари онҳо, дар даҳаи аввали рамазон, бисёр дер кашад, то понздаҳи он моҳ, аз кор баромада, бемори бистарӣ шуда мехобиданд.

Аҳволи пойабзолдӯзон ҳам наздик ба ҳамин буд: онҳое, ки дар устохонаҳо бо бунак баста шуда буданд, агар дар ғайри моҳи рамазон дар шабу рӯз дувоздаҳ соат кор кунанд, дар рамазон шонздаҳ соат кор мекарданд, чунки устокорҳо (соҳибони устохона) ба муносибати моҳи рамазон супориши идонаи бисёре мегирифтанд ва баҳои супориши идона аз супоришҳои одӣ (дарозмӯҳлат) қиматтар бошад ҳам, музди кори халифагон монанди пештара мешуд.

Халифагон маҷбур буданд, ки то намози шом кор кунанд ва дар вақти ифтор (рӯзакушоӣ) чизе хӯрда, боз корро то вақти таоми саҳарӣ давом медоданд ва баъд аз таоми саҳарӣ, ки хеле дилнокашона мехӯрданд, бо ҳамон шиками зӯр ба зӯракӣ пур кардашуда мехобиданд. Аммо баъд аз чандсоата хоб устокор омада, ҳамаашонро бедор карда, ба кор меандохт ва баъд аз он худ ба хонаи дарунаш даромада то бегоҳӣ ба ҳузур мехобид.

Пойабзолдӯзон дар даҳаи охирини рамазон ҳатто то бист соат кор мекарданд, чунки ба воситаи наздик омадани ин талаби супоришдодагон сахттар ва



ҷиддитар мешуд, ва устокор ҳам халифаҳои худро ба бисёртар кор кардан маҷбур мекард.

Онҳо се рӯзи охири рамазон то пагоҳи ид қариб нахобида кор мекарданд, то ки супоришҳои идона ба анҷом расад. Бинобар ин бештарини пойабзолдӯзони ҷавон ҳам ё дар миёнаи моҳи рамазон ва агар бисёртар тобоварӣ кунанд, дар рӯзи ид бемор шуда меафтоданд.

Пойабзолдӯзони яккадаст, ки дар хонаи худ ва ба сари худ ва «озодона» кор мекарданд, низ аз ин ташвиш озод набуданд: аз як тараф, онҳоро ба муносибати моҳи рамазон ва наздик омадани ид вофурӯшоне[268], ки молашонро харида мефурӯхтанд, ба бисёртар баровардани кор маҷбур кунанд, аз тарафи дигар, худи онҳо ҳам маҷбур буданд, ки дар ин моҳ супоришҳои берунаи гароннархро бисёртар гиранд, то ки хароҷоти барзиёди рамазониро таъмин кунанд, чунки дар моҳи рамазон онҳо маҷбур буданд, ки ҳар рӯз барои ифтор, ҳеҷ набошад, якто нони бозории кунҷидӣ, як коса нишалло ва обинабот гирифта пеши зану фарзандонаш гузоранд ва то рӯзи ид барои бачагон ва занашон либоси наве таҳия намоянд.

Аҳволи дигар ҳунарпешагон, масалан, бофандагон ҳам ҳамин тарз буд.

Аҳволи гилкорон, дуредгарон ва наққошон ҳам дар моҳи рамазон танг мешуд, чунки дар ин моҳ иморатсозӣ тамоман таътил мешуд ва бинокорон маҷбур буданд, ки харҷи барзиёди моҳи рамазонро бо қарз гирифтан аз болои кориояндаашон таъмин намоянд.

Аз ҳама сахттар ва бадтар аҳволи мардикорон буд: одатан камбағалони безамини саҳро ва пойбараҳнагони шаҳр ҳар рӯз дар Регистони Бухоро ҷамъ мешуданд ва одамони толиб омада онҳоро рӯзқарор ба корҳои сиёҳ мебурданд. Дар рамазон, ки корҳои бинокорӣ ва ҳар гуна корҳои сиёҳи дигар мехобид, мардикорон бекор мемонданд.

Агар аҳёнан ба касе мардикор даркор шавад ҳам, ба муносибати моҳи рамазон яке ё чанд нафари онҳоро нимрӯза ва бе хӯрок мебурд ва музди нимрӯзаи бехӯрок, ки онҳо мегирифтанд, ба нони хушки якрӯзаи худҳошон ҳам намерасид ва зану фарзандонашон тамоман гурусна мемонданд. Ба ҳамин тариқа, барои мардикорон, ки то дасташон наҷунбад, даҳонашон намеҷунбид, бекории рамазон як балои азим буд.

Аҳволи гаҷкӯбон, хоку хишткашонон, ки ба бинокорӣ вобаста буданд, дар моҳи рамазон аз аҳволи мардикорон беҳтар набуд ва барои хоку хишткашонон дар як моҳи бекории рамазон сер карда истодани харҳои боркашашон хароҷоти сарборӣ буд.

Ана ҳамин аҳволи умумии рамазонии оммаи меҳнаткашонро ба назар гирифта, яке аз шоирони ҳамон замон:

Рамазонро маразон* хонам аз он –
Рӯз бемораму шаб бадтар аз он

гуфтааст ва бо ин ду мисраи сода тарҷумони забони ҳоли умуми меҳнаткашон гардидааст.

* Маразон – агар ин калима тамоман арабӣ ҳисоб карда шавад, маъниаш ду беморӣ мешавад, агар «он»-и охири калима аломати ҷамъи тоҷикӣ ҳисоб карда шавад, бемориҳо мешавад.

## ИДИ НАВРӮЗӢ ВА САЙРИ ШИРБАДАН

Иди Наврӯз, ки дар сари соли шамсӣ[269] дар аввали ҳамал[270] сар мешуд, яке аз идҳои пеш аз исломият аст. Бинобар ин халқи тоҷик, дар ҳолате, ки иди рамазон ва иди қурбон барин идҳои диниро як рӯз барпо медошт, иди Наврӯзро ҳафтаҳо давом медод.

Ба сабаби дар аввали баҳор, дар вақти ба ҳаракат даромадани тамоми растаниҳо рост омадани ин иди табиат инсон ҳам ба ҳаракат меомад. Аз ин ҷост, ки тоҷикон «ҳамал – ҳама чиз дар амал» мегӯянд. Дар ҳақиқат, ин ид ба ҳаракат омадани киштҳои ғалладона ва сар шудани киштукори дигар ҳосилоти заминӣ буд, ки инсонро сер карда, сабаби бақои ҳаёти ӯ мешуданд.

Дар замонҳои пеш деҳқонони тоҷик пеш аз соли нав–пеш аз моҳи ҳамал–дар ҳар деҳа ба майдонҳо ҷамъ шуда гӯштигирӣ ва дигар ҳаракатҳои баданӣ карда, гӯё ба тани аз сармои зимистон афсурдашудаашон қуввати нав медоданд ва дар аввали ҳамал се рӯз сайругашти умумӣ карда, ба киштукор медаромаданд.

Аммо рӯҳониён ба ин ид ранги динӣ дода, «ҳафт салом»[271] тар карда хӯрданро расм карда, ӯро як манбаи даромади худ қарор доданд. Ҳатто беҳаётарин муллоён «дар бораи шарафи ин ид» аз номи пайғамбар ҳадисҳо сохта бофта бароварданд.

Амирони охирии Бухоро бошанд, ин идро дар роҳи дуру дароз машғул доштани халқ ба корҳои бефоидаи зарари моддинок истифода карда, ба ин восита худ осуда зиндагонӣ кардан хостанд.

Аз амирони Бухоро он касе, ки иди наврӯзро аз шакли халқигӣ бароварда ба вай ранги расмият дод, амир Музаффар буд. Ӯ ҳам ин корро баъд аз шикаст хӯрданаш дар ҷанги Россия кард. Аз рӯи қавли одамони куҳансоли ҳақиқатбин, ки ба нависандаи ин сатрҳо гуфта буданд, барои амир Музаффар баъд аз шикаст хӯрдан дар ҷанг дар пеши мардум обрӯе намонд, хусусан баъд аз он ки ӯ мардумро тороҷ карда, хазинаи дар ҷанг холишудаи худро пур кардан хост, нафрати мардум боз ҳам аз вай зиёдатар шуд. Бинобар ин ӯ дар ҳар ҷо, ки манзил кунад, чавкӣ (базми умумӣ) барпо карда, мардумро ба тамошои вай машғул мекард, то ки ба ин восита оммаи халқро водор кунад, ки аз кирдорҳои нописандидаи ӯ чашм пӯшанд ва ё ин ки ба дидани он кирдорҳо фурсат наёбанд. Аз ин ҷумла, ӯ дар Ширбадан ном чорбоғи худ, ки дар тарафи шарқии шаҳр ва ду километр дуртар аз вай буд, ҳар баҳор сайри наврӯзӣ ташкил медод, ин сайрҳои ӯ то ду моҳ, ҳатто то ҳафтод рӯз давом мекард. Ӯ дар ин сайр аз туманҳо (районҳо)-и Бухоро ҳама созандагон ва паҳлавонони халқро ба тарзи маҷбурӣ меовард ва онҳоро чор ҳокими туман (қозӣ, раис, амлокдор ва миршаб) ғундошта меоварданд. Онҳо дар атрофи чорбоғи Ширбадан, дар ҳавлиҳои деҳқонон манзил карда, аз аввал то охири сайр бо харҷи худ зиндагӣ намуда, сайри амирро зинат медоданд.

Дар ин муддати дуру дарози аввали баҳорӣ ҳамаи корҳои деҳқониашон мемонд ва вақти киштҳои баҳорӣ мегузашт.

Дар ин сайр на танҳо онҳо аз кор мемонданд, ки аз тарафи амир маҷбуран оварда мешуданд, балки бисёр деҳқонон ва деҳқонписарон хоҳ-ноҳоҳ барои тамошои сайр омада, хароҷот мекашиданд ва аз кор мемонданд.



Амир Музаффар дар ин сайр танҳо ба машғул доштани халқ қаноат накарда, тарсондани онҳоро низ мақсад карда гирифта буд. Бинобар ин бо фармони ӯ дар сайргоҳ – дар ҷое, ки ҳар тамошобин аз он ҷо як бор-ду бор мегузашт, хандақе кофта монда буданд ва дар канори он хандақ дар пеши назари тамошобинон ҳар рӯз якчанд бандиро аз зиндон оварда мекуштанд, то ки ба мардум ибрат шуда, дигар дар пайи исён наафтанд, дар ҳақи амир бадгӯӣ накунанд ва аз фармонҳои ӯ сар напечанд. Мурдаҳои он мақтулон як рӯзи дароз дар лаби он хандақ меистод ва рӯзи дигар ҷои мурдаҳои кӯҳнаро мурдаҳои нав мегирифтанд.

Амир дар он сайр ба овардани аҳолии туман (район)-ҳои Бухоро қаноат накарда, паҳлавонон ва аҳолии Қаршӣ, Шаҳри Сабз, Хатирчӣ, Кармина ва Нурато барин музофотҳои Бухороро ҳам ҷалб мекард. Аз ин бало танҳо аҳолии кӯҳистон халос буданд, ки барои дурии роҳ овардани онҳо имкон надошт.

Дар вақти Абдулаҳад аз тарси русҳо дар сайргоҳ одамкушӣ кардан барҳам хӯрда, муддати сайр ҳам то як моҳ ва понздаҳ рӯз кӯтоҳ шуда буд, аммо дар бадали ин кӯтоҳӣ дар Ситорамаҳхоса ном чорбоғе, ки ӯ сохта буд ва дар Кармина, ки бештарин худи ӯ дар он ҷо буд, баъд аз сайри Ширбадан понздаҳрӯзӣ ё якмоҳӣ боз сайр мешуд ва муддати ин се сайр бо ҳисоби андаряк баробари муддати сайрҳои падараш мегардид. Абдулаҳад дар сайри карминагии худ роҳи одамҳоро ба якдигар ҷанг андохтанро «ихтироъ» карда буд, ки мо дар бораи он кор дар боби дигар гап мезанем[272].

* * *

Дар Ширбадан сайргоҳи асосӣ дар ду тарафи роҳи калоне, ки аз пеши чорбоғи амир мегузашт, бино ёфта буд: дар вақти аз шаҳр рафтан дар дасти чап майдони атрофаш иҳота кардашудае буд, ки вайро чилтанобӣ (даҳгектарӣ) меномиданд ва дар он бо дарвозаи калоне даромада мешуд.

Дар даруни ин иҳота аввал масҷиди ҷомеъ, баъд аз он майдонҳои чавкӣ (базми умумӣ) ва дигар тамошохонаҳо воқеъ шуда буд ва дигар ҷоҳои онро озуқафурӯшон, қассобон ва ошхонадорон ишғол мекарданд.

Аз охири ин майдон бо як дарвоза ба роҳи калон баромада мешуд ва дар тарафи ҷануби ин ҷой роҳи дарвозаи чорбоғи амир ва дар паҳлуи дарвозаи чорбоғ айвонҳои пешкушода бино ёфта буд, ки дар он ҷо барои тамошо дарбориён менишастанд. Дар тарафи шимоли роҳ айвони дарозе буд, ки дар вай дар айёми сайр баззозон, ҳалвогарон, атторон ва дигар дукондорон ҷой мегирифтанд.

Баъд аз дуконҳои ин дукондорон дар тарафи дасти чапи роҳ майдоне буд, ки вайро панҷтанобӣ (аз як гектар зиёдтар) меномиданд ва дар вай масҷиди панҷвақтӣ бино ёфта буд, ки дар он ҷо дар рӯзҳои сайр эшонҳои ҷаҳрӣ ҷаҳр карда нишаста «дукондорӣ» менамуданд. Идоракунандаи сайр – қозикалон ё раиси Бухоро ҳам дар ҳамин майдон чодир зада менишаст.

Баъд аз он дар дасти рост як майдони васее буд, ки вайро ҳафтодтанобӣ (тахминан ҳаждаҳ гектар) меномиданд. Дар қисми пеши ин майдон саркардагон ва савдогарони калон чодир мезаданд ва қисми пасини он иловаи чорбоғи

подшоҳӣ ба шумор мерафт, ки вайро дарахтони мевадор ва соядор фурӯ гирифта, заминаш пур аз сабзиву себарга буд.

Тамошогоҳи асосии сайр пеши дарвозаи подшоҳӣ буд, ки ҷои тангтарини ин сайргоҳ ҳамон ҷо буд. Ҳар пагоҳ дар он ҷо аввал чавкӣ ва баъд аз он маъракаи гӯштигирӣ ташкил меёфт. Ин тамошоҳоро дар ин ҷо аввал дарбориён бо осудагӣ ва баъд аз он дукондорон бо нимосудагӣ медиданд.

Аҳолии шаҳру саҳро, ки гурӯҳ-гурӯҳ меомаданд, чизеро намедиданд, чунки ясавулон барои нигаҳдории майдони базм ва гӯштӣ онҳоро бо чӯбдасти худ зада пас шинондан мехостанд ва гурӯҳҳои нав, ки аз пас меомаданд, онҳоро зер карда пеш гузаштан мехостанд. Бинобар ин аҳолии одии тамошобин на пеш рафта метавонист ва на пас, ба болои ин ҳар соат бими он буд, ки дар зери гурӯҳи анбӯҳ монда поймол шавад.

Нависандаи ин сатрҳо дар аввал бор диданам он сайру сайргоҳро таассуроти худро дар шакли достон ба назм даровarda будам ва мехоҳам он достонро интихоб ва ислоҳ намуда, ба хонандагон пешкаш намоям. Азбаски дар он вақтҳо ман «Шоҳнома»-и Фирдавсиро бисёр мехондам, шакл ва услуби вай ба ин достон бе таъсир намондааст.

## ДОСТОНИ САЙРИ ШИРБАДАН

Зимистон гузашта, шуда навбаҳор.
Фалак беғубору замин сабзазор.
Ҳаво буд форам, на сарду на гарм,
Насимаш чу анфоси* маҳбуба гарм.
Чи беди сиёҳу чи беди сафед,
Ҳама гашта хушбӯй чун мушкбед.
Дарахтони сесабзаи мевадор
Шукуфта зи мастӣ чу рӯи нигор.
Зи бас ҷашни фирӯзи Наврӯз буд,
Ҳама чиз гӯё ки фирӯз буд.
Шуда ҷашн барпо ба наврӯзгоҳ,
Ба як Ширбадан ном маъвои** шоҳ.
Равон гашта мардум ҳазорон-ҳазор
Ба он ҷашн, масрур ёрон ба ёр,
Фараҳнок буданду хурсанду шод,
Маро лек як кас намекард ёд.
Дар он рӯз берун зи байтулҳазан***.
Шудам, якка рафтам ба он анҷуман,
Ки асбоби ишрат муҳайё ҳама,
Раҳу растаҳо хубу зебо ҳама.
Фурӯшанда ҳар қисм гӯӣ ту ҳаст,
Агар касби аъло, агар касби паст.
Хӯроки муҳайё зи ҳар гуна ош,
Палав бо чалав**** ҳар тараф чош-чош.
Ба пулдор рӯзӣ кабобу шароб,
Вале «бепулон хӯрда дуди кабоб».

* Анфос – нафасҳо.
** Маъво – бошишгоҳ.
*** Байтулҳазан – ғамхона.
****Чалав – кабобест, ки бо палав хӯранд.



Амирони аскар ба ҷои васеъ
Зада хиргаҳу хаймаҳои рафеъ.
Ба як сӯй хиргоҳи туҷҷор[273] буд,
Ба як сӯй даллоли бозор буд.
Кашида ба хайма брезин* ба сар,
Ки то барфу борон насозад асар,
Бисоти ҳарири кати зарнигор
Ба ҳар хайма омода се то чаҳор.
Ба дарбори шоҳӣ нишаста ба саф
Сипоҳони зарринкамар ҳар тараф,
Ки дар наздашон базм барпой буд,
Ба созу ба овозу рақсу суруд.
Зи анбӯҳи мардум дар он анҷуман
Набуд лек як ҷои сӯзан задан.
Ба мардум набуд роҳи осоише,
На ҷое, ки ёбанд оромише.
Ба по рост истода мекард гӯш
Тамошогар он созҳо, не ба ҳуш.
Ҳама ҳуш дар банди он ки мабод
Бияфтад, диҳад ҷони ширин ба бод.
Бале, кас бияфтад дар он растухез,
Шавад пайкараш бегумон рез-рез.
Мани хаста истода дар гӯшае,
Даҳан во, ду дида ба ҳар гӯшае,
Зи бими фитодан танам бемадор,
Баногоҳ як тӯдаи нобакор.
Ба сӯям чу тарма давон омаданд,
Дилу дасту поям ба ҷон омаданд.
Ғараз уфтодам зи по бар замин,
Ба тарзе, ки мақтуле аз рӯи зин.
Ба як сӯ тани хешро дар замон
Кашидам ба сад зӯр аз ҳавли ҷон.
Вале бими он буд дар айни ҳол
Ба анбӯҳи дигар шавам поймол.
Дар он ҳол як марди некӯсияр**
Раҳондам аз он вартаи пурхатар,
Ба дукони худ бурду ҷое шинонд
Зи қайди парешониам вораҳонд.
Мапурсидам аз номи он некмард,
Вале буд ӯро лақаб Ҳоҷӣ Зард.
Зи аҳли замон марди ғамхори кас
Тавон гуфт як Ҳоҷӣ Зард асту бас.
Басе сол гардида гирди ҷаҳон,
Сухансанҷу ҳаззолу[274] ширинзабон...
...Муяссар маро шуд чу ҷое чунон,
Нишастам, зи ғам дуру осуда ҷон.
Ба Ҳоҷӣ бигуфтам зи шукрон сухан,
Тамошокунон тарҳи он анҷуман.
Шуд охир чу ҳангоми созандагон,
Дафу ной бурданд аз он миён.
Пайи гӯштин маърака соз шуд,
Сӯи гӯштин дидаҳо боз шуд.
Ҳама паҳлавонони зӯру далер
Қадам монда нотарс чун наррашер,
Раванда чу Рустам пайи корзор,
Чу Сӯҳроб дар ҷанги хасм устувор.
Ҳама чусту чолоку соҳибҳунар,
Ҳунарҳо нишон дода бар якдигар:

*Брезин – Брезент.
** Некӯсияр – некӯтинат, некӯботин.

Ба дастпечу қалмоқию қоқма
Занад он яке он дигареро ба та.
Чу ҳангомаи гӯштин даргузашт,
Тамошогарон ҳар тараф ҳафту ҳашт.
Хиромон гурӯҳе сӯи сабзазор,
Ба ҳам гарми ҳар гуна гуфтугузор,
Гурӯҳе шуда дар пайи ошу об,
Гурӯҳе сӯи чавкии Чилтаноб.
Ман он гаҳ тамошогаҳе кофтам,
Ба дарвозаи сирк раҳ ёфтам.
Чу белат гирифтам, шудам дар дарун,
Ки он ҷой будаст аълою дун:
Ба пеш устали ложагӣ буду бас,
Зада тахтаи «первойҳо» зи пас,
Паси он зада тахтаи «ифтарӯй»
Ба тартиби нағзу ба тарҳи накӯй,
Ба саввум макон низ ҷои нишаст
Тамошогарон рост аз тахтабаст.
Чу буд белатам чорумин ҷойҳо,
Ба ҳоли забуни паси тахтаҳо,
Ба по рост истода кардам назар
Ҳама кори он сиркро сар ба сар:
Нахустин кашиданд симе дароз,
Баромад зани русии симбоз.
Ба боло, чунон лӯъб* оғоз кард,
Ту гӯӣ, ки мурғест парвоз кард.
Ба таҳсини ӯ ҷумлагӣ ҳамзабон –
Ҳама офаринхон, ҳама кафзанон.
Пас он гоҳ як аспи шабранги хуб,
Намуда зани аспбозе рукуб.
Баромад, чунон сахт маҳмез кард,
Ки тавсан гаҳе резу гаҳ хез кард.
Набуд пешаш аз зина фарқи рикоб,
Ба ӯ буд болои зин ҷои хоб.
Пас он гоҳ ду руси бисёр шӯх,
Сухан карда оғоз бо номи бух.**
Намуданд бо ҳазл гуфтушунуд,
Забоншон ба ман лек равшан набуд.
Дигар паҳлавоне ба сони ҳузабр,***
Сару синаву дасту поҳо ситабр.****
Баромад, ду-се санги вазнин зи ҷо
Ба сар бурду гардонду зад зери по.
Дигар нозанинони русинажод
Дилу ҳушу тоқат диҳанда ба бод.
Ба овози созу ба оҳанги кӯс
Басе рақс карданд дар роҳи рус.
Дар он байн духтарчае Нина ном.
Ба овози хубу ба ҳусни тамом.
Суруде сароиду рақсе намуд,
Ба санъат ту гӯӣ, ки мислаш набуд.
Ба овози ӯ ҳар касе гӯш кард,
Дигар созҳоро фаромӯш кард.
Пайи рақс печид бар худ чунон,
Ки гуфтанд ӯ ҳаст беустухон.
Пас он гаҳ иҷозат шуд аз он мақом,
Ки берун бароед, бозӣ тамом.

* * *

* Лӯъб – бозӣ.
** Бух – бог, Худо.
*** Ҳузабр – шер.
**** Ситабр – азим ва ғафс.



Чу берун шудам, дидам аз рӯи кор,
Ки соат гузаштаст хеле зи чор.
Маро буд дар шаҳр коре зарур,
Гузаштам зи савдои сайру сурур.
Ба дарвозаи Чилтаноб омадам,
На оҳиста, бо сад шитоб омадам,
Чу дидам яке фойтуне баҷо
Муҳайёст истода баҳри киро,
Зи чандию чунеш гуфтушунуд
Накарда, нишастам ба зудии зуд.
Зи дунбол се кас давон омаданд,
Сӯи фойтун дапкунон омаданд,
Ки: «ин фойтун аст баста ба мо,
Фуро зуду бигзор чуну чаро!»
Яке з-он кас лек хомӯш буд,
Ба чашми ман он некмарде намуд.
Бад-ӯ гуфтам: «эй марди некӯамал!
Дигар фойтун нест дар ин маҳал?
Диҳетон дар ин ҷо маро низ ҷо,
Диҳам бекаму кост ҳақи киро».
Бад-ин гуна як-ду суханҳои гарм
Дили он касон гашт филҷумла* нарм.
Вале фойтунчии шуми дағал
Маро дид бечораву камбағал:
«Қӯюнг шелани**», – гуфт, – мулло, тушунг!»
Намезад ба ман ҳарф, илло «тушунг!»
Фуруд омадам пас ба сад изтироб,
Диле пур зи хун, дидаи пур зи об...

* * *

Дар вақте ки нависандаи ин сатрҳо дар сайри Ширбадан сирки русиро аввалин бор дидам ва чунонки дар достони «Сайри Ширбадан» ёд карда шуд, аз бозигарони сирк Нина ном духтарча диққати ҳамаро ва аз он ҷумла, диққати маро ҷалб намуд, ман пеш аз навиштани достони мазкур дар бораи он духтарча ғазале ба тарзи мувашшаҳ тасвид намуда будам. Дар охири ин боб дар ин ҷо навиштани ҳамон ғазал ҳам муносиб дида шуд, ки ин савияи сайри адабии муаллифро дар жанрҳои гуногуни шеър нишон медиҳад.

Он ғазал ин аст:

Нозукбутеро дар сайргаҳ дӯш
Дар сирк дидем, гаштем мадҳӯш.
Европазоде, русинажоде,
Насринбарудӯш, софибаногӯш.
Навбарниҳоле, дуҳафтсоле,
Натвон тамаъ кард з-ӯ бӯсу оғӯш.
Ҳар кас ки дида он наврасида,
Аз даст дода сабру дилу ҳӯш.
Ҷону сару дин дар роҳи ӯ бин,
То ҳаст мумкин, дар васли ӯ кӯш!
Оромиҷоне, ҷони ҷаҳоне,
Озодсарве, сарве қабопӯш.
Номе гузорӣ, то ёдгорӣ,
Бо номи он шӯх Айнӣ қадаҳнӯш!

1317 ҳиҷрӣ (1899 милодӣ)

*Филҷумла – андак.
**Шела– хушомади бардурӯғ, риёкорона.

## ОҚИБАТИ КОРИ МАХДУМИ ГАВ

Ман дар қисми II-и «Ёддоштҳо» дар қисми III ёд кардани оқибати пурфоҷиаи Махдуми Гав ва Рустамчаро ваъда карда бошам ҳам, ин воқеаҳо дар вай нагунҷиданду навиштани онҳо ба ин қисм рост омад. Ман мехоҳам дар ин боб ва дар боби оянда ба он ваъдаи худ вафо кунам.

Ман баъд аз кӯчиданам аз мадрасаи Мири Араб аз аҳволи Махдуми Гав ва Пирак бехабар мондам ва бо онҳо дар ягон маҷлис ҳамсӯҳбат шудан рост наёмад. Бо Пирак дар раставу бозорҳо дар ҳолати роҳгузарӣ гоҳо рӯ ба рӯ омада бошам ҳам, бо як саломалеки саризабонӣ аз ҳамдигар гузашта мерафтем, чунки дар кӯчаҳои танги шаҳри Бухоро дар байни анбӯҳи раванда ва ояндагон фурсати аҳволпурсӣ ёфт намешуд.

Махдуми Гавро бошад, дар кӯчаҳо ҳам  рост наёварда будам. Аммо дар бораи ӯ гоҳ-гоҳ аз Мулло Ҳомида Савтии ғиҷдувонӣ ва Зайниддинхоҷа чизҳои аҷиби ақл қабулнакунанда мешунидам. Назар ба қавли онҳо, ӯ аввал кӯкнории гузаро шуда аз мардум рӯ гардонда, бо кӯкнориён унс ва улфат гирифтааст ва хобухези худро ҳам дар кӯкнорхонаҳо кардааст.

Баъд аз он аз онҳо ҳам рӯ гардонда, ба эшони Шояхсӣ даст дода – мурид шуда, хонақоҳнишин шудааст ва дар охир (дар вақтҳое, ки ман ба мадрасаи Кӯкалтош кӯчида будам) аз хонақоҳ ва шайхӣ ҳам дилгир шуда, дар мазори пуштаи Биҳиштиён, дар як гӯрхона истиқомат гузида, аз тамоми мардум худро канор гирифтааст ва танҳо бародараш Пирак ҳар рӯз як бор пеши ӯ рафта хӯрок ва наволаи нашъаашро бурда медодааст.

Чун ин ҳолати охирини ӯро ман шунидам, хостам бо ӯ мулоқот кунам. Рӯзе ҳамроҳи худ Муҳаммадсиддиқи Ҳайратро гирифта, ҳар ду ба қабристони пуштаи Биҳиштиён, ки дар тарафи шарқии қалъаи шаҳр буд, баромадем. Дар он ҷо гӯрхонаҳои харобшударо як-як дида, охир ба гӯрхонаи Муҳаммадшоҳи қушбегӣ расидем, ки бинои вай нисбатан қобили истиқомат буд. Чун даруни гӯрхона даромадем, дари як ҳуҷра кушодагӣ буда, аз он ҷо садои сурфаи касеро шунидем. Аммо ҳарчанд дари он ҳуҷраро кӯфтем, ҷавобе нашунидем ва бо вуҷуди ин ба он ҷо даромадем. Ана дар ҳамин ҳуҷра Махдуми Гав хобида будааст.

Дар вақте ки мо ба он ҳуҷра даромадем, Махдуми Гав мурдамонанд беҳаракат мехобид. Магар аз садои пои мо огоҳ шуд, ки сар бардошта болишро дар зери пахлуи худ кашида ба ҳамон вазъият якпахлу нишаст. Маълум буд, ки ӯ қуввати дузону нишастан надошт. Дар бадани ӯ аз он танумандӣ ва гӯштдории пештарааш асаре намондааст ва гуфта мешавад, ки «чорчӯби қоқ шудааст». Риши сиёҳи кулӯтааш монанди як порча намади сиёҳи чиркине ба манаҳ ва рӯяш часпидааст; ранги рӯяш, пештар сиёҳчатоб буд, ба хокистарии бо сиёҳии дег омехташуда мубаддал гардидааст; аммо чашмонаш ҳарчанд пажмурда, хира ва ба да-руни косахона фурӯ рафта бошанд ҳам, монанди ситораи аз таги абр ногаҳон на-моёншаванда гоҳ-гоҳ шӯълаи нуре медурахшонданд ва лабонаш ҳар чанд хушк ва қоқ шуда бошанд ҳам, табассуми доимии аввалаи худро ҳанӯз барҳам надода буданд.

Ӯ маро шинохта ва бо шиносондани ман бо Ҳайрат шинос шуда, аз мулоқоти мо хурсанд гардиданашро маълум кард ва ба хурсандии худ ба тарзи зерин далел овард:

– Чунки, – гуфт ӯ, – ман то ҳол ба одаме вонахӯрдаам, ки бо ман ҳақиқатан дӯстона ва холис вохӯрад. Ту, ки, – гуфт ӯ ба ман хитоб карда ( ҳарчанд дар он вақтҳо синни ман хеле калон шуда, ҳатто хӯҷаини пештараам ҳам ба ман «шумо-шумо» гӯён хитоб мекард, ӯ «ту-ту» гуфт. Маълум шуд, ки ӯ маро монанди бародари худ медонистааст), – ту, ки, – гуфт ӯ, – бо бародарам дӯсти холис будӣ, дили ман дарёфт, ки бо ман ҳам дӯсти холис мебошӣ ва ин рафиқи азизат (Ҳайратро нишон дода) бояд ҳамфикри ту бошанд.

Махдуми Гав сухани худро давом дода гуфт:

– Воқеаҳои дар солҳои охир аз сари ман гузаштаро ҳар кас донад ҳам, дар ин муддат дар дили ман чиҳо гузаштанро ҳеҷ кас, ҳатто бародарам ҳам, намедонад. Чунки ӯ аз ҳар кадоми он корҳое, ки ман дар вақтҳои охир кардам, маро манъ мекард. Аммо ман қабул намекардам. Чун медидам, ки таклифи ӯ дуруст будааст, шарм мекардам, ки сирри дили худро ба вай кушоям. Акнун ки поям ба лаби гӯр расидааст, мехоҳам дарди диламро ба шумо, ҷавонони қобил, кушоям, то ки ин сирҳо бо ман ба гӯр наравад ва ҳам шумо аз аҳволи ман ибрат гирифта, дар дунё қадаматонро бодониста монед.

Ӯ чойникеро, ки дар хокистари оташи қӯрдори гулхан то даҳану нӯлаш гӯр карда шуда буд, аз он ҷо бароварда гирифта, ба пиёла камтар чой рехта, ҳалқи худро тар кард ва баъд аз он дар мақоми узр гуфт:

– Ман аз ин чой ба шумоён намедиҳам, чунки қобили нӯшидани шумоён нест, чойнику пиёла бисёр чиркинанд. (Ҳақиқатан ҳам чирки пиёлаву чойник нафратовар буд.)

Ӯ баъд аз тар кардани ҳалқаш сухани худро давом дода гуфт:

– Махдумон ва қозизодагони Бухоро ба ман ғалаба карда натавонистанд. Ин «зотҳои шариф», ки аз ҳад зиёд мағрур ва дар бораи одамон бепарво буданд, бо нӯшондан ва кашондани араку банги аз ҳад фузун ҳам натавонистанд, ки маро дузону шинонанд. Аммо дар охир худам худамро хароб кардам ва дида истодаед, ки оқибат ба ҳамин ҳол афтодам.

Ӯ баъд аз ин муқаддима чой нӯшида-нӯшида тамоми воқеаҳои дар солҳои охир аз сар гузаронидаашро ва ҳолатҳои аз дилаш гузаштаро ҳикоя кард.

Назар ба қавли Махдуми Гав, рӯзе Асадҷон-махдум, ки домоди қозӣ Сироҷ буд, барои ҳамроҳи худ саҳро бурдан ӯро ба хонааш ҷеғ задааст. Аммо дар вақти Махдуми Гав ба хонаи ӯ рафтан, худи ӯ дар он ҷо набудааст ва Исҳоқи аттор ном баршпаз* мехостааст, ки як қуттӣ барши кӯҳнаро аз нав қиём гирифта тоза кунад.

Дар ин ҷо ҳамин эзоҳро додан лозим аст, ки қозӣ Сироҷ додари қозӣ Бадриддин буда, ӯ баршхӯри гузаро буд ва дар ин кор чунон ҳарис буд, ки ҳар вақт дар хонаи худ чандин қуттӣ баршро анбор карда мемонд, чунки барш ҳар чӣ қадар кӯҳнатар шавад, ҳамон қадар зӯртар мешавад. Барши кӯҳнаро дар вақти ба кор бурдан аз нав қиём гирифта қадаре нарм мекарданд.

* Барш – як маъҷуни серафюн аст, ки одамро маст мекунад ва баъд аз одат кардан, аз вай халосӣ мумкин нест.

Исҳоқи аттор Махдуми Гавро фармудааст, ки барши кӯҳна ва сахтшударо бо белча аз қуттӣ канда ба деги асалдор андозад ва худи ӯ ба растаи атторӣ рафта, аз дуконаш хабар гирифта омада, қиём хоҳад гирифт.

Исҳоқи аттор рафтааст ва Махдуми Гав кор сар кардааст. Ӯ дар ин бора гуфт:

– Ман як белча баршро канда ба дег андозам, белчаи дуюмро ба даҳони худ меандохтам, чунки таъми вай ширини тундакак буда, ба даҳонам форид ва аз таъсири ҳалокатовари ӯ дар он вақтҳо хабар надоштам.

Ин таъбири Махдуми Гав муболиғанок бошад ҳам, ҳамин маълум аст, ки ӯ дар ҳамон рӯз аз ҳад афзун барш хӯрдааст ва то он вақт соҳиби хона омада ва меҳмонони дигар ҳозир шуда, ҳамаашон аробасавор роҳи саҳроро пеш гирифтаанд.

То нимаи роҳ Махдуми Гав дар ҳолате афтодааст, ки чашмаш ҷоеро намебинад ва сар то пои баданаш гӯё аланга бароварда месӯзад. Дар ин вақт ба лаби ҷӯи калоне расидаанд, ки аробакаш аспро ба об мондааст. Махдуми Гав ба ин восита аз об хабардор шуда, худро бо либоси худ ба ҷӯй задааст.

Он рӯзҳо айёми зимистон буда, бар рӯи об шӯшаҳои ях меомаданд. Баъд аз қадаре дар об истодан чашми Махдуми Гав кушода гардида, дилу баданаш ҳам қадаре осуда шудаанд. Дар ин вақт ӯ гуфт:

– Шӯшаҳои ях, ки баданамро харошида мегузаштанд, ба ман чунон мефорид, ки гӯё дар ҳаммом ходимчӣ танамро бо халта молиш дода собун зада истода бошад.

Хулоса, баъд аз соатҳо дар об истодан бадани Махдум сардиро ҳис карда, ӯ аз об баромадааст. Баъди аз саҳро омадан, Махдуми Гав ин воқеаро ба Исҳоқи аттор ҳикоя кардааст ва ӯ дар ҷавоб гуфтааст:

– Нимаи он барше, ки шумо хӯрдед, агар каси дигар мехӯрд, ҷо ба ҷо мемурд. Бадан ва мизоҷи шумо, ки фавқулода зӯр аст, ба он заҳри қотил тоб овардааст. Агар шумо ҳам ба яхоб намедаромадед, мурданатон муайян буд. Аммо агар баршро бо эътидол, мувофиқи фармудаи табибон хӯред, аз дигар нашъаҳо тамоман даст мекашед, чунки кайфи нозуки инро на шароб медиҳад ва на банг.

Махдуми Гав ҳикояти худро давом дода гуфт:

– Ман, ки арақу банг ба дилам зада буданд, баршхӯриро озмудам ва дидам, ки дар ҳақиқат кайфи нозуке дорад, ин корро давом додам.

Назар ба қавли Махдуми Гав, ӯ аввалҳо кам-кам барш хӯрдааст ва баъд аз одат шудан дидааст, ки таъсир намекунад, кам-кам зиёд кардааст ва дар охир ба дараҷае расидааст, ки дигар зиёд кардан мумкин нест. Чунки баъд аз хӯрдани он мурда барин шуда мехобидааст, аммо таъсире намеёфтааст ва ӯ тарсидааст, ки агар боз зиёд кунад, мумкин аст бимирад.

Дар ин миён кӯкнорие ба ӯ рост омада, ин ҳолати ӯро фаҳмида, гуфтааст:

– Беҳтарини нашъаҳо кӯкнор аст!

Махдуми Гав ин «тавсия»-ро озмуда дидан хоста, ба замми барш кӯкнор ҳам нӯшидааст. Чунки ӯ шунида будааст, ки хоҳ барш бошад, хоҳ кӯкнор, баъд аз одат шудан, тарк кардан мумкин нест, ҳар касе, ки ин корро кунад, баданаш реш-реш гардида, азоб кашида хоҳад мурд.



Чун дар аввали кор кӯкнор «кайфи» хубе додааст, ӯ ба ин кор тамоман дода шуда, манзили худро дар кӯкнорхонаҳо кардааст. Ӯ дар ин бора гуфт:

– Кайфи баршу кӯкнор ба ҳам омехта, маро тамоман аз дунё берун кард. Ман баъд аз хӯрдани барш ва нӯшидани кӯкнор сари худро хам карда ва чашмонамро пӯшида соатҳо дар дарёи хаёлот фурӯ мерафтам. Дар охир ба ҳамин қарор омадам, ки «ман тамоман аз дунё берун шудаам, ҳатто ба ман асаре аз одамият ҳам намондааст ва ман чаро ба ин ҳол афтодам? Пас чӣ бояд кард?» – Ӯ давом намуда гуфт: – Ҳарчанд фикр кардам, роҳи дубора ба дунё даромаданро наёфтам. Боз хаёлотам боло рафт ва дар назари ман «охират»-ро, «ҷаннат ва ҳуру ғилмон»-ро ҷилва дод ва дар он ҳол дар худ фикр кардам: «Модом ки дунё аз даст рафт, охиратро ба даст даровардан даркор аст!» Ва бо ин хаёл ба шайх даст додан – аз ҳама гуноҳҳо ва аз ҳама корҳои дун тавба карда, ба худо дода шуданро пеши худ қарор додам...

Ӯ баъд аз ҷуръае чой нӯшида ҳалқи худро тар карда дам гирифтан, боз сухани худро давом дод:

– Ман ин хаёлот ва ин қарори худро ба ҳамкосаҳоям – ба кӯкнориҳои дигар нагуфтам. Чунки борҳо ман мақсад ва орзуҳои онҳоро озмуда дида будам: онҳо ҳам аз ғами дунё ва ҳам аз фикри охират фориғ буданд. Ба назари онҳо кӯкнор нӯшида, сар хам карда, чашм пӯшида, ба якдигар гапҳои ширин гуфта нишастан аз ҳамаи давлати дунё ва «неъмати охират» беҳтар буд. Бинобар ин, бе он ки ба онҳо чизе гӯям, ба калонтарин хонақоҳи Бухоро, ки хонақоҳи Шояхсӣ мебошад, рафтам ва ба машҳуртарини шайхи замон, ки эшони Шояхсӣ аст, даст додам ва аз ҳама корҳои дун тавба кардам, ғайр аз баршу кӯкнор, ки барои нигаҳдории ҳаёт аз онҳо даст кашидан мумкин набуд. Шайх ҳам баршхӯрӣ ва кӯкнорнӯширо безарар шумурда, ба ман рухсат дод, ки ин кори худро давом диҳам. Аз муридонаш чанд кӯкнориҳо буданд, ки яке аз ҳуҷраҳои хонақоҳро ба худ кӯкнорхонаи хос карда гирифта буданд. Бо онҳо ҳамкоса шуданро ба ман маслиҳат дод. Барш бошад, додарам қуттӣ-қуттӣ бурда медод, ки аз ин роҳ ҳам тангӣ намекашидам.

Баъд аз кайфро ба ҷояш овардан, ба умеди зуд ба Худо расида охиратро ба даст даровардан, вирду авроди шайх таълимдодаро такрор мекардам ва ҳар гуна корҳои сиёҳи хонақоҳ ва хонаи шайхро ҳам ба ҷо меовардам.

Назар ба қавли Махдуми Гав, ӯ як сол дар хизмати хонақоҳ ва шайх давом кардааст, аммо ҳарчанд кӯшиш намудааст, роҳи ба Худову охират расиданро наёфтааст, баръакс дар он ҷо аз тарафи шайх ва муридони наздики ӯ ба амал оварда шудани пасттарин корҳои дунёро пай бурдааст.

Муридони наздики шайх, ки аз чор ё панҷ нафар зиёда набуда, дар ҳарамсарой ва дар ҳуҷраи хос маҳрами ӯ буданд, ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки муридони беруна ҳамаи буду нобудашонро ба шайх супурда худ тарки дунё кунанд, яъне аз ҳосили дастранҷи худ, ки аз роҳи деҳқонӣ, ҳайвонпарварӣ ва аз касбу пешаҳои дигар меояд, худ баҳра набаранд, фақат ба хӯроку пӯшоки ба қадри зарур қаноат кунанд. Муридони муқарраб беҳаёиро ба ҷое расонда буданд, ки аз оммаи муридон касони духтардорро далолат мекарданд, то духтари худро ба шайх ҳадя карда оварда, ба ҳарамсарои ӯ супоранд.

Соҳибҷамолтарини ин гуна духтарон аввал насибаи шайх, баъд аз он рӯзии муридони муқарраб мегардиданд. Ҳар гоҳ ки ба ҳарамсарой духтарони обнорасидаи тозатар пайдо шаванд, шайх кӯҳнаҳоро «падарӣ карда», ба муридони дараҷаи дуюм никоҳ карда медод. Духтарони баднамо ва дилнокаш дар хизмати ошхона, хамирхона ва ҷомашӯйхонаи шайх, ки ин «хонаҳо» бояд дар ҳар шабу рӯз барои садҳо нафар хонақоҳнишин кор мекарданд, мепӯсиданд.

Муридони муқарраб барои водор кардани оммаи муридони содадил ба ин фидокориҳо дар пеши онҳо дар бораи «кашфу каромоти» шайх ҳикоятҳо сохта ва бофта мегуфтанд.

Махдуми Гав ин аҳволро медид, мешунид, пай мебурд ва дар натиҷа дар дили худ қарор медод, ки «бояд роҳи бахудорасӣ ва охиратбадастдарорӣ ин набошад». Ӯ дар натиҷаи ин тафаккур дар ҳақи шайх ва хонақоҳ дар шакку шубҳа меафтод, чунки ӯ дар тороҷ кардани мардум аз амир ва ҳокимонаш то шайху муридонаш ҳеҷ фарқ намедид. Фарқе, ки дар ин байн дида мешуд, якум ҳамин буд, ки агар амир ва маъмурони ӯ тороҷгарии худро дар тамоми қаламрави Бухоро ба амал оранд, тороҷгарии шайх ва муридони муқарраби ӯ дар доираи тангтар, дар байни оммаи муридон, ки аз ҳазор то панҷ ҳазор нафар буданд, ба амал меомад. Аммо ҳамаи шайхҳои хонақоҳнишини қаламрави Бухоро ба назар гирифта шаванд, доираи тороҷи инҳо ба доираи тороҷи амир ва маъмуронаш баробар меомад.

Фарқи дуюм дар ин буд, ки агар амир ва маъмуронаш мардумро бо зӯру зулм, бо задану зиндон кардан тороҷ кунанд, шайх ва муридони муқарраби ӯ бо найрангу фиреб ин корро ба амал меоварданд. Махдуми Гав аз ҷиҳати духтарғундорӣ, фоидабарӣ ва ба дигарон инъомкунӣ ҳам дар байни ин ду гурӯҳ фарқ намедид. Чунки амир ҳам духтарони ҳокимон ва маъмурони худ ва дигаронро ба даст дароварда, аввал худ фоида мебурд ва саркути худро ба аҳли дарбораш инъом мекард.

Махдуми Гав дар ин ҷои саргузашти худ гуфт:

– Ман ҳама чизи худро бой дода бошам ҳам, ҳанӯз ақлу идрокамро тамоман бой надода будам, инчунин дар ман нишонаи зоҳирии инсоният намонда бошад ҳам, ҳисси инсоният ҳанӯз буд, бинобар ин мебоист ман баъд аз пай бурданам ба ин аҳвол дақиқае ҳам дар он ҷо намеистодам. Аммо фиребгарии шайх ба ақли заифшудаи ман, ки бо таъсири баршу кӯкнор ба хаёлот гирифтор гардида буд, ғалаба карда, боз як соли дигар дар он лойдон мондам.

Назар ба нақли Махдуми Гав, шайх ҳар рӯз чанд бор, ҳеҷ набошад як бор, баъд аз вирду авроди муқаррарии хонақоҳӣ муридонро ваъзу насиҳат мекард. Мавзӯи ваъзу насиҳати шайх «васвасаи шайтонӣ» буд. Дар ин бора шайх мегуфт:

– Муридро аз расидан ба Худо ва аз соҳиб шудан ба кашфу каромот васвасаи шайтонӣ бозмедорад. Шайтон дар дили ӯ ҷойгир шуда нисбат ба шайх, нисбат ба хонақоҳ ва умуман нисбат ба сулуки машоих шакку шубҳа мерӯёнад. Ҳар кори шайхро, ки ба чандин ҳикмати пӯшидаи илоҳӣ вобаста аст, мухолифи шариат, ҳатто фисқу фасод карда нишон медиҳад. Муриде, ки дар ин мартаба монад, яъне шакку шубҳаро аз дил нест карда ба васвасаи шайтонӣ ғалаба накунад, гумроҳи абадӣ мешавад. Шарти аъзами муридӣ ва сулуки машоих (рафтан бо маслаки шайхҳо) бо зӯру қувват шакку шубҳаро аз дил рӯфта партофтан аст, яъне кори шайхро роҳи рост донистан аст. Маънии тасфияи ботин (пок кардани дарун) ҳам ҳамин аст.

Махдуми Гав баъд аз нақли тартиби ваъзу насиҳати шайх гуфт:

– Аммо ман баъд аз як соли дигар равшан фаҳмидам, ки «васвасаи шайтонӣ» иборат аз ҳамин гуна ваъзу насиҳатҳои шайх будааст. Барои аз нуқтаи пинҳонии шайх ва хонақоҳ хабардор шуданам муридони муқарраб (наздик)-и шайх ба ман «ёрӣ» доданд.

Назар ба қавли Махдум, муридони муқарраби шайх баъд аз як сол ба ӯ наздик шудан гирифтаанд. Дар бораи «то ҳол кушоиш рӯй надода, ба кашфу каромот соҳиб нашуданаш» афсӯси худро нишон додаанд ва ҳар бор дар паси ин гуна гуфтугузорҳо мегуфтаанд: «Дар бештарини мо баъд аз як сол ва дар баъзеҳо баъд аз яку ним сол кушоиш шуда, кашфу каромот рӯй дода буд. Дар шумо, ки дар бадали ду сол чизе рӯй намедиҳад, ҷои афсӯс аст». Баъд аз он бо оҳанги ғамхорӣ ва роҳнишондиҳӣ илова мекардаанд: «Ба фаҳми мо, дер мондани қабзияти ботинӣ дар шумо ба сабаби ноқис будани хизмати шумо аст ба шайх, бинобар ин мо маслиҳат медиҳем, ки хизмати худро ба шайх зиёдтар карда бо сидқи дил адо намоед».

Махдуми Гав, ки то он вақт рӯфтани хонақоҳ ва атрофи онро худ ба гардан гирифта каси дигареро ба ин кор роҳ намедод, монанди ҳезумшиканӣ ва обкашонии ошхонаи умумӣ ва хонаи шайхро ҳам худ мекард, дар пайи боз ҳам зиёдатар хизмат кардан афтодааст. Масалан, вакили харҷи шайх ба бозор барои чиз харидан равад, ӯ сару по бараҳна ҳамроҳ рафта ҳамаи чизҳои харидашударо ба дӯши худ бардошта меовардааст. Дар зимистон барфи боми хонақоҳ ва бомҳои ҳарамсарои шайхро худ мерӯфтааст. Ӯ шунида будааст, ки Баҳоваддини Нақшбанд дар шабҳои зимистон офтобаи пуроби сафолро ба синаи худ часпонда гарм карда, саҳар барои таҳорат ба пири худ Миркулол тақдим мекардааст.

Ӯ ҳам  ба болои корҳои дар боло ёд кардашуда дар шабҳои сармои сахти зимистон офтобаро бо тасфи синаи худ гарм карда, ба шайх оби таҳорат тайёр намуда додан гирифтааст.

Аммо гуфтугузори муридони муқарраб ба ӯ дар мавзӯи лузуми дурусттар хизмат карданаш ба шайх ва хонақоҳ мисли пештара давом кардан гирифтааст.

Дар охир Махдуми Гав аз ин гуфтугузорҳои бесарубун ва аз ғамхориҳои бенатиҷа ва саргум ба ҷон омада, ба муридони муқарраб гуфтааст:

– Ман хусусан баъд аз талқини шумоён коре, ки аз дастам ояд ва чизе, ки ба ёдам расад, дар роҳи хизмати ҳазрати эшон (шайх) ва хонақоҳ дареғ надошта карда омада истодаам. Коре ва чизе, ки аз ғайри ихтиёри ман аз ман фурӯгузошт шуда бошад, шумоён ба ман фаҳмонетон, то ки дар адои вай ҳам ба қадри қувватам кӯшиш намоям.

Муридон гуфтаанд:

– Дар хизмати ҷисмонии шумо нисбат ба шайх ҳеҷ камбудӣ нест, ҳатто як қисми он барзиёд аст. Бо ин ҳама ин кифоя намекунад. Дар хизмати шайх коре

кардан даркор аст, ки даромади молии хонақоҳ зиёд шавад, то ки маунати шайх ва муридонро бардорад. Шумо дида истодаед, ки доим сад-дусад каси худоҷӯй аз дастархони шайх ошу нон мехӯранд. Дар рамазон шумораи хӯрандагон аз ҳазор нафар мегузарад. Охир, ин дунё олами асбоб аст, бояд маблағи ба ин қадар хароҷот сарфшаванда ба воситаи мову шумо ба даст дароянд.

– Ман дорои чизи барзиёд нестам, ки оварда дар хизмати шайх ва хонақоҳ нисор кунам. Ман танҳо як дар ҳуҷра дорам, ки вақфи вайро додарам гирифта, ба обу нашъаи ман сарф менамояд. Ҳатто бисёр вақт мешавад, ки вақфи ҳуҷраи ман ба ин хароҷот намерасад ва додарам маҷбур мешавад, ки як қисми вақфи ҳуҷраи худро ҳам ба ман сарф намояд. Ба шумоён маълум аст, ки бе обу нашъа ман як рӯз ҳам зинда намемонам. Дар ин сурат ман чӣ гуна ба шайх хизмати молӣ карда метавонам? – мегӯяд Махдум дар ҷавоби муридон.

Яке аз муридон гуфтааст:

– Ҳеҷ кас аз шумо талаб намекунад, ки аз кисаи худ ба хонақоҳ ва шайх ёрии молӣ расонед. Агар шумо дорои молу ашё мешудед ҳам, ҳеҷ кас аз шумо ин талабро намекард, чунки шумо мулло ва муллозода мебошед. Ба мулло ва муллозодагон ҳамеша ёрии молӣ расондан лозим аст, на ин ки аз онҳо назру ниёз талаб карда шавад. Аммо мо ба шумо роҳе нишон медиҳем, ки агар шумо ба он роҳ равед, ба замми ин ки даромади молии хонақоҳро хеле зиёд мекунед, худатон ҳам бо осудагӣ зиндагонӣ менамоед, обу нашъаи шумо ҳам ба ҳисоби хонақоҳ таҳия шуда, вақфи ҳуҷраатон барои худатон захира ё барои хароҷоти додаратон сарф мешавад ва ӯ ҳам дар дунё осуда зиндагӣ менамояд ва самараи хизматҳоеро, ки ба шумо кардааст, дар ҳамин дунё мебинад.

Муриди муқарраби дигаре илова кардааст:

– Агар шумо бо роҳи нишондодаи мо равед, ба зудӣ хонадор шуда, ба як духтари соҳибҷамол шавҳар мегардед, ки ҳамаи мо аз давлати шайх бо духтароне, ки ба ҳарамсарои шайх ба тариқаи ҳадя ва назр оварда шудаанд, хонадор гардидаем. Дар он сурат шумо дар яке аз ҳавличаҳои хонақоҳ манзил мекунед, зани нозанинатон танҳо хизмати маҳрамии тани шуморо ба ҷо меорад, ҷомашӯӣ, хонарӯбӣ, ошунонпазӣ барин дигар хизматҳои рӯзгориатон ба воситаи ходимони хонақоҳ ва ходимагони ҳарамсарои шайх адо меёбад.

Махдуми Гав дар ин ҷои нақли саргузашти худ ба мо гуфт:

– Акнун дар ман ҳеҷ шакку шубҳае намонда буд, ки шайх ва муридони муқарраби ӯ ҳама фиребгари разил будаанд. Бо вуҷуди заиф шудани ақлам ман яқинан фаҳмида гирифта будам, ки ин роҳбарони хонақоҳ ҳама сайёдони одамшикор буда, «роҳи Худо, ба даст даровардани охират, неъматҳои алвони ҷаннат» дом ва донаи онҳост. Бо вуҷуди ин ман хостам чӣ будани он «роҳе»-ро, ки онҳо ба рафтани вай маро таклиф карда истодаанд, аз забони худи онҳо шунавам, бинобар ин аз онҳо пурсидам:

– Он роҳе, ки агар ман бо вай равам, ҳам даромади молии хонақоҳро зиёд мекунам ва ҳам худам осуда мешавам, кадом аст?

Гуфтанд:

– Ин роҳ маълум ва осон аст, – ва шарҳ доданд: – Ба шумо маълум аст, ки аз шаҳру саҳро ба пеши шайх муридони содадил бисёр меоянд, хусусан деҳқонони



саҳроӣ аз ҳад зиёд содалавҳ мебошанд. Онҳо гумон кардаанд, ки бо омада ба шайх даст дода аз гуноҳҳои гузаштаашон тавба кардан, дарҳав ба Худо мерасанд ва охиратро ба даст медароранд. Онҳо намедонанд, ки барои ин кор ҷонсупорӣ ва молсупорӣ лозим аст, охир то кас аз баҳри моли дунё нагузарад, ба охират чӣ гуна мерасад? Ана ҳамин шартҳои муридиро ба онҳо фаҳмондан лозим аст. Ҳар кадоми мо ҳам ба қадри тавонистанамон муридонро ба фидои ҷону молу зану фарзанд далолат мекунем. Аммо аз он ҷо, ки чаласавод мебошем, баъзе шаккокон ба гуфтаи мо он қадар эътибор намедиҳанд. Шумо, ки мулло ва муллозода мебошед, суханони шумо зуд қабул меёбад, якзабон шудани шумо бо мо гуфтаҳои моро ҳам қувват медиҳад, хусусан ки дар бораи «кашфу каромоти шайх» дар пеши муридони беруна ҳикоятҳо кунед, ҳеҷ гоҳ гапи шумо дар замин намемонад ва монанди ваҳйи осмонӣ шунида мешавад.

Махдуми Гав нақли саргузашти худро давом дода ба мо гуфт:

– Ман барои боз ҳам равшантар фаҳмидани роҳи фиребгарии хонақоҳнишинон ба онҳо гуфтам: «Ман, ки дар муддати ду сол ягон кашфу каромот аз шайх надидаам, дар бораи «кашфу каромот» ба муридон чӣ гуфта метавонам?» Онҳо ҷавоб доданд:

– Дар китобхонаи шайх монанди «Тазкиратулавлиё» ва «Маноқиб» (тарҷимаи аҳволи шайхҳои гузашта) китобҳо ҳастанд ва дар он китобҳо дар бораи кашфу каромоти шайхҳои гузашта ҳикоятҳо бисёранд. Шумо, ки саводи хуб доред, онҳоро мехонед ва ҳар рӯз аз онҳо як-ду ҳикоятро мувофиқи ҳамин замон сохта, ба шайхи худ нисбат дода, ба муридони беруна нақл мекунед.

Дигаре аз он муридони муқарраб илова намуд:

– Вақте ки ба шумо кушоиш рӯй дода, қабзияти ботиниатон барҳам хӯрад, худатон ҳам аз шайх кашфу каромотҳо мебинед ва ба Худо мерасед.

Махдуми Гав дар ин ҷои саргузашти худ ба мо гуфт:

– Чун ҳамаи фиребу найранги хонақоҳнишинонро фаҳмида гирифтам, вазифаи ман он буд, ки разолати корҳои онҳоро бар рӯи худашон зада, баъд аз он ҷо бароям. Аммо тарсидам, ки мабодо онҳо барои пӯшида нигоҳ доштани сирри худ маро талаф намоянд. Бинобар ин дар зоҳир ба онҳо «оре, бале» гуфта, ҳамон шаб аз хонақоҳ гурехтам ва дар ҳолате гурехтам, ки ман ҳам аз дунё ва ҳам аз охират маҳрум ва ноумед шуда будам. Агар пештар ман худро «дунёро аздастдода ва ба роҳи охират даромада» гумон карда бошам, акнун ба ман шакке намонда буд, ки роҳи охиратро ҳам ёфта наметавонам. Ба ҳамин тариқа, аз неку бади одамон нафрат кардам, бинобар ин дар мазор манзил гузидам, то ки ҳеҷ набошад, бақияи умри худро дар миёни мурдагон гузаронам, ки ба касе зарарашон намерасад ва худам ҳам дар ин ҷо ба касе зарар нарасонам.

Хонанда бояд дар хотир дошта бошад, ки Махдуми Гав дар аввали мулоқоти саримазориамон дар муқаддимаи нақли саргузашти худ ба мо гуфта буд, ки: «...худам худамро хароб кардам ва дида истодаед, ки оқибат ба ҳамин аҳвол афтодам».

Ин сухани Махдуми Гав нодуруст буд. Ӯ худ худро хароб накарда буд, балки ӯро муҳити пӯсидаи феодалии аз ҳад зиёд разилшудаи Бухорои амирӣ хароб карда буд. Он муҳит на танҳо Махдуми Гав барин паҳлавони одамдӯстро хароб

карда буд, балки садҳо ва ҳазорҳо фарзандони қобили пуристеъдоди халқро нест у нобуд гардонда буд. Хароб ва ҳалок шудани монанди Муҳаммадӣ-махдуми марди мардон, Барно-Тайёр, Шарофҷони ҳунарманд, Усто Муроди забардаст ва дигар аҳли касабае, ки дар «Ёддоштҳо» ёд карда шуданд ва онҳое, ки монанди Рустамча ёд карда мешаванд, Шоҳин, Ҳайрат барин шоирон, ки дар ёддоштҳо ва тазкираҳо мазкуранд, ҳатто хароб, ҳалок ва маъюс шуда аз дунё чашм пӯшидани Аҳмад-махдум барин мутафаккирон, – мисоли ҳамон харобӣ ва ҳалокати умумии давраи пӯсидаи амирӣ аст. Инҳо ҳамон қобилият ва истеъдодҳои номурдании халқ буданд, ки дар Бухорои амирӣ на танҳо тарбия ва инкишоф наёфтанд, балки сӯхта хокистар гардида ба боди фано рафтанд.

Агар он фарзандони пуристеъдоди халқ дар замони советӣ мебуданд, ҳар кадом қаҳрамони халқ, қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ, адиб ва адабиётшиноси гузаро, мутафаккир ва файласуфи ҷаҳонӣ, ходими пурманфиати ҷамоат, ихтироъгари рӯи дунё ва монанди инҳо мегардиданд.

Хонанда бояд аз саргузашти Махдуми Гав ва дигарон сарсарӣ нагузарад ва бояд диққат кунад, ки инҳо аз таърихи ҷамъият ва сохти замони амирӣ парчаҳоеанд, ки дар ҳеҷ китоби таърих навишта нашудаанд.

## КУШТА ШУДАНИ ПУРФОҶИАИ РУСТАМЧА, ВАФОТИ МАХДУМИ ГАВ ВА ПИРАК

Ман баъд аз мулоқоти якуми саримазориам бо Махдуми Гав дар баҳору тобистону тирамоҳ (агар дар шаҳр бошам) ҳафтае як бор ба боздиди ӯ ба пуштаи Биҳиштиён мерафтам ва дар рӯзҳои зимистон, вақте ки ҳаво хуб бошад, камаш дар ҳар понздаҳ рӯз як бор аз аҳволи ӯ хабар мегирифтам. Ӯ дар назари ман чунон менамуд, ки рӯз то рӯз лоғар ва бемадор шуда ба лаби гӯр наздик рафта истодааст.

Дар вақтҳои дар пеши Махдуми Гав буданам, ду-се бор бо додари ӯ Пирак мулоқот кардан ҳам рост омад. Аҳволи ҷисмонӣ ва рӯҳии Пирак ба назари ман аз аҳволи бародараш ҳам бадтар намуд. Пирак, ки дар асл одами хурдҷусса, борикбадан ва қоқ буд, акнун монанди мӯи дар оташ афтода ба худ печида, миёнаш хам хӯрда рафта буд. Ӯ, ки бародарашро аз ҳад зиёд дӯст медошт, дар аҳволи пурфоҷиаи вай тоб наёварда ба ин ҳолат афтоданаш табиӣ менамуд.

Ақл, хуш ва идроки Пирак тамоман дар ҷояш буд, ӯ ба хубӣ мефаҳмид, ки бародараш имрӯз набошад, фардо аз дунё чашм хоҳад пӯшид. Ӯ, ки ягона дилхушиаш дар дунё ҳамин бародараш буд, бо тасаввури ин ҳол тамоман аз рӯҳ афтода ва аз хушиҳои зиндагӣ ноумед шуда монда буд.

Ба ман ҳам аҳволи Пирак аз аҳволи бародараш бадтар таъсир кард, чунки ман фикр мекардам: «Агар Пирак пеш аз бародараш вафот кунад, пас аҳволи ин «мурдаи ҷоннок» чӣ мешуда бошад, луқмаи таом ва обу нашъаи ҳаррӯзаашро ба ӯ кӣ тайёр карда медода бошад?» Ман ҳарчанд фикр мекардам, дар худ он иқтидор, шароит ва қувваи моддиро намеёфтам, ки баъд аз вафоти Пирак ба ҷои ӯ гузашта, хизмати ӯро ба бародараш ба ҷо орам. Бинобар ин аҳволи Пирак ба ман на танҳо ба сифати дӯсти хуби аввалини ман дар Бухоро буданаш бад таъсир мекард, балки ба ин, баъд аз вафоти ӯ, таъсири бади тасаввури боз ҳам бадтар ва беилоҷтар шудани ҳоли бародараш зам мешуд.

* * *

Чунонки дар қисми дуюм тафсилан баён карда шудааст[275], дар сар шудани баҳорон, як моҳ пештар аз соли нав, дар Файзобод ҳафтае як рӯз (дар рӯзи ҷумъа) сайри халқӣ барпо мегардид. Дар яке аз ҳамин гуна рӯзи ҷумъа ману Ҳайрат ҳар ду ба сайри Файзобод баромадем. Ҳаво дар ғояти хубӣ буд, насими фораме аз киштзорҳо ва чорбоғҳо вазида, бӯи хуши майсаҳои гандум ва ҷав, накҳати сабзаҳои худрӯи лабиҷӯӣ ва роиҳаи шукуфаҳои дарахтони зардолуро ба димоғи кас монанди як ҷони тоза мерасонид.

Мо дар ин гуна ҳаво дар байни гурӯҳи сайркунандагон дар самоворхонаҳо ва дар саҳни хонақоҳ нишастанро муносиб надида, дар чойҷӯше, ки дар даст доштем, аз самоворхона чойе дам карда, камтар донашӯрак гирифта, аз анбӯҳи саёҳаткунандагон канортар рафтем ва дар зери дарахти зардолуи сар то сар шукуфтае, ки дар канори киштзори гандум буд, кампал паҳн карда, ҳар ду рӯ ба рӯи ҳамдигар якпаҳлу ёзида ба донашӯраккӯрӣ ва чойнӯшӣ даромадем.

Ҳайратро қувваи ҳофиза чунон баланд буд, ки қасидаҳои дуру дароз ва парчаҳои пурмазмуни шоирони классики тоҷикро аз ёд медонист. Ӯ аз ин захираи тамомнашавандаи худ гавҳарҳои ноёбро шадда-шадда бароварда дар миён мегузошт. Дар таърифи баҳор, дар тавсифи сабзаву себаргаҳои канори ҷӯйбору киштзор, дар тасвири шукуфаҳои гуногуни дарахтони мевадор қасидаҳо ва қитъаҳои муносиб ва дилчаспро мехонд ва ман ҳама тан гӯш гардида, хондаҳои ӯро шунида, бо «ҳай-ҳай!» ва «бай-бай!» таҳсин мекардам.

Дар охир Ҳайрат ба хондани шеърҳое гузашт, ки онҳо бо баёни бардавом будани табиат аз ногузир будани вафоти инсон хабар медиҳанд ва одамро дар маъюсӣ меандозанд, чунки дар он вақтҳо дар мизоҷи ӯ осори бемории сил намудор шуда буд ва ҳаёти худро дар зери хавфи ҳалок ҳис мекард ва бо хондани ин гуна байтҳо гӯё чигунагии аҳволи сиҳҳии худро ифода менамуд.

Ӯ дар ҳамин қатор чор мисраи зерини Саъдиро ҳам хонд:

Дарего, ки бе мо басе рӯзгор
Бирӯяд гулу бишкуфад лолазор.
Басе тиру даймоҳу урдибиҳишт
Биёяд, ки мо хок бошему хишт.

Ман бо шунидани ин байт саёҳатеро, ки чандин сол пештар аз он дар он ҷо карда будем, ба ёд меовардам. Дар он вақт ҳам дар ин киштзор ва боғот сабзаву себаргаҳо ба чашми кас нур ва ба дили кас ҳузур мебахшиданд, бӯҳои хуши шукуфаҳо димоғи одамро чоқ мекарданд. Мо дар ин ҷоҳо ҳавои тоза хӯрда қувват бар қуввати худ меафзудем. Аммо аз он рафиқоне, ки дар он вақт (чунонки дар қисми II «Ёддоштҳо» шарҳ ёфтааст) бо мо буданд, ду нафар беҳтаринашон – Махдуми Гав ва Пирак ба лаби гӯр расидагӣ менамуданд. Рафиқи ҳозираам Ҳайрат ҳам ҳаёти худро дар зери хавф медид. Сабзаву себаргаҳо ва шукуфаву майсаҳо бошанд, монанди ҳарсола месабзиданд, мерасиданд ва мешукуфтанд ва дар солҳои оянда ҳам монанди пештара ва ҳозира хоҳанд сабзид, расид ва шукуфт...

* * *

Ҳуҷуми хаёлот ва вазиши шамоли форами баҳорӣ моро дар зери пардаи пинак гирифта буд. Як вақт хушёр шудем, ки гашти рӯз шуда, дар яке аз заминҳои юнучқа дуртар аз мо маъракаи гӯштигирӣ барпо гардидааст.

Мо ҳам чойҷӯш ва пиёларо ба даст ва кампалро дар бағал гирифта, ба ҳамон тараф равона шудем. Дар маъракаи гӯштигирӣ монанди пештара аҳолии ноибнишини Мазор дар як тараф ва аҳолии ноибнишини Галаосиё дар тарафи дигар бо ҳам муқобил менишастанд. Аҳолии шаҳр бошанд, дар як тараф бетараф нишаста, барои ёрирасонӣ мунтазири мағлубияти тарафе аз тарафайн буданд. Мо ҳам ба сифати бетарафон дар қатори аҳолии шаҳр ҷо гирифта нишастем.

Маълум мешуд, ки мо дер монда будем ва аз ҳар тараф зӯрозмиён баромада, яке аз дигаре ғалтида ё ҳарифи худро ғалтонда буданд ва дар маърака танҳо як ҷавон талабгори ҳариф шуда рост меистод, қади ӯ кӯтоҳ, баданаш камгӯшт, рӯяш суп-сурх менамуд. Ӯ дар майдон бағоят шармгинона меистод. Чунонки дар сафи намоз ё дар пеши ягон одами калон бошад, ду дасташро пеш гирифта ва сарашро ба тарафи замин хам карда буд.

Паҳлунишинони мо ба мо маълум карданд, ки он ҷавон аз галаосиёиён панҷ нафарро пушт ба замин хобондааст, акнун мунтазири ҳарифи шашум аст. Дар ҳамин вақт яке аз саркорони маърака эълон кард, ки:

– Ба Рустамчаи шӯркӯлӣ Азими деҳчагӣ талабгор аст. Ҳамин ҳозир ҳар дуи инҳо тамошо хоҳанд дод. Тамошобинон ҳушёр бошанд!

Ман аз ин эълон дарёфтам, ки он ҷавони хурдҷуссаи шармгин Рустамчаи шӯркӯлӣ будааст, ки дар қисми II-и «Ёддоштҳо», дар боби «Сайри Файзобод» зикраш гузаштааст ва чунонки дар ҳамон ҷо қайд шудааст, ӯ дар вақти бистсолагиаш ба Маҳмуди Гав талабгор шуда баромада буд. Маҳмуди Гав ба ӯ раҳм оварда, қасдан ӯро нағалтонда буд. Дар вақте ки Рустамча аз ҷиҳати ҷасорати худ ба Махдуми Гав узр гуфт, ӯ вайро насиҳат карда буд, ки бисёртар машқ кунад, ба зӯру қувваи худ мағрур нашавад, дар оянда паҳлавони хуб хоҳад шуд.

Маълум шуд, ки Рустамча он тавсияҳои Махдуми Гавро ба амал овардааст. Ҳарчанд қадаш аз аввала наёзида ва баданаш ғафс нашуда бошад ҳам, дасту бозуҳояш бо соқу зонуҳои поҳояш сермушактар менамуданд. Аз мағрурӣ бошад, дар вай асаре набуд, бо вуҷуди панҷ паҳлавонро ғалтонданаш дар маърака чунон меистод, ки кас гумон мекард «ҳамин замон ӯ аз шармгинӣ об шуда ба замин хоҳад рехт».

Ба муқобили ӯ Азими деҳчагӣ баромад: қади ӯ аз қади Рустамча баландтар, баданаш ғафси сергӯшт ва синнаш ҳам аз вай болотар менамуд. Ӯ мағрурона маъракаро як давр зада омада, бар рӯ ба рӯи Рустамча истод ва баъд аз бо ҳам «салом-алек» карданашон деҳчагӣ ду дасташро ба тарафи Рустамча ёзонд. Зоҳиран, ӯ мехост, ки панҷаҳои худро ба китфҳои ҳарифаш гузошта, бо як зӯр ӯро ба замин шинонад.

Аммо Рустамча ба ин роҳ надод, бандҳои дастони ёзандаи ҳарифро пеш аз он ки ба китфонаш расанд, бо ду панҷаи худ маҳкам дошт ва нагузошт, ки хасм пеш ояд ва бо лингҳои дарозаш ба почаҳои ҳарифаш зарба занад.

Азими деҳчагӣ кӯшиш мекард, ки дастонашро аз дастони ҳариф халос карда гирад ва бо ӯ бо ягон ҳунари дигари гӯштигирӣ мебориза намояд. Аммо Рустамча ба ин нияти ӯ роҳ намедод, панҷаҳои дастони ӯ ба банди дастони деҳчагӣ чунон сахт часпида буд, ки тамошобин гумон мекард: «гирои оҳанине оҳанеро сахт доштааст ва инро аз он ҷудо карда гирифтан мумкин нест».

Рустамча дастони ҳарифро маҳкам дошта ҳар замон пас тела медод ва пеш мекашид ва баъд аз чанд бор ин амалро ба кор бурдан ӯро ба тарафи дасти росту чап алвонҷ дода боз дар рӯ ба рӯи худ нигоҳ медошт. Баъд аз чанд бор ин корро такрор кардан ӯ дид, ки дар ҳариф мадоре намонд, боз як бори дигар вайро ба тарафи дасти рости худ алвонҷ дода ва худ бо як чобукии ҳайратангез ба тарафи дасти чапи худ хам хӯрда хасмро монанди ҷуволчаи пургандум ба сараш бардошт ва сари худро андак хам карда ӯро баргардонда пуштнокӣ ба замин зад. Аммо дар вақти гардонда ба замин задан чунон оҳистагӣ ва устоӣ ба кор бурд, ки ҳариф ба замин сахт барнахӯрд, вагарна устухонҳои мӯҳраи пушташ реза-реза шуда, эҳтимоли ҳалок гардидан дошт.

Ин ҳунари гӯштигириро, ки «дастпеч» меноманд, мегӯянд Рустамча танҳо дар муборизааш бо деҳчагӣ ба кор бурд, чунки ҳариф бисёр зӯр буда, то он вақт касе пушти ӯро ба замин нарасонда буд.

Дар натиҷаи ин мубориза фарёди таҳсину офарин аз тамошобинон ба осмон расид. Ҳатто мӯйсафедони тарафи муқобил ҳам Рустамчаро ба миёна гирифта, «шо бош» (шод бош) гӯён навозишкорона ба китф ва пушти ӯ мезаданд ва бо ҳамин маъракаи гӯштигирӣ ҳам тамом шуда, одамон ба ҳар тараф пароканда гардиданд.

* * *

Ману Ҳайрат аз маъракаи гӯштигирӣ ба тарафи шаҳр равона гардидем. Роҳи мо аз болои хонақоҳи Файзобод меафтод. Мо оҳиста-оҳиста қадам мемондем ва то расиданамон ба хонақоҳ дар айвони он ҷо касе намонда буд ва самоворчиён ҳам аз рӯи саҳн намад ва палосҳои худро ғундошта, барои ба шаҳр рафтан тайёрӣ медиданд.

Ҳайрат гуфт:

– Одатан дар айвон ва деворҳои хонақоҳ ба ин ҷо омадагон чизҳо менависанд, хондани ҳамон чизҳо ҳам холӣ аз тамошое нест. Биё, мо ҳам айвонҳои хонақоҳро гардиш карда, чизҳои навишташударо хонда бинем.

Ман қабул кардам ва ба саҳн баромада ба айвони хонақоҳ, ки бо хишти пухта дар шакли равоқҳо сохта шудааст, даромадем. Ҳақиқатан, навиштаҳои он ҷо тамошо дошт: баъзе котибҳои хушнавис бо хати хуби зебо як ё ду байтро аз шоирони гузашта ба девор навишта буданд, аммо онҳо чунон хато ва калимаҳоро тағйир дода навишта буданд, ки аз бесаводии он котибони хушнавис кас дар тааҷҷуб фурӯ мерафт.

Баъзеҳо ба болои тағйир додани калимаҳо ва хатоҳои имло шеърҳои гузаштагонро чунон бо хати бад навишта буданд, ки барои хондани онҳо будани худи ҳамон нусханависон шарт буд.

Баъзеҳо шеъри бади бемазмун ва фаҷи худро бо хате, ки аз шеърашон мондані надошт, навишта, дар зераш имзо ҳам гузошта буданд. Маълум буд, ки он гуна «шоиртарошон» на аз шеър хабар доштанд ва на аз хату имло, бо ҳамаи ин

ба шеъру хати худ ақидаи хубе доштаанд, ки барои «таҳсину офарин шунидан» аз хонандагони нашиноси холис дар ин ҷо нақш кардаанд.

Баъди аз як сар дида баромаданамон он навиштаҷотро Ҳайрат гуфт:

– Маро дар вақти баромаданамон аз маъракаи гӯштигирӣ то омаданамон ба ин ҷо дар мавзӯи баҳор рубоие ба хотир расид, ки мехоҳам вайро дар ҳамин ҷо нависам, шояд одами саводноке ин ҷо расида, ин рубоиро хонда вақташ хуш шавад.

Ӯ баъд аз гуфтани ин суханҳо ба рӯи саҳн, ба ҷое, ки самоворчиён самовор меҷӯшонданд, рафта, як лӯнда ангишт ёфта овард ва як ҷои девори гаҷкории хонақоҳро, ки сафед буда, ҳанӯз дар он ҷо чизе навишта нашуда буд, писандида, бо сарлавҳаи зерин рубоии зеринро навишт:

РУБОИИ РАБЕИЯ (БАҲОРИЯ)

Эй толеам аз талъати рӯят фирӯз!
Ҳар рӯзи ман аз баҳори васлат наврӯз!
Бо ёди ту овони ман – овони шабоб[276],
Бе рӯи ту айёми ман – айёми аҷӯз[277]!

Мо аз саҳни хонақоҳ фуромада, роҳи худро давом додем. Мардум ҳам дуду, чор-чор аз пасу пеш мерафтанд. Ман дар қатори аз пеш равандагон дидам, ки Азими деҳчагӣ бо Рустамча паҳлу ба паҳлу мераванд ва ҳар ду саргарми сӯҳбат ва чақ-чақ мебошанд. Ман ин ҳолро дида хеле хурсанд шудам, зеро он паҳлавонони номдор, баъд аз он ки дар маърака дар пеши мардум ҳунарнамоӣ карда, монанди ҷанговарони маъракаи муҳориба ба ҳам корзор намуда, зӯри худро нишон доданд, боз монанди дӯсти дерина бо ҳам мерафтанд, маълум буд, ки дар дили худ кинае аз ҳам пайдо накардаанд.

Хусусан ман аз Азими деҳчагӣ хурсанд шудам, ки ӯ, бо вуҷуди ғалтиданаш аз ҷавони хурдсолтар аз худ, аз ӯ наранҷида буд. Ин ҳол дар байни паҳлавонон ва олуфтагони онзамонии Бухоро дида намешуд ё кам дида мешуд.

Мо роҳи худро давом додем ва ба сари дураҳае, ки яке аз онҳо рост ба тарафи ҷануб, ба Ҷӯгихона меравад, дигаре ба дасти чап баргардида, ба тарафи ғарб нигоҳ карда рафта, аз болои Қаландархона ба тарафи дарвозаи шаҳр мегузарад, расидем. Мо роҳи худро рост ба тарафи ҷануб давом додем, зеро нияти боздиди Маҳмуди Гавро доштем, ки ба бошишгоҳи ӯ бо ин роҳ зудтар расида мешуд.

Рустамча бо Азими деҳчагӣ ҳам дар миёнаи равандагон бо ҳамин роҳ пешпеши мо рафта истода буданд. Дар ҳамин байн, намедонам ба чӣ сабаб, чашми ман аз онҳо канда шуда ба тарафи дигар афтод ва дар ҳамин вақт аз байни мардум бо фарёди ҷонкоҳ садои «кушт, кушт!» баромад ва равандагони пасу пеш давону тозон ба ҷое, ки Рустамча ва Азими деҳчагӣ мерафтанд, ғун шуданд. Мо ҳам чобукона ба ҳамон тараф шитофтем ва дар байни ҳалқаи мардум дидем, ки ҷасади Рустамча дар хоку хун оғишта шуда ба замин хобидааст ва яккакорди дарозтеғе, ки дастаи сафеди устухонӣ дошт, ба сари дили ӯ то гулбанд фурӯ рафтааст. Аз давродаври теғи корд хуни сиёҳ фавворазанон баромада ба ҳар тараф пош мехӯрд. Аммо Азими деҳчагӣ дар он миён набуд.



Яке аз ҳозирон сари маҷрӯҳро ҷунбонда аз вай пурсид:

–Туро кӣ зад?

Маҷрӯҳ, бе он ки чашми худро кушояд:

– Азими деҳчагӣ бо корд зад, – гуфт ва илова намуд: – Вой! – Дигар садое аз вай набаромад.

Бештарини ғуншудагон на маҷрӯҳро медонистанд ва на Азими деҳчагиро. Ман дар бораи Рустамча ва Азими деҳчагӣ маълумоти кӯтоҳе ба гирдомадагон додам ва афсӯс хӯрдам, ки Азими деҳчагии номард гурехта рафтааст.

Баъд аз чанд дақиқа се ҷавони дигар пайдо шуданд, ки дар дасти ҳар кадоми онҳо яккакорди хунолуде буд, онҳо ба касе чизе нагуфта, ба сари Рустамча гузаштанд. Ҳарчанд ӯро ин тараф-он тараф ҷунбонданд ва гап пурсиданд, ӯ асари ҳаёте нишон надод. Аммо чашмонаш, ки дар вақти зиндагиаш пӯшида буданд, ҳоло кушода шуда, бенурона ҳам бошад, ба касоне, ки ба болои сари мақтул ҳозир мешуданд, гӯё нигоҳ мекарданд.

Вақте ки дар байни мардум аз гурехта рафтани қотил афсӯсҳо пайдо шуд, он ҷавонон ба даст афтода ба ҷазои худ расидани ӯро хабар доданд. Назар ба қавли онҳо, воқеа ин тавр шуда будааст:

Вақте ки Азими деҳчагӣ Рустамчаро ба ҳамроҳии худ таклиф карда ба роҳ даромадааст, ин ҷавонони шӯркӯлӣ дар шубҳа афтодаанд, бинобар ин гоҳо аз пеш ва гоҳо аз пас ҳаракати Азими деҳчагиро зери чашм гирифта ҳамроҳи онҳо равона шудаанд ва дар дили худ қарор додаанд, ки агар Азими деҳчагӣ ба Рустамча ҳамлаи номардонае кунад, ӯро мудофиа ва ҳимоят хоҳанд кард.

Аммо афсӯс ки дар вақти ба амал омадани ҷиноят онҳо аз қотил ва мақтул як-ду қадам пештар буданд ва аз вуқӯи ҷиноят монанди одамони берунаи роҳгузар бо шунидани садои «кушт, кушт» хабардор шудаанд. Онҳо бо шунидани ин садо ҳамин ки пас гаштаанд, қотил ҳам аз пеши онҳо гурезон гузашта рафтааст.

Ҳар чи хуб шудааст, ки онҳо хушёрӣ карда, на ба тарафи мақтул барои хабар гирифтани аҳволи ӯ, балки аз дунболи қотил барои дастгир кардани ӯ давидаанд.

Қотил (шояд аз хавфи дастгир шудан аз тарафи одамони роҳгузари аз пеш оянда бошад) бо роҳи рост гурехта рафтанро муносиб надида (барои пинҳон шудан), ба як дарвозаи кушодаи ҷӯгие гурехта даромадааст ва таъқибкунандагон ҳам расида рафта, барои пинҳон шудан ба ӯ фурсат надода, ӯро миёнагир карда ҳар сеяшон аз се тарафаш бо яккакордҳо ҳуҷум намуда, дар як ҳамла кори ӯро тамом намудаанд.

– Хушбахтона, – гуфт яке аз ҷавонони шӯркӯлӣ, – қотил саросема шуда, корди худро аз бадани мақтул кашида нагирифта гурехтааст, ки дар вақти ҳуҷуми мо ӯ тамоман беаслиҳа буд ва мо, бе он ки аз тарафи ӯ зараре бинем, интиқоми дӯсти худро гирифтем.

Ду нафар аз ҷавонони шӯркӯлӣ ба сари мурдаи мақтул ба тарзи посбонӣ истода, сеюмашон барои ароба ёфта оварда ҷасади мақтулро ба деҳа бурдан ба аробакашхона рафт. Мо ҳам дигар дар он ҷо истоданро кори барзиёд дониста, хостем ба пушта баромада, ба боздиди Махдуми Гав равем.

Аммо Ҳайрат бо он аҳволи парешон, ки аз воқеаи ногаҳонии пурфоҷиа дар мо рӯй дода буд, ба пеши бемори барҷомонда рафтанро муносиб надид:

– Эҳтимол, ин ҳолати мо ба Махдуми Гав таъсири бад кунад, – гуфт, – бинобар ин ҷое нишаста қадаре осуда шуда, баъд аз он ба боздиди бемор рафтан мувофиқ аст.

Ман ин таклифи ӯро қабул кардам ва ҳар ду ба гӯрхонаи қозӣ Садриддин, ки дар он ҷо наздик буд, даромадем. Аз яке ҳуҷранишинони он ҷо оби сарде пурсида гирифта, дасту рӯямонро шустем ва нӯшидем.

Ҳайрат қаламе ва қоғазе аз кисаи бағалии худ баровarda ҳарфҳои суханони Рустамчаро, ки дар охири умраш барои нишон додани қотили худ «Азими деҳчагӣ бо корд зад»- гуфта буд, бо ҳисоби абҷад шумурда дид ва ин шумора 1306 баромад. Ин рақам, аз таърихи ҳиҷрии ҳамон сол, ки 1318 буд, дувоздаҳ адад камӣ дошт. Баъд аз он ба ин рақам сухани вопасини мақтулро, ки «вой» буд, ҳисоб намуда зам кард. Ин рақам 1323 баромад, ки аз таърихи матлуб панҷ адад зиёд буд. Пас аз он ӯ ҳарфи охирини сухани вопасинро, ки «й» бошад, ба «ҳ» табдил карда «вой»-ро «воҳ» сохт. Дар натиҷа ададди матлуб баромад ва ин ду сухан маънан аз якдигар фарқе надоштанд. Ба ҳамин тариқа, таърихи кушта шудани Рустамча аз забони худи ӯ: «Азими деҳчагӣ бо корд зад, воҳ!» гардид.

Шоири равонтабъи бадеҳагӯй фавран чанд мисраи дигар тартиб дода, як қитъаи таърихӣ ба вуҷуд овард. Ман якчанд мисраи он қитъаро ҳам барои ёдоварии Рустамча, ки зӯрӣ, шуҷоат ва хоксории ӯро хеле дӯст дошта будам ва ҳам барои ёдоварии Ҳайрат, ки дӯсти азизи ман буд, дар ин ҷо нақл мекунам:

### ҚИТЪА

...Фиғон аз дасти чархи бемурувват,  
Ки Рустамча ба сад уммед ҳамроҳ  
Ба рӯзи ҷумъа берун рафта бошад,  
Қиёмат гардадаш он ҷумъа ногоҳ.  
Яке афтад, дигар аз ҷо нахезад,  
Ба хуни хештан оғушта дар роҳ,  
Пайи таърихи қатли хеш гӯяд:  
«Азими деҳчагӣ бо корд зад, воҳ!»  
Азими деҳчагӣ ҳам нест эмин,  
Қасоси даҳрро алҳамдулиллоҳ.

1318 ҳиҷрӣ (1900 милодӣ)

* * *

Ма баъд аз осуда шуда ором гирифтан, аз ҳамон ҷо ба болои пушта баромада рост ба гӯрхонаи Муҳаммадшоҳи қушбегӣ рафтем, ки Махдуми Гав он ҷо мехобид. Чун ба гӯрхонаи мазкур даромадем, дар он ҷо ба манзарае рост омадем, ки дар фоҷиавӣ будан аз манзараи қатлгоҳи Рустамча фарқ надошт: дар гӯшае Пирак мурдамонанд беҳиссу ҳаракат мехобид; дар гӯшаи дигар ҷасади Махдуми Гавро ба кафан печонда, ба тобут гирифта, аз рӯи тобут як ҷойпӯши сиёҳро пӯшонда монда буданд.

Дар маросими ҷаноза ва дафн муаззини мадрасаи Мири Араб, фарроши он ҷо ва аз ошноёни кӯҳнаи Махдуми Гав Мулло Ҳомиди Савтии ғиҷдувонӣ ва Зайниддинхоҷаи миркулолӣ иштирок доштанд. Бо омадани мо ададди иштироккунандагони маросими дафн, ғайр аз Пирак, ки ҳам соҳиби мурда буду ҳам худ мурдамонанд афтода буд, ба шаш нафар расид.

Аз иштироккунандагони маросими дафн фарроши мадрасаи Мири Арабро ба пеши Пирак монданд, ки ба рӯи ӯ оби сард зада ва ба гулӯяш оби сард рехта, ӯро ҳушёр гардонад ва барои зудтар дур кардани мурдаи бародари азизаш аз пеши назари Пирак мо панҷ нафар тобутро бардошта ба сари қабр бурдем, ки ба он ҷо наздик буд.

Муаззини мадраса барои мувофиқи урфу одат мурдаро дар қабр гузоштан, ба даруни лаҳад даромад. Мо чор нафар бо ёрии ду нафар гӯрков мурдаро аз тобут баровarda, ба миёнаш фӯта гузаронида, даст ба даст ба даруни қабр фурӯ фиристодем.

Баъд аз маросими дафн бозгашта ба гӯрхонаи Муҳаммадшоҳи қушбегӣ омадем, ки Пирак ба ҳуш омадааст, аммо ба касе чизе намегӯяд. Ба ҳар кас ва ба ҳар тараф мурдамонанд теғ кашида нигоҳ мекунад, дар чашмонаш асари ашк ва гиря ҳам нест. Гӯё оташи алами пуршиддати ӯ оби чашмонашро тамоман хушконида буд.

Фаррош барои ёфта овардани фойтуне ба кирокашхона фиристода шуд. Мо Пиракро аз бағалаш гирифта, гӯё ки ӯро бардошта, оҳиста-оҳиста аз пушта ба роҳи калон фуровардем. Фойтун ҳам омад. Муаззин, фаррош ва Зайниддинхоҷа, ки ҳанӯз дар мадрасаи Мири Араб истиқомат дошт, бо Пирак дар фойтун нишастанд, ки ӯро нигаҳдорӣ ва нигаҳбонӣ карда ба манзилаш расонанд. Мулло Ҳомиди Савтӣ, ки дар он вақтҳо дар мадрасаи Кӯкалтош зиндагонӣ мекард, бо мо ҳамроҳ шуд ва роҳи шаҳрро пеш гирифтем.

* * *

Маро тоқати он набуд, ки бо Пирак рӯ ба рӯ шавам, чунки аҳволи ӯ аз ҳад фузун аламангез буд, бинобар ин ба маросими таъзиярасонӣ ва сари хок нарафтам ва дар дили худ қарор додам, ки баъд аз як ҳафта ё даҳ рӯз, ки ӯ қадаре таскин ва тасаллӣ ёбад, пеши ӯ рафта, изҳори ҳамдардӣ хоҳам кард.

Аммо ин мақсади ман ба амал наёмад: баъд аз як ҳафта хабар расид, ки ӯ ҳам мурдааст ва мурдаи ӯро дар паҳлуи бародараш гӯронидаанд.

## БЕМОРИИ РИШТА

Яке аз бемориҳое, ки дар замони амирҳо давое наёфт, бемории ришта буд. Нависандаи ин сатрҳо, ман, аз соли чоруми истиқоматам дар Бухоро ба ин дарди «бедаво» гирифтор шуда бошам ҳам, ёд кардани вайро то ин қисми «Ёддоштҳо» мавқуф гузоштам, чунки тамоман халос шуданам аз ин бало то солҳои 1901 давом намуда буд. Қайд кардани ин азоби пураламе, ки ман ёздаҳ-дувоздаҳ сол гирифтори вай будам, дар ин ҷои «Ёддоштҳо» чӣ будан ва аз чӣ пайдо шудани ин дардро (ки ҳоло асари вай дар Бухорои советӣ нест) ва илоҷи қатъии вайро ба хонанда ба хубӣ нишон медиҳад.

* Ғафсии он риштае, ки аввалин бор аз бадани ман баромад, монанди ғафсии таноби миёнаи чархи ресмонресии тахминан қутраш ду миллиметр буд. Таҷрибаҳои охирин ба ман нишон дод, ки қутри ришта аз як миллиметр то се миллиметр мешудааст.

Ман дар яке аз рӯзҳои тобистон, ки дар мадрасаи Бадалбек истиқомат доштам, дар як ҷои бемушак ва берагу пайи аз миён поёни бадани худ харише ҳис кардам. Чун кушода дидам, дар он ҷо ба қадри донаи арзан доначаи сафедчатобе намудор аст ва гумон кардам, ки реши хурдтаракест пухта, бинобар ин барои пок карда гирифтани риму фасоди вай пахтае ба даст гирифта, он доначаро кандам.

Аммо аз ҷои кандашудаи донача чизи сафеде намудор шуд, ки ба сари кирми лойхӯрак монандӣ дошт, танҳо фарқ дар ранг буд. Чунонки маълум аст, кирми лойхӯрак сурхча мешавад ва он чиз сафед буд.

Ман гумон кардам, ки «ягон ғадудчае дар ин ҷо пайдо шуда будааст ва бо кашида гирифтани вай ҷояш пок мешавад», ва кашидам. Чун ба қадри се-чор сантиметр аз бадан баромад, ғафсиаш ба ғафсии таноби чархи ресмонресии* дастӣ расид, аммо бо вуҷуди аз мағзи бадани гарм баромада истоданаш сардиаш қариб ба дараҷаи ях буд. Лекин на дар вақти кашидан ва на дар вақти истодан, на аз худи вай ва на аз ҷои баромади вай озоре ҳис карда намешуд ва он харише ҳам, ки пеш аз канда шудани донача ҳис карда мешуд, тамоман барҳам хӯрда буд.

Ман кашида баровардани он «таноб»-ро давом додам, дар охир ҳамааш аз бадан баромад ва нӯги охиринаш ҳам монанди сари кирми лойхӯрак борик буд, дарозиаш аз як оршин зиёдтар меомад. Ман гумон кардам он кирмест, ки аз бадани ман баромадааст ва тарсидам, ки натиҷаи ояндаи вай чӣ мешуда бошад?

Ман он чизи кирммонандро ба дасти худ гирифта аз ҳуҷра баромадам, то ки ба одамон нишон дода, чӣ будан ва чӣ шудани оқибати онро донам. Дар рӯи мадраса дар канори гулзор Мулло Рӯзӣ бо муаззини мадраса Мулло Сулаймон менишастанд. Ман он чизро ба онҳо нишон дода, чӣ будани вайро пурсидам. Гуфтанд:

– Ришта аст! Аз куҷо ёфтӣ?

Бо шунидани ин ҷавоб ман сахт тарсидам, чунки аз ин дарди пуразоб чӣ гуна азоб кашидани аҳолии шаҳри Бухороро шунида будам ва медонистам, ки касони ба ин беморӣ гирифторшуда як моҳ-ду моҳ, то се моҳ бистарии барҷомонда шуда мехобанд, баъзан ланг, ҳатто баъзан бепой шуда саломатӣ меёбанд. Ман тарсидам, ки дар ин бекасӣ ва бепарасторӣ, ки ғайр аз ду дасту ду пои худ ёрирасоне надорам, агар як моҳ-ду моҳ барҷомонда шуда бихобам, ҳолам чӣ мешавад?

Маро тарси оқибати ин дард чунон аз худ бурда буд, ки ба саволи «аз куҷо ёфтӣ?»-и Мулло Рӯзӣ ва Мулло Сулаймон ҷавоб доданро фаромӯш кардаам. Аҳволи пурташвиш ва парешони маро дида, Мулло Рӯзӣ пурсиши худро такрор кард:

– Охир, ин риштаи тозаи нав азбаданбаромада аст, аз куҷо ёфтӣ?

– Аз бадани худ кашида баровардам, – гуфтам дар ҷавоб ва дар бораи чӣ гуна маълум шудан ва ба чӣ тарз кашида гирифтани он тафсилоти дар боло қайдшударо ба онҳо баён кардам.

Онҳо маро муборакбод намуданд, ки ба он осонӣ аз он бемории пуразоб халос шудаам ва Мулло Рӯзӣ илова кард:



– Дигар баромадгоҳи вай на фасод мекунад, на дард мекунад ва на туро озор медиҳад. Заҳри ришта оби ширмонандест, ки аз даруни бадани ришта мебарояд ва ҳар бало аз ҳамин об мехезад: агар дар вақти кашида гирифтан, ришта дар даруни бадан канад ё ин ки ба сабаби бадии ҷои баромадаш кашида гирифтанаш мумкин нашуда, дар даруни бадан пӯсад, дар ҳар сурате ки ҳамин об ба гӯшти бадан паҳн шавад, азоби тоқатнопазир медиҳад – ду моҳ-се моҳ мехобонад, гоҳо ланг ва ё бепо мекунад.

Мулло Рӯзӣ дид, ки аз ин тафсилоти ӯ ман тарсидам, илова кард:

– Лекин ришта ҳеҷ гоҳ одамро намекушад. Бинобар ин дарди риштаро «дарди бахайр» мегӯянд.

Бо ин тасаллии Мулло Рӯзӣ тарси ман кам нашуд, чунки ман аз мурдан наметарсидам, аммо аз як моҳ-ду моҳ барҷомонда шудан ва аз бепой шудан метарсидам.

* * *

Баъд аз чанд рӯзи кашида гирифта шудани риштаи аввалин ҳаракати чизеро дар миёни худ ҳис намудам ва даст-даст карда дидам, ки дар мағзи гӯшт чизе таномбонанд дар вақти молиши бадан ба дастам маълум мешуд. Аммо он чиз дар як ҷо ҳалқа-ҳалқа ва ба ҳам печида меистод ва гоҳо ҷунбише мекард.

Ман ин ҳолро ба Мулло Рӯзӣ гуфта, аз вай маслиҳат пурсидам.

– Ман дар умри худ ягон бор ҳам ришта набаровардаам, – гуфт ӯ, – бинобар ин ман муайян карда гуфта наметавонам, ки вай ришта аст ё не ва чӣ кор кардан лозим аст. Аммо сартарошони Бухоро ҳамагӣ риштакаш мебошанд. Беҳтар он аст, ки ту ба Лаби Ҳавзи Девонбегӣ рафта, ба яке аз онҳо нишон диҳӣ, вай ришта будан ё набудани чизи дар мағзи баданат пайдошударо ва, агар ришта бошад, вақти муносиби кашида гирифтанашро ба ту маълум мекунад...

Мулло Рӯзӣ сонияе фикр карда, илова намуд:

– Агар дар ҳақиқат он чизи дар баданат пайдошуда ришта бошад, беҳтар он аст, ки ба ягон сартароши риштакаши ҳунарманд кашонда гиронӣ. Ту хаёл накун, ки ин бор ҳам кашида мегирӣ. Он тасодуфест, ки барои бегӯшту берагу пай будани ҷои баромади ришта ба ту як бор рост омадааст.

– Ман ҳунармандтарини сартарошони риштакашро аз кӣ мепурсам ва аз куҷо меёбам?

– Беҳтарини сартарошони Лаби Ҳавзи Девонбегӣ риштакаш ва ҷарроҳ мебошанд ва дараҷаи ҳунари онҳо дар риштакашӣ аз бисёрию камии он риштаҳое маълум мешавад, ки ба як мехи даруни дуконашон овехта мемонанд. Ту ба суффачаи берунидуконии ҳар сартарош нишаста ба даруни дуконаш ба мехҳои дар девор задамондааш чашм дӯз. Дар кадом дукон, ки дар мехи он риштаи кашидашуда бисёртар бошад, соҳиби он дукон дар ин кор ҳунармандтар аст...

Мулло Рӯзӣ қадаре сукут карда, боз давом намуд:

– Мегӯянд, ки Усто Ҳаким беҳтарини риштакашон аст, аммо ман на шахсан худи ӯро медонам ва на дар куҷо будани дуконашро. Дар кадом дукон, ки риштаи кашида бисёртар овехта шуда бошад, соҳиби вай бояд Усто Ҳаким бошад. Лекин аз ҳеҷ сартарош кӣ будани Усто Ҳакимро напурс, чунки ҳар кадоми онҳо

барои риштаи туро кашида ё кашида натавониста як танга гирифтан худашро «Усто Ҳаким» мегӯяд.

* * *

Баъд аз чанд рӯз чизе, ки ришта будани вайро гумон мекардам, оҳиста-оҳиста поин фуромада ба рон расид. Акнун ҳалқаҳои вай кушода шуда, ҷои исташ дарозтар гардида ва ба рӯйтари гӯшт баромада буд. Бо дидани ин ҳол дар ман шак намонд, ки вай ришта аст.

Баъд аз чанд рӯзи дигар сари он бар рӯи айнаки зонуи пои чап расида нӯг дод. Азбаски устухони зону бегӯшт аст, ман гумон кардам, ки ба осонӣ кашида гирифта мешавад. Бинобар ин таҷрибаи тасодуфии дафъаи аввалии худро ба кор бурда, доначаро канда гирифта, нӯги риштаро ба даст даровварда кашидам. Баъд аз ду се сантиметр ба дастам даромадан ришта дигар набаромад.

Аз таълимоти Усто Ҳаким ба одами риштадор илҳом гирифта шамъи ҷойдорӣ тайёр карда монда будам. (Ман рӯзе ба Лаби Ҳавзи Девонбегӣ рафта, аз рӯи аломатҳое, ки Мулло Рӯзӣ ба ман гуфта буд, дукони Усто Ҳакимро ёфта, амалиёти риштакашии ӯро дида будам. Усто Ҳаким, баъд аз он ки пӯсти рони як одами риштадорро ба қадри ним наҳӯд бо ҷустак газонда боло бардошта, бо поку бурида, гӯшти он ҷойро бо дандонхилол (дандонковак) кофт ва он одами риштадорро хеле азоб дода, ин амалиётро се бор такрор карда бошад ҳам, таноби риштаро ба даст даровварда натавонист, ба ӯ гуфта буд, ки то фардо ҳамин вақт хуб пиёда гардад ва дар ҷое, ки ҳаракати ришта маълум шавад, равғани шамъ молида хуб молиш диҳад. Агар то фардо аз ягон ҷои дигар ришта ба рӯйтари бадан барояд, ӯ онро кашида мегирад.) Дар ҳолате, ки нӯги ришта дар байни ангуштони дасти ростам буд, ба дасти чап ба ҷоҳое, ки ҳаракати ришта маълум мешуд, равғани шамъ молида молиш дода истода боз кашидам ва гумон кардам, ки як сантиметри дигар баромад. Аммо баъд аз диққат карда диданам маълум шуд, ки дигар ришта аз бадан набаромада, ҳамон миқдори аввалӣ кашиш ёфта дароз шуда будааст, чунки риштаи ба даст даровардашуда аз аввалааш бориктар шуда буд.

Аммо ман аз кашида гирифтани он умедамро наканда, амалиёти риштакашии худро давом додам. Дар ҳамин вақт ба қадри ду сантиметр ришта дар байни ангуштонам монда, дигараш канда ба даруни бадан даромада ғоиб шуд. Ҳамон замон ҳис кардам, ки чизи обакии сард ба даруни гӯшт паҳн шуда рафт ва баъд аз дақиқае дар сар то пои даруни бадан оташ даргиронд ва баъд аз панҷ дақиқа дар тамоми рӯи пӯсти бадан хориши сахте пайдо шуда, на донача, балки порчаҳое, ки паҳниашон ба қадри рӯи нохуни ангушти даст меомад, ба сар то пои баданам дамида баромаданд, ранги ин чизҳои дамидагӣ сурхи баланд буда, хориданро талаб мекарданд.

Ҳар чӣ қадар ки ман мехоридам, талаби хориш ҳамон қадар зиёдатар мегардид. Рафта-рафта шиддати хориш ба дараҷае расид, ки нафасам ба дарун афтид ва сӯзиши дарунӣ ҳам шиддат карда, худро дар даруни танӯри пуроташи хоришангез ҳис мекардам. Озодона нафас кашидан тамоман барҳам хӯрд ва дар сари ҳар як дақиқа ё чанд сония фарёди ҷонкоҳе мекашидам, ки ин ба ҷои нафаскашӣ мегузашт.



Дар он вақт ман фаҳмидам, ки чаро одамони риштадор дидаву дониста худро ба дасти Усто Ҳакими қассобона бераҳм месупурдаанд ва ӯ дар натиҷаи тан ба тақдир додани онҳо дар аввали мавсими риштабарорӣ садҳо риштаҳои саломат кашида гирифтаашро дар меҳҳои дӯконаш намоиш дода овехта мондааст.

Охир фарёдҳои ҷонгудози маро Мулло Рӯзӣ ва муаззини мадраса шунида омада, ба пеши ман даромаданд (ба сабаби тобистон будан, дар мадраса кас кам монда буд ва онҳое ҳам, ки ҳанӯз дар мадраса буданд, дар он вақт дар ҳуҷраҳои худ набуданд).

Мулло Рӯзӣ хориши бадани маро дида:

– Ин испарма аст, – гуфт. – Ин дамидагиҳои хоришдор дар вақти вайрон шудани хун пайдо мешаванд ва вақте ки ришта гирад, яъне оби вай ба гӯшту хун омезад, сахттарин испарма медамад ва хориши он ҳам тоқатгудоз мешавад. Чораи аввалини ин дард нахоридан аст. Касе ки монанди ту хоридан гирад, ба рӯзи ту меафтад. Чораи дуюм ва таскиндиҳандаи хориш равған молидан аст.

Пас аз он Мулло Рӯзӣ муаззинро фармуд, ки равғани шамъи ман барои риштакашӣ тайёркардаамро ба баданам молида, молиш диҳад. Дар вақти молиш бо гармии таби бадан равғани шамъ об шуда, ба даруни пӯст фурӯ рафтан гирифт ва бо ин амалиёт хориш қадаре таскин ёфта, нафаскашӣ осудатар шуд.

Аммо сӯзиши дарунӣ ва баландии таб ба дараҷае расид, ки кому забонам хушкида бо ҳам мечаспиданд ва ташнагӣ чунон зиёд шуд, ки оби хоми сардро бо офтоба бардошта аз нӯлаш менӯшидам ва тоқат надоштам, ки то ба пиёла рехтан интизорӣ кашам.

Мулло Рӯзӣ аз обихомнӯшӣ ҳам маро манъ кард:

– Дар шиддати таб нӯшидани оби хом, хусусан оби ҳавзҳои Бухоро, мумкин аст, ки сабаби ҳалок шавад, – гуфт ва муаззини мадрасаро фармуд, ки аз самоворхона оби ҷӯш оварда диҳад.

Мулло Рӯзӣ баъд аз он дар пайи даво кардани испарма афтод, то ки вай тамоман барҳам хӯрда, бими дубора сар шудани хориш бартараф шавад. Барои ин муаззинро фармуд, ки аз атторӣ чанд мисқол гули маҳзар* ва аз баққолӣ як коса ҷуғрот ё чакка биёрад.

Баъд аз тайёр шудани ин чизҳо Мулло Рӯзӣ гули маҳзарро ба як коса ҷуғрот омехта, ҳамаашро якбора ба ман хӯронид ва аз болои вай оби ҷӯш нӯшида истоданро фармуд. Баъд аз ин муолиҷа Мулло Рӯзӣ ва муаззин ба болои ман ду қабат кӯрпаи серпахта пӯшонданд ва дар вақти омадани арақ шамол надоданро ба ман фармуда баромада рафтанд.

Баъд аз як соат хориш тамоман барҳам хӯрд ва дамидагиҳои испарма ҳам пасту кам шудан гирифтанд. Аммо баданам чунон арақ карда буд, ки гӯё ман дар даруни об хобида будам, лекин ин об оби сард набуда, оби ҷӯшон буд.

Бегоҳонӣ Мулло Рӯзӣ ва Мулло Сулаймон омада баданамро аз арақ пок карда хушконда, либоси тоза пӯшонданд. Таби тоқатгудоз ва ташнагӣ беандоза зиёд буд. Оби ҷӯш дар вақти нӯшидан ҳалқро тар мекард, аммо ташнагиро намешикаст. Чойи кабуди талх тайёр карда доданд, ки ин аз оби ҷӯш беҳтар намуд.

* Гули маҳзар – барги гулест тор-тори заъфармонанд, ки аз заъфар сурхтар ва бӯяш пасттар аст (ман тари ин гулро надидаам. Ин тасвири хушкидаи он аст, ки атторони Бухоро мефурӯхтанд).

Шиддати таб ба дараҷае буд, ки ман гоҳ-гоҳ аз ҳуш мерафтам, хобҳои парешони аҷибу ғариб медидам, ба ҷоҳои пурхавф мерафтам, гоҳо дар дарёи хурӯшон ғарқ мешудам, гоҳо дар миёнаи оташи шӯълавари сӯзон меафтодам. Барои халос кардани худ ҷандала намуда ҳаракат мекардам ва дар вақти шиддати ҳаракат ба ҳуш меомадам, ки дар ҷоям хобидаам ва чӣ қадар вақт боз хобидани худро аз ёридиҳандагон мепурсидам.

– Ҳеҷ вақт нагузаштааст, ягон дақиқа чашм пӯшида кушодӣ, аммо дар хобат шояд сахт тарсида бошӣ, ки бисёр ҷастухез кардӣ ва фарёд кашидӣ, – мегуфтанд.

Дар он вақтҳо на ман ва на он касоне, ки ман мешинохтам, термометр ва санҷидани ҳарорати баданро намедонистем, бинобар ин ман муайян карда гуфта наметавонам, ки дар он вақт дараҷаи ҳарорати бадани ман ба чанд расида буд. Аммо ба табҳои замонҳои шинос шуданам ба санҷиши ҳарорат қиёс карда гуфтан мумкин аст, ки дар он шабу рӯзи шум ҳарорати ман ба он дараҷа расида будааст, ки ба болотар аз он дараҷа зинда мондани бемори табдор мумкин нест.

Он шаб, ки дарозтар аз сол буд, дар ҳамон таби сӯзон гузашт. Баъд аз рӯз сафед шудан чашми маро бе дидани хоби парешон гармӣ бурдааст. Чашм кушодам, ки офтоб баромадааст ва ҷое, ки аз он ҷо ришта нӯг дода буд, монанди он ки бо корд зада истода бошанд, дард мекунад. Кушода дидам, ки зонуи чапам аз боло то нимаи рон ва аз поён то нимаи соқи пой варами сурхи сӯзоне пайдо кардааст. Ҳанӯз бадан ва дарунам аз шиддати ҳарорат месӯхтанд, аммо беҳушӣ монанди дишаба бисёр рӯй намедод.

Мулло Сулаймони муаззин аз сартарошони риштакаш марҳам оварда, ба ҷои варамидаи пой молида, аз рӯи он латта ва як порча пахтаи ғафсеро гузошта баст. Баъд аз соате озори «кордхалонӣ» ба лук-луки «гӯшткӯбӣ» бадал ёфт, гӯё ки зонуямро бар рӯи гӯшткӯбак гирифта бо чандин корди ош аз чанд ҷой баробар мекӯфтанд.

Марҳам дар ҳар шабу рӯз як бор тоза карда мешуд, дар рӯзи ёздаҳум рӯи пӯсти ҷои ришта зардӣ пайдо кард. Гуфтанд: «пухтааст, агар ба кафидани худ ба худи ҷароҳат интизорӣ бурда шавад, бисёр вақт мегузарад ва зиёда азоб мекашӣ. Беҳтар он аст, ки ҷарроҳ оварда нештар занонем».

Ман қабул кардам, ҳамон сартарошеро, ки марҳам дода буд, оварданд. Ӯ аз ду ҷои омоскардаи пой нештар зада шикофт.

Дар муддати ёздаҳ рӯзи гузашта ман ғайр аз оби тарбуз чизи дигаре нахӯрда будам. Аз рӯзи кафондани ҷароҳат хӯрокхӯрӣ сар шуд, аввал нонро дар чой тар карда хӯрдам ва баъдҳо дигар чизҳоро ҳам хӯрдан гирифтам. Ҳарорат хеле паст шуда, қариб ба эътидол расида буд, ҷароҳат камтар озор медод ва варамҳои болою поини ҷароҳат фуромад. Аммо аз ҷо ҷунбида наметавонистам, аз рӯзи гирифтани ришта сар карда ман барҷомонда шуда будам ва ҳанӯз барҷомонда будам.

Дар даҳ рӯзи дигар ҷароҳат тамоман тоза шуд, аммо ҳанӯз пӯст надавида буд ва ман имкон ёфтам, ки баъд аз сию як рӯз барҷомонда шуда хобидан, ба асо такя карда беруну дарун баромада-даромада тавонам ва баъд аз даҳ рӯзи дигар ба асо такя карда лангон-лангон ба кӯча баромадам. Чунки дар он вақт ҷароҳат тамоман ба ҳам омада пӯст давонда бошад ҳам, ҳанӯз пои чапамро қуввати озодона ҳаракат кардан набуд. (Ҳанӯз парчаи доғи он ҷароҳат бар рӯи айнаки пои чапам намоён аст.)

* * *

Соли дигар аз пои ростам ришта баромад. Ман дар бадани худ пайдо шудани риштаро дар вақте ки вай дар сари синаам буд, ҳис кардам. Аммо хеле дар мағзи гӯшт ва дар байни устухонҳо буд, ки дар молиш додани пӯсти бадан ба даст маълум намешуд, лекин ҷунбиш ва ҳаракаташро пай мебурдам.

Ин ришта, бе он ки бар рӯйтари гӯшт барояд, то рон фуромад ва дар он ҷо дар мағзи мушакҳои рон тамоман ғоиб шуда рафт, дигар ҳаракаташро ҳам ҳис намекардам ва баъд аз чанд рӯзи дигар дар гирдогирди айнаки зону намоён гардид ва ба зудӣ – дар як рӯзи дигар сари он бар рӯи соқи пой фуромада аз он ҷо нӯг дод.

Ин дафъа ман (бо таҷрибаи порсола) вазифаи риштакаширо ба гардани худ нагирифта, ба пеши Усто Ҳакими риштакаш рафтам. Ӯ:

– Дар вақташ омадед! – гӯён маро пушт ба замин дар суффача ба ёзида хобидан амр фармуд, чунки ришта дар тарафи пеши зону ва соқ буд. Аммо ман ёзиданро қабул накардам:

– Поямро ёзонда менишинам, ҳар коре, ки мекарда бошед, кардан гиред! – гуфтам.

– Метарсед, – гуфт.

– Ман наметарсам, – гуфтам.

Мақсади ман аз ин якраҳагӣ ва лофзанӣ амалиёти риштакаширо аз наздик дар бадани худ дида таҷриба омӯхтан буд. Албатта, озор хоҳ дароз кашида хобам, хоҳ нишинам, баробар буд.

Ман поямро ёзонда нишастам. Усто кор сар карда, аз паҳлуи берунии айнаки пои рост ҷоеро буридан хост. Ман аз ӯ:

– Чаро аз ҷои нӯгдодаи ришта (рӯи соқи поямро нишон дода) набурида, ин ҷои баданамро буридан мехоҳед? – гуфта пурсидам.

– Дар рӯи соқи пой чоряки ришта ҳам нарафтааст, қисми бисёри вай дар атрофи айнаки зону печида хобидааст. Агар аз ҷои нӯгдодааш кашидан хоҳам, ба қадри як ангушт ҳам намебарояд, чунки дунболаш дар ин ҷо банд аст. – Усто ҳунарнамоӣ карда илова намуд: – Устоҳои нодон ё риштадорҳои камтаҷриба дар куҷо банд будани дунболи риштаро ба назар нагирифта, вайро аз ҷои нӯгдодааш ба осонӣ кашида гирифтан хоста, доначаро канда нӯгашро ба даст дароварда ба қадри қувваташон мекашанд, ришта меканаду риштадор ду-се моҳ азоб мекашад.

Ман, ки бо таҷрибаи порсола ин ҳолро аз сар гузаронида будам, дар дили худ гуфтаҳои усторо тасдиқ кардам, дигар ба кори вай тадохул накарда, ба ӯ таслим шуда нишастам.

Усто аз ҷои мазкур – аз паҳлуи берунии айнаки зону ҷоеро бо чустак бардошта бурид, ришта нанамуд. Дубора бурид, ришта намудор гардид. Усто дандонхилолро гирифта аз таги ришта ба мағзи гӯшт халонда боло бардошт. Азоб

ҷонгудоз буд, аммо ман шарм доштам, ки ба назди усто ва ба пеши тамошобинони бедард, ки дари дуконро иҳота карда истода буданд, фарёду фиғон барорам ва гиря кунам. Ночор дандон ба дандон монда сабр кардам.

Усто ҳалқаи ба дандонхилол андармон шуда берун баромадаи риштаро ба дасти худ гирифта, аввал қисми ба тарафи соқи пой дароз шуда рафтаи вайро кашид ва он ба осонӣ тамоман баромад. Аммо ӯ ҳарчанд кӯшиш карда кашид ва равғани шамъ молида молиш дод, аз қисми ба тарафи айнаки пой печидаи он чизе набаромад.

– «Зӯри беҳуда миён мешиканад» – гуфтаанд, кандани ришта аз шикастани миён ҳам бадтар аст, – гӯён усто дасташро ёзонда аз рӯи рафчаи дукон қайчии мӯйилабгириро ба даст гирифт. Ӯ аз тарафи ба бадан банд шудаистодаи ришта ба қадри ним ангушташро дар байни ангуштони дасти худ маҳкам дошта истода, боқимондаашро бо он қайчӣ бурида партофт.

Усто қисми дар байни ангуштони худ нигоҳ доштаистодаи риштаро бо пахта пок карда, оби сафедашро покиза кашида гирифта, ҷои буридашударо бо абрешими сафеди сахт баста сар дод. Ришта дарҳол ба дарун рафт.

Ман аз ин ҳол «мабодо азоби порсола рӯй диҳад» – гӯён дар дили худ бисёр тарсидам. Усто ин тарси маро пай бурда:

– Натарсед, – гуфт. – Риштаи канда ё буридашудаи ба даруни бадан рафта вақте хавфнок аст, ки обаш ба гӯшту хун паҳн шавад. Оби ҷои буридашударо покиза карда гирифтам ва аз ҷои басташуда оби ришта берун заҳида наметавонад.

Ӯ бар рӯи пӯсти айнаки пой ва атрофи он равғани шамъ молид ва чуқурчаи баданро бо сӯхта пур карда бо латтаи сафеди тозае, ки худ бурда будам, баст. Усто тавсия кард, ки то фардо чанд бор равғани шамъ молида, пиёда бисёр гардиш кунам ва фардо дар ҳамон вақт пеши ӯ оям.

Ман ба ӯ як танга музд додам, нагирифт:

– Агар фардо риштаро тамоман кашида гирифта тавонам, баъд аз он назри шуморо мегирам, агар ришта худо накарда набарояд, шумо бисёр азоб мекашед. Азоб дода музд гирифтан айб ва ноинсофии гузарост, – гуфт.

Тавсияи усторо ба амал оварда, рӯзи дигар дар вақти муайянкардашуда пешаш омадам. Риштаро дида, аз тарафи паҳлуи дарунии айнаки зону ҷоеро бурида, ҳалқаи риштаро ба даст даровarда кашид. Ҳарчанд азоб тоқатнопазир ва аз дирӯза сахттар буд, ришта тамоман баромад ва ман аз азоби риштагирӣ халос шудам.

* * *

Дар солҳои ояндаи дигар ҳам ҳар сол ду-се ришта бароварда, гоҳо кашонда, гоҳо худ кашида гирифта, гоҳо бинобар бад будани ҷои баромадаш ба кашондан ва кашидан муваффақ нашуда, як моҳ-ду моҳ бистарӣ гардида, азоби ин дарди бедавои даври амириро чандин сол кашидам. Охир сабаби пайдо шудани он дардро фаҳмида, ба дафъи он сабаб кӯшида, худро аз он бало раҳонидам.



## САБАБ ВА ТАРЗИ ПАЙДО ШУДАНИ РИШТА ВА «ИЛОҶЕ», КИ ҲУКУМАТИ АМИР БА МУҚОБИЛИ ОН ДИДА БУД

Он азобу укубати ба сари худам аз ришта омада, ки дар боби боло тасвир ёфт, ҳар сол камаш ба сари нимаи аҳолии шаҳри Бухоро ва истиқоматкунандагони он ҷо меомад. Албатта, сабаби ин гуна дарди умумиро ҳар кас кофтуков ва ҷустуҷӯ мекард. Одамоне, ки андак ҳуше дар сар доштанд, сабаби инро дар оби ҳавзҳои шаҳр медонистанд. Дар ҳақиқат, оби ҳавзҳои Бухоро, хусусан дар айёми баҳорон, ки ҳамаи табиат ба ҳаракат меомад, пур аз киҷҷа мешуд. Киҷҷаи оби ҳавзҳои Бухоро иборат аз кирмчаҳои сурхчаранги ҳалқачашакл буд ва гоҳо кирмчаҳои ростбадани дарозрӯя ҳам ба назар менамуд.

Бинобар ин баъзе одамҳо он обҳоро аз дока гузаронида софкорӣ карда, баъд аз он кор мефармуданд, лекин бо ҳамаи ин ба он гуна одамҳо ришта мебаромад. Касоне, ки ба тақдир сахт ақида доштанд, аз ин ҳолат фоида бурда мегуфтанд:

– Аз об пайдо шудани ришта гапи бекор аст, мо обро софкорӣ карда нӯшидем, бо вуҷуди ин ришта баровардем. Пас маълум мешавад, ки агар Худо ба касе аз ришта азоб кашиданро тақдир карда бошад, ба ин дарди бедаво гирифтор мешавад ва агар на, не!

Тақдирчиён ба даъвои худ ба тарзи зерин низ далел меоварданд:

– Дар як хонадон, – мегуфтанд онҳо, – баъзе кас ришта мебарорад ва баъзе кас не, инчунин аъзои оилаи баъзе хонадон ҳамагӣ ришта мебароранд ва дар хонадони дигар ягон кас ҳам ин дардро намебинад ва намедонад.

Тақдирчиён боз ҳам пештар рафта мегуфтанд:

– Фалонӣ тобистони гузашта бо вуҷуди ҳамеша дар саҳро буданаш ва ягон бор ҳам оби ҳавзи Бухороро нанӯшида, ду моҳ азоби риштаро кашид ва бильакс фалон саҳроӣ, ки тамоми тобистонро дар шаҳр гузаронид ва ҳамеша аз ҳамин ҳавзҳо об нӯшид, ягонта ҳам ришта набаровард.

Ҳатто аз ин ақидаи мардуми содадил баъзе касони фиребгари беруна фоида бурда, як сол кисаи худро бо тангаҳои муфт хуб пур карданд. Зотан, мардуми Бухоро, ки аз бемориҳои гуногун бисёр азоб кашида аз табибон ва дуохонони худӣ (бухороӣ) фоидае намедиданд, ба атрофи касе, ки аз берун, аз ҷоҳои дурдаст ва мамлакатҳои беруна омада худро табиб ё дуохон эълон кунад, зуд ғун мешуданд. Бинобар ин аз савдогарони чойфурӯш ва нилфурӯши Пишовур[278] баъзеашон худро табиб ва баъзе дигарашон худро дуохон вонамуда, бо ин роҳ ҳам меҳнаткашони бесаводи Бухороро тороҷ мекарданд.

Як тобистон, дар вақте ки қариб нимаи аҳолии шаҳр гирифтори бемории ришта буд, яке аз ҳамин қабил савдогарони чойфурӯши Бухоро худро дуохони риштахон эълон кард. Бошишгоҳи он савдогар дар сарои Сайфиддин буд, ки дар тарафи ҷануби Лаби Ҳавзи Девонбегӣ – дар ҷануби кӯчаи Калон бино ёфта буд. Одамони риштадор саҳари барвақт, пеш аз он ки дари сарой кушода шавад, дар пеши дарвозаи он ғун шуда, кӯчаи Калонро пур мекарданд, то ки дар навбати аввал ва, ҳеҷ набошад, пештар ба пеши дуохон даромада риштаи худро хононанд.

Чун ин дуохон овозаи бисёр пайдо карда, аз ҳад зиёд фоидаи муфт ба даст даровард, дар сарои Рашид низ як савдогари нилфурӯши пишоварӣ дукони риш-

тахонӣ кушод. Харидорони «дукони» вай ҳам аз «харидорони» дуохони нахустин кам нашуд.

Одамони ҳангоматалаби беришта ҳам ба пеши он риштахонон рафта, тартиби дуохонии онҳоро дида ё надида ба тарзҳои гуногун нақл намуда, сабаби гармии бозори онҳо мегардиданд. Ин ҳангоматалабони бекор муболиғаро ба ҷое расониданд, ки яке аз онҳо мегуфт:

– Ман ба чашми худ дидам, ки дуохон дуо хонда бар рӯи пӯсти ҷои риштаноки одами риштадор «куф-суф» мекард, ришта монанди кирми лойхӯраки аз лой бароянда сарашро боло карда аз таги пӯсти бадан мебаромад ва дуохон риштаи аз бадан баромадаро пеш-пеш бурида ба коғазе мепартофт. Вақте ки тамоми ришта бо зӯрии дуо бароварда бурида шуд, риштаҳои буридашударо ба коғаз печонда ба дасти риштадор медод ва назри дуои худро ба ҳамин тариқа ҳалол карда мегирифт.

Ман, ки табиатан кунҷков ва шаккок буда, ин гуна корҳои аз одат берунро то ба чашми худ набинам, бовар намекардам, рӯзе дар қатори риштадорон (бо вуҷуди ин ки он вақт ришта надоштам) ба саройи Сайфиддин, ба пеши дуохони нахустин рафтам. Дар навбат ман дар мартабаи чорум будам.

Дастёри дуохон беморонро чорнафарӣ ба ҳуҷра медаровард. Ман бо се нафари дар пеши худам истода нафари чорум шуда ба пеши савдогари риштахон даромадам. Ӯ дар миёнаҷои ҳуҷра бар рӯи қолинчае чорзону менишаст. Дар пеши ӯ дар як табақи тунукаи калони сирдор, ки дар Бухоро «қарабоӣ» меномиданд, ба қадри чор завола хамир лои сақич (лойи часпаки аз хоки сурх тайёр кардашуда) буд.

Дуохон одами риштадори дар пеш истодаро ба пеши худ хонда фармуд, ки ҷои риштаноки баданашро кушода ба ӯ нишон дода, дароз кашида бихобад. Риштадор ин фармонро ба амал овард. Риштаи ӯ дар рони пояш будааст.

Дуохон аз лой як лӯндаашро канда гирифта, дар ду кафи дасти худ молиш дода, монанди пилта тофта дарози лӯлашакл кард ва онро бар рӯи пӯсти ҷои аломати ришта маълумшудаи бадани бемор гузошт ва корди кунди теғакмондеро* ба даст гирифта, ба дуо хондан даромад. Забони дуои ӯ на арабӣ буд ва на тоҷикӣ, шояд забони урду ё ягон забони дигари Ҳиндустон бошад, ки дар байни ҷумлаҳояш гоҳ-гоҳ баъзе суханони ба тоҷикӣ монанд ҳам шунида мешуд.

Дуохон дар ҳар банди дуои хонда истодааш аз хондан бозистода, бар рӯи бадан як «куф» ва «суф» мекард ва бо кордаш аз лойи пилтамонанди тофташуда андакашро бурида, бар рӯи коғаз мениҳод ва боз дуо хонданро давом медод.

Дуохон ба ҳамин тариқа дуо хонда лойро тамоман бурида ба рӯи коғаз партофт, беморро ба хеста нишастан фармуд ва бемор ки хеста нишаст, лойҳои буридашударо ба он коғаз печонда ба дасти ӯ дод ва гуфт:

– Инро аз шаҳр бароварда ба ягон ҷӯи калони пуроб партоед, ки нест шуда равад, – ва бо оҳанги таъкид илова кард: – эҳтиёт кунед, ки ягон гард ҳам аз ин лой дар шаҳр ва дар байни мардум наафтад, зеро бо зӯри дуо тухми ришта аз баданатон баромада ба ин лой омехтааст, агар дар байни мардум афтад, аҷаб нест, ки ягон мусулмони дигар ба ин дард гирифтор шавад.

* Теғак – корди кӯҳнаи дасташикастаи аз кор баромада.



Бемор коғазпечро гирифта, дар кисаи худ ниҳода ва аз он ҷо тангаҳои сафедро бароварда ба дуохон пешкаш кард. Дуохон пулро ба даст нагирифта, рӯймолеро, ки дар паҳлуяш паҳн карда шуда буд, нишон дода, ба он ҷо партофтанашро ишора кард. Бемор ин ишоратро ба амал овард. Дар вақте ки ман дар он ҷо будам, бар рӯи рӯймол қариб дусад танга барин «тангаҳои нуқраи зарби Бухорои шариф» паҳн шуда хобида буд.

Ман дуо хондани риштадори дуюмро ҳам аз назар гузаронидам, ки дуохон ба ин бемор низ ҳамон муомиларо кард, ки ба риштадори якум карда буд. Ин бемор шояд аз бемори якум доротар бошад, ки садои ҷарангосзании тангаҳои ба рӯи рӯймол партофтаи ӯ аз аввалӣ баландтар ба гӯш расида, бисёртар назр додани ӯро ба беморон маълум кард.

Чун навбат ба бемори сеюм расида ба ман наздик омада буд, ман худро монанди одами тангшуда ба назар вонамуда, печу тоб хӯрда аз ҳуҷра баромада рафтам.

Вақте ки мавсими риштабарорӣ ба охир расида, ин беморӣ дар байни мардум камтар шудан гирифт, ҳар ду дуохони савдогари пишовурӣ якбора аз Бухоро гум шуданд. Онҳо, ки ба риштаи касе фоида нарасондани дуои худро аз ҳама хубтар медонистанд, шояд бо айби фиребгариашон аз ҳуҷуми мардуми аламдида ба худашон тарсида, кори тиҷорати худро ғундошта ё ба ҳампешагони худашон супурда, аз шаҳр бадар канда рафта бошанд.

* * *

Дар ду-се соли охирии айёми риштабарории ман аз Петербург ва Москва олимони микробшиноси рус дар мавсими риштабарорӣ ба Бухоро пай дар пай омада, риштаҳои тоза кашидашударо аз дасти сартарошони риштакаш гирифта бурда, дар лабораторияҳои худ таҳлил карда диданд. Ҳарчанд натиҷаи тадқиқоти он донишмандон ба аҳолии шаҳри Бухоро расман маълум карда нашуда бошад ҳам, ба воситаи касони мӯътамад ба ман маълум шуд, ки онҳо сабаби асосии риштаро дар оби ҳавзҳои Бухоро ёфтаанд ва ин ҳам маълум шудааст, ки баъд аз софкорӣ карда аз дока гузаронидани об ҳам тухмҳои ба назар нонамоёни ришта мемондааст.

Чун ман ин натиҷаро бовар кардам, хостам ин фикрро ба он ҳодисаҳое, ки дар гирифтории ин дард аз сар гузаронидаам, татбиқ карда дида, он боварии худро мустаҳкам намоям ва ба он ақида амал намуда, аз ин дард тамоман халосӣ ёбам.

Аз рӯи таҷрибаи худам ба ман маълум шуд, ки оби ҳавзҳои Бухоро дар вақте сабаби баровардани ришта мешавад, ки агар мизоҷи одам қобили расидани ин кирм бошад. Дар мизоҷи касе, ки ба муқобили тухми вай мубориза намуда ба вай ғолиб омада тавонад, ба воя намерасад, мурда меравад ва он кас ришта намебарорад. Сабаб ҳамин аст, ки аз нӯшандагони оби ҳавзҳои Бухоро баъзеҳо ришта мебароварданд, баъзе дигарон – не.

Инчунин оби зимистонии ҳавзҳои Бухоро (шояд дар сармо ва дар яхоб тухмҳои кирми ришта мурда мерафта бошанд) сабаби риштабарорӣ намешуд, бинобар ин касоне, ки зимистон дар Бухоро истиқомат карда, аз он об менӯши-

данд ва дар аввали баҳор аз шаҳр баромада рафта тобистонро дар саҳро ё дар ягон шаҳри дигар мегузарониданд, ришта намебароварданд.

Нӯшандагони оби тобистонии ҳавзҳои шаҳри Бухоро дар худи ҳамон тобистон ришта намебароварданд, балки касе, ки оби тобистонии ҳавзҳои Бухороро нӯшад ва мизоҷаш ба расидани тухми кирми ришта қобил бошад, дар тобистони оянда ришта мебаровард.

Дар он вақт, хоҳ ӯ дар шаҳри Бухоро бошад, хоҳ дар саҳро ва хоҳ дар шаҳрҳои дигар, аз ин дард халосӣ намеёфт.

Аз рӯи таҷрибаи худам рафти пайдо шудан, расидан ва баромадани ришта ба тарзи зерин буд: касе, ки мизоҷаш қобили расидани кирми ришта буда, дар тобистон оби ҳавзҳои шаҳри Бухороро нӯшад, дар соли оянда аз аввали баҳор – дар вақте ки ҳамаи растаниҳо аз замин ба рӯидан сар мекунанд, кирми ришта низ ба ҳаракат меояд. Аз таҷрибаи худам ҳамин маълум шуд, ки аввал ин кирм дар қисми аз миён болои бадани одамӣ, бештар дар сина ва атрофи он ба ҳаракат меояд. Аммо дар он вақт дар зери пӯст чизе ҳис карда намешавад, ки ба даст ва молиш маълум шавад. Ман, ки бисёр ришта баровардам ва ҳамеша амалиёти кирми онро аз зери назари диққати худ намегурезондам, пай мебурдам, ки чизе дар дарунтарини мағзи гӯшт ҷунбиш дорад ва аз боло ба поини бадан нигоҳ карда ҳаракат мекунад.

Вақте ки ин кирм аз миён поёнтар фурояд, ҷунбиши он зиёдатар ва ҳаракаташ маълумтар мегардад, лекин бисёр кам рост омадааст, ки аз зери ноф то расиданаш ба қадқашаки пой аз таги пӯст ба даст маълум шавад. Агар дар ин қисми бадан ба рӯй баромада нӯг диҳад, кашида гирифтанаш бисёр осон, ҳатто худи одами риштадор ҳам бе ёрии риштакаш кашида гирифта метавонист. Аммо ришта бештарин вақт дар ин соҳаи бадан бар рӯй намебаромад ва аксар баъд аз гузаштанаш ба тарафи рон, то расиданаш ба айнак ва хамгашти зону ҳаракати барӯйбаройӣ ва нӯгдиҳӣ мекард. Дар ин соҳаи бадан бошад, буридани бадан ва кашида гирифтани ришта бисёр хавфнок, душвор ва пуразоб буд.

Агар ришта аз хамгашти зону тамоман гузашта дар соқи пой то буҷулак ҳаракати рӯйбаройӣ кунад, боз кор як дараҷа бо осонӣ ба анҷом мерасид. Аммо дар худи буҷулаки пой ва атрофи он печ хӯрда ҳаракати барӯйбаройӣ кунад, боз кор ба душворӣ меанҷомид.

Дар ин ҷо бояд ҳаминро қайд кунам, ки як ришта дар пои ростам баромад, аз зону, аз соқи пой ва аз буҷулак гузашта ба кафи пой расид, аммо бар рӯй набаромад ва нӯг надод. Пеши риштакаш рафта нишон додам, ӯ баъд аз дастдаст карда дидан гуфт:

– Дар ҷои чуқуртарини мағзи гӯшт аст, пӯсту гӯшти кафи пой бисёр сахт аст, ин ҷоро бурида риштаро саломат кашида гирифтан мумкин нест. Акнун ба тақдир тан дода сабр кардан лозим аст, агар бар рӯйтар брояд ё нӯг диҳад, биёед. Барои кашида гирифтан як кӯшиш карда мебинам, агар дар ҷои исташ амал кунад, гӯштро пӯсонда ва худ пӯсида фасод шуда мебарояд, дар он вақт як моҳ-ду моҳ барҷомонда шуда азоб мекашед, аммо чӣ чора?

Ин ҳодиса моҳҳои июл буд. То сар шудани сардиҳои рӯзҳои тирамоҳ ришта ҷунбиш кард, ҳаракат намуд, аммо бар рӯй набаромад ва баъд аз сар шудани



сармо ором гирифт. Дар соли оянда аз аввали баҳор боз ба ҷунбиш ва ҳаракат даромад, аммо то тирамоҳ ба рӯй набаромад ва дар зимистон боз ором гирифт. Ба ҳамин тариқа, то даҳ сол ҳар тобистон ҳаракат ва чунбиши пурқувват мекард, аммо бар рӯй намебаромад ва нӯг намедод. Баъд аз он ҳаракат ва ҷунбиши он сол то сол камтар шудан гирифт, аммо дар вақти молиш ба даст маълум мешуд, ки ҳалқа зада хобидааст.

Хулоса, то понздаҳ сол пеш аз ин (яъне тахминан чил сол) ҳар тобистон он ришта суст ҳам бошад, ҷунбиш ва ҳаракат мекард ва баъд аз он тамоман ором гирифт ва то даҳ сол пеш аз ин ба даст маълум мешуд, баъд аз он тамоман номаълум шуда рафт. Шояд бе он ки кафида оби заҳролуди худро ба гӯшту хун омезад, мурда ва як ҷузъи гӯшти кафи пой шуда рафта бошад.

* * *

Чун ман бовари қатъӣ ҳосил кардам, ки ришта аз нӯшидани оби ҳавзҳои Бухоро пайдо мешудааст, обихомнӯширо тамоман тарк кардам ва аз ин дард тамоман халосӣ ёфтам. Ин ҳодиса дар соли 1903 буд. Дуруст аст, ки баъд аз ҳафт соли дигар, дар соли 1910, ман боз як дона ришта баровардам. Аммо сониҳо бо иқрори як дӯстам маълум шуд, ки ӯ барои озмоиш як тобистон ба ман ду ё се бор оби хомро «оби ҷӯшондашуда» гуфта нӯшондааст. Ӯ худ ришта намебаровард ва ба ақидаи пайдо шудани ришта аз оби ҳавзҳои Бухоро бовар ҳам надошт, дар ин хусус ҳамеша бо ман мунозира мекард. Ӯ хостааст, ки ба ман оби хом нӯшонад ва ба ақидаи ӯ албатта ман ришта намебаровардам, баъд аз он ин ҳодисаро ба рӯи ман зада маро дар мунозира мағлуб мекард.

Аммо, бо як бори дигар азоб кашидани ман ҳам бошад, маҷбур шуд, ки аз ақидаи худ баргардад ва дар мунозира мағлуби ман шавад.

* * *

Албатта, бояд донишмандони рус дар натиҷаи тадқиқоти илмии худ аз оби ҳавзҳои Бухоро пайдо шудани риштаро ба ҳукумати амир фаҳмонда, тоза нигоҳ доштани ҳавзҳоро ба ӯ тавсия карда бошанд. Лекин ҳукумати амир на ин ки ба тоза нигоҳ доштани ҳавзҳо ҳеҷ кӯшиш накард, ҳатто ба воситаи одамони бонуфуз дар байни аҳолӣ ташвиқот ҳам набурд, ки оби хомро нанӯшанд, то ки аз ин дарди беамон эмин монанд.

Ягона «чорае», ки ҳукумати амир ба муқобили ришта медид, ин буд, ки ҳар сол дар мавсими шиддати риштабарорӣ аз хазина ҳазор ё ду ҳазор танга (150 300 сӯм) тахсис карда мешуд, то ки ба талабаҳои қашшоқи мадрасаҳо, ки аз дарди ришта барҷомонда шудаанд, даҳтангагӣ (як сӯму панҷоҳтинӣ) тақсим карда диҳанд.

Як одами қушбегӣ бо як нафар котиб он маблағро бардошта мадраса ба мадраса мегаштанд. Муаззини мадраса ё ки ягон бошандаи «мӯътабари» он ҷо ҳар касро, ки «талабаи қашшоқи аз дарди ришта барҷомондашуда» гуфта нишон медоданд, даҳ танга ба номи ӯ навишта дода мешуд. Он муаззин ё он бошандаи «мӯътабар» ва ё ин ки он «талабаи қашшоқи аз дарди ришта барҷомондашуда» ҳам дар навбати худ аз он даҳ танга яктангагӣ ба одами қушбегӣ ва

котиб «хизматона» ва «котибона» гӯён дода, ҳашт тангаи боқимондаро дар байни худ тақсим мекарданд.

Барои мисол як воқеаеро, ки дар муддати даҳ-дувоздаҳ соли риштабарориам дар ман дар бораи «тақсими пули ришта» рӯй дод, нақл мекунам: бори аввале, ки ман дар оташи таби ришта сӯхта гоҳо ҳушёр ва гоҳо беҳуш дар ҳуҷраи худ хобида будам, муаззин Мулло Сулаймон ба пеши ман даромад ва дар дасти ӯ якчанд танга менамуд. Ӯ ба ман гуфт:

– Ба мадраса риштапулӣ омад, ғайр аз шумо дар ин ҷо риштадор ҳам набуд, ҳатто ягон талабаи дигар ҳам набуд. Дар вақти шиддати таб ба пеши шумо даровардани одамони ҳукуматро муносиб надида, худро дар қатори «талабагони қашшоқи аз дарди ришта барҷомондашуда» ба рӯйхат гузаронида, даҳ танга гирифтам, аз ин маблағ ду тангаашро ба одамони ҳукумат додам. Аз ҳашт тангаи боқимонда чӣ қадарашро шумо хоҳед, ба шумо медиҳам ва боқиаш пеши ман мемонад.

– Ҳамааш пеши шумо монад, – гуфтам ман, – чунки шумо ба ман дар ин беморӣ бисёр ёрӣ додед ва ёрӣ дода истодаед. Ман, ки чизе надорам ба шумо хизмат (ҳадя) кунам, ҳеҷ гоҳ пули аз ҳаво худатон ба даст даровардаро аз дасти шумо нахоҳам гирифт. Дигар ин ки ҳозир ман ба чизе эҳтиёҷ надорам, чунки дилам чизе наметалабад, ҳақи марҳамро Шарофҷон ба тариқи қарз дода истодааст. Дишаб Мулло Рӯзӣ аз чароғворaҳои масҷиди калон, ки одамон барои арвоҳҳои гузаштагон даргиронда монда буданд, шаш дона шамъ чида овард, ки агар ман як сол дар бемории ришта хобам ҳам, барои молидан ҳамин шамъҳо кифоя мекунанд.

Муаззин дар бораи зуд саломатӣ ёфтанам дуо карда хурсанд шуда рафт. Аммо сонӣ Шарофҷон (зикраш дар қисми III-и «Ёддоштҳо» гузаштааст[279]), ки гоҳо барои аҳволпурсӣ пешам меомад, ба ман гуфт:

– Муаззин ғайр аз шумо боз се талабаи ғоибро «талабагони қашшоқи аз дарди ришта барҷомондашуда» – гӯён ба рӯйхати ҳукумат гузаронида, барои чор нафар чил танга гирифт. Одамони ҳукумат ҳам, ки «хизматона» ва «котибона» гирифтанд, дар пайи тафтиш наафтода, гуфтаҳои муаззинро тасдиқ карданд.

Дар солҳои дигар, ки ман дар даруни ҳуҷра аз дарди ришта азоб кашида мехобидам, мешунидам, ки бар болои тақсими пули ришта дар байни «талабагони қашшоқи аз дарди ришта барҷомондашуда» ва муаззину бошандагони мӯътабари мадраса ҷанҷолу хархашаҳо мехест ва якдигарро дашномҳо медоданд, аммо маро касе ба ёд ҳам намеовард, ки «фалонӣ аз дарди ришта азоб кашида хобидааст».

Ин буд «чораи ягонаи» ҳукумати амир ба муқобили дарди «бедавои» ришта (Аҳолии Бухоро аз дарди ришта баъд аз револютсияи Бухоро, вақте ки ҳавзҳо хушконида шуда, оби нӯшоӣ бо водопровод дода шуд, тамоман халос шуданд. Ҳоло ҷавонон чӣ будани риштаро ҳеҷ намедонанд ва пирони куҳансол монанди хоби парешони ҳавлангез гоҳо ба ёд меоранд).

* * *

Дар охири ин боб як воқеаи вобаста ба риштабарориамро, ки аз сар гузарондаам, мехоҳам ёд кунам.



Боре як ришта дар соқи поям нӯг дод. Усто Ҳаким барои бемор буданаш ба дуконаш намеомад, ночор ман барои кашондани риштаам ба пеши сартароши риштакаши дигар рафтам. Ӯ баъди аз назар гузаронидани ҷои ришта:

– Барои кашида гирифтани ришта буридани бадан лозим нест, Усто Ҳаким беҳуда одамонро азоб дода гуштааст, – гуфт ва илова намуд: – Ман барои набурида кашида гирифтани ришта марҳаме ёфтаам, ки ба сабаби ду-се бор молидан ришта худ ба худ аз бадан баромада меравад. Бе ёрии риштакаш худатон ҳам кашида гирифта метавонед.

Усто баъд аз гуфтани ин суханҳо ба кори дуконаш машғул шуд, оби мундии шуллукдонро тоза кард, шохи ҳаҷомат (аз бадан хункашӣ)-ро бо рӯймолчаи бинипоккунии худ пок кард... Аммо ба тарафи ман ва риштаам дигар нигоҳе ҳам накард.

Охир ман дилтанг шуда ба сухан даромадам:

– Магар аз он марҳами озмудашудаатон ба ман намедиҳед?

– Додани вай мумкин нест, – гуфт усто, – чунки дар як шабу рӯз кӯҳна, ҳатто зарарнок мешавад. Аммо ҳар рӯз як бор молидани худам мумкин аст.

Усто боз ба корҳои дуконаш, ки дар назари ман хеле беаҳамият буданд, машғул шуд ва ба ҷои риштаам марҳаме намолид.

Боз ман сухан сар кардам:

– Хуб, ин тавр бошад, худатон молед! – гуфтам.

– Ба чашм, – гуфт усто, – аммо нархаш қадаре қимат аст.

– Чанд пул меистад?

– Ба дигарон ҳар молишаш ду танга меистад, аммо шумо, ки муллобача мебошед, як танга гузашт карда, дар ҳар молиш як танга мегирам. (Ва ҳол он ки дар он вақт як тангаяя марҳам ба як риштадор дар як моҳ мерасид.)

Ман розӣ шудам, усто ба қадри донаки зардолу марҳамеро ба соқи пои ман молида молиш дод ва як танга гирифта, маро гусел кард.

Намедонам, ба сабаби марҳам буд ё соз будани ҷояш, дар ҳар ҳол, дар рӯзи сеюми марҳаммолӣ риштаро худ кашида гирифтам ва усто барои зудтар пур кардани ҷои холикардаи ришта боз ду бор марҳам молида ду тангаи дигар гирифт, ки ман ҳамагӣ бо панҷ танга харҷ кардан аз он ришта халос шудам.

* * *

Дар худи ҳамон сол, дар вақте ки ман таҳияи саҳроравӣ доштам, дар рони поям ришта маълум шуд. Ман дар дили худ фикр кардам: «Дар саҳро на устои риштакаш ҳаст ва на марҳами ришта, ҳарчанд ҳозир дар шаҳр ҳам монанди Усто Ҳаким риштакаши моҳир нест, аммо марҳами аз таҷриба баромада ҳаст. Модом ки «тайёри он марҳам дар як рӯз кӯҳна ва зарарнок мешудааст», беҳтар он аст, ки барои фоида бурдан аз он марҳам дар шаҳр монам».

Аммо сонӣ ба хотирам расид, ки «рӯйхати марҳамро аз усто гирифта, аҷзои хоми вайро аз бозор харида ба саҳро бурдан мумкин аст ва дар вақти даркорӣ дар саҳро кам-кам пухта кор мефармоям. Барои ин кор дар вақти ҳозира, ки мавсими харбуза ва ангурпазӣ аст, дар шаҳр монда, бадани мондашударо аз захираи шираи яксола маҳрум кардан дуруст нест».

Пеши усто рафта рӯйхати аҷзои марҳамашро пурсидам. Ба сад нозу нуз баъд аз панҷ танга гирифтан, рӯйхати марҳамашро дод, ки нусха бардошта гирифтам, дар он рӯйхат тарзи таркиб ва пухтани вай ҳам нишон дода шуда буд.

Баъд аз харидани аҷзои марҳам аз атторӣ, ки ҳамагӣ як танга қимат дошт, сахро рафтам. Дар он ҷо дер накашида ришта ба ҳаракат даромад, ман ҳам марҳамро пухта молидан гирифтам. Дар вақти кор фармудани марҳам ҳис кардам, ки ин ғайр он марҳам аст, ки усто ба поям молида буд, чунки вай пӯсти поямро нарм мекард, ин бошад, сӯзонда пӯстро сахт карда истодагӣ барин мешуд.

Ҳар чи бошад, марҳаммолиро давом додам, баъд аз чанд рӯз ришта нӯг дод, аммо бо кашидан аз ҷояш намеҷунбид ва ба гӯшти бадан як шуда мондагӣ барин менамуд. Оқибат дар як вақте ки барои кашидан сахттар ва асабиёна кӯшиш кардам, ришта канда, ман дар ҳолате афтодам, ки дар соли аввали риштабарориам афтода будам.

Охир, баъд аз ду моҳ бистарӣ шуда хобидан имкон ёфтам, ки ба шаҳр баргардам.

## САВИЯИ МАҲОРАТИ ДОКТОР ВА ТАБИБОНИ БУХОРОИ АМИРӢ ВА ВАФОТИ МУЛЛО ҲОМИДИ САВТӢ

Чунонки дар қисми III-и «Ёддоштҳо» дар боби «Вабо» баён карда шудааст, дар Бухоро як беморхона буд, ки дар айни замон вазифаи амбулаторияро ҳам ҳамон муассиса адо мекард. Дараҷаи ҳазоқат (маҳорати тиббӣ)-и доктори он ҷо, ки дар айни замон ҳам сарврач ва ҳам ягона врачи он муассиса буд, низ дар асоси дидаву шунидаҳоям дар қисми мазкур тафсил дода шуда буд.

Ҳаминро қайд карда гузаштан даркор аст, ки ҳукумати амир ва уламо аз тарси он ки мабодо ба пояи расму одатҳои динӣ ягон зарбае расад, дар Бухоро будани донишмандон ва докторҳои моҳирро намехостанд ва онҳоро қасдан роҳ намедоданд. Доктори ин беморхона барин докторҳои бесавод, ки аз нодонӣ обрӯи доктор ва докториро  дар пеши назари мардум мерехтанд, аз як тараф, дар назари уламо «хавфнок» набошанд, аз тарафи дигар, ҳатто барои ташвиқоту кирдорҳои зиддиилмии онҳо баҳона ва дастак мешуданд. Бинобар ин ин гуна докторҳои нодон баъзан дар Бухоро афтода мемонданд.

Дар ин ҷо дар асоси он муолиҷаҳое, ки доктор худамро кардааст, мехоҳам «маҳорати тиббии» ӯро ба пеши хонандагон равшантар карда нишон диҳам. Чунонки дар аввали ҳамин қисм ёд карда шуд, ман дар мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид дар соли аввали бино ёфтанаш (яъне дар вақти наму тар будани деворҳояш) истиқомат сар кардам. Дар соли дуюми истиқоматам дар он ҷо маро озори пои пуршиддате пайдо шуд, ки ба душворӣ қадам мегузоштам.

Азбаски ба олимон ва донишмандони рус бовари калон доштам, барои муолиҷа пеши табиб нарафта, пеши он доктор рафтам ва ба воситаи тарҷумон дарди худро ба ӯ фаҳмондам. Ӯ, бе он ки поямро, набзам  ва ҳарорати баданамро бинад ё ба шушу дил гӯш дода ҳаракати онҳоро муайян кунад (он вақтҳо барои муолиҷа лузуми ин корҳоро худам ҳам намедонистам), фелдшери худро, ки як одами бадмасти бадҷаҳли қачқарӣ буд, фармуд то ба поҳои ман йод молад.



Он фелдшер дар ҳамон вақт ҷароҳати касеро мебаст. Барои муайян намудани савияи ахлоқии он фелдшер ҳаминро нагуфта гузаштан дуруст нест, ки ӯ дар вақти тоза кардан ва бастани ҷароҳати бемор, агар он бемор нолише кунад, дашномҳои қабеҳи кӯчагӣ ба забони туркӣ дода, ба пушти гардан ва шонааш як-ду мушт зада ба ором истодан амр мефармуд.

Фелдшер баъд аз фориғ шуданаш аз он бемор маро дӯғ зада фармуд, ки поҳои озордорамро бараҳна карда, дар ҷои он бемор ба он тахтакати хуну чирколуд бихобам.

Ман аз дашному шаллоқи он бадмаст тарсида, ба хуну фасодолуда шудани либосҳоям нигоҳ накарда, ба ҷое, ки ӯ нишон дода буд, дароз кашидам. Фелдшер аз қадкашак то буҷулак ҳар ду поямро йод молид.

Ман аз ҷоям хеста аз доктор ба воситаи тарҷумон пурсидам:

– Боз кай оям?

– То бартараф шудани озор ҳар рӯз як бор омадан даркор аст, – гуфт доктор трубкаи тамокукашиашро аз даҳон нагирифта дар ҷавоб ба воситаи тарҷумон.

Ман шаш рӯз давом кардам, ҳаррӯза муолиҷа ҳамон йодмолӣ буд. Шояд йод камоб ва зӯр бошад, ки дар ин рӯзҳо поҳоям пӯст партофтан гирифтанд. Бинобар ин ҳаррӯза таъсири йод аз рӯзи гузашта зӯртар, шиддат ва сӯзишаш зиёдатар мешуд, дар ҷоҳои нармтари бадан – дар наздикиҳои қадкашак ҷароҳатҳо ҳам пайдо шуданд. Аммо озори асосии поҳоям монанди пештара ба замми сӯзиши аз йод пайдошуда давом мекард.

Ноҷор ман пеши докторравиро тарк карда, пеши Мулло Қурбон ном табиб рафтам. Ӯ ба ман фармуд, ки аз лой ба шакли чароғҳои сиёҳи қадимӣ чилиме созам. Одатан ҷои равғану пилтадони чароғи сиёҳ новамонанд кушода меистад, ман бояд ҳамон ҷои чилимамро бо лой пӯшонда, дар нӯгаш нойчаеро шинонам.

Табиб баъд аз таълим додани сохтани чилими лойин як халтаи коғазиро аз хасу хошоки кӯфта пур карда ба ман дода, гуфт:

– Бояд ҳар рӯз се бор як каф аз ин дору ба сархонаи чилими лойин андохта, ба болояш ду чӯғ оташи навшукуфтаи дарахти зардолуро гузошта, ба замин хобида, аз нойча дудашро ба дарун фурӯ кашида аз бинӣ барорӣ. Баъд аз чил рӯз дарди по тамоман бартараф мешавад.

Ман фармудаҳои табибро ба ҷо овардам, аммо баъд аз чил рӯз на танҳо озори по бартараф нашуд, балки ба замми ин тангии нафас ва сурфаи шадид пайдо шуд, ки ба зина баромада наметавонистам (зоҳиран, дуди ғализи дору роҳи нафаскашӣ ва шушро монанди мӯрии дудкаш банд карда буд).

Баъд аз он ба пеши як табиби дигари машҳури Бухоро, ки Ҳакимча лақаб дошт, рафтам. Ӯ Мулло Қурбони табибро ба нодонӣ айб кард ва фармуд, ки тамокуи муқаррариро дар чилими кадугии обии муқаррарӣ кашидан гирам, дар як моҳ  ду моҳ ва агар дер монад, дар се моҳ озор тамоман барҳам мехӯрад.

Ман як сол чилимкашӣ кардам, аммо дарди по бо шиддати аввалиаш давом кардан гирифт (дар ин миён ман аз мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид ба мадрасаи Кӯкалтош кӯчидам, дар он ҷо ҳам чилимкаширо давом додам). Баъд аз шаш моҳи дигар озори по бартараф шуд. (Ман аввалҳо инро аз таъсири тамоку медонис-

там. Аммо сониҳо аз докторҳо фаҳмидам, ки озори пой дар ман дар мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид, бинобар нам ва тар будани бино пайдо шуда будааст, баъд аз кӯчиданам ба мадрасаи Кӯкалтош ва бошишгоҳи хушк худ ба худ барҳам хӯрда рафтааст.)

Дар вақтҳои шиддати риштабарориам боз як бори дигар ба пеши ҳамон доктор рафтан ба ман рост омад: ин воқеа баъд аз ба Бухоро омада рафтани экспедитсияи фаннии донишмандони Петербург ва Москва рӯй дод. Чун ба ман маълум шуд, ки донишмандони мазкур сабаби пайдо шудани риштаро муайян кардаанд, ман дар дили худ фикр кардам, ки «шояд он донишмандон барои риштаи дар бадани одамӣ пайдошуда давое ҳам ёфта ба доктори беморхона таълимот дода рафта бошанд».

Бинобар ин дар вақте ки дар ронам аломати будани ришта маълум шуд, ба докторхона рафтам ва ба воситаи тарҷумон дарди худро ба доктор фаҳмондам.

Доктор монанди пештара, бе он ки ҷои риштаи маро бинад, ба фелдшери худ фармуд, ки бар ронам йод молад. Ман ба ришта дар вақти ҳанӯз дар даруни бадан будани он нафъ накардани йодро медонистам, бо вуҷуди ин аз тарси дашному шаллоқи фелдшери бадмаст розӣ шудам, ки йод молад. Аммо дигар бор нарафтам.

* * *

Дар ҳамон вақтҳо дар шаҳри Бухоро як докторзан пайдо шуд, ки ӯро русҳо докторша ва тоҷикон духтуршоҳ мегуфтанд. Ӯ тахминан панҷоҳсола буд, аммо худро чунон оро дода ва бар рӯяш сурхию сафедӣ молида мегашт, ки бинандагон ӯро як зани сӣ-сиюпанҷсола гумон мекарданд.

Ӯ дар гузари Говкушон хонаеро иҷора гирифта, аз нав ба тарзи европагӣ сохт, аммо дар хонаи худ бемор қабул намекард. Ӯро бойҳо ва бойбачаҳо фойтун фиристода, бештарин шабҳо бурда худро муолиҷа мекунонданд.

Ҷӯра-корвон ном касе буд, ки даҳ-дувоздаҳ фойтун ва панҷ-шаш аробаро соҳиб буда, ба воситаи одамон асбоби нақлиёти худро кор мефармуд ва худ хӯҷаин шуда мегашт.

Як бемори ба духтуршоҳ худро муолиҷакунанда ҳамин Ҷӯра-корвон буд. Чун дӯстии инҳо мустаҳкам шуд, духтуршоҳ ду аспи бидав (даванда) харида, онҳоро бо зину абзори англисӣ ороста, дар саисхонаи Ҷӯра-корвон баст ва саисҳои Корвон ба он аспҳо нигоҳубин мекарданд. Ҷӯра-корвон ҳар рӯз соатҳои се то чор (кадом соате ки духтуршоҳ таъин карда бошад) яке аз он аспонро худ савор шуда, саисбачаро ба дигараш савор карда ба дари хонаи доктор меовард.

Духтуршоҳ бо Ҷӯра-корвон он ду аспро савор шуда, ҳар ду дар беруни шаҳр ба гардиш мерафтанд. Шабона, дар вақте ки соати ба духтуршоҳ фойтун фиристодани бойҳо ва бойбачаҳо наздик мерасид, аз саҳро баргашта меомаданд.

* * *

Рӯзҳои моҳи рамазон буд. Ман бозоришабгардӣ карда ва ба боздиди дӯстон рафта дер омада будам. Хобам набурд. Баъд аз нӯг додани офтоб аз ҳуҷраи худ бар рӯи ҳавлии мадраса фуромадам, ки қадаре гардиш кунам, шояд хобам ояд.



Дар вақти гардиш чашмам ба пеши равоқи ҳуҷрае, ки дар вай Мулло Ҳомиди Савтии ғиждувонӣ истиқомат дошт, афтод. Ба назарам замини он ҷо хунолуд намуд. Дуруст диққат кардам: ин хун аз дари ҳуҷра, даруни равоқ то ба канори қисми якуми саҳни дарунии мадраса рехта рафта буд. Дар қисми дуюми саҳни дарунӣ, ки аз якум чуқуртар аст, дар масоҳаи ду метри мураббаъ хуни сиёҳи баста лахта-лахта меистод.

Дари ҳуҷраи бошишгоҳи Мулло Ҳомид кушода ва дарпардааш пӯшондагӣ буд. Ба он ҷо рафта дарро тиқ-тиқ кардам, садое ва ҷавобе нашунидам, ночор бе рухсат дарпардаро кушода ба даруни ҳуҷра даромадам: пойгаҳи ҳуҷра ҳам хунолуд буд ва Мулло Ҳомид дар канори пойгаҳ ба девори ҳуҷра такя карда чорзону менишаст, аз ду сӯрохи биниаш ба канор ва либоси ӯ хун мерехт ва чашмонаш, чунонки хобида бошад, пӯшида буданд.

Сурфа кардам, чашм кушод, аҳвол пурсидам, гуфт:

– Намедонам, чӣ вақти шаб буд, ки аз биниам хун омад, ба канори тағораи парҳезӣ (дастурӯйшӯӣ) нишастам, тағора ки об дошт, зуд бо хун пур шуд, фаррошро ҷеғ задам, тағораро берун бурда, хунашро рехта оварда гузошт. Хунонӣ давом кард, фаррош чандин бор аз сарам оби сард рехт, омади хун таскин наёфт ва кам нашуд. Баъд аз чандин бор тағораро холӣ кардан ва ба сарам об рехтан фаррош рафт. Ман суст шуда дар канори тағора ва пойгаҳ нишаста натавонистам. Ночор ба девор такя карда интизори мурданро кашида нишастаам.

Ман аз яке лӯлаболишҳои Мулло Ҳомид пахта бароварда, ба сӯрохи биниҳояш ҷой кардам ва ба ӯ гуфтам:

– Ман рафта аз доктор даво ё ки худашро меорам, то ки хунравӣ нигоҳ дошта шавад. Ҳамин ки омади хун бозистад, шумо зуд ба қувват меоед, натарсед.

Ӯ дар ҳақи ман дуо кард. Ман ба ҳуҷраи худ баромада либос пӯшидам. Ман аз доктори беморхона умеде надоштам, зеро аз таҷрибаи гуногуни одамони «докторбоз» (он вақтҳо бо доктор бовар доштагонро дар Бухоро «докторбоз» мегуфтанд) ва ба худам ҳам маълум шуда буд, ки ӯ ҷоҳили маҳз аст. Бинобар ин ягона умеди ман ба духтуршоҳ буд.

Ман бисёрҳо шунида будам ва медонистам, ки дар Самарқанд ва Тошканд докторони рус барои нигоҳдории ҳаёти касе, ки дар хавф монда бошад, ҳеҷ гуна ёриро дареғ намедоранд. Ман дар дили худ гуфтам: «Модом ки докторони мард барои ёрии дар хавф мондагон ҳамин қадар фидокорӣ кунанд, духтуршоҳ, ки зан аст ва табиатан занон нисбат ба мардон нармдилтаранд, бояд ӯ бо дилхушӣ ба ин бемори ба мурдан расида ёрӣ расонад».

Ман бо ҳамин ақида ба хонаи духтуршоҳ рафтам. Дарвозааш кушодагӣ буд. Ба роҳрав даромадам ва қуббачаи занги дари даҳлези хонаашро, ки бастагӣ буд, зер кардам. Баъд аз дақиқае духтуршоҳ аз хонаи дарунаш ба даҳлез баромада, ба таги дар омада дарро нимкушо кард. Бо вуҷуди он қадар гарм набудани ҳаво ва аввали пагоҳ будани рӯз дар дасти ӯ бодбезаки хитоӣ буд, ки худро бе ист бод карда меистод. Ӯ тоҷикидон буд ва ба ман бо забони тоҷикӣ «ту-ту» гӯён хитоб карда бо оҳанги дурушти дағалона гуфт:

– Чӣ мегӯӣ ва аз ман чӣ талаб дорӣ?

Ман аҳволи беморро ба тарзи кӯтоҳ нақл карда, аз ӯ пурсидам, ки ё давои

хунро нигоҳдоранда нависад, ё агар розӣ бошад, ман фойтун орам, ба сари бемор рафта, ӯро бинад. Духтуршоҳ ба ҳамон оҳанги дуруштонаи аввалиаш:

– Ман ба ин гуна корҳо ва беморҳо машғул намешавам ва фурсати машғулшавӣ ҳам надорам, – гуфт ва дари даҳлезро сахт пӯшонда, аз дарун калидро тофта қуфл кард.

Ман баргаштам ва ҳанӯз ба дарвозааш нарасида будам, ки дубора дари даҳлезро нимкушо карда, аз дарун овоз дод:

– Ба сабаби омада даромадани ту ба даҳлез ду-се дона магас даромадааст, ман бояд барои баровардани онҳо хеле заҳмат кашам, ин аст фоидае, ки ту ба ман расондӣ!

Ман дарвозаи ҳавлиро кушода баромада, монанди соҳиби вай дарро тарақкосзанон садо диҳонда пӯшонда, ба кӯча фуромадам. Аммо маро рӯи он набуд, ки ба пеши бемор дастхолӣ равам, зеро дар он сурат ӯ ба маъюсӣ афтода аҷаб набуд, ки аз вақти муқаррариаш чанд соат пештар бимирад. Бо ҳамин андеша дар кӯча хеле рост истодам...

* * *

Дар ин миён фикре ба хотирам расид ва дар пайи иҷрои он афтодам: дар ҳамон вақтҳо дар Бухоро табибе шӯҳрат пайдо карда буд, ки ӯро Мулло Муҳаммадамини ҳаким мегуфтанд. Падари ин одам аз савдогарони пишовурӣ ва модараш бухороӣ буда, дар Бухоро таваллуд ва нашъунамо ёфта буд.

Ӯ дар вақти зиндагии падараш чандин бор бо вай Ҳиндустон рафта, дар он ҷо шаш моҳ – як сол истода омада буд. Ӯ дар сафарҳои худ гӯё дар Ҳиндустон илми тиббро хонда, ҳам усули табобати юнонӣ (қадимӣ) ва ҳам фарангиро «ба даст даровarда буд». Баъд аз вафоти падараш, ки аз вай сармояи калоне намонд, ӯ дар растаи атториии Бухоро дуконе кушода, беморонро ба хоҳиши онҳо нигоҳ карда, баъзеро бо усули юнонӣ ва баъзе дигарро бо усули фарангӣ табобат мекард. Азбаски номи давоҳоро бо алифбои лотинӣ навишта метавонист, мувофиқи созише, ки бо аптекаи шаҳри Бухоро дошт, ресептҳои ӯ дар он ҷо қабул меёфт.

Аммо таҷрибаҳои гуногуни беморон нишон медод, ки ӯ на усули табобати юнониро дуруст медонист ва на фарангиро. Бо вуҷуди ин барои аз ӯ давое гирифта беморро тасаллӣ додан ба ҳавлии ӯ рафта, дарашро кӯфтам. Ӯ баромад ва ман воқеаи бемории Мулло Ҳомидро нақл намуда, аз ӯ даво пурсидам.

Ӯ Мулло Ҳомидро хуб мешинохт, чунки ба замми «илм дугонаи тиб» шоириро ҳам ба даст даровarда буд. Ӯ ғазале гуфта ба Мулло Ҳомид дода буд, ки он ғазалро ёд карда, ба вай ҳавое баста, дар маҷлисҳои шабнишинӣ хонад.

Азбаски ғазали ӯ бемаза буд ва ба оҳанги музика ҳам ҳеҷ рост намеомад, Мулло Ҳомид ин хоҳиши ӯро «имрӯз-фардо» гӯён, бе он ки вайро ранҷонад дер мононда меомад. Ба ҳамин муносибат ба табиби шоиртарош фурсати муносибе ёфт шуда буд, ки аз бемори санъаткор фоида бурда, шеъри худро ба гӯши сурудшунавандагон расонад. Бинобар он пурсиши ёрии маро хуш қабул карда:

– Давои ин дардро дар Бухоро танҳо ман медонам. Шумо андак мунтазир шуда истед, ман ҳозир даворо тайёр карда мебарорам, – гуфт ва ба ҳавлии даруниаш даромада рафт.

Табиб баъд аз чанд дақиқа дар як шишача тахминан бисту панҷ грамм равған (чӣ гуна равған будани онро ман намедонистам) ва ду нукчаи дар нӯгҳошон пахта печондашударо гирифта баровард. Нукчаҳо аз гӯгирди ҷойдорӣ, ки аз чӯби бурс (арча) тайёр карда ба нӯгҳошон олтингӯгирд молида мешуд, суфта тарошида, қисми дорудори чӯбчаҳо бурида партофта шуда буданд.

Табиб шишаи равғандор ва нукчаҳои пахтадорро ба ман дода гуфт:

– Ҳар дуи нукчаҳоро ба ин равған тар карда даргиронед ва ҳар кадомашро ба як даст гирифта, ҳар дуяшро баробар дар наздикии ду сӯрохи бинии бемор нигоҳ доред, ки дудаш ба димоғ равад. Ҳар вақт ки равғани нукча сӯхта тамом шавад, дубора дар равғани шиша тар карда гирифта даргиронед. Ин корро то вақте давом диҳед, ки ҷараёни хуни бинӣ бозистад. Бисёр дер кашад, то сӯзонда тамом кардани равғани шиша бозмеистад.

Ман хостам ба доруи табиб пул диҳам, ӯ қабул накард ва гуфт:

– Ҳар вақт бемор саломатӣ ёфта бархезад, пули доруро аз худаш мегирам. Лекин ман барои дар маҷлисҳо сурудан ба ӯ як ғазали худро додаам, агар ба он ғазал ҳавои муносибе баста, дар шабнишиниҳо сарояд, пули доруро намегирам, ҳатто ба ӯ доруҳои ба қувват орандаро ҳам бе пул медиҳам, чунки ӯ албатта аз ин беморӣ дар натиҷаи зоеъ шудани хуни бисёр беқувват шуда хоҳад хест ва ба доруи қувват эҳтиёҷ хоҳад пайдо кард.

Ман аз ҷониби бемор ба табиб ташаккур гӯён аз пешаш баромада, давондавон ба мадраса расида, ба пеши бемор даромадам. Ӯ ҳанӯз ба девор такя карда менишаст ва омадани хун ҳам давом дошт. Аммо азбаски сӯрохҳои биниашро бо пахта банд карда рафта будам, хун аз даҳонаш меомад.

Бемор ҳаракати маро пай бурда чашм кушод. Ман ӯро бо ёфт шудани давои озмудашуда табрик намуда, кор сар кардам. Ман, ки шаб ҳеҷ нахобида ва рӯз дар кӯчаҳо аз пайи доктору табибу даво давида бисёр монда шуда будам, баъд аз дусе бор равғани нукчаҳоро тоза карда сӯзондан хоб ғалаба карда, онҳо аз дастам афтодан гирифтанд. Пас ночор корро хобонда, аз ҳуҷра баромада, фаррошро ёфта омада, кори нукчадаргирониро ба ӯ супурда, худ ба ҳуҷра рафта хобидам.

Тахминан баъд аз ягон соат аз хоб бедор шуда зуд поин фуромада, ба ҳуҷраи бемор рафтам, ки аз вай хабар гирам. Ба пойгаҳи ҳуҷра даромадам, ки фаррош аз бемор дуртар ва дар рӯ ба рӯи ӯ нишастааст. Аз ӯ бо ишорат аҳволи беморро пурсидам. Ӯ бо овози паст ҷавоб дод:

– Баъд аз ним соат нукчаҳоро сӯхтанам хун бозистод ва хоби бемор ҳам бурд. Ман корро хобонда, хабардор нишастаам, ки агар мабодо боз хун ояд, боз нукчасӯзиро сар кунам.

Ман хурсанд шуда бар рӯи ҳуҷра гузашта, ба бемор наздик шудам: беморе, ки аз сустӣ ҳамеша чашмашро пӯшида менишаст, ҳоло чашмашро кушодааст ва гӯё ба ман теғ кашида нигоҳ мекунад. Ӯ мурда буд, аммо бо вазъияти аввалӣ ба девор такя карда монда будааст.

## «ИСТИҚОМАТИ ДАРУНИКУРТАГӢ»

Баъд аз чор сол дар мадрасаи Кӯкалтош, дар яке аз беҳтарин ҳуҷраҳояш зиндагонӣ карданам маро боз лозим омад, ки тамоман беҳуҷра монда хонабардӯш гардам.

Абдухалил-махдум, ки шарикдарс ва соҳиби ҳуҷраи ман буд, падараш дар музофотҳои Бухоро қозӣ шуда мегашт. Ӯ аз қозигӣ маъзул шуда, чанд гоҳ бекор хобид. Баъд аз он ӯро дар як мадраса мударрис карданд, ки умедашро аз қозигӣ тамоман канд. Вақфи мударрисии он мадраса ба харҷи рӯзгораш, ки оилааш бисёр калон буд, намерасид. Бинобар ин Абдухалил-махдум маҷбур шуд, ки ҳуҷраро фурӯхта, ба харҷи рӯзгор сарф намояд.

Фурӯши ҳуҷра дар миёнаҳои зимистон воқеъ шуда буд. Дар он вақт аз ҳеҷ мадраса ҳуҷра ёфтан мумкин набуд. Аммо соҳиби нави ҳуҷра маро маҷбур кард, ки дар ҳамон вақти сол ҳуҷраро холӣ карда, ба ӯ супорам.

Сироҷ-махдум ном як талабаи ғиждувонӣ буд, ки дарсаш аз ман ду-се сол болотар буда, дар мадрасаи Кӯкалтош дар ҳуҷраи яке аз дӯстонаш истиқомат дошт. Бошишгоҳи ӯ аз ҳуҷраҳои рӯисаҳнӣ буда, дар ошёнаи якум ва бисёр танг ҳам буд. Он ҳуҷра миёнбаст дошт, яъне баландии ҳуҷра ду тақсим карда шуда, дар миёнаи болору васса як пӯшиши дигар ба вуҷуд оварда шуда буд. Қисми зерини он миёнбаст монанди таххона буда, дар он ҷо ҳезум, ангишт, хуми об, дегу оташдон, зарфҳои ошпазӣ ва ошхӯрӣ ва дигар колаҳо меистоданд. Қисми болоӣ истиқоматгоҳ буда, ба вай бо як зинаи чандпоғундагӣ баромада мешуд ва рӯшноиро аз як даричаи ба рӯи саҳни беруни мадраса кушода мешудагӣ мегирифт.

Як қисми бошишгоҳ барои гузоштани кӯрпа-болишҳо, пӯшокиҳо, хӯрокиҳо ва китобҳо махсус буда, қисми зеридаричагиаш барои нишастан ва хобидан муайян карда шуда буд.

Сироҷ-махдум дар он ҳуҷра бо додараш ва бо додари хоҳардомодаш секаса зиндагонӣ мекарданд. Тангии ҷои хоби ҳуҷра ба дараҷае буд, ки агар он се нафар ҷои хобашонро паҳлуи ҳам карда, ёзида по дароз карда бихобанд, барои каси чорум ҷои нишастан ҳам ёфт намешуд.

Бо вуҷуди ин Сироҷ-махдум тангии аҳволи маро дида, таклиф кард, ки чизҳоямро дар ҳуҷраи ӯ монам ва шабе, ки яке аз додаронаш ё худаш набошад, дар он ҳуҷра бихобам ва агар ҳар сеяшон ҳам бошанд, ба ҳуҷраи яке аз шариконам рафта шаб гузаронам.

Чораи дигаре ки набуд, ман ин таклифро қабул кардам: парча-палос ва дигар чизҳои барзиёдро бурда дар зери миёнбаст, дар қатори ангишту ҳезум гузоштам. Кӯрпа-болиш, пӯшокиҳо ва китобҳоро дар қисми боло, дар қатори чизҳои соҳибони ҳуҷра ниҳодам ва худ дар кӯчаҳо гаштан гирифтам.

Азбаски он вақт аз дарсҳои мадраса дилсард шуда будам ва ба дарсхонаҳо фақат барои расмият мерафтам, барои ман китоббинӣ ва дарстайёркунӣ лозим набуд, вақти дарс ки наздик расид, ба ҳуҷраи Сироҷ-махдум рафта, китоби даркориамро мегирифтам ва баъд аз дарс бурда боз ба ҷояш мегузоштам ва боз ба кӯча мебаромадам.



Ҳамаи шиносҳоям тамоман бе ҳуҷра мондани маро шунида буданд, бинобар ин ҳар кадоми онҳо, ки дар кӯчае ба ман рост оянд, баъд аз ҳолпурсӣ:

– Ҳуҷра ёфтед? – гуфта мепурсиданд.

– Не!

– Ҳоло истиқомататон дар куҷост?

– Дар даруни куртаам! – мегуфтам.

Аз ин ҷост, ки он вақтҳо дар байни дӯстон ва шиносҳоям таъбири «истиқоматгоҳи даруникуртагӣ» шӯҳрат ёфта буд.

Ман он вақтҳо шабҳоро гоҳо дар мадрасаи Ғозиён – дар ҳуҷраи Абдухалил-махдум, ки бинобар банд шудани меҳмонхонааш аз ҷониби падараш ҳамеша бо додаронаш дар ҳуҷра меистод, гоҳо дар мадрасаи Мулло Муҳаммадшариф – дар ҳуҷраи Мирзо Абдулвоҳид, гоҳо дар мадрасаи Турсунҷон – дар ҳуҷраи Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ё Мирабдулқодири Байтал мегузаронидам. Агар базме ёфт шавад, ба базм рафта, дар вақти бозгаштан дар бошишгоҳи яке аз базмгардони «қадрдони ҳампешаам» (дар базмгардӣ) мемондам.

* * *

Дар баҳорони ҳамон сол додарони Сироҷ-махдум ба саҳро рафтанд, ҳуҷра танҳо ба ман ва соҳиби асосиаш – Сироҷ-махдум монд. Аммо бо расидани моҳи май он ҳуҷра қобили истиқомат будани худро гум кард, чунки вай рӯ ба ҷануб буда, ҳам аз дари даромадаш ва ҳам аз даричааш офтоб медаромад. Дари даромадашро баста мондан мумкин буд, аммо агар даричааш баста шавад, ҳам дам медод ва ҳам сиёҳу торик мешуд. Аз таъсири офтоб ва тафтоби беамони Бухоро деворҳояш мис барин тафсида, то нимаҳои шаб нафаси касро мегардонд ва ба он ҷо даромада нишастан аз имкон берун буд.

Бинобар ин ман бештарини шабҳо базме ёфта мерафтам ё то нимаҳои шаб дар саҳн нишаста, баъд аз қадаре серун шудани ҳавои ҳуҷра ба он ҷо даромада мехобидам. Сироҷ-махдум ҳам гармии шабро дар хонаҳои дӯстонаш, ё бо ман дар базм ва ё ин ки дар саҳни мадраса гузаронида, баъд аз нимаи шаб ба ҳуҷра медаромад.

Дар яке аз ҳамон шабҳо, ки ман дар саҳни мадраса нишаста будам, Сироҷ-махдум базме ёфта омада таклиф кард, ки «ҳамроҳ биравем» (дар Бухоро дар айёми тобистон, хусусан дар даруни шаҳр, тӯю базм кам мешуд). Ман қабул кардам. Ҳар ду ба базмхона рафтем. Дар он ҷо дойраву нақораву сурнай менавохтанд, аммо на сурудхон буд, на раққос. Лекин ҳавлӣ тоза иморат кардашудаи бисёр зебо буд.

Пас маълум шуд, ки се бародарон аз бойҳои Бухоро ҳамон сол ҳавлиҳошонро таъмири хеле аъло кардаанд. Зотан, бойҳои Бухоро дар иморати ҳавлӣ пули бисёр сарф мекарданд, на барои он ки дар он ҷо осуда зиндагонӣ намоянд, балки барои ин он хароҷоти калонро ба гардан мегирифтанд, ки иморатҳошонро ба мардум нишон дода фахру ғурур кунанд. Воситаи хуби ба мардум нишон додани иморат ҳам тӯй ва базм буд. Бинобар ин ҳар бой баъд аз иморати нави ҳавлиаш албатта баҳонае ёфта, базму тӯй мекард.

Ин се бародар, ки дар иморати ҳавлӣ маблағи калоне сарф кардаанд ва дидаанд, ки агар тӯю базм кунанд, аҷаб нест ҳамаи сармояашон сарф шавад ва ҳол он ки ба мардум нишон додани иморат ҳам зарур аст, вагарна он ҳама хароҷот бефоида меравад, барои онҳоро ба мардум нишон дода фахр кардан роҳи осоне ёфтаанд: ҳавлиро бо асбобу палос зинат дода, ду-се ёру дӯстонашонро даъват намуда, як дойрадаст, як нақорачӣ ва як сурнайчиро ҳам овардаанд, ки дар ҳамаи инҳо аз даҳ танга зиёд харҷ намешавад ва бо ҳамин созҳо садои «базм»-ро баланд кардаанд. Оммаи мардум бо шунидани овози дойра ба он ҷо омада ҳарчанд базм набошад ҳам, биноро аз назар гузаронида, хумори фахру ғурури хӯҷаинҳоро шикаста рафтаанд.

Сироҷ-махдум ана ҳамин «базм»-ро аз куҷо бошад, шунида, маро ҳамроҳ бурд ва мо зуд баргашта омадем ва ман дар тасвири ҳаёти оншабаам ва биною «базми бой» шеъри зеринро навиштам:

Шаби дӯшина, ки дар гӯшаи саҳнам ҷо буд,
Сар пур аз ғулғулаву сина пур аз ғавғо буд.
Дар бари ман бинишаст омада Махдуми Сироҷ,
Он ки дар ҳар бадию некии ман ҳамро буд.
Гуфт: «Бархез, агар толиби базмӣ, биравем,
Ба маконе, ки ҳама аҳли тараб он ҷо буд»...
Алғараз ҳар дуямон хеста ҷое рафтем,
Ки ҳама хона мусаффо, ҳама ҷо зебо буд,
Вусъате дошт фазояш, ки чу саҳро хуррам,
Рифъате дошт бинояш, ки басе аъло буд.
«Ҷаннате» буд ба таъмиру валекин «бе ҳур»,
Лек якчанд гаву хар ивази «ҳуро»[280] буд.
На зи хонанда нишоне, на зи раққос асаре,
Фақат овози наю сурнаю даф боло буд.
Сад-дусад устулу кат буд мураттаб он ҷо,
Ғайри асбоби тараб ҳар чи бувад, пайдо,
Гӯлаке чанд нишаста ҳама бар устулҳо –
«Ин читу базми накӯ» гуфта даҳоншон во буд.
Хуб ҷо буд, валекин зи тараб холӣ буд,
Базмаке буд хунук ё кураи сармо буд.
Баъди як чойник аз чой ба Махдум гуфтам:
«Ҳуҷраи танги ту сад бор аз ин авло буд...»

(Дар назари аввали хонанда ин ёддошт ва ин шеъри ман монанди мавзӯи худашон хеле хунук менамояд, аммо агар дуруст диққат карда шавад, онҳо рӯҳ ва маънои ҷамъияти даври амириро ба хубӣ нишон медиҳанд: дар сурате, ки ману монанди ман ҳазорҳо талабагон ва меҳнаткашони бесарпаноҳ дар «истиқоматгоҳи даруникуртагӣ» зиндагӣ мекарданд, бойҳо биноҳои сар ба фалак расидаи худро ба мардум ба тариқаи «ҷиз-ҷизак» нишон дода, аз ғурур ва ифтихор завқ мекарданд.)

* * *

Дар айёми тобистон бисёр такудаву ҷустуҷӯ кардам, аммо ҳуҷраи муносибе барои истиқомати худ наёфтам. Дуруст аст, ки аз канортари шаҳр ва аз мадрасаҳои харобтар ҳуҷра ёфтан мумкин буд, лекин ман дар он гуна ҷоҳо зиндагонӣ карданро намехостам, зеро ман чандин сол боз дар маркази шаҳр будам ва дар ин ҷоҳо одат карда будам, акнун ба канори шаҳр рафтан ба назарам ба як ҷои бегона афтодагӣ барин менамуд. Дигар ин ки дар он вақт кори асосии илмию



адабии ман мутолаа буд. Худ, ки китобҳои короие надоштам, дастнависҳои қиматбаҳоро аз дӯстони худ ба орият (барои истифодаи муваққатӣ) мегирифтам. Дар канортари шаҳр ва дар мадрасаҳои харобтар он гуна китобҳоро дуздонданам мумкин буд. Аз воқеаи дуздии мадрасаи Бадалбек (қисми III-и «Ёддошт-ҳо»)[281] ибрат гирифта, дар ин роҳ ҳушёрона ва эҳтиёткорона қадам монданро лозим медонистам.

Ана дар ҳамон сол – дар соли 1901 – рубоии зеринро дар ҳасби ҳоли беҳуҷрагии худ навишта будам.

Он рубоӣ ин аст:

Дар мадраса ҳуҷраи қулай нест маро,
Дар майкада ваҷҳи нуқлу май нест маро.
То кай гӯям, ки ину вай нест маро,
Билҷумла* ба даҳр ҳеҷ шай нест маро.

Моҳи сентябр расид. Додарони Сироҷ-махдум аз саҳро омаданд. Маро боз «истиқомати даруникуртагӣ» сар шуд. Дар нимаҳои зимистон аз мадрасаи Домулло Шер, ки дар гӯшаи шарқи шимолии мадрасаи Кӯкалтош воқеъ буд, ҳуҷрае ёфт шуд. Аммо он мадраса ҳам аз ҷиҳати дуздӣ эмин набуд. Бинобар ин либосҳои барзиёд ва китобҳои касонаро дар ҳуҷраи Сироҷ-махдум гузошта, фақат парча-палосе бурда, дар он ҷо барои худ ҷои мутолиа ва хобгоҳе тайёр намудам. Кадом китобе, ки дар мутолиаи вай машғул бошам, он ҷо бурда мехондам ва шабона барои эҳтиёт дар зери сари худ гузошта мехобидам.

Он ҳуҷра танг, заминаш аз замини кӯчае, ки аз пушташ мегузашт, қариб як метр чуқур буд. Азбаски он кӯча монанди бисёр кӯчаҳои Бухорои амирӣ обгурез надошт, оби барфу борон дар вай ҷамъ шуда ба ин ҳуҷра ва ба ҳуҷраҳои ҳамқатори вай заҳида мегузашт. Бинобар ин замини он ҳуҷра пурнам буда, аз devори пушташ ҳам ба ҷои нам ба шакли чакраҳои арақи бадан об заҳида меистод.

Дар истиқомати он ҳуҷра ба ман сустие рӯй дод, ки аз хоб сар бардошта наметавонистам ва кам-кам иштиҳо ҳам баста шуда, аломати бeморӣ рӯй додан гирифт. Бадӣ дар ин буд, ки он ҳуҷраро шабона холӣ гузошта ба манзили дӯстон ҳам рафта хобида наметавонистам, чунки дар он сурат парча-палосҳоямро дуздиданашон мумкин буд.

Дар он ҷо аз тарси дузд аз базмгардӣ ҳам маҳрум монда, «гӯшанишин» гардидам.

Як шаб дар пушти ҳамон ҳуҷра, дар ҳавлии яке аз шиносҳоям базм шуд. Ман, ки дар базмҳои бегона «дойрахабар» шуда мерафтам, бо вуҷуди даъвати махсуси соҳиби базм ба он ҷо нарафтам. Баъд аз як поси шаб соҳиби ҳавлӣ аз пушти ҳуҷра, ки равзани танге ба тарафи кӯча кушода мешуд, маро ҷеғ зада илтимос намуд, ки як сари қадам ба базми ӯ биравам. Ман рафтам. Тахминан як соат нишаста зуд баргашта омадам, ки қайҳо қуфли ҳуҷраро тофта самоворчаамро бурдаанд. Шояд фурсат наёфта бошанд ё аз базм зуд баргаштани маро хабардор шудаанд, ки ба парча-палос даст нарасондаанд.

Баъд аз ин ҳодиса ман ба сурати қатъӣ дар фикри табдили макон афтодам. Дар вақти такудаву ҷустуҷӯ яке аз дӯстонам, ки ҳавлинишин буд, болохонаи худро муваққатан ба ман дод. Ин болохона дар дохили ҳавлӣ набуда, дар пуш-

* Хулоса

таш буд. Зери он болохона ба ҳавлӣ дохил буда, ба худи вай аз паскӯчаи пешбастае бо зина баромада мешуд. Ин болохона рӯшноиро аз ҳавлии масҷидчае мегирифт, ки рӯи ҳавлии он анбори кулолгарон ва ҷои танӯру офтобаву кӯзаву хумчагузории онҳо буд.

Ин ҷо ҳам аз хавфи дуздон эмин набуд, аммо хушк ва офтобрӯя буда, барои нигоҳдории тандурустӣ хеле мувофиқ буд. Ин манзил дар гӯшаи ғарби шимолии мадрасаи Кӯкалтош воқеъ буда, расман дар гузари Пои Остона дохил бошад ҳам, номи халқии ҳамон гӯша Такишӯр-Кулолгарӣ буд.

Ин манзили навам як дараҷа боб бошад ҳам, ман дар он ҷо аз ду кор танг омадам: яке аз инҳо ҳуҷуми мушон буд. Намедонам, дар наздикиҳои он болохона анбори ғаллаи ягон кас ё ягон чизи дӯстдоштаи мушон будааст, ки онҳо дар он ҷо бисёр шудаанд ва як қисми онҳо дар миёнаи деворҳои он болохона, ки як тарафаш дусинҷа буд, хона мондаанд. Китобҳои ман, ки ҳамагӣ дар муқоваи маҳаллӣ буда, ҷузъбандиҳошон бо ширеш буд, мушон ба задан ва хӯрдан сар карданд. Ман дидам, ки мушон китобҳоро нобуд хоҳанд кард, ҳар чор-панҷ китобро дар як рӯймол баста ба меххое, ки дар наздикии шифти болохона зада будам, овехта мондам. Инчунин нонҳои қоқе, ки аз саҳро, аз хонаи акаам меомад, аз дасти онҳо эмин намемонд. Ин ҷонварони берӯй, ки «вахшиёни хонагӣ» номида шуданашон сазовор аст, дар рӯи хона дар пеши назарам давида гашта китоб ва нони қоқ меҷустанд, баъзе берӯйтаринашон ба китобе, ки дар дастам буда, ба мутолиаи вай машғул будам, чашм дӯхта истода, гӯё мақсадашон ин буд, ки чашми маро хато карда ба он китоб ҳуҷум оранд ва ширешашро бихӯранд.

Чун баҳорон сар шуд, он мушон бача оварда ба гурӯҳи калоне расиданд ва бар рӯи хона оча-бача гурӯҳ-гурӯҳ давида гашта, ҳама ҷоро бӯй гиронданд ва хонаро аз қобилияти истиқоматиаш бароварданд.

Кори дигаре, ки маро танг овард, валитарошии як мулло буд: соҳиби хона як бародари аз худ калонсол дошт, ки дар мадрасае мударрис буда, даъвои кашфу каромот мекард ва ҳар рӯз пеши ман баромада, аз «кашфу каромоти» авлиёҳои гузашта нақлҳо карда, дар охир суханро ба болои худ оварда, чанд «кашфу каромот»-ро ба худ нисбат медод.

Аввалҳо суханони ӯро мисли афсонаҳои хобовар гӯш медодам ва дар аснои ҳикояшунавӣ хоб ғалаба карда, гоҳо пинак мерафтам. Аммо рафта-рафта ин кор ба дилам бисёр зад. Дар ҳақиқат, ҳар рӯз соатҳо суханҳои беҳударо шунида нишастан ва аз мутолааи китобҳои дилчасп маҳрум мондан дилгир ва тангкунанда аст.

Бинобар ин ман боз дар пайи ҳуҷраковӣ афтодам. Дар аснои ҳамин гуна ҳуҷраковӣ яке аз дӯстонам ба ман маслиҳат дод, ки ба номи аълами Бухоро Ғиёс-махдум қасидае навишта аз вай ҳуҷра пурсам, чунки ӯ дар мадрасаи Кӯкалтош ҳуҷрае дошт ва баъд аз ҷанҷоле, ки дар болои бошандаи он ҳуҷра – маддоҳзодаи ғиждувонӣ баромад ва дар натиҷа ӯро аз он ҳуҷра кӯчонда ба мадрасаи Мири Араб фиристод (тафсилоташ дар ҳамин қисми «Ёддоштҳо» дар боби «Кӯчидани ман ба мадрасаи Кӯкалтош» зикр ёфтааст), то ҳол чор-панҷ сол боз он ҳуҷра холӣ ва дараш қуфл меистод.

Ман, ки то он вақт ба касе қасидае навишта аз вай чизе напурсида будам, ба



ин кор гарданам ёрӣ надод. Аммо талаб ва далолати дӯстонам бисёр шуд. Охир ман мазмуне ёфтам, ки дар ташбиб – даромадгоҳи қасида беҳуҷра буданамро мефаҳмонад ва қарор додам, ки қасидае нависам, аммо дар охири қасида, ки қасидагӯёни касбӣ дар он ҷо талаби худро изҳор мекунанд, чизе нагӯям ва охири қасидаро, ки қисми дуоияи он аст, бо як дуои вобаста ба тарзи мунозираҳои мадраса тамом намоям.

Ман дар дили худ гуфтам: «Худам, ки шогирди аълам мебошам, аҷаб нест, ки ба муносибати ин қасида истиқомати он ҳуҷраи бекор ва холиистодаро ба ман диҳад. Агар надиҳад ҳам, зарар надорад, зеро ман аз ӯ ҳуҷра талаб накардаам, ки ба сабаби он ё ба сабаби рад шудани он ба ман хорие оид шавад.

Он қасида ин аст:

Беҳуҷраву бекӯяму беҷомаву дастор,
Бенуқлу маю чангаму бемӯнису ғамхор.
Пас чун бувад андар назари халқ маро қадр?
Пас чун шавад он шӯхи ҷафокор маро ёр?
Гирам, ки агар ҳуҷра маро гашт муяссар,
Асбоби тараб нест, пас он ҳуҷра чӣ даркор?
Асбоби тараб гар ҳама тайёр маро гашт,
Аз ноз нахоҳад расад он дилбари айёр;
Аз нозу ғурур ар гузарад, пой гузорад
Дар ҳуҷраам,ағёр бигӯянд, ки: «магзор!»
Гар гуфтаи ағёр ба гӯшаш надарояд,
Ояд ба дари мадраса бе заҳмати ағёр.
Хобонда ҳама ғулғули «такрор»* бигӯянд:
«Оё ба куҷо меравад ин давлати бедор?».
Алқисса ки ояд, зи дари ҳуҷра дарояд,
Якбора зи по афтаму аз даст равад кор;
Дар ман на хирад монаду на ҳушу на ором,
На тоби рухаш дидану на тоқати гуфтор.
Аз ғамзаи пурфитнаи чашми ҳама нозаш
Тороҷ шавад дину дилу ҳуш ба як бор,
Барбод равад ҳар чӣ ки омӯхтам аз илм,
Дар хидмати устоди замон, ашрафи ахёр**...

Ба ҳамин тариқа, ин қасида давом намуда дар охир дар мавриди дуои анъанавӣ гуфта мешавад:

...Дар рӯи замин то асари баҳсу ҷадал ҳаст,
Бодо зи ту ҳал уқдаи ҳар маънии душвор.

Ин қасидаро тамом кардам, аммо худ ба ҳузури аълам набурда, ба Иқбол ном хизматгораш дода, ба ӯ расонданашро пурсидам.

Лекин аз миён шаш моҳ гузашта бошад ҳам, ин қасида натиҷае надод ва ҳуҷраи аълам дар мадрасаи Кӯкалтош холӣ ва дарбаста монд ва ман ҳам ҳамчунон бе ҳуҷра ва дар ба дар гаштам. Лекин аълам он қасидаро ба ҳар касе, ки аз шеър хабаре доштааст, фахркунон хондааст ва шунавандагон пай бурдаанд, ки мақсади ман аз он қасида талаби ҳуҷра аст ва баъзеашон мақсади маро, ки аз он шеър пай бурдаанд, ба аълам фаҳмондаанд. Бо вуҷуди ин ба ӯ таъсире накардааст ва дар фикри додани ҳуҷра наафтодааст.

* * *

* Такрор – такрори дарс аст, ки талабагони мадрасаҳои Бухоро ҳама дар як ҷо дар миёнсарои мадраса дарсҳои гузаштаашонро аз ёд мехонданд.
** Ахёр – одамони нек.

Қасидаи дар мадҳи аълам навишташуда аз тарафи ӯ бенатиҷа гузошта шуда бошад ҳам, умуман бенатиҷа намонд; яке аз шеършиносони ҳамон замон[211], ки дар яке аз вилоятҳои тобеи Бухоро қозӣ буд, ин қасидаро шунидааст ва ба ман хати махсус навишта, нусхаи қасидаи мазкурро талаб карда гирифт.

Баъд аз хондани он қасида дар фикри он афтодааст, ки аз ягон мадрасаи Бухоро ҳуҷрае харида истиқоматашро ба ман диҳад. Дар ҳамон рӯзҳо воқеае рӯй додааст, ки қозӣ он фикри худро бо осонӣ ба амал овардааст: дар ҳамон вилоят савдогаре будааст, ки дар мадрасаи Кӯкалтош ҳуҷрае доштааст ва дар кори тиҷораташ шикаст афтода, маҷбур шудааст, ки он ҳуҷраро бо нархи маълум баҳо карда диҳад. Аммо қарзхоҳ бе васиқаи қозихонагӣ ин корро қабул накардааст. Ҳар ду барои васиқа кардан ба қозихона омадаанд ва дар вақти мӯҳр кунондани васиқа қозӣ аз воқеа хабардор шуда, аз қарзхоҳ пурсидааст, ки ба ҷои ҳуҷра пули нақд гирад. Қарзхоҳ ҳам, ки аз ҷиҳати пули нақд надоштани қарздор ночор гардида будааст, пурсиши қозиро хуш қабул карда, ба ҷои ҳуҷра аз қозӣ пули нақд гирифтааст ва ҳуҷра аз они қозӣ шудааст.

Он қозӣ истиқомати он ҳуҷраро ба ман дод, ки понздаҳ сол, то дастгир шуданам аз тарафи одамони амир, ман дар вай хотирҷамъона зиндагӣ кардам ва ҳол он ки ман дар ҳақи он қозии шеърдӯст на пеш аз ба ман ҳуҷра доданаш ва на баъд аз он мадҳияе ненавиштаам.

(Ин ҳуҷра дар гӯшаи шимоли ғарбии мадрасаи Кӯкалтош буда, дар вай аз як доираи болопӯшида даромада мешавад. Дар он доира чор дар ҳуҷра буда, ҳуҷраи ман аз дасти рост дуюм буд ва дар кӯчаи аз шимоли мадраса гузаранда дарича – тиреза ҳам дорад.)

## ГИРИФТОР ШУДАНАМ БА ДОМИ АМИР АБДУЛАҲАД ВА ЗУД ХАЛОС ШУДАНАМ АЗ ВАЙ

Ҳайрат бисёр эҳтиёт мекард, ки дар доми амир наафтад, бинобар ин ба қадри имкон шоирии худро пинҳон медошт. Дар эҳтиёт кардани Ҳайрат аз шӯҳрат ва ба гурехтанаш аз афтодан ба доми амир аввалин бор ба ӯ саргузашти Шамсиддин-махдуми Шоҳин таъсир карда буд. Ӯ дар доми дарбор гирифтор шуда, дар хорию зории тоқатнопазир афтода, оқибат сил шуда, дар вақти дар рикоби амир дар мусофират ва дар сафари Қаршӣ буданаш мурда буд.

Шоҳин саргузашти пурфоҷиаи худро дар эҷодиёти гуногуни худ ва ҳатто дар ҳамон шеърҳое, ки ба номи амир гӯё дар мадҳи ӯ навишта аз назари вай гузаронидааст, низ бошуурона акс кунонда, бо ин роҳ ҷавононро метарсонд, ки аз доми амир гурезанд.

Шоҳин хусусан ин мақсади худро дар «Тӯҳфаи дӯстон» ном маснавии худ, ки ба тақлиди «Бӯстон»-и Саъдӣ таълиф кардааст, равшан баён намуда, пасояндагони худро (ҷавононро) даъват мекард, ки аз доми амир гурезанд.

Шоҳин дар як ҷои муқаддимаи он асари худ аввал чигунагии аҳволи худро дар рикоби амир ба тариқаи ибрат бо мисраъҳои зерин баён мекунад (кӯтоҳ карда гирифта шуд):

...Ба раҳмат ситояндам андар ҳузур,  
Ки «дар чашми дониш чу ӯ нест нур».



Вале мавриди кина чун душманам,  
Бале, душмани марди нодон манам.  
Чаро дил ниҳам бар сафеҳе* чунон,  
Ки доно ҳамон асту нодон ҳамон?  
Надонад тафовут саҳеҳ аз фақеҳ**,  
Кадом аст пунба, чӣ сон аст пеҳ?..***  
...Фиғон з-ин ҳарифони кинозмой,  
Ба меҳр андар оранд халқе зи пой!  
Чу фарзанд аз онат ҳамепарваранд,  
Ки чун гурба фарзанди худ меҳӯранд...

Шоир дар поёни шикоят аз дарбор ва баёни аҳволи худ ба ҷавонони пасояндаи худ хитоб намуда сухани худро давом медиҳад:

Маро бину барзан ба ибрат дуҳул!  
Пасояндагонрост пешина пул!  
Аз он рӯ зи гетӣ шикоят задам,  
Зи гетӣ шикоят ба ғоят задам,  
Ки дастур бошад ба ояндагон,  
Ба абнои гетиситояндагон****,  
Ки ин шева доме бувад сайдгир,  
Ки гар шер афтад дар ӯ, гӯ «бимир!»  
Дар ин дом оқил наяфтад ба хост,  
Чу афтад, маҷоли тапидан куҷост?  
Аз ин доми бедона дурӣ гузин!  
Сари хештан ҷои дона мабин!  
Ман идбор***** дидам, ту фирӯз бош!  
Зи аҳволи ман ибратомӯз бош!

Албатта, шикояти Шоҳин аз дарбор шахсӣ аст. Ӯ ҷавононро ҳам аз дарбор барои муҳофизати шахси онҳо метарсонд.

Аммо шикоятҳои Аҳмади Дониш аз дарбор иҷтимоӣ буда, хонандаи худро аз амиру вазир барои золим ва тороҷгари халқ буданашон нафрат мекунонид. Бинобар ин агар Ҳайрат бо хондани асарҳои Шоҳин барои муҳофизати шахси худ аз дарбор мегурехта бошад, баъд аз шиносо шуданамон ба «Наводир-улвақоеъ»-и Аҳмади Дониш аз дарбор гурехтани ӯ як мақсади иҷтимоӣ шуда монд.

Барои аз дарбор маҳфуз мондани Ҳайрат шоирони дарбори ҳамон замон ҳам ёрӣ доданд: дар он вақтҳо куҳансолтарини шоирони дарборӣ Мулло Шарифи Анбар буд, ки савияи шеърии ӯ дар саҳифаҳои 430 – 431 «Намунаи адабиёти тоҷик» (чопи Москва, соли 1926) қайд ёфтааст; дигаре Мулло Дӯстмуҳаммади Нодири муфтии бойсунӣ, ки ҳеҷ иқтидори шеърӣ надошт (китоби мазкур, с. 497). Инҳо ҳеҷ гоҳ намехостанд, ки Ҳайрат барин як ҷавони пуриқтидор ба дарбор роҳ ёфта, «миси онҳоро барорад». Бинобар ин дар пеши амир ва дарбориён Ҳайратро нишон намедоданд ва хабар намедоданд, ки чунин истеъдоди ҷавоне ба майдон омадааст.

Сониҳо ду шоири ҷавон муқарраби даргоҳ шуданд. Қобилияти шоирии инҳо нисбат ба он замон хеле дуруст буд. Лекин ҳар дуи инҳо аз хурдсолӣ худро боби дарбор месохтанд. Ҳар дуи инҳо ҳам аз калонзодагони Бухоро буда, бо таъбири

* Сафеҳ – аҳмақи гузаро.  
** Фақеҳ – донишманд ва ҳуқуқшиноси исломӣ.  
*** Пеҳ – чарбу.  
**** Абнои гетӣ – фарзандони ҷаҳон, дар ин ҷо ба маънои арбоби замона.  
***** Идбор – бадбахтӣ.

ҳамон замон «устухонҳошон бо нону намаки ҷаноби олӣ сахтшуда» буда, ба дарбор наздик шудан мақсади табиии инҳо буд. Инҳо аввал лафзбозиҳо, муаммоҳо, қасидаҳои тамомтаърих, қасидаи аз ҳарфи бенуқта тамомшаванда барин корҳоро, ки дар замони пӯсиши феодализм «санъат» ба шумор мерафт, ба даст даровარданд, баъд аз он дар дарбори амири замон Абдулаҳад, ки фаҳшиёт ривоҷ ёфта буд мувофиқ шуданро машқ карда, шеърҳои беодобонагӯиро сар карданд.

Хусусан яке аз инҳо, ки Неъматулло-махдум[285] ном дошта, аввал «Нозук» ва баъд аз он «Мӯҳтарам» тахаллус карда буд, ҳаҷ рафта, чанд гоҳе дар Арабистон истода, забони арабро аз худ карда омад. Ӯ дар мадҳи амир Абдулаҳад мухаммасе тартиб дод, ки бандҳои аввалаш тамоман ба забони араб, баъзе мисраъҳои бандҳои поинтараш низ ба забони араб буда, қисми аввали мухаммас умуман ба ҳамди Худо, наъти Пайғамбар ва тавсифи чорёр бахшида шудааст. Шоир бевосита аз ин муқаддимаи диндорона ба тасвири соқӣ мегузарад ва ӯ соқиро чунон тасвир мекунад, ки агар инсон аз дараҷаи одамият тамоман фуромада, ба мартабаи гову харӣ қарор нагирифта бошад, аз будани он гуна «соқӣ» дар базм худ шарм медорад. Ба иборати дигар ӯ «камоли диндорӣ»-ро ба камоли фаҳшиёт омехта, ҳақиқатан боби дарбор шуда буд.

Дӯсти наздики Мӯҳтарам – Идрисхоҷаи Роҷӣ[284] дар «санъаткорӣ» аз рафиқи худ монданӣ надошт. Ана ҳамин ду ҷавон дар вақтҳои ба камол расидани Ҳайрат ба дарбор мансуб гардиданд. Инҳо ҳеҷ гоҳ тасаввур карда наметавонистанд, ки Ҳайрат ё ягон ҷавоне, ки қобилияти шоирӣ дорад, аз дарбор дурӣ мегузинад. Бинобар ин метарсиданд, ки мабодо Ҳайрат ба дарбор роҳ ёбад ва бозори онҳо касод шавад, чунки онҳо қобилияти фавқулодаи Ҳайратро медонистанд. Ба ин сабаб онҳо ҳам кӯшиш мекарданд, ки ном ва шӯҳрати Ҳайрат дар дарбор шунида нашавад, то ки амири булҳавас ӯро ба он ҷо кашида, ба муқобили онҳо рақиби даҳшатнокеро нагузорад.

Ин душмании онҳо ба Ҳайрат, ки дар ҳақиқат дар ҳақи ӯ «дӯстии ғайриқасдӣ» буд, бо муваффақият давом кард ва номи Ҳайрат то вафоташ – то тобистони соли 1902, ки дар қисми III-и «Ёддоштҳо» зикр ёфт[285], шунида нашуд. Аммо баъд аз вафоти Ҳайрат вовайлое дар байни шоирони ҷавон, адабиётшиносон ва ҳавасгорони шеъру адабиёт бархоста, дар шаҳр ғулғула андохт. Ин ҳодиса ба воситаи воқеанависон (ҷосусон) ба гӯши амир расид.

Амир бо шунидани ин воқеа мероси адабии Ҳайратро ба дасти худ даровардан хост ва ин корро ба қозикалон Бадриддин фармуд. Чунонки дар қисми III-и «Ёддоштҳо» қайд шудааст, ман, Мирзо Абдулвоҳид ва як рафиқи дигарамон[286] бо саъю кӯшиши бисёре аз додари Ҳайрат як қисми ашъори ӯро ба даст дароварда, ба тартиб андохта будем. Аммо дастнависҳо дар дасти додараш буд, ки ӯ ҳам зуд мурда, ҳамаи он чизҳо гум шуда рафта буданд[287].

Ҷосусон ба қозикалон хабар додаанд, ки шеърҳои Ҳайрат дар дасти Айнӣ ва Мунзим аст. Мо пеш аз он ки қозикалон шеърҳои Ҳайратро аз мо талаб кунад, ин воқеаро шунида будем ва инро ҳам медонистем, ки агар он маҷмӯача аз дасти мо равад, дигар осори Ҳайрат дар миён нахоҳад монд. Бинобар ин он маҷмӯачаро дар гӯшаи шифти яке аз хонаҳои Мирзо Абдулвоҳид пинҳон кардем ва ба талаби қозикалон тайёр шуда нишастем.



Дере нагузашт, ки мулозими қозикалон омада моро ба пеши ӯ даъват кард. Мо рафтем. Ӯ шеърҳои Ҳайратро аз мо аз номи амир талаб кард. Мо мункир шудем ва гуфтем:

– Ҳайрат аз шӯҳрат метарсид, бинобар ин баъзе шеърҳои навиштаашро ба мо нишон диҳад, ба нусха бардоштан рухсат намедод. Додараш бошад, ҳам бемор ва ҳам девона буд, баъд аз вафоти бародараш ба мо чизе надод. «Ӯ пеш аз мурданаш ҳамаи навиштаҷотро сӯхта буд» – гуфт.

Бо ҳамин ҷавоб қозикалон аз мо даст кашид, зеро ӯ медонист, модом ки инкор кардем, албатта бояд чизҳои аз Ҳайрат дар даст доштаамро дар ягон ҷои касмаёб пинҳон карда бошем. Бинобар ин кофтуков кардани манзили моро бефоида донист ва кофтуков ҳам накард. Аммо талаби амиру қозикалонро шунида (чунонки дар қисми III қайд шуд)[288], «ҳайратшиносони бисёре» ёфт шуданд, ки ба номи Ҳайрат шеърҳо бофта оварда ба қозикалон дода, талаби ӯро ба ҷо оварданд.

Ба муносибати вафоти Ҳайрат ва дуболо шуда ба гӯши Абдулаҳад расидани шӯҳрати ӯ баъд аз вафоташ, номи ман ҳам ба сифати дӯст ва пайрави Ҳайрат дар байни дарбориён ва амир зикр ёфтааст. Дар он вақтҳо яке аз шиносҳои дерини ман Мулло Назруллои Лутфитахаллус ба сифати надимӣ (ҳамсӯҳбатӣ) ба дарбор баста шуда буд. Ӯ ҳам ба ман «дӯстии бӯзинагӣ» карда, ба назди амир аз будам зиёд баҳои баланд додааст. Одатан одамон ба дигарон мувофиқи савияи фикрии худ хислат мебанданд. Лутфӣ, ки аз вобаста шуданаш ба дарбор хурсанд буд, гумон кардааст, ки бояд ман ҳам ба он кор хурсанд мешуда бошам.

Ҳамаи ин сабабҳо дар як ҷо шуда, амир ба ҳамин фикр омадааст, ки маро ба дарбори худ кашад. Барои ӯ фарқ надошт, ки як ҷавони боистеъдоди ба дарбор басташаванда итоаткор мебарояд ё не. Зеро агар он гуна ҷавон итоаткор барояд, амир ӯро дар лойдони худ дароварда, аз ҷамъият дур мекард ва агар саркаш барояд, ӯро дар қатори гову харони дарбор фуроварда шабу рӯз азоби ҷисмонӣ ва рӯҳонӣ дода оқибат маҳв мекард. (Чунонки аз шоирон Шоҳинро ва аз санъаткорони музикашинос Қорӣ Кароматӣ танбӯририро ба ҳамин тариқа маҳв карда буд.) Ба болои ин фахр ҳам мекард, ки «ҷавонимарги мағрури кӯрнамак аз ҷониби Худо ҷазои сазоворашро ёфт».

Ба ҳамин тариқа, амир ба дарбор кашидани маро муқаррар карда, ин корро ба раиси калони Бухоро Бурҳониддин, ки падараш Бадриддин дар ҳамон вақтҳо дар Бухоро қозикалон буд, фармудааст.

Рӯзе ду одами раис пеши ман омада, маро ба пеши ӯ даъват карданд. Ду одами худро барои овардани касе фармудани ҳокимони Бухоро аз ду ҳол берун набуд: ё барои овардани ҷинояткоре ду кас мефиристоданд, ки хавфи гурехтани ӯро пешгирӣ карда тавонанд, ё барои даъвати як каси мӯҳтарам барои ҳурмат ду кас мефиристоданд. Ман, ки дар худ аз ҷониби раис ҳурмате ҳис намекардам, дар пайи кофтани «ҷинояткории худ» афтодам ва дарҳол дар хотирам расид, ки «бояд даъвати ман барои боз талаб кардани девони Ҳайрат бошад. Агар ман боз инкор карда девонро ёфта надиҳам, дар он вақт ҳабс ё бадарға хаханд кард. Барои ҳамин ду кас фиристодаанд, ки мабодо ман оқибати «ҷинояти худ»-ро пай бурда гурезам».

Ман барои фаҳмидани дуруст ё нодуруст будани ин мулоҳизаи худ як озмоиш карда дидан хоста ба одамони раис:

– Шумоён рафтан гиретон, ман баъд аз соате меравам, – гуфтам.

Онҳо ин таклифи маро қабул карда, аз пешам баромада рафтанд. Акнун дар ман дар фиристодани ду кас барои даъвати ман эҳтимоли ҳурмат қавитар гашта буд. Лекин ман дар худ ягон сабаби ҳурмат наёфтам, бинобар ин маро «эҳтимоли ҳурмат» аз «эҳтимоли ҷинояткорӣ» зиёдатар дар тааҷҷуб ва ташвиш андохт.

Ҳар чӣ бошад, баъд аз як соат ба пеши раис Бурҳониддин рафтам. Ӯ бе ҳеҷ муқаддима:

– Шуморо бо расиданатон ба давлати узмо (бузургтарин давлат) муборакбод мекунам! – гуфт.

Тааҷҷуби ман аз ин табрики бемаҳал ва бесабаб боз ҳам зиёдатар шуда, аз ӯ пурсидам.

– Чӣ чиз будааст он давлати узмо?

Раис аз таги зонуяш аз байни кӯрпачаҳое, ки бар рӯи онҳо нишаста буд, коғазпораеро бароварда ва аз назараш гузаронда:

– Ҷаноби олиҳазратам ба ин дуогӯй дастхати ҳумоюнӣ фиристода амр намудаанд, ки шуморо ба рикоби олӣ фиристонам, – гуфт дар ҷавоб ва илова намуд: – Шумо тайёриатонро бинед, ҳамин рӯз, агар имрӯз то вақти поезди Кармина тайёр шуда натавонед, фардо ба Кармина меравед. (Ҷои бошишгоҳи асосии амир Абдулаҳад Кармина ва атрофи он буд.)

– Ман ба ин марҳамати олӣ шукрона ва миннатдорӣ мекунам, – гуфтам, – лекин ман як муллобачаи лоубол (беқайд ва ба ҳар чиз бепарво нигаранда ва муомилакунанда) мебошам ва дар худ қобилияти хизмати рикоби олиро намебинам. Метарсам, ки одоби ҳумоюнро ба ҷо оварда натавониста сабаби ранҷиши хотири муборакӣ олӣ гардам; дигар он ки ман бемории хафақон дорам, ки наздик ба саръ* расидааст, бо андак сабаб ва гоҳо бе сабаб хафақонам мегирад ва фарёдкунон беҳуш гардида меғалтам ва аз даҳонам кафкҳо омада, соатҳо мехобам (ин рост буд, ки он вақтҳо аз дунё сахт дилгир шуда, асабонӣ гардида, ҳолатҳои бемории саръмонанд аз худ нишон медодам). Дар ин ҳол ман ҳеҷ гоҳ салоҳияти хизмати дарбори олӣ пайдо карда наметавонам.

Гуфтугузори ман бо раис ба тарзи мунозира дар ин бора бисёр дер кашид, аммо мазмуни таклифҳои раис ва рад кардани ман айнан такрор меёфт. Оқибат ин гуна гуфтушунид ба дилам зада, якбора аз ҷоям хеста ба раис:

– Ман ин корро наметавонам, сабабашро чандин бор ба шумо арз кардам ва аз ҷониби шумо илтимос дорам, ки узрҳои маро бо як забони қабулиёбанда ба ҷаноби олӣ арз карда, маро аз ин кор озод гардонед, – гуфтам ва дигар ба «сабр кунед, гӯш кунед»-ҳои ӯ гӯш надода, баромада рафтам.

Албатта, раис ҳам гумон надошт, ки ман ин корро, ки дигарон бо ҷону дил ва бо воситаву васоит мехоҳанд, рад мекарда бошам. Ӯ бояд аз ҳамин рад кардани ман ин «давлати узмо»-ро фаҳмида бошад, ки «мизоҷи ман солим нест ва

* Саръ – бемориест, ки гирифтори ин дард гоҳо беҳиссу ҳаракат шуда меғалтад ва аз даҳонаш кафк меравад. Агар нигаҳбоне надошта бошад, ногоҳ дар об ё дар оташ афтода талаф шуданаш мумкин аст. Асоси ин бемориӣ бемории рӯҳ ва асаб аст.



наздик ба девонагист». Аммо аз он ҷо, ки амир ба дарбор фиристодани маро ба ӯ фармуда буд, ба қадри имкон кӯшиш мекард, ки фармонро ба ҷо оварад. Бинобар ин ду нафарро, ки ба ақидаи раис ман аз сухани онҳо намебаромадам, ёфта ба пеши ман фиристод.

Қариби намози асри ҳамон рӯз он ду нафар пеши ман омаданд. Яке аз ин ду нафар хешамон Саидакбархоҷа буд, ки зикри ӯ бо унвони «Парвардигорхӯҷа» дар «Ёддоштҳо» борҳо гузаштааст. Ӯ мувофиқи хоҳиши табиати худ рад кардани ман ин «давлати узмо»-ро як навъ девонагӣ мешумурд; дигаре Насриддинхоҷа ном ҳамдеҳаамон буд, ки ба мо хеши дур ва ҳамсояи наздик буда, одами ҳамафаҳм буд. Ӯ программаи мадрасаҳои Бухороро ба хубӣ гузашта буд, аммо даъво ва дағдағаи муллоӣ надошт, одами хоксор буда, ба деҳқонони бесавод бародарвор муомила мекард.

Парвардигорхӯҷа маро хуб таъна кард, ки «нони аз пешам баромадаро пешпо зада, поймол карда гузаштан мехоҳам» ва гуфт:

– Кошкӣ ҳамин талаброазман мекарданд, ки агар дигарон ба рикоби олӣ бо пой раванд, ман бо сар мерафтам. Агар шумо ҳамин хабарро ба ман мерасондед, ман ҳама чизҳоямро ба шумо ба муждагонии ин хабари хуш медодам...

Аммо Насриддинхоҷа чизе нагуфт ва суханони ӯро табассумкунон шунида нишаст, чунки табиати худи ӯ ҳам аз дарбор нафрат дошт.

Чун Парвардигорхӯҷа талаб, таклиф ва таънаро аз ҳад гузаронид ва ба узрҳои ман гӯш надод, мувофиқи мазмуни «коре, ки ба сулҳ дарнаёяд, девонагие дар ӯ бубояд» ман ба ӯ:

– Андак сабр кунед, ман ба шумо ҷавоби қатъӣ медиҳам, – гуфтам ва аз ҷоям хеста, аввал дари ҳуҷраро аз дарун бастам, баъд аз он китобҳо ва як қисми парча-палосҳоро ба пойгаҳи ҳуҷра ғарам кардам, карасиндон ва гӯгирдро пеш оварда мондам ва сухани худро давом додам:

– Агар шумо ҳозир маро ба ҳоли худ гузошта баромада наравед, ба болои ҳамин чизҳо равғани лампа рехта оташ медиҳам. Дар ин миён ман ҳам, шумо ҳам ва дар касофати мову шумо ин ҳамсоя ва хеши азизамон ҳам сӯхта хокистар мешавем ва азбаски дар аз дарун баста шудааст, касе ҳам аз берун барои оташкушӣ омада ба мо ёрӣ расонда наметавонад.

Ӯ тарсид ва аз ҷояш хеста:

– Дарро кушоед, мо меравем, – гуфт ва дар вақти аз дар баромадан ба Насриддинхоҷа хитоб карда сухани худро давом дод: – Эшони раис «хешатон андак девонагӣ доштагӣ барин» гуфта буданд. Аммо ман сухани он касро рад карда «ҷавони оқил ва бофаҳму идрок аст» гуфта будам. Лекин имрӯз фаҳмидам, ки ӯ девонаи шаққа будааст.

Фардои он рӯзе, ки ман бо Парвардигорхӯҷа мулоқот кардам, хизматгори домулло Ҳоҷӣ Икром, ки беҳтарини устодони ман буд ва ман ҳар чизе, ки дар мадрасаҳои Бухоро аз дарсҳои расмӣ омӯхтаам, аз он кас омӯхта будам, омада, маро ба ҳузури домулло даъват кард.

Ман рафтам. Дар пеши домулло Икром ду муллои дигар менишастанд: яке аз онҳо Мулло Бозор ва дигаре Мулло Абдусалом буда, ҳар дуи онҳо ҳам аз шогирдони кӯҳнаи домулло Икром, ҳар дуяшон ҳам мударрис ва ҳар дуяшон ҳам домуллои кунҷакии ман ба шумор мерафтанд.

Домулло Икром баъд аз муқаддима ва даромади сухан гапро бар болои фармони амир ва талаби раис оварда, маро далолат кард, ки он талабро қабул намоям.

Домуллоҳои кунҷакиам ҳам дар навбати худ маро далолат карда ва ба шоир набудани худҳошон афсӯсҳо хӯрда ва суханро бар сари «насиҳат» оварда гуфтанд:

– Амри подшоҳи замон воҷиб аст, агар худ намехоста бошӣ ҳам, бояд ба фармони ҷаноби олӣ итоат кунӣ. Дили мо ба ту месӯзад, зеро саркашӣ аз амри подшоҳ сабаби ҳабс ва бадарға шуданаш ҳам мумкин аст.

Чун ин таҳдидро шунидам, дигар тоқат карда натавонистам ва фарёдкашон:

– Агар маро ба дор овезанд ва аз манор партоянд ҳам, ин корро қабул намекунам, – гуфтам. Гиря гулӯгирам шуда, асабҳо вайрон гардид ва хафақон гирифта, ба замин афтодам...

Домулло Икром ин ҳолро дида, суханро тамоман ба ранги дигар гардонид.

– Ба дарбори амир рафтан ва норафтан дар ихтиёри худи туст. Агар намехоста бошӣ, нарав ва бо рад кардани ту талаби амир ва раисро туро ҳеҷ кас ҳеҷ кор карда наметавонад. Инҳо (ба Мулло Бозор ва Мулло Абдусалом ишорат карда) нофаҳмида гап заданд. Маро, ки раис бурда далолат кардани туро аз ман илтимос карда буд, ман холисона гуфтаи ӯро ба ҷо овардам. Агар ту ин талабро қабул мекардӣ, ман аз ту меранҷидам, зеро дарбори амир бошишгоҳи одам нест. Такрор мекунам, ки бо рад кардани ту ин талабро ба ту зарар расонда наметавонанд. Агар, фаразан, ба ту осебе расондан хоҳанд, ман ҳамаи мансаб ва обрӯи худро ба сари халос кардани ту сарф мекунам, ё туро халос мекунам, ё баробари ту маҳв мешавам. Рав, осуда гаштан гир!

Ин гапҳои домулло маро аз аввалӣ ҳам қавидилтар кард ва берун баромада, бо оби сард дасту рӯи худро шуста, ба ҷои худ рафтам.

* * *

Баъд аз воқеаи хонаи домулло Икром ман то даҳ рӯз осуда гаштам. Дигар касе аз тарафи раис омада ба ман талаби ӯро такрор накард. Аммо баъд аз даҳ рӯз Мулло Мирзо ном касе, ки калонтарини одамони даргоҳи қозикалон Бадриддин буд ва қозикалон ҳамаи корҳояшро бо машварати ӯ мекард, пеши ман омада, маро ба ҳузури ӯ даъват кард.

Ман «боз ин чӣ бало буд, ки омад ба сари ман»- гӯён ба пеши қозикалон рафтам. Ӯ маро бо ҳурмат қабул карда, гуфт:

– Писари ман, раис ғалатфаҳмӣ карда, чанд рӯз ҳам туро, ҳам одамони дигарро дар ташвиш андохтааст. Ӯ мақсади ҷаноби олиро хуб нафаҳмидааст, – қозикалон қадаре сукут карда, боз сухани худро давом дод: – Ҳақиқати кор ин аст, ки ҷаноби олӣ шоир ва шеърдӯст мебошанд. Аммо он кас мисли шумоён озодона бо шоирон ҳамсӯҳбат шуда мушоара карда гашта наметавонанд, чунки мансаби подшоҳӣ ба ин кор монеъ аст. Бинобар ин ҷаноби олӣ шоирони толиби хизмати дарборро ба гирди худ ғун мекунанд ва шеъри шоиронеро, ки бо узре хизмати дарборро намехоста бошанд, дида истодан мехоҳанд.



Қозикалон мурофиаеро, ки дар пеши дари нишастааш тайёр шуда буд, пурсида шуда, боз сухани худро ба ман давом дод:

– Оре, раис кӯтоҳандешӣ карда, мақсади олиро нафаҳмидааст, бинобар ин ҷанобиолӣ ин корро ба ман фармуданд. Мақсади ҷаноби олӣ ҳамин аст, ки агар ту ба рикоби олӣ рафтанро намехоста бошӣ, шеъри тозае ки гӯӣ, оварда ба ман медиҳӣ ва ман он шеърро ба рикоби олӣ мефиристонам, – қозӣ сукуте карда, боз давом намуд: – Албатта, ин корро ҳар рӯз намекунӣ ва ҳеҷ одами ақлнок аз як шоир ҳар рӯз як шеъри нав талаб намекунад. Дар ҳар ҳафта ё дар ҳар даҳ рӯзягон шеър оварда диҳӣ, кифоя аст ва агар дар охири баъзе ғазалҳо номи ҷаноби олиро бо хоҳиши худ ба некӣ ёд кунӣ, сабаби хурсандии ҳам ҷаноби олӣ ва ҳам боиси сарфарозии ҳамаамон мешавад.

Ин талабро рад кардан мумкин набуд, аммо ман ин корро ба тарзе адо кардан хостам, ки ба «одоби дарбор» мухолиф бошад: одат ҳамин буд, ки ҳар кас, ба кадом сабаб ки бошад, бо амир алоқа пайдо кунад, бояд саллаашро калон мекард, ҳамеша камарчаҳои ҷомаашро баста ва ба қадри имкон дар кӯчаҳо монанди «Парвардигорхӯҷа» калонгирона мегашт ва бо одамони «табақаи паст» алоқа намебаст ва агар ба он гуна одамон вохӯрдан лозим ояд, дар «баландӣ истода», бо гӯшаи чашм нигоҳ мекард.

Ман, ки табиатан ба ин гуна рафтору равиш мухолиф буда, лоуболона мегаштам, баъд аз ба дарбор шеър фиристонанда шуданам ин равиши худро зиёдтар кардам ва бисёр шабҳо ба базмҳо мерафтам ва бо чапанони кӯчагӣ улфат мегирифтам ва монанди онҳо дар базмҳо «арру-урр» мекардам.

Байтҳои зерин низ дар ҳамон рӯзҳо гуфта шудаанд:

Улфат шудам аз бахри ту бо мардуми ашрор*,
Дар рағми** ман ин лутф ба аброр*** чӣ лозим?

Рафт аз хотири ман дағдағаи муллоӣ,
Дидам он шӯх чу бо як-ду чапан меояд.

Ин корҳоро барои он мекардам, ки зудтар ба дили амир занам ва бо ман алоқа доштани ӯ дар назари худаш «паст кардани обрӯи дарбор» намояд.

* * *

Ба амир шеърфиристонии ман аз шаш моҳ зиёдатар давом кард. Дар ин муддат, чунонки бо қозикалон қарор дода шуда буд, дар ҳар ҳафта ё дар ҳар даҳ рӯз ман ба ӯ шеъре бурда медодам. Ӯ ба амир мефиристод. Ман бештарин шеърҳои пештара навиштаамро дубора кор карда, «амирбоб» намуда мефиристодам. Мувофиқи тавсияи қозикалон дар охири баъзе шеърҳо амирро бо унвони «шоҳ» ё «султон» ёд мекардам (сабаб ҳамин аст, ки дастнависҳои кӯҳнаи ман ба назари бинанда бо вариантҳои гуногун ва баъзан бемантиқ менамоянд).

Дар миёна баъзан шеъри наве ҳам навишта мешуд. Дар ин шеърҳои нав гоҳо ба тариқаи тасодуф, гоҳо қасдан баъзе мазмунҳои иҷтимоӣ ҳам медаромад. Чунончи, як қасида дар васфи амир навишта шуд, ки дар муқаддима (ташбиб) ба-

* Ашрор – бадҳо.
** Рағм – қасд барои ранҷондан.
*** Аброр – покҳо.

рои даҳяк ҳама буду нобудашонро сарф кардани талабагон тасвир ёфтааст.

Азбаски шеъри порахӯрӣ ва даҳякфурӯшии уламоро ба воситаи қозикалон фиристодан мумкин набуд, қитъаи «Фаслу боб»-ро[289], ки дар боби даҳяк хоҳад гузашт, ба ӯ набурдам ва нишон надодам, аммо ба пеши дарбориёни гуногун, ки шоир набуданд, вале ҳар шеъри наве ёбанд, ба амир мерасонданд, хондам ва онҳо навишта гирифтанд.

Дар даруни як шеъри наве, ки аввалҳои кор ба амир фиристода шуд, мисраъҳои зерин буданд:

Хезед, рафиқон, майи гулранг биёред!
Танбӯру наю дойраву занг биёред!..
...Бо зорию зар кист, ки дар базм наёяд?
Зинҳор ки бе маншаву бе чанг биёред!..

Дар охири ин ғазал Мулло Дӯсти Нодир, ки аз кӯҳнашоирони дарборӣ буд, ба мусобиқа даъват карда шуда буд:

Бас қофия танг аст ба Айнӣ, хабари Дӯст,
Аз лутф дар ин қофияи танг биёред!

Дар ҳақиқат, қофияи ин ғазал хеле танг ва ба вай ҷавоби мувофиқ гуфтан душвор буд, бинобар ин вақте ки амир ин ғазалро ба Мулло Дӯст нишон дода аз ӯ ҷавоб талабидааст, вай аз ҷавоб додан оҷиз будани худро дар мақоми узр ба ӯ арз намудааст.

Ночор худи амир ба ҷавобгӯӣ даромада, як чизи бемазае тартиб дода, ба воситаи қозикалон ба ман фиристод (афсӯс, ки нусхаи он дар байни коғазпораҳо гум шуда рафтааст). Аз ғазали ҷавобии амир ду мисраъ андак дурусттар буд, ки дар хотир мондааст ва дар ин ҷо нақл менамоям:

...Мо ҳеҷ натарсем зи гуфтори рақибон,
Гиред сари роҳашу бо чанг биёред!..

Ин дар ҷавоби байти зерини ман буд:

Бо зорию зар кист, ки дар базм наёяд?
Зинҳор ки бе маншаву бе чанг биёред!..

Ман аз ин байти амир пай бурдам, ки ӯ мақсади маро фаҳмидааст ва тир ба нишон расидааст. Чунки дар ҳамон вақтҳо миршаби Бухоро ба болои аҳли санъати ҷавон ва дигар ҷавонони баномус ҷанҷоле бароварда, онҳоро бадном ва «гунаҳгор» карда ба ҳабс мегирифт ва барои «барҳам додани фитна ва тарбия кардани он гуна ҷавонон» онҳоро ба дарбори амир мефиристод.

Ман дар байти худ ба ҳамин ишора карда будам. Амир дар ҷавоби худ аз гуфтугузор ва шикваю шикояти мардум натарсиданашро далел карда нишон дода, дар ҳамон роҳ шӯрапуштона (хулиганона) давом кардан хостанашро бо як ғурур баён менамояд.

Баъд аз шаш моҳ зиёдтар давом кардани ба амир шеърфиристониам дар як рӯзе, ки навбати шеър бурданам буд, пеши қозикалон даромадам. Он рӯз шеъре тайёр нашуда буд, мақсади ман аз ин вохӯрӣ ба қозикалон аз тайёр нашудани шеъре узр хостан ва дар навбати дигар тайёр кардани шеърро ваъда додан буд.

Аммо на ба узр ва на ба ваъда эҳтиёҷе наафтод: қозикалон ба ман монанди пештара муомилаи гарму ҷӯшон накард ва шеъри наве ҳам напурсид. Ман пай бурдам, ки алоқаи ба амир шеърфиристонии ман бурида шудааст. Қозикалон баъд аз коғазпораҳои дар пешаш бударо ин рӯ-он рӯ гардондан аз ҷояш хеста ба мадони меҳмонхонааш даромад ва аз он ҷо як ҷӯра (як ҷомавор) алочаи ресмонии нуратоиро бароварда оварда, ба пеши ман гузошт ва ба ҷои худ рафта нишаста гап сар кард:

– Ин алочаро ҷома карда пӯш, ҳозир ҳавсалаи ҷаноби олӣ аз шеърхонӣ гирифтааст, то дубора суроғ карданашон шеър овардан лозим нест.

Ба ман яқин ҳосил шуд, ки амир аз ман ранҷидааст ва аз ин ҷиҳат бисёр хурсанд будам. Аммо аз «инъоми» қозикалон (алоча) бисёр ранҷидам, чунки он матоъро дар бозор даҳ танга (150 тин)  мегирифтанд. «Инъом» кардани он чиз маро таҳқири тоқатнопазир буд. Аввал фикр кардам, ки алочаро дар пеши қозикалон партофта намоишкорона баромада равам. Аммо баъд мулоҳиза кардам: «Халос шуданам аз ин алоқа давлати бузург аст. Дар вақте ки амир аз ман ранҷидааст, ранҷондани қозикалон барои ман натиҷаи хуб намедиҳад, дигар он ки дар назари қозикалон ва амир, ки аз вай ҳам хасистар аст, ҳамин як ҷӯра алоча як чизи калон менамояд. Сабаб ҳамин аст, ки Шоҳин дарбори амирро «доми бедона» номидааст. Бинобар ин мақсади қозикалон аз ин инъом набояд таҳқири ман бошад».

Бо ҳамин мулоҳизаҳо ман алочаро ба даст гирифта, аммо ташаккуре накарда, ба даҳлез баромадам. Ҳамон рӯз дар даҳлез аз маҳрамони қозикалон Акрамхоҷа ном одами миёнсоли аёлманд навбатдор буд. Он алочаро ба ӯ дода:

– Ин алочаи инъомии эшони калонро шумо ба ягон масрифатон сарф кунед, чунки барои ман даркор нест. Аммо ба эшони қозикалон нафаҳмонед, – гуфтам ва ба хушии хотир аз он ҷо баромада рафтам.

* * *

Аз тамом шудани шеърфиристонии ман ба амир дере нагузашта, ӯ ба саёҳати Россия ва Ялта рафт. Мулло Назруллои Лутфӣ, ки надим (ҳамсӯҳбат) ва шоири дарбор буд, аз хизмат фориғ шуда, ба шаҳри Бухоро дар хонаи худ барои истироҳат омад. Ман бо ӯ мулоқот кардам, ӯ ҳар гуфтугузореро, ки дар пеши амир ба болои шеърҳоям шудааст, ба тафсил ба ман нақл кард. Ӯ дар ин бора гуфт:

– Азбаски ман туро ба амир таъриф карда будам, ҳар шеъратро ба ман нишон медод ва аз ман хононда шунида аввалҳо бисёр таҳсин мекард. Чунончи, шеъри фаслу боб ва шеъре, ки дар мавзӯи даҳяк дар мадҳи ӯ гуфта будӣ, ба ман нишон дода, бисёр таҳсин кард ва гуфт:

– Ба қозикалон фаҳмонданам лозим аст, ки ба Айнӣ даҳяк диҳад.

Ман дар ҷавоб гуфтам:

– Айнӣ соли гузашта даҳяк гирифтааст.

Мулло Назрулло нақли худро давом кунонда гуфт:

– Дар охирҳо аз ту як ғазал рафт, ки дар даруни он байти зерин буд:

Бар камбағалон ин ҳама озор намудан
Аз баҳри дили як ду-се пулдор чӣ лозим?

Амир маро дар пеши худ даровvarда, тамоми шеърро нишон надода, танҳо ҳамин байтро хонда гуфт:

– Айнӣ дар ин байт маро ҳомии боён ва поймолкунандаи камбағалон гуфтааст. Ӯ иғвогар аст, ӯ бо ин гуна байтҳо камбағалонро ба муқобили ман шӯрондан мехоҳад.

(Ва ҳол он ки савияи сиёсии ман дар он вақтҳо ба ин дарача нарасида буд. Ман мазмуни ин байтро аз қозихонаҳо гирифта будам, ки боёнро тарафдорӣ карда, камбағалонро тороҷ менамуданд. Аммо, чунонки мегӯянд, «дузд аз сояи худ метарсад», амир бо ин байт аз худ тарсидааст.)

Мулло Назрулло сӯҳбати худро бо амир давом дода гуфт:

– Дар охири суханони дар боло гуфтааш амир илова намуд: «Ҳамаи шеърҳои Айниро дубора аз назар гузарондан даркор аст» ва маро рухсат дод, ки аз пешаш бароям.

Мулло Назрулло дар нақли худ давом намуд:

– Амир баъд аз се ё чор рӯзи дигар маро боз ба пеши худ даровард. Дар пеши ӯ коғазпораҳо истода буданд, ки дар онҳо чизҳои навишташуда менамуданд. Амир гап сар карда, ба ман гуфт:

– Ман дубора диққат карда дидам, ҳамон шеърҳои «Фаслу боб» ва «Даҳяк», ки шумо «ҳой-ҳой!» гӯён хондед, холис набудаанд. Дуруст аст, ки агар ӯ даҳяк намедошт, «ин шеърҳоро аз аламаш навиштааст»- мегуфтем. Модом, ки даҳяк доштааст, ин шеърҳоро барои он навиштааст, ки муллобачагони пойлучро ба муқобили қозикалон, раис, охунд, аълам ва муфтиҳо, ки ҳама уламои дин буда, мансабдорони давлат мебошанд, хезонад».

Мулло Назрулло гуфт:

– Амир сухани худро давом дода илова намуд:

– Шеъри «Даҳяк» гӯё дар мадҳи ман навишта шудааст, аммо дар вай маро чунон ҳақорат кардааст, ки ман аз падарам – аз ҷаноби олии марҳум ҳам садяки ин гуна ҳақоратро нашунида будам.

Лутфӣ гуфт:

– Амир қадаре сукут карда истод. Маълум буд, ки боз дар дили худ дардҳо дорад ва фикр мекард, ки гӯяд ё нагӯяд? Шояд ба гуфтан қарор дода бошад, ки аз байни коғазпораҳо коғазеро ба даст гирифта, давом намуд:

– Шумо медонед, ки баъзе маҳрамони кӯҳнахизмати ҷавонтарош ҳастанд, ки риши худро тарошида ё бо мӯйчинак чида рӯи худро суфта карда мегарданд. Албатта, ин айб нест, ҳамаи русҳо ришашонро тарошида мегарданд. Агар, фаразан, ин айб бошад ҳам, ба ман дахл надорад. Айнӣ ана ҳамин ҳолро бо як шакли бешармона тасвир карда, айбашро ба гардани ман бор кардан мехоҳад.

Назар ба қавли Лутфӣ, амир баъд аз ҳамин муқаддима аз қасидаи «Даҳяк» байти зеринро хондааст:

> ...Ҳушёр шав аз содадилӣ, боз наёрӣ
> Онро, ки шуда содарух аз зарниху оҳак.

Назар ба қавли Мулло Назруллои Лутфӣ, амир боз якчанд байтҳои маро бар зарар ва ҳаҷви худаш шарҳ дода, дар охир гуфтааст:

– Қатъи назар аз ҳамаи инҳо Айнӣ он касе нест, ки шеъри ӯ дар қатори шоирони замон манзури мо гардад. Ӯ як одами сарупобараҳнаи шӯрапушти базмгард аст ва кас дар хондани шеъри ӯ аз шоирони дигар шарм медорад.



Аз ҳамаи ин нақлҳо ба ман маълум шуд, ки ҳамаи тирҳои тахминӣ, ҳатто тасодуфӣ паррондаам ҳам ба нишон расида, ман аз қайди шеър фиристодан ба амир ба тарзи абадӣ халосӣ ёфтаам.

## ДАҲЯКГИРИИ ТАЛАБАГОНИ МАДРАСА

Ман дар болотари ин қисми ёддоштҳоям тартиби даҳякдиҳии ҳукумати амирро ба «талабагони даҳякхӯр» ба муносибати зикри Мулло Амони розмозӣ нақл намуда, ваъда карда будам, ки дар оянда тарзи даҳякгирӣ, яъне ба қатори «даҳякхӯрон» даромадани талабаҳои мадрасаҳои Бухороро баён кунам[290]. Дар ин боб мехоҳам, ки ана ҳамон ваъдаи худро вафо намоям.

«Даҳяк» ҳазор адад буда, ҳар кадомаш як саду бист тангаи Бухоро мешуд. Сабаби «даҳяк» номида шудани ин маблағи муайяни инъомӣ он аст, ки манбаи ин маблағ маҳсули заминҳое буд, ки аз ҳосилоташон ба ҳисоби ҳамин маблағ даҳяк гирифта мешуд.

Дар замонҳои пеш даромади ҳақиқии аз ҳамон заминҳо рӯидаро ба ҳазор қисм тақсим мекарданд, ки гоҳо зиёд ва гоҳо кам мешудааст. Чун амирони Бухоро, монанди андозҳои заминҳои амлок, маҳсули заминҳои ба «даҳякхӯрон» тахсисшударо ҳам сол то сол ба тариқаи сунъӣ зиёд кардан гирифтаанд, барои ба фоидаи худ нигоҳ доштани он қисми маҳсулоти ба тариқаи сунъӣ зиёд кардашуда, ҳам он қисме, ки сол то сол ба сабаби баланд рафтани нархи ғалладона ва дигар ҳосилоти заминӣ зиёд мешавад, саҳми даҳякхӯронро ба як маблағи муайяни садубисттангагӣ (ҳаждаҳсӯмӣ) қарор додаанд.

Ба гирифтани ин маблағи муайян он талабагоне ҳақ пайдо мекарданд, ки китоби «Ҳидоя»-ро мувофиқи қоидаи забони араб рост хонда ва ба тоҷикӣ тарҷимаи дурусти забонӣ (даҳанакӣ) карда тавонанд ва ҳам дар хатми дарсҳошон – дар тамом кардани программаи мадрасагиашон – беш аз панҷ сол намонда бошад, яъне ҳар талабаи ба даҳякгирӣ «ҳақ пайдокарда» метавонист пеш аз панҷ соли хатми дарсҳои мадрасагӣ карданаш то як сол, ду соли баъд аз хатм ин инъоми муайянро ба даст дарорад.

Агар ана ҳамин шарти дар солҳои гуногуни охирҳои дарсхонӣ ба даст даровarda шудани ин инъоми давлатӣ дар миён намебуд, мо метавонистем «даҳяк»-ро ба «дипломная работа»-и мактабҳои олии замони худ монанд кунем. Зеро ҳар талабаи мадраса, ки лоақал то ягон соли баъд аз хатмаш дар қатори даҳякхӯрон даромада натавонад, хатми дарсҳои мадраса кардани вай эътибор надошт, мударрисӣ, имоматии ҷоҳои калон, қозигӣ ва раисӣ барин мансабҳои мӯътабари илмиро ба даст даровarda наметавонист. Бинобар ин ҳар талаба бо ҳар роҳе ки мумкин бошад, дар солҳои охирини таҳсилаш кӯшиш мекард, ки даҳякро ба даст дарорад.

Тартиби дар қатори даҳякхӯрон дохил карда шудани талабаи пешқадам ва аз тарафи кӣ дохил карда шудани он ба тарзи зерин буд: ҳар сол аз ҳазор адад даҳяки ба даҳякхӯрон додашаванда ба сабаби мурдан, ба сабаби ба мансабҳои калони илмӣ, ки даромадаш ду ҳазор танга ё зиёдтар аз он бошад, расидан, ба сабаби ба ихтиёри худ аз баҳри даҳяк гузаштани баъзе даҳякхӯрон сад-саду панҷоҳ адад даҳяк холӣ мешуд. Ин даҳякҳои холимондаро шахсан худи амир дар

байни қозикалон, раиси калон, аълам, охунд ва муфтиҳои дигар тақсим мекард, ки ба шогирдони ба даҳякгирӣ ҳақ пайдокардаашон бидиҳанд. Албатта, аз даҳякҳои холимонда саҳми калонтарин ба қозикалон мерасид ва ба дигар мансабдорони илмӣ, ки дар боло ном бурда шуданд, ба андозаи мансабашон нигоҳ карда, зиёдтар ва камтар дода мешуд, ба дараҷае, ки ба муфтиҳои одии беамал ду ё се адад мерасид.

Даҳякдиҳандагон «мумайиз», яъне санҷанда ва имтиҳонгиранда номида мешуданд. Ҳар кадоми онҳо дар рӯзи санҷиш се-чор нафар мударрисони болодараҷаро низ ба пеши худ даъват мекарданд, то ба талабагони ба имтиҳон дохилшуда бо маслиҳати он «одамони холис» «баҳои ҳаққонӣ» дода шуда, «ҳақ дар ҷои худ қарор гирад».

Имтиҳон, мувофиқи шарти вақфномаи даҳяк, чунонки дар боло қайд карда шуд, аз китоби «Ҳидоя» гирифта мешуд. «Ҳидоя» дар мавзӯи фиқҳ (ҳуқуқ)-и исломӣ таълиф ёфтааст. Ин китоб ду дафтар, яъне ду ҷилд буда, дар вай таҳорат, намоз, рӯза, ҳаҷ, закот барин аз ибодатҳои исломӣ гирифта то никоҳ, талоқ, харидуфурӯш барин муомилоти байнихудии мусулмонон, ушр, хироҷ ва закоти чорпо барин муомилоти байни аҳолии мусулмон ва ҳукумат баён ёфтааст.

Дар имтиҳони даҳяк ба талаба одатан аз аввали бобҳо ва фаслҳои ҷилди аввали «Ҳидоя» медоданд. Агар он талаба ягон саҳифаи ҷои нишондодашударо мувофиқи қоидаи забони араб бе ғалат, ҳеҷ набошад, бо як ё ду ғалат хонда, ним саҳифа барин аз ҷои хондаашро ба забони тоҷикӣ тарҷима карда тавонад, ӯ ҳақ пайдо мекард, ки ба рӯйхати даҳякгирандагон дохил карда шавад.

Ҳар «мумайиз» ба қадри адади даҳяке, ки ба вай кӣ дода шудани вай ба ихтиёри худаш гузошта шудааст, аз шогирдони худ аз санҷиш гузаронида, ба қушбегӣ (сарвазир) мефиристод. Қушбегӣ он рӯйхатҳоро ба амир мефиристод ва амир он рӯйхатҳоро тасдиқ карда, бо фармони махсусе ба қушбегӣ бармегардонд, ки «ба он номбурдагон даҳяк дода шавад». Қушбегӣ баъд аз гирифтани фармон даҳякхӯрони навро дар рӯзи муайяне ба арки подшоҳӣ даъват карда, даҳякҳошонро медод ва он рӯйхатҳо бар рӯйхати умумии даҳякхӯрон илова карда мешуд.

Толибони даҳяк ҳар сол ду ё се моҳ пештар аз мавсими даҳяк ба «фаслу боб кардан» машғул мешуданд, яъне аввалҳои ҳар боб ва ҳар фасли дафтари аввали «Ҳидоя»-ро ба тайёр кардан сар мекарданд, то ки агар толеашон тохта ягон мумайиз онҳоро дар имтиҳон дохил кунад, мабодо «маҷрӯҳ» шаванд, яъне дар санҷиш афтанд.

Одатан то се ё чор нафар талабагони ба якдигар ҳолдон ҳар шаб дар ҳуҷраи яке аз онҳо ғун шуда, аввалҳои фаслҳо ва бобҳоро ҳам аз ҷиҳати қоидаи забони араб ва ҳам аз нуқтаи назари тарҷимаи тоҷикӣ дида мебаромаданд. Яке аз он ҳамфаслубобон, ки дар саводи арабӣ ва тоҷикиаш боварӣ бошад, ба он гурӯҳ раҳбарӣ мекард. Яке аз онҳо аввали фасл ё боберо мехонд, дигарон гӯш медоданд ва хатои хонандаро ислоҳ менамуданд. Агар дар байнашон ихтилоф ва мунозира воқеъ шавад, раҳбар фикри худро мегуфт ва фикри ӯ, хоҳ мувофиқи фикри яке аз мунозиракунандагон бошад, хоҳ мухолифи ҳама, аз тарафи ҳама қабул меёфт.



Ман, ки панҷ сол пештар аз хатми дарс даҳяк гирифта будам, дар солҳои дигар то хатм ва як сол баъд аз хатм маҷбур будам, ки дар маҷлиси фаслу боби шариконӣ қадрдонам иштирок кунам, зеро як қисми онҳо он шарикдарсонам буданд, ки дар солҳои аввали дарсхонӣ ман бо онҳо дарс тайёр мекардам ва онҳо ба ман ёрии моддӣ мерасонданд, бинобар ин маънан ман худро аз онҳо қарздор ҳисоб мекардам ва дигарҳошон ба сабаби боистеъдод буданашон сазовори ёрӣ ва бинобар қашшоқ буданашон аз ҳар гуна ёрии одамҳо маҳрум буданд. Ман ба ин гуна шариконам ёрии маънавӣ расонданро вазифаи инсонӣ ва ҷамъиятӣ мешумурдам.

Азбаски он вақтҳо бародари бузургам дарси мадрасаро тамом карда баромада, дар деҳаи худамон имом, хатиб, ҳам мударрис шуда, соҳиби даромади дурусте гардида буд, ба ман низ, кам ҳам бошад ёрии моддӣ мерасонд. Ман бо қаноат зиндагӣ мекардам ва барои ёрии моддӣ на хизмати ҷисмонӣ ва на хизмати маънавии касеро намекардам. (Ба фаслубобкунандагони боистеъдоди қашшоқи сазовори ёрии маънавӣ, то вақте ки дар Бухоро будам, ёрӣ расонда истодам.)

То ин ҷо ҳар чизе, ки дар бораи даҳякгирӣ, даҳякдиҳӣ ва шартҳои вақфнома навиштам, чизҳои расмӣ ва қоидаҳоеанд, ки ҳеҷ гоҳ пурра ба амал наёмадаанд ва дар ҳақиқат ҳама кор бо пул, бо ришва ва бо восита, ки асоси ин ҳам пул аст, ба анҷом мерасид. Аммо ҳеҷ кадом аз мумайизҳо рӯйрост аз касе чизе гирифта наметавонистанд, зеро толибони даҳяки қашшоқ, ки «кор ба ҷону корд ба устухонашон расидааст» ва шабу рӯз дари ҳавлии мумайизро гирифта менишастанд, мумкин буд, ки ришвадиҳандагон ва гирандагонро дастгир карда беобрӯй намоянд. Бинобар ин пулдорон аз байни занон восита (миёнарав) ёфта, ба ҳавлии даруни мумайиз фиристода, ришваи худро ба воситаи зани мумайиз ба ӯ мерасонданд.

Дуруст аст, ки дар он миён баъзе талабагони қашшоқ ҳам даҳяк гирифта мемонданд. Аммо инҳо одамоне буданд, ки дар дониш шӯҳрати калоне доштанд ва мумайизоне, ки амир ба ихтиёри онҳо додани бисёртар даҳякро гузоштааст, барои рӯйкашкунӣ ва чашмбандӣ яке, агар даҳяк дар ихтиёрашон аз даҳ адад зиёд бошад, ду нафар талабаи қашшоқи дар дониш шӯҳратпайдокардаро худ кас монда оварда мегуфтанд, ки «тайёр шав ва дар рӯзи китобдиҳӣ (санҷиш) ин ҷо ҳозир бош, ки ман ба ту китоб медиҳам (ба имтиҳон медарорам), агар аз озмоиш бароӣ, ман ба ту даҳяк медиҳам».

Агар дар рӯзҳои даҳякдиҳӣ талабагони қашшоқи аз даҳяк монда дар ҳақи мумайиз «забондарозӣ кунанд» ё дар кӯчаву паскӯчаҳо номи мумайизро ба ришвагирӣ шӯҳрат диҳанд, мумайиз дар бораи «холисанлиллоҳ» ва бе мулоҳизаи ҳеҷ гуна манфиати моддӣ даҳяк доданаш ҳамон талаба ё талабагони қашшоқи дар дониш машҳурро мисол нишон медод ва мегуфт: «Охир, дар вақфномаи даҳяк навиштаанд, ки «ба ҳар талабаи қашшоқ даҳяк дода шавад», балки шарти аввали ба даҳякгирӣ ҳақ пайдо кардан ин аст, ки «Ҳидоя»-ро об барин донад. Он талабагони қашшоқе, ки ба шарт рост меомаданд (масалан, фалонӣ ва фалонӣ), худам бе воситаи касе кас монда оварда, дар ҳузури одамон ва муллоёни холис аз имтиҳон гузаронида даҳяк додам. Ҳама медонанд, ки онҳо чизе надо-

ранд, ки хӯранд, чӣ ҷои он ки барои даҳякгирӣ пора диҳанд».

Мумайиз барои қувват додани сухани худ илова менамуд: «Охир, ман садақатақсимкунандаи ҷанобиолӣ нестам, ки ба ҳар талабаи қашшоқ садубисттангагӣ бароварда додан гирам».

Ман дар ҳамон вақтҳо бо кадом роҳҳо ба даҳякгирӣ «ҳақ пайдо кардани» талабагони дороро дар шеъре дароварда будам. Мехоҳам ҳамон шеърро дар ин ҷо ба хонандагон пешкаш намоям:

ҚИТЪАИ «МАСЛИҲАТӢ»
ДАР БОРАИ ДАҲЯКГИРӢ

Наздик гашта мавсими даҳяк чу эй шарик,
Таҳсили илму фазл накун, «фаслу боб» хон!
Маънии фасл – восита, маънии боб – дар,
Таҳсили ин ду ҳосили аз фаслу боб дон!
Яъне дари сарои мумайиз раву нишин,
Аз баҳри хеш восита ҳам ёбу барнишон,
Лозим бувад, ки воситаат бошад аз дарун*,
Зеро даруни боб бувад фаслро макон**.
Ин аст фаслу боб, ки кардам баён манаш,
Гар маънии дигар бувад ӯро, намо баён***.

Пеш аз тамом кардани ин боб ҳаминро ҳам бояд қайд кунам: «даҳяк», ки худ як саду бист танга буд ва ба даст дароварандаи вай панҷ сол ё шаш сол зиёдтар вайро гирифта наметавонист, ҳазорҳо тангаи талабагони дороро барбод медод: онҳо ғайр аз порае, ки имтиҳон гирифта даҳякдиҳандаро ва воситашавандаро медоданд, баъд аз расман ба даст дароварданашон ин маблағро якчанд рӯз дастархони муборакбодӣ кушода, ба ҳар кадом оянда ва равандагони шинос ё ношинос як сарқанди дукилогӣ, ҳеҷ набошад, як қуттӣ наботи яккилогиро бо як ва ё дуто нони тафтон медоданд. Ба даҳякдиҳанда ҳам «муборакбодӣ» гӯён як дег оши палав, нӯҳ дона нони тафтон ва як сарқанди якпудӣ мебурданд. Азбаски даҳяк ба дасташон даромадагӣ буд, ин пешкаши ба мумайиз бурдаашон ришва ҳисоб намеёфт.

Ғайр аз ин, ёру дӯстони наздикашонро ҷамъ карда зиёфат медоданд ва базм ташкил мекарданд. Баъзе талабагони миёнҳол бо ҳамин даҳякгирӣ ҳуҷраи истиқоматиашонро фурӯхта, харҷ карда ва ҳамаи воситаи моддии зиндагиашонро ҳам аз даст дода, мадрасаро тарк намуда, ба саҳро ё ба вилояташон мерафтанд.

Талабагони қашшоқи тасодуфан даҳякгирифта ҳам аз хароҷоти муборакбодӣ халосӣ намеёфтанд ва ба андозаи аҳволи худ ягон чизашонро фурӯхта ё қарзе карда, дастархоне кушода, табрики муборакбодкунандагонро қабул намуда, ҳеҷ набошад, якто нони тафтон ва як каф қандалот медоданд ва ба мумайиз ҳам ягон табақ нон карда мебурданд. Вагарна дар зери таънаву лаънати одамон мемонданд.

Дар ин хусус ҳам шеъре дорам, ки мехоҳам аз муқаддимаи он якчанд байтро дар ин ҷо нақл намоям:

* Дарун – дар ин ҷо ба маънои ҳавлии дарун, яъне бояд воситаат зан бошад, ки ба пеши зани мумайиз дарояд.
** Дар таълифоти қадим ҳар боб ба чандин фасл тақсим мешавад, ин ҷо «фаслу боб» ба ҳамин маънӣ далели мақсад гирифта шудааст.
*** Ин ҷо «баён» ба маънии мантиқиаш «исбот» аст, «намо баён», яъне «исбот кун».



ҚАСИДАИ «ДАҲЯК»

Боз ор зи бозор, шарик, аз пули «даҳяк»
Ҳалвою мураббою кабобу маю шӯрак.
Як халта пур аз соягию пиставу бодом,
Як қуттӣ пур аз кӯфтаву руставу[291] пашмак.
Табрик намоянд туро мардуми олам,
Ҳотам шаву сарқанд бубахшой ба ҳар як.
Асбоби тараб – чангу дутору наю танбӯр,
Лозим бувад имрӯз рубобу дафу ғиҷҷак.
Дарёб дуҳулзан, ки агар нест нақора,
Мутриб натавон ёфт раҳи зеру баму бак.
Овози наю дойраву нағмаи гармон,
Гар ҷӯр шуд, аз чарх расад Зӯҳра ба қарсак.
Гармони Ғулом[292] ин ҳама оҳанг надорад,
Тайёр кун имрӯз Ашӯрқозию думбак.
Бе ёр накӯ нест тараб, зуд хабар кун,
Як дилбараки хурдтараки содаи шӯхак.
Навраста нигоре, ки ба ҷуз бӯса таманно
Аз вай натавон кард, чу навбоваи* таррак**.
Ҳушёр шав аз содадилӣ боз наёрӣ
Онро, ки шуда содарух аз зарниху оҳак.
Дар шаҳр муҳайё макун ин базм, ки гардем
Аз тӯҳмати ин муддаиён*** мову ту сартак.
Саҳро ба тамошову тараб нек бувад, лек
Андар раҳи саҳро натавон рафт ба кӯтак****.
Кӯтак натавон кард саворӣ ба чунин рӯз,
Ташвиш мабодо диҳад аз дак-даки ғалтак[293].
Бояд ки зи Бозори алаф***** зуд биёрӣ,
Ду аспи накӯнок ду-се чорчилолак******.
Гар тангаи даҳяк нарасад, ҳеҷ махӯр ғам,
К-имрӯз намонӣ ба ҷаҳон бепулу луччак.
Судхӯр барои ту муҳайёст, диҳад қарз,
Ҳам ҳуҷраву ҳам хона ситонад зи ту як-як...*******

(Қасида дар ин ҷо бо як байти гурезагӣ ба тавсифи амир мегузарад).

## ХАРГУРГОН ВА «РӮБОҲОН»

Дар солҳои даҳякгирии шарикон (ҳамсинфҳоямон) дар пеши аъламӣ Бухоро – Ғиёс-махдум дар ҷамоаи мо (гурӯҳамон) як шарики нав пайдо шуд. Ин одам сарулибоси хеле озодаи аъло дошта, бухороӣ буд.

Пайдо шудани ин одами нав, хусусан ки сарулибосаш доро будани ӯро нишон медод, толибони даҳякро хеле дар ташвиш андохт: талабагони қашшоқ метарсиданд, ки «ин одами бой боз як даҳякро аз миён зада мегирад». Ҳатто талабагони дорои даҳякгириашон муайяншуда ҳам аз ин одам тарсиданд: онҳо эҳтимол ҷорӣ мекарданд, ки «аҷаб нест, ин одам аз мо бойтар бошад ва нархи даҳякро аз мо зиёдтар карда гирад ва мо дар соли оянда монем».

* Навбова – меваи пешпазаки нимрас.
** Таррак – харбузаи хом.
*** Муддаиён – дар ин ҷо ба маънои хасм ва тарафи муқобил (бо маънии ҳуқуқиаш).
**** Кӯтак – аробаи кӯтак аст, ки русҳо аробаи эронӣ мегӯянд.
***** Бозори алаф – дар ҳамон вақтҳо кирокашхонаи фойтунчиҳо буд.
****** Чорчилолак – фойтун.
******** Дар тазкираи Садри Зиё ин қасида бо хоҳиши муаллифи тазкира кӯтоҳ ва баъзе байтҳояш тағйир дода шудааст. Дар вайрон кардани байтҳои ин қасида котибони нусхабардори ин тазкира низ хизмат кардаанд.

Лекин рафта-рафта он тарсу ташвиши толибони даҳяк барҳам хӯрдан гирифт, чунки ин одам на бо қории ҷамоа (сарсинф) ва на бо дигар шарикони пештар даҳякгирифта алоқае набаст ва ҳол он ки толибони даҳяк бо кадом роҳе, ки даҳяк мегирифта бошанд, бо ин одамон, хусусан, ба қории ҷамоа, алоқа бастанашон лозим буд.

Толибони даҳяк, ки ҳамеша дари хонаи мумайизро дидбонӣ карда, «кӣ омадан ва кӣ рафтан»-ро дар назар мегирифтанд ва бо ин кор ҳам мехостанд, ки толиби гузарои даҳяк буданашонро ба мумайиз нишон диҳанд ва ҳам пордиҳандагонро ба даст даранд, ба пеши аълам ягон бор даромада-бароmadани ин одами навро хабар надоданд. Ин ҳам як далели иловагӣ шуд барои бартараф шудани тарсу ташвиши толибони даҳяк.

Аммо дар рӯзи имтиҳонгирӣ (барӯйхатдорорӣ) ин одами нав дар байни толибони бешумори даҳяк ва тамошобинон пайдо шуд. Намудор шудани ӯ дар он рӯз ҳам сабаби ташвиши толибони даҳяк нашуд, чунки ҳар кас ӯро «тамошобин» гумон кард ва ӯ монанди толибони даҳяк «тақсир, ба ман китоб диҳед, маро озмуда бинед, агар маҷрӯҳ шавам (дар имтиҳон афтам), аз толеам медонам» гӯён фарёд ҳам намекард.

Аммо вақте ки китобдиҳӣ (имтиҳон) сар шуд, аълам аз ҳама пештар ӯро ҷеғ зада китоб дод ва ба чӣ гуна хондани ӯ ҳеҷ аҳамият надода ва луқмаҳои (репликаҳои) аз тарафи тамошобинон ва толибони даҳяк ба ӯ додашударо ношунида вонамуда, ӯро ба рӯйхати даҳякгирон даровард.

Ӯ баъд аз гирифтани даҳяк ҳам урфу одати дар ин кор ҷорӣ бударо накард, яъне дастархони муборакбодӣ накушод, муборакбодӣ гӯён ба касе лаби ноне ҳам надод ва мумайиз – аълам ҳам сарқанди якпудӣ он тараф истад, ошею ноне ҳам набурд. Хулоса, чунонки ногаҳонӣ даҳяк гирифтани ӯ ба назари даҳякгирон, даҳякхӯрон, толибони даҳяк ва талабагони мадраса аҷиб менамуд, ягон урфу расми маросими даҳякгириро ба ҷо наёвардани ӯ аз вай ҳам аҷибтар менамуд. Азбаски ӯ дар миёнаи ҷамоаи мо нав пайдо шуда буд, бо касе алоқа ва шиносоӣ надошт, «қоидадонон» ва «урфу одат нигаҳдорандагон» роҳе намеёфтанд, ки забони худро дароз карда, ӯро «туфу лаънат» ва «сарзанишу таъна» намоянд. Фақат дар ғайби ӯ дар байни худ мегуфтанд, ки «қандаша хӯрад, ҳамаро қоил ва моту мабҳут кард». Ин бошад дар ҳақи ӯ таъна набуда, таҳсин ва офарини гузаро буд.

* * *

Одами нав баъд аз гузаштани мавсими даҳяк ва хомӯш гардидани гуфтугузори ин маросим ба мо – ба гурӯҳи мо, ки аз якчанд нафар шарикони наздикфикр ташкил ёфта буд, баҳонае ёфта алоқа баста, роҳи шиносоӣ ва ошноӣ кушод. Чунонки аз шарҳи аҳволи шахсии ӯ маълум шуд, ӯ Қорӣ Ибод ном дошта (ин ғайри он Қорӣ Ибод аст, ки дар «Ҷаллодони Бухоро» бо унвони шӯрапушти дузд қайд шудааст)[294], ҳавлиаш дар гузари Тахтизиндони Бухоро будааст ва ба ин муносибат ӯро «Қорӣ Ибоди такизиндонӣ» мегуфтаанд. Бародари калони ӯ аз омилони закот[295] будааст. Аммо ин ба ӯ алоқа надоштааст ва инчунин ӯ аз дарбориёни калони ҳамон замон хоҳарзодаи Раҳмонқулбии додхоҳи удайчӣ[296] (вазири ташрифот) будааст, лекин бо Раҳмонқулбӣ ҳам алоқа надоштааст. Ба муносибати қории Қуръон буданаш мақсураи дурусте (вақфи махсуси қориён) ба даст даровarda, бо даромади он зиндагонӣ мекардааст.

Чун рафта-рафта алоқаи ӯ бо мо бисёр наздик шуд, ман аз ӯ барои даҳякгирӣ чанд пул харҷ карданашро пурсидам. Ӯ гуфт:

– Одамони аҳмақ барои даҳякгирӣ пул сарф мекунанд; Худоро шукр, ман он қадар идрок дорам, ки хандазор ва аблаҳӣ будани барои як саду бист танга барбод додани ҳазорҳо тангаро бифаҳмам.

– Пас чӣ гуна ба тарзи ногаҳонӣ ва асрорангезона даҳякро ба даст даровардед? – боз пурсидам.

– Калонон ва мансабдорони замони мо, хоҳ аз ҷумлаи сипоҳ бошанд, хоҳ аз табақаи уламо, «харгургонанд», – гуфт ӯ ва ин таъбири сарбаста ва аҷиби худро ба тарзи зерин шарҳ дод: – яъне дар пеши амир ва дар пеши он касоне, ки дар мансаб аз худашон болонишин ҳастанд, монанди хар борбардор ва ором мебошанд, аммо ба болои зердастон – ба болои касоне, ки дар амал ва мансаб тобеи онҳоанд ва ба болои аҳолии одӣ гурги дарандаи ваҳшианд. (Ман ин мазмунро дар романи «Ғуломон» кор фармудаам.)[297]

Ӯ хомӯш монд ва ман пурсиши худро давом додам:

– Ин таъбири шумо барои калонони замони мо тавсифи кӯтоҳи бисёр пурра аст, ки дар забони тоҷикӣ барои онҳо аз ин беҳтар, равшантар ва ҳамафаҳмтар таъбир ёфтан мумкин нест. Офарин! Аммо барои ногаҳонӣ даҳяк гирифтани шумо «харгургон» будани калонон чӣ муносибат дорад?

– Сабр кунед! – гӯён ба ҷавоби худ давом кард Қорӣ Ибод. – Дар муқобили харгургон «рӯбоҳон» ҳам ҳастанд, ки бе он ки бо онҳо ҷангу ҷидол кунанд, роҳи бо онҳо мубориза бурданро медонанд ва ман аз ҷумлаи ҳамон «рӯбоҳон» мебошам.

– Пас барои даҳякро ба даст даровардан чӣ гуна рӯбоҳбозиро ба кор бурдед? – боз пурсидам ман. Аз оҳиста-оҳиста ва дона-дона суханронӣ кардани ӯ дилам танг шуда буд.

– Як рӯзи дарс, ки аълам дар дарсхона буд ва дидбонони даҳякталаб ҳам атрофи ҳавлии ӯро холӣ гузошта ҳамагӣ дар гирду пеши дарсхона дидбонӣ мекарданд, ман як сабадча ангури ҳусайниро аз бозор харида гирифта бурда, ба ҳавлии ӯ даромадам ва мунтазири аз дарсхона баргаштани ӯ шуда нишастам. Ӯ омада ба меҳмонхонааш даромада, ҷомаҳои кӯчапӯшиашро кашида, либосҳои рӯихонагӣ пӯшида, дар ҷояш нишаст. Ман ҳам дар пеши дари миёнаи даҳлез ва меҳмонхона рафта сабадчаи ангури дар даст доштаамро намоён карда рост истодам. Чун чашми ӯ ба ман афтод, таъзимкунон салом додам. Ӯ бо ишора таклиф кард, ки ба даруни меҳмонхона дароям. Ман даромада ба наздики ӯ рафта, зонузанон сабадчаи ангурро бо ду дасти одоб пешаш гузошта, аз ҷоям хеста, пуштнокӣ қадам зада дар поёнтари хона рафта, дузону нишаста ба канори худ чашм дӯхтам.

– Ту кистӣ, чанд рӯз аст, ки дар дарсхонаи мо менамоӣ, аммо кӣ будани туро намедонам, – гуфт ӯ. Ман, бе он ки ба ӯ нигоҳ кунам, номи худ ва бошишгоҳи худро гуфта, хоҳарзодаи Раҳмонқулбии додхоҳи удайчӣ буданамро илова

намудам. Чун аълам номи додхоҳро шунид, диққати ӯ ба ман зиёдатар шуда, пурсид:

– Дар ин наздикиҳо удайчиро дидӣ?

– Понздаҳ рӯз аз ин пеш дида будам.

– Магар Кармина рафта будӣ?

– Не, он кас якшаба аз ҷаноби олӣ рухсат гирифта ба чорбоғи худ омада буданд. Азбаски ба хешони худ пешакӣ хабар дода буданд, мо рафта дидем. Аммо бинобар мулоҳизаҳои сипоҳигардӣ (сиёсӣ) омаданашонро ба берунаҳо нафаҳмонданд ва касонеро ҳам, ки аз омаданашон хабардор шуда омада буданд, ба пеши худ надаровარданд ва надиданд.

– Хуб, аз даргоҳи ҷаноби олӣ чиҳо ҳикоят карданд?» – аълам кунҷковона пурсид.

– Баъзе гапҳои муҳим ҳикоят карданд, аммо ба ҳеҷ кас нагӯй гуфта таъкид намуданд.

Кунҷковии аълам боз ҳам зиёдатар шуда:

– Магар ба ман ҳам, ки устодат мебошам, низ нагӯй гуфтанд? – боз пурсид аълам ва беихтиёр аз ҷои нишасташ лағжида ба тарафи ман пештар омад.

– Зотан, шогирд шудани ман ҳам ба ҷаноби шумо аз ҳамон гапи сирри давлатӣ баромад, – гуфтам ман оташи кунҷковии ӯро доман задан хоста.

– Пештар биё! – гуфт ӯ ба ман. Ман як газ пештар рафтам.

– Боз пештар! Боз пештар! – гӯён охир маро ба наздики худ бурд ва пурсид:

– Дар воқеъ ту чаро дар охири таҳсил омада ба ман шогирд шудӣ?

Ман ба ин сухани ӯ хандидам.

– Чаро механдӣ? – гуфт аълам қадаре сурх шуда, аммо ман нафаҳмидам, ки ин сурхшавии ӯ аз хиҷолат буд ё аз хашм ва илова намуд: – Магар ман ягон сухани хандаовар гуфтам?

– Шумо мехоҳед, ки сирри давлатиро аз ман ба ман нофаҳмонда дониста гиред. Аммо фош гардидани ин сир ба ман не, аз ҳама аввал ба ҷаноби худатон ва баъд аз он ба додхоҳ зарарнок аст, – гуфтам ман. Акнун аълам саросема гардида, сари каловаи худро гум карда, девона барин шуда буд ва бетоқатона ба гап даромад:

– Модом ки фош гардидани он сир ба худам зарарнок будааст, ман чаро фош кунам, ман ҳаққи устодии худро ба ту шафеъ оварда (восита карда) мепурсам, ки он сирро ба ман гӯй ва ман қавл медиҳам, ки ба ҳеҷ кас намегӯям.

– Модом ки шумо ҳаққи устодии худро ба миён овардед, ки дар назди ман аз ҳама пурқиматтар аст ва ба болои ин қавл додед, ки ба ҳеҷ кас намегӯед, ман маҷбурам, ки бар хилофи қавли ба додхоҳ додаам он сирро ба ҷанобашон арз кунам, – гуфтам ва давом намудам: – Вақте ки ман шабона дар чорбоғи худашон бо тағоиам мулоқот кардам, он кас аз ман дар куҷоҳо хонда гаштанамро пурсиданд. Ман қозикалон ва чанд дарсхонаи дигарро, ки дар он ҷоҳо мехондам, ном бурдам. Додхоҳ боз пурсиданд, ки: «Магар ба эшони аълам то ҳол шогирд нашудаӣ? – Не, – гуфтам ман дар ҷавоб. Он кас сари худро афсӯсхӯрона ба ду тараф ҷунбонда гуфтанд: Аз фардо намонда ба эшони аълам шогирд шав ва домани он касро сар надеҳ, ки баъд аз сари қозӣ Бадриддин қозикалонша-



ванда ҳамон кас мебошанд. Ман хомӯш мондам, аълам дар ҳаяҷон афтод ва баъд аз қадаре ором гирифтан ӯ аз ман пурсид:

– Напурсидӣ, ки додхоҳ ин хабари хушро ба кадом далел аз даҳон баровардаанд, оё дар ягон вақт ҷаноби олӣ марҳамат кардаанд?

– Пурсидам, – гуфтам ман ва ба тафсил кардан даромадам: – Назар ба қавли додхоҳ, – гуфтам ман, – ба муносибати пир шудани қозӣ Бадриддин дар дарбори олӣ бар болои номзади қозикалони оянда гуфтугузор мерафтааст. Остонақул-қушбегӣ қозӣ Бақохонро бинобар сайид ва худро имомзодаи шиаҳо шумурданаш тарафдорӣ мекардааст. Аммо додхоҳ ва якчанд дарбориёни калони бухорой ва қаршигӣ тарафи ҷаноби шумо будаанд. Додхоҳ гуфтанд, ки «Охир, мо Абдулҳафизбии иноқи ҳокими Чорҷӯй, Низомиддинхоҷаи ҳокими Зиёуддин, Авлиёқулбеки ҳокими Китоб ва Мирзо Насруллои ҳокими Шаҳри Сабз барин ғуломони қадрдони ҷаноби олиро ба тарафи худ кашида ғалаба кардем ва ҷаноби олиҳазратам қарор доданд, ки баъд аз сари қозӣ Бадриддин эшони аъламро қозикалон кунанд. Аммо таъкид карданд, ки то вафоти қозӣ Бадриддин ин сир фош нагардад.

Қорӣ Ибод гуфт:

– Бо шунидани ин суханҳо аълам чунон дар ҳаяҷон афтод, ки дар як ҷо ором нишаста наметавонист ва кафҳои дастонашро бар якдигар сахт-сахт мемолид ва дар вақти молиш додани кафҳояш ба тарафи росту чапи худ печутоб мехӯрд, гоҳо кафҳои дасташро ба сари синаву дили худ молиш медод ва гоҳо сари синаву дили худро зер карда меистод, гӯё ки дилаш аз хонааш баромада рафтан мехоҳад ва ӯ мехоҳад нигоҳ дорад. Ман метарсидам, ки аҷаб нест аз хурсандӣ шодимарг шавад. Оқибат, қадре ором гирифт ва аз ман пурсид:

– Ту даҳяк дорӣ?

– Не.

– Ман ҳамин сол ба ту даҳяк медиҳам.

– Ман имсол даҳяк намегирам! – гуфтам бо оҳанги қатъӣ, лекин оромона.

– Чаро? – бо оҳанги тааҷҷуб пурсид аълам.

– Зеро шумо шогирдоне доред, ки понздаҳ сол боз дар пеши шумо дарс мехонанд ва ҳанӯз даҳяк нагирифтаанд. Агар шумо ба ман, ки шогирди понздаҳрӯзаам, даҳяк диҳед, гапу ҳарфи бисёр мешавад, ҳам ба шумо ва ҳам ба ман зарар мекунад.

– Ҷаноби олӣ, ки ихтиёри даҳ– дувоздаҳ даҳякро ба дасти ман медиҳанд, ман ҳақ дорам, ки ба ҳеҷ кадоми шогирдонам надода, аз кӯча талабгоронро оварда «Ҳидоя»-ро нағз медонанд»- гӯён ба онҳо даҳяк диҳам ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки кори маро пурсуков ва бозхост кунад, – гуфт аълам ва илова намуд: – Албатта, ту дар рӯзи даҳякдиҳӣ дар ин ҷо ҳозир бош, ман ба ту китоб дода, аз имтиҳон гузаронида, ҳилаи шаръиашро дуруст карда, ба ту даҳяк медиҳам.

– Намешавад, – гуфтам ман ва илова кардам: – ман «Ҳидоя»-ро ҳеҷ нахондаам ва азбаски имсол нияти даҳякгирӣ надоштам, монанди толибони даҳяк аввалҳои фаслҳо ва бобҳои он китобро ҳам тайёр накардаам, ман беҳуда худро дар миёни омма маҷрӯҳ карда (ғалтонда) расво намекунам. Агар саломатӣ бошад, соли оянда ё ду сол баъд мегирам.

– Ту мусулмони сода будӣ! Ман ба ту китоб медиҳам ва худ бо мударрисоне, ки ҳамон рӯз дар пеши ман дар маҷлиси имтиҳон ҳозир мешаванд, сӯҳбат сар мекунам. Кӣ медонад, ки ту китоб хондӣ, ё нахондӣ, ё хато хондӣ? Дуруст аст, ки тамошобинон ё толибони даҳяк аҷаб нест, ки «ғалат хонд» – гӯён ғавғо бардоранд. Аммо сухани онҳо эътибор надорад, зеро онҳо одамони холис нестанд, холис набудани толибони даҳяк маълум аст. Тамошобинон бошанд, онҳо ҳам ё ба баъзе толибони даҳяк тарафдоранд ё муқобил. Бинобар ин суханҳои дар давраи китобхонӣ фарёдкашандагонро дар бозори тез ҳам бо як пули сиёҳ ҳеҷ кас намегирад.

Қорӣ Ибод гуфт:

– Бо нозу истиғнои бисёре аъламро миннатдор карда охир розӣ шудам, ки рӯзи китобдиҳӣ ҳозир шавам ва даҳяк гирам. Ба ҳамин тариқа, ногаҳонӣ дар чашми толибони даҳяк монанди балои осмонӣ ҳозир шуда, даҳякро гирифтам.

Қорӣ Ибод дар охири сухани худ гуфт:

– Ман медонистам, ки шумоён, чанд нафар шоирон, аз хушёртарин одамони ҳамин замон мебошетон. Ман мехостам, ки бо шумоён дӯсти наздик шавам ва «рӯбоҳбозӣ»-ҳои худро нақл кунам ва нишон диҳам, ки шумоён дар ягон гӯшаи дафтари шеърҳотон навишта монетон, то аз мо ёдгорие монад ва барои ояндагон ибрат шавад ва ҳамроҳи ман ба гӯр наравад. Чунки ман ин гапҳои худро ба ҳеҷ кас гуфта наметавонам. Агар ин сирҳои ман фош гардад, дар зери лагад ва дандони «харгургон» маҳв мешавам.

Қорӣ Ибод баъд аз муқаддима дар ҳамон маҷлис ва баъд аз он дар маҷлисҳои дигар дар бораи рӯбоҳвор мубориза карданаш бо «харгургон» бисёр воқеаҳо нақл кард. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо қобили ба омма пешкаш кардан набуданд, чунки ҳамаи онҳо шахсӣ буда, ҳамагӣ ба манфиати худи «рӯбоҳбозикунанда» натиҷа медоданд. Фақат ҳамин қадарро исбот мекарданд, ки калонони он замон монанди хар аҳмақи борбардор ва монанди гург дарандаи хунхор будаанд.

Нақл намудани танҳо як рӯбоҳбозие, ки Қорӣ Ибод дар вақти иштирок карданаш дар як саёҳати мо кард, муносиб дида шуд. Ҳарчанд натиҷаи ин воқеа низ шахсӣ буда, ба омма дахл надошта бошад ҳам, барои исботи таъбири боло – «харгургон» будани калонони он замон ва бо онҳо мубориза карда фоида бурда тавонистани «рӯбоҳон» як далели дигар мешавад.

Ҳарчанд воқеаи даҳякгирии Қорӣ он таъбир ва тавсифро ба хубӣ исбот мекарда бошад ҳам, аҷаб нест, ки баъзе хонандагон он воқеаро тасодуфӣ гумон кунанд. Вақте ки дар паҳлуи вай воқеаи зерин, ки нависандаи ин сатрҳо ба чашми худ дидааст, оварда шавад, мисол ду шуда, характери умумӣ пайдо мекунад.

## САЁҲАТИ МАХДУМОНИ СОХТА

Як сол мо дар аввалҳои моҳи сентябр дар саҳро саёҳат кардан хостем. Мақсади аввалӣ аз ин саёҳат ҳавои тозагирӣ, харбузаву ангурхӯрӣ буд, ки дар саҳро фаровон буд. Дар ин зимн дидани деҳаи Суғд, ки ҳавлии бобои падарӣ ва хешовандони Аҳмади Дониш дар он деҳа воқеъ аст ва дидани деҳаи Қотиён, ки бошишгоҳи созандагон ва хешовандони қозӣ Қурбонхони Фитрат мебошад, ҳам дар он ҷо Аҳмади Дониш дар асnoи саёҳатҳои саҳроаш ҳар сол рафта рӯзе чанд меистод, дар мақсади мо дохил буданд.

Мувофиқи ин мақсадҳо роҳи гардиши саёҳати мо аз Бухоро Вобканд – деҳаи Суғд – Қотиён ва аз он ҷо Ғиждувон ва деҳаи хешовандони ман, баъд аз он Вағонзе ва Бухоро буд.

Рафиқони саёҳати мо Мирзо Абдулвоҳид, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, Мирабдулқодири Байтал, аз алоқамандони Ҳомидхоҷа – Қорӣ Саъдулло ном касе ва ман будам.

Аз куҷо бошад, нияти саёҳати саҳро доштани моро Қорӣ Ибоди такизиндонӣ шунида, пеши мо омад ва ҳамроҳ бурдани худашро илтимос кард:

– Зарарам ба шумоён намерасад, харҷро баробари дигарон медиҳам, аҷаб нест, ки дар ташкил кардани тамошоҳо ба шумоҳо фоидаам расад, – гуфт.

Мо қабул кардем. Ба ҳамин тариқа, рафиқони саёҳати мо шаш нафар шуданд. Барои саворӣ мо як фойтуни калони дуаспа киро кардем. Қорӣ Ибод барои худ як асп ёфта омад. Аввали пагоҳ аз дарвозаи Имоми шаҳри Бухоро баромада, рост ба тарафи Вобканд рафтем. Дар ду километр аз Вобканд ба тарафи шаҳр, дар рафтан ба тарафи дасти чапи роҳи калон ва канортар аз он деҳае ҳаст, ки вайро Кофарработ меноманд ва дар он ҷо як ошноямон боғе дошт, ки манзили якумро дар он боғ кардем. (Ин деҳа ва арбоби он дар боби «Дуои наҷот»-и романи «Дохунда» тасвир ёфтааст.)[298]

Баъд аз он дар он боғ шустушӯ карда чизҳои барзиёди сафариро гузоштан, ба тамошои маркази райони Вобканд рафтем. Дар мобайни маркази он район ҷӯи калон ҳаст, ки аз шарқ ба ғарб равон аст ва роҳи калони Вобканд ва деҳаи Суғду Шофирком он ҷӯйро бурида мегузарад.

Дар гузаргоҳи роҳ бар рӯи ҷӯй пуле кашида шудааст. Дар он тарафи пул – дар канори шимолии ҷӯй – самоворхонаи хушбино, хушҳаво ва хушпалосе буд, ки ҳеҷ гоҳ аз чойнӯшон холӣ намемонд. Мо ҳам дар он самоворхона, дар канори ҷӯй бар рӯи гилеми сурхи қаршигӣ нишаста чойнӯшӣ сар кардем.

Дар тарафи ҷануби ҷӯй, дар канори роҳи калон ва пул дарвозаи миршабхонаи район кушода мешуд, ки дар рӯ ба рӯи самоворхона воқеъ буд, миёнаи ин ду биноро танҳо ҳамон ҷӯи калон ҷудо мекард.

Дар маҷлиси чойнӯшӣ бештарин гуфтугузори мо дар болои хусусияти он район мерафт ва кам-кам сухан дар болои аҳли санъати он район расид, ки баъд аз Ғиждувон, балки баробари Ғиждувон вилояти Бухороро аз аҳли санъати он район таъмин мекард. Дар асnoи ин боби сӯҳбат гап дар бораи Искандар ном ҷавони хушовоз ва сурудхони он район кушода шуд, ки дар ҳамон вақтҳо дар «ҳафт тумани Бухоро»* шӯҳрати азим пайдо карда ном баровaрда буд.

Дараҷаи маҳорати Искандарро ҳикояти зерин ба хубӣ нишон медиҳад. Аз рӯи одати онвақта, дар чавкӣ (базми умумӣ) сурудхононро ба дараҷаи овоз ва маҳораташон нигоҳ карда ду-ду паҳлуи ҳам ҷуфт мегузоштанд, ки дар шашма-

* Ҳафт тумани Бухоро – дар он вақтҳо вилояти Бухоро нӯҳ туман – район дошта бошад ҳам, мувофиқи тақсимоти қадимӣ «ҳафт туман» мегуфтанд ва мақсад аз ин таъбир «ҳама ҷо» гуфтан буд.

ҳомхонӣ дар «авҷу акс» ба ҳамдигар ёрӣ дода, ба пурра ва бенуқсон суруда шудани ҳавои сурудашаванда сабаб гарданд.

Дар ҳамин вақтҳо дар райони Ғиждувон Эргаш ном ҷавони сурудхоне шӯҳрат пайдо карда буд. Ӯ дар вақти сурудхонӣ, гӯё аз таъсири овози худ худаш маст шуда бошад, авзоаш аз ҳолати табииаш дигаргунӣ пайдо мекард. Бинобар он оммаи тамошобинон ба ӯ «Шайдоӣ» лақаб дода буданд. (Дараҷаи маҳорати ӯ аз ҳамин ҳам маълум аст, ки дар замони советӣ монанди Бобоқул Файзуллоев[299] чандин шогирдони пурҳунар расонд ва бинобар ин ӯро усто Эргаш мегуфтанд.)

Эргаш ба болои маҳорати маънавӣ ва санъаткориаш қиёфаи зебо ҳам дошт, ки ҳамаи аъзои баданаш бо ҳам мутаносиб афтода буданд, аммо Искандар сиёҳчеҳраи бехи бинӣ ва зери чашмонаш чуқур – фурӯрафта, пешонааш дунг ва манаҳаш баланд бардошта шуда меистод, қадаш паст буда пушти шонааш ғуррӣ дошт, ки ӯро «кӯзапушт» мегуфтанд.

Дар як чавкии сайри Ширбадан, ки ман бо Ҳайрат ҳозир будем ва базми умумиро рост истода дар қатори оммаи мардум тамошо мекардем, сардори созандаҳо – ғолиб – Эргашро оварда дар паҳлуи Искандар гузошт, ки ҳар ду чӯр карда хонанд (ҳарчанд Эргаш хушовози ҳамон замон бошад ҳам, ба Искандар намерасид). Искандар ин шарикро ба ҳамовоз қабул накард:

– Овози вай дар авҷҳои зӯр кӯтоҳӣ карда сабаби вайрон шудани мақом мешавад, – гуфт. – Агар ба ман ҳамовози мувофиқ ёфт нашавад, беҳтар он аст, ки танҳо хонам ва авҷу аксро танҳо гирам, то ки мақом вайрон нашавад.

Ин эътирози Искандар аз тарафи ғолиб қабул ёфт ва Ҳайрат дар бадеҳа байти зеринро гуфт, ки баъд аз он ин байтро дар як ғазали ҳазломезе, ки дар бораи базм гуфт, даровард.

Он байти дар бадеҳа гуфтаи Ҳайрат ин аст:

Чун насозӣ зи шафат будани Эргаш нозе?
Ту, ки Искандари бадрӯй, хушовоз шавӣ!

(Мисраи дуюми ин байт мисоли он аст, ки гоҳо дар забони тоҷикӣ оҳанги овоз як маънии пурраи бо лафз адо карданашударо ифода мекунад ва дар ин ҷо фақат маданияти нутқ ба ифодаи мароми шоир хизмат менамояд.)

* * *

Дар маҷлиси чойнӯшии мо, вақте ки тавсифи Искандари сурудхон мегузашт, яке аз рафиқон бо оҳанги орзу:

– Кирои саёҳати Вобканд кардан, одам базми Искандарро тамошо кунад! – гуфт.

– Агар хоста бошетон, тамошо кардани базми Искандар кори душвор нест, – гуфт Қорӣ Ибод.

– Чӣ навъ кори душвор нест? Дастаи Искандар барои якшаба базм панҷсад танга пешакӣ мегирад. Бисёр кам равад, дар зиёфати базм ва дигар хароҷотҳояш ҳам сад танга сарф мешавад. Шашсад тангаро ҳар шаш нафари мо дар шаш сол ҳам аз харҷи заруриамон зиёдатӣ кунонда наметавонем, ки ба базм сарф кунем, – гуфт як рафиқи дигар.

– Агар шумоён ҳақиқатан толиби базми Искандар бошетон, ин корро бе як пул харҷ кардан саранҷом додан мумкин аст, гуфта даъвои худро такрор кард Қорӣ Ибод.

– Чӣ гуна мумкин аст? – гуфт як рафиқамон. – Охир, ин ҷо шаҳри Бухоро нест, ки бо шунидани овози дойра «дойрахабар» шуда базм равем. Дар саҳро ба базми касе бе даъвати махсус рафтан аз калонтарин айбҳо ба шумор меравад.

– Ман боз такрор мекунам, ки, – гуфт Қорӣ Ибод, – агар шумоён дар ҳақиқат толиби базм бошетон, ман базми Искандарро дар ҳамон боғе, ки мо манзил кардем, бе як пул харҷ танҳо барои худамон ба тарзи хостагӣ барпо мекунам.

Албатта, ҳамаи рафиқон ба базми Искандар толиб будани худро бо як забон баён карданд ва Қорӣ Ибод ҳам барои ташкил кардани ин кор ҳамон замон аз ҷояш хесту:

– То баргашта омадани ман ҳамаатон аз ин ҷо наҷунбетон! – гуфт ва рафт.

Қорӣ Ибод аз пули ҷӯй гузашта, рост ба миршабхона даромад ва баъд аз тахминан ним соат аз он ҷо баромада омада, дар пеши мо нишаст ва гуфт:

– Кор шуд, аммо ҳамаи шумоён ба худ вазъияти сохта дода, худро калон ва калонзода нишон диҳетон, лаби ҳеҷ кас бояд ба ханда наравад, бо якдигар ҳам бо эҳтироми риёкорона ҳарф зада муомила кунетон.

Ман сухани ӯро бурида пурсидам:

– Охир, чӣ кор кардед ва натиҷа чӣ шуд? Дили ҳамаи мо барои ҷавоби ин саволҳо метапад. Шумо ин таълимоти такаббурфурӯширо ба як сӯ гузоред, ки ин корҳо ба мо ҳеҷ намечаспад.

– Ҳоло вақти шарҳ додани чигунагии рафти кор нест, ҳоло бояд ҳамаи диққатҳо ба ҳамин кашида шавад, ки натиҷаи матлуб додани кори ман ба ҳамин сохтакории шумо вобаста аст. Хоҳ ба шумоён часпад ва хоҳ начаспад, бояд барои панҷ дақиқа худро калон созетон ва ман хизматгори фармонбардори шумоён мешавам. Лекин то расидани вақти адои ин вазифа, яъне адои вазифаи калонгирӣ, аз тарафи шумоён ва вазифаи хизматгорӣ аз тарафи ман, бояд ҳамаатон ба гуфтаи ман гӯш дода ба ман итоат кунетон.

Рафиқон итоат карданро қабул намуданд. Қорӣ Ибод фармуд, ки ҳар кас шона дошта бошад, бо шонаи худ, вагарна бо шонаи ӯ ришу мӯйлаби худро ҳамвор ва тор-тор шона кунад. Ин фармон дар зери хандаву бозӣ адо ёфт. Ӯ гиребони ҷомаҳои ҳамаро ва камарчаҳояшонро калонворона баст. Баъд аз он аз ҷои худ хеста, бо амали худ рафтори калонгирона ва ба саломдодагон чӣ гуна муомила кардани калононро нишон дод ва баъд аз он рафиқонро як-як аз ҷо хезонда машқ кунонда дид ва хатоҳошонро ислоҳ кард.

Мо механдидем, ӯ оташин мешуд ва ҷиддиёна ханда кардагонро огоҳ ва танбеҳ мекард. Ман, ки рафтор ва кирдори калонгиронаро дар «Парвардигорхӯҷа» бисёр дида будам, зуд омӯхтам ва инчунин маро хислатест, ки дар ҳар гуна корҳо ва суханҳои хандаовар метавонам худро аз ханда боздорам ва ба

худ вазъияти ҷиддӣ диҳам. Ин хислатам ҳам дар бозӣ кардани он рол ба ман ёрӣ дод.

Ман бо ин кори худ аз Қорӣ Ибод сазовори таҳсину офарин гардидам. Ӯ бо намунаи ман дигаронро ҳам каму беш ба сохтакорӣ омӯхт. Ӯ тартиби ҳаракати моро ҳам муайян кард: Мирқодири Байтал, ки қади баланд, чеҳраи сиёҳтоб ва ҷомаи озодае дар бар дошт ва ҳам бузриш буд, бояд аз ҳама пештар қадам мезад ва дар паҳлуи ӯ Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ, ки ҷавони хушрӯи озода буд, лекин як қадам пастар аз ӯ ҳамроҳ мерафт; дар сафи якум Мирзо Абдулвоҳид бояд мерафт, ки сарулибоси дуруст дошт ва дар паҳлуи ӯ ман, лекин як қадам пасттар аз ӯ қадам мезадам. Қорӣ Саъдулло кампале дар бағал аз ҳама пасттар монанди хизматгорон бояд равон мешуд.

Баъд аз ба анҷом расидани ҳамаи ин корҳо Қорӣ Ибод марди миёнасолеро, ки дар пеши дарвозаи миршабхона рост меистод, ба мо нишон дода:

– Ин миршаби ҳамин туман аст, диққат кунетон, ки ба ягон одами дигар иштибоҳ накунетон! – гуфт.

Мо ба ӯ бо диққат чашм дӯхтем: ӯ одами миёнақади ришкалон буд, ки дар баъзе ҷоҳои ришаш торҳои сафед ва нимсафед менамуданд, саллаву ҷомаи ӯ сипоҳигарона буда, ду дасташро ба пеш болои ҳам гузошта ба роҳи калон нигарон шуда меистод. Ӯ гоҳо дастонашро аз вазъияти эҳтиром кушода ба сараш бурда, ин тараф-он тарафи саллаи шалғамӣ басташудаашро даст-даст карда медид, ки мабодо ягон тарафаш каҷ шуда бошад ва аз кисаи ҷомаи таҳпӯшаш даструймолашро бароварда чашмонашро пок мекард ва боз даст баста ба роҳ нигарон мешуд.

– Акнун вақти адои вазифаҳо расид, – гуфт Қорӣ Ибод. – Хушбахтии мо дар он аст,ки чашмони ӯ обрав буда, аз наздик ҳам қиёфаи одамонро фарқ карда наметавонад. Бинобар ин ӯ аз ман илтимос кард, ки дар паҳлуяш истода, шумоёнро ягон-ягон бо «унвонҳотон» ба ӯ нишон дода шиносонам, то ки вай ба тарзи сазовор арзи эҳтиром ва салом карда тавонад.

Қорӣ Ибод ба пеши миршаб рафтан хоста ба мо таъкид кард, ки ҳар кадомамон ба таъзим ба саломи ӯ азамат ва калониро аз даст надода, бо гӯшаи чашм ба ӯ нигоҳе кунем ва бо сарҷунбонии сусте ба саломаш ҷавоб диҳем.

– Зинҳор, ба сад зинҳор нахандетон, ки мабодо ӯ пай бурда миси кори ман намоён шавад. Ман, ки ба паҳлуи ӯ расида рост истодам, шумоён низ равон шаветон, – гӯён аз мо ҷудо шуда, ба пеши миршаб рафт ва мо ҳам ба роҳ даромада, роли калониро ба қадри имкон бозидем.

Дар ҳақиқат, дар он ҳолат аҳволи миршаб хеле хандаовар буд. Ӯ маҷбур буд, ки даст пеш гирифта ба мо таъзим кунад ва инчунин маҷбур буд, ки ба дастонаш рӯймолча гирифта оби чашмонашро пок кунад, то ки моро дуруст дида шинохта тавонад. Бинобар ин ӯ саросема шуда гоҳ даст ба сари сина ва гоҳ ба чашм мебурд ва ҳам барои фурӯгузор накардани таъзим хамуросг мешуд ва ба ҳар тараф печутоб мехӯрд ва дар айни замон барои шунидани кӣ будан ва чӣ будани ҳар кадомамон ба Қорӣ Ибод гӯш медод.

Ҳар чӣ бошад, мо бе хатар аз он раҳгузар гузаштем ва баъд аз даҳ-дувоздаҳ қадам дуртар рафтан худдорӣ аз даст дода, беихтиёр ҳамаамон якбора ва бо



овози баланд қаҳқосзанон хандидем. Дукондорони сари бозори Вобканд ба ин хандаи бесабаб ва бемаҳали мо ҳайрон-ҳайрон ва тааҷҷубкунон нигоҳ мекарданд. Аммо Қорӣ Ибод аз дунбол расида омада, моро аз ханда боздошт ва мо саворихои худро савор шуда, роҳи деҳаи Кофарработро, ки бошишгоҳи мо буд, пеш рафтем.

* * *

Қорӣ Ибод дар роҳ ҳам сирри корҳои худро накушод:

– Аз ҷое халале расида, корам вайрон шавад, дар миёни шумоён масхара ва хандазор шуда мемонам, – гуфт. – Ҳар гоҳ, ки корам бо комёбӣ тамом шавад, баъд аз он мегӯям.

Мо ба манзили худ расидем. Дар он ҷо моро Искандари сурудхон, чор дойрадасти забардаст бо Каримчаи танбӯрии вобкандӣ – як гурӯҳи пурраи созандагон пешвоз гирифтанд. Аз байни онҳо танҳо Каримча қариб ҳамаи моро мешинохт, чунки дар базмҳои даруни шаҳр ҳам ӯ иштирок мекард. Аммо Қорӣ Ибод зуд ӯро ба гӯшае кашида таъкид намуд, ки сирро накушояд.

Мо ин гурӯҳи меҳмонҳоро дида, аз байни худ пул ҷамъ карда, ба соҳиби боғ додем, ки аз бозори Вобканд гӯшту биринҷи ба ҳама кифоякунанда оварда ош тайёр кунад. Аммо ӯ:

– Ҳоҷат нест, – гуфт. – Вақте ки созандагон омаданд, аз дунболи онҳо каси ношиносе ду чашми як хӯрҷини калонро аз масолеҳи оши палав пур карда бо даҳ дона кулчаи ширмоли дутачоряк (яккилогӣ)-и дубеза (ордаш ду бор бехташуда) оварда дод ва кӣ фиристоданашро нагуфт. Фақат ҳамин қадар гуфт, ки: «ин барои зиёфати меҳмонони шаҳрист».

Мо масолеҳи ошро аз назар гузаронидем, ки ба як хона меҳмон мерасид. Бинобар ин соҳиби боғро фармудем, ки ҳамсоягонашро ба базм хабар кунад, агар хона аз одам пур шавад, базм гарм мешавад, ош бошад, ба ҳама кифоя мекунад.

Хулоса, он шаб як базми хосагӣ шуд, ки бо таъбири оммаи он замон ба «базми ҷамшедӣ» номидан сазовор аст. Дар охири базм Искандар гуфт:

– Ман дар умри худ ин қадар хуб ва ин қадар ба шавқ нахонда будам, магар дар байни шумоён ҷодугаре ҳаст, ки маро тасхир кард. Аҷобат дар ин аст, ки ман, ки қариб аз аввали шаб то ҳол дам нагирифта хондам, бо ҳамаи ин ҳеҷ монда нашудам, ба гулӯ ва шушам ҳеҷ зӯр наёмад.

– Инҳо аз шарофати қадами махдумони бухорой – қозикалонзодагон, – гуфт Каримчаи танбурӣ баъд аз ба тарафи мо як чашмаки маънидор задан. – Танбӯри маро намегӯед? Имшаб қиёмат кард, нохунаки ман пеш аз ин тори танбӯрро менавохта бошад, имшаб гап занонд, ҳар ғазале, ки ту мехондӣ, – ба Искандар хитоб карда, – нохунак ба забони тори танбӯр суханони он ғазалро бурро – бурро такрор мекунонид.

– Дар ҳар ҳол ҳамаи мо аз ҳад зиёд хурсанд шудем ва аз ҳамаи шумоён миннатдор мебошем. Аз гурӯҳи ин ҳунармандон дойрадастонро фаромӯш кардан дуруст нест. Инҳо он ҳунармандоне мебошанд, ки Хоҷа Ҳофиз дар шаъни хурӯши дойраи инҳо байти зеринро гуфтаанд:

Шунидам, ки гар ғам расонад газанд,
Хурӯшидани даф бувад судманд.

Мо дар вақти гусел кардани созандагон аз байни худ андак пул ғундошта ба онҳо тақдим кардем. Нагирифтанд:

– Агар мо пул гирем, миршаб моро нокушта намемонад, – гуфтанд.

Дар як ҷои хилват он маблағро ба Каримчаи танбӯрӣ додан хостем, ки ӯ сирри моро медонист. Ӯ ҳам рад кард.

– Гиред, шумо одами аёлманд мебошед, даҳони як хонавода дар натиҷаи ҷунбидани дасти шумо меҷунбад, – гуфтам ман. – Агар шумо танбӯр навохта музд нагиред, «шиками онҳо танбӯрнавозӣ сар мекунад»*.

– Хотирҷамъ бошетон, ки музди хизмати мо пешакӣ муқаррар шуд, – гуфт Каримча. – Вақте ки миршаб моро ҷамъ карда ин ҷо фиристодан хост, таъкид кард, ки мо аз меҳмонон чизе нагирем. Ман аз ӯ пурсидам: «Пас ҳақи хизмати моро кӣ медиҳад» Ӯ гуфт: «Дар ду базми оянда ман аз шумоён панҷяк намегирам, ҳарҷи афтад, байни худ тақсим кунетон». Ман шӯхиомезона гуфтам: «Миршаббек, агар шумо ба сари ин ваъдаатон наистед, ман дар ягон вақти ба шаҳр рафтанам ба писари қозикалон даромада мегӯям: миршаб моро дар базми шумо муфт кор фармуд». Миршаб ин шӯхии моро ҷиддӣ фаҳмида гуфт: «Каримча, зинҳор ин корро накунӣ, ки ман расво мешавам, агар аз се базм панҷяк надиҳетон ҳам, ман розӣ, аммо дар ҷое аз ин ваҷҳ лаб накушоетон!»

* * *

Баъд аз рафтани созандагон мо ба гирди Қорӣ Ибод ғун шуда аз вай нақли корномаи кардагиашро пурсидем. Назар ба нақли ӯ, вақте ки ба пеши миршаб даромадааст, ӯ дар пешгоҳи хона бар рӯи кӯрпачаҳо нишастааст ва бо рӯймолча чашмонашро пок мекардааст.

Қорӣ ба ӯ салом дода, аз вай поинтар бар рӯи кӯрпачае, ки дар пеши девори хона паҳн карда шуда будааст, нишастааст.

Қорӣ Ибод мегӯяд:

– Миршаб аз ман: «Чӣ хизмат?», – гуфта пурсид. Ман гуфтам: «Мо, се-чор нафар муллобачагон, ба саёҳати саҳро баромадем. Дар ин ҷо шарикон орзу карданд, ки базми Искандарро тамошо кунанд. Ман ба пеши шумо барои хату рухсат даромадам».

– «Искандар бемори сахт аст, – гуфт миршаб. – Се рӯз аст, ки аз ҷояш хеста наметавонад. Агар саломатӣ ёбад ҳам, ба ин наздикиҳо ба шумоён намерасад, чунки ғолиб аз чанд ҷой шашсадтангагӣ, ҳафтсадтангагӣ пул гирифтааст ва аввал ҳамон ҷоҳо мефиристонад. – Миршаб қадаре сукут карда истода илова намуд: – Шумоён, ки муллобача ҳастетон, ман ғолибро розӣ мекунам, ки барои шумоён ба панҷсад танга фиристонад, ба шарте пулро пешакӣ диҳетон».

Қорӣ Ибод мегӯяд:

– Ман, гӯё ки ягон даҳан гапи миршабро нашунида бошам, ба замин нигоҳ карда нишастам. Хомӯшии ман дароз кашид, охир дили миршаб танг шуда, боз ба гап даромад:

– Чӣ гуфтед, домулло, ҳа ё не?

– Ман боз чизе нагуфта хомӯшии худро давом додам. Шояд барои ягон баҳона ёфта маро аз пеши худ дур кардан бошад, миршаб аз ман ба оҳанги миршабонаи қатъӣ пурсид:

– Худи шумо кӣ мебошед, дар Бухоро чӣ кор мекунед? Ман ҳам бо оҳанги қатъӣ: Чунонки ба шумо гуфта будам, ман муллобача мебошам, номам Қорӣ Ибод, ҳавлиам дар Такизиндон, худам хоҳарзодаи Раҳмонқулбии додхоҳи удайчӣ мебошам.

Қорӣ Ибод мегӯяд:

– Чун миршаб номи додхоҳ ва хоҳарзодаи ӯ будани маро шунид, аз шасти аввалааш фаромада суст шуд ва оби чашмонашро пок карда ва бо диққат ба ман нигариста беихтиёр: Аҳа, – гуфт ва илова намуд: – Ҳамроҳонатон киҳо мебошанд? Киҳо будани ҳамроҳҳоямро гуфтан қадре душвории сипоҳигарӣ (сиёсӣ) дорад, – гуфтам ман ва илова намудам: – Лекин аз он ҷо, ки шумо ғуломи намакхӯрдаи ҷаноби олӣ ва миршаби як туман мебошед, ман гумон мекунам, ки ба шумо гуфтан безарар аст, чунки шумо сирри аркони давлати олиро нигоҳ дошта метавонед.

Қорӣ Ибод мегӯяд:

– Чун миршаб суханони маро шунид, қадаре дар изтироб афтода аз ҷои нишасташ ғежида ба ман наздиктар шуда, чашмонашро хуб пок карда, гӯё ки суханони маро бо чашмони нимкӯраш мешунида бошад, ба ман бо диққат нигоҳ карда:

– Гӯшам ба шумост! – гуфт.

– Инҳо писар, набера, домод ва хоҳарзодагони эшони қозикалон – қозӣ Бадриддин* мебошанд, – гуфтам, – ва ман хизматгори онҳо ҳастам...

Қорӣ Ибод мегӯяд:

– Бо шунидани ин маълумот миршаб саросемавор аз ҷояш хеста, пеши ман омада, аз бозуҳоям гирифта зӯр кард, ки маро ба ҷои худ гузаронида шинонад ва худ дар поин нишинад. Чун ман ин корро қабул накардам, як кӯрпачаро аз кӯрпачаҳои қабат ба қабати нишастгоҳи худаш ба рӯ ба рӯи ман кашида, бар рӯи вай қадаре аз ман поинтар нишаст ва чашмонашро пок карда истода, ба тарафи даҳлез нигоҳ карда ба маҳрамаш фармуд, ки дастархон биёрад ва ҳалвои роҳатулхулқум** оварданро аз ёдаш набарорад, ҳам ғолибро*** гӯяд, ки пеши ӯ дарояд ва худаш чашмонашро пок карда табассумкунон ба ман нигарист. Ман суханони нотамоммондаи худро пурра кардан хоста, ба ӯ гуфтам:

– Чун махдумҷонҳо дар шаҳр зиқ шуданд ва саёҳати саҳро кардан хостанд, эшони калон ба ҳамин шарт рухсат доданд, ки ному насаби худро ба ҳеҷ кас нагӯянд ва ҷомаҳои одӣ пӯшида бароянд, дар туманҳо дар хонаи ҳукуматдорон меҳмон нашаванд.

---

* Дар Бухоро танбӯр навохтани шикам киноя аз гуруснамонӣ аст.

* Қозӣ Бадриддини қозикалон дар байни ҳукуматдорони Бухоро он қадар нуфуз ва эътибор дошт, ки амир ҳеҷ як сипоҳ ва муллоро бе машварати вай ба коре мансуб намекард ва қушбегӣ, ки сарвазир аст, бе рухсати ӯ коре кардан наметавонист.

** Роҳатулхулқум – «роҳатдиҳандаи ҳалқҳо» гуфтан аст. Ин номи ҳалвое буд, ки дар он вақтҳо аз тарафи ҳоҷиён ва савдогарон аз Туркия ба калонон ба тариқи роҳовард оварда мешуд.

*** Ғолиб – маъмурест, ки созандагонро идора мекард.

Қорӣ Ибод мегӯяд:

– Маҳрам дастархон овард ва Ғолиб ҳам даромада, даст пеш гирифта, ба миршаб чашм дӯхта, мунтазири шунидани фармон шуда истод. Миршаб ба ӯ гуфт:

– Ман ба ҷаноби меҳмон «Искандар бемор аст» гуфта будам, лекин ӯро ҳеҷ бало намезанад. Зуд кас фиристонед, ки бо дойрадастонаш дар миршабхона ҳозир шавад. Ғолиб «хӯш, тақсир!» – гӯён баромада рафт ва миршаб чашмонашро пок карда ба ман дӯхта истод. Ӯ чунон менамуд, ки сухане дорад, аммо ба гуфтани вай ҷасорат намекунад ё ин ки мулоҳиза мекунад. Бинобар ин ман аз ӯ пурсидам:

– Магар чизе гуфтан мехоҳед?

– Як арз доштам.

– Марҳамат кунед.

– Агар мумкин бошад, базмро дар ҳамин ҷо – дар миршабхона барпо кунем, – гуфт ӯ. Ман гуфтам:

– Ин ҳеҷ мумкин нест, ҳозир ба шумо маълум кардам, ки эшони калон ба ҳокимхонаҳо меҳмон шудани онҳоро манъ кардаанд. Миршаб боз ба гап даромад:

– Ин тавр бошад, чӣ мешавад, ки бе маълум кардани кӣ будани онҳо як сари қадам ба ин кулбаи фақирона дароварда «оби таҳорат диҳам» (зиёфат кунам).

Қорӣ Ибод мегӯяд:

– Дидам, ки аз дасти ин «шалҳа»* ба осонӣ халос шудан мумкин нест, бо оҳанги қатъӣ гуфтам:

– Суханро дароз накунед, чанд бор ба шумо гуфтам, ки ба хонаи ҳукуматдорон меҳмон шудани онҳо мумкин нест. Базмро ҳам бе маслиҳати онҳо барои хурсанд карданашон худам фикр карда будам. Ҳозир мехоҳам, ки аз баҳри тамошои базм ҳам гузарам.

– Агар аз баҳри базм гузаред, маро кушта аз хонаи ман баромада равед, – гуфт миршаб бо оҳанги маъюсона ва илова намуд: – Каломи шариф (Қуръон)-ро ба шумо, ки қорӣ мебошед, восита карда мепурсам, ки мани ғарибро аз шарафи давлате, ки ногаҳонӣ ба сарам омадаст, маҳрум накунед.

– Хуб, ба хотири шумо базмро қабул мекунам, – гуфтам ман. Ӯ ба ин сухани ман изҳори миннатдорӣ кард, аммо ин ваъдаи гарми ман деги тамаи ӯро боз ба ҷӯш оварда, ба илтимос даромад: Чӣ мешавад, ки – гуфт ӯ, – аз дур ҳам бошад, як салом дода, ҷамоли ҷаҳонорои махдумҷонҳоро бинам.

– Ин мумкин, – гуфтам ман ба ӯ, – ҳозир онҳо дар сари мазори Мири Хурду Мири Калон машғули зиёрат мебошанд. Ман рафта, онҳоро аз он ҷо гирифта оварда, аз ҳамин кӯчаи дари миршабхона гузаронида ба деҳаи Кофарработ, ки бошишгоҳашон мебошад, мебарам. Шумо метавонед, ки баъд аз понздаҳ дақиқа баромада ба пеши дари дарвозаи миршабхона истед ва дар вақти аз ин ҷо гузаштани онҳо салом диҳед ва арзи эҳтиром намоед.

* Шалҳа – гӯшти сафеди чандири равғанмонанд аст, ки ба ҳар куҷо часпад, як парча кахгилро ҳамроҳ гирифта чудо мешавад. Дар забони тоҷикӣ одами сертамаи шилқин (нахал)-ро маҷозан «шалҳа» мегӯянд.



Қорӣ Ибод мегӯяд:

– Миршаб ба муқобили ин «марҳамати» ман аз ҷояш хеста, ба ҷои миннатдорӣ ба ман таъзим кард ва баъд аз он ба ҷояш нишаста боз ба гап даромад: – Агар малол нарасад, боз як илтимоси дигар дорам», – гуфт ӯ. – Марҳамат кунед, – гуфтам ман. Ӯ гуфт:

– Ин чашмони аз кор баромадаи ман аз дур дар роҳ аз шутур то хар ва аз махдумҷонҳо то деҳқонони роҳгузар фарқ карда наметавонад. Чӣ мешавад, ки дар вақти гузарои роҳ будани онҳо шумо пештар омада ба паҳлуи ман истед ва ҳар кадоми онҳоро ба ман нишон дода ва ба ҳазрати ҷаноби қозиюлқуззот[300] чӣ муносибат доштанашонро фаҳмонда, маро як бори дигар аз худ миннатдор кунед?

Қорӣ Ибод дар охири суханаш гуфт:

– Ман ин илтимоси миршабро қабул карда, аз дасти ӯ халос шуда баромада, ба самоворхона пеши шумоён рафтам.

Назар ба қавли Қорӣ Ибод, Мирқодир роли писари хурди қозикалонро, Ҳомидхоҷа роли набераашро, Мирзо Абдулвоҳид роли домодашро ва ман роли хоҳарзодаашро бозӣ карда будаем.

Бештарини рафиқон, ғайр аз ман, ки воқеаи даҳякгирии Қорӣ Ибодро медонистам, ин суханони ӯро бовар накарданд ва аз байни онҳо Мирқодири Байтал, ки аз пӯртакигӯиаш ба девонагӣ ном баровардаа буд, ба Қорӣ гуфт:

– Ҳамаи ин суханонатон дурӯғ аст, шумо аз тағоиатон додхоҳ ё аз ягон аҳли дарбори дигар, ки ба ҳамаи он гуна одамон ошно мебошед, ба номи миршаб мактуб гирифта овардаед, ки базм карда зиёфат намояд. Миршаб ба ҳурмати он мактуб ин қадар корро кардааст. Акнун шумо ҳамаи ин корҳоро ба ҳунари худ нисбат медиҳед.

Як одати Қорӣ Ибод ин буд, ки ба ҳеҷ гуна муомила ва сухани сахт зоҳиран оташин намешуд ва хашмгин намегардид, аммо кӯшиш мекард, ки бо кори худ нодуруст будани он гуна муомила ва сухани сахтро исбот намояд. Дар ҷавоби Мирқодир-махдум ҳам мувофиқи ҳамин одати худ гуфт:

– Шумо, махдум, ҳақ доред, ки ҳамин тавр фикр кунед ва дигарон ҳам бояд ҳамин тавр фикр мекарда бошанд. Аммо агар рост ояд, дар ҳамин сайру сафарамон ва агар дар ин саёҳат муяссар нашавад, дар ягон мавриди дигар ман дар пеши назари шумо ва дигарон рост будани гапҳои худамро исбот хоҳам кард.

* * *

Мо аввал ба Суғд рафта, ҳавлии Аҳмади Донишро дида, аз он ҷо ба деҳаи Котиён рафта, дар ҳавлии хешовандони қозӣ Қурбонхон, ки ба Ҳомидхоҷа ҳам аз тарафи модараш хешӣ доштанд, як шаб истода, аз он ҷо ба тумани Ғиждувон рафтем. Дар маркази Ғиждувон дар хонаи котиби қозӣ, ки бо мо шинос буд, манзил гузида, чизҳои барзиёдамонро гузошта, ба сайри раставу бозори он ҷо баромадем.

Дар асснои сайругашт Қорӣ Ибод моро аз чорсӯи Ғиждувон, аз канори бозори биринҷи он замон ба тарафи ғарб роҳбарӣ кард. Дар он ҷо дар рӯ ба рӯи каппони биринҷ, дар тарафи шимоли шохоби рӯди Пирмаст, самоворхонае буд.

Он самоворхона он қадар обод ва хушҳаво набошад ҳам, Қорӣ Ибод илтимос кард, ки дар он ҷо нишаста як чойник чой нӯшем.

Мо сухани ӯро нашикаста дар он самоворхона барои чойнӯшӣ нишастем. Дар паҳлуи тарафи ғарби каппони биринҷ дарвозаи миршабхонаи Ғиждувон кушода мешуд. Дар гӯшаи каппони биринҷ, дар канори роҳи калон, бар болои як кати чӯбини васеъ, бар рӯи кӯрпачае як пирамарди тахминан ҳафтодсола нишаста чой менӯшид.

Қорӣ Ибод он пирамардро ба мо нишон дода пурсид:

– Магар медонетон, ки он мӯйсафед кист?

Ҳеҷ кадоми мо, ки ӯро намешинохтем, ҳама ҷавоби салбӣ доданд.

– Ӯ миршаби Ғиждувон аст, – гуфт Қорӣ Ибод. – Ман ӯро дар ин ҷо дида, шуморо зӯр карда, дар ин самоворхона шинондам, то ки ҳунари худро дар пеши назари шумо, рафиқони азизи нобовар, ба тарзи инкор карда ношуданӣ нишон диҳам. Ман меравам пеши миршаб, шумоён чашм ноканда муомилаи маро бо ӯ дар зери назар гиретон. Хуб диққат кунетон, ки ман чашми шумоёнро хато хӯронда ба ӯ «мактуби илтимосӣ дода намонам» (ин сухани Қорӣ ба Мирқодир-махдум киноя буд).

Қорӣ Ибод пеши миршаб рафт, мо ҳам ба он тараф чашм дӯхтем. Қорӣ Ибод ба миршаб салом дода, дар пеши кат дар замини кушода, бар рӯи хок зону зада нишаст ва бо миршаб гап сар кард. Аммо мо намешунидем, ки ӯ ба вай чиҳо мегуфт. Ҳар чӣ бошад, баъд аз понздаҳ дақиқа миршаби куҳансол саросемавор аз кат фуромад ва Қорӣ Ибодро ба кат бароварда ба ҷои худ шинонид ва яке аз одамони худро бо ишорат пеши худ даъват карда ба ӯ чизе гуфт. Ӯ давон ба миршабхона даромада рафт ва худи миршаб дар пеши кат дар ҷои аввалии Қорӣ Ибод бар рӯи хок нишаста чой кашида ба ӯ дод.

Дар ҳамин вақт саворе аз миршабхона баромад. Миршаб он саворро пеши худ хонда, ба ӯ чизе гуфт. Савор бо ишорати итоат сар ҷунбонда, аспи худро ба тарафи ғарб дартоз ронд.

Баъд аз тамом шудани чой Қорӣ Ибод аз кат фуромада, ба тарафи мо омадан хост. Мӯйсафед ӯро то канори роҳи калон гусел карда, ба пушти ӯ таъзимкунон нигоҳ карда монд.

Қорӣ Ибод пеши мо омада, муомилаи худро бо миршаби Ғиждувон нақл кард, ки айнан монанди муомилаи ӯ бо миршаби Вобканд буд.

Қорӣ Ибод гуфт:

– Ман барои ба шумоён нишон додан таклифи миршабро қабул карда, ба ҷои ӯ ба кат баромада нишастам. Вагарна дар ин гуна мавридҳо азаматро бо хоксорӣ омехта «фурӯхтан» даркор аст. Хусусан ки миршаб куҳансол аст, ин кори ман ҳеҷ дуруст набуд. Бояд хоксорӣ карда, таклифи ӯро қабул намекардам.

Назар ба қавли Қорӣ Ибод, саворе, ки аз миршабхона баромада ба тарафи ғарб асп давонда рафт, аз паси созандагони матлуби Қорӣ Ибод рафта будааст, ки онҳо ҳамон рӯз ба тумани Шофирком дар деҳаи Хоҷа Ориф ба тӯйи як бой рафта будаанд.

Мо аз самоворхона хеста ҳама ҷои бозори Ғиждувонро гардиш карда, бегоҳонӣ ба манзил омадем. Мирзо (котиб) аз кор омада, барои мо рӯи суффаро меоростг.

Қорӣ Ибод ба ӯ гуфт:

– Мирзо, меҳмонхонаро барои базм ороста, ду манқали оташ ҳам тайёр кунонда монед.

– Базм фардо шаб мешавад, – гуфт мирзо. – Ин ҷо созандагони сазовори тамошо дастаи Абдулқодир аст, ман аз номи қозӣ хат карда ҳамон дастаро талаб карда ба миршаб фиристода будам. Миршаб гуфтааст: – Он даста имшаб ба Шофирком рафт, фардо шаб медиҳам.

Қорӣ Ибод гуфт:

– Шумо сухани миршабро бовар накунед, сухани маро бовар кунед, ки ҳамон даста ҳамин шаб ба ҳавлии шумо меояд.

Мирзо ва Қорӣ Ибод ба ҳамин тариқа дар муноқиша буданд, ки даста аз Шофирком баргашта омада, ба ҳавлии мирзо даромад.

Анҷоми қисми чоруми «Ёддоштҳо»

## МУНДРИҶА

Як-ду сухан ба ҷои сарсухан ....................................................................................4

## ҚИСМИ ЯКУМ

ДАР САҲРО....................................................................................................5
Даромади сухан ..........................................................................................5
Тӯй.................................................................................................................9
Баъд аз тӯй....................................................................................................14
Ҳалвогархона ..............................................................................................18
Регкӯчӣ..........................................................................................................20
Мубориза бо реги равон.............................................................................24
Дар Соктаре ................................................................................................27
Ятими доно ва бойи фиребгар...................................................................29
Ҳар кор як вақт дорад.................................................................................34
«Дев» ва «аждаҳо».......................................................................................36
Хайбар ..........................................................................................................39
Устоамак.......................................................................................................42
Лутфулло-Гӯппон.........................................................................................46
Рӯди нави Шофирком.................................................................................50
Аҳволи тумани Шофирком баъд аз ҷорӣ шудани рӯди нав..............................57
Дар рӯзҳои мактабхонӣ ........................................................................... 59
Баъд аз мактабхонӣ ....................................................................................68
Хатмашккунӣ...............................................................................................73
Рӯзадорӣ ва рӯзафурӯшӣ ........................................................................ 76
Сайри Дарвешобод .....................................................................................78
«Парвардигорхӯҷа» ....................................................................................89
Падарам ........................................................................................................92
Аввалин ёддоштҳоям дар Бухоро ва мадраса.........................................99
Тӯйравии хоҷагони мираконӣ...................................................................106
Деҳқонӣ .......................................................................................................107
Вафоти падару модар дар вабои умумӣ..................................................109
Ҳосилгундорӣ ва сарфи маҳсулот.............................................................117
Сардор ва дастёри оила.............................................................................. 119
Аҳволи деҳаи мо дар он солҳо..................................................................122
Тайёрӣ ба сафари Бухоро барои таҳсил...................................................124

## ҚИСМИ ДУЮМ

ДАР ШАҲР..................................................................................................131
Даромади сухан...........................................................................................131
Биноҳои мадрасаҳои Бухоро .....................................................................132
Таърихи мулки хусусӣ шудан ҳуҷраҳои мадрасаҳои Бухоро........................132
Роҳи ҳуҷраёбии талаба дар мадрасаи Бухоро ............................................134
Программаи дарсҳои мадрасаҳои Бухоро ва мударрисон............................135
Айёми таҳсил ва тартиби дарсхонӣ дар мадрасаҳои Бухоро........................136
Ҳосили таҳсили 19 сола ..............................................................................138
Муносибати моддии талабаҳо бо устодони худ дар мадраса.......................140
Дар мадрасаи Мири Араб ...........................................................................142
Махдуми Гав ва Пирак ..............................................................................148
Паҳлавон фавқулода ..................................................................................154
Сайри Файзобод .........................................................................................160
Мулло Туроб ва Мулло
Қамар.............................................................................168
Одами аҷиб .................................................................................................173

Саёҳати саҳро........................................................................................182
Дар роҳи шаҳр ва Маҷиди каҳкашонӣ.........................................................196
Соли дуюм дар мадрасаи Мири Араб..............................................................200
Тамошои Регистон – «дарихона», 75 чӯб. Машқи сарбоз ва
кушишхонаи одам ...........................................................................................203
Ҳоҷӣ Зокирбойи ғӯзаҷаллоб ва кампири ҳафтодсола.....................................210
Одамкушӣ ва «бойбачаҳои ҷаноби олӣ» ......................................................214
Майдони машқи сарбозон...................................................................................219
Одами бадбашара.................................................................................................225
Кафангадоии «бойбачаҳои ҷаноби олӣ».........................................................230
Ба ҷои як бечора бечорави дигар.......................................................................231
Сабаби кушта шудани Мулло Бозор ва Мулло Туроб ................................232
Дар рӯзҳои охирине ки дар мадрасаи Мири Араб будам............................234
«Кафшпешмонии ҳазрати Хоҷа Ӯбон»..........................................................236
Духтари ноком .....................................................................................................240
Ба офтоби оламтоб...............................................................................................241
Саргузашти саросар дарду алами духтари ноком...........................................249
Бадбахтии пурфоҷиаи духтари ноком............................................................260
«Зани мардгардида»...........................................................................................262

## ҚИСМИ СЕЮМ

ДАР ШАҲР...........................................................................................................267
Ҳавлии Шарифҷон-махдум..................................................................................267
Шарифҷон-махдум ва ҳамсӯҳбатони ӯ...............................................................268
«Оби ганда ба хандақ»..........................................................................................285
Саёҳати солонаи Аҳмад-махдум .......................................................................287
Шеърҳои ҳаҷвии Аҳмад-махдум.......................................................................289
Хислатхои хусусии Шарифҷон-махдум...........................................................290
Ахволи ман дар хавлии Шарифҷон-махдум.....................................................291
Дар мадрасаи Олимҷон.........................................................................................294
Ҳиндуҳои судхӯр...................................................................................................297
Машғулиятҳои илмӣ ва адабии ман дар мадрасаи Олимҷон.....................300
Шариф-махдуми Мӯътасим ваШукурбеки «дузд».........................................305
Никоҳи духтари нуҳсола.....................................................................................312
Гирифтор шуданам ба беморони вабоӣ..........................................................317
Махдумони байтал...............................................................................................318
Страхованияи бойҳо.............................................................................................321
«Маҳдии охирзамон»........................................................................................324
Дар Мадрасаи Бадалбек ....................................................................................328
Машғулиятҳои илмӣ ва адабии ман дарМадрасаи Бадалбек.....................332
Базмҳои Бухоро ва базмгардӣ.............................................................................334
Олуфтаҳои Бухоро...............................................................................................336
Ҷанги Махдуми Муҳаммадӣ ва Барно-тайёр..........................................337
Шайхи рехтагар ва корхонаи ӯ..........................................................................344
Сӯхтор....................................................................................................................349
Хонадории шоир...................................................................................................352
Дуздӣ......................................................................................................................359
Саёҳати саҳро........................................................................................................362
Аловуддини Говҷигар.........................................................................................365
Мардикорӣ.............................................................................................................374
Устохонаи кафшдӯзӣ...........................................................................................377
Бобои пойафзолдӯзон..........................................................................................383
Ҷамъиятҳои пешравон дар бухорои амирӣ.....................................................386
Тахаллус интихобкунӣ .......................................................................................391
Хари кирокаш ва беморӣ.....................................................................................394
Доши шиннипазӣ..................................................................................................399



Шиносоиям бо Ҳайрат.........................................................................................403
Тарҷимаи ҳоли Ҳайрат.......................................................................................409
Мероси адабии Ҳайрат.......................................................................................412
«Микробҳои одамшакл»......................................................................................415
Донишманди нобино.............................................................................................418
«Наҷибуттарафайн»..............................................................................................425
Дӯстии ду калонгир...............................................................................................429

## ҚИСМИ ЧОРУМ

ДАР ШАҲР..............................................................................................................439
Мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид...........................................................................................439
Соҳиби мадраса..................... ...............................................................................440
Зиндагонӣ ва машғулияти ман дар Мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид.........................445
Ҳалвоисобунпазии Мирзо Абдулвоҳид.........................................................448
Водопроводсозии Мирзо Абдулвоҳид...............................................................451
Обкашак сохтани худам.......................................................................................453
Қорӣ Нурулло........................................................................................................456
Чамадони Қорӣ Нурулло......................................................................................458
Шоҳзодаи раммол.................................................................................................461
Аҳволи умумиам ва машғулиятҳои илмӣ ва адабиам дар
мадрасаи Ҳоҷӣ Зоҳид...........................................................................................463
Мадрасаи лаби ҳавзи Арбоб ва бошандагони он ҷо....................................467
Аввалин мулоқоти ман бо Ҳоҷӣ Абдулазизи санъатгари самарқандӣ......471
Ғайбатхона.............................................................................................................477
«Раияи Русия».......................................................................................................480
«Дуздии» Ҳоҷӣ-махдум.......................................................................................485
«Набераи Файзӣ-авлиё».......................................................................................491
Ҷанги муллоён бо аробакаш................................................................................498
Интизорӣ ба сангсор карда шудани аробакаш...............................................504
Хабари «Ҷабраил» дар бораи кори аробакаш.................................................509
Қарори «Маҳкама» ва сангсор карда шудани аробакаш...............................513
Таассуроти Мулло Амон аз сангсор шудани аробакаш..................................520
Зиндагии шахсии Мулло Амон ва аҳволи ӯ баъд аз воқеаи аробакаш...... 526
Воқеаи «намадисиёҳпӯшон» ва оқибати кори Мулло Амон ..........................533
Рустами ашкии ғиҷдувонӣ....................................................................................539
Хабари вафоти Аҳмади Дониш..........................................................................541
Аввалин шиносоии ман ба калонтарин асари Аҳмади Дониш
«Наводир-ул-вақоеъ»..........................................................................................547
Кӯчидани ман ба Мадрасаи Кӯкалтош..............................................................561
Ҷанги Ҳоҷӣ-махдум бо аълами Бухоро...............................................................566
Театрбозии Ҳоҷӣ-махдум....................................................................................569
Моҳи рамазони Бухоро ва бозори шаб...............................................................571
Ҷанги ҷойнамозпаҳнкунӣ дар рамазони Бухоро..............................................575
Иди наврӯзӣ ва сайри ширбадан.......................................................................580
Оқибати кори Махдуми Гав..................................................................................586
Кушта шудани пурфоҷиаи Рустамча, вафоти Махдуми Гав ва Пирак......594
Беморӣи ришта.......................................................................................................601
Сабаб ва тарзи пайдо шудани ришта ва илоҷе, ки ҳукумати амир
ба муқобили он дида буд.......................................................................................609
Савияи маҳорати доктор ва табибони Бухорои амирӣ ва вафоти
Мулло Ҳомиди савтӣ............................................................................................616
«Истиқомати даруникуртагӣ»..............................................................................622
Гирифтор шуданам ба доми Амир Абдуаҳад ва зуд халос шуданам
аз вай......................................................................................................................628
Дахякгирии талабагони мадраса........................................................................639
Харгургон ва «рӯбоҳон»........................................................................................643
Саёҳати махдумони сохта.....................................................................................649

**С. Айнӣ.**
**Ёддоштҳо**
(Чаҳор қисм). Иборат аз як китоб.

Муҳаррири масъул *Б. Раҳматов.*

Ҳуруфчинии компютерии
*Ш. Тошев, З. Гаффорова, Ш. Раҳматова.*

Тарроҳ *А. Қурбонов.*

Ороиши *Б. Мухторов ва П. Назаров.*

Мусаҳҳеҳон *А. Тошев ва Н. Шарипов.*

Ба матбаа 5. 12. 2008 супурда шуд. Ба чопаш 20. 02. 2009 имзо шуд. Когази офсетӣ №1. Андозаи когаз 70x100 1/16. Гарнитураи Times New Roman Tj. Чопи офсет. Ҷузъи чопии аслӣ 42, 5. Супориши № 201. Адади нашр 2000 нусха. Нархи китоб шартномавист.

Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик
734063, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

Комбинати полиграфии Душанбе
734063, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126.

ISBN 978-99947-33-15-6

9 789994 733156

©САРРЕДАКСИЯИ ИЛМИИ ЭНСИКЛОПЕДИЯИ МИЛЛИИ ТОҶИК

# ЁДДОШТҲО

# Садриддин Айнӣ